ISSN 2413-516X

ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ

П А Ё М И
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
(маҷаллаи илмӣ)

БАХШИ ФИЛОЛОГӢ

4/2 (163)

В Е С Т Н И К
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
(научный журнал)

СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЯ

ДУШАНБЕ: «СИНО»
2015

ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ

МАҶАЛЛАИ ИЛМӢ СОЛИ 1990 ТАЪСИС ЁФТААСТ.
НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ ОСНОВАН В 1990 ГОДУ.

Ҳайати таҳририя:
Редакционная коллегия:

Имомов М.С. – гл. редактор, доктор филологических наук, профессор
Сафармамадов С.М. – зам. гл. редактора, доктор химических наук, профессор
Абдулазизов В.- зам.гл.редактора, кандидат филологических наук, доцент

Аъзои ҳайати таҳририя:
Члены редколлегии:

Кучаров А.- доктор филологических наук, профессор
Муроди М.- доктор филологических наук, профессор
Нагзибекова М. - доктор филологических наук, профессор
Ходжаев Д.- доктор филологических наук, профессор
Шарипов Х. - доктор филологических наук, профессор
Саидов Х. - доктор филологических наук, доцент

Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.
Журнал печатается на таджикском, русском и английском языках.

Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2015
Вестник Таджикского национального университета, 2015

З А Б О Н Ш И Н О С Ӣ

ИСТИФОДАИ СИЛСИЛАИ МУРОДИФОТ ДАР МАТНИ АСАРҲОИ БАДЕИИ С. АЙНӢ

М. М. Мирзоева
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Интихоб ва истифодаи саҳеҳи воҳидҳои забон дар асари бадеӣ, дар натиҷаи маҳорату малака ва дониши мукаммали забони тоҷикӣ даст медиҳад. Ҳарчанд маҷмӯи калимаҳои ҳаммаъно як маъноии ба ҳам наздик ва ё баробарро ифода мекунанд, онҳоро воҳидҳои ҳамсанг ҳисобидан чандон дуруст нест, зеро бо доираи маъно, мавқеи истеъмол, обуранги мухталифи услубӣ, эҳсосотӣ, маҳаллӣ ва замонӣ аз ҳам тафовут доранд. Ба назари эътибор нагирифтани ин ҷанбаҳо боиси истифодаи нодурусти воҳидҳои луғавӣ мегардад. Бинобар ин, дурдонаҳои забони модариро боэҳтиёт дар мавқеи муайяни онҳо кор фармудан ба мақсад мувофиқ аст. Дар ин бобат қалами устод Айнӣ бурро ва сеҳрофарин буда, омӯхтани забони осори пурғановати ӯ имкон медиҳад, ки воҳидҳои забон, хусусан калимаҳо аз силсилаи муродифот бамавқеъ ва дуруст кор фармуда шаванд. Силсилаи калимаҳои ҳаммаъно дар эҷодиёти адиб бо мақсадҳои муайяни услубӣ истифода гардидаанд, ки намунаашонро аз назар мегузаронем.

Нависанда силсилаи калимаҳои ҳаммаъноро барои фош намудани хислату характери шахс кор мефармояд. Ба ин васила тавассути сухани персонаж симои персонажи дигарро (масалан, амирро) дақиқ ва возеҳ кушода медиҳад:

–Ҷаноби олиат, ки ту–хонасӯхта мехоҳӣ ӯро беайб нишон диҳӣ, ***фосиқ, фоҷир,*** *молимардумхӯр,* ***ифлос*** *ва* ***мурдор*** *як одам аст* [7, 35].

Калимаҳои арабии *фосиқ* (фисқварзанда, бадахлоқ, бадкирдор [3, 441]*, фоҷир* (табаҳкор, бадахлоқ, фосиқ [3, 442] *ифлос* 1. кит. муфлис шудан, қашшоқӣ, нодорӣ; 2. гуфт. олуда, нопок, чиркин [2, 565] ва тоҷикии *мурдор* (1. ҷасади мурдаи бӯйгирифтаи инсон ва ё ҳайвон, ҳайвони худмурда; 2. он чи хӯрданаш ғайриравост, чизи ифлос, чизи нопок [2, 745] бо тобиши маъноии бадахлоқ ва нопок муносибати ҳаммаъноӣ пайдо кардаанд. Аз ин силсила, калимаи *фоҷир* танҳо хосси услуби бадеист ва доираи истеъмоли маҳдуд дорад. Тобишҳои маъноии калимаҳои *фосиқ* ва *фоҷир* дар калимаҳои *ифлос* ва *мурдор* нест, зеро ду калимаи охир бо ин маъноҳо дар гуфтугӯ серистеъмоланд. Аз ин рӯ, инҳоро дар матн иваз кардан мумкин нест. Ғайр аз ин калимаи *мурдор* тобиши маъноии хасисро (дар гуфтугӯ) низ ифода мекунад, ки ин тобиши маъно дар калимаи *ифлос* мушоҳида намешавад. С. Айнӣ бо пайиҳам овардани ин калимаҳо ва дар байни онҳо ҷой додани вожаи *молимардумхӯр,* муносибати манфии гӯяндаро ба персонаж хеле барҷаста ва пурқувват тасвир намудааст.

Ҳангоми муқаррар кардани ҳаммаъноии калимаҳо таносуби маъноии онҳоро низ ба эътибор гирифтан лозим аст. Дар силсилаи калимаҳои *гафс, фарбеҳ, пурра* чунин нозукии маъно мушоҳида мешавад. Ин калимаҳо бо маъноии сергӯшту серравғаҳаммаъноянд, аммо онҳоро на ҳамеша ба ҷойи ҳамдигар истифода бурдан мумкин аст, чунки бо тобишҳои маъноӣ тафовут доранд. Масалан, абрӯвони сермӯйро ғафс мегӯянд, аммо фарбеҳ не (калимаи *гафс* бо яке аз маъноҳояш ба ин силсила дохил мешавад). Муродифҳои мазкур дар мисоли поён барои пурра тасвир кардани намуди зоҳирии шахс пайиҳам омадаанд:

Дар поёни меҳмонхона дар пеши дари даҳлез як одам буд, ки шикамаш ***гафс,*** *рӯяш* ***фарбеҳ*** *ва* ***пурра*** *… буд* [6, 247].

Дар мисоли зерин нависанда тавассути силсилаи калимаҳои ҳаммаъно – *банда, гулом* ва *фармонбардор* симои воқеии муллоҳои ҷоҳилро, ки худро фиристодагони Худо номида, мардумро ғорат карда, ба онҳо ҷабру зулм менамуданд, кушода медиҳад:

Дар ҳақиқат, онҳо на «ноиби Худо» ва на «вориси пайғамбар», балки ***бандаи*** *садақа,* ***гуломи*** *хӯҷаин,* ***фармонбардори*** *супориши подшоҳ... ҳастанд* [5, 225].

Ин се синоним бо тобиши маъноии мутеъ, итоаткор ба як силсила дохил мешаванд. *Банда* нисбат ба *гулом* ва *фармонбардор* серистеъмолтар буда, ҳам дар забони адабӣ ва ҳам гуфтугӯйӣ истифода мегардад ва доираи васеи маъноҳоро ифода мекунад. Дар мисоли боло вожаи мазкур ба маъноии маҷозӣ омада, ба садақахӯрии (аз ҳисоби дигарон умр гузаронидан) муллоҳо ишора мекунад. Бештар бо калимаҳои *Худо* (бандаи Худо), *нафс* (бандаи нафс) таносуби маъноӣ дорад. *Ғулом* истилоҳи таърихист. Дар давраи ғуломдорӣ одамеро, ки аз ҳама гуна ҳуқуқҳо маҳрум ва моли

соҳиби худ буд, чунин меномиданд. *Фармонбардор* аслан *фармонбар* буда, ишора ба шахси мутеъ аст.

Баъзан нависанда дар баробари тасвири ҳолати ашё онро бо системаи идоракунандаи замона қиёс менамояд ва бад-ин васила ба он баҳои воқеӣ медиҳад:

4-уми марти соли 1917 (ба ҳисоби куҳна) буд. Чархҳои завод бо губчак–гарданаҳои ***хӯрдашуда****, бо дандонҳои* ***судашуда*** *ва бо тасмаҳои* ***фарсудаи*** *худ монанди идораҳои ҳукумати подшоҳӣ базӯр мегаштанд* [5, 228].

Адиб се калимаи ҳаммаъно–*хӯрдашуда, судашуда, фарсуда*ро, ки як маънои умумӣ–куҳнашуда, аз ҳам рехташуда доранд, пайиҳам оварда, бо сохти пӯсидаистодаи ҳукумати подшоҳӣ, ки дар арафаи фано ёфтан буд, муқоиса мекунад. Ҳар се калима тоҷикианд. Аз ин калимаҳо *хӯрдашуда* ва *судашуда* умумиистеъмол буда, *фарсуда* бештар дар нутқи хаттӣ кор фармуда мешавад. Ин калимаҳо характери соҳавӣ доранд ва дар соҳаи техника бештар кор фармуда мешаванд.

С. Айнӣ барои дақиқ ифода кардани вазъияти баамаломада, силсилаи калимаҳои ҳаммаъноро пайиҳам меорад:

Тобут монанди шутури пурбор бисёр ба оҳистагӣ роҳ мерафт. Оре, ин тобут пурбор буд, лекин бораш на он боре буд, ки бо қуввати шутур, асп ва инсон нақл ёбад, балки ин бор бори ***андӯҳ*** *ва* ***алам, гам****,* ***ҳасрат****,* ***ҳиҷрон*** *ва* ***ҳирмон*** *буд, ки кӯҳпайкарони дунёро камар мешикаст* [5, 324].

Чунон ки мушоҳида гардид, адиб аз ду силсилаи синонимӣ–1. *андуҳ, алам, гам, ҳасрат* ва 2. *ҳиҷрон, ҳирмон* истифода бурдааст. Калимаҳои силсилаи аввал бо тобиши маънои ғусса, мусибат ва дуюм ба маънои махрумӣ, ҷудоӣ ҳаммаъно гардидаанд. Нависанда ин муродифҳоро дар таркиби ифодаҳои маҷозӣ меоварад ва ҷузъи асосии онҳо – вожаи ***борро*** як маротиба зикр мекунад (6 ифодаи маҷозӣ). Бад-ин васила фазои вазнини ҳамонрӯзаро хеле риққатовар ва мутаассиркунанда тасвир менамояд, яъне як ҳолати табиӣ бо як ҳолати вазнини рӯҳӣ қиёс карда мешавад. Калимаҳои *андуҳ, алам, гам, ҳасрат* доираи истеъмоли васеъ дошта, серистеъмол ва оммафаҳманд. Дар ҳамаи услубҳои нутқ (ба истисноии услуби расмии коргузорӣ ва илмӣ) баробар истифода мегарданд. Аммо, онҳоро ба ҷойи ҳамдигар истифода бурдан мумкин нест, зеро танҳо бо тобиши маънои ғусса, мусибат ҳаммаъноянд ва бо маъноҳои иловагӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Устод Айнӣ силсилаи калимаҳои *ҳақ, харҷ, хизматона, ошпулӣ, маблаг, танга*ро дар матн барои ифодаи мафҳуми пул ва ҳамзамон тасвири ғорат шудани қаҳрамони асар, бар замми ин қарздор шудани ӯ пайиҳам меоварад. Бад-ин васила як мафҳумро чанд тариқа ифода карда, воқеиятро ба таври реалӣ инъикос менамояд:

Ҳаққи *таракаи қозӣ,* ***харҷи*** *муфтӣ,* ***хизматонаи*** *мулозим,* ***ошпулии*** *арбоб ва оқсаққол ба* ***маблаге*** *расид, ки баъд аз фурӯхта додани гов боз Одинаи сагир аз арбоби деҳа даҳ* ***танга*** *қарздор шуд* [5, 185].

Ҳақ–баҳра, музд, ҳисса [3, 481], *харҷ*–сарф, хароҷот [3, 428), *хизматона*–музди хизмат, ҳаққи кори кардашуда, *ошпулӣ*–пули ош, *маблаг* – 1. миқдори пули нақд, пул; 2. кит. дараҷаи камолот, расоӣ, болиғ будан ба чизе [2, 733], *танга*–пули майдаи филизӣ [3, 306]. Чунон ки аз шарҳи луғат бармеояд, ин калимаҳо танҳо бо тобиши умумии нақдина ҳаммаъно шудаанд, гарчи аз нигоҳи қурб фарқ мекунанд. Ин калимаҳоро ба ҷойи ҳамдигар кор фармудан мумкин нест, зеро бо ҷилоҳои дигари маъноӣ, дараҷаи истеъмол, обуранги услубӣ ва ҳиссӣ аз ҳамдигар тафовут доранд. Аз ин силсила калимаҳои *маблаг* (пули нисбатан калонтар) мафҳуми умумӣ ва *танга* қисмати асъор (пули ночиз) буда, як дараҷа серистеъмоланд. Вожаҳои дигар бо ин маъно хоси нутқи хаттианд. Масалан, калимаи *ҳақ* дар гуфтугӯ ба маънои ҳисса, ҳуқуқ серистеъмол буда, *хизматона* доираи истеъмоли маҳдуд дорад: танҳо дар муомила бо ичрокунандаи ягон кор истифода мешавад (масалан, дар муомилаи нотариалӣ). *Ошпулӣ* одатан аз ҷониби шахсе ба каси дигар барои ягон хизмат ихтиёрӣ дода мешавад, аммо дар матн ғайриихтиёр сурат гирифтааст.

Нависанда баъзан дар матн калимаҳои мураккаберо пайиҳам зикр менамояд, ки хислату характери шахсро мекушоянд ва танҳо ҷузъи дуюми онҳо бо ҳамдигар хусусияти ҳаммаъноӣ зоҳир менамоянд:

Ӯ ширинсухан, гармсуҳбат ва нармгуфтор буда, дар суҳбатҳои одӣ ҳам ҳамеша нозукиҳои забони тоҷикиро бо маҳорат ва ба тарзи табиӣ кор мефармуд [4, 22].

Дар калимаҳои *ширинсухан, гармсуҳбат* ва *нармгуфтор* ҷузъи дуюм–*сухан, суҳбат, гуфтор* бо ҳам муносибати наздикмаъноӣ доранд. Ҷузъи аввали калимаҳои мазкур–сифатҳои аслии *ширин, гарм* ва *нарм* ҳаммаъно нестанд, зеро онҳо таъм, аломат ва чигунагии ашёро ифода мекунанд ва дар таркиби калимаҳои мураккаб ба маънои маҷозӣ далолат кардаанд. Бояд гуфт, ки калимаҳои *ширинсухан, гармсуҳбат* ва *нармгуфтор* аз ибораҳои изофии *сухани ширин, суҳбати гарм* ва *гуфтори нарм* ба вуҷуд омадаанд, ки дутои аввал ВФ буда, сеюмӣ дар ҳамин қолаб сохта шудааст.

Қайд кардан лозим аст, ки калимаи *ширинсухан* серистеъмол буда, хоси нутқи ҳам гуфтугӯйӣ ва ҳам хаттист, вожаҳои *гармсуҳбат* ва *нармгуфтор* танҳо хосси нутқи хаттианд. Маънои хушсуханиро бо обуранги ҳиссии мусбат ифода мекунанд. Ин калимаҳо, хусусан *ширинсухан*, дар адабиёти классикӣ бо вариантҳояш–*ширинкалом, ширинтакаллум* корбаст мешудааст:

Сурури маҷлисат акнун ба рақс орад,
Ки шеъри Ҳофизи **ширинсухан** таронаи туст [Ҳофиз, 2, 590].

Дар ин маврид серистеъмол ва камистеъмол будани муродифҳо низ муҳим дониста мешавад. Чунончи, аз силсилаи муродифҳои *мутаносиб, шинам, зебанда* дуи аввал хосси нутқи хаттист, аммо сеюмӣ ҳам дар нутқи хаттӣ ва ҳам шифоҳӣ муштарак истифода бурда мешавад. Ҳар се муродифҳо ба услуби бадеӣ мансубанд. Вожаи *зебанда* дар муошират низ кор фармуда мешавад. Дар мисоли зерин барои таъкиди маънои мувофиқ омадан хизмат кардаанд:

… қади навраста, рӯйи ҳуҷиста, зулфи шикаста, абрӯи пайваста–ҳама ба якдигар мутаносиб, ҳама ба якдигар шинам, ҳама ба якдигар зебанда афтода буданд [8, 16].

С. Айнӣ ҷузъҳои номии феълро аксаран пайиҳам меорад, то матлаб пурра ифода гардад, ё фикри гӯянда таъкид ёбад. Чунончи, вожаҳои *хароб кардан* ва *афгор кардан* ҳамчун ҷузъи номӣ барои пурра кардани маънои ҳамдигар (ҳиссачаи *ҳам* инро тасдиқ мекунад) истифода шудаанд:

… *ба болои ин ҷоҳои қадам ниҳодаашонро* ***хароб*** *ва* ***абгор*** *ҳам карда мегузаранд* [6, 161].

Калимаи *хароб кардан* дар ин мисол ба маънои «вайрону валангор кардан» омадааст, ки ин маъно дар вожаи *абгор кардан* нест. Ҷузъи маънодори калимаи таркибӣ *абгор* (аз *афгор*) сифати шахси бемор, маҷрӯҳ, захмӣ аст, аммо дар забони гуфтугӯйӣ ба предметҳои дигар низ нисбат дода мешавад. Дар мисоли боло бо феъли ёвари *кардан* дар шакли сифати феълӣ омада, ба аломати амал далолат намудааст: *хароб кардан* як дараҷа маънои вайрону валангорро ифода кунад, *абгор кардан* дучанд мефаҳмонад, ки инро *пурқуввати зоҳир гардидани сифат (дар матни боло амал)* (интенсивность выявления качества) мегӯянд.

Ҳамин гуна зоҳиршавии дараҷавии амал дар мисоли зерин низ мушоҳида мешавад:

Лекин ин гуна сангҳо, бо вуҷуди нотарошидагӣ ба сабабҳои боронҳои баҳорӣ ***покиза*** *ва* ***мусаффо*** *шуда буданд* [8, 48].

Покиза шудан як дараҷа, *мусаффо шудан* ду дараҷа сифати ашёро нишон медиҳад, яъне аввалӣ тоза шудани сангро ифода кунад, дуюмӣ ниҳоят пок шудани онро мефаҳмонад. Бояд қайд намуд, ки чунин нозукиҳои маъноро устод Айнӣ ба хубӣ дарк мекард. Аз ин ҷост, ки адиб дар интихоб ва истифодаи калимаҳо нозукбин буда, калимаҳоро моҳирона ба риштаи тасвир мекашад. Чунончи, дар мисоли зерин силсилаи муродифҳои *соф, шаффоф, покиза, тоза* мавҷуданд, ки аз инҳо *тоза* як дараҷа, *покиза* ду дараҷа, *соф* ва *шаффоф* се дараҷаи зоҳиршавии аломат аст:

Ҳаво соф ва шаффоф буд. … бӯйи хуши сабзаҳои навхез … бо буғи форам омехта, шушро покиза ва димоғҳоро тоза карда дилҳоро пурмасаррат ва баданҳоро пурқуввати мекард [6, 531].

Соф будан маънои «беғубор, беғаш, зулол, тоза, покиза будан», *шаффоф будан,* ба мисли булӯр ва шиша соф будани ашёро, аз паси он намудор шудани чизҳои дигарро дар назар доранд, тобон, дурахшон (монанди булӯр) будан; соф, беғубор, зулол будан, *покиза кардан,* пок, озода, тоза, соф кардан, *тоза кардан* покиза, пок, беолоиш карданро ифода менамоянд. Одатан дар гуфтугӯ *ҳавои тоза* мегӯянд, ки беғубор будани муҳити атрофро дар назар дорад, аммо мақсади нависанда дақиқ ифода кардани матлаб буда, ӯ дар ниҳояти покизагӣ қарор доштани ҳаворо таъкид мекунад. Барои он ки ду маротиба калимаи *покиза*ро кор нафармояд, ӯ дар мавриди вожаи *шуш* калимаи *покиза кардан*ро, бо калимаи *димоғ–тоза кардан* истифода мебарад.

Дар «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ нидоҳои таассуф ва таҳсину хурсандиро дучор омадан мумкин аст. Нидоҳои *офарин* ва *боракалло* (*барака ёб*), *зинда бош* ва *намур* дар ҷумлаи зерин муносибати муродифӣ пайдо кардаанд. Ин нидоҳо эҳсосоти инсонро ифода мекунанд ва барои ҳавасманд гардонидани мутрибон, навозандагон ва раққосон аз ҷониби мардум истифода шудаанд:

… **хонандагон, навозандагон ва раққосони хубро бо овози баланд: «Офарин, баракалло, барака ёб, шод бош, зинда бош, намур» - гӯён таҳсин мекарданд [4, 239].**

Ҳамин тариқ, нависандаи хушбаён силсилаи муродифотро ба таври хосса истифода бурда, тарзи тасвирро ҷолиб гардонида, матлабро нишонрас ва мақсади пешгузоштаашро дақиқ ифода кардааст. Чунин мисолҳоро аз эҷодиёти адиби сермаҳсул хеле зиёд овардан мумкин аст, аммо бо ин иктифо мекунем ва ба кулли

қаламбадастон ва эҷодкорони ҷавон тавсия медиҳем, ки осори устод Айниро мутолиа намоянд ва тарзи истифодаи воҳидҳои забонро аз ӯ омӯзанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Фарҳанги забони тоҷикӣ / дар зери таҳрири М. Ш. Шукуров, В. А. Капранов, Р. Ҳошим, Н. А. Маъсумӣ. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – Ҷ.2. – 949 с.
2. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2008. – Ҷ.I. – 951 с.
3. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ.– Душанбе, 2008. – Ҷ.2. – 949 с.
4. Айнӣ С. Ёддоштҳо / Садриддин Айнӣ. – Сталинобод: Нашрдавлат, 1955. – Қ.3, 4. - 570 с.
5. Айнӣ С. Одина. Куллиёт / Садриддин Айнӣ. — Сталинобод: Нашрдавлат, 1958. - Ҷ.1. –С. 183 – 327.
6. Айнӣ С. Ғуломон. Куллиёт/ Садриддин Айнӣ. – Сталинобод: Нашрдавлат, 1960. - Ҷ.3. – 485 с.
7. Айнӣ С. Ҷаллодони Бухоро / Садриддин Айнӣ // Акнун навбати қалам аст. – Душанбе: Ирфон, 1978. – С.9 – 79.
8. Айнӣ С. Дохунда / Садриддин Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 428 с.
9. Айнӣ С. Ёддоштҳо / Садриддин Айнӣ. – Душанбе: Адиб, 1990. - Қ.1, 2. – 852 с.

УПОТРЕБЛЕНИЕ СИНОНИМИЧЕСКОГО РЯДА В ХУДОЖЕСТВЕННЫХ ПРОИЗВЕДЕНИЯХ С. АЙНИ

Автор, на основе материалов произведений С. Айни, проанализировала в статье ряд лексических синонимов. В работах мастера лексические синонимы употреблены не только с целью воздержания от повтора слов, но и в силу различных стилистических потребностей.

Ключевые слова: лексические синонимы, фразеологические синонимы, семантические оттенки, круг употребления, стилистические особенности, индивидуальный стиль писателя.

USING LEXICAL SYNONYMS ON MATERIALS OF S. AINI`S PROSE

The author, on the basis of materials of product of S. Aini, has analyzed a number of lexical synonyms. In works of the master we can see the principle of economy of efforts in uses not only with a view of avoiding of repetition of words, but also owing to various stylistic requirements.

Key words: lexical synonyms, fraseological synonyms, semantics, use, stylistic peculiarity (feature), writer's style.

Сведения об авторе: ***М. М. Мирзоева*** – кандидат филологических наук, доцент, заведующая кафедрой стилистики и литературного редактирования факультета журналистики Таджикского национального университета. Телефон: **937-11-30-28; 232-45-24**

ТАСНИФОТИ МАЪНОИИ ҶУМЛАҲОИ СОДА ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Х.М. Камолов

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Забон василаи муошираты байни мардум аст. Баҳри муошират, тавре маълум аст, ҷумла муқаддамтарин воҳиди забон маҳсуб мешавад, зеро фикр тавассути он ифода мегардад. Албатта, муҳаққиқон дар замону макони гуногун ба ҷумла таърифҳои гуногуне додаанд ва хусусиятҳои онро аз нуқтаи назари мутафовит баён доштаанд. Дар таърифи содатаринаш низ ҷумларо ифодакунандаи фикр гуфтаанд: «Ҷумла воҳиди ҷудогонаи нутқест, ки аз тарафи гӯянда ва шунаванда ҳамчун шакли яклухти грамматикӣ қабул карда шуда, барои ифодаи забонии фикр хизмат мекунад» [5, 23]. Ва ё: «Ҷумла чунин воҳиди муҳимтарини забон аст, ки фикрро ифода мекунад» [4, 17].

Дар ҳамаи забонҳои дунё ҷумла аз воҳидҳои асосии нахв ё худ синтаксис ба ҳисоб меравад. Вобаста ба хусусияту табиати ин ё он забон, албатта, ҷумла метавонад аз нигоҳи гуногун тасниф ва таҷзия гардад. Дар забоншиносии тоҷик, ки дар замони шӯравӣ ногузир ба забоншиносии рус пайравӣ намудааст, бештар ба сохтори ҷумла, аъзои ҷумла, анвои ҷумла таваҷҷуҳ зоҳир гардидааст, аммо дар забоншиносии Ғарб таваҷҷуҳи муҳаққиқонро таҷзияи маъноии ҷумла бештар ба худ ҷалб намудааст. Забонишиносони Эрон низ дар пайравӣ ба муҳаққиқони мамолики ғарбӣ дар таҳқиқи ҷумла, ҳамчун воҳиди марказии нахв ба таҷзияи маъноии он таваҷҷуҳ намудаанд. Бинобар ин, муносибат ба нахв, хосса ба ҷумла, дар байни забоншиносони тоҷику эронӣ гуногун аст ва дастур ё худ грамматикаи назарии мо аз нуқтаи назари гуногун таълиф гардидаву то ҳадде фарқкунанда аст.

Дар забони англисӣ низ, ки аз забонҳои маъруфи ҷаҳонист, ҷумла хусусиятҳои хосси худро дорад. Аммо, таъкид бояд намуд, ки дар забоншиносии англисӣ, махсусан таълифоти муҳаққиқони мамолики ғарбӣ, таваҷҷуҳи пажӯҳишгарон асосан ба амалия равона гардидааст. Таълиф гардидани грамматика ё худ дастурҳои амалии фаровон далели ин гуфтаҳо буда метавонад. Албатта, мақоми забони англисӣ ба сифати забони ҷаҳонии рақами аввал ва зарурати таълиму тадриси он дар доираҳои

васеъ боиси он гардидааст, ки пажӯҳишгарон бештар ба амалия даст зананд ва «грамматикаҳои амалӣ» таълиф намоянд. Вобаста ба ҳамин, дар аксари китобҳои дарсиву дастурҳои таълимии забони англисӣ чун сухан аз ҷумла меравад, бештар аз мавқеъ, сохтор ва вазифаҳои фоилу мафъул, тартиби калима дар ҷумла, оҳанги гуфтор ва амсоли ин ёдрас мегарданд. Ҳангоми таъриф кардани ҷумла бештар ба он аҳамият дода мешавад, ки «ҷумла иборат аз фоил ва феъл ё худ предикат аст» (subject-predicate structure). Чунин ба назар мерасад, ки доир ба назарияи ҷумла дар забони англисӣ бештар англисидонони дигар, аз ҷумла муҳаққиқони рус, пажӯҳидааанду асарҳое ба нашр расонидаанд.

Шак нест, ки хусусият ва ё нишонаҳои махсуси ҷумла, ба вижа ҷумлаҳои сода, дар забони англисӣ низ, чун дар забонҳои дигар, мавҷуд аст, ки он аз ягон ҷиҳат ба забонҳои дигар мувофиқат мекунад. Масалан, дар муқоиса бо забони тоҷикӣ метавон дид, ки ҷумлаи сода ҳам дар забони англисӣ ва ҳам дар забони тоҷикӣ дорои якчанд нишонаҳои умумӣ аст. Дар баробари ин, аломатҳои фарқкунандаи ҷумлаи сода низ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба назар мерасад.

Ҷумла дар радифи воҳидҳои дигари забон дорои нишонаҳои хосси худ аст. Чун «вазифаи асосии ҷумла дар бораи воқеаву ҳодисаи ҳақиқати объективӣ хабар додан» [5, 23] аст, яке аз нишонаҳои асосии он хусусияти предикативӣ ё худ хабардиҳӣ доштани он ба ҳисоб меравад. Ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони англисӣ, албатта, ба мисли ҳар забони дигар, расонидани хабар (предикативият) аз нишонаҳои умумӣ ва асосии ҷумла маҳсуб мешавад.

Оҳанги хабардиҳии ҷумла аломати дигари он аст. Як вожа ё ибора низ ба туфайли оҳанг метавонад ҷумла бошад. Чунин навъи ҷумла дар забони тоҷикӣ фаровон ба назар мерасад. Чунончи: *Лой. Шалап-шалап садои пой шунида мешуд (Ҳаким Карим).*

Дар забони англисӣ низ чунин ҷумлаҳо корбурд доранд. Масалан: *"You! The Hazara! Look at me when I'm talking to you!" the soldier barked (Khaled Hosseini).*

«Аломати сеюми ҷумла ҷиҳати модалии он мебошад, ки амалу ҳолат дар замон ва шахсу шумора ба вуқӯъ меояд» [5, 23]. Аломати мазкур тавассути воситаҳои гуногун, аз қабили «хабари ҷумла, ки бо сиғаҳои феъл ифода мегардад ва, инчунин, ба воситаи феълҳои ёридиҳанда, бандакҳои хабарӣ, ҳиссачаҳо баён мегардад» [5, 23]. Нишонаи мазкур низ дар ҷумлаҳои содаи ҳам забони тоҷикӣ ва ҳам забони англисӣ мушоҳида мегардад, аммо тафовут ҳам ба назар мерасад, ба мисли корбасти бандакҳои хабарӣ (-ам, -ӣ, аст, -ем, -ед, -анд) дар забони тоҷикӣ ва адами он дар забони англисӣ.

Дар мавриди нишонаи чоруми ҷумла, ки тартиби вожаҳои таркиби он аст, дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ тафовут нисбат ба умумият бештар аст. Дар мавридҳои мусоид дар ин боб ишора хоҳем кард.

Ҷумлаҳои содаро дар забонҳои мавриди қиёс аз ду ҷиҳат гурӯҳбандӣ кардан имконпазир аст: 1) аз ҷиҳати таркибу сохт; 2) аз ҷиҳати марому мақсад.

Таъкид кардан бамаврид аст, ки таснифоти ҷумлаҳои сода аз нигоҳи маъно, марому мақсад ва оҳанг дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мувофиқат мекунад. Ҷумлаҳои содаи забонҳои тоҷикӣ ва англисиро аз ин нуқтаи назар ба чаҳор гурӯҳ ҷудо кардааанд:

Забони тоҷикӣ	Забони англисӣ
ҷумлаи хабарӣ (ҳикоягӣ)	a declarative sentence
ҷумлаи саволӣ	an interrogative sentence
ҷумлаи амрӣ	an imperative sentence
ҷумлаи хитобӣ	en exclamatory sentence

Аммо, профессор Б. Камолиддинов бар он назар аст, ки «ҷумла (чи содаю чи мураккаб) аз рӯйи ифодаи мақсади гӯянда ва нависанда хабарӣ (ҳикоягӣ), саволӣ ва амрӣ мешавад» [4, 50]. Аммо, агар ин се гурӯҳи ҷумлаҳо «эҳсосоти гӯянда ё нигорандаро ҳам дар бар гиранд, хитобӣ мешаванд» [4, 51].

Ҷумлаи содаи хабарӣ (ҳикоягӣ). Дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ҷумлаҳои хабарӣ муътадил баён мегарданд, оҳанг миёна аст. Тавассути ин навъи ҷумлаҳо «мутакаллим ё нигоранда аз ҳодиса ё воқеае хабар медиҳад, дар атрофи масъалае баҳс мекунад. Фикр ба тариқи хабар додан, ҳикоят ва нақлу ривоят ифода меёбад» [4, 51]. Маъмулан талаффузи ҷумла бо оҳанги муътадил оғоз гардида, дар калимае, ки задаи мантиқӣ гирифтааст, оҳанг каме баланд мешавад ва баъдан оҳанги талаффуз боз пасттар мегардад. Чунончи:

Пирамард ба хондани дуоҳо шурӯъ кард [15, 83].–He commenced to say his prayers mechanically [15, 82].

Баъд кори асосӣ шурӯъ мешавад [15, 111].–Then our true work begins [15, 110].

Албатта, тартиби калима ва ҷойи аъзои ҷумла дар ҷумлаҳои содаи забонҳои муқоисашаванда аз ҳамдигар фарқ мекунад. Тавре маъмул аст, дар забони тоҷикӣ фоил ё худ мубтадои ҷумлаи сода дар аввал ва хабар дар охири ҷумла меояд. Аъзои дигари ҷумла дар байни мубтадову хабар ҷой мегиранд. Дар забони англисӣ бошад, дар аввали ҷумла маъмулан фоил ва баъд аз он хабар меояд, аъзои дигари ҷумла баъди хабар ҷой мегиранд:

We saw your dog in the park [14, 263].

Дар баробари ин, вобаста ба услуби баён гоҳе дар забони англисӣ ҷумла бо аъзои пайрав низ оғоз мегардад, аммо ин ҳолат дар забони мазкур зиёд дучор намегардад. Мисол:

At the beach, I always feel content [14, 263].

Баъзан дар забони англисӣ инверсияи аъзои ҷумла–мубтадову хабар, ба назар мерасад, яъне ҷумлаҳое низ вомехӯранд, ки мубтадо ҳатто пас аз хабар ва дар охири ҷумла қарор дорад. Мисол:

Into the street bounced the ball. Under the table run the cat [14, 264].

Чунин хусусият ба забони тоҷикӣ низ хос аст. Вобаста ба ҳадафи гӯянда ва ё таҳозои услуб иҷрокунандаи амал метавонад дар охири ҷумла пеш аз хабар ояд, зеро «дар саҳеҳ ифода кардани фикр дар ҷумлаҳои хабарӣ ҳам тартиби калима ва бо мақсади таъкиди маъно тағйир додани тартиби муқаррарии аъзои ҷумла аҳамияти хосса касб мекунад» [4, 51]. Масалан:

Дар он зиёфат ошро ман мепухтам (Садриддин Айнӣ). Дар берун ҳанӯз шитир-шитир борон меборид (Фотеҳ Ниёзӣ). Ӯро дар нӯҳсолагӣ падару модараш ба хизматгории бойе доданд (Р.Ҷалил).

Бояд гуфт, ки дар забони англисӣ ҳодисаи инверсия (пурра ё қисман пеш аз мубтадо омадани хабар) дар мавридҳои зерин ҳодисаи маъмулӣ ба ҳисоб меравад:

-дар ҷумлаҳои саволӣ: *Are you coming tomorrow?*

-дар ҷумлаҳое, ки таркиби there is ва there are доранд: *There is a new book on the table.*

-дар ҷумлаҳое, ки бо зарфҳо ё пайвандакҳои here, never, hardly ва амсоли ин оғоз мешаванд: *Here is your pen. Never did he come in time.*

-дар нутқи айнан нақлшуда: *"I am glad to see you," said the old man.*

Ҷумлаи содаи саволӣ. Дар забонҳои муқоисашаванда ҷумлаҳои саволӣ пурсишро ифода мекунанд ва дар охири ҷумла аломати савол гузошта мешавад. Тавассути ҷумлаҳои саволӣ шунаванда ба додани маълумот водор мегардад. Дар дастурҳои забони тоҷикӣ ҷумлаҳои саволиро аз рӯйи маънову мазмун ба се навъ ҷудо намудаанд: ҷумлаҳои саволии хосса, риторикӣ ва водоркунӣ.

Ҷумлаҳои саволии хосса ҷавоби ҳатмӣ талаб мекунанд:

Қабул накардед? Чаро? (Сотим Улугзода). Ту кистӣ ва падарат чӣ ном дошт? (Садриддин Айнӣ).

Ҷумлаҳои саволии хосса «ғайр аз савол тобишҳои модалии тааҷҷуб, ҳайрат, шубҳа, тахмин, нобоварӣ, гумон, қатъият, боварӣ, муҳокима дошта метавонанд» [5, 42].

Ҷумлаҳои саволии риторикӣ бошанд, ҷавоби ҳатмӣ талаб намекунанд. Дар ин маврид тасдиқ ё инкори фикр дар қолаби ҷумлаи саволӣ ифода мешавад. Масалан:

Оиларо ба кӣ монда меравам? Ба Ҳушанг? Оё ин коҳили худхоҳ оиларо саробонӣ карда метавониста бошад? (Сотим Улугзода).

Навъи сеюми ҷумлаҳои саволии забони тоҷикиро ҷумлаҳои саволии водоркунӣ номидаанд, ки «ҷавоб талаб намекунанд, фикрро тасдиқу инкор ҳам намекунанд, балки шунавандаро ба амале, иҷрои коре водор мекунанд: Ҳоло ҳам нарафтаӣ? Магар то пагоҳ хоб мекунӣ?» [5, 43].

Таъкид бояд намуд, ки навъи сеюми ҷумлаҳои саволӣ (ҷумлаҳои саволии водоркунанда) моҳиятан аз ҷумлаҳои саволии риторикӣ тафовуте надоранд. Онҳоро метавон ба саволҳои риторикӣ мансуб донист. Дар ин бора дар дастурҳои нави забони тоҷикӣ низ ишораҳо вуҷуд доранд. Масалан, «аз ҷиҳати ифодаи мақсади аслии мутакаллим ҷумлаҳои саволиро ба ду хел: ҷумлаҳои саволии аслӣ ва ғайриаслӣ ё риторикӣ ҷудо мекунанд» [4, 53]. Таснифоти ҷумлаҳои саволӣ дар шакли зерин– ҷумлаҳои саволии аслӣ ва ғайриаслӣ, саҳеҳтар менамояд.

Дар забони англисӣ ҷумлаҳои саволӣ ба чаҳор намуд ҷудо мешавад: ҷумлаҳои саволии умумӣ–general questions, ҷумлаҳои саволии интихобӣ (алтернативӣ)– alternative questions, ҷумлаҳои саволии махсус–special questions ва ҷумлаҳои саволии "ҷудосозанда"–disjunctive questions.

Хусусияти ҷумлаҳои саволии умумӣ (general questions) он аст, ки онҳо ҷавоби мусбат (ҳа) ё манфӣ (не) талаб мекунанд. Тафовути чунин ҷумлаҳои саволӣ дар забони англисӣ аз ҷумлаҳои саволии забони тоҷикӣ он аст, ки тартиби калима

тағйир мепазирад ва ҷумла оҳанги хосси худро дорад. Маълум аст, ки дар ҷумлаҳои саволии забони тоҷикӣ калимаҳо ҷойи худро тағйир намедиҳанд, танҳо оҳанг нақши калидӣ дорад (агар ҳиссачаҳои саволӣ корбаст нагарданд). Масалан:

1. *<u>У</u> дар он ҷо зиндагӣ мекунад*.–ҷумлаи ҳикоягӣ.

2. *У дар он ҷо зиндагӣ мекунад?*–ҷумлаи саволӣ.

Аммо дар забони англисӣ барои созмон додани ҷумлаи саволӣ тағйирпазирии тартиби калима ногузир аст. Феъли ёвар ҳатман дар аввали ҷумла ва пеш аз мубтадо ҷой мегирад. Чунончи:

1. *He <u>is</u> living there*.–ҷумлаи ҳикоягӣ.

2. *<u>Is</u> he living there?*–ҷумлаи саволӣ.

Азбаски саволҳои мазкур ҳатман ҷавоби «ҳа» ё «не»-ро талаб мекунанд, дар дастурҳои забони англисӣ бо номи “yes/no questions” низ корбурд доранд [12, 14]. Ин намуди ҷумлаҳои саволии забони англисиро ба қатори ҷумлаҳои саволии аслии забони тоҷикӣ мансуб донистан мумкин аст.

Ҷумлаҳои саволии махсус (special questions), ки дар забони англисӣ гурӯҳи алоҳидаро ташкил медиҳанд, бо истифода аз вожаҳои махсуси саволӣ, ба мисли *when (кай), where (куҷо / дар куҷо), why (чаро), how (чӣ хел), who (кӣ), what (чӣ), which (кадом)* ва амсоли ин сохта мешаванд. Дар баъзе сарчашмаҳо онҳоро “information question” [12, 1] гуфтаанд, истилоҳи “wh-questions” [12, 1] низ ба назар мерасад. Дар ин навъи ҷумлаҳо суолвожаҳо дар аввали ҷумла ва феъли ёвар пас аз он ҷой мегирад. Мисол:

When did you arrive?–Шумо кай расидед?

What do you need?–Ба чӣ эҳтиёҷ доред?

Дар байни суолвожа ва феъли ёвар ҷой гирифтани вожаи мустақил низ ба назар мерасад:

What countries did you visit?–Ба кадом кишварҳо сафар кардед?

Which book should I buy?–Кадом китобро бихарам?

Ин гурӯҳи ҷумлаҳои саволӣ низ бо ҷумлаҳои саволии аслӣ дар забони тоҷикӣ мувофиқат мекунанд.

Албатта, дар забони тоҷикӣ низ суолвожаҳо, амсоли *кӣ, чӣ, чанд, кай, кадом* ва ғайра мавҷуданд, аммо, аз як тараф, мавқеи онҳо дар ҷумлаҳои саволӣ нисбат ба забони англисӣ фарқ дорад, аз тарафи дигар, мавҷудияти вожаҳои мазкур дар забони тоҷикӣ омили гурӯҳбандии махсуси ҷумлаҳои саволӣ нест.

Дар дастурҳои забони англисӣ ду навъи дигари саволгузорӣ корбурд дорад, ки ба наҳви ҷумлаҳои сода чандон иртибот надорад. Азбаски сухан оид ба навъҳои саволгузорӣ меравад, зарур медонем, ки дар ин маврид низ ибрози назар намоем.

Ҷумлаҳои саволиеро, ки имкони интихоби ин ё он ҷавобро медиҳанд, ҷумлаҳои саволии интихобӣ ё худ алтернативӣ (alternative questions) меноманд. Дар сохтани ҷунин ҷумлаҳои саволӣ дар забони англисӣ пайвандаки «or» (ё) нақши муҳим дорад. Ҷунин навъи ҷумлаҳои саволӣ муодили ҷумлаҳои саволии аслӣ дар забони тоҷикӣ шуда метавонанд. Масалан:

When did you come, today <u>or</u> yesterday?

Дар забони тоҷикӣ ин гуна ҷумла бо ду ҷумлаи содаи саволӣ ифода мегардад. Пурсиши фавқро ба ин шакл тарҷума мекунанд:

Шумо кай омадед? Имрӯз ё дирӯз?

Гурӯҳи чоруми ҷумлаҳои саволиро дар забони англисӣ disjunctive questions мегӯянд ва онро ба забони тоҷикӣ бархе «ҷумлаҳои саволии ҷудоӣ» [8, 118] ва бархе «саволҳои ҷудокунанда» [9, 110] унвон кардаанд. Хусусияти ин навъи ҷумлаҳои саволӣ дар он аст, ки «дар қисми аввали ҷумла фикре оварда мешавад ва дар қисми дуюми ҷумлаи саволӣ гӯянда тасдиқ ё инкори он фикрро талаб менамояд» [8, 118].

Ҷунин ҷумлаҳо дар забони англисӣ ду навъанд:

1. Қисми аввал ҷумлаи тасдиқӣ, қисми дувум ифодаи саволии инкорӣ (tag questions). Мисол:

Mary is here, <u>isn't she</u>? You like tea, <u>don't you</u>? They have left, <u>haven't they</u>? It's a nice day today, <u>isn't it</u>?

2. Қисми аввал ҷумлаи инкорӣ, қисми дуввум ифодаи саволии тасдиқӣ. Мисол:

Mary isn't here, <u>is she</u>? You don't like tea, <u>do you</u>? They haven't left, <u>have they</u>? It's not a nice day today, <u>is it</u>?

Ин навъи ҷумлаҳои саволӣ ҷавоби тасдиқӣ ё инкорӣ талаб мекунанд. Ифодаи саволие, ки дар охири ҷумла илова карда мешавад, танҳо ба хотири итминон ҳосил кардан дар мавриди ин ё он хабар аст, ки гӯянда мехоҳад дар мавриди иҷро гардидан ё инкор гардидани амал ҷавоби дақиқ бигирад.

Муҳаққиқи рус Л.С. Бархударов таъкид менамояд, ки ҷумлаҳои саволии навъи сеюму чорум (alternative questions ва disjunctive questions) аз доираи баҳси ҷумлаҳои сода берун аст. Ӯ мегӯяд: «Ҷунин саволҳо ягон хел сохтори хос ё ҷудогонаро ташкил

намедиҳанд, саволҳои ҷудосозанда (disjunctive questions) ҳамон ҷумлаҳои ҳикоягианд, ки дар идомаашон ҷумлаҳои саволии маҳзуф (кӯтоҳшуда) меояд (манзур ҳодисаи эллипсис–Х.К.). Ҷумлаҳои саволии алтернативӣ (alternative questions) бошанд, ҷумлаҳои мураккаби пайвастанд, ки аз ду ҷумлаи саволии умумӣ иборатанд» [1, 175].

Дар забони тоҷикӣ низ чунин навъи саволгузорӣ корбаст мегардад, аммо он шаклан тафовут дорад. Дар ин маврид профессор Б. Камолиддинов таъкид менамояд, ки «дар ифодаи пурсиш баъзе қолабҳои рехтаи наҳвӣ, аз қабили *чӣ гуфтед, ҳамин тавр не* ва ғайра ба кор бурда мешаванд [4, 55] ва аз осори Фазлиддин Муҳаммадиев ҷумлаи зерро барои тасдиқи фикр меорад:

–Хондани асли «Шоҳнома»-ро худатон тавсия карда будед. Ҳамту не?

Пас, ҷумлаҳои саволии «ҷудосоз»-и забони англисӣ дар тарҷума ба забони тоҷикӣ дар ду ҷумла ифода мегарданд: як ҷумлаи хабарӣ ва як ҷумлаи нопурраи саволӣ. Аз ин нигоҳ ҷумлаҳои фавқуззикри англисиро ба тоҷикӣ чунин тарҷума кардан имконпазир аст:

ба забони англисӣ	**ба забони тоҷикӣ**
Mary is here, *isn't she*?	Мари ҳамин ҷост. *Ҳамин тавр не?*
You like tea, *don't you*?	Ба ту чой писанд аст. *Ҳамин хел не?*
They have left, *haven't they?*	Онҳо рафтанд. *Дуруст аст?*
It's a nice day today, *isn't it?*	Имрӯз рӯзи хуб аст. *Ҳамин тавр не?*
Mary isn't here, *is she?*	Мари ин ҷо нест. *Ҳамин тавр не?*
You don't like tea, *do you?*	Ба ту чой писанд нест. *Ҳамин хел не?*
They haven't left, *have they?*	Онҳо нарафтаанд. *Дуруст аст?*
It's not a nice day today, *is it?*	Имрӯз рӯзи хуб нест. *Ҳамин тавр не?*

Ҷолиб ин аст, ки дар забони гуфтугӯйӣ ва баъзе лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ қолаби мазкур мавриди истифода қарор дорад, аммо маъмулан ба ҷумлаҳои гурӯҳи аввали забони англисӣ шабоҳат доранд, қисми аввал ҷумлаи тасдиқист, баъд аз он танҳо ҳиссачаи инкории «не» ва ё «-а» бо оҳанги савол гузошта мешавад. Масалан, мегӯянд:

Имрӯз ҳаво гарм шуд, не?

Бояд гуфт, ки дар забони англисӣ ҷумлаҳои риторикӣ (Rhetorical Question) мавҷуданд, аммо чун анвои дигари ҷумлаҳои саволӣ махсус гурӯҳбандӣ нагардидаанд. Масалан:

Who wouldn t like it? It s so beautiful (Galsworthy) [2].

Ҷумлаи содаи амрӣ. Барои ифодаи маъноҳои амру фармон, супориш, фармоиш, хоҳиш, илтимос, зориву илтиҷо ҷумлаҳои содаи амрӣ корбаст мегарданд. Ҷумлаҳои амрӣ бо ҷумлаҳои саволӣ то андозае умумият доранд, зеро «дар ҷумлаҳои саволии аслӣ гӯянда мақсади худро ба тариқи пурсиш ифода карда сомеъро ба ҷавоб додан водор намояд, дар ҷумлаҳои амрӣ ҳам гӯянда шунавандаро ба иҷрои амале водор мекунад» [4, 58]. Бо ҷумлаҳои амрӣ шунаванда ба иҷрои амале водор мегардад. Дар охири ҷумлаҳои амрӣ аломати нуқта гузошта мешавад. Чунин навъи ҷумлаҳои сода ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони англисӣ мустаъмаланд. Мисолҳо:

Go and play baseball [15, 10]. – Бирав, бейсбол бозӣ кун. [15, 11].

Make another turn. Just smell them [15, 50].–Як бори дигар чарх зан. Фақат бибӯяшон [15, 51].

Ҷумлаҳои содаи забони англисӣ тақрибан ҳамеша дутаркибаанд, вуҷуди мубтадову хабар ногузир аст. Аммо, ҷумлаҳои амрӣ дар ин забон метавонанд шакли яктаркиба дошта бошанд. Ҳазф гардидани мубтадо дар ҷумлаҳои амрӣ ҳодисаи маъмулӣ ба шумор меравад. Дар ҷумлаҳои амрӣ, азбаски сухан ба шахси дуюм равона мегардад, ба мавҷудияти мубтадо зарурат намемонад. Ҳатто зикр нагаштани мубтадо дар ин навъ ҷумлаҳо як навъ нишонаи сиғаи амрӣ маҳсуб мешавад. Дар дастурҳои забони англисӣ таъкид мекунанд, ки «... мо метавонем мувофиқи дастур фоилро зикр намоем ё не. Баъзан зикр гардидани фоил мувофиқ меафтад ва ифодаи таъкидро бештар мегардонад. Аммо, баъзан зикри фоил ҷумларо муғлақ мегардонаду белатофат ва ҳатто даҒал» [14, 265]. Дар забони тоҷикӣ хабари ин навъи ҷумлаҳо одатан дар шахси дуюми шумораи танҳо ва ҷамъ меояд. Дар баробари ин, дар ҷумлаҳои амрии забони тоҷикӣ гоҳо муроҷиат ба шахси дуюм тааллуқ дошта бошад ҳам, хабар дар шаклҳои танҳову ҷамъи шахси сеюм меояд. Дар ин сурат «фармону супориш ба шахси дуюм бевосита, вале ба шахси сеюм бавосита ба амал меояд, воситаи байни шахси якуму сеюм шахси дуюм ба шумор меравад» [3, 217]. Мисол:

Падару акаҳои маро гардонда биёранд (Раҳим Ҷалил). Ҳеҷ кас дар идора наистад (Юсуф Акобиров).

Ҷумлаи хитобӣ. Гӯянда гоҳе матлабро бо ҳиссиёт, бо ҳаяҷон, бо оҳанги нидову хитоб ифода менамояд. Дар навишт барои нишон додани чунин хусусияти ҷумла дар охири он аломати хитоб мегузоранд. Чунин ҷумлаҳоро ҷумлаҳои хитобӣ меноманд. Ҳамагуна ҷумлаи сода дар забони тоҷикӣ, чи ҷумлаи ҳикоягӣ, чи саволӣ ва чи амрӣ дар сурати бо эҳсос ва нидову хитоби махсус талаффуз гардидан метавонад ба ҷумлаи хитобӣ табдил ёбад. Бинобар ин, ҷумлаҳои хитобиро дар забони тоҷикӣ ба ду гурӯҳ ҷудо кардаанд: а) ҷумлаҳои хитобии аслӣ ва б) ҷумлаҳои ҳикоягӣ, амрӣ ва саволии ба хитобӣ табдилёфта [4, 62].

Ҷумлаҳои хитобӣ дар забони англисӣ низ мустаъмаланд ва айнан он хусусиятҳоеро дороанд, ки дар ҷумлаҳои хитобии забони тоҷикӣ ҳаст.

But what a fish to pull like that [15, 56].–Аммо, чӣ моҳиест чунин сахт мекашад! [15, 57].

Come on hand. Please come on [15, 78].–Ку, даст, ҳаракат кун! Илтимос, ҳаракат кун! [15, 79].

"What kind of a hand is that," he said. "Cramp then if you want. Make yourself into a claw. It will do you no good" [15, 72].

– Чӣ даст аст ин аз барои Худо,-гуфт ӯ.–Шах шав, карахт шав агар хоҳӣ! Ба панҷаи мург бадал шав! Аздусар нафъе бароят нахоҳад дошт! [15, 73].

Дар матни овардашуда ҳам ҷумлаи саволӣ ва ҳам ҷумлаҳои амрӣ, ки бо оҳанги ҳаяҷономез (аз тарафи пирамард ба моҳӣ) гуфта шудаанд, ба ҷумлаҳои хитобӣ табдил шудаанд.

Ғайр аз ин, дар дастурҳои муосири забони англисӣ таъкид гардидааст, ки танҳо ҷумлаҳои ғайрисаволие, ки бо вожаҳои *how* ва *what* оғоз мегарданд, ҷумлаҳои хитобӣ шуда метавонанд [14, 266], ба мисли:

How lovely your eyes are in the moonlight! [14, 266]. What a beautiful day this has been! [14, 266].

Агар ин нуқтаи назарро ба инобат бигирем, аксари ҷумлаҳои хитобии забони тоҷикӣ дар забони англисӣ муодили ҷумлаҳои ҳикоягӣ мешаванд.

Дар маҷмӯъ, навъҳои ҷумлаҳои содаи забонҳои тоҷикӣ ва англисиро аз нигоҳи маъно, марому мақсад ва оҳанг ба шакли зер тасниф намудан мумкин аст:



Баъзе ифодаҳои ҳам тоҷикӣ ва ҳам англисие, ки дар ҷадвали мазкур истифода гардидаанд, аз қабили «ғайрихитобӣ», «хитобии ғайриаслӣ», «хабарии хитобӣ», «declarative-exclamatory», «interrogative-exclamatory» ва ғайра чун истилоҳ дар дастурҳо корбурд надоранд, аммо ин ҷо бо ин мафҳумҳои сохта кӯшиш намудем, ки умумият ва тафовути ин навъ ҷумлаҳоро дар забонҳои мавриди муқоиса то андозае нишон диҳем.

Хулоса, маълум мешавад, ки:

1. Таснифоти ҷумлаҳои сода аз рӯйи оҳанг, марому мақсад дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ асосан мувофиқат мекунанд. Дар ҳар ду забон ҷумлаҳои содаи хабарӣ, амрӣ ва саволӣ мустаъмаланд.

2. Дар ҳар ду забон ҷумлаҳои хабариву амриву саволӣ ба ҷумлаҳои хитобӣ табдил ёфта метавонанд. Аломатҳои китобат дар охири ин навъ ҷумлаҳо дар ҳар ду забон ягонаанд.

3. Тафовути асосӣ дар таснифоти ҷумлаҳои саволӣ ба назар мерасад. Ҷумлаҳои саволиро дар забони англисӣ вобаста ба иштироки аъзои ҷумла ба ҷумлаҳои саволии умумӣ ва махсус ҷудо мекунанд. Дар забони тоҷикӣ дар таснифоти ҷумлаҳои саволӣ фикри ягона вуҷуд надорад, гурӯҳе ҷумлаҳои саволиро ба хосса, риторикӣ ва водоркунанда ва гурӯҳе ба асливу ғайриаслӣ (риторикӣ) ҷудо менамоянд. Таснифоти дувум мантиқист.

4. Ҷумлаҳои саволии умумӣ ва махсуси забони англисӣ бо ҷумлаҳои саволии аслии забони тоҷикӣ мувофиқат менамоянд.

5. Ҷумлаҳои саволии ғайриаслӣ ё риторикӣ дар забони англисӣ корбаст мегарданд (Rhetorical Question), аммо дар дастурҳо чун ҷумлаҳои алоҳидаи саволӣ гурӯҳбандӣ намегарданд.

А Д А Б И Ё Т

1. Бархударов Л.С. Структура простого предложения современного английского языка / Л.С. Бархударов. – М.: Высшая школа, 1966. – 200 с.
2. Белоколоцкая С.А. Риторический вопрос в английском языке: автореф. дис. к-та фил. наук / С.А. Белоколоцкая. – Воронеж, 2005. – 20 с.
3. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик.. Ибора ва синтаксиси ҷумлаҳои содда / зери таҳрири Ш. Рустамов, Р. Ғаффоров. –Душанбе: Дониш, 1986. – Ҷ.2. – 372 с.
4. Камолиддинов Б. Наҳви забони тоҷикӣ / Б. Камолиддинов – Душанбе: Собириён, 2010. – 279 с.
5. Норматов М. Ҷумлаҳои сода дар забони адабии ҳозираи тоҷик / М. Норматов. – Душанбе: Маориф, 2001. – 184 с.
6. Норматов М. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Синтаксис / М. Норматов. – Душанбе: Матбуот, 2011. – 324 с.
7. Очеркҳо оид ба типологияи муқоисавии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ / П. Ҷамшедов [ва диг.]. – Душанбе, 1988. – 127 с.
8. Соҳибназарова Ҳ. Хусусиятҳои сохторӣ-семантикии ҷумлаҳои сода аз ҷиҳати маъновy мақсад ва оҳанг дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ / Ҳ. Соҳибназарова // Паёми ДМТ. Бахши филология 4/2. – Душанбе: Сино, 2012. – С. 117-120.
9. Туйғунов Н. Грамматикаи забони англисӣ / Н. Туйғунов, Ф. Сангинов. – Душанбе: Эр-граф, 2010. – 183 с.
10. Усмонов К. Грамматикаи назарии забони англисӣ / К. Усмонов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2009. – 185 с.
11. Шарифова Ф. Таҳаввули ҷумлаи содаи забони тоҷикӣ / Ф. Шарифова. – Душанбе: Офсет Империя, 2012. – 223 с.
12. Azar B.S. Understanding and using English Grammar / B. S. Azar . – USA: Prentice-Hall Regents, 1989. – 411 с.
13. Celce-Murcia M. The Grammar book / M. Celce-Murcia. – USA: 2011. – 655 с.
14. Strumpf M. The Grammar Bible / M. Strumpf, A. Douglas. – New York, 2004. – 489 с.
15. Ҳемингвей Э. Пирамард ва баҳр (бо забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ) / Э. Ҳемингвей. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 168 с.

КЛАССИФИКАЦИЯ ПРОСТЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЙ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ СЕМАНТИКИ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В данной статье кратко рассматривается классификация простых предложений с точки зрения семантики, интонации в таджикском и английском языках. Подтверждается, что классификация простых предложений в обоих языках в основном совпадает, но при этом в каждом языке есть свои особенности по отношению принадлежности предложений к каким-либо группам. Основная разница наблюдается в классификации вопросительных предложений.

Ключевые слова: предложение, простое предложение, повествовательное предложение, вопросительное предложение, вопросительные слова, побудительное предложение, восклицательное предложение.

CLASSIFICATION OF SIMPLE SENTENCES IN TERMS OF SEMANTICS IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

This article briefly discusses the classification of simple sentences with semantic point of view and the intonation in the Tajik and Russian languages. The classification of simple sentences in both languages is basically the same, but each language has its own characteristics but each language has its own characteristics, so sentences can belong in various group. The main difference is observed in the classification of interrogative sentences.

Key words: sentence, a simple sentence, declarative sentence, interrogative sentence, interrogative words, imperative sentences, exclamatory sentence.

Сведения об авторе: ***Х. М. Камолов*** – кандидат филологических наук, доцент кафедры истории языка и типологии Таджикского национального университета. Телефон: **907-72-47-06**

ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИЕ ЕДИНИЦЫ С НАЗВАНИЯМИ ДОМАШНИХ ЖИВОТНЫХ В ТАДЖИКСКОМ, НЕМЕЦКОМ И РУССКОМ ЯЗЫКАХ

К.Т. Гафарова
Российско-Таджикский (славянский) университет

Зооморфизмы, в силу своей лингвистической специфики (структура, семантическая ёмкость, эмоционально-экспрессивная окраска, национально - культурная особенность), представляют богатый и интересный материал для исследования проблемы отражения в языке человеческой жизни («картины мира»).

Мир человеком концептуализируется, воспринимается посредством слова-основной единицы языка, устойчивых словосочетаний.

Основным результатом реальной, естественной категоризации мира, быта, человека, его объектов является формирование в структуре лексико-фразеологического значения слова, словосочетания, национально-культурных коннотаций, которые специфичны для каждого языка и выступают как важнейшие составляющие отражения жизни языка.

Их исследование имеет огромное значение для создания антропоориентированных, лингвострановедческих словарей языковых стереотипов, экспрессивной лексики и фразеологии, для сопоставительного изучения лексико-фразеологических систем разных языков, теории и практики перевода.

Зоонимы в рассматриваемых языках отличаются образностью, потому что ассоциативные представления о животных и о растениях в различных языках не совпадают. Случаи совпадения имеются, но таковых не столь уж много. Они восходят либо к общему для сравниваемых языков источнику, либо являются следствием единого восприятия мира, сходных культурных, национальных и исторических традиций.

ФЕ могут возникать на основе образного восприятия действительности, отображающего обиходно-эмпирический, культурный и исторический опыт какого-либо языкового сообщества. ФЕ могут представлять собой осколки сказочных, мифологических, религиозных, литературных текстов. И вне зависимости от контекста обладают экспрессивностью, то есть наличием выразительной воздействующей силы, делающей речь более понятной, яркой и убедительной, сильнее воздействующей на человека.

Фразеологический пласт языка служит для экспрессивно-эмоциональной окраски нашей речи, способствуя характеристике и отображению отношений говорящего к объекту речи.

Сравнительно-сопоставительный анализ фразеологической системы русского, таджикского и немецкого языков имеет немаловажное значение, как для разработки общей теории фразеологии, так и для выявления общих деталей исследуемых языков.

Во фразеологическом составе таджикского, немецкого и русского языков выделяются различные исторические слои, неодинаковые по происхождению, характеру и объёму, которые выделены в две большие группы-исконные ФЕ и заимствованные из чужестранных языков.

Независимо от возникновения в фонде языка каждый фразеологизм имел конкретную сферу употребления с характерными для каждого чертами, особенностями.

Фактором, определяющим функционирование названий животных в составе фразеологических единиц и распространение этих фразем в речи носителей языка, является параллелизм животного мира и мира человека. На этой основе формируются ассоциации с образом животного, которые затем получают соответствующее языковое выражение. В основу ассоциативных связей между поведением человека и животного легли наблюдения людей в процессе реальной деятельности над различными видами и особями животных. Это позволяет предполагать, что характеристика человека, выражаемая с помощью ФЕ, определённым образом предопределена характером стержневого компонента, который соотносится с конкретной особью животного.

Большинство исследований лексико-семантической группы названий животных ограничивались каким-либо одним классом животных, чаще всего классом четвероногих и птиц.

Максимальной фразеологической активностью обладают названия домашних животных. Среди них есть названия крупного рогатого скота **(**конь, лошадь, корова, бык, осёл, верблюд), животных среднего класса (свинья, коза, овца, баран) и мелких (собака, кошка, крыса, мышь).

Одним из самых активных в группе домашних животных является зоокомпонент **гов–die Kuh - корова.** В таджикском языке этот стержневой компонент представлен в 8 ФЕ, в русском языке-в 26 ФФЕ, в немецком языке-в 10 ФФЕ. Многочисленность русских

ФФЕ с зоокомпонентом *корова* объясняется в большой степени важностью этого животного в любом крестьянском хозяйстве. Хотя корова в каждом народе символизирует быт и обеспечение жизни людей, а также доброе отношение людей к ней, тем не менее, проанализированный материал показывает обратное: большая часть ассоциативных признаков, связанных с данным зоонимом, имеет негативную окраску.

-русск.: ревёт как корова-сильно плачет;

как гульная корова - ведёт разгульный образ жизни (беспутная)

-тадж.: гови шохзан-бодливая корова;

гов барин истодан-глупая и т. д.

-нем.: wie die Kuh vor dem neuen Tor da (stehen)-стать в тупик; ничего не смыслить; уставиться как баран на новые ворота;

soviel davon verstehen wie die Kuh vom Sonntag-ничего не понимать; ни бельмеса не смыслить в чём-либо;

da müsste ja eine Kuh lachen-просто курам на смех; никуда не годится;

Межэтнические совпадения в характеристике коровы:

а) у русских: необходим хороший уход; глупый взгляд, когда смотрит на новый предмет; быстрое движение хвоста;

б) у таджиков: глупость, прожорливость, полнота;

в) у немцев: отсутствие осанки, хороший аппетит;

Ass: чрезмерная полнота, неуклюжесть, глупость.

Собранный нами материал наглядно демонстрирует наличие аналогичной семантики в немецких, таджикских и русских ФФЕ:

-русск.: как корова на льду-неуклюжая;

разъелась как дойная корова-располнела

-тадж.: гов барин хӯрдан-ест как корова, прожорливость; гови худои кори Мустафо-глупость; як ҷуфт гов-тупица; гови пир кунҷора хоб мебинад-голодной курице просо снится.

Дар вақти хӯрок гов барин мехӯрӣ… [1, 72].

Следует считать, что комплекс коннотативных характеристик русских ФФЕ со стержневым компонентом *корова* более разносторонен, чем в немецком и таджикском языках.

Зооним **саг (кучук, саги нар)-der Hund-собака** является одним из активных стержневых компонентов в формировании компаративных ФФЕ. Это объясняется тем, что она связана с жизнью и поведением самого близкого и преданного друга человека на протяжении нескольких тысячелетий. Анализ русских, таджикских и немецких компаративных ФФЕ с зоокомпонентом саг (кучук, саги нар)-der Hund-собака показывает, что в одних сравнениях нашло отражение актуальное представление: «*собака-друг человека*»**.**

-русск.: верный как пёс, ходить по пятам как собака;

-тадж.: саг барин вафодор, саги дар-верный как собака;

-нем.: treu wie ein Hund sein-быть преданным как собака;

aufpassen wie ein SchieЯhund–смотреть в оба, быть начеку.

А в других сравнениях, наоборот, произошло наложение образа домашнего животного на уже стершийся в современном сознании наших народов неприятный, резко отрицательный образ мифологического, злого и страшного существа, чем, в частности, можно объяснить обилие отрицательных коннотаций и затененность внутренней формы компаративных ФФЕ данной группы:

Русск.: убить как собаку; как собак нерезаных; собачья жизнь; собачий холод…

Тадж.: саг барин мурдан–умереть, как собака; собачья жизнь; саг барин зиндагӣ кардан; кучук (саг) барин аккос задан–(буквально–кричать, как собачий лай).

Нем.: auf dem Hund sein–бедствовать, терпеть крайнюю нужду; blцder Hund!–бранное: Собака! Пес!

Frieren, wie ein junger Hund–мёрзнуть, дрожать от холода как щенок;

vor die Hunde gehen–пропасть, погибнуть, разориться; auf den Hund kommen–опуститься, стать подобием собачьего положения (о человеке).

В русском языке к данному фразеологическому гнезду относятся еще три зоонима: **кобель, щенок, лайка.** Стержневой компонент *кобель* привносит в значение компаративных ФФЕ не только отрицательную оценочность, но и ярко выраженный грубовато-просторечный оттенок: пристал, как *кобель*–о сексуальных домогательствах; брехать, как *кобель;* хвостом махать–лгать, обманывать. Аналогично в таджикском языке слово *ранчир* (самец собаки)–символизирует женщин-проституток (гулящих).

В немецком языке о плохих мужчинах говорят:

Er steckt voller Unarten wie der Hund voll Flцhe–он полон всякой дряни (т.е морально нечистоплотен);

Es nimmt kein Hund ein Stьck Brot von ihm–его ни одна собака знать не хочет;

Er schьttet es ab wie der Hund den Regen–как с гуся вода;

Mit allen Hunden gehetzt sein–прошел огонь и воду;

Alter Hund–старый пёс;

Bekannt sein, wie ein bunter Hund–его все собаки знают; его знают как облупленного (т.е. как нехорошего человека, с плохой стороны).

В немецком просторечье можно услышать и такие выражения со стержневым компонентом **собака** с отрицательной мотивировкой в адрес человека (т.е. отрицательно характеризующей внутренние качества человека, его натуру): *Die Hundeschnauze*–собачья морда; *Die Hundenase*–собачий нюх.

Kalt, wie eine Hundeschnauze sein–быть холодным, равнодушным, безучастным, бездушным.

Das ist unter allem Hund – это ниже всякой критики и др.

Таким образом, в сопоставляемых языках, особенно в русском, компаративные ФЕ с зоокомпонентом **саг–der Hund-собака** представляют самые разнообразные коннотативные характеристики: верность, преданность, терпеливость, бедствие, одиночество, хитрость, наглость, злость, осторожность, нечистоплотность, шлюшество, усталость, преодоление невзгод, быстрота, бесчувственность и т.п. качества.

Формирование индивидуального значения исследуемых фразем происходит на основе различных видов сем из лексического значения зоонима, отражающих характерные свойства животных:

Тадж.: *гург туро хӯрад; мор туро газад; забони касеро ору газидан; забони касеро ғунда газидан.*

Русск.: *пёс тебя возьми, еж вас наколи; собака на сене–аз хирс мӯе; гови худою хари Мустафо–виноватый вид; азоби сагро кашидан–замученный жизнью человек; забони касеро ору газидан–неразговорчивый; як пои гӯсола шудан–помочь кому-либо в беде; (дословно: помочь хромой собаке взять барьер); мурғи давлат аз сари касе парида рафтан–стать нищим.*

В исследуемых языках, коннотативная характеристика компаративных ФЕФ с зоокомпонентом **гӯсола–das Kalb-теленок** хотя очень редко, но совпадает. Так, для таджиков и русских ***гӯсола***–олицетворение незлобивости, доверчивости, ласки, что подтверждают следующие примеры:

Тадж.: *гӯсола барин аз қафо рафтан*-тихий как телёнок**,** ласковый как телёнок; *гӯсолаи нагз ду очая мемакад*–ласковый телёнок две мамы сосёт, а упрямый ни одной; *гӯсолаи шуданиро аз поякаш маълум*–хорошего телёнка видно по ногам (аналогично: птицу видать по полёту)

Однако, в сопоставляемых языках, образом *телёнок* выражаются отрицательные черты характера человека, например, сравним следующие компаративные ФЕФ с зоокомпонентом *телёнок:*

Тадж.: *гӯсолаи аъло* (буквально: слепой телёнок)-белая ворона;

Русск.: *смотреть как телёнок на железную дорогу (смотреть глупо, ничего не понимая); обычай бычий, а ум телячий.*

Тадж.: *гӯсолаҳо гов шаванд, ҷигарҳо хун шаванд*–пока телята станут коровами, сердца кровью обольются–русская аналогия: детушек воспитать–не курочек перещипать.

Тадж.: *гӯсолаи рихин подаро меолонад*–один паршивый телёнок все стадо пачкает (от пакости одного злодея сорок кварталов разрушается).

В немецком языке так же встречается немало выражений, фразем, несущих отрицательное значение в характеристике человека, в его действиях, поступках:

Das Kalb austreiben–резвиться без удержу, дурачиться, беситься;

Das Kalb beim Schwanze nehmen–делать что-либо шиворот навыворот;

Das Kalb ins Auge schlagen–задеть за живое, обидеть кого-либо, оскорбить;

Das goldene Kalb anbeten–поклоняться золотому тельцу;

Mit fremden Kalb pflьgen–чужими руками жар загребать;

Das Kalb will klьger sein, als die Kuh–пословица: яйца курицу не учат;

Wer ein Kalb stiehlt , stiehlt eine Kuh–пословица: кто совершает мелкие кражи, тот способен и на крупные. Буквально: кто может украсть теленка, украдет и корову.

Проанализировав символические признаки, положенные в основу сравнительных фразеологизмов таджикского, русского и немецкого языков, с зоонимом **хук–das Schwein-свинья**, можно согласиться с тем мнением, что это животное могло бы быть эталоном

почти всех человеческих пороков и недостатков–подлости, низости, прожорливости, непорядочности, пьянства, чрезмерной полноты, неприятности, неряшливости, грязи, глупости, неблагодарности и т.п. Не зря в русском языке есть компаративная идиома *поступить как свинья (по-свински)* со значением *поступать подло, низко,* т.е. *не по-человечески.* А у самого зоонима **свинья** отмечено переносное значение–тот, кто поступает низко, подло (СРЯО, 574).

В ФЕФ исследуемых нами языков представлен разнообразный спектр более конкретных коннотативных характеристик–тождественных и специфических. Например, в таджикских, немецких и русских компаративных ФЕФ присутствуют коммунатации «прожорливость», «чрезмерная полнота», «неопрятность», «непорядочность», «пьянство», «грязнота», «неблагодарность», хотя в рамках данного внешнего сходства обнаруживаются и некоторые различия в конкретно языковом воплощении данных характеристик. Так, в ФЕФ со стержневыми компонентами приведенного фразеологического гнезда в исследуемых языках наблюдается их неравномерность по коннотативным характеристикам: сема «неприятность», например, присутствующая в значении шести русских компаративных ФЕФ: «вываляться как свинья», «ходить как свинья», «грязный как свинья / поросёнок», «зарыться, что свинья в навоз», «хорош как свинья в дождь», «в ушах как свиньи спали», в таджикском языке представлено всего только двумя компаративными ФЕФ: *хук барин фарбеҳ шудан, хук барин хоб рафтан (в грязи); ср.: «наряди свинью хоть в серьги, а она все равно в грязь пойдет».*

Рассмотрим компаративные ФЕФ сравниваемых языков с данным компонентом-зоонимом, объединенным коннотативной характеристикой «ограниченность», «глупость»: «сера, что свинья»-о ком-либо недалеком, ограниченном, обычно о женщине, ироническое «умна как попова свинья»-очень глупая, недалекая женщина; «глуп как свиной пуп»-очень глупый: иронически «разбирается как свинья в апельсинах» - «ничуть, нисколько не разбирается».

Нем.: *das frisst kein Schwein*-сам чёрт не разберёт (что к чему);

Wo haben wir zusammen Schweine gehьtet?–мы что, вместе свиней пасли?, Мы что, под одним солнцем портянки сушили?

В немецком языке зоокомпонент *das Schwein* имеет не только негативную, но и позитивную окраску, например: *Schwein haben* - иметь удачу.

Выразительность целого ряда русских, таджикских, немецких сравнений достигается за счет алогичности компаративных отношений, положенных в их основу. Эти ФЕФ содержат так называемую «формулу невозможности», в них семантика при позитивной части несовместима со значением собственно-сравнительной части компаративизма [3, 114]. К таким фразеологизмам типа «в апельсинах» и другим фразеологическим компаративным оборотам в компаративных ФЕФ можно отнести русский оборот *«разбираться как свинья»* в сравниваемых языках, построенным по этой же структурно-семантической модели.

В целом же можно сказать, что русские компаративные ФЕ с зоокомпонентом *«свинья»* ассоциативно и структурно более разнообразны, чем немецкие и таджикские.

Как видно, использование одного и того же зоонима в устойчивых сравнениях двух, даже близкородственных, языков не определяет их тождество, так как говорящие на этих языках народы могут представлять данное животное носителем разных качеств.

Для большинства народов, в том числе немецкого и русского, **хар-der Esel–осёл** олицетворяет глупость и тупое упрямство. Этот обычай пришёл со времён средневековья: «…слово *осёл* было богато отрицательными ассоциациями и в древнюю пору». [2, 66]. Хотя в библейских сказаниях *осёл* представлен как почтенное животное, воплощение трудолюбия и выполнения тяжелой работы, потому что в странах Ближнего и Среднего Востока он является основным тягловым и транспортным домашним животным. В Библии *ослу* дана положительная характеристика. Христос избирает *осла* для своего торжественного въезда в Иерусалим. Казалось бы, с образом *осла* должны быть связаны только положительные коннотации.

В исследуемых нами языках данный зооним встречается в восьми ФЕ: *«упрямый как осёл», «упёрся как ишак», «глуп как осёл», «идёт как навьюченный ишак»,* т. е медленно с тяжелой ношей, *«нагруженный как осёл».*

В немецком языке мы встретили примерно полтора десятка выражений с зоонимом *осёл,* олицетворяющим отрицательную характеристику (оценночность). Например:

jemanden auf den Esel setzen (bringen)-вывести из терпения, сильно рассердить;

vom Pferde auf dem Esel (herunter) kommen-променять сапоги на лапти; обеднеть, опуститься;

um des Esels Schatten zanken-судить о пустяках, спорить о том, что выеденного яйца не стоит;

er findet den Esel nicht, auf dem er sitzt-не видеть у себя под носом;

er passt dazu wie der Esel zum Lautenschlagen -ничего в этом деле не смыслить; (букв.: Он годится для этого, как **осёл** для игры на лютне);

wenn dem Esel zu wohl ist, geht er aufs Eis tanzen -пословица: Кому слишком везёт, тот голову теряет;

was tut der Esel mit der Sackpfeife - (об абсурдном) - пришей кобыле хвост;

ein Esel in der Lцwenhaut - осёл в львиной шкуре (о глупце, напускающем на себя важный вид);

unser Herrgott,s Esel -иронич.: олух царя небесного;

jemanden zum Esel machen - дурачить кого-либо; (в тадж.ахмаг кардан)

wer sich zum Esel macht, muss Sacke tragen -пословица: Дураков работа любит; (букв.: Назвался **ослом**, так и таскай мешки);

das hieЯe den Esel griechisch lehren -Это всё равно, что **осла** грамоте учить;

ein Esel schimpft den andern Langohr -один стоит другого; вор у вора дубинку украл - тадж.: буз гӯсфандба хандидаст.

В русской разговорной речи можно услышать фразеологизм «устать как сто **ослов**» - так можно сказать об очень много работавшем человеке. В целом, можно отметить большую «известность» образа *осла* в немецком, русском и таджикском языках, легко объяснимую особенностями месторазвития данного зоонима, и, в связи с этим, многообразие и нюансированность ассоциативных признаков, с ним связанных.

Как видно, отдельные коннотативные характеристики рассматриваемых фаунистических ФЕ не совпадают, что ещё раз подтверждает мнение современных фразеологов о большой культурно - национальной значимости фразеологических единиц.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Айнӣ С. Дохунда / С.Айнӣ. - Душанбе, 1980. - С.70-79.
2. Маджидов Х. О заимствовании фразеологических единиц из русского языка в таджикский / Х. Маджидов // Рус. яз. и лит. в тадж. шк. - Душанбе, 1981. - №2. - С. 20-23.
3. Ройзензон Л. И. Современные аспекты изучения фразеологии / Л. И.Ройзензон, Ю. Ю. Авалиани // Проблемы фразеологии и задачи её изучения в высшей и средней школе. - Вологда, 1967. - С. 87-93.
4. Wotjak Barbara. Sage und schreibe / Barbara Wotjak, Manfred Richter // Deutsche Phraseologismen in Theorie und Praxis. VE, Leipzig. – Berlin: Mьnchen, 1993. - S.258.

ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИЕ ЕДИНИЦЫ С НАЗВАНИЯМИ ДОМАШНИХ ЖИВОТНЫХ В ТАДЖИКСКОМ, НЕМЕЦКОМ И РУССКОМ ЯЗЫКАХ

В статье рассматриваются семантические особенности фаунистических фразеологических единиц в немецком, русском и таджикском языках. Объектом исследования являются фаунистические ФЕ, связанные с названиями домашних животных. Фразеологизмы с зоонимами широко употребляются в разговорной речи во всех трёх языках. Довольно часто зооним во фразеологизме олицетворяется с человеком. Это говорит о том, насколько тесно человек связан с животными.

Ключевые слова: фразеологизм, зооним, зооморфизм, фразеологические единицы, домашние животные, сравнительно-сопоставительный анализ, фразем.

PHRASEOLOGICAL UNITS WITH THE NAMES OF PETS IN TAJIK, RUSSIAN AND GERMAN LANGUAGES

The article deals with semantic faunistic features of phraseological units in German, Russian and Tajik languages. Object of research are faunal FE, associated with the names of Pets. Idioms with zoonyms are widely used in colloquial speech in all three languages. Quite often, the speech both in a phraseological unit is personified with the person. This suggests how closely people are connected to animals.

Key words: phraseological unit, the speech both, zoomorphism, phraseological units, Pets accepted, comparative analysis, razem.

Сведения об авторе: ***К.Т. Гафарова*** – кандидат филологических наук, доцент, заведующая кафедрой иностранных языков Российско-Таджикского (славянского университета). Телефон: **907-97-59-77**

ВОҲИДҲОИ ГРАММАТИКИИ ХОССИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ВА ХУСУСИЯТИ ТАРҶУМАИ ОНҲО БА ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Ф.М. Турсунов

Донишгоҳи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улугзода

Тарҷумашиносии тоҷик дар давраи кунунии инкишофи забоншиносӣ диққати ҷиддии мутахассисони соҳаро ба худ ҷалб кардааст. Чӣ тавре ки тарҷумашиноси маъруфи Ғарб мегӯяд, «Назарияи хуб ба иттилое такя мекунад, ки аз амалия гирифта шудааст. Амалияи хуб ба назарияе, ки эҳтиёткорона коркард шудааст, такя мекунад –

ҳарду вобастагии мутақобила доранд» [1, 130]. Дар ҳоле ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мамолики дунё дар муносиботи мустақими ҳамаҷониба қарор дорад ва ба тарҷумонҳои соҳибкасби забонҳои мухталиф, бахусус забони англисӣ, ниёз дорад, таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудан ба тадқиқоти махсус ҷиҳати инкишофи илм ва фанни мазкур тақозои замон ва амали саривақтист.

Яке аз мушкилиҳои асосӣ ҳангоми тарҷума аз забони англисӣ ин мавҷуд набудани як зумра воҳидҳо ва категорияҳои грамматикии он дар забони тоҷикӣ мебошад. Дар ҳақиқат, шаклу сохторҳои гуногуни грамматикӣ мавҷуданд, ки хоси забони англисӣ мебошанд.

Ҳадаф аз навиштани мақолаи мазкур муайян ва таҳлил намудани воҳидҳои грамматикии забони англисӣ, ки дар забони тоҷикӣ муодил ё худ баробарҳои бевоситаи худро надоранд ва ҳангоми тарҷума метавонанд тарҷумонро ба мушкилиҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ кунанд, мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки мавҷуд набудани категорияҳои грамматикии «ҳамном» дар забонҳои мухталиф маънии ҳалнопазирии масъалаи тарҷумаро дар ин ё он ҳолат надорад, зеро ҳангоми тарҷума сухан дар бораи тарҷумаи шакли грамматикӣ нарафта, бояд маънӣ ва вазифаҳои чунин воҳидҳо ба назар гирифта шаванд, то тарҷума комил барояд. Бинобар ин, «тарҷумаи ин ё он воҳиди грамматикии бемуодил бояд аз таҳлили семантикӣ ва функсионалии онҳо оғоз гардад» [2, 40].

Яке аз падидаҳои грамматикии барҷастатарини хосси забони англисӣ, ин артиклҳои муайянӣ ва номуайянии «the» ва «a (an)» мебошанд. Ҳарчанд, дар забони тоҷикӣ категорияи муайянӣ / номуайянии исм вуҷуд дорад (артикли «е» ва воситаҳои дигар), тарзи корбарӣ ва ҷиҳати функсионалии ин категория дар ҳарду забон ба куллӣ фарқ мекунад. Ҳангоми тарҷума аз забони англисӣ на дар ҳамаи мавридҳо барои «the» ва «a (an)»-и забони англисӣ истифодаи артикл лозим меояд. Аз артикли «the» дар аксари мавридҳо ҳангоми тарҷума сарфи назар карда мешавад: On **the** surface it did not seem likely that Franklin Delano Roosevelt would grow up to change **the** world [3,9]. Зоҳиран ба назар намерасид, ки Франклин Делано Рузвелт ба воя расида, ҷаҳонро тағйир медиҳад; You may address me as the Count Von Kramm, a Bohemian nobleman [4, 9].–Пиндоред, ки ман граф фон Крамм, дворянини Богемия ҳастам [5, 58].

Артикли «a (an)» ҳамчун ифодакунандаи мафҳуми номуайянӣ ҳангоми тарҷума ба забони тоҷикӣ устувортар буда, мавридҳое ҳастанд, ки дар матни тарҷума бояд нигоҳ дошта шавад ва инчунин дар баъзе ҳолатҳо аз он низ сарфи назар карда мешавад. Масалан: **The** front room was plainly furnished as **a** sitting-room, and led into **a** small bedroom, which looked out upon **the** back of one of **the** wharves [4, 135].–Даҳлез шакли меҳмонхонаро дорад, дар шафати хонаи хоби начандон калон воқеъ гардидааст, ки тирезаи он ба майдони пушти яке аз верфҳо (ҷои таъмири киштиҳо) кушода мешавад [5, 86]. Аз ин ҷумла маълум мегардад, ки ҳар ду артикл ба матни тарҷума нагузаштаанд ва маънои грамматикии онҳо аз муҳтавои матн равшан аст. Чунон ки қайд гардид, ҳолатҳое мавҷуданд, ки артикли «a (an)» нигоҳ дошта мешавад, зеро дар забони тоҷикӣ баробари худро дорад: I leave **a** photograph which he might care to possess, and I remain, dear Mr. Sherlock Holmes, very truly yours, Irene Norton,nee Adler [4, 27].–Ман дар ин ҷо расми дигаре**ро** мемонам, ки шояд онро эҳтиёт кардан ба вай гуворо бошад ва Мистер Шерлок Холмси азиз, каминаи камтарини шумо Ирэн Нортон, зодаи Адлер [5, 75].

Ба ҳолатҳои махсуси истифодаи артикли «a (an)» низ бояд таваҷҷуҳ кард. Дар мавридҳои ҷудогона он бо исмҳои хос омада, ба ин ё он хонавода тааллуқ доштани шахсро ифода мекунад. Ҳангоми тарҷума маҳз ба ҳамин маънӣ бояд таваҷҷуҳ кард. Мисол: “I am a Roosevelt”, she informed the doctor [3, 21].–«Ман аз Рузвелтҳо ҳастам», духтурро огоҳ кард ӯ.

Маҳз ба хотири он ки артиклҳои «the» ва «a (an)» дар аксари мавридҳо ба забони тоҷикӣ намегузаранд, бо вуҷуди ҳолатҳои ҷудогонаи истифодаи артикли «a (an)», онҳоро воҳидҳои грамматикии хосси забони англисӣ пиндошта, ба гурӯҳи воҳидҳои грамматикии бемуодил дохил кардан мумкин аст.

Гурӯҳи дигари шаклҳои хосси грамматикаи забони англисӣ, ин қолабҳои мухталифи масдарии он мебошад. Чун масдар дар забони англисӣ серистеъмол ва дар ҷумла вазифаҳои синтаксисии гуногунро иҷро менамояд, тарҷумонро низ дар раванди тарҷума ба мушкилиҳои зиёд рӯ ба рӯ мекунад. Бинобар ин, ҳангоми тарҷумаи ҷумлаҳо бо чунин сохторҳо аввал гузаронидани таҳлили синтаксисӣ ва муайян намудани вазифаи масдар дар ҷумла ба мақсад мувофиқ аст, зеро сухан дар бораи тарҷумаи худи масдар нарафта, барои тарҷума вазифаи синтаксисии он муҳим аст. Баъд аз муайян гардидани функсияи синтаксисии масдар онро дар забони тоҷикӣ ё бо масдар ё бо ҳар кадоме аз ҳиссаҳои нутқ дар вазифаи мувофиқи он маврид

метавон тарҷума кард. Мисолҳо: Let me introduce you to Mr.Merryweather, who is **to be** our companion in to-night's adventure [4, 47].–Агар вазифаи масдари «**to be»-**ро дар ҷумла муайян кунем, он ҷузъи хабари номиро дар ҷумлаи пайрави муайянкунанда ташкил медиҳад. Тарҷумаи таҳтуллафзии он чунин аст: *Иҷозат диҳед шуморо ба Ҷаноби Мерруэзер, ки дар саргузаштҳои имшабаи мо бояд шарик бошанд, муаррифӣ намоям*. Вобаста ба контекст ҷумлаи мазкур метавонад шаклҳои дигар низ дошта бошад ва дар навбати худ, масдар низ метавонад шакли дигар гирад: *Иҷозат диҳед шуморо ба Ҷаноби Мерруэзер, ки дар саргузаштҳои имшабаи мо шарик хоҳанд буд, муаррифӣ намоям. Ё ин ки мисол аз тарҷумаи асари бадеӣ: «Иҷозат диҳед шуморо бо мистер Мерриуэзер шинос кунам. Мистер Мерриуэзер низ дар шикори шабонаи мо* ***иштирок мекунанд»*** [5, 20]. Мисоли дигар: Yes. We had occasion some months ago **to strengthen** our resources, and borrowed, for that purpose, 30,000 napoleons from the Bank of France [4, 50].–Ҳа. Якчанд моҳ пеш аз ин ба мо **пули зиёдатӣ лозим шуда монд** ва мо аз бонки Франция сӣ ҳазор наполеондор қарз гирифтем [5, 22]. Дар ин ҷумла маъноии масдари «**to strengthen (**resources)**»,** ки ҳамчун муайянкунандаи исми «occasion» мафҳуми заруратро ифода мекунад, дар забони тоҷикӣ бо таркиби «пули зиёдатӣ лозим шуда монд» ифода гардидааст.

Масдар дар таркиби «in order to» ҳамеша ба маънии мақсад меояд: I must remember **to eat** the tune before he spoils **in order to keep strong** [6, 48].–Ман бояд **хӯрдани моҳиро** пеш аз вайрон шуданаш фаромӯш накунам, **то ки бемадор нагардам**. Масдари аввал ба вазифаи пуркунанда ва масдари дуюм, чунон ки дар боло ишора рафт, ба вазифаи ҷумлаи пайрави мақсад истифода шудааст.

Албатта, ҳолатҳое низ мавҷуданд, ки масдар бо масдар ифода меёбад: **To fulfil** this plan is not an easy task [7, 338].–Иҷро кардани ин нақша кори осоне нест. Вале дар ҳар сурат, тарҷумаи масдар ва таркибҳои масдарии забони англисӣ ба забони тоҷикӣ аз вазифаи синтаксисии онҳо вобастагӣ дорад.

Гурӯҳи дигари воҳидҳои грамматикии «мушкилсозро» ба истилоҳ «absolute constructions» -«сохторҳои мутлақ» ё худ ибораҳои мустақили забони англисӣ ташкил мекунанд. «Absolute constructions» сохтори грамматикии забони англисие мебошанд, ки аз муносибатҳои меъёрӣ ё муқаррарии синтаксисии дигар калима ё унсурҳои ҷумлаи мустақил мебошанд ва аъзои тафсилёфтаи ҷумла буда, предикатсияи дохилии худро дорад [8, 66]. Тарҷумаи сохторҳои «absolute constructions» ба забони тоҷикӣ вобаста ба маънӣ ва мухтавои ҷумла бо истифода аз ҷумлаҳои пайрави ҳол (сабаб, мақсад, замон ва ғ.), ибораи феълиҳолӣ, ҷумлаи мураккаби пайваст ва ҷумлаи мустақил тарҷума карда мешаванд.

Мисолҳо: 1. ***The room being too small****, we moved to a large one* ***–азбаски утоқ хеле хурд буд****, мо ба утоқи калонтар гузаштем (сабаб). 2. Bryce-Green was sitting,* ***with cigar held out and mouth a little open*** [9, 82] *–Брайс-Грин* ***сигор дар даст ва бо даҳони андаке*** *боз менишаст* (тарзи амал). 3. The sea **being very calm,** I kept a large offing to make this point [10, 34]. -**Ҳаво ором буду** ман зимоми киштиро ба сӯи баҳри калон гардондам, ки аз пеши димоға чарх зада гузарам (ҷумлаи мураккаби пайваст) [11, 25].

Ибораи мустақил бо пешоянди «with» низ дар забони англисӣ хеле маъмул аст: The first thing I made of these was a great *cap* for my head, **with the hair on the outside**, to shoot off the *rain* [10, 149]. -Ман, аз ин рӯ, аввал ба худ кулоҳе дӯхта гирифтам, ки **рӯйи мӯйинааш ба берун буду** аз борон боке надошт (ҷумлаи пайрави муайянкунанда) [11, 91].

Роҳи осони тарҷумаи ин гуна сохторҳо ин аст, ки дар забони англисӣ иддае аз ибораҳои мустақилро дар сурати гуногун будани мубтадои сарҷумла ва ҷумлаи пайрав, ба шакли ҷумлаҳои пайрави ҳол баргардондан мумкин аст. Баъд аз барқарор кардани шакли ҷумлаи пайрав роҳи тарҷума боз мешавад. Масалан, ҷумлаи якум, ки сарҷумла ва ҷумлаи пайрави он мубтадоҳои гуногун доранд, метавонад шакли зеринро низ дошта бошад: Since the room was too small…; Вақте ки сарҷумла ва ҷумлаи пайрави чунин сохторҳо як мубтадо доранд, тарҷума қолаби тарҷумаи мисоли дуюмро мегирад. Дуруст шинохтан ва ташхис кардани ин сохтор дар дохили ҷумла низ барои интихоби дурусти роҳи тарҷума мусоидат мекунад.

Дар забони англисӣ баъзе сохторҳое ба назар мерасанд, ки на танҳо тарҷумаи онҳо, балки дарки онҳо низ мушкил аст. Дар сурати хуб фаҳмидан ва ташхис додан, бо роҳҳои маъмулӣ метавон тарҷумаи онҳоро анҷом дод. Ин гурӯҳ «Causative constructions» -ибораҳои каузативӣ ном дорад ва сохтори синтаксисии забони англисӣ мебошад, ки шахсеро ба иҷрои амале водор месозад. Ҷумлаҳо бо ин гуна сохторҳо бо феълҳои «to make», «to force», «to cause», «to have», «to get» таркиб меёбанд. Мисолҳо: *1. If you could try and get her to talk* [12]. *–Агар шумо метавонистед саъй кунед ва ӯро ба гап дароред*. 2. *Her mother made herself responsible for his education* [3, 9]. *–Модараш худро барои таҳсилоти ӯ масъул мекард*. 3. *It was she who first got him*

interested in stamp collecting, bird watching and natural history [3, 11]. *–Маҳз ӯ буд, ки вайро ба ҷамъоварии муҳру нишонҳо, мушоҳидаи паррандаҳо ва табиатшиносӣ шавқманд карда буд.*

Маънии «водор кардан ба амал» дар забони англисӣ, бо истифода аз қолаби зерин низ ифода меёбад: Verb+smb+to/into/out of+smth (or doing smth.): to talk somebody into/out of something –касеро ба иҷро кардани/накардани коре розӣ кардан; to laugh somebody out of a habit –касеро бо масхара аз иҷрои коре даст кашондан.

Сохтори дигари грамматикии забони англисӣ, ки ба тарҷумон ба осонӣ даст намедиҳад, ин ба истилоҳ ибораҳои қиёсӣ мебошанд. Онҳо бо ҷонишинҳои номуайянии «any», «anybody», «anything» ва зарфҳои «ever», «anywhere» баъд аз «as…as» ифода ёфта, маъмулан дараҷаи олии сифатро мефаҳмонанд, на муқоисаро. Ташхис додани онҳо дар матни забони англисӣ душвор аст, зеро омехта кардани он бо таркибҳои монанд ва дорои маънои муқоиса саҳл аст. Мисолҳоро дида мебароем. 1. The Senator knew common and criminal law, as well as any citizen of his State [13, 20] - Сенатор ҳуқуқи оддӣ ва ҷиноятиро, эҳтимолан, аз шаҳрвандони Штати худ дида беҳтар медонист. Тарҷумаи «мисли ҳар шаҳрванди Штати худ хуб медонист» нодуруст аст. 2. In 1891, it was a flourishing institution, perhaps less restrictive than before, but still as smart and aristocratic as any club in London [9, 74]. - Дар соли 1981 ин, шояд, муассисаи пешрафтаи аз гузашта кушодатар, вале ҳамоно аз ҳама боҳашаматтарин ва ашрофонатарин будааст. Тарҷумаи «… вале ба мисли ҳар клубе дар Лондон ҳамоно боҳашамат ва ашрофона будааст» нодуруст аст. Ташхиси ин гуна сохторҳо мушкил буда, маъмулан хонанда ё тарҷумон онҳоро бо қолабҳои оддии муқоиса омехта мекунад. Масалан: *I was not so much surprised with the lightning, as I was with a thought which darted into my mind* ***as swift as the lightning itself****!* [10, 67]. *Ман аз раъду барқ он қадар дар ҳайрат набудам, зеро дар майнаам фикре доштам, ки* ***мисли ҳамон раъду барқ*** *тез ба сарам зада буд.* Дар ин ҷумла мо муқоисаи оддиро мушоҳида мекунем. Ҷумлаи мазкур дар тарҷумаи тоҷикии асар варианти бисёр ҷолибе дорад: *Дар ин ҳеҷ ҷои ҳайрат набуд ва ман аз худи раъду барқ хавфу ҳаросе надоштам, балки андешаи дигаре маро сахт ба изтироб андохт, ки* ***аз барқ тезтар ба майнаам таъсир кард*** [11, 44]. Дар тарҷума на шакли тарҷумаи мавриди баррасии мо, яъне дараҷаи олии сифат, на қиёси маъмулӣ ба мушоҳида нарасида, балки шакли дигар, дараҷаи қиёсии сифат истифода гардидааст, ки ин натиҷаи кори тарҷумони бадеӣ аз назари обуранги бадеӣ ва таҳвияти фикру маънӣ роиҷ аст. Дар ҷумлаи зерин муқоиса хеле возеҳ ба назар мерасад: He (Roosevelt) was sixteen and to Eleanor he looked **as handsome as a matinee idol** in his evening clothes [3, 34].–Ӯ (Рузвелт) шонздаҳсола буд ва бо либоси шомгоҳиаш ба назари Элианор **мисли ҳунарпешаи маъруфу маҳбубе** хушқадуқомат менамуд.

Барои роҳ надодан ба иштибоҳ ҳангоми тарҷумаи қолаби номбурдаи грамматикаи забони англисӣ барои ифодаи маънии дараҷаи олии сифат ба ду нукта таваҷҷуҳ кардан ба мақсад мувофиқ аст: 1) аз назари шакли зоҳирии ин қолаб, яъне дар таркиби «as…as» баъд аз «as»-и дуюм истифода шудани калимаҳои «any», «anybody», «anything» ва зарфҳои «ever», «anywhere» ва 2) дуруст фаҳмидани маънои таркибҳо аз рӯйи матн. Дар сурати набудани калимаҳои зикргардида таркиби «as…as» муқоисаро ифода мекунад.

Таҳқиқи муфассали падидаҳои грамматикии номбурда, муайян кардан ва таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудан ба шаклу воситаҳои дигари грамматикаи забони англисӣ низ, аз аҳамият холӣ нест, зеро доираи категория ва шаклҳои грамматикии хосси забони англисӣ бо унсурҳои зикргардида маҳдуд намегардад ва ҳатто дар сурати мавҷуд будани баъзе категорияҳои грамматикии “ҳамном” миёни ин ду забони аналитикӣ, забони англисӣ ва забони тоҷикӣ, корбурди амалии онҳо ва алалхусус, роҳҳои гузариши онҳо аз як забон ба забони дигар, бо тобишҳои гуногуни маънӣ ва зермаъниҳои луғавию грамматикии худ фарқият доранд.

«Қонуну қоидаҳои грамматикии ҳар як забон фақат дар доираи сохтори худи он амал мекунад» [14] ва грамматикаи забони тоҷикӣ қодир аст ба таври мустақим ё ғайримустақим, ҳама гуна маъно ва мафҳумҳои грамматикии чи забони англисӣ ва чи забонҳои дигарро ифода намояд. Коре, ки тарҷумон бояд анҷом диҳад, бахусус ҳангоми сарукор доштан бо воҳидҳо ва унсурҳои грамматикии хоси забони англисӣ ҳангоми тарҷума, ин аввал барои худ дуруст дарк намудан ва ташхис додани маънои грамматикӣ ва дарёфт намудани муодили бевосита ё бавоситаи он дар забони тоҷикӣ мебошад. На шакли грамматикӣ, балки маънои луғавию грамматикии воҳидҳои забон бояд дар мадди назари тарҷумон қарор гирад. Иштибоҳи грамматикӣ дар тарҷума ба мундарича ва мантиқи матн таъсири манфӣ мерасонад.

А Д А Б И Ё Т

1. Larson, Mildred L. Translation: theory and practice, tension and interdependence / Larson, Mildred L // American Translators Association scholarly monographs. - State University of New York, 1991. - 270 p.
2. Петрова О.В. Введение в теорию и практику перевода (на материале английского языка) / О.В. Петрова. – М.: АСТ Восток-Запад, 2007. – 96 с.
3. Sharon Shebar. Roosevelt and the New Deal. Illustrations by Gary Lippincott / Shebar Sharon, D. Franklin // Barron's Educational Series, Inc. – New York, 1987. - 168 p.
4. Doyle, A.C. Adventures of Sherlock Holmes / A.C. Doyle // Book-of-the-Month Club, Inc. - New York, 1994. - 307 p.
5. Дойл Артур Конан. Ҳикояҳо дар бораи Шерлок Холмс / Артур Конан Дойл; тарҷ. аз русӣ. – Душанбе: Ирфон, 1981. - 447 с.
6. Ernest Hemingway. The Old Man and the Sea. "Scribner" / Ernest Hemingway. - New York, 2003. - 127 p.
7. Бурова З.И. Английский язык для гуманитарных специальностей вузов: Учебник вузов.- 2-е изд., испр.и доп. / З.И Бурова. - М.:Высш.шк., 1987. – 463 с.
8. Комиссаров В.Н. Пособие по переводу с английского языка на русский / В.Н Комиссаров, Я.И Рецкер, В.И Тархов. - М.: Высшая школа, 1965. - Т.2.
9. Голсуорси Дж. Собр.соч.изд. «Правда» / Дж Голсуорси. - М., 1967. - Т.6.
10. Defoe, D. Robinson Crusoe. Aerie Books Lts. / D. Defoe. - 1979, - 340 p.
11. Дефо Д. Робинзон Крузо / Д. Дефо; тарҷ.аз русӣ. – Душанбе: Ирфон, 1983. - 205 с.
12. Fowles, J. The Ebony Tower / J Fowles // Progress Publishers. - 1980.
13. Драйзер Т. Собр.соч. в 12-ти т.т. - М.: Гослитиздат, 1955. - Т.1.
14. Маҷидов Ҳ. Мулоҳизае чанд роҷеъ ба баъзе масъалаҳои грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик / Ҳ. Маҷидов // Садои Шарқ, 2010. - №2. - С.133-143.

БЕЗЭКВИВАЛЕНТНЫЕ ГРАММАТИЧЕСКИХ ЕДИНИЦЫ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА И ОСОБЕННОСТИ ИХ ПЕРЕВОДА НА ТАДЖИКСКИЙ ЯЗЫК

В статье выявляются и анализируются английские безэквивалентные грамматические единицы и рассматриваются особенности их перевода с английского языка на таджикский язык на примере художественного текста.

Ключевые слова: безэквивалентные грамматические единицы, артикль, грамматическая категория, грамматическое значение, перевод, сравнение, английский язык, таджикский язык.

ENGLISH SPESIFIC GRAMMATICAL UNITS AND CONSTRUCTIONS AND WAYS OF THEIR TRANSLATION INTO TAJIKI

The paper defines and analyses the specifically English grammatical forms and constructions. It also considers the peculiarities of translation of specifically English grammatical forms and constructions into Tajiki based upon the examples from fiction texts.

Key words: non-equivalent grammatical units, article, grammatical category, grammatical meaning, translation, comparison, English language, Tajiki language.

Сведения об авторе: ***Ф.М. Турсунов*** **–** кандидат филологических наук, доцент, докторант Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода. Телефон: **93-577-20-37; 93-510-01-09**

ТАҲЛИЛИ БАЪЗЕ АНТРОПОНИМҲОИ «ҚАСАС-УЛ-АНБИЁ»

Э.Давлатов

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

Дар олам ҷанбае вуҷуд надорад, ки барои тадқиқ ва омӯзиш қобили таваҷҷуҳ набошад, лекин масоиле мавҷуд аст, ки бештари мардум ба он таваҷҷуҳ надоранд ва дар назари эшон чизи оддӣ ва ҳатто ғайри қобили мулоҳиза менамояд. Вале бояд гуфт, ки омӯзиши ҳар як шохаи илм муъҷизот, муассирӣ ва паҳлӯҳои мусбати ба худ хос дорад. Масалан, омӯзиши номвожаҳо (исмҳои хос), махсусан номҳои одамон (антропонимҳо) афкори моро моломоли маълумотҳои таърихӣ, ҷуғрофӣ, этнографию этнологӣ ва антропологӣ, ғанӣ гардонидани таркиби луғавӣ, огоҳ сохтан аз вазъи иҷтимоии даврони гузашта, таърихи ташаккул ва таҳаввули калимаҳо, шинос намудан ба расму оин ва урфу одоти қавму миллатҳо менамояд.

Ёдовар бояд шуд, ки номҳои одамон дар илми ономастика (номшиносӣ) бо истилоҳи антропоним ифода мешаванд. Антропоним калимаи юнонӣ буда, аз antropos-одам, onoma–ном шакл гирифта, як бахши илми ономастика мебошад, ки ба омӯзиши номҳои одамон машғул аст [9, 37].

Дар ибтидои ҳаёти инсонӣ, ки дар таърих бо ибораи «Ҷамоаи ибтидоӣ» ёд мешавад, мардум забони гуфтугӯйӣ надошт ва исму номе низ мавҷуд набуд. Баъди мураккаб гардидани ҳаёти инсонӣ мардумро зарурати ҳаёти ҷудогона, бунёди манзили зист, дарёфти қути лоямут, сохтани олоти меҳнатӣ ва шикорӣ ва амсоли инҳо пеш омад, ки онҳоро ном ниҳодан зарур шуд. Бинобар ин, санъати номгузорӣ оғоз гардида, дар рушди ташаккулу таҳаввули таърихӣ ба таври гуногун ҷараён гирифтааст. Дар ибтидои роиҷ гардидани санъати номгузорӣ, ҳангоми гузоштани

ном ба одамон сифат ва хусусиятҳои онро ба инобат мегирифтанд: «…медиданд, ки кӯдак бо ягон доғ ё аломати махсусе дар бадан таваллуд ёфтааст, ӯро «Хол», «Нишон», «Нор» ё «Зиёда» ном медоданд» [3, 8].

Лозим ба ёдоварист, ки ибтидо аз замони гузаштани инсон аз ҳаёти ваҳшиёна (даврони ҷамоаи ибтидоӣ дар назар дошта шудааст) ба ҳаёти созгору мустақил санъати номгузорӣ роиҷ гардид, зеро насли башарият рушд мекард, инсон даст ба кашфиётҳо барои пешбурди рӯзгори хеш мезад, наслҳо ба дунё меовард ва зарур буд, ки ҳамаи онро барои фарқ карданашон ном бояд гузошт. Аз ибтидо то имрӯз бештари номҳо, махсусан номҳои одамон (антропонимҳо) аз рӯйи ихлосмандӣ ба касе ё чизе, ки дар онҳо ягон ҷанбаи мусбат дида шавад, гузошта мешавад, ки ин омил то кунун аз ҷониби ҷамъияти инсонӣ, бахусус муҳаққиқони соҳаи номшиносӣ мусбат пазируфта нашудааст. Пайдо гардидани номҳо аз ҷинси паррандаҳо: Қумриниссо, Тӯтиниссо, Кабкимо, Майнагул; аз меваҳо: Аноргул, Хурмогул; аз ҷирмҳои осмонӣ: Ситора, Моҳтоб, Хуршед, Шамс, Қамар ва амсоли инҳо анъанаи таърихиест дар илми номшиносӣ, ки пайдоиш ва ташаккули ҳар кадоми ин номҳо саргузашти ба худ хос доранд [3, 6].

Мавриди зикр аст, ки омӯзиши илми ономастика ба бисёр муҳаққиқони соҳаҳо, аз қабили таърихнигорону, ҷуғрофидонон, адабиётшиносону, демографон, этнографу этнологҳо, топографҳо, антропологҳо ва амсоли инҳо дар тадқиқоташон роҳкушое ба ҳисоб меравад, зеро омӯзиши номҳо аз саҳафоти таърих расму ойин, урфу одот ва мавқеи ҷуғрофии қавму миллатҳоро аз дурихои дур рӯйи кор меорад. Дар ин хусус, нигоштаҳои муҳаққиқи рус В.Д. Бондалетов ҷолиби диққат аст: «…омӯзиши антропонимия берун аз таърихи халқҳо ғайриимкон аст» (Бондалетов 1983,148). Инчунин дар ҷое мегӯяд, ки «…муқоисаи мунтазами номҳо (антропонимҳо) муайянкунандаи давраҳои таърихианд» [Бондалетов 1983,148].

Мавриди зикр аст, ки дар тадқиқу таҳлили антропонимҳо (номи одамон) муҳаққиқони мамолики хориҷ Э.М. Мурзаев, В.Д. Бондалетов, В.А. Никонов, А.Л. Хромов, В.С. Расторгуева, Г.Ф. Сатторов, Н.В. Подолская, М. Муин, М. Р. Фасоӣ, Ҳ. Ш. Мозандарон ва дигарон нақши созгор гузоштаанд.

Муҳаққиқон дар тадқиқоташон ҷанбаҳои мухталифи антропонимҳо (номҳои одамон)-ро мавриди омӯзиш қарор дода, бад-ин восита саҳми ҷиддие дар рушди илми номшиносӣ гузоштаанд.

Муҳаққиқи рус В.А. Никонов алоқаи тавъами антропонимҳоро бо дигар фанҳо (ҳуқуқ, таърих, этнография, забоншиносӣ, психология ва эстетика…) зикр намудааст.

Набояд фаромӯш кард, ки саҳми муҳаққиқон ва забоншиносони Ҷумҳурии Тоҷикистон А.Л. Хромов, Р.Х. Додихудоев, Ҷ. Алимӣ, Н. Офаридаев, О. Маҳмадҷонов, О. Ғафуров, Ш. Исмоилов, М. Шодиев, Д. Ҳомидов, Б. Тураев ва чанде дигарон дар рушди илми ономастика, махсусан антропонимия ва топонимияи ҳудудҳои ҷумҳурӣ ва берун аз он хеле калон аст.

Муҳаққиқ-номшиноси тоҷик Р. Шоев антропонимияи қиссаи сеҳрангези «Самаки Айёр»-ро мавриди тадқиқ қарор дода, дар ин бора асару мақолоти зиёде низ рӯйи нашр овардааст. Инчунин, муҳаққиқи дигари тоҷик С. Абдуллоева дар тадқиқи исмҳои хосси «Форснома»-и Ибн-ал-Балхӣ кӯшидааст, ки то кунун он мавриди назари муҳаққиқони соҳа қарор дорад.

Зикр кардан зарур аст, ки тайи даҳсолаи охир корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар соҳаи номшиносии тоҷик хеле густариш ёфта, дар ин бора асару мақола, рисолаҳои илмӣ ва монографияҳои зиёди муҳаққиқони соҳа рӯйи нашр омаданд. Аксари муҳаққиқон топонимия ва антропонимияи ҳудудҳои ҷумҳурӣ, осори намояндагони адабиёти форс-тоҷик, асарҳои бадеию таърихӣ, инчунин топонимия ва антропонимияи хориҷи мамлакатро мавриди омӯзиш ва тадқиқ қарор додаанд, лекин то кунун доир ба масоили омӯзиши антропонимия (номҳои одамон)-и навоҳии алоҳида ё асари таърихие кори илмӣ-тадқиқотии мукаммале ба сомон расонида нашудааст, ки ин масъаларо муҳаққиқи тоҷик О. Ғафуров чунин шарҳ додааст: «Мутаассифона, то ҳол маводи антропонимии ноҳияҳои алоҳида ва нуқтаҳои калони аҳолинишинро, ки дар он ҷойҳо аҳолӣ зичтар ҷой гирифтааст, надорем. Агар чунин масъалаҳо мусбат ҳал гардад, мо доир ба навъҳои сохтории антропоним маълумот пайдо мекунем» [3, 165].

Дар ҳақиқат, аз ибтидои пайдо гардидани номгузорӣ, махсусан дар гузоштани номҳои одамон бесарусомонӣ роиҷ буд. Паҳн гардидани чунин бесарусомониро бештари муҳаққиқон дар мавҷуд будани хурофотҳо медонанд, ки то кунун ин омил чун анъана дар афкори бисёре аз афроди мамолики ҷаҳон пойбарҷост. Маҳз тавассути омӯзиш ва анҷом додани тадқиқотҳои илмӣ роҷеъ ба антропонимика (номҳои одамон) ба чунин нобасомониҳо нуқта гузоштан ба мақсад мувофиқ аст. Дар ин бора муҳаққиқ О. Ғафуров низ хеле хуб қайд намудааст: «Антропонимика, ки илми тадқиқи исми хосси одам аст, бояд бесарусомонии ин соҳа, харҷу марҷи

номгузориро бартараф намуда, дар интихоби номҳои зебою хубмаъно ёрӣ расонад» [3, 165].

Дар «Қасас-ул-анбиё» антропонимҳои (номҳои одамон) зиёд сабти ном гардидаанд, ки бештари онҳо мансуби забони арабӣ мебошанд. Бо дарназардошти вожаи арабӣ буданашон дар шароити кунунӣ ба хотири ихлос ба паёмбари ислом (с.) ва пайгирӣ намудан ба асҳоби ӯ, бештари мардуми мусулмон ба фарзандони хеш исми арабӣ мегузоранд, зеро мувофиқи хабари ровиёни ахбори исломӣ ва нақли муҳаддисон Муҳаммад–паёмбар (с.) таъкид намудааст, ки беҳтарини номҳои писандидаи Худованд Абдуллоҳ, Абдурраҳмон, Абдурраҳим ва Абдулқосим мебошанд ва пайғамбари ислом (с.) исмҳои номувофиқи (ҷоҳилии) арабҳоро ба Абдурраҳмон, Абдурраҳим, Абдулқосим, Абдуллоҳ ва ба монанди инҳо исмҳои ҳамрешаро табдил медодааст.

Дар баробари ин, волидайн муваззафанд, ки ба хотири эҳёи суннати паёмбари ислом, адои масъулияти хеш, (падару модар вазифадоранд, ки ба фарзанд номи зебо гузоранд) пас аз валодат ба ӯ номи созгор (зебо) гузоранд, то барои бегона ва ошно қобили пазирой бошаду ӯро касе ба хотири номи носозгораш мавриди мазоҳу масхара қарор дода натавонад. Инчунин, ном дар баробари маънои хуб доштану ифодакунандаи хайру баракат ва ё далолаткунандаи сифатҳои нек буданаш, бояд ҳангоми садо намудан зебову хушсадо бошад ва дар нигоҳи мардум гӯшхарошу қабеҳ нанамояд.

Тибқи нақли сарчашмаҳои таърихӣ, катибаҳову маълумотҳои динӣ, танзими номҳои одамон ва ивази онҳо аз исмҳои қабеҳ ба малеҳ аз замони зиндагии паёмбари ислом Муҳамамад (с.) ва ибтидои рисолати ӯ оғоз гардидааст: «… Пайғамбари ислом номҳои ҷоҳилии арабҳоро ба Абдуллоҳ ва Абдурраҳмон табдил медодааст» [4, 140-144].

Дар ин мақолаи илмӣ, ки ба тадқиқ ва омӯзиши баъзе антропонимҳо (номҳои одамон) бахшида шудааст, мо антропонимҳои асари бузурги динӣ-таърихӣ «Қасас-ул-анбиё»-ро мавриди тадқиқ қарор хоҳем дод.

Аббос–номи марде аз нажоди амаки Паёмбар (с), ки ҳаёти эшон ба даврони хилофати араб рост меояд. Вожаи **Аббос** мансуби забони арабӣ буда, сарчашмаҳо онро ба маънои бисёр туршрӯй; шери дарранда, хунхор; инчунин номи сулолаи хулафои араб (750-1258), ки бунёдгузори он **Аббос** ба ҳисоб меравад корбаст намудаанд [7,I 26].

Дар тадқиқоташ О. Ғафуров вожаи **Аббосро** ба маънои сахтгир [3, 77] шарҳ додаст, ки аз рӯйи сохт сода мебошад.

Абдуллоҳ–исми мардона буда, лафзи арабист ва маъноияш «бандаи Оллоҳ» мебошад». Аз ин лиҳоз, он номи сирф исломӣ ҳисоб меравад. Дар асар ин ном ба чанд персонаж мутааллиқ аст, аз ҷумла ба падари Муҳаммад (с), ки эшон мусалмон набуд, зеро қабл аз валодати Паёмбар (с) вафот карда буд. Лекин дигар сарчашмаҳои таърихӣ ва исломшиносони муосир ақида доранд, ки номи падари Муҳаммад Абдуллоҳ не, балки Абдулот аст, яъне ба маънии «бандаи санами ал-Лот», ки дар он замон «Лот» ва мувофиқи ахбори дигар сарчашмаҳо «Лоту Уззо» қобили парастиши онҳо буд ва онҳоро (бутҳоро) чун Худо парастиш менамуданд. Дигар шудани шакли Абдулот ба Абдуллоҳро бештари сарчашмаҳо ҳанӯз аз солҳои роиҷ гардидани дини ислом медонанд [4, 140-144].

Абулқосим-номи мардона буда, лафзи арабӣ мебошад. Вожаи мазкур аз рӯйи сохт мураккаб буда, таркиби онро ҷузъҳои **абу(л)**-падар, соҳиб ва **қосим**-тақсимкунанда, қисматкунанда, бахшкунанда; дарҳамшиканда ва яке аз номҳои Худо созмон додаанд.

Калимаи **абӯ** аломати кунияти буда, дар лафзи арабӣ ҳамчун ҷузъи аввали калимаҳои мураккаб маънои падар, соҳибро ифода мекунад.

Дар «Қасас-ул-анбиё» Абулқосим исми дигари паёмбари ислом (с) шарҳ дода шудааст. «Вақте ки арабҳо ба Муҳаммад (с) муроҷиат мекарданд, онҳо ӯро бо ном не, балки бо кунияташ Абулқосим меномидаанд. Маънои луғавии Абулқосим айнан «падари Қосим» мебошад» [140-144], зеро як одати аҷиби мардуми араб дар аҳди бостон дар он буд, ки ҳангоми муроҷиат онҳо касро бо ном не, балки бо кунияташ садо мекарданд.

Абӯтолиб-мансуби лафзи арабӣ буда, исми мардона аст. **Абӯтолиб** ҷадди паёмбари ислом Ҳазрати Муҳаммад (с) аст. Дар «Қасас-ул-анбиё» ин калима танҳо дар қисса ва саргушти он ҳазрат (с) баён шудаасту халос. Таркиби ин калимаро ҷузъҳои **абӯ** ва **толиб** ташкил додаанд, ки аз рӯйи сохт мураккаб мебошад. Тавре дар боло қайд намудем, калимаи **абӯ** (падар, соҳиб) аломати кунияти буда, бо калимаҳои

решагии лафзи арабӣ ҳамчун ҷузъи аввалӣ ҳамроҳ шуда, калимаи мураккабе созмон медиҳад, ки ин хусусият дар забони арабӣ таърихи ниҳоят куҳан дорад.

Калимаи **толиб**, дар сарчашмаҳо ба маънои хоҳон, хоҳишманд; талабкунанда, талабгор маънидод шудааст [7, II,364].

Аз ин таҳлилҳо бармеояд, ки Абулқосим ин ишора ба Муҳаммад аст, яъне падари Қосим. Қосим -писари Муҳаммад, ки дар хурдсолиаш вафот намудааст [4, 33].

Таҳлилу баррасӣ ва маънидодкунии антропонимҳои «Қасас-ул-анбиё» дар асоси нақлу ривоятҳои он, инчунин дигар сарчашмаҳои таърихию динӣ, дар баробари комёбиҳои зиёдашон аз нуқсону камбудиҳо орӣ нестанд. Бештари антропонимҳои таҳлилшуда ҷанбаи умумӣ дошта, ба пуррагӣ маънидод намудани онҳо аз лиҳозӣ луғавию–маъноӣ кори саҳл нест ва ин таҳлилҳо ба таҳлилҳои мантиқӣ шабоҳат доранд.

Бо вуҷуди ин ҳама нуқсону камбудиҳо, таҳлилу баррасии антропонимҳо дар асоси сарчашмаҳои қаблан зикршудаи онҳо аҳамияти зиёди илмӣ доранд. Агар чунин таҳлилҳо намебуданд, баъди гузашти якчанд садсола номҳои зиёде, ки онҳо бозгӯйи давраҳои гуногуни таърихӣ ва шоҳиди анъаноти хосси мардуми аҳди бостон мебошанд, аз хотираҳо зудуда мешуданд ва ба ин васила нишоне аз таърихи гузаштаи қавму миллатҳо ва зиндагии эшон боқӣ намемонд.

Маҳз тавассути анҷоми чунин тадқиқотҳо бештари арқому далелҳои дар таърих ғалат сабтшуда, исботи аслии хешро дарёфт намуданд ва ба ин васила таърих дар меҳвари аслии хеш то андозае қарор гирифт.

А Д А Б И Ё Т

1. Алимӣ Ҷ. Топонимика / Ҷ. Алимӣ. - Душанбе, 1995. – 63 с.
2. Алимӣ Ҷ. Ташаккул ва таҳаввули топонимияи минтақаи Кӯлоб / Ҷ. Алимӣ. - Душанбе, 1995. - 196 с.
3. Гафуров О. О сложносоставных антропонимах в таджикском языке / О. Гафуров // Ономастика Средней Азии. - М., 1978. – 160 с.
4. Давлатова Ф. Таърихи Табарӣ ва вижагиҳои баъзе антропонимҳои он / Ф. Давлатова // Паёми ДДК ба номи А. Рӯдакӣ. - Душанбе: Империал - групп, 2014 - 250 с.
5. Ғиёсуддин М. Ғиёс-ул-луғот / М. Ғиёсуддин. - Душанбе: Адиб, 1988. - Ҷ.3.
6. Мурзаев Э.М. Словарь народных географических терминов / Э.М. Мурзаев. – М., 1982. – 653 с.
7. Фарҳанги забони тоҷикӣ. - М.: СЭ, 1969. - Ҷ.1. -950 с.
8. Хромов А. Л. Таджикская микротопонимия долины Верхнего Зеравшана и Ягноба / А. Л. Хромов //Ономастика Средней Азии. - М., 1978.
9. Шоев Р. Ономастикаи «Самаки айёр» / Р. Шоев. - Душанбе: Ирфон, 2013. - 175 с.

АНАЛИЗ НЕКОТОРЫХ АНТРОПОНИМОВ «КАСАС-УЛ-АНБИЁ»

В статье автор анализирует антропонимы «Касас-ул-анбиё» с точки зрения словарных и семантических особенностей, которые основываются на исторических рассказах и повествованиях. Автор также приводит завершенные исследования и делает обобщенный анализ предшествующих исследователей, работавших в данном направлении.

Ключевые слова: традиции и обычаи, анализировать и приводить, имя собственное, слово, антропоним, история, обучения, интересный, влияние.

THE ANALYSIS OF SOME ANTHROPOMY "KASAS-UL-ANBIYO"

In article the author analyzes anthroponomy "Kasas-ul-anbiyo" from the point of view of dictionary and semantic features which are based on historical stories and narrations. The author also results complete researches and does the generalized analysis of the previous researchers working in the given direction.

Key words: traditions and customs to analyze and result, a proper name, a word, anthrop my , history, the training, interesting, influence.

Сведения об авторе: ***Э. Давлатов*** – аспирант Кулябского государственного университета им.А. Рудаки. Телефон: **918-13-99-68**

ПЕШВАНДИ КАЛИМАСОЗИ БЕ- ДАР «ЁДДОШТҲО»-И С. АЙНӢ

С.Ф. Низомова

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Калимасозии морфологӣ дар забон маъмултарин ва серистеъмолтарин усули калимасозист. Дар ин усули калимасозӣ асосан бо воситаи пасванду пешванд сохта шудани калимаҳо мавқеи хос дорад. Калимасозӣ бо ванд тарзи маъмул ва машҳури калимасозӣ буда, дар забоншиносии умумӣ ва тоҷик назар ба усулҳои дигар бештар ва муфассалтар таҳқиқ гардидааст. Омӯзиши қолаб ва воситаҳои калимасоз дар эҷоди адибон, нависандагон аз манфиат холӣ нест. Ин тарзи таҳқиқ имкон медиҳад,

ки мо дар натиҷаи омӯзиши шоҳасарҳои намояндагони бузурги адабиёт ба давраи муайяни таърихӣ ва вазъи забон баҳои мушаххас диҳем.

Абдурраҳуфи Фитрат дар китоби «Қоидаҳои забони тоҷикӣ» дар мавриди вандҳои калимасоз сухан ронда, онҳоро бо истилоҳи часпак зикр намудааст. Часпакҳо аз барои забон як аҳамияти бузурге доранд. Бисёр калимаҳои нав ба воситаи ҳамин часпакҳо ба майдон омада, хазинаи забонро обод мекунанд. Часпакро аз чанд нуқтаи назар тақсим кардан мумкин аст. Баъзе часпакҳо ҳастанд, ки дар хусуси калимасозӣ аҳамияти онҳо намондааст, дар вақти гуфтугӯ ҳеҷ кас часпак будани онҳоро ҳис намекунад. Ин тариқ часпакҳоро часпаки мурда меноманд. Часпаке, ки дар забон аҳамияти бузург дорад, ҳамин часпаки зинда мебошад. Илми сарф ҳам тадқиқи ҳамин часпакҳои зиндаро дар назар мегирад [7, 118-119].

Инчунин муаллиф дар асараш се навъ часпакро тасниф намудааст: аввал-часпакҳое, ки дар аввали калима меоянд. Монанди часпакҳои «на-, ме-, бе-,» ки дар калимаи нарав, меравад, беилм мавҷуд аст [7, 119]. Дар мисолҳои зикршуда, пешвандҳои шаклсоз бо калимасоз омехта гардидааст, пешвандҳои на,-ме-шаклсозанд.

Часпаки калимасоз он аст, ки ба реша даромада, маънии решаро дигар кунад. Яъне, баъди дохил шудани часпак маъние, ки фаҳмида мешавад, айнан маънии ҳамон реша набошад. Монанди нигоҳ+бон, китоб+дор, сабз+а+зор. Ин часпакҳоро фақат калимасоз ё сарфӣ ҳам меноманд [7, 119].

Мо тасмим гирифтем, ки пешванди калимасози бе- ва мавқеи корбурди онро дар яке аз шоҳасарҳои адабиёти муосири тоҷик «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ ба риштаи таҳқиқ кашем.

Бе- дар аввали калима сифати нодорӣ месозад. Монандӣ: бехуд, бешарм, бекор, беилм, беақл, беқалам, беқоғаз ва дигарҳо [1, 125].

Вожаи бе- дар Фарҳанги забони тоҷикӣ: 1. пешоянд, дар амал ва ҳодиса дахл ва иштирок накардани касе ва чизеро мефаҳмонад. 2. преффикс дар аввали исмҳо омада, ба онҳо шаклу маънии сифатӣ ва инкорӣ медиҳад [8, 166]. Преффикси бе-сермаҳсул аст. Аз исмҳо сифати аслӣ месозад, ки ба аломати дар асос номбаршуда молик набуданро мефаҳмонад [8, 144].

Префикси бе-аз исм сифат ва асоси феъл зарфи тарз, миқдору дараҷа ва сабабу мақсад месозад [1, 279].

Пешванди бе- муштараквазифа буда, дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ дар сохтани сифат ва зарф фаровон истифода гардидааст. Нависанда барои тасвири воқеаву ҳодисаҳо, тасвири ҳолати зоҳирӣ ва ботинии персонажҳо калимаҳои бо ин пешванд сохташударо истифода намудааст. Ин пешванд сифат ва зарфе месозад, ки ба аломат ва хусусияте молик набуданро мефаҳмонад. Нависанда бо ин пешванд беш аз 231 вожа сохтааст, ки баъзеи ин калимаҳо зиёда аз панҷ то бист–бисту се маротиба корбаст шудаанд. Пешванди бе - сермаъно ва омоморфема аст, дар асари мазкур дар сохтани сифат серистеъмол аст.

Сифати қиёсӣ ғолибан бо ин адодҳо сохта мешавад; бе, -бо, -но, -нок,- манд,-гир,- вар,- кор, -ор, -ёр,- ин,- гин,-она, -гон, -бон. Аз ин лафзҳо бе-, бо-, но-, ба аввали исм ва боқӣ ҳамагӣ ба охири он оварда шавад [7, 43].

1.Аз исмҳои маънӣ сифати аслӣ сохтаст**; *бе+обрӯй, бе+савод+тарин, бе+мантиқ, бе+поён, бе+абр, бе+музд, бе+кор+ӣ, б+е бозор, бе+одамӣ, бе+бозор, бе+ором, бе+асос, бе+ҷон бе+маънӣ бе+номусона ва гайра. Ҷунин сифатҳо дар асар зиёд мушоҳида гардиданд.***

*Ӯ дар бораи «адолат»-и золимтарини ҳокимон ва "каромоти" **бесаводтарин** ва фиребгартарини эшонон ҳикоятҳо сохта ва бофта мегуфт [1, 153]. Агар аз сӯрохи хурди панҷара ба он сӯ нигоҳ мекардед, воҳимаатон боз ҳам қувват мегирифт, чунки фазои васеи гунбази масҷид ба назаратон монанди як дунёи торики **бепоён** менамуд. Дар рӯзҳои **беабри** офтобнок, дар соатҳои 12-и рӯз аз он ҷо ба замини ҳуҷра даҳони пиёла барин рӯшноӣ меафтод [1, 173]. Мардумро ба меҳнати **бемузд** сафарбарӣ карда, он кӯлро бо хоки теппа хушк ва ҳамвор намуда барои худ кӯшк ва чорбоғ бино намуд. Ҷаро рӯзи **бебозор** овардед? [1, 362].–Гӯр ба сари **беодамӣ** шавад,–гуфт кампир дар ҷавоб,–мардакам аз шумо ҳам пиртар буд [1, 362]. Ҷавон аз рӯйи шабгаҳ ба ёрмандии ман расида мӯйсафеди **бетоқатшударо** бо ишорат берун талабида бароварда ба ӯ гуфт:[1, 450]. Парешонии сахте дар аҳволам рӯй дод, аз як тараф, барои ин даъвои **беасоси** номаълум, ки аз тагоии худам – аз додари модарам ба мо шуданӣ будааст, оташин мешудам ва аз тарафи дигар, аз кадом ваҷҳ будани он даъворо нафаҳмида дар ҳайрат мемондам [1, 315]. Баъзан ҳамин гуна мешуд, ки дарси ҷамоаи якум ҳошияхонҳо ба сабаби як мунозираи **бемаънӣ** аз вақти ба худаш таъйин ёфта ним соат дарозтар мешуд [1, 231]. Ба болои инҳо ман шабона аз паси дар мешунидам, ки ба падарам аз ман шикоят карда: "духтаратон газалҳои **беасоси** бисёр мехонад, ӯ вайрон мешавад,*

саробашро гиред, ӯро нагузоред, ки китоб хонад ва зуд ба шавҳар дода аз ман дур кунед, ки ман ба дидани як духтари сабукпо тоқат надорам" мегуфт [1, 424]. Ман мехоҳам, ки агар тақдир рафта бошад, ман бо шумо бо никоҳи расмӣ рӯирост зиндагонӣ намоям, вагарна, ман дар танҳоӣ дар зери гаму кулфату андӯҳ ҳалок шавам ҳам, ба он гуна ҳаракатҳои ***беномусонаи*** *сабукпоёна тан нахоҳам дод [1, 430]. Ман як вақт аз худ хабардор шудам, ки монанди як ҳайкали* ***беҷон*** *шах шуда мондаам [1, 432.].*

Бо исмҳои моддӣ сохтани сифатҳо ба назар расид, ки нисбат ба исмҳои маънӣ камтаранд. Нависанда дар ин қолаб исмҳои тӯқум, маҳсӣ, даступо, оила, ҳавлӣ, палос, сир, ҳуҷра, касро истифода намудааст:

Ман ба болои хари ***бетӯқум*** *пастнокӣ гежида қариб буд, ки аз сагриаш шорида афтам ва барои нигоҳдории худ аз галтиш беихтиёрона бо ду дастам ба ёли хар часпидам [1, 164]. Бештарини талабагон зиёда қашшоқ буда, дар зимистон бо ҷомаи тунуки ямоқӣ ва бо кафши* ***бемасҳӣ*** *мегаштанд [1, 174]. Гӯсолаашро ҳам барои саломатии худат ва бародаронат дафъ кардан даркор аст,–ва фармуд, ки вайро ба Хоҷахон бурда диҳам - ин як одами маиби* ***бедаступо*** *буд, ки дар як гӯшаи деҳа хобида бо садақаи мардум зиндагонӣ мекард [1, 19]. Инҳо одамони* ***беоилаву беҳавлӣ*** *буданд, ки дар мадраса, дар ҳуҷраи зархариди худ зиндагонӣ мекарданд [1, 249]. Вақте ки ҳамаи дастаҳо ба ҳамин тариқа салом дода баромаданд, удайчӣ онҳоро ба ҳавлии васее, ки тахти амир дар пешгоҳи вай барпо карда шудааст, мегузаронад ва бар рӯйи суфаи хиштфарши* ***бепалос*** *мувофиқи амалҳошон болову пойин мешинонад ва фаррошҳо бо табақҳои сафоли бесир оши палав овардан мегиранд [1, 36]. Дар замони зиндагии падараш ду сол дар мадрасаҳои Бухоро истиқомат карда азоби* ***беҳуҷрагиро*** *кашидааст [1, 285]. Нимаи ин роҳро дар ободонӣ рафта, нимаи дигарашро дар биёбони регзори* ***беобу алаф*** *тай кардан лозим аст [1, 403].*

Дар асар як қатор сифатҳои бо пешванди бе- сохтаро дучор омадем, ки бо усули калимасозии морфологӣ-синтаксисӣ ба вазифаи исм гузаштаанд. Ин қабил калимаҳо категорияҳои грамматикии исмро қабул кардаанд. Лутфӣ хушхат ва хушнавис буда, бесаводон ҳам, чунон ки як лавҳаи рассомии санъаткоронаро тамошо мекарда бошанд, аз дидани хати ӯ лаззат мебурданд [1, 400].

Пешванди бе- бо пешванди но- муродиф шуда метавонад. Инсон, вақте ки дар як душворӣ беилоҷ монда аз ҳар тараф ба худ тасаллӣ меҷӯяд, ба ҳар муносибат ва аз ҳар чиз барои худ як тасаллӣ тарошида мебарорад [1, 198] // ноилоҷ. *Тасаввур кардани ин бадбахтӣ маро ба дӯзахи ноумедӣ ва маҳрумӣ меандохт, сеюм, ман мебоист дар ин мулоқот дили беороми маҳбубаи дилороми худро бо суханҳои дурӯг ором медодам [1, 437] // ноором.*

Пешванди бе- дар сохтани зарфҳо низ дар «Ёддоштҳо» серистеъмоланд. Дар сохтани зарфи тарзи амал нақши ин пешванд хуб ба назар мерасад. Дар мисоли зерин калимаҳои беист, беҳуш, бесаброна, бемузд ва ғайра ба ин вазифа кор фармуда шудаанд:

Тарф монанди аждаҳое, ки дар афсонаҳо нақл мекунанд, ***беист*** *фашшоси даҳшатангез мезад ва монанди ҳамон аждаҳои афсонавӣ аз даҳони худ оташ мебаровард [1, 140]. Назар ба қавли Иброҳимхоҷа, дастони ҷавони вобкандӣ, ки тарф дар дасти ӯ кафида буд, аз бандҳояш ҷудо шудааст ва бақияи дастонаш то бозувонаш сӯхтааст, худаш* ***беҳуш*** *афтодааст [1, 147]. У ба як изтироби дарунӣ гирифтор шудагӣ барин менамуд–ӯ* ***бесаброна*** *мунтазири шунидани шарҳи хиславҳои худ аз забони бародараш буд [1, 318]. Мулло Қамар ин суханони худро бо оҳанги шӯхиҳои одӣ ва бо як* ***бепарвоии*** *ҳазломезона, ки он вақтҳо дар мадрасаҳои Бухоро одат буд [1, 292]… Ғайр аз инҳо, мутавалӣ аз заминҳои ободони атроф замини бисёреро ба дасти худ даровардааст, ки даҳҳо муридони ӯ дар он заминҳо* ***бемузд*** *кор мекунанд [1, 404]. Ман ба чиллахона омада даромадани ӯро мунтазир нашуда,* ***беихтиёр*** *ба дари ҳуҷра давидам, то ки он хабари хушро зудтар фаҳмам [1, 412]–Мо ҳарду монанди сурати девор–****беҳаракат*** *рӯ ба рӯйи ҳам истодем [1, 438].*

Таркиби морфологии калима як хел набуда, басо мухталиф аст. Калимаҳое ҳастанд, ки танҳо аз як асосу як суффикс иборатанд, ки муайян намудани муносибату маънои онҳо вазифаи калимасозист ва дар забоншиносии тоҷик асосан ба таркиби морфологии ҳамин қабил калимаҳо эътибор додаанд. Дар забон инчунин калимаҳое ҳастанд, ки морфемаҳои калимасози онҳо аз якто зиёданд ва дар ин ҷо тарзҳои ҳархелаи калимасозӣ ва ҳолатҳои гуногун вомехӯранд [6, 22].

Дар асар калимаҳое, ки бо ёрии пешванди бе- ва пасвандҳо сохта шудаанд мавқеи махсус доранд. Ин қолаби калимасозӣ ду пояи калимасозиро гузаштааст. Дар мавриди чунин калимаҳои сохта гуфта метавонем, ки калимаи беодобӣ, беобрӯйӣ, беҳушӣ, бесабрӣ, бетолеӣ, беномусӣ, бемаззагӣ, бетаҷрибагӣ аслан ду пояи калимасозиро аз сар гузаронидаанд. Азбаски дар забон калимаҳои одобӣ, обрӯйӣ, ҳушӣ, сабрӣ, толеӣ, номусӣ, маззагӣ, таҷрибагӣ мавҷуд нест, онҳо дар аввал бо

пешванди бе васл шуда сифат сохтаанд: бе+одоб , бе+обрӯй , бе+ҳуш, бе+сабр, бе+толе, бе+номус, бе+мазза, бе+таҷриба. Пас аз ин сифатҳои сохтаи аслӣ бо ёрии пасванди -ӣ//-гӣ исмҳои маънӣ сохтаанд беодобӣ, беобрӯйӣ, беҳушӣ, бесабрӣ, бетолеӣ, беқоидагӣ, беномусӣ, бемаззагӣ, бетаҷрибагӣ.

Баъзе тамошобинон оҳиста-оҳиста "он ҷо нанишинетон, ба тӯпҳои ҷаноби олӣ ***беодобӣ*** *мешавад" гуфта бошанд ҳам, сарбози посбон ва пешхизматони амир ва қушбегӣ, ки ба арк даромада-баромада истода буданд, ба ин кори мо чизе нагуфтанд [1, 347] Ҳар чӣ бошад, падару модарамон ба ин* ***беобрӯйӣ*** *ва пастӣ роҳ надодаанд ва бе ваколати онҳо ин аз ҷониби онҳо даъво карда наметавонист [1, 320]. Ин овоз ҳарчанд маро ба* ***беҳушӣ*** *наздик карда бошад ҳам, ба ман як рӯҳи тоза ва як ҷасорати беандоза ҳам дод, ки гуфтам [1,. 409]." Зеро аз сухани охирини духтархона маълум шуд, ки ин* ***бесабрии*** *ман ҳам монанди он* ***бесабрӣ*** *будааст, ки як соат пештар дар пеши ҳамин духтарак карда аз вай танбеҳ дида будам [1, 414]". Як қисми калонсолони онҳо одамоне буданд, ки кайҳо хатм карда мадрасаро тамом карда, назар ба қавли худашон, «аз* ***бетолеӣ*** *ба ягон мансаби дурусти илмӣ нарасидаанд» [1, 248]. Мо меҳмонони ногуфт (нохонда) шуда омадем, шумо дар хона набудед, бо вуҷуди ин,* ***беномусӣ*** *карда даромадем [1, 234]. Баъд аз ишгол шудани Самарқанд аз тарафи аскарони подшоҳии Россия ин ҳол дар он ҷо барҳам дода шуда бошад ҳам, ин аҳволи хандаовари фоҷиаомез дар мадрасаҳои Бухорои амирӣ, ки дар ҳамаи* ***бемаззагиҳо****и худ "мустақил буд", то инқилоби Бухоро ҷорӣ монд [1, 225]. Шумо, бачагон, нодонӣ ва* ***бетаҷрибагӣ*** *карда як гуноҳи кабира кардетон, ки он кафшро бо дасти худ гирифтетон, хуб зарар надорад, Худо гуноҳи нодониста кардашударо меомурзад [1, 290].*

Дар қатори ин гурӯҳи калимаҳо исмҳоеро дучор омадем, ки имрӯз дар истеъмол нестанд*:Кадом пешваре, ки яке аз қоидаҳои дар рисола навиштаашудагиро вайрон кунад, ба бобо(ё ба оқсақол) маблаге бо номи «****беқоидагӣ****» медод, ки ин ба ҷойи штраф буд [1, 388]. Бо он кафш дар кӯчаҳои бесангфарш ва бепиёдагарди Бухоро роҳ рафтан душвор буд [1, 296]. Калимаи беқоидагӣ дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» чунин шарҳ ёфтааст: беқоидагӣ нодуруст будан, бетартибӣ, беасос будан [1, 175]. Устод Айнӣ онро ба маънои ҷарима зикр кардааст.*

Аз таҳлилу баррасии мавзӯъ ба чунин хулоса омадем:

1. Пешванди калимасози бе- дар сохтани сифат ва зарф мавқеи хуб дорад. Калимаҳое, ки бо ин пешванд меоянд, асосан исмҳои маъниянд.
2. Ин пешванд бо пешванди но- муродиф шуда метавонад.
3. Пешванди бе- дар сохтани зарфи тарзи амал маъмул ва серистеъмол аст.

Устод Садриддин Айнӣ тавонистааст барои ҷаззобу дилкаш ва муассир баён намудани матлаб аз ин пешванди калимасоз фаровон истифода намояд.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ С. Ёддоштҳо / С Айнӣ. - Душанбе, 2009.
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе: Дониш, 1985. - Қ.1.
3. Маъсумӣ Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик / Н Маъсумӣ. – Душанбе, 1959. - 294 с.
4. Муҳаммад Ғиёсиддин. Ғиёс-ул-луғот / Ғиёсиддин Муҳаммад. - Душанбе, 1987. - Ҷ.1. - 480 с.
5. Муҳаммад Ғиёсиддин. Ғиёс-ул-луғот / Ғиёсиддин Муҳаммад. – Душанбе, 1988. - Ҷ.2. - 416 с.
6. Рустамов Ш. Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Ш. Рустамов. -Душанбе, 1972. - 70 с.
7. Сайидризо Ализодаи Самарқандӣ. Сарфу наҳви забони тоҷикӣ, Фитрат. Қойидаҳои забони тоҷикӣ, Бектош. Дар атрофи забони адабии тоҷик / Сайидризо Ализодаи Самарқандӣ. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2010. – 187 с.
8. Фарҳанги забони тоҷикӣ. – М, 1969. - Ҷ.1. - 951 с.
9. Фарҳанги забони тоҷикӣ. – М, 1969. - Ҷ.2. - 949 с.
10. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. - Душанбе, 2008. - Ҷ.1. - 950 с.
11. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. - Душанбе, 2008. - Ҷ.2. - 945 с.

СЛОВООБРАЗОВАТЕЛЬНЫЙ ПРЕФИКС БЕ- (БЕЗ-) В ПРОИЗВЕДЕНИИ С. АЙНИ «ВОСПОМИНАНИЯ»

Образование слов путем производного словообразования очень широкоупотребительно и это очень заметно по произведению С. Айни «Воспоминания». Он играет большую роль в произведении прилагательных и наречий. С помощью этого префикса производятся абстрактные имена существительные, они могут выступать в синонимию с префиксом но- (не-).

Ключевые слова: префикс, словообразование, производные слова, смешанное словообразование

DERIVATIONAL PREFIX BE-(NO-) IN THE PRODUCT AINI "MEMORIES"

The formation of words by arbitrary derivation very commonplace and it is very noticeable on the product Aini "Memories". He plays a big role in the work of adjectives and adverbs. With this prefix produced abstract nouns, they can act in the synonymy, but with the prefix (non-).

Key words: prefix, word formation, derived words, mixed derivation

Сведения об авторе: ***С.Ф. Низомова*** – кандидат филологических наук, доцент кафедры стилистики и литературного редактирования Таджикского национального университета

ТАҲАВВУЛ ВА КОРБУРДИ ФЕЪЛИ «БУДАН» ДАР ГӮЙИШИ ФОРСӢ ВА ТОҶИКӢ

Ҳ. Маликзода
Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

Феъли ***будан*** дар ҳарду гӯйиш–форсӣ ва тоҷикӣ роиҷ аст ва корбурдҳои гуногуне дорад. «Будан» (масдар), паҳлавии «бутан» /butan/ аз решаи ориёии «бҳубҳав» /bhubhav/, ба ҳамин маънӣ авестоии «бавайти» /bavaiti/, санскритии «бҳовати» (сеюм шахс), лотинии «футурум» /futurum/ масдари доштан, вуҷуд доштан, ҳастӣ доштан, вуҷуди ҳастӣ мебошад [4].

Феъли ***будан***, ки яке аз афъоли муҳимми рабтӣ ва муайян аст, аз ҳайси нақшу паём вижагиҳо дорад ва дар қадим суратҳо ва шаклҳои бештаре доштааст. Зеро пасвандҳои феъли «ی» ва «ا», ки имрӯз мансух шудаанд (ҷуз дар мавриди боястӣ, мебоястӣ, бодо ва мабодо) ва густариши кори пешвандҳои сарфии «ب» ، «م» ، «می» و «همی» муҷиб мешудааст, ки феъл ба таври куллӣ ва афъоли муайян ва рабтӣ ба таври хос дар қадим гунаҳои фаровонтаре дошта бошад.

Феъли ***будан*** баръакси «***бошед***» имрӯз бисёре аз сохтҳои мозӣ ва ояндаи (мустақбил) он корбурд дорад, вале сохтҳои музореъ ва амри он матрук шудааст, дар сурате ки дар мутуни куҳан тақрибан ҳамаи сохтҳои мозӣ (гузашта), музореъ (ҳол) ва мустақбили он ба кор мерафтааст. Дар ҳоли ҳозир чор сурат аз ***будан*** барои замони музореъ вуҷуд дорад: 1) музореи илтизомӣ: ***бошем, бошӣ, бошад*** ва сурати дигари музореи ахборӣ аст, ки иборатанд аз: 2) -ам, -ӣ, аст; -ем, -ед, -анд; 3) ***ҳастам, ҳастӣ, ҳаст***…; 4) ***мебошам, мебошӣ, мебошад***.

Дар қадим илова бар инҳо се шакли дигар барои музореи ***будан*** вуҷуд доштааст, ки батадриҷ мансух шудаанд: 1) ***бувам, бувӣ, буд, бувем, бувем, бувед, бувад*** (албатта, музореи содаи он маъмулан ба ҷойи «***аст***»-и имрӯзӣ ба кор мерафтааст: Зинда кардани ӯ муҳол бувад (Қасас-ул-анбиё, 23); 2) ***ҳаям, ҳайӣ, ҳаст, ҳаям, ҳаед, ҳаянд*** (ин суратҳо мушобеҳи афъоли паҳлавӣ ҳастанд); 3) феълҳои муайяни ***астам, астӣ, аст, астем, астед, астанд***, ки аз феълҳои пасвандӣ будаанд ва мозии нақлӣ месохтаанд. Аз ин се гуна фақат шакли ***бувад*** имрӯз дар шеъри форсӣ боқӣ мондааст ва бақия корбурде надоранд. Дар нақши том низ дар наср ба кори ниҳод (мустанадилайҳ) нисбат медиҳад ва яке аз се феъли рабтии аслӣ ***аст, буд ва шуд*** мебошад [1].

Дар форсии дарӣ ибтидо ***бувам, бувӣ*** ва ***бошам, бошӣ*** ҳарду истеъмол мегаштаанд ва тақрибан нақши яксоне доштаанд, вале батадриҷ сурати аввалӣ канор рафта ва бисёре аз сиғаҳои «***бошед***» низ кам-кам мансух гардидааст. ***Бувам, бувӣ, бувад***, монанди ***бошам, бошӣ, бошад*** дар музореи илтизомӣ ва музореи ахборӣ ба унвони феъли муайян барои сохтани мозии илтизомӣ, амр ва дуо ба кор мерафтааст. Барои баъзе аз ин сиғаҳое ҳам вуҷуд доштааст. Монанди, «***би***» ба ҷойи «***буви***» ва «***бияд***» ба ҷойи «***бувед***» ба маъни «***бошед***» аст. Ҳамчунин сохти музореи он гоҳе ба ҷойи «***бошад***» ба кор мерафтааст:

Мумкин бувад, ки набувад (Ибни Сино, 45).

Дигар ин ки музореи содаи он ба ҷойи «***ҳаст***»-и имрӯзӣ низ гоҳе истеъмол доштааст: Эҳтимол бувад, ки ба зудӣ баргарданд.

Музореи ахбории «будан»:

Шумо ҳарчи гӯем, зимн бишнавед / Агар кор бандед, хуррам ***бувед*** («Шоҳнома»-и Барухим, 70).

-***биед***: Миён баста доред ва бедор ***биед*** / Ҳама дар паноҳи ҷаҳондор ***биед*** («Шоҳнома»-и Барухим, 154). Ин шакли феълӣ имрӯз дар ҷануби Эрон ва минтақаи Луристон истифодаи оммиёна дорад.

А) Музореи ахбории сода: Мардум ҷонваре бувад, гӯё (Ибни Сино, 8).

Б) Музореи ахборӣ бо «***ме-***»: Бошад, ки туро зуйи фарзанд мебошад, ки аз ман фазанд ***намебувад*** (Қасас-ул-анбиё, 186).

В) Музореи ахбории «***будан***» бо «***ҳаме***»: Ҳамеша то масибу масоб дар олам / ***Ҳаме бувад*** дар қафои мусаббауласбоб (Муизӣ, 60).

Г) Музореи ахборӣ бо «***би-***»: Онро ҳаме дун гӯем, ки бибош, ***бибувад*** (Табарӣ, 869).

Аз мозии (гузашта) гузаштаи феъли «***будан***» дар замони ҳозир фақат ду сурат аз мозиҳои қадим боқӣ мондааст. Яке «***будааст***», ки дар мозии нақлӣ ва мозии истимрорӣ (ба маънии мебудааст) ба кор меравад, дигар, «***буд***», ки ҳам дар маънии мозии мутлақ: «Алӣ дирӯз ин ҷо буд», ва ҳам дар маънии мозии истимрорӣ ба кор меравад: «Ӯ машғули хондан буд» ва ҳам дар маънии мозии баъйид: «Навишта буд».

Дар асл яке аз нақшҳои феъли «***будан***» ин аст, ки ба унвони феъли муайян (ҳамон тавре ки зикр шуд), 1)дар сохтори феълҳои мозии баъйид: «***рафта буд***»; 2) мозии баъйиди мустамар: «***мерафта буд***»; 3) мозии абъод: «***рафта будааст***»; 4) мозии абъоди мустамар: «***мерафта будааст***» ба кор меравад, дар ҳоле ки дар қадим шакли дигаре низ доштааст, чун: 1) мозии баъйид: ***буда бувад*** ва ***буда буд*** дар шеър; 2) мозии илтизомӣ: ***буда бошем***; 3) мозии нақлии истимрорӣ: ***мебудааст***; 4) мозии мутлақ аз музореи илтизомии «***будан***»; 5) мозии истимрории он «***мебошиданд***», ки инҳо ҳама бо пешванди «**ب**» - ва пасванди «**ى**» ва ҳам бидуни он ба кор мерафтаанд: То ғояти вақт дар Исфаҳон ва навоҳӣ ***буда буд*** (Роҳила ал-Судур, тасҳеҳи Муҳаммад Иқбол, 39).

Чанд маврид аз корбурди «будан» дар мозӣ:

1. Сохти мозии он бо пешванди «***би-***» дар нақши том ба кор мерафтааст: Амир ду рӯз он ҷо ***бибувад***.
2. Мозии содаи он ағлаб дар тақобул бо бозии истимрории феълҳои дигар дар мақоми мозии баъйид ба кор меравад: Марям субҳ дар клос ***буд*** ва имло менавишт.
3. Ин сохти мозии сода гоҳе дар ҷумлаҳои ҳампоя, ҷонишин ва ҳамнишин мозии баъйиди дигар феълҳо мегардад: Муаллим сари по ***буд***, вале бачаҳо нишаста буданд.
4. Ҳамчунин, дар ҳамроҳӣ бо ниҳоди ройӣ ва замири муттасили фоил, ҷонишини «***доштан***» мешавад: Ӯро писаре ***буд*** Юсуф ном. Куруш–подшоҳи Ҳахоманишӣ, писаре ***будаш*** Камбуҷия ном.
5. Гоҳе дар шеър ба ҷой ва маънии «***аст***» ба кор мерафтааст: Асо биёр, ки вақти асову анбон ***буд***.

Сохтори феъли «будан» дар мозии қадим:

- Мозии сода (бидуни ***би-***): Гузаштем ва гузаштем ва буданӣ ҳама ***буд*** (Касоӣ, 37).
- Мозии сода (мутлақ) бо «***би-***»: Чун замоне ***бибувад***, Исо омад (Балъамӣ, 262).
- Мозии истимрорӣ: а) бо «***ме-***»: Устодат Хоҷа Бӯнасри Мушкон сахт тарсон ***мебувад*** (Таърихи Байҳақӣ, 73); б) бо «***ҳаме***», ки он бештар маънии қайд ва феълро медиҳад ва бидуни он низ маънии расое дорад: Одам андар биҳишт ҳаме ***буд***, миқдори понсад сол (Балъамӣ, 80); в) мозии истимрорӣ бо «**ى**» бо сохтҳои гуногун: Бигрифтанди пас бо мардон ***бибудандӣ*** (Балъамӣ, 213-214). Дӯст доштед, ки вай Худованд …***бибудӣ*** (Табарӣ, 576).
- Мозии нақлии «***будан***»: а) мозии нақлии сода: Ин халқ, ки омада буданд, ду гурӯҳ ***будаанд*** (Табарӣ, 945); б) мозии нақлӣ бо «***би-***»: Усмон (р) Марвон ҳокимро гуфт… кори ман ***бибудаст*** (Табарӣ, 1361).
- Мозии баъйид аз «***будан***»: Он танӯр танӯри одам ***буда буд***.

Феъли дуоии «будан». Имрӯз дар забони форсӣ фақат сиғаҳои ***бод***, ***бодо*** ва ***мабодо***, он ҳам ба сурати ҷомид ва фисурда (fige) боқӣ монда, вале дар қадим илова бар инҳо ***бувод, бодӣ, мабодӣ, бодандо, бошиё, ма… бод, ма …бодӣ***, низ ба кор мерафтааст: Агар ба даст шавем ***бошиё*** то ҷаҳон бошад (Балъамӣ, банди 761). Дар «Шоҳнома» ***бод*** ва ***бодӣ*** мухаффаф шуда ва ба сурати «***бад***» ва «***бадӣ***» даромадааст:

Бурида забонат ба шамшер ***бад***,
Танат сӯхта ба оташи Ҳирбад
(Шоҳнома, чопи Барухим, 2486).
Бад-ӯ гуфт: Шоҳо анӯша ***бадӣ***,
Равонро ба фарҳанг тӯша ***бадӣ***.
(Шоҳнома, чопи Барухим, 2322).
Ди овар муздат хуҷаста ***бувод***,
Дар ҳар бадӣ бар ту баста ***бувод.***
(Фирдавсӣ, 5/54)

Мисол барои феъли дуо, ки худ навъе музореи илзомӣ аст:

Чунин посух дод, ки «Эй шаҳриёр!
Анӯша ***бувӣ*** то бувад рӯзгор!»
(***бувӣ = бошӣ***) «Шоҳнома»-и Барухим, 1992.
То ҷаҳон ***бодо*** дар хидмати султон ***бодо***… (Масъуди Саъд, 22).
Ҳамеша дар шарафи мулки ҷаҳон шодмон ***боданд*** (Анварӣ, 219).

Ҳаргиз ***мабодо*** дар ҷаҳон, ки баъд аз он, касе дар ман нигарад (Самаки айёр, 1/135).

Феъли будан ва пасванду пешванд. Имрӯз истеъмоли «**ى**» бо сиғаҳои феъли ***будан*** бар асари мансух шудани ин пасванди сарфӣ матрук шудааст, дар ҳоле ки дар қадим бо шаклҳои мухталифи феъли ***будан*** ҳатто ба шаклҳои пасвандӣ ва муттасили он (***-ам, -ӣ***) низ ба кор мерафтааст, монанди:

Кошкӣ андар ҷаҳон шаб нестӣ,

То маро ҳичрони он лаб нестӣ.

(Дақиқӣ, 290-868).

Пешвандҳои «***ҳаме», «ме»***- ва «***би-»*** низ дар қадим ҳамроҳ бо суратҳои мухталифи феъли ***будан*** ва ***бошед*** дармеомадааст. Монанди ***мебош, ҳаме бош, бибош, мебуд, ҳаме буд, бибуд, бибуда буд, бибудан, бибуда бошад***. Аммо пешванди ***ме***- имрӯз танҳо бар сурати ***бошам, бошӣ*** ва гоҳе ҳам бар сурати ***буд*** дармеояд (ба сурати мебошам ва мебуд). Ва гоҳе дар осори гузаштагон вақте бо «***би-***» меомада, гоҳе ба ҷойи ***шудан*** ба кор мерафтааст: Шуъайб (а)-ро яқин ***бибуд***, ки Мӯсо (а) пайғомбар аст (Табарӣ, 1284).

Феъли ***будан*** маъноҳои мухталифе низ дорад, чун:

- гузаронидани умр, зинадагӣ кардан, сипарӣ кардан, сипарӣ шудан: Пиндоштем, ки бимурд, чун соате ***бибуд***, боз ба ҳуш омад (Таърихи Бухоро);
- дар маънои вуҷуд, ҳастӣ, субот ва монадан:

Баданат дар хок бошад оқибат,
Ҳамчунон к-аз хок бувадо буданат (Рӯдакӣ);

- воқеъ шудан, рӯй додан, шудан:

Эй табъи сазовор чӣ кардам туро чӣ бувад,
Бо ман ҳаме насозӣ ва доим ҳаме кажӣ (Касоӣ).

- шудан, фаро расидан: Ва чун рӯзи ваъда буд, халифа Ҷаъфарро гуфт, бархез (Таърихи Бухоро).
- мунтазир будан, диранг кардан, сабр кардан:

Ҳаме бувад, то ӯ миёнро бибаст,
Яке бораи тезтаг барнишаст (Фирдавсӣ).

- шояд, магар, муҳтамил, гоҳе ба сурати «***бошад ки***» ва гоҳе ба сурати «***бувад ки***» ояд:

Бад-эшон чунин гуфт Золи далер,
Ки бошад ки шоҳ ояд аз гоҳ сер (Фирдавсӣ).

- Ҳозир будан ва ҳозир шудан:

Бибуданд яксар ба наздики ӯ,
Дурахшон шуд он ройи торики ӯ (Фирдавсӣ).

- Порбаҷо будан, истиқомат варзидан, пойдорӣ кардан;
- Иқомат доштан, таваккуф кардан, иқомат кардан: Ва ин вайронӣ шамол аст, ки он ҷо мардум натавонистанд аз сахтии сармо (Ҳудуд-ул-олам).
- ба охир расидан, ба интиҳо кашидан: Чун донист, ки кори Худовандаш бибуд, дил дар нисбати ӯ хештанро ба дасти шайтон надод (Таърихи Байҳақӣ);
- дар фикр ва андеша будан: Гуфт аз ҳарчи ҳанӯз наёмадааст, андеша макун ва накд вақтро бош («Тазкират-ул-авлиё»-и Аттор);
- қабул афтодан, қабул кардан: Акнун бигӯ то маро ҳаҷ бошад ё на … Гуфт: «Шуморо ҳаҷ бувад» (Абулфатҳ).

Феъли ***будан*** дар забони тоҷикӣ аз ҷиҳати маънӣ ва корбурд шабоҳати бисёре ба забони форсӣ дорад. Танҳо ихтилофи он дар баъзе афъол аст, ки дар Эрон корбурд надорад ва ё дар калимоте аст, ки дар забони форсӣ ба ҷойи он калимаи дигар ба кор меравад. Масалан, дар забони форсӣ мо аз «шиноса» истифода мебарем, аммо дар забони тоҷикӣ аз он ба номи «бандак» ёд мекунанд вагарна корбурди яксоне доранд. Яке аз корбурдҳои феъли ***будан*** ин аст, ки ба унвони феъли муайян (кумакӣ) ва ёридиҳанда дар таркибҳои гуногуни феълӣ ба кор меравад ва барои ташкил ва ифодаи категорияҳои грамматикии феъл (тарзи мафъул) намуди давомдор, замони гузаштаи дур ва ғайра хидмат мекунад. Чун: чашм дӯхта буд, пинҳон шуда буд [3, 183].

Истеъмоли феъли ***ҳаст*** ва ***будан*** ба вазифаи бандаки хабарӣ: феъли ҳаст, ки дар як маврид мустақил буда, мавҷудият ё доро буданро мефаҳмонад ва бо бандаки хабарӣ иваз намешавад, вай масдар надорад (дар ҳоле ки дар забони форсӣ ҳам «***ҳастан***», «***астан***» ҳам «будан»вуҷуд дорад) ва танҳо дорои шакли замони ҳозира мебошад ва шакли сеюми шахси танҳо (сеюми щахси муфрад) асоси тасрифи шахси шумораи он шудааст: ман ҳастам, ҳастӣ, ҳаст; ҳастем, ҳастед, (-атон, ҳастетон), ҳастанд. Монанди: Дар ҳамаи қишлоқи мо як сир ҳаст, донистани он барои шумо даркор ва зарур аст [3, 179].

Феъли ***ҳаст*** дар нутқи даҳанакӣ ва хаттӣ (гуфторӣ ва навишторӣ) ҳамчун бандаки хабарӣ кор фармуда мешавад (монанди шиноса ба кор меравад), аммо дар шакли шахси сеюми танҳо (шахси сеюми муфрад) феъли ***ҳаст*** чун бандаки хабарӣ истеъмол намеёбад (монанди шиноса нест). Дар шахси сеюми танҳо ҳамеша банадаки ***аст*** меояд:

1.Ман коргар ҳастам / 1. Мо коргар ҳастем

2.Ту коргар ҳастӣ, коргарӣ / 2.Шумо коргар ҳастед, коргаред

3.Ӯ коргар аст / 3.Онҳо коргар ҳастанд, коргаранд

Дар сиғаи хоҳишмандии комил (пурра) ва мухаффафи ***ҳастам***, ***ҳастӣ, -ам, - ӣ*** ин тарзи истеъмоли ***ҳаст*** дар назм бо таваҷҷуҳ ба вазн ва оҳанг мувофиқат карда, аз рӯйи талаффуз гоҳе ба шакли комил ва гоҳ ба мухтасар меояд, ки ҳарду шакл аз ҷиҳати маъно ва адои вазифа бо ҳам баробар аст. Феъли ***будан*** ҳам ғайр аз вазифаи бандаки хабарӣ низ кор фармуда мешавад, ки шаклҳое аз будан ҳосил шуда, шахс, шумора ва замонро ҳам ифода мекунад [3, 181].

Дар феълҳои таркибии сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ феъли ёридиҳандаи будан ҳамеша ба шакли аористи бошад ба кор меравад, ҳамчунин дар забони ҳозира аз феъли ***будан*** шакли куҳани хоҳишмандӣ (шахси сеюми муфрад) шахси сеюми танҳо «бод» ва бо садоноки «о»- «бодо» боқӣ мондааст, ки дар шиорҳо, зарбулмасалҳо, тарҳиб ва таҳқир корбурд дорад: зинда бод, ҳарчи бодо бод, муборак бод, забони бадгӯён бурида бод [3, 205].

Дар шакли замони гузашта бо аористи «***будан***». Мисол: ***хонда бошам, маслиҳат карда бошам***, ва дар гузаштаи ҳикоятӣ: ***мерафта бошам***, шакли ҳозираи давомдор: ***хонда истода бошам***, ифода мешавад [3, 207].

Феълҳое, ки ҷузъи сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ ҳастанд дар шакли тасрифӣ бо бандакҳои хабарии (шиноса) ***-ам, -ат, аст*** ва бо бандакҳои феълӣ бо аористи ***будан***: ***хондани бошам, хондани бошӣ, хондани бошад***, ифода меёбад, ки ин гуна феълҳо бар замони оянда далолат мекунанд. Ҳамчунин, феъли ёридиҳандаи ***ҳаст*** ва шакли ҳозира-ояндаи ***будан*** низ ба вазифаи бандаки хабарӣ омада, тасриф меёбад. Чун: ***хонадани ҳастам***, ***хондани ҳастӣ, хондани аст; хондани мебошам, хонадани мебошӣ, хондани мебошад.***

Ҳамчунин, феълҳое ки бо шакли ҳозира-ояндаи феъли «***шудан***» таркиб ёфтаанд, замони ҳозира-ояндаи сиғаи шартӣ-хоҳишмандиро мефаҳмонанд: ***хонадани мешавам, хондани мешавӣ, хондани мешавад***; Ин навъ аз феълҳо дар ҳар замон ва шахс дар забони форсӣ корбурде надорад ба ҷуз феъли кумакии он ***«мешавам, мешавӣ мешавад»***.

Замони гузаштаи чунин шаклҳои хоҳишмандӣ бо шакли замони гузаштаи наздики феълҳои ёридиҳандаи ***будан*** ва ***шудан*** таркиб меёбад, ки ин таркибҳо шаклҳои нақлӣ ва ҳикоягӣ низ доранд: ***донистани будам, гуфтани будааст, диданӣ шудам, бӯсидани шудааанд, баромадани мешавад***.

Дар шакли пурра сиғаи эҳтимолӣ ва мухтасари он ба шакли мухаффафи «***аст***» ба кор меравад. Шакли комил: «***хондагистам, хондагистӣ, хондагист***». Шакли мухтасари он: ***хондагиям (-ам), хондагӣ, хондагист***. Фақат дар шахси сеюми танҳо калима ***«-ст»*** дида мешавад. Ҳамчунин, дар замони ояндаи эҳтимолӣ шакли феъли «***будан***» аксаран замони ҳозира ва гоҳе замони ояндаро мефаҳмонад: ***меомадагистам, меомадагистӣ, меомадагист***. Ҳамчунин, дар сиғаи эҳтимолии замони давомдор низ баъд аз феъли ёридиҳандаи «***истодан***» ба шакли пурра ё мухтасар (бандакҳои хабарӣ) истифода мешавад: ***хонда истодагистем, хонда истодагистӣ, хонда истодагист***.

Феъли ёридиҳандаи «***будан***» дар афсонаҳо ва ривоятҳои халқӣ аксаран ба шакли нақлӣ истеъмол мешавад: Будаст, набудаст, як кампир будаст…[3, 213].

Аз он ҷо ки феъли ***будан*** яке аз муҳимтарин ва асоситарин феъл дар забони форсӣ аст ва аз гузашта то кунун бо корбурдҳои гуногун ифои нақш намудааст, бад-ин ҷиҳат дар ин мақола мухтасаре аз ин феъл, сайри тағйир ва таҳаввули маъноӣ, корбурд, замонҳо ва сохт дар забони форсӣ ва тафовут ва шабоҳати он бо забони тоҷикӣ оварда шудааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Аҳмади Гевӣ Ҳасан. Дастури таърихии феъл / Аҳмади Гевӣ Ҳасан. – Теҳрон: Нашри Қатра, 1380. – Ҷ.2. – С.1685.
2. Фаршедвард Хусрав. Феъл ва гурӯҳи феълӣ / Фаршедвард Хусрав. – Теҳрон: Интишороти садо ва симо, 1383. – С.686.
3. Грамматикаи адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе, Дониш, 1985. - Ҷ. 1. - 356 с.
4. Луғатномаи Деҳхудо. – Теҳрон: Интишороти Донишгоҳи Теҳрон, 1372. – Ҷ.3. – С.4396-4397.

ЭВОЛЮЦИЯ И ПРИМЕНЕНИЕ ГЛАГОЛА *«БУДАН» («БЫТЬ»)* В ДИАЛЕКТАХ ПЕРСИДСКОГО И ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКОВ

Персидский и таджикский языки имеют сложную систему. Они состоят из письменных и разговорных форм и местных диалектов. Каждый диалект имеет особые признаки, по которым они с одной стороны различаются между собой, а с другой стороны отличаются от литературного языка. Глагол ***будан (быть)*** является одним из основных и важных глаголов в персидском языке и до сегодняшнего времени используется в различных значениях. В данной статье автор рассматривает использование данного глагола в персидском языке, его эволюцию, изменение и значение в персидском языке и его различие и сходство в таджикском языке.

Ключевые слова: персидский и таджикский языки, эволюция языка, использование глагола будан, разлтяия и сходства, письменные и разговорные формы языка, местные диалекты.

EVOLUTION AND APPLICATION OF THE VERB *"BUDAN"* IN THE DIALECTS OF PERSIAN AND TAJIK LANGUAGES

Persian and Tajik languages have a complex system. They consist of both written and spoken forms and local dialects. Each dialect is of particular signs by which they on one side differ, but on the other hand differ from the literary language. Verb Budan (be) is a major and important verbs in the Persian language to the present time is used in different meanings. In this article the author considers the use of this verb in Persian language, its evolution, change and meaning in the Persian language and its differences and similarities in the Tajik language.

Key words: Persian and Tajik languages, the evolution of language, the use of the verb *Budan*, razlichiya and similarities, both written and spoken form of the language, local dialects...

Сведения об авторе: ***Х. Маликзода*** – аспирантка Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им.А.Рудаки АН РТ

ГЛАГОЛЫ В ФОРМЕ ПРЕДПОЛОЖИТЕЛЬНОГО НАКЛОНЕНИЯ В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ И СПОСОБЫ ИХ ПЕРЕДАЧИ НА РУССКИЙ ЯЗЫК

Ф.Х. Сангимадов
Кулябский государственный университет им. А. Рудаки

По количеству наклонений и по количеству и соотношению форм, входящих в каждое наклонение, таджикский язык богаче, чем русский.

В таджикском языке имеется особая группа глагольных форм, предназначенных для выражения предположения.

Предположение представляет собой совершенно особый вид модального значения. Это субъективная оценка реальности высказываемого со стороны говорящего, основанная на том, насколько он осведомлен о данном положении вещей. Если говорящий недостаточно осведомлен о данном факте (или же не хочет категорически утверждать), он сообщает о нем как о чем-то более или менее вероятном [Мошеев, 85].

В данной статье объектом наблюдения являются глаголы в форме предположительного наклонения в таджикском языке и способы их передачи на русский язык. Сопоставление способов и средств передачи формы глаголов предположительного наклонения таджикского языка на русский язык проводится, в основном, на материале художественных произведений таджикских писателей и их переводов на таджикский язык. Следует отметить, что с целью наиболее точного определения способов и средств передачи форм глаголов предположительного наклонения с таджикского языка на русский язык в некоторых случаях использовался подстрочный перевод.

Предположительным наклонением называется в современном таджикском языке группа форм, предназначенных для выражения предположения :Акнун дигар одам **намеомадагист** (Ф.Мухаммадиев. Рӯзи дафнии Усто Оқил, с.183). -Больше, **наверное,** никто не придет (Ф.Мухаммадиев. Похороны усто Акила, с.273). Вақташ расад, **менавиштагист,**- гуфт Исхоқи охангар (С.Турсун. Барф хам мегузарад, с.251).-Придет час, **ещё напишет,- сказал кузнец Исхак** (будущее время в знчении предположения) (С.Турсун. И снег сойдет, с.207).

Гӯсфанд, аллакай, дар дег **будагист** (С.Турсун. Барф хам мегузарад, с.250). -Баран, **наверное,** давно уже в котле (С.Турсун. И снег сойдет, с.206).

Идорааш набошад, хона **доштагист!** (С.Турсун. Мӯйсафедон, с.98). –Нет конторы, но дом-то (он), **наверное, есть** (С.Турсун. Старики, с.385).

По своему модальному значению данное наклонение выражает в таджикском языке предположение, сомнение, неуверенность. В его систему входят три формы: предположительное прошедшее, предположительное настоящее–будущее и предположительное настоящее определенное [Расторгуева, с.132].

1. Прошедшее время образуется из сочетания причастия прошедшего времени с суффиксом ***(-гb)*** и глагольной связкой ***(аст- ест)*** с последующим присоединением личных суффиксов **(-а, -ӣ, *–сти, –ем, -ед, -анд)*. *Рафта + ги + ст:***

1-***е л. –рафтагистам, рафтагистем***
2-***е л. –рафтагистӣ, рафтагистед***
3-***е л. –рафтагист, рафтагистанд.***

Эти формы выражают предположения относительно действия прошедшего аремени: Монда шуда омадагистӣ? –Ты, вероятно, пришел усталый. Восеъ гумон кард, Аноргул бо бачаҳо аз бой **омадагист ё шояд** Қосим, ки аспи бародарашро савор шуда ба осиё рафта

буд, баргашта бошад? (С.Улуғзода. Восеъ, с. 21) Восэ услышал чье –то шаги. Нет это не Аноргул с детьми. **Может быть,** это Касим, оседлавшей утром коня Восэ, уехавший верхом на мельницу? (С.Улугзаде. Восэ, с. 30) (буквально: Восе предполагал, что Аноргул, может быть, пришла в сад с детьми или возможно Касым, оседлавший утром коня своего брата и уехал на мельницу). Агар ҳаққи ғаллабоноро ҳам ҳисоб кунем, ягон ҳазор танга *шудагист, -гӯё ки ба тахмин гуфт* (С.Улуғзода. Восеъ, с. 87). *Если подсчиать также расходы на табунщика, то,* ***наверное,*** *с тысячу монет ушло, спасая положение,* ***словно бы*** *приблизительно определил Мирзо Акрам, но в действительности уже точно прикинув все и в своем вранье утроив сумму (С.Улугзаде. Восэ, с. 118).*

2.Настоящее –будущее время образуется таким же способом плюс глагольная приставка (-*ме*). **Ме+ гирифта + ги + ст:**

1-***е л. – мегирифтагистам, мегирифтагистем,***
2-***е л. – мегирифтагистӣ, мегирифтагистед,***
3-***е л. – мегирифтагист, мегирифтагистанд.***

Форма настояще–будущего времени, сохраняя общий для данного наклонения модальный оттенок речи, может распространяться на большой промежуток времени как в настоящем времени, так и в будущем времени: Ман ҳам ягон сарпаноҳ меёфтагистам (С.Турсун. Обдорӣ, с.269). –Я тоже, наверное, найду какое-нибудь пристанище.

Шумо ҳам тахмин **мекардагистед** (С.Турсун. Обдорӣ, с.274). И вы, **наверное,** предполагаете.

Ба деҳа, албатта, об меомадагист (С.Турсун. Обдорӣ, с.300). -**Наверное** в кишлак уже придет вода (С.Турсун. Полив, с.99).

Вай ҳам одам, мефаҳмидагист (С.Турсун. Обдорӣ, с.301). –Он тоже ведь человек, **наверное** понимает (С.Турсун. Полив, с.274).

Дилатон аз санг **набудагист,** бачем! (С.Турсун. Муйсафедон, с.120). –Не из камня же ваше сердце, сынок! (Буквально: Ваше сердце, **наверное,** не (состоит) из камня, сынок!) (С.Турсун. Старики, с.408).

Аслан, аҚлаш **медаромадагист** нагуфта, инро ҳамроҳи падараш ба он ҷойҳо дарахтбурӣ фиристодан даркор буд… (С.Турсун. Муйсафедон, с.121). Очевидно, не надо было, **наверное,** говорить о том, что он опомнится, а надо было отправить его с отцом туда, где лес рубят. … Охир, «пойи ман ҳам аз рикоб ягон рӯз канда мешудагист» (С.Турсун. Барф ҳам мегузарад, с.248).

3.Настоящее определенное время образуется при помощи вспомогательного глагола (-*истодан (ing)*, основной глагол при этом ставится в причастно –деепричастной (хонд + а, дод + а) форме, хонда + истода + ги + ст + ам (глагол + вспомогательный глагол *истодан* + суффикс – ги + глагольная связка –ст (аст-аст) + личный суффикс)

1-***е л. – дода истодагистам – дода истодагисем,***
2-***е л. – дода истодагистӣ – дода истодагистед,***
3-***е л. – дода истодагист – дода истодагистанд.***

Эта форма в литературном языке употребляется очень редко, причем преимущественно в художественной прозе насколько можно судить из тех немногочисленных примеров, которые мы смогли извлечь из произведений современных прозаиков, она служит для выражения настоящего времени данного момента с сохранением общего для системы этого наклонения модального оттенка, т.е. предположения: *... дар роҳ ба вай як бузичаи бесоҳиб дучор шуд. Салимбой дар нигоҳи аввал ба вай чандоне аҳамият надод. Аз дилаш гузаронд, ки соҳибаш аз ақиб* ***омада истодагист.*** (Р. Ҷалил. Оқшудагон, I, 41). *... по пути навстречу ему попался козленок без хозяина. Салимбой сначала не обратил на него внимания. Он подумал:* ***«вероятно*** *его хозяин* ***идет сзади****». ... Вай ин суханони гуфтаи маро ба вай нақл карда истодагист. –Он,* **наверное,** *рассказывает ему мои слова.*

Таким образом, анализ приведенных примеров показывает, что основным способом передачи глаголов предположительного наклонения с таджикского языка на русский язык является сочетание модальных слов со значением предположения **наверное, вероятно, может быть** и смыслового глагола.

Наблюдается иногда и их передача при помощи вводного слова, думаю, как в этом примере: Вай хам имрӯз пур **мекардагист** (С.Турсун. Обдорӣ, с.275). –**Думаю,** и он сегодня наполнит (С.Турсун. Полив, с.77).= буквально: И сегодня, **наверное,** он наполнит.

Способы передачи глаголов в форме предположительного наклонения нашли отражение в следующей таблице.

Типологические соответствия глаголов **в форме предположительного наклонения в таджикском языке и способы их передачи на русский язык нашли отражения в следующей таблице:**

№ п/п	Таджикский язык	Русский язык	приме-чание
	Бечора писарам, хафа шуда, **дилашро хӯрда гаштагист** (С. Улуғзода. Субҳи ҷавонии мо, с. 39).	Бедный мой мальчик, **наверное, мучается,** терзается теперь (С. Улугзода. Утро нашей жизни, с. 38).	
	Хеҷ гап не, камтар **хунук хӯрдагистӣ** (С.Турсун. Сукути қуллаҳо,с.145).	Ничего, **простыл, наверное,** немного (С. Турсун.Молчание вершин, с.114).	
	–Мурғ будагист, - забон хоида, гуфт Сайфиддин Умар (С.Турсун. Барф ҳам мегузарад, с.243).	–Курица… вроде бы, - запнувшись, произнес Сайфиддин Умар. (С.Турсун. И Снег сойдет, с. 199). (букв.: Очевидно, курица, - запнувшись, произнес Сайфиддин Умар).	
	Ба ҳар ҳол, ин корро дар бозгашт кунад, беҳтар будагист (С.Турсун. Пайванд, с.17).	-Во всяком случае, было бы лучше, если бы, наверное, сделала эту работу по возвращении.	
	Пир шудагист… (С.Турсун. Пайванд, с.17).	–Постарел, наверное (С.Турсун. Второе возвращение, с.10).	
	-Дуруст будагист, -гуфт Ҳамроҳрафиқ дар ҳолате ки аломати шубҳа ва норизоӣ аз чеҳрааш ҳувайдо буд (Садридин Айнӣ. Марги судхӯр, с. 252).-	**-Наверное, правильно**, - неуверенно произнес Хамра Рафик (Садриддин Айни. Смерть ростовщика, с. 88)	
	Охир ба даст **меафтидагист?** (Б.Ортиқов. Таътил, с.33).	-В конце концов, **наверное**, попадется в руки.	
	Аз афти кор, шарик ёфта **натавонистагист-дия,** фикр кард Абдурауф-амак дар бораи гӯрков (Ф.Мухаммадиев. Рӯзи дафни Усто Оқил, с.193).	**-Наверное,** могильщик не мог найти себе помощника, подумал дядюшка Абдурауф…(Ф.Мухаммадиев. Похороны усто Акила, с.282).	
	… Аҳволи Собир Мухтор дар ҳақиқат вазнин. Лекин, охир, ба ин дараҷа **набудагист,** ки ӯ пагох ё рӯзи дигар аз дунё гузарад (С.Турсун. Мӯйсафедон, с.106).	-Сабир Мухтар действительно плох. Но, **наверное,** всё-таки не до такой степени, чтобы завтра-послезавтра покинуть белый свет (С.Турсун. Старики, с.393).	
	О ту ба аспи ман чӣ кор дорӣ? Аз бахилӣ будагист (С.Турсун. Барф хам мегузарад, с.238).	–О, какое твое дело до моей лошади? Зависть, наверное (С.Турсун. И снег сойдет, с.194).	
	Чаро боз хандида –хандида, мегуфт, ки «имрӯз, албатта, **мебаромадагистед**»? Чаро? (С.Турсун. Барф хам мегузарад, с.247).	-Почему насмехнулся и говорил, что « сегодня вы, **наверное**, выйдете», - почему? (С.Турсун. И снег сойдет, с.204).	
	- Устухонам нолиш карда истодааст, - гуфт пирамард. – Боз борон меборидагист (Ф.Мухаммадиев. Арзамас, с.99).	-Ноги ноют, - сказал старик. Наверное, снова будет дождь (Ф.Мухамадиев. Арзамас, с.305)= а в переводе К дождю, видно).	
	Хеҷ гап не, камтар хунук хӯрдагистӣ (С.Турсун. Сукути қуллаҳо,с.145).-	Ничего, наверное, немножко простудился	
	-Ух, ҳалвой «роҳатулҳулқум», эҳтимол аст, ки падараш аз Боку овардагист (Ҷ. Икромӣ.Тирмор, с.36).	Ух, халву «рохатулхукум», вероятно его отец привез из Баку.	

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Расторгуева В.С. Система таджикского глагола / В.С.Расторгуева, А. А. Керимова. - Москва: Наука, 1964. – С.291.
2. Мошеев И.Б. Грамматические категории глагола в русском и таджикском языках / И.Б. Мошеев. - Душанбе: ДГПУ, 1983. – С.107.

ГЛАГОЛЫ В ФОРМЕ ПРЕДПОЛОЖИТЕЛЬНОГО НАКЛОНЕНИЯ В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ И СПОСОБЫ ИХ ПЕРЕДАЧИ НА РУССКИЙ ЯЗЫК

Статья посвящена анализу способов передачи глаголов в форме предположительного наклонения и особенностям их передачи на русский язык. Материалом для исследования послужили произведения современных таджикских писателей и их переводы на русский язык.

Ключевые слова: синтаксис, семантика, русский язык, предложение, предположительное наклонение, модальность.

VERBS IN THE FORM OF A HYPOTHETICAL IMPERATIVE IN THE TAJIK LANGUAGE AND WAYS OF THEIR TRANSFER ON RUSSIAN LANGUAGE

The article is devoted to the analysis of transfer verbs in the form of a hypothetical imperative and the peculiarities of their broadcasts in Russian language. Material for the study included the works of modern Tajik writers and their translation in Russian language.

Key words: syntax, semantics, Russian language, a proposal, a tentative mood, modality.

Сведения об авторе: ***Ф. Х. Сангимадов*** - старший преподаватель кафедры методики преподавания иностранных языков Кулябского государственного университета имени А. Рудаки Телефон: **907-52-51-35**

КАЛИМАҲОИ АВРУПОӢ ДАР ТАРКИБИ ИСТИЛОҲОТИ ФАННИИ ЗАБОНҲОИ ФОРСӢ, ТОҶИКӢ ВА ДАРӢ

А.Сияров

Масъалаҳои назариявии омезиши забонҳо ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи олимони забоншинос қарор доштааст [1;2;3;4;5]. Натиҷаи пажӯҳишҳои суратгирифтаро метавон бо суханони забоншиноси маъруфи Эрон Маликушшуаро Баҳор хулоса кард: “Дар олам ҳеҷ забоне нест, ки битавонад аз омехтагӣ бо забони дигар худро барканор дорад, магар забони мардуме, ки ҳаргиз бо мардуми дигар омезиш накунанд ва ин низ муҳол аст” [5, ҷ.I, 251].

Роҷеъ ба омӯзиши масъалаи ба орият гирифтани калимаҳои як забон тавассути забони дигар даҳҳо тадқиқоти илмӣ анҷом шудааст (6;7;8;9;10), ки баррасии онҳо аз ҷумлаи аҳдофи ин мақола нест. Дар бораи вуруди калимаҳои аврупоӣ ба забонҳои форсӣ, тоҷикӣ ва дарӣ низ баъзе корҳои пажӯҳишӣ ба субут расидааст [11;12;13]. Махсусан, тадқиқотҳои бахшида ба мавзӯи истилоҳоти фаннӣ дар забонҳои форсии Эрон, тоҷикии Тоҷикистон ва дарии Афғонистон қобили зикр аст [14;15;16;17;18;19].

Мавзӯи нақши калимаҳои ориятии хориҷӣ (аврупоӣ ва русӣ) дар истилоҳсозии фаннӣ дар забонҳои форсӣ, тоҷикӣ ва дарӣ хеле аҷиб ва диққатҷалбкунанда мебошад. Чуноне маълум аст, сабаби асосии вуруди калимаҳои ориятии хориҷӣ ба забон омилҳои ғайризабонӣ (экстралингвистӣ) ба ҳисоб меравад. Сиёсати забонии давлат, муносибатҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар, ҳамкориҳои иқтисодиву техникӣ ва тиҷоратии мамлакат бо кишварҳои хориҷӣ боис машавад, ки истилоҳоти ориятии фаннӣ аз забонҳои бегона вориди забони бумӣ гарданд.

Баррасии мавзӯи нақши вожаҳои аврупоӣ дар таркиби истилоҳоти фаннии забонҳои форсӣ, тоҷикӣ ва дарӣ ин матлабро равшану возеҳ таъид менамояд. Маҳз авомили ғайризабонӣ боиси вуруди калимот ва истилоҳоти мухталифи фаннӣ аз забонҳои аврупоӣ ва русӣ ба забонҳои форсӣ, тоҷикӣ ва дарӣ гашта, сабабгори ба вуҷуд омадани тафовут ва фарқиятҳо дар ин се забон шудаанд. Масалан, агар ба забони тоҷикӣ бинобар далоили фавқ калимот ва истилоҳоти фаннии ориятӣ асосан аз забони русӣ ворид шуда бошанд, ба забонҳои форсӣ ва дарӣ калимот ва истилоҳоти аврупоӣ (бахусус англисӣ) роҳ пайдо кардаанд ва аҷиб он аст, ки истилоҳоти аврупоӣ ба забонҳои форсӣ ва дарӣ бо роҳҳои мухталиф ворид гардида, аксаран чӣ аз лиҳози шакл (имло) ва чӣ аз лиҳози талаффуз дар ин забонҳо тафовут пайдо кардаанд.

Ф. Д. Т.

вāшер - واشر вāшал - واشل шайба

женерāтур-ژنراتور дженерāтур- جنراتور генератор

бензин -بنزین петрул -پترول бензин

бетон -بتن кāнкрит -کانکریت бетон

Дар ин мақола саъй гардид, ҳамин гуна истилоҳоти ҷолиб мавриди тадқиқ қарор гирад. Албатта, баррасии ҳамаҷониба ва комили мавзӯъ дар доираи як мақола аз имкон берун аст. Бинобар ин, бо истифода аз равиши муқоисавӣ умумият ва тафовутҳои корбурди истилоҳоти мавриди назар фақат аз лиҳози луғавӣ таҳти таҳқиқ қарор гирифтанд. Зимни баррасии муқоисавии материалҳои дардастдошта

истилоҳоти фаннии ориятии забонҳои аврупоӣ (аз ҷумла русӣ) дар забонҳои форсӣ, тоҷикӣ ва дарӣ ба гурӯҳҳои зайл тақсимбандӣ гардид:

1. Истилоҳоти муштарак дар забонҳои форсӣ, тоҷикӣ ва дарӣ (Ф+, Т+, Д+).
2. Истилоҳоти хосси забони форсӣ (Ф+,Т-,Д-).
3. Истилоҳоти хосси забони тоҷикӣ (Т+, Ф-,Д-).
4. Истилоҳоти хосси забони дарӣ (Д+, Т-,Ф-).
5. Истилоҳоти хосси забонҳои форсӣ ва тоҷикӣ, ки дар забони дарӣ истифода намешаванд (Ф+,Т+,Д-).
6. Истилоҳоти хосси забонҳои форсӣ ва дарӣ, ки дар забони тоҷикӣ истифода намешаванд (Ф+,Д+,Т-).
7. Истилоҳоти хосси забонҳои тоҷикӣ ва дарӣ, ки дар забони форсӣ истифода намешаванд (Т+,Д+,Ф-).
8. Истилоҳоте, ки дар забонҳои форсӣ, тоҷикӣ ва дарӣ муодили худро доранд (Ф-,Т-,Д-).

I.Истилоҳоти муштарак дар забонҳои форсӣ, тоҷикӣ ва дарӣ (Ф+, Т+, Д+). Як бахши умдаи истилоҳоти фаннии ориятӣ аз забонҳои аврупоиро истилоҳоте ташкил медиҳанд, ки дар забонҳои форсӣ, тоҷикӣ ва дарӣ ба сурати муштарак истифода мешаванд. Албатта, бо таваҷҷуҳ ба забони кишвари истилоҳдиҳанда (забони манбаъ) тарзи талаффуз ва навишти истилоҳоти ориятӣ дар забонҳои истилоҳгиранда (Ф, Т, Д) баъзе тафовутҳо пайдо кардаанд. Зимни баррасии ин тафовутҳо истилоҳоти мазкур ба чанд даста тақсим ва мавриди тадқиқ қарор хоҳанд гирифт.

1. Истилоҳоте, ки дар забонҳои форсӣ, тоҷикӣ ва дарӣ яксон талаффуз мешаванд.

Т. Ф. Д.
ротор - ротор - رتور ротор -رتور
реле - реле - رله реле- رله
сифон - сифон -سیفون сифон - سیفون
азот - азот - ازوت азот - ازوت

Ба ин гурӯҳ истилоҳотеро метавон дохил кард, ки дар забони тоҷикӣ зери таъсири забони истилоҳдиҳанда (яъне забони русӣ), талаффузи садоноки кӯтоҳи “а” боқӣ мондааст, вале дар забонҳои форсӣ ва дарӣ талаффузи анъанавии садоноки дарози “ā” комилан мушаххас аст:

Т. Ф. Д.
мазут māзут- مازوت māзут - مازوت
канал кāнāл - کانال кāнāл -کانال
лак лāк - لاک лāк- لاک

2. Истилоҳоте, ки тарзи навишт ва талаффузашон дар забонҳои форсӣ, тоҷикӣ ва дарӣ тафовут дорад.

Мисолҳои зиёде дида мешавад, ки ҳамон як истилоҳ дар се забони мавриди назар, ҳам аз лиҳози навишт ва ҳам аз нигоҳи талаффуз фарқ мекунад. Азбаски ин калимот аз забонҳои мухталиф вориди забони истилоҳгиранда гаштаанд, хусусиятҳои лексикии забони истилоҳдиҳандаро нигоҳ доштаанд. Масалан, калимаи “фундамент” аз забони русӣ вориди забони тоҷикӣ гашта, тарзи талаффузи русиро нигоҳ доштааст, вале ҳамин калима аз забони фаронсавӣ ба форсӣ ворид шуда “фондāсйун”-فنداسیون ва аз забони англисӣ ба дарӣ дохил шуда “фондишан” -فندیشن талаффуз мешавад. Мисолҳои дигар:

Т. Ф. Д.
алюмин āлуминийум - آلومینیوم āлмунийам - آلمونیم
кабел -кāбл کابل - кибал - کیبل
филтр -филтерفیلتر - филтар - فیلتر
мототсикл -моторсиклет -موتورسیکلت мутарсāйкал -موترسایکل

3.Истилоҳоте, ки талаффузашон дар забонҳои форсӣ ва тоҷикӣ тақрибан яксон аст, вале дар забони дарӣ фарқ мекунад:

Т. Ф. Д.
радиатор - рāдийāтор - رادیاتور рāдитар-رادیتر

карбюратор - кāрбурāтор- کاربوراتور кāрбитар-کاربیتر
гараж - гāрāж- گاراژ гāрāдж- گاراج
трансформатор -трāнсформāтор-ترانسفورماتور трāнсфурмар-ترانسفورمر

4.Истилоҳоте, ки талаффузашон дар забонҳои форсӣ ва дарӣ яксон, вале дар забони тоҷикӣ фарқ мекунад:

Т. Ф. Д.

автомат отумāт-اتومات отумāт-اتومات

контейнер кāнтинер -کانتینر кāнтинер -کانتینر

II. Истилоҳоти хосси забони форсӣ (Ф+,Т-,Д-). Ба ин гурӯҳ истилоҳоти ориятии аврупоие дохил мешаванд, ки бо таваҷҷуҳ ба ҳамкориҳои фаннӣ ва иқтисодии Эрон бо кишварҳои аврупоӣ ва Амрико, дар гузашта мустақиман аз забонҳои англисӣ, фаронсавӣ, олмонӣ ва ғайра ба забони форсӣ ворид шудаанд.

Масалан, барои ифодаи “мошини боркаш” (тоҷикӣ) дар забони форсӣ аз калимаи фаронсавии “кāмйун” -کامیون истифода мешавад, дар сурате ки дар забони дарӣ ин мафҳумро калимаи “лāри”-لاری медиҳад, ки гумон меравад аз тариқи ҳиндӣ ё урду гузашта бошад.

Ё ин ки калимаи “асид” -اسید ба маънои “кислота” дар забони форсӣ хеле маъмул аст, дар сурате ки дар забони дарӣ барои ифодаи ин мафҳум истилоҳи “тезоб”-تیزاب сохта шудааст ва ин истилоҳ имрӯзҳо ба забони тоҷикӣ ҳам роҳ пайдо кардааст.

Барои ифодаи мафҳуми соҳаи барқ - “ҳисобкунак” (тоҷикӣ) дар забони форсӣ аз истилоҳи “контур”- کنتور истифода мешавад. Ин мафҳумро дар забони дарӣ истилоҳи дигари ориятии аврупоӣ- “митар”-میتر (масалан, “митаре барқ” -میتر برق) ифода мекунад.

Истифодаи калимаи “бетуне” -بتونه ба маънои “грунтовка” (“бетуне кардан” بتونه کردن - “замазать”, “бетунегири” بتونه گیری- -замазка”, “шпаклевка”) низ хеле аҷиб аст. Ин маъниро то ҷойе дар забони дарӣ калимаи “галгал” -گلگل ва дар забони тоҷикӣ калимаи “андова” ифода карда метавонад.

Истилоҳоти зер низ хоси забони форсӣ буда, дар забонҳои тоҷикӣ ва дарӣ корбурд надоранд:

Ф. Т.

деби -دبی = фолу -فلو масраф (барои ҷинсҳои моеъ, ба русӣ: расход)

дебисандж -دبی سنج= фолуметр-فلومتر масрафсанҷ (ба русӣ: расходомер)

кāбинете барг -کابینت برق- шкафи барқ

тāблуйе барг -تابلوی برق- тахтаи тақсими барқ

бустер -بوستر тақвияткунанда

Бояд мутазаккир шуд, ки истифода аз истилоҳоти ориятии хоричӣ дар забони форсии имрӯза он гуна беравия ҳам нест. Ин масъала зери назари Фарҳангистони забону адаби форсӣ қарор дорад ва саъй мешавад, ки ба ҷои истилоҳоти ориятии хоричӣ муродифоти форсӣ сохта шаванд. Масалан, дар соҳаи барқ аз истилоҳи “сексюнер” -سکسیونر истифода мешуд, ки ҳоло ба ҷои он “келиде джодāконанде”- کلید جداکننده ба кор меравад. Мисолҳои зер низ далели ҳамин матлаб аст, ки дар паҳлӯи истилоҳоти аврупоӣ аз муродифҳои форсӣ низ ба таври васеъ истифода мешавад:

āмплифāйр -آمپلی فایر = тагвийатконанде -تقویت کننده

пāлишинг плāнт -پالیشینگ پلانت = дастгāhe намакзодāйи-دستگاه نمکزدایی

эвāпротур -اواپراتور = дастгāhe табхир-دستگاه تبخیر

флексибел -فلکسیبل = ғабеле эн‹етāф- قابل انعتاف

кулинг тāвер -کولینگ تاور = бордже хонакконанде -برج خنک کننده

III. Истилоҳоти хоси забони тоҷикӣ (Т+,Ф-, Д-). То замони соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон вобаста ба сиёсати забонии ҳамон давру замон, ба масъалаи рушду пешрафти забони тоҷикӣ, аз ҷумла ба масъалаи танзими истилоҳоти фаннӣ аз ҳисоби фонди асосии луғавии забони тоҷикӣ таваҷҷуҳи лозим дода намешуд, аз роҳи осони истилоҳгузинӣ - қабули истилоҳоти фаннӣ аз забони русӣ истифода мегардид. Яъне, номи асбобу анҷом, дастгоҳу таҷҳизот, мошин-олот ва куллия дастовардҳои илмӣ техникӣ, фановариҳои ҷадид бо ҳамон шакле, ки дар забони русӣ истифода

мешуд, вориди забони тоҷикӣ мегашт. Истилоҳоте аз қабили **подшипник, поршен, пружина, пластмасса, втулка, водород, насос, сцепление, солидол, автол, клапан, отвертка** ва ғайра далели ин матлаб ҳастанд.

Бояд мутазаккир шуд, ки барои ифодаи мафоҳими боло ва шабеҳи он дар забонҳои форсӣ ва дарӣ:

а) аз ҳисоби фонди асосии луғавӣ истилоҳ сохта шудааст:

Т. Ф. Д.

отвертка пичгушти **-پیچ گوشتی** пичкаш-**پیچ کش** пичтāб **-پیچتاب**

паялник hувийе лаhимкāри-**هویه لحیم کاری** кāва - **کاوه**

монтажник нассāб -**نصاب** бастакāр - **بسته کار**

метчик ғалāвиз -**قلاویز** пале нари - **پل نری**

б) мустақиман аз забонҳои аврупоӣ ба орият гирифта шудааст:

Т. Ф. Д.

поршен пестун **-پستون** пестун-**پستون**

пружина фанар **-فنر** эспринг- **اسپرینگ**

подстанция пост **-پست** сабэстейшан **-سب استیشن**

IV. Истилоҳоти хосси забонидарӣ (Д+,Ф-, Т-). Раванди воридшавии истилоҳоти фаннии аврупоӣ ба забони дарӣ нисбат ба забонҳои тоҷикӣ ва форсӣ бо он фарқ мекунад, ки аксари истилоҳоти мавриди назар ё мустақиман аз забонҳои аврупоӣ (англисӣ, немисӣ,) вориди забони дарӣ шудаанд ва ё аз тариқи забонҳои миёнарав (ҳиндӣ ва урду) ба орият гирифта шудаанд.

Дар забонҳои форсӣ ва тоҷикӣ муодили дигари онҳо (аз забонҳои аврупоӣ ва русӣ) ба кор меравад ва ё аз ҳисоби захираи луғавии худи ин забонҳо истилоҳ сохта шудааст.

Масалан, барои ифодаи мафҳуми “нат”**-نت** дар забони форсӣ аз калимаи эрониюласли “моhре”**-مهره** истифода шудааст, вале дар забони тоҷикӣ истилоҳи ориятии русӣ **-**“ гайка” ба кор меравад. Аз ҳамин реша калимаи “чакнат” **-چکنت** дар забони форсӣ муодили он “моhрейе поштгир” **-مهرهٔ پشتگیر** ё “моhрейе тасбит”**-مهرهٔ تثبیت** ва дар забони тоҷикӣ “контргайка” боқӣ мондааст. Истилоҳи “нат-о булт”- **نت و بولت** низ дар забони дарӣ хеле серистеъмол аст, ки ин мафҳумро дар форсӣ истилоҳи“пич-о моhре”-**پیچ و مهره** ва дар тоҷикӣ “гайкаву болт” ифода мекунад.

Баррасии маводҳои забонӣ нишон медиҳад, ки дар муқобили истилоҳоти ориятии фаннии аврупоиасли забони дарӣ дар забонҳои форсӣ ва тоҷикӣ аз ҳисоби захираи луғавии худи забонҳои форсӣ ва тоҷикӣ истилоҳот сохта шудааст:

Д. Ф. Т.

варакшāп -**ورکشاپ** кāргāh -**کارگاه**,таъмиргāh-**تعمیرگاه** устохона

рендж- **رنج** āчāр **-آچار** калид

палāс **-پلاس** гāзанбор**گازانبور** - анбур

волдинг **-ولدینگ** джуш **-جوش** кафшер

волдингкāр **-وولدینگ کار** джушкāр **-جوشکار** кафшерчӣ

волдингкāри **-وولدینگ کاری** джушкāри **-جوشکاری** кафшеркорӣ

Аммо, дар забони дарӣ истилоҳоти аврупоие вуҷуд дорад, ки дар забонҳои форсӣ ва тоҷикӣ муодили дигари аврупоӣ доранд:

Д. Ф. Т.

джампин-**جمپین** комакфанар **-کمک فنر** амортизатор

палак **- پلک** шам،е мāшин **-شمع ماشین** свечаи мошин

груп **- گروپ** лāмп **-لامپ** лампочка (фурӯзонак)

энглāйрин **-انگلارین** набшийе āhани **-نبشی آهنی** уголок (оҳани секунҷа)

āйлпамп **-آیل پمپ** помпе роуған **-پمپ روغن** насоси равған.

V. Истилоҳоти хоси забонҳои форсӣ ва тоҷикӣ, ки дар забони дарӣ истифода намешаванд (Ф+,Т+, Д-). Ба назар чунин мерасад, ки азбаски забонҳои тоҷикӣ ва дарӣ дар муқоиса бо форсӣ бештар ба ҳам наздиканд ва умумиятҳои зиёдтар доранд, аз нигоҳи миқдори истилоҳоти фаннии аврупоӣ низ бояд бо забони форсӣ ихтилофоти бештар дошта бошанд. Вале, тадқиқи материалҳои мавриди назар нишон медиҳад, ки дар масъалаи истифода аз

истилоҳоти ориятии русӣ - аврупоӣ байни забонҳои тоҷикӣ ва форсии муосир умумиятҳое низ вуҷуд дорад, ки забони дарии Афғонистон орӣ аз он аст. Мисолҳои зерин далели ин матлаб аст:

Ф. Т. Д.

кāпот -کاپوت капот бāнет-بانت

примус -پریموس примус уштуп-اشتوپ

тормоз -ترمز тормоз брик-بریک

кāртер -کارتر картер кренкес-کرنکس

мотор -موتور мотор энджин-انجین

бāк -باک бак тāнк -تانک

Тавре дида мешавад, истилоҳоти ин гурӯҳ мустақиман аз забонҳои русӣ ва аврупоӣ вориди забонҳои форсӣ ва тоҷикӣ шудаанд (монанди “тормоз”ترمز , “матор”موتور , “бāк”-باک), вале дар забони дарӣ ин мафоҳимро истилоҳоти ориятии англисӣ ифода мекунанд (монанди: “брик”-بریک, “энджин” -انجین, “тāнк”-تانک), ки аз тариқи дигар вориди забони дарӣ шудаанд. Мисолҳои зерин ин матлабро боз ҳам қавитар месозанд:

Ф. Т. Д.

алиф -الیف алиф (олифа) варнис-ورنیس

эшпил -اشپیل шпилка кāтарпен-کاترپن

мāшин -ماشین мошин мутар -موتر

Аммо, ҳастанд ҳолатҳое, ки дар забони дарӣ барои ифодаи истилоҳи ориятии аврупоии муштарак дар забонҳои форсӣ ва тоҷикӣ, аз ҳисоби фонди луғавии худи забони дарӣ истилоҳ сохта шудааст:

Ф. Т. Д.

āсфāлт -آسفالت асфалт қир -قیر

брезент -برزنت брезент кермеч-کرمچ, тарпол-تربال

āрмāтур -آرماتور арматура сихе гул -سیخ گول

электрод -الکترود электрод сихе волдинг-سیخ ولدینگ

Як қатор истилоҳоти ориятии аврупоӣ ва русӣ, зимни ворид шудан ба забонҳои форсӣ ва тоҷикӣ ба тағйироти савтӣ ва имлоӣ дучор шудаанд, яъне ҳам аз лиҳози навишт ва ҳам аз нигоҳи талаффуз дар забонҳои қабулкунанда (форсӣ ва тоҷикӣ) тағйирот ба вуҷуд омадааст:

Ф. Т. Д.

отубус-اتوبوس автобус сервис-سرویس

бошке -بشکه бочка, бушка билар-بیلر

лāмп -لامپ лампочка,(фурӯзонак) горуп-گروپ

шиланг-شیلنگ шланг пāйп -پایپ ,пайп-پیپ

VI. Истилоҳоти хоси забонҳои форсӣ ва дарӣ, ки дар забони тоҷикӣ истифода намешаванд (Ф+, Д+, Т-).

Зимни баррасии истилоҳоти фаннии ориятӣ аз забонҳои аврупоӣ, ки дар забонҳои форсӣ ва дарӣ корбурди муштарак доранд, аз лиҳози тарзи навишт ва талаффуз дар ин ду забон, онҳоро метавон ба 3 гурӯҳ тақсим кард:

1. Истилоҳоте, ки тарзи навишт ва талаффузашон дар забонҳои форсӣ ва дарӣ яксон аст:

Ф. Д. (тарҷума ба русӣ)

джак -جک джак-جک домкрат

тйуп -تیوپ тйуп -تیوپ камера

тāйр -تایر тāйр -تایر покришка

инч -اینچ инч -اینچ дюйм

феландж -فلنج феландж -فلنج фланец

2. Истилоҳоте, ки тарзи навишташон дар забонҳои форсӣ ва дарӣ яксон аст, вале аз лиҳози талаффуз фарқ мекунанд:

Ф. Д. (тарҷума ба русӣ)

пелāстик -پلاستیک плāстик-پلاستیک пластмасса

пудр -پودر пудар -پودر порошок

поруже-روژه пружа -پروژه проект, объект

помп -پمپ памп -پمپ насос

гриспомп -گریسپمپ гриспамп -گریسپمپ шприц

3. Истилоҳоте, ки ҳам тарзи навишт ва ҳам талаффузашон дар забонҳои форсӣ ва дарӣ фарқ мекунанд:

Ф. Д. (тарҷума ба русӣ)

болберинг-بلبرینگ булберинг-بولبرینگ подшипник

келāч -کلاچ калач -کلچ сцепление

борус -بروس бурс -بورس щетка

галāн -گلان гилан -گیلن канистра

бāтри -باتری бетри -بطری аккумулятор

буш -بوش ,бушинг -بوشینگ борш -برش втулка

валв -ولو вāл -وال клапан, задвижка

эрт -ارت āрт -آرت заземление

Аз нуқтаи назари муқоиса бо забони тоҷикӣ, истилоҳоти фаннии ориятӣ аз забонҳои аврупоиро, ки дар забонҳои форсӣ ва дарӣ истифодаи муштарак доранд, ба гурӯҳҳои зайл метавон тақсим кард:

а) истилоҳоте, ки дар забони тоҷикӣ муодили русӣ доранд:

Ф. Д. Т.

шāрж -شارژ чāрдж -چارج заряд

пули -پولی пули -پولی шкив

куплинг -کوپلینگ куплинг -کوپلینگ муфта (сантех.)

пестун پستون пестун -پستون поршен

б) Истилоҳоте, ки дар забони тоҷикӣ муодили тоҷикӣ доранд:

Ф. Д. Т.

āрмичер -آرمیچر āрмичар-آرمیچر лангар

шāфт -شافت шāфт -شافت меҳвар

волтāж -ولتاژ волтāж -ولتاژ шиддат

грис -گریس грис -گریس равғани молиданӣ

сервисе фанни -سرویس فنی сервисе фанни -سرویس فنی хизматрасонии техникӣ

в) истилоҳоте, ки дар забони тоҷикӣ гузинаҳои мухталиф доранд: Ф. Д. Т.

āлйāж -آلیاژ āлйāж -آلیاژ омехта, омеза, (сплав)

фйуз -فیوز фйуз -فیوز муҳфиз, зомин (предохранитель)

кувейл -کویل кувайл -کویل симпеч, ғалтак, (катушка)

барāкет -براکت барāкет -براکت нигаҳдоранда, (кронштейн)

эксел -اکسل аксал -اکسل меҳвар, (ось)

свич -سویچ свич -سویچ калид, (виключатель)

VII. Истилоҳоти хоси забонҳои тоҷикӣ ва дарӣ, ки дар забони форсӣ корбурд надоранд (Т+, Д+, Ф-). Теъдоди истилоҳоти фаннии ориятӣ аз забонҳои аврупой, ки дар забонҳои тоҷикӣ ва дарӣ муштаракан истифода шуда ва дар забони форсӣ корбурд надошта бошанд, зиёд нест. Бар асоси материалҳои забонии дардастдошта, истилоҳоти мазкурро метавон ба чанд гурӯҳ тақсим кард:

а) истилоҳоте, ки дар забонҳои тоҷикӣ ва дарӣ аз лиҳози талаффуз яксон истифода мешаванд, вале дар забони форсӣ корбурд надоранд:

Т. Д. Ф.

болт-булт -بولت пич-پیچ

шифер-шифер -شیفر ирāнит-ارانیت

лифт-лифт -لیفت āсāнсур-آسانسور

баллони газ-бāлуне газ -بالون گاز кāпсуле гāз-کاپسول گاز

б) истилоҳоте, ки дар забонҳои тоҷикӣ ва дарӣ бо баъзе тафовутҳои овозӣ ва имлоӣ корбурд доранд, вале дар забони форсӣ истифода намешаванд:

Т. Д. Ф.

буксир-буксал -بوکسل йадаккеш -یدک کش

изолятор (эл.)-селитар -سلیتر мағаре -مقره

геология-джиюлуджи -جیولوجی заминшенāси -زمین شناسی

геолог-джиюлуджист -جیولوجیست заминшенāс -زمین شناس

инженер-инджинер -انجینیر моhандес -مهندس

Ҳамон тавре, ки дар мисолҳои боло ба мушоҳида расид, ба ҷои истилоҳоти аврупоии яксон дар забонҳои тоҷикӣ ва дарӣ дар забони форсӣ истилоҳоти дигари ғарбӣ (воридшуда аз забонҳои дигари аврупоӣ) корбурд доранд. Ба монанди: “ирāнит”-ایرانیت , “капсул”-کپسول , “āсāнсур”-آسانسور. Вале, дар аксари маворид дар забони форсӣ аз ҳисоби фонди луғавии худи забони форсӣ истилоҳсозӣ сурат гирифтааст. Мисолҳои боло далели ин матлаб аст.

VIII. Истилоҳоте, ки дар забонҳои форсӣ, тоҷикӣ ва дарӣ

муодили худро доранд (Ф-,Т-, Д-).

Истилоҳоти ин бахшро метавон ба 3 гурӯҳ тақсим кард:

а) истилоҳоте, ки дар ҳар се забон муодили гуногуни аврупоӣ доранд:

Ф. Д. Т.

лāстик -لاستیک рāбар -رابر резин (а)

периз -پریز сāкет -ساکت розетка

филер -فیلر гич -گیچ шуп

кулис -کولیس компас -کمپس штангенциркуль

герāйил-گرائیل сийāил -سیائیل нигрол

рāдийолужи-رادیولوژی эксриз -اکسریز рентген

кāмйуне компреси-کامیون کمپرسی дамтарак -دمترک самосвал

тāнкере āб -تانکر آب мутаре āбкаши -موتر آبکشی мошини обкаши

супāп -سوپاپ вāл -وال клапан

винч -وینچ мāшине каш -ماشین کش лебедка

б) истилоҳоте, ки дар забонҳои тоҷикӣ ва дарӣ муодили гуногуни аврупоӣ доранд, вале дар забони форсӣ муодили форсӣ касб кардаанд:

Т. Д. Ф.

патрон (эл.) вулдар -وولدر сарпич- سرپیچ, негаhдāранде -نگهدارنده изолента рāбартип -رابرتیپ навāрчасбе āйеғ-نوارچسب عائق

гайка нат -نت моhре-مهره

барабан чайн -چین остувāне -استوانه ғалтак -غلتک

шестерня гарāри -گراری чархданде-چرخدنده

солярка дизал -دیزل нафте гāз-نفت گاز

рул эштринг -اشترینگ фармāн -فرمان

в) истилоҳоте, ки дар забонҳои форсӣ ва дарӣ муодили гуногуни аврупоӣ, вале дар забони тоҷикӣ муодили мухталифи тоҷикӣ ва русӣ доранд:

Ф. Д. Т.

ленте тормоз -لنت ترمز лидербрик -لید ربریک навори тормоз, лентаи тормоз

роуғане тормоз -روغن ترمز тиле вайкомбрик -تیل ویکم بریک моеи тормоз, равғани тормоз

симбоксел -سیم بکسل кибал -کیبل банд, сим, (трос)

кāмйун -کامیون мутаре лāри موترلاری мошини боркаш, (грузовик)

панке -پنکه пака-پکه бодбизан, (вентилятор)

эксāйтур-اکسایتور дāйнамуйе барқ -داینموی برق муҳаррик, (возбудитель)

свичбурд-سویچ بورد свичбурд -سویچ بورد маркази идора, (пульт управления)

Хулоса, бо вуҷуди пажӯҳишҳои фаровони илмӣ дар бораи омезиши забонҳо, вуруди калимаҳои ориятӣ ба забонҳои мухталифи дунё, мутаассифона мавзӯи истилоҳоти фаннии ориятии аврупоӣ дар забонҳои форсӣ, тоҷикӣ ва дарӣ ба сурати муқоисавӣ то ҳанӯз мавриди тадқиқоти ҷудогона қарор нагирифтааст. Баррасии муқоисавии мавзуъ нишон дод, ки алорағми баъзе умумиятҳо дар истифода аз истилоҳоти фаннии аврупоӣ дар се забони номбурда як силсила тафовутҳо низ ба мушоҳида мерасад, ки асосан бинобар омилҳои ғайризабонӣ (экстралингвистӣ) ба вуҷуд омадаанд.

Азбаски Тоҷикистон тайи чанд қарни охир дар як муҳити алоҳидаи сиёсию иҷтимоӣ, аввал дар таркиби Аморати Бухоро, баъдан дар таркиби Иттиҳоди Шӯравӣ арзи вуҷуд мекард, забони тоҷикӣ то андозае ба сурати ҷудогона аз забонҳои Эрону Афғонистон ташаккул ёфт ва ин боис шуд, ки калимоту истилоҳоти ориятии хориҷӣ бештар аз забони русӣ ва ё аз тариқи забони русӣ ба забони тоҷикӣ

ворид шаванд. Забонҳои форсии Эрон ва дарии Афғонистон дар муҳити дигари сиёсию иҷтимоӣ ва ҳамкориҳои фаннию иқтисодӣ бо кишварҳои ғарбӣ ташаккул ёфта, ба ҳамин далел калимаю истилоҳоти фаннӣ бештар аз забони кишварҳои ғарбӣ ба орият гирифта шуд. Ин аст, ки дар истифода аз истилоҳоти фаннии аврупоӣ як умумияте байни забонҳои форсӣ ва дарӣ ва тафовутҳое бо забони тоҷикӣ ба вуҷуд омад. Бар асоси материалҳои мавҷудаи забонӣ ин умумият ва тафовутҳо дар 8 бахши ҷудогона мавриди тадқиқ қарор гирифт.

А Д А Б И Ё Т

1. Будагов Р.А. Введение в науку о языке / Р.А Будагов. - М.: Изд-во Просвещение, 1965. – 492 с.
2. Реформатский А.А. Введение в языкознание / А.А Реформатский. – М.: Изд-во Просвещение, 1967. - С.135-137.
3. Хауген Э. Процесс заимствования / Э Хауген // Новое о лингвистике. Языковые контакты. – М.: Прогресс, 1972. - Вып.6. - С.344-380.
4. Ефремов Л.П. Сущность лексического заимствования и основные признаки освоения заимствованных слов: дисс. …канд. филологических наук / Л.П Ефремов. - Алма-Ата, 1958. – 288 с.
5. **بهارملک الشعرا محمدتقی.سبک شناسی یا تاریخ تطور نثر فارسی،در سه جلد،چاپ سوم،تهران چاپخانهٔ سپهر1349**
6. Аристова В.М. Англо-русские языковые контакты. (англизмы в русском языке) / В.М. Аристова. – Л.:Изд-во Ленинградского ун-та, 1978. – 151 с.
7. Крысин Л.П. Иноязычные слова в современном русском языке. - М.: Наука, 1968. – 208 с.
8. Майоров А.П. Заимствования в лексико-семантической системе языка (на материале англо-амерканизмов в современном немецком языке ФРГ и ГДР): дисс. … канд. филологических наук / А.П. Майоров. - М., 1967. – 266 с.
9. Мартынек В.Ю. Лексико-семантическая ассимиляция английских заимствований в русском литературном языке советской эпохи: дисс. … канд.филологических наук / В.Ю. Мартынек. - Днепропетровск, 1971. – 300 с.
10. Шаматов А.Н. Адаптация иноязычных заимствований в лексической системе Южного Хиндустани (по памятникам XV- начала XVIIIвв.): автореф. дисс. …доктора филологических наук / А.Н. Шаматов. – М., 1983. – 37 с.
11. Пейсиков Л.С. Лексикология современного персидского языка / Л.С. Пейсиков. – М.: Изд-во Моск. ун-та, 1975. – 206 с.
12. Загребельный В.Н. Европейские лексические заимствования в современном дари Афганистана: дисс. … канд. филологических наук / В.Н. Загребельный. 1977. – 179 с.
13. Сияров А. Иқтибосҳои нави европоӣ дар забони дарӣ / А. Сияров // Масъалаҳои шарқшиносӣ. Маҷмӯаи мақолаҳои олимони ҷавон бахшида ба съезди XXVII КПСС. - Душанбе: Дониш, 1987. – С.44-50.
14. Хашимбеков Х. Актуальные вопросы терминологии языка дари (Проблема усвоения заимствований): дисс. канд. филологических наук / Х. Хашимбеков. – М., 1967. – 277 с.
15. Уралов Х.У. Техническая терминология современного языка дари и таджикского языка (сопоставительный анализ): автореф. дисс. … канд. филологических наук / Х.У. Уралов. – М., 1974. – 28 с.
16. Борисова Г.Г. Проблемы терминологии современного персидского языка / Г.Г. Борисова. - Москва, 1976.
17. Наджафов Г.Г. Проблемы терминологии современного персидского языка / Г.Г. Наджафов. – М., 1976.
18. Акбарпур Алиреза. Терминологическое строительство в Иране: дисс. канд. филологческих наук / Алиреза Акбарпур. - Москва, 2006.
19. Сотова О.М. Основные структурно-семантические особенности терминообразования в современном персидском языке: дисс. канд. филологических наук / О.М. Сотова. – Москва, 2008.

ЕВРОПЕЙСКИЕ ЗАИМСТВОВАНИЯ В СОСТАВЕ ТЕХНИЧЕСКОЙ ТЕРМИНОЛОГИИ ПЕРСИДСКОГО, ТАДЖИКСКОГО И ДАРИ ЯЗЫКОВ

Одним из отличительных пластов лексики персидского, таджикского и дари языков являются европейские (в том числе русские) заимствованные слова, которые начали проникать в словарный состав выше указанных языков в течение последних двух веков. Среди заимствованных европейских слов особое место занимает техническая терминология. В зависимости от торгово-экономических, научно-технических отношений Ирана, Таджикистана и Афганистана с различными странами мира, поступления товаров, оборудования, техники, механизмов и новой технологии из этих стран формировалась своя специфическая терминология, которая в свою очередь стала причиной возникновения некоторых различий в словарном составе этих языков.

В данной статье на основании имеющегося языкового материала анализируется общность и различия, а также специфические особенности употребления технической терминологии, заимствованной из европейских языков (в частности с русского языка) в составе технической терминологии персидского, таджикского и дари языков.

Ключевые слова: европейские заимствованные слова, техническая терминология, специфические термины персидского и дари языков, специфические термины таджикского языка, употребление технической терминологии.

EUROPEAN BORROWINGS AS PART OF TECHNICAL TERMINOLOGY OF THE PERSIAN, TAJIK AND DARI LANGUAGES

One of the most distinctive vocabulary strata of the Persian, Tajik and Dari languages are the European (including Russian) borrowed words which star ted penetrating the vocabulary of the named languages during the latest two centuries. Technical terminology takes a special place among the borrowed European lexical units. Depending on trade-economic and technical- scientific relations of Iran, Tajikistan and Afghanistan with various

world countries, resulting from entering of goods, equipment, machinery, mechanisms and new technology from these countries, their peculiar terminology was being shaping which in its turn caused origination of some distinctions in the vocabularies of these languages.

Basing on the available linguistic material, the given article intends to analyze the similarity and differences, as well as specific peculiarities in using technical terminology borrowed from European languages (particularly Russian) to the technical terminology of the Persian, Tajik and Dari languages which are to be considered using comparative method.

Key words: European loan words, technical language, specific terms Persian and dari languages, the specific terms of the Tajik language, the use of technical terminology.

Сведения об авторе: ***А. Сияров*** **-** кандидат филологических наук, Республика Таджикистан.
Телефон: **909-90-19-27; 985-17-13-75. E-mail: bobosh_9797@mail.ru**

ГРАММАТИЧЕСКИЕ СВОЙСТВА ЛИЧНЫХ МЕСТОИМЕНИЙ В ВАХАНСКОМ ЯЗЫКЕ

Б.М. Неъматова
Хоругский государственный университет им М.Назаршоева

Основываясь на определении местоимения, приведенном в Лингвистическом энциклопедическом словаре: «Местоимение-лексико-семантический класс слов, в значение которых входит либо отсылка к речевому акту (...), либо указание на тип речевой соотнесенности слова с внеязыковой действительностью...» [2, 294-295], мы придерживаемся следующего рабочего определения личного местоимения: «Личным местоимением называется такая грамматическая лексема, основной функцией которой является выражение категории лица, то есть категории, граммемы которой характеризуют роль данного участника в данном речевом акте» [4, 202].

Одним из основных вопросов исследования местоимений является вопрос о классификации местоимений в целом. В книге К.Е. Майтинской «Местоимения в языках разных систем» приводятся примеры возможных оснований классификации личных местоимений: по синтаксическому использованию, по происхождению и т.д. [3, 148].

Первые классификации местоимений ваханского языка отражены в работах Т.Н.Пахалиной [1969; 1977], которые нашли окончательное обобщение в монографии «Ваханский язык». Развернутая и, в некоторых случаях, основанная на некоторой иной точке зрения классификация местоимений, в том числе и личных, дается в работе А.Л.Грюнберга и И.М.Стеблина-Каменского [1][*].

Исследователи ваханского языка к разряду личных местоимений в ваханском языке относят личные местоимения 1 и 2 лица: *wuz* (я), *sák*(мы); *tu* (ты), *sáiš* (вы). Они особо подчеркивают, что в функции личных местоимений 3 лица употребляются указательные местоимения трех степеней: *yáw* (он), *yáwiš* (они).

Следует признать объективность приводимой классификации, мы также следуем за всеми исследователями ваханского языка и включаем в описание системы личных местоимений и местоимения третьего лица. Синтаксически они ведут себя абсолютно идентично местоимениям 1 и 2 лица, а также сильно отличаются от дейктических местоимений. И тем не менее при исследовании необходимо рассматривать местоимения разных лиц независимо друг от друга.

Личные местоимения в ваханском языке по способу обозначения отвлеченного значения (указательной функции, в том числе и заместительной) принято относить к особому разряду местоимений, называющихся местоимениями-существительными, так как в речевой ситуации они конкретизируются, указывая на предмет, замещая собою существительное и выражая значение указания в морфологических категориях падежа и числа. Исходя из этого, признак предметности местоимений следует воспринимать как грамматическое свойство, выражающееся в указании на лица или не лица или только лица. Наряду с личными местоимениями данное грамматическое свойство в ваханском языке характерно также для других разрядов местоимений, как возвратное местоимение (*xát*–себя), вопросительные местоимения (*kuy?*–кто? *čiz?*-что?), неопределенные местоимения (*kuy-ki-cəy* - кто-то; *čiz-ki-cəy*–что-то), отрицательные местоимения (*əč-kuy* - никто, *əč-čiz*–ничто), указательные местоимения (*yəm, yət, yaw, yəmiš* и др).

[*] Систему форм местоимений приводит в своей работе The Wakhi Language. (L., 1958), также Lorimer D.L.R. Однако, из-за недостаточно выверенной и последовательной фонетической записи ее трудно интерпретировать.

Таким образом, семантическим ядром объединения личных местоимений в одно микрополе местоимений является указание на предмет, или предметность. Опираясь на эти собственные морфологические характеристики, в некоторых исследованиях считается достаточным основанием для выделения местоимений-существительных в самостоятельную часть речи [8].

Что касается конкретного проявления грамматического свойства предметности в разряде личных местоимений, то в контексте или в речевой ситуации личные местоимения могут замещать собою существительные. Личные местоимения *wuz* –я, *tu* – ты; *sák* -мы, *sáiš* -вы указывают только на лица и замещают в конкретной речевой ситуации существительные, являющиеся названиями лица.

Особенностью указательного значения личных местоимений первого лица является также то, что они составляют центр, ядро обозначения данного значения, так как они указывают на говорящее лицо. Для других личных местоимений характерно не только указание на лицо, но и прежде всего выражение степени удаленности от говорящего лица. Исходя из этого, ядром их семантики является указание на степень удаленности от говорящего лица: *wuz –tu –yaw; sak –sa-yiš(t) –yaw-išt*. также в том, что в отличие от местоимений-прилагательных и местоимений-числительных они морфологически не объединяются с существительными, что проявляется в отличительных признаках выражения грамматических категорий у местоимений-существительных(хотя следует отметить, что не всегда последовательно).

Личные местоимения обладают грамматической категорией лица, указывая на отношение субъекта действия к говорящему лицу. В отличие от глагола категория лица в местоимениях выражается не рядом грамматических форм (лица и числа - в ваханском языке), а набором определенных слов.

Местоимение *wuz* указывает на первое лицо единственного числа; т.е. лицо - говорящее. Местоимение *sak* указывает на первое лицо множественного числа. Местоимение *tu* указывает на второе лицо единственного числа, т.е. лицо, участвующее в разговоре–диалоге. Местоимение *sa-yiš(t)* указывает на второе лицо множественного числа, также участвующее в диалоге. Указательные местоимения *yaw–yaw-iš(t),* употребляются вместо третьего лица единственного и множественного числа.

Грамматическая категория числа имеет своеобразный способ выражения в структуре личных местоимений, образуя форму множественного числа для местоимений первого и второго лица от другой (супплетивной) основы: *wuz–sak, tu–sa-yiš(t),* при этом местоимение первого лица проявляет в данном случае большую последовательность в выражении явления супплетивации, образуя форму множественного числа без формальных показателей, только неосложненной основой местоимения *sak*.

Другая типовая форма выражения множественного числа–это супплетивная форма с формальным выражением категории числа при помощи суффикса *-iš,* что характерно для местоимения второго лица: *sa-yiš*.

Местоимение третьего лица образует множественное число при помощи суффикса–*iš(t): yaw-iš(t)*, максимально сближаясь по способу выражения с именами существительными.

Следует отметить, что семантика грамматической категории числа в структуре личных местоимений имеет свои особенности, отличая ее от имен существительных. Во-первых, следует особо подчеркнуть, что в отличие от существительных, которые во множественном числе называют конкретное множество предметов, лиц, в семантике личных местоимений множественного числа указательная функция является основной. Во-вторых, в существительных категориально-грамматическое значение множественного числа связано с передачей значения больше одного предмета, лица, в конкретном случае–это не один предмет или лицо, а множество. Ср.: *xalg–xalgiš, perčod–perčodiš*. В семантике местоимений категориальное значение множественности–это не противопоставление одного и множества, а это совокупность одного (говорящего) с другими лицами: *wuz–sak; tu–sa-yiš(t)*. В-третьих, специфика местоимений-существительных проявляется также в том, что в отличие от существительных они в ваханском языке обладают категорией падежа. При этом следует отметить, что категория падежа в структуре местоимений-существительных тесно взаимосвязана с категорией числа. Выражая категорию падежа, местоимения-существительные проявляют специфику сопряженности и совокупности обозначения семантики категории падежа и числа (внутренней формы) в единой внешней форме, т.е. продолжают свойство совокупного выражения нескольких грамматических значений (категорий) в одной грамматической форме в историческом прошлом: *wuz–mež; tu-taw*. В этом отношении местоимения-существительные проявляют классическое типовое языковое свойство флективных языков, при котором форма слова и средство ее выражения являются многозначными, обладая несколькими грамматическими

значениями. В данном случае категории числа и падежа в структуре именного слова в ваханском языке взаимодействуют.

Наличие категории падежа местоимений-существительных признается всеми исследователями ваханского языка. Т.Н.Пахалина [1975], придерживаясь традиционного для иранистики взгляда на падежную парадигму местоимений, для личных местоимений выделяет следующие формы, которые суммарно отражаются в приведенной в ее монографии таблице [1975]:

Падеж / Число	Единственное число			Множественное число		
	Прямая форма	Объектная форма	Посессивная форма	Прямая форма	Объектная форма	Посессивная форма
1.л.	wuz (wəz)	máẓ má-	ẓы\ə	sák		s(ə)po
2. л.	tu	táw (tow) tá-	ti	sá(y)-iš(t)	sáv	

Совершенно иная интерпретация системы падежных форм местоимений дается в работе А.Л. Грюнберга, И.М.Стеблина-Каменского [1]. По утверждению А.Л. Грюнберга, И.М.Стеблина-Каменского, личные местоимения единственного числа имеют пять падежных форм -номинатив, генитив, датив, аккузатив и аблатив, которые образуются от трех основ -основы номинатива *wuz, tu*, основы генитива *máẓ̌, taw* и основы датива *ma-, ta* [1]. При этом следует отметить, что выделяемые им основы в целом совпадают с основой прямой и косвенной форм традиционно выделяемых падежей в иранистике. Падежные формы образуются при помощи *-əy/-i*–для аккузатива, *-r/-rək-для* датива, *-ən*– для аблатива, называемых авторами окончаниями [1].

Как подчеркивают авторы, образование падежей личного местоимения 2-го лица множественного числа аналогично образованию падежных форм множественного числа существительного. При этом, как указывают авторы, падежные формы множественного числа образуются от основ номинатива *sa-* и косвенных падежей *sav* (<*sa- əv*) при помощи тех же окончаний, что существительные: номинатив *sa-(y)iš(t)*. генитив *sav*, датив *sav-ərk*, аккузатив неоформленный *sav*, оформленный *sav-əy//sav-i*, аблатив *sav-ən* [1].

В целом система форм личных местоимений в грамматическом очерке А.Л. Грюнберга, И.М.Стеблина-Каменского иллюстрируется в следующей таблице

Число	Падеж / Лицо	Номинатив	Генетив	Датив	Аккузатив		Аблатив
					Неоформленный	Оформленный	
ЕЕд.ч.	1-е	*wuz*	*máẓ̌*	*má-rək*	*máẓ̌*	*máẓ̌-əy/i*	*máẓ̌- ən*
	2-е	*tu*	*áw*	*tá-rək*	*táw*	*táw-əy*	*táw-ən*
Мн.ч.	1-е	*sák*	*ák*	*sák-ərk*	*sák*	*sák-əy*	*sák-ən*
	2-е	*sá-(y)iṣ(t)*	*áv*	*sáv-ərk*	*sáv*	*sáv-əy*	*sáv-ən*

Обобщая результаты обзора отражения системы падежей в очерках по местоимениям ваханского языка, следует отметить, что существует два подхода в определении грамматической категории падежа в системе местоимений. Т.Н.Пахалина придерживается традиционной точки зрения, выделяя оппозицию прямой и косвенной форм падежей в системе местоимений, что отражает исторический путь становления и развития (=распада) системы склонения местоимений в ваханском языке.

А.Л. Грюнберг и И.М.Стеблин-Каменский в грамматическом очерке к своей работе [1976:] выдвигают новый подход к объяснению и интерпретации системы склонения именных частей речи в ваханском языке в целом и местоимений в частности. Прежде всего это касается вопроса об общеязыковой категориальной интерпретации категории падежа в системе имен в ваханском языке.

Следует отметить, что авторы придерживаются в данном случае не грамматической (морфологической) интерпретации карегории падежа, а исходят из лексико-семантического объяснения функции имен или их сочетаний в речи. Выделямые А.Л. Грюнбергом и И.М.Стеблиным-Каменским падежи номинатив, генетив, датив, аккузатив и аблатив обозначают не столько грамматические отношения между словами, а прежде всего функционально-семантические или семантико-синтаксические отношения между ними. То же самое касается также выделяемых падежных форм и средства их выражения, которые представляют собой не синтетические формы, проявляющие свойства словоизменительных категорий. Поэтому, на наш взгляд, они не могут быть названы окончаниями.

Окончание или флексия–это термин, который применяется по отношению к словооизменительным аффиксам, представляющим собой часть словоформы,

выражающую грамматическое значение грамматической категории. Окончание свойственно языкам, имеющим морфологическое словоизменение.

На наш взгляд, в системе местоимений ваханского языка противопоставление падежных отношений осуществляется путем оппозиции прямой и косвенных форм, фактически представляющих антитезу грамматических значений падежей в этой системе. Аффиксы *-ərk*, *-əy// -i*, *-ən* в структуре предложения оформляют те же отношения, которые свойственны послелогам, предлогам и другим служебным частям речи, т.е. те отношения, которые характерны для аналитического способа выражения лексико-грамматических или функционально-грамматических (синтаксических) отношений в языке. Исходя из этого, мы их рассматриваем как аналитические способы выражения одного из видов подчинительной связи–управления в ваханском языке.

Подытоживая все сказанное, следует отметить, что собственными лексико-грамматическими признаками личных местоимений является указание на предметность, что наряду с другими местоимениями выделяет их как особую группу местоимений-существительных.

К грамматическим категориям личных местоимений в ваханском языке следует относить категории лица, числа и падежа.

Категория лица в системе личных местоимений выражается не в системе форм местоимений, а набором конкретныых местоимений, при котором каждое личное местоимение указывает на конкретное лицо.

Категория числа является классификационной, словооизменительной категорией, которая в системе личных местоимений ваханского языка проявляется в противопоставлении разных основ, или специального аффикса–(y)iš(t), или одновременной оппозицией основ и указанного аффикса.

Что касается категории падежа, то в его интерпретации в исследованиях существуют различные подходы: традиционный (Т.Н.Пахалина [1975]), которая опирается на историческом развитии системы склонений личных местоимений в ваханском языке, и новый (А.Л.Грюнберг, И.М.Стеблин-Каменский [1976]), в котором парадигма личных местоимений воспринимается расширенно, средствами выражения которой считаются аффиксы *-ən*, *-əy/-i* и *-rək*, получивших в традиционных исследованиях название послелоги. На наш взгляд, при исследовании категории падежа следует придерживаться традиционной классификации, однако, при учете функциональных особенностей, особенно синтаксической функции, следует особое внимание уделить послеложным сочетаниям личных местоимений и их функционально-семантической роли в предложении [9, 12].

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Грюнберг А.Л. Языки восточного Гиндукуша Ваханский язык / А.Л. Грюнберг, И.М.Стеблин-Каменский. – Москва: Главная редакция восточной литературы, 1976. - С.505-509, 565-566.
2. Лингвистический энциклопедический словарь. - М.: Наука, 1990. – 696 с.
3. Майтинской К.Е. Местоимения в языках разных систем / К.Е. Майтинской. - М: Наука, 1969. – 284 с.
4. Мельчук И.А. Курс общей морфологии / И.А.Мельчук // Морфологические значения,часть вторая. - Москва-Вена, 1998. - Т.2. - 462 с.
5. Пахалина Т.Н. Ваханский язык / Т.Н. Пахалина // Языки народов Советского Союза: Индоевропейские языки. - М.: Наука, 1977. – С.178-192.
6. Пахалина Т.Н. Ваханский язык / Т.Н. Пахалина. – М.: Главная редакция восточной литературы, 1975. – С.52-54.
7. Пахалина Т.Н. Памирские языки / Т.Н.Пахалина. - М., 1969. – С.53-65.
8. Русская грамматика. - М.: Наука, 1980. - Т.1.
9. Саидмамадов А.А. Синтаксис ваханского языка: автореф. дисс... канд филол. наук / А.А. Саидмамадов. – М.: Институт языкознания АН СССР, 1982. – 18 с.
10. Стеблин-Каменский И.М. Этимологический словарь ваханского языка / И.М. Стеблин-Каменский. - Санк-Петербург,1999. – 514 с.
11. Lorimer D.L.R. The Wakhi Language / D.L.R. Lonimer. - L. 1958.

ГРАММАТИЧЕСКИЕ СВОЙСТВА ЛИЧНЫХ МЕСТОИМЕНИЙ В ВАХАНСОМ ЯЗЫКЕ

Настоящая статья посвящена вопросам грамматических свойств личных местоимений в ваханском языке. В ней дается критический обзор имеющейся литературы, анализируются грамматические категории, свойственные личным местоимениям в ваханском языке: лицо, число, падеж и устанавливаются средства их выражения.

Ключевые слова: личные местоимения, ваханский язык, грамматические особенности, грамматические категории, падеж, лицо, число.

GRAMMATICAL PROPERTY OF PERSONAL PRONOUN IN WAKHAN LANGUAGE

This article focuses on grammatical properties of personal pronouns in the Wakhan language. It provides a critical review of existing literature, analyzes the grammatical categories inherent in the personal pronouns in the Wakhan language: person, number, case, and set their means of expression.

Key words: personal pronouns, Wakhan language, grammatical features, grammatical categories, case,

person, number.

Сведения об авторе*: **Б.М Неъматова*** - аспирантка Хоругского государственного университета им М. Назаршоева. Телефон: **93-743-81-80. bibijon07@mail.ru.**

ВОҲИДҲОИ ОККАЗИОНАЛӢ (МАВРИДӢ) ВА ВИЖАГИҲОИ АМАЛКАРДИ ОНҲО

М.О. Музофиршоев
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Луғоти инфиродӣ, ки дар адабиёти забоншиносии тоҷик танҳо ишораҳо дар хусуси онҳо рафтааст, таҳти таҳқиқоти ҷиддӣ қарор нагирифтаанд. Дар забоншиносии муосири ҷаҳон, хосатан русӣ, ин падидаи луғавиро ҳатто ба ду гурӯҳ ҷудо кардааанд: вожаҳои потенсиалӣ ва окказионалӣ.

Калимасозии окказионалӣ ҳодисаи муқаррарии забони зинда, пеш аз ҳама нутқи шифоҳию хаттии мо буда, нутқро зинат медиҳанд, агарчи доираи истеъмолашон хеле танг аст. Баъзе аз забоншиносон имрӯз ҳам онҳоро бо наввожаҳо махлут мекунанд. Барои фарқ кардани ин навъи воҳидҳои луғавӣ аз воҳидҳои ба онҳо наздики забон, зарур аст, ки вижагӣ ва аломатҳои хоси онҳо муайян гарданд. Лыков Алексей Георгиевич–забоншиноси рус дар ин бора чунин ақида арз намудааст: «…хосияти вожаи окказионалӣ ва таркиби гуногуну вижагие, ки натиҷаи окказионалии онро ба бор овардаанд, инчунин хусусияти сераломатиро низ дорад. Модом ки муассирии хоси калимаҳои окказионалӣ аз доираи вожаҳои маъмулӣ ва муқаррарии забон дур меравад, пас онҳо соҳиби вижагиҳои худ мегарданд, аммо онҳо аз рӯйи маъно, шакл ва сохти грамматикӣ боз ҳам ба «калимаҳои муқаррарӣ» наздиканд ва байнашон гӯё як бозии маъноии махлут бо обуранг вуҷуд дорад. Аз ин ҷо масъалаи нишон додани ин механизм ба вуҷуд меояд» [6, 10-11].

Муҳаққиқони забон воҳидҳои луғавии навпайдои услубиро омӯхта, окказионализмҳоро аз онҳо ҷудо намудаанд ва аз рӯйи нишондоди аксари онҳо нӯҳ аломати хоси ин вожаҳоро муқаррар кардем: **мансуби нутқ будан, инфиродӣ будан, тавлид аз рӯйи меъёри вожасозӣ, барои як бор истифода шудан, вобастагӣ ба матни муайян доштан, ҷаззобияти хоса доштан, ихтиёрӣ будан, ихтилоти (дифффузияи) синхронию диахронӣ доштан, ҳамеша нав будан, сунъӣ сохта шудани онҳо**.

1. Мансуби нутқ будани окказионализмҳо нишонаи муҳимтарини онҳо аст. Дар ин намуд воҳидҳои луғавӣ байни воқеияти нутқ ва меъёри забон мухолифат вуҷуд дорад, зеро дар вожаҳои окказионалӣ меъёри луғавӣ риоя намегардад. Онҳо моҳият ва мафҳуми воқеияти дар лаҳзаи нутқ бавуҷудомадаро вобаста ба вазъияти баамаломада дар доираи мушаххастар ифода мекунанд. Пайдоиш ва истеъмоли онҳо ин воқеияти нутқ аст. Дар забони тоҷикӣ чунин воҳидҳои луғавӣ асосан дар ашъори адибон дучор меоянд. Шоир дар мавзӯи мушаххасе мехоҳад шеър офарад, аммо воқеияте пешорӯяш меояд, ки ӯ мехоҳад онро бо воҳиди луғавии мушаххастар ва фаҳмотар аз вожаи маъмули ифодагари он ба хонанда расонад. Бадоҳатан калимае месозад, ки ҳам ба вазни шеър мувофиқ аст ва ҳам ифодагари матлаби ӯст. Масалан, шоир ва адабиётшинос Рустами Ваҳҳоб дар як шеъраш, ки «Гавҳари имон» ном дорад, вожаи «маҳанмаҳ» сохта, дар ҳошия дар қиёси «шаҳаншаҳ» шоҳаншоҳ// شاهنشه//شاهنشاه шоҳаншаҳ шоҳи шоҳон, подшоҳи бузург, император [ФЗТ] сохта шудани онро қайд намудааст:

З-он **шаҳаншоҳ**он ҳамин як ёдгори родфар-
Сабз бодо осмонат, эй **маҳанмаҳ**, бо манӣ [10, 80].

2. Аз тарафи шахсе дар ягон ҳолату вазъияти муайяни нутқ офарида шудани калима (инфиродӣ будани он) низ хусусияти ин гурӯҳи вожаҳо аст. Баръакси ин ҳодиса, вожаҳои маъмул дар забон ба вуҷуд меоянд ва доираи истеъмолашон аз як матн ва ё вазъияти нутқ берун паҳн мешавад. Онҳо сермаъно мешаванд, мутазод ва муродиф пайдо мекунанд, аммо окказионализмҳо ин хусусиятро надоранд:

Дар ин замони **ҷунунҷилваи** ҳаливудӣ
Куҷо диле тапад аз нағмаҳои довудӣ? [10, 114].

3. Вожаҳои окказионалӣ аз ҷиҳати сохти грамматикӣ ҳам аз калимаҳои маъмули забон тафовут доранд. Онҳо асосан ё сохта ва ё мураккаб мешаванд. Масалан, аз «Шаҳри Хуршед» чанд вожаро мисол меорем: **раҳона** «роҳкиро», **гардона** «мотор», **ватанбон** «ҳомии ватан», **хоҳарсапедор**, **осмонитабобр**, **чашмобӣ** ва мисли инҳо. Дар эҷодиёти Рустами Ваҳҳоб ҳатто окказионализмҳоеро дучор

омадан мумкин аст, ки онҳо дар шакли ибора падид омадаанд: **яди хазро** «дасти сабз», **насими шукр, шарфаи пари ҷон** ва ғ.:

Шабе, ки ҷон бидиҳам дар фароғболии ту,
Ту **шарфаи пари ҷон**и маро намешунавӣ [10, 94].

Ё худ:

Ҳазорон дасти сабз аз хок боло мешавад имрӯз,
Яди хазро ҳазорон аз пайи имдод меояд [10, 52].

4. **Истеъмоли яклаҳзагӣ**–дар нутқ ва забон танҳо як маротиба истифода шудан дар лаҳзаи зарурӣ аломати дигари ин навъ воҳидҳои луғавӣ аст. Азбаски онҳо барои як лаҳза ва шароити муайян офарида мешаванд, «тозагии мутлақ», навии ҳамешагӣ сифати асосии онҳо мебошад. Гоҳо берун аз матн ва лаҳзаи гуфторе, ки барои ифодаи маром ва матлаби хос ин навъ вожаҳо ба вуҷуд омадаанд, онҳо маънои мушаххасро дода наметавонанд. Масалан, шоир вожаи **нила** ба маънои «чашм, чашми рангаш осмонӣ» -ро офаридааст, ки берун аз матни шеър, бидуни тафсири муаллиф, кам касоне ба ин маънӣ корбурд шудани онро пайҳас мекунанд:

Намезудояд тасвири рӯят аз хотир,
Агар ки мил кашад хасм бар ду **нила**и ман [10, 103].

Дар ФТЗТ калимаи зикргардида ба маънои “ҳар чизи кабудранг” омадааст (913).

5. Маълум аст, ки калимаҳои маъмули сермаънои забон дар матн барои ифодаи танҳо як маъно кор фармуда мешавад. Дар ин ҳолат он, албатта, ба матн вобастагӣ пайдо мекунад, аммо берун аз матн, дар алоҳидагӣ, он вожа як ё якчанд маънои асосии худро ҳамеша дода метавонад. Масалан, калимаи танга дар байти

Бар зарраи хоки мо сад чашми тамаъ боз аст,
Дар **тангаи** ин чашмон мову ту чу зиндонӣ [10, 19].

ба маънои маҷозии «оз, ҳасад, чашмгуруснагӣ» далолат мекунад, берун аз матн ин маъноро дода натавонад ҳам, маъноҳои аслии худашро («пули фулузӣ»; «гулугоҳ») ифода карда метавонад. Аммо окказионализмҳо, чунон ки дар болотар низ қайд гардид, ин хусусиятро надоранд, онҳо барои як лаҳзаи нутқ дар шароити муайян пайдо гардида, танҳо ба ҳамон матн тааллуқ доранд. Пас, **вобастагӣ аз матн** хусусият ва нишонаи дигари окказионализмҳост.

6. Муассирӣ ва ҷаззобият ҳам яке аз аломатҳои асосии вожаҳои окказиналӣ ба шумор меравад. Калимаи окказиналӣ ба матн танҳо бо маъноясш, бо маънои луғавияш вобаста мегардад, ҷаззобият, ки рангубор ва образнокро ба бор меоваранд, ба он хусусияти мустақилиро мебахшанд. Окказионализмҳо ҳамчун василаи муассирӣ ба нутқ таъсироти амиқ бахшида, ба он вижагии такрорнашавандаро мебахшанд. Чунин хусусияти ин воҳидҳои лексикиро дар маҷмӯаи ашъори зери таҳлил қароргирифта мушоҳида кардан мумкин аст: **ашкфишор, орзусиришт, ситоранисор, ҷилванописанд, ҷилвасавор, ҷунунҷилва, ситорамаоб, хунобёр, дарундида, рушаноб, хуршедёр, гаравгоҳ, равонкаҷ, атрифаронсабоз, маҳанмаҳ, осмонитабор, шохраҳ, оясаро; дашти ёҳуи ҷунун, маслахи номуси ишқ, гулшани доғи фироқ** ва ғ.

7. Окказионализмҳо хусусияти махлути ҳам синхронию ҳам диахронӣ доранд, ки ин нишонаи мураккаби онҳост. Синхронӣ будани онҳо дар муносибати онҳо бо вожаҳои муқаррари забон, монандии онҳо дар калимасозӣ, муносибатҳои дигари маъноию грамматикӣ доштанашон ва, инчунин, аз воҳидҳои лексикии маъмулӣ сохта шудани онҳо маънидод мешавад. Диахронӣ будани онҳо дар воҳиди нутқ будан, доираи истеъмоли маҳдуд доштан, камистеъмолии онҳо ва муҳимаш замони пайдоиш ва истифодаи онҳо қаламдод гардидааст. Ҳамин тавр, ҳолати тавлиди вожаҳои окказиналӣ хусусияти диахронӣ ва амалкарду муносибати онҳо бо ҳамдигар ва вожаҳои муқаррарии забон хосияти синхронии онҳост.

8. Тозагии ҳамешагӣ ё навигарии доимии окказионализмҳо низ ҳамчун аломати махсуси онҳо маънидод мешавад. Ин ба он маънӣ аст, ки наввожаҳо аз лаҳзаи пайдоиш то дар истеъмоли умум қарор гирифтанашон наввожаанд ва дер ё зуд ба қатори вожаҳои маъмул дохил мешаванд. Ин хусусияти наввожаҳоро мо дар фаслҳои гузаштаи асар қайд карда будем. Аммо окказионализмҳо воҳидҳои луғавиеанд, ки баръакси наввожаҳо хосияти кӯҳнашавиро надоранд, онҳо гӯё ҳамеша наванд.

9. Маълум аст, ки ҳар як воҳиди луғавӣ дар замони тавлидаш аз тарафи шахсе, фарде офарида шудааст, аммо дар тӯли таърих, баъди дар истеъмоли васеъ қарор гирифтанаш, он ташаккул ёфта, ба моли умум табдил ёфтааст. Калимаҳои

окказионалӣ бошанд, хосатан онҳое, ки аз тарафи адибон сохта шудаанд, дар доираи як матн амал намуда, муаллифи онҳо ҳамеша маълум аст. Аз ин ҷиҳат онҳоро воҳидҳои худсохт ё сунъӣ низ ном мебаранд, гарчанде ки аксари онҳо аз лиҳози ифодаи маъно ва сохти грамматикиашон ба қонунҳои меъёри забон мувофиқанд:

Зи таъну уҷби ситорамаобҳо нарамидӣ,
Ту, осмонитаборо, чунин фиканда гирифтӣ [10, 88].

***

Мегӯбар он чашмобиён, он селаи мурғобиён.
Ин як паёми мухтасар-камтар зи дарё нестем [10, 90].

Ҳамин тавр, окказионализмҳо воҳидҳои луғавие мебошанд, ки аз тарафи афрод (адибон, шахсиятҳо ва ғ.) дар лаҳзаи мушаххаси нутқ офарида шуда, дар ҳамон муҳит ҳамеша мемонанд. Дар забоншиносии муосири тоҷик ин қабати луғавӣ ниёз ба омӯзиш ва таҳқиқ дорад.

А Д А Б И Ё Т

1. Бабенко Н. Окказиональное в художественном тексте. Структурно-семантический анализ: учебное пособие / Н. Бабенко. - Калининград, 1997. – 211 с.
2. Брагина А.А. Неологизмы в русском языке: пособие для студентов и учителей / А.А Брагина. – М., - 1973.
3. В. В. Лопатин. Рождение слова / В. В. Лопатин. - М., Наука 1973. - 98 с.
4. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Луғатшиносӣ / Ҳ. Маҷидов. — Душанбе, 2007. – Ҷ.I – 243 с.
5. Муҳаммадиев М. Лексикаи забони адабии ҳозираи тоҷик / М. Муҳаммадиев [ва дигарон]. – Душанбе, 1997. – 189 с.
6. Ревизина О.Г. Поэтика окказионального слова / О. Ревизина // Язык как творчество. - М.: ИРЛЯ РЛН, 1996.
7. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Иборат аз ду ҷилд / мураттибон: Капранов В.А., Рауфов Ҳ., Зеҳнӣ Т. [ва дигарон]. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – Ҷ.1. – 951 с; - Ҷ 2. – 948 с.
8. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Иборат аз ду ҷилд / мураттибон С. Назарзода, А. Сангинов, Р Ҳошим, Ҳ. Рауфзода. — Душанбе, 2008. – Ҷ.1. – 950 с; - Ҷ.2. – 945 с.
9. Ҷӯраев Ғ. Луғати калима ва истилоҳоти нав / Ғ.Ҷӯраев, С.Фатҳуллоев. – Душанбе: Ирфон, 2003, - 192 с.
10. Рустами Ваҳҳоб. Шаҳри Хуршед / Рустами Ваҳҳоб. – Душанбе, 2008. - 168 с.

ФУНКЦИОНАЛЬНЫЕ ОСОБЕННОСТИ ТАДЖИКСКИХ ОККАЗИОНАЛИЗМОВ

В статье рассматриваются индивидуально-авторские новообразования, извлеченные из прозаических и поэтических текстов таджикского поэта и литературоведа Рустама Ваххоба. Подробно анализируются окказиональные слова (окказионализмы, созданные с нарушением законов системной продуктивности словообразовательных типов; окказионализмы, созданные с нарушением законов эмпирической продуктивности словообразовательных типов; окказионализмы, созданные по конкретному образцу) а также рассматриваются структурно-семантические и функциональные особенности окказионализмов.

Ключевые слова: окказионализмы, новообразования, лексические единицы, единицы речи, словообразовательные типы; функциональные особенности окказионализмов.

FUNCTIONAL FEATURES OF TAJIK NONCE WORDS

This article deals with individual copyright neoplasms, extracted from the prosaic and poetic texts of the Tajik poet and literary critic Rustam Vahhob. Detailed analysis of occasional words (nonce words created in violation of the laws of the system productivity of Word-formative types; nonce words created in violation of the laws of the empirical efficiency of Word-formative types; nonce words, created for a specific model) as well as the structural and semantic features of nonce words.

Key words: nonce words, neoplasms, lexical units, of units of speech, word-formation types; functional features of nonce words.

Сведения об авторе: ***М.О. Музофиршоев*** – кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры современного таджикского языка Таджикского национального университета

ҶУЗЪҲОИ ШАКЛСОЗИ ДАСТУРӢ ДАР ФЕЪЛ
(дар асоси маводи “Таърихи Бухоро”-и Наршахӣ)

Б.Н. Раҳмонов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳамон тавре ки мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, дар давраҳои ҷудогонаи инкишофи ҷудогонаи забони тоҷику форс, аз ҷумла дар давраи нави тараққиёти ин забонҳо, дар такомули феълҳо ду воситаи шаклсозию калимасозӣ–усулҳои аффиксатсию таркибӣ вуҷуд дошта ва роли ниҳоят калон бозидаанд [22, 105].

Дар забони форсӣ-тоҷикӣ ба ҳайси ҷузъҳои шаклсоз қабл аз ҳама воситаҳои дастурие, мисли калимаҳои (феълҳои) ёвар, вандҳо, аҷзои тасрифӣ, зада ва ғайраҳо дохил мешаванд, ки тавзеҳи ҳар якеро дар мавриди худ баён хоҳем кард.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар матни “Таърихи Бухоро” қабл аз ҳама вандҳо чун ҷузъи шаклсози феъл нақши барҷаста доранд ва доираи афъоли ёвари шаклсоз ва пасвандҳои шаклсоз маҳдуд ба назар мерасанд.

Вандҳои шаклсози феъл. Дар забони “Таърихи Бухоро”, ки намунаи насри асрҳои Х11-Х111 мебошад, вандҳои шаклсозро ба ду гурӯҳ ҷудо кардан бамаврид аст: вандҳои шакли грамматикисоз ва вандҳои феълсоз.

Як гурӯҳ пешвандҳои забони тоҷикӣ бо феъл омада, шаклҳои грамматикӣ месозанд ва ба воситаи онҳо тобишҳои нави грамматикӣ ва услубии афъол ҳамчун инкор, замон, оҳангнокии сухан ва ғайра ифода мегардад. Ин гуна пешвандҳо маънои аслии (луғавии) феълро тағйир дода наметавонанд, бинобар ин пешвандҳои шаклсоз ном гирифтаанд [7, 251]: **на-//ма, ме-//ҳаме-, би-//бу-**. Инчунин, дар адабиёти классикӣ пешвандҳои феълӣ, мисли “йо”-и ҳикоят, “алиф”-и дуо низ ба назар мерасад, ки барои насли имрӯзӣ ноошност, зеро дар каломи имрӯзиҳо чунин чизе вуҷуд надорад.

Пешвандҳои шаклсоз. Пешванди на-. Пешванди **на**- ба феъл ҳамроҳ шуда,шакли инкор (манфӣ) месозад ва ичро нашудани кору ҳолатеро мефаҳмонад [7, 251]:

*Пеш аз он ба Бухоро сим **набуд** [15, 12]. Ва ҳеҷ **сухан нагуфтанд** ва шамшерҳо кашиданд ва сари вайро бардоштанд [15, 12]. Ва сутуру дигар аҷриёни боайб ҳама ба ин бозор фурӯхтандӣ ва боз рад кардан имкон ва **сомон набудӣ** ва ҳеҷ шарт **напазируфтӣ** на фурӯшанда на харандаро [15, 23].*

Ҳангоми инкор намудани феъли замони ҳозира-оянда пешванди инкории **на**- қабл аз пешванди шаклсози **ме**- оварда мешавад:

*Вай хизмати босазо **намекунад** ва чунон медонад, ки ин зиёъ мулки ӯст [15, 20]. Эшон гуфтанд: миёни мо ва Бухорохудо адоват аст, мо хештанро бар вай эмин **намедорем** [15, 100].*

Дар феълҳои тарзи мафъулӣ пешванди инкории **на**- қабл аз феъли ёвари мафъулсози **шудан** оварда мешавад:

*...рӯй ба қибла нишаста ва чизе мехонд, чун офтоб баромад сипас нигарист, қавм **ҳозир нашуда буданд**, то илм бигӯяд [15, 90].*

Агар пешванди **на-** бо **ҳаме-** ояд, он гоҳ пас аз пешванди **ҳаме**- ҷой мегирад:

Дар забони муосири тоҷик шакли меъёрии ифодаи инкор дар феълҳо пешванди **на**- мебошад. Он бештар бо шаклҳои тасрифии феъл меояд.

Дар феълҳои сода (феъли фармоиш, аорист, гузаштаи наздик, гузаштаи ҳикоягӣ, шакли нақлӣ) пешванди инкорӣ дар аввал меояд:

Шакли инкории аорист: *Амири Садид нома кард ба Муҳаммад бинни Абдурраззоқ ба Нишобур, то ӯро **нагузорад**, ки ба Нишобур дарояд [15, 177].*

Шакли инкории замони гузаштаи наздик: *Амир Исмоил аз шарм рӯй ба вай **нанамуд** [15, 164].*

Шакли инкории замони гузаштаи ҳикоягӣ: *Эшон андар биёбон таом ва алаф **намеёфтанд** ва он сол қаҳт буд, кор бар эшон душвор шуд [15, 145]. Абӯмуҳаммад Бухорохудо худ подшоҳи Бухоро буд ва Абӯҳошим Ясорӣ баҳоят тавонгар буд ва ба сабаби моли бисёр эшонро **тоат надоштӣ** [15, 143]. Ва гуфтӣ мо аз ранҷи Марвониён акнун халос ёфтем моро ранҷи оли Аббос **намебояд**, фарзанди пайғамбар бояд, ки халифаи пайғамбар бувад [15, 102]!*

Шакли инкории замони гузаштаи нақлӣ: *Он чи дар аҳди Амири Ҳамид будааст ба тамомӣ дар китоби хеш **ёд накардааст** [15, 175]. Мисли вай касе дар вилоят **набуда**, вай аз ҷумлаи мутааххирони Бухорост, ҳам зоҳид буд ҳам олим [15, 89].*

Дар афъоли сохта ду тарзи истеъмоли пешванди инкорӣ маъмул аст: дар афъоле, ки бо пешванди **бар-, дар-, фур-** сохта мешаванд, пешванди инкорӣ аксар дар аввал оварда мешавад [7, 252], аммо дар нусхаи мавриди назари мо намунае дар чунин шакл дида нашуд.

Дар баъзе афъоли бо **бар-** ва **дар-** сохташуда пешванди инкорӣ пас аз пешванди феълсоз (бевосита қабл аз феъли асосӣ) меояд:

*Аз ин сухан як моҳ **барнаёмада буд**, ки амири Хуросон бимурд ва гавго бархост ва зиндон бишикастанд ва Ҳафс бинни Ҳошим бигурехт, саройи ӯ горат карданд [15, 87]. Ҳеҷ кас аз ин қавм аз ислом **барнагашт** ва ҳар кӣ монд бар ислом монд [15, 98].*

Ҳамчунин дар афъоле, ки бо пешванди **боз-, во-** сохта шудаанд, пешванди инкорӣ ҳамеша пас аз пешванди феълсоз қарор мегирад, монанди: **вогузошт - вонагузошт, бозгашт - бознагашт**:

*Бад-ин сабаб ин зиёъ аз дасти вай берун рафт ва беш ба дасти ӯ **бознаёмад** [15,20]. Чанд бор назди халифа рафтам ва бо халифа сухан гуфтам, маро муҳобати халифа аз он сухан **бознадошт** [15, 92]. Гуфтанд: **бознагардем** то дидори худованди хеш набинем [15, 123].*

Дар феълҳои таркибӣ ва таркибҳои феълӣ низ ду тарзи истеъмоли пешванди **на-** маъмул аст. Дар афъоли таркибии номӣ (суҳбат кардан, ёд доштан, тӯл кашидан...) ва феъли таркибии масдарӣ (хоҳам хонд, хоҳем дид, хондан гирифт, рафтан мегирифт...) ҷузъи тасрифии таркиб пешванди инкории **на-** қабул мекунад:

*Таълифи ин китоб ба арабӣ будааст ба иборате балиг ...чун бештар кас ба хондани китоби арабӣ рагбат **нанамоянд**... [15, 2]. Зоҳирин, ки амири Хуросон буд ва бозфурӯхт ба Суҳайл бинни Аҳмади Догунӣ ал-Бухорӣ ва **баҳо нагирифт** [15, 24].*

Дар феълҳои таркибии феълӣ, феълҳои замони гузаштаи дур, ки дар таркибашон феъли ёвари **будан** ҳаст ва баъзе феълҳои таркибии номӣ, ки феъли ёвари шаклсоз қабул мекунанд, пешванди инкории **на-** бо шаклҳои тасрифӣ, балки одатан бо шаклҳои ғайритасрифии феъл (қабл аз сифати феълӣ) меояд:

*Араб пеш аз ин товус **надида будаанд**, чун дар он ҷо товуси бисёр диданд, номи он деҳро "Зотуттавоис" карданд ва номи аслии ӯ Бухорост [15, 22]. Порае оташ дар миёни хокистар буд ва вай **надониста буд**, бод бурд... [15, 171].*

Баъзе таркибҳои феълӣ, аз ҷумла таркибҳое, ки аз сифати феълӣ гирифта шуда феъли ёвари **будан** қабул мекунанд, дар истеъмоли пешванди инкорӣ дубаҳраанд: мумкин аст, вобаста ба мақсад ва ё услуби сухан пешванд гоҳо бо шакли тасрифӣ ва гоҳ бо шакли ғайритасрифии феъл ояд.

Дар феъли замони оянда пешванди инкории **на-** пеш аз феъли ёвари ояндасози хостан оварда мешавад:

*...маълум кард, ки ӯро бо меҳтарони Бухоро чандон ҳурмате зиёдат нест ва ...аз ҷамъ шудани эшон манфиате ба вай **роҷеъ нахоҳад шуд** [15, 142].*

Ҳамин гуна тарзи истеъмоли пешванди **на-** дар феълҳое низ дида мешавад, ки феъли ёвари **бояд** аз онҳо дур шудааст:

*Ва симе **мебояд**, ки ҳеҷ кас аз дасти мо **берун накунад** ва аз шаҳри мо **берун набарад**, то мо бо сим миёни хеш муомилат кунем [15, 69].*

Пешванди ме-. Пешванди **ме-** ба асосҳои феълӣ ҳамроҳ шуда, шаклҳои замонӣ месозад.

Бо иттисоли ин пешванд ба асоси замони ҳозира шакли феълии замони ҳозира - оянда сохта мешавад:

*Гуфтам: аз ин пирамард чӣ **мехоҳӣ** [15, 161]? Амр Лайс гуфт: фарзандони маро некӯ дор ва ин касон, ки маро **мебаранд** васият кун, то эшон маро некӯ доранд [15, 164]. Ҳусайн бинни Ало хуруҷ кард ва бештар аз вилояти Гургон ва Табаристон гирифт ва маро ба зарурат **мебояд гурехт** [15, 167].*

Дар асар бидуни пешванди шаклсози **ме-** (дар шакли аорист), сохта шудани замони ҳозира-ояндаи феъл зиёд ба назар мерасад:

*Ҳар одина он ҷо **намоз гузоранд** ва **бозор кунанд** [15,29]. Ва имрӯз ба рӯзгори мо ҳар одина **бозор бошад...** [15, 28]. Он чи аз он деҳ **хезад**, ки имрӯз бозаргонон ба вилоятҳо **баранд** рӯйан ва **бошад** ва карбос [15, 29].*

Пешванди **ме-** бо асоси замони гузашта омада, шакли замони гузаштаи ҳикоягӣ месозад, ки он давомнокӣ ва мӯлкаратии иҷрои амалро мефаҳмонад ва тобишҳои дигари маъноиро низ ифода менамояд:

*Об бисёр **меомад** ва гили бисёр **меовард**, то ба Битак ва Фараб расид [15, 7]. Аз ҳар сӯ лашкари амир Исмоил **медаромад** ва ҳарби сахт шуд [15, 156].*

Пешванди **ме** - дар шакли замони гузаштаи ҳикоягии феълҳои сохта дар ду шакл: пеш аз пешванди феълсоз ва пас аз пешванди феълсоз омада метавонад.

• пешванди *ме*- пеш аз пешванди феълсоз:

Аз ҳар сӯ лашкари амир Исмоил ***медаромад*** *ва ҳарби сахт шуд [15, 156].*

• пешванди **ме** - дар бисёре аз афъоли сохта пас аз пешванди феълсоз оварда шудааст:

Эшон гумон бурданд, ки Тугшода аз Насри Сайёр ***дармехоҳад****, то эшонро бикушад [15,99]. ...мусалмононро мекуштанд ва киштаҳои сабзи саркашидаро ба ҳисори Наршах* ***андармеовардaнд*** *[15, 117]. Амир Исмоил Ҳусайн бинни-л-Алоро, ки соҳибшуҳрати ӯ буд ва ҳазираи Бухоро вай ниҳода буд ва кӯи Алоро ба вай* ***бозмехонанд*** *ба ҳарби ин дуздон фиристод [15, 141].*

Пешванди **ме** -. Агар феъли таркибӣ ба тариқи ҳикоят оварда шавад, он гоҳ пешванди **ме-** қабл аз феъли ёвар меояд:

Дигар Абулфазл... соҳиби "Мухтасари кофӣ" ба Бухоро қазо кард, ки ба заррае бар вай айб нагирифт ва адлу инсоф ***ом мекард*** *[15, 6]. Ӯ ба сирати падари хеш мерафт ва* ***адл мекард*** *ва инсофи раъият ба тамомӣ дод [15, 167]. Вай* ***дар банд мебуд*** *пеши Софии ходим то охири аҳди Муътазад [15, 165].*

Пешванди **ҳаме-**. Ин пешванд аз калимаи ҳамеша ба вуҷуд омада, бо пешванди **ме**- дар сохтани феълҳои замони ҳозира-оянда, гузаштаи давомдор ва монанди инҳо муродиф ва ҳамвазифа мебошад. Шояд соддагаройии соҳибзабонон сабаби собит мондани пешванди **ме**- ва аз байн рафтани пешванди **ҳаме**- гардид. Пешванди **ҳаме**– ҳамчун муродифи грамматикӣ бо пешванди **ме**- вазифаҳои дастурии яксонро иҷро менамоянд, албатта, баъзе хусусиёти фарқкунанда низ дорад. Чунончи профессор М. Н. Қосимова ишора менамоянд "Пешванди ***ҳаме***- аз феъл метавонад дур равад, он вақт маънои луғавиаш каме нигаҳ дошта мешавад: ҳаме гиря кунӣ?" [28, 211]. Дар асар ҳамагӣ сездаҳ маротиба пешванди ҳаме- истеъмол гардидааст, ки дар ифодаи шаклии чунин маъноҳои грамматикӣ саҳм гирифтааст:

1) бо асоси замони ҳозира-оянда омада, феъли замони ҳозира-оянда сохтааст:

Ман пинҳон будам ва эшон ошкоро ***ҳамеоянд****, ҳамакнун кофирон ҳамаро бигиранд [15, 82]. Амир Наср гуфт: андар чашмҳову шамоили вай хилофу исён* ***ҳамебинам*** *ва бозгашт [15, 139]. Дар ин асно амир Наср рӯй сӯйи Абдулҷаббор бинни Ҳамза карду гуфт: ё Аболфатҳ! Ин кӯдакро мо* ***ҳамефиристем,*** *то аз вай чӣ хоҳем дидан [15, 140]!*

2) бо асоси замони гузаштаи феъл омада, маънои дастурии замони гузаштаи ҳикоягиро ифода менамояд:

Амири Ҳирӣ аз Ҳирӣ даҳ ҳазор гӯсфанд оварда буд ва бо худ ***ҳамебурд****, Маоз ибни Муслим ӯро гуфт: ...ин гӯсфандонро ба Бухоро бимон ё ба ман бифурӯш [15, 122]. ...ва девор* ***ҳамеафганданд*** *ва дарахтон* ***ҳамеканданд*** *ва роҳҳоро паст карданд, то рӯзи сешанбе бомдод [15, 160]. Лашкар дар пайи эшон* ***ҳаметохт*** *ва баъзеро* ***ҳамекуштанд*** *ва баъзеро мегирифтанд, то ба ҳаштфарсангии Балх расиданд [15, 160].*

Дар асар ҳамагӣ як феъли сохта бо пешванди **ҳаме**- зикр гардидааст, ки дар он баъди пешванди феълсоз омадааст:

Сипоҳ маро андарёфт Муҳаммадшоҳ мардумонро аз ман ***бозҳамедошт****, дар ин миён амир Исмоилро дидам аз дур[15, 162].*

"Бо"-и зинат. **"Бо"**-и зинат дар гузашта хеле серистеъмол будааст, мисли "**йо**"-и ҳикоят. Ин пешванд вазифаи мушаххаси дастурӣ надоштааст, вале бо вуҷуди ин ҳам, дар бисёре аз ҳолатҳо қабл аз феълҳои замони гузашта, ҳозира-оянда, оянда, баъди пешвандҳои замонсоз (**ме-, ҳаме-**), ҳамроҳи феълҳои ёвар ва ғайра омада метавонист. Вазифаи муайяни дастурӣ надоштани он сабаб шуда, ки онро ҳар хел номгузорӣ ва шарҳу тафсир намудаанд, мисли "**бо**"**-и таъкид**, "**бо"-и зоид**, "**бо"-и зинат** ва монанди инҳо. Чунин хусусияти ин пешванд сабаб шуда, ки доираи истеъмоли он маҳдуд гардидааст ва имрӯз фақат бо феълҳои амрӣ ва замони гузашта ҳамроҳ омада метавонад, ки он ҳам ихтиёрист. Бинобар ин, хулосаи забоншиносони мутааххири тоҷик дар ин мавзуъ, вобаста ба мавқеи пешванди мазкур дар забони адабии муосири тоҷик ин аст, ки "Пешванди **би- (бу-)** низ шаклсоз буда, маънии луғавии

феълро тағйир дода наметавонад. Вай дар тарзи ифодаи феъл як навъ тобиши оҳангнокии адабӣ-китобӣ мебахшад, ки он дар назм ба баъзе қоидаҳои бадеият ва дар наср ба оҳанги гуфтор вобаста аст. Аз ин ҷиҳат, **би-** пешванди оҳангбахш номида мешавад, ки будани он дар феъл ҳатмӣ нест" [7, 255]. Пешванди **би-//бу-**ро дар осори қадим, махсусан дар луғатҳо, **«бо - и зинат»** номидааанд ва ё баъзе аз забоншиносон онро "**бо-и таъкид**" низ гуфтаанд.

Пешванди **би-//бу-** дар оғози феълҳои содаи замони гузашта ва амр меояд:

*Ӯро бисёр **биозмуданд** ба ришвати пинҳон ва ба ҳар маънӣ ба ҳеҷ чизе хештанро олуда накард [15, 5]. Абӯмуслим раҳматуллоҳи алайҳ хабар ёфт ва ӯро **бикушт** [15, 17]. ... аз оби Ҷайҳун **бигузашт** ва ба Балх рафт ва Балхро **бигирифт** ва хилоф зоҳир кард [15, 177].*

Пешванди **би-//бу-** бо шакли аористи феълҳои сода:

*Ва ҳамаи бузургону подшоҳон аз он ҷома созанд ва ба қимати дебо **бихаранд** [15, 30]. Вилояти Дайламон бигирифт ва бо Дайламон сулҳ карданд бад-он, ки ҳар сол саду панҷоҳ ҳазор дирами Нишобурӣ **бидиҳад** [15, 178]. Қасди он доранд, ки ӯро **бикушанд**, аз Бухоро бозгашт ва ба Чагониён рафт [15, 174].*

Дар асар як феъли сохта бо пешванди **би-//бу-** зикр гардидааст, ки дар он пешванди шаклсози *би-* пас аз пешванди феълсоз омадааст:

*Ва он чаҳорсад мард аз камин берун омаданд ва халқе бисёрро ҳалок карданд ва боқӣ ба шаҳр **андарбигурехтанд** [15, 104].*

Дар феълҳои таркибӣ пешванди **би-** маъмулан, қабл аз ҷузъи ёвари тасрифӣ оварда мешаванд:

*Қутайба Бухороро боз ба Туғшода дод ва ӯро **ба мулк бинишонд** ва мулк бар вай софӣ кард ва ҳамаи душманони вайро дасткӯтоҳ кард [15, 16]. Аҳмад бинни Асад марде буд олим, порсо ва ба Самарқанд мебуд то **аз дунё бирафт**, писари хешро халифа кард [15,133]. Одати вай он буд, ки ҳар рӯзе **таом бихӯрдӣ** бо он занон ва ба шароб нишастӣ ва бо эшон шароб хӯрдӣ [15, 127].*

Пешванди **би-** дар таркиби феълҳои таркибии феълӣ метавонад бо ҷузъи маъноӣ (сифати феълӣ) ояд:

*...амир Исмоил барҷой **биистода буд** ва бо вай андак мардум монд ва аз маъруфон Симоулкабир бо вай буд [15, 148].*

Дуктур Хонларӣ дар "Таърихи забони форсӣ" аз вуҷуди пешванди дигаре дар забони форсӣ, ки айнан мисли пешванди **би-** амал мекунад, хабар додааст. Чунончи ӯ менависад: "Дар баъзе аз мутуни ин давра дар сиғаҳои мозии мутлақ ба ҷойи ҷузъи пешини "**би-**" ҷузъи "**ҳо-**" ба кор рафтааст. Мақдисӣ дар бораи забони мардуми Қумис ва Ҷурҷон навиштааст, ки мегӯянд: "**ҳодеҳ**" ва "**ҳокун**" (яъне "**бидеҳ**" ва "**бикун**" – Р.Б.]. Имрӯз низ дар гӯйиши маҳаллии Мозандарон ин ҷузъ дар сари баъзе аз феълҳо дар мозӣ ва музореъ ва амр дармеояд. Шак нест, ки истеъмоли ин ҷузъ дар матнҳои форсии дарӣ ба таъсири яке аз гӯйишҳои маҳаллӣ аст. Аммо, ба яқин наметавон онро фақат ба гӯйишҳои канораи баҳри Хазар мансуб кард, зеро ки дар тарҷумаи "Таърихи Табарӣ" (Балъамӣ) низ дида мешавад ва намедонем, ки он натиҷаи тасарруфи котибе аст, ки аз мардуми ин навоҳӣ буда, ё дар қисматҳои дигаре аз ин сарзамин, ки Балъамӣ ба онҳо нисбат дошта низ, ин тарзи истеъмоли хос вуҷуд доштааст" [31, 219].

Пешванди **би- (бу-***)* дар забони муосири тоҷик фақат бо шаклҳои феълии замони гузаштаи наздик (одӣ), феъли фармоиш, шакли аорист истеъмол мегардад.

Пешванди **ма-** . Пешванди **ма-** пешванди инкорӣ буда, бо шаклҳои сиғаҳои орзуӣ (хоҳишмандӣ) ва амрӣ кор фармуда мешавад:

*Абдулҷаббор гуфт: чунин **магӯ**, ки ӯ бандаи туст [15, 141]. Ба ҷону сари хеш савганд додам, ки фурӯ **маой**, дили ман қарор гирифт ва маро ба саропарда фуруд овард [15, 162].*

Пасвандҳои шаклсоз: "Йо"-и ҳикоят. ***"Йо"-и*** **ҳикоят** (пасванди– ***ӣ//-е***) дар забони осори ин асрҳо хеле серистеъмол аст. Ин пасванд одатан амали давомнокро ифода карда, пас аз бандакҳои феълӣ ҷой мегирифт ва шаклҳои замони ҳозираоянда, замони гузаштаи ҳикоягӣ ва замони гузаштаи дури сиғаи хабарӣ месохт [10].

Шакли замони ҳозира-оянда бо «**йо»-и ҳикоят**

Шахс	Шумораи танҳо	Шумораи ҷамъ
1	фурӯшамӣ (-е), бидонамӣ (-е)	кунемӣ (-е), бихоҳемӣ (-е)
2	--	--
3	кунадӣ, оядӣ, гӯядӣ	кунандӣ

Шакли замони гузаштаи ҳикоягӣ бо **«йо»-и ҳикоят**

Шахс	Шумораи танҳо	Шумораи ҷамъ
1	омадамӣ (-е)	--
2	--	--
3	омадӣ	омадандӣ

Шакли замони гузаштаи дур бо «**йо»-и ҳикоят**

Шахс	Шумораи танҳо	Шумораи ҷамъ
1	--	--
2	--	--
3	карда будӣ	нишаста будандӣ

Бояд гуфт, ки **“йо”-и ҳикоят,** агар бо шаклҳои замонҳои ҳозира-оянда, гузаштаи ҳикоягӣ, гузаштаи дур ояд, бо амали ҳамин шаклҳои замонӣ мутобиқ мегардад. Ин шаклҳои замонӣ метавонанд амали замонҳои гуногунро фаҳмонанд. Ба мисолҳо таваҷҷуҳ бикунед.

Дар ҷумлаи зер феълҳо вазифаи феъли замони гузаштаи ҳикоягиро адо кардаанд:

*...ӯро аз ҷумлаи уббод-ус-солиҳин **гуфтандӣ** [15, 5]. Ҳеҷ ҳайвон поёб **наёфтӣ** бад-он сабаб, вилоятҳо, ки бар сӯйи Самарқанд аст, бар кӯҳҳо барфҳо **гудохтӣ** ва он об он ҷо **ҷамъ шудӣ** чун рӯде азим [15, 6]. Вай зариба ниҳода буд бар аҳли русто, ки ҳар рӯзе аз деҳқонон ...**ба хидмат омаданд** ва аз дур **биистодандӣ** ва чун Хотун берун **омадӣ** ҳама **хидмат кардандӣ** ва ба ду саф **истодандӣ** [15, 14].*

Дар феъли **ба хидмат омаданд,** агарчи аломати феъли ҳикоягӣ будани он ба назар намерасад, он ба вазифаи феъли ҳикоят омадааст ва ин андешаро афъоли мобаъдӣ низ тасдиқ менамоянд.

Дар феълҳои таркибӣ **“йо-”и ҳикоят** ҳамеша бо ҷузъи ёваре, ки бандакҳои феълӣ бо он аст, оварда мешавад:

*Ва ҳар боре **сулҳ кардӣ** ва **мол додӣ** [15, 14]. Ҳамчунон карданд ва номи ҳар касе, ки пеши ӯ **ёд кардандӣ гуфтӣ**: нашояд [15, 4]. Дар ӯ кохе будааст ободон, чунонки **масал задандӣ** ба некӯйии ӯ [15, 34].*

Баъзан “***йо”-и*** **ҳикоят** бо шакли феъли замони гузаштаи ҳикоягӣ омада, вазифаи грамматикиашро адо намекунад:

*Бад - ин вилоят обу дарахтон **бисёр будӣ** ва дар ин вилоят **шикорӣ беш будӣ** [15,8]. Эшон мардумоне буданд боҳурмату қадру манзалат ва дар миёни аҳли Бухоро эшонро **шараф** зиёда **будӣ** [15, 59].*

Профессор М.Н. Қосимова дар бораи бо шакли замони гузаштаи ҳикоягӣ омадани “**йо**”-**и ҳикоят** ва адо кардани вазифаи замони ҳозира-оянда иттилоъ додаанд [10,213], вале чунин намунае дар “Таърихи Бухоро” ба чашм намехӯрад.

“Йо”-и ҳикоят бо пешвандҳои **ме-** ва **ҳаме-** низ омадааст, ки онҳо аз рӯйи вазифаҳои грамматикиашон яксон ҳастанд ва ин гуна ҳодисаҳоро дар забоншиносӣ бо истилоҳи плеоназм номбар кардаанд, ки маъноях такрори воҳидҳои ҳамвазифаи грамматикии ифодакунандаи таъкид аст [10, 215]. Воҳидҳои дастурӣ ё луғавӣ агар дар дар ифодаи фикре такроран оянд, онҳо таъкид ва муҳим будани он амалро мефаҳмонанд:

*Ӯ дар кори мулк **нигариш кардӣ** ва **амру наҳӣ меронди** ва онро, ки хостӣ хилъат додӣ ва онро, ки хостӣ уқубат кардӣ [15, 15]. Ҳафс ҳамчунон **мутаворӣ мебудӣ**, ки бимурд ва Ҳасан бинни Ало бо бародарони хеш ба Бухоро бозомаданд [15, 87].*

“Йо”-и ҳикоятро феълҳои модалӣ ҳам қабул мекунанд:

Дар вай амире буда, ки вайро ба ҳеҷ ҳодиса ба Бухоро ***набоистӣ*** *омадан [15, 39]. Ҳама омӯхта буданд ва деворҳои баланд бар вай буд, ки* ***натавонистандӣ*** *гурехтан [15, 57]. ...ҳар ки* ***хостӣ****, ки бар ин хона дарояд он шер вайро ҳалок кардӣ [15, 168].*

Феъли **хостӣ** дар ҷумлаи мазкур вазифаи феъли мустақил (хоҳад)-ро адо кардааст.

Дар забони осори ин асрҳо муродифҳои грамматикии шаклҳои феъли замонҳои ҳозира-оянда, гузаштаи ҳикоягӣ, гузаштаи дури сиғаи хабарӣ бо ёрии вандҳои ***ме-, ҳаме-, -ӣ//-е*** вуҷуд доштанд:

Аз вай соибраъйтар касе набуд ва ба асобати раъй ***мулк медошт*** *ва мардумон ӯро мунқод гашта буданд [15, 14]. Ӯ дар кори мулк нигариш кардӣ ва* ***амру наҳӣ меронди*** *ва онро, ки хостӣ хилъат додӣ ва онро, ки хостӣ уқубат кардӣ [15, 15]. Баййинот дар Вархашиҳ ба кох барнишаста* ***шароб мехӯрд*** *ва аз манзар* ***назора мекард*** *аз дур саворон дид, ки* ***меомаданд*** *[15, 18].*

Баъзан вазифаи грамматикии **"йо**"-и ҳикоятро феъли гирифтан (ҳамчун феъли ёвар) адо менамояд:

Ва ба рӯзгори ӯ араб ба Бухоро ***омадан гирифтанд*** *[15, 14].*

"Феълҳои **ҳаст** ва **нест** дар осори манзуми ин асрҳо метавонанд пешванди **би-** ва "**йо"**-и ҳикоят қабул кунанд" *[10, 216]*, вале шоҳиди намунаи он дар "Таърихи Бухоро" набудем.

Чуноне ки дида шуд, дар марҳилаи аввали ташаккули забони форсӣ-тоҷикӣ "**йо"-и ҳикоят** дар феълҳо як чизи маъмулӣ буда, аз сабаби он ки аз ҳама бештар дар сохтани шакли давомноки (ҳикоягии) феъл саҳм дошт, онро "**йо"-и ҳикоят** ном кардаанд, вале дар умум дар бисёре аз ҳолатҳо, мисли мобаъди феълҳои замони ҳозира-оянда, гузаштаи дур ва ё дар ҳоле ки бо пешванди **ме-, ҳаме-** ҳамвазифа аст боз ҳам зикр мегардид ва ё дар ҷое, ки умуман вазифаеро адо нанамудааст, оварда шудааст ва монанди инҳо сабаб шуданд, то "**йо"-и ҳикоят** вазифаи худро ба пешвандҳое, ки ин вазифаро ба таври мушаххас адо менамуданд, супорид ва худ аз майдони дастури забон хориҷ гардид, яъне суст шудани он дар ифодаи вазифаи аслии дастуриаш–давомнокӣ ва сервазифа гадидани он, сабаби аз байн рафтани он ҳамчун аломати дастурии феъл дар забон гардид.

Алифи дуо. Алифест, ки дар афъоли маънои дуоидошта, қабл аз ҷонишини шахси савуми муфрад (ё шиноса) дар феъли замони ҳозира-оянда (бидуни **ме-, ҳаме -** ё **би-**) оварда мешуд, мисли: **кунод** (аз кунад), **бинод** (аз бинад), **расод** (аз расад), **бод** (аз бувад, ки аввал ба сурати **бувод** дармеояд ва сипас вов ҳазф мешавад]. Гоҳе ба ҷойи он ки қабл аз доли ҷонишини шахси савум алифе изофа кунанд, пас аз он ин алифро илова мекунанд: **кунадо, бинадо, бувадо**. Ва гоҳе ҳар ду алифро меафзоянд: **бодо, кунодо** [35, 145]. Дар асари мазкур фақат дар чанд ҷумлаи башумор намунаи феъл бо алифи дуоро дидан мумкин аст:

Ва чун вақти рукӯъ шудӣ, марде будӣ, ки дар паси эшон бонг задӣ: ***бикунето****, накунет ва чун саҷда хостандӣ кардан, бонг кардӣ:* ***нагуниё*** *нагунӣ [15, 97]. Язид бинни Ғӯрак малики Сугд он ҷо буд, гуфт: бақои амири Хуросон* ***бод*** *[15, 65]! Худованд сер* ***кунод*** *туро! Ҳалок шудаӣ, хабар нест [15, 82]!?*

Ин алиф дар забони муосири тоҷик мустаъмал нест, вазифаи онро калимаҳои ёваре мисли **эй, аё, ай, ё** ва монанди инҳо, ки пеш аз феълҳои дуоӣ меоянд, иваз намудаанд, аз ин ҷиҳат алифи дуоӣ тадричан аз истеъмол баромадааст.

Пасванди–а. Бо изофаи пасванди–**а** ба асоси замони гузаштаи феъл асоси дигаре сохта мешавад, ки заминаи бунёди шаклҳои феъли нақлӣ ва замони гузаштаи дур мегардад. Ба таъбири дигар бо иловаи пасванди–**а** ба асоси замони гузашта, сифати феъли замони гузашта сохта мешавад ва баъдан бар асоси он тавассути афъоли ёвар шаклҳои феъли нақлӣ ва замони гузаштаи дур ва амсоли он сохта мешавад:

Чунин гӯяд Абунаср Аҳмад бинни Муҳаммад бинни Наср ал-Қубовӣ, ки Наршахӣ китобе ***таълиф кардааст*** *[15, 1]. ...ва зикри аҳодисе, ки дар фазилати Бухоро* ***омадааст*** *аз расул [15, 1]. Ва аз карбос ба бисёр деҳҳои Бухоро бофанд ва онро ҳам занданеҷӣ гӯянд аз баҳри он ки аввал ба ин деҳ* ***падид омадааст*** *[15, 29].*

Пасванди –анд[†]**.** Ин пасванд дар ифодаи мафъулияти (маҷҳулияти) феъл истеъмол гардидааст:

Ба рӯзгори хилофати амиралмуъминин Абӯбакри Сиддиқ (р) ба Бухоро ***сим заданд****, аз нуқраи холис [15, 12].* ***Овардаанд*** *андар ҳикоят яке аз фарзандони Кисро аз оли Сосон аз падари хеш хашм гирифт... [15,61]. Ӯро* ***хабар доданд****, ки ба вилоятҳои дигар сим* ***задаанд****... [15, 68].*

Инчунин пасванди **–анд** метавонад бо худ "**йо**"-и ҳикоят бигирад, мисли:

Ва он ҷо амири Шадид Мансур ибни Нӯҳ кӯшке сохт, бағоят некӯ чунон ки ба вай ***масал задандӣ*** *аз некӯӣ [15, 55]. Ҳар боре, ки бозор будӣ дар ӯ бозии бачагон фурӯхтандӣ [15, 41] ва монанди он.*

Калимаи фурӯхтандӣ мазмунан муодили "**фурӯхта мешуд**" аст, ки фоъили он зикр наёфтааст.

Пасванди –идан. Пасванди мазкур дар сохтани феъл аз ҳисоби асоси замони ҳозира-оянда ва исмҳо саҳмгузор аст, вале сермаҳсул нест:

Якеро ***баргузиданд*** *ва амир карданд, номи ӯ Абравӣ буд [15, 8]. Аз Байгу ҷавоб омад, ки он вилоятро ба ту* ***бахшидам*** *[15, 10]. Агар касе аз аҳли Байканд ба Бағдод рафтааст ӯро* ***пурсидаанд****, ки аз куҷоӣ? Гуфтааст аз Байканд нагуфтааст, ки аз Бухоро [15, 36].*

Пасванди –онидан (-ондан]. Пасванди **–онидан (-ондан)** ба асоси замони ҳозира-оянда ҳамроҳ шуда, феъли бавосита месозад. Дар замони ҳозира-оянда бандакҳои феълӣ пас аз **–он** ва дар замони гузашта пас аз **–онид** қарор мегиранд:

Бифармуд, то маро дар амморе ***нишонанд*** *ва ба ҳурмат ба шаҳр* ***расонанд*** *[15, 162]. Ва боз аҳд карданд бар ҳамон ҷумла, ки аввал карда буданд, ки мусалмононро* ***наранҷонанд*** *[15, 119]. ...ва ғаллот аз тарафи Мовароуннаҳр ба назди бародари худ Наср фиристодӣ, то ба амиралмуъминин Муътазид* ***расонидӣ*** *[15, 19]. Яке аз он ду деҳқон бидавид ва корде бизад бар шиками Бухорохудо ва шиками ӯро* ***бидаронид*** *[15, 101].*

Аз воситаҳои шаклсози фавқуззикр "йо"-и ҳикоят ва "алиф"-и дуо дар забони муосир аз истеъмол баромадааст ва пасванди –**анд,** дар бештари маврид чун бандак истеъмол мегардад ва дар вазифаи мафъулсозӣ мисли гузашта серистеъмол нест. Доираи истеъмоли пешвандҳои **би-/бу-** ва **ҳаме-** маҳдуд гардидааст ва воситаҳои шаклсози боқӣ дар ҳамон шакл ва хусусияти классикиашон амал менамоянд.

А Д А Б И Ё Т

1. Алиев Б.Т. Глагольная лексика в «Гаршасбнаме» Асади Туси: автореферат / Б.Т. Алиев. – Душанбе, 1999.
2. Баҳор М. Сабкшиносӣ / М. Баҳор; талхиси Сайидабӯтолиби Миробидинӣ. – Душанбе: Бухоро, 2012. – 570 с.
3. Белгородский Н.А. Современная персидская лексика / Н.А. Белгородский. – Москва: Изд. АН СССР, 1936. – 112 с.
4. Бузургзода Л. Грамматикаи забони тоҷикӣ: фонетика, морфология / Л. Бузургзода, Б. Ниёзмуҳаммадов. – Сталинобод, 1941. – Қ.1. – 270 с.
5. Герценберг Л.Г. Таърихи забони тоҷикӣ / Л.Г. Герценберг, Р.Х. Додихудоев. – Душанбе, 1983. – 168 с.
6. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик / Ҳ. Каримов, А. Маниёзов, А. Мирзоев [ва дигарон]. – Душанбе: Ирфон, 1985. - Ҷ.1 – 356 с.
7. Забони адабии ҳозираи тоҷик: лексикология, фонетика ва морфология / Б. Ниёзмуҳаммадов, С.Ҷ. Арзуманов, Ҳ. Рауфов [ва дигарон]. – Душанбе: Ирфон, 1973. - Қ.1 – 385 с.
8. Зеҳнӣ Т. Аз таърихи лексикаи забони тоҷикӣ / Т. Зеҳнӣ. – Душанбе: Дониш, 1987. – 234 с.
9. Камолова Г. Хусусиятҳои морфологии забони "Маҷмаъ-ут-таворих" (насри асри XVI) / Г. Камолова. – Душанбе: Дониш, 1984. – 91 с.
10. Қосимова М. Н. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои 1Х-Х) / Н. М. Қосимова. – Душанбе, 2012. - Ҷ.1 – 566 с.
11. Лайонз Дж. Введение в теоритическую лингвистику / Дж. Лайонз. – Москва, 1978. – 544 с.
12. Лингвистический энциклопедический словарь / В.Н. Ярцева. – Москва: Советская энциклопедия, 1990. – 683 с.
13. Мещанинов И.И. Глагол / И.И. Мещанинов. – Ленинград, 1949. – 270 с.
14. Мухторов З. Таърихи забони тоҷикӣ / З. Мухторов. – Душанбе: Ҳумо, 2003. – 152 с.

[†] Барои он мо бандаки шахси ғоиби ҷамъ"-анд"-ро пасванд ном бурдем, ки дар чунин мавридҳо фақат як вазифаи дастурӣ, яъне мафъул (маҷҳул) намудани феъро бидуни нишон додани шахс ва шумора адо намудааст ва агар "-анд" дар ҷумла беш аз як категорияи дастуриро ифода намояд, мисли ифодаи шахс ва шумора дар феъли ғоиби ҷамъ он гоҳ онро бандак меномем.

15. Наршахӣ Абӯбакр. Таърихи Бухоро / Абӯбакри Наршахӣ. – Душанбе: Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсӣ-тоҷикии Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон, 2012. – 179 с.
16. Норматов М. Муқаддимаи забоншиносӣ / М. Норматов. – Душанбе: Матбуот, 2011. – 252 с.
17. Расторгуева В.С. Основы иранского языкознания. Древнеиранские языки / В.С. Расторгуева. – Москва, 1979. – 376 с.
18. Расторгуева В.С. Основы иранского языкознания. Среднеиранские языки / В.С. Расторгуева. – Москва, 1981. – 504 с.
19. Расторгуева В.С. Среднеперсидский язык / В.С. Расторгуева. – Москва: Наука, 1966. – 160 с.
20. Раҳмонов Б. Феълҳои таркибӣ дар "Таърихи Бухоро"-и Наршахӣ / Б. Раҳмонов // Паёми Донишгоҳи миллӣ, серияи филологӣ. – Душанбе, 2014. - №2.
21. Раҳмонов Б. Доир ба як ҷанбаи муносибати мубтадо ва хабар дар "Таърихи Бухоро"-и Наршахӣ / Б. Раҳмонов // Паёми Донишгоҳи миллӣ, серияи филологӣ. – Душанбе, 2014. - №3.
22. Сиёев Б. Очерк доир ба таърихи феъли забони адабии тоҷик / Б. Сиёев. – Душанбе: Дониш, 1986. – 165 с.
23. Ҳалимиён С. Феъл (куниш) / С. Ҳалимиён. – Душанбе, 2013. – 126 с.
24. Шодиев Р. Лексикаи феъл ва калимасозии феъл дар "Шоҳнома"-и Абулқосим Фирдавсӣ / Р. Шодиев. – Душанбе, 2010. – 171 с.
25. ابوالقاسمی محسن. ماده های فعلهای فارسی دری / محسن ابوالقاسمی. – تهران: ققنوس، 1373.
26. افشار حسین عماد. دستور و ساختمان زبان فارسی / حسین عماد افشار. – تهران: مرکز نتشردانشگاه عاامه طباطبای، 1372. – 244ص.
27. انزلی حسن. دستور زبان فارسی / حسن انزلی. – تهران: خیابان امام، 1370. – 422 ص.
28. انوری حسن. دستور زبان فارسی 2 / حسن انوری، حسن احمدی گیوی. – قم: چاپخانه ستاره، 1373. – 356ص.
29. باطنی محمدرضا. (مجموعه مقالات)، پیرامون زبان و زبانشناسی / محمدرضا باطنی. 1376.
30. خانلری پرویز ناتل. تاریخ زبان فارسی. / پرویز ناتل خانلری. انتشارات فردوس، 1377. جلد 1. چاپ ششم
31. خانلری پرویز ناتل. تاریخ زبان فارسی / پرویز ناتل خانلری. انتشارات فردوس، 1377. جلد 2. چاپ ششم219
32. خانلری پرویز ناتل. تاریخ زبان فارسی / پرویز ناتل خانلری. تهران، ، جلد 1369.
33. خانلری پرویز ناتل. دستور زبان فارسی / پرویز ناتل خانلری. انتشارات توس، خیابان دانشگاه، 1372. – 367ص.
34. رودیگر اشمیت (ترجمه ح. ر. باغبیدی). راهنمای زبانهای ایرانی/ اشمیت رودگیر. زبانهای ایرانی نو. تهران: ققنوس، 1939. جلد 2 – 342ص.
35. شریعت محمد جواد. دستور زبان فارسی / محمد جواد شریعت. – تهران: انتشارات اساطیر، 1371. – 464 ص.
36. قریب عبدالعظیم. دورهٔ کامل دستور زبان فارسی پنج استاد / عبدالعظیم قریب، ملک الشعراء بهار، بدیع الزمان فروزانفر، جلال همایی، رشید یاسمی. تهران، 1371. -331ص.

ГРАММАТИЧЕСКИЕ ФОРМООБРАЗУЮЩИЕ ЭЛЕМЕНТЫ В ГЛАГОЛЕ НА ПРИМЕРЕ "ТА'РИХИ БУХОРО" НАРШАХИ

В статье рассматриваются некоторые формообразующие элементы глагола, такие, как **на-//ма-, ме-//ҳаме-, би-/бу-, -о (-о-), -е, -ӣ, -анд, –онидан (-ондан),** которые присоединяясь к глаголам, обозначают новые грамматические значения или оттенки. Некоторые из этих элементов, на пример **«алиф» восклицания (-о (-о-)), "йо" повествования (-е, -ӣ)** вышли из употребления, а употребления некоторых из них, на пример **ҳаме-, би-//бу-** ограничилось.

Ключевые слова: глагол, лицо, число, окончание, единственное число, множественное число, активный залог, пассивный залог, спряжение.

GRAMMATICAL SHAPING PARTS VERB IN "TA'RIKH-I BUKHARA" NARSHAKHI'S

In this article is emphasized, what parts forming together example **на-//ма-, ме-//ҳаме-, би-//бу-, -о (-о-), -е, -ӣ, -анд, –онидан (-ондан)** add with verb designates grammatical meaning verb or its shade of meaning. Some out of these example **exclamation «алиф» (-о (-о-)), telling "йо" (-е, -ӣ)** were out of use also some usage example **ҳаме-, би-//бу-** were limited.

Key words: verb, person, number, ending, singular form, plural form, active, passive, conjugation.

Сведения об авторе: ***Б.Н. Рахмонов*** – соискатель Таджикского национального университета.
Телефон: 938-70-17-20. E-mail: bakhtier.rakhmonov.89

ОСОБЕННОСТИ ПЕРЕВОДОВ ЗАКОНОДАТЕЛЬНЫХ ТЕКСТОВ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА

Р.М.Султанова
Таджикский национальный университет

Как известно, законодательный текст относится к официально-деловому стилю, одному из самых древних видов текста. Собственно именно с него берет своё начало письменность, ибо письменный официально-деловой текст является документом, закрепляющим чьи-либо обязанности и права по отношению к другим лицам и т.п. Предоставление репрезентативности при переводе исходного текста официально-делового стиля немаловажно, так как подобные тексты обслуживают наиболее значимые сферы человеческой жизни и международных отношений.

Коммуникативная функция текстов юридической отрасли заключается в передаче реципиенту объективной достоверной информации и предписании некоторых действий. Вследствие чего их относят к примарно-когнитивным текстам с факультативным

оперативным компонентом и переводят по готовой модели, применяя однозначные эквиваленты и трансформации.

Автором законодательного, другими словами, официально-документального текста выступает обычно юрист, который создает их в соответствии с общественным устройством. Реципиентом же является опять-таки юрист или любой другой совершеннолетний гражданин, к которым предъявляются строгие требования.

В силу своей жесткой нормативной природы тексты законодательного характера в ходе истории максимально отточили и регламентировали свой язык, предназначенный для передачи важной когнитивной информации. Языковые средства законодательного текста призваны полностью исключить разночтения и двусмысленность. Переводчику необходимо учитывать такую особенность текстов официально-делового стиля.

В законодательных текстах велик удельный вес терминов, несущих в себе когнитивную информацию, что сближает его с научным стилем. Часть представленных в юридических текстах терминов известна не только юристам, но и широкой публике. Необходимо также отметить, что среди них немало интернациональной лексики. Лексические единицы юриспруденции могут повторяться из предложения в предложение, что также является немаловажным фактором и свойством законодательного текста, поскольку терминологии не свойственно использование такого лексико-семантического процесса как синонимия. Здесь теряет актуальность предъявляемое к письменной речи требование избегать повторений. При переводческом подходе целесообразно придерживаться такой закономерности, что термины преимущественно латинского и греческого происхождения, не переводятся, поскольку хорошо известны специалистам. Однако на сегодняшний день в таджикской научной лексике наблюдается тенденция к всевозможным, пусть даже описательным, переводам устоявшихся в той или иной отрасли интернациональных терминов, что, безусловно, имеет свои как положительные, так и отрицательные стороны.

Моддаи 15. Регистри омори давлатӣ

1. Регистри омори давлатӣ воситаи баҳисобгирии омори расмӣ мебошад ва рӯйхати ҳатмии нишондиҳандаҳои маъмурӣ ва аввалияи омориеро дар бар мегирад, ки фаъолияти воҳидҳои омориро мувофиқи низоми ягонаи таснифот ва рамзгузории техникӣ-иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-иттилоотӣ тавсиф менамояд.

2. Пеш бурдани регистри омори давлатӣ аз тарафи мақоми ваколатдор амалӣ мегардад.

3. Субъектҳои баҳисобгирии омори расмӣ, ки регистр ва махзани маълумоти иттилоотиро дар бораи воҳидҳои оморӣ таъсис медиҳанд ва пеш мебаранд, барои ташаккул додан ва муҳим гардонидани регистри омори давлатӣ ба мақоми ваколатдор иттилооти заруриро ройгон пешниҳод менамоянд.

Статья 15. Государственный статистический регистр

1. Государственный статистический **регистр** является инструментом официального статистического учета и содержит обязательный перечень административных и первичных статистических показателей, характеризующих деятельность статистических единиц в соответствии с единой системой технико-экономических и социально-информационных классификаций и кодирования.

2. Ведение государственного статистического регистра осуществляется уполномоченным органом.

3. Субъекты официального статистического учета, которые создают и ведут регистры и информационные базы данных о статистических единицах, представляют информацию регистры уполномоченным органам, необходимую для формирования и актуализации государственного статистического регистра, бесплатно.

Как видно из приведенных выше примеров, термин **оморӣ** как составная часть терминов-словосочетаний в одном фрагменте текста встречается 9 раз, 4 раза в составе терминологического сочетания **регистри оморӣ** *статистический регистр,* 2 раза – **баҳисобгирии оморӣ-** *статистический учет,* 2 раза–**воҳидҳои оморӣ**-*статистические единицы,* 1 раз–**нишондодҳои оморӣ** *статистические показатели.*

Более того, из приведенных отрывков исходит, что термины-интернационализмы в таджикских законодательных текстах употребляются намного реже (в частности, регистр, субъект, техникї, методология), чем в аналогичных текстах на русском языке (официальный, статистический, регистр, методология, административный, информация, субъект, классификация и др.)

В целом, эмоциональная информация в текстах указанного стиля отсутствует, а слова употребляются только лишь в своих прямых значениях. Здесь нет места средствам художественной выразительности, тропам, так как их использование формирует неприемлемую для законодательного текста, да и вообще для официально-делового стиля

неоднозначность, которая может привести к различного рода толкованиям и интерпретациям. При этом документ может утратить свое главное свойство–юридическую нормированность.

Еще одной немаловажной особенностью законодательного в частности и официально-делового стиля в общем является существенная архаичность и консервативность лексики, которая зачастую придает тексту колорит высокого стиля.

В русскоязычных текстах рассматриваемого стиля предпочитается номинативность и использование отглагольных существительных, получивших название канцелярит (разрешение, запрещение, отклонение, понижение, повышение и др.). Подобная номинативность характерна и для текстов на таджикском языке, которая, однако, передается глаголом в инфинитивной форме. По своему значению инфинитив равняется имени действия (*гуфтан* «говорить», и «говорение»). Таджикский инфинитив представлен морфологическими и синтаксическими параметрами имени. Выступая в качестве определяемого в атрибутивном сочетании, инфинитив получает изафетный показатель–*и*.

Қонуни мазкур муносибатҳои ҳуқуқиро дар соҳаи фаъолияти оморӣ ба танфзим дароварда, вазифаҳо, ҳуқуқу ӯҳдадориҳои мақомоти омори давлатӣ, инчунин тартиби *ташкил, ҷамъоварӣ, коркард, истифода, паҳн ва ҳифз намудани* маълумоти омори расмӣ ва пеш бурдани баҳисобгирии омори расмиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.-Настоящий Закон регулирует правовые отношения в области статистической деятельности, определяет задачи, права и обязанности органов государственной статистики, а также порядок организации *сбора, обработки, использования, распространения и защиты* официальных статистических сведений и ведения официального статистического учета в Республике Таджикистан.

«…-**дурустии маълумоти оморирo санҷида, дар мавридҳои *ошкор шудани* таҳриф, *бартараф кардани* онҳоро талаб кунад;»**-«…-проверять достоверность статистических данных, в случае *выявления* искажений требовать их *устранения;*».

В исследуемых текстах весьма продуктивно использование глаголов настоящего времени, объективность передачи информации и ее предписывающий характер обеспечивается преобладанием пассивных конструкций и модальных структур со значением долженствования и обязательности. Совокупность этих особенностей придает юридическому документу объективность, всеобщность, безличность, и предписательность.

Синтаксис законодательных текстов может быть очень сложным и отличается разнообразием средств и полнотой структур, формирующих логические связи. Продуктивные логические структуры с условным и причинным значением, которое эксплицировано специальными языковыми средствами. Юридический документ не рассчитан на понятность с первого прочтения, хотя и не допускает разночтений. Сложный синтаксис законодательных текстов лучше отвечает целям данного стиля, чем более простые, но предполагающие несколько интерпретаций синтаксические структуры. В силу этого для юридического языка свойственны длинные периоды со всевозможными союзными связями, с многочисленными причастными и / или деепричастными оборотами, инфинитивными комплексами, вводными словами и выражениями, другими обособленными конструкциями.

Законодательному тексту не свойственна компрессивность, сокращения, цифровые обозначения. Как правило, имена числительные передаются словами. Для рассматриваемых текстов также не характерно использование указательных и личных местоимений, а также других видов вторичной номинации.

При переводе законодательного текста используются почти все виды трансформаций, в частности:

1) лексическая трансформация:

-транскрипция: Маджлиси Оли;

-калькирование: омори давлатӣ–государственная статистика, воҳидҳои оморӣ – статистические единицы,

-лексико-семантические замены, подразумевающие три типа перевода: конкретизацию, генерализацию и модуляцию, не имеют широкого употребления при переводе законодательного текста. На материале «Закона РТ о государственной статистике» и «Закона о семейной медицине» было обнаружено, что конкретизация и модуляция не приемлемы для перевода юридических текстов, в то время как модуляция представлена лишь единичными примерами.

-Модуляцией или смысловым развитием называется замена слова или словосочетания ИЯ единицей ПЯ, значение которой логически выводится из значения исходной единицы. «…мутобиќи ўҳдадориҳои ќабулкардашуда аз рӯи шартномаи байналмиллалии **имзошуда**»-«…в соответствии с принятыми обязательствами по

заключенным международным договорам». Из данного фрагмента текста очевидно смысловое развитие слова, выраженного причастием «имзошуда» *подписанный* в «заключенный».

2) грамматическая трансформация:

Синтаксическое уподобление как тип грамматической трансформации не приемлем при переводе таджикских текстов на русский по причине разного порядка слов в предложении. Если русский синтаксис при прямом порядке слов предполагает расположение сказуемого непосредственно после подлежащего, то согласно нормам таджикского языка сказуемое помещается в самом конце предложения.

Такие типы грамматической трансформации как членение предложения и объединение предложений не представлены в переводах законодательных текстов.

Грамматические замены как способ перевода, при котором грамматическая единица в оригинале преобразуется в единицу языка перевода с иным грамматическим значением. Замене может подвергаться грамматическая единица исходного языка любого уровня: словоформа, часть речи, член предложения, предложение определенного типа. Понятно, что при переводе всегда происходит замена форм исходного языка на формы языка перевода. Данный способ перевода является наиболее продуктивным при переводе юридических текстов на русский язык. Данное утверждение можно подтвердить несколькими примерами: в частности, замена словоформы существительного, имеющего форму множественного числа на существительное в форме единственного числа,- «…маълумоте, ки аз ҷониби **воҳидҳои** оморӣ ва **субъектҳои** баҳисобгирии омори расмӣ…»-«…сведения, представляемые статистической **единицей** и **субъектом** официального статистического учета…». Грамматической замене подлежат также и части речи, к примеру деепричастие таджикского языка заменяется на глагол в русскоязычном тексте: «Қонуни мазкур муносибатҳои ҳуқуқиро дар соҳаи фаъолияти оморӣ **ба танзим дароварда,.**»-«…Настоящий закон **регулирует** правовые отношения в области статистической деятельности,..»

3) лексико-грамматическая трансформация, включающая в себя антонимический перевод, экспликацию и компенсацию, не представлена в юридических текстах.

При переводе законодательных текстов используются также приемы лексических перемещений, лексических добавлений, а также лексических опущений.

Так, приём лексических **перемещений** подразумевает использование ближайшего соответствия слов оригинала в другом месте высказывания, если по каким-либо причинам его нельзя употребить там, где оно стоит в оригинале: «- омори давлатӣ–низоми ягонаи омории иттилооти давлатӣ…»-«-государственная статистика–единая государственная статистическая система информации…», вместо «единая статистическая система государственной информации».

Приём лексических **добавлений**. Многие элементы смысла, остающиеся в оригинале невыраженными, подразумеваемыми, должны быть выражены в переводе с помощью дополнительных лексических единиц. К примеру, «субъектҳои баҳисобгирии омори расмӣ–мақомоти ҳокимияти давлатӣ, худидоракунии шаҳрак ва деҳот…» - «субъекты официального статистического учета–органы государственной власти, **органы** самоуправления поселков и сёл…»

Прием опущения предполагает отказ от передачи в переводе семантически избыточных слов, значения которых, оказываются нерелевантными или легко восстанавливаются в контексте. Данный приём представлен при переводе законодательных текстов хотя и единичными примерами: «…маълумоте, ки зуҳуроти **ба амаломадаро** дар маҷмӯи дахлдор нишон медиҳад»-«сведения, показывающие характеристики явлений в надлежащей совокупности».

Таким образом, исследование показало, что законодательный текст как в таджикском, так и в русском языках имеет сходные характерные для этого стиля особенности, что, безусловно, облегчает поиск соответствий при переводе. Переводческий процесс законодательных текстов подразумевает применение некоторых видов лексических и грамматических трансформаций, исполняющих преобразования, с помощью которых реализуется переход от единиц оригинала к единицам перевода. Основные принципы переводческой стратегии дополняются обоснованием правомерности применения ряда технических приёмов, таких как перемещение, добавление и опущение лексических единиц, нарушающих формальное подобие перевода оригиналу, но обеспечивающих достижения более высокого уровня эквивалентности.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Ахманова О.С. Теория и практика перевода в свете учения о функциональных стилях речи / О.С. Ахманова, В.Я. Задорнов // Сборник статей. Лингвистические проблемы перевода. – М.: МГУ, 1998. – С.3-12.

2. Бархударов Л.С. Язык и перевод: Вопросы общей и частной теории перевода / Л.С.Бархударов. – М.: Международные отношения, 2005. – 240 с.
3. Комиссаров В.Н. Современное переводоведение: учебное пособие / В.Н. Комиссаров. – М.: ЭТС, 2001. – 424 с.
4. Закон Республики Таджикистан «О государственной статистике». Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2010, - № 1. ст.12; 2010г., - № 7, ст.562.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи омори давлатӣ». Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2010. - № 1, мод12; с.2010. - № 7, мод.562
6. Тарҷума ва балоғати сухан (Андешаи мутахассисон доир ба тарҷумаи бадеӣ ва забони он) / сост.Б.Камолиддинов, М.Б.Нагзибекова. – В 2-х т. - Душанбе: Нодир, 2004. - Т.1. – 243 с.
7. Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ / под ред. Д.Саймидднова, С.Д.Холматовой, С.Каримова. – Д.: Матбаа АИ ҶТ, 2006. – 784 с.

ОСОБЕННОСТИ ПЕРЕВОДОВ ЗАКОНОДАТЕЛЬНЫХ ТЕКСТОВ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА

Статья посвящена вопросам выявления особенностей перевода таджикских законодательных текстов на русский язык, проблематике использования тех или иных видов трансформаций и приёмов в процессе их перевода.

Ключевые слова: законодательный текст, реципиент, виды переводческой трансформации, приёмы перевода, текст оригинала.

SPECIFICS OF TRANSFER OF LEGISLATIVE TEXTS TAJIK LANGUAGE

Article is devoted to identifying features Tajik translation of legislative texts into Russian problems using certain kinds of transformations and techniques in the process of translation.

Key words: legislative text, the recipient, the types of translation transformation techniques of translation, the original text.

Сведения об авторе: ***Р.М.Султанова*** – кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры общего языкознания и сравнительной типологии Таджикского национального университета

КАЛИМАҲОИ АРАБИАСЛИ ИФОДАГАРИ ВАЗНУ ЧЕНАК ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

М.А. Ҳасанова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Вожаҳои ифодагари вазну ченак дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ мавқеи хосса дошта, омӯзиши ин бахш ба мукаммал гардидани қисмати лексикология замина фароҳам меорад ва дар ин замина бисёр масъалаҳои баҳсталаби мансуб ба вожаҳои ифодагари вазну ченак, шаклу ифодаи маъноии онҳо, пайдоиш ва дараҷаи густариши онҳо дар забони адабӣ ва гуфтугӯйӣ ҳалли худро меёбад.

Аз омӯзиши адабиёти илмӣ бармеояд, ки тасаввуроти мардуми тоҷик дар бораи калимаҳои ифодагари вазну ченак васеъ буда, дар ифодаи вазну ченак мавқеи калимаҳои худӣ назаррас мебошад.

Ҳангоми омӯзиши таъриху фарҳанги мардуми мо муҳаққиқони рус И.Н. Березин, Г.А. Арандаренко, И.П. Минаев, Н. Юхновский, А.Е. Снесарев тасаввуроти моро доир ба густариш ва тавзеҳи калимаҳои ифодагари вазну ченак миёни мардуми кӯҳистони Тоҷикистон (Дарвозу Қаротегин) номукаммал арзёбӣ намуданд, вале муҳаққиқи тоҷик Раҳимов М.Р. ин гуфтаи онҳоро бо далелҳои қотеъ рад менамояд [5, 111].

Мушаххасии ифодаи вазну ченак дар забони куҳантаърихи мо мавқеи муҳимро касб менамуд [3; 4; 6;7]. Мавзӯи мазкур дар забоншиносии тоҷик ба таври алоҳида ва мукаммали илмӣ сурат нагирифтааст. Аз ин рӯ, баррасӣ ва тадқиқи мавзӯи мазкур яке аз масъалаҳои муҳимми забоншиносии муосири тоҷик ба ҳисоб меравад. Бо дарназардошти ин, вобаста ба ифодаи маъно, сохтор ва дараҷаи корбурд таснифи чанде аз вожаҳои арабии мансуб ба вазну ченакро раво донистем, ки онҳо дар осори классикӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Аз баррасии адабиёти фарогири ин мавзӯъ бармеояд, ки дар ифодаи вазн калимаҳои арабии аз қабили: ***ҳабба, ҳиммаса, ҳоин, турмуса, убулот, қартулӣ, футил, ҷавза, фаланҷор, ратл, сайъун, уруза***, ***хус, толиқун, қафиз, қиёсо, қирот, толун, осор, наши, садафа, гаромо, ҷарра, ҷарҷир, соъ, ямино, ҷиллаваза, қутулӣ, курама, фаланҷор, убулус, уксубофун, тассуҷ, сукуррача*** ва ғ. дар забони тоҷикӣ корбаст шудаанд, ки таҳқиқи ифодаи маъной, дараҷаи истеъмоли ин калимаҳо аз аҳамият холӣ нест.

Умуман, мавқеи истифодаи калимаҳои иқтибосии арабии ифодагари вазну ченак дар забони тоҷикӣ нисбат ба дигар иқтибосот устувор ба назар мерасад. Вобаста ба имконоти луғавӣ ифодаи маъноии ин қабил калимаҳо гуногун мебошад.

Калимаи арабии ***хардала***-ро дар адабиёти классикӣ фаровон мушоҳида менамоем, ки дар ифодаи маъно якранг ба назар намерасад:

Аз тезии ***хардал*** даҳонаш сӯхт. Авфӣ

Касеро бишунидӣ, ки дар мазҳаба ӯ ***хардале*** наҳс ҳаст, ӯро муҳобо накардӣ ва бар дор кашидӣ (Аз «Маҷмаъ-ул-асноб»)

Маёзор омӣ ба як ***хардала,***

Ки султон шубон асту омӣ- гала [Саъдӣ 8, 464].

Хардала (а)- миқдори вазнест баробари тухми хардал (горчица), ки иборат аз 0, 25 ***шаира*** аст, яъне ба 0,043 гр баробар аст [ниг.: 1, 480].

Вожаи ***хардал*** ё ***хардала*** аз анвои рустанист, дар забонҳои форсӣ, тоҷикӣ ва арабӣ то имрӯз муштарак буда, донаи бисёр хурди зардранг дорад, ки маззаи тунду тез дошта, дар саноати хӯрокворӣ ва тиббӣ истифода мешавад. Муҳаққиқ Шарифова Ф. истифодаи ин вожаро дар адабиёти классикӣ дар мисоли «Кашф-ул-маҳҷуб»- и Ҳуҷвирӣ баррасӣ намуда, аз ин асар иқтибос овардааст, ки ифодаи маъноии онро аён месозад: «Ҳақиқат маърифати иттилои халқ аст бар асрор, бад-он чи латоифи анвори маърифат бад-он пайвандад, яъне то Ҳақ таоло ба иноятi худ дили бандаро ба нури худ наёрад ва аз ҷумлаи одатҳо назудояд, чунон ки мавҷудот мусаббаботро андар дилаш ба миқдори хардала вазн намонад ва мушоҳидоти асрори ботин вайро ғалаба накунад» [10, 59].

Калимаи арабии ***ратл*** низ дар адабиёти классик фаровон ба назар мерасад**.** ***Ратл*** (а)- Муарраби юнонии «Iitron» мебошад. Ченаки вазн, ки дар қадим дар мамлакатҳои Шарқӣ исломӣ аз ҳама маъмултар буд. Ратлро муодили 12 ***уқия*** гуфтаанд. Ратли расмӣ ратли Бағдод буда, он муодили 406,25 гр мебошад.

Хез, аз майи қадим маро сер кун ба ратл,

Бигзар аз ин ҳадис, ки як серу як ман аст [Анварӣ].

Калимаи ***ратл*** дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ чунин шарҳ ёфтааст:

РАТЛ I *а.* رطل *кӯн.* воҳиди андозагирии вазн, ки ба 449,28г баробар аст [8,125].

Калимаи ратл ба ин маънӣ дар адабиёти классикӣ ба назар мерасад: Дар Миср қатҳу ғалои азим рӯй намуд, ратле нон ба як дирам мехариданд. «Равзат-ус-сафо» [9, 125].

РАТЛ II *а.* رطل пиёла, паймона, ҷом, қадаҳ, пиёлаи шароб;

Дар осори Анварӣ ин калима ба ҳамин маъно ба назар мерасад:

Бигзар аз ин ҳадис, дар ин боб дам мазан,

К-ин фасл вақти ***ратли*** шароби дамодам аст.

Дар осори Ҳофиз ва Хусрави Деҳлавӣ чун ҷузъи асосии ибораи изофӣ омадани калимаи ***ратл*** -ро мушоҳида менамоем:

Роҳе бизан, ки оҳе бар сози он тавон зад,

Шеъре бихон, ки бо он ***ратли гарон*** тавон зад [Ҳофиз].

Матои умр, ки бар бод меравад аз даст [Хусрави Деҳлавӣ 8, 125].

Дар «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ калимаи ратл ба тақозои қофия ба шакли ***ритал*** низ истифода шудааст:

Якояк бисанхему созем тал,

Або гавҳарон ҳар яке се ***ритал*** [8, 115].

Калимаи арабии мисқол дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» чунин шарҳ ёфтааст:

Мисқол *а.* مثقال 1. *кӯн.* воҳиди ченаки вазни чизҳои майда, ки асосан ба 4,68 гр. баробар буд. 2. санги тарозу.

Ин калима дар осори Фирдавсӣ истифода шудааст:

Ду будӣ ба ***мисқол*** ҳар як ба санг,

Яке донаи нор будӣ ба ранг [8, 90].

Ба сифати ҷузъи асосии ибораи изофӣ омадани ин калимаро низ дар осори Фирдавсӣ мушоҳида намудем:

Куҷо санги ҳар муҳрае буд ҳазор,

Зи *мисқоли ганҷӣ* ҷу кардам шумор [8, 365].

Дар осори Низомӣ ва Убайди Зоконӣ низ ин калима корбаст шудааст:

Ба хони зар ниҳодандаш фаропеш,

Ҳазору ҳафтсад ***мисқол*** не, беш [Низомӣ 8, 694].

Ба маъноии санги тарозу:

Бувад чу ҷуди ту санҷанд хозинони дарат,

Тарозуяш фалаки атласу замин ***мисқол*** /Убайди Зоконӣ 8, 694].

Умуман, ченаки мушаххаси калимаи мисқол дар адабиёти илмӣ ва осори шоирону нависандагон якранг ба назар намерасад. Муҳаққиқи рус Давидович Е.А. дар асоси маводи мансуб ба асрҳои XVII-XVIII дар вилоятҳои Самарқанду Бухоро ба 4,7 г баробар будани ин калимаро арзёбӣ намудааст [2, 50].

Дар шакли сохта ба маъноии матои нафиси сабук истифода шудани онро мебинем:

Зи каттону ***мисқолии хонабоф,***

Зада кӯҳа ба кӯҳа чун кӯҳи Қоф.[Низомӣ].

Калимаи арабии ифодагари вазн ***ҳабба*** дар ду шакл: ***ҳабба*** ва ***ҳаббат*** ба назар мерасад. Ин калима дар фарҳанг чунин шарҳ ёфтааст:

ҲАББА//ҲАББАТ *а.* حبة//حبه *кӣн.* 1. як доначаи ғалла. 2. *мач.* миқдори бисёр кам аз чизе. 3. *таър.* воҳиди вазн, ки баробари 1/48 дирҳам мебошад (миқдори як ҷави миёна); воҳиди хурди пул. 4. паймоиши масоҳат дар баъзе мамлакатҳои араб (1/72 фаддон ё 58, 3 метри мураббаъ) [9, 710].

Дар «Хазинаи тибби қадим» калимаи ***ҳабба*** омадааст: «Миқдори вазнест иборат аз миқдори ду ҷави миёнаҳаҷм, ки ба 0, 344 гр баробар аст» [1, 558].

Ин калимаро дар осори Саъдӣ ва Ҷомӣ дучор омадем:

Агар ***ҳаббае*** зар зи дандони гоз,

Биуфтад, ба шамъаш биҷӯянд боз[Саъдӣ].

Гар камандаш зи панҷа панҷ ангушт,

Надиҳад ***ҳаббае*** бурун аз мушт.Ҷомӣ [8, 710].

Калимаи арабии ***киста*** ба маънои ҳисса, насия, бахш, ҳиссае аз чизе, саҳм дар адабиёти бадеӣ ба назар мерасад:

Туӣ, ки аз раҳи ташбиб ***кисти*** рӯзии халқ,

Ба дасти туст, гар афрозию агар коҳӣ [Зоҳири Форёбӣ].

Гӯӣ (сарзамини Бухоро) ***кисти*** *маъмураи олам аст*. Аҳмади Дониш [8, 693].

Албатта, дар доираи як мақола баррасӣ намудани хусусиятҳои забонӣ ва дараҷаи истифодаи калимаҳои иқтибосии арабии ифодагари вазн дар адабиёти соҳаҳои гуногуни мансуб ба забони тоҷикӣ аз доираи имкон берун мебошад. Дар ифодаи вазн калимаҳои зиёди арабӣ, аз ***қабили ҳиммаса, ҳоин, турмуса, убулот, қартулӣ, футил, ҷавза, фаланҷор, сайъун, уруза, ҳоин, хус, турмуса, убулот, толиқун, қафиз, қиёсо, толун, осор, наши, садафа, гаромо, ҷарра, ҷарҷир, соъ, ямино, ҷиллаваза, қутулӣ, курама, фаланҷор, убулус, уксубофун, тассуҷ, сукуррача*** ва ғ. дар осори классикӣ корбаст шуда, алҳол матрук буда ва таҳқиқи ифодаи онҳо аз аҳамият холӣ нест.

Бо дарназардошти ин, дар оянда мавриди омӯзиш қарор додани ин навъи калимаҳо дар асоси адабиёти мавҷуда аз аҳамияти илмӣ барҳурдор буда, дар баррасии ташаккул ва таҳаввули таркиби луғавии забони тоҷикӣ кӯмак хоҳад расонд.

А Д А Б И Ё Т

1. Зоҳидов Ҳ. Хазинаи тибби қадим / Ҳ Зоҳидов. – Душанбе: Дониш, 1989. – 850 с.
2. Қушматов А. Деҳқонони тоҷик / А Қушматов. – Душанбе: Ирфон, 1996. – 286 с.
3. Муҳаммад Ғиёсиддин. Ғиёс-ул-луғот / Ғиёсиддин Муҳаммад. – Душанбе: Адиб, 1987, 1988. - Ҷ.1.2. - 480 - 416 с.
4. Муҳаммадҳусайни Бурҳон. Бурҳони қотеъ / Муҳаммадҳусайни Бурҳон. – Душанбе: Адиб, 1993. – Ҷ.1. - 416 с.
5. Рахимов М.Р. Меры длины и поверхности у таджиков бассейна реки хингоу в XIX – начале XX вв / М.Р. Рахимов //Известия. Отд. обшест. Наук АН Таджикской ССР, 1956. – вып.8. - С.111-117.
6. Сироҷиддин Алихони Орзу. Чароғи ҳидоят / Сироҷиддин Алихони Орзу. – Душанбе: Ирфон, 1992. – 288 с.
7. Таърихи Бадахшон. – Душанбе, 2007. – 196 с.
8. Фарҳанги забони тоҷикӣ. – Москва: Советская энциклопедия, 1969. – Ҷ.1.2. – 951, - 952 с.
9. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2008. – Ҷ.1.2. – 950; - 945 с.
10. Шарифова Ф. Хусусиятҳои вожагонии «Кашф-ул-маҳҷуб»-и Ҳуҷвирӣ / Ф. Шарифова. – Душанбе, 2012.

ЕДИНИЦА ВЕСА И МЕРЫ АРАБСКОГО ПРОИСХОЖДЕНИЯ В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ

В данной статье рассматривается определённая часть лексики, а именно лексика выражающая единицу меры и веса арабского происхождения. Целью данной статьи является выявление сферы использования данной лексики в процессе развития таджикского языка.

Ключевые слова: лексика, нумератив, слова ҳабба, ҳиммаса, ҳоин, ратл, хардала, киста, футил.

THE UNIT OF WEIGHT AND MEASURES OF ARAB ORIGIN IN THE TAJIK LANGUAGE

This article is about definite part of the vocabulary, specifically words describing weight and measures arabik orign in taqik language.

The aim of this article is to identify the scope of use of this vocabulary in the process of Tajik language development.

Key words: habba, himassa, hoim, ratl, khdala, kista, futil.

Сведения об авторе: ***М.А. Ҳасанова*** – соискатель Таджикского национального университета

«КАШФ-УЛ-ЛУҒОТ ВАЛ ИСТИЛОҲОТ», АЗ ҶУМЛАИ КИТОБҲОИ НОДИРИ ЛУҒАТ

Насрини Қосимӣ Тахта Чӯб
Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва меросии хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

«Кашф-ул-луғот вал истилоҳот» аз ҷумлаи китобҳои нодири луғат дар асри Х-ум, ки дар Ҳиндустон таълиф шудааст ва ихтисос ба шарҳи вожаҳо ва истилоҳоте дорад, дар санаи муайяни асарҳои адабӣ, яъне дар китобҳои аҳли тасаввуф ва ирфон ба кор рафта ва табъан луғатҳои аз асли форсӣ ва арабӣ бо ҳам дар он гирд омадааст.

Аммо, бо вуҷуди дар бораи истилоҳоти тасаввуф нахустин фарҳанг буданаш ҳамчунон, дар ҷавомеи адабӣ ҳатто, дар байни баъзе аз фарҳангнависони муосир камтар шинохта шудааст.

Ангезаи фарҳангнависӣ дар асрҳои Х-ХІ-ум дар Ҳиндустон. Муҳаққиқ Забеҳуллоҳи Сафо менависад: «Дар асри Х-ХІ дар Ҳиндустон ба дунболи ду ангеза кори бисёр бунёдии адаби форсии ин даврон дар роҳи эҷоди фарҳангҳои форсӣ анҷом гирифт. Яке, ташвиқи подшоҳони темурии Ҳинд ва дигаре, ривоҷи забони форсӣ, ки дар Ҳинд, Рум ва Осиёи Марказӣ забони дин ва тасаввуф, адаб, шеър, сиёсат ва ашрофият шуда буд», бисёре аз табақотро ба таълим ва тарбияти худ саргарм месохт. Ба ин далоил, чандин луғатнома, ки ҳанӯз ҳам марҷаъ дар луғати форсӣ аст, тадвин шуд, ки бештари онҳо аз осори асри Х-ХІ то миёнаи садаи ХІІ аз асрҳои баъд аст. Фаҳми аслӣ дар ин роҳ бо муаллифоне аст, ки ё ҳиндӣ буда ва ё аз Эрон ба диёри Ҳинд рафта, дар паноҳи подшоҳон ва бузургони он диёр ба таълиф ва тасниф пардохтаанд.

Дар кишвари Ҳиндустон аз ҳисси фанни луғатнависии форсӣ пешрафти тадриҷие, ки аз дер боз оғоз шуда буд, дар қарни Х ва ХІ идома дошт, то он ки форсишиносон, порсигӯёни Ҳинд ва эрониёни ҳинднишин, ки кори худро оғоз кардаанд ва батадриҷ ба сӯйи забони гуфтории порсигӯён дар шеър ва наср мутамоил шудаанд ва кӯшидаанд, ки душвориҳои ин забон, махсусан мушкилоти осори шоирон ва теъдоде аз калимаҳои арабӣ, туркӣ ва баъзе аз луғатҳо ва таркибҳо ва истиораҳо киноётро, ки дар забони адабиёт ба кор мерафтааст, бо луғоти форсӣ, паҳлавӣ, дарӣ биомезанд. Баъзе аз фарҳангҳои ин давра луғатномаҳои барои фаҳми вожаҳо ва таркибҳои душвори муайяне аз шоирон ва нависандагон аст ва баъзе дигар ба тавзеҳи вожаҳои душвори чанд китоб ё девони маъдуд аз бузургони гузашта буд. Аз ҷумлаи касоне, ки дар ин роҳ талоши зиёд кард, Абдурраҳим Сувари Баҳор аст.

Муаррифии нависандаи «Кашф-ул-луғот вал истилоҳот». Абдурраҳим ибни Аҳмад Сувари Баҳор ё ба қавле Сувари Баҳорӣ муаллифи фарҳанги «Кашф-ул-луғот вал истилоҳот» афғонитабор ва аз аҳли суннат ва ҷамоат буд, ки дар устони Баҳори Ҳинд зоҳиран дар асри Х ҳ. мезист.

Доктор Забеҳуллоҳи Сафо менависад: «Ҳоҷӣ Халифа соҳиби ин китобро Шайх Абдурраҳим ибни Аҳмад машҳур ба Сувари Баҳорӣ муаррифӣ кардааст».

Капранов менависад: «Аз нисбати Баҳор мефаҳмем, ки дар шимоли шарқи Ҳиндустон ва дар вилояти Баҳор мезист» [1].

Дар муқаддимаи фарҳанги Шайх Иброҳими Қаввом «Шарафнома» омада: «Ба гуфтаи бархе аз пажӯҳишгарон бо Муҳаммад ибни Лод, муаллифи «Муайяд-ул-фузало» (1925 ҳ.) ҳамаср ва ошно буд. Ба ҷуз ин иттилооти андак чизе аз зиндагии ӯ дар даст нест».

Доктор Анӯша ва доктор Шаҳриёри Нақабӣ изҳор кардаанд: «Муаллифи фарҳанги Сувари Баҳор зоҳиран дар асри Х ҳ. мезист ва ба гуфтаи бархе пажӯҳишгарон бо Муҳаммад ибни Лод ҳамрӯзгору ошно будааст ва дар асри Х ҳ. мезист».

Ҳафиз Рауфов менависад, ки «Абдурраҳим Аҳмади Сувари Баҳорӣ дар вилояти Баҳори Ҳиндустон таваллуд ёфтааст» [1, 26]. Ёдовар мешавад, ки ҳеҷ кас ҷуз эшон ба таваллуди ӯ дар Ҳиндустон ишора накардааст.

Соли таълифи фарҳанги «Кашф-ул-луғот». Бо таваҷҷуҳ ба ин ки Абдурраҳим ибни Аҳмади Сувари Баҳор дар муқаддимаи фарҳанги худ аз фарҳанги Шайх Иброҳими Қаввод «Шарафнома» ном бурда ва ҳамчунин, дар нимаи дувуми қарни ІХ ҳиҷрӣ таълиф шудааст ва дар шумори манобеъ ва маохизи «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» аст, ки миёни солҳои 1005–1017 ҳиҷрӣ нигошта шудааст, эҳтимолан замони таълифи фарҳанги «Сувари Баҳор» яке аз солҳои охири нимаи қарни Х-уми ҳиҷрӣ аст.

Доктор Муҳаммади Муин таълифи онро дар авоили садаи Х зикр кардааст ва доктор Забеҳуллоҳи Сафо дар китоби «Таърихи адабиёт»-и худ менависад, ки ин китоб дар соли 1060 ҳ. таълиф шудааст.

Муҳаққиқ менависад, ки «Кашф-ул-луғот вал истилоҳот» дар авоили қарни Х ҳ. таҳия гардидааст ва шомили луғот ва истилоҳоти сӯфия мебошад, ки аз чандин фарҳанги арабӣ ва форсӣ ҷамъоварӣ шудааст. Номи дигари ин таълиф «Фарҳанги Сувари Баҳорӣ» мебошад ва дар китобхонаи Ҳиндустон ба ин исм ишора шудааст [146-147].

Ҳафиз Рауфов менависад: «Фарҳанги Шайх Абдурраҳими Баҳорӣ номи дигараш «Кашф-ул-луғот вал истилоҳот» ва дар шакли «Кашф-ул-луғот» ва «Кашф» низ вомехӯрад, таълифаш на дертар аз соли 1608 аст» [1, 26].

Аҳмади Мунзавӣ менависад: «Кашф-ул-луғот вал истилоҳот» аз Шайх Абдурраҳим фарзанди Аҳмади Сувари Баҳорӣ садаи Х аст ва ин китобро барои писари худ Шаҳоб, дар ҳангоме ки девони шоҳ Қосим Анворро мехонд [19-47].

Чопҳои мухталифи китоб. Нусхаҳои хаттии он дар китохонаҳои гуногуне мавҷуданд. Дар нусхае, ки дар китобхонаи миллии Теҳрон аст, зайли шумораи 334 нигаҳдорӣ мешавад. Нусхаи дигаре, ки дар ҳамин китобхона зайли 375 мавҷуд мебошад, котиби он Абдурраҳимро ҳазрати Шайхулмашоих навишта шудааст [146-148].

Ҳафиз Рауфов менависад, ки ду чопи сангӣ дорад. Чопи Калкутта (1880) ва чопи Лакҳнав дар ду ҷилд (1900) аст (Фар. Чаҳонгирӣ, 26). Китобхонаи шарқшиносӣ, ки нигоранда аз он истифода бурдааст, чопи Лакҳнав дар ду ҷилд дар соли 1900 аст.

Сарчашмаҳои фарҳангӣ Сувари Баҳорӣ дар фарҳанги худ аз сарчашмаҳое, ки баҳра бурдааст, дар муқаддимаи китоби худ ишора кардааст, ки ин худ яке аз муҳассаноти фарҳангии ӯст. Ӯ менависад, ки ҳадафаш аз зикри сарчашмаҳо ин аст, ки агар касе дучори шакку шубҳае шавад, ба ин манобеъ мурочиат кунад, то дучори саргардонӣ нашавад. Манобеи мавриди истифодаи Сувари Баҳор дар «Кашф-ул-луғот», ки ба се гурӯҳ тақсим мешаванд, инҳоанд:

а) кутуби арабӣ: ҳафт китоби арабӣ шомили «Сароҳ», «Тоҷӣ» «Тоҷ-ул-маосир» ва «Тоҷ-ул-масодир», «Суҳо» аз Эмоми Ҷавҳарӣ, «Камз-ул-луғот», «Муҷмал-ул-дақоиқ» аз Имом Замахшарӣ ва «Шарҳ-ул-нисоб» истифода намудааст;

б) чаҳордаҳ фарҳанги форсӣ: шомили «Шарафнома»-и Шайх Иброҳим, «Фарҳанг»-и Шайх Муҳаммад ибни Шайхи Лод ва «Дастур ва фарҳанг»-и Қози Насируддини Гунбадӣ ва монанди инҳо;

в) чаҳор китоб дар заминаи шарҳ шомили шарҳи «Фусус», ки «Қайсар» ном дорад ва аз шарҳи «Махзан-ул-асрор», шарҳи «Гулшани роз», «Истилоҳ»-и Абдурразоқи Кошӣ ва ғайра истифода бурдааст.

Аҳамияти фарҳанг. «Кашф-ул-луғот вал истилоҳот» аз китобҳои муҳим дар фанни фарҳангнависии Ҳинд мебошад ва аввалин фарҳанге мебошад, ки дар он луғот ва истилоҳоти тасаввуф бо салосати баён ба риштаи таҳрир даромадааст. Доктор Анӯша илова бар шарҳе, ки аз доктор Дабир Сиёқӣ зикр мекунад, менависад: «Кашф-ул-луғот вал истилоҳот» фарҳанги вожагон ва истилоҳоти форсӣ ва арабӣ, бавижа истилоҳоти тасаввуф аст, ки аз Абдурраҳим ибни Аҳмади Сувари Баҳорӣ муаллифи афғонитабор будааст, ки дар Ҳинд дар устони Баҳор мезист». Забеҳуллоҳи Сафо дар китоби худ менависад: «Кашф-ул-луғот вал истилоҳот» аз ҷумлаи китобҳои нодири луғат дар қарни Х аст, ки ихтисос ба шарҳи вожаҳо ва истилоҳоте дорад, ки дар санаи муайяне аз асарҳои адабӣ, яъне дар китобҳои аҳли тасаввуф ва ирфон ба кор рафта ва тавъан луғатҳои аз асли форсӣ ва арабӣ бо ҳам дар он гирд омадаанд». Гирдоварандаи ин луғатнома Абдурраҳим фарзанди Аҳмади Сувари Баҳорӣ аз ноҳияи Баҳори Ҳиндустон аст [4, 386].

Сохти фарҳанг. Амон Воҳидова менависад: «Дар аксари фарҳангҳои тоҷикӣ-форсии қадим мисли имрӯза, ки бо риояти тартиби алифбо сохта шудаанд, мураттаб нашудааст, балки ҳар як бо хости муаллиф ва бо ҳамон тартиб, ки писандидаи он будааст, шакл гирифтааст».

«Кашф-ул-луғот вал истилоҳот» мисли «Луғати фурс» ва «Меъёри Ҷамолӣ» ва дигар фарҳангҳо ҳарфи аввали вожаро фасл ва ҳарфи охирро боб қарор додааст. Ин фарҳанг дучилда аст, ки ҷилди аввал аз ҳарфи «а» шурӯъ ва бо ҳарфи «то» хатм меёбад ва дорои 609 саҳифа ва 16 фасл аст. Ҷилди дувум аз ҳарфи «зо» шурӯъ ва ба «ё» хатм меёбад ва дорои 416 саҳифа ва 12 фасл аст. Теъдоди саҳифаҳои ин ду ҷилд 1025 мебошад. Теъдоди фаслҳо дар ин фарҳанг 28 фасл аст, ки ҳарфҳои арабиро малҳус дошта ва барои ҳуруфи «г», «ч», «п», «ж»-и форсӣ бобе дар назар гирифта нашудааст.

Тибқи нусхае, ки аз он дар китобхонаи Деҳхудо вуҷуд дорад, байни 20-25 ҳазор вожа ва тибқи ҳисоби нигоранда байни 27-30 ҳазор вожа аст, ки ҷилди аввал ҳудуди

17 ҳазор 13 ҳазор вожа аст. Аз ин теъдод вожа бештарин бахш ба вожаҳои арабӣ ихтисос дода шудаанд ва ҳудуди 7500 вожаи форсӣ ва 700 вожаи туркӣ ва юнонӣ, ҳамчунин шомили 79 оят ва ҳадис аст. Тавзеҳоти вожаҳо ба ҷуз дар баъзе аз исмҳои хос, мисли Рустаму Суҳроб ба ҳавоси доруии баъзе аз гиёҳҳо мухтасару кӯтоҳ аст.

Барои маонии тамомии калимаҳо шоҳид ва мисол наовардааст, аммо дар тавзеҳи баъзе калимаҳо шоҳидҳои шеърӣ, ки ҳудуди 339 байт аст, 258 байти он бидуни зикри номи шоир ва 73 байт аз 22 шоир, аз ҷумла Мир Саид Ҳусайнӣ 12 байт, Низомӣ 10 байт, «Шоҳнома» 9, Ҳоқонӣ 7 байт ва аз Анварӣ, Заҳирӣ, Ҳофиз ҳар кадом чаҳор байт зикр карда, аз Саъдӣ се байт, Аъробӣ ва Камоли Хуҷандӣ ду байт ва аз Шарафиддини Қаввомӣ, Шабистарӣ, Аттор, Саноӣ, Мансури Шерозӣ, Шайхи Мағрибӣ ва Камоли Сипаҳонӣ ҳар кадоме як байт оварда шудааст.

Ҳамчунин, аз «Фарҳанг»-и Абдураззоқи Кошӣ як байт ва аз «Тоҷ-ул-масодир» оварда шудааст. Ин нусха (китохонаи Шарқшиносӣ) дорои ғалатҳои имлоӣ ва ҳамчунин, азқалмафтодагии бисёр аст, ки бархе калимаҳо нохоно, ки гоҳе ин навоқис сабаби дерфаҳмӣ ва нодуруст фаҳмидани вожаҳо мешавад, ки ба эҳтимоли қавӣ иштибоҳ аз котиб аст.

Ӯ барои ҷудо кардани калимаҳои форсӣ аз арабӣ ҳарфи «фе»-ро дар охири калимаҳои форсӣ қарор додааст ва барои вожаҳои арабӣ аломате қарор надодааст. Худи ӯ менависад, ки дар охири тарҷумаи луғати форсӣ ҳарфи «фе» навиштаам, то аз ин маълум кунанд, ки арабӣ нест ва порсӣ аст. Дар луғати арабӣ ҳеҷ аломат накардаам ва ихтисори паҳлавӣ ва туркӣ ба забони шуаро машҳур аст. Ин ҳам тақсир накардаанд ва ҳеҷ аломат надоштаанд. Китоби мазкур дорои як муқаддима аст, ки дар он ангезаи худро аз навиштани ин фарҳанг баён кардааст ва ҳамчунин, ба сарчашмаҳои вориди истифодаи худ ишора намудааст.

Сабаби навиштани фарҳанг. Забеҳуллоҳи Сафо менависад, ки ӯ аз машоихи тасаввуф буд ва ин китобро бинобар хоҳиши ҳамтариқони худ навиштааст. Дӯстони вай ба мурур аз ӯ дар бораи истилоҳоти тасаввуф суолоте мепурсиданд ва ӯ ба ин пурсишҳо посух медод ва ҳамчунин худаш дар муқаддимаи фарҳангаш менависад, ки ба хоҳиши фарзандаш шайх Шаҳоб, ки мушкилоти дар маъно ва фаҳми девони Қосими Анвор дошт, ин фарҳангро навиштааст.

Ӯ худ, ки аз машоихи тасаввуф буд, дар муқаддимаи китоб ҳикоят мекунад, ки бисёре аз ҳамтариқон аз вай дар бораи маъноҳои калимаҳо ва истилоҳоте, ки миёни онҳо мутадовил буд, пурсишҳо мекарданд ва ӯ батадриҷ посухи худро бидуни пурсишҳо менавишт. Дар ҳамон ҳол ҳам писари ӯ шайх Шаҳоб, ки девони Қосими Анворро мехонд, аз касрати вожаҳои арабии он ба заҳмат афтода буд, ӯ дар ҷустуҷӯйи онҳо ба чанд китоби форсӣ ва арабӣ мурочиат кард ва маъноҳои дилхоҳро наёфт пас ба таълифи «Кашф-ул-луғот вал истилоҳот» ҳиммат гумошт [4, 386].

Капранов менависад, ки чигунагии нигориши ин фарҳангро ин гуна баён мекунад: «Аз ин суханони Сувари Баҳор мушаххас мешавад, ки ӯ аз рӯҳониёни шинохта буд ва ба он Шайх Абдурраҳим мегуфтанд. Бо таваҷҷуҳ бо овардани бародарон ва фарзандон метавон фаҳмид, ки манзур аз бародарон ҳамкешоне, ки дар таълимоти динӣ, фалсафӣ ва сӯфие, ки ба камол нарасида буданд (солик), ба назди ӯ барои тавзеҳ ва ташбеҳ меомаданд ва ӯро устоди худ мешумориданд ва вақти ӯро зиёд мегирифтанд. Ҳамчунин, аз муқаддима маълум аст, ки муаллиф бо хоҳиши мардум даст ба таълифи фарҳанг задааст, на ба хости худ».

Хулоса, ҳифзи осор, кутуб ва фарҳангҳои луғат ба уҳдаи пажӯҳишгарон ва ҷавомеи адабӣ аст. Агар дар ҳифзи ин мероси гаронсанг кӯтоҳӣ кунанд, дере намегузарад, ки бисёре аз вожаҳои асил ва ноб ба фаромӯшӣ супурда мешаванд ва забон, ки яке аз ғанитарин ва зиндатарин забонҳои дунёст, саршор аз вожаҳои бегона хоҳад шуд. Ин фарҳанг даричае аст ба дунёи истилоҳоти тасаввуф. Илова бар он, барои вожаҳои форсӣ муодили арабӣ ва ҳиндиро зикр кардааст ва дорои вожаҳои аслии форсии бисёре аст, ки метавонад заминаи таҳқиқ барои бисёре аз пажӯҳишгарон бошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Мир Ҷамолуддин Ҳусейн. Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ / Мир Ҷамолуддин Ҳусейн, Фахриддин Ҳасан; мусаҳҳеҳ Раҳими Афифӣ. - Теҳрон, 1349.
2. Сувари Баҳор Абдурраҳим. «Кашф-ул-луғот ва ал-истилоҳот» / Сувари Баҳор Абдурраҳим. - Ҳиндустон, 1900. - Нусхаи чопи сангӣ.
3. Деҳҳудо Алиакбар. Луғати Деҳҳудо / Деҳҳудо Алиакбар. - Теҳрон, 1373.
4. Забеҳуллоҳи Сафо. Таърихи адабиёти Эрон / Забеҳуллоҳи Сафо. - Теҳрон, - Ҷ.4-5.
5. Муҳаммади Муин. Фарҳанги Муин / Муҳаммади Муин. - Теҳрон, 1375. – Ҷ.6.
6. Дабир Сиёқӣ Муҳаммад. Фарҳангҳои форсӣ ва фарҳанги гунаҳо / Дабир Сиёқӣ Муҳаммад. – Теҳрон, 1368. - 449 с.
7. Нақабӣ Шаҳриёр. Фарҳангнависӣ дар Ҳинду Покистон / Нақабӣ Шаҳриёр. – 1378.
8. Ҳасани Анӯша Донишномаи адаби форсӣ дар Шибҳи Қораи Ҳинд, Покистон ва Бангладеш / Ҳасани Анӯша. - Теҳрон, 1380.

«КАШФ-УЛ-ЛУГОТ ВА-Л ИСТИЛОХОТ» ОДИН ИЗ УНИКАЛЬНЫХ СЛОВАРЕЙ

В данной статье автор рассматривает историю создания словаря «Кашф-ул-лугот ва-л-истилохот» который принадлежит перу Шайха Абдурахима Бихори. Данный словарь составляет особую ценность духовной культуры XVI века и занимает особое место в истории иранской лексикографии и представляет значительную ценность.

Ключевые слова: творческое мастерство, составление словарей, «Кашф-ул-лугот ва-л-истилохот» истолкование слов в словарях, авторские обобщения составителей словарей, словари различных эпох, характеристика лексических пластов, эволюция. персидско-таджикские словари.

" KASHF-UL-LUGAT WA-L ISTIRAHAT" ONE OF THE UNIQUE DICTIONARIES

In this article the author examines the history of the dictionary "up Kashf-ul-lugat WA-l-istirahat" which is from the pen of Shaykh Abdurahim Bihari. This dictionary is a special value of spiritual culture of the XVI century and occupies a special place in the history of Iranian lexicography and represents significant value.

Key words: creative skills, preparation of dictionaries, "up Kashf-ul-lugat WA-l-istirahat" the interpretation of words in the dictionary, copyright generalization of the compilers of dictionaries, dictionaries of various ages, characteristic of the lexical strata, evolution. Persian-Tajik dictionary.

Сведения об авторе: ***Насрини Косими Тахта Чуб*** – аспирантка Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им.А.Рудаки АН РТ.

ДАВРАБАНДИИ ЗАБОНҲОИ ЭРОНӢ АЗ НИГОҲИ ПАРВИЗ НОТИЛИ ХОНЛАРӢ

О. Исмоилов

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров

Ҳамаи забонҳои ҷаҳон аз рӯйи пайдоишашон ба ин ё он сарчашмаи умумие мансубанд ва бунёди ягона доранд. Аз ин рӯ, онҳо аз ваҷҳи бунёди ягонаашон ба зиёда аз 20 оилаи калону хурд мутааллиқ буда, дар навбати худ ба шохаҳои хурдтар тақсим мешаванд. Гурӯҳи забонҳои эронӣ ба оилаи забони ҳиндуаврупоӣ дохил шуда, аз ҷиҳати минтақаи густариш паҳншудатарин гурӯҳи забонҳост. Академик Б.Ғафуров дар китоби худ андешаи олимонро оварда қайд мекунад, ки минтақаи қадимаи ташаккулёбии оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ тақрибан Аврупои Марказӣ ва нимҷазираи Балкан будааст [4, 34].

Фарҳанги эронӣ чун идомаи тамаддуни ориёӣ дар сарзамини имрӯзаи Осиёи Марказӣ бештар густариш ёфтааст. Оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ аз ҷиҳати манотиқи густариш, хусусиятҳои сарфиву наҳвӣ ва таҳаввулоти таърихӣ ба ҳамдигар наздиканд.

Асри XX дар таҳқиқу омӯзиши забонҳои эронӣ дастовардҳои бузургеро ба ҷаҳониён дастрас намуд. Ҳанӯз аз оғози қарни XX муҳимтарин татқиқоти бунёдӣ, сарчашмаи муҳимми илмиву назарӣ доир ба забонҳои эронӣ «Grand rishder iranischen» интишор ёфт, ки он боиси ковишу кушоиҳои ҷадид дар таҳқиқи забонҳои эронӣ гардид. Дар бораи қиммати ин китоби мазкур забоншиноси тоҷик З. Мухторов чунин ибрози ақида кардааст: «Арзиши ин китоб дар он даврон тамоми дастовардҳои муҳимми таърихи забонҳои эрониро фаро гирифта буд. Минбаъд мафҳуми «забонҳои эронӣ», «гурӯҳи забонҳои эронӣ» дар эроншиносӣ ва умуман, забоншиносиву таърих беш аз пеш маълуму мустаъмал гардид» [5, 13].

Равнақу инкишофи забон дар муддати ҳазорон сол ба амал омада, нозукӣ ва тобишҳои бисёреро дар бар мегирад, ки тамоми ҳодисаҳоро ба ҳисоб гирифтану ҳамеша хулосаҳои дуруст баровардан имконпазир нест, зеро дар давраҳои гузаштаи таърихи забон то ба замони мо сарчашмаҳои хеле кам омада расидаанд ва агарчи маълумоти ночиз дар бораи ин ё он забон дошта бошем, шеваю лаҳҷаи он маълумоти номукаммал дорем, ки барои татқиқу исботи он мадраки саҳеҳ нест.

Олимон ва пажӯҳишгарон барои муайян намудан, яъне пайдоиши забон, таърихи халқ ва сулолаву шоҳигарии хонадонро пеша карданд. Онҳо муътақид ҳастанд, ки таърихи забон ба таърихи халқ зич вобаста аст, ҳодисаҳои муҳимтарини халқ дар таърихи забон нақши калоне бозида, ба таснифи сарчашмаҳои хаттии ин ё он забон таъсир мерасонанд. Р. Додихудоев дар китоби худ «Таърихи забони тоҷикӣ» чунин менависад: «Баъзан, давраҳои гуногуни таърихи забонро вобаста ба ҳодисаҳои барҷастаи таърихи халқ аз ҳамдигар фарқ мекунанд» [3, 8].

Ташаккул ва таҳаввули забонҳои эронӣ ҳамчун гурӯҳи мустақили забонҳои қарин ба аввалҳои ҳазорсолаҳои дуюми то милод рост меояд. Олимон кӯшиданд, таърихи пайдоиш ва инкишофи забонҳоро аз оғоз то кунун муайян карда, давра ба давра тақсим намоянд ва ин кор аз тарафи чанд пажӯҳишгарон амалӣ гардид.

«Даврабандии таърихии забонҳои эронӣ баъд аз тақсимшавии гурӯҳи бузурги забонҳои ориёӣ (ҳиндуэронӣ) ба гурӯҳҳои мустақили ҳиндӣ ва эронӣ оғоз мегардад» [3, 19].

Тақсимоти даврахои инкишофи таърихии забонҳои эронӣ аз оғози ҳазорсолаи дуюм то ба имрӯз муҳаққиқи бузурги эронӣ Парвиз Нотили Хонларӣ инкишофи таърихи забонҳои эрониро ба се давраи бузург, дар асоси санадҳои таърихӣ ҷудо намуда, чунин маънидод мекунад: «аснод ва мадорике, ки дар тайи таърихи дароз аз забонҳои эронӣ дар даст аст, аз назари забоншиносии таърихӣ бисёр гаронбаҳост, зеро чигунагии таҳаввул ва такомули яке аз шуъбаҳои муҳимми забонҳои ҳиндуаврупоиро аз муқоиса ва татбиқи онҳо дар мароҳили мухталиф ба хубӣ метавон дарёфт. Аз рӯйи мутолиаи ин осор аст, ки дар таърихи таҳаввули забонҳои эронӣ ба се даврони аслӣ ва муҳим қоил шудаанд:

Якум, давраи Бостон; дуюм, давраи миёна; сеюм, давраи ҷадид» [3, 158].

Муаллифи китоби «Таърихи забони тоҷикӣ» З. Мухторов, Р.Х Додихудоев, Л.Г. Герсенберг, Ҳасанов, забоншиносони рус Виноградова С.П., Молчанов Е.К. ва дигарон низ муъталиди ин гуфтаи Парвиз Нотили Хонларӣ ҳастанд.

Давраи аввали таърихӣ давраи забонҳои қадими эронист, ки аз оғози чун гурӯҳи махсус ташаккул ёфтани забонҳои эронӣ сар шуда, яъне интиҳои ҳазорсолаи дуюми то милод то асрҳои IV ва IIIто милод идома меёбад. Интиҳои давраи ба истилои Искандари Мақдунӣ ва шаклгирии давлатҳои пас аз истилои Юнон рост меояд. Гуфтаи худи Парвиз Нотили Хонларӣ дар китоби хеш «Таърихи забони форсӣ» исботи ин гуфта аст: «Даврони бостон аз қадимтарин замоне, ки аз он осор ва навиштаҳое ба забонҳои эронӣ бар ҷо мондааст, оғоз мешавад ва ба инқирози шоҳаншоҳии ҳахоманишӣ поён меёбад» [5, 158].

Парвиз Нотили Хонларӣ ба давраи бостон чунин забонҳоро мансуб донистааст: забони модӣ, забони сакоӣ, забони порсии бостон, забони авастоӣ. Ӯ ҳамчунин мегӯяд: «Аз рӯйи қароине ба вуҷуд чанди забони эронии дигар дар давраи бостон метавон пай бурд. Аз он ҷумлаанд забонҳое, ки дар давраи забонҳои эронии миёна аз онҳо осоре дар даст дорем ва ба ҳукми мувозини забоншиносӣ дармеёбем, ки асли онҳо бо забонҳои эронии бостон, ки мешиносем, яксон набуда ва бинобар ин, бояд муъталиқ шуд, ки сурати бостонии ҳар як аз онҳо ба мувозоти забонҳои порсии бостон ва авастоӣ вуҷуд доштааст» [5, 181].

Бар асоси қиёс забони портии бостон яке аз кӯҳантарин шохае аз эрони бостон буда, бо порсии бостон қаробати бисёр наздик ва ихтилофҳои ҷузъӣ дорад. Забони партавӣ ё паҳлавоник низ аз ҳамин шоха мебошад. Ҳамчунин ӯ дар китобаш таъкид намудааст, ки забони суғдӣ ба давраи миёна мансуб аст, вале дар давраи бостон вуҷуди онро ҳуҷҷат меорад ва забони суғдии миёна бозмондаи забони суғдист (6, 181). Инчунин, таъкид менамояд, ки аз ин забонҳои бостон ҳеҷ нишона ва санад то давраи мо нарасидааст.

Р. Додихудоев ва Л.Г. Герсенберг давраи бостонро давраи қадими эронӣ ном ниҳода, ҳудуди асрҳои IV ва IIIто милод мешуморад, яъне аз сулолаи Ҳахоманишӣ то истилои аъроб [3, 10] ва инчунин гуфтанд, ки забонҳои қадими эронӣ ба забонҳои қадими ҳиндӣ ба андозае наздик буданд, ки байни аҳлашон мубодилаи афкор имконият дошт [3, 25] Ба ин давра чунин забонҳоро дохил намудаанд: забони порсии қадим (забони катибаҳои давраи подшоҳони Ҳахоманишӣ), забони Авасто (забони матнҳои дини зардуштӣ), забони модӣ, забони сокӣ.

Мухторов Зайниддин чаҳор забонро, яъне забони порсии қадим, забони авастоӣ, забони скифии сарматӣ ва забони модиро ба давраи қадим дохил намудааст.

Забоншиноси рус Овчинникова низ таъриҳи забонро ба се давра таксим менамояд ва давраи аввалро аз асрҳои VI-IVпеш аз милод аз даврони сулолаи Ҳахоманишӣ меҳисобад ва ҳуҷҷатҳои зиёд меорад, ки гӯё, аз ин даврон навиштаҷот дар мақбараҳои шоҳон, сангпораҳо, коҳҳо ва ғайра то имрӯз боқӣ мондааст [7]. Вале Парвиз Нотили Хонларӣ мегӯяд, ки аз ин давраи бостон навиштаҳо ба забони эронӣ барҷо мондааст, яъне то даврони мо маҳфуз нестанд.

Дар оғози ин давра ҳанӯз мавҷуд будани забони мабдаи умумиэронӣ ва гӯйишҳои он собит шудааст, ки вижагиҳои умдаи он дар манбаъҳои хаттии забонҳои эронии қадим зимни муқоиса ба мушоҳида мерасад. Ба манобеи хаттии давраи қадим катибаҳои мехнависии порсии қадим ва осори то ба мо расидаи «Авасто» мансубанд, ки онҳо муҳимтарин сарчашмаҳои омӯзиши хусусиятҳои забонии даврони қадим ба шумор меравад.

Давраи дуюми таърихи забонҳои эронӣ аз асрҳои IV–III то милод то асрҳои VIII–IX идома меёбад ва ин давра ба мо дар бораи таҳаввули забонҳои эронӣ маълумоти муфассалтарро дастрас менамояд. Қайд кардан бамаврид аст, ки манбаъҳои хаттии мансуб ба ибтидои давра дуюми таърихӣ хеле маҳдуд буда, аксар манобеи хаттӣ ба охири давраи мутааллиқанд.

Осори хаттии давраи миёна асосан ба забони порсии миёна, суғдӣ ва парфиянӣ ва ба таври маҳдуд ба забонҳои хоразмиву бохтарӣ мансубанд. Интиҳои давраи миёна ба истилои араб ва пойдор шудани хилофати Араб рост меояд, ки Парвиз Нотили Хонларӣ чунин қайд намудааст: «Даврони забонҳои эронии миёнаро аз оғози подшоҳии Ашкониён то ислом бояд шумурд, аммо баъзе аз забонҳои марбут ба ин даврон то қарни сеюми ҳичрӣ низ ривоҷ дошта ва ба кор мерафтааст» [6, 159]. Дар дигар ҷое қайд кардааст, ки ин ҳудуд тақрибӣ аст, зеро аз як тараф, қадимтарин осоре, ки аз ин давра боқӣ аст мутааллиқ ба авохири асри аввали пеш аз милод аст ва бинобар ин, се қарн бо инқирози хонадони Ҳахоманишӣ фосила дорад. Аз тарафи дигар, аснод ва навиштаҳое, ки марбута ба ин давра аз забонҳои эронӣ аст, то авохири қарни савуми ҳичрӣ (авосити қарни даҳуми милодӣ) низ вуҷуд дошта ва ба даст омадааст [6, 201]. Дар ҳақиқат, истилоҳи «эронии миёна» агарчи шомили забонҳое аст, ки дар ин давраи таърихӣ мутадовил буда, бештар нозир ба сохтмони ин забонҳо аст.

Аз таърихи пайдоиши давраи миёна аз нигоҳи Парвиз Нотили Хонларӣ. Искандари Мақдунӣ пас аз саркашӣ ва тохтутоз дар қаламрави шоҳаншоҳии Эрон дер намонд ва пас аз маргаш (323 пеш аз милод) қаламрави фармонравоии ӯ ба суръат таҷзия ва миёни сардоронаш тақсим шуд.

Сарнавишти давлате, ки ӯ барпо кард, монанди ҷоми булурӣ буд, ки соқии сармасте бар санг бияфт ва дарҳам бишканд. Ҳар қисмат аз паҳнои фармонравоии ӯ насиби сардорӣ шуд ва аз он миён қисмати бузурге аз Эрони Ҳахоманишӣ ба фармони Салукус Никотир даромад, ки ӯ ва бозмондагонаш дар таърих силсилаи Салукиён хонда мешаванд.

Эрониён ва юнониён, бо он ки аз назари нажод ва забон бисёр бо якдигар наздик буданд, дар муддати ҳукумат сардорони юнонӣ бо ҳам омехта нашуданд ва аз ҳамон авоили кор тавоифи эронӣ аз фармонбарии юнониён сарбоз заданд ва охир як қабилаи эронӣ аз шимолу шарқии Эрон, ки дар навиштаҳои Ҳахоманишӣ «Парсава» хонда шудаанд, эшонро аз Эрон ронданд ва дастгоҳи фармонравоии юнониро дар ин кишвар барчиданд ва шоҳаншоҳии Ашкониро барпо карданд, ки наздики панҷ қарн (аз 250 п.а.м то 229 милодӣ) давом ёфт.

Сипас, Ардашери Бобакон фармонравои яке аз устонҳои ҷануби ғарбӣ, яъне Форс, ки тобеъи шоҳаншоҳи Ашконӣ буд, қиём кард ва силсилаи шоҳаншоҳии тозаеро бунёд гузошт, ки ба номи ниёи ӯ «Сосониён» хонда мешаванд.

Шоҳаншоҳии Сосонӣ беш аз чаҳор қарн давом дошт ва дар тайи ин муддат бо қудрати бисёр бар қисмате бузурге аз Осиёи ғарбӣ ва марказӣ фармонравоӣ мекард. Саранҷом, бо зуҳури ислом ва истилои тозиён поён ёфт. Ин давра аз ҳаёти миллии Эрон бо тоҷгузории Ардашери аввали Сосонӣ (224 милодӣ) оғоз мешавад ва кушта шудани Яздигурди савум охирин шоҳи ин хонадон (652 милодӣ) анҷом мепазирад.

Ин давлати нав, ки худро ҷонишин ва вориси Ҳахоманишиён медонист, бар пояи дини куҳани эронӣ, яъне ойини Зардушт, ва онро дини расмии Эрон қарор дод. Аммо аз ҳамон оғоз ойингузоре тозае ба номи Монӣ зуҳур кард, ки агарчи худ ва пайравонаш ба фармони шоҳони сосонӣ кушта ва саркӯб шуданд, вале ойини ӯ давом ёфт ва хоса дар вилоятҳои шимоли шарқии Эрон ривоҷ гирифт. Доманаи тавсеаи он то навоҳии дурдасти Осиёи Миёна ва шарқӣ кашида шуд ва аз ҷониби дигар, дар Аврупо низ то чанд қарн дорои таъсир ва нуфузи бисёр буд.

Дар ҳамин даврон ойини будоӣ низ дар вилоятҳои шарқии Эрон барқарор буд ва ойини масеҳ чӣ дар мағриб ва чӣ дар баъзе сарзаминҳои машриқ пайравоне дошт.

Бештар осоре, ки аз ин забонҳои эронии миёна барҷост, бо ин дастгоҳҳои диннӣ иртибот дорад ва гузашта аз инҳо, яке осори давлатӣ, яъне сангнавиштаҳои шоҳон ва навиштаҳои сиккаҳоро бояд зикр кард ва дигар, баъзе навиштаҳои ғайридиннӣ, ки бар пояи достонҳои миллӣ ва афсонаҳо ва баъзе аз одоб ва русуми иҷтимоӣ мубтанӣ аст [6, 203].

Дар давраи шоҳаншоҳии Ашконӣ ва Сосонӣ дар марзҳои шимолу шарқӣ ва шимолу ғарбии Эрон вилоятҳои эронизабоне буданд, ки гоҳе тобеи ҳукуматҳои ҳамсоя мешуданд. Аз он ҷумла, вилоятҳои Суғд ва Хоразм дар Осиёи Марказӣ ва вилояти Аррон дар Қафқоз ва Русияи ҷанубӣ зикр шудааст. Аз ин лиҳоз, Парвиз Нотили Хонларӣ дар аснои ин гуфтаҳояш чунин забонҳоро ба ин давра мансуб шуморидааст: забони паҳлавӣ, забони монавӣ, порсии миёна, забони суғдӣ, забони хоразмӣ, забони хутанӣ ва забони тағорӣ.

Овчинникова қайд менамояд, ки давраи дуюм аз асри III то милод то асри VII - ро дар бар гирифта, системаи хат инкишоф ёфтааст. Асноди зиёду пурмуҳтаво, монанди адабиёти паҳлавӣ (зардуштӣ), мазҳабиву таърихи парокандаи он замон, катиба, сиккаҳои сосониён, муҳрҳо, ҷавоҳирот, қитъаоти паҳлавӣ аз тарҷумаи Пластир ва ғайраҳо боқи мондааст [7].

Додихудоев Р. ва Герсенберг чунин овардаанд, ки давраи миёна аз асри IV- III то милод то асри VII- VIII милодиро дар бар мегирад ва чунин забонҳо дар ин давра арзи вуҷуд дошт: порсии миёна ё паҳлавӣ ва баъзан, форсии миёна ё тоҷикии миёна, парфиянӣ, суғдӣ, хоразмӣ, сокӣ-хутанӣ. Ҳамчунин, қайд менамоянд, ки дар ин давра на ҳамаи забонҳо дорои системаи хат буданд ва шояд, дигар забонҳое вуҷуд доштанд, ки маълумот дар даст нест. Аммо аз мушоҳидаи эшон чанд забони дигар ба ин давра мансуб будааст, ки онон сокӣ-тумшуқӣ, бохтарӣ, яфталӣ, олонӣ ё осетии куҳна мебошанд.

Давраи сеюм, давраи нави забонҳои эронӣ буда, он аз асрҳои VIII–IX оғоз мешавад. Давраи нави забонҳои эронӣ бо осори хаттии хеле фаровон, бо шоҳкориҳои бузурги адабию фарҳангӣ ва таърихӣ маъруф аст. Дар ин даврон теъдоди забонҳои гуногуни эронӣ ва шеваҳои онҳо («зиёда аз 40 забону гӯйиш»-[5, 20] бештар гардидааст.

Дар навбати худ давраи нави забонҳои эрониро ба таври умумӣ ва ҷудогона ба зинаҳои таърихӣ ҷудо кардан мумкин аст. Дар китоби «Таърихи забони форсӣ» дар бобати давраи сеюм чунин омадааст. «Истилоҳи эронии ҷадид ба забонҳо ва гӯйишҳое итлоқ мешавад, ки аз оғози давраи исломӣ то кунун дар сарзамини паҳновари Эрон ривоҷ дошта ва дар гуфтор ё навиштани миёни тавоифи мухталифи эронӣ мутадовил будааст ва аз он ҷумла муҳимтар забони форсӣ–дарӣ аст, ки забони расмӣ, ва идорӣ, ва адабиёту дониш ва василаи иртиботи зеҳниву маънавии ҳамаи эрониён дар тайи ин муддат мутамодӣ будаву ҳаст» [6, 159].

Парвиз Нотили Хонларӣ ба ин давра се забони асосиро, ки онҳо забони паҳлавӣ, забони форсӣ, забони дарӣ ва зиёда аз 40 гӯйишҳои онҳоро дохил намудааст ва инчунин, қайд намудааст, ки аз забонҳои ин даврон осори зиёд мавҷуд аст. Муаррихони дигар-Додихудоев, Герсенберг, Мухторов, Ҳасанов, Овчинкова, Оранский низ ин се забонро ба давраи нав дохил кардаанд.

Минтақаҳои паҳншавии онҳо имрӯз асосан, Осиёи Марказӣ, Моварои Қафқоз ва Чин мебошад. Забонҳои эронии нав имрӯз дар Тоҷикистон–тоҷикӣ, яғнобӣ, гурӯҳи забонҳои помирӣ (шуғнонӣ, рӯшонӣ, ишкошимӣ, язғуломӣ, сарикӯлӣ), дар Афғонистону Покистон–дарӣ, пашту, балуҷӣ, мунҷонӣ, парочӣ, ормурӣ, дар Эрон–форсӣ, гелонӣ, курдӣ, мозандаронӣ, гелонӣ, зазӣ, гӯронӣ, лурӣ, бахтиёрӣ, хунсарӣ, кошонӣ, габрӣ (йаздӣ ва кирмонӣ), севандӣ, кундузӣ, давонӣ, курдшулӣ, башкардӣ, қумзарӣ, дар Моварои Қафқоз–осетинӣ, тотӣ ва толишӣ мебошанд. Агар ҳамаи шеваю гӯйишҳо дақиқан номбар шаванд, теъдоди онҳо зиёдтар мешавад.

Ин тақсимбандӣ, ки аз мутолиаи чигунагии таҳаввули забонҳои эронӣ ба даст омадааст, дар таърихи таҳаввули забонҳои дигари ҳиндуаврупоӣ ва ҳатто, баъзе аз хонаводаи дигари забонҳои ҷаҳон низ мавриди истифода қарор гирифта, ба кор рафтааст. Ҳамчунин қайд намуд, ки ин даврабандие, ки аз тарафи пажӯҳишгарон анҷом пазируфт, ҳатмӣ ва устувор нест, балки ин даврабандӣ назариявӣ аст. Чун Д.И. Эделман дар асоси меъёри забонӣ таърихи забонҳои эрониро на ба се, балки ба ду давра: қадим ва минбаъда ҷудо кардааст.

Чун назари банда бар даврабандии забони форсӣ аз нуқтаи назари забоншиноси маъруфи Эрон Парвиз Нотили Хонларӣ аст, ба хулосае расидам, ки эшон таърихи таҳаввули забонҳои эрониро ба се марҳилаи такомул, яъне давраи бостонӣ, миёна ва нав тақсим намуда,пайдоиши онро аз ҳазорсолаи дуюми то милод мансуб донистааст. Дар асоси гуфтаҳои боло бармеояд, ки Парвиз Нотили Хонларӣ ин даврабандиро дар асоси ҳодисаҳои таърихи мардуми эронӣ даврабандӣ намудааст. Чунончи, соли 331 пеш аз милод, вақте ки империяи бузурги Ҳахоманишӣ аз байн меравад (то давраи Ҳахоманиширо давраи Бостон ном гузошт), анъанаҳои бисёри маданӣ аз байн меравад, аз он ҷумла хати мехӣ, ки дар Эрон арзи вуҷуд дошт, аҳамияти худро гум мекунад ва як давраи муайян дар Эронзамин таъсири забону маданияти Юнон ҷорӣ мегардад.

Вале як қисмати мардуми аҷам аз зери асорати Искандари Зулқарнайн баромада, анъана ва урфу одати хешро барқарор мекунанд. Дар давраи охирин ҳукумати Ҳахоманишӣ шакли хаттии забони порсии қадим аз шакли даҳонӣ, аз лаҳҷа фарқият дошт. Дар натиҷаи ин просес забони порсии қадим бо мурури замон ба

дигаргунӣ дучор гардид ва забон аз як ҳолат ба дигар шакл гузашт ва сохти флективии худро аз даст дода, ба аналитикӣ соҳиб шуд. Яъне, аломати характерноки забонҳои қадими эронӣ системаи тараққикардаи флексия буд, ки тамоми сохти грамматикии онро фаро гирифта буд. Вале дар ҳамин давра (охири он) протсесси сустгардии флексия оғоз меёбад. Анҷомаҳои грамматикии калимаҳо (анҷомаҳои падежӣ, ҷинсият ва амсоли инҳо) тадричан матрук гардида, боиси азбайнравии системаи флексия шуданд ва аз байнравии флексия боиси ривоҷгирии воситаҳои аналитикӣ гашт (пешоянд, пасоянд, феълҳои таркибӣ).

Ҳамин тариқ, забон аз ҳолати эронии қадим ба ҳолати эронии миёна бадал шуд. Профессор Ҳасанов қайд менамоянд, ки вазъи гузариш дар ҳамаи забонҳои эронӣ як хел суръат нагирифтааст. Дар забони порсии миёна на дертар то асри III милодӣ ба вуқӯъ омад, дар забони суғдӣ то охири давраи миёна давом кардааст ва дар баъзе забонҳо мисли афғонӣ, курдӣ, мунҷонӣ то имрӯз идома доранд [8, 34]. Шояд, аз ин рӯ, Д.И.Эделман дар ин асно ба ду давра - давраи қадим ва давраи минбаъда ҷудо карда бошад.

Чун забони зинда ҳамеша дар рушд аст, давраи аввалро ба пайдоиши хат ва қоидаҳои сарфиву наҳвӣ донист. Қадимтарин осоре, ки ба забони форсӣ дастрас аст, сангнавиштаҳои шоҳони Ҳахоманишӣ, бахусус навиштаҳои шоҳ Дориюши Бузург дар кӯҳи Бесутун дар ҷанубу ғарбии Эрони имрӯза аст, ки дар чанд садаи охир эҳё ва бозхонӣ шудааст. Ин сангнавиштаҳо ва осори дигари бостонӣ, ки дар манотиқи мухталифи Эрон ва Ироқ бозёфт шудаанд, марҳилаи бостонии такомули забони форсиро бозгӯ мекунанд, ки забони ҳамаи ин осор дар маҷмӯъ «забони форсии бостон» номида шудааст.

Ҳамин тавр, забони форсӣ дар баробари забонҳои эломӣ ва оромӣ аз забонҳои умдаи расмӣ дар империяи Ҳахоманишиён маҳсуб мешуд. Дар воқеъ, ёфтаҳои бостоншиносӣ нишон медиҳад, ки шоҳони ҳахоманишӣ ҳеҷ гоҳ дар сададе таҳмил кардани забони худ бар зердастони анэронии (ғайриэронӣ) худ набуданд ва чун як салтанати ҷаҳониро дар даст доштанд, ба ин далел, ҳар қавму миллате, ки дар қаламрави ин империя ба сар мебурд, ҳаққи комил бар забони худ дошт ва се забони порсӣ, оромӣ ва эломӣ, ки дар воқеъ, аз се хонаводаи мухталиф ҳастанд, ба унвони забонҳои расмӣ дар дастгоҳи давлати Ҳахоманишӣ, корбурд мешуданд. Ба ин тартиб, миллату қавмҳои мухталиф дар як сарзамини паҳновари Эрони аҳди Ҳахоманишӣ дар канори ҳам ба оромиш мезистанд, то замоне ки пояҳои ин империя ба дасти юнониён барчида шуд ва ин навдавлатон дигар натавонистанд ин империяи бузургро, ки осон ба ирс гирифтанд, идора кунанд ва он дар муддати кӯтоҳе пора-пора шуд.

Марҳилаи дувум дар таърихи забони форсӣ замони ҳукумати Сосониён аст, ки ҳудуди чаҳорсад сол орому устувор буд, то ин ки тамаддун ва фарҳанги он ба дасти тозиён тахриб шуд. Давраи дуюмро давраи миёна ва инчунин давраи гузариши байни забонҳои қадим ва нави эронӣ маҳсуб медонанд. Ҳамчунин, дар ин даврон ҷамъият, фарҳанг ва сиёсат низ рӯ ба инкишоф мениҳад ва империяву салтанатҳо ба вуҷуд меоянд, ки сабаби паҳншавии забонҳо гардид.

Чун ҳар империя ва ё салтанат ҷоеро ё маконеро забт мекард ва музаффарият ба даст меоавард, мекӯшид, забони хешро дар он макон ҷорӣ кунад.

Як чизро бояд дар хотир дошт, ки агар дар оғози ин давра тафовут байни забонҳои алоҳидаи эронӣ на он қадар ҷиддӣ бошад, пас дар охири он фарқ байни онҳо зиёд гашт. Намояндаи забони суғдӣ ё хоразмӣ дар асри VI мелодӣ бо забони худ гап зада, матлабашро ба форсизабонон ё парфиянизабон фаҳмонда натавонист.

Аз маводи бадастомада маълум мегардад, ки ба забонҳои миёнаи эронӣ-порсии миёна, парфиянӣ, суғдӣ, хоразмӣ, сокӣ-хутанӣ, сокӣ-тумшуқӣ, бохтарӣ, яфталӣ, аллонӣ дохил мешаванд. Аз забонҳои номбаршуда порсии миёна ва парфиянӣ ба гурӯҳи ғарбиэронӣ ва забонҳои суғдӣ, хоразмӣ, сокӣ-хутанӣ, сокӣ-тумшуқӣ, бохтарӣ, яфталӣ, аллонӣ ба шохаи шарқиэронӣ дохил мешаванд. Албатта, забони порсии аҳди Сосониён, ки адабиёти бештаре аз он баҷо мондааст, гоҳо ба иштибоҳ «забони паҳлавӣ» хонда мешавад, вале забони паҳлавӣ дар воқеъ, забони аҳди Ашкониён ё худ забони портӣ аст, ки ҳарчанд бисёр наздик аст, вале аз забони порсӣ ҷудост ва он

ба гурӯҳи забонҳои шимолу ғарбии эронӣ шомил мешавад. Дар ҳоле ки порсӣ (форсӣ) шомили гурӯҳи ҷанубу ғарбӣ аст.

Дар ин ки худи эрониён дар замони Ҳахоманишиён ва Сосониён забони худро порсӣ («паарсиг», яъне «порсиг», яъне «порсӣ») меномиданд, тардиде нест. Дар навиштаҳои шоҳ Дориюш ӯ худро сареҳан аз нажоди (миллати) эронӣ ва аз қавми порсӣ медонад ва забони навиштаҳои худро (дар канори оромӣ ва эломӣ) забони порсӣ хондааст. Албатта, дар он замон забонҳои дигари эронӣ ҳам, назири суғдӣ, бохтарӣ, сакоӣ ва дигар роиҷ буданд, вале забоне, ки дар он замон дар минтақаи Форс дар Эрони имрӯз бад-он сухан мекарданд, аз даврахои хеле бостони забони порсӣ (форсӣ) ном дошт.

Аз ин ҷо равшан аст, ки бар хилофи бархе аз фарҳангчиёни тоҷик, ки бо таассуб кӯшиш мекунанд, хостгоҳи забони форсиро ба рустои зодгоҳи худ ва ҳамин тавр, ба Хуросону Варорӯд нисбат диҳанд, ҳақиқати таърихи бад-он далолат мекунад, ки хостгоҳи ин забон минтақаи ҷанубу ғарбии Эрони имрӯзӣ аст.

Албатта, дар ин нуқта ҳам тардиде нест, ки порсиҳо ва модҳо ду қавми ғарбии эронӣ дар марҳилае қадимтар худ аз шарқи Эрон ба ғарб кӯч кардаанд, вале ин далел намешавад, бигӯем, ки онҳо забонҳои порсиву модиро бо худ ба ғарб бурдаанд, зеро қабл аз замони Ҳахоманишиён дар шарқи Эрон ё худ Хуросону Варорӯд ҳеҷ нишоне аз ин ду забони ғарбӣ дар даст нест. Дар шарқ дар мароҳили гуногуни таърихи забонҳои шарқииэронӣ, назири суғдӣ, бохтарӣ, хоразмӣ, сагзӣ ва дигарон роиҷ будаанд. Порсиву модӣ ба унвони ду забони мустақил танҳо дар ғарби Эрон ва танҳо пас аз мустақар шудани эрониён (ориёнҳо) дар он сарзаминҳо шакл гирифта ва роиҷ шудаанд.

Давраи сеюмро Парвиз Нотили Хонларӣ дуруст давраи навин номгузорӣ кардааст. Давраи навин аз асри VIII-IX шурӯъ мешавад, ки ба замони ҳукумати Сомониён рост меояд ва ба се шохаи бузург-форсӣ, тоҷикӣ ва дарӣ тақсим мешавад. Дар ин даврон ин забон чанд маротиба, мақоми забони давлатӣ-идориро мегиранд ва тамоми ҳуҷҷатҳо бо ин забон интишор мегарданд. Дар ин даврон аґлаб шоирону нависандагон аз забони арабӣ даст кашида рӯ ба забони бостон меоранд ва эҷодиёти худро бо забонҳои форсӣ- дарӣ дарҷ мекунад. Ҳамчунин, дар ин даврон густариши забонҳои эронӣ ба авҷи аъло мерасад, чун олимон қоидаву қонунҳои забонро ихтироъ карда, ба сарфу наҳв аҳмияти басо бузург медоданд. Ин давронро давраи эҳёи забонҳои эронӣ метавонем гуфт.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуқодиров А. Қаҳрамон ва халқияти забон / А. Абдуқодиров // Аз наҳви сухан то ҷавҳари маъно. – Хуҷанд: Меъроҷ, 2010. - С.123-130.
2. Абдуллозода Ф. Грамматикаи забони тоҷикӣ (синтаксис). Таърихи забоншиносӣ / Ф Абдуллозода. - Хуҷанд, 2009. – 246 с.
3. Додихудов Р.Х. Таърихи забони тоҷикӣ / Р.Х Додихудоев, Л.Г Герценберг. - Душанбе: Маориф, 1988. - 215 с.
4. Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна. / Б Ғафуров. - Душанбе: Ирфон, 1983. – К.1. – 700 с.
5. Фарҳанги забони тоҷикӣ. – Душанбе, 1965.
6. Хонларӣ П.Н. Таърихи забони форсӣ / П.Н. Хонларӣ. - Теҳрон, Нашри нав, 1365. - Ҷ.1. – 414 с.
7. [Захираи электронӣ] www.persian-man.ir
8. Ҳасанов А. Вожаҳои куҳан дар лаҳҷаи Хуҷанд / А.Ҳасанов // Рӯдакӣ. - Душанбе, 2007. - №14. - С.41-52.

ПЕРИОДИЗАЦИЯ ИРАНСКИХ ЯЗЫКОВ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ ПАРВИЗА НОТИЛА ХОНЛАРИ

В данной статьте делается исторический экскурс в историю таджикского языка. Говорится о том что впервые Парвиз Нотил Хонлари исследовал историю таджикского языка и разделил ее на три этапа.

Ключевые слова: язык, история языка, ученые, Парвиз Нотил Хонлари.

PERIODIZATION OF IRANIAN LANGUAGES FROM THE POINT OF VIEW PARVIZ NATILA KHANLARI

In this article is a historical excursus into the history of the Tajik language. They say that first Parviz Natil Khanlari examined the history of the Tajik language and divided it into three stages.

Key words: language, language history, scientists, Parviz Natil Khanlari..

Сведения об авторе: ***О. Исмоилов*** - аспирант кафедры грамматики арабского языка Худжандского государственного университета им.Б.Гафурова

ФАРҲАНГИ «ДОНИШНОМАИ ҚАДАРХОН» ВА ХУСУСИЯТҲОИ УМДАИ ОН

Р.А. Низомиддинова
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б.Ғафуров

«Донишномаи Қадархон» фарҳанге аст, ки то кунун дар бораи он маълумоти мукаммали илмӣ рӯйи кор наомадааст. Маълумоти ибтидоиро дар бораи ин асари арзишманди лексикографӣ шодравон Раҳим Ҳошим ва Шарифҷон Ҳусейнзода дар мақолае, ки ба муносибати ҷашни 1100-солагии Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ соли 1958 нашр намуда буданд, манзури толибони илм гардониданд [1, 209-221]. Ба шарофати мақолаи эшон номи ин асар ба доираи илмии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Шӯравӣ маълум гашт.

Дар мақолаи номбурда мухтасар оид ба хусусияти лексикографӣ ва замони таълифи асар маълумот дода шудааст. Аммо, манзури муаллифон аз таҳияи ин мақола абёти мансуб ба Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ будааст, ки эшон асосан, гирди ин масъала баҳс ва ақоиди хешро матраҳ сохтаанд: «Мо дар ин мақолаи худ дар бораи ин луғати муҳим ба таври иҷмолӣ маълумот дода, зимнан шоиронеро, ки осорашон дар он ҷо нақл ёфтааст, зикр кардан ва шеърҳои дар он ҷо овардашудаи Рӯдакиро ба назари хонандагон расонидан мехоҳем» [1, 209].

Муаллифони мазкур дар поёни он таъкид аз мақоми ин фарҳанг намуда, навиштаанд, ки «…аҳамияти луғати «Донишномаи Қадархон» аз ҳар ҷиҳат хеле калон мебошад ва тадқиқоти чуқури ҳаматарафа талаб мекунад. Бинобар ин, Институти забон ва адабиёти Академияи фанҳои Тоҷикистон дар солҳои наздик ба чоп тайёр намудани ин луғатро дар назар гирифтааст» [1, 221]. Аммо, ин асар, мутаассифона, дигар на мавриди таҳқиқ қарор гирифт ва на руйи нашрро дид.

Дертар луғатшиноси шинохта С.И. Баевский дар асараш “Ранняя персидская лексикография X-XVв.” ба таври васеътар ва фарогиртар “Донишномаи Қадархон”-ро ба муомилоти илмӣ кашид. С.И. Баевский низ дар асари фавқуззикр қайд мекунад, ки аввалин маълумоти илмиро дар бораи ин фарҳанг ҳамоно Ш.Ҳусейнзода ва Р. Ҳошим додаанд. Мулоҳизаҳо ва андешаҳои ин луғатшиноси маъруф қобили таваҷҷуҳ буда, арзиши илмии калон дорад [2, 60-62]. Дар баробари ин, И.С. Баевский ҷадвали фарҳангҳои тафсирии форсӣ-тоҷикиро дар поёни китобаш ҷой додааст, ки дар он “Донишномаи Қадархон” дар мақоми 9-ум қарор дорад. Агар фарҳангҳои то ба замони мо нарасидаи дар ин ҷадвал ёдшуда: “Рисола”-и Абӯҳафси Суғдӣ, “Тафосир фӣ луғати-л-фурс”-и Ҳаким Қатрон ва “Наводир-ул-луғат”-и Ҳаким Фаррухиро ба назар нагирем, пас “Донишномаи Қадархон” аз лиҳози замони таълиф ҳафтумин луғати қадимаи форсӣ-тоҷикӣ аст, ки то ба рӯзгори мо боқӣ мондааст [3, 147-148]. Ҷадвали мураттабсохтаи И.С. Баевский ва баҳои ӯ нисбати ин луғатномаи куҳан хеле арзишманд аст.

И.С. Баевский маълумотро оид ба ин луғатнома дар асоси дастхате, ки дар Озорбойҷон маҳфуз аст, таҳия намудааст. Ӯ дар ин асари худ иштибоҳ ва ғалатҳое, ки Шарифҷон Ҳусейнзода ва Раҳим Ҳошим роҳ дода буданд, ислоҳ карда, дар шинохти ин фарҳанги қадима хати савоб кашидааст.

Роҳимони ин сутур барои хотири боз ҳам бештар ба даст овардани иттилоъ роҷеъ ба “Донишномаи Қадархон” ба адабиёти дар ҳавзаҳои илмии Ҷумҳурии Исломии Эрон нашршуда ручӯъ намуданд. Ковишҳои мо ба он овард, ки чанд мақолаи муҳаққиқони эрониро дарёфт кардем, ки бархе шомили маълумоти васеътар ва бархе ишораҳо ва иттилои кӯчаке бар ин асар доштанд.

Муҳаққиқи эронӣ Исмоил Ҳокимӣ соли 1372/1993 дар маҷаллаи Донишкадаи адабиёт ва улуми инсонии Донишгоҳи Теҳрон мақолаеро чоп кард, ки “Донишномаи Қадархон ва фарҳангҳои форсӣ” унвон дорад [5, 20]. Мақолаи номбурда баъди чанд соли чоп гаштани китоби И.С.Баевский ба табъ расидааст.

Олими дигари эронӣ Муҳаммадтақии Донишпажӯҳ дар феҳристномаи худ ба ин китоб ишора карда, номи онро «Фарҳанги Қадархон» зикр мекунад ва муаллифи онро Ашраф ибни Шараф ал-Музаккир, Қадархон ибни Зуфархон ал-Форуқӣ муаррифӣ намудааст. Дар ин феҳристнома номи китоб ба гунаи дигар ва номи муаллиф бо номи мамдӯҳи он якҷоя навишта шудааст. Аз ин бар меояд, ки Донишпажӯҳ низ дар муаррифии ин нусха ба иштибоҳ роҳ додааст [6, 56-67].

Ошной бо осори таҳқиқотӣ оид ба «Донишномаи Қадархон» моро ба ин хулоса расонид, ки дар мақолаҳо ва осори фавқуззикр, ки оид ба ин асар таълиф гардидаанд, танҳо маълумоти муқаддамотӣ нақл ёфтааст. Мо тасмим гирифтем, то ин луғатномаи гаронбаҳоро пайдо ва то андозае перомуни арзишҳои лексикографии он андешаҳоямонро баён дорем.

Дар ҷустуҷӯйи ин луғатнома мақолаи Раҳим Ҳошим ва Шарифҷон Ҳусейнзодаро раҳнамои худ қарор додем. Муаллифони мақола изҳор доштаанд, ки нусхаи аксии онро ба Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёт овардаанд [1, 9]. Маълумоти эшон ва ҳамчунин таъкидашон аз аҳамияти ин фарҳангнома барои забоншиносӣ ва адабиётшиносии тоҷикӣ ва аз ин рӯ аксбардорӣ ва ба Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти тоҷики ба номи устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакии АУ ҶТ супурдани нусхаи аксии он моро водор кард, то ба ин масъала таваҷҷуҳ ва дар пайи ба нашр омода намудани он гардем. Аммо, мутаассифона, дар китобхонаи Пажӯҳишгоҳ мо ин нусхаро пайдо карда натавонистем. Ҳангоми савол аз тақдири ин нусха, ки дар мақолаи эшон ҳатто, рақамаш нишон дода шудааст, шахсони масъул ё ишора ба воқеаҳои солҳои 90-ум ва ё ба сӯхтори бинои пажӯҳишгоҳ мекарданд.

Маҳз, ҳамин нусхаи хаттии ин асар дар ганҷинаи дастхатҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Озарбойҷон таҳти рақами С-324/2573 нигаҳдорӣ мешавад ва дар рӯйхати феҳристи осори хаттӣ он бо вуҷуди унвони дигар доштанаш, таҳти номи «Луғати паҳлавӣ» қайд гардидааст.

Оқибат маҷбур шудем ба Институти дастхатҳои ба номи Муҳаммад Фузулии Академияи улуми Ҷумҳурии Озорбойҷон барои хотири пайдо намудани нусхаи дигари ин фарҳангнома муроҷиат намоем. Бо кӯмаки беғаразонаи директори ин маҳзани илму маърифат ба мо муяссар гашт, ки нусхаи аксии “Донишномаи Қадархон”-ро ба даст оварем.

Ба мо аз ҷониби директори ин институт проф. Мамед Адилов ҷавоб омад ва дере нагузашта эшон аз тариқи почта микрофилми онро ҳам ба ин ҷониб фиристоданд. Дар мактуби хеш дар ҷавоб ба миннатдории мо эшон фармуда буданд, ки подоши хидматашон чопи ин асар хоҳад буд ва хоҳиш ҳам доштанд, то нусхаи баргардон ё чопии онро ба он кас ирсол намоем. Ҳини омодасозии ин нусха хабари рехлати эшон аз ин дунёи фонӣ расид ва моро хеле ғамангез кард. Проф. М.Адиловро намешиносем, вале аминем, ки аз инсонҳои шариф, сарсупурдаи илму фарҳанг ва тарафдори дӯстии халқҳои тоҷику озарбойҷон буданд. Руҳашон шод ва манзили охираташон обод бошад!

Муаллифи фарҳанги “Донишномаи Қадархон”. Дар ибтидои асри VII. дар ҳудуди Ҳиндустон ва Покистони кунунӣ, Бангола ва манотиқи атрофи ин кишварҳо сулолаҳо ва хонадони ҳукуматгарои мусалмон сари кор омаданд ва дар Шибҳи Қора батадриҷ давлатҳои мустақили мусалмонон арзи ҳастӣ намуданд. Бо баробари дар тахти ҳукмронӣ нишастани сулолаи шоҳони мусулмон дар маснади илму ирфони ин минтақаи таърихӣ забони форсӣ-тоҷикӣ тоҷгузор гардид. Батадриҷ асарҳои мансур ва манзум бо ин забон арзи ҳастӣ намуда, осори фарҳангу адабиёти ин кишварро бо забони форсӣ-тоҷикӣ ғановатманд мегардониданд.

Дар баробари осори адабӣ дар ин кишвар ҳанӯз аз оғози густариши фарҳанги исломӣ ва роиҷ гардидани забони форсӣ-тоҷикӣ, ки то ҳафт қарн дар ин кишвар забони расмӣ буд, фарҳангномаҳо, яъне луғатҳои тафсирӣ ва дузабона бо ҳиммат ва ибтикори беандозаи донишмандон ва шефтагони забони поки форсӣ-дарӣ-тоҷикӣ таълиф гардидаанд, ки назирашонро дар кишварҳои дигари форсигӯй-Эрон, Афғонистон ва Тоҷикистон наметавонем ба қиёс бигирем.

Пас аз забткориҳои Маҳмуди Ғазнавӣ дар Ҳиндустон шаҳри Лоҳур низ минтақае гашт, ки он барои мусалмонон дар Шибҳи Қораи Ҳинд ҳамчун пойгоҳ хидмат мекард. Лоҳур дар баробари он ки макони густариши тамаддуни исломӣ дар кишварҳои Ҳинду Синд мебошад, ҷойгоҳи нашри адабиёт ва фарҳанги форсӣ-тоҷикӣ буд. Нуфуз ва густариши забони форсӣ-тоҷикӣ дар он замон чунон васеъ буд, ки ҳатто подшоҳон ва ҳокимони сулолаҳои маҳаллии Ҳиндустон форсӣ-тоҷикиро забони дарборӣ ва давлатдории худ эълом доштанд.

Дар оғоз, алалхусус барои мукотиботи расмӣ донистани забони форсӣ-тоҷикӣ зарур буд, ки худи мардуми бумии Ҳинд бо ихлосу самимияти бузург ба омӯзиши он шурӯъ карда буданд. Дар баробари ин, илми забоншиносӣ ва аз ҷумла. лексикография дар ин кишвар арзи ҳастӣ менамуд, ки он аз сарчашмаи бойи анъанаҳои забоншиносии давраи бостони кишвари Ҳинд, аз дастовардҳои таълифи луғатномаҳои мусалмонӣ маншаъ гирифта, ба рушду такомул ва ҳадди камол расид.

Эҳтимоми подшоҳони ин давра ба забону адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, алоқаи шадиди эшон ба илму фарҳанг аз он омилҳои муҳимме буданд, ки зербинои тамаддуни фарҳангии ин давраро гузоштанд. Анъанаи дарбори шоҳони сомонӣ, таъйиди эшон аз илму фарҳанг, аз олимону шоирон, адибону ҳакимон, маънавияти олӣ ба дарбори салотини Ҳинд ҳам роҳ ёфта буд. Салотини ин давра на танҳо пуштибонӣ аз олимон мекарданд, балки эшонро таҳрик ба навиштани фарҳангномаҳо ҳам мекарданд. Мисоли ин гуфтаҳо дастури шоҳ Акбар соли 1589 ба Ҷамолуддин Ҳусайни Инҷу дар таълифи фарҳанг аст, ки мунҷар ба пайдоиши “Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ” шуд [3, 6-7].

“Донишномаи Қадархон” аз зумраи луғатҳои қадима аст, ки дар сарзамини Ҳинд дар давраи нахустини фарҳангнигорӣ дар ин кишвар таълиф гардидааст. Бо вуҷуди он ки номи ин асар маъруф ва шинохта нест, лекин он манбаъ ва ганҷинаи муҳимме аст, ки метавонад аз чанд ҷиҳат барои илми муосири лексикография дурри шоҳвори навро эҳдо намояд.

Дар дебочаи китоб оид ба шахсияти муаллифи асар маълумоти кӯчаке оварда шуда, дар он танҳо номи вай ба гунаи Ашраф ибни Шараф ал-Музаккир ал-Форуқӣ тазаккур мешавад. Ҳамчунин, иттилоъ медиҳанд, ки ӯ таълифоташро ба амири сулолаи Ғуриён-Қадархон ибни Зуфархон, ки аз насли Диловархон ва дар хиттаи Мавло (дар ҳудуди Ҳинд воқеъ аст) ҳукмронӣ мекард, бахшидааст. Мутобиқи маълумоти таърихӣ ин амир солҳои 1401-1406 дар вилояти Чандирӣ ҳукмронӣ доштааст.

Замони таълифи китобашро муаллиф санаи 21-уми моҳи зулҳиҷҷаи соли 807 аз ҳиҷрати Паёмбар (с) гуфтааст, ки ба санаи 20-уми июни соли 1405 мелодӣ мутобиқ меояд. Ин рӯзро муаллиф боз ба таври дигар баён мекунад ва менависад, ки дар ин рӯз «латофати офтоб дар бурҷи саратон тофта» [4, 66]. Аз ин бар меояд, ки таълифи «Донишномаи Қадархон» як рӯз пеш аз даромадани моҳи саратон, пеш аз фарорасии дарозтарин рӯзи сол ба охир расидааст. Мутобиқи маълумоти астрономӣ моҳи саратон (тир) санаи 21-ум ва ё 22-уми июн оғоз мешавад. Ишораи дуюми мусанниф ба бурҷи саратон қатъиян собит месозад, ки дар санаи таълифи он ба солшумории ҳиҷрии қамарӣ хатогие рух надодааст.

Аз ишораи Ашраф ибни Шараф ал-Музаккир ал-Форуқӣ аён мешавад, ки ӯ асарашро ба хотири дарёфти инъоми сазовор таълиф намудааст, ки ин дар асрҳои миёна аз ҳодисаи маъмул буд. Чунончи, ӯ дар муқаддима менигорад: “...барои кифофи рӯзгор ва лифоқи умр дар ин даҳри ғаддор ғаввосвор дар баҳри сахои ин додор ғаввосӣ кунам, то магар аз ҷуди зоти шоҳвор луълӯи фароғи рӯзгор ба кафи садаф ояд...” [4, 6].

Аз ишораи дигари муаллиф дар муқаддима аён мегардад, ки вай шахси адабиётдӯст ва пурмутолиа будааст, ки девони чанд шоири форсигӯй - “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ ва “Искандарнома”-ву “Шарафнома”-и Низомии Ганҷавиро дар ихтиёр доштаасту аз онҳо дар луғатномааш ҳамчун санад байтҳоро баргузидааст. Соҳиби “Донишномаи Қадархон” таваҷҷуҳи зиёд ба исми адвия ва истилоҳи атиббо ва номи гиёҳҳо кардааст ва ин амр гувоҳӣ медиҳад, ки худи ӯ ба ғайр аз шеъру шоирӣ аз илми ҳикмат ва растанишиносӣ низ баҳравар будааст. Ин амр боис мегардад, ки ӯ ба таълифи луғате пардозад ва барои гирифтани подоши сазоворе ба заҳматаш онро ба шоҳи Ғуриён тақдим намояд.

Сабаби «Донишнома» унвон гирифтани ин луғатнома, ба андешаи мо ҳамоно пайравӣ аз осори ниёгон аст. Дар адабиёт ва фарҳанги форсии тоҷикӣ асарҳои ба унвони «Донишнома» зикршаванда фаровонанд. Масалан, «Донишнома»-и Абӯалӣ ибни Сино аз ҷумлаи чунин донишномаҳои маъруф аст. Дертар дар охири асри Х нахустин асари манзуми тиббии форсӣ-тоҷикӣ, ки муаллифаш Ҳаким Майсарӣ мебошад, бо номи «Донишнома» арзи ҳастӣ намуд, ки бо номи «Донишномаи тиб» ҳам мешиносанд.

Дар ин асари манзуми тиббӣ ба таври вофир номи гиёҳу адвия, беморихо ва мудово, номи ҷонварон ва амсоли инҳо истифода шудааст. Ашраф ибни Шараф ал-Музаккир ал-Форуқӣ дар муқаддима тазаккур медиҳад, ки яке аз иллатҳои таълифи ин китоб ба донишомӯзон равшан намудани асомии адвия аст ва аз ин ишораи муаллиф бармеояд, ки он ба илми тиб иртибот дорад.

Алиакбари Деҳхудо дар «Луғатнома» вожаи **донишнома**ро «китоби ҳикмат» ва «номае ҳовии дониш ва илм» ва «номае, ки дар он аз дониш сухан рафта бошад» шарҳ додааст [7, 104]. Бо назардошти ин ташреҳ ва ҳамчунин ба назари эътибор гирифтани ин воқеияти китоб, ки бештари моддаҳои луғавӣ дар он марбут ба фитология ва фармакология мебошад, ба асараш “Донишнома” ном ниҳодани муаллиф аз нуқтаи назари мантиқӣ амри комилан саҳеҳ менамояд.

Аз назаргоҳи дигар, истилоҳи ифодакунандаи луғати тафсирӣ “фарҳанг” аст, ки он ҳам то андозае муродиф ба “донишнома” мебошад.

Донишномае, ки мавриди назари мост, чунонки ишора рафт, ба Қадархон ибни Зуфархон тақдим гардидааст ва аз ин рӯ, ба унвони «Донишномаи Қадархон» шинохта мешавад. Ин амр ҳам дар таърихи фарҳангнигории мо собиқаи зиёд дорад. Чунончи, фарҳангномаи «Меъёри Ҷамолӣ», ки онро Шамсуддин Муҳаммад Фахрии Исфаҳонӣ (745/1344) таълиф ва ба ҳокими Форсу Ироқ Ҷамолуддин Абӯисҳоқи Инҷу бахшида шуданаш бо номи “Меъёри Ҷамолӣ” бештар маъмул гардидааст. Яъне, марбут кардани луғатнома ва ё дигар осори таълифӣ ба номи ин ё он подшоҳ ва ё ҳукмрони давр амри муқаррарӣ дар қуруни вусто буд.

“Донишномаи Қадархон” дар марҳилаи аввали ташаккули луғатнигорӣ дар Ҳиндустон арзи ҳастӣ кардааст. Он аз лиҳози сохт ва муҳтаво фарҳанги шеърӣ аст, ки дар асоси қофия мураттаб гардидааст.

Таваҷҷуҳи Ашраф ибни Шараф ал-Музаккир ал-Форуқӣ ба осори шоирони Мовароуннаҳру Хуросон, аз ҷумла ба осори Рӯдакӣ, Абӯшукури Балхӣ, Фаррухии Сиистонӣ ва шуарои дигар, бахусус ба “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ ва “Шарафнома” ва “Искандарнома”-и Низомии Ганҷавӣ бесабаб нест. Дар замони ӯ таваҷҷуҳи аҳли илму адаби Ҳиндустон ба ин асарҳо зиёд гашта буд. Чандин шарҳ бар “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ дар Шибҳи Қораи Ҳинд дар замони зиндагии муаллифи “Донишномаи Қадархон” ва баъди он таълиф гардиданд, ки дар онҳо вожаҳои барои форсигӯёни Ҳинд нофаҳмо шарҳу тавзеҳ пайдо кардаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Ҳошим Р. «Донишномаи Қадархон» ва аҳамияти он дар омӯхтани осори Рӯдакӣ ва мероси адабии мо / Р. Ҳошим, Ш. Ҳусейнзода: муҳаррир А.Мирзоев // Рӯдакӣ ва замони ӯ (маҷмӯи мақолаҳо). - Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1958. - С.209-221.
2. Баевский С.И. Ранняя персидская лексикография XI-XV вв / С.И Баевский. – М.: Наука, 1989. - С.60-62.
3. Ғиёсов Н.И. Назаре ба фарҳанг ва фарҳангнигории тоҷик, Фахри Қаввос. Фарҳанги Қаввос / Н.И. Ғиёсов. - Хуҷанд: Нури маърифат, 2003. - С.6-7.
4. Ал- Форуқӣ. Донишномаи Қадархон / Ал- Форуқӣ. - С. 6б.
5. Милкон Маҷид. Феҳристи мақолаҳои форсии марбут ба фарҳангнависӣ / Милкон Маҷид // Номаи фарҳангистон, замимаи шумораи 14. – Теҳрон, 1382. - С.20.
6. Сайид Муҳаммадҳусайни Ҳаким. Қасидае навёфта аз Кисоӣ / Сайид Муҳаммадҳусайни Ҳаким // Номаи фарҳангистон, 1387. - № 4. - С.56-67.
7. Деҳҳудо Алиакбар. Луғатнома / Алиакбар Деҳҳудо. - Теҳрон: Муассисаи интишорот ва чопи Донишгоҳи Теҳрон, 1998. - Ҷ.7. - С.1401.

ТОЛКОВЫЙ СЛОВАРЬ «ДОНИШНОМАИ КАДАРХОН» И ЕГО СВОЙСТВА

В данной статье рассмотрены свойства толкового словаря “Донишномаи кадархон”.

Ключевые слова: словарь, свойства, комментарий, лексикография, индийский континент.

EXPLANATORY DICTIONARY "DONNAMAE KADRON" AND ITS PROPERTIES

This article describes the properties of a dictionary “Donnamae kadron”.

Key words: dictionary, properties, comment, lexicography, the Indian continent.

Сведения об авторе: ***Р.А. Низомиддинова*** – преподаватель кафедры грамматики арабского языка Худжандского государственного университета им. Б. Гафурова. Телефон: **(+992) 927-88-00-89**

КАТЕГОРИЯИ ГРАММАТИКИИ ҲОЛАТ ДАР ИСМИ ЗАБОНИ АРАБӢ ВА ВОСИТАҲОИ ИФОДАИ ОН ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Н.М. Қӯзиева

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров

Яке аз категорияҳои грамматикии барҷастаи исм (сифат, ҷонишин, шумора) дар забони арабӣ категорияи ҳолат (падеж) мебошад. Ин категорияи грамматикӣ вазифаи синтаксисии калимаҳоро дар ҷумла муайян менамояд.

Категорияи падеж дар забонҳои гуногун дида мешавад, филҷумла арабӣ, русӣ, дар як қатор забонҳои эронӣ, оилаи афроосиёӣ, германӣ. Аммо воситаҳои ифодаи категорияи падеж дар забонҳои мазкур гуногун мебошад.

Олими машҳури рус В.Д. Аракин [2, 106-108] категорияи падежро дар забонҳои русӣ ва англисӣ муқоиса намуда, ёдовар мешавад, ки шумораи падежҳо дар исм ва ҷонишинҳои забони русӣ 6-то бошанд, дар забони англисӣ категорияи падеж дар исм дида намешавад, лекин дигар категорияи грамматикӣ - категорияи соҳибӣ ба назар мерасад.

Новобаста ба он ки дар забони англисӣ категорияи падеж вуҷуд надораду ҷойи онро категорияи соҳибӣ иваз кардааст, М.Б. Шаҳобова [11, 116-117] воситаҳои ифодаи алоқаи падежҳоро дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ мавриди баррасӣ қарор дода, дар забони англисӣ мавҷудияти ду навъи падеж - умумӣ ва соҳибиро таъкид мекунад. Падежи умумӣ ягон воситаи махсуси грамматикӣ барои ифодаи маънои грамматикӣ надорад, лекин морфемаи **-’s одӣ the student’s book**–китоби донишҷӯй воситаи ифодаи падежи соҳибӣ мебошад. Дар забони тоҷикӣ бошад, воситаҳои алоқаи исмҳо дар чунин ҳолатҳо дар аксари маврид бандаки изофӣ мебошад, мисол:

-Рӯзе аз **шогирдони падарам** Мулло Бобоҷон, Мулло Ҳамроҳ, Мулло Абдулвоҳид ва Мулло Собит номон ба хонаи мо–ба пеши падарам омада буданд [1, 12].

Дар аксари забонҳое, ки дар онҳо падеж вуҷуд дорад, бинобар ақидаи мутахассисон ба ҳайси воситаҳои махсуси ифодаи чунин маъноҳои грамматикӣ морфемаҳо баромад мекунанд. Ба ибораи дигар, падеж бо роҳи агглютинативӣ ифодаи хешро меёбад. Масалан, Л.Згуста [6, 256] дар бораи забони осетинӣ ибрози ақида намуда, оид ба падежи исмҳо сухан ронда, тазаккур медиҳад, ки исмҳои осетинӣ бо роҳи агглютинативӣ шакли худро тағйир медиҳанд, аммо реша тағйир намеёбад.

Дар забони исландии муосир калимаҳои сохта бо ҳамроҳи артикл аз рӯйи падеж тасриф мешаванд [4, 44 – 46].

Дар забони арабӣ системаи тасрифии сепадежа мавҷуд аст, ки исмро дар се ҳолат тасриф мекунад: падежи рафъ (аломати грамматикиаш замма u ё un), падежи насб (ё аломати грамматикиаш фатҳа: a ё an), падежи ҷарр (аломати грамматикиаш касра: i ё in).

Бандакҳои падежӣ ба ҳамаи забонҳои сомӣ хос аст, аз ин рӯ метавон гуфт, ки пайдоиши онҳо ба аввали рушди забонҳои сомӣ мувофиқ меояд.

Тавре ки тазаккур рафт, ҳаракати охири калима дар кадом падеж ҷой гирифтани исмро мефаҳмонад. Исм дар ҷумла ба вазифаҳои гуногун меояд ва аз ин лиҳоз, мо метавонем якчанд вазифаҳои исмро дар ҷумла муайян кунем, ки нишондиҳандаи грамматикии он дар ҳолати рафъ қарор мегирад.

Якум, вақте ки исм ба вазифаи мубтадо меояд, охири калима ҳаракати рафъ мегирад: الصبرُ مقدس تقدس به الأشياءُ-Сабр чизи муқаддасест, ки дигар ашё бо он муқаддас мегардад.

Калимаи الصبرُ дар аввали ҷумла омада, мубтадо шудааст ва аломати рафъро гирифтааст.

Дар забони тоҷикӣ категорияи падеж вуҷуд надорад, вале маънои падежи исми забони тоҷикӣ аз рӯйи вазифаҳои синтаксисиаш муайян карда мешавад. Исми забони тоҷикӣ дар вазифаи мубтадо маънои падежи рафъро дода метавонад ва ба монанди забони арабӣ анҷомаи махсуси худро надорад, мисол: ***Хона*** пур аз ғулғулаи хандаи бошандагон шуд [1, 19].

Калимаи «***хона***» ба вазифаи мубтадо омада, маънои падежи рафъи арабиро дошта, ягон аломати падежиро нагирифтааст.

Дар дигар мавридҳое, ки исмҳои забони арабӣ дар падежи рафъ меистанд, аз рӯйи таҳлили морфологӣ бо забони тоҷикӣ баробар аст, вале ягон аломати падежӣ надоранд.

Дуюм, мавқее, ки дар он исм ҳаракати рафъро соҳиб мешавад, хабар мебошад. Дар забони арабӣ қоидаи махсусе зикр карда шудааст, ки ҳаракати падежии мубтадо ва хабар рафъ аст.

[7, 38] اليومُ و رؤوف رجل عظيم - Рауф имрӯз марди бузург аст.

Калимаҳои عظيم сифат ва رجل мавсуф буда, дар айни замон вазифаи хабарро дорост. Аломати падежии он рафъ мебошад ва дар ҳолати номуайянӣ омадааст.

Сеюм, мавқее, ки исм дар падежи рафъ меояд, фоил мебошад. Фоил гуфта, шахсеро ё чизеро дар назар дорем, ки иҷроиши кор аз тарафи ӯ сурат гирифтааст ва баъди феъл меояд.

[7, 45] فضحك **سعيد** متودداً – Саид дилгармона хандид.

Дар ин ҷумла калимаи سعيد исми хос, иҷрокунандаи феъл, яъне фоил буда, ҳаракати заммаро гирифта, дар ҳолати марфӯӣ қарор дорад.

Чаҳорум, ҷое ки исм дар он рафъ хонда мешавад, ноиби фоил мебошад. Ноиби фоил, яъне иҷрокунандаи вазифаи фоил он гоҳ ба кор меравад, ки дар ҷумла феъли категорияи тарзи фоилидошта ба категорияи тарзи мафъулӣ мубаддал мегардад ва фоил ҳазф мешавад, ҷойи онро мафъул мегирад:

قرأ محمدٌ الكتابَ - Муҳаммад китобро хонд.

قُرِئَ الكتابُ - Китоб хонда шуд.

Дар ҷумлаи аввал калимаи **محمدٌ** фоил, **الكتابَ**-мафъулун биҳи (пуркунанда) мебошад. Дар ҷумлаи дуюм феъли он ба тарзи мафъулӣ омада, калимаи **الكتابُ** вазифаи фоилро иҷро карда, аломати рафъ гирифтааст.

Падежи насб (َ) дар забони арабӣ, бояд ки ба феъл вобастагӣ дошта бошад (пуркунандаи бавосита ва бевосита, зарф, ҳол, тамйиз). Дар ҷумлаи كتب المعلم الدرسَ калимаи **الدرسَ** дар ҳолати насб омада, пуркунандаро фаҳмонида, иҷрои амали исми фоилро нишон дода истодааст.

Дар забони тоҷикӣ муайян кардани пуркунанда ба ҷумла алоқаманд аст, мисол: Бемор **чашмонашро** пӯшид. Амак бо пахта **обчакконiро** сар кард [1, 149].

Дар ин ҷумлаҳо калимаҳои **الدرسَ** дар забони арабӣ ва **чашмонашро, обчакконiро** пуркунандаи бевосита нишон медиҳанд, ки бо воситаи пасванди**–ро** дар забони тоҷикӣ ва пасванди **-а** (َ) дар забони арабӣ ифода мегарданд.

Ҳолати насбро, чи хеле ки дар боло қайд шуд, боз ҳол, зарф, ҳиссачаҳои инкорӣ, тамйиз, мафъули мутлақ, мафъул лиаҷлиҳи муайян мекунад:

1.Ҳол дар забони арабӣ исми номуайянии насб мебошад, ки ҳолати исми муайянро, ки пеш аз худаш меояд, ифода мекунад:

[7, 45] فَضَحِكَ سَعِيدٌ متوَدِّداً -Саид дилгармона хандид.

Дар ин ҷумла ҳолати хандидани Саид нишон дода шудааст. Аммо дар ҷумлаи дигар:

[7, 25] فأغمضَ الشيخُ عينيهُ مُتسائلا ً -Пирамард чашмонашро саволомезона пӯшид, калимаи متسائلاً ҳол буда, ҳолати иҷрокунанда, яъне дар кадом ҳолат чашм пӯшидани пирамардро ифода кардааст.

2. Барои иҷроиши ягон амал ё воқеа замон ва макони муайян лозим аст ва зарфи замон ва макони иҷроиши амалро ифода мекунад ва аломати грамматикии он насб мебошад:

ذهَبَ أحمَدُ الى الجامعةِ صَباحاً -Аҳмад ба донишгоҳ ***пагоҳӣ*** рафт.

جلسَ محمد جنبَ صديقِهِ - Муҳаммад дар паҳлӯи дӯсташ нишастааст.

3. Дар зери истилоҳи «ат-тамйиз» (маъноӣ луғавии он «ташхис, фарқкунӣ» аст) гурӯҳи калимаҳое фаҳмида мешаванд, ки аслан исм буда, барои баёни мурод, тавзеҳ ё худ тамйизи исми пеш аз худ дар ҷумла омада корбаст мешаванд. Калимаҳое, ки мафҳумҳои масоҳат, вазн, миқёсу дарозӣ, ҳаҷмро ифода мекунанд, дар дохили ҷумла меоянд, номуайян ва мубҳаму шарҳталабанд, ҳама вақт эҳтиёҷ ба калимаҳое доранд, ки онҳоро шарҳу тавзеҳ ва тамйиз диҳанд ва аломати морфологии онҳо дар аксар вақт мансуб аст:

عندى طنٌ قمحاً - Ман 1тонна гандум дорам.

عندي كيساً قُطناً - Ман як халта пахта дорам.

Дар ин ҷумлаҳо калимаҳои طنٌ -вазн ва كيساً халта, ки андозаро ифода мекунанд, тамйизшаванда ва калимаҳои قُمْحاً-гандум ва قطناً - пахта тамйиз мебошанд. Яъне маҳз **як тонна гандум ё як халта пахта дорад**, на ягон чизи дигар. Дар забоншиносии тоҷик чунин калимаҳоро бо ҳамон маънии арабиашон ҷудо намекунанд. Аммо, барои дарки мавзӯи «тамйиз», барои муайян ва ҳисоб намудани миқдори предметҳо истилоҳи «нумератив»-ро истифода мебаранд, ки онҳо байни шумораву исм ҷой гирифтаанд: ду **нафар** донишҷӯ, чор **ҷилд** китоб, се **дона** дафтар ва ғайра.

Дар забони тоҷикӣ боз як гурӯҳи калимаҳо–воҳидҳои ченкунанда мавҷуданд, ки дарозӣ, сатҳ, ҳаҷм, вазни ашёро чен менамоянд: понздаҳ **метр** газвор, се **куттӣ** себ ва ғайра. Ҳарчанд ки ин калимаҳо дар забони тоҷикӣ аломати морфологӣ надоранд, вале вақти тарҷима ба забони арабӣ бояд ҳамчун тамйизи арабӣ баргардон шаванд ва аломати насбро гиранд.

4. Насбшавии исм дар мафъули мутлақ дида мешавад. Мафъули мутлақ исм (масдар)-и мансуб буда, баъди феъл барои таъкид, баёни навъ ва чандкарата иҷро шудани феъл меояд:

انتصر الجيش انتصاراً - Лашкар дар ҳақиқат ғолиб баромад.

Калимаи انتصاراً масдари феъли انتصر барои таъкиди он омадааст. Вақти тарҷима ба забони тоҷикӣ ибораи таъкидии «дар ҳақиқат» истифода мешавад.

5. Мафъулун лиаҷлиҳи баъди феъл омада, ба хотири ягон чиз ё баёни сабаби ягон воқеа, иҷро намудани амалеро мефаҳмонад:

يحاربُ الجنودُ الأعداءَ دفاعاً عن الوطن - Сарбозон бо душманон ***барои муҳофизати ватан*** ҷангиданд.

Дар ин ҷумла таркиби دفاعا عن الوطن – ***барои муҳофизати ватан*** мақсади муҳорибаи сарбозонро бар зидди душманон ифода намудааст.

Ҳангоми тарҷумаи чунин таркибҳо ба забони тоҷикӣ ба ин маъно истифодаи ҳоли сабаб ва мақсад ба андешаи мо, ба матн наздиктар аст. Ба вазифаи ҳоли сабабу мақсад исмҳои маънии ифодакунандаи ҳаракат меоянд. Воситаи асосии грамматикии ҳоли сабабу мақсад бо исм пешояндҳо ба шумор мераванд. Ба ин вазифа пешоянди **бо сабаби, барои** серистеъмолтаранд. Дар ин сурат исми баъди пешоянд меомада ҳаракати худро дигар карда, дар ҳолати маҷрурӣ қарор мегирад.

-Пагоҳонӣ **ба нияти ба осиё бурдан** аз анбор ним ҷувол гандум бароварда монда будам, ба дари анбор истодааст [1, 45].

Дар ин ҷумла ибораи «ба нияти ба осиё бурдан»-и «ним ҷувол гандум» мақсад ё сабаби иҷро кардани амалро ифода карда истодааст.

Ҳарчанд ки мафъул лиаҷлиҳи ба ҳоли мақсади забони тоҷикӣ баробар аст, аммо аз рӯйи аломати морфологӣ онҳо ба ҳамдигар ягон алоқае надоранд.

Падежи ҷар (родительный) дар он маврид кор фармуда мешавад, ки як калима аз дигар калима вобаста бошад, ё ин ки бо воситаи пешояндҳо ифода гардад ва аломати грамматикии **i** (ـِ) ё **in** (-ٍ) мебошад. Дар забони арабӣ падежи ҷар дар ду ҳолат ифода мегардад:

-***Аввалан,*** изофат шуда меояд, ки таркиби он аз музоф ва музофун илайҳи иборат аст. Музоф исми номуайян аст, ки музофун илайҳи ба он мансуб буда, онро аз ягон ҷиҳат муайян мекунад. Ҳаракати музоф дар таркиби ҷумла муайян гардад, музофун илайҳи доимо дар ҳолати маҷрурӣ меояд. Ибораи изофӣ дар забони тоҷикӣ низ ба назар мерасад ва воситаи грамматикии ин алоқа бандаки изофии–**и** мебошад, ки бо ҷузъи якуми ибора якҷоя навишта мешавад:

з.арабӣ	з.тоҷикӣ
1. كتابُ المعلمِ	китоби муаллим
2. قلمُ الطالبِ	қалами донишҷӯ

Ин ду ибораҳои исмии изофӣ муносибати соҳибиро бештар зоҳир менамоянд.

Доираи алоқаи изофӣ дар ҳар ду забон бисёр васеъ мебошад. Ибораи изофӣ ба ду гурӯҳ –и бораи изофии содда, ки аз ду калима ва ибораи изофии мураккаб, ки зиёда аз ду калимаро дарбар мегирад, ҷудо мешавад. Дар ибораи изофӣ калима бо калима, калима бо ибора ва ё ибора бо калима, ибора бо ибора алоқа пайдо мекунад (4, 22):

كتابُ معلم الكليةِ- китоби муаллими факултет.

Бандаки изофӣ-**и** забони дар тоҷикӣ аслан ибораи изофӣ месозад. Маънои ибораи изофӣ ба маънои луғавию грамматикии ҷузъҳо ва муносибати синтаксисие, ки дар натиҷа алоқаи онҳо пайдо мешавад, вобаста аст. Бандаки изофӣ калимаҳои гуногунсохту гуногунмаъноро, ки ба ҳар хел категорияи луғавию морфологӣ тааллуқ доранд, алоқаманд менамояд. Дар ибораи изофӣ калимаи якум асосӣ буда, калимаи дуюм онро аз ягон ҷиҳат шарҳу эзоҳ медиҳад.

Муносибати як предмет ба предмети дигар бештар аз лиҳози мансубияту соҳибият муайян карда шавад, дар забони тоҷикӣ чунин алоқа вуҷуд надорад, лекин вақти тарҷума аз забони арабӣ ба забони тоҷикӣ ин алоқаҳоро алоқаи изофӣ ифода мекунад:

هذهِ طالبُ كليةِ اللغاتِ الشرقيةِ – Ин донишҷӯйи факултети забонҳои шарқ аст.

Сониян, бо воситаи пешояндҳо, ки пеш аз калима омада, баъди худ исми меомадаро дар ҳолати маҷрурӣ (род. п.) нигоҳ медоранд:

بنتُكَ في الحفظِ و الصونِ مع أُمها - Духтарат сиҳату саломат бо модараш аст.

Аксари калимаҳои арабие, ки мо онҳоро бо пешояндҳо баробар меҳисобем, исм мебошанд ва дар ҳолати мансубӣ (вин.п.) меоянд, ки онҳо зарф, аниқтараш зарфи замон ё маконро ифода мекунанд:

فوق، خلف، تحت، عند،

Дар забони тоҷикӣ низ ин тарзи баёни падеж умуман, ба воситаи пешояндҳо ифода гардида, дар ҷумла ба вазифаи ҳол омадани калимаро нишон медиҳад:

Ин чойро ***аз Ғиҷдувон*** дам карда оварда будем, сард шудааст [1, 74].

Дар ин ҷумла «***аз Ғиҷдувон***» ҳоли маконро ифода карда, ба ҳолати маҷрурии забони арабӣ баробар аст. Ҳарчанд ки пешоянди «аз» исми баъди худ омадаро бо ягон аломати махсуси грамматикӣ муайян накардааст, лекин аз рӯйи тобиши маънӣ ва вазифаи синтаксисиаш ҳоли маконро ифода мекунад.

Ба таври хулоса гӯем, дар забони тоҷикӣ категорияи падеж (ҳолат) дида намешавад, лекин воситаи ифодаи падежҳои арабиро дар забони тоҷикӣ дар ҷумла муайян кардан мумкин аст:

-ҳолати рафъи забони арабӣ, ки дар вазифаҳои гуногун омада, анҷомаи u (’) мегирад, дар забони тоҷикӣ дар аксари ҳолат ба вазифаи мубтадо меояд, лекин анҷомаи махсуси грамматикии падежи номиро надорад;

-ҳолати насбро дар забони арабӣ пуркунандаи бавосита ва бевосита, тамйиз, ҳоли макон, замон, тарзи амал, миқдор ва мақсад гирифта метавонад, аммо дар забони тоҷикӣ падежи насб (винительный) бо пасоянди–**ро** ё бо пешояндҳо, ки пуркунандаи бавосита ва бевоситаро ифода мекунанд, маънои падежи насби забони арабиро медиҳанд;

-ҳолати маҷрурии исм дар забони арабӣ ба воситаи изофат ва пешояндҳо муайян шавад, дар забони тоҷикӣ низ маънои падежи маҷруриро, ки соҳибиятро мефаҳмонад, тавассути бандаки изофӣ «-и» муайян мегардад.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ С. Ёддоштҳо / С. Айнӣ. - Душанбе: Адиб, 1990. - Ҷ.1. – 252 с.
2. Аракин В.Д. Сравнительная типология английского и русского языков / В.Д. Аракин. – М.: Просвещение, 1989. – 256 с.
3. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. - Душанбе: Дониш, 1985. - Ҷ.1. – 356 с.
4. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. - Душанбе: Дониш, 1986. - Ҷ.2. – 372с.
5. Гранде Б.М. Курс арабской грамматики в сравнительно-историческом освещение / Б.М.Гранде. – М.: Восточная литература РАН, 2002.
6. Згуста Л. К типологическим объяснениям и интерпритациям / Л. Згуста // Лингвистическая типология и восточные языки. - М.: Наука, 1965. – 312 с.

7. Маҳфуз Начиб. Ал-Лиссу ва-л-килобу / Начиб Маҳфуз. - Бейрут: Дор-ул-қалам, 1973. – 220 с.
8. ал-Роҷиҳӣ. Ат-Татбиқу-н-наҳвийу / ал-Роҷиҳӣ. - 2001.
9. Семереньи О. Введение в сравнительное языкознание / О Семереньи; перевод с немецкого: Б.А. Абрамова. – М.: Прогресс, 1980. – 408 с.
10. Халидов Б.З. Учебник арабского языка / Б.З.Халидов. – Ташкент: Ўқитувчи, 1977. – 656 с.
11. Шахобова М.Б. Опыт сопоставительного исследования строя таджикского и английского языков / М.Б.Шахобова. - Душанбе: Дониш, 1985. – 252 с.

КАТЕГОРИЯ ГРАММАТИЧЕСКОГО ПАДЕЖА В СУЩЕСТВИТЕЛЬНОМ В АРАБСКОМ ЯЗЫКЕ И ЕГО ОБОРОТ РЕЧИ В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ

В данной статье изложена проблема грамматического падежа арабского языка и его оборот на таджикском языке. В таджикском языке падеж не существует, когда переводятся с арабского на таджикский язык нужно учесть несколько моментов: арабские падежи на таджикском языке переводятся, как имя существительное или же как подлежащее.

Ключевые слова: категория, арабский язык, грамматика, существительное, изаветная связка.

THE GRAMMATICAL CATEGORY OF CASE IN NOUNS IN ARABIC AND ITS A FIGURE OF SPEECH IN THE TAJIK LANGUAGE

In this article the problem of grammatical case of the Arabic language and its turnover in the Tajik language. In the Tajik case does not exist, when translated from Arabic to Tajik language need to consider a few things: the Arab case in the Tajik language is translated as a noun or as a subject.

Key words: category, Arabic language, grammar, noun, Saveta ligament.

Сведения об авторе: ***Н.А. Кузиева*** – преподаватель кафедры грамматики арабского языка Худжандского государственного университета им. Б. Гафурова. Телефон: **(+992) 927-61-32-44**

ПАСВАНДҲОИ ЗАРФСОЗ ДАР «ТУҲФАТ-УЛ-ХОНӢ»-И МУҲАММАДВАФОИ КАРМИНАГӢ

Б.П. Ашрапов
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров

Асари таърихии «Туҳфат-ул-хонӣ», ки ба қалами муаррих, дабири хони манғитӣ, Муҳаммадвафои Карминагӣ тааллуқ дорад, яке аз сарчашмаҳои пурмуҳтавою арзишманд дар тадқиқи асрҳои XVII-XVIII маҳсуб меёбад Дар байни муаррихон ва аҳли илм бо номи «Таърихи Раҳимхонӣ» низ машҳур аст. Бар замми ин, асар барои таҳқиқу муайян намудани ҳодисаҳои забонии он давра, инчунин муқоиса намудани забони адабии муосири тоҷикӣ бо забони ҳамон давра маводи фаровон медиҳад.

Дар ин мақола сухан перомуни хусусиятҳои пасвандҳои зарфсози «Туҳфат-ул-хонӣ» меравад. Муайян намудани аломатҳои морфологию синтаксисӣ ва лексикию семантикии зарф яке аз масъалаҳои мубрам ва баҳснок маҳсуб мегардад. Як зумра забоншиносон барои ҳаллу фасл намудани аломатҳои грамматикии зарф ва дигар ҳиссаҳои номиву ёвари нутқи забони адабии муосири тоҷикӣ тадқиқоти зиёдро ба итмом расонида, ба вазифаю хусусиятҳо ва маънову мавқеи зарф ва дигар ҳиссаҳои нутқ рӯшанӣ андохтаанд. Чунон ки маълум аст, дар забони адабии муосири тоҷикӣ зарфҳо аз ҷиҳати семантикӣ ба навъҳои зерин: тарз, монандӣ, миқдору дараҷа, замону макон, сабабу мақсад мунқасим мешавад.

Академик Б.Н.Ниёзмуҳаммадов қайд мекунад, ки «зарф таърихан нисбат ба ҳиссаҳои дигари нутқ аз ҳама охир ҳамчун ҳиссаи нутқ аз ҳисоби дигар ҳиссаҳои нутқ ташкил ёфта, ба морфология дохил карда шудааст» [9, 56].

Дар «Туҳфат-ул-хонӣ» ҳамаи намудҳои зарфҳо: сода, сохта, мураккабу таркибӣ ба таври васеъ истифода гардидааст. Муҳаққиқони забони осори таърихӣ Б. Шарифов («Бадоеъ-ул-вақоеъ»- и Восифӣ), О. Сулаймонов («Таърихи Байҳақӣ»), Г. Камолова («Маҷмаъ-ут-таворих») қайд кардаанд, ки дар асарҳои мавриди таҳқиқашон зарфҳои мураккабу таркибӣ кам истифода гаштааст. Аммо маводи фактологии ҷамъовардаи мо далолат бар он медиҳад, ки дар асари мавриди назари мо баръакс, чунин навъи зарфҳо зиёд истифода гардидаанд.

Дар ин асар зарфҳои аслии: рӯз, беш [7, 155], зуд [7, 122], дарун [7, 190а], берун [7, 23, 27, 29а, 30а, 36, 37, 39, 59а, 78, 80а, 116а, 119, 126, 132, 141а, 156, 163, 207а, 210а, 229, 230, 249, 255а, 256, 261а, 267, 267а, 268а, 270, 281а, 295,], ҳаргиз [7, 87, 271а, 294], ҳанӯз [7, 42, 80а, 99, 114, 136а, 165, 183, 191, 213, 272,], ҳамеша [7, 64а] ва ғ. корбаст шудааст, ки дар забони адабии муосири тоҷикӣ низ мустаъмал мебошанд.

Зарфҳои сохта низ дар асар фаровон истифода шудааст, ки дар ташаккули онҳо чунин пасвандҳои зарфсози имрӯз ҳам мустаъмали тоҷикӣ нақши калон доранд**:-акӣ, -о, -она, –вор, -тар, –ан** [3, 275]. Ҳини омӯзиши зарфҳои «Туҳфат-ул-хонӣ» маълум гашт, ки муаллиф чунин пасвандҳои зарфсоз **-нокӣ**, **-сон, –ӣ (-гӣ)**-ро истифода

набурдааст ва аз ин метавон хулоса бардошт, ки ин пасвандҳо дар замонҳои баъдӣ ба забон ворид шудаанд.

Бояд зикр намуд, ки мисли забони адабии муосири тоҷикӣ баъзе пасвандҳои зарфсоз дар ин асар аз ҷиҳати истеъмолашон сермаҳсулу каммаҳсул ва бемаҳсул мебошанд. Пасвандҳои сермаҳсули забони «Туҳфат-ул-хонӣ» **-вор, -о, -а,** мебошанд, ки тавассути онҳо дар аглаби ҳол зарфҳои тарзи амалу монандӣ ва замону дараҷа сохта шудаанд.

1. Пасванди–**вор** дар забони «Туҳфат-ул-хонӣ» сермаҳсулу муштарак мебошад ва ба воситаи пасванди мазкур зарфҳои монандию тарзи амал сохта шудааст. Яке аз хусусиятҳои фарқунандаи пасанди-**вор** аз забони адабии муосири тоҷикӣ ва осори даврахои пеш, масалан «Таърихи Байҳақӣ» дар он аст, ки пасванди **-вор** бо исмҳои гуногунмаъно омада, зарфҳои монандӣ месозад, ки бештар хислати шахсро нишон медиҳанд [3, 278; 13, 130; 10, 280]. Дар «Маҷмӯъ-ут-таворих» пасванди мазкур аз тарафи Г. Камолова шарҳ нагаштааст. Дар асари «Туҳфат-ул-хонӣ» зарфҳои бо пасванди–**вор** сохташуда зиёданд ва аз ҷиҳати маънои гарамматикӣ ба чунин гурӯҳҳо мунқасим мешаванд:

Вожаҳое, ки тавассути пасванди–**вор,** мисли забони адабии муосири тоҷикӣ, зарфҳои монандӣ сохта мешаванд: падарвор [46, 209а], марказвор [39а, 237, 287а], парвонавор (100а), фидоивор (264а, 265): …ба мисли доираи паргор **марказвор** ҳалқа гирифта…[7, 39а-16]; …бар ҳавошии хидмати ӯ **парвонавор** мекушуданд [7,100а-1]; …амир бархурдори ӯро **падарвор** дар оғӯши отифат гирифта [7, 209а-15]; …хуршеди сипехрэътило **вазаҳвор** (яъне, монанди тухми магас А.Б.) сар аз ҷайби муфохарату мубоҳот баровардaнд [7, 55], …гояти ситезу овезро ба тақдим расонида **фидоивор** мекӯшиданд… [7, 264а]; …сардорони ботаҳаввур мекӯшанд, аъдои ҳисорӣ **фидоивор** даст аз ҷони ширин шуста…[7, 265а].

Ба пасванди зарфсози–**вор** дар асари «Туҳфат-ул-хонӣ» танҳо тавассути зарфи аслии **«саросема»** зарфи тарзи амал сохта шудааст ва зарфи мазкур дар ин асар ба таври васеъ корбаст шудааст:…**саросемавор** ҳазрати хоқонро бар он доштанд. [7, 38, 70а, 105, 190а, 199, 212а, 220а, 246а, 251, 270а, 280а, 289, 295].

2. Бо тавассути пасванди–**о** дар асари мавриди таҳқиқи мо зарфҳои замону дараҷа сохта шудааст. Бояд зикр намуд, ки байни зарфҳои замону дараҷа тавассути пасванди–**о** сохта шудаи ин асар зарфҳои **«гоҳо, доимо»** ба вазифаи зарфи замон ба таври васеъ корбаст гаштааст:… **доимо** дар фикри тарҳ ва қадҳи давлати рӯзафзун буда, саранҷоми лашкар ва таҳияи асоси ҳарб ва эҳзори олоти таъну зарб менамуд…[7, 271]; … ҳокими он вилоят Баҳодурбеки номӣ, ки ба ӯ дами дӯстӣ дошта, **доимо** ҳарфи мусодиқати ӯ мазкур мекард [7, 78, 59], … **гоҳо** худро аз тафохур шери жаён нисбат медод ва **гоҳо** худро аз мубоҳот ҳамзӯри Дастон мулоҳиза мекард [7, 218]. Аз таҳлили синтаксисии мисоли фавқуззикр маълум мешавад, ки зарфи сохтаи **гоҳо** дар ҷумлаи мураккаб такроран ба таври муқоисавӣ ҳолати ба амал омадани иҷрои амалро ифода мекунад: …**гоҳо** ба даруне аз дарё гузашта, аз атрофи вилоят гурграбоӣ мекарданд [7, 293а, 129].

3. Пасванди–**а** аз зумраи пасвандҳои сермаҳсули асари мазкур ба ҳисоб рафта, аз дигар ҳиссаҳои номии нутқ зарфҳо месозад. Дар асари мавриди таҳқиқи мо пасванди зикршуда зарфҳои тарзи амал сохтааст. Г. Камолова зарфи ***«пиёда»***-ро яке аз зарфҳои аслӣ шуморидааст [6, 66]. Такя бар ақидаи Б.Шарифов намуда, зарфи тарзи амали ***пиёда***-ро ба гурӯҳи зарфҳои сохта дохил намудем. Б.Шарифов чунин мегӯяд: *«Пасванди –**а** ду ҳолат дорад: яке, он ки **пиёда** вай бо калима васл ёфта, ба асос чунон рехта шудааст, ки онро аз калима ҷудо кардан мумкин нест»* [16, 175]. …**пиёда** аз райби ҳаёт ва шабранги зиндагонӣ гардида туфайли моти фано ва шоҳи аҷал гирифтор меомаданд. [7, 67а, 118а,], …он рӯз **пиёда** бо тане чанд аз муборизон хориҷи дарвоза гардид [7, 107]. Агар мо зарфҳои ин ҷумларо аз ҷиҳати морфологию синтаксисӣ дар алоҳидагӣ таҳлил намоем, якчанд зарфҳо паси ҳам чидашуда омадаанд: ***«он рӯз»***- зарфи замон, ***пиёда***-зарфи тарзи амал, ***«бо тане чанд аз муборизон»***-зарфи миқдору дараҷа мебошанд ва ин ҳодисаи гарамматикӣ боз далолат бар он мекунад, ки зарф дар «Туҳфат-ул-хонӣ» аз калимаҳои сермаҳсули он маҳсуб мешавад. Аммо, зарфи ***пиёда*** бошад, ҳатто дар аксари лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ мустаъмал мебошад [11, 117-118]: …камоли ҷаҳдро ба зуҳур оварданд, бинобар он, аксари баҳодурон ба амри умарои сардор **пиёда** гардиданд [7, 119а], Баъзе аз асокири мансураро, ки аспон дар алафзори он вилоят буда, **пиёда** аз Бухоро дар рикоби ҳумоюн рафта буданд, савори саманди ҷалодат шуданд [7, 205а, 209,], …дар зери тал фурӯз омаданд ва **пиёда** бар боло баромада, забони ниёз ба санои бениёз кушода [7, 213].

4. Пасвандҳои зарфсози **–осо**, **-она, –акӣ** дар «Туҳфат-ул-хонӣ» маъмулан, пасвандҳои каммаҳсул ба ҳисоб рафта, нисбат ба пасванди **–вор** доираи истифодаи

онҳо маҳдудтар мебошад. Дар асар онҳо аз лиҳози истеъмол ва ҳамчун морфемаи зарфсоз омаданашон каммаҳсул мебошанд. Мисли он ки дар забони адабии муосири тоҷикӣ пасвандҳои фавқуззикр зарфҳои тарзи амал ва монандӣ сохтаанд [3, 277; 13,131; 15, 94; 14, 52-55; 4, 48; 8, 57-59].

Пасванди–**осо** бо баробари бемаҳсул будан боз ба гурӯҳи пасвандҳои муштарак дохил шуда, мисли пасванди–**вор** хусусияти монандкуниро дорад. Дар забони адабии муосири тоҷикӣ маъмулан, пасванди мазкур аз исмҳои моддӣ зарфи монандӣ месозад, аммо дар асари мавриди таҳқиқи мо ҳамагӣ як маротиба бо исми маънӣ омада, зарфи монандӣ сохтааст. Донишманди эронӣ Хусрави Фаршедвар ба ин хусусияти корбасти пасванди зарфсози–**осо** ва дигар вандҳои забони форсӣ-тоҷикӣ дар китоби «Фарҳанги пешванду пасвандҳои забони форсӣ» ишора намудааст. Фасли шашуми асари ӯ фарогири вандҳои зарфсоз мебошад [15, 94]. Дар «Таърихи Байҳақӣ» пасванди мазкур умуман, мавриди истифода қарор нагирифтааст, ки далели ин гуфтаҳост [13, 130; 10, 280]. Муҳаққиқи «Бадоеъ-ул-вақоеъ» дар бобати пасванди мазкур ӯ чунин хулосабарорӣ намуда, мегӯяд: *«пасванди–**осо** зиёдтар дар ташбеҳдиҳии аломатҳои ашёи беҷон истифода гаштанаш ба назар расид»* [16, 176].

Пасванди–**она** бошад, ба гурӯҳи пасвандҳои каммаҳсул дохил мешавад. Он ҳамчунин муштарак буда, дар раванди сифатсозӣ ҳам дар забони адабии муосири тоҷикӣ ва ҳам дар забони адабии асри XVIII нақши калон дорад. Ҳангоми омӯзиши асари мазкур яке аз пасвандҳои сермаҳсули сифатсоз будани он аниқ гардид. Дар асари «Таърихи Байҳақӣ» пасванди–**она** мисли маводи таҳқиқи мо аз лиҳози истеъмол каммаҳсул буда, зарфҳои тарзи амал сохтааст: ***«Ва даррафт ва сухан яклухтвор туркона бигуфт [936-14]»*** [13, 132].

Муҳаққиқи «Маҷмӯъ-ут-таворих» пасванди–**она**-ро ба гурӯҳи пасвандҳои каммаҳсул дохил намудааст [6, 67]. Мирзо Муҳаммади Иброҳим дар китоби хеш ***«A gammar of the Persian language»*** маъмултарин пасвандҳои исмсозу сифатсозро шарҳ додааст, аммо ӯ танҳо пасванди зарфсози–**она**-ро ба гурӯҳи пасвандҳои зарфсоз ворид намуда, онро бо пасванди зарфсози забони англисии–**ly** синоморфемаи якдигар ҳисобидааст ***донишварона=learnedly*** [1, 122]. Дар асари мазкур тавассути ин пасванд танҳо як маротиба зарф сохта шудааст: ...мардум камари ҳавохоҳии ин давлатро **ғоибона** бар миёни ҷон баста [7, 245].

Пасванди–**акӣ** ба гурӯҳи зарфҳои каммаҳсул дохил шуда, мисли забони адабии муосири тоҷикӣ дар асари «Туҳфат-ул-хонӣ» зарфҳои тарзи амал сохтааст. Зарфи **харакӣ** бо тавассути пасванди мазкур танҳо як маротиба аз ҷониби муаллиф мавриди истифода қарор гирифтааст:… аз гарди ғубори уштурони ҳомили кӯшуну расоса ва қаторҳои ҷазоир боркарда ҳашами айём **харакӣ** овард [7, 218а].

5. Дар забони «Туҳфат-ул-хонӣ» чун анъана ба воситаи пасванди дараҷасози–**тар** зарфҳои дараҷаи қиёсӣ сохта шудааст ва муаллифи асари мазкур пасванди дараҷасози–**тар**-ро ба ҳайси зарфҳои қиёсӣ мустақиман ба анвои гуногуни зарфҳо истифода намудааст, ки ин ҳодисаи грамматикӣ ба забони адабии муосири тоҷикӣ низ хос мебошад [6,67]:

а) зарфҳои қиёсии замон: пештар [7, 20, 81, 139, 238, 294,]: …сардорони сипоҳ **пештар** ба қалъаи Шаҳрак расида, амтиаву амволи мардуми фирориро эҳзозу тороҷ намуданд [7, 139]. Явми сешанбе бисту якуми моҳи ҷумодиулаввал аз мурури худ **пештар** ба даргоҳи ҷаҳонпаноҳӣ хабар фиристода, изҳори таваҷҷуҳ намуд [7, 238].

б) зарфҳои қиёсии макон дар «Туҳфат-ул-хонӣ» асосан аз сифатҳои сода сохта шудаанд: баландтар [7, 16, 15а,], болотар [7, 131], дуртар [7, 287а]: …рояти таваккулро **баландтар** афрошт [7, 15а-12]; …аз самти рост **болотар** ба синаи девор қарору истикрор гирифта…[7, 131-11]; Тӯпхонаи Намозгоҳ, ки як тирпартоб роҳ аз қалъа **дуртар** дар маҳории дарвоза буд… [7, 287].

в) зарфҳои қиёсии миқдору дараҷа: камтар [7, 14а], зиёдтар [7, 121], афзунтар [7, 43а, 68,]: Сарони пурғурур, ки бинобар касрати ҷайши ситоранишон муқобили худро **камтар** аз хӯшаи Парвини осмон медонистанд [7, 14а]. Чӣ дар ин ҳангом сохти дастгоҳи худро **афзунтар** аз қаёсираи комгор ва акосираи номдор медонист [7, 43]. **Ба садқате афзунтар** аз ҳисоби аҳли шумор мутаваҷҷеҳи арсаи корзор ва мутасаддии разму пайкор шуд [7, 68]. Дар мисоли охир ***афзунтар*** дар таркиби зарфи таркибии миқдору дараҷа омадааст.

Яке аз хусусияти мубрами зарф дар ин асар он аст, ки ба воситаи ванди арабӣ, яъне–**ан** сохта мешавад. Дар забони тоҷикӣ ин аломатро бо унвони пасванди зарфсоз истифода мебаранд, ки аслан, танвин аст ва он дар забони арабӣ воситаи ифодаи маънои грамматикӣ - категорияи ҳолати мансубӣ [падеж] ва номуайянӣ мебошад. Корбурди зарфҳои тоҷикӣ хоссатан ва зарфҳои муштаҷ бо ин пасвандумуман, зоҳиран дар забони форсӣ-тоҷикӣ дар давраҳои таърихии он якхела набудааст. Масалан, зарфҳои арабии танвиндор дар «Таърихи Сиистон» дучор намешаванд. Л.П. Смирнова таъкид мекунад, ки аз чунин зарфҳо танҳо шакли ***ҳаққан*** дар асар

мавриди истеъмол қарор гирифтаасту истеъмоли дигар зарфҳои арабӣ ба ин асар хос нест [12, 22]. Аммо, таҳлилу баррасии зарфҳои «Тухфат-ул-хонӣ» нишон медиҳад, ки нақши танвини–**ан** дар сохтмони зарфҳо аз вожаҳои аслии тоҷикӣ қариб эҳсос намешавад, дар ҳоле ки дар «Таърихи Байҳақӣ» чунин намуди зарфҳо, аз қабили ***зӯран, забонан*** [13, 128] фаровон истеъмол шудаанд. Албатта, дар асари мавриди таҳқиқи мо зарфҳое дучор гаштанд, ки онҳо маҳз зарфҳои арабии танвиндор мебошанд ва аз ҷониби муаллифи асар ба таври васеъ корбаст гаштааст: … **аввалан,** зикри насаби комронӣ то аҷдоди узомаш сохта ояд, баъд аз он зубдаи ҳолоти волиди бузургвори ӯ мастури рақами ихтисор гардад [7, 9а]; … **зоҳиран** камари тараддуду саъй бар миёни хидматгории амири шавкатёбу соҳиб-уд-давлаи олиҷаноб баста [7, 80]. Аҳли созу тараб, ширинкорону шуъбадаороён ва тамоми асҳоби сарварро дар ин сур **ибтидоан** ба ташрифоти муносиб ва хилъатҳои лоиқ навохтанд [7, 290]; Чун **собиқан** тақрири баёни таҳрири хомаи сабукҷавлон ба тариқи иҷмолу ихтисор гузориш ёфт… [7, 79].

Аз таҳлили забони асари илмӣ-таърихии «Тухфат-ул-хонӣ» ба чунин хулоса омадан мумкин,ки дар асар асосан пасвандҳои зарфсози забони адабии муосири тоҷикӣ истифода шудааст. Пасвандҳои зарфсози асар бо бархе аз хусусияти хеш аз забони адабии муосири тоҷикӣ ва забони дигар осор фарқи кам доранд. Масалан, агар пасванди–**вор** дар забони тоҷикӣ дар аксари вақт зарфҳои монандӣ созад, тавассути он дар асари мазкур зарфҳои тарзи амал сохта шудааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Ibraheem Meerza Mohammad. A gammar of the Persian language / Meerza Mohammad Ibraheem. – London, 1841. – P.119-128.
2. Jones William. A gammar of the Persian language / William Jones // The ninth edition. – London, 1828. - 283p.
3. Каримов Ҳ. Граматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик / Ҳ. Каримов, А. Маниёзов, А. Мирзоев [и др]. - Душанбе: Дониш, 1985. – 356 с.
4. Абдуллоҳзода А. Дастури забони форсӣ / А. Абдуллоҳзода. – 1983. – 103 с.
5. Содиқӣ Исмоил. Таърифи исм, сифат ва зарф «қайд» дар дастури забонҳои суннатии форсӣ / Исмоил Содиқӣ // Фаслномаи донишгоҳи адабиёт ва улуми инсонӣ. - №14-15. - Пойиз ва зимистони 1388. - Соли чорум. – С.119.
6. Камолова, Г. Хусусиятҳои морфологии забони «Маҷмӯъ-ут-таворих» / Г. Камолова. - Душанбе: Дониш, 1984. - С.67.
7. Карминагӣ М. Тухфаи хонӣ. Дастнависи №1426. Институти забон ва адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.Карминагӣ. – 1989. – 364 с.
8. Ниёзмуҳаммадов Б. Морфологияи забони тоҷикӣ / Б. Ниёзмуҳаммадов, Л. Бузургзода. – Сталинобод: Шуъбаи таълимӣ-методӣ, 1941. – С. 57-59.
9. Ниёзмуҳаммадов Б.Н. Баъзе масъалаҳои забони адабии ҳозираи тоҷик / Б.Н. Ниёзмуҳаммадов. - Душанбе: Дониш, 1965. – С.56.
10. Гулизода Парвин. Таҳлили сабкшиносии «Таърихи Байҳақӣ» бар маънои таркибҳои иштиқоқӣ / Парвин Гулизода // Фаслномаи тахассусии сабкшиносии назму насри форсӣ. - №18. - Зимистони 1391. - Соли чорум. – С.275, 280, 292.
11. Расторгуева Б.С. Очерки по таджикиской диалектологии / Б.С. Расторгуева. – М.: 1952. – С.117-119.
12. Смирнова Л.П. Язык «Таърихи Сиистан» / Л.П. Смирнова. – Сталинабад: Труды, 1959. - вып.1. – С.22.
13. Сулаймонов О. Хусусиятҳои морфологии «Таърихи Байҳақӣ»: рисолаи номзадӣ барои дарёфти дараҷаи н. и. филологӣ:10.02.22 / О. Сулаймонов. - Хуҷанд, 2008.
14. Сангонӣ Фотимаи Фозилӣ. Тарҳи дастури қайд / Фотимаи Фозилии Сангонӣ // Омӯзиши забон ва адабиёти форсӣ. - Зимистони 1391. - Шумораи дуюм. – С.52-55.
15. Хусрави Фаршедвард. Нигоҳе ба фарҳанги пешванду пасвандҳои забони форсӣ / Хусрави Фаршедвард // Китоби моҳи адабиёт. – Теҳрон: Заввор,1386. - Чопи аввал. – С.90-95.
16. Шарифов Б. Хусусиятҳои морфологии «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Восифӣ / Б. Шарифов. – Душанбе: Дониш, 1985. – 232 с.

СПОСОБЫ ОБРАЗОВАНИЯ СУФФИКСАЛЬНЫХ НАРЕЧИЙ В «ТУХФАТ-УЛ-ХОНИ» МУХАММАДВАФО КАРМИНАГИ

Анализируя язык научно-исторического произведения «Тухфат-ул-хони» можно придти к выводу о том, что в данном произведении в основном использованы суффиксальные наречия современного таджикского языка. Суффиксальные наречия произведения с некоторыми своими свойствами мало отличаются от таджикского современного литературного языка и от других произведений.

Ключевые слова: суффиксальные наречия, Мухаммадвафо Карминаги, «Тухфат-ул-хони», современный таджикский литературный язык, «Маджмуъ-ут-таворих», персидский язык, свойства наречий.

METHODS OF FORMING SUFFIX OF ADVERBS IN "TUHFAT-UL-HONI" MUHAMMADATO KAMINAGI

Analyzing the language of scientific and historical works "Tuhfat-ul-Honi" you can come to the conclusion that this product mainly used suffixal the modern dialect of the Tajik language. Suffixal adverbs works with some of their properties differ little from modern Tajik literary language and other works.

Key words: suffixal adverbs' Muhammadato Kaminagi' "Tuhfat-ul-Honi"' modern Tajik literary language' "Majay-ut-tawarikh"' Persian language' properties of adverbs.

Сведения об авторе: ***Б.П. Ашрапов*** - аспирант кафедры грамматики арабского языка Худжандского государственного университета им.Б.Гафурова

ДОДАҲОИ ГӮЙИШИИ ДӮЗАНДАГӢ ВА ПӮШИДАНИҲО

Ҳ. Маликзода
Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

Даштистон аз назари луғавӣ ба маънии дашт, саҳро, биёбон ва арозии мустаҳ мебошад. Номи қадими Даштистон «Дастқон» муарраби даштистон аст. Дар луғатномаи Деҳхудо мехонем: «Даштистон ноҳияе аст аз ҳукумати банодар дар ҷануби ғарбии Форс, ки байни Кӯҳкилуя даште аст». Даштистон имрӯз 150 километри мураббаъ вусъат дорад. Маркази он шаҳри Барозҷон аст, ки бо рустоҳои атрофаш бахши марказии Даштистонро ташкил медиҳад. Бахшҳои дигари он шомили Долакӣ, Зиёрат, Обпахш, Дашти Исмоилхонӣ, Ваҳдатия, Зироҳ, Шабонкора, минтақаи бузурги Пушти кӯҳ ва Саъдобод. Мардуми тамоми маконҳои зикршуда дар Даштистон, бо гӯйиши даштистонӣ сухан мегӯянд, аммо гӯйишҳои ҳар як минтақа (Блук, ки дар қадим хоннишин буда) тафовутҳо ва шабоҳатҳо бо якдигар доранд, мисли вожаи «хуш -хоš»-ро дар Барозҷон «хош-хâš», дар Саъдобод «хаш-хаš» талаффуз мекунанд.

Тақрибан тамоми мардуми ин остон ба забони форсӣ ва бо гӯйишҳои маҳалии худ такаллум мекунанд. Лаҳҷаҳо дар рустоҳо бештар аз шаҳрҳо мутанаввеъ ва машҳуранд ва байни онҳо ихтилофҳо низ ба чашм мехӯранд. Пӯшок бар асоси вазъ ва шароити ҷуғрофиёӣ, завқу салиқа, мазҳабу эътиқодот, тарзи зиндагонӣ ва одобу русум ба вуҷуд меояд. Пӯшоки мардуми остони Бушаҳр низ бар асоси авомили зикршуда шакл гирифтааст. Бино ба вазъи ҷуғрофиёӣ остони Бушаҳр, ду ҳавзаи фарҳангӣ бар мабнои пӯшоки суннатии мардуми он метавон дар ин остон ном бурд. Яке маҳдудаи шимолӣ ва шимоли шарқии остон, ки дарвоқеъ ҳолати кӯҳистон дорад ва аз назари либоси суннатӣ бо манотиқи соҳилии остони Бушаҳр камобеш тафовутҳое дорад. Ин тафовут илова бар ин ки дар модел ва шакли либос аст, дар баргузидани ранг ва ҷинси порчаҳо ва, ҳатто, дар теъдоди либосҳое, ки пӯшида мешавад, низ мушоҳида мегардад. Дар навоҳии кӯҳистон ва сарсабзи Бушаҳр ҷомаҳои сурх, зард ва рангоранг як гуна ҳамоҳангӣ миёни ранги ҷома бо перомуни худ падид меоварад. Ва мардуми манотиқи гарм ва сӯзони соҳилӣ аз ҷомаҳо ва порчаҳои сафед ва беранг суд меҷӯянд. Ҳамчунин, бо таваҷҷуҳ ба вуҷуди табадуллоти фарҳангӣ байни манотиқи шимолии остон бо туркҳои қашқоии остони Форс, шабоҳати зиёд байни пӯшоки мардуми ин ду минтақа мушоҳида мешавад.

Феълҳои махсус ба хайётӣ:

Оҷида вовидан: /âjid(đ)e vâvid(đ)an?/ қарор додани рӯя ва астар рӯйи ҳам ва кӯк задани онҳо пеш аз дӯхтани аслӣ то налагзад ва соф рӯйи ҳам қарор гирад.

Ашкуфтан: /vâškâftan/, /eškoftan?/, /vâterkondan/ шикофтан.

Буқ кардан: /boq kerdan/ пуф кардан барҷаста шудани қисмате аз либос.

Бирвисидан: /bir veysiđan/ хушк истодан ва дур қарор гирифтани ҷома аз бадан.

Порда кардан: /pârde kerdan/ навъи дӯхтан, ду дӯза дӯхтан, бори аввал дулои порчаро рӯйи ҳам ниҳода, медӯзанд ва барои истеҳкоми бештар духт ва ҳамчунин реша нашудани он, лаббаи дарозро ба тарафи дохил ронда ва дубора медӯзанд.

Пишк кардан: /pešk xa(â)rdan/ муталошӣ шудан ва аз ҳам пошидани порча ба ҷиҳати пӯсидагӣ.

Танг нодан: /tang nâd(đ)an/ танг ниҳодан, агар гива ё милке дар асари равобити хамида шудан, ду лунгаро аз тарафи рӯяи рӯйи ҳам гузошта мебанданд ва вазнаи сангине рӯйи он мегузоранд, то соф шавад, ба ин «танг ниҳодан» гӯянд.

Ҷор гируфтан: /jâr geroftan/ андоза гирифтан.

Чидан: /čiđan/ бофтан. Анҷоми ҳар навъ кори бофтанӣ аз қабили жакет, рӯяи шева ва монанди он.

Чархӣ буридан: /čarxi borid(đ)n/ навъи буриш ва ба шакли доира, гирд ва мавзун буридан, монанди буридани чодар ё доман.

Дӯхтан: /doxtan/ мухаффафи дӯхтан. ***Дирдан***: /derdan/ даридан, пора кардан.

Дашке кардан: /daške kerdan/ нах кардани сӯзан.

Дашке кут кардан: /daške kot kerdan/ сӯзан нах кардан ва истилоҳе аст барои бузург кардан ва куш додани мавзӯи кӯчак ва беаҳамият.

Дукумере: /dokemere/ навъи дӯхтани махсуси гева ва милк аст, ки ду радиф камар (ҳошияи милкӣ дӯхта мешавад).

Зурдир: /zurder/ порча ё либосе, ки ба зӯр ва дар асари фишор ва кашидан пора шавад.

Шур хордан: /šor xâ(a)rdan/ пора шудани порча ё либос аз тӯл.

Кирисан: /ke:resan/ ҷамъ ва чирик ва кӯтоҳ шудани порча ё либос ва назоири он дар асари рутубат ё об рафтан.

Газ кирдан: /gaz kerdan/ андоза гирифтан, метр кардани порча.

Генди чиш задан: /gend-e čiš zeđan/ сӯзан ба чашм задан. Киноя аз имрори маош аз роҳи хайётӣ.

Фит бидан: /fit biđan/ андоза будани либос, ба тан нишастани либос.

Лу кирдан: /lu kerdan/ печидани нах ба шакли тӯп.

Вотеркундан: /vâterkondan/ шикофтан, дӯхтан.

Ворчисан: /vârčesan/ дар ҳам печида шудан ва гиреҳ хӯрдани комво, пашм, мӯ ва нах, ки боз кардани он мушкил бошад.

Ворчундан: /vârčondan/ дар ҳам печондан ва гиреҳ додани нах ва комво.

Вошикофтан: /vâškâ(o)ftan/ вошикофтан, дӯхтан ё бофтанӣ.

Яққи кардан: /yaqqe kerdan/ чидани гуди яққа дар хайётӣ, ҷойи яққа боз кардан.

Ягло дир кирдан: /yaglâ der kerdan/ ҷар додан, пора кардани порча ё либос аз ҷиҳати тӯли бадан бе истифода аз қайчӣ.

Асомии марбут ба хайётӣ.

Уфтун: /oftin?/ остин.

Бақия: /beqiye/ бахия, навъи дӯхтан.

Банди думак: /bande dumak/ банди шалвор, ҚИтоне, ки ҷойи куш дар зер ва лаббаи дӯхташудаи шалвор мекунанд ва маъмулан бо нахи сафед бофта мешавад ва онро гиреҳ мезананд.

Пити пиру: /pet-e peru/ василаи пина.

Пасрух: /pasrex/ саҷҷоф, ки дар атрофии либос медӯзанд.

Панак: /pa:nak/ паҳнак; ҳошияе, ки даври лисбос медӯзанд. Бештар дар рустоҳо ба кор меравад. дар Барозҷон «шамак» /ša:mak/ (шамъак) мегӯянд.

Туркибур: /torki bor/ буридани либос ба шеваи туркӣ.

Ту корӣ: /tu kâri/ астармонанде аст барои рӯяи гева ё милкӣ, ки шолтар аз рӯя (ривор /rivâr/) бофта мешавад ва нахи он низ камтар аз нахи рӯя тоб дорад.

Типуз: /ti puz/ ҚИтъаи чармӣ, ки ба нӯки гива ва милкӣ дӯхта мешавад.

Ҷор: /jâr/ андоза; ин вожа дар асл «***ҷо***» аст.

Ҷуфтак: /čoftak/ дакма.

Ҷуфтаки ғейвӣ: /čoftek-e ɣeyvi/ дакмаи ғейбӣ ва махфӣ ё дакмаи фишорӣ.

Ҷархак: /čarxak/ ғарғараи ресмон, «гар-гар» /gar gar/ ҳам мегӯянд.

Чире: /če:re/ чархи нахресии дастӣ ва ресандагӣ.

Дашке: /de(a)ške/ нахи хайётӣ ё нахи гевабофӣ, ресмон.

Дашкеи парг: /dašk-e-y parg/ нахе аст аз пунба, ки тавассути занон дар маҳалҳо ресида мешавад ва софӣ ва истеҳкоми нахи корхонаро надорад.

Думан: /duman/ домани лисбос. ***Дик***: /dik/ дуки нахресӣ.

Росӣ: /râsi/ рӯяи тарафи рӯйи порча ва сатҳи берунии он. ***Росии ворӣ***: /râsi vâri/ пушт ва рӯ ё тоба то пӯшидани либос. ***Рух***: /rex/, /rox/ ҳошияи либос.

Сиёҳча: /siyâjese/ навъе дӯхт аст, ки рӯйи чарми пошнаи гева ва мулкӣ дӯхта мешавад.

Сизан: /sizan/ сӯзан. ***Сизани дилел***: /sizen delil/ сӯзани бузургтар аз хайётӣ, ки бо он гева медӯзанд.

Шур: /šor/ тиккаи дароз ва борики порча, ки бо даст дарида шуда бошад, на бо қайчӣ.

Шурре: /šorre/ пора ва кухна. Тиккаи порчаи дароз ва борик. Шире дурре пораи пурра. Тиккаи порчаҳои либос ё порча (матоъ).

Анвои порча:

Устуруқ: /estavraq/ навъи порчаи нисбатан захим.

Афтувӣ: /aftovey/ офтобӣ ё муҳаррифи офтобӣ /aftowi/, порчаи ҷилодор.

Бушур: /bošur/ порчаи пластикӣ, ки ниёз ба дарзмол надорад ва зуд ҳам хушк мешавад бо ранги собит. Монанди порчаҳои сурх ва сабз дар имомзодаҳо, ба он ***бушур бипуш*** /bošur bopuš/ ҳам гӯянд.

Бинорасӣ: /benâresi/ навъи порчаи марғуб ва алвон, ки занони мураффаъ бо он либос монанди чодар ва шалита медӯхтанд.

Бинз: /benz/ порчаҳои нарм ва пластикӣ, ки дар имомзодаҳо ва маросими ашуро истифода мешавад.

Билик билику: /belik belikow/ порчаҳои зардӯзӣ ва пулакдӯзишуда ва бароқ аст, ки барои пироҳани чокдор ва домане, ки рӯйи ҳамаи доманҳои дигар мепӯшанд, истифода мешавад. Имрӯз ба он аклилӣ /aklili/ гӯянд.

Тофте: /tâfte/ порчае дар рангҳои мухталиф барои таҳияи либоси мардон ба кор мерафтааст, аммо либоси ҳар шахс фақат дар як ранг таҳия мешудааст.

Тишк-тишкӣ: /tešk teški/ порчае, ки дорои холҳо ва лаккаҳои кӯчаки сиёҳ ва сафед бошад.

Титрун: /titron/ порчаи нахӣ, ки бештар барои шалвори мардона аз он истифода мешавад.

Ҷадия: /jaddey/ ҷадия, порчаи чилвор, мансуб ба шаҳри Ҷидда дар Арабистон.

Чиган: /čegan/ навъи порчаест бо замини сафед ва гулдӯзиҳои рангин, ки аз он шалвори фарох медӯзанд. Ин порча дар рангҳои сурх ва зард барои либоси занона мавриди истифода қарор мегирифтааст.

Чит: /čit/ порчаи нахӣ, рангӣ ва муносиби ҳавои гарми ҷануб ва фасли тобистон.

Ҳирери султун: /herir seltun/ порчаи нозуке аст шабеҳи вол, ки чаҳорхонаҳои ҳамранги замина, вале захимтар дорад.

Хоро: /xârâ/ навъи порчаи атлас, ки гулҳои сотини ҳамранг бо замина дорад (навъе ҷимоши абрешимӣ).

Рашти метал: /rašt-e metal/ навъи порчаи воли холдор бо заминаи сиёҳ. Аз ин порча бештар шалвори фарох медӯхтанд.

Русӣ: навъи порчаи нарм мисли абрешим дар рангҳои шод, чун сурх ва зард.

Сифед когазӣ: /sefiđ kâγozi/ барои таҳияи либоси мардоне, ки мухтаси хонаводаҳои аъён буд, ба кор бурда мешавад.

Шавнам: /šownam/,/šavnam/ шабнам. Навъи порчаи нозук монанди вол дар чанд ранг вуҷуд доштааст. Аз ин порчаи рангоранг барои тамоми аҷзои либоси занон монанди пироҳан ва шалвор аз он истифода мешудааст.

Суббахайр: /sobexer/ навъе порчаи шабеҳ ба махмал ва зардӯзишуда барои дӯхтани қабо ё халиқаи занона.

Киш-кишӣ: /keš keši/ порчаи кашдор, ки рангҳои мухталиф доштааст.

Куре: /kure/ порчаи карбос.

Ґуландоз: /golandâz/ порчаи турӣ, ки ба ҳангоми бурдани арӯс ба хонаи домод рӯйи сар ва сурати ӯ андозанд.

Ландонӣ: /landeni/ порчаи нарм мисли титрун барои шалвори мардона.

Махмал: /maxmal/ анвои махмал, ки дар рангҳои мухталиф буда, бештар барои либосҳои маҳаллии занон ба кор мерафтааст. Ҳанӯз ҳам дар Даштистон аз он истифода мешавад. Занони аъён бештар либосҳое ба ранги тамом сафед мепӯшидаанд.

Нассоҷӣ: /nassâji/ порчаи замхат ва ғайримарғуб барои дӯхти либоси мардона, хусусан фуқаро.

Вейл: /veyl/ вол порчаи нозук ва рангоранг барои таҳияи либоси занони одӣ истифода мешавад.

Анвои васоили зинатии занон

Илангун: /elangun/ алангу. ***Ангуштир***: /angoštir/ ангуштар.

Бутхирак: /botxerak/ навъе гарданбанд, донаҳои гиёҳи мехакро сӯрох карда, ба ришта мекашанд. Ин гарданбанд илова бар ҷанбаи тазйинӣ, ба ҳангоми арақ кардани шахси пӯшанда, роиҳаи хуше аз он ба машом мерасад.

Ту зулфӣ: /tu zolf-i/ муҳраҳои овезаи арӯс. Санҷоқи сар, ки маъмулан аз ҷинси тиллост ва занони шавҳардор мӯйҳои кӯтоҳшудаи ду тарафи суратро бо он нигоҳ медоштанд.

Холак: /xâlak/ зевари махсуси бинӣ.

Хазом: /xazzâm/ ҳалқаи зинатии бинӣ.

Дил типак: /xalxâl/ номи муҳраест, ба ранги сабзи тира ва ба шакли қолаб. Занони бордоре, ки дучори тапиши қалб мешаванд, ин муҳраро ба гардан меовехтанд ва ақида доштанд, ки муҷиби оромиш ва таскини қалби онҳо мешавад.

Дилак: /delak/ муҳраи яшмӣ ва ба шакли қолаб, ки онро васати муҳраҳои дигар андохта ва ба гардан меовезанд.

Дидак: /diđak/ навъе сурма. Сурмае, ки дудаи ҳосил аз сӯхтани каре (мисли маргарин) ва равған эҷод мешавад.

Зумом: /zomâm/ зеваре барои бинӣ, ки монанди гӯшвора аз бинӣ овезон мешавад.

Зангул: /zangol/ ҳалқаи филизӣ бо зангӯлаҳое дар атрофии он, ки ба пойи кӯдакон мекунад, то ташвиқ ба роҳ рафтан шуданд ва ҳам аз ҷойи ҳузури онҳо бо огоҳ бошанд.

Сирма : /sirme/ сурма.

Сирмесанг: /sirme-y sang/ сурмае, ки аз соидани санги сурма ба даст меояд.

Гули банд: /goli band/, /sine riz/ гарданбанд, гулӯбанд.

Гули яққа: /gol yaqqe/ гули сина. Зевари нисбатан бузург ва сангине аст, аз тилло бо нигинҳои рангин ба ашколи мухталиф, ки бо занҷир ба гардан меовезанд.

Лок: /lâk/ навъе муҳраи сурхи мукаабшакл аст, ки онҳоро ба ришта кашида ва ба даст ва гардан овезанд.

Милули: /melule/ лулаҳои кӯчаки филизӣ (тилло, нуқра ва ғ.), ки дуо ё оёти қуръониро даруни он ниҳода ва ба гардан меовезанд.

Муле: /mo:le/ миллае, ки бо он сурма мекашанд.

Феълҳо ва асомии марбут ба ороиш кардан ва зевар бастан ва пӯшидан.

Аччофа кирдан: /aččâfe kerdan?/ худорӣ кардан, зиёд оростони рӯй ва мӯй ва ба зани худоро ва пуркарашма /aččâfe:y?/ мегӯянд.

Ув ширин кирдан: /ow širin kerdan?/ оби ширин кардан истилоҳ аст, ба маънии таъвизи либос ва ҳамчунин ороиш намудан ва муҳайё шудан барои ба меҳмонӣ ё арӯсӣ рафтан.

Ҷирув варкишӣ: ҷӯроб вар кашидан ва ҷӯроб ба по кардан ва муҳаё шудан барои арӯсӣ ё меҳмонӣ.

Дирис кирдан: /dereys kerdan/ либоси меҳмонӣ пӯшидан ва худро оростан. Ин вожаи англисии /to dress/ мебошад.

Рахти балгӣ: /raxti balgi/ хушпӯш ва тамизу мураттаб. Занеро гӯянд, ки ҳамеша либосҳои мутанаввеъ ва тамиз мепӯшад.

Ву хуш рисидан: /vo xoš resid(đ)an/ ба худ расидан ва ороиш кардан ва либоси меҳмонӣ пӯшидан.

Ришма вовидан: /rašme vâviđan/ реш-реш шудани поёни либос ва монанди он ба ҷиҳати куҳнагӣ.

Кинҷ: /kenj/ чин ва шикани ҷома, порча, гилем ва монанди он.

Анвои пӯшиданиҳо ва лавозими марбут ба он:

Урси паси риқовӣ: /orsi passe reqâvi?/ навъе кафш.

Орӣ: /a:ri?/ болопӯши намадӣ, остини баланди чӯпонон, агар шакли кут (беостин ё остиндор) бошад, ба он ***курдак*** /kordak/ мегӯянд.

Увор: / owâr?/ камарбанде аст, бофташуда аз нах, ки васати он каме паҳнтар аз тарафайнаш мебошад ва кишоварзон гоҳо ба ҷойи шол бар камар мебанданд.

Пошнаи риқовӣ: /pâšne reqâvi/ кафш.

Тумин: /tomun/ шалвор, танбон. Шалвори тунук, ки занон зери либос мепӯшанд.

Ҷуме: /jume/ ҷома пироҳани занона ва мардона. Ҷумае аҷамӣ: /jume-y ejemi?/ либоси ғайримаҳаллӣ, либоси шаҳрӣ.

Ҷив: /jiv/ ҷайби либос ё кифи шалвор.

Рисерӣ: /riseri/ чодар.

Дагле: /dagle/ қабоест баланд ва болобоз ва бидуни остин, ки хонҳо ва бузургон рӯйи лисбос мепӯшанд.

Сирандоз: /serandâz/ чодар, ки монанди имрӯз ранга набуда, бештар ашоир ва наварӯсон ё касоне, ки либоси маҳаллӣ мепӯшиданд, аз чодарҳои ранги сабз, қирмиз ва зард ё сафед истифода мекарданд.

Шадде: /šadde/ дастмол (рӯсарӣ) абрешими сиёҳ бо ҳошияҳое дар атрофи он.

Каз: /kaz/ навъе чорқади сафед ё сиёҳ, ҷинси он таркибе аз нах ва абрешим бошад.

Кула балтикӣ: /kola: balteki/ кулоҳи ҳасире, ки аз баргҳои сабз ва дурушти нахл бофта мешавад.

Гиван: /gevan/ пироҳани занона ба сабки аврупоӣ.

Локӣ: /lâki/ навъи дастмоли абрешимии сурх, ки атрофии он ҳошияи рангӣ дорад.

Ламбуте: /lambute/ лунгие, ки дар гармои шадид мисли доман даври камар карда, гирех мезананд. Бештари афроди сокини дарё ва бандар онро мепӯшанд.

Наълайн: /na:leyn/ навъи кафш.

Воҳиди андозагирии либос:

Бедес: /beđes/ ба даст, як ваҷаб. ***Тике*** /teke/ қитъа. ***Парча:*** /parče/ қитъа, тика; ***чорак:*** /čârak/.

Дагле: /dagle/ бастае, ки аз теъдоди тӯпи порча ташкил шуда бошад.

Қавора: /qa:vâre/. ***Қувде*** /qowde/ қитъае аз як калобаи нахи гевабофӣ.

Ҳадаф аз ин пажӯҳиш тавсифи вожагони марбут ба пӯшок ва дӯзандагӣ дар ноҳияи Даштистон аст. Забони форсии миёна ва мутуни бозмонда аз он на танҳо аз назари матолиби мавриди баҳс ва вожгон ганҷинаи густарда ва паҳнои ношинохта аст ва ба баррасӣ ва таҷзияи таҳлил ниёз дорад, балки аз ҷиҳати шеваи овонигорӣ низ мақулаи дархури таваҷҷуҳ ва баҳс аст. Ва бо таваҷҷуҳ ба алоқаи мардум ба зиндагии шаҳрӣ ва гӯйиши расмӣ ва ба фаромӯшӣ супурдани гӯйишҳои маҳаллӣ дар Бушаҳр, пажӯҳишгари ин забон бар он шуд, то мунтахабе аз вожагон ва истилоҳоти хосси пӯшок ва дӯзандагиро ироа диҳад.

А Д А Б И Ё Т

1. Аҳмадӣ Р. Сангистон / Аҳмадӣ Р. – Шероз: Навид, 1380. – С.567.
2. Акбарзода Дориюш. Фарҳанги гӯйиши даштистонӣ (гӯйиши сарзамини далерон) / Акбарзода Дориюш. – Теҳрон: Позина, 1381. – С.140.
3. Боқирӣ Аҳмад. Гӯйиши даштистонӣ (як баррасии куллӣ): поённомаи коршиносии аршад / Боқирӣ Аҳмад. – Теҳрон: Донишгоҳи Теҳрон, 1376. – С.223.
4. Барозҷонӣ Т. Сайре дар гӯйиши Даштистон / Т.Барозҷонӣ. – Шероз: Роҳкушо, 1382. – С.663.
5. Деҳҳудо Алиакбар. Луғатнома / Деҳҳудо Алиакбар. – Теҳрон:, 1373. - Ҷ.14. – С. 21149.
6. Фараҳвашӣ Баҳром. Фарҳанги забони паҳлавӣ / Фараҳвашӣ Баҳром. – Теҳрон: Донишгоҳи Теҳрон, 1381. – С.676.
7. Калбосӣ Э. Фарҳанги тавсифии гунаҳои забони эронӣ / Калбосӣ Э. – Теҳрон: Пажӯҳишгоҳи улуми инсонӣ ва мутолиоти инсонӣ, 1388. – С.887.
8. Неруманд Муҳаммад Боқир. Вожаномаи шуштарӣ / Неруманд Муҳаммад Боқир. – Теҳрон: Фарҳангистони забони Эрон, 1355. – С.509.

ПРИМЕРЫ ДИАЛЕКТИЗМОВ ОТНОСИТЕЛЬНО ШВЕЙНОГО ДЕЛА И ОДЕЖДЫ

Диалектизмы – это особенности диалектов, говоров, не соответствующие нормам литературного языка. В речи могут отражаться фонетические, словообразовательные, грамматические особенности диалекта. Изучение данной темы в современный период обусловлено все возрастающим вниманием общества к национальной самобытности и народным основам родного языка. Целью данной статьи является описание диалектов относительно одежды и швейного дела в провинции Даштистан Исламской Республики Иран.

Ключевые слова: персидский язык, местный диалект, национальная самобытность, описание слов, диалектов относительно одежды и швейного дела провинции Даштистан.

EXAMPLES OF THE DIALECT REGARDING SEWING AND CLOTHING

Dialecticism is especially dialects, dialects that do not meet the norms of the literary language. In speech can affect phonetic, morphological, grammatical features of the dialect. The study of this subject in the modern period is driven by the increasing awareness of national identity and folk the basics of the native language. The purpose of this article is to describe the dialects regarding clothing and apparel business in the province Dashtestan the Islamic Republic of Iran.

Key words: Persian language, local dialect, national identity, description words, dialects regarding clothing and apparel business in the province Dashtestan.

Сведения об авторе: ***Х. Маликзода*** – аспирантка Института языка, литературы, востоковедения и писменного наследия им.А.Рудаки АН РТ

ВОЖАҲОИ АНТОНИМӢ ВА НАҚШИ ОНҲО ДАР ЭҶОДИ ЧИСТОНҲОИ МАРДУМИ БАДАХШОН

М. Мирзоҳасанова

Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев

Ҳар як халқияту миллат дар тӯли таърихи мавҷудияти худ эҷодҳои хаттӣ ва фолклорӣ дошта, онҳо мавқеи он халқияту миллатро барои фарҳангу тамаддуни ҷаҳонӣ муаррифӣ мекунанд.

Чистонҳо яке аз намудхои хеле паҳншудаи намунаҳои фолклорӣ мебошанд. Азбаски аксарияти чистонҳо дар қолаби назм эҷод карда шуданд ва эҷод мешавад, бештар аз хусусиятҳои назмӣ соҳиб мебошанд. Дар онҳо вазну қофия, радиф, равонӣ ва тасвирҳои шоирона мақоми хоса пайдо кардааст.

Оид ба чистонҳои тоҷикӣ рисолаи фолклоршиноси маъруф А. Сӯфиев ба табъ расидааст (1). Чистонҳои Бадахшон дар асару мақолаҳои Н. Шакармамадов мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд (2).

Албатта, чистон ҳам ба воситаи ҷузъҳои забонӣ эҷод карда мешавад. Бинобар ин, хусусиятҳои забонии онҳо ҳам бояд мавриди тадқиқот карор гирад.

Таъкид кардани ин андеша зарур мебошад, ки яке аз таъсирноктарин воситаи тасвир дар чистонҳо, аз ҷумла чистонҳои мардуми Бадахшон муқобил гузоштани ду ё зиёда фикр, ду амал, ду предмет ба якдигар мебошад, ки ин категорияи луғавиро муҳаққиқони соҳаи забон антоним ва олимони адабиётшинос онро санъати тазоду муқобил меҳонанд.

Ҳоло дар ин ҷо мақом доштан ва ё истифода шудани антонимҳоро дар чистонҳо дида мебароем, ки овозҳои хосси забони шуғнонӣ бо пайвасти ҳарфҳои хъ, тъ, зъ, дъ оварда шудааст:

1. Хъаб тиздат, метъ йодъд (хӣр)
2. Хацанд зинда, хавоянд мурдъа (мохӣ)

Тарҷума:

Шаб мераваду рӯз меояд(офтоб)
Дар об зинда, дар ҳаво мурда (моҳӣ)

Равшан аст, ки ҳар ду чистон ба забони шугнонӣ эҷод гардида, дар ҳар дуи онҳо антонимҳо истифода бурда шудаанд.

Дар чистони якум вожаҳои *«хъаб»(шаб)* ва *«метъ»(рӯз)* аз нигоҳи мазмун ба ҳам муқобилмаъно мебошанд. Ҳар ду калима-*«хъаб»(шаб)* ва *«метъ»(рӯз)* исми маъниаанд ва барои равшан намудани амали придмети дар чистон пинҳоншуда кӯмак кардаанд. Калимаи *«хъаб»* ба феъли *«тизд» (меравад) ва «метъ»(рӯз)* ба фели *«йодъд» (меояд)* тобеъ шуда, ёфтани ҷавоби чистонро, ки офтоб аст, осон мекунанд. Мазмуни чистон ба хонанда ҳушдор медиҳад, ки он предмет *«шаб мераваду руз меояд».*

Дар ҳақиқат, гӯяндаи чистон барои равшан кардани амали *«хӣр» (офтоб)* аз антонимҳои мувофиқ истифода бурда тавонистааст.

Дар чистони дувум вожаҳои *«зинда»* ва *«мурда»* муқобилмаъно мебошанд. Дар ин чистон ки ҷавоби он *«моҳӣ»* мебошад, ду сифати ин организми зинда (моҳӣ) ба ҳамдигар зид гузошта шудаанд. Яъне, он чизе, ки вуҷуди зинда асту дар ниҳоят, ба ҷисми мурда табдил мёбад. Дар чистон сифатҳои*«зинда»*ва *«мурда»* ба исмҳои макон-*«хац» (об)* ва *«ҳаво»* тобеъ гардидааанд, яъне, агар он предмет дар *«хац» (об)* бошад, зинда мемонад, аммо вақте ки дар *«ҳаво»(хок, замин)* меафтад, ба марг мерасад.

Дар ин ҷо ба як ҷиҳати чистонофарӣ бояд эътибор дод. Эҷодкунандаи чистон шароиту табиати зиндагонии передметро, ки дар чистон пинҳон кардааст, мушаххас менамояд. Пас, барои равшан кардани муҳити зист он ашё аз антонимҳо мувофиқ устокорона истифода намуда, ба ҳадаф расидааст.

Як нуқтаро таъкид кардан зарур мебошад, ки чистонҳо дар байни мардуми Бадахшон бо ду забон-ҳам забони тоҷикӣ ва ҳам забонҳои маҳаллӣ эҷод гардида, маъруф мебошанд.

Ҳоло як чистони дигареро, ки дар байни мардуми Бадахшон ба забони тоҷикӣ маъмул аст, аз назар мегузаронем:

Ҳама қарор,ӯ беқарор,
Шабу рӯз ҷунбишу кор

(мурзак, мӯрча)

Ин чистон аз як байт иборат буда, дар ҳар ду мисраъ антонимҳо истифода шудаанд. Дар мисраи аввал калимаҳои «қарор» ва «беқарор» ва дар мисраи дуюм *«шаб»* ва *«рӯз»* ба якдигар зидмаъно мебошанд. Антонимҳои *«қарор»* ва *«беқарор»*ҳолати предмет ва *«шаб»* ва *«рӯз»* замони амали предметро таъкид мекунад.

Дар табиат ва ҷамъият, дар рӯзгори ҳаррӯзаи одамон дар сари ҳар қадам зиддиятҳо, тазодҳо ба назар мерасанд. Маҳз ин зиддиятҳо аксаран дар қолаби чистонҳо ба востаи калимаҳои антонимӣ ифода мегарданд.

Аз мазмуни чистони дар поён овардашуда маълум мешавад, ки таърихи эҷоди он қадимӣ нест, балки тахминан ба асри ХХ рост меояд. Барои он ки ашёе, ки ҷавоби ин чистон мебошад (бӯр ва тахтаи синф), ба даврахои пеш аз асри ХХ тааллуқ надорад. Чунончи:

Аз як майдони сиёҳ,
Медавад заргӯши сафед

(бӯр ва тахтаи синф)

Калимахои *«сиёҳ»* ва *«сафед»*, ки муайнкунандаҳои исмҳои «*майдон»* ва *«заргуш»*ҳастанд, антонимҳои комил мебошанд. Яке аз ин антонимҳо *(сиёҳ)* сифату аломати макон *(майдон)* ва дигаре *(сафед)* сифати исми ҷонро (заргӯш) мебошад.

Бояд гуфт, ки дар ин ҷо маҳз антонимҳои *«сиёҳ»* ва *«сафед»* чистон сохтаанд. Агар мо ин антонимҳоро аз дохили чистон берун кунем, ҷумлаи муқаррарие боқӣ хоҳад монд ва аз чистон нишонае намемонад. Сабаб дар он аст, ки маҳз ба воситаи ин антонимҳо сифати предмет дуруст баён карда мешавад ва бемавҷудияти онҳо онро наметавон чистон номид. Чунончи, *«аз як майдон заргӯш медавад»*.

Дар чистоне, ки дар зер оварда шуд, ба забони шуғнонӣ аст. Калимаҳои *«нобаробар»* ва *«баробар»* антонимии якдигаранд:

Пинзъ охънойен нобаробар
Кор кинен баробар

(ангихътен)

Тарҷума:

Панҷ рафиқи нобаробар,
Кор мекунанд баробар.
(ангуштон)

Дар мисраи аввал омадааст, ки панҷ рафиқе ҳастанд, ки бо ҳам баробар нестанд. Ин ҷо нобаробари рафиқон аз нигоҳи шакл ҳаҷми ҷисмонӣ ба назар гирифта шудааст, яъне онҳо аз назари қаду қомат ҷисм нобаробар мебошанд, яке дарозу яке кӯтоҳ, яке ғафсу дигаре лоғартар ва ғайра.

Дар мисраи дуюми ин чистон таъкид карда шудааст, ки он панҷ рафиқ дар кор кардан баробар ҳастанд. Калимаҳои асосие, ки барои эҷод намудани чистон роли муҳим бозидаанд, сифатҳои *«барорбар»* ва *«нобаробар»* ва инчунин шумораи *«пинзъ»* (панҷ) мебошанд.

Барои он ки чистон эҷодкунии пурра анҷом ёбад, феъли *«коркинен»(кор мекунанд)* таъкид менамояд, ки ин рафиқон вақти кор баробар ҳастанд, яъне баробар кор мекунанд.

Чистони дигар:

Чистон он луъбат, ки ҷонаш нест,
Сулфҳо мекунад, даҳонаш нест.
Гиряҳо мекунад, надорад чашм,
Хандаҳо мекунад, лабонаш нест
(Раъду барқ)

Ҳамон тавре ки аз ҷавоби чистон маълум аст, он исми беҷон *(раъду барқ)* мебошад. Инро ишора кардан даркор аст, ки дар чистон аз санъати бадеии ташхис (шахсонидан, яъне ба ашёи беҷон сифатҳои инсонӣ мебахшанд) истифода шуда, исми беҷон дар назар чун шахс ҷилвагар мешавад.

Аз нигоҳи мазмун дар ҳар чор мисраи чистон андешаҳои ба якдигар муқобилмаъно мушоҳида мешавад. Чунончи:

1.Ҷисм (лӯъбат) аст, аммо ҷон надорад, яъне раъду барқ чизи беҷон аст.

2.Месулфад, аммо даҳон надорад, гурум-гуруми онро ба сулфа монанд кардааст.

3.Мегиряд, аммо чашм надорад, раъду барқ боронгарӣ меорад, яъне мегиряд.

4.Механдад, аммо лаб надорад, яъне баъди он офтоб ва тиру камон мебарояд.

Дар ин чистон антонимхо устокорона истифода бурда шудаанд. Дар мисраи якум ва дуюм маъноҳо аз нигоҳи мантиқӣ ба ҳамдигар зид, яъне антоним мебошанд. Чунончи, ашёе ҳаст, ки ҷисм дораду ҷон надорад, ё ки месулфад, вале даҳон надорад. Вожаҳои *«ҷон», «сулфа»* ва *«даҳон»*ба шахс ва исми ҷондор далолат мекунанд. Аммо, дар мисраъҳои 3 ва 4 калимаҳои *«гиряҳо»* ва*«хандаҳо»* антоним буда, ба амали предмет ишора мекунанд.

Дар ҷавонӣ роҳати ҷон,
Дар пирӣ офати ҷон
(пойафзол)

Дар ин чистон антонимҳо фаровон истифода бурда шудаанд.

Аз 8 калимае, ки дар матни чистон мебинем, 4-тои онҳо антоним шудаанд. Чунончӣ: *Ҷавонӣ-пирӣ, роҳат-офат.*

Бояд гуфт, ки антонимҳо *«ҷавонӣ»* ва *«пирӣ»* дар ин чистон ба сину сол ва фаслҳои умри инсон ишора накарда, маънои маҷозӣ гирифтаанд, аммо манша ва сарчашмаи асоси онҳо ифодаи синусолӣ мебошад.

Дар ин чистон антонимҳои *«ҷавонӣ»* ва *«пирӣ»* дар нисбати пойафзол маънои нав ва куҳнаро ифода мекунанд, ки нав аз куҳна ҳам аз лиҳози маъно антонимии якдигар мебошанд. Вожаҳои *«роҳат»* ва *«офат»* ба сифату табиати пойафзол аз нигоҳи маънӣ наздиктар ва мувофиқатар мебошанд. Яъне, пойафзол дар вақти нав буданаш роҳат мебахшад, вале чун куҳна мегардад, ба офат монанд мешавад.

Тар пиро тизд,
Тар зибо начост
(хац)

Тарҷума:

Ба пеш меравад,
Ба қафо наменигарад
(об)

Чистон ба забони шуғнонӣ эҷод гардида, вожаҳои *«пиро» (пеш)* ва *«зибо» (қафо)* аз нигоҳи ифодаи маъно антонимҳои маконӣ ҳисоб мешаванд. Тарҷумаи тоҷикӣ чистон чунин сурат гирифта метавонад:

Ба пеш меравад, ба қафо наменигарад.

Дар ҳақиқат, ифодаҳои *«ба пеш рафтан»*ва *«ба қафо нигоҳ накардан»* амали асоси об мебошанд, барои он ки об танҳо ба пеш равон асту халос.

Дар адабиёти тоҷик ин амали обро барои баёни маънои наистодани умри одамӣ низ истифода кардаанд.

Дар ин чистон ҳам ҳамон ҳолатеро мушоҳида мекунем, ки дар чистонҳои болотар дида будем, яъне предмети беҷон ба предмети ҷондор табдил ёфта, сифату амали он ба сифат ва амалҳои инсон монанд карда шудааст. Чунончи, *«тар зибо начост»(бақафо наменигарад)* амали шахс мебошад ва вожаҳои *«пиро» (пеш)* ва *«зибо» (қафо)* антонимҳое мебошанд, ки маконро таъкид менамоянд.

Хъабат метъпӯнд тизд,
Аз хуҷойтир наандизд

(соат)

Тарҷума:

Шабу рӯз роҳ меравад
Аз ҷояш намехезад

(соат)

Аввалан, инро таъкид бояд кард, ки ин чистон низ аз нигоҳи замони эъҷод карданаш ба асрҳои хеле пеш тааллуқ надорад, балки ба таври тахмини метавон гуфт, ки он маҳсули тафаккури асри XX мебошад, барои он ки соат ҳам ба таври расмӣ дар ибтидои ин аср дар рӯзгори мардум мавқеъ пайдо карда буд.

Бояд ишора кард, ки калимаҳои антонимӣ аз ҷиҳати сохташон сода сохта ва мураккаб ва дар эҷод кардани чистон ҳам се шакли антонимҳо истифода шудаанд.

Дар чистони боло калимаҳои *«хъаб» (шаб)* ва *«метъ» (рӯз)* аз ҷиҳати сохт сода буда, антоним мубошанд. Инчунин дар ин чистон феълҳои *«тизд» (меравад)* ва *«наандизд» (намехезад)* низ антоним буда, амалу ҳаракати предмети чистонро ифода менамояд. Антонимҳо *«хъаб» (шаб)* ва *«метъ» (рӯз)* берун аз матни чистон низ антоним мебошанд, аммо феълҳои *«тизд» (меравад)* ва *«наандизд» (намехезад)* метавонанд дар матн дигаре антоним нашаванд.

Ин андешаро ҳам бояд баён кард, ки қисми зиёди антонимҳо берун аз матн низ хусусияти зидмаъноии худро нигоҳ медоранд.

Масалан:

Дарунакаш зимистон,
Берунакаш тобистон

(яхдон)

Чистони овардашуда ду мисраъ дошта, аз чор калима иборат аст, ки онҳо ҷуфт-ҷуфт ба ҳам антоним шудаанд: д*арун-берун, зимистон-тобистон.*

Калимаҳои «*дарун*» ва «*берун*» маънои баҳам зидди маконӣ ва вожаҳои «*зимистон*» ва «*тобистон*» маънои ба якдигар муқобили замониро ифода мекунанд. Агар онҳоро аз матни чистон берун намоем, ҳамчун антоним боқӣ мемонанд ва зидмаъноиро он вақт ҳам ифода мекунанд.

Аз мазмуни чистон маълум мегардад, ки ҳар яке аз ҷуфти антонимҳо барои пурра кардани хусусиятҳои предмет, ки дар чистон пинҳон карда шудааст, кӯмак кардаанд.

Чистони дар поён овардашуда низ бо баъзе хусусиятҳои худ ба чистони боло монанд мебошад. Чунончӣ:

Кутик дъустат, дароз подъ (нарвӯнд).

Тарҷума:

Кӯтоҳ дасту дароз пой (Нардбон).

Ин чистон аз як мисраъ иборат аст. Сифатҳои *«кут» (*ин ҳамон сифати *«кӯтоҳ»*-и забони тоҷикист) ва *«дароз»* антоним буда, ба ҳаҷми предмет ишора мекунад. Аз ҷиҳати сохт антонимҳо сода буда, дар калимаи *«кутик»* суффикс -ик маънои хурдиро ифода менамояд. Монанди он ки дар забони тоҷикӣ ин вазифаро суффикси -ча ичро мекунад. Аз нигоҳи мантиқӣ дар ин чистон калимаҳои *«дъуст»* ва *«подъ»*ҳам зидмаъно мебошанд. Чистон аз як мисраъ, вале чор калима иборат мебошад, ки ҳамаашон ба якдигар антоним шудаанд.

Хулоса, чистонҳо дорои хусусиятҳои зиёди забонӣ буда, гӯянда ё эҷодкунандаи чистон аз тамоми боигарии забон, таркиби луғавии он фаровон ва самаранок истифода мебаранд. Бахусус, антонимҳо, чи тавр ки ба таври мухтассар дида шуд, дар эҷод кардани чистонҳо, барои равшану пурра кардани сифату хусусиятҳои предметии чистон кӯмак менамоянд.

А Д А Б И Ё Т

1. Сӯфиев Асадулло. Чистонҳои забони тоҷикӣ / Асадулло Сӯфиев. – Душанбе: Дониш, 1987.
2. Шакармамадов Н. Фолклори Помир / Н. Шакармамадов. – Душанбе, 2005. - Ҷ.2.
3. Шакармамадов Н. Бадахшон дар масири тамаддуни умумибашарӣ / Н. Шакармамадов. – Душанбе, 2007.

РОЛЬ ЛЕКСИЧЕСКИХ АНТОНИМОВ В ФОРМИРОВАНИИ ЗАГАДОК

Статья посвящена анализу языковых особенностей народных загадок на примере одной из лексическх категорий–антонимии, которая является одним из основных средств раскрытия метафорического содержания народных загадок которые реализуются путём различных художественных приёмов и противопоставления предметов, природных явлений, понятий качества, цвета, размера и свойства.

Ключевые слова: фольклор, загадка, антоним, противопоставление, лексические антонимы, метафорическое значение.

THE OF LEXICAL ANTONYMS IN FORMING NATIONAL PUZZLES

Article is initiating to analyses language features of national puzzles. In example of one lexical categories–lexical antonyms are coming up as one of main means for opening methophoric maintain national puzzles which are realizing by the way of different artistic methods and contra stance of objects, natural occurrence, nations of quality, colors, size and characteristic.

Key words: folklore, puzzles, quizzes, antonym, contrastisity, lexical antonyms, meanings.

Сведения об авторе: ***М. Мирзохасанова*** – старший преподаватель кафедры таджикского языка Хорогского государственного университета им.М. Назаршоева. Телефон: **938-30-89-39**

КОРБУРДИ ВОЖАҲОИ ХУШБӮЙӢ ВА НАКҲАТ ДАР «ШОҲНОМА»- И АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ

М. Бобомуродова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

«Шоҳнома» достони ҳазорсолаи фаромӯшгашта нест, балки акси садои ниёгони мост, ки дар дилу дидаи халқи шоирпарвару шеърдӯсти тоҷик зиндааст. Гуфтори ноб, лафзи поку бегазанд, хусни калом ва нафосати сухани ин шоҳасари безаволро мардуми мо асрҳо пос доштаву пос медоранд. Баъзан дар дурдасттарин гӯшаҳои Тоҷикистон, алалхусус дар шеваи гуфтору кирдори сокинони баландкӯҳи Бадахшону Яғноб, Зарафшону Хатлон, Хуҷанду Истаравшан, Ҳисору Ёаротегин нишонаҳоеро мебинам, ки ба рӯҳу равон ва асолати тоҷиконаи мо басо созгор аст ва аз он бӯйи «Шоҳнома»-и безавол меояд.

«Шоҳнома»-и Фирдавсӣ бузургтарин асари ҳамосӣ ба забони форсӣ–тоҷикӣ мебошад, ки аҳли таҳқиқ онро як навъ фарҳангномаи бузурге дар асотир, таърих, насабнома, забону фарҳанг, адабу ҳунар, ахлоқу дин ва тамаддуни давраҳои гузаштаю замони муаллиф мешуморанд, ки бо ашъори шевою дилнишини устодона ба риштаи назм кашида шудааст. Таъсир ва ҷаззобияти «Шоҳнома» то ҳол ҳам пойбарҷост ва забони ҳанӯз ҳам манбаи пураҳамияти забони форсӣ мебошад.

Дар ин мақола мо ба «Шоҳнома» аз нигоҳи вижагиҳои забонӣ оид ба зебу зинати занон, хушбӯйиҳо, ки як рукни калимоти ороиширо ташкил менамоянд, таваққуф мекунем. Калима ва ибораҳое, ки дар ин асари безавол ба кор бурда шудаанд, аз назари мавзӯъ ва гурӯҳҳои маъноӣ хеле васеъ ва густурда буда, мафҳумҳои гуногунро ифода менамоянд. Гавҳари умдаи луғати «Шоҳнома»-ро истилоҳу вожаҳои адёну кешҳои қадими мардуми ориёнажод ташкил медиҳад, бахусус вожаҳои хоси ороишу хушбӯйӣ, ки ҳанӯз аз давраҳои бостон дар ин сарзамин густариш дошт. Вожаҳои марбут ба ороишу зебу зинат ва хушбӯйӣ дар «Шоҳнома» бо вуҷуди асари таърихӣ буданаш хеле зиёд ба кор бурда шудааст.

Дар «Шоҳнома» воҳидҳои лексикие зикр гардидаанд, ки ба забони умумихалқӣ тааллуқ дошта, имрӯз чӣ дар забони адабӣ ва чӣ дар лаҳҷаҳои маҳаллӣ баробар истифода мешаванд. Масалан, калимаҳои **мушк, анбар, кофур, атр, ғоза, ғолия,** ки дар асарҳои соҳаи мардумшиносӣ, ҳунармандӣ, санъатшиносӣ, фарҳангҳои муосир ҳамчун ифодаи накҳату хушбӯйӣ тафсир шудаанд, имрӯз ҳам дар байни мардуми мо маъмулу машҳуранд.

Занон дар тӯли таърих барои ороиш ва зебоии рӯй аз маводи табиӣ шурӯъ карда ва то ба истифодаи маводи кимиёӣ ҳамеша дар ҷустуҷӯйи маводи ороишқ буданд. Чунин ба назар мерасад, ки мисриёни қадим ихтироъкори нахустини лавозимоти ороишию пардозишқ ва зебоӣ будаанд. Дар баробари мисриҳо римиҳою арабҳо низ рухсора, мижа, болои чашмонро ранг ва мӯйҳояшонро фатила мекарданд ва аз равғанҳои хушбӯйи набототию ҳайвонӣ, равғани эфиру қатрон, рангҳои гуногун ва ғайра истифода мебурданд. Онҳо барои анвои атрҳои хушбӯ равғани хушсифатро истифода мебурданд. Аввалин бор занони ашурӣ барои нарм кардани пӯсти баданашон аз моддае, ки аз хокаи санги хоро таҳия шуда буд, истифода кардаанд. Ҳанӯз аз асрҳои сангин дар Шарӣ аз растаниҳои хушбӯ кашидани равған маъмул буд. Бонувони мо дар қатори истифодаи **мушку анбар** инчунин аз гиёҳу растаниҳои хушбӯй истифода мекарданд. Ҳангоми ҷустуҷӯйи ҳафриётҳо

бостоншиносон дар баробари дарёфти ороишоти зебу зинатӣ, инчунин қуттичаҳои махсуси хушбӯйидорро низ дарёфт намуданд.

Аз гулу растаниҳо ҳосил кардани равған ва истеҳсоли атриётро ғарбиён асосан аз мардуми Шарқ омӯхтаанд. Фоидаи зиёд овардани гулу растаниҳои хушбӯйро ин давлатҳо дарк карда, ба коркард ва парвариши онҳо диққати махсус медоданд. Лексикаи марбути ороиши занон бо мафҳуми васеаш ба сурати умум таҷассумкунандаи урфу одат ва суннатҳои мардум буда, зинату ороиши занон ва хушбӯйиҳо як рукни онро ташкил медиҳад.

Ҳаким Фирдавсӣ аз ҷумлаи он шоирони нозукбаён аст, ки «Шоҳнома»-и безаволаш пур аз вожаҳои марбут ба ороишу зебу зинат аст. Фирдавсӣ вақте қаҳрамононашро васф мекунад, вожаҳои гуногуни ороиширо истифода мебарад, ки чунин баён хоси на ҳар шоири хушнавис аст. Дар зер доир ба вожаҳои ороишқ - зинатию хушбӯйӣ дар «Шоҳнома» маълумоти мухтасаре медиҳем ва хонанда худ қазоват хоҳад кард, ки Фирдавсии бузург дар ҳақиқат на танҳо донишманди бузург, инчунин дарккунандаи олами зебоии занон, вассофи зебу зинат будааст.

Ӯ вожаҳои марбути зебу зинатиро зиёд дониста, дар назмаш ба ҳадди олӣ истифода бурда тавонистааст. Дар «Шоҳнома» занонро бидуни зебу зинат ва зару зевараш, мисли гӯшвору ҳалқа, тавқу ёраву муҳра, ангуштариву нигину марҷон, **мушку анбар, кофур, атру кофур** тасаввур намекунад.

Аз замонҳои қадим ороишоти занонро ғайр аз маснуоти филизӣ, инчунин ороишоти дигаре аз қабили сурмаю ҳино, сафедҷ, хушбӯйӣ ташкил медод. Дар ифодаи хушбӯйиҳо дар «Шоҳнома» **таркибу вожаҳои мушку анбар, кофур, атр, ғоза, сурма, ҳино** корбаст мешаванд.

Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» оварда шудааст: **«Ғолия**-калимаи арабӣ буда, таркибаш аз хушбӯйиҳои гуногун-**мушк, анбар, кофур**… иборат аст». Инчунин дар «Ғиёс-ул-луғот» (таълифи Муҳаммад Ғиёсиддин) ин вожа чунин маънидод шудааст: **ғолия**-хушбӯйии маъруф; ва он мураккаб бошад, аз мушк ва анбар ва кофур ва духнулбон ва ғайра.

Чу аз **ғолия** баргул ангуштарӣ,
Ҳамон зери ангуштарҷ муштарӣ.

Миёни мардуми форсу тоҷик то имрӯз ибораҳои **мушку анбар ва мушки Хутан** маъмулу машҳур аст. Ҳатто дар ашъори классиконамон, аз ҷумла дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ин ду ибора хеле ба таври фаровон истифода шудааст: Масалан, Фирдавсӣ дар қисмати **Рафтани канизакони Рудоба ба дидани Золи Зар** яъне, пеш аз он ки Рудоба Золи Зарро бубинад, аввал канизаконашро мефиристад чунин мегӯяд:

Ба **мушку анбар** сараш бофта,
Ба ёқуту гавҳар танаш тофта.
Сари зулфу ҷаъдаш чу **мушки зирех,**
Фикандаст гӯйӣ гирех бар гирех.

Манбаъҳои мардумшиносӣ бар онанд, ки ҳанӯз дар давраи Сосониён занон аз **мушк** истифода мекардаанд. Дар маросими дини зардуштӣ мушкро бо атрҳои дигар омехта, сару рӯйи худро бо он муаттар месохтанд, то ба ҷисми поку хушбӯйӣ ба ниёиш пардозанд, яъне **мушк** дер боз мавриди писанди ҳамагон будааст.

Пас, мушк чист? Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» омадааст: **«Мушк** моддаи сиёҳранги хушбӯй, ки аз нофи як хел оху ҳосил мешавад ва баъзе хусусиятҳои доругӣ дорад». Ва дигар чанд хизона ёфтанд: хумҳои **атр** аз **мушк** ва **кофур** ва **анбар** ва **бухур** («Таърихи Табарӣ»).

Ин мазмунро мо дар дигар фарҳангу луғатномаҳо низ мушоҳида кардем. Аз ҷумла, дар «Фарҳанги форсии Амид» (таълифи Ҳасан Амид, чопи Эрон, саҳ. 1777,ҷ.2) гуфта мешавад: **мушг/мушк/миск**-моддаи хушбӯй, ки дар нофи оху тавлид мешавад.

Дар мавриди он ки тарзи талаффузи ин вожа **мушк** аст ва ё **мишк** дар «Ғиёс-ул-луғот» омадааст, ки ҳар ду саҳеҳ аст, чаро ки аҳли Форс ба касри мим, яъне **мишк** ва аҳли Мовароуннаҳр ба замми мим, яъне **мушк** хонанд ва **миск** муарраби он аст.

Мушк моддаи бисёр муаттару гаронбаҳо буда, дар саноати атрсозӣ ва дорусозӣ ба кор меравад. Мушки тоза ранги қаҳваро дошта, моил ба ранги сиёҳ асту равғанист. Оҳуе, ки аз он мушк ҳосил мекунанд, бештар дар сарзамини Чин зиндагӣ мекунад. Бинобар ин, Чин аз куҳантарин ва муҳимтарин кишварҳои мушкхези ҷаҳон ба шумор меравад.

Ҳанӯз дар аҳди қадим чиниҳо аз **мушк** дар атторӣ ва дорусозӣ истифода мекарданд. Дар гузашта қимати мушки асил бо марворид баробар буд, махсусан дар қарни савум ва чаҳоруми милодӣ дар миёни табақаи ашроф корбурди мушк роиҷ буд. Онон дар зиндагии ҳамарӯза аз афзору лавозимоте истифода мекарданд, ки бо мушк оғӯшта карда мешуд. Агар қатрае аз мушки асилро дар сатили об мерехтанд ва бо он либос мешустанд, он либос то вақти куҳнаю фарсуда шудан боз сахт хушбӯю муаттар мешуд.

Муҳаққиқ Вонк Эй Дон корманди бахши забон ва адабиёти форсии Донишгоҳи Пекин чунин менигорад, ки мушки Чин кадом замон вориди Эронзамин шуд, дақиқ намедонем. Аммо сарчашмаҳои таърихӣ бар онанд, ки эрониён дар маросими динӣ аз **мушк** фаровон истифода мекарданд ва яке аз муаррихони арманӣ дар қарни панҷуми милодӣ навиштааст, ки **мушк** аз маҳсулоти Чин аст ва метавон гуфт, ки дар давраи Сосониён дар қарни панҷум аз Чин ба Эрон меоварданд.

Эрониён аз миллатҳои атрдӯст ҳастанд. Онон дар атрсозӣ бо мушк таҷрибаи зиёд доштанд. Мушкро, умуман бо ду роҳ вориди Эрон мекарданд: яке роҳи шимолӣ, яъне Чин (Хитой) ва дигаре ҷанубӣ, яъне Ҳиндустону Непалу Кашмир. Ба сабаби вуҷуди роҳи Абрешим Чин бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Ҳинду Эрону Рум рафтуомади рӯзафзун пайдо карда буд. Чун Хутан яке аз муҳимтарин шаҳрҳои Роҳи Абрешим буд, молҳои тиҷоратӣ маъмулан, нахуст дар ин шаҳр ҷамъ мешуд ва баъд ба навоҳии ғарбии мухталиф содир мегардид. Вазъи судури **мушк** ҳамин тавр буд, чун мушк бештар аз роҳи Хутан вориди Эрон мешуд, эрониён онро **мушки Хутан** меномиданд ва кам-кам гумон мекарданд, ки Хутан зистгоҳи **оҳуи мушк** аст. Вожаи **«мушк»** дар ифодаи василаи хушбӯйӣ дар байти зерини Фирдавсӣ ба ин тарз истифода шудааст:

Ба занӣ хостани Ковус Судоба-духтари шоҳи Ҳамоваронро

Ба заррин табақҳо фурӯ рехтанд,
Ба сар **мушку анбар** ҳаме бехтанд.

Ва ё ин ки омадани Таҳмина-духтари шоҳи Самангон ба назди Рустам:

Яке банда шамъи **муанбар** ба даст,
Хиромон биёмад ба болини маст.

Боз Фирдавсӣ дар мавриди **омадани Манижа ба хаймаи Бежан чунин мегӯяд:**

Чӣ аз **мушку анбар,** чӣ ёқуту зар
Саропарда ороста сар ба сар.
Бигустурда **кофур** бар ҷойи хоб,
Ҳаме рехт бар чӯби сандал гулоб.
Зи **кофур** зер-андараш бистаре,
Кашида зи дебо бар ӯ чодаре.

Ва ё дар а**рӯсии Фарангис бо Сиёвуш** менигорад:

Забарҷад табақҳову пирӯза ҷом,
Пур аз нофи **мушку** пур аз **уди** хом.
Ду афсар пур аз гавҳари шоҳвор,
Ду ёра яке тавқу ду гӯшвор.
Ҳаме сад табақ **мушку** сад заъфарон,
Ҳамерафт Гулшаҳр бо хоҳарон.

Ибораи **мушки Хутан** мафҳуми умумӣ дошта, ба навъи хушбӯйӣ далолат мекунад. Вожаҳои хушбӯйӣ ва накҳатро мо на танҳо дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, инчунин дар ашъори классикони дигарамон ва фарҳангҳои қадим дида метавонем. Масалан, чи тавре ки дар боло зикр намудем, ибораи **мушки Хутан** дар ашъори Ҳофизи бузург низ ба таври зиёде корбаст шудааст:

Накҳати мушки Хутан медамад аз ҷайби насим,
Корвоне магар аз мулки Хито меояд? (Ҳофиз).

Чун **мушк** аз ҳадимтарину маъмултарин ороишоти бонувони машриҳзамин ба шумор меравад, пас дар забони тоҷикӣ боз кадом ибораю истилоҳот бо ифодаи **«мушк»** вуҷуд доранд?

Мушки азфар-мушки холис, мушки сара, мушки ноб ва аъло:

Моно, ки боди найсон донад табиб онро,
Созад муфарреҳ аз зар марҷону **мушки азфар** (Ҳоқонӣ).

Мушки ноб-мушки холис: хушбӯйӣ, атр.

Мушки соро-мушки асил, холис.

Фирдавсӣ дар қисмати ба занӣ гирифтани Сикандар Равшанак-духтари Дилороиро чунин менигорад:

Бар он чатри дебо дирам рехтанд,
Зи бар **мушки соро** ҳаме бехтанд.

Вожаи дигаре, ки метавон мансуб ба хушбӯию ороишоти мақбули бонувон ҳисобид ва дар «Шоҳнома»-и безаволи Фирдавсӣ корбаст шудааст, **анбар** аст ва дар баробари истифода дар «Шоҳнома»дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» чунин оварда шудааст: **Анбар**-моддаест чун муми нарм, ки ҳокистарранг ва хушбӯ буда, бештар дар уқёнуси Ҳинд ва Ором аз меъда ё рӯдаи моҳии анбар (кашалот) ҳосил менамоянд ва ҳакимон дар тиб низ ба кор мебурданд, ҳоло фақат дар саноати атриёт ба кор меравад. Фирдавсӣ чунин мегӯяд:

Фаровон ба бар андарун симу зар,
Чӣ аз **мушку анбар,** чӣ аз уди тар.

Ҳаме гавҳару ҷаъфарон рехтанд,
Ба **мушку анбар** баромехтанд.

Дар «Фарҳанги форсии Амид» бошад, ин вожа чунин маънидод шудааст: **анбар**-шоҳбӯ, моддаи хушбӯ ва хокистарранг, ки дар меъда ё рӯдаи моҳии анбар (кашалот ва ё кит) тавлид ва рӯйи оби дарё, баҳр ҷамъ мешавад. Моҳии анбар дорои сари бузург ва дандонҳои тез аст, дарозии баданаш то 60 по мерасад.

Дар «Ғиёс-ул-луғот» ин тавр аст: **анбар**-хушбӯйиест маъруф; гӯянд он саргини ҷонвари баҳрист, ки ба сурати гов бошад; баъзе гуфта, ки манбаи он чашмаест дар дарё. Саҳеҳ он аст, ки мумест хушбӯ, ки дар кӯҳистони Ҳинду Чин аз анбӯри асал, ки анвои гиёҳи хушбӯ мехӯрад, ба ҳам мерасад ва сайр онро ба дарё мебарад ва шустушӯ медиҳад ва аксар ҷонвари баҳрӣ онро фурӯ мебарад ва натавонад, ки ҳазм кунад, онро бияндозад. Ва аз он ҷиҳат баъзе гумон баранд, ки саргини он ҷонвар аст. Аз баъзе сиқот масмӯъ шуда, ки магаси асал дар миёни анбар ёфтаанд. Парвиз Нотили Хонларӣ дар китоби «Забоншиносӣ ва забони форсӣ» чунин менигорад: «..**мушк**, ки асли он дар санскрит **muchka** будааст ва аз форсӣ ба арабӣ рафтаву ба сурати **«муск»** даромада ва аз он ҷо ба лотинӣ рафта ва **muscus** шуда ва дар забонҳои англисиву фаронсавӣ суратҳои **musc** ва **musk** ёфтааст.

Калимаи **«анбар»** ҳам аз арабӣ ба Урупо рафта ва дар забонҳои испанӣ **ambar** ва дар фаронсавӣ **ambre** ва дар англисӣ **amber** шудааст». Дар «Ғиёс-ул-луғот», «Бурҳони қотеъ» ва «Чароғи ҳидоят» кӯчиши маънои ин вожаҳо дида мешавад: **анбарча** ва **анбарина**-навъе аз зевар, мисли дуҳк-дуҳки, ки ҷавфи он ба**анбар** пур кунанд ва гирди он марворид овезанд. Дар «Чароғи ҳидоят» ба маънои **шамома** оварда шудааст. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» оварда шудааст: **шамома/ шамима** вожаи арабӣ буда, хушбӯйиро ифода мекунад ва дар «Шоҳнома» дар ҳамин шакл корбаст шудааст:

Шамома ниҳоданд бар ҷоми зар,
Даҳ аз нуқраи ҳом ҳам аз пургуҳар.

Вожаи дигар-**бон** арабӣ буда, дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» чунин оварда шудааст: дарахти мавзуне, ки баргҳои нозуку хушбӯй дорад ва аз донаҳои пистамонанди он равғани хушбӯйе мегиранд, **ҳубулбон**. Ва ин вожа дар «Шоҳнома» ба тариқи фаровон истифода шудааст:

Чу**бону кофуру** чун **мушки ноб,**
Чу **уду анбар** чу равшан гулоб.

Вожаи дигар, ки мавриди назар қарор гирифт, **абир** аст, ки он низ арабӣ буда, навъе аз хушбӯйии хушк, ки аз сандалу гулоб ва мушку заъфарон месозанд ва дар «Шоҳнома» хеле фаровон корбаст шудааст:

Ҳаме май чакад гӯйӣ аз рӯйи ӯ,
Абир аст гӯӣ ҳама мӯйи ӯ.
Яке хубдастор будаш ҳарир,
Ба мӯза дарун пур зи **мушку абир.**

Вожаи кофур. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» оварда шудааст, ки моддаи сафедтоби тақрибан беранг, ки дар тиб кор фармуда мешавад, камфорт.

Дар «Луғати мухтасари «Шоҳнома» чунин шарҳ дода шудааст: моддаи сафеди хушбӯй, ки аз наботот ҳосил шуда, дар тиб кор фармуда мешавад. Ин вожа низ дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ мавриди истифода қарор гирифтааст:

Бигустурд **кофур** ба ҷойи мушк
Гули арғувон шуд ба полиз хушк.
Ҳаме гарди **кофур** гирад сарам,
Чунин дод хуршеду моҳ афсарам.

Дар «Бурҳони қотеъ» оварда шудааст: **кофур**-давое хушбӯ ва сафеди маъруф ва номи чашма дар биҳишт.

Вожаи **мушк** маънои сиёҳиро низ дорад,
Мушкро кофур кард, яъне мӯйи сиёҳро сафед кард.

Атр хушбӯйии ба ҳамагон писанд аст. Дар фарҳангҳо чунин маънидод шудааст: **«Атр // атр** - калимаи арабӣ, бӯйи хуш, хушбӯйӣ, ки аз чизе мебарояд ва ё аз гул ва чизҳои дигар ҳосил мекунанд».

Дар маҷлиси мо **атр** маёмез, ки моро,
Ҳар лаҳза зи гесӯи ту хушбӯй машом аст (Ҳофиз).

Хулоса, корбурди вожаҳои марбути хушбӯию ороиши занон дар силсилаи воҳидҳои луғавии ороишқ дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ мавқеи махсус дошта, тадқиқоти вижаеро тақозо мекунад. Фирдавсӣ дар баробари тасвири саҳнаҳои ҷанг ва тавсифи қаҳрамононаш боз тавонистааст, ки зананро бо зару зевар, сурхиву сафедӣ ва хушбӯйиҳо оро диҳад ва Аҷамро бо лафзи бой ва шевои порсияш зинда гардонад. Фирдавсии бузург дар асари безаволи худ «Шоҳнома» вожаҳои ороишқ-зинатиро хеле фаровон истифода карда, хазинаи забони тоҷикиро ғанӣ гардонидааст.

А Д А Б И Ё Т
1. Абулқосим Фирдавсӣ «Шоҳнома» / Фирдавсӣ Абулқосим. - Душанбе, Ирфон, 1976. - Ҷилди 1,2,3,4,6,9.
2. Фарҳанги забони тоҷикӣ. - Душанбе, 1969-1970. - Ҷ.1-2. - 850 с.
3. Амид. Фарҳанги форсии Амид / Амид. - Теҳрон, 1327. - Ҷ.2.
4. И. Ализода Фарҳанги мухтасари «Шоҳнома» / И. Ализода. - Душанбе, 1992. - 496 с.
5. Муҳаммад Ғиёсиддин. Ғиёс-ул-луғот / Муҳаммад Ғиёсиддин. - 1987-1989. - Ҷ.3. - 416 с.
6. Широкова З.А. Одежда таджиков Дарваза (по материалам Гармской этнографической экспедиции 1954) / З.А. Широкова. - Сталинобод,1956.
7. Қосимова М. Н. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои 9-10): китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ / М. Н Қосимова. - Душанбе, 2007. – Қ.1. - 490 с.
8. Луғати омиёнаи форсии Афғонистон. – Душанбе. 1364. - 197 с.
9. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён / Раҳмон Эмомалӣ. - Душанбе: Дониш, 2002. – Ҷ.1. - 232 с.
10. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён / Раҳмон Эмомалӣ. - Душанбе: Дониш, 2003. - Ҷ.2.- 254 с.
11. Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён / Раҳмон Эмомалӣ. - Душанбе: Дониш, 2004. - Ҷ.3. - 254 с.

СЛОВА-НАИМЕНОВАНИЯ БЛАГОУХАНИЯ И АРОМАТА В «ШАХНАМЕ» ФИРДОУСИ

В статье впервые проводится исследование слов-наименований благоухания и аромата в «Шахнаме» Фирдоуси. Раскрыта большая заслуга автора эпопеи в сохранении названий благоуханий и ароматов путем их использования в своем поэтическом творчестве.

Ключевые слова: мускус, амбра, благовоние, благоухание и аромат.

THE LEXICON OF PRECIOUS AND DECORATIVE STONES IN "SHAHNAME" OF FIRDAVSI

In this article author is analyzing the word-names of precious stones and decorations in "Shahname" of Firdavsi. The big deal by author of epics is revealed in preservation of the names of precious stones by the way of their using in his poetical creative activity.

Key words: decorative stones, decorative-ornamental stones, red ruby.

Сведения об авторе: ***М. Бобомуродова*** – кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского языка и методики преподавания таджикского языка и литературы Таджикского национального университета. Телефон: **935-07-74-26**

«ХЛЕБ» В ПОЛЬСКОЙ АКСИОЛОГИЧЕСКОЙ КАРТИНЕ МИРА (НА МАТЕРИАЛЕ ПОСЛОВИЦ О ХЛЕБЕ)

З.А. Гулова
Российско-Таджикский (славянский) университет

Для польского народа хлеб играет важную роль, он связан с их историей, обычаями, верой, религией, которые они хотят сохранить, чему доказательством служит существование специальных музеев хлеба [4,5,6,7]. Хлеб связан с жизнью, потому что на протяжении всей жизни поляка он во главе стола. Для ответа на вопросы, с какими сферами жизни и как связан хлеб, мы проанализировали пословицы о хлебе с сайта Музея хлеба в Родзёнкуве [6].

В «Новом словаре польского языка» под редакцией А. Марковского дано следующее определение пословицы: «Краткое изречение, выражающее какую-либо мысль, источником которой является народ, или литература» [2, 806].

Р. Вышкевич-Максимов пишет о том, что паремиология обладает широкой областью познания, которая включает в себя не только язык, но и культуру, фольклор, философию, социологию, психологию и этнологию. Паремии открывают двери для мышления, потому что охватывают культуру народа. Автор подчеркивает, что анализ паремий поможет составить языковой образ мира (Токарски, Бартминьски) поляка на основе *категорий мышления*, которые она называет *познавательным аппаратом* [3, 16-78]. Пословицы помогают построить языковой образ мира, т.к. паремии–это единицы универсальные, потому что в языке многих народов пословицы созданы на основе опыта народа, истории и окружения, при этом они передаются из поколения в поколение. Еще в прошлом некоторые исследователи замечали в паремиях характер данного народа, темперамент и его творческие способности.

В данной работе нами были выявлены соответствующие категории или познавательный аппарат при анализе паремий для построения польской аксиологической картины мира.

Нами было проанализировано около 100 пословиц о хлебе с сайта «Музей хлеба» в Родзёнкуве. В итоге мы смогли поделить паремии на категории:

1. отношение к Богу;

2. отношение к истине;
3. отношение к труду;
4. ценность;
5. совет;
6. причина и следствие;
7. человек;
8. достаток (богатство/бедность);
9. приметы;
10. пожелания.

Исходя из названий категорий, выделенных нами, видно, что они охватывают основные сферы жизни поляка.

1. Отношение к Богу:

Daj Boże chleb, a ja zęby znajdę
Dla chleba, a nie dla nieba, chcę być księdzem
Kto chlebem gardzi, to nim Pan Bóg bardziej

Пословицы данной категории связаны с Богом, из чего мы можем сделать вывод, что хлеб у поляка на том же уровне ценности и уважения, что и Бог. Поляк верит в Бога, он надеется на него, при этом к служителю Бога поляк относится иронично.

2. Отношение к истине:

Поляк знает истину в области:

-счастья–*Nie każdy szczęśliwy, co ma dużo chleba*
-мудрости – *Nie samym chlebem człowiek żyje*
-свой/чужой–*Nie sytny chleb, gdy z cudzych ziarenek; Milszy chleb własny razowy, niż panski nie zawsze zdrowy; Każdy cudzy chleb, ma rogi*
-последствий-*Po chlebie, idzie pochlebstwo*
-простоты и сложности–*Prosto jak bułka za dwa grosze*
-логики–*Słowa się mówią, chleb się je/ W pole za chlebem, do lasu po drzewo/ Kto chleba nie żałuje, nigdy go nie traci/ Kto chleb za sobą nosi, ten oniego nie prosi/ Komu z chleba, temu i noża nie trzeba/ Krajany chleb nie ma pana*
-понимания причин–*Trudno piec chleb, gdzie mąki nie będzie/ Gdzie chleb twardy, tam sługa hardy*
-дальновидности–*Z tej mąki chleba nie będzie*
-терпеливости–*Ziarnko do ziarnka, a zbierze się miarka*
-корысти-*Każdy idzie tam, gdzie go wabią chleby/ Każdy kraje chleb do siebie*
-помощи-*Komu chleb zaszkodzi, a komu kij pomoże*
-все мы люди–*Wszędzie chleb o dwóch skórkach pieką*
-потребности людские–*Niech sobie będzie chleb z solą, byleby nie z biedą/ Jak jest żytko, to będzie wszystko*
-легкий труд-*Każdemu, lekki chleb pachnie*

3. Отношение к труду:

Поляк знает, что труд играет важную роль в жизни, потому что труд - это:

-пища–*Bez pracy, nie ma kołaczy*
-работа–*Każdy za chlebem idzie*
-усилия–*Chleb łaskawy trudny do otrzymania, a otrzymany,gorzko smakować musi/ Ciężko pracować trzeba na kawałek chleba/ Co nas żywi, do tego trzeba się sposobić, kto chce jeść chleb, powinien na niego robić/ Kawałek chleba nie spadnie z nieba, pracować trzeba/ Zjedzony chleb bardzo ciężko odrabiać/ Chlebuś biały doskonały, czarny niecnota - choć bodzie–sposobniejsza po nim robota*
-противопоставление лени–*Chleb płacze, gdy go darmo jedzą/ Każdemu, lekki chleb pachnie/ Kto nie pracuje na chleb, nie godzien, by go jadł/ Szkoda takim chleba dać, co się oń sami nie starają*
-приносит плоды–*Chleb pracą nabyty bywa smaczny i syty*
-время–*Do chleba rano wstawać trzeba/ Nie dospać trzeba, kto chce dostać chleba*

4. Хлеб–это ценность:

Поляк ценит хлеб, потому что:

-никогда не будет хлеб для него бременем–*Chleb w drodze nie ciąży*
- наказание ждет того, кто отказывается от хлеба–*Kto chleba nie chce, kija godzien*
-хлеб ценнее, чем калачи–*Kto ze mną chleba jeść nie chce, ja z nim i kołaczów nie będę*
-смерть тому, кто не имеет уважения к хлебу–*Kto chleb ciska, ten go po śmierci będzie zbierał*
-любой хлеб имеет ценность–*Na czarnej roli, biały chleb się rodzi*
-хлеб должен быть обязательно–*Idzie zima, a tu chleba ni ma*
-шляхтич любит хлеб–*Chleb, piwo i świca zdobią szlachcica*

-хлеб-мёд–*Chleb jak z ula wyjęty*
-хлеб-любовь–*Dałeś komu chleba, wziąłeś serce*
-усердие (в этом ценность)–Do chleba i nieba, sto cnót człeku trzeba
-перед хлебом все равны–*I cesarz się nie wyrzeka żebranego chleba*
-всегда будет иметь ценность–*Gdyby nie było chleba po dziurki, sprzykrzyłyby się i przepiórki/ Kto ma chleb, ten ma wszystko*

5. Совет:

Поляк любит давать советы в области:
-доброты–Kto na ciebie kamieniem, ty na niego chlebem
-логики–Łatwiej z chlebem iść po kij, niż z kijem po chleb
-свой/чужой-Na cudzy korowaj gęby nie rozdziewaj
-скромности–Nie stać na kołacze, to jedz chlebuś, bracie/ Patrz tego, z czego masz chleb

6. Причина и следствие:

Kiedy ma chleb, to szuka kołacza
Kiedy jest chleb przy wodzie, to głód nie dobodzie
Kiedy się chleba nie naje, to bułka nie nasyci
Kto czyj chleb je, tego piosenkę śpiewa
Kto ma chleb, szuka bułki
Kto ma chleb, ten ma wszystko

7. Человек:

-настроение–Aż miło na duszy, jak świeżz chleb puszy
-любовь–Bez chleba i soli–zła miłość
-голод–Chleb daje rogi, a głód nogi-powiadają/ Chleb i woda-nie ma głoda/ Piekarza, który głodem morzy, nie chowaj na cmentarzu
- вкус-Chleb cudzym nożem krajany–niesmaczny
- старость-Chleb starzeje się–twardnieje, człowiek słabnie
-принцип-Kto ze mną chleba nie chce, ja z nim i kołaczów nie będę
- родственные связи-Jaki chleb, taka skórka jaka matka, taka córka
- у всех потребности одни-Za chlebem ciało woła, nawet przez usta Apostoła
-черты характера-W jednej ręce chleb, a w drugiej kamień trzyma/ Kto chleb ciska, ten go po śmierci będzie zbierał/ Każdy kraje chleb do siebie/ Każdemu, lekki chleb pachnie
-опыт–Nie z jednego pieca chleb jadł/ Jeszcze musisz zjeść sporo chleba
-люди разные–Kto co lubi: kto chleb, a Cygan mięso / Chleb, piwo i świca zdobią szlachcica / Dobra tabaka na oczy, jak się chlebem brzuch natłoczy
-высокомерие-Chleb go w zęby kole
-гостеприимство-Chlebem i solą ludzie ludzi niewolą

8. Достаток (богатство/бедность):

-по хлебу можно оценить уровень страны–Biedna to kraina, gdzie się chleb kończy, a kamień zaczyna
-основа жизни-Drogi chleb, gdzie pieniędzy nie ma/Nie ma chleba, nie ma soli-gospodynię głowa boli/ Od chleba i soli, głowa nie boli
-когда человек остается ни с чем-Nos w sos, zęby w otręby, nogi w pierogi

9. Приметы:

Поляк верит в приметы:
Jak rok owocny, to nie chlebny
Jak przyjdzie lipiec, ostatni czas starą mąkę wypiec
Jaki chleb, taka skórka-jaka matka, taka córka

10. Пожелания:

Niech się chleb obsiądzie (życzę ci wszystkiego dobrego)

Вышеприведенные категории показывают, что **ХЛЕБ** играет важную роль в жизни поляка, потому что охватывает основные сферы его жизни: веру, истину, ценности, труд, человека, достаток: поляк верит в Бога, хотя верит и в приметы, много трудится, ценит плоды своего труда, проявляет гостеприимство, он знает истину, потому что может проводить причинно-следственные связи.

Нами было проведено анкетирование среди поляков, живущих в Гданьске. Они должны были ответить на вопрос: «Что означает хлеб для поляка?»

Было опрошено 70 поляков в возрасте от 19 до 73. Ответы в зависимости от возраста не отличались, наоборот, все возрасты были объединены категориями, занимающими первые строчки рейтинга.

Результаты:

1. Пища(17)
2. Достаток(11)
3. Гостеприимство(9)

4. Жизнь(7)
5. Семья(6)
6. Делиться с кем-либо(4)
7. Труд(4)
8. Религия(4)
9. Благополучие(4)
10. Уважение(3)
11. Безопасность(3)
12. Плодородие(3)
13. Тело Иисуса Христа(3)
14. Дом(3)
15. Повседневный (3)
16. Приветствие (жениха и невесту встречали солью и хлебом) (3)
17. Святость(2)
18. Соль земли(1)
19. Наследие (1)
20. Сырьё для создания женщины Богом(1)
21. Бог(1)
22. Церковь(1)
23. Благосостояние(1)
24. Ценность(1)
25. Культура (1)
26. Традиция (1)

Примечание: некоторые респонденты давали 2-3 ответа.

Как мы видим, из ответов, которые расположены по убывающей, рейтинг возглавляют такие категории, *как пища, достаток, гостеприимство, семья, жизнь, религия, труд* и т.д.

Интересной для нас показалась категория–*безопасность,* которая встретилась в анкетировании, но ее мы можем отнести к достатку, потому что в наше время чувство безопасности возникает, когда есть стабильный достаток. Категорий *истина и советы, причина и следствие* тоже не было в анкетировании, в данном случае, можно сделать вывод, что глобализация, которая захватила почти весь мир, заставляет людей в наши дни жить в быстром темпе, они не чувствуют себя в безопасности, потому что не знают истину, которая поменялась, следовательно, советы тоже надо менять, причинно-следственные связи тоже изменились, получается, что современный поляк думает о безопасности.

В итоге, мы пришли к выводу, что, несмотря на **разные названия** категорий в анализе пословиц и анкетировании, их **содержание** совпало в отношении *религиозности, труда, достатка, гостеприимства, ценности*, хотя в анализе пословиц мы не выделяли категорию-*семья*, но она есть под названием *родственные связи* в категории *человек*, категория *уважение*-в категории *ценность*, а *делиться с кем-либо* можно отнести к *гостеприимству*, которая также в категории *человек*, *святость*–к *ценности*.

Выявленные категории на основе анализа пословиц о хлебе и анкетирования (что означает хлеб для поляка?)–*пища, труд, достаток, гостеприимство, ценность, религия, семья* являются основополагающими для построения польской аксиологической картины мира. Действительно, хлеб играет важную роль в жизни поляка: *поляк живет и трудится, ведь он имеет уважение к труду, только в этом случае у него будет достаток, чтобы в семье было благополучие (благосостояние), тогда он сможет встречать гостей хлебом и солью, потому что делится результатом труда, он ценит плод своего труда, считает его святым, он верит в Бога (католицизм), и помнит о своих традициях и культуре.*

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Nowa księga przysłów i wyrażeń przysłowiowych polskich / pod red. J. Krzyżanowski. – Warszawa: PWN, 1969-1978. - T.1-4. - S.728-740.
2. Nowy słownik poprawnej polszczyzny/ pod red. A. Markowski. - Warszawa: PWN, 2002. – 1650 s.
3. Wyżkiewicz-Maksimow R. Językowy obraz człowieka - charakter i osobowość: w paremiologii polskiej, serbskiej i chorwackiej / R. Wyżkiewicz-Maksimow. – W: Wydawnictwo Uniwersytetu Gdańskiego, 2012. – 336 s.
4. [Электронный ресурс] http://www.nocowanie.pl/noclegi/ ustka/muzea/120847/ (дата обращения 07.01.2014).
5. [Электронный ресурс]http://www.lot.ustka.pl/a89-muzeum-chleba.html (дата обращения 07.01.2014)
6. [Электронный ресурс]http://muzeum-chleba.pl/pl/strony/historia-muzeum.html (дата обращения 07.01.2014).
7. [Электронный ресурс]http://www.warszawskie-muzeum-chleba.pl/2012-02-09-12-26-16 (дата обращения 07.01.2014).

«ХЛЕБ» В ПОЛЬСКОЙ АКСИОЛОГИЧЕСКОЙ КАРТИНЕ МИРА
(на материале пословиц о хлебе)

Данная статья посвящена значению хлеба в польской культуре на материале пословиц о хлебе с сайта «Музей хлеба» в Родзёнкуве (Польша). Сравнение выводов, полученных путем анализа пословиц с результатами анкетирования выявляет основные категории польской аксиологической картины мира.

Ключевые слова: паремия, Музей хлеба, категория, анкетирование, языковой образ мира, познавательный аппарат, аксиологическая картина мира.

BREAD IN POLISH AXIOLOGICAL IMAGE OF THE WORLD
(based on analyzing of proverbs about bread)

This article describes the important role of bread in Polish culture based on analysis of proverbs from website of Museum of Bread in Rodjionkow (Poland). The comparing results of proverbs with results of questionnaire shows the main categories of Polish axiological image of the world.

Key words: proverb, Museum of bread, category, questionnaire, linguistic image of the world, cognitive apparatus.

Сведения об авторе: ***З.А. Гулова*** - соискатель кафедры теоретического и прикладного языкознания Российско-Таджикского (славянского) университета.Телефон: **(+992)988 81 23 23**.
E-mail: gulova.zevar@mail.ru

НОМҲОИ МАФОҲИМИ НУҶУМӢ ДАР ҚАСОИДИ НОСИРИ ХУСРАВ

С. Холиқназарова
Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев

Баррасии номшиносии осори бадеӣ таҳлили ҳамаҷонибаи поэтонимҳоро дар бар гирифта, ба масоили вазифаи исми хос дар забон ва нутқ, нақши исмҳои хос дар ифодаи ҳадафҳои ғоявӣ ва бадеии муаллифи осор равшанӣ меандозад.

Омӯзиш ва тадқиқи номҳои хосси қасоиди Носири Хусрав баррасии масоили зеринро дар бар мегирад:

–муайян намудани низом ва сохтори номномаи Носири Хусрав;
–баррасии забоншиносии номҳо;
–таснифи номҳо аз чиҳати мақому манзалат дар қасоиди шоир;
–робитаи номҳо бо афкори фалсафӣ ва ҷаҳонбинии шоир;
–доираи фарогирии номҳои ашхос;
–номҳои ҷуғрофӣ-табиии қасидаҳои шоир.

Корбурди луғати ономастикӣ дар ашъори Носири Хусрав, аз ҷумла дар қасоиди ӯ фаровон ба назар мерасад ва ин қабати луғат яке аз муҳимтарин воситаи ифодаи ҳадафҳои илмӣ, динӣ, фалсафӣ ва ғоявии ашъори ӯ маҳсуб мешавад.

Мавзӯи асосии қасоиди Носири Хусрав таблиғи эътиқодоти динӣ, ситоиши Расули Худо (с) ва хонадони Алӣ буда, васфи зебоиҳои табиат, тағйирёбии рӯзу шаб, саъду наҳси ситорагону бурҷҳои осмон, бозгӯйии қиссаву ривоятҳои таърихиву асотирӣ дар ашъори ӯ бо маҳорату истеъдоди хос ифода ёфтааст. Бад ин ваҷҳ номҳои хос дар қасоиди Носири Хусрав зиёд ба кор бурда шуда, вазифаҳои гуногунро дар ифодаи афкори фалсафию мазҳабӣ иҷро намудаанд ва метавон номҳоро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намуд:

- номҳои асотирӣ;
- номҳои шахсиятҳои динӣ;
- номҳои мафҳуми Худо;
- номҳои подшоҳони таърихиву асотирӣ;
- номҳои донишмандону адибон;
- номҳои кишварҳо;
- номҳои шаҳрҳо;
- номҳои рӯдҳо, баҳрҳо;
- номҳои кӯҳҳо;
- номҳои биёбонҳо, даштҳо;
- номҳои мавзеъҳои дигари ҷуғрофию табиӣ;
- номҳои мафҳумҳои кайҳонӣ;
- номҳои китобҳои динӣ.

Дар ин мақола сухан аз номи мафҳумҳои кайҳонӣ ва нуҷумӣ меравад. Мафҳуми коинот, тасаввуроти илмию мифологӣ дар бораи он аз қадимулаиём дар асотир ва ҷаҳонбинии мардумони гуногун мавқеи муҳимро ишғол менамуд.

Номҳои ҷирмҳои осмонӣ, бурҷҳои коинот, сайёраҳо, ситораҳо ва дигар аҷсоми коинотро дар номшиносӣ космонимия меноманд. Пайдоиши космонимия таърихи

тӯълонӣ дошта, аз назари мансубияти забонӣ гуногун аст. Дар номшиносӣ ин қабил номҳоро ба моҳият ва нақши онҳо ба гурӯҳҳои алоҳида табақабандӣ намудаанд.

Номшиносии асари бадеӣ номҳои осмониро аз назари вазифа, образофарӣ, ифодаи афкори фалсафию иҷтимоӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

Дар назми классикии форсӣ-тоҷикӣ образ ва мафҳумҳои кайҳонӣ аз воситаҳои муҳимми ифодаи афкори бадеӣ ба шумор мерафтанд. Дар ашъори аксари устодони назм чунин мафҳумҳо корбурди зиёд дошта, вазифаҳои муҳимми услубиро вобаста ба сабки шеъру шоир адо менамоянд.

Мафҳуми офтоб ва муродифҳои он *хуршед, шамс, хур, шед, меҳр,* Моҳ ва муродифи он *қамар, ҳилол, бадр* ба сифати василаҳои ифодаи ҳиссиёту ҳаяҷон, андешаю тахайюл дар қасоид корбурди васеъ дошта, чун онимҳои бадеӣ вазифаҳои гуногуни бадеӣ ва маърифатиро иҷро кардаанд.

Андар ҷаҳон ба дӯстии хонадони,
Чун **офтоб** кард чунин муштаҳар маро[4, 31].
Хуршед, ки танҳост, чӣ нек аст ба рӯз он,
Беҳтар зи сурайёст, ки ҳафт аст сурайё[4, 24].
Шамс чун пайдо шавад, офоқ аз он равшан шавад,
Мард чун доно шавад, дил дар бараш дарё шавад[4, 228].
Марди доно бадри **шеду** чархи нодон бадкуниш,
Назди якдигар ҳаргиз ин дуро бозор нест [4, 13].
Чаро Маҳ чу **хур** бар яке ҳол нест,
Гаҳе бадр чун асту гоҳе ҳилол? [4, 422].

Моҳ–қамар сайёраи кӯчак, ки ба даври худ ва даври замин мегардад ва аз хуршед касби нур мекунад. Муддати ҳаракати интиқолии он ба даври замин 27 шабонарӯз, 7 соат, 43 дақиқаву 11,5 сония аст. Қутри моҳ қариб 3476 км ва ҳаҷми он қариб 1/50 ҳаҷми замин аст. Фосилаи мутавассити моҳ аз замин 384 0000 аст [6,1891];

Дар қасидаҳои шоир мафҳумҳои гуногуни ин ном ба кор рафтаанд, аз ҷумла ***моҳтоб, қамар, ҳилол, бадр:***

Бар осмон зи кусуфи сияҳ раҳоиш аст,
Мар офтоби дурахшону **моҳ**и тобонро[4, 34].
Бар раҳи дини ҳақ ту пеш аз субҳ
Хуш ҳамерав ба равшании **махтоб** [4, 74].
Ба хотири мунаввари равшантар аз қамар,
Н-ояд ба кор ҳеҷ мақарри **қамар** маро [4, 30].

Ҳилол–моҳи нав (дар чанд рӯзи аввал) [5, 745];

Бадр–моҳи пурра, моҳи тамом, моҳи чордаҳшаба, моҳи шаби чордаҳум [5, 128].

Бадр будӣ, чун шудастӣ чун **ҳилол**?
Эй нишондай дасти рӯзу солу моҳ [1, 396].

Номвожаи офтоб чун сайёраи муҳим ва бузурги кайҳонӣ дар қасоиди шоир барои ифодаи афкори фалсафию динӣ ва аз назари бадеият тазъин сохтани сухан мавриди корбурд қарор дода шудааст.

Тавассути вожаи офтоб шоир ибораҳои озоде сохтааст, ки бо тақозои баёни матлаб корбаст гардидаанд.

Чуночи: *офтоби осмон, офтоби дин, офтоби равшан, офтоби тобон, офтоби илм, хуршеди нуронӣ, хуршеди тобон, шеди равшандил.*

Чашми сар бе **офтоби осмон** бекор гашт,
Чашми сар бе **офтоби дин** чаро бекор нест [4, 137].
Не Муштарӣ, на Зӯҳра, на Мирриху на Зуҳал,
Не **Офтоби равшану** на Моҳи анваранд[4, 205].
Эй гашта, чу **офтоби тобон**,
Аз сояи нури худ мусаттар [4, 302].

Носири Хусрав мавқеи хуршедро дар байни афлок чунин ба қалам додааст. *хуршеди нуронӣ, хуршеди тобон, хуршеди рахшон, хуршеди мунир:*

Чаро **хуршеди нуронӣ,** ки олам з-ӯ шавад равшан,
Гаҳе маскан кунад Ховар, гаҳе дар Бохтар дорад ?[4, 230].
Кӣ донист чандин замин бо масоҳат,
Саду шаст бор асту **хуршеди тобон?** [4, 520].
Гаҳе абри ториву гаҳе **хуршеди рахшон**,
Чу теғи Алӣ буд дар китфи кофир [4, 256].
В-ар бахубӣ дарбудӣ хатару бахт баланд,
Сару соли ҷаҳон будӣ **хуршеди мунир** [4, 322].

Носири Хусрав зимни ёдоварӣ аз бурҷҳои фалак онҳоро ба аъзои бадани инсон монанд мекунад, ки тақвими бостонии мардуми кӯҳистонро ба хотир меорад.

Мутобиқи ин таҳвим аъзои бадани одам нисбати ҳаракати офтоб фаслҳо ва давраҳои муайяни солро ифода мекунад[4, 322].Шоир зимни чунин монандкунӣ назарияи фалсафӣ ва динии худро дар бораи офоқу анфус ифода намудааст.

Вуҷудат лавҳи маҳфузу **Ҳамал** дар вай бувад гӯшат,
Ду дастат боз чун **Ҷавзо** чунон чун **Саври** гардун дон.
Ду пистон омада **Сартон**у сина **Шеди** равшандил,
Закар **Акраб** шиносу Хӯша рӯда, нофро **Мизон**.
Ду поят **Қавс**у соқат **Далв** бошад, **Ҷаддӣ** зонуят,
Занаб бо раъс сар бошад дар ин маъниву **Ҳут**ат рон.
Дарзан-т ҳафт аъзоянду ҳар як машриқе дорад,
Ба сони ҳафт кавкаб дон, к-аз эшон ҷисм ободон.
Дилат **Хуршеду** сар гардуну **Зӯҳра** сурату **Миррих**,
Чунон чун аждаҳо Зуҳра тиҳолат кавкаби **Кайвон** [4, 577].

Номи ҷирмҳои кайҳонӣ дар назми Носири Хусрав бори умдаи маъноиро бар дӯш доранд. Дар баробари ин, номҳои бурҷҳо ва моҳҳои таҳвимӣ низ дар қасоиди шоир ба кор рафтаанд. Таҳлили байтҳои алоҳидаи қасидаҳо собит месозад, ки шоир дар ин мавзӯъ дониш, ҷаҳонбинӣ ва маърифати мукаммал доштааст ва ба асосҳои илми нуҷуми замони хеш такя кардааст.

Нахустин фалак **Мох**ро манзил аст,
Дигар **Тир**ро, боз **Нохид**рост.
Чаҳорум фалак боз Хуршедор,
К-аз ӯ мар ҷаҳонро саросар зиёст.
Забар боз **Баҳром**у **Бирҷис**у боз
Зуҳал, но ки тухми балову ҷафос [4, 146].

Муштарӣ-яке аз бузургтарин сайёраҳои манзумаи шамсӣ, ки ба чашми мо баъд аз Зӯҳра дурахшонтар ва фосилааш аз хуршед 778 мил километр аст. Ҳаҷми он нисбат ба замин 1316 маротиба бузургтар мебошад, вале вазнаш 318 баробари замин аст. Ҳарорати сатҳи муштариро байни 20-270 дараҷа тахмин мезананд. Ба ақидаи бархе аз донишмандон сатҳи муштарӣ пушида аз ях аст [6, 1981].

Мувофиқи шарҳи «Фарҳанги забони тоҷикӣ» номи бузургтарин сайёраи манзумаи офтоб–Юпитер, ки онро Бирҷис ва Ҳурмуз низ меноманд ва мунаҷҷимони қадим онро муборак шуморида, Саъди акбар ва Қозии фалак ҳисоб мекардаанд [5, 789].

Агар ақл дар садр хоҳӣ нишаста,
Нишонда дар ангуштарӣ **муштари**ро [4, 42].

Бирҷис–сайёраи Муштарӣ, ки онро ситораи саъд ва қозии фалак ҳисоб мекарданд [5-186].

Кӣ донист, к-аз нури хуршед гирад
Ҳаме равшанӣ Моҳу **Бирҷис**у Кайвон? [4, 520].

Тир–сайёраи Аторид, ки дар ҳайҳати қадим ба шакли китоб тасвир мешуд [5-364].

Тира-ст Зӯҳра пеши замири мунири ман,
Хор аст **Тир** зи қалами тирхори ман [4, 561].

Баҳром-Сайёраи Миррих (Марс), ки ситорашиносони қадим онро ситораи фитнаву ҷанг, шум ва наҳс медонистанд [5, 166].

Ҷуз хок зи даҳр нест баҳри ту,
Ҳарчанд ки бар фалак чу **Баҳром**ӣ [4, 656].

Миррих–номи саёраи Баҳром (Марс), ки мунаҷҷимони қадим онро ҳамчун барангезандаи ҷангу ҷидол ҳисоб мекарданд [5, 692].

На ҷуз амри ӯро фалак ҳаст банда,
На ҷуз теғи ӯрост **Миррих** чокар [4, 287].

Зуҳал яке аз саёраҳои манзумаи шамсӣ, ки гирди хуршед мегардад ва пас аз Муштарӣ аз ҳама саёраҳои манзума бузургтар буда, тақрибан 700 баробари замин аст. Зуҳал дорои 8 қамар (моҳ) ва муддати ҳаракати интиқолии он 29/5 сол аст. Қудамо онро ҳафтумин саёра ва наҳси акбар медонистаанд [6, 663].

Гашт табоеъ падид аз ону аз ин шуд,
Рӯйи **Зуҳал** сурху рӯйи Зуҳра зарён [4, 575].

Зӯҳра–Ноҳид, дувумин сайёраи манзумаи шамсӣ ва он пас аз Уториду Замин қарор дорад. Ин сайёраро метавон бо Замин хоҳари тавъам номид, зеро ки аз лиҳози андоза ба Замин наздик аст ва ҳамчунин наздиктарин сайёра ба кураи замин аст. Муддати ҳаракати интиқолии Зӯҳра 220 рӯз буда, тӯли муддати шаб ва рӯзи он маълум нест. Фақат вақте ки ин сайёра аз моҳ дур аст, метавон тамоми қурси онро мушоҳида кард, зеро дар ин мавқеъ ҳамаи он бо хуршед нуронӣ мешавад [6, 661].

Закоти мол чуз қалбу сурб надҳӣ ба дарвешон,
Нисори мирадлиҳо чун **Зӯҳра** барӣ рахшон [4, 558].

Аторуд-кӯчактари саёраи манзумаи шамсӣ аст, ки қутри он 3030 мл ва 1/5 баробари Моҳ буда, дурии он аз хуршед 36 000 000 мл мебошад. Муддати ҳаракати интиқолии он 88 рӯз аст. Ҳамеша як тарафи сайёраи мазкур ба тарафи хуршед аст. Як солу як рӯз онҳо бо ҳам мусовӣ ҳастанд. Самте, ки ба тарафи хуршед аст, бисёр доғ дорад ва самти дигараш бисёр сард аст [6, 1188].

Симоб духтар аст **Аторудро**,
Кайвон чу модар асту суруб духтар [4, 251].

Кайвон–Сайёраи Зуҳал, Сатурн, ки мувофиқи ақидаҳои мунаҷҷимони қадим дар осмони ҳафтум ҳаракат мекунад; Ситораи Кайвон (Зуҳал) наҳс шумурда мешавад [5-528].

Ба зери пой фармон биспарам ман,
Аз ин пурнур ишорат авҷи **Кайвон** [4, 514].

Саъдон–киноя аз ду сайёра Муштарӣ ва Зӯҳра, ки онҳоро саодатвор ҳисоб мекунанд [5, 222].

Кардӣ аз бар Қуръон пеши адиб,
Наҳви **Саъдон** нахонда сарфи Халил [4, 400].

Саъд–бахосият, бахтовар, таъсири неки ситораҳо, ки гӯё боиси хушбахтӣ мешавад (аз рӯйи ақидаҳои хурофии ситорашиносони қадим). Муқобили наҳс [5, 222].

Ҳабар орӣ, ки ин ривоят кард,
Ҷаъфар аз Саъду **Саъд** аз Исмоил [4, 399].

Номи ситораҳо:

Сурайё–Парвин, ки аз шаш ситорачаи як ҷо ғуншуда иборат аст [5, 275].

Гар тухми ту оби хирад биёбад,
Шохи ту барорад сар аз **Сурайё** [4, 69].

Суҳо–ситорае бисёр хурд дар Банотуннаъш, ки дар паҳлӯи ситораи Банот меистад [5, 286].

Маъруф нопадид **Суҳо** буд бар фалак,
Ман бар замин куноун ба мисоли Суҳо шудам [4, 449].

Айюқ–нуҷ. номи ситораест сурхранг, ки дар тарафи рости Каҳкашон воқеъ аст, ки пас аз Сурайё барояд ва пеш аз он ғуруб кунад. Маънии луғавии он «нигаҳбон» аст [5, 51].

Аз гули сурӣ касе надонистӣ **Айюқ**ро,
Ин агар рахшанда будӣ в-он агар бӯёстӣ [4, 222].

Парвин–номи чанд ситорае, ки дар як ҷо ҷамъ шудааст ва ба бурҷи Сарв дохил мешаванд, Сурайё [5, 29].

З-ин сурати хубу хеш б-андеш,
Бо ҳафт нуҷуми ҳамчу **Парвин** [4, 510].

Симок-номи ду ситора дар поёнии бурҷи Асад, ки ба назар мерасад, найза доранд [5, 799].

Хуршед пешкору Қамар соқӣ,
Лола **Симок**у наргис Парвин [4, 445].

Суҳайл–Номи ситораи дурахшон дар қисми ҷанубии осмон, ки онро Суҳайли Яман ё Суҳайли Яманӣ низ мегӯянд (Канопус) [5, 286].

Ҳарки сӯйи Ҳазрати ӯ кард рӯй,
Зӯҳра битобад-шу **Суҳайл** аз ҷабин [4, 568].

Роҳи Каҳкашон–ситораҳои зиёди бо чашм ба зӯр дидашавандаи ба ҳам бисёр наздик, ки шабона дар осмон ба назар монанди роҳи сафед менамоянд ва Роҳи Каҳкашон низ номида мешаванд [5, 570].

Нури **Роҳи Каҳкашон** тобон дар ӯ
Чун ба суда лоҷувард андар лабан [4, 542].

Номҳои моҳҳо, рӯзҳо ва бурҷҳои фалакӣ.

Ҳамал-сурати фалакӣ дар нимкураи шимолӣ. Нахустин бурҷ аз бурҷи дувоздаҳгона, мутобиқи фарвардин моҳи шамсӣ, ки ба 21 март то 20 апрел рост меояд [5, 723; 6, 465].

Чу аз бурҷи **ҳамал** хуршед ишорат кард зи саҳро,
Ба фармонаш ба саҳро бар мутарро гашт хулқонҳо [4, 50].

Сарв-номи бурҷи дувум аз дувоздаҳ бурҷҳои осмонӣ, ки ба тоҷикӣ гӯсола меноманд [5, 172].

Вуҷудат лавҳаи маҳфузу ҳамал дар вай бувад гӯшат,
Ду дастат боз чун чавзо чунон чун **сарв**и гардун дон [4, 577].

Ҷавзо–номи бурҷи сеюм аз дувоздаҳ бурҷи фалакӣ, ки офтоб 23-уми май ба он дохил мешавад. Ин бурҷ ба шакли ду кӯдаки тавъами пушт ба пушт тасвир меёбад. Дупайкар [6, 764].

Парҳез ба тоату ба дониш кун

В-он гаҳ баршав ба кавкаби **ҷавзо** [4, 49].

Саратонро номи бурҷи чорум аз 12 бурҷи фалакӣ, моҳи чоруми соли шамсӣ, ки ба 22 июн то 21 июли соли милодӣ рост меояд [5, 201]меноманд:

Аз дари султон маро нанг аст, зеро-к
Ман ба некӯсуханон бар сари **саратон**ам [4, 465].

Мизон–(тарозу) Сурати фалакӣ дар нимкураи шимолӣ, ҳафтумин бурҷ аз 12 бурҷе, ки мутобиқи моҳи шамсӣ аст. (аз 23 сентябр то 14 октябр) Дар ин мудат рӯзҳо бо шабҳо мусовӣ ҳастанд [6, 2072].

Чун ҳамал соқит шавад, **мизон** ҳаме толеъ шавад,
Ҳамчунон дар дин аз эшон мардуме пайдо шавад [4, 229].

Ақраб–номи бурҷи ҳаштум аз дувоздаҳ бурҷи осмонӣ [5, 115].

Хӯша–бурҷи сунбула [5, 542].

Ду пистон омада саратону сина шерри равшандил,
Закар **ақраб** шиносу **хӯша** рӯда, нофро мизон [4, 577].

Қавс–номи бурҷи нуҳум аз бурҷҳои фалакӣ [6, 663].

Далв–номи бурҷи ёздаҳуми фалак буда, аз ин бурҷ гузаштани Офтоб мутобиқи моҳи январ аст [5, 316].

Ҳут–дувоздаҳумин бурҷ, ки ба шакли моҳӣ аст [5, 76].

Ду поят **қавсу** соқат **далв** бошад, ҷадай-зонуят,
Занаб бо раъс сар бошад дар ин маъниву **ҳутат** рон [4, 577].

Рачаб–моҳи ҳафтуми соли қамарии ҳиҷрӣ [5, 134].

З-эшон чуз аз муҳолу хурофот кай шунуд,
Одинаҳову ид, на шаъбону на **рачаб** [4, 86].

Баҳманмоҳ–моҳи ёздаҳуми соли шамсӣ, ки ба 22 январ – 20 феврал рост меояд [5, 164].

На чу кофур шавад кӯҳ ба **баҳманмоҳ**,
Нашавад дашт чу зангор ба фарвардин [4, 555].

Фарвардин–моҳи якуми соли шамсӣ, ки ба 21уми март–20уми апрел рост меояд, моҳи аввали баҳор [6, 412]. Паҳ: Фарвартин–дар оини Зардуштӣ яке аз эзидон (яздон); мувакал ба рузи нуздаҳуми ҳар моҳи шамсӣ (фарвардин руз), ва моҳи аввали ҳар соли шамсӣ [6, 1349].

Зеро, ки хоки тира ба **Фарвардин,**
Бар рӯй ме ниқоб кунад дебо [4, 66].

Меҳргон–рӯзи шонздаҳум, рӯзи меҳри моҳи ҳафтуми шамсӣ меҳрмо, ки эрониёни қадим онро муборак шуморида, ид мекарданд ва ин рӯзро меҳргон меномидаанд. Мувофиқи достонҳои қадимӣ рӯзи ҳабс карда шудани Заҳҳок дар кӯҳи Дамованд будааст [5, 685].

Гар ваъда ба боғи **меҳргон** дод,
Гаҳ боз ба дашти навбаҳорон [4, 445].

Наврӯз рӯзи аввали соли шамсӣ, ки бо 21-уми март баробар меояд ва иди соли нав аст [5, 822].

Шаст бор омада **Наврӯз** маро меҳмон,
Чуз ҳамон нест, агар шашсадбор ояд [4, 542].

Ялдо–1. Дарозтарин шаби зимистон, ки ба 22-юми декабр рост меояд. 2.Бисёр сиёҳ ва торик [5, 634].

Ӯ бар душанбеву ту бар одина,
Ту **лайли қадр** дорию ӯ **ялдо** [4, 65].

Шаби Қадр–шаби 27уми моҳи рамазон, ки дар он гӯё ҳамаи орзу ва дуоҳо қабул ва иҷро мешудааст [5, 553]. Лайлатулқадр - шаби 27-уми моҳи рамазон, ки дар Қуръон зикр шудааст. Қудсияти Лайлатулқадр дар он аст, ки дар шаби мазкур «нузули» Қуръон ба Муҳаммад оғоз ёфта буд. Ҳар сол дар ин шаб Аллоҳ гуё мувофиқи нияту муроди ҳар муъмин тақдирашро ҳал мекардааст. Аз ин рӯ, шаби Лайлатулқадрро зимни қироати Қуръон ва ниёиш ба Аллоҳу фариштагон дар масҷид мегузаронанд [3, 66].

Дар қасидаҳои Носири Хусрав шаклҳои **шаби қадр, лайли қадр, шаби ялдо** кор фармуда шудааст.

Қандил фурӯзи ба **шаби қадр** ба масҷид,
Масҷид шуда чун рӯзу дилат чун шаби Ялдо [4, 25].
Ӯ бар душанбеву ту бар одина,
Ту **лайли қадр** дорию ӯ **ялдо** [4, 65].

Номҳои мафҳумҳои фалакӣ, ки дар қасоиди Носири Хусрав ба кор рафтаанд аз назари моҳият, бузургӣ, шаҳомат ва нақш дар низоми коинот ба чанд даста чудо мешаванд:

- номҳои сайёраҳои бузург ба мисли Офтобу Маҳтоб;
- номҳои сайёраҳои коинот;

номҳои бурҷҳои фалакӣ, ки дар таквимҳои имрӯзаи мамолики исломӣ ба кор мераванд;

- номҳои ахтарон, ки вобаста ба ҳаҷм ва хусусияташон ҷиҳати ифодаи ягон ғояи бадеӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Барои ифодаи мафҳумҳои офтоб ва маҳтоб муродифҳои гуногун ба кор рафтаанд, ки аз ҷиҳати дараҷаи корбурд аз ҳам тафовут доранд. Дар силсилаи муродифоти офтоб-хуршед нисбат ба шед, хур, шамс ва меҳр корбурди васеътар доранд ва аз муродифоти ифодакунандаи мафҳуми моҳ-моҳтоб-қамар нисбат ба вожаи ҳилол ва бадр корбурди зиёдтар доранд.

Корбурди номҳои нуҷумӣ на танҳо барои ифодаи мафҳумҳои кайҳонӣ истифода шудаанд, балки дар баъзе мавридҳо ба маънии луғавӣ ва маҷозии ин вожаҳо корбаст шудааст. Инчунин муродифоти номвожаҳои кайҳонӣ низ мавриди корбурди шоир қарор гирифтаанд, ки аз ҷиҳати мансубияти забонӣ ба забони тоҷикӣ ва арабӣ тааллуқ доранд. Номвожаҳое, ки дар даврони қабл аз исломӣ дар заминаи забонҳои порсии бостон, авестоӣ ва паҳлавӣ арзи ҳастӣ намудаанд ва номвожаҳое, ки таҳти таъсири забони арабӣ дар забони тоҷикӣ корбурди васеъ пайдо намудаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Андреев М.С. Таджики далины Хуф / М.С. Андреев. – Душанбе, 1953. - Т.I. – 340 с.
2. Андреев М.С. Таджики далины Хуф / М.С. Андреев. – Душанбе, 1957. - Т.II. – 470 с.
3. Ислом. Маълумоти мухтасар / тарҷума аз русӣ зери таҳрири М.А. Иванов, С.Х. Комилов. – Душанбе, 1990. – 142 с.
4. Носири Хусрав. Девони ашъор / Носири Хусрав. – Душанбе, 2003. – 895 с.
5. Фарҳанги забони тоҷикӣ / дар зери таҳрири М.Ш. Шукуров, В.А.Капранов, Р. Ҳошим, [ва диг.]. - Москва: Советская Энциклопедия, 1969. – Ҷ.1. – 952 с., – Ҷ.2. – 948 с.
6. Муин Муҳаммад. Фарҳанги форсӣ /Муҳаммад Муин. – Теҳрон, 1375. - Ҷ.2, - Ҷ.5, - Ҷ.6.

КОСМОНИМИЯ В КАСИДАХ (ОДАХ) НОСИРА ХУСРАВА

Статья посвящена анализу употребления космонимов в поэтическом наследии Носира Хусрава, особенно в его касыдах. Космонимия в статье рассматривается по семантической и стилистической функции при выражении религиозно-философских идей. Также выявлены особенности синонимии в сфере космономии в поэзии Носира Хусрава.

Ключевые слова: касида, поэтоним, космонимия, зодиаки, планета, синоним, антропонимия.

KOSMONIMIYA IN KASIDAKH NOSIRA HUSRAVA

Article is devoted to the use analysis cosmology in poetical composition Nosira Husrava, especially in his kasidakh. Kosmonimiya in article is considered on semantic and stylistic function at expression religious philosophical ideas. Also the revealed features of a synonymic kosmonomiya in poetry Nosir Husrav.

Key words: касида, poetony, kosmonimiya, planet, synonym, antroponimiya

Сведения об авторе: ***С. Холикназарова*** - ассисент кафедры таджикского языка Хорогского государственного университета М. Назаршоева. Телефон: **938-47-95-00**

ОСОБЕННОСТИ АНТОНИМИЧЕСКОГО ПЕРЕВОДА И ЕГО КЛАССИФИКАЦИЯ В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

Исмоилзода Эрадж

Таджикский национальный университет

Ввиду того, что «перевод–это очень древний вид человеческой деятельности», без которой «трудно было бы представить такие хорошо известные исторические факты, как создание огромных империй, населенных многочисленными и многоязыкими народами; утверждение культуры господствующей нации, обладающей большим социальным престижем; распространение религиозных и социальных учений» [5, 12], он «играет роль в сближении народов», а «усиление интереса к художественному переводу всегда прямо пропорционально усилению интереса к культуре вообще» [6, 65]. И так как художественный перевод является процессом творческим, он требует соответственного подхода.

А творческая сущность художественного перевода, передающая дух подлинника, была выражена в следующих словах: «Близость к подлиннику состоит в предании не буквы, а духа сознания. Соответствующий образ, так же как и соответствующая фраза состоят не всегда в видимой соответственности слов: чтобы внутренняя жизнь переводного выражения соответствовала внутренней жизни оригинального выражения» [1, 11].

И для достижения этого мы используем различные переводческие трансформации, предусматривающие изменение как лексически и семантически, так и структуры.

Многие годы лингвисты-теоретики вступали в дискуссии по основным проблемам художественного перевода, пытаясь найти решения этих проблем. Это занимало огромное место в теории и практике перевода. Борясь с доставлявшими переводчику хлопотами, они вводили в перевод различные преобразования. Например, они ввели замены, которые являются самыми многообразными переводческими трансформациями, поскольку, в процессе перевода им могут подвергаться как грамматические единицы–формы слов, части речи, члены предложения, типы синтаксической связи–так и лексические, в связи, с чем можно говорить о грамматических лексических заменах. Ярким примером может служить антонимический перевод. И Бархударов Л.С. определяет его как широко распространенную комплексную лексико-грамматическую замену, сущность которой заключается в трансформации утвердительной конструкции в отрицательную, или наоборот отрицательной в утвердительную, сопровождаемую заменой одного из слов переводимого предложения ИЯ на его антоним в ПЯ [см.: 3, 121]. По мнению Комиссарова, антонимический перевод представляет собой крайнюю степень смыслового развития при переводе [5, 65]. Сущность приёма антонимического перевода заключается в использовании в переводе слова или словосочетания, имеющего значение, противоположное значению соответствующего английского слова или словосочетания в подлиннике.

Исходя из этого, мы видим, что теоретики сошлись во мнении, т.е., антонимический перевод–это «замена отрицательной или вопросительной формы предложения на утвердительную или наоборот» [4, 85]. Например, таджикские слова ***дуст доштан***, ***маҳқул будан*** будут прямыми соответствиями английским глаголам ***to love, to like*** и антонимическими соответствиями глаголам ***to hate, to dislike***. Само собой разумеется, что если просто перевести глаголы ***to hate, to dislike*** таджикскими глаголами ***дӯст доштан***, то это приведёт к грубому искажению смысла. Использование антонимического соответствия в переводе возможно лишь совместно с каким-либо отрицательным словом, снимающим противоположность значения всего сочетания (то есть ***дӯст надоштан***). Это может быть отрицательная частица или другое слово, имеющее отрицательное значение, например такие слова, как ***нестӣ***, ***норозигӣ***.

Прием антонимического перевода охватывает и такие случаи, когда в переводе используется не прямо противоположное по значению таджикское слово, а другие близкие ему по смыслу слова. Подобные слова будут так же являться антонимическими соответствиями. Например, антонимическим соответствием глаголу ***exclude–хориҷ кардан*** будет не только глагол ***дохил кардан***, но и такие глаголы, как ***қабул кардан***, ***роҳ додан*** и другие.

Изучая антонимический перевод, выявились несколько его разновидностей:

1) английская отрицательная конструкция, передаваемая таджикской утвердительной, а глагол заменяется таджикским антонимом. Такая двойная «замена знака» даёт в итоге то же самое значение предложения в целом:

Stradlater ***didn't say*** *anything. -Стрейлейтер* ***хомӯш монд****.*

She ***wasn't looking*** *too* ***happy****. -Ӯ каме* ***гамгин буд****.*

I ***am not kidding****. -Ман ба шумо* ***бе шухӣ мегӯям****.*

А так же имеет место обратная замена–утвердительной конструкции на отрицательную:

I ***mean*** *it too. -Ман* **риёкорӣ накардам**.

В целом при переводе на таджикский язык, указанный приём чаще имеет место при замене отрицательной конструкции на утвердительную:

That ***doesn't happen much****, though. -Ин* ***гоҳ-гоҳ рӯй медиҳад****.*

I ***don't hate too many*** *guys. -Ман* ***ками онҳоро бад мебинам****.*

I ***don't believe*** *this is* ***a smoker****.* ***-Боварӣ дорам****, ки ин вагон барои* ***сигор намекашидаҳо*** *нест.*

2) типичное применение антонимического перевода при передаче на таджикский язык английской конструкции с *not…(un)til… или unless…*; при этом *(un)til* (*unless*) заменяется на *танҳо вақте ки, танҳо (он вақт), ҳамон вақте ки* и другие, на те, которые могут в определённом смысле остаться его антонимами:

*He **did not** begin **to calm down until** he had cut the tops of every camellia bush Mrs. Dubose owned. –Ӯ каме **ба ҳуш омад танҳо ҳамон гоҳе**, ки ҳамаи сарҳо камелияҳро канд, хонум Дюбоз.*

*They gave me the wrong book, and I **didn't notice** it **till** I got back to my room. –Ман **танҳо** дар хона **дидам**, ки ба ман китоби лозимаро надодаанд.*

*I **didn't think** of it **till** we went half way through the park. –Ин ба ёдам **танҳо ҳамон вақт** омад, ки алакай дар нисфи богро гузушта будем.*

3) Когда отрицание выражается при помощи предлога **without**:

*He **never** met him afterwards **without asking** him. -Баъд аз ин **ҳар даъфаи** вохӯрӣ аз **менусид**.*

4) Если переводимое слово употреблено в оригинале в сочетании с отрицательной частицей, то в переводе антонимическое соответствие будет употреблено без отрицания:

*What wind blows you here? **Not an ill wind**, I hope?–Кадом шамолҳо шуморо ба ин тарафҳо овардааст? Умедворам, **шамолҳои форам**?*

5) Антонимы существуют и среди таких служебных частей речи, как предлоги и частицы:

***Keep** the child **out of** the sun. -Кӯдакро дар офтоб **надоред**.*

***Keep off** the grass. -Дар болои алаф роҳ **нагардед**!*

***Hang on**, please! -Гуширо **нагузоред**!*

***Stay out of** the sun! **-Дар** офтоб истодан **мумкин нест**!*

***Keep** clear **of** the door! **-Ба** дар катия **накунед**!*

***Authorized** personnel **only**. -Ба бегонагон даромадан **манъ аст**.*

6) Особой разновидностью антонимического перевода является замена прилагательного или наречия в сравнительной или превосходной степени прилагательным (наречием) в положительной степени или наоборот; сопровождаемая заменой «знака» конструкция (утвердительной на отрицательную или наоборот):

*I'm **the most terrific** liar you **ever saw** in your life. -Ман **хеле** дуруггӯй ҳастам–ҳамин гуна шахсро дар зиндагиатон **боре ҳам надидаед**.*

*It **wasn't as cold** as it was the day before. -Нисбати дирӯза **гармтар шудааст**.*

Комиссаров выделяет ещё одну разновидность антонимического перевода, при употреблении другой части речи [5, 85].

7) В следующем примере переводчик, применяя антонимический перевод, изменяет часть речи, передавая значение английского прилагательного при помощи таджикского наречия:

*The public are **not slow** in the matter of sifting evidence and arriving at a verdict. -Мардум дар суҳбатҳо ҳама вақт хеле **тез** далелҳоро ёфта айбро мебароранд.*

Использование наречия *тез* для перевода прилагательного *slow* не меняет сущности переводческого приёма.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Александр О.В. Английский синтаксис / О.В. Александр, С.Г. Терминасова. – М.: Изд-во МГУ, 1987. – С.185.
2. Арзуманов С. Д. Русско-таджикский словарь / С. Д. Арзуманов [и др.]. – М.: Русский язык, 1985. – 1280 с.
3. Бархударов Л.С. Язык и перевод / Л.С. Бархударов. – М., 1975. – 162 с.
4. Казакова Т.А. Translation technique / Т.А. Казакова. – М., 1984. – 125 с.
5. Комиссаров В.Н. Слово о переводе / В.Н. Комиссаров. – М., 1995. – 215 с.
6. Микушевич В. Вопросы теории художественного перевода / В. Микушевич. – М., 1995. – 215 с.
7. Шахобова М.Б. Опыт сопоставительного исследования строя таджикского и английского языков / М.Б. Шахобова. – Душанбе: Дониш, 1985. – С.252.
8. Ch. Dickens. David Copperfield / Ch. Dickens. – London: Penguin Books Ltd., 2006. – 192 p.
9. H. Lee. To kill a Mockingbird / H. Lee. – M.: Manager, 2004. – 272 p.
10. Salinger J. The Catcher in the Rye / J. Salinger. – London, 1976. – 456 p.
11. Jamghedov P. English – Tajik dictionary / P. Jamghedov, T.Riyozy. – Dushanbe: Paivand, 2005. – 800 p.
12. S. Maugham. A Creative Impulse / S. Maugham. – London, 1993. – 375 p.
13. S. Maugham. A Man with Conscience / S. Maugham. – New York, 1994. – 512 p.

ОСОБЕННОСТИ АНТОНИМИЧЕСКОГО ПЕРЕВОДА И ЕГО КЛАССИФИКАЦИЯ В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

В данной статье анализируются способы антонимического перевода с английского на таджикский язык. Также были выявлены различные типы антонимического перевода, основанные на передаче смысла предложений, взятых из английской художественной литературы.

Ключевые слова: антонимический перевод, классификация, передача, семантика, конструкция, предложение, глагол.

PARTICULARITIES OF ANATOMIC TRANSLATION AND ITS CLASSIFICATION IN ENGLISH AND IN TAJIK LANGUAGES

This article is considered the ways of anatomic translation from English into Tajik Language. Also was found some types of anatomic translation on basis of meaning expression of sentences from English literature.

Key words: anatomic translation classification, expression, semantic, constructions, sentence verb.

Сведения об авторе: ***Эрадж Исмоилзода*** - кандидат филологических наук, ассистент общеуниверситетской кафедры английского языка ТНУ Телефон: **918-31-03-88.**

САЙРИ ТАЪРИХИИ БАЪЗЕ НОМҲОИ ЭРОНИАСЛ Ё ХУД НОМҲОИ ЭРОНИАСЛИ БА ҚОНУНИЯТИ ТАЛАФФУЗИ ЗАБОНИ ҒАЙР МУТОБИҚШУДА

М.Б. Аюбова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Бисёрии ному вожаҳои эрониасл дар натиҷаи сайри таърихӣ ба қонунияти талаффузи забони иқтибосшуда мутобиқ гардида, ба худ шаклҳои гуногунро гирифтаанд. Бархе аз онҳо бо мурури замон дар либоси ғайр ба забони асл ворид гардида, дар қатори вожаҳои асл истифода шаванд, бархе ҷойи вожаи аслро гирифта, хеле фаъолу маъмул шудаанд. Аз ин рӯ, чунин вожаҳои эрониасли тағйирёфтаро барғалат аз ҷиҳати баромад ба дигар забонҳо нисбат медиҳанд. Чун намуна дар зер чанде аз чунин номвожаҳоро мавриди таҳлил қарор медиҳем, ки онҳо дар масири таърих чӣ гуна таҳаввулоти шаклу маъноро аз сар гузаронидаанд, аз қабили Фирдавс (<Парадаиза), Бек//Бег, Бой (<Бага), Тура//Тӯра (<Тур//Турак), Ҷавҳар, Ҷавоҳир (<Гавҳар) Фирӯз (<Пирӯз), Баҳодур, Ботур, Бойтур(а) (<Багатур), Анасита, Анахита, Ноҳид//Ноҳида (<Аноҳита), Рухшона, Раксана, Рохана (<Рахшона).

Баромади вожаҳои бой, бег//бек ба давраи бостони эронӣ **бага**, ки дар забони авастоӣ дар шакли baga «бахш». «бахт», «бахти нек», ҳузвориши бостонӣ bhaga «бахшандаи бахти нек»; дар таркиби номҳои форсии бостон Bagapigna, Bagabuxša, Bagadana, Bagayadi, форси миёна bag//beg//bay «Худо», «соҳиб», bagunam «худоён» мебошад, рафта мерасад, ки муҳаққиқи таърихи забонҳои эронӣ, профессор Д. Саймуддинов ҷанбаҳои гуногуни истифодаи онҳоро дар асари хеш «Форсии бостон» [9: 53, 163] ба таври дақиқ нишон додааст. Вожаи мазкур чун ҷузъи номи мураккаб дар номгузории мардуми қавму қабилаҳои гуногуни турку муғул низ вобаста бо хусусияти овозии соҳибзабонҳо дар вариантҳои гуногун–баг, боғ, баҒ, бай, пай, ба, баъ, бу, бӯ, маа серистеъмол мебошад. Дар забони муосири тоҷик вожаи «**бага»** дар шакли асл ба қатори калимаҳои матрук дохил шуда, дар шаклу маънои тағйирёфта дар калимаҳои бой «доро», соҳиб, бег//бек «соҳиб», «ҳоким», боғ «макони гулу дарахтони мевагӣ», боғбон «посбони боғ», ва номҳои хоси Бег//Бек, Бой, Бағдод ба маънои «Худодод», Бойтур//Бойтӯра, Баҳодур ба маъноҳои «далер, паҳлавон, пурқувват» мустаъмал мебошад.

Вожаи Тура//Тӯра низ аз ҷиҳати баромад мансуби давраи қадим буда, дар осори давраҳои қадиму миёнаи форсӣ тоҷик дар шаклҳои Тур, Тура, Турон**,** Турак ба маънои "далер", "чолок", "шуҷоъ" қайд гардидааст [1, 138;11;9;]. Дар "Шоҳнома"- и Фирдавсӣ номи писари дуюми Фаридун аст, ки онро дар озмуни аз ҷониби падараш ташкилшуда барои шуҷоатмандиву далериаш соҳиб гашта, аз рӯйи тақсимот солори Турку Чин (мамлакатҳои шимоли ориёиён) таъйин шудааст [10, 147].

Тура дар натиҷаи сайри таърихӣ дар забони муғулӣ нуфуз пайдо намуда, дар якҷоягӣ бо вожаи «бага» дар шакли Бағатур // Байатур, номи яке аз худоёни бузурги буддоии халқи муғулро, ки ба инсон ҷасурӣ ва қуввату зиндагӣ мебахшад, ифода менамояд [7, 157]. Дертар вожаи Тура//Тӯра лақабу унвон ва рутбаи сарвару пешвоёни ҳарбӣ ва наздикони онҳо мегардад, ки ин ҳам омили худро дошт: сарвару пешвоёни ҳарбӣ, сарлашкарон чун соя ва назаркардаи Худои ҷасурӣ–Бағадур маҳсуб мешуданд [7, 159]. Зикр кардан бамаврид аст, ки вожаи Тура//Тӯра ба маънои сарлашкар дар яке аз муҳраҳои шоҳмот низ тасвир гардидааст.

Ба сабаби дар якҷоягӣ бо ном истифода шудани унвону рутбаи Тура//Тӯра ва яке аз таркибҳои номи Худо Бағатурро ташкил кардани он тадриҷан бо тобишҳои кӯҳнаву нави маъноӣ – «ҷасур», «соҳиб», «паҳлавон», «ҳоким» чун ифодагари мақсад ва орзуву ормонҳо яке аз ҷузъҳои номро ташкил дода, дар шаклҳои алоҳидаву мураккаб (хусусан бо ҷузъи «бага» ва вариантҳои он) вобаста бо хусусияти овозии соҳибзабонҳо дар номгузории мардуми одии қавму қабилаҳои гуногуни турку муғул низ серистеъмол мегардад. Дар таркиби номҳои мураккаб мисли вожаи «бага» ба хусусиятҳои овозии соҳибзабонон мутобиқ гардида, шаклу вариантҳои гуногунро ба худ гирифтааст: тур, тура, та(р), ты(р), (т)ыр, тр, дур, ду, дыр: Бага, Багдыр, Багадыр, Бағдыр, Бағатур, Бағадур, Байатур, Байатар, Бата, Байдыр, Байыр, Батыхан, Батырхан, Батырлай, Байду<Бойтур, Батыр//Ботур, Байдан, Батпай < Батырбай, Баътр, Богдыр, Бута//Бӯта, Баян, Байим//Бойим, Маадыр (хоси номи занона) < Багадыр, Туркан, Туркай, Турхан, Турпай//Турапай, Турхантей, Туралай, Аватар ва ғайра [8].

Дар забони муосири тоҷик вожаи «тур» мисли «бага» дар шакли асл ба қатори калимаҳои матруку номаъмул дохил шуда, танҳо дар таркиби номвожаҳои Бойтур//Бойтӯра, Баҳодур, Тур, Тура//Тӯра, Турон//Тӯрон, Турак, Туроншо//Тӯроншо, Тӯронбег, Турабег//Тӯрабек, Турахон//Тӯрахон, Тураҳасан//Тӯраҳасан, Тӯрақул, Тураҷон//Тӯраҷон боқӣ мондаанд.

Имрӯзҳо дар забони тоҷикӣ вожаи «баҳодур// Баҳодур» дар шакли исми сода, рехта, ҷинс ва хос на ба маънои Худои ҷасуриву паҳлавонӣ, балки ба маънои ҷасур, пурқувват мустаъмал мебошад. Қобили зикр аст, ки дар забонҳои словянӣ низ вожаи мазкур вобаста ба хусусиятҳои овозии забони словянӣ дар шаклу вариантҳои гуногун, маъноҳои аслу ба ҳам наздик ва нав вомехӯранд: бог (Худо), богатыр (паҳлавон), богатый (доро), Богдан (Худодод).

Ба сабаби дар номгузории турку муғул сермаҳсулу серистеъмол будани вожаҳои бег//бек, бой ва тура//тӯра онҳоро барғалат туркиасл мехонанд. Қобили зикр аст, ки дар номгузории турку муғул вожаҳои эрониасл дар шаклҳои аслу тағйирёфта ва омехта фаровон мушоҳида мешаванд [8].

Олтойӣ: Багбан//Байбан < Багбан // Боғбон (дар номгузорӣ маънои «Худо ҳомӣ»-ро дорад), Мардбай, Мартан < Мардон;

Бошқирӣ: Азат < Озод, Аскар, Асыл < Асил, Байсар, Байсура, Байрамғол < Байрамгул, Айнур «моҳнур», Айбану «моҳбону», Бедригол < Бадригул, Биби, Голбаный < Гулбону, Голгене < Гулгуна, Голжен<Гулҷон, Голзер < Гулзор, Голзада < Гулзода, Бибигол<Бибигул, Гауҳерия < Гавҳарӣ, Голфоруза < Гулфирӯза, Буран < Бӯрон, Бахти, Бикхужа.

Қарочиву балқарӣ: Бекмырза// Мырзабек, Науруз, Фирдаус;

Қумиқӣ: Батыр, Баммат<Боймуҳаммад, Даниял<Дониёр, Тажютдин < Тоҷиддин, Паша”подшо”, Гюлжан< Гулҷон, Шагърузат < Шаҳрӯза.

Нуғайӣ: Аьскербий, Базарбай, Алибек, Анвар, Айпаре «моҳпарӣ», Паризат<Паризод.

Тоторӣ: Былбыл “булбул”, Азат «озод», Айназ «моҳноз», Айбак “моҳбек”, маҷ. “соҳиби зебо”, Айбигем “соҳибаи зебои ман”, “моҳбону”, Байтура “соҳиб”, Байморза, Байхужа, Баҳуман < Ваҳуман \\ Баҳман «андешаи нек», Бикмулла “муллои калон”, Бостан “бӯстон”, Буранбай, Бурангол “бӯронгул”, Багданур “нури худодод”;

Тувагӣ: Бады-Лама «баҳодур Лама», Маадыр (хоси номгузории занона) < Багатур.

Чувашӣ: Турхан.

Бурятӣ: Баатар//Бата // Байатар < Багатур, Баян (аз бой +он) «бой».

Қалмыкӣ: Бага, Байдр // Байдыр, Байдан, Богдыр.

Маригӣ: Акпатыр < Акбатыр «паҳлавони сафед», Эшпай<Эшбой, Байбатыр, Рустан < Рустам // Руслан, Давлатша, Бекмырза.

Фирдавс муарраби вожаи эрони қадим paradaiza «он сӯйи диж» (аз пешоянди para «он сӯйи», «параи, бари, паҳлӯи» ва исми daiza > diz > dij «қалъа, ҳисор, диж») мебошад. Paradaiza дар натиҷаи сайри таърихӣ дар забони юнонӣ paradeisos //

paradiz талаффуз гардида, бо маъноҳои «дар қалъа», «дар боғи қалъа», «дар боғ» [4, 508] мустаъмал мешавад. Ба забони арабӣ вожаи мазкур дар шакли талаффузи юнонӣ ворид гардида, ба қонунияти талаффузи забони арабӣ мувофиқ шуда, ба худ шакли firdavs ва маъноҳои «биҳишт», «боғи биҳишт»-ро мегирад. Айни замон дар забони тоҷикӣ шакли қадимаи вожаи мазкур (paradaiza) матрук гардида, шакли муарраби он (фирдавс) ба маънои «биҳишт», «боғи биҳишт» маъмул мебошад.

Рухшона // Рахшона номи машҳур буда, ҳам дар номҳои мардуми Шарқ ва ҳам Ғарб мустаъмал мебошад. Он дар мадракоти давраи қадим дар шакли Raočanak (Раочанак)) омада, дар забони юнонӣ ба шакли Rukšana (Рукшана) // Roxana (Рохана//Роксана) ифода гардидааст.

Дар давраи форси миёна дар шаклҳои Ravšanak (Равшанак)-Ruxšonak (Рухшонак)–Ruxšona (Рухшона), форси нав Ruxšona (Рухшона) // Raxšona (Рахшона) ва дар забонҳои аврупоӣ дар шаклҳои Raksana (Раксана), Raksalana (Раксалана) ба маънои "дурахшон", "равшан", "дорои нур" омадааст. Дар маъхазҳои гуногуни таърихӣ номи зани Искандар будани Рухшона яқинан зикр шудааст, вале роҷеъ ба фарзанди кӣ будани ӯ маълумотҳо мухталифанд.Чунончи, дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ номи духтари шоҳ Дорост, бино бар маъхазҳои таърихӣ ӯ гоҳ духтари ашрофи Суғд Уксорт [2, 131], гоҳе духтари яке аз ашрофони Бохтар ва гоҳе духтари бадахшонӣ мебошад.

Аноҳито аз 3 ҷузъ пешванди инкории **ан-**, решаи оҳит «олуда» ва пасванди ҷинси занонаи **-а** таркиб ёфта, дар «Авасто» ва мадракоти давраи қадим дар шакли Anāhitā, дар давраи форси миёна ва нав дар шаклҳои Аноҳито//Анаҳита//Ноҳид(а) айнан маънои "беолоиш", "пок"-ро додааст, дар "Авасто" [1, 164; 2, 84; 5, 33, 6, 48] номи рӯд ва фариштаи об, олиҳаи зебоиву покӣ мебошад. Дар давраи миёна ва нав дар шакли кӯтоҳ (Ноҳид) номи дигари сайёраи Зӯҳро мебошад, ки онро мутрибаи фалак, олиҳаи зебоӣ, хушиву хурсандӣ, покиву софӣ меноманд (10, 464). Дар номгузории тоҷикон, осетинҳо, арманҳо номи мазкур дар шаклҳои // пурраву тағйирёфта (Аноҳито, Анаҳита), шакли аврупоӣ (Анасита) мустаъмал мебошад. Шакли кӯтоҳшудаи он Ноҳид ва Ноҳида (бо иловаи пасванди муаннассози -а) дар номгузории мардуми Тоҷикистон, Афғонистон, Эрон, Туркия вомехӯрад.

А Д А Б И Ё Т

1. Авеста. Избранные гимны / перевод с авестийского и комментарии проф. И.М. Стеблин-Каменского. – Душанбе: Адиб, 1990. - 176 с.
2. Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон / Б.Ғ. Ғафуров. - Душанбе:Ирфон, 1983. - Қ.1. - 704 с.
3. Ғиёсиддин Муҳаммад. Ғиёс-ул-луғот Х.I / Муҳаммад Ғиёсиддин. – Душанбе: Адиб, 1987. – 480 с.
4. Л.П. Крысин. Толковый словарь иноязычных слов / Л.П. Крысин // Русский язык. – Москва, 2003. – 858 с.
5. Кузьмина А.Н. Современная персидская антропонимия. Личные имена / А.Н. Кузьмина // ДК. – М., 1985, 61, 86. - 10/88.
6. Мирзозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик / Х. Мирзозода. – Душанбе: Маориф, 1987. - Қ.I. - 488 с.
7. Поппе Н.Н. Описание монгольских «шаманских» рукописей Института востоковедения / Н.Н. Поппе // Записи Института востоковедения АН СССР. – Л.: Изд. АН СССР, 1932. – С.151-200.
8. Справочник личных имён народов РСФСР. - Москва: Русский язык, 1979. – 575 с.
9. Саймуддинов Д. Форсии бостон (овошиносӣ, овонавишт, грамматика, катибаҳои мехӣ ва вожанома) / Д. Саймуддинов. - Душанбе, 2008. - 190 с.
10. Фарҳанги забони тоҷикӣ (иборат аз ду ҷилд). - М.: СЭ, 1969. - 952 с.
11. Фирдавсӣ Абулқосим. Шоҳнома / Абулқосим Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1987. - Ҷ.1. – 480 с.

ИРАНСКИЕ ИМЕНА ПРЕТЕРПЕВШИЕ ПРОЦЕССЫ АДАПТАЦИЙ В ДРУГИХ ЯЗЫКАХ

Из группы имен и элементов иранского происхождения, можно привести огромное количество антропонимов, претерпевшие процессы адаптации в других языках. Определенная часть этих антропонимов, изменившиеся под влиянием фонетических и грамматических закономерностей других языков, которые заимствовали их, вернувшись назад в исконные места, сохранили изменённую форму. Эти антропонимы, с одной стороны, активно используются вместо вышедших из употребления первоисточников (оригиналов), с другой стороны, используются вместе оба варианта одного того же имени заполняя друг друга.

Ключевые слова: имена иранского происхождения, антропонимы, варианты имени, Фирдавс (<Парадаиза), Бек//Бег, Бой (<Бага), Тура//Тӯра (<Тур//Турак), Ҷавҳар, Ҷавоҳир (<Гавҳар) Фирӯз (<Пирӯз), Баҳодур, Ботур, Бойтур(а) (<Багатур), Анасита, Анаҳита, Ноҳид//Ноҳида (<Аноҳита), Рухшона, Раксана, Рохана (<Рахшона).

IRANIAN NAMES HAVE UNDERGONE THE PROCESS OF ADAPTATION IN OTHER LANGUAGES

From the groups of names and elements of Iranian rising up, can bring a huge namber of anthroponyms which had undergone the process of adaptation in other languages. Some definite part of thiseanthroponyms were changed under influence of phonetical end grammatical regulation of other languages,which borrowed them end returning them to their origin places, save the modified form. On the one hand these anthroponymsactively instead of primary sources (original), on the other hand they are used with both variant of the same names by filling each other.
Keywords: names of Iranian origin, anthroponomy, variant names, Firdaus (<Paradaiza), Beck // Beg, Boy (<Baga) Tur // Tear (<Tur//Turak) Javhar, Javohir(<Gavhar), Firuz (<Piruz) Bahodur, Botur, Boytur(a) (<Bagatur) Anasita, Anahita, Nohid // Nohida (<Anohita) Rukhshona, Raks

Сведения об авторе: ***М.Б. Аюбова*** **-** кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского языка и методики преподавания таджикского языка и литературы ТНУ. Телефон: **918-80-06-59**

СУФФИКСАЛЬНОЕ СЛОВООБРАЗОВАНИЕ ПРИЛАГАТЕЛЬНЫХ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Н.С. Нурматова

Таджикский государственный педагогический университет им.Садриддина Айни

Изучению суффиксального словообразования прилагательных в системе языка стоит уделить особое внимание. Владея знанием правильного образования, степеней прилагательных, мы сможем грамматически правильно употреблять прилагательные и его суффиксальное словообразование в языке. Целью данной статьи является специфика прилагательных, изучение морфологической и синтаксической характеристики суффиксального словообразования в сопоставляемых языках. Настоящий анализ позволит прежде, чем выучить колоссальное количество прилагательных, сформировать четкое понятие о его формировании, какие бывают степени прилагательных в языке, а также знать порядок слов. Все эти знания помогут нам правильно использовать словообразование прилагательных в сопоставляемых языках.

Грамматика таджикского языка считается молодой и до конца не изученной, в ней еще много вопросов на которые нам только предстоит ответить. Но сам язык, корнями которого являются фарси и дари, можно смело назвать красивейшим и древним. За этот период в процессе изменений в нем появились немало словообразований, которые мы посчитали четкими и красивыми и которые так полюбились. Так же и один из древнейших языков как английский, с колоссально изученной грамматикой, и которая не перестает быть предметом изучения. Разумеется выбор данных языков для изучения в сопоставлении не случаен.

Прилагательное английского языка это лексико-семантический класс предикатных слов, обозначающих непроцессуальный признак (свойство) предмета, события или другого признака, обозначенного именем. Прилагательное обозначает либо качественный признак предмета вне его отношения к другим предметам, событиям или признакам, либо признак относительный, обозначающий свойство предмета через его отношение к другому предмету, признаку, событию. Семантической основой прилагательного является понятие качества. Качественный признак доминирует в значении прилагательного, которое легко развивает качественные семы. Прилагательное само по себе не имеет денотации и соотносится с денотатами только через посредство определяемого им существительного. Поскольку прилагательное соотносится с денотатом только через посредство определяемого им существительного, оно всегда семантически связано с последним. Эта связь осуществляется двумя способами: прилагательное выступает либо как определение при существительном, образуя атрибутивную конструкцию, либо как предикат или часть предиката, соединяясь с существительным через глагол связку. Признак атрибутивности/предикативности часто вводят в определение прилагательного как его основную функциональную особенность [3, 37].

Здесь наши сопоставляемые языки солидарны и отличаются лишь в деталях. Можно сказать, что прилагательное таджикского языка отличается лишь тем, что его еще предстоит изучить. Словарный состав любого языка находится в состоянии непрерывного изменения. Одна из закономерностей развития словарного состава языка заключается в пополнении его новыми словами. Пополнение происходит двумя путями: во-первых, за счет заимствования из других языков, а во-вторых, путем образования новых слов, то есть с помощью словообразования. Термин «словообразование» понимается двояко: с одной стороны, словообразование–это система способов и средств образования новых слов по определенным моделям, а с другой–это учение о способах и средствах образования новых

лексических единиц, а также о словообразовательной структуре уже созданных слов [2, 6, 9].

Суффиксы, являясь одними яз важнейших помощников при словообразовании, способны указывать на принадлежность слова к той или иной части речи, иногда указывают лексико-семантический разряд нового слова, нередко имеют оценочно-стилистическое значение, указывая на отношение говорящего к обозначаемому явлению или на стилистическую принадлежность слова. Поскольку суффикс признается особым классом морфем, а морфема есть знак, следовательно, суффиксу, как и любому другому языковому знаку, присуще значение[7].

О.Д. Мешков в своей книге «Словообразование современного английского языка» указывает на то, что суффиксы можно подразделить на терминальные и нетерминальные. Терминальные суффиксы могут занимать только конечное положение в слове. К ним можно отнести суффиксы–**ship,-let,-hood,-ness,-al.** Например: **friendship, kindness, brotherhood.** Нетерминальные суффиксы способны присоединять после себя другие суффиксы, например, **reader–readership.** Терминальные суффиксы в свою очередь, составляют определенные семантические группы. Так, например, суффиксы**–al, -hood,-ness,-ship–**суффиксы абстрактных имен существительных. Такие суффиксы как:**-kin,-let, -ling–**составляют семантическую группу со значением уменьшительности. Суффиксы феминизациии**–enne,-ess** также являются терминальными. Они обозначают людей и животных женского пола. Слова с этими суффиксами не участвуют в дальнейшем словопроизводстве[4, 64, 66].

В свою очередь П.М. Каращук в своей книге «Словообразование в английском языке» делает акцент на подразделение всех производных существительных на образования с помощью агентивных суффиксов и на образования с помощью абстрактных суффиксов. Из всех агентивных суффиксов существительных**–er** является самым продуктивным.[5, 286] В древнеанглийском языке с помощью этого суффикса от существительных и глаголов производились существительные, обозначающие лиц, занимающихся тем видом деятельности, на который указывает производящая основа: *cartere (carter) возчик; utridere (outrider) верховой, сопровождающий экипаж; writere (writer) писец, переписчик, писатель* К среднеанглийскому периоду восходят такие существительные с суф.**–er**, как *builder (строитель), bookbinder (переплетчик), hatter (шляпник), hunter (охотник), saddler (седельник, шорник), weaver (ткач).* В этот период значение суффикса расширяется. Прежде всего, появляются существительные, у которых **–er** указывает на принадлежность к определенной местности: *Londoner, Englander, etc.* В дальнейшем (с раннего английского периода)**–er** развивает, помимо агентивного значения, также и орудийное. Это связано с тем, что с развитием техники целый ряд приспособлений, инструментов, приборов и т.п. стал выполнять ту работу, которую прежде приходилось делать человеку.

Например: *roller 'валик', knocker 'дверной молоток', etc*. В настоящее время суффикс**–er** обладает большой продуктивностью и широкой употребительностью и сохраняет агентивное и орудийное значения: соответственно**–er1 и–er2**. Если раньше этот суффикс мог сочетаться только с основами глаголов и существительных, то сейчас он, хотя и в редких случаях, образует новые существительные от основ прилагательных и числительных. Присоединяясь к основам существительных, суф**–er** выражает значение жителя определенной местности (города, деревни, страны), на которую указывает основа: *borderer 'житель пограничной полосы', villager (житель деревни), hosteler (студент живущий в общежитии), islander (островитянин), New Yorker (житель Нью-Йорка)*. Иногда суф.**–er** выражает значение–«человек такого возраста, на который указывает словопроизводящая основа». Такие существительные образуются от основ числительных: *fifteeners and sixteeners (юноши пятнадцати и шестнадцати лет), forty-niner (сорокадевятилетний человек)* [2, 74-82].

В современном английском языке встречается много жаргонизмов «slang words», имеющих в своем составе **-er1** и **-er2.** Подобные слова образуются от глагольных основ. Здесь суф.**-er1** выражает агентивное, а **-er2** орудийное значения. Например: *blighter (неприятный, нудный человек, губитель) - to blight (разбивать надежды, отравлять удовольствие); bounder (невоспитанный, шумливый человек) - to bound (прыгать, скакать); crammer (репетитор, натаскивающий к экзамену) - to cram (вбивать в голову, втолковывать, натаскивать к экзамену).* Характерной особенностью суф. **-er1** и **-er2** является то, что в современном английском языке они употребляются для образования сложнопроизводных существительных. Например: *can-opener (консервный нож), icebreaker (ледокол), tooth-picker (зубочистка), bitter-ender (тот, кто не идет на компромисс), first-nighter (тот, кто посещает премьеры), three- decker (трехпалубное судно), two-seater (двухместный автомобиль), six- bedder (шестиместная комната).*

Таким образом, можно с уверенностью сказать, что суффиксы **-er1** и **-er2** обладают почти абсолютной продуктивностью, т. е. потенциальной способностью производить новые слова с агентивным и орудийным значениями [1, 85-87].

Словообразование является основой каждого языка, и изучая одну из сторон данной сферы, нельзя не подметить очевидную актуальность настоящей темы. Несомненно, с самого истока до сегодняшнего современного вида, язык формировался, менялся и усовершенствовался, и следуя за ходом этой невероятной трансформации, мы анализируем, разбираем и изучаем не только для улучшения языка или его анализа, но и для оживления истории, как языка, культуры, страны так и целой цивилизации.

Суффиксальное словообразование прилагательных, будучи объектом изучения данной статьи, было раскрыт наряду с определением основ прилагательного английского и таджикского языков. Приведены разъяснения основ правил с сопоставлением. Приведено немало примеров из трудов ведущих ученых о суффиксальном словообразовании, не без упоминании одного из самых продуктивных суффиксов –er – который обладает почти абсолютной продуктивностью, т. е. потенциальной способностью производить новые слова с агентивным и орудийным значениями.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Блох М.Я. Теоретическая грамматика английского языка / М.Я. Блох. - М.: Высш. школа, 1994. – С.85, 87,221.
2. Ильиш Б.А. История английского языка / Б.А. Ильиш. – М.: 1968. – С.74, 82, 120.
3. М.В. Карпетян. Лекции по теоретической грамматике английского языка / М.В. Карпетян. – Владимир, 2008. – С.37.
4. Мешков О.Д. Словообразование современного английского языка / О.Д. Мешков. – М.: Высшая школа, 1985. – С.64,66,187.
5. П.М. Каращук. Словообразование в английском языке / П.М. Каращук. – Москва: Высшая школа,1977. - С.286-302.
6. А.Н. Ильина. Словообразование в современном английском языке: учебное пособие для студентов / А.Н. Ильина, С.Г. Кибасова. – СПб.: Изд-во СПбГУЭФ, 2012. – С.6-9.
7. Н.А. Ермакова. Морфологические способы словообразования / Н.А. Ермакова. [Электронный ресурс] http://www.pglu.ru/lib/publications/University_Reading/2012/VIII/uch_2012_VIII_00012.pdf

СУФФИКСАЛЬНОЕ СЛОВООБРАЗОВАНИЕ ПРИЛАГАТЕЛЬНЫХ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Статья посвящена изучению суффиксального словообразования прилагательных на примере сопоставления в английском и таджикском языках. Наряду с определением автор анализирует способы словообразований продуктивных и непродуктивных суффиксов в сопоставляемых языках.

Ключевые слова: словообразование, суффиксация, имя прилагательное, продуктивный и не продуктивный суффиксы, термальность.

DERIVATION OF SUFFIXED ADJECTIVES IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

The article examines the suffixal derivation of adjectives in comparison in English and Tajik languages. Along with the definition, author analyzes the ways of word-formations of productive and not productive suffixes in comparable languages.

Key words: word formation, suffixes, adjective, productive and not productive suffix, Thermal.

Сведения об автора: ***Н.С Нурматова*** - соискатель Таджикского государственного педагогического университета им. Садриддина Айни.Телефон: **927-56–07–68. Nazokathon.nurmatova@mail.ru**

ВАЗЪИ КУНУНИИ ЗАБОНИ САРИКӮЛӢ ВА ТАҚДИРИ МИНБАЪДАИ ОН

Х.Ш. Кабиров

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Таъриху сарнавишти тоҷикони муқими Чин мисли зиндагиномаи ҳазорон ҳазор тоҷики бурунмарзӣ пургирех, мураккаб ва талх мебошад.

Тибқи маълумоти мадраку санадҳои фаровони таърихиву бостоншиносӣ ва маводи забоншиносӣ олимон ба хулосае омаданд, ки ҳавзаи Шинҷон, яъне Бухорои Хурд, ки баъдан ба номи Туркистони Шарқӣ ва алҳол ба номи ноҳияи худмухтори Синзяну Уйғур маъруф аст, аз аҳди бостон то қарнҳои охир минтақаи зисти ниёгони мо будааст. Хусусан, ковишу ҷустуҷӯҳои амиқи олимони шаҳир Б. А. Литвинский, А.С. Давидов, М. Бобохонов, Н. Неъматов, Г.М. Маитдинова, Ю. Яқубов, Ҳ. Шарифов ва даҳҳо муҳаққиқони хориҷӣ низ ба таври эътимодбахш собит намудаанд, ки аҳолии ин минтақа, яъне ҳавзаи Шинҷон аз нигоҳи антропологӣ (қиёфашиносӣ), яъне аз нигоҳи қиёфаву андом тоҷикона буда, бо вуҷуди туркшавии забони эшон, қиёфаи азалии ориёӣ дар чеҳраи онҳо ҳувайдост.

Ҳудуди интишори қабилаҳои эрониро аллома Бобоҷон Ғафуров дар асари безаволаш «Тоҷикон» низ қайд менамояд, ки: «Дар замонҳои қадим маҳалли паҳншавии забонҳо ва тоифаҳои эронӣ назар ба асрҳои миёна ва давраи нав хеле васеътар буд. Вай сарзамини паҳновареро аз Европаи Ҷануби Шарқӣ то Туркистони Шарқӣ ва аз назди Урал то Ҷануби Эронро фаро мегирифт» [Ғафуров, 1998, 50] ва тибқи воқеияти таърихӣ... олимон Туркистони Шарқӣ ё худ Синзяни ҳозираро яке аз гаҳвораҳои тамаддуни мардуми эрониасл меҳисобанд ва онро барҳақ ба ҳудуди этникии халқи тоҷик дохил мекунанд [9, 31].

Тоҷикони муқими Ҷумҳурии Мардумии Чин (ҶМЧ) низ аз ҷумлаи он ҳаммиллатони мо мебошанд, ки бо ҳукми тақдиру беадолатии таърих, яъне дар асари шартномаи соли 1895 байни Русия, Чин ва Британияи Кабир оид ба муқаррар намудани марзҳои сиёсӣ, яъне сарҳадот, ки бо усули табартақсимкунӣ (истилоҳи академик Р. Масов) сурат гирифта буд, тоҷикони сарикӯлӣ (на сариқӯлӣ) ва теъдоде аз вахониёни аз ҷабри зулму шиканҷаи амалдорони афғон фироркардаву ҷон ба саломатбурда ба давлати Чин мутааллиқ ва тобеъ мешаванд.

Бояд зикр кард, ки оид ба шумораи тоҷикони маскуни Чин маълумотҳо мухталиф мебошад, зеро ки онҳо ба сурати пароканда умр ба сар мебаранд. Агар дар музофоти тоҷикнишини Тошқӯрғон дар ҳудуди тақрибан 30 ҳазор тоҷик, асосан сарикӯлиҳо, сарҷамъона зиндагӣ кунанд, аммо вахониҳо бештар ба таври парешон дар ҳудуди волостҳои миллии Зарафшон, Тор, Навобод, Озодобод ва дигар мавзеъҳои мухталифи тобеи Кошғар (Кошғар-кӯҳи (санги) яшм, ки туркзабонҳо онро ба талаффузи худ созгор намуда, Қошғар мегӯянд) сукунат доранд ва дар маҷмӯъ теъдоди тоҷикони Чинро беш аз 50 ҳазор ба қалам додаанд. Дар ҳудуди музофоти (ноҳияи) тоҷикони худмухтори Тошқӯрғон, ки он беш аз 30 ҳазор нафар аҳолӣ дорад, 80%-ро тоҷикон ташкил медиҳанд.

Ноҳияи тоҷикони Тошқӯрғон, ки 17 сентябри соли 1954 ҳукумати Чин онро ҳамчун ноҳияи худмухтори тоҷикон расман эътироф намудааст, тобеи ноҳияи (вилоят-К.Х.) худмухтори Синзяну Уйғур мебошад.

Ҳудуди ноҳияи тоҷикониТошқӯрғон 25 ҳазор км^2 ро ташкил дода, аз сатҳи баҳр дар баландии 3600 метр қарор дошта, бо Тоҷикистону Афғонистон ва Покистон ҳаммарз буда, Помири шарқии Чин низ номида мешавад. Тоҷикони сарикӯлӣ (Тошқӯрғон) тақрибан то соли 1936 бо забони форсии тоҷикӣ таълим мегирифтанд ва баъди ин сол таълим ба ин забон тадриҷан маҳдуд гардида, таълиму тадрис ба забони уйғурӣ ва чинӣ ба роҳ монда шудааст. Забони сарикӯлӣ дар муҳити хонаводагӣ ва муоширати байни худ истифода мешаваду халос. Тоҷикони Тошқӯрғон аз матбуоти ҳудӣ низ маҳруманд. Ҷавонон забони тоҷикиро намедонанд. Куҳансолоне, ки аз забони форсии тоҷикӣ огоҳанд, теъдодашон ангуштшумор мебошанд.

Аз насли ҷавону миёнасол, яъне онҳое, ки ба форсии тоҷикӣ баладанд, курсҳои ташкилнамудаи Ройзании фарҳангии сафорати Эронро хатм намудаанд (Ройзании фарҳангии сафорати мазкур ду курс: 6-моҳа ва 8-моҳа дар Тошқӯрғон ва дар назди Донишгоҳи Синзян ду гурӯҳ: дар давраи якум 32 нафар ва дар давраи дуюм 28 нафар ба муддати якунимсолӣ забони форсӣ омӯхтаанд, ки ҳамаи ин иқдомҳо бо ташаббусу талошҳои профессори Донишгоҳи Синзян Замири Саъдуллозода амалӣ гардид).

Зикри як нукта муҳим аст, ки ҷавонони сарикӯлӣ барои аз бар намудани забони тоҷикӣ таваҷҷуҳи хос дошта, хусусан, баъди соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон майлу рағбати онҳо барои омӯзиши забони тоҷикӣ хеле афзун шудааст, Чунончи, курсе, ки проф. З.Саъдуллозода дар назди Донишгоҳи Синзян дар рӯзҳои якшанбе (рӯзи истироҳатӣ) ташкил намудааст, тақрибан 30 нафар ҷавонони гуногунпеша ҷамъ шуда, забони тоҷикӣ меомӯзанд.

Ҷойи таъкид аст, ки мавсуф дар муаррифӣ намудани илму фарҳанги тоҷикон ва адибони тоҷику форс хизматҳои шоиста кардааст. Ӯ барои ба роҳ мондани таълиму тадрис ба забони форсии тоҷикӣ талошҳо дорад ва бо таассуф мегӯяд: «Забони тоҷикӣ дар Чин бепушту паноҳ аст, яъне танҳо дар ҳудуди хонаводагӣ истифода мешавад. Таълим дар кӯдакистону дабиристонҳо ба забонҳои уйғурӣ ва чинӣ сурат мегирад… Тоҷикони Чин дар сурате ба комёбиҳои муваффақ мешаванд, ки агар ба забони модариашон таълим гиранд, тоҷикӣ андешанд ва тоҷикӣ нависанд» [7, 4].

Воқеан, ҳукумати Чин нисбати забони ақаллиятҳои миллӣ ягон маҳдудиятеро муқаррар накардааст. Хусусан, дар нисбати тоҷикон таваҷҷуҳи бештаре эҳсос мешавад ва онҳоро мардуми хушахлоқу меҳнатқарин эътироф мекунад. Ҳатто дар омори расмии Вазорати умури дохила омадааст, ки дар 20 соли охир дар ҳудуди ноҳияи Тошқӯрғон ягон ҳодисаи ҷиноӣ ва ҳуқуқвайронкунӣ ба қайд гирифта нашудааст. Дар мавриди забони таълим бошад, забони чинӣ ба сифати забони ягонаи давлатӣ барои ҳама ҳатмӣ муқаррар шуда, ақаллиятҳои миллӣ забони

дуюмро ихтиёран интихоб мекунанд. Чун тоҷикони Тошқӯрғон тобеи Кошғар мебошанд, уйғурон барои тоҷикон маҳдудиятҳои беасосро пеш гузоштаанд.

Аввалан, тавре ки зикр шуд, ноҳияи тоҷикони Тошқӯрғон, ки беш аз сӣ ҳазор аҳолӣ дорад, дар маркази даҳ ҳазор нуфусдоштаи он танҳо як мактаби маълумоти миёнаи пурра (12-сола) ва як омӯзишгоҳи касбӣ-техникӣ амал мекунаду халос. Як мактаби 12-солаи дигар барои тоҷикон дар ш. Кошғар фаъолият мекунад, ки на ҳар як тоҷики хоҳишманд аз ҷиҳати молиявӣ имконият дорад, ки дар он ҷо таҳсил кунад. Магар барои тоҷиконе, ки теъдодашон беш аз 50 ҳазорро ташкил мекунад, магар ду мактаби миёнаи пурра кифоят мекунад? Магар ин дар роҳи бештар соҳиби маълумоти олӣ шудани тоҷикон маҳдудият нест?

Аз ҷониби дигар, тавре ки ишора кардем, ҳукумати Чин дар пешбурди таълиму тарбия ва пешбурди фаъолияти иҷтимоӣ барои ақаллиятҳои миллӣ интихоби забони дуюмро озодона иҷозат додааст, лекин уйғурон барои ба забони форсии тоҷикӣ ғайри имкон будани таълиму тадрисро ба надоштани алифбои худӣ, камбуди мутахассисон ва набудани маводи таълимӣ вобаста медонанд.

Аз ҳама бештар шигифтангез ин иддао аст, ки гӯё тоҷикон алифбо надоранд, бинобар ин таълим ба забони уйғурӣ пеш бурда мешавад. Воқеан, дузди зӯр соҳиби говро бастааст,-беҳуда эҷод нашудааст ва ба иддаои муғризонаи уйғурон мувофиқ меояд.

Охир, алифбои арабиасосе, ки онро уйғурон мувофиқи «завқу салиқаи» худ аз имлои аслии классикамон фарсаҳҳо дур карда ва як хатти бӯқаламун сохтанд, магар хатту алифбои ниёгони тоҷикон нест?

Ин иддаои муғризонаи уйғурон боиси он шудааст, ки равшанфикрони Тошқӯрғон дар фикру садади эҷоди алифбо афтодаанд, то ки дар мактабҳои Тошқӯрғон ба забони форсии тоҷикӣ таълимро ба роҳ монда, дар фазои фарҳанги ориоӣ парвоз намоянд, зеро ба андешаи оқилонаи Замир Саъдуллозода: «Танҳо мактабу маориф ба тарбияи миллат қодир буда метавонад» [7, 4].

Бояд қайд кард, ки дар мавриди эҷоди алифбо байни зиёиёни сарикӯлӣ андешаи ягона вуҷуд надорад. Гурӯҳе андеша доранд, ки ба асоси алифбои лотинӣ алифбои худро эҷод кунанд. Гурӯҳи дигар ба асоси алифбои арабӣ, бо илова кардани аломатҳои иловагӣ барои ифодаи тамоми овозҳои сарикӯлӣ, алифбо мураттаб намоянд. Гурӯҳи сеюми манқуртнамо ин талошҳои дилсӯзонаи зиёиёнро надида гирифта, ба ҳамин ҳолати мавҷуда (хатту забони уйғурӣ) тан дода, худро ба форигболӣ задаанд.

Директори Институти илмҳои гуманитарии АИ ҶТ дар ш. Хоруғ воқеъбуда, забоншинос Шодихон Юсуфбеков соли 2013 ба ш. Урумчӣ рафта, оид ба ин масъала бо профессор Замир Саъдуллозода суҳбат намуда ва ӯ бо дарназардошти овонависии байналмилалии эроншиносӣ лоиҳаи алифборо барои забонҳои помирӣ таҳия намуда, моҳи январи соли 2014 онро дар Маркази Оғохони дар ш. Душанбе буда муаррифӣ намуд, ки ҳанӯз ҳам масъалаи мазкур ҳалли ниҳоии худро наёфтааст.

Магар аламовар нест, ки девони шоираи тавонои тоҷик Отиқа Замир (модари профессор Замир Саъдуллозода) ба забони уйғурист. Собиқ ҳокими ноҳияи Тошқӯрғон Рӯзӣ Гулбой, ки соҳиби се маҷмӯаи ашъор ба забони уйғурист, дар суҳбат бо ҳасрат мегӯяд: «Кошки тоҷикиро медонистаму ба тоҷикӣ шеър менавиштам, то ки ҳамммиллатони ман дар Тоҷикистону Афғонистон ва Эрон шеъри маро меҳонданд. Онҳо ҷавҳари тоҷикӣ доранд ва бӯйи тоҷикӣ мекунанд, лекин либоси уйғурӣ бар таҷ кардаанд». (Мавсуф ба худомӯзии забони форсии тоҷикӣ ҷиддан машғул аст). Е муаррихи шаҳир, проф. Донишгоҳи Синзян Ширин Қурбон, ки муаллифи чандин китоб оид ба тоҷикон, аз ҷумла муаллифи китоби 700 саҳифаи «Тоҷикони Чин» мебошад, чун тоҷикиро хуб намедонад, тамоми осорашро ба забони уйғурӣ эҷод намудааст. Ӯ афсӯс меҳӯрад, ки китобҳои ман берун аз ҳудуди Уйғуристон хонандаи худро надоранд, ҳол он ки онҳо дархӯри тоҷиконанд.

Мушкилоти дигаре, ки тоҷикони Тошқӯрғон ба он рӯ ба рӯ шудаанд, надоштани ихтисосманди соҳаи журналистӣ мебошад. Бояд қайд кард, ки аз соли 2013 сар карда тибқи муқаррарот ба ақаллиятҳои миллии шумораашон аз сад ҳазор кам имконият дода шуд, ки ҳар ҳафта ба муддати ним соат оид ба бурду бохт ва ҳаёту фаъолияти мардуми худ аз тариқи телевизиони марказии вилоятӣ (Ноҳияи худмухтори Синзяну Уйғур) баромад кунанд. Дигар ақаллиятҳои миллӣ, аз ҷумла қазоқҳову қирғизҳо, барномаҳои худро ба роҳ мондаанд, аммо, мутаассифона, тоҷикон, бо сабаби надоштани журналисти касбӣ, имконияти амалӣ намудани ин кори хайрро надоранд, лекин дар тадбиқи ин барномаи телевизионӣ бо ҷалби мутахассисони хориҷӣ иҷозат дода намешавад.

Дар ҳамин радиф бояд зикр намуд, ки дар махзани дастхатҳои ш. Урумчӣ, тибқи маълумоти масъули дастхатҳо хонум Гулҷаҳон Хушдил, зиёда аз 4 ҳазор нусха китоб маҳфуз аст, ки бештари онҳо бо расмулхатти арабӣ буда, осори форсизабонон

(ба забонҳои форсию арабӣ) мебошанд. Мутаассифона, дастрасии хорӣҷиён ба ин махзан мамнӯъ буда, овардани далелҳо оид ба нокомии хорӣҷиён дар ин маврид дар ин мақола маҷол нест.

Масъалаи дигаре, ки боиси таассуф буда, вале, албатта, ин масъалаи сиёсати дохилии ҳокимияти маҳаллист, ин махлуткунии тоҷикон мебошад. Лекин барои огоҳӣ пайдо кардан зикри ин амали носавоб бемаврид набудагист.

Тибқи барнома аз мавзеъҳои гӯё хавфноки ноҳияи тоҷикониТошқӯрғон дар ҳудуди 500 оила ба биёбони ҷануби шарқии Кошғар, ки аз Тошқӯрғон дар масофаи 530 км. дур воқеъ аст, дар давоми 5-10 соли охир кӯчонида шудаанд ва он ҷойро Тоҷикобод ном ниҳода (масофаи байни Тошқӯрғону Кошғар-290 км.), аз лиҳози маъмуриву идорӣ тобеи Тошқӯрғон мебошад. Мулоҳиза намоеду хулоса бароред: дар масофаи 530 км. Ҳол он ки дар худи водии баландкӯҳи Тошқӯрғон барои ҷобаҷокунии чунин маҳалҳои ба ном хавфнок замин кифоят мекунад.

Аз ҷониби дигар, дар байни Тошқӯрғону Кошқар даштҳои васеи қирғизнишин вуҷуд дорад, ки аз Тошқӯрғон то он ҷойҳо тақрибан масофаи 150-200 км-ро ташкил медиҳад. Магар дар чунин мавзеъҳо ҷой додани тоҷикон беҳтар набуд, ки онҳоро аз ҳаммиллатони худ ба гӯшаи хеле дурдаст бурдаанд? Ба андешаи мо, ин амалест, ки боиси парешон кардани ягона ноҳияи тоҷикони сарҷамъгардида буда, омезиши тадриҷии онҳо оқибатуламр, мисли Турфону Хутан ва Ёрканд, ба туркшавии эшон оварда мерасонад ва воқеан ҳам ягона шамъи фурӯзони тоҷик дар ин минтақа хира шуда истодааст… Ҳол он ки тоҷикони сарикулӣ тоҷиконе мебошанд, ки ҳисси хеле баланди миллӣ дошта, ба тоҷик буданашон ифтихор мекунанд, ба сурудҳои тоҷикӣ сахт дилбастагӣ дошта, онҳоро дар нишастҳои фарҳангию фароғатӣ пайваста месароянд. Бо вуҷуди он ки аксари кӯл забони форсии тоҷикиро намедонанд, лекин дар нақлиёт ва дар ҳар кошонаву ошёна замзамаи сурудҳои тоҷикӣ ба гӯш мерасад. Раваду агар онҳоро помирӣ гӯед, ҳатто озурда мешаванд ва мегӯянд, ки чаро моро аз худ ҷудо мекунед? Мо тоҷикони асили забонгумкардаем. Имрӯз Тоҷикистони соҳибистиқлол Каъбаи умеди мост. Аз ин рӯ, вақти он расидааст, ки ҳамкориҳои фарҳангиро бо ин тоҷикони ҳамсоя, яъне он сӯйи Мурғоб ба таври лозима ба роҳ монем.

Ҳамин тариқ, дар ҳоли ҳозир забони форсии тоҷикӣ дар ҳукми фаромӯшӣ қарор дошта ва забони сарикӯлӣ низ таҳти таъсири забонҳои уйғуриву қирғизӣ мувоҷеҳ аст. Бинобар ин, вазъу ҳолати забони мазкур нигаронкунанда буда, агар нисбати ин забон таваҷҷуҳ ва иқдомҳои лозимӣ сурат нагирад, он рӯз дур нест, ки он ҳам чун забонҳои суғдиву бохтарӣ нест шуда ва ягона забоне, ки дар ҳавзаи Шинҷони Чин аз забонҳои эронӣ намояндагӣ мекунад, аз байн равад, зеро ки дар раванди кунунии ҷаҳонишавӣ забони мазкур дар қатори забонҳои азбайнраванда қарор дорад.

Инак, қарзи инсонии худ медонам, ки мушкилӣ ва хоҳишу умедҳои деринаи онҳоро ба мақомотҳои салоҳиятдорӣ ҷумҳурӣ расонам, то ки онҳо дар доираи муносибатҳои дипломатии ду кишвари ҳамҷавор, ду кишваре, ки равобиту ҳамкориҳои эшон дар сатҳи баланди тарафайн ва ҳусни тафоҳуми назаррас қарор дорад, масоили марбути тоҷиконро ҳаллу фасл намоянд. Хусусан, мушкилоти илму маориф, ки ба Вазорати маориф ва илм вобаста аст, ба Вазорате, ки сарварии онро шахси кордону шоиста ва бе муболиға намунаи ибрати ҳамагон муҳтарам Н. С. Саидов ба ухда доранд, аз мушкилоти калидӣ буда, ҳаллу фасли онҳо боиси бақои забони сарикӯливу тоҷикӣ ва тоҷикони сарикӯлӣ мегардад.

Хуллас, месазад ва вақти он расидааст, ки ба тақдири тоҷикони Чин ва забони эшон бетараф набошем, то ки дар харитаи этникии тоҷикони ҷаҳон номи тоҷикони Чин ва дар харитаи забонҳои эронӣ забони сарикӯлӣ аз байн наравад.

А Д А Б И Ё Т

1. Бобохонов, М. Таърихи тоҷикони ҷаҳон / М. Бобохонов. – Душанбе: Ирфон, 2002. – 367 с.
2. Ғафуров, Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав. / Б. Ғафуров. -.Қ.1. – Душанбе: Ирфон, 1998. – 416 с.
3. Давыдов, А.С. Этническая принадлежность коренного населения Горного Бадахшана (Памира): под. ред. академика Р. М. Масова / А.С. Давыдов. – Душанбе, 2005. – 152 с.
4. Литвинский, Б.А. Исторические судьбы Восточного Туркестана и Средней Азии (проблемы этнокультурной общности) / Б.А. Литвинский // Восточный Туркестан и Средняя Азия. - М., 1984. – С.4-28.
5. Майтдинова Г.М. Государство Кирпанд: миф или реальность? / Г.М. Майтдинова // Мероси ниёгон. - 1999. – №4. – С.84-87.
6. Негматов, Н.Н. Прародина ариев / Н.Н. Негматов. – Душанбе, 2005. – 53 с.
7. Саъдуллозода, Замир. Шаммае аз рӯзгори тоҷикони Чин / Замир Саъдуллозода // Адаб. – Душанбе, 1994. – №9-10. – С.2-6.
8. Шарифов, Ҳ. Тоҷикони бурунмарзӣ / Ҳ. Шарифов. – Хуҷанд: Раҳим Ҷалил, 1999. – 298 с.
9. Шарифов, Ҳ. Яъқуббеки Бадавлат / Ҳ. Шарифов. – М., 2001. – 496 с.
10. Якубшоҳ, Юсуфшоҳ. Тоҷикон (пиромуни этногенез) / Ю. Якубшоҳ. – Душанбе, 1994. – 100 с.

НЫНЕШНЕЕ СОСТОЯНИЕ САРЫКОЛЬСКОГО ЯЗЫКА И ЕГО ДАЛЬНЕЙШЕЙ СУДЬБЫ

В данной статье рассматриваются процесс прекращения обучения таджикско-персидского языка и под влиянием уйгурского и киргизского языков постепенное оскудение сарыколского языка на территории Шинджанского региона Китайской Народной Республики.

Ключевые слова: таджико-персидский язык, сарыкольский язык, уйгурский и киргизский языки, языковая среда, этническая и языковая карта.

IN CURRENT DAY THE CONDITION OF SARICUL LANGUAGE AND IT'S FURTHER FORTUNE

In this article has given information about stopping teaching Tajik-Persian language and the influence of Uyghur and Kirgiz languages slowly falling impoverishment saricul language at the territories of Shinjan and in the area of the People Republic of China.

Key words: Tajik-Persian language, saricul language, Uyghur and Kirgiz languages, language environment, ethnic and language map.

Сведения об авторе: ***Х. Ш. Кабиров*** – докторант Таджикского национального университета.
Телефон: **951-94-25**

ТОБИШҲОИ МАЪНОИИ ВОЖАҲОИ ИФОДАГАРИ МАФҲУМИ «ГУЛ» ДАР ҒАЗАЛИЁТИ САЪДИИ ШЕРОЗӢ

Меҳрубон Назаров

Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа ба номи Носири Хусрав

Саъдии Шерозӣ табиатро хонаи инсон номида, таъкид мекунад, ки ин хона бояд доимо поку тоза ва аз ҳама гуна ҳодисоти эҳтимолии табиат эмин бошад. Саъдии Шерозӣ вассоф ва ситоишгари беназири ишқ ва зебоӣ буд. Ӯ бештар одамиятро ситоиш карда, дар ғазалҳои хеш панду андарз, васфи баҳору зиндагиро баён кардааст.

Ин шоири ширинкалом аз омадани баҳору рустани гулҳо ва хушии ҳавои чаман масрур гардида, дар қасидаву ғазалҳояш онҳоро ситоиш ва ба ҳифзи он мардумро даъват кардааст:

Чӣ ҳавоест, ки **ҳулд**аш ба тахассур биншаст,
Чӣ заминест, ки чархаш ба тавалло бархост?
Торуми ахзар аз акси **чаман** ҳамро гашт,
Баски аз тарфи **чаман** луълуи лоло бархост [9, 30].

Омӯзиши осори адибон, махсусан дар доираи як вожа ё мафҳуми аз ҷониби баъзе забоншиносон мавриди таҳқиқ қарор гирифта аст. Аз ҷумла, профессор Қосимова М.Н. дар китоби «Чор унсур», забоншинос С.Исматов дар китоби «Тоҷ андар «Шоҳнома» » ба ин самт таҳқиқотҳои муҳиме ба анҷом расонидаанд.

Бо вожаҳои ифодагари **гул** калимаҳои услуби баланд ё ниҳоят пуршукуҳ созмон додан мумкин аст. Дар воқеъ, вожаҳои услуби баланд дар нигориш ё гуфтор оҳангҳои ҷолиби адабиву бадеӣ доранд. Онҳо дар ҳама мавридҳои нигориш ё гуфтори бадеӣ ба кор бурда мешаванд ва назар ба калимаҳои умумиистеъмол, гуфтугӯӣ ва гурӯҳҳои расмиву илмии луғати китобӣ дар онҳо ҷилваҳои бештари одоб, маданият, зеҳну фитрати инсонӣ ифодаи худро ёфтаанд. Дар чунин калимаҳо оҳангу тобишҳои зиёди дигареро низ мушоҳида кардан мумкин аст. Масалан, ифодаи зарофату назокати хеле баланд дар калимаи **гулгунрух** ба маънои *«рӯйи монанди гул зебо»* ва монанди ин аз ҳамин ҷумлааанд:

Эй, ба гулгунрухи ту бандаву чокар гули сурх,
Чеҳра бинмо, ки ба пойи ту ниҳод сар гули сурх [9, 46].

Яке аз ҷолибтарин хусусиятҳои ғазалиёти ин шоири ширинкалом корбасти вожаҳои ифодагари **гул** ва тобишҳои он дар ғазалиёти ӯ маҳсуб меёбад. Вожаҳои ифодагари **гул** дар ғазалиёти Саъдӣ бо маҳорати баланди шоирӣ корбаст гардида, забони ғазалиёти шоирро равону хушоҳанг, пурмазмуну ҷаззоб гардонида, мутолиаи онро хеле гуворо сохтааст. Ин вожа ҳамаи хусусиятҳои каломи бадеиро дар худ таҷассум намуда, шаҳомати ғазалиёти шоири ширингуфторро боз ҳам ҷаззобтар барои хонанда гардондааст. шайх Саъдӣ аз вожаҳои ифодагари **гул** ҳамчун воситаи муҳимми тасвири бадеӣ корбаст намудааст. Мо тасмим гирифтем, ки зимни ин

мақола мавқеву манзалат ва дараҷаи корбасти вожаҳои **гул** ва тобишҳои маънои онро дар ғазалиёти шайх Саъдӣ мавриди баррасӣ қарор диҳем.

Эй **гул** ту низ шӯхии булбул маъоф дор,
К-он ҷо ки **рангу буй** бувад, гуфтугӯ бувад [9, 127].

Дар байти зикршуда вожаҳои гул, булбул, ранг, бӯй, гуфтугӯ боиси ба вуҷуд омадани вожаи мазкур гардидааст, ки чанд ҷиҳати забонии онҳоро таҳлил намудан мувофиқи матлаб аст.

Дар ин ҷо калимаи «булбул» арабӣ аст, чунончӣ, шакли ҷамъи он **балобил** аст. Дар забони форсӣ қадим калимаи «гул» дар дар шакли «вард» омадааст, ки он дар забони арабӣ дар шакли «вурдун» омадааст, ки ин калима яқинан дар забони оромӣ дар ҳамин шакл истеъмол мегардидааст.

Дар луғатномаву фарҳангҳо, аз ҷумла «Фарҳанги забони тоҷикӣ» вожаҳои **гул** чунин шарҳу эзоҳ ёфтааст: «**Гул** 1.Ғунча ва ё муҷаи вошудаи гиёҳон ва дарахтон, шукуфаи кушода, баргҳои рангини ба ҳам пайваста, ки баъзе дарахтон ва гиёҳон дар шохҳои худ ҳосил мекунанд ва баъд аз муддате ба ҷойи он тухм ё мева ба вуҷуд меояд; гули садбарг, вард, ки аксар хор дорад; 2. Киноя аз рухсор, рӯй, чеҳра [7, 281-282].

Таҳқиқу омӯзиши вожаҳои ифодагари мафҳуми гул ва тобишу ҷилоҳои маънои онҳо дар таркиби луғавии забони форсии тоҷикӣ дар асоси осори манзуми шуарои бузургу сухангустар хеле муфидовар буда, манзалату манзараи мавқеи вожаҳои ифодагари мафҳуми гул ва тобишу ҷилоҳои маънии онҳоро дар забони адабии ин ё он давр муайян намудан мумкин аст.

Чунончи, С. Д. Катснелсон мегӯяд: «Маънои калима чун мафҳум дар шакли махсуси инъикоси воқеият – ҷамъбастӣ ва муҷаррад ҷой дорад. Дар пояи калима ва мафҳум ҳамеша хулоса, яъне инъикоси ҳамон умумияти доимӣ ва муътақид, ки он дар гуногунӣ ва тағйирёбии беохири зуҳурот ниҳон аст, ҷой дорад» [2, 9].

Бинобар он мо тасмим гирифтаем, ки дар доираи ин мақолаи илмӣ дараҷаи корбасти вожаҳои ифодагари мафҳуми **гул** ва тобишу ҷилоҳои маънои онҳоро дар осори шоирони асрҳои XIII-XIV мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор диҳем.

Дар ғазалиёти Саъдии Шерозӣ вожаи **гул** ҳам ба маънои аслӣ ва ҳам ба маънои маҷозӣ корбаст гардидааст, ки барои таҳвияти андешаи худ чанд мисол меоварем:

Ки на бар нолаи мурғони чаман шефтаам,
Ки на савдоӣ рӯхи *лолаи* ҳамроҳ дорам [9, 178].

Лола гули асосан сурхранги даштӣ ва кӯҳӣ, ки дорои анвои бисёр мебошад, дар аввали баҳор мешукуфад ва дар миёнаи баргҳо доғи сиёҳ дорад.

Мафҳуми гул дар майдони семантикӣ дорои мафҳумҳои зерин аст.

1.Аз рӯйи аломатҳои зоҳирӣ.



2.Аз рӯйи ифодаи ном.



а) ба маънии аслӣ. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки калима дар таркиби луғавӣ ва дигар сатҳҳои забон нақши муҳим дошта, барои пурҷило ва пуршукӯҳ гардидани ин ё он забон вазифаи муҳимро иҷро мекунад.

Дар осори шоирони мавриди таҳқиқ вожаи гул дар сохтани калимаҳои сохта (гулистон, гулзор, гулшан), калимаҳои мураккаб (гулоб, гулбадан), калима ва ибораҳои синтаксисӣ (гулборон кардан, гули ноз, гули фирӯза) хеле серистеъмол буда, барои ифодаи маъно ва мафҳумҳои гуногун хизмат намудааст.

1. Сабза дамиду хушк шуду *гул* шукуфту рехт,
Булбул зарураст, ки навбат диҳад ба зоғ [9, 161].
2.Ҷаври душман чикунанд гар накушад толиби дуст,
Ганҷу молу **гулу хору** ғаму шодди ба ҳаманд [9, 124].

Дар байтҳои зикршуда вожаи ***гул*** ба маънои аслӣ омада, ҳамон ҷиҳатҳои зоҳирии ин рустанӣ то андозае ба ҳолатҳои берунаи ёр монанд карда шудааст. Баёни ин амал ё ҳолат, албатта, дар асоси риояи таносуби сухан сурат гирифтааст. Яъне дар байти аввал вожаи гул бо ҳамнишинии сабза, дамид, хушк шуд, шукуфт, булбул, зоғ ва дар байти дуввум ганҷ, шодӣ, мол, хор, ғам омадааст, ки ин таҳозои риояи маънии аслӣ буда, хеле ҷолиби диққат мебошад.

Ҳангоми дар таносуби маъноӣ омадан тобишҳои муродифӣ ва антонимии мафҳумҳо низ ба назар мерасад.

1.

2.


Шохи **гул** аз истироби булбул,
Бо он ҳама хори сар дароварад [9, 106].
Ҳаргиз нашунидам, ки боде,
Бӯй **гул*е*** аз ту хуштар оварад [9, 106].
Ҳарфҳои хати мавзуни ту пироҳани рӯй,
Гуё аз мушки сияҳ бар **гули** сурӣ рақаманд [9, 124].
Вақти он аст ки саҳро **гулу сунбул** гирад,
Халқ берун шуда ҳар қавм ба саҳрои дигар [9, 142].
Яке ба ҳукми назар пой дар **гулистон** неҳ,
Ки поймол кунӣ арғувони **ёсуминашро** [9, 153].

б) ба маънои маҷозӣ. Ифода ва ё баёнҳои ғайривоқеӣ боиси он мегардад, ки калимаҳо дорои тобиш ё ҷилоҳои нави маъноӣ гардида, ба ғазал ё дигар навъи асари бадеӣ тобиши маъноӣ илҳоқ мекунад, ки онро маънои маҷозӣ меноманд.

Дар таҳқиқоти ҳуд муҳаққиқ Саломов М. маҷозро чунин таъриф додаст: “Маҷоз чунин истилоҳ ё воситаи лингвистӣ-семантикиест, ки калимаҳо пас аз ифодаи маънои аслӣ (луғавӣ)-и ҳуд ҷараёни муайянеро дар сатҳи семантикӣ (монандӣ ва алоқамандии калимаҳо аз ягон ҷиҳат) тай намуда, байни ҳуд муносибати муайяни лексикию грамматикиро барқарор намуда, дорои тобишҳои нав мегарданд ва маънои маҷозиеро ифода намуда, дар ҳолати кандашавии ин муносибатҳо ба асли

худ бармегарданд ва он маъноҳоеро ифода мекунанд, ки дар сатҳи аввал қарор доштанд” [6, 25].

Ба андешаи забоншинос профессор Маҷидов Ҳ.“Калима дар натиҷаи инкишофи маъної дорои тобишҳои иловагии маъної мегардад ва иловатан бар маънои аслии худ маъно ва мафҳуми дигареро ифода мекунад”(4, 186). Дар ғазалиёти Саъдии Шерозӣ чунин калимаҳоро қариб дар ҳар мисраъ дидан мумкин аст.

Мардум ба даври рӯи ту дар гиряанд аз оҳи ман,
Шарт аст барои рехтан дар **мавсими гул** бодро [9, 22].

Мавсими гул, фасли баҳор [5, 77]. Шоир зимни ифодаи мавсими гул фасли баҳорро инъикос кардааст, ки воқеан дар фасли баҳор гулҳои бисёр шукуфон мешаванд ва табиат низ баробари шукуфтани гулҳо зебову тару тоза мегардад. Танҳо дар фасли баҳор гулҳо мешукуфанд ва табиатро оро медиҳанд, ки шоир фасли баҳор нагуфтаасту ба ҷои он шоирона мавсими гул гуфтааст, ки хеле ҷолиб аст.

Бикаш **домани ҳусни чун гул** зи ноз,
Ки бар қади ту дӯхтаанд ин қабо [9, 24].

Домани ҳусн чун гул канори зебої, ҳусну ҷамоли мисли маҳбуба дошта. Дар ин байт вожаи гул дар таркиби ифодаи маҷозӣ бар ифодаи ҳусну ҷамоли зебои маҳбуба ёр омадааст, ки ин низ хеле хубу гуворо ифодаёбии манзара ё ҳолат аст.

Пеши гули андоми ту дорад **гуландоме**, вале,
Лутфе набошад ончунон андом, беандомро [9, 42].

Гуландом нозукбадан, зебобадан, латифпайкар, нозанин аст. Дар маҷмӯъ, маҷоз дар забони шеър унсури хеле муҳим маҳсуб шуда, пояи асосии бунёди он аст. Зеро маҳз тавассути он сухани шоир муассир мегардад ва мафҳумҳо бо тарзу услуби хос ифода меёбанд. Дар баробари санъатҳои бадеӣ низ дар сохтани образҳо гуногун ва ифодаи ҷаззоб нақши муҳим бозида, аз маҳорату сухандонӣ ва ҳунару истеъдоди ҳар як эҷодкор дар офаридани асарҳои бадеӣ дарак медиҳад. Ҳоло дар асоси ин гуфтаҳо аз эҷодиёти Саъдии Шерозӣ чандин мисолҳо меоварем ва онҳоро мавриди таҳлил қарор медиҳем:

Бигзор дар он кӯй мани ашкфишонро,
То дида диҳад об, гулу сарву райҳонро [9, 15].

Ифодаи ***об додани дида гулро*** аз зебоии ёр, маъшуқа ҳаловат бурдани чашм буда, дар асоси риояи таносуби сухан шакл гирифтааст. Дар ин ҷо вожаҳои **дида в**а **гул** нақши муҳим бозида, бо якҷоягии ашк, сарв, райҳон таносуби сухан риоя гардидааст ва маънои маҷозӣ ҳам дар асоси ҳамин суханҳо ифода ёфтааст.

Дӣ мешудам дар он кӯҳ, омад нидо аз он сӯ,
К-эй симу зар, магзар ба гулшани мо [9, 18].

Вожаи ***гулшан*** далолат ба **гулзор**, яъне **сабзазору чаманзор**, ки мансуби гул аст, карда, барои ҷазобияти маъно онро овардааст.**Гулшан мо** гуфтани шоир ин тасвири шоиронае мебошад, ки зимни ифодаи маҷозӣ баён гардидааст.

Шайх Саъдии Шерозӣ дар ғазалҳои хеш шавқи лаззати ҳаётро хеле самимӣ суруда, дар ташвиқи зебоиҳои табиат тавассути корбасти вожаи ***гул*** саҳм гузоштаст. Саъдӣ дар яке аз ғазалҳояш фаро расидани фасли баҳор, равон шудани об ва дар ҷӯю чаман дамидани сабза ва хониши мурғи хушилҳони табиатро басо табиӣ ва дилкаш ба қалам дода, шавқи табиатдӯстии хонандаро ба ҷунбиш овардааст.

Ба ақидаи Саъдӣ, табиат ҳама чизро ато намудааст. Инсон бояд бо саъю кӯшиши худ ин бойигариҳои табиатро аз бар ва ҳифз намояд. Саъдӣ инсонро ба ҳаёти хурраму покӣ ва тозагии табиату сарзамини диёри худ даъват намудааст:

Боди сабо дар чаман **васфи ҷамоли** ту кард,
Шуд ба **гулистон** зи шарм **лолаи сероб** ноб [9, 61].

Гул +и → сероб - пуроб, чеҳраи дурахшон, араҚи дар чеҳра дамида [8,342-343].
Гул +и → нав - тоза, ҷадид, он чи пеш аз ин набуд, муқобили кӯҳна [8,285-286].

Дар байти зикршуда ифодаи **<u>лолаи сероб</u>** киноя аз рӯйи сурху зебо, пуроб, чеҳраи дурахшон, араҚи дар чеҳра дамидаи маҳбуба буда, бо овардани аломатҳои гул тасвири шоирона сурат гирифтааст. Маънӣ дар ин байт дар шакли ифодаи

маҷозӣ баён гардида, шаҳомату манзалати ғазалиёти Саъдии Шерозиро беш намудааст. Дар шаклгирии ин ифодаи маҷозӣ таносуб низ нақши муҳим дорад.

Он **гули нав** аз кадомин **бӯстон** бархостаст,
К-аз **насими** ӯ зи ҳар сӯ **бӯйи ҷон** бархостаст [9, 71].

Гули нав гули тоза, тару зебо, ҷадид, он и пеш аз ин набуд, муқобили кӯҳна, киноя аз ёри зебою хушсурат буда, дар воқеъ, шоир зимни ин ифодаи маҷозӣ нишонаву ҳолатҳои зебогии ёр, маҳбубаро тасвир кардааст:

в) вожаи гул дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ. Гул вожаи аслан тоҷикӣ буда, дар таркиби чандин воҳидҳои фразеологии феълӣ бо тобишу ҷилоҳои гуногуни маъноӣ дар ғазалиёти Саъдии Шерозӣ омадааст.

Гул зи рух пардаву наргис ба чаман чашм кушод,
Сарви шамшодқаду **мурғи чаман нола кашид** [9, 65].

Гул зи рух парда кушодан, наргис ба чаман чашм кушод, мурғи чаман нола кашид воҳиди фразеологии феълӣ буда, маҷозан далолат ба зебоии зиёд мафтун шудан аст. Маънои маҷозии мазкур дар ин байт дар шакли ифодаи маҷозӣ баён гардида, шукуфтани гулро булбул дида ба сароидан медарояд шаҳомату манзалати ғазалиёти Саъдии Шерозиро беш намудааст.

Дар домани гул чок фитодаст зи ҳар сӯ,
Эй **боди сабо**, бӯи ту аз **пероҳани** кист [9, 69].

Дар домани гул чок фитодан, боди сабо, **пероҳан** воҳиди фразеологии феълӣ буда, маҷозан аз нигоҳи зебогӣ ба чизе мафтун шуда ва ошкор кардани зебоӣ аст. Вақте ки вожаи **гул** бо вожаҳои бод, пероҳан ва бӯй меояд, баъзан ба саргузушти ҳазрати Юсуф паёмбар ишорае аст, ки аз паёмбар Юсуф (а) ба машоми падараш паёмбар Ёқуб (а) бӯйи ӯро расониданро ифода мекунад.

Ҳайф аст бар он **рух**, **ки фитад сояи гулбарг**,
Гулбарг таҳаммул накунад **бори гаронро** [9, 15].

Сояи гулбарг афтодан маҷозан аз зебогии рӯй, баҳра бардоштанро ифода мекунад. Дар байти мазкур шоир рухи маъшуқаашро нисбат ба гул зеботар гуфта, мегӯяд, ки барги гул дигар тоби дар назди чеҳраи маъшуқа истоданро надорад.

Ҳамин тариқ, вожаи **гул** дар ғазалиёти Саъдии Шерозӣ барои фасоҳат ва бадеияти матн, равонию мавзунии он вобаста ба муносибат барои таҳвияти фикр истифода мегардад ва ин вожа дар ғазалиёти Саъдии Шерозӣ ба маъноҳои аслию маҷозӣ хеле фаровон корбаст гардида, ғазалиёти шоирро ҷаззобу дилнишин гардондааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Исматов С. Тоҷ андар «Шоҳнома» / С/ Исматов/ – Душанбе, 2009. – 166 с
2. Кацнельсон С.Д. Содержание слова, значение и обозначение / С.Д. Кацнельсон. - М.: Наука, 1965. – 110 с.
3. Қосимова М. Н. Чор унсур: маъниофаринӣ, калимасозӣ / М.Н. Қосимова. – Душанбе, 2007. – 265 с.
4. Маҷидов Ҳ.Забони адабии муосири тоҷик.Луғатшиносӣ / Ҳ. Маҷидов. - Душанбе, 2007. - Ҷ.1. – 185 с.
5. Муҳаммад Ғиёсуддин. Ғиёс-ул-луғот / Муҳаммад Ғиёсуддин. – Душанбе: Адиб, 1987. - Ҷ 1. – 450 с., 1988. - Ҷ.2. – 450 с.
6. Саломов М. Ифодаи маҷоз дар ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ / М. Саломов. - Душанбе, 2001. – 137 с.
7. Фарҳанги забони тоҷикӣ. - М.: СЭ, 1969. - Ҷ.1. – 951 с., - Ҷ. 2. - 950 с.
8. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. ─ Душанбе, 2008. - Ҷ.1. ─ 949с., Ҷ.2. ─ 943 с.
9. Саъдии Шерозӣ. Куллиёт / Саъдии Шерозӣ. – Душанбе: Адиб, 1988. – Ҷ.1. – С.30

СМЫСЛОВОЙ ОТТЕНОК СЛОВ ОБОЗНАЧАЮЩИХ «ГУЛ» “ЦВЕТОК” В ГАЗЕЛЯХ СААДИ ШИРАЗИ

Саади Ширази персидско-таджикский поэт, имя котрого навечно вписано в сокровищницу мировой литературы. Наследие Саади присутствует и сегодня в живой речи персоязычных народов. В данной статье автором на основе изучения поэтического наследия Саади Ширази рассмотрен смысловой оттенок слов обозначающих цветок в газелях Саади Шмирази.

Ключевые слова: Саади Ширази, Слово Саади, «Страна цветов», цветение садов, живая речь, смысловой оттенок, цветок.

CONNOTATION OF WORDS DESIGNATING THE "BUZZ" FLOWER"
IN THE GHAZALS SAADI SHIRAZI

Saadi Shirazi Persian-Tajik poet, the name provides forever written in the annals of world literature. Heritage Saadi is present today in live speech of Persian-speaking peoples.. In this article the author based on the study of the poetic heritage Saadi Shirazi considered connotation of words denoting the flower in the ghazals Saadi Shirazi.

Key words: Saadi Shirazi, the Word Saadi, "Country flowers" blooming gardens, the living speech, connotation, flower.

Сведения об авторе: ***М. Назаров*** - соискатель кафедры таджикского языка Курган-Тюбинского государственного университета им. Носира Хусрава. Телефон: **918-39-76-76**

РОМАНИ «ВОСЕЪ»-И СОТИМ УЛУҒЗОДА ВА ВОҚЕИЯТИ ТАЪРИХӢ

Сироҷиддини Эмомалӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар баҳорон гулфишонат дидаам,
Ҳамрадифи Каҳкашонат дидаам.
Дар паноҳи олами пиронасар,
Балҷувон, бахти ҷавонат дидаам.
Ман, ки дар дил доғи Восеъ доштам,
Донаи ҳасрат ба дил мекоштам.

Дар насри бадеӣ чунин асаре, ки образи Восеъро бо тамоми паҳлуҳои шӯриш баррасӣ намуда бошад, «Восеъ» ном романи Нависандаи халқии Тоҷикистон Сотим Улуғзода мебошад, ки он бори аввал соли 1967 дастраси хонанда гардид.

Ба табъ расидани романи «Восеъ» дар ҳаёти адабию фарҳангии халқи тоҷик воқеаи бузурге буд. Нависанда бо эҷоди ин асар таҷрибаи нигорандагии хешро дар марҳалаи муайяни таърихӣ як навъ ҷамъбаст намуд. Академики АИ Тоҷикистон М. Шакурӣ қайд мекунад, ки «драмаҳои ӯ (С. Улуғзода –С.Э.) «Рӯдакӣ», «Темурмалик», «Аломаи Адҳам», қиссаи «Ривояти суғдӣ», романи «Фирдавсӣ» далели онанд, ки олим ва нависанда ба шахсияту воқеаҳои таърихӣ мароқи калон дорад» [11, 310].

Дар ҳақиқат, гузаштаи халқи тоҷик ва таърихи муборизаҳои адолатхоҳонаи мардуми ин сарзамин ҳанӯз солҳои 30-юми асри ХХ таваҷҷуҳи Сотим Улуғзодаро ба худ ҷалб намуда буд. Вале аз охирҳои солҳои 50-ум сар карда, масъалаи тадқиқи таърихии халқи тоҷик дар маркази диққати нависандаи воқеъбин қарор гирифт ва ба омӯзиши шӯриши мардуми кӯҳистони тоҷик бо сардории Восеъ ҷиддан машғул гардид.

Ҳангоми суҳбат бо Масъуд Муллоҷонов устод Улуғзода қайд намудааст, ки «Солҳои сол ният доштам дар бораи Восеъ романе нависам. Восеъ шахси таърихӣ, одами аҷоибе будааст. Як худи тарҷумаи ҳоли пур аз фоҷиа ва романтикаи ӯ барои як романи калон кифоя мекунад. Вале ба навиштани роман ҳеҷ ҷуръат намекардам. Ким-чӣ намерасид, ба назарам. Ва ана акнун, баъди сафари Балҷувону Ховалинг фаҳмидам, ки мушоҳидаи ҳаёт, дидани диёри Восеъ ва одамони он сарзамин намерасидааст» [3, 85].

Нависанда соли 1961 ба сарзамини Восеъи диловар ба сафари эҷодӣ баромада, тамоми қадамгоҳи қаҳрамони ояндаашро аз назар гузаронидааст ва бо аҳолии он ҷойҳо сӯҳбатҳои тӯлонӣ доштааст. Баъди ҷамъоварӣ ва таҳлили мавод С. Улуғзода солҳои 1961-1967 ба меҳнати пурмашаққати эходӣ машғул гардида, романро дар шакли дастхати тозанавис тайёр менамояд.

Соли 1967 романи «Восеъ» ба миён омад, ки он чун як навъ ҷамъбасти тамоми асарҳои адабии то он давра ба майдон омадаи нависанда буда, дар айни замон ба мавзӯи шӯриши Восеъ саҳифаҳои нав илова кард. Бояд гуфт, ки романи мазкур ҳангоми дар қайди ҳаёт будани муаллифи он се маротиба (маҷалаи Садои Шарқ-1967, нашри аввали китобӣ-1969, нашри дувуми китобӣ-1979) ба забони тоҷикӣ ва як маротиба ба забони русӣ (тарҷумаи П. Лукнитский-Маскав, 1980) чоп гардидааст.

Дар роман чун Восеъ, Назир, Нозим, Саидалӣ, Ризо, Муллосафар, Аноргул, Гулъизор, Фотима, Мирзоакрамбой, Ҳоҷӣ Яъқуб, Остонақул, Абдулаҳад… як қатор образҳои мусбату манфӣ амал мекунанд, ки ҳар кадом дорои хислату характери ба худ хос ва симои муайяни бадеӣ мебошанд ва ҳама якҷоя дар ифодаи возеҳу равшани мазмун ва ҳалли масъалаҳои асосии асар саҳм мегиранд. Аз тарафи дигар, ҳамаи образҳои асар боиси боз ҳам барҷаста ифода ёфтани қаҳрамони асосӣ-Восеъ гардидаанд.

С. Улуғзода дар офариниши образи Восеи диловар меҳнати зиёде ба харҷ додааст. Таваҷҷуҳи зиёд ва меҳру муҳаббати беандозаи нависанда ба ин образ сар то сари асарро фаро гирифтааст, ки ин бесабаб нест. Аз ҷумла, нависанда дар симои Восеъ, меҳнатдӯстиву ҳақиқатталабӣ ва сирати некиву сурати баҳодуронаи ин образ падари худ–Умархонро тасаввур мекард, ки ин аз нигоҳи танқиди адабӣ дур намондааст: «Яке аз хислатҳои Умархон қатъияти ӯ буда, чандин бор зоҳир шудааст ва ӯ худ гуфтаст: «Ман, ки ба ягон кор ҷазм кардам–тамом! Аз роҳам намегардам!» Ҳамин хислатро дар Восеъ мебинем ва нависанда инро ошкоро таъкид намудааст: «Восеъ агар ба коре азм мекард, маҳол буд, ки касе ӯро аз азмаш гардонад» [11, 314].

Образи Восеъ, образи халқи мазлум аст. Дар нақши Восеъ Сотим Улуғзода хислатҳои халқро таҷассум кардааст. На фақат бозуи қавие, ки дар меҳнат сахт шудааст, инчунин дили ҳассоси адолатхоҳ ва нафрати вай нисбати беадолатӣ, мардумозорӣ низ аз хислатои халқ аст: «Ҷавру зулм аз ҳад гузашт, мулк ҷазирбод шуд, халқон хору зор. Манғит моро одам ҳисоб намекунад. Ӯ моро дар диёри худамон ғариб кард, бехонумон кард. Ҳоким, амалдор, сипоҳӣ халқонро гургворӣ медаранд. Корашон бигиру бибар, бизану бидар аст, тамом. Худи онҳо кистанд, аз куҷо омадаанд? Чӣ ҳақ доранд, ки фақиронро тороҷ кунанд, кӯдакони моро аз гушнагӣ бикушанд? То кай мо ҷафо бикашем? Дигар тоқат намонд. Ман ба золимон теғ кашидам. Фуқаро, бихез, ғазот бикун! Агар номус дорӣ, ҳиммат дорӣ бихе ба ғазот!» [6, 232].

Ҳамин тавр, Восеъ яке аз образҳои барҷастаи мусбат буда, рӯзгор ва талошу муборизаҳояш дар роман бас воқеӣ ва табиӣ тасвир шудаанд. Сотим Улуғзода муҳимтарин фазилатҳои Восеъро аз бобҳои авали роман ба хонанда маълум менамояд. Восеъ на танҳо марди тавоною пурдилест, инчунин ошкоргӯю дилсоф аст. Ҳамеша ва дар ҳама ҳолат бо ҳокиму бек, доруғаю закотчӣ бе ягон тарсу ҳарос ҳақиқатро гуфтааст. Барои мисол гуфтугӯи Восеъ ва Мирзоакрамбойро ёдовар шудан кофист. «Гуноҳаш бисёр аст, тақсир. Агар дар хирман даҳ ман ғаллаи деҳқонро панҷ ман навишта, бо пулдорҳо фурӯшонда, ушрро ба пул рӯйидан гуноҳ бошад, амлокдор гунаҳгор аст» [6, 220].

Умуман, хусусияти эҷодиёти Сотим Улуғзода дар он аст, ки аксари образҳои асосии эҷодиёти ӯ, аз ҷумла, Восеъ ҷанбаи мукаммали таърихӣ доранд ва ба воситаи ин образҳо нависанда муҳимтарин масъалаҳои иҷтимоӣ–чун ватандӯстӣ, адолатхоҳӣ, озодандеширо бо тамоми ҷузъиёт ва муфассалӣ мавриди таҳлил таҳлили бадеӣ мекашад. Бинобар ин образҳои асосие, ки С. Улуғзода тасвир кардааст, ба аҳамияти калони эстетикӣ, маърифатӣ ва таълимию тарбиявӣ моликанд.

Профессор Худоӣ Шарифов оид ба моҳияти обрзҳои асосии осори С. Улуғзода чунин изҳори ақида кардаанд: «Нақши Балъамӣ дар намоишномаи «Рӯдакӣ», Фирдавсӣ дар романи «Фирдавсӣ» нақши Виркан дар қиссаи «Ривояти суғдӣ», Темурмалик дар намоишномаи «Темурмалик», нақши Аҳмади Дониш дар намоишномаи «Алломаи Адҳам ва дигарон» ва нақши Восеъ дар романи «Восеъ» асосан шахсҳоеанд, ки аз норасоии иҷтимоии ҷомеа ба вай мухолифат меварзанд ва ҳадафашон тағйиру табдил дар сиёсат, мамлакатдорӣ мебошад» [10, 169].

Бояд гуфт, ки мавзӯи таърихӣ масъулияти ҷиддиро тақозо мекунад, зеро илм дар перояи музайяни бадеъ қобили вуқеъ мешавад. Ин мавзӯъ омӯзиш, пажӯҳиш, қиёс, натиҷагириро мехоҳад.

Дар ҳақиқат, образи Восеъ яке аз маҳбубтарин образҳое мебошад, ки С. Улуғзода дар муддати фаъолияти эҷодиаш офаридааст. Беҳуда нест, ки нависанда баъди чопи аввали романи «Восеъ» боз борҳо ба таҳриру такмили образи марказии асар мепардозад. Дар натиҷа симои Восеъи қаҳрамон боз ҳам барҷастатару марғубтар ба назар ҷилвагар мешавад:

-Тақсирон!–бо овози баланд ба онҳо муроҷиат кард Восеъ, дар хамгашти кӯча.

–Як даҳан гап дорам, шунавед!–ва барои он ки тақсирон аз шунидани гапи ӯ сар тофта, натавонанд, Восеъ боз қасдан илова кард: -Ман дар Қаршӣ ҳокимро дидам, аз ҳоким ба шумо гап дорам.

-Баъди чунин арз, албатта, саворон ҷилави аспҳошонро кашида ба сар то пойи ин марди густох, ки аз афту андомаш, бешубҳа кӯҳистонӣ буд, зеҳн монданд [6, 102].

Ба табъ расидани романи «Восеъ» дар ҳаёти фарҳангию адабии мардуми тоҷик ҳодисаи фараҳбахш буд ва гӯё он фаъолияти эҷодии Сотим Улуғзодаро дар давраи муайяни таърихӣ як навъ ҷамъбаст намуд. «Романи Сотим Улуғзода «Восеъ», қайд кардааст адабиётшинос М. Рачабов, -чун як навъ ҷамъбасту такмили тамоми асарҳои илмию адабии пешина ба майдон омада, дар айни замон ба мавзӯи «Шӯриши Восеъ» саҳифаҳои нав илова кард» [5, 107].

Беҳуда нест, ки асар таваҷҷуҳи адабиётшиносонро ба худ ҷалб намуда, мавриди баррасии муфассалу дақиқи танқиди адабӣ қарор гирифт. Аввалин мунаққиде, ки оид ба романи «Восеъ» муфассал сухан рондааст, узви вобастаи АИ Тоҷикистон Х. Отахонова мебошад. Номбурда дар мақолаи «Роман дар бораи шӯриши Восеъ» оид ба образи марказии роман–Восеъ сухан ронда, маҳорати образофарии С.Улуғзода ва беш аз беш тақвияти ёфтани ҳунари нигорандагии нависандаро таъкид мекунад: «Дар образи Восеъ барҷастатарин хислатҳои деҳқононе таҷассум ёфтааст, ки дар шароити душвори кӯҳистони тоҷик аз ҳеҷ мушкилие рӯй натофта ҳалол меҳнат мекарданд. Дар роман маҳз ана ҳамин вазъияти конкретии табиӣ ва таърихӣ, кору бор ва зисту зиндагии деҳқонон бо ҳаққонияти тамом тасвир шудааст» [4, 4]. Мунаққид баъзе

норасоиҳои ҷузъии асарро низ қайд карда, онро волотарин дастоварди адабиёти тоҷик дар даврони шӯравӣ меномад.

Агар Х. Отахонова таассуроти аввалини худро ба таври умумӣ иброз дошта бошад, пас Ш. Ҷумъаев дар мақолаи «Ташбеҳ рангину тасвир зебост» мавқеи санъатҳои бадеиро дар тасвир таъкид намудааст. Муаллифи мақола бо мисолҳои мушаххас нишон медиҳад, ки ташбеҳ, истиора, тавсиф ва дигар воситаҳои тасвир, пеш аз ҳама, дар офаридани характери Восеъ саҳм гирифтаанд ва боиси дилкашии забону услуби баёни асар гардидаанд: «Забони ширин, ташбеҳҳои соддаву табиӣ, тасвирҳои дилчасп ва оҳангдор романи «Восеъ»-ро рангин ва зеботар кардаанд» [8, 3].

Романи «Восеъ» аз ҳама бештар таваҷҷуҳи академик М. Шакуриро ба худ ҷалб намудааст. Номбурда дар мақолаи «Достони ғазаб ва иқтидори халқ» (1966), асари «Насри реалистӣ ва таҳаввули шуури эстетикӣ» (1987) ва махсусан китоби «Насри солҳои 1945-1974» (1980) романи «Восеъ»-ро мавриди таҳлилу тадқиқи ҷиддӣ ва муфассал қарор додааст. Таҳлили образҳо, забону услуб ва пайванди таърихии асар мунаққидро ба чунин хулоса овардааст, ки: «Бунёди халқии ҳастии шахс (хусусан шахсияти таърихӣ), мазмуни амиқи халқии хислатҳо, фикру зикр ва ҳиссиёти қаҳрамон, алоқаи қаҳрамон бо халқ, бо орзую омоли оммаи меҳнаткаш дар адабиёти тоҷик ҳеҷ гоҳ ин тавр махсусан ва муфассалан, то ин дараҷа ҳартарафа тадқиқ нашуда буд. Масъалаи қаҳрамон ва халқ дар романи Улуғзода («Восеъ»-С.Э.) аз масъалаҳои асосист» [11, 317-318].

М. Шакурӣ дар адабиёти муосири тоҷик оид ба тасвири вусъатноки эпикии «қиёмҳои стихиявии халқ» чун таҷрибаи аввал будани «Восеъ» ва бинобар дар асар ҷой доштани баъзе норасоиҳоро (аз ҷумла, як андоза хира баромадани образи Муллосафар) қайд карда, барои нависандагоне, ки оянда дар навиштани асарҳои ба шӯришҳои халқ марбут саҳм мегиранд, аҳамияти калон доштани ин романро таъкид менамояд [11, 310-325].

Оид ба романи «Восеъ», арзишҳои эстетикӣ ва маърифатии асар, ҷанбаҳои инсонгароиву халқӣ ва хусусиятҳои забониву услубии он инчунин дигар олимони гуногунмартабаи зиёде чун Соҳиб Табаров, Лариса Демидчик, Худоӣ Шарифов, Юрий Бобоев, Бароталӣ Нозимов, Маъруф Раҷабов, Эргаш Шоев, Маҳмуд Қосимов ё бевосита, ё зимни тадқиқи масъалаҳои алоҳидаи таърихи адабиёти саддаи ХХ-и тоҷик мулоҳиза рондаанд.

Мунаққидон ва адабиётшиносон романи «Восеъ»-ро дар алоқамандӣ ба асарҳои дигар нависандагон таҳлил намуда, ба хулосаҳои ҷолиб ноил гардидаанд.

Таҳлили муқоисавӣ ба Маъруф Раҷабов имкон додааст, ки дар тасвири романи «Восеъ» ва даъватҳои сиёсии Аҳмади Дониш як навъ монандие ба мушоҳида гирифта, бо ҳамин ҷанбаи мустаҳками воқеии тасвирро таъкид намояд: «Романи «Восеъ» хусусиятҳои психологияи иҷтимоии меҳнаткашони замони феодализмро хеле мукаммалу ҳамаҷониба, дар бисёр мавридҳо мукаммалтар аз он ки то солҳои шаст дар насри тоҷикӣ ба назар мерасад, дар худ акс додааст» [5, 123].

Дар ҳақиқат, романи «Восеъ» хонандаи тоҷикро ба гузаштаи таърихи на чандон дури худ шинос ва ба худогоҳии миллӣ ҳидоят намуда, инчунин рӯҳи ифтихори миллии ҳамватанони моро боз ҳам қавитар сохт.

Адабиётшинос Ҷ. Бақозода дар «Равзанаи меҳр» ном мақолааш мактубҳои хонандагонро оид ба асарҳои С. Улуғзода таҳлил намуда, таассуроти Раҷаббеков Мастибек ном мухлиси асарҳои устодро баъди аз тариқи радио шунавонидани порчаҳои романи «Восеъ» ёдовар мешавад, ки ҷолиби диққат аст: «Ман медонистам, ки аз «Восеъ» беҳтар роман дар насри тоҷик нест. Вале санъати олии онро нав дарк кардам, офарин бод ба ту мегӯям, ёри доноям» [1, 18].

Романи «Восеъ» махсусан дар аҳди Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки барои ҷомеаи он худшиносии миллӣ аҳамияти муҳимми иҷтимоӣ пайдо кардааст, маъруфияти бештаре касб намуд. Сотим Улуғзода бо таълифи «Восеъ» дар қатори беҳтарин нависандагони муосири тоҷик мавқеъ пайдо намуд. Адабиётшинос Худоӣ Шарифов, аз таҳлили романи мазкур ба чунин хулоса омадааст, ки: «Сотим Улуғзода он кори муҳиммеро, ки дар адабиёти советии тоҷик устод Айнӣ шурӯъ карда буд, идома дода истодааст» [9, 126-143].

Халқи тоҷик дар тӯли таърих давраҳоеро аз сар гузаронидааст, ки дар онҳо фаъолияту талоши ин мардуми азияткашида баҳри шарафу номуси инсонӣ, нигоҳ доштани марзу буми кишвар равшан инъикос ёфтааст.

Шӯриши деҳқонони кӯҳистони тоҷик, ки соли 1888 бо роҳбарии Восеъ барпо гардида буд, аз ҷумлаи ҳамин воқеаҳои муҳимми сиёсӣ мебошад, ки пояи зулму ситамро дар қаламрави аморати Бухоро ба ларза овард.

«Восеъ» ҳамчун романи таърихӣ ҳодисаву воқеаҳои охирҳои асри XIX-и дар Бухорои Шарқӣ бавуқуъпайвастаро дарбар мегирад.

С. Улуғзода дар роман хонандаро аввал ба амалиёти ҳарисонаи Мирзоакрамбой ном собиқ амлокдори Ғиждувон шинос намуда, сипас ба тасвири зиндагӣ ва аҳволи оилавии Восеъ ном марди кӯҳистонӣ мегузарад. Восеъ дар Ховалинг ҷувоз мекашид ва бо ҳалолкорию қавиродагӣ, хоксорию инсондӯстиаш дар байни ҳамдеҳагон ва атрофиёнаш эътибори калон пайдо мекунад.

Дар қаламрави Бухорои Шарқӣ се сол хушксолӣ мешавад, аҳволи мардуми меҳнатӣ ниҳоят вазнину тоқатфарсо мегардад. Баъди хушксолӣ дар минтақаҳои Ховалинг, Балҷувон ва Сарихосор амири нав Абдулаҳадхон (1885-1910), Мирзоакрамбойро амлокдор таъйин намуда, супориш медиҳад, ки андози сесоларо аз аҳолӣ ҷамъ намояд.

Мирзоакрамбой, ки барои ноил шудан ба ин мансаб пулу моли зиёде харҷ карда буд, дар муҳлати кӯтоҳ на ин ки хароҷотҳояшро рӯёнда гирифт, балки барои хазинаи амир низ ҳадяҳои муносиб тайёр намуд. Ин ҷабру ситами ҷонсӯз боиси сар задани шӯриши халқ гардид, ки ба он Восеъ роҳбарӣ мекард.

Восеъ деҳқон буд. Дар баробари деҳқонӣ барои рӯзгузаронӣ ба ҷувозкашӣ ҳам машғул мешуд. Рӯзе фарзандони Восеъ–Ҳасан ва Давлат ба саҳро рафта, аз замини барояшон барои дарав ҷудо шуда камтар сараки гандум чиданд. Ҷобири доруға, ки назоратчии заминҳои деҳқонон буд, ин амали кӯдаконро дида, ба рӯяшон як шапотӣ мезанад. Бо ҳамин миёни Ҷобир ва Восеъ задухӯрд ба амал меояд. Восеъро барои ин кораш сад танга ҷарима мебанданд. Восеъ ғуноҳин ва барзагови ягонаашро фурӯхта қисме аз қарзҳояшро адо менамояд.

Восеъ хабари ҳабси бародархондаш Назирро шунида, барои халосии ӯ ба Шаҳрисабз меравад. Дар роҳ бо Мирзоакрамбой шинос шуда, вазифаи саисии ӯро ба зимма гирифт. Ин сафар ба Восеъ бисёр паҳлӯҳои зиндагиро аён сохт. Тамоми беадолатӣ, ҳаққимардумхӯрӣ ва чоплусии амалдоронро бо чашми худ дида, нисбат ба табақаи амалдор дар дилаш нафрат парварид. Мо ҳоло чун намуна лаҳзаи зеринро аз романи С. Улуғзода айнан зикр хоҳем кард:

«Восеъ салом дода, кӣ буданашро гуфт ва арзи муддао кард. Мирзои Қорӣ ба сар то пойи ӯ чашми харидорӣ давонда пурсид:

-Ба Шаҳрисабз барои чӣ меравӣ?

Шунидам ки -гуфт Восеъ,-дар он ҷо бародари маро бо туҳмат зиндон кардаанд, мехоҳам биравам аз аҳволаш хабар бигирам.

Меҳмон ва мизбон ба якдигар нигоҳ карданд, ки баъд Восеъ маънои ин нигоҳро аз суханони зерини Мирзоакрамбой фаҳмид.

-Ҳар як дузд ё қотили зиндонӣ, албатта, худашро ба туҳмат мондагӣ, бегуноҳ ҳисоб мекунад!–ришханд карда ба амин рӯй оварда гуфт закотчии собиқ. Ӯ худ дар вақтҳои амлокдорӣ ва закотчигиаш одамонро кам қайду банд накарда буд ва хуб медонист зиндонҳо дар бораи худашон ва зиндонбонҳояшон чӣ фикре мекунанд. Бой боз ба Восеъ нигоҳ карда пурсид:

-Бародаратро ба чӣ гуноҳ зиндон кардаанд? Бе ҳеҷ гуноҳ,-кӯтоҳакак ҷавоб дод Восеъ. ё намехост ба ин одамон, ки ба худаш бо назари тамасхур нигоҳ мекунанд, воқиаи Назирро баён кунад.

Лекин, аз афти кор, ин масъала барои Мирзои Қорӣ аҳамияте дошт, ки ӯ боз гуфт:

-Ту аз Шаҳрисабз ҳафтод фарсах дур, дар Ховалинги гумном истода аз куҷо медонӣ, ки бародарат бегуноҳ аст?

Восеъ чашм ба чашми бой дӯхта як лаҳза фикр карда истода ҷавоб дод:

-Пас оё шумо, таҳсир, ӯро гунаҳкор ҳисоб мекунед?

-Набошад чӣ! Бегуноҳ бошад, аз барои чӣ ӯро ҳама кунанд?

-Ана ҳамин саволро ман ҳам мехоҳам, ки рафта ба ҳокимони Шаҳрисабз диҳам. Аммо, таҳсир, ман бародари худамро шинохта, бо чӣ туҳмат ба зиндон ғалтиданашро дониста мегӯям, ки ӯ бегуноҳ аст. Шумо бошед ӯро нашинохта, ваҷҳи ба зиндон ғалтиданашро надониста, ӯ гунаҳкор аст мегӯед. Ҳақиқат куҷост, таҳсир?

Закотчии собиқ дармонда гуфт:

-Ё-ё, ту бало будаӣ, гапдон будаӣ!

Амин дамнишаста, ки ҷунбишҳои бесаброна мекард, зеро ин навъ гуфтугузори меҳмонашро бо Восеъ бедахл ва бемаврид медонист, ба гап ҳамроҳ шуд:

-Хайр ин гапҳоро монему ба сари мақсад биёем. Мардакро ба галабонӣ мегиред ё намегиред?–мурочиат кард ӯ ба Мирзои Қорӣ.

Аз гирифтан пештар вайро санҷида диданам лозим, охир. Бародараш дар зиндон будааст, ман надонам ин худаш чихела одам. Яктаро насанҷида, тезбел карда

гирифта будам, дузд баромад. Дигар ин ки ин одам ба Шаҳрисабз мерафтааст, аммо ба ман галабони то Бухоро мерафтагӣ даркор.

-Ба Бухоро аз болои Шаҳрисабз гузашта мераванд ё бо роҳи дигар?–пурсид Восеъ.

Шаҳрисабз дар як тараф мемонад,-ҷавоб дод амин ва ба меҳмонаш ишора карда илова намуд: -Ин кас аз Ғузор он тараф ба дасти чап–ба роҳи Қаршӣ мераванд, роҳи Шаҳрисабз, ба дасти рост меравад. Агар ту галабониро ба гардан мегирифта бошӣ, бояд, ки аспҳои ин касро то Бухоро расонда диҳӣ. Не агар ту ба Бухоро намеравам, аз нисфи роҳ ба тарафи Шаҳрисабз мегардам гӯй, галабонии ту ба ин кас даркор нест.

Хуб, агар хӯҷаин маро галабон бигиранд, майлаш ман то Бухоро меравам,-гуфт Восеъ.–Аспҳошонро ба Бухоро расонда медиҳаму худам ба Шаҳрисабз бармегардам» [7, 68].

Назир дар Шаҳрисабз аз зиндон гурехта буд, ба ҷойи ӯ бародархондаш Восеъро ҳабс карданд. Пас аз он ки гунаҳкори асосӣ ёфт шуд, Восеъро аз зиндон озод намуданд. Баъди аз зиндон баромадан Восеъ барои пасандоз мардикорӣ кардан мехоҳад. Вале дар ин миён як кори дигар баромад. Як дастаи русҳо барои муборизa бо малах аз Тошканду Самарқанд ба вилояти Шаҳри Сабз мерафтанд. Восеъ ба ин даста кироя шуда, онҳоро то Самарқанд ҳамроҳӣ мекунад.

Дар Шаҳри Сабз дар бозори ангишт Восеъ бо ду нафар ҳаммоли кӯлобӣ вомехӯрад. Онҳо нақл мекунанд, ки дар Шоҳизинда як нафар кӯлобӣ ду ҳафта боз чилла менишинад. Восеъ ба Шоҳизинда меояд, бародархондаш Назирро, ки дар он ҷо бо маслиҳати яке аз мардони фозилу равшанфикри сарихосорӣ-Муллосафар чилла нишаста буд, меёбад. Сипас баъди мардикорӣ ва ба даст овардани як миқдор пасандоз Восеъ ва Назир ба Балҷувон баргаштанд.

Дар Балҷувон деҳқонон ба умед хирман мекӯбанд, аммо амлокдор ба рӯйи хирманҳо, аз ҷумла хирмани Нозим, муҳр зада буд ва намегузошт, ки то муайян шудани миқдори хироҷи нав касе ба хирманҳояшон даст занад. Дар ин миён зани Нозим пайдо шуда доду фиғон бардошт:

-Ҳой мардак, ман ин сағираҳои гушнаро бо чӣ сер кунам? Дар хона як каф орд нест; пагоҳӣ ман таги суфраро афшонда аз орди чукрӣ якто чапотӣ пухта инҳоро хӯрондам, дигар инҳо пагоҳ боз ҳеҷ чиз нахӯрдаанд, «оча, нон бидех!» гуфта фарёд доранд. Наход, ки ту аз хирмани ҳалоли худат як тоқӣ гандум гирифта натавонӣ?» [7, 215].

Нозим аз ин суханони занаш барошуфта муҳри подшоҳиро канд ва миёни ӯ ва сарбозони амлокдор занозанӣ ба амал омад. Дар ин миён Восеъ барои халосӣ ба мадади Нозим омад. Ҷобири доруға, ки ба Восеъ қасд дошт, ба ӯ дарафтод ва байни онҳо занозании шадиде ба вуқӯъ пайваст. Дар натиҷа, Восеъро бандӣ карда бурданд.

Аммо, дар роҳи Ховалингу Балҷувон сарбозон бо асирон боз истоданд. Чунки саркардаи лақайҳо Оллоёр писарашро тӯйи хатна мекард ва ҳамаи амалдорон дар он ҷо иштирок карда, ром кардани аспи ба бек бахшидаи Оллоёрро тамошо мекарданд.

Ҷамоат саргарми ром кардани аспи саркаш буданд, ки нохост чашми Мирзоакрамбой ба Восеи дастбаста афтод. Мирзоакрамбой дар ҳолати сархӯшӣ фармон баровард, ки Восеъ агар аспро ром кунад, аз гуноҳи ӯ мегӯзарад. Ҳамин тавр баъди ром кардани аспи ёбоӣ Восеъ озод гардид.

Андозчинӣ ҳанӯз ҳам идома дошт. Мирзоакрамбой ба ин қаноат накарда, баробари рӯёндани андози сесола духтарону писарони ҷавони мардумони нотавонро ба ивази қарзашон гирифта, ба амиру қушбегӣ ҳадя мекард. «Дараҳоро нолаю фарёд фаро гирифт, фазои кӯҳистон аз дуди оҳи ситамкашон тира гашт. Бисёр деҳқонон зану бачаҳошонро гирифта ё партофта ба кӯҳҳо мегурехтанд» [7, 228].

Косаи сабри деҳқонон лабрез гардид. Табақаҳои камбизоати аҳолии мавзеъҳои Ховалингу Балҷувон бо калтаку шохин, белу каланд ва тешаву табар мусаллаҳ гардида, ба шӯриш бархестанд.

Воеъ ба паҳлавонию нотарсӣ ва ҳаққӯию далерӣ ном бароварда буд ва бинобар ин халқ назди ӯ меомаданд ва аз ӯ мадад мехостанд. Восеъ ҳамроҳи ёронаш Назир, Нозим, Саидалӣ ба деҳаи Боғизоғон рафта якчанд рӯз ғайб мезананд.

Дар ин миён овозае паҳн мешавад, ки гӯё закотчии махсуси амир аз Бухоро ба Балҷувон барои тафтиши аризаи шикоятӣ меомадааст. Бо шунидани закотчии махсуси амир деҳқонони деҳаҳои дигар низ дар панҷшанбебозори Ховалинг ҷамъ меоянд. Умед доштанд, ки ягон дигаргуние мешавад. Вале бар хилофи чашмдошти онҳо сарбозон бандиҳоро ба лаби ҳавз барои ба қатл расонидан оварданд. Бо ин роҳ мехостанд мардумро тарсонанд. Мардум фаҳмиданд, ки аз амалдорон некие намерӯяд.

Мирзоакрами мирохур пеш аз куштани бандиҳо чанд сухан гуфт. Аммо, сухани ӯ тамом нашуда, аз ҷониби дигари бозор садоҳои мардуми бозорӣ «Восеъ! Восеъ!»

баланд гардид. Восеъ бо ёронаш Назир, Саидалӣ, Нозим ва як гурӯҳи саворон ба сари амлокдор ва ҳамроҳони ӯ ҳуҷум карданд. Мардуми дар бозор буда пароканда шуданд, бек, закотчӣ ва амлокдор тарсону ҳаросон ба сӯйи қалъача давиданд.

Восеъ аз болои асп дар бозор ба издиҳоми халқ чунин хитоб мекунад:

-Бародарон! Фақирон! Бихезед, ғазот кунед! Ҷавру зулм аз ҳад гузашт, мулк ҷазиробод шуд, халқон хору зор. Манғит моро одам ҳисоб намекунад. Ӯ моро дар диёри худамон ғариб кард, бехонумон кард. Ҳоким, амалдор, сипоҳӣ халқонро гургворӣ медаранд. Корашон бигиру–бибар, бизану бидар аст, тамом. Худи онҳо кистанд, аз куҷо омадаанд? Чӣ ҳаҚ доранд, ки фақиронро тороҷ кунанд, кӯдакони моро аз гушнагӣ бикушанд? То кай мо ҷафо мекашем? Дигар тоқат намонд. Ман ба золимон теғ кашидам. Фуқаро, бихез, ғазот бикун! Агар номус дорӣ, ҳамият дорӣ, бихез ба ғазот! Теғ ба даст бигир. Теғ наёбӣ–таёқ бигир. Табару теша бигир. Аз золим қасос бигир. Аз мурдан дар хорию зорӣ, беҳтар ки дар ҷанги золим бимирем [7, 232].

Восеъ ба деҳқонон таъкид намуд, ки минбаъд ҳар шаб ба болои кӯҳи Сурсақова нигоҳ кунанд, агар аломатеро диданд, ба ғазот бархезанд. Оташе, ки дар болои кӯҳи Сурсақова Восеъ афрухт, тамоми минтақаҳои Ховалингу Балҷувонро фаро гирифта, деҳқону косибон, ҳунармандонро ба шӯриш бархезонд. Чунки «акнун об аз сар гузашта буд».

Шӯрише, ки Восеъ бо ёрону ҳамдеҳагонаш оғоз карда буданд, ба ғазоти умумӣ табдил ёфт. Фақирон бо калтаку таёқ ва дигар асбобҳои рӯзғор, ки аз шохину белу каланд иборат буданд, «дод аз дасти манғит», «илоҳи хонаат сӯзад манғит» гӯён сарбозони беки Балҷувонро торумор намуданд. Беки Балҷувон фирор кард. Шӯришчиён дар Мазори Додарак, Ховалинг ва Кангурт зафар ёфтанд. Вале дар байнашон ҷудоӣ, парокандагӣ ба вуҷуд омад ва сабабгори ин парокандагии шӯришчиён Сайдалӣ буд. Амир Абдулҳадхони манғит ба кӯмаки Мирзоакрамбой аз Бухоро ба Ҳисор сарбозони мусалаҳро фиристод. Ҳокими Ҳисор-Остонақул ба сарбозони аз Бухоро фиристодаи амир дастаеро илова намуда, ба Балҷувон сафар мекунад. Шӯришгарон ба муқобили сарбозони ҷарори амирӣ бо белу каланд муқобилат нишон доданд, вале оқибат тоб оварда натавонистанд. Чунки муқобили сарбозони мусаллаҳу низомӣ истодагарӣ кардан душвор буд.

Шӯриш футур рафт. Сарвари шӯриш Восеъ ва ёрони вафодораш–Назир, Одина, Саид мерган, Нозим, Давлат Аюб дастгир шуданд. Агар ёрони Восеъ–Назир, Одина, Саид мерган, Нозим, Давлат Аюб дар задухӯрд шикаст хӯрда ба зиндон афтода бошанд, Восеъ бо фиребу найранги яке аз иштирокчиёни шӯриш Маҳмадалӣ дастгир мешавад.

Ёрони Восеъ дар Ҳисор ба қатл расонида мешаванд. Худи Восеъро амир Абдулаҳадхони манғит дидан мехост. Сарбозони амирӣ Восеъро бандӣ карда ба Шаҳрисабз, ки амир он ҷо буд, бурданд. Восеъ дар зери дор ҳам ба ин «дарандагони дупо» сар хам накард: «Дар байни саллаҳои сафеду сабзу кабуд ва телпакҳои сиёҳи сурхтобу хокистари ранги кафказии қариб то ба замин хамшуда танҳо Восеъ қад барафрохта рост меистод. Амир ба вай чашм дӯхт, вай ҳам ба амир чашм дӯхт. Восеъ гӯё бо нигоҳаш ба вай мегуфт: «Ту маро дидан хостӣ? Инак ман! Бубин! Душманони ту ҳама монанди мананд! Ман ҳоло асири туям, аммо ба ту сар хам намекунам, аз ту наметарсам» [7, 362].

Восеъро баъди ба амир нишон додан ба дор овехтанд. Вале меҳру муҳаббати мардум, эҳтироми ба ӯ доштаи фақирон ҳамеша дар дили ҳаммаслакону ҳамдеҳагонаш бокӣ монд. Ба хотири қадршиносӣ ҳамдиёронаш ҷувозкундаеро, ки худи Восеъ фармуда тарошонда буд, то ҳол дар зодгоҳи Восеъ Дараи Мухтор нигоҳ медоранд.

А Д А Б И Ё Т

1. Бақозода Ҷ. Андеша ва чеҳраҳои адабӣ / Ҷ. Бақозода. - Душанбе: Адиб, 2005. - 180 с.
2. Восеънома / мураттиб ва муаллифи пешгуфтор С. Эмомқул. – Душанбе: Матбуот, 2003. – 48 с.
3. Муллоҷонов М. Нависандае, ки дӯсташ медорам / М. Муллоҷонов // Ҳамдами халқ, ҳамқадами замон. – Душанбе: НДТ, 1962. - 250 с.
4. Отаханова Х. Роман дар бораи шӯриши Восеъ / Х. Отаханова // Маориф ва маданият. - 1969, 19 декабр.
5. Рачабов М. Образи Восеъ дар насри муосири тоҷик / М. Рачабов // Из истории народных движений в Средней Азии. – Душанбе: Дониш, 1988. - 134 с.
6. Улуғзода С. Восеъ / С. Улуғзода. – Душанбе: Ирфон, 1969. - 360 с.
7. Улуғзода С. Восеъ / С. Улуғзода. – Душанбе: Ирфон, 1979. – 367 с.
8. Ҷумаев Ш. Ташбеҳ рангину тасвир зебост / Ш. Ҷумаев. // Маориф ва маданият, - 1969. 29 апрел.
9. Шарифов Х. Таҳаввули мазмун ва ифода дар эҷодиёти Сотим Улуғзода / Х. Шарифов // Услуб ва камолоти сухан. - Душанбе: Ирфон, 1985. - С.126–143.

10. Шарифов Х. Озурдагон ва умедворон / Х. Шарифов // Андешаҳо оид ба адабиёти гузашта ва муосир. - Душанбе: Сино, 2001. – 195 с.
11. Шукуров М. Насри солҳои 1945-1974 / М. Шукуров // Таърихи адабиёти советии тоҷик. – Душанбе: Дониш, 1980. – С.309-325.

РОМАН «ВОСЕЪ» СОТИМА УЛУГЗОДА И ИСТОРИЧЕСКАЯ ДЕЙСТВИТЕЛЬНОСТЬ/

Роман «Восеъ» представляет собой собой эпический и событийный роман. Историзм в данном романе ярко отражает связь проблемы судьбы человека с социальными вопросами. Важнейшей особенностью историзма изображения в этом романе являются достоверность и ее исторические отгенки. На примере судьбы Восеъ стремление художественного восприятия прошлого, настоящего и будущего в совокупности определяет основу историзма изображения.. Писателю в романе удалось точно выразить историческую атмосферу и социальные условия времени, а также происходящие события.

Ключевые слова: Сотим Улугзода, роман «Восеъ», историзм, язык и средства художественного изображения романа, копирование истории, . художественный вымысел, предмет изображения, изображение исторической судьбы народа, опора на исторические документы, правдивое изображение истории.

ROMAN "VASEY" SOTIM OF OLUSOGA AND HISTORICAL REALITY

Roman "Vasev" is an epic and novel event. Historicism in this novel vividly reflects the relationship between the problems of human destiny with social issues. The most important feature of historicism image in this novel are its historical authenticity and otenki. The examples of Vasev desire artistic perception of past, present and future together determines the basis of historicism image.. the Writer in the novel was able to precisely Express the historic atmosphere and social conditions of the time, and the events.

Kev words: Satim of Olusoga Roman "Vasev", historicism, the artistic image of the novel, up history , fiction, a subject image, the image of the historical destiny of the people, relying on historical documents, a true picture of history.

Сведения об авторе*: Сироджиддин Эмомали* – кандидат филологических наук, доцент, докторант Таджикского национального университета. Телефон: **907-65-38-38**

ИДЕЙНО-ХУДОЖЕСТВЕННЫЕ ОСОБЕННОСТИ НАРОДНОГО РОМАНА «ИСКАНДАР-НАМЕ»

Р.К. Восиева

Таджикский государственный институт языков имени Сотима Улугзода

Личность Александра Македонского всегда вызывала особый интерес в литературе. У истоков, конечно, стоят произведения античности, в которых характеру и действиям великого полководца даётся морально-этическая оценка. Античные поэты и историки ставят перед собой задачу не столько описания деяний и жизни Александра, сколько извлекают примеры морализаторского характера. Благодаря относительной исторической точности, особенностью сочинений этого периода считается синтез художественной литературы и историографии, на основе которого и осуществляется моральная проповедь. Тема исторической и художественной личности Искандара получила такое распространение, что вобрала в себя греческие, латинские, пехлевийские, древнееврейские, арабские, сирийские, армянские, эфиопские, персидские и др. корни. Поэтому исследование и анализ упомянутой темы может быть безграничным. Исследование «Искандар-наме» в литературоведении и иранистике началось в конце XIX века и продолжается до настоящего времени.

На образ Искандара обратили внимание выдающиеся персоязычные поэты средневековья и относительно него сочинили свои произведения. На основе персидских преданий "Искандар-наме" прежде всего написано "Шахнаме" Фирдоуси [8]. Известный учёный и востоковед Е.Э.Бертельс, который является знатоком творчества Фирдоуси и Низами, посвятивший более десятка исследований, утверждает, что Искандар представлен у Фирдоуси как правитель, постоянно ведущий войны, за ним тянется река бесцельно пролитой крови разных племён и народов. История Искандара в «Шахнаме»- это уже сложившаяся её версия иранского направления, т.е. Фирдоуси принял народную версию о персидском происхождении Искандара. Он является одним из царей Ирана, совершившим необычные походы. Он не является идеальным царём, его образ не используется и в дидактических целях, а повествование Фирдоуси об Искандаре болеее близко к его историческим источникам.

Низами считается вторым поэтом после Фирдоуси, обратившимся к теме Искандара, и в таджикско-персидской поэзии первой и наиболее полной является поэма "Искандар-наме" Низами (в объеме 6810 бейтов), в которой центральный образ–Искандар [5]. И по объему, и по значимости поэма «Искандар-наме» Низами превосходит повествование об Искандере из «Шах-наме» Фирдоуси. За ним следует результат поэтического воображения Амир Хосрава Дехлави, известное как "Зерцало Искандара" (2;

4450 бейтов) и Абдурахмана Джами "Книги мудрости Искандара" (3;1315 бейтов); Интерес Джами к этой теме воплощен в художественный образ справедливого царя Искандара, как назидание современным ему правителям. Здесь можно присоединиться к мысли Е.Э.Бертельса, который подытожил высказывания об образе Искандара, приведенные в произведениях X-XVвв. в трех аспектах: а) завоеватель; б) царь-философ; в) пророк [1, 49].

Наряду с вышеуказанными произведениями существуют и прозаические «Искандар-наме». Дастан об Искандаре в течение многих столетий был одним из популярных произведений народной литературы на персидском языке. По имеющимся сведениям, он существовал уже в досаманидскую эпоху и продолжал пользоваться популярностью вплоть до начала 20 века. Народный роман "Искандар-наме»-является величайшим романом иранских народов средневековья, который занимает достойное место среди прозаических произведений нашей литературы.

Этот вариант содержит художественное изображение-жизнеописание Искандара, которое состоит из 7 томов и 254 отдельных повествований. Эта книга была издана в 1939 году в Иране и содержит 662 страницы, в текст книги также включены картины с изображением Искандара и отдельные эпизоды его военных походов [4].

В предисловии к книге не указывается имя её автора, время и причины её создания, и только в седьмом рассказе впервые упоминается имя Манучехра Хакима, как равия (сказителя), собирателя или составителя данного произведения.

Из этого вытекает, что "Искандар-наме» написан мудрецом Манучехром Хакимом, имя которого упоминается много раз в тексте: "Автор второго тома мудрец Манучехр так повествует..." [4, 86]. "Автор четвертого тома мудрец Манучехр рассказывает, о родоначальнике айяров и воспитаннике дома счастливого правителя..." [4, 19]. В начале каждого тома упоминается автор. Хотя в истории таджикско-персидской литературы исследователи не приводят писателя под таким именем, однако не вызывает сомнения то, что он является составителем этого очень большого романа.

Анализ и содержание данного памятника показывает, что в изложенном составителем или автором, т.е Манучехром Хакимом соблюдается свойсвенная средневековой прозе форма обрамления (рассказ в рассказе). Несмотря на то, что события и действия происходит в 254 отдельных рассказах и, на первый взгляд, каждый из рассказов кажется самостоятельным, однако образ центрального героя–Искандара-является связующим звеном между отдельными рассказами.

Роман "Искандар-наме» наряду с героическим характером своего содержания имеет религиозную и дидактическую проблематику. Произведение начинается восхвалением Аллаха и его пророка Мухаммада, после чего автор сообщает о предках Искандара. Также в него включены жизнеописания пророков и множество преданий и сказаний, имеющих отношение к исламской религии. Не случайно, что это произведение появилось в XVI веке во время правления Сефевидов, пропагандирующих идеи шиитского течения ислама. Именно в этот период, по утверждению исследователя персидско-таджикской народной прозы Ю. Салимова «пропагандисты и ораторы шиитского течения в Иране использовали для распространения религиозных идей также повествовательную прозу и наряду с переработкой существующих произведений повествовательной прозы написали несколько новых книг по религиозной шиитской тематике» [6, 64].

Надо отметить, что центральным героем романа "Искандар-наме" является Искандар, этот образ совершенно отличается от исторического Александра Македонского и других художественных образов Искандара в поэтических и прозаических произведениях персидской литературы.

Наиболее важное отличие упомянутого романа от одноименных прозаических и поэтических произведений таджикско-персидской литературы заключается в том, что двигательной силой и основой всех политических и захватнических планов эмира, их исполнителями в романе являются рыцари. Поэтому в романе "Искандар-наме" с начала и до конца действует огромное множество положительных и отрицательных рыцарей (айяров), связанных между собой различными отношениями, живущими то в обстановке дружбы и мира, то в обстановке конфликтов и противоречий.

Другая структурная особенность «Искандар-наме» заключается в том, что в нем в отдельных местах используются стихотворные отрывки, которые служат для подтверждения или укрепления той или иной мысли, выраженной героями произведения. Стихотворные отрывки, использованные в «Искандарнаме», в основном принадлежат перу известных поэтов X-X1У веков–Абдулкасыма Фирдоуси, Саади Ширази, Хафиза Ширази и других. Использование стихотворных отрывков наблюдается во всех томах книги.

Анализируя язык и стиль изложения «Искандар-наме», наблюдается простой стиль изложения, смешение элементов литературного и разговорного языков, о чем свидетельствует использование в нем синтаксически неправильных выражений, неправильное использование предлогов и послелогов, использование незнакомых и неясных слов, наличие меньшего количества арабских слов и выражений и т. д.

Особенность языка «Искандар-наме и кабир» также заключается в том, что если в литературном языке союз «ва» (и) соединяет члены предложения, то в нем эта связь осуществляется посредством паузы, что свойственно также разговорному языку. Например, в предложениях типа: «Рафт, рост шуд, дид, ки пушти ӯ бар замин часпида» / Шел, поднялся, видел, что его спина прикована к земле. Связь между членами предложений осуществлёна посредством паузы. Можно привести достаточное количество примеров о использовании паузы для связи членов предложений или связи между простыми предложениями.

Изменение места членов предложения или инверсия также является заметной особенностью исследуемого произведения. Например, в предложении «Фитна дар гӯшае нишаст ба зорї кардан» /Фитна сидела в уголке и начала рыдать [4, 17]. Сказуемое «нишаст» поместилось в середине предложения, когда согласно синтаксису литературного языка его место должно быть в конце предложения.

В романе «Искандар-наме» наблюдаются особые повторы и подчеркивания отдельных членов предложения, что свойственно также стилю смешанного с элементами литературного и разговорного языков. Например, в предложении «Искандар ӯро навозиши бисёр карда, ӯро сипаҳсолори худ гардонид» /Искандар очень тепло приняв его, назначил его своим полководцем» [4, 2]. Дополнение «ӯро» особенно подчеркивается два раза. Такие повторы и подчеркивания отдельных членов предложения встречаются часто и можно привести достаточно количество примеров.

Одним из особенностей языка и стиля изложения «Искандар-наме» является частое использование в нем саджа–рифмованной прозы, и соотношение рифмованной прозы и простого прозаического языка заметно во всей книге. Высокий уровень знания создателя произведения в области языка позволило ему с мастерством использовать саджевую форму в своей книге и этим придать более изящности музыкальности и выразительности своему изложению.

Лексический состав языка «Искандар-наме» очень богат словами и выражениями, свойственными героическим романам. В нем часто встречаются слова и выражения «гурзи гарон, шамшер, каманд, шаршар, найза, амуд, сафедмухра, фалохун, камарзанчир» и другие, являющиеся названиями оружия сражений и боевых действий. Лексика «Искандар-наме» также содержит много архаизмов типа «козур, арода, шибр, ясавул,мандал, устурлоб», которые сейчас не используются в литературном и разговорном языках и считаются архаизмами.

Относительно анализа художественных средств, использованных в «Искандар-наме» показывается, что в данной книге, как и в других произведениях, написанных в обычном несложном стиле прозы–мурсала-использование художественных средств изображения и их разновидностей наблюдается намного меньше, чем в прозаических произведениях, написанных в искусном стиле (насри маснуъ). Основное место в нем занимают художественные изображения, простые и доступные понятию основной массы читателей как сравнение / ташбеҳ, метафора /истиора/, гипербола /муболиґа/, реминисценция /талмеҳ/, эпитет /тавсиф/ и другие.

По своей значимости и количеству использования художественных средств во всех томах «Искандар-наме» особое место занимает ташбех /сравнение/. Следует отметить, что большинство сравнений в нём построены по правилу ташбехи равшан /ясное сравнение/, то есть в них существуют все элементы сравнения. Например, в эпизоде описывающем героев книги Тура и Саъдана, читаем: «Туру Саъдон лангарафкан бар болои сандалї нишастанд, ки чор пои он чун мех ба замин фурӯ нишаст» /Когда Тур и Саъдан сели на кушетку/стул/, его четыре ноги, как гвозди пробили землю» [4, 70].

Другим важным художественным средством изображения в «Искандар-наме» является гипербола/муболига/ и это не случайно, так как гиперболические выражения и описания занимают особое место во всех произведениях, передающих эпическое и героическое содержание. Создатель «Искандар-наме» часто использует данную художественную фигуру для более выразительного изображения характера и действий своих героев в различных ситуациях. Например, для того, чтобы более выразительно показать мастерство своего героя в стрельбе из лука автор о нём говорит: «Ангуштаре оварданд, андохт ба хаво ва се тир аз халкаи ангуштар бадар кард»/Ему принесли перстень, он бросил его в воздух и выпустил три стрелы, которые вышли из центра

перстня/ [4, 47]. Можно привести очень много таких примеров, доказывающих роль и место данной художественной фигуры в «Искандар-наме».

В заключение можно сделать такие выводы, что содержание и идеи в общем далеки от исторической действительности и реального жизнеописания Искандара. Идейно-содержательная основа произведения исламизирована, и в основном имеет религиозный характер. В "Искандар-наме» также важное значение придаётся образам героев-храбрецов, или айяров, которые сыграли важную роль в завоеваниях Искандара, в защите интересов его государства, в борьбе против многочисленных врагов. В данном произведении наблюдается стиль простой обычной прозы-мурсал, т.е. смешение элементов литературного и разговорного языков.

Народный роман "Искандар-наме»-является величайшим романом иранских народов средневековья, который занимает достойное место среди прозаических произведений нашей литературы.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Бертельс Е.Э. Навои и Джами. Роман об Александре и его главные версии на Востоке / Е.Э. Бертельс - М.: Изд-во Наука, 1965. – 499 с.
2. Дехлеви, Амир Хосрав. Аинайи Искандари /Амир Хосров Дехлеви; составление критического текста и предисловие Мирсаидов Дж. (на перс. яз.). - М.: Наука, 1977. – 314 с.
3. Джами Абдурахман. Книга мудрости Искандара / Абдурахман Джами: пер. В. Державина. - Сталинабад, 1949. – 124 с.
4. Искандарнома дар 7 ҷилд аз рӯйи нусхаи қарни 14. (на перс. яз.). – Теҳрон, 1318/1937. – 662 с
5. Низами Гянджави. Искандер-наме. Поэма / Низами Гянждави / пер.с фарси К. Липскерёва; науч.ред., автор вступ. ст. и прим. Р.Алиева. - Баку: Язычи, 1983. – 998 с.
6. Салимов Ю. Сказочная проза / Ю.Салимов. - Душанбе: Ирфон, 1986. - 127с. (на тадж. яз.).
7. Фирдоуси, Абулкасым. Шахнаме / Абулкасым Фирдоуси. - Душанбе: Ирфон, 1964. – Т.1. - 467 с; - Т.2. - 319 с; - Т. 3. - 526 с; - Т. 4. - 406 с. (на тадж. яз.).

ИДЕЙНО-ХУДОЖЕСТВЕННЫЕ ОСОБЕННОСТИ НАРОДНОГО РОМАНА «ИСКАНДАР-НАМЕ»

Данная статья посвящена исследованию народного романа «Искандар-наме», который является величайшим романом иранских народов средневековья. Автор статьи исследуя идейно-художественные особенности данного произведения определяет, что идейно-содержательная основа данного произведения исламизирована и в основном имеет религиозный характер. В "Искандар-наме» также важное значение придаётся образам героев-храбрецов. Автор приходит к выводу, что в нем наблюдается стиль простой обычной прозы-мурсал, т.е. смешение элементов литературного и разговорного языков.

Ключевые слова: Искандар, Искандар-наме, роман, источник, рукопись, сказание, литературовед, тектология, содержание, ислам, миф, вид.

IDEOLOGICAL AND ARTISTIC FEATURES OF FOLK NOVEL ISKANDAR-NAME

This article is devoted of exploration of folk novel «Iskandar- Name», which is the greatest Iranian people of the Middle Age. The author of the article exploring ideological substantive foundation of the work determines that ideological and substantive foundation of the worr is Islamite, and it is essentialle religious in nature. In «Iskandar-Name» the importance attached to the way of the brave heroes. The author concudes that it is ordinary prose style- mursal, I.e. funny elements of literary and spoken language.

Key words: Iskandar, Iskandarnoma, manuscript, fable, secretary, literary scholar, legend, meaning, Islam, story, idea, form.

Сведения об авторе: ***Р.К. Восиева*** - кандидат филологических наук, доцент кафедры теории и истории таджикской литературы Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода.
Телефон: **(+992 37) 232-95-65**. **E-mail:v.rukhshona@mail.ru**

ХУСУСИЯТҲОИ РОМАНИ РУСТОӢ ДАР АДАБИЁТИ МУОСИРИ ҲИНДӢ

М.А. Нурова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

«Роман ҳодисаи муҳимми адабии ҷомеаи сармоядорист, ки унсурҳо ва нишонаҳои он аз қаъри асрҳо, аз ибтидои зуҳури андешаи зебоишиноҳтии инсоният сарчашма мегирад. Намунаҳои шабеҳи ин навъи комили адабиро дар адабиёти халқҳои Ғарбу Шарқ аз замонҳои қадим ба мушоҳида гирифтан мумкин аст» [7, 10]- менависад муҳаққиқи тоҷик Солиҳов Ш.А. дар рисолаи худ, ки масъалаи ташаккули жанри романро дар адабиёти тоҷикии қарни ХХ ба риштаи тадқиқ кашидааст.

Бо гузашти қарнҳо унсурҳои роман вобаста ба тағйироту такомули зиндагии иҷтимоии ҷомеа, гардишҳои сиёсию фарҳангӣ ва тағйири низоми рӯзгори инсоният тадриҷан фароҳам омада, то ба шакли имрӯза расид. Ба ҳам наздик шудани рӯзгори шахсии фард бо зиндагии ҷомеъ барои тасвири ҳақиқат дар адабиёт замина гузошт. Роман дар адабиёти давраи нав аз ҷумлаи жанрҳои фаъол буда, босуръат инкишоф меёбад ва хонандаи зиёди худро пайдо кардааст. Ҳар як марҳилаи инкишофи он

тавассути ҷустуҷӯҳои эҷодии адибон дар заминаи кашфу ошкор сохтани имкониятҳои дохилижанрии роман дар тағйири назарияи мавҷуда нақши худро мегузорад. Навовариҳои дар роман ҷойдошта барои ҷустуҷӯҳои нав ба нав як такон мешаванд ва ҳақиқат дар навбати худ романнависро барои талоши доираи нави сабку услуб даъват мекунад.

Дар адабиёти ҳиндӣ, ки яке аз адабиётҳои сермаҳсули Ҳиндустон мебошад, роман чун жанри адабӣ роҳи тӯлонии ташаккули худро тай кардааст. Муҳаққиқи ҳинд Бҳолабҳаи Пател романи ҳиндустонӣ ва махсусан, романи деҳотии ҳиндиро тадқиқ намуда дар мақолаи «Анъанаи романи ҳиндустонӣ ва романи деҳотӣ» дар хусуси пайдоиши роман дар адабиёти ҳиндӣ чунин ишора мекунад: «Дар таърихи адабиёти ҳиндӣ, ки яке аз адабиётҳои ғании Ҳиндустон ба шумор меравад, пайдоиши романро бо он шаклу мазмуне, ки имрӯз мо мешиносем, ягон санаи дақиқе ёдовар намешавад. Танҳо чунин ишора мешавад, ки тақрибан саду сӣ сол қабл аз ин, дар маҷрои маорифпарварӣ баъзе романҳо пайдо шудаанд» [1].

Ташаккули романи муосири ҳиндӣ ҷараёни зинда, мураккаб ва серпаҳлӯ мебошад, ки таҳқиқ ва тадқиқи паёпайи эҷодиёти насрнависони мухталифро тақозо дорад.

Яке аз навъҳои жанри роман дар адабиёти муосири ҳиндӣ, романи деҳотӣ аст, ки мавзӯи худро аз дастовардҳою навовариҳои ҳаёти ҷомеаи муосир, тасвири масоили мубрами зиндагӣ ва ҳақиқати давр интихоб намуда, баробари ин муҳовараи замон ва муносибати романнависро ба ин хусусиятҳо вобаста медонад. Нависанда мувофиқи санъати адабӣ ва ҳунари офарандагии худ ба тасвири ҳақиқати замон мепардозад. Романи деҳотӣ барои муаллиф майдони ҷустуҷӯро васеъ карда ва баҳри муайян намудани алоқамандӣ ва ҳақиқати замон шароит муҳайё месозад.

Муҳаққиқи Ҳинд Индранатҳ Мадан, ки ба омӯзиш ва тадқиқи романи ҳиндӣ машғул аст, романи деҳотиро вобаста ба ин навъи жанри адабӣ, дар сафи аввали романҳо гузошта, далели пешовардаи худро чунин шарҳ медиҳад:

«Романи деҳотӣ дар сархати аввали романҳо меистад. Ин ба он мемонад, ки мо аввал ҳиндустонӣ ҳастем ва пас панҷобӣ, банголӣ ё малаяламӣ. Аввал мо инсон ҳастем, баъд рус, амрикоӣ, ҷопонӣ ё ҳиндустонӣ. Ҳамин тариқ, дар муқобили хусусиятҳо ва гунаҳои ғайришартӣ ва умумиинсонӣ ё ҳиндустонӣ, ба мисле ки мо низ чунин «хусусият» ва ё «табиати хос»-и худро дорем, сохтори бадан рух медиҳад ва пас, то дараҷаи забон ва табиати инсонӣ, ки моро аз ҳамдигар ҷудо ва фарқ мекунонад, яъне фарқияти панҷобию банголӣ буданро нишон медиҳад. Ҳамин тавр, романи деҳотӣ дорои хусусиятҳое ҳаст, ки онро аз романҳои маъмулӣ ҷудо месозад ва ба як сатҳи махсус ё синфи хос ҷудо мекунад.

Маҳз ҳамин хусусиятҳо ё хосиятҳо дар романи деҳотӣ нишондиҳандаи муайянкунанда мебошанд» [1]. Вале, пеш аз он ки хусусиятҳои романи деҳотиро дар адабиёти ҳиндӣ муайян кунем, муҳим аст, ки маънои аслии калимаҳои «деҳот» (anchal) ва «деҳотӣ»-ро (anchalikta) дар ибораи «романи деҳотӣ» («anchalik upanyas») маънидод кунем. Бамаврид аст, ки дар мавзӯи романи деҳотӣ ба калимаи «anchal», ки дар ибораи «anchalik upanyas» ҷой дорад, каме равшанӣ андозем. Дар ибораи мазкур калимаи «anchal» аз маънои луғавии худ ва дар маънои ба он наздик истифода шудааст. Маънои луғавии калимаи «anchal»-1. домани сарӣ; 2. доман, соҳили дарё, замини соҳили дарё ва он қисмати мамлакат, ки назди сарҳад воқеъ аст [2, 16] ва ғ. мебошад. Лекин «калимаи «anchal», ки қисмати номгӯи романи деҳотӣ («anchalik») интихоб гардид, дар жанри роман «anchal» як шакли нав ё намуд, дараҷаеро офаридааст, ки он ҷиҳати умумии ягон қисмати ҷуғрофии дохили мамлакатро ифода мекунад, ки он хусусиятҳои хосси маданӣ-иҷтимоӣ дошта, дорои забони худ, масоил ва анъанаҳои миллии хоси худ ҳаст. Аз ин ҷиҳат, маънои калимаи «anchal» аз маънои луғавии он фарқе дорад, вале маънои луғавии калимаи мазкур–«он қисмати мамлакат, ки назди сарҳад бошад», дар замони муосир маънои онро то дараҷае муайян мекунад.

«Маҳз аз калимаи «anchal» муайянкунанда ва мафҳуми калимаи муайяншавандаи «anchalikta», яъне маҳаллӣ, минтақавӣ сохта шудааст. Ҳамин тариқ, «anchalik»-деҳотӣ ва «anchalikta» - деҳотчигӣ (кишоварзӣ) ҳар ду аз решаи «anchal» бо сабаби алоқаманд будан муайянкунандаи тасвири хоси сифат ва хусусиятҳои он мебошад» [3],-қайд кардааст муҳаққиқи романи деҳотии ҳиндӣ Ҷаваҳар Синҳ. Ин шарҳи муҳаққиқи ҳинд то дараҷае романи муосири деҳотиро шарҳ медиҳад.

Асосгузори реализми танқидӣ, бузургтарин эҷодкори ҳикоя ва романи ҳиндӣ, нобиғаи адаб Премчанд (1880-1936), дар адабиёти муосири ҳиндӣ беҳтарин офарандаи асарҳо бахшида ба ҳаёти деҳот шинохта шудааст. Маҳз бо ҳамин паҳлӯи эҷодиёташ вай соҳиби эҳтиром ва маҳбубияти мардуми Ҳинд гашт. Доктор Бҳолабҳаи Пател дар ин хусус чунин менависад: «Шояд Премчанд аввалин романнависи ҳиндӣ ҳаст, ки диққати худро ба симои деҳқони ҳинду ва ба сабабҳои

мушкилиҳои онҳо рӯй оварда бошад [1, 142]. Романи «Говсадақакунӣ» («Годан», 1936) романи беҳтарини ӯ дар мавзӯи деҳот аст. Премчанд адибест, ки бо ҳаёти вазнини деҳот аз наздик ошно буд. Бинобар ин, дар романҳояш ҳақиқати зиндагӣ дар русто хеле реалистона инъикос ёфтааст.

Пас аз Премчанд мавзӯи деҳот ва мушкилоти он то дараҷае аз назари нависандагони ҳиндӣ дур монд. Танҳо пас аз 18 соли вафоти Премчанд соли 1954 «Кампали ифлос» («Майла анчал») ном романе нашр шуд, ки «ба зудӣ диққати дӯстдорони адаб ва муҳаққиқонро ба худ ҷалб кард. Муаллифи ин асар адиби ҳанӯз на чандон маълум Пҳанишварнатҳ Рену буд» [5, 7].

Дар адабиёти ҳиндӣ Пҳарнишварнатҳ Рену (1921-1977) аввалин нависандае ҳаст, ки дар номгӯи асари худ «Кампали ифлос» («Maila anchal») калимаи «anchal»-ро дарҷ кард. Хусусияти хоси ин роман пеш аз ҳама дар он буд, ки дар номгӯи ин асар муаллиф маҳз калимаи «анчал» (anchal)-ро ҷой додааст. Пҳанишварнатҳ Рену бар ивази калимаи англисии «rejional»-минтақавӣ шакли синонимии ҳиндии он, яъне калимаи «anchalik»-ро истифода кард. Дар насри амрикӣ дар ибораи «rejional navel», яъне «романи минтақавӣ» низ ҷойи муҳимро калимаи «rejional» муайян мекунад, ки он ҳамаи хусусиятҳои маҳаллиро дар худ акс мекунад. «Ҳамаи ин хусусиятҳои деҳотчигӣ дар «Кампали ифлос»-и Рену аллакай ифода ёфта буданд» [4, 556].

Ба ақидаи доктор Брачвилас Шривастав «мақсади асосии романи деҳотӣ ин тасвири хусусиятҳои маданӣ, иҷтимоӣ ва ҷуғрофии ягон қисмати махсус мебошад». Адабиётшиноси дигари ҳинд доктор Рамдарас Мишра, ки ба омӯзиш ва тадқиқи жанри роман дар адабиёти ҳиндӣ, махсусан романи деҳотӣ рӯ овардааст, вазифаи асосии романнависро чунин муайян кардааст: «Мақсади романи деҳотӣ ба таври пурра нишон додани паҳлӯҳои ҳаёти шахсӣ дар деҳа сукунат дошта, дар замони муайян ва макони муайян аст» [4, 29].

Тадқиқотҳои муҳаққиқони адабиётшиносро ба инобат гирифта, хусусиятҳои романи деҳотиро муайян кардан мумкин аст. Адиби ҳинд Ҷаваҳар Синҳ дар асари худ бо номи «Услуби романи деҳотии ҳиндӣ» (1986) [4, 53-54] хусусиятҳои романи деҳотиро чунин шарҳ медиҳад:

1. Романи деҳотӣ қиссаи як деҳаи хос нест, балки қисса дар бораи деҳ аст.
2. Ин деҳа ва ё маҳалли махсус на танҳо аз диди ҷуғрофӣ ё табиӣ бо маҳалли интихобшудаи атрофи он мухолифат ва фарқе дошта бошад, балки сохти ҷамъиятӣ, вазъи маданӣ, мушкилоти иқтисодӣ ва инсондӯстии сокинони он низ дар тафовут бошад ва хусусиятҳои худро доро бошад.
3. Зери таъсири ин ҳама хусусиятҳо ҳаёту зисти мардуми он, либосу хӯрок, иду ҷашнҳо, шуурнокӣ ва ақидаронӣ ва тамоми пешравиҳои зиндагӣ як шакли махсусро қабул мекунад.
4. Асос ва сархати романи деҳотӣ ягон деҳаи хос аст.
5. Барои қисса намудани ҳаёти деҳаи махсус дар романи деҳотӣ як услуби хос аз худ мешавад, ки аз услуби романофарии анъанавӣ фарқ мекунад.
6. Дар романҳои деҳотӣ мавқеи қаҳрамони қисса ба деҳотӣ будан мансуб аст, на ба хусусияти образ.
7. Дар романи деҳотӣ назар ба дигар омилҳо зарурати «омили гирду атроф» бештар аст.
8. Романи деҳотӣ баробар дар як замон ва макон вуҷуд дорад.

Яъне, мақсади романи деҳотӣ хусусияти маҳал ва ё деҳаеро ба пуррагӣ ва дақиқ тасвир намудан аст. Аз ин ҷост, ки қисматҳои нопурраи онро омӯхта, ягонагии онро хароб накарда, дар пайвастагӣ бо ҳам дидан вазифаи романнависони деҳотӣ аст.

Ҳамин тавр, навъи романе, ки дар он макону муҳит, ҳолат ё вақт бештар ҷой дорад, дар сафи «романи реалистонаи деҳотӣ» ҷой мегирад.

Романи деҳотӣ пеш аз ҳама шакли як жанри муайян аст, онро бо назардошти хусусиятҳои ба мавзӯи деҳот дахлдошта романи деҳотӣ гуфтан мумкин. Омилҳои умумии эҷодӣ чун материали қисса, қаҳрамон, муҳит, услуби забонӣ ва мақсад дар романҳои деҳотӣ низ ҷой доранд. Лекин романи деҳотӣ назар ба дигар романҳо муҳити гирду атрофро бештар зарур мешуморад. «Дар романҳои ғайридеҳотӣ низ қиссаи ягон деҳа ё маҳалли хос (дар романи «Говсадақакунӣ» («Годан»)-и Премчанд деҳаи Беларӣ, дар «Деҳаи Шивалараганҷ» («Шиваралганҷ касба»)-и Рагдарбарӣ ё «Мригнаянӣ»-и Вриндаванлал Варма ва ғ.) ҷой дорад ё тасвир мешавад, вале дар романҳои деҳотӣ қиссаи деҳа ва ё маҳаллаи махсусе оварда мешавад, ки он аз ҳаёти дигар қисматҳои Ҳиндустон хеле фарқ мекунад. Бар ивази деҳоти Беларии романи «Говсадақакунӣ»-и Премчанд ягон деҳаи мамлакати Ҳиндро интихоб кардан имкон дорад. Мушкилоти деҳқонони деҳаи Беларӣ ё ҳолати сиёсӣ-иҷтимоии маҳаллаи Шивапалаганҷро ҳариб дар ҳамаи деҳоти Ҳиндустон дидан мумкин аст. Он аз мушкилоти дигар деҳаҳо фарқе надорад. Лекин деҳаи Мериганҷи романи «Кампали

ифлос» ва Паранпури романи «Заминҳои нокорам»-и Пҳанишварнатҳ Рену, ё деҳаи Каритаи романи «Ҷудо кардашуда»-и Шивапрасад Синҳ, ё дар сарсухани романи «Ҳудуди деҳот»-и Нагарҷун бо хусусиятҳои хосси деҳотии худ чунон махсус гардонида шудааанд, ки қиссаи ин деҳа ё маҳалла танҳо мансуби он ҷо ҳаст. Онро на дар ягон деҳа ва ё маҳалле дида наметавонем. Ин романнависон хусусият ва рангорангии маҳаллиро дақиқ, возеҳу равшан нишон дода тавонистанд» [6, 162]. Деҳаеро, ки Премчанд тасвир кардааст, шояд чун ҳазорҳо дигар деҳаҳои Ҳиндустон ё садҳо деҳаҳои музофоти Уттар Прадеш аст. Бо вуҷуди якрангӣ ва монандиҳои анъана, урфу одат, русум ва масоили деҳот, фарқият ва тафовут бештар дар гуфтор, зебу зинат ва ороишот, анъанаҳо, даромаду баромади хоси миллӣ ва расму ойин, санъати рақсу суруд ба назар мерасад.

Агар нависанда-романнависони муосир хусусиятҳои ҳар як деҳаи Ҳиндустон ва зиндагии сокинони деҳро омӯхта, онро бо инобат гирифтани анъана ва расму ойини миллӣ дар романҳояшон воқеъбинона ва реалистона тасвир намоянд, ба деҳа на аз нигоҳи романтикӣ, балки аз назари дилсӯзӣ ва ҳамдардӣ нигоҳ кунанд, шояд дар ин маврид, диққати аҳли ҷомеаи муосири Ҳиндро баҳри беҳбудии вазъи деҳ ва ҳаёти деҳотиён, баҳри пешравӣ ва ободонии ин гӯшаҳои мамлакат бештар ҷалб карда тавонанд.

Дар адабиёти муосири ҳиндӣ дар эҷоди навъи романи деҳотӣ Пҳанишварнатҳ Рену (1921-1977), ки пас аз Премчанд асосгузори ин навъи роман эътироф гашта, «Кампали ифлос» («Майла анчал», 1954), «Заминҳои бекорхобида» («Парти парикатҳа», 1957), («Диргҳ пата», 1963), «Намоиш» («Ҷулус», 1965), «Чорроҳаҳо» («Китне чаураҳе», 1966) ва «Палту бабу» (1979) романҳои беҳтарини ӯ дар ин мавзӯъ мебошанд. Романи аввалини Пҳанишварнатҳ Рену «Кампали ифлос» сарчашмаи эҳтиромии нависанда гашт. Дар маркази қисса деҳаи Мериганҷи музофоти Пурнияи давлатдории Биҳор интихоб шудааст. Дар ин роман симоҳои деҳотӣ дар нақши қаҳрамонҳои марказии асар тасвир шуда, силсилаи ҳодисаҳо аз вазъи деҳоти Ҳиндустон нишонгир ҳастанд. Забони роман лаҳҷаи вимбадҳармии деҳаи Мериганҷ мебошад ва имрӯз ҳам забони муоширати ҳамин деҳи Ҳиндустон аст. Дар романи мазкур мақсад, фикру ақида ва шиорҳои қаҳрамонҳо умедбахш ва пайғомдиҳанда садо медиҳанд. Ин садои умедбахшро нависанда Пҳанишварнатҳ Рену ба гӯшаю канори сарзамини бузурги Ҳинд расонда тавонист.

Насрнависони адабиёти муосири ҳиндӣ барои худ шараф медонистанд, ки ба мавзӯи деҳот асаре бахшанд. Муаллифони романҳо кӯшиш мекарданд, ки хонандаи худро аз вазъи деҳ, зисту зиндагонии деҳотиён, расму ойини миллии хоси деҳаи тасвиршаванда хабардор созанд. Дар сафи чунин романнависон Нагарҷун (1910-1998), Девендра Сатяртҳӣ (1908-2003), Удайшанкар Бҳатт (1898-1966), Рангей Рагҳав (1923-1962), Рачендра Авастҳӣ (с.т. 1930), Балбрад Тҳакур (с.т. 1918), Рамдараш Мишра (с.т.1924), Ямунадатт Вайшанва, Роҳӣ Маъсум Раза (1927-1992), Шивапрасад Синҳ (1929-1998), Шрилал Шукла (с.т. 1926), Ҳиманшӣ Ҷошӣ (с.т. 1935), Ҳаргулал, Вивеки Рой (с.т. 1927), Шайлеш Матиянӣ (1931-2001), Манҳар Чауҳан, Рагҳувардаял Синҳ, Ёгендра Синҳа, Шанӣ (1933-1995), Мадҳукар Гангадҳар, Рамдев Шукла, Бҳагвандас Морвал (с.т. 1960) ва дигаронро ном бурдан ҷоиз аст, ки дар ташаккул ва ғанӣ намудани романи деҳотии адабиёти муосири ҳиндӣ саҳмгузор ҳастанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Бҳолабҳаи Пател. Бҳаратия упаняс паранпара аур грамм кендрия упаняс / Бҳолабҳаи Пател. – Аҳмадабад, 2001. – С.41, 82.
2. Амитабҳ Видайпракаш. Омӯзиши романи ҳиндустонӣ: тадқиқи дақиқ / Амитабҳ Видайпракаш // Адабиёти ҳиндӣ. – ноябр-декабр, 2004. - С.141-143.
3. Индранатҳ Мадан. Романи ҳиндӣ: як диди нав.(Ҳиндӣ упаняс: ек наӣ дриштикон) / Индранатҳ Мадан. – Деҳлӣ, бидуни соли нашр.
4. Луғати ҳиндӣ-русӣ / зери муҳарририи А.П. Баранников. - М.: Гос. изд. иностран. и национ. словарей, 1959. - 1306 с.
5. Ҷаваҳар Синҳ. Услуби романи деҳотии ҳиндӣ («Ҳиндӣ ке анчалик упанясон ки шилп-видҳӣ») / Ҷаваҳар Синҳ. – Деҳлӣ: Нешанал паблишинг хаус, 1986. – 351 с.
6. Услуби романи ҳиндии пас аз Премчанд (Премчандӣтар упанясон ки шилп-видҳӣ). – Деҳлӣ. – 556 с.
7. Рачабов, Ҳ. Пҳанишварнатҳ Рену / Ҳ. Рачабов. – Душанбе: Эҷод, 2009. – 120 с.
8. Солиҳов Ш.А. Роман дар адабиёти тоҷикии қарни ХХ (масъалаи ташаккули жанр): рисола барои дарёфти унвони доктори илми филология / Ш.А. Солиҳов. – Душанбе, 2011. - 312 с.

ОСОБЕННОСТИ ДЕРЕВЕНСКОГО РОМАНА В СОВРЕМЕННОЙ ЛИТЕРАТУРЕ ХИНДИ

Основоположник критического реализма, величайший прозаик современной литературы хинди Премчанд (1880-1936) создал лучшие произведения на тему деревни и жизни селян, завоевав уважение и любовь всего индийского народа.

В годы мощной национально-освободительной борьбы в Индии тема деревни на какое-то время выпало из поля зрения писателей хинди, и только через 18 лет после смерти Премчанда в 1954 году вышел в свет роман «Грязное покрывало» («Майла анчал»), которое за короткое время привлек внимание любителей

и исследователей литературы хинди. Автором этого произведения был тогда еще не всем известный прозаик современной литературы хинди Пҳанишварнатҳ Рену (5,7).

Современный деревенский роман хинди отличается от других романов, прежде всего своим национальным колоритом, особым говором, национальными традициями, песнями и танцами.

Ключевые слова: деревенский роман, время, проза, хинди, герой, человек, особый.

SOME SPECIAL VILLAGE NOVEL IN MODERN HINDI LITERATURE

Founder of critical realism, the greatest writer of modern Hindi literature Premchand (1880-1936) created the best works, life of the village and the villagers, winning the respect and affection of all Indian people.

During hard national liberation struggle in India the theme of village for some time dropped from sight Hindi writers and only 18 years after the death of Premchand in 1954 published the novel "Dirty veil" ("Maile Anchal"), which in a short time attracted the attention of fans and researchers Hindi literature. Author of this work was then not yet a well-known writer of modern Hindi literature Phanishvarnath Renu (5.7).

Key words: a novel, special, time, village, prose, Hindi, humanity, character, particular.

Сведения об авторе: ***М.А. Нурова*** – кандидат филологических наук, доцент кафедры индийской филологии, докторант Таджикского национального университета

НАСРИ УРДУ ДАР ҶАНУБИ ҲИНД

Ҷ. Холов

Донишкадаи давлатии омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент

Дар ҷануби Ҳинд соли 1490 султонигарии Биҷопур таъсис дода шуд. Шоҳон ва ҷумла дарбориёни биҷопурӣ аз аҳли дӯстдорони илму адаб буданд. Қабул ва қадрдонии шоирону нависандагон ва умуман, аҳли илму адаб аз тарафи дарбори биҷопуриён худ шаҳодатгари ин аст. Нахуст забони адаб ва сиёсатмадорони биҷопурӣ чун анъана забони тоҷикӣ-форсӣ буд, вале пас аз ба сари қудрат омадани Иброҳимшоҳи сонӣ (1580-1625) нуфузи забони урду дар дарбор боло рафт. Ба забони урду навиштани шеъру осори мансур ба ҳукми анъана даромад. Таълифоти Миронҷӣ Шамсулушшоқ, Бурҳониддин Ҷонам ва Аминуддин Аъло аз беҳтарин намунаҳои осори мансури ин давр маҳсуб мешаванд.

Тибқи нишондоди сарчашмаҳо ба қалами Миронҷӣ Шамсулушшоқ панҷ намунаи осори мансур «Ганҷи ирфон», «Шаҳодат-ул-таҳқиқ», «Ҷалтаранг», «Гулбос» ва «Шарҳи марғуб–ул-қулуб» мутааллиқ аст. Муҳаққиқи адабиёти урду Шамсулло Қодирӣ «Шарҳи марғуб–ул-қулуб»-ро ба таснифоти адиб Худонамо мансуб медонад. Вале бояд таъйид намуд, ки зикри ин ақида дигар дар ҷое ба назар намерасад ва аксар сарчашмаҳо «Шарҳи марғуб–ул-қулуб»-ро ба қалами Миронҷӣ мансуб донистаанд.

Адиби дигар Бурҳониддин Ҷонам фарзанди Миронҷӣ Шамсулушшоқ мебошад. Мувофиқи нишондоди Насируддин Ҳошимӣ [2] Б. Ҷонам ду асари мансур офаридааст: «Маърифат-ул-қулуб» ва «Ҳашт масоил». Ин асарҳо то соли 1591 иншо шудаанд. Писари Б. Ҷонам Аминуддин Аъло низ ду асари насриро бо номҳои «Гуфтори шоҳ Амин» ва «Ганҷи махфӣ» таълиф намудааст, ки бевосита дар ташаккули насри урду аз ҷониби оилаи Миронҷӣ саҳми арзандае мебошад.

Маркази дигари адабии ҷануби Ҳинд Голконда ба шумор меравад. Нумӯи забону адабиёти урду дар ин маркази адабӣ ба давраи ҳукмронии Абдулло Қутубшоҳ рост меояд. Маҳз дар ҳамин давра асари машҳури мансур бо номи «Сабрас» навишта шуд, ки он ба қалами Мулло Вачҳӣ мансубият дорад. Ба ақидаи Ш. Зикриё бо таълифи «Сабрас»- и Мулло Вачҳӣ «дар адабиёти урду марҳилаи аслии навиштани осори мансур оғоз гардид» [6, 8]. «Сабрас» миёни осори мансури минтақаи Дакан мақоми муҳимме дорад. Муҳаққиқин санаи таълифи онро соли 1635 медонанд. Ҳикоёти «Сабрас» дар заминаи қиссаи «Ҳусну Дил»-и Фаттоҳии Нишопурӣ рӯйи қоғаз оварда шудааст. Ҳатто дар дебоча ва тамҳиди асар М. Вачҳӣ роҷеъ ба зарурат, сабку услуб ва дигар масоили марбут бо таълифи «Сабрас» ба таври васеъ сухан рондааст, вале доир ба сарчашмаи илҳоми муаллиф чизе нагуфтааст.

«Сабрас» ба забони печидаву афкори рангину пур аз тахайюлот ва бо усули насри муқаффо ва ё худ насри мусаҷҷаъ навишта шудааст. Пеш аз «Сабрас» чунин тарзи таълиф дар насри адабиёти урду ба чашм намерасад ва навиштани «Сабрас» бо насри мусаҷҷаъ, дар замоне ки забони урду давраи такомули хешро мегузарониду адабиёт ба ин забон ҳанӯз гомҳои нахустинашро дар соҳаи насрнигорӣ мебардошт, ҷасорат ва ҳунари волои адиб М. Вачҳиро нишон медиҳад. Тавре ки қаблан сухан рафт, танҳо пас аз сад соли таълифи «Сабрас» дар шимоли Ҳинд адибон Таҳсин ва Сурур бо насри мусаҷҷаъ «Навтарзи мурассаъ» ва «Фасонаи аҷоиб»-ро офариданд, ки ин ду асар низ аз лиҳози нигориш ба қатори шоҳасарҳои адабиёти урду шомил

гаштаанд. Чунин тарзи нигориш бевосита зери таъсири адабиёти тоҷикӣ-форсӣ ба урду ворид гаштааст. Масалан, то М. Ваҷҳӣ дар адабиёти тоҷикӣ-форсӣ бо насри мусаҷҷаъ асарҳои зиёде мисли «Мақомоти бадеӣ», «Мақомоти ҳамидӣ», «Иншои Абулфазл», «Муллозуҳурӣ» ва ғайра манзури ом гардидаанд.

Дар баробари ин таъсир ва мақоми забону адабиёти тоҷикӣ-форсӣ дар шимол ва ҷануби Ҳинд, дар замони зисти Мулло Ваҷҳӣ хеле баланд буд. Чунин тарзи насрнигорӣ аз сабкҳои маъмулии ин адабиёт ба шумор мерафт. Зери асароти ҳамин муҳити мавҷудаи дарбору омиёна М.Ваҷҳӣ ба воя расида буд ва бе ҳеҷ ваҷҳ бурун ҷастан аз ин муҳит барояш такрибан номумкин буд. Ва «Сабрас»-ро нависанда бо майлу хоҳиш ва таассуроти хеш аз адабиёти тоҷикӣ-форсӣ бо истифода аз насри мусаҷҷаъ баён доштааст. Албатта, адабиёти тоҷикӣ-форсӣ собиқаи садсолаҳо паси саркардаро дар ин ҷода бо худ дошт. Ва чун адабиёти урду бо тозазабони урду дар майдони ноҳамвору роҳи тозапаймоянда қарор дошт, истифода аз чунин тарзи нигориш аз М. Ваҷҳӣ ғайратеро тақозо мекард.

Бояд зикр кард, ки М. Ваҷҳӣ аз уҳдаи таълифи «Сабрас» бо тарзи насри мусаҷҷаъ комилан баромадааст ва муваффақ ҳам гаштааст. М. Ваҷҳӣ бори нахуст ба адабиёти урду услуберо ворид кард, ки онро метавонем «услуби нигориши адабӣ» [6, 10] гӯем. «Сабрас» аз дигар осори мансури пешин бо он фарқ мекунад, ки дар «Сабрас» маҳдудияти нигоҳи муаллиф бо матлаби нигоришаш аз байн бурда шудааст. Ваҷҳӣ бори аввал дар насрнигории урду дар баробари таваҷҷуҳ додан ба ифодаи матлаб, инчунин ба усули ифодаи мақсад, яъне ба услуби нигориш низ рӯ овардааст. Ҳамин тариқ, Ваҷҳӣ ба адабиёти урду дар баробари офариниши асари хуби насрӣ, инчунин намунаи услуби нигориши адабии хоссаро пешкаш намуд.

Бояд ёдовар шуд, ки дар ҷануби Ҳинд мувофиқи шаҳодати сарчашмаҳои мухталиф минбаъд ҳам асарҳои зиёди мансур навишта шудаанд, вале бо сабабҳои гуногун ин асарҳо то ба давраи мо омада нарасидаанд. Ин ҷо метавон ду асари хуби насрии урдуро ном бурд, ки яке аз онҳо соли 1697 аз тарафи Сайидшоҳ Мир зери унвони «Асрор–ул-тавҳид» навишта шудааст ва дигареро Шон Муҳаммад Қодирӣ бо номи «Маъруф–ул-сулук» қаламдод намудааст.

Бояд таъкид намуд, ки дар охири асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX, яъне дар ҷануб-Дакан ва қисмати шимоли Ҳинд жанри достонҳои мансур хеле паҳн мегардад. “Давраи аз асри XVII то асри XIX–ро дар насри урду давраи “достон” меноманд” [5, 14]. Достон дар адабиёти ин давр характери нимафсонавӣ дошта, ба қатори эпоси қаҳрамонӣ-романтикӣ дохил мешавад. Зеро, достон аз пояи воқеият фарсаҳҳо дур аст ва дар ин жанр қонунияти имконпазирӣ инкор карда мешавад. Агар дар романнигорӣ ба тасвири “ҳақиқат” кӯшиш ба харҷ дода шавад, пас дар достон бошад, ба қадри имкон барои дур шудан аз пояи ҳақиқат саъй карда мешавад. Қаҳрамонҳои достон ба таври тахайюлотӣ офарида мешаванд, дар ташаккулёбии онҳо яксонӣ ва якрехтии симои инсониву афсонавӣ махлут ба назар мерасад.

Хилофи чашмдошт жанри достон дар он давра мақбули ому хос буду симоҳои асосии он дар дилу дидаи мардум мисли беҳтарин фарди наздику дӯстдоштанӣ ҷой гирифта буд. Ба ақидаи Ралф Рассел “хеле хуб аст, ки жанри достон дар нимаи дуюми асри XVIII, ҳангоме ки ҳукумати муғулҳои бузург хеле бо суръати баланд рӯ ба завол мерафт, мисли гул мешукуфт. Маҳз дар ҳамин айём ягон қонунияти шаръиву давлатдорӣ мардумро ҳимоя намекард. Одамон аз беқонуниву беадолатиҳо ва зулму истибдоди номатлуби муҳити атроф гурехта, ҷаҳони ботинии хешро ба олами достонҳо таҳвил медоданд. Дар он олам ҳама амал дар нигоҳи аввал содаву осон ба назар мерасад ва инсон зуд ба орзуву омол ва ҳадафи зиндагиаш мерасад” [3, 86].

Қатъи назар аз ҳолати равонӣ ва ё сиёсие, ки вуҷуд дошту барои зуҳурёбӣ ва ташаккули ин жанр дар сарзамини Ҳинд мусоидат намуд, достон дар ташаккули насри адабиёти урду роли муҳиммеро бозидааст. Достонсароён ва ё худ муаллифони ин жанри адабӣ донишу малакаи аълои забониву муоширатӣ доштанд. Дар баробари ин қобилияти ба самъи шунаванда расонидани ҷараёни ҳодисотро доштанд ва меъёрҳои суханвариро низ ба пуррагӣ риоя мекарданд. Боиси таассуф аст, ки на ҳама ҷиҳатҳои достон ва ҳунари достонгӯйӣ, минбаъд дар жанри роман мавриди истифода қарор гирифтанд. Дуруст аст, ки “мунаққидони маълумоти кофӣ надошта маводҳои ношудро асос карда, насри урдуро аз мазмуну мундариҷаи бойи достонҳо маҳрум кардаанд” [4, 167].

То ин дам жанри достон дар байни мардуми Ҳинд, махсусан урдузабонҳо ҳамчун намуди эҷодиёти халқӣ машҳур буд ва бо ибораи дигар онро «романи халқӣ» низ меноманд. Одамоне, ки достон мегуфтанд, дар байни халқ бо номҳои «достонгӯ» ё ки «қиссахон» ёд мешуданд. Онҳо аксар шахсони бесавод буданд, вале асарҳои калонҳаҷмеро дар хотир нигоҳ медоштанд. Аз ин ҷост, ки аксар достонҳоро бадеҳатан қироат мекарданд. Шахси достонгӯ таваҷҷуҳи шунавандаро бештар ба он

лаҳзаҳое ҷалб мекард, ки ба назари ӯ дилчасптар буданд. Навишта гирифтани достон ба таври хаттӣ танҳо дар асри XIX ба ҳукми анъана медарояд.

Албатта, достонҳои мансур аз ҷиҳати шаклу мазмун гуногунранг буданд. Зеро, алоқаи ногусастаи чандин фарҳангҳо ва омезиши онҳо ба чунин мазмун шакл гирифтани достонҳои мансур замина гузоштаанд. Инчунин, дар эҷодиёти даҳонии халқ таъсири ғояҳои ислом ва боқимондаи урфу одатҳои тоисломӣ дида мешавад, ки истифода аз онҳо боиси обуранги хосса гирифтани достонҳо гардидаанд. Ба замми нишонаҳои номбурда, ба тараққиёти достон дар адабиёти урду боз таъсири фарҳанги китобии тоҷикӣ - форсӣ, арабӣ, ҳиндӣ ва санскрит назаррас аст.

Дар байни достонҳои урду ҳикоёти қаҳрамонӣ низ ба чашм мерасанд (Достони Амир Ҳамза). Ин гуна достонҳо асарҳои алоҳида ба шумор рафта, аз рӯйи усули гирдоварии насабӣ, романтикӣ, ишқӣ, панду насиҳатӣ ташаккул ёфтаанд, ки то ҳадди муайян дар онҳо таъсири тасаввуф дида мешавад (масалан, равияҳои гуногун дар «Чор дарвеш»).

Баъзе достонҳо, ки таърихи таълифашон ба асри XIX рост меояд, ҳаҷман калонанд. «Бӯстони хаёл» нуҳ ҷилд, «Достони Амир Ҳамза» чилу шаш ҷилдро дар бар мегирад, ки ҳаҷми умумиашон зиёда аз чилу шаш ҳазор саҳифаро фаро гирифтааст.

Аз лиҳози устухонбандӣ достонҳо нақлҳои ба чорчӯбаи наср даровардашударо мемонанд. Дар ҳар яки онҳо лаҳзаҳои печ дар печ ҷой дода шудааст, ки аксар вақт бо ҳам мувофиқ наомада, хати сужети асосиро ноҳамвор месозанд. Тибқи анъана хатти сужети достонро аслан ягон ҳикояи таърихии тобиши афсонавӣ дошта ташкил медод. Қаҳрамонони аксари ин гуна достонҳо реалӣ-подшоҳҳо, навобҳо ё сипаҳсолорҳо ба шумор мераванд, ки намунаи беҳтарини он дафтари машҳури «Достони Амир Ҳамза» ва «Тилисми Ҳушрабо» мебошад. Дар достони «Достони Амир Ҳамза» ҷашнгирии ғалабаву корнамоиҳои Амир Ҳамза, ки номи пайғамбар Муҳаммад (с.с)–ро дораду аз бисёр ҷиҳатҳо хислатҳои ҳазрати Муҳаммадро дорад, ба қалам дода шудааст. Муҳаммад Ҳусейн ба Меҳрнигор ном духтари шоҳ Анӯшервон дил мебандад. Меҳрнигор дар набардҳо Муҳаммадро ҳамроҳӣ мекунад. Дар ин сафарҳо шоҳро ду нафар дӯстони даврони бачагиаш ҳамдам буданд: яке Амири Айёр, ки хислатҳои фиребгарӣ ва дурӯғгӯйиро дошт ва дигаре Муқбил, ки ниҳоят вафодор ва камонвари моҳир буд. Ба шарофати дӯстону наздиконаш Амир Ҳамза дар набардҳои дуру наздик ҳамеша ғолиб меомад.

Ҳангоми инъикоси воқеаи реалӣ нависанда гоҳо қаҳрамонашро ба сайри олами аҷоибот мебарад, ки ин асарро аз пояи реалӣ каме дур мекунад. Дар маҷмӯъ, мақсаду маром ва ғояҳои асосии достонсароӣ тасвири муборизаи байни қувваҳои некӣ ва бадӣ, равшаниву зулмот маҳсуб мешавад.

Агар аз ҳамин нуқтаи назар ба решаҳои таърихии пайдоиши унсурҳои асосии насри адабӣ ва бавижа, жанри роман нигарем, рӯшан мегардад, ки жанри мазкур собиқаи рангин ва тӯлониеро дар адабиёти қадимаи тоҷикӣ - форсӣ низ доштааст.

Дар таърихи адабиёти тоҷикӣ-форсӣ ҷанбаҳои ҳамосавию ривоятии насри адабӣ марҳила ба марҳила дар шакли навъҳои мухталифи адабӣ рушд ва инкишоф намуда, сабку равия ва усули махсуси насрнигориро ба миён овардааст, ки муҳимтарин аз онҳо дар ҳамоса, достон, қисса, ҳикоят барин навъҳои шаклгирифтаи бадеӣ ба назар мерасад.

Баъд аз таълифи «Сабрас»-и Мулло Ваҷҳӣ тақрибан дар давоми сад сол дигар достоне таълиф нашудааст. Танҳо пас аз сад соли таълифи он Мирзо Алибек Сурур тақрибан ҳамин гуна қиссаро бо номи достони «Гулзори Сурур» дубора таълиф намуд. Ҳатто қаҳрамонҳои асосии «Гулзори Сурур» ҳамон номҳоеанд, ки дар «Сабрас» истифода шудаанд. Ба мисли ҳамин асари дигар «Насри Беназир» аст, ки он дар навбати худ шарҳи мухтасари «Сеҳр-ул-баён» -и Мир Ҳасани Деҳлавист ва он дар Коллеҷи Форт Уилям аз ҷониби Мир Баҳодуралӣ Ҳусайнӣ ба шакли наср даровардa шудааст. Нависандаи дигар Мир Ғулом Ишрат бошад, «Сеҳр-ул-баён» -и Мир Ҳасани Деҳлавиро бо каме ихтилофи сужет айнан бо номи «Сеҳр-ул-баён» пешкаш намудааст ва ин асар аз тарафи Анҷумани тараққии урдуи Покистон ба табъ расонида шудааст.

Достоннависӣ дар сарзамини Ҳинд таърихи тӯлонӣ дорад. Дар ин муддат достонсароён барои тарвиҷи ин жанри адабӣ саҳмгузор будаанд. Дар маҷмӯъ дар Ҳиндустон «се маркази достоннависии бузург мавҷуд буд: Деҳлӣ, Калкатта, Лакҳнав» [4, 294]. Маркази адабии Дакан бошад, бештар бо маснавиҳояш машҳур аст. Аммо бояд хотирнишон кард, ки маҳз дар ҳамин маркази адабӣ аввалин асари мансури урду «Сабрас» соли 1635 аз тарафи Мулло Ваҷҳӣ таълиф гашт.

Қаҳрамонҳои марказии “Сабрас”, «Ороиши маҳфил», «Навоини ҳиндӣ», «Насри Беназир», «Чор Гулшан», «Қиссаи Гулу Санавбар» ва «Қиссаи Баҳроми Гӯр» дар баробари ормонпарастиву романтизми афкор дар ҷустуҷӯйи хушбахтии хеш

мебошанд. Дар достонҳои номбурда мадади ғайбӣ, сеҳру соҳирӣ ва дигар аносири фавқуттабиӣ ба назар мерасанд, қаҳрамони ин асарҳо размандаву ҷангҷӯ нестанд ва аслан ошиқанду бо зиндагӣ бо чашми ошиқона нигоҳ мекунанд.

Дар маҷмӯъ аз омӯзиши намунаҳои насри бадеии Дакан бармеояд ва рӯшан мегардад, ки дар ин минтақа ба насрнигории урду ду майлони нигориш ба назар мерасад. Нахуст ин аст, ки нависанда эҷодкорӣ намекунад, балки танҳо кӯшиш ба харҷ додаст, то матлаберо изҳор намояд. Зимни ифода адиб дар фикри пайдо кардан ва ё пайравӣ намудан ба услубе нест, яъне ҷараёни нигориши воқеот озодона сурат гирифтааст. Тарзи баёни нависанда равон аст, лекин дар он ҳусни баён ва латофати адабӣ дида намешавад. Таваҷҷуҳи адиб бештар ба изҳори матлаб равона шудааст. Дар ин гуна таълифот бадеият, содагӣ, норасоии адабӣ ва нотамомии афкор баръало эҳсос мешавад.

Майлони дувум он аст, ки дар ин гурӯҳ асарҳои мансур адиб ба ҷойи содагии услуб ва норасоии бадеият ба тарафи меъёрҳои нигориш ва услубҳои садсолаҳо муайянгаштаи адабиёти тоҷикӣ-форсӣ рӯ овардааст. Дар зери таъсири ин меъёрҳо Мулло Ваҷҳӣ насри мусаҷҷаъро ба адабиёти урду ворид кард. Бар хилофи Ваҷҳӣ намояндагони тасаввуф ва дигар уламои киромӣ аз чунин услуби нигориш истифода накардаанд. Аз ин хотир, нигоштаҳои онҳо нисбатан сода ба назар мерасанд. Бо вучуди ин ҳама, тамоми осори мансури дар Дакан навишташуда бо тамоми каму костиҳо ва пешравиҳо дари хазинаи тозаи насри адабии урдуро кушоиш бахшидаанд ва то андозае дар ғановати маънавии он саҳмгир низ будаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Chand Gyan. Urdu ki nasri dastanei / Chand Gyan. – Karachi: Anjumani taraqqi Urdu, 1969. - 292 c.
2. Hashimi Nuriddin. Muqaddimai "Nautarzi murassa" - in Nautarzi murassa. / Hashimi Nuriddin. - Allahabad: Hindustani Academi, 1958. - 132 p.
3. Russell Ralph. The novel in India: Its birth and development / Russell Ralph. – Los Angeles: University of California Press, 1970. – 260 c.
4. Suhrawardy Shaista Akhtar Banu (Begum Ikramullah). A Critical Survey of the Development of the Urdu Novel and Short Story / Suhrawardy Shaista Akhtar Banu. - London: Longmans, Green and Co., 1945.
5. Tabassum F. Urdu dastan ke markazi kirdar. M.A / F. Tabassum. - Islamabad, 2007. – 500 c.
6. Zikriyo Shagufta. Urdu nasr ka irtiqa aghaz se 1857 tak / Shagufta Zikriyo. - Lahor: Ilmu irfan pablisherz, 2004. – 85 c.

ПРОЗА УРДУ НА ЮГЕ ИНДИИ

В настоящей статье рассматривается складывающаяся на Юге литература урду, в частности проза урду. Писатели в значительной мере смогли избежать иранского влияния и создавали свои произведения на языке урду. Автор отмечает, что с XV до начала XVIII вв. южный урду развивался независимо от языка Севера.

Ключевые слова: проза, Голконда, Сабрас, литературные произведения, развитие прозы, дастан, Дакан, народный роман, литературный жанр.

URDU PROSE IN SOUTH INDIA

In this article is examined growing in South Urdu literature, espesially Urdu prose. Writers have largely been able to avoid Iranian influence and created their works in the Urdu language. The author notes that from the 15th to the beginning of the 18th century Southern Urdu developed regardless of the language of the North.

Key words: prose, Golconda, Sabras, literary works, development of prose, dastan, Dakan, the popular novel, a literary genre.

Сведения об авторе: ***Дж.Ш. Холов*** – кандидат филологических наук, проректор по учебной работе Таджиксгого педагогического института в городе Пенджикент. Телефон: **(993) 900-97-88-08.**
E-mail: **javeed@bk.ru**

АНВОИ ИСТИОРОТ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ СОИБИ ТАБРЕЗӢ АЗ НИГОҲИ СОХТОР

О.Ш. Саидҷаъфаров
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар ғазалиёти Соиби Табрезӣ истиора ҳамчун яке аз асоситарин воситаҳои тасвирӣ бадеӣ ба ҳисоб меравад. Истиораҳои бакоргирифтаи Соиб аз ҳайси сохтумон сода ва мураккаб (ё кӯтоҳу дароз) мешаванд, ки гунаи содаи онҳо аз ду ҷузъ ва мураккаби онҳо иборат аз се ё чаҳор ҷузъ мебошанд.

1. Истиороти сода. Истиораҳои мазкур, дар кулл, ба ду навъ тақсим мешаванд:

а) истиороте, ки мушаббаҳи он мафҳумҳои ғайрималмус ва хаёливу зеҳнӣ ва мушаббаҳун биҳии он (аслан, ваҷҳи шабаҳ) ашё ва мафҳумҳои малмусу

дидашавандаанд. Чунончи дар абёти зер намунаҳои навъи мазкур ишорат гардидаанд:

Мезанад барқи фано бар хирмани хеш маро,
То ба барги коҳ моро каҳкашон хоҳад навохт [1, 268].
Остин бар гавҳари иззат фишондан мушкил аст,
Варна Соибро чӣ парвои тамошо кардан аст [1, 184].

Ҷузъи мушаббаҳ дар истиорахои ҳар ду байт вожаҳои фано ва иззат ва ҷузъи мушаббаҳун биҳи (яъне: ҷомеъ // вачҳи шабаҳ) вожаҳои барқ ва гавҳар мебошанд. Мушаббаҳ дар кутуби луғат ба маънии ташбеҳшавандаю мавсуф ва мушаббаҳун биҳӣ ба маънии ташбеҳкунандаю сифат омадааст [2, 784]. Бояд зикр кард, ки мушаббаҳ ва мушаббаҳун биҳӣ, аслан, аркони санъати ташбеҳанд. Дар истиора, ҳарчанд ки мушаббаҳ мустаорун лаҳу, мушаббаҳун биҳӣ мустаорун минҳу, вачҳи шабаҳ ҷомеъ ё қарина ва ё алоими мустаорун минҳу хонда мешаванд, ҳама айни як мафҳуманд, чун бори маъноии ҳама дар қиёс бар якдигар тавофуқ бо мантиқ доранд ва гирди як маънӣ мутамарказ мешаванд. Дар ташбеҳоти оддӣ ё равшан, яъне ташбеҳоте, ки дорои адот- мисли, монанди, ранги, чун, ҳамчун, ҳамчунонки, ба сони, ба ранги …- мебошанд, мушаббаҳ ҳамеша пеш аз адот ва мушаббаҳун биҳӣ пас аз адот меояд [3, 35]. Дар истиора ҳам, чун дар умум навъе аз маҷоз ва дар хусус навъе аз ташбеҳ мебошад, ба ҷиҳати он ки ачзои он яке сифаткунанда ва дигаре сифатшаванда мебошанд, аркони таркибӣ ҳамчун ташбеҳ яке сифат ва дигаре мавсуф мешаванд.

Ин истиораҳо намунаҳое аз навъи мазкур дар ғазалиёти Соиб ба ҳисоб мераванд: барқи ҳаводис, баҳори офият, баҳри бақо, баҳри таманно, биёбони адам, биёбони таваккул, биёбони талаб, бинои тавба, бинои тоқат, бозори имкон, бозори ишқ, болои ақл, бутхонаи ишқ, бӯсаи пайғом, гиребони талаб, гиребони хиҷолат, гуҳари дуо, гӯши иҷобат, ғизоли давлат, ғизои маънӣ, ғубори малол, дабистони риёзат, дабистони тааммул, дарёи ҳақиқат, дарёи ҳастӣ, дари тавфиқ, дастгоҳи ҳусн, дафтари исён, дафтари ҳусн, дашнаи интиқом, дашти ҷунун, девори нисён, девори тааллуқ, девори фаромӯшӣ, девори ҳайрат, диёри ситам, заҳри нифоқ, зиндони адам, зиндони талаб, зулмати гумроҳӣ, зулолазори шаҳодат, иқлими гумномӣ, инони талаб, калиди фақр, калиди фатҳ, каманди муҳаббат, катони тавба, каъбаи мақсад, каъбаи умед, кимиёи мурод, кимиёи хоксорӣ, кишвари девонагӣ, кӯҳи таҳаммул, кӯчаи ишқ, қатраи надомат, қофилаи бехудӣ, лангари тамкин, лангари таслим, майдони ихтиёр, мазраи умед, маҳди замир, машриқи асрор, мисраи маломат, мулки бехудӣ, мулки истиғфор, найистони талаб, насими шиква, наъли раҳил, наъли шавқ, ниҳоли эман, номаи шиква, нохуни ғайрат, нохуни тадбир, оби мурувват, ойинаи идрок, ойинаи ноз, ойинаи огоҳӣ, ойинаи ҳуш, остини саъй, остонаи тавфиқ, офтоби тачриба, офтоби шарм, панҷаи бетобӣ, панҷаи саъй, панҷаи тадбир, паргори ҳаводис, пардаи ғафлат, пардаи изҳор, пардаи роз, пардаи бегонагӣ, равзани тавфиқ, рикоби азм, риштаи мақсуд, риштаи начот, риштаи тавҳид, риштаи тадбир, риштаи умед, саманди иззат, санги маломат, санги тафриқа, сарпанҷаи такрир, саҳрои ваҳшат, саҳрои қаноат, саҳрои қудс, саҳрои талаб, саҳрои ҳаловат, сели фитна, сипанди ғайрат, сиришки надомат, субҳи нишот, сурмаи гуфтор, сурмаи ғафлат, сурмаи хомӯшӣ, сурмаи ҳайрат, табхолаи надомат, тавсани фурсат, тарёки ақл, тасбеҳи истихора, теғи ҳодисот, тоқи нисён, тӯмори ҳарф, фазои хотир, фирдавси тамошо, хамирмояи ғам, хонаи серчашмӣ, хоби бехудӣ, хонаи савдо, хонаи интиқом, хори истидлол, ҳисори бебарӣ, ҳисори офият, ҳиҷоби хомӯшӣ, чароғи дӯстӣ, чароғи имон, чароғи ишрат, ҷомаи наззора, ҷомаи номус, ҷоми сифот, ҷӯйи бениёзӣ, шабистони сухан, шамшери тағофул, шамшери ҳаводис, шамшери шаҳодат, шамъи давлат, шаҳпари тавфиқ, шоҳроҳи ваъда, шуълаи идрок, шуълаи фикр;

б) истороте, ки ҳам мушаббаҳ ва ҳам мушаббаҳун биҳии он мафҳумҳои малмусу даркшаванда ва воқеиву мушаххасанд. Намунаҳо:

Ба рӯйи бистари гул такя мекунад мурғе,
Ки шаб ба ғайри пару боли ҳуд паноҳаш нест [1, 269].
Рӯят зи ҳола ҳалқа кунад боми моҳро,
Дили сарв зи офтоб кунад субҳгоҳро [1, 136].

Дар истиораҳои ишоратшудаи абёти боло ҳам ҷузъи аввали онҳо, яъне мушаббаҳун биҳӣ ва ҳам ҷузъи дуюм- мушаббаҳ мафҳумҳои маҳсус ва қобили

дарканд. Истиорахои навъи: варақи лола, варақи сина, гардани мино, гирахи ашк, гирахи ғунча, гиребони офтоб, гиребони санг, гиребони соҳил, гулӯи хома, гулхани дил, гулшани дил, гулшани мино, гӯши қадаҳ, гӯши садаф, ғунчаи пайкон, замини синаҳо, заҳри дарё, кафи хок, косаи зону, кӯчабоғи зулф, кӯчаи қалам, лангари гаҳвора, лангари санг, ойинаи пӯлод, ойинаи сина, осиёи фалак, оҳани дил, панҷаи хуршед, работи тан, равзани дил, равзани миҷмар, решаи шамъ, риштаи борон, риштаи мижгон, сабзаи теғ, сафҳаи ойина, сафҳаи паҳлу, сафҳаи узор, сели шароб, соғари табхола, сунбули зулф, сӯзани дил, тавсани сиришк, хонаи зин, хонаи ойина, хорогӯши оҳан, хӯшаи зулф, чашмаи сӯзан, чашмаи хуршед, чашмасори дил, ҷомаи бод, ҷомаи гул, ҷомаи фонӯс, шерозаи гулзор, шерозаи дил, шири моҳтоб, шонаи шамшод низ ба ин қабил истиорахо дохил мешаванд;

в) истиороте, ки мушаббаҳи онҳо мафҳумҳои ғайрималмусу зеҳнӣ ва мушаббаҳун биҳӣ ё ҷузъи сифатии онҳо ба василаи номҳои ҷуғрофӣ ба вуҷуд омадаанд ва метавон гуфт, ки ваҷҳи вуҷуди онҳо санъати талмеҳ аст. Чунин истиорот дар кунҳи худ истиороте талмеҳгуна ё, дақиқтар, талмеҳоти истиорашудаанд. Намунаҳо:

Талоши сурхрӯйӣ мекунӣ, рангин тараннум кун,
Ки ин лаъли киромиро Бадахшони сухан дорад [1, 557].
Эй Бесутуни рашк, чӣ по сахт кардай?!
Бархез, аз миён камари Кӯҳкан гусехт! [1, 256]

Истиорахои Мисри инсоф, Мисри фаромӯшӣ, Юнони ақл ва Юнони хирад низ ба ҳамин навъ тааллуқ доранд;

2. Истиороти мураккаб. Истиороти мазкур ба чунин навъҳо тақсим мешаванд:

а) истиороте, ки мушаббаҳи он аз як ҷузъ ва мушаббаҳун биҳии он аз ду ҷузъ иборатанд. Дар қисми мушаббаҳун биҳии ин гуна истиорахо сифат коргир шудааст, яъне ҷузъи байнии ин истиорот барои ҷузъи охир, ки мушаббаҳ аст, хусусиёту аломат мебахшад. Ҷузъҳои мушаббаҳун биҳӣ дар ин истиорахо ба василаи алоқаи изофӣ таркиб ёфтаанд. Намунаҳо:

Гули бехори орзумандӣ
Хори пирохан аст дилхоро [1, 158].
Лабе хомӯштар аз гӯши садаф омода мебояд,
Талабгори висоли дурри шахвори маониро [1, 171].

Истиорахои гули коғазии ҳавсала, кӯчаи танги маҷоз, қадаҳи талхи пушаймонӣ, мисраи барҷастаи оҳ, мулки танги беғамӣ, рӯйи гардолуди хок, сари мардонаи хум, саропардаи занбӯрии адам, феҳристи зулоли кавсар, ҳусни бетакаллуфи маънӣ, чароғи безаволи ҳусн, ҷомаи рангини ҳавас, ҷоми саршори маонӣ, шароби хушгувори бӯса ҳам мутааллиқ ба навъи мазкуранд. Формулаи ин навъи истиорахоро метавон дар мисоли яке аз онҳо- гули бехори орзумандӣ ба ин тариқ матраҳ кард: гули бехори орзумандӣ иборат аз ду қисм: мушаббаҳун биҳӣ (аслан, ваҷҳи шабаҳ) ва мушаббаҳ:

мушаббаҳун биҳӣ- гули бехор;
мушаббаҳ- орзумандӣ;
таркиби он иборат аз се ҷузъ:
ҷузъи якуму дувум- мушаббаҳун биҳӣ;
ҷузъи савум- мушаббаҳ;
ҷузъи якуми мушаббаҳун биҳӣ (гул)- мавсуф;
ҷузъи дувуми мушаббаҳун биҳӣ (бехор)- сифат;
ҷузъи мушаббаҳ (орзумандӣ);

б) истиороте, ки ҳам қисми мушаббаҳун биҳӣ ва ҳам қисми мушаббаҳ, яъне ҳама ҷузъҳои таркиби онҳо исм мебошанд. Мушаббаҳи ин қабил истиорот ҳам аз як ҷузъ ва мушаббаҳун биҳии онҳо аз ду ҷузъ иборат аст. Аммо, бо ин ки дар чунин навъи истиорахо сифату мавсуф вуҷуд надорад, метавон гуфт, ки мушаббаҳун биҳии онҳо вазифаи сифат ва мушаббаҳи онҳо дар кулл вазифаи мавсуфро ичро мекунад, зеро мушаббаҳ манзар (// объект)-и тавсиф аст ва он бояд мавсуф бошад. Ҷузъҳои мушаббаҳун биҳӣ дар ин истиорахо ҳам аз тариқи алоқаи изофӣ таркиб гирифтаанд. Намунаҳо:

Гулмехи остонаи ишқ аст офтоб,

Соиб, дар он ҷаноб набошад касе чаро?! [1, 161].
Шӯри дарёи сухан аз дили пурҷӯши ман аст,
Ҷуфли ганҷинаи маънӣ лаби хомӯши ман аст! [1, 235].

Истиорахои навъи: боли чароғи ҳусн, исматсарои ҷоми Ҷам, лашкари занҷири ҷунун, машриқи субҳи надомат, номаи алифи оҳ, сарви риёзи маърифат, сурмаи файзи сафар, теғи мижгони фурсат, тугмаи пироҳани дарё, хишти ҷӯши мо, хуни нофи сухан, ҳалқаи зуннори сухан, чароғи базми сухан, чароғи хилвати ҷон, ҷомаи фонӯси шамъ, ҷомаи фонӯси шарм, ҷоми чашми ғизолон, шамъи болини санг, шамъи таҷаллии миннат, шерозаи авроқи дил, шерозаи қаламрави касрат, шерозаи ҳузури ҷаҳон низ ба гурӯҳи зикршуда алоқаманд мебошанд. Формулаи ин навъи истиорахоро дар намунае аз он-боли чароғи ҳусн бо ин тарз метавон тарҳандозӣ кард: боли чароғи ҳусн иборат аз ду қисм: мушаббаҳун биҳӣ (аслан, ваҷҳи шабаҳ) ва мушаббаҳ;

мушаббаҳун биҳӣ-боли чароғ;
мушаббаҳ-ҳусн;
мушаббаҳун биҳӣ-сифат;
мушаббаҳ-мавсуф;

в) истиороте, ки мушаббаҳи онҳо аз ду ҷузъ ва мушаббаҳун биҳии онҳо аз як ҷузъ иборат аст. Сифат дар ин қабил истиорахо на дар мушаббаҳун биҳӣ, балки дар мушаббаҳ истифода шудааст. Аммо, бо вуҷуди ин, мушаббаҳун биҳӣ, дар кулл, вазифаи сифат ва мушаббаҳ вазифаи мавсуфро иҷро мекунад, чун қоида ва лозимаи санъати истиора чунин аст. Ҷузҳои мушаббаҳ дар ин истиорахо ба василаи алоқаи изофӣ таркиб ёфтаанд. Намунаҳое аз ин навъ истиорахо пойтахти дуоҳои мустаҷоб ва сарви мисраи барҷаста мебошанд:

Он каъбаи умед, ки сандуқи марқадаш,
Гардид пойтахти дуоҳои мустаҷоб [1, 181].
Мабош мункари оби равони гуфторам,
Ки сарви мисраи барҷаста як гувоҳи ман аст! [1, 225]

Ин гунаи истиора дар тасвироти сувари хаёли Соиб бисёр нодиранд;

г) истиорахое, ки аз се ҷузъ иборатанд ва мушаббаҳун биҳии онҳо бо ҳам ба василаи алоқаи пайваст таркиб ёфтаанд. Мушаббаҳун биҳии ин истиорот аз исмҳо ба вуҷуд омадаанд. Намунаҳо:

Соиб аз захми забони ишқ муҳобо накунад,
Хасу хошок бувад сунбулу райҳони талаб [1, 17].
Хазону ғунчаи тасвир рост мегузарад,
Ки сели восили дарё нагашта ширин аст [1, 219].

Ин истиорот низ дар тасвиркашии сувари хаёли Соиб нисбатан кам истифода гардидаанд. Истиорахои болу пари тӯфон ва чангу нойи бенавоӣ низ ба ҳамин навъ мансубанд;

ғ) истиороте, ки аз чаҳор ҷузъ ба вуҷуд омада ва ба воситаи алоқаи изофӣ таркиб ёфтаанд. Ин қабил истиорахо ҳам дар ғазалиёти Соиб бисёр нодиранд ва, дар навбати худ, иборат аз ду навъанд:

- истиороте, ки мушаббаҳи онҳо аз як ҷузъ ва мушаббаҳун биҳии онҳо аз се ҷузъ иборатанд. Мушаббаҳун биҳии онҳо бо ин ки сифат надорад, вазифаи сифатро иҷро мекунад ва, ғайр аз ин, он ба воситаи маҷоз сохта шудааст. Намунае аз ин навъ истиора гули сари сабади умр дар байти зер аст:

Гули сари сабади умр чашми бедор аст,
Ба рағми дидаи гулчини рӯзгор махусп [1, 182].

- истиороте, ки тавзеҳу таъйини мушаббаҳ ва мушаббаҳун биҳӣ дар онҳо бисёр мушкил аст. Ин ба сабаби он аст, ки ҳар яке аз аҷзои он дар иртибот бо ҷузъи муҷовири худ дар алоҳидагӣ метавонад истиораи дигаре бишавад. Аз ҷумла, дар байти зер дар истиораи навъи гирдбоди домани саҳрои имкон ин гуфтаҳо ба назар мерасанд:

Ҳосили мо нест ғайр аз хор-хори орзу,
Гирдбоди домани саҳрои имконем мо [1, 33].

Дар истиораи мазкур мушаббаҳун биҳи метавон вожаи гирдбод- ро ҳисоб кард ва домани саҳрои имкон- ро мушаббаҳ баршумурд. Ҳамчунин, метавон истиораи гирдбоди доман-ро мушаббаҳун биҳӣ ва истиораи саҳрои имкон- ро мушаббаҳ ҳисоб

кард. Ва низ метавон истиораи мураккаби гирдбоди домани саҳро- ро мушаббаҳун биҳӣ ва вожаи имкон- ро мушаббаҳ ном ниҳод. Мушкилот дар тавҷеҳи истиораи мазкур дар он аст, ки аҷзои морабту алоқаманди он: гирдбод ва имкон, ки сутуни истиора бар онҳо устувору мустақим аст ва вожаҳои калидии истиораи мазкур ҳисоб мешаванд, аз ҳам дур ҷойгузин шудаанд, ки бо сабаби ин фосила миёни ду рукни асосӣ пайванди мантиқӣ дар онҳо бисёр мушкил гардидааст. Аммо, бо ин ки вожаҳои дувум ва сеюми истиораи мазкур дувумдараҷа ҳисоб мешаванд, мақоми онҳо дар пайванди мантиқии умуман истиора ва хусусан занҷираи калидии он, бавижа ҷузъи якум, бештар аст, зеро миёни гирдбоду доман ва саҳро навъе таносуби мантиқӣ вуҷуд дорад, чун, мантиқан, метавон гирдбоди саҳро ё домани саҳро гуфт ва бо ин роҳ занҷираҳои хурди мантиқан мутаносибро ба вуҷуд овард, вале, аз нигоҳи мантиқ, наметавон гирдбоди имкон ё домани имкон, ё саҳрои имкон гуфт, ба ҷиҳати он ки се вожаи аввали истиораи мазкур диданӣ ё маҳсусу малмусанд, дар сурате ки ҷузъи калидии дувуми он - имкон ғайришайъӣ ва номаҳсус аст, ки ин сабаб мешавад, ки пайванди он бо аҷзои занҷираи худ, ки ҳама маҳсусанд, барҳам бихӯрад. Дар такя ба он чи гуфта шуд, метавон ба ин натиҷа расид, ки имтиёзи се ҷузъи аввали истиораи мазкур, яъне: гирдбод, доман ва саҳро баҳри мушаббаҳун биҳӣ, яъне сифат ё сифаткунанда гардидан ва ташкил додани як занҷираи алоҳида ва мантиқан бо ҳам таносубдошта бештар аст. Бинобар ин, вожаи имкон дар истиораи боло мушаббаҳ ва мавсуф аст, зеро аз нигоҳи мантиқ танҳо он ваҷҳи шабаҳ аст ва шоир вожаҳои моқаблро танҳо ҷиҳати сифат ниҳодани имкон ба кор бурда, на баръакс. Яъне, бо ин тарз:

мушаббаҳ-имкон;

мушаббаҳун биҳӣ-гирдбоди домани саҳро;

мушаббаҳ-мавсуф ё ваҷҳи шабаҳ;

мушаббаҳун биҳӣ-сифат ё сифаткунанда;

мушаббаҳ-аз ҷиҳати сохт сода;

мушаббаҳун биҳӣ-аз ҷиҳати сохт мураккаб ё мутаввал.

Дар хусуси анвои истиорот дар ғазалиёти Соиби Табрезӣ қайдҳои боло ҳанӯз ҳам анҷоми кор ҳисоб нахоҳанд шуд, чун бо жарфтар фурӯ рафтан дар умқи девони шоир боз метавон анвои дигаре аз истиороти вайро муайян кард. Аммо, он чи дар пайоварди таҳқиқи мо натиҷагирӣ шуд, он аст, ки асоситарин анвои санъати истиора дар ғазалиёти Соиб онҳое ба ҳисоб хоҳанд рафт, ки дар боло зикрашон рафтааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Соиби Табрезӣ. Куллиёт / Соиби Табрезӣ; бо муқаддима ва шарҳи ҳоли шоир аз Муҳаммади Аббосӣ. Аз рӯйи нусхаи хаттӣ ва чопии муътабар. - Теҳрон: Ҷавоҳирӣ, 1361. - С.971.
2. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри X то ибтидои асри XX). Иборат аз ду ҷилд / дар зери таҳрири М. Ш. Шукуров, В. А. Капранов, Р. Ҳошим, Н. А. Маъсумӣ. - М.: Советская Энсиклопедия, 1969. – Ҷ.1. А – О.
3. Шамисо Сирус. Баён ва маонӣ / Шамисо Сирус. - Теҳрон: Фирдавс, 1378. - С.252.

ВИДЫ ХУДОЖЕСТВЕННОГО ПРИЁМА МЕТАФОРЫ В ГАЗЕЛЯХ СОИБА ТАБРИЗИ
(с точки зрения структуры)

Метафора в газелях Саиба Табрези имеет свои особые и присущие виды, которые в общности делятся на простые и сложные. Большинство метафор, применённых в газелях Саиба, являются простыми, которые в свою очередь состоят из двух частей и разделяются на отдельные группы. А сложные метафоры состоят из трёх и четырёх частей и, несмотря на свое малое количество, тоже разделены на отдельные группы.

Ключевые слова: ваджи шабах (средства сравнения), газель, метафора, мушаббах (// уподобляющий), мушаббах бихи (// уподобляемый), Саиб.

TYPES OF LITERARY RECEPTION OF METAPHOR IN THE GHAZALS SAIBA TABRIZI
(from the point of view of structure)

The metaphor in the ghazals Saeb o Tabrezi has its own special and characteristic species in the community are divided into simple and complex. Most of the metaphors used in the Gazelle Saeb are simple, which in turn consist of two parts and separated into separate groups. And complex metaphors consist of three or four parts and, despite its small quantity, is also divided into separate groups.

Key words: vajii the shabah (means comparison), Gazelle, metaphor, musabbah (//assimilation), musabbah behe (// compare), Saeb.

Сведения об авторе: ***О.Ш. Саидджафаров*** – докторант Таджикского национального университета

МАВЗӮИ ВАТАНДӮСТӢ ДАР ЭҶОДИЁТИ ҲАФИЗИ ҶОЛАНДҲАРӢ ВА МИРЗО ТУРСУНЗОДА

Ҳ.Қурбонов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Солиёни дароз мутахассисони адабиёт, ба ҷиҳатҳои умдаи ҷараёни адабӣ дахл намуда, дар бобати омӯхтани масъалаҳои типологӣ-дарёфти умумияти мавзӯъ ва оҳангҳо, ҷиҳатҳои муштарак ва ба ҳам наздики осори ин ё он адиб ба хулосаи муҳимми назариявӣ омада, зикр намудаанд, ки шоиру нависандагони барҷастаи давру замонҳои мухталиф вазифаи адабиёти бадеиро мувофиқи шароити замону макони мушаххас таъин намоянд.

Ҳарчанд дар боби тадқиқи ҳаёт ва осори шоири Ҳинду Покистон Ҳафизи Ҷоландҳарӣ (1900-1982) ва шоири тоҷик Мирзо Турсунзода (1911-1978) чӣ дар Шибҳи қораву Тоҷикистон ва чӣ дар дигар мамолики хоричӣ силсилаи рисолаву маҷмӯаи мақолаҳо интишор ёфта бошанд ҳам, эҷодиёти ин ду нобиға аз назари муқоисаи умумияти андешаашон то имрӯз мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст. Мавзӯи баҳси ин бахши мақола ҳадалимкон равшан намудани ин нукта мебошад.

Омӯзиши масъалаи мавриди баҳс дар пеш як қатор мушкилиҳо ҳам дорад. Ҳафизи Ҷоландҳарӣ дар замони итоати кишвари Ҳинд ба мустамликадорони англис фаъолияти эҷодии худро оғоз намуда, дар даврони болоравии ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳии мардуми ҷабрдидаи Ҳиндустон идома додааст ва бо ин васила худ низ баҳри озодӣ мубориза бурдааст. Мирзо Турсунзода бошад, дар кишвари тозабунёди сотсиалистӣ ба камол расида, чун инсони комил, фарзанди нангбардор, дӯстдори миллату адабиёти тоҷик, ҳомии сулҳ, ва сарояндаи дӯстии халқҳо эҷод кардааст. Илова бар ин, Мирзо Турсунсуда дар ашъори худ нигоҳи дилсӯзона ба Ҳиндустони мустаъмараи англис дошта, ҳамеша чун ҳамдарди мардуми азияткашидаи ин кишвар баромад кардааст:

Баҳри чӣ ин мағрибии дилсиёҳ,
Карда ҳарисона ба машриқ нигоҳ?
Бурд дилашро магар ин сарзамин,
Бӯйи хуши ин чамани нозанин?
Ё ҳаваси дидани бӯзинаҳо,
Ё ба каф овардани ганҷинаҳо? [1].

Ба ибораи дигар, Ҳафизи Ҷоландҳарӣ дар шароити мустамликадорӣ ва Мирзо Турсунзода дар замони сотсиалистӣ зиста бошанд ҳам, дар эҷодиёти онҳо умумияти дарк намудани ҳодисаву воқеаҳои зиндагӣ дида мешаванд.

Мо дар ин мақола ҳалли тамоми ҷиҳатҳои фаъолияти адабии Ҳафизи Ҷоландҳарӣ ва Мирзо Турсунзодаро ба уҳда надорем, зеро ҳалли ин мавзӯъ аз имконоти як мақола берун аст. Мо танҳо ба масъалаҳои ватандӯстӣ ва ватанпарастӣ дар эҷодиёти адабии ин ду мутафаккири забардаст, ки ба назари мо хеле муҳим ва пурарзиш менамоянд, дахл мекунем.

Чӣ Ҳафизи Ҷоландҳарӣ ва чӣ Мирзо Турсунзода аз ватанпарастони бузурги даврони худ буданд. Аз ин рӯ, оҳангҳои ватанпарвариро дар эҷодиёти ин ду нобиға саросар мушоҳида кардан мумкин аст. Мирзо Турсунзода тавассути саёҳатҳои зиёд дар кишварҳои гуногуни дунё, ватанаш Иттиҳоди Шӯравӣ алалхусус, зодгоҳаш Тоҷикистон, ки аз ин ҳама диданҳо завқи саршор гирифта буд, дар шеърҳояш ба қалам додааст:

Ёд намудем насими Ҳисор,
Алмаато-мамлакати себзор.
Ёд намудем канори Хазар,
Водии Фарғонаи шаккарсамар.
Қуллаи Помир, яхи Элбрус,
Волга-ҳамон модари дарёи рус [1].

Аз осори ин устоди шеър бӯйи муаттари гулу гиёҳҳои равонбахши Тоҷикистон, нашъаи махмуркунандаи бешазорони нопайдоканори рус, нафаси атромези боғу ҷангалҳои афсонавии Ҳиндустон, шӯру қиёми мамлакатҳои Африқо, файзу саховати рӯди Нил, ҳикмати бостонии кишварҳои араб ва амсоли онҳо амиқ эҳсос мешаванд. Ба назар чунин мерасад, ки тамоми зебоиҳои мафтункунандаи Машриқзамин дар ойинаи поку беғубори осори Мирзо Турсунзода акс андохтаанд, тамоми мамолики Осиё ва Африқо қаҳрамонони шеъру достонҳои шоир, тамоми дунёи тамаддун мабдаи парвози фикру андеша ва хаёлоти мунаққаши ӯ мебошанд. Бо вуҷуди ин ҳама, васфи Тоҷикистону тоҷикистониён дар ҷойи аввал қарор дорад. Ватани азиз бо мардуми заҳматкашу бунёдкораш, бо водиҳои зархез ва кӯҳҳои осмонбӯсаш, бо

рӯдҳои хушсадо ва чашмасорони пурҷилояш, бо хиёбонҳо ва гулгаштҳояш, бо майдону боғистонҳои шаҳдрезаш дар осори Мирзо Турсунзода мақоми хеле шоиста ишғол кардааст. Шоир барои васфи онҳо аз мағзи дилу ҷон суханҳои мувофиқу муносиб пайдо менамояд. Ин аст, ки ӯ шоири ҷаҳондида бошад ҳам, ҳамеша бо Ватан буд ва худро ҳамеша дар оғӯши Ватан шоду масрур ба шумор меовард:

Агарчи борҳо афтодаам аз ёру диёрам дур,
Ба сайёҳӣ маро карданд гарчи дӯстон машҳур.
Вале ман дар ҳама ҷо, дар ҳама кунҷу канори даҳр,
Ҳамеша бо Ватан будам, ҳамеша бо Ватан масрур [3].

Силсилаи шеърҳои «Қиссаи Ҳиндустон», «Ман аз Шарқи озод», достонҳои «Ҳасани аробакаш», «Чароғи абадӣ», «Ҷони ширин», «Аз Ганг то Кремл» ва шеъру манзумаҳои «Суруди сулҳ», «Ду даструмол», «Хоҳари муборизу, Африқо», «Дурахшон қуллаҳо», «Қасди пахлӯи офтоб кунем» ва ғайра, на танҳо ба муаллиф шуҳрати бузурги ҷаҳонӣ оварданд, балки дар таҷассуму ифодаи хиради баланди башардӯстонаи миллати тоҷик дар замони муосир саҳифаи тозаеро дар адабиёти тоҷики асри ХХ боз намуданд.

Дар эҷодиёти Ҳафизи Ҷоландҳарӣ бошад, ватанпарастӣ дар шаклу намудҳои гуногун зоҳир мешавад. Мағзи осори Ҳафизро дӯст доштани сарзамини Ҳинду Покистон, даъват ба вахдати ҳинду мусулмон, озод сохтани ватан аз юғи мустамликадорони англис ташкил медиҳад. Аз намунаҳои ашъори шоир маълум мегардад, ки мавзӯи ватан, муҳаббат ба ватан, ҳифзи он, қадри озодиву истиқлолиятро донистан ва амсоли инҳо аз мавзӯъҳои марказии осори шоири ватанпарвар Ҳафиз Ҷоландҳарӣ мебошад. Вай беҳтарин чакидаҳои табъу қалами худро ба васфи ватан бахшида, онро бо алфози латифу зебо ситоиш кардааст. Ин ба он далолат мекунад, ки ишқи самимиву беандоза ба ватан сарчашмаи илҳом ва эҷоди ӯ буда, тамоми ҳастии вай ба кишвари азизаш пайванд будааст. Номи нек, шарофат ва бузургии инсонро дар ватандӯстӣ дида, гаштаю баргашта ҳамватанон, махсусан ҷавононро ба ҳифзи истиқлол, озоду обод нигоҳ доштани ватан даъват менамояд.

Шеъри «Дар ватанам ҳама чиз маҳбуб аст » (اپنے وطن میں سب کچھہ ہے پیارے) барои таҳвияти ин гуфтаҳо далел шуда метавонад. Ин шеър дар Англия эҷод шуда, бори аввал аз тарафи худи муаллиф моҳи майи соли 1938 дар толори «Қасри маданияти шаҳрвандони бурунмарзӣ»- и шаҳри Лондон, дар Анҷумани фарҳангии мардумони Шибҳи қораи Ҳинд баҳри даъват намудани ҳамватанонаш ба озодию истиқлол қироат гардидааст:

اپنے وطن میں سب کچھہ ہے پیارے
رشک عدن ہے باغ وطن بھی
گل بھی ہے موجود گل پیرھن بھی
نازک بدن بھی غنچہ دھن بھی
لیلی روش بھی شیرین سخن بھی
کچھ کم نھیں وہ اجڑا چمن بھی
اس کے بھی اک بار کر لے نظّارے
اپنے وطن میں سب کچھ ہے پیارے

Дар ватанам ҳама чиз маҳбуб аст,
Рашки биҳишт аст, боғи ватан ҳам,
Гулҳо низ мавҷуд, гулпироҳан ҳам.
Нозукбадан ҳам, ғунчадаҳан ҳам,
Лайлисурат ҳам , ширинсухан ҳам.
Он чаманзори тороҷшуда, аз чизе кам нест,
Як бор назар ба он кунед,
Дар ватанам ҳама чиз маҳбуб аст.

Шоири ҳассос дар шеърҳои «Водии озод» (آزاد وادی), «Чинноб» (چناب), «Ҳимолой» (ہمالیہ) чун ватанпарвари содиқ баромад мекунад. Ҳафиз назари худро тез-тез ба Шимоли Ҳинд–водии Кашмир медӯзад. Манзараҳои дилфиребу назарраби онро дар шеъру ғазалҳояш тасвир мекунад. Яке аз шеърҳои ҳаҷман калони маҷмӯаи " Талхобаи ширин", ки Ҳафиз Ҷоландҳарӣ онро дар шаҳри Сринагар соли 1936 бо номи «Тасвири Кашмир» (تصویر کشمیر) эҷод кардааст, дар шакли мусаддас навиштааст. Адиб дар шеъри мазкур дар баробари тасвиру тавсифи манзараҳои биҳиштосои Кашмир, ба мавзӯъҳои бедории шуури синфии меҳнаткашон, ба муборизаи даъват кардани онҳо, фош ва маҳкум кардани сиёсати истилогаронаи англисҳо,озодии меҳнаткашон, васфи ҳаракатҳои озодихоҳӣ, ситоиши коргарон, даъват ба ягонагию иттиҳоди ранҷбарон ва ғайраҳо ишора кардааст:

کھیت بھی گلزار بھی کہسار بھی خوبصورت پھول بھی اشجار بھی اثمار بھی خوبصورت کشمیر رنگین بھی ہے
اور پرکار بھی خوبصورت ہر بشر مفلس بھی اور زردار بھی ظاہر
باطن کشمیر لیکن پیٹ ہے انجیر کا

ایک پہلو یہ بھی ہے کشمیر کی تصویر کا

Ҳам сахрояш, ҳам гулзораш, ҳам кӯҳсораш зебо аст,
Ҳам гулҳояш, ҳам сангҳояш, ҳам меваҳояш зебо аст.
Ҳар одамаш, ҳам муфлису ҳам сарватманд зебо аст,
Зоҳири Кашмир ҳам рангин аст, ҳам мустаҳкам аст. Лекин ботини Кашмир мисли шиками анҷир аст,
Тасвири як тарафи Кашмир ҳамин аст.

Банди зерини шеър ҳамчун таровиши қалбии як шоире, ки беандоза Кашмирро дӯст медорад, мебошад. Дар назари адиб, ҳар канори сарзамини Кашмир, аз водиҳо то қуллаҳои кӯҳҳо, зебою ороста менамоянд. Табиати нотакрори Кашмир мафтункунанда аст. Ин ҷо маконест, ки аз он чашм кандан душвор аст. Шоир сабзаю гулзор, кӯҳу боғзорро ороиши Кашмир ва дар маҷмӯъ, ин зебоиҳоро ғурури мардуми он медонад. Адиб зери мафҳуми «шиками анҷир» он розу ниёзҳои зиёде ки дар табиати сарзамини Кашмир вуҷуд доранд, мисли донаҳои дар дохили анҷир пинҳонбуда тасаввур намуда, ифода кардааст.

Омӯхтани эҷодиёти шоиру адиб ба тарзи муқоиса масъалаи муоинаи сабку услуб, муносибат ба жанрҳо, образҳои ҷудогона, воситаҳои тасвирро низ дарбар мегирад. Дар ҳамин раванд, агар мо ду мисраи шеъри дар боло зикршудаи Мирзо Турсунзодаро, ки:

«Вале ман дар ҳама ҷо, дар ҳама кунҷу канори даҳр,
Ҳамеша бо Ватан будам, ҳамеша бо Ватан масрур», бо ду мисраи шеъри «Чинноб»- и Ҳафизи Ҷоландҳарӣ, ки гуфтааст:

مختصر یہ ہے کہ الفت ہے مجھے پنجاب سے،»
«خوش ہوں پنجابیوں کی شورش بیتاب سے

«Хулоса ин аст, ки ман аз Панҷоб хуш ҳастам, Аз шӯриши бетоби панҷобиҳо хуш ҳастам»-муқоиса намоем, мебинем, ки дар ҳардуи ин абёт як тарз падидаи ватанпарастӣ, андешаи ягонагии ёру диёр ва садоқат ба Ватан, махсусан ба зодгоҳашон ишора шудааст.

Хулоса, аз ашъори ботамкини ҳам Ҳафизи Ҷоландҳарӣ ва ҳам Мирзо Турсунзода силсилаи нуктаҳои муҳимми таърих ва зиндагӣ, меҳнат ва мубориза, санъату адабиёт, халқ, имрӯзу фардоро шунидан мумкин аст, ки дар он аз вусъати доираи ҷаҳонбинӣ ва ҷаҳоншиносии ин нобиғаҳои адаб дарак дода мешавад. Ҳафизи Ҷоландҳарӣ ва Мирзо Турсунзода чун инсонҳои комил, адибони забардаст, фарзандони нангбардор, ҳомиёни сулҳ, мураббиёни ғамхори адибони ҷавони ҳам Ҳинду Покистон ва ҳам Тоҷикистон ангуштнамо буданд ва ангуштнамо хоҳанд буд.

А Д А Б И Ё Т

1. Мирзо Турсунзода. Ҳамеша бо ватан / Мирзо Турсунзода. - Душанбе: Адиб, 2001. – С.235, 262.
2. Мирзо Турсунзода. Ҳамеша бо ватан / Мирзо Турсунзода. - Душанбе: Адиб, 2001. - 121 с.
3. Ҳафиз Ҷоландҳарӣ. Каломи Ҳафизи Ҷоландҳарӣ / Ҳафиз Ҷоландҳарӣ. – Деҳлӣ. – С. 113, 235, 245.
4. Асад Салим Шайх. Ҳаракати Покистон / Асад Салим Шайх. - Лоҳур, 1999. - 160 с.
5. Глебов Н. Литература урду / Н. Глебов, А. Сухачёв. - М., 1967. - 232 с.
6. Ҷовид Ҳафиз. Гулчини назми Покистон / Ҷовид Ҳафиз. - Душанбе, 1996. - 64 с.
7. Зафар Ҳошимӣ. Мизони урду / Зафар Ҳошимӣ. - Карочӣ, 1998. - 712 с.
8. Мирзо Турсунзода. Ҳамеша бо ватан / Мирзо Турсунзода. - Душанбе: Адиб, 2001. - 406 с.
9. Рачабов Ҳ. Ҳафизи Ҷоландҳарӣ- ифтихори адабиёти урду / Ҳ. Рачабов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Душанбе, 2001. - №3. - С.143-147.
10. Ризви Виқор Аҳмад. Таърихи ғазали муосири урду / Ризви Виқор Аҳмад. - Карочӣ, 1988. - 460 с.
11. Сироҷ-ул–Ислом. Тазкираи табсира. - Карочӣ, 1998. - 172 с.
12. Форуқ Аркалӣ. Каломи Ҳафизи Ҷоландҳарӣ / Форуқ Аркалӣ. - Деҳлӣ, - 337 с.
13. Ҳафиз Ҷоландҳарӣ. Маҷмӯаи шеърҳо ба забони урду ва бо тарҷума ба забони ҳиндӣ / Ҳафиз Ҷоландҳарӣ: тартибдиҳанда Амар Деҳлавӣ. - Деҳлӣ, 1983. - 156 с.

ПАТРИОТИЧЕСКАЯ ТЕМА В ПРОИЗВЕДЕНИЯХ ХАФИЗА ДЖАЛАНДХАРИ И МИРЗО ТУРСУНЗАДЕ

Хафиз Джаландхари и Мирзо Турсунзаде были выдающимися поэтами -патриотами своей эпохи. В их произведениях звучат патриотические и миролюбивые мотивы. Патриотизм в творчестве Мирзо Турсунзаде является результатом его искренней любви к своей Родине, к ее трудовому народу и ее прекрасной природе.

Хафиз Джаландхари при помощи своего могучего пера боролся за свободу своей Родины, против английских колонизаторов.

Ключевые слова: национально-освободительное движение, мир и дружба народов, патриотизм, единство, Родина, мировоззрение, свобода, Кашмир, природа.

PATRIOTIC THEME IN HAFIZ JALANDHARI AND MIRZO TURSUNZODA'S WORKS

Hafiz Jalandhari and Mirzo Tursunzoda were prominent pacts and patriots of their epoch. Their poems are full of patriotic and peaceable motifs'.

The patriotic and creation of Mirzo Tursunzoda this is a result of his work for his lovely mother land and for his hard working people and it's good nature.

Hafiz Jalandhari fought for independence of his country against English conqueror with his immense pen.

Key words: national - liberation moves, peace and friendship between nations, patriotism, unanimity, homeland, outlook, freedom, Kashmir, nature.

Сведения об авторе: ***Х. Курбанов*** – соискатель кафедры индийской филологии Таджикского национального университета. Телефон: **907-82-34-18**

МАОХИЗИ «БӮСТОН»-И САЪДӢ

Сайид Абдуллоҳи Ҳусайнӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Маълум аст, ки Саъдӣ солҳо ба сафар рафта ва дар ҳар водӣ раҳли қомат афканда ва сарзамини Ҳиҷозу кишвари Миср ва, ҳатто, Мағрибзаминро дарнавардидааст. Тавре ки худ гуфта, ба Ҳиндустон ва Қошғар ҳам сафар кардааст. Аз ин ҷо табиист, ки дар ин сафарҳо ба насру назми арабу турк ва соири онҳо бетаваҷҷуҳ набуда ва бо бузургону осори илмиву адабии ин сарзаминҳо ошноӣ доштааст.

Қиёс ва муқобалаи мазмуну муҳтаво ва сабки сухани Саъдӣ дар «Бӯстон» бо осори нависандагони дигари арабу аҷам ба он далолат мекунад, ки ӯ дар таълифи ин китоб аз маохизи муътабаре таассур бардоштааст. Аз ҷумла, метавон ҳадс зад, ки яке аз маохизи ӯ баъзе таълифоти нависандаи номдори араб Абӯусмон ибни Баҳрӣ маъруф ба Ҷоҳиз бояд бошад. Зеро, Ҷоҳиз дар нависандагӣ сабки хоссе аз таркиби сабкҳои адабии форсӣ ва арабӣ ба вуҷуд оварда буд. Достонҳои марбут ба подшоҳони қадими Эрон, бештар аз роҳи китобҳои Ҷоҳиз дар адабиёти форсӣ ворид шуда ва шояд китоби «Бӯстон» бештар аз китоби «Ат-тоҷ» мутаассир шуда бошад [2, 21-22].

Ҷоҳиз (160-225 ҳ.қ.) бо бисёре аз нависандагону мутарҷимони форсию суриёнӣ омезиш доштааст. Вай аз нигоҳи зоҳирӣ бадсурату нохушманзар, вале бисёр хушхатту некӯсухан будааст. Бархе китобҳои вай иборатанд аз: “ал-Ҳайвон”, “ат-Тоҷ”, “ал-Маҳосин ва-л-аздод” ва “ал-Балоға”, инчунин, дар фасоҳату балоғат китобҳои дигаре низ доштааст, ки таъсири онҳо дар назариёти каломи порсӣ инкорнашуданӣ мебошад.

Дар мавриди таъсирпазирии Саъдӣ аз Ҷоҳиз нақли мушоҳидаи зерин аз дуктур Муҳаммади Хазоилӣ андешаи моро метавонад тақвият бибахшад: “Ҷоҳиз дар нависандагӣ сабки хосе аз таркиби сабкҳои адабии форсию арабӣ ба вуҷуд оварда буд. Достонҳои марбут ба подшоҳони қадими Эрон бештар аз роҳи китобҳои Ҷоҳиз дар адабиёти форсӣ ворид шуда ва шояд китоби “Бӯстон” бештар аз китоби “ат-Тоҷ” мутаассир шуда бошад...” [2, 21].

Тафаннун дар сухан ва омехтани ҳазлу ҷидд аз шоҳкориҳои Ҷоҳиз аст. Устоди аҷалл Саъдӣ низ чунин равишро дар насру назми форсӣ ибдоъ карда ва таровату зарофатҳое бар он афзудааст. Дар аснои он, ки мабоҳиси ахлоқии муҳимро матраҳ мекунад, аз боби мутойиба ҳикоят ё фуқоҳате пеш меоварад, то шунавандаро тафарруҷе ҳосил ояд. Он гоҳ, ки сухан дар тайибот ва ҳазл меравад, ҷой ба ҷой нукоти ҷиддӣ ва ахлоқӣ ба кор мебандад. Аз ин рӯ, шайхи аҷалл аз ҷиҳати услуби сухан, эҳтимолан, ва аз ҷиҳати нақли қасас ва гуфтаҳои шоҳаншоҳони Эрон яқинан ба Ҷоҳиз иқтидо кардааст.

Шахсияти дигаре, ки ба эҳтимоли қавӣ метавон гуфт, ки Саъдӣ аз осори вай мутаассир будааст, воиз ва адиби машҳур Абулфараҷ Абдурраҳмон Ибн ал-Ҷавзӣ будааст. Ҷавзӣ воизу музаккири машҳур ва соҳиби таълифоти зиёде мебошад, ки дар аксари нависандагони баъд аз хеш таъсир бахшидааст. Саъдӣ дар ҷавонӣ дар маҳзари наводаи Ибн ал-Ҷавзӣ-Шайх Шамсиддин Юсуф касби иршод карда ва ба ин васила бо таълифоти вай ошноӣ доштааст.

Ҳамчунин, дар «Бӯстон» таъсири мазомини абёти шоири бузурги араб Аҳмад ибни Таййиб ал-Мутанаббиро мебинем, ки бисёре аз абёти вай дар забони тозӣ ба ҳукми масал соир шудааст. Дар навбати худ, бисёре аз мазомини ашъори ӯро дар “Бӯстон”-и Шайх Саъдӣ дучор мешавем, ки аз тариқи баҳрабардории қонунманд ба каломи шоир роҳ ёфтаанд. Ба илова, мазмуни чанд байт аз Абулало ал-Маарриӣ ва шуарои дигари арабизабон дар хилоли абёти «Бӯстон» ба чашм мехӯрад [2, 24-25].

Шайхи аҷалл Саъдӣ аз Абӯҳафс Умар ибни Муҳаммади Сӯҳраварди маъруф ба Шайх Шаҳобиддин ҳам, ки соҳиби китобҳои «Авориф-ул-маориф», «Ҷазб-ул-қулуб

ила мувосилат-ил-маҳбуб», «Эълом-ул-ҳудо ила аҳл-ит-тақво» ва амсоли онҳо ва муршиди Саъдист, таъсир пазируфтааст. Далели ин маънӣ ду андарз аст, ки ӯ аз Шайх Сӯҳравардӣ дар «Бӯстон» ёд кардааст:

Маро шайхи донои муршид Шаҳоб
Ду андарз фармуд бар рӯйи об:
Яке он, ки дар ҷамъ бадбин мабош,
Дувум он, ки дар нафс худбин мабош.
Шунидам, ки бигристӣ шайх зор,
Чу бархондӣ оёти асҳоби нор.
Шабе донам аз ҳавли дӯзах нахуфт,
Ба гӯш омадам субҳгоҳе, ки гуфт.
Чи будӣ, ки дӯзах зи ман пур шудӣ,
Магар дигаронро раҳоӣ будӣ.
Касе гӯйи давлат зи майдон рабуд,
Ки дар банди осоиши халқ буд [2, 170-177].

Шахсияти машҳури дигаре, ки Шайх Саъдӣ аз ӯ пайравӣ кардааст, фақеҳ ва орифи машҳур Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Аҳмади Тӯсӣ, маъруф ба Аҳмади Ғаззолӣ мебошад. Ин донишманд бештар ба вазъ алоқа дошт ва “Рисолаи ишқия” ва “Савонеҳ-ул-ушшоқ” аз ҷумлаи осори машҳураш маҳсуб мешаванд.

Дар боби севуми «Бӯстон», ки «Дар ишқу мастӣ ва шӯр» ном дорад, дар он ҳикояти аввал дар бораи ишқи гадозода ба шоҳзодаест. Маъхази ин ҳикоят ҳамон достонест, ки дар китоби «Савонеҳ-ул-ушшоқ»-и фақеҳ ва орифи эронӣ Аҳмад ибни Муҳаммади Ғаззолӣ дучор мешавад. Тафовут дар он аст, ки дар ҳикояти «Савонеҳ» Ғаззолӣ мехоҳад, аз роҳи тамсил лузуми ниёзи ошиқ ба маъшуқро шарҳ диҳад, вале Саъдӣ дар «Бӯстон» мехоҳад аз нест шудани ошиқ дар баробари маъшуқ сухан гӯяд. Дар ҳар ҳол, маъхази ҳикояти фавқуззикри «Бӯстон» будани «Савонеҳ»-и Ғаззолиро ба осонӣ метавон пай бурд. Чунончи, Ғаззолӣ дар як ҷо мегӯяд: «Ин ҷо ошиқ ва маъшуқро аз ӯ ӯтар буд, аҷоиби алоиқи тамҳид ба шарти бепайвандии ошиқ бо худ, то ба ҷое расад, ки ошиқ эътиқод кунад, ки маъшуқ худ ӯст» [3, 136].

Дар «Бӯстон» низ ҳамин ҳолат барои гадозодаи ошиқ эҷод шудааст, вақте ба шоҳзода мегӯяд:

Гарам ҷурм бинӣ, макун айби ман,
Туӣ сар бароварда аз ҷайби ман.
Бад-он заҳра дастат задам дар рикоб,
Ки худро наёвардам андар ҳисоб.
Кашидам қалам бар сари номи хеш,
Ниҳодам қадам бар сари коми хеш.
Маро худ кушад тири он чашми маст,
Чи ҳоҷат, ки орӣ ба шамшер даст.
Ту оташ ба най дар зану даргузар,
Ки на хушк дар беша монад, на тар [2, 55].

Дар достони “Бехуд шудани Маҷнун дар баробари хаймаи Лайлӣ”, ки дар “Савонеҳ” омадааст, “аҳли қабилаи Маҷнун аз қавми Лайлӣ тақозо карданд, ки Маҷнунро биёваранд, то як бор Лайлиро бубинад. Вақте ӯро оварданд ва дар хиргоҳи Лайлӣ баргирифтанд, ҳанӯз сояли Лайлӣ пайдо нагашта буд, ки Маҷнунро Маҷнун дармебоист гуфтан. Бар хоки дар паст шуд [3, 147].

Ғаззолӣ ин достонро ба унвони “Ғайбат” ё “Ғайбати куллӣ” ёд кардааст. Аз худ бехуд шудани Маҷнун дар баробари хиргоҳи Лайлӣ монанди аз худ бехуд шудани гадозода дар достони мастур дар “Бӯстон” аст. Ҳангоме ки рикоби шоҳзодаро мебӯсад, шоҳзода инон барметобад. Ҳеҷ як аз ин ду ошиқ, дар воқеъ, ба висоли маъшуқ намерасанд.

Чунин ҳамонандию ҳамхониҳоро дар миёни каломи ин ду суханвари машҳур боз ҳам ҷустуҷӯ кардан мумкин аст, вале ба хотири инҳиҷор аз тӯли гуфтор бо ҳамин иктифо мешавад. Лозим ба зикр аст, ки ҷусторҳое монанд ба мисоли мазкурро дар мабҳаси ҷудогона, масалан, бо баррасии тамсилот дар каломи ҳар ду адиб ва ҷойгоҳи ин равиши адабӣ дар баёни муҳтаво пайгирӣ кардан мумкин аст. Ин навъ ковишҳо мавзӯи баҳси ҷудогонаи мо хоҳад қарор гирифт.

Донишманди дигаре, ки таъсири ақидатии вай бар Саъдии Шерозӣ, махсусан дар “Бӯстон”, назаррас аст, шахсияти машҳури давраи Салҷуқӣ Ҳуҷҷат-ул-ислом Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Муҳаммад Ибни Аҳмади Тӯсӣ, макнӣ ба Абӯҳомид ва машҳур ба Муҳаммади Ғаззолӣ (450-505 ҳ.қ.) мебошад. Абӯҳомиди Ғаззолӣ дар фиқҳу ҳикмату калом саромади асри худ ва дар кулли улуми динӣ ва адабии асри хеш ҳамчун устоди мусаллам шинохта шуда буд. Аз ҷумлаи муҳимтарин осори мондагори вай, ки тавассути онҳо муаллифашро то ба имрӯз мешиносанд, “Кимиёи саодат” ва “Эҳё-ул-улум-ад-дин” мебошанд. Асари нахуст ба форсӣ ва дувумӣ ба арабӣ навишта шудааст.

Китобҳои мазкур на танҳо ба Шайх Саъдӣ, балки ба аксари уламои ахлоқ бисёр таъсиргузор будааст. Дар ин асарҳо дар радифи мавзӯоти муҳимми дигар масоили марбут ба ирфон низ мавриди баҳс қарор гирифтаанд. Ҳар мабҳас бар мабнои аҳодиси набавӣ ба исбот расида ва бар ҳамин асос мабоҳиси ахлоқӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Ба таври ҳатмӣ метавон гуфт, ки Саъдӣ дар “Бӯстон” низ аз ҳамин шева суд ҷуста ва дар пайравӣ ба соҳиби «Насиҳат-ул-мулук» суханонашро ба оёту аҳодис мустаҳкаму музайян сохтааст.

Агар ин ду асар аз ҷиҳати ақидатӣ ба ҷаҳонбинии Шайх Саъдӣ таъсир дошта бошанд, китоби «Насиҳат-ул-мулук»-и вай бевосита дар “Бӯстон” таъсиргузор ба назар мерасад. Ин ҷиҳати ҳамгироиро ҳам дар сохтори муҳтавоии ҳар ду асар ва ҳам аз лиҳози корбасти мафоҳими маъмул дар рӯзгори банӣ башар мушоҳида кардан мумкин аст.

Ғаззолии мавриди назар дар китоби «Насиҳат-ул-мулук» ҷанбаҳои динӣ-ақидатӣ ва ахлоқӣ-маънавиро бо ҷанбаҳои сиёсӣ дарҳам омехта, пас аз баёни даҳ асли дин, даҳ фаръ ва тамсилоти даҳгона дар бораи дунё матолибу андарзҳоеро, ки метавонад дар сиёсати кишвару тадбири манзил ба кор ояд, дар хилоли ҳафт боб баён кардааст. Чунонки мебинем, ин ҷиҳати кори Ғаззолиро Саъдии Шерозӣ дар бисёр мавридҳо ва дар ҷой ҷойи асари худ эҷодкорона идома додааст.

Рӯйиҳамрафта, мутолиа дар «Бӯстон»-и Саъдӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки яке аз маохизи он «Насиҳат-ул-мулук»-и Имом Абӯҳомид Муҳаммади Ғаззолист. Ба қавли устод Хазоилӣ, «таъсири «Насиҳат-ул-мулук»-и Ғаззолӣ дар «Гулистон» ва «Бӯстон»-и Саъдӣ ҳамчун таъсири равон дар бадан аст, ки дар ҳамаи нуқот сарист, вале ҷойи махсус ба худ надорад, маъа ҳозо бархе аз матолиби он гӯйӣ дар «Бӯстон» манзум шудааст» [2, 24-25].

Дар китоби «Насиҳат-ул-мулук»-и Ғаззолӣ қиссаи фақеҳе аз нажоди сиёҳ мундариҷ аст, ки дар маҷлиси Маъмун зери дасти ҳама менишинад ва ба василаи ҷавоб гуфтан ба ҳамаи масоили мушкил арҷ ва қадри худро бар Маъмун ва уламои ҳозир дар маҳзари вай мусаллам медорад. Назири ин қиссаро Шайхи аҷалл дар «Бӯстон» бо матлае чунин оғоз кардааст:

Фақеҳе, куҳанҷомае тангдаст,
Дар айвони қозӣ ба саф дар нишаст [4, 126].

Албатта, воқеа бо достони фақеҳи мазкур дар китоби «Насиҳат-ул-мулук» аз назари ҷузъиёт фарқ дорад ва Шайх Саъдӣ бо ишорае боз менамояд, ки фақеҳи пирӯзманд касе ҷуз худи ӯ набудааст.

Шахсияти дигари таъсиргузор ба Шайх Саъдӣ Ибни Қутайбаи Динаварӣ мебошад, ки вай аз ҷумлаи машҳуртарин олимони дин ва адиби машҳур маҳсуб мешавад. Аз муҳимтарин китобҳои ӯ “Адаб-ал-котиб”, “Одоб-ул-ҳарб”, “Маъониюш-шеър”, “Уюн-ул-ахбор”, “Китоб-уш-шеър” ба ҳисоб мераванд. Дар ин миён яке аз китобҳои пурарзиши вай, ки ба Саъдӣ таъсиргузор афтодааст, “Одоб-ул-ҳарб” мебошад.

Ҳамин тавр, аз ҷумлаи китобҳои дигар, ки барои «Бӯстон»-и Саъдӣ ба ҳайси маъхаз хидмат кардаанд, яке ҳамин «Одоб-ул-ҳарб»-и Ибни Қутайбаи Динаварист. Ибни Қутайба ин китоби пурарзиши худро мубтанӣ бар матни паҳлавии «Ойиннома» навишта ва Саъдӣ дар боби аввали «Бӯстон» матолиби онро ба ихтисор нақл кардааст.

То ба ин ҷо мо аз асарҳое ном бурдем, ки аз нигоҳи муҳтаво ва шеваи баён ба зеҳни Шайх Саъдӣ созгор афтода ва шоир аз муҳтавои калом ва тариқи баёни онҳо

суд ҷустааст. Илова бар ин Шайх Саъдӣ дар эҷоди “Бӯстон” ба асарҳои дигаре ҳам таваҷҷуҳ дошта ва аз сохтору баъзе матолиби онҳо пайравӣ кардааст, ки дар назари аввал баъид менамояд, ки байни чунин асарҳо, ки аз нигоҳи муҳтавои куллӣ ҳамгун нестанд, ҳамоҳангие ба мушоҳида бирасад. Аммо дар натиҷаи амиқ нигаристан ба матлаб чунин ба назар мерасад, ки диди муаллиф дар эҷоди асари мондагоре ба монанди “Бӯстон” бисёр гутардаву васеъ аст.

Манзури мо дар ин бахш намоёнидани таъсирпазирии Шайх Саъдӣ аз асари ҳаммосии безавол ва мондагори Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ “Шоҳнома” мебошад. Саъдӣ илова бар он, ки аз нигоҳи сохтор ва тариқи манзум ба ин шоҳасар назар дошта, аз баъзе ҷиҳоти дигар, ки зайлан намоёнида мешавад, миёни ин ду асар ҳамхониву ҳамгуниҳо ба мушоҳида мерасад.

Масъала чунин аст, ки агарчи Фирдавсӣ шоири ҳамосасарост, аммо вай дар бахши азиме аз «Шоҳнома» ба баёни пандҳо ва мавъизаҳо пардохтааст. Ҳеҷ як достони ҳамосӣ-размӣ нест дар «Шоҳнома», ки ба мазомини баланди ахлоқӣ ва панду андарзҳои судманд ороста нагашта бошад. Ин дидгоҳи пандомӯзандаи Фирдавсӣ аз диди дигар шоирони некандеш, ҳамчун Саъдӣ пинҳон намондааст.

Саъдӣ дар таълифи «Бӯстон» ба «Шоҳнома» назар доштааст. Аз вазни муштараки «Бӯстон» ва «Шоҳнома» то корбурди таъбироту тазмини байти Фирдавсӣ, ба таъсирпазирии Шайх Саъдӣ аз Ҳакими Тӯсӣ пай бурдан мумкин аст:

Чӣ хуш гуфт Фирдавсии покзод,
Ки раҳмат бар он турбати пок бод:
“Маёзор мӯре, ки донакаш аст,
Ки ҷон дораду ҷони ширин х(в)аш аст [4, 87].

Чунонки ба назар мерасад, дар порчаи боло Саъдӣ ба каломи Фирдавсӣ аз рӯйи тазмин назар дошта ва байти зебову ҳакимонаи шоирро ба ваҷҳи аҳсан иқтибос кардааст. Ду дигар ин, ки аз муқаддимаи Саъдӣ маълум мешавад, ки вай ба шахсияти Фирдавсӣ ҳам арзиши зиёде қоил будаву аз вай ба некӣ ва арҷгузории махсус ёд кардааст, ки чунун лутфу марҳамат ба камтар касе даст медиҳад.

Шабоҳати “Бӯстон”-ро бо “Шоҳнома” шурӯъ аз соҳати зоҳирӣ, яъне вазни умумӣ ва то ҷойе оҳанги мутантану пурзарби калом то ба муҳтавои калом метавон мушаххас кард. Аз ҳамин ҷост, ки “Бӯстон”-и Саъдиро асаре ҳамосӣ-ахлоқӣ ва тарбиятӣ ба шумор овард. Зайлан ба сурати ихтисор ба чанд маврид аз шабоҳатҳои ҳар ду асари мавриди назар ишора мешавад.

Якум, Фирдавсӣ дар ҳангомаи корзор ва дар миёни набардҳо он замон, ки паҳлавонон маҒрурона савор бар асп меҷанганд ва аз замин гард бармеоварад, ҳарду сӯйи набардро аз асп тохтан, шӯр бурдану бохтан фуруд меоварад ва дастгоҳи нарми насиҳатро менавозад. Вай бештарин насоеҳро дар майдонҳои ҷанг баргузор мекунад ва маргро фароёдҳо меоварад ва аз ҷаҳони нопойдор месарояд. Фирдавсӣ дар бораи панд мегӯяд:

Пизишки ту панд асту дору хирад,
Магар меҳри тоҷ аз дилат бистурад [1, 61].

Саъдӣ дар «Бӯстон» мефармояд:

Агар шарбате бошадат судманд,
Зи Саъдӣ ситон доруи талхи панд [2, 229].

Дувум, суфориш ба мадоро ва накӯҳиши тундӣ. Фирдавсӣ хирадро аз ҷумлаи лавозим ва зарурати шаҳриёрӣ медонад ва тундиву тезиро дар баробари он қарор медиҳад. Вай дар накӯҳиши тундӣ чунин мегӯяд:

Хирад бояд андар сари шаҳриёр,
Ки тундиву тезӣ наёяд ба кор [1, 61].

Дар ҷойи дигар чунин мегӯяд:

Ба нармӣ барояд зи сӯрох мор,
Ки тундиву тезӣ наёяд ба кор [1, 204].

Саъдӣ, ки дар баёни бисёре аз пандҳо ва насоеҳ ба Фирдавсӣ назар дорад, дар мазаммати тундӣ чунин мегӯяд:

Ба тундиву хашму дурушти макӯш

В-агар мебарояд ба нармиву ҳуш [4, 84].

Инсондӯстии Саъдӣ то ба ҳадде баланд аст, ки ҳатто дар баробари хасм ҳам тундиро намегузорад:

Тавозуъ кун, эй дӯст, бо хасм тунд,
Ки нармӣ кунад теғи бурранда кунд [4, 129].

Фирдавсӣ тундиву тезиро нишонаи хурдӣ медонад ва мудороро бародари хирад:

Сари бехирадро нашояд сутуд,
Ки ҳар ҷой тундӣ нашояд намуд.
Хирад бар сари дониш афсар бувад,
Мудоро хирадро бародар бувад [1, 6].

Саъдӣ ҳам монанди Фирдавсӣ мудо бо душманро нишонаи тадбир медонад ва мегӯяд:

Ҳаме то барояд ба тадбир кор,
Мудорои душман беҳ аз корзор [4, 73].

Дар ҷойи дигар Фирдавсӣ дар мадоро бо халқ мегӯяд:

Биё, то бубахшем рӯйи замин,
Сароем бар якдигар офарин [1, 219].

Дар «Бӯстон» чунин омадааст:

Худоро бар он банда бахшоиш аст,
Ки халқ аз вуҷудаш дар осоиш аст [2, 293].

Чунин равиши ҷустор доманадор аст, мо бо ҳамин иктифо меварзем.

Севум, Суфориш ба адлу додгарӣ. Дар “Шоҳнома” дар бораи Кисрои Анушервон ва додгарии вай бисёр сухан рафтааст. Саъдӣ ҳам дар “Бӯстон” ба додгарии Кисро ва ҳикоятҳои вай назари амиқ дорад. Дар бораи Кисро ва насиҳатҳои вай ба писараш – Ҳурмуз дар “Бӯстон” чунин омадааст:

Шунидам, ки дар вақти назъи равон
Ба Ҳурмуз чунин гуфт Нӯширвон:
“Ки хотирнигаҳдори дарвеш бош,
На дар банди осоиши хеш бош!
Бирав, поси дарвеши муҳтоҷ дор,
Ки шоҳ аз раият бувад тоҷдор” [1, 42].

Бидуни шубҳа, рӯшан аст, ки ин сухани Саъдӣ баргирифта аз ҳамин сухани Фирдавсӣ дар “Шоҳнома” аст, он ҷо, ки Кисро ҳангоми марг ба писараш чунин мегӯяд:

Ҳама гӯшу дил суйи дарвеш дор,
Ҳама кори ӯ чун ғами хеш дор [1, 270].

Ва ё:

Зи некӣ фурӯмояро дур дор,
Ба бедодгар мард магзор кор [1, 193].

Саъдӣ ҳам дар наҳӣ аз некӯӣ ба бадон монанди Фирдавсӣ меандешаду чунин мегӯяд:

Некуиву раҳмат ба ҷойи худ аст,
Вале бо бадон некмардӣ бад аст [4, 85].

Чаҳорум, дар ниҳон доштани роз. Фирдавсӣ дар ҳангоми ҷанг, барои дар амон мондан аз найранги душман, дар ниҳон мондани асрор суфориши бисёр мекунад:

Сухан ҳеч масрой бо роздор,
Ки ӯро бувад низ анбозу ёр...
Чу розат ба шаҳр ошкоро шавад,
Дили бихрадат бе мудоро шавад [4, 192].

Саъдӣ ҳам дар зарурати роздорӣ мегӯяд:

Даруни дилат шаҳрбанд аст роз,
Нигар, то набинад дари шаҳр боз.
Сухан то нагӯӣ бар ӯ даст ҳаст,
Чу гуфта шавад, ёбад ӯ бар ту даст [4, 154].

Панҷум, ҳамгунии андешаҳо дар бораи марг. Марг аз мазмунҳоест, ки Фирдавсӣ дар бораи он бисёр сухан гуфтааст ва Саъдӣ низ дар ин бора монанди Фирдавсӣ назари ҳамгун дорад. Масалан, Фирдавсӣ дар ин бора чунин мегӯяд:

Ҳама хок доранд болину хишт,
Надонам ба дӯзах даранд ё биҳишт.
Агар шоҳ бошӣ, агар Зардуҳушт,
Ниҳолӣ зи хок асту болин зи хишт [1, 107].

Андешаи Саъдӣ дар ҳамин маврид чунин аст:

Басе тиру даймоҳу урдибиҳишт
Барояд, ки мо хок бошему хишт [4, 186].

Мисоли дигар. Дар мавриди марги Искандар Фирдавсӣ чунин мегӯяд:

Чунин гуфт, к-аз марг худ чора нест,
Маро дар сар андеша з-ин бора нест.
Маро беш аз ин зиндагонӣ мабуд,
Замона на коҳад, на хоҳад фузуд [1, 126].

Саъдӣ ҳам дар бораи марги Искандар чунин мегӯяд:

Сикандар, ки бар оламе ҳукм дошт,
Дар он дам, ки бигзашту олам гузошт,
Шунидам, ки мегуфту хун мегирист:
“Надонӣ, ки рӯзи аҷал кас назист [4, 188].

Дар бораи марг ҳамандешӣ байни Фирдавсию Саъдӣ бисёр аст, ки дар ин ҷо маҷоли гуфтор ва баррасии он ҳама нест. Ба ҳамин гуна аст мавориди дигаре, чун баёни баробарии дахлу харҷ, дар бефоида будани тарбияти бадгавҳар, суфориш дар тадобиру ҳушёрии ҷангӣ, зинҳор додан ба душман дар ҳангоми пирӯзӣ, парҳез аз озори душман дар ҳангоми пирӯзӣ ва ғайра.

Дар бораи адлу инсоф, ниҳон доштани роз, марг ва масоили дигари ахлоқиву ҳикамӣ ҳамандешӣ байни Фирдавсӣ ва Саъдӣ бисёр аст, ки баррасии онҳо дар як мақола имкони гунҷоишро надорад.

Дигар аз суханвароне, ки Саъдӣ дар сурудани “Бӯстон” ба онҳо иноят доштааст, Низомии Ганҷавӣ (530-614 ҳ.қ.) мебошад. Ин шоири бузург дар баробари дигар хадамоти мондагори хеш тавонист, ки то поёни қарни шашуми ҳиҷрии шамсӣ шеъри тамсилиро дар адабиёти форсӣ ба авҷи аълои такомул бирасонад. Маҳорате, ки Низомӣ дар танзиму тартиби манзумаҳои худ ба кор бурдааст, боис шуд, ки ба зудӣ осораш мавриди тақлиди шоирон қарор бигирад ва ин тақлид аз қарни ҳафтуми ҳиҷрии шамсӣ оғоз гардид.

Нуктаҳои ирфониву пандҳои орифонаи Низомӣ дар маснавии “Махзан-ул-асрор”, оҳангҳои ошиқона дар “Лайлӣ ва Маҷнун”, “Хусраву Ширин”, “Ҳафт пайкар” ва ҳикмату панду андарзро дар “Шарафнома” ва “Иқболнома” метавон дид. Аммо тартиби манзумаҳое, ки мунҳасиран мавқуф ба тартибу андарзҳои ахлоқӣ ба қасди мавъизаву иршод бошад, танҳо дар “Бӯстон”-и Саъдӣ қобили мушоҳида аст.

Ваҳиди Дастгардӣ, ки умреро вақфи тасҳеҳи “Хамса”-и Низомӣ кардааст, дар мавриди Саъдӣ ва муқоисаи “Бӯстон” бо маснавиҳои Низомӣ чунин назар дорад, ки Шайх Саъдӣ дар “Бӯстон” ҳамон равиши ҳикмату андарзи “Шарафнома” ва “Иқболнома”-ро пеш гирифтааст.

Нуктаи дигар дар ин маврид чунин аст, ки Низомиро дар баъзе ҷиҳатҳо танҳо Саъдӣ аст, ки уҳдабароёна пайравӣ карда ва аз уҳдааш бахубӣ баромадааст. Низомӣ вақте ки бо таваҷҷуҳ ба мухотаб суханро ба сарҳади эҷоз мерасонаду ҳеч ихлоле дар маънӣ роҳ намедиҳад, чунин равиш ва қудрату тавоноиро дар ҳеч гӯяндаи дигаре мушоҳида какрдан наметавон, ило Саъдӣ. Танҳо Шайх Саъдӣ аст, ки баъд аз Ҳаким Низомӣ чунин тарикро тай кардааст.

Мо, чунонки дар мавриди таъсирпазирии Саъдӣ аз Фирдавсӣ ба сурати муфассалтар баҳс кардем, ба ҳамин минвол метавонем, перомуни таъсирпазирии Саъдӣ аз Ҳаким Низомӣ ҳам нисбатан ба сурати муфассал тафаҳҳусе анҷом бидиҳем, вале, ба хотири инҳиҷор аз тӯли гуфтор дар ин мухтасар ва низ доманаи густурда

доштани ин матлаб, ки худ ниёз ба як ҷустори амиқу ҷудогона дорад, ба ҳамин ктифо варзида, идомаи баррасии мавзӯъро ҳадафи отии хеш қарор хоҳем дод.

Ҳамин тавр, аз баррасии маъхазҳои «Бӯстон»-и Саъдӣ, ки ҳадафи ин мақола қарор дода шудааст, маълум мегардад, ки Шайхи аҷалл чун донандаи комили адабиёти арабу аҷам дар ин асари худ ба осори манзуму мансури форсӣ ва арабӣ назар дошта ва аз онҳо таъсир пазируфтааст. Вай шоирест, ки аз ҳар хирмане чошние бардошта ва дар заминаи таҷрибаҳову андӯхтаҳояш аз сафар ба манотиқи мухталиф мазомини “Бӯстон”-ро ба низом даровардааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома / Абулқосим Фирдавсӣ. – Маскав, 1966. - Ҷ.2.
2. Муҳаммад Хазоилӣ. Шарҳи «Бӯстон» / Муҳаммад Хазоилӣ. – Теҳрон: Интишороти Ҷовидон. 1363 ҳ. - 479 с.
3. Ғаззолӣ Имом Аҳмад. Маҷмӯаи форсии осори Аҳмади Ғаззолӣ / Ғаззолӣ Имом Аҳмад; ба эҳтимоми Аҳмади Муҷоҳид. – Теҳрон: Интишороти Донишгоҳи Теҳрон, 1370 ҳ.
4. Саъдии Шерозӣ. Бӯстон / Саъдии Шерозӣ; бо тасҳеҳ ва тавзеҳи доктор Ғуломҳусайни Юсуфӣ. – Теҳрон: Хоразмӣ, 1375. – С.126.
5. Саъдии Шерозӣ. Бӯстон / Саъдии Шерозӣ; тасҳеҳ ва ҳошиянигории Ҷалол Ноинӣ, Сайид Муҳаммад Ризо. – Теҳрон: Иқбол, 1317.

ИСТОЧНИКИ «БУСТАН»-А СААДИ

В статье анализируются средневековые литературно-исторические памятники, являющиеся источниками «Бустана» Саади. На основе сопоставительного анализа доказывается, что основными источниками гениального произведения Саади являются «Ат-тадж» Джахиза, стихи ал-Мутаннаби, Абулала ал-Маари, «Саваних ал-ушшак» Ахмада Газали, «Насихат ал-мулук» Мухаммада Газали, «Одоб ал- харб» Ибн ал- Джавзи, «Шахнаме» Фирдоуси и других арабских и персидско-таджикских авторов.

Ключевые слова: средневековые литературно-исторические памятники, произведения Саади, основные источники произведения, Бустан Саади.

SOURCES "BUSTAN"-SAADI

The article analyzes the medieval literary and historical monuments, which are the sources of "the Bustan of Saadi. On the basis of the comparative analysis proved that the main sources of brilliant works of Saadi are "At-Taj" Dragisa, verses al-Mutannabi, Abulla al-mahari, "Savanah al-Usak" Ahmad Ghazali, "Nasihat al-Muluk" Muhammad Ghazali, "Approved al - Harb Ibn al - Jawzi, the "Shahnameh" of Ferdowsi and other Arab and Persian-Taiik authors.

Keywords: medieval literature and historical monuments, works of Saadi, the main sources of the work, the Bustan of Saadi.

Сведения об авторе: ***С.А. Хусайни*** –соискатель кафедры истории таджикской литературы Таджикского национального университета

САБКИ ШЕЪРИ ШОИРОНИ АҲДИ РӮДАКӢ АЗ НИГОҲИ ЗЕБОИШИНОХТӢ

Ш.Э. Боев

Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода

Дар мавриди шинохти зебоиҳои сабки шоирони аҳди Рӯдакӣ метавон гуфт, ки дар ин замина муҳаққиқоне чун Муҳаммад Ҷаъфари Маҳҷуб, Муҳаммад Ғулом Ризоӣ, Пурон Шаҷиӣ, Сируси Шамисо, Муҳаммад Нурӣ Усмонов ва дигарон баъзе мулоҳизаҳо кардаанд. Вале, бештари таҳқиқоте, ки дар ин замина ба вуҷуд омадааст, «ғолибан тааллуқ ба муҳтавои шеъри форсӣ ва афкору назариёти гӯяндагони он дорад, на ба тарзи сухани эшон ба сабк ва шеваи баёни хосашон» [6, 38]. Дар ин равиш, агар баъзе ишораҳои кӯтоҳи Сируси Шамисо ва М.Н.Усмоновро истисно кунем, ҷанбаи зебоишиносии шеъри шоирони ин давра, ки ҷавҳари онро тасвир ва тасвиргарӣ, сувари хаёл ташкил медиҳад, таҳқиқ ва арзёбӣ нашудааст.

Дар ин ҷо, албатта, аз рӯйи як ё ду байте, ки аз баъзе шоирон боқӣ мондааст, дар бораи зебоиҳои сабки шоирони аҳди Рӯдакӣ ҳукм кардан душвор аст. Вале, дар ин байн шоироне ҳастанд, ки аз онҳо то бист байт шеър боқӣ мондааст ва дар ҳамин замина дар бораи зебоиҳои сабки шеъри онҳо сухан гуфтан ва вижагиҳои шеъри аҳди Рӯдакиро дар мисоли шеъри онҳо мушаххас намудан мумкин аст. Дар таҳлилу таҷзияи шеъри ин шоирон меъёри мо интихоби ашъоре буд, ки зебоиҳои сабки фардии ин ё он шоирро муайян карда, умумиятҳои сабки гурӯҳии ин давраро низ то ҷое таъйид мекунад.

Ба назари мо, ошкор сохтани зебоиҳои сабки шеъри шоирони ҳамаҳди Рӯдакӣ барои махсусиятҳои сабки давраиро мушаххас намудан мусоидат намуда, саҳми ин шоиронро дар раванди такомули адаби форсӣ нишон медиҳад.

Бештари касоне, ки дар бораи зебоишинохтии сабки шеъри ин давра ё давраҳои баъд сухан кардаанд, асосан таҳлил ва таҷзияи саноеи бадеиро ҳамчун ҷузъи ҳунари тасвиргарии шоирон нишон додааанду бас. Ҳол он ки вижагиҳои ҳунарӣ, ки ҷавҳари онро тасвир ва тасвиргарӣ, сувари хаёл ташкил медиҳад, аз доираи истифодаи саноеи бадеӣ фаротар меравад.

Шеъри шоирони ин аҳд, пеш аз ҳама, аз назари аносири адабӣ ва балоғӣ диққатангез буда, баррасии сабкии онҳо аз назари зебоишинохтӣ зарурат дорад. Вижагии аввале, ки дар шеъри шоирони ин давра ба назар мерасад, камистифода будани саноеи лафзӣ аст. Ба мушоҳидаи дуктур Муҳаммад Ғуломризоӣ, ҳамчунин дар шеъри ин давра маҷоз ва киноя ғалаба надорад [3, 87]. Ҳарчанд истиора дар шеър ҳаст, вале чандон зиёд нест. Муҳимтарин унсури тасвир дар шеъри ин шоирон ташбеҳ аст, ки яке аз махсусиятҳои сабки хуросонӣ буда, корбурди алфози сода ва холӣ аз такаллуфро таҳозо мекунад. Муҳаққиқон ин ҳодисаи адабиро ба шароити берун аз забон, яъне шароити сиёсӣ ва фарҳангии Эрон дар давраи Сомониён вобаста донистаанд. Аз ҷумла, дар ин боб Куруши Сафавӣ чунин андеша дорад: «Барои мисол шароити сиёсӣ ва фарҳангии Эрон дар давраи Сомониён то давраи Ғазнавиён, фосилаи ҷуғрофиёии манотиқи фармонравоии нахустин ҳукуматҳои эронӣ аз манотиқи ғарбӣ ва зери султаи аъроб, муҳитеро фароҳам овард, ки эрониёни навоҳии шарқии ин сарзамин ба истифода аз забони сода ва холӣ аз саноеи бадеӣ рӯ оваранд» [7, 29].

Аносири аввала, ки моро дар зебоишинохтии сабки шоирони ин давра раҳнамойӣ мекунад, истифодаи алфози сода, пок ва беғаш мебошад. Аксари шоирони ин давра саъй кардаанд, ки то забони баёнашон асолати решаии худро ҳифз карда бошад. Агар аз ин мавқеъ нигарем, шеъри шоирони ҳамасри Рӯдакӣ холӣ аз алфози сусту нохушоянд буда, ҳатто дар истифодаи вожаҳои арабӣ низ эҳтиёткорӣ кардаанд. Истифодаи алфози поку беғаш дар шеъри шоирони ин аҳд аз парастиши сухан моя гирифта, ба ҳадди суханофаринӣ расидааст ва хосси сабки аксари шоирони ин аҳд аст.Барои намуна чанд байте иқтибос меоварем:

Шаҳиди Балхӣ:

Баргузидам ба хона танҳоӣ,
Аз ҳама кас дарам бибастам густ [1, 42].
Нармак-нармак зи барам берун шуд,
Меҳраш аз он чи буд, афзун шуд [1, 42].

Фароловӣ:

На ҳамчу рухи хубат гули баҳор,
На чун ту ба некӯӣ бути татор [1, 66].
Ман зи оғолишат натарсам ҳеҷ,
В-ар ба ман ширро бароғолӣ [1, 74].

Шокири Бухороӣ:

Турк бо кажкамон рост кунад кори ҷаҳон,
Ростӣ тираш кажжӣ кунад андар ҷигаро [1, 75].
Ба он кас, ки ҷонаш зи дониш тиҳист,
Ситезиданат мояи аблаҳист [1, 76].

Шеър аз сохтори мураккаби зебоишинохтӣ ба ҳам омадааст. Ин аносири зебоишинохтӣ ба образҳои шеърӣ ва мазмуни бадеии асар ҳаёт мебахшад. Забон дар ҳайати сохтории зебоишинохтии шеър унсури созанда мебошад. Донишманди рус А.Н.Веселовский дар рисолаи «Се фасли поэтикаи таърихӣ» қайд кардааст, ки «шеър низ мисли мусиқӣ ва наққошӣ забони хос дорад», забоне, ки «вожаҳои хос дорад, мисли наср не, пур аз рамзу маҷоз, калимаҳои мураккабе, ки таъсири чизеро зинда мекунад» [2, 348]. Ин донишманд саъй кардааст, ки тарзи пайдоиши ин забони хосро ошкор созад. Вақте ки аз назари сабкшиносӣ ба моҳияти зебоишинохтии шеъри ин давра таваҷҷуҳ мекунем, мебинем, ки аз оғози зуҳур шакли миллии забони шеър–низоми вазну оҳанг, таркиби хоси вожаҳои шоирона, усули таркибсозӣ ва ғайра дастоварди шеър, санъати сухан будааст, ки реша дар суннатҳои адабиёти қадим, аз ҷумла осори паҳлавӣ дорад. Маълум аст, ки осори адабиёти паҳлавӣ забони хоссаи шоирона дошт ва зебоиҳои сабкии онро муҳаққиқон дар заминаи мазмуну ғоя, мундариҷаю образ, шеърият ва дигар вижагиҳои адабӣ муайян кардаанд [9, 164-165].

В.В. Кожинов таъкид мекунад, ки «забони шоиронаи миллӣ ҳамчун забони мусиқӣ, рақс, нақшу нигор, тасвиргарӣ, меъморӣ, театр ва ғайра вуҷуд дорад ва тараққӣ мекунад. Ҳама гуна забони миллии шоирона гуногунрангии амиқ дорад. Илова ба ин, вай дар асоси қонуниятҳои умумӣ сохта мешавад. Ҳамин тариқ, дар ҳар кадом забони шоирона мо сохтори муайяни вазнӣ ва овоиро дармеёбем: низоми хоси калимоти шоирона, қаробати воситаҳои тасвир (ташбеҳ, маҷоз, тавсиф ва ғайра) ва таркибҳои наҳвӣ (инверсия–ивазшавии ҷойи калима, эллипсисҳо афтодани ягон аъзои ҷумла ва ғ.)» [5, 249].

Аз донишмандони мо Абӯнасри Форобӣ ба ин масъала дахл карда, таъкид мекунад, ки аз он ки шеър ба шакли худ ба илми забоншиносӣ марбут аст, онро аз се нуқтаи назар таҳлил кардан муҳим аст, ки якеро ихтисос медиҳад ба баррасии калимоте, ки дар назари шоирон ба кор бурдани онҳо барои шеър муносиб менамояд ва баррасии он лафзҳое, ки истеъмоли онҳо дар сухане, ки шеър набошад (яъне наср Б.Ш.) хушояндаст [8, 81]. Албатта, назарияи Форобӣ дар боби унсурҳои асосии зебоишинохтии шеър, вазн, қофия ва санъатҳои шеърӣ баъдтар пайдо шуд. Вале, чунонки аз назарияи шеъри Ҳинд бармеояд, тасаввуротҳо дар боби сухан ва муҳассаноти шеърӣ решаҳои таърихӣ ва қадимӣ дошта, ин раванд ба шеваи тафаккури шоирони ин аҳд низ бетаъсир набуд. Чунончи Абӯшакури Балхӣ фармудааст:

Шунидам, ки бошад забони сухан
Чу алмоси буррову теғи куҳан.
Сухан бифканад минбару дорро,
Зи сурох берун кашад морро.
Сухан заҳру позаҳру гарм асту сард,
Сухан талху ширину дармону дард [1, 152].

Вақте ки шеъри шоирони ин даврро аз назари зебоишинохтӣ таҷзия ва таҳлил мекунем, равшан мешавад, ки аксари онҳо «бинои шеър бар вазне хушу лафзе ширин ва ибороте матину қавофие дуруст ва таркибе саҳлу маъоние латиф» ниҳодаанд, «чунки ба афҳом (фаҳмҳо) наздик бошаду» дар идрок ва истихроҷи (фаҳмидани он ба андешаи бисёр ва имъони (диққати) фикр эҳтиёҷ наафтад. Ва аз истиороти баъиду (дуру) муҷозоти шоду ташбеҳоти козиб (дурӯғ) ва таҷнисоти мутакаррир (такрорёбанда) холӣ бошад. Ва ҳар байт дар лафзу маънӣ ба нафси худ қоим бувад ва ҷуз рӯйи маонӣ ва тансиқи (мураттабии) калом ба дигаре муҳтоҷ ва бар он мавқуф набошад. Ва алфозу қавофӣ дар мавозеи хеш мутамаккин (ҷойгир) бошад» [10, 264-265].

Аз он чи гуфта шуд ва қиёси ин назарҳо бо шеъри ин давра, метавон хулоса кард, ки корбурди алфози поку беғаш, истеҳком дар забон ва баён, истифодаи асбобу афзор ва саноеи бадеӣ, тарзи маъниофаринӣ ва интихоби мавзӯву мазмун василаи ҳунарӣ ва сабкӣ будааст ва имкон медиҳад дар ин замина дар боби муҳассаноти шеъри шоирони ҳамасри Рӯдакӣ бо далел сухан гӯем.

Дар шеъри шоирони ин давра нишонаҳои забонӣ дар хидмати шеър ва муҳассаноти он будааст, ки то ҷое онро ба меросбарии фарҳангӣ метавон унвон кард. Масалан, истеъмоли «куҷо» ба сурати мавсул ҳамин гуна ҳодисаест, ки дар шеъри шоирони ин давр фаровон ба назар мерасад. Намуна аз Шаҳиди Балхӣ:

Ҳама насозад бо доғи ошиқӣ сабрам,
Чунон куҷо бинасозад банонҷ боз банонҷ* [1, 43].

Нишонаҳои кӯҳнагӣ низ дар шеъри шоирони ҳамасри Рӯдакӣ таносуби забонӣ дошта, ба сохтори умумии шеър халал ворид накардааст. Истифодаи калимаи эдун (паҳлавӣ–ēƒon), истеъмоли або (паҳлавӣ–apâk), абӣ (паҳлавӣ–apê, avi, avê) ва абар (паҳлавӣ–apar), алифи итлоқ ба фаровонӣ, овардани ҳарфи атор дар оғози байтҳо ё мисраъҳо, хурӯҷ аз вазни арӯзӣ, ишбои вов ва дигар ҳаракат таҳти таъсир ва тақлид аз забони паҳлавӣ, овардани аломати ҷамъи форсӣ, дар поёни калимоте, ки дар забони арабӣ ҷамъ шумурда мешудааст, истеъмоли вожаҳои кӯҳна ва наздик ба сурати мустаъмал дар забони паҳлавӣ, ишораи сареҳ ба забони паҳлавӣ ва донистани он (В-агар паҳлавонӣ надонӣ забон, Варазрудро Мовароуннаҳр дон), истеъмоли номҳои форсӣ, ҷиҳатҳои чаҳоргона, ба дурустӣ таҳфифи мушаддад ва ташдиди мухаффаф ва интихоби баҳрҳои ғариб ва номаъмус, ишора ба қаҳрамонони ҳамосаи миллии Эрон, овардани калимоти ғариб, овардани истилоҳоти гуногун ва ғайра ба ифодаи Форобӣ «дар амре, ки мавриди гуфтугӯй воқеъ мешаванд, ҳолате аз ҳолоти тахайюлро эҷод мекунанд, ё чизеро бартар аз он чӣ ҳаст, ё фурӯтар аз он чӣ ҳаст, ҷилва медиҳанд, ин дар мавриди тавсифи зебоӣ ё зиштӣ аст, ё шукӯҳмандӣ, ё хорӣ, ё чизи шабеҳ ба онҳо» [8, 83]. Он нишонаҳое, ки дар боло оварда шуд дар шеъри ин давра пеш аз ҳама омили сабксоз буда, шоирон ба ин васила аз такаллуфоте, ки дар даврахои баъд расм шуд, парҳез кардаанд. Дар ҳар сурат, аносири табиии забон ва омилҳои фарҳангии дигар дар шаклгирии тафаккури зебоишинохтии шоирони ин аҳд нақши муҳим дошта, дар таҳаввули минбаъдаи диди зебоишинохтӣ муассир будааст. Муҳимтар аз ҳама ин аст, ки аносире, ки зикр шуд, волоӣ ва устувории осори шеъриии ин даврро таъйид мекунанд. Бо таҳлил ва таҷзияи ин омилҳо мо мизони навоварӣ ва таҚлидро андоза гирифта, ба бисёре аз масоили марбут ба

*Мисраи дуюми ин байт дар аксари нашрҳои қаблӣ ба шакли-Чунон куҷо бинавозад баноз бози банонҷ–омадааст, ки ғалат аст.

ҳунари шоирии ин аҳд ба сурати дақиқе посух хоҳем дод, зеро вижагиҳои ҳунарӣ, ки забони адабӣ, забони тасвирӣ ҷузъи он аст, ба ин васила ошкор хоҳанд шуд.

А Д А Б И Ё Т

1. Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ / зери назари Х.Шарифов, А.Абдусаттор. – Душанбе: Адиб, 2007. – 467 с.
2. Веселовский А.Н. Историческая поэтика / А.Н. Веселовский. – Л.: Гослитиздат, 1940. – 358 с.
3. Ғуломризоӣ М. Сабкшиносии шеъри порсӣ. Аз Рӯдакӣ то Шомлу / М. Ғуломризоӣ. – Теҳрон: Чопи Гулшан, 1377. – 108 с.
4. Дастғайб А. Шоире бо алфози хуш ва маонии рангин / А. Дастғайб // Паёми навин. – 1343. - №2. - С.15-26.
5. Кожинов В.В. Художественная речь как форма искусство слова. Теория литературы. Основные проблемы в историческом освещении. Стиль произведения / В.В. Кожинов. – Москва: Издательство Наука, 1965. - С.234-316.
6. Сатторзода А. «Тарзи сухани Хоҷу» ва зарурати баррасии ҷанбаи ҳунарии шеъри форсӣ / А. Сатторзода // Куҳна ва нав. – Душанбе: Адиб, 2004. - С.37-43.
7. Сафавӣ К. Нигоҳе ба чигунагии пайдоиши сабки ҳиндӣ дар шеъри манзуми форсӣ / К. Сафавӣ // Забон ва адабиёт. Маҷаллаи донишкадаи адабиёти форсӣ ва забонҳои хориҷӣ, баҳор ва тобистони 1381, шумораи понздаҳум, соли панҷум. - С.26-41.
8. Ҳодизода Р. Ақидаҳои эстетикии Форобӣ / Р. Ҳодизода // Аз Рӯдакӣ то имрӯз. – Душанбе: Адиб, 1998. - С.76-90.
9. Шамисо С. Сабкшиносии шеър / С. Шамисо. – Теҳрон: Фирдавсӣ, 1382. – 420 с.
10. Шамси Қайси Розӣ. Ал-муъҷам фи маоирил ашъор-ил-Аҷам / Шамси Қайси Розӣ. – Душанбе: Адиб, 1991. – 462 с.

СТИЛЬ ПОЭТОВ ЭПОХИ РУДАКИ С ЭСТЕТИЧЕСКОЙ ТОЧКИ ЗРЕНИЯ

Автор в определении стиля поэтов эпохи Рудаки с эстетической точки зрения опирается на поэтику их стихосложения, красоту изображения, глубину мыслей, слаженность слога на простоту изложения, которые широко отмечены в трудах исследователей.

Ключевые слова: стиль, эпоха Рудаки, эстетика, влияние, поэзия, изобразительные средства, сравнения, метафора, художественные описания, красота изображения, образ, слаженность слога.

THE STYLE OF THE POETRY OF THE RUDAKI'S CONTEMPORARIES FROM THE AESTHETIC POINT OF VIEW

The article considering the style of the poetry of the Rudaki's contemporaries from the aesthetic point of view concludes such aesthetic problems as: oral and written literary arts, literary arrangements, description, fantasy, expressing ways, simple speech, simple meaning etc.

Key words: style, Rudaki's epoch, aesthetics, influence, poetry, literary arts, allegory, metaphor, literary arrangements, description, fantasy, expressing ways, speech pattern.

Сведения об авторе: ***Ш.Э. Боев*** – старший преподаватель кафедры теории и истории таджикской литературы Таджикского государственного института языков им. Сатима Улугзаде.
Телефон**: (+992) 935-44 54-50. E-mail: mustafo0612@mail.ru**

ВАЗЪИЯТИ ИҶТИМОӢ-СИЁСӢ ВА ФАРҲАНГИИ АФҒОНИСТОН ВА ҲАВЗАИ БАЛХ ДАР АСРИ XIX

Сайид Муҳаммад Олими Лабиб

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Ҳамон гуна, ки бештарини пажӯҳишгарони забоншинос ва муаррихони адаби иттифоқи назар доранд, Хуросон ё сарзамини кунунии Афғонистон, бавижа Балх, Ғазнӣ ва Ҳирот, гаҳвораи зоиш ва парвариши забон ва адабиёти дарӣ ё форсии-тоҷикӣ ба шумор мераванд. Муҳаққиқон, забони форсӣ-дарӣ-тоҷикии имрӯзаро аз басо ҷиҳат зодаи забони паҳлавии Ашконӣ медонанд, забоне, ки аз қарни III пеш аз мелод то садаи III мелодӣ дар Хуросон ва Мовароуннаҳр забони мутадовил буд [5, 37-43], [6, 309-311].

Пас аз зуҳури дини мубини Ислом дар садаи VII мелодӣ ва интишори он дар Хуросон, Фароруд (Мовароуннаҳр ё Осиёи Марказӣ) ва Форс (Эрони кунунӣ), сарзамини Афғонистони имрӯзӣ ҳамвора ҷузви қаламрави импературиҳои бузурги Сомониён (875-999), Ғазнавиён (963-1186), Салҷуқиён (1037-1194), Хоразмшоҳиён (1077-1231), Элхонони Муғул (1256-1335), Темуриён (1370-1506), Шайбониён(1500-1599) ва қисман Бобуриҳо ё Кӯрагониёни Ҳинд (1526-1857), ҳукумати Аштархониҳо (1598-1785) ва Аморати Бухоро (1785-1920) будааст [20].

Пас аз қатли Нодиршоҳи Афшор (1747) ва ташкили давлати мустақили афғонҳо (паштунҳо) тавассути Аҳмадхони Абдолии Дурронӣ-Садузоӣ (1747-1772) сарзамини

Хуросон, ҳамчунон нақши деринаи худро ба унвони марказияти адабиёти форсии дарӣ ва интиқолдиҳандаи ҷараёни адабӣ байни Фароруд (Мовароуннаҳр) ва Ҳинди Кӯрагонӣ идома медод. Пас аз ба қатл расидани Нодиршоҳи Афшор таҳаввулоти сиёсӣ ҳам дар Эрон ва ҳам дар сарзамини Хуросон (Афғонистон кунунӣ) дар дарозои нимаи дувуми садаи XVIII ва дар тӯли садаи XIX идома ёфт.

Давлате, ки аз сӯйи Аҳмадхони Дурронӣ дар сарзамини кунунии Афғонистон ва бархе аз манотиқи кишварҳои ҳамҷавор дар нимаи дувуми садаи XVIII ташкил ёфта буд, то оғози садаи XIX ҳамчунон неруманд боқӣ монд. Аммо, шурӯи муборизаи қудрат миёни сарони қабоил ва заминдорони бузург ба тамаркузудоии ҳокимияти давлатӣ анҷомид ва дар соли 1818 ин давлати бузург ба чанд бахши мустақил тақсим гардид. Дар натиҷаи он, фароянди рушди иҷтимоӣ-таърихӣ ва фарҳангии мардуми ин сарзамин аз ҳам гусаст.

Оғози садаи XIX мелодӣ (1801) дар сарзамине, ки аз соли 1923 ба баъд расман Афғонистон номида шуд, мусодиф аст бо суқути ҳукумати Замоншоҳ (1793-1801) писари Темуршоҳи Дурронии Садузоӣ (1973-1993), бар тахт нишастани бародари вай Шоҳ-Маҳмуд (1801-1803/1809-1818), авҷгирии муноқишот байни писарони Темуршоҳ, кашмакаш миёни дудмонҳои Садузоӣ ва Муҳаммадзоӣ бар сари тасоҳуби салтанат ва ихтилоф дар байни писарони Поянда Муҳаммадхони Муҳаммадзоӣ. Ба таври кулли ин муноқишаҳоро метавон ба се давра тақсим кард:

1. Муноқишот миёни писарони Темуршоҳ бари сари ҷонишинӣ, ки аз охирҳои садаи XVIII (соли 1793) то 1818 давом кард.
2. Муноқиша дар байни ду хонадони паштун–Садузоӣ ва Муҳаммадзоӣ–бар сари салтанат, ки аз 1818 ило 1823 идома ёфт.
3. Муноқиша дар байни писарони Поянда Муҳаммадхони Муҳаммадзоӣ барои ҳамин манзур аз соли 1823 то эълони аморати Дӯстмуҳаммадхон дар соли 1836 [12, 176].

Дӯстмуҳаммадхон, ки дар соли 1836 дар Кобул эъломи аморат карда буд, пас аз се сол бо лашкаркашии Инглисҳо ва ба қудрат расидани дубораи Шоҳшуҷоъ (1839), аз Кобул фарор карда, ба Хулм ё Тошқурғони дар Туркистони ҷанубӣ меояд ва аз Насруллоҳхон амири Бухоро иҷозаи вуруд ба Бухоро мехоҳад, Амири Бухоро иҷоза медиҳад, аммо дар он ҷо Амир Дӯстмуҳаммадро бо бархе аз писарон ва ашхоси наздикаш, ба зиндон меафканад ва ба ин тартиб ӯ то баҳори соли 1840 дар Бухоро мемонад.

Амир Дӯстмуҳаммад аз зиндон фарор намуда, аз роҳи Туркистони афғонӣ ба кишвар меояд ва бо ёрии мардуми ин сарзамин худро ба Кобул расонида дубора ба тахти аморат менишинад [2, 582].

Дастёбии бори дувуми Дӯстмуҳаммадхон ба аморати Кобул нуқтаи хатми рӯзгори ҳокимияти Садузоӣ буд. Таърихи кишваре, ки баъдҳо Афғонистон номида шуд, дуруст аз ин замон, яъне аз соли 1259 ҳ. қ. (1842 м.) варақ мехӯрад ва сароғозе дигар меёбад.

Аз оғози садаи XIX то ин замон манотиқи шимолии Афғонистони кунунӣ, ки Туркистони ҷанубӣ номида мешуд, аз сӯйи ҳокимон ва хонҳои маҳаллии ӯзбек ва тоҷик идора мегардид. Амир Дӯстмуҳаммад ба манзури берун кашидани Туркистон аз идораи умарои маҳаллӣ, дар соли 1850 сипоҳи мухтасаре ба қиёдати писараш Сардор Муҳаммад Акрам ба Шимол эъзом медорад ва ин сипоҳ аз роҳи Бомиён то Балх мерасад. Ба ин тартиб ҳукмронони маҳалли ӯзбек ва тоҷик бартараф шуда, ҳукумати ин вилоятҳо миёни писарони Амир Дӯстмуҳаммад тақсим мегардад.

Даврони 20-солаи зимомдории Дӯстмуҳаммад, агарчи бо як силсила беназириҳо ва задухӯрдҳои пароканда ҳамроҳ буд, аммо аз саботи нисбӣ бархурдор буд ва ҳамин истиқрор ва саботи нисбӣ сабаб шуд, то баъд аз вафоти ӯ дар соли 1863 барои писараш Амир Шералӣ шароити салтанати оромтар ва даст задан ба бархе ислоҳоти равшанфикронаро фароҳам созад.

Амир Шералихон шашумин фарзанди Амир Дӯстмуҳаммад буд, ки пас аз фавти падар дар муборизоти қудратталабӣ бар бародарони дигар пирӯз гашт. Давраи аввали аморати Амир Шералӣ (1863-1869) бисёр кӯтоҳ буд ва пеш аз он, ки маҷоли

кореро пайдо кунад, тавассути бародараш Муҳаммад Афзалхон аз қудрат ронда шуд. Ба ин тартиб Муҳаммад Афзалхон ба тахти Кобул нишаст, вале як сол пас зиндагиро бидруд гуфт. Аз пайи ӯ бародари танияш Муҳаммад Аъзамхон ба тахти аморат ҷулус намуд, аммо ӯ низ пас аз як сол вафот ёфт ва Амир Шералихон тавонист дубора зимоми умурро ба даст гирад. Давраи дувуми аморати ӯ ҳудуди 12 сол тӯл кашид.

Дар замони салтанати Амир Шералӣ манотиқи шимолии Афғонистони кунунӣ, аз ҷумла ҳавзаи Балх шоҳиди ноамниҳо ва ошӯбҳои зиёде буд. Амир Шералихон ба ғарази тамаркузи давлат дар соли 1873 тавассути Ноиб Муҳаммад Алам волии Балх, охирин ҳокими маҳаллии Маймана (маркази валоят кункнии Форёб) Мир Муҳаммад Ҳусайнхонро, ки ҳанӯз худмухтории маҳаллиро ҳифз карда буд, қаҳран ба пойтахт овард ва он валоятро таҳти идораи мустақими давлати худ қарор дод. Ноиб Муҳаммад Алам касе буд, ки феодалҳои маҳаллии кӯчакро таҳти фишор гирифта, пули зиёде аз ин роҳ андӯхт, аммо зиндагии вай фарҷоми хубе надошт ва дар соли 1974 бимурд [2, 595-596].

Дар таърихи ҷадиди сарзамини Афғонистон, давраи байни марги Темуршоҳи Дурронӣ ва ташкили давлати ҷадиди афғонӣ тавассути Амир Дӯстмуҳаммади Боракзоӣ-Муҳаммадзоӣ, аз ҳар назар давраи фитрат ва инҳитот ба шумор меравад. Шаке нест, ки давраи қабл аз он, яъне дар асри уруҷи Садузоиён (Аҳмадшоҳ ва Темуршоҳ) ҳам сатҳи иқтисод ва фарҳанги ҳамагонӣ пояи баланде надошт, аммо чун амнияти нисбӣ дар ин сарзамин барқарор ва муносибатҳо бо кишварҳои муҷовир дар густариш буд, иқтисод ва фарҳанги ҷомеа ҳам ба таври оҳиста, аммо пайваста инкишоф меёфт ва дар охирҳои давраи Темуршоҳ нишонаҳои таҷаддуди адабӣ ба таври возеҳ ба назар мерасид. Аммо, баъд аз он дар асари ҷангҳои дохилӣ ва хориҷӣ ва бадидорагии зимомдорон, иқтисод бо рукуд мувоҷеҳ гардида, тиҷорат таназзул пазируфт ва шаҳрҳо рӯ ба вайронӣ рафт, нуфузи шаҳрҳои бузурге чун Ҳирот, Қандаҳор ба шиддат коҳиш ёфт ва қисмати аъзами ин шаҳрҳо ба вайрона мубаддал шуданд [12, 309]. Танҳо нуфузи шаҳри Кобул ба иллати он, ки унвони маркази идориро ҳифз карда буд ва ҳам дар натиҷаи тиҷорат байни Ҳинду Туркистон, ки аз он убур мекард, аз шурӯи садаи XIX тавассути он ҳудуди 60.000 нафар обит монд. Дар айни замон, ҳукумати марказӣ дар баробари фишори қабилаҳои Муҳманд, Вазирӣ, Шинворӣ, Сулаймонхил, Ачакзоӣ ва Нурзоӣ, ки ҳар кадом аз туҷҷор маҳсули ҷудогона ахз менамуданд, сарфи назар карда буд, балки ба қабоили мазкур имдоди молӣ, яъне ришва ҳам мепардохт [12, 310].

Дар натиҷаи ин шароити ногувор гаронии маҳсулоти ҳиндӣ дар бозорҳои Кобул нисбат ба нархи айни аҷнос дар худи Ҳинд дучанд баландтар буд.

Ҳазораҷот, ки дар маркази Афғонистон воқеъ аст, дар ин аср дубора аз иқтисоди пулӣ ба иқтисоди табиӣ таназзул намуд [12, 310].

Дар Туркистон ё валоёти шимолии кунунӣ ҳам ҷанги дохилӣ ва ҳамалоти мукаррари қабоили шаҳрҳои обод мисли Балх ва Қундузро ба вайрона мубаддал сохта буд. Вартан Грегорян дар бораи илали ин инҳитот менависад:

"...Афғонистон дар асари тафаввуқи сиёсии қабоили афғон ва густариши ҷавомеи қабоили нимафеодолӣ ва нимачӯпонӣ бо мавонеъ ва мушкилоти ҷиддӣ мувоҷеъ гардид. Аз байн рафтани қудрати марказӣ ва давоми ҷанги дохилӣ якҷо бо мушкилоти мусофират, асбоби таназзули нуфуз ва иқтисоди шаҳриро фароҳам намуд" [1, 79], [13, 310].

Ба навиштаи гардишгари фаронсавӣ Фуре, "Идораи вилоятҳои Афғонистон гарчи дар зоҳир шакли шоҳӣ дорад, аммо дар воқеъ як навъ ҷумҳурии ашрофии аскарӣ ва истибдодӣ мебошад, ки дар раъси он як нафар дектатори умумӣ қарор дорад [12, 310]. Сарон ва хонон монанди сипоҳиёни аҷири Итолиёӣ хидамоти шонро дар маърази хариду фурӯш қарор медиҳанд. Ҳангоми ҷанг ё сулҳ, онҳо ҳамеша ҳозиранд, ки вафодории шонро аз Амири Кобул ба вазири Ҳирот ё волии Қандаҳор ё бар акс интиқол бидиҳанд" 59 [12, 311].

Бо дарназардошти вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии ёдшуда, дар охирҳои садаи XVIII ва давоми садаи XIX, давраи фатрат (сустӣ, заъфу шикастагӣ) ва

инҳитоти адабӣ дар сарзамини Афғонистони кунунӣ ҷорӣ ва сорӣ буд, теъдоди зиёде аз адибон ва аҳли фарҳанг ба Мовароуннаҳр, Форс ва Ҳинд муҳоҷират карданд. Дар натиҷаи ин муҳоҷиратҳо шаҳрҳои Бухоро, Деҳлӣ ва Исфаҳон марказияти адабӣ ва фарҳангии бештаре касб карданд. Кобул, Балх, Ғазнӣ ва Ҳирот то ҳадде ва ба таври муваққат аз назари адабиёт ва фарҳанг беовоза шуданд [10, 10].

Давраи ҳукмравоии наздик ба садсоли Дурониҳои Садузоӣ (1747-1842)-ро пажӯҳишгарони адабӣ давраи рукуд ва фатрати фарҳангӣ хондаанд. Бунёдгузори ин сулола–Аҳмадхони Дурронӣ–бо он ки худ ба забонҳои форсӣ ва пашту шеър мегуфт, дар айёми подшоҳияш он қадар ба умури ҷангӣ ва сиёсат масруф буд, ки маҷоли расидагӣ ба дигар корҳоро надошт ва натавонист ташвиқгари илму адаб бошад. Аммо, дар рӯзгори подшоҳии ва то андозае шаҳрҳо равнақ ёфта саноеи дастӣ инкишофи худро аз сар гирифт, масоҷид ва мадорис дар шаҳрҳо масруфи таълими донишҳои қадимӣ буданд.

Дар рӯзгори ҳукмронии Темуршоҳи Дурронӣ (1773-1793), таваҷҷуҳи андаке ба дониш ва фарҳанг маътуф гардид. Дар даврони салтанати ӯ ҳанӯз суннатҳои девонӣ ва ороҳо ва пироҳои дарборҳои пешин риоят мешуд. Вай дар рӯзгори салтанаташ як “Анҷумани адабии кӯчак” ба вуҷуд овард, ки афзун бар шоирон ва адибони маҳаллӣ теъдоде аз фузалои кишварҳои ҳамсоя низ дар он ҷамъ шуда буданд, аммо сирф хислати дарборӣ дошт.

Аз ҷумлаи иштироккунандагони ин анҷумани адабӣ номҳое чун Мирзо Лаълмуҳаммади Оҷиз, Мир Ҳутаки Афғон, Мирзо Қаландар, Мирзо Али Аскари Васфӣ, Оишаи Дурронӣ ва шуморе дигар дархури тазаккуранд. Ин шоирон, ғазалҳои якдигарро ба иқтифо ва дунболаравӣ мегирифтанд ва сурудаҳои Мирзо Абдулқодири Бедилро таҳлил, тафсир ва пайравӣ мекарданд [11, 81].

Ғайр аз инҳо, суханварони зиёди дигаре низ вуҷуд доштанд, ки дур аз дарбор ва дар гӯшаҳо ва канораҳои мухталифи ин сарзамин ва манотиқи берун аз қаламрави Дурониён дар Мовароуннаҳр, Ҳинд ва Эрон осори Бедилро бо дилгармӣ мехонданд ва бо таваҷҷуҳ ба он шеър месуруданд [10, 9-10].

Темуршоҳ худаш ҳам ба пайравӣ аз шоирони номдори забони форсӣ чун Ҳофиз, Бедил ва Соиб ғазал мегуфт, ӯ аз дилчаспӣ ба шеъру адаб умури девонӣ ва кишвариро дар гӯша ва канори мамлакат ба шоирони рӯзгораш вогузор карда буд. Оишаи Дурронӣ, Муҳаммад Ризо Бурнободӣ, Аллоҳвердӣ Ҳайрат ва Мир Ҳутак аз шоирон ва адибони ин аср, соҳибони муносиб ва симматҳои давлатӣ буданд. Овозаи шеърдӯстӣ ва шоирпарварии Темуршоҳ ба ҳадде буд, ки бархе суханварони форсигӯй аз Эрон ба қасди пайвастан ба дарбори ӯ равонаи Кобул шуданд. Шаҳобуддин Туршизӣ ва Мирзо Муҳаммади Фурӯғии Исфаҳонӣ аз ҷумлаи онҳост [21].

Барои нишон додани қариҳати адабии Темуршоҳӣ, инак намунае аз ашъори вайро дар ин ҷо меоварем. **Ғазал:**

Сар қадам сохта побӯси ту эҳром кунам,
Чанд дар дасти сабо бӯса ба пайғом кунам?!
Як дам ором нагирам ба ҷаҳон дар талабат,
Охир, эй оҳуи ваҳшӣ, ба чият ром кунам?!
Баски бинам ба чаман ҷавру ҷафо аз хасу хор,
Гаҳ таманнои қафас, гаҳ ҳаваси дом кунам.
Шаби худро ба хаёли рухи ту кардам субҳ,
Рӯзи худро ба ғами зулфи ту чун шом кунам.
Ҷонам омад ба лабу лаб ба лабам ниҳ, эй дӯст,
То майи оби ҳаёт аз лаби ту вом кунам! [2].

Пас аз вафоти Темуршоҳи Дурронӣ дар соли 1793 давраи пурошӯби муборизаи қудрат миёни писарони вай–шаҳзодагони Дурронӣ оғоз меёбад ва дар ин гирудор, шароит барои рушди адабиёт ва фарҳанг, комилан ногувор буд. Дар замони фарзандони Темуршоҳ коре дар ҷиҳати рушди фарҳанг ва адаб сурат нагирифт ва бар асари ҷангҳои паёпай байни бародарони Дурронӣ дигар киштзори шеъру адаб

хушкид, то инқирози давлати Абдолӣ-Садузоӣ дигар як қадами ҷиддӣ дар роҳи инкишофи иқтисодӣ ва фарҳангӣ бардошта нашуд.

Беравнақии илму адаб дар ин давраро муҳаққиқон зодаи ду омил: беалоқагии Замоншоҳ ба шеъру адаб ва даргир будани фарзандони мутааддиди Темуршоҳ бар сари тасоҳуби маснади салтанат медонанд [11, 11].

Вале, аз он ҷо ки Замоншоҳ худ монанди падараш ба Форсӣ шеър месуруд [14, 30], писари вай Абдурраззоқ мутахаллис ба Дарӣ низ шоир буд, гумон намеравад, ки ӯ нисбат ба шеъру адаб беалоқа буда бошад. Пас, ягона иллати беравнақии адабу фарҳанг дар давраи Шоҳ-Замон ҳамоно вазъи ногувори бархоста аз кашмакашҳо ва ҷангҳо миёни бародарон метавонад буд, ки барои вай дар ин замина маҷоли фаолиятеро надодааст.

Давраи ҳукумати Шоҳ Маҳмуд-писари дигари Темуршоҳ-ҳам, ки дар оғози садаи XIX бо кӯр сохтани бародараш Шоҳ-Замон дар ду навбат (1800-1803/1809-1825) бо кашмакаш салтанат кард, бадтарин аз он буд.

Ба ин гуна, дар рӯзгори ҳукумати ҷонишинони Темуршоҳи Дурронӣ, тамоми сохтори сиёсии кишвар тахриб гардида, шуун, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ рӯ ба таназзул ва инҳитот ниҳод ва он чи аз қадим монда буд, муталошӣ гардид.

Баъд аз даргузашти Шоҳ Маҳмуд низ вазъ ҳамчунон бесару сомон буд ва ҷангҳои хунин миёни қудратталабон ҷараён дошт, то ин ки дар соли 1826 Дӯстмуҳаммадхон аз силсилаи Боракзоӣ-Муҳаммадзоӣ ба салтанати Дурониёни Садузоӣ поён бахшида, зимоми умурро ба дасти худ мегирад.

Дар ин давра низ афзун бар мусоид набудани авзои сиёсӣ ва иқтисодӣ, беалоқагии бунёдгузори давлати Муҳаммадзоӣ-Амир Дӯстмуҳаммад ба адабиёт ва фарҳанг низ муассир буд. Дӯстмуҳаммадхон саводи дурусте надошт ва бинобар ин, ба шеъру адаб ва умури завқӣ асосан беалоқа буд. Афзун бар он, инқилоботи пай дар пай ва варшикастагии иқтисодӣ ҳам маҷоли ташкили маҳофили илмӣ ва адабиро барои ӯ намедод. Бинобар ин, ягона асаре, ки алорағми ин ҳама авзои номусоид дар ин давра ба назар мерасад, якчанд девони шеър ва таълифоти маҳдуд дар таърих ва тасаввуф мебошад. Аммо, писари ӯ Амир Шералихон дар заминаи фарҳанг ва омӯзиш корҳое анҷом дод. Дар замони вай ду мактаб ба тарзи ҷадид яке мулкӣ ва дигаре низомӣ таъсис ёфт ва матбааи литографӣ дар Болоҳисори Кобул доир гардид. Дар ҳамин матбаа буд, ки сар аз соли 1875 нахустин ҷаридаи Афғонистон ба номи “Шамс-ун-Наҳор» дар 16 сафҳа моҳе ду бор ё се бор мунташир мегардид. Аммо, нақисаи бузурги ислоҳоти Амир Шералихон ин буд, ки ҳеҷ иқдоме барои тарвиҷи маориф ва илму техникаи ҷадид дар кишвар ба амал наёмад, то ашхоси шоиста барои иҷрои умур ба тарзи ҷадид тарбия шаванд [12, 333-334].

Дар давоздаҳумин соли аморати Дӯстмуҳаммадхон (соли 1839) англисҳо Шоҳ Шуҷои Дурронӣ–яке аз писарони Темуршоҳро аз Ҳинд ба Кобул оварда, ба тахт менишонанд. Баъдан, дар натиҷаи қиёми мардумӣ лашкари англис саркӯб мегардад. Шоҳ Шуҷои Дурронӣ, дар соли 1842 тавассути яке аз мухолифин ба вазъи номатлубе кушта мешавад. Бо кушта шудани Шоҳ-Шуҷоъ ба салтанати силсилаи Садузоӣ нуқтаи поён гузошта шуда, ҳокимият комилан ба дасти хонадони Муҳаммадзоӣ меуфтад ва Амир Дӯстмуҳаммад дубора зимоми умурро ба даст мегирад.

Бояд ёдовар шуд, ки Шоҳ Шуҷоъ-ул-мулк худ шоир буд. Девони ашъори ӯ муштамил бар ҳудуди 5000 байт дар 344 сафҳа нахустин бор дар соли 1327 ҳиҷрии қамарӣ (1909) дар шаҳри Лоҳур ба чоп расида аст. Нусхаҳои хаттии девони вай дар Аршифи миллии Афғонистон ва ганҷинаи дастнависҳои шаҳри Душанбе пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ҷойҳо қобили дастрасист. Дар рӯзгори мо девони Шоҳ Шуҷоъ ба тасҳеҳ ва муқаддимаи Абдулғанӣ Барзинмеҳр, устоди Донишгоҳи Балх дар Пешовар, ба чоп расидааст. Шоҳ Шуҷоъ афзун бар шеър, ба навиштани осори мансур низ дастрасӣ доштааст, чунонки аз се дафтари китоби “Воқеоти Шоҳ Шуҷоъ” дафтарҳои аввал ва дувуми он бо қалами шахсии вай нигориш ёфтааст.

Дар қисмати шеър илова бар Шоҳ Шуҷоъ ва Шаҳзода Абдурраззоқи Дарӣ писари Замоншоҳи Дурронӣ аз хонаводаи салтанати Сардор Меҳрдилхон (1798-1854) мутахаллис ба Машриқӣ (бародари Амир Дӯстмуҳаммадхон) аз хонаводаи умарои Муҳаммадзоӣ, Хоҷа Мир Саъдуддин мутахаллис ба Бӯсаид аз аҳли Чордиҳии Кобул, Мир Воизи Кобулӣ, Миён Абдул Боқии Муҷаддадӣ, Домулло Абдулло Мисраъи Бадахшӣ, Калбалехони Шарар, Фонии Балхӣ ва аз занон Мастураи Ғурӣ қобили зикр мебошанд.

Сардор Меҳрдили Машриқӣ ба пайравӣ аз сабки Соиби Табрезӣ ва Мирзо Абдулқодири Бедил шеър мегуфт ва аз вай девони шеъре ба мо мондааст. Ду пайрави дигари сабки Бедил, Сардор Ғуломмуҳаммади Тарзӣ (1830-1900) ва фарзандаш Муҳаммад Амини Андалиб (1855-1875) ҳастанд, ки Муҳаммад Амини Андалиб бо вуҷуди умри кӯтоҳаш аз худ девони шеъре ба мо гузоштааст.

Аз дигар шоирони ин давра метавон Муҳаммад Набӣ Васили Кобулӣ (1828-1892) пайравӣ Ҳофизи Шерозиро, ном бурда, ки сабки ироқиро дар ин сарзамин зинда сохт, девони ашъори ӯ то ба мо омада расидааст.

Инак, намунаи каломи бархе аз ин сароишгаронро ба унвони гувоҳи суханони худ дар ин ҷо меоварем:

Ғазале аз Машриқӣ ба сабки Мирзо Абулқодири Бедил:

Дард дамбадам моро айши ҷовидониҳост,
Рӯзи Иду Наврӯзам рӯзи нотавониҳост.
Турки ман сарат гардам, нӯш як ду ҷоми май,
Аз хумори дӯшина бар сарат гароиҳост.
Соғари маят пур шуд саҳфи нуҳ фалак биншаст,
Эй саҳоби чашми ман, ин чи ҷонфишониҳост!
Гаҳ сабуй бар дӯшам, гоҳ ҷоми май бар каф,
Носиҳо, макун айбам олами ҷавониҳост…
Сина аз хаданги ғам, Меҳрдил, мушаббак шуд,
Ашки сурх бар рӯям ишқро нишониҳост!

Ғазали орифона аз Миён Абдулбоқии Муҷаддадӣ:

Ошиқоне, ки зи хеш аст дамодам рами шон,
Мешавад зинда басе мурда зи файзи дами шон.
Мақсаду матлаби шон аст ризоҷӯии ёр,
Не ҷаҳон матлаби шону на Ҷаҳаннам ғами шон.
Аз раҳи сидқ шуданд‡ ҷумла ба ёдаш мавсул,
Ҷабрайил аст дар ин бодия номаҳрами шон.
Соҳати синаи шон пок зи олоиши ғайр,
Ҷуз хаёли рухи дилбар набувад маҳрами шон.
Айни ҷамъанд, надоранд сӯйи тафриқа кор,
Натавонад, ки занад чархи фалак барҳами шон!
Ҳашмати шоҳии олам ба гадое бахшанд,
Соил уфтода ба дар ҳамчу гадо Ҳотами шон.
Ман талабгори чунин тоифаам, эй Боқӣ,
Аз карам соз, худоё, ту маро ҳамдами шон!

Ғазале аз Мисраи Бадахшӣ:

Намедонам, ки гардид аз висолаш комёб имшаб,
Ки на дар дил қарорам монду на дар дида хоб имшаб.
Агар инаст найранги ҷунуни созе маҳрумӣ,
Тавон кардан зи мазмуни ҷудоӣ як китоб имшаб.
Биё, аз лутф бархон номаи доғи ҷудоиро,
Ки кардам аз саводи нусхаи яъс интихоб имшаб.
Ба ин сомони хиҷлат шуд хаёлаш он чунон равшан,

‡Дар тақтеъи ин бахши афъоил харфи «Д» зоид буда, аз нигоҳи вазн аспоби сактагии мисраъро бор меовардааст. (Лабиб)

Ки гӯйи партави шамъ аст дар фонуси об имшаб.
Туву мастона дар базми ҳарифон бода нӯшидан,
Ману дар оташи ҳаҷри ту монанди кабоб имшаб
Биё ҷоно, дили вайрони Мисраъро иморат кун,
Ки аз сайли сиришк ин хона гардида хароб имшаб [12, 312].

Ғазали ошиқона аз табъи Ҳур-ун-Нисо Мастураи Ғурӣ:

Дили ушшоқ гирди оризат мастона мераҳсад,
Бале, чун шамъ равшан шуд, дусад парвона мераҳсад.
Ба ҳар ҷо партави нуре зи анвори худо бошад,
Яке дар масҷиду дигаре майхона мераҳсад[§]
Магар наққош дар майхона зад нақши ҷамоли ту,
Ки аз шавқи ту мебинам буту бутхона мераҳсад.
Маро дирӯз воиз ваъзи тарки ишқ мефармуд,
Шикаст имрӯз паймон бар сари паймона мераҳсад.
Ки бошад дар паси парда лавои дилбарӣ доро
Зи овозаш бибин Мастураро девона мераҳсад (12, 313).

Дар ҷараёни ҷанг бо инглисҳо баъзе манзумаҳои ҳамосӣ ҳам ба шакли маснавӣ суруда шуда, ки муҳимтарини онҳо "Акбарнома"-и Ҳамиди Кашмирӣ мебошад, ки ба соли 1336 ҳ.ш. (1957м.) дар матбааи давлатии Кобул бо унвони "Ҷангнома" ба чоп расидааст [12, 313-314]. Ҳамчунон шахсе ба номи Қосималӣ манзумае бо унвони "Муҳорибаи Кобул" ё "Зафарнома" суруда, ки мавзӯи он ҳам Ҷанги аввали Афғону Англис мебошад. Аммо, шоир тарафи Англияро илзом карда, ашъоре ҳам дар мадҳи маликаи Виктория дорад.

Аз шоирони барҷастаи нимаи нахусти садаи XIX яке ҳам Шайх-ул-ислом Мирзо Ҷунайдуллоҳ Ҳозиқи Қайсорӣ[**] (мақтул дар 1843) аз "Туркистони афғонӣ" ё ҳавзаи адабии Балх буда, ки ба дарбори Амир Умархон (1827-1860), хони Хуқанд ва баъд ба дарбори Насруллоҳхон (1828-1860) амири Бухоро роҳ ёфта, саранҷом ба дастӯри ахир-уз-зикр кушта шудааст. Аз вай як девони ашъори форсии-тоҷикӣ ва ӯзбекӣ ва манзумаи "Юсуф ва Зулайхо" (дар соли 1823 такмил шуда) бар ҷо мондааст [16, 338].

Дар сарзамини кунунии Афғонистон дар нимаҳои садаи XIX таҳаввуле дар ҳавзаи адабӣ рух дод, ба ин маъно, ки осори адабӣ ва соири аснод дар Ҳинд, баъдҳо дар чопхонаҳои Кобул, Бухоро, Хуҷанд ва Тошканд ба чоп мерасид ва дар дастраси адибони ин сарзамин қарор мегирифт. Ҷаридаи "Шамс-ун-наҳор" нахустин ҷаридае дар Афғонстон буд, ки дар замони аморати Шералихон байни солҳои 1873-1877 ба нашр мерасид, аммо сабк ва тартиби он аз нашароти урдузабони Ҳинд намунабардорӣ шуда буд [23].

Ба ин гуна вазъи иҷтимоӣ-сиёсӣ Афғонистон дар охирҳои садаи XVII ва дар давоми садаи XIX сахт танишолуд буда, бинобар ин заминаи мусоиде барои рушди фарҳанг ва адабиёт вуҷуд надошт. Бо вуҷуди он дар гӯша ва канори ин сарзамин шоирон ва нависандагоне зуҳур карданд ва осоре аз худ ба ёдгор гузоштанд, ки асоси доварии мо дар бораи фарҳанг ва адабиёти ин давра тавонанд буд.

Симои адабиёти Афғонистон дар даҳаҳои нахустини садаи XIX бо бурузи барҷастаи раванди ашрофият ва суннатгароии бадеӣ бо корномаи маҳдуди сужетии вай ва иқтибоси абзори бадеӣ аз адабиёти пешин ташаккус меёбад. Ба ҳар ҳол, яке аз хусусиятҳои адабиёти садаи XIX ва қабл аз он нуфуз ҳар чи бештар сабки бедилӣ ва гироиши шоирону адибон ба таҳлил ва тафсири ашъори Бедил ва баҳраҷӯйӣ аз мафоҳим ва қолибҳои осори ӯ ва дар натиҷа асаргузории сабки ҳиндӣ дар шеъри ин сарзамин аст.

[§] Ин мисраъ низ аз нигоҳ вазн дорои сактагист. (Лабиб).

[** *] Зодгоҳи аслии вай вулусволии Қайсори валояти имрӯзии Форёби Афғонистон буда, аммо бинобар наздик будан Қайсор ба ҳавзаи Ҳирот, машҳур ба Ҳозиқи Ҳиравӣ шудааст. Як нусхаи хаттии девони Ҳозиқ, ки дар бар гирандаи ашъори ӯзбекӣ ва форси-тоҷикии ӯст, дар институти Шарқшиносии Академии илмҳои Русия дар Санкт-Петербург нигаҳдорӣ мешавад.

Дар давраҳои ёдшуда, сабки ҳиндӣ дар адабиёти форсӣ дар Фароруд, Хуросон нақши барҷастае дошт. Офаридаҳои Абулмаонӣ Мирзо Абдулқодири Бедил (1644 - 1720) дар назму наср аз беҳтарин намунаҳои сабки ҳиндӣ ба шумор меомад. Аммо, дар садаи XIX ва аввалҳои садаи XX дар Эрон ба фаромушӣ супурда мешавад.

А Д А Б И Ё Т

1. Грегорян Вартан. Зуҳури Афғонистони муосир / Вартан Грегорян, 1989. - С.79.
2. Ғубор Мир Ғулом Муҳаммад. Афғонистон дар масири таърих / Ғубор Мир Ғулом Муҳаммад. - Теҳрон: Чопхонаи 2000. - 1368.
3. Дубовицкий Виктор. Ликвидация исторической безграмотности. Александр Бёрнс-«купец с компасом» [Электронный ресурс]: http://www. fergananews. com/articles/4860.
4. Куҳзод Аҳмадалӣ. Таърихи адабиёти Афғонистон / Аҳмадалӣ Куҳзод. - Бунёди фарҳангии Куҳзод, бозбинӣ шуда дар 20 июн 2011.
5. Қавим Абдул Қайюм. Балх хостгоҳи фарҳанг дар густараи таърих / Қавим Абдул Қайюм // Маҷмӯаи мақолаҳои таърихӣ, адабӣ ва таърихи забони Дарӣ. - Кобул: Чопхонаи Сабовун, 1390 (2011). - Чопи аввал.
6. Қавим Абдул Қайюм. Хостгоҳи забони Дарӣ / Қавим Абдул Қайюм // Маҷмӯаи мақолаҳои таърихӣ, адабӣ ва таърихи забони Дарӣ. - Кобул: Чопхонаи Сабовун, 1390 (2011). - Чопи аввал. - С.272-314.
7. Луӣ Двири. Афғонистон / Луӣ Двири. - Карочи: Интишороти Оксфорд, 2007. - Чопи панҷум.
8. Моил Ҳиравӣ Наҷиб. Афғонистон (ба забони инглисӣ) / Моил Ҳиравӣ Наҷиб. - Доиратулмаорифи бузурги исломӣ бозбинишуда дар 24 феврал 2011.
9. Нанси Ҳатч Двири. Роҳнамои таърихии Афғонистон (An historical guide to Afghanistan) / Нанси Ҳатч Двири // Afghan Air Authority. – Afghan: Tourist Organization, Rev. and enl edition. 1977.
10. Ноил Ҳусайн. Сайре дар адабиёти садаи XVIII (охирҳои садаи XVIII то даҳаи 8 садаи XIX м.) / Ноил Ҳусайн.
11. Темуршоҳи Дурронӣ. Девони Темур-Шоҳ / Темуршоҳи Дурронӣ. - Кобул: Матбааи давлатӣ, 1359 (1980).
12. Фарҳанг Мир Муҳаммад Сиддиқ. Афғонистон дар панҷ қарни охир. (дар се ҷилд). - Пешовар, моҳи Қавси 1367 (Январ 1989). – Ҷ.I.
13. Фарҳодӣ Др. Равон. Афғонистон: Адабиёт / Фарҳодӣ Др. Равон // Донишномаи Эроника (Матни инглисӣ) (AFGHANISTAN,XII. Literature) бозбинӣ шуда дар 24 феврал 2011.
14. Ҳабиб Асадуллоҳ. Паёмадҳои Бедилгарой бар адабиёти Афғонистон (Гуфтугӯ бо Халилуллоҳи Афзалӣ) / Асадуллоҳ Ҳабиб // Фаслномаи “Дурри дарӣ”. - Машҳад: Баҳори 1393. - №14. - С.28-47.
15. Ҳакам Абд-уш-Шакур. Ду Шоҳ Шуҷоъ дар як пайкар. (сайти Арёӣ. ком) / Ҳакам Абд-уш-Шакур.
16. Халиқ Солиҳмуҳаммад. Таърихи адабиёти Балх (аз куҳантарин рӯзгорон то авоили садаи бисту якум) / Халиқ Солиҳмуҳаммад. - Кобул: Матбааи маслакии Афғон, 1387 (2008).
17. Шиҷоъ-ул-мулк Шоҳ Шуҷоъ. Девони Шоҳ Шуҷоъи Дурронӣ / Шиҷоъ-ул-мулк Шоҳ Шуҷоъ; бо тасҳиҳи Абдул Ғанӣ Барзинмеҳр. - Пешовар, 1380 (2000).
18. Донишномаи Эроника, маддаи адабиёти Афғонистон, матни англисӣ: [Захираи электронӣ]: (http://www.iranicaonline.org/articles/search/keywords: afghanistan).
19. Китобхонаи электронии Афғонистон, Донишгоҳи Ню-Иорк, “ба забони Форсӣ”, бозбинишуда дар 5 марти 2011.
20. Таърихи Эрон-давраи исломӣ; Website of tarikh[Захираи электронӣ]: / http://tarikh.jimdo.com/).
21. [Захираи электронӣ]: http://fa.wikipedia.org/wiki/ ادبیات افغانستان - از ویکی پیدیا دانشنامهٔ آزاد
22. [Захираи электронӣ]: http://www.afghanpedia.com/projects/libraries/articles/getarticle.jsp?article=31

СОЦИАЛЬНО-ПОЛИТИЧЕСКОЕ И КУЛЬТУРНОЕ ПОЛОЖЕНИЕ АФГАНИСТАНА И БАЛХСКОГО ОКРУГА В XIX ВЕКЕ

В статье всесторонне рассматривается неблагоприятное социально-политическое и культурное положение Афганистана и Балхского округа, препятствовавщие развитию культуры и литературы данного периода. Также говорится о некоторых поэтах и писателях, которые творили несмотря на такие неблагоприятные условия.

Ключевые слова: социально-политическое положение, литература, литературный круг, культура, поэзия, стихотворение, газель, литературный стиль, индийский стиль, Бедилизм.

SOCIO-POLITICAL AND CULTURAL SITUATION OF AFGHANISTAN AND BALKH'S DISTRICT IN THE 19th CENTURY

In this article unpleasant sociopolitical and cultural condition of Afghanistan and Balkh's literary field of 19th century has been investigated comprehensively. Every barrier of literature and cultural development that emerged due to adverse socio-political conditions is illustrated. In addition, the names of some poets and authors who had literary activities despite of adverse situation, and their works are mentioned as examples.

Key words: socio-political situation, literature, literary district, culture, poetry, poem, lyrics, literary style, Indian style, Bedilizm.

Сведения об авторе: ***Сайид Мухаммад Алем Лабиб*** – аспирант кафедры таджикской литературы Таджикского государственного педагогического университета им.Садриддина Айни.
Телефон: **(+992) 917-11-27-09.** E-mail: **alemlabib@yahoo.com**

ДАЛЕЛҲОИ ҶОВИДОНАГИИ ОСОРИ МАВЛОНО ВА БУЗУРГОНЕ МОНАНДИ Ӯ

Кубро Раҳбари Ҷиранда
Донишгоҳи озод, воҳиди Теҳрон, Шарқ

Борҳо дар зиндагии инсон дар асри ҳозир пеш меояд, ки ба мутуни гузашта аз қабили шеър ё наср муроҷиат мекунад ва пас аз гузашти солҳо, балки қарнҳо мутаваҷҷеҳ мешавад ва он матолиб барояш тозагӣ дорад. Гоҳе маворид ба худ посух медиҳад, ки шояд иллаташ мушкилоти лаззат аст. Ва тамоми маворидиз зиндагии афрод якест, вале мутанаввеъ ҳаст. Аммо, бо ин фарзия мо дучори мушкилӣ мешавем ва бояд пешрафти илму технология ва таъсири он дар зиндагиро нодида пиндорем. Пас чӣ омиле сабаб мешавад, ки осори шуаро, нависандагон, мухтариин, камокон нав ба назар мерасад ва дар ин асри мошинӣ ҳам ба дарди мо мехӯрад.

Аз шоири бузург Мавлоно оғоз мекунем. Шоир фардест, ки сардиву гармии рӯзгорро чашидааст, вале монанди мардуми одӣ аз канори масоил убур накардааст, дар баҳри ҳар мушкил ё шодӣ дар зиндагӣ рафтааст ва андешидааст.

Дар ин ҷо мехоҳам масъалаи энергияро баён кунам. Энергия аз байн намеравад, балки аз ҳолате ба ҳолати дигар табдил мешавад. Масалан, фарде варзиш мекунад, дасташ қавӣ мешавад ва иқтидори нерӯ аз байн намеравад ва сарф мешавад. Ҳоло дар назар бигирем, фарде, ки мудом дар ҳоли мутолиа ҳаст ва ба фикри ҳалли мушкилоти мардум банд аст. Пас, нерӯи тафаккури фарде монанди Мавлоно ва бузургони дин чун Ҳазрати Муҳаммад (с), ки ношӣ аз кӯмак ва андешаҳои якумрӣ пурбор аст, пас аз марг боқӣ мемонад ва боиси ҷовидонагии вуҷуди он бузургворон мебошад.

Тибқи назари андешамандон ва бостоншиносон сад соли гузашта то кунун дунё бисёр тағйир кардааст, яъне тафовути дунёи сад сол пеш бо 200 сол пеш бисёр фоҳиш аст. Аммо, 200 сол пеш бо 300 сол ва 400 сол пеш зиёд нест. Ва боз тайи таҳқиқоти донишмандони мазкур мағзи афроди маъмулияи 200 сол ва қабл аз нухбагон ҳоло бештар аст. Пас ба ҳамин далел аст, ки нухбагони он замон аз чандин сол баъди мо пештар ҳастанд.

Шумо агар ашъори Мавлоноро дар ҳар замон ва ҳар кишваре мутолиа кунед, боз татобуқи замонӣ дорад. Вақте ин бузургон мурданд, энергияи тафаккуроти мусбаташон дар ҷаҳон боқист.

Тахайюл яке аз аносири шеър аст ва фазои ҳунарии шеърро падид меоварад ва боиси инфиоли нафсонӣ ва таассуру лаззат дар хонанда мегардад. Хоҷа Насируддини Тӯсӣ суханро моддаи шеър муаррифӣ мекунад ва сурати онро бар мабнои назари мантиқиён тахайюл мешуморад ва чаҳор чизро омили тахайюл медонад: вазн, лафз, маъно, умури марбут ба лафзу маъно бо ҳам. Тахайюл дарвоқеъ ҷаҳони дигар аст, суханро дар худ ҷой додааст. Ин ҷанба марбут ба халлоқияти шоир аст ва ба ҳеҷ ваҷҳ омӯхтанӣ нест. Тахайюл нишондиҳандаи нерӯи зеҳнӣ ва диду биниши шоир аст. Нахустин касе, ки инро наомӯхтанӣ муаррифӣ кард, Арасту буд. Бино ба тасдиқи Арасту зеҳни шоир хизонаест аз хотираҳо ва пайвастагиву вобастагии онҳо.

Ин Арасту буд, ки нахустин бор гуфт: Истиора барои шеър зарурист ва танҳо чизест, ки шоир наметавонад биёмӯзад. Тахайюл иборат аст аз идроки зотӣ ва мустақим аз шабоҳатҳо байни умури ноҳамгун, ки ношӣ аз биниши тоза аст. Ё ба иборати беҳтар, василаест, ки ба мо имкон медиҳад, ки ҳам чизҳоро тамйиз диҳем ва ҳам онҳоро ба низом дароварем ва низ ба тафкик ва тартиб бипардозем.

Нигариш ва диди навин ба табиат, онро ба умури зеҳнии шоир таркиб мекунад ва нерӯи ибдоии зеҳни шоир аз ин мавод як ҷаҳони дигар месозад ва хонандаро бад-он фаро мехонад, то баҳра ва илтизози лозимро дар ҷаҳони ибдоъӣ барад. Ин ҷаҳони ибдоъӣ беҳтар аз дунёи воқеист ва дарвоқеъ нақши ҷаҳони воқеиро бартараф мекунад; на ин ки моро ба умқи воқеият бибарад, балки ҷонишини воқеиятро ба даст

медиҳад. Аммо, маводи ин ҷаҳони тахайюлӣ ба василаи зеҳни шоир аз ҳамин ҷаҳони воқеӣ гирифта мешавад. Шоир дар зеҳни худ ин мавод ва аҷзои мутафовит ва ноҳамгуни воқеиро бо ҳам таркиб мекунад ва мавҷудеро, ки мехоҳад, меофаринад. Дарвоқеъ, тахайюл ба сурати аввалияи худ нерӯи ҳаёт ва омили аввалияи ҳама идрокҳои инсонист.

Шакли сонавии тахайюл инъикосест аз ҳамон шакли нахустин ва дар айни ҳол дар навъи корварӣ бо тахайюли аввалӣ шабоҳат дорад ва фақат дар дараҷа ва тариқаи амал бо он мутафовит аст. Тафовути таваҳҳум ва тахайюл дар ин аст, ки таваҳҳум танҳо муҳити маҳдуди собите барои ҷавлон дорад.

Шеър ба василаи тахайюл ба камоли матлуби худ наздик мешавад ва рисолати худро ба анҷом мерасонад. Ҳазфи ин унсур дар шеър онро ба каломи одӣ наздик месозад ва аз ҳунар дур мекунад. Тахайюл танҳо нерӯи фаъол ва кунишгари инсон аст ва ҳамин нерӯ аст, ки ба шеър табдил мекунад ва шеърро дилнишин месозад.

Отифа ва ақлу ирода ва… тамоман ҷанбаи инфиолӣ доранд, чунончи фалсафа усулан қодир нест чизеро муҷассам бисозад. Фалсафа матлабро мефаҳмонад, вале таҷассум карда наметавонад. Ин таҷассум навъи амал ва куниш аст, ки танҳо тахайюл метавонад анҷом диҳад. Ҳамин таҷассум будааст, ки гузаштагоне чун Арасту, Афлотун ва фалосифаи дигар онро муҳокот ё тақлид номидаанд. Бо диққате мӯшикофонатар, таҷассум иборат аст аз айнияти бахшидан ба чизи ғайри айнӣ. Ин амри ғайри айнӣ мумкин аст аз умуми ғайри маҳсус, ё ба истилоҳ исми маънӣ бошад, монандӣ:

Тавоноӣ, дар банд-банди ман аз тоб рафтааст.

Ё намунаи дигар:

Ин чуғди шум сӯйи одам болу пар занад, нишинад!
Дар умқи эътикоф.

Ҳамон тавр, ки қаблан гуфтем, ба назари Афлотун ва Арасту шеър аз муҳокот маншаъ мегирад, вале назарияи Афлотун дар бораи муҳокот мубтанӣ бар назарияи куллии ӯ дар боби масал аст ва чун ҷаҳонро тақлиде аз масал медонад, барои шеър, ки боз тақлиде аз ҷаҳон ва ашёи он аст, арзише қоил нест ва шеърро муқаллид медонад.

Аммо, Арасту шеърро ҳосил аз ду сабаб медонад, ки ҳар ду табиист: яке муҳокот ва тақлид, ки дар одамӣ ғаризист… Ва сабаби дигар ин аст, ки тааллум ва донишомӯзӣ низ худ лаззате дорад ва муҳокот ҳам навъе тааллум ва ёдгирист. Арасту бар-ин гуна ба бозсозии табиат дар шеъри шоир арҷ мениҳад ва ин фикри ӯ дар таърихи нақд ҷойи мушаххас дорад ва ин сухан, ки хусусияти аслӣ ва оммии ҳунар бозсозии зиндагист, ҳанӯз байни соҳибназарон замзама мешавад.

Зикри ин нукта ҳам муҳим аст, ки шеър тақлиди бекамукост аз табиат нест, балки қувваи тахайюли шоир дар табиат тасарруф мекунад ва ба қавли сэр Филипп Сидней, табиат ҳаргиз ҷаҳонро бо ин ҳама нақшҳои рангоранг, ки шоирони мухталиф ибдоъ кардаанд, арза намекунад. Дар табиат рӯдхонаҳо ба ин дилпазирӣ ва дарахтон ба ин пурборӣ ва гулҳо ба ин хушбӯйӣ, ки шоирон нақш мекунанд, нест, инҳо дар осори шоир дилработар менамоянд.

Нуқтаи қобили зикр ин аст, ки адибон ва уламои балоғат ба тахайюл чандон таваҷҷӯҳе надоштаанд ва дар китобҳои эшон баҳс аз тахайюл ва каломи мухайял камтар ёфт мешавад. Ба назар мерасад, ки ин напардохтан ба тахайюл ба ду сабаб бошад: аввал ин ки маънои луғавии хаёл ва тахайюл барои аҳли балоғат, ки дар садади исботи Қуръон буда ва усулан илми балоғат ба ин ҷиҳат ба вуҷуд омадааст.

Иллати дувум, ки уламои балоғат ба тахайюл ва хаёл напардохтаанд, балки аз он парҳез доштаанд, мавзӯи муҳимтарест ва он равшан ва собит набудани маънои хаёл ба унвони нерӯи созандаи тасвир аст, ки ҳадафаш тасвири ҳақоиқи нафсонӣ ва адабӣ бошад. То замони фалосифаи романтик ва Кант, Арасту ба хаёл арҷ намегузошт ва мегуфт: Ақл бояд онро роҳ барад ва идора кунад. Ӯ байни ваҳм ва хаёл фарқ намегузошт. Ибни Сино низ аз тахайюл парҳез мекард.

Ҳамин маънои тахайюл боис гардид, ки шореҳони фалсафаи Арасту дар давраи ислом таваҷҷуҳи хоссе ба ҷудо кардани мафҳуми сидқ ва кизб аз тахайюл мабзул доранд. Дарвоқеъ, Колриҷ Улин касест, ки дар мабоҳиси нақди адабӣ хаёлро чунин муаррифӣ кард ва гуфт, ки: Хаёл қувваи таркибкунандаи сеҳромезест, ки дар зоти он эҷоди тавозун ва вобастагӣ байни сифоти мутазодро мебинем. Ин Колриҷ байни хаёл ва ваҳму тасаввур фарқ мегузорад ва дувумиро навъе ҳофиза медонад, ки аз қайди замону макон озод шуда бошад ва бо ихтиёр даромехта бошад, вале бо хотира ва ҳофизаи одӣ якест, зеро маводаш аз қонуни пайвастагӣ ва иртиботи маъонӣ ба даст меояд.

Дар иртибот ба масъалаи нақши тахайюл дар шеър устод Абдулҳусайни Зарринкӯб мегӯяд, ки ҳеҷ чиз чунончи ҳаст дар шеър намеояд, ҷуз он ки шеърро табоҳ мекунад ва фоқиди лафзу таъсир мегардонад. Бинобар ин шоир, ё беҳтар бигӯем, зеҳни шоир дар воқеият тасарруф мекунад ва ин тасарруф қудрати халлоқ ва ибтикори ӯст дар сохтани ҷаҳони матлуб. Аммо ин ҷаҳони матлуб ва зеборо чаро меофаринад? Ҳунарманд барои таъмини комравоии худ василае надорад. Пас, монанди нокомон ба воқеият пушт менамояд, вале дар олами хаёл дунёи зебое меофаринад, ки ҳар рӯҳи гуруснае барои осоиш ва тасаллии худ ҷӯёи он аст. Ба намунаҳои зайл таваҷҷуҳ мекунем:

Ман он кабӯтари шикастабол дар бомам,
Ки баҳри сайди ман ин чарх донае нафканад.
Ё тасвири зерин чизест, ки шоир мехоҳад?
Дев меояд, деви дигар, эй бахти сиёҳам, ба ту умеде нест.

Оё намунаҳои зикршуда мақбул ва идеали шоир аст? Мусалламан на. Ин тасвири дигаргуншудаи воқеият аст, ки ба сурати намодин баён шудааст. Ҳамин ва на бештар намунаи чунин умуре дар ашъори ҳамаи шоирон фаровон аст. Бинобар ин, бояд чунин гуфт, ки тахайюл ҳар отифаеро ба сурати амри айнӣ муҷассам мекунад. Тахайюл таҷассуми отифона аст. Чи ишқ, чи нафрат, ҳасрат, гурез, тамоюл ва … Аз ин ҷо маълум мешавад, ки чи қадар сахиф аст назари онон, ки мегӯянд шеър бар пояи тахайюл устувор аст ва тахайюл маъное надорад. Бе маъно будани тахайюл дар ҳунар ва шеър сухани насанҷида ва бемаъност. Шеър мантиқ ва фалсафаву илм нест. Дар шеър бояд маъноро дид. Ба иборати дигар бояд ба маънои маъно расид, чунонки Абдулқоҳири Ҷурҷонӣ маънии калом ва маънии маъниро аз якдигар мутамойиз мекунад ва ин ду гуна маъноро ба таври ҷудогона мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Вай дар «Асрор-ул-балоға» низ маъноро ба ду бахш ё гуна: ақлӣ ва тахайюлӣ тақсим мекунад. Маънои ақлӣ маъонии равшане ҳастанд, ки ақл ба дурустии онҳо гувоҳӣ медиҳад.

Шеър аз тариқи маъонии ақлӣ наметавонад чандон таъсиргузар бошад. Ин маъонӣ ҳамвора ё саҳеҳ ҳастанд ё ғалат. Бинобар ин, барои истидлол ва бурҳони ақлӣ метавонанд ба кор раванд. Аммо қисми дувуми маонӣ, ки маонии тахайюлист, наметавон гуфт, ки ҳамеша дуруст бошад ва ҳар чӣ аз ин маонӣ собит ва он чи нафйи кардае қобили рад аст, дар маънои ақлӣ, танҳо дар ҳамон сатҳи маънои зоҳирии калом мутаваққиф мемонем, зеро дар варои он маънои дигар нуҳуфта нест. Лояи дарунии калом бо лояи сатҳӣ яке шудаанд. Ба ибораи дигар, жарфсохти забон бидуни дигаргунӣ дар рӯсохт зоҳир шудааст.

Қавоиди ҳазф, афзоиш, ҷонишинӣ ва ҷобаҷойӣ то ҳадде муайян шудаанд, ки битавонанд жарфсохтро ба марҳалаи рӯсохт ва корбурди қавоиди авоӣ бирасонад. Ин қавоид дар сатҳи забони одӣ ба кор рафтаанд, аммо дар маонии тахайюлӣ худи рӯсохт низ пас аз омодагӣ, бо як ҷонишинӣ ё табдили комил дар марҳалаи баъдӣ рӯ ба рӯ шудааст ва ба иборае, нишонаҳои рӯсохтии забон ба нишонаҳои рӯсохтии дигаре шудаанд.

Тибқи назария мафҳум ва мисдоқ дар забоншиносӣ робитаи лафз ва маъно ба василаи мисдоқ ва мафҳум барқарор мешавад. Мисдоқ-робитаи аносири дохилии забонро бо аносир ва падидаҳои хориҷӣ баррасӣ мекунад ва мафҳум робитаи аносири дохилии забонро бо ҳам. Пас, дарвоқеъ маънои тахайюли ҷонишинӣ дар

мисдоқҳои суратгирифта ва аносири дохилии забон, яъне овоҳо, вожаҳо ва наҳв-робитаи фарозабонӣ ва ғайризабонӣ бо мисдоқҳои мутафовит барқарор мекунад. Ин робита хорич аз қаламрави забон аст ва ба ҳамин далел дар қаламрави ҳавзаи забонӣ муҳмал ва бемаъно менамояд. Аммо, ин маъно ва қазияи муҳмал танҳо дар қаламрави забон аст, вале маънои шеър хорич аз қаламрави забон аст ва забон танҳо бахше аз масолеҳи онро ташкил медиҳад. Масалан, дар намунаи зайл:

Оғози ин сурудаи ҳузнангез…
Таслими барг дар баробари боде, ки мевазад.

Дар охирин мисраъ ҳамон табдил ё ҷонишинии комил сурат гирифтааст ва каломро аз забон дур карда ва ба шеър табдил намудааст. Ду мисраи аввал ҳанӯз дар қаламрави забон ҳастанд, ҳарчанд мисраи аввал аз тариқи мисраи сеюм аз қаламрави забон берун кашида ва хорич мешавад. Яъне, тағйири як мисдоқ дар шеър дар ғолиби мисдоқҳои дигар таъсир мегузорад ва онҳоро дар куллияти шеър аз ҳавзаи забон хорич мекунад. Дар мисраи сеюм барг ва боде, ки мевазад, аносире ҳастанд ҷонишини инсон ва ҳаводисе, ки пеш меояд. Робитаи миёни ин ду сӯй дигар робитаи забонӣ нест, ҳарчанд ки қоидаи ҷонишинӣ, як қоидаи забонист.

Калиде, ки моро ба ин робитаи ғайризабонӣ раҳнамун мешавад ва ҷонишинии мисдоқҳоро баён медорад ва нишонгари маънои тахайюлист, унсури «таслим» аст. Ин дар истилоҳ як «кад» аст. Бад-ин тартиб дар маънои тахайюлӣ дар сатҳ ва лоя зоҳирии рӯсохт мутаваққиф намешавем, балки бо кадҳае, ки нақши калид доранд, ба «маънои маъно» ё маънои нуҳуфта дар паси мисдоқ даст меёбем. Ба ҳамин далел аст, ки бо вуҷуди муҳмалнамо будани қазоёи шеърӣ, хонанда онро дармеёбад ва бовар мекунад, чаро ки омили ин ҷонишинсозӣ идроки отифист, на қавоиди наҳвӣ. Ин мафҳум ҳамон гуфтаи Э. Ричардз аст, ки «дар олами шеър ба ҳеҷ маънӣ воқеияте, ки мухолифи ин олам бошад, вуҷуд надорад ва чунон нест, ки дар он ҷо қавонини хосе аз ҷаҳони дигар ҳоким бошад, зеро шеър чизест, ки аз ҳамин таҷрибаҳо ҳосил мешавад ва ҳар шеъре пораи маҳдуд аз як таҷриба аст.» Дар ҳар сурат шоир мисдоқҳоеро бад-ин гуна ҷонишинсозӣ мекунад, ки ба онҳо аносири хаёлӣ мегӯем. Аносири хаёл ҳамон айниятҳо ва мисдоқҳои хорич аз забон ҳастанд, ки бо мафоҳим ва аносири забонӣ робитаи ҷонишинӣ барқарор кардаанд. Ин аносири хаёл ва мисдоқҳо дар омезиш бо якдигар мавҷудот ва фазоҳо ва равобити ғайриайнӣ ва ғайривоқеӣ кашф карда, ё падид овардаанд, ки ба онҳо «сурати хаёл» мегӯем. Инҳо ҳамон тасвирҳо ва намодҳои шеърӣ ҳастанд.

Ба хотири нишон додани нақши тахайюл дар шеъри Мавлоно ба ин байт муроҷиат менамоем:

Муқбилтарину некпай дар бурҷи Зуҳра кист,
Зеро ниҳад лаб бар лабат, то аз ту омӯзад.
«Рақсон шуда дар найистон», яъне «Таъиззу ман ташо».

Ин абёт намунаест аз тахайюли мумтоз ва пӯёи Мавлавӣ, хаёле густарда, ки ҷаҳоне пуртапиш ва зинда офаридааст ва барои баёни даҳоиқи ногуфтанӣ ва рози сарбастаи ишқ чун най нолида ва шарҳи ҳиҷрон ва дарди дуриро гуфта ва ба ёди бӯсидани лаби ёр ва бозгашт ба найистон умрашро гузаронидааст.

Бештари анвои хаёл дар шеъри Мавлавӣ матраҳ аст. Ҳам хаёл аз ҷиҳати раҳбарии тахайюл, навъи адабӣ ва шеърии он дар ашъори Мавлавӣ бисёр густурда аст ва ҳам хаёл аз ҷиҳати зот ва мавзӯаш навъе, ки ҳаҳоиқи виҷдониро тасвир мекунад, дар ғазалиёти Шамс бисёр ба чашм мехӯрад. Зеро, бештари ашъор ҳолати рӯҳии шоирро баён мекунад.

Аз ҳама бештар хаёли тавзеҳӣ, ки ба кори ҳусни тасвир меояд ва хаёл аз ҷиҳати ҳаваси инсон дар шеъри Мавлавӣ матраҳ аст ва дар густурдагӣ ва танаввӯъ дар навъи охир номбурда аз шуарои камназири забони форсӣ аст. Дар адаби қадими мо агарчи тасвирсозӣ ва сувари хаёл баҳси муфассале надорад, вале ин сухан бад-он маъно нест, ки шуарои бузурги забони форсӣ тахайюле густурда ва бадеъ надоштаанд.

Дар миёни шуарои бузург густурдагии доманаи хаёли Мавлавӣ ва танаввӯи тасвирҳои шеърияш шигифтовар аст. Бавижа агар дасту погирии қолаби шеъриро дар куллиёти Шамс, ки ғазал аст, дар назар бигирем ва низ ваҳдати мавзӯи ин ғазалҳоро, ки иккӣ ирфонист ва метавонад адами танаввӯъ дар кори шоири камқудрат эҷод кунад. Аммо, ин ҳар ду ҷиҳат, ки ба зоҳир монее менамояд, маҳҳури табъ ва қудрати шоирии Мавлавӣ ҳастанд. Ӯ бузургтар аз он аст, ки «муфтаъилун, муфтаъилун» ва андешаи қофия домангираш шавад, то тахайюлаш аз такопӯ боз бимонад ва чунон ошиқ, ки ҳама чизро дар баёни ҳолати худ ба кор гирифтааст, ба тавре ки такрори ҳамин муфтаъилун мисрае сохта, ки аз беҳтарин суханон дар навҷӯист ва ба танг омадан аз таҳлиди гузаштагонро ба зеботарин суратҳо тасвир мекунад: «Муфтаилун, муфтаилун кушт маро».

Ишқи орифонаи Мавлавӣ на танҳо монеи густариши хаёл нест, балки чунон бузург ва шомил аст, ки ҳама ҷаҳонро дар бар мегирад ва ҳама чизро ҷузъи маъшуқ ва дар иртибот бо ишқ мебинад. Навоварии шоир дар тасвирсозӣ ба ҳаддест, ки ҳатто шомили тасвирҳое, ки дигарон онҳоро муқаррар дар шеър овардаанд, низ мешавад. Яъне, шоир аз ҳамон чизе, ки дигарон борҳо онро истифодаи тасвирсозӣ дар мазомини мухталиф қарор додаанд, боз тасвирҳое сохтааст, зебо ва мутафовит бо он чи дигарон гуфтаанд. Ҳатто агар тасовири ононро такрор карда, боз тасвираш фазо ва ҷавви хос дорад ва ранги рӯяш ба гунаи дигарест. Барои мисол аз калимаи хаёл тасвирҳои зебо ва бадеӣ дар шеъри форсӣ қабл аз Мавлавӣ сохта шудааст ва яке аз маворидиӣ он ин рубоист:

Эй, рӯйи ту аз латофат оинаи рӯҳ,
Хоҳам, ки қадамҳои хаёлат ба сабӯҳ.
Дар дида кашам, вале зи тири мижаам,
Тарсам, ки шавад пайи хаёлат маҷрӯҳ.

Мавлавӣ аз ҳамин калима тасвирҳои тозаву зебо сохтааст: Дар як байт хаёлро ба шафақи офтоб монанд кардааст ва мегӯяд ҳамонгуна, ки шафақ нишонаи офтоб аст, хаёли ту низ нишона аз рӯйи зебоят мебошад. Таносуб ва табиӣ будани ваҷҳи шибҳ дар ин шеър қобили таваҷҷуҳ аст. Шафақ нураш аз офтоб ва вуҷудаш ҳам вобаста ба офтоб аст. Хаёли рӯйи ёр низ чунин аст ва зарофате, ки шоир дар ягона шумурдани нур ва зебоӣ дар байти зерин ба кор бурдааст, хеле ҷолиб аст:

Хаёли хуби ту дар сина бурдем,
Шафақ аз офтоб омад нишоне.

Дар байти дигар аз ҳамин калима тасвире сохтааст, ки ниҳояти қудрати ӯро дар ғунҷонидани бештарин маъно дар камтарин калимот, яъне эъҷоз мерасонад. Дилро чун бешаи пур аз шикор фарз карда, ки дар он хаёли рӯйи ёр чун шерест, ки хаёлоти дигар шикор мекунад ва ӯ фармонравои ин беша аст ва намудор шудани дандонҳои шерро дар вақти шикор ба хандидани ӯ таъбир мекунад ва тасвир дар маҷмӯи он пӯё ва мутаҳаррик аст. Дар абёти дигар ба хаёл шахсият мебахшад ва онро гоҳ савори ҷангҷӯ ва замоне соқӣ, наҷҷор, раққос, масти ҷон бар каф, гӯлгири шоистаи силӣ хӯрдан меоварад.

Сибғаи шахсияти Мавлавӣ бар ин тасовир яке аз ҷиҳати қобили таммуқи дигар аст ва нишонаи асолати ӯ дар ҳунармандист.

Хулосаи ношӣ аз натиҷаи баҳси мо дар ин мақола ин аст, ки пас тафаккур ва хаёли мусбат дунёро месозад, монанди хаёли парвоз тавассути бародарон Райт, ҳол он ки инсоне монанди Мавлоно бо тафаккур оташи дунёро сайқал додааст.

Ҳамон тавр, ки гуфтем, тахайюл боис мешавад, ки сухан ва ё калом аз ҳолоти одӣ по фаротар гузошта ва зебо шавад. Забони эҳсосӣ ва мухайял авотифи гӯяндаро ба хонанда ва шунаванда интиқол медиҳад ва дар зеҳни ӯ асар мегузорад ва ҳаракат эҷод мекунад. Дар чунин забоне маъмулан вожаҳо ва ҷумалот дар маъноиӣ одии худ ба кор намераванд. Дар муқоиса бо ҳинҷори одӣ метавон гуфт, ки шоирон ҷаҳонро дигаргуна мебинанд ва ҳатман барои баёни ин дигаргунӣ дигаргуна сухан мегӯянд.

Масалан, мо «наргис»-ро номи навъе гул медонем ва онро дар боғча мебинем, дар ҳоле ки Низомӣ онро дар осмон дида ба унвони исме барои ситора ба кор бурдааст:

Ҳазорон наргис аз чархи ҷаҳонгард,
Фурӯ шуд, то баромад як гули зард.

Пас, метавон натиҷа гирифт, ки ҳунармандон барои баёни мухайяли худ аз қарордодҳои мутаорифи забонӣ истифода намекунанд. Чунончи шоир дар байти мазкур ҳамон тавр, ки ба ҷойи ситора наргис ба кор бурда, ба ҷойи хуршед гули зард гуфтааст. Ҳамчунин агар каломи рӯзмарраи худро бо каломи ҳар шоири бузурге бисанҷем, он қадар дар номгузориҳо ва равобити калимот бо якдигар ихтилоф мебинем, ки бояд бигӯем, шоирон аз забони дигар истифода мекунанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Мисдоқ Ҳамид. Дар ҳаёҳӯи бод / Мисдоқ Ҳамид. – Теҳрон, 1380. – С.119.
2. Фотимӣ Ҳусайн. Тасвиргароии ғазалиёти Шамс / Фотимӣ Ҳусайн. – Теҳрон, 1364.
3. Шамисо Сирус. Нақди адабӣ / Шамисо Сирус. – Теҳрон, 1367. - Чопи чаҳорум.
4. Фаршедвард Хусрав. Дар бораи адабиёт ва нақди адабӣ. / Фаршедвард Хусрав. – Теҳрон, 1371. – Ҷ.2.
5. Доктор Кубро Раҳбар Дармони беморихои рӯҳӣ / Доктор Кубро Раҳбар. – Теҳрон, 2003. – Ҷ.3.

ДОКАЗАТЕЛЬСТВА БЕССМЕРТНОСТИ ХУДОЖЕСТВЕННЫХ ТВОРЕНИЙ МАВЛЯНА И ДРУГИХ ВЕЛИКИХ ПЕРСИДСКИХ ПОЭТОВ

Статья посвящена анализу и исследованию причин бессмертности поэтических творений Мавляна Джалаладдина Руми и других великих персидских мастеров слова. Автор статьи доказывает, что гениальное поэтическое воображение, искусное умение использовать метр, слова и смысл являются основными причинами бессмертности поэтических творений Мавляви и других великих персидских поэтов.

Ключевые словао: Мавляви, энергия, воображение, значение, элементы, разум, милосердие, ум, изображение, компонент, воображение.

EVIDENCE OF IMMORTALITY ARTISTIC CREATIONS MAWLANA AND OTHER GREAT PERSIAN POETS

The article is devoted to the analysis and study of the causes of the immortality of the poetic creations of Mawlana Rumi and other great masters of Persian words. The author of the article proves that the genius of the poetic imagination, skillful ability to use a meter, words and meaning are the main reasons for the immortality of poetic creations Mawlawi and other great Persian poets.

Kev words: Maulavi, energy, imagination, value, features, intelligence, mercy, mind, image, component, imagination.

Сведения об авторе: ***Кубро Рахбар Джиранда*** **-** член Ученого совета Свободного университета, филиала Техран шарк (Иран)

ФАЪОЛИЯТИ АДАБӢ ВА ОСОРИ МАҲМУД ТЕМУР

Р. Додихудоев
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муносибатҳои мухталифи сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар таърихи халқу миллатҳои ҷаҳон, сабабгори пайдоиши жанрҳои нави адабӣ низ мегардад, ки намунаи барҷастаи он пайдошавии жанрҳои новелла, ҳикоя, повест ва ғайра, дар адабиёти муосири араб мебошад. Бо назардошти омӯзиши сабабҳои падид омадани чунин жанрҳои адабӣ ва таъсири онҳо дар адабиёти араб, мавриди таҳқиқ қарор додани фаъолияти адабӣ ва осори яке аз саромадони жанри новелла дар адабиёти муосири араб ва бавижа адабиёти муосири Миср-Маҳмуд Темур муҳим ва саривақтӣ мебошад. Мо дар ин мақола мақсад гузоштем, ки фаъолияти адабӣ ва осори адабии Маҳмуд Темурро ба хонанда ва муҳаққиқи тоҷик ба сурати мухтасар ошно созем.

Жанрҳои новелла, повест ва роман аз тозатарин навъҳои адабие мебошанд, ки дар адабиёти араб таърихи чандон тӯлонӣ надошта, балки пайдоиш ва ташаккули онҳо ба даҳаи охири асри Х1Х ва аввали асри ХХ рост меояд.

Дар адабиёти араб касоне, ки алоқаманди роман ҳастанд, номи яке аз хонаводаҳои машҳури курднасли мисрӣ, хонаводаи Темуриҳоро шунидаанд.

Нависандаи бузурги Миср Маҳмуд Темур 16-уми июни соли 1894 дар Қоҳира, пойтахти Миср ба дунё омадааст. Ӯ бо эҷоди ҳикоя, роман, намоишнома, сафарнома ва пажӯҳишҳояш доир ба забону адабиёти араб шуҳрат ёфтааст [1, 153; 2, 263].

Аҳмад Темурпошо–падари Маҳмуд, дорои таълифоти зиёд дар улуми таърих, забоншиносӣ, адабиёт ва амсоли он буд. Ӯ бо ҳиммат ва ғайрати камназир ба рӯнависӣ ва ҷамъоварии мероси арабӣ ва исломӣ аз китобхонаҳои Остона, Париж, Лондон, Берлин ва дигар нуқоти Аврупо машғул буда ва баъди марг захираи китобхонаи миллии Қоҳираро бо 17 ҳазор китоб ба ёдгор гузошт [6, 19-17].

Оишаи Темур (1930), хоҳари Аҳмад Темур тавонист аз ҳамаи маҳдудиятҳое, ки дар он рӯзгор бар занони араб таҳмил мешуд, чандон дар арсаи шеъри классикӣ пеш рафт, ки баъзе аз мунаққидони ғарбӣ ӯро бо шоираи юнонӣ - Сафо муқоиса кардаанд [5, 125]. Муҳаммад Темурро, ки бародари калонии Маҳмуд Темур буд, яке аз саромадони адабиёти достонӣ ва намоишии Миср, назарияпардози соҳаи ҳикоянависӣ ва аз мунаққидони дақиқназари ҳавзаи намоишноманависии ин кишвар донистаанд [8, 247].

Маҳмуд Темур аз синни хурдсолӣ раҳнамоён ва ташвиқгарони шоистае дар канори худ дошт. Падари ӯ пас аз марги ҳамсари ҷавонаш худро ба китоб ва таъсиси китобхона бахшида, фарзандони худро ба ҳифзи «Муаллақа»-и Имр-ул-қайс ва мутолиаи осоре чун «Ҳазору як шаб» ташвиқ мекард.

Аммо, заминаҳои мусоид барои рушди фикрӣ, фарҳангию адабии Маҳмуди ҷавон на дар хонаи Аҳмад Темур, балки дар навиштаҳои донишмандоне ба мисли, шайх Муҳаммад Абду, Муҳаммад ва Маҳмуди Шанқитӣ, Маҳмуд Сомӣ ал-Борудӣ, Муҳаммад Рашид Ризо ва осори ховаршиносон аз қабили И.Ю. Крачковский қарор дошт [1, 153].

Аҳмад Темур фарзанди худ Муҳаммадро тобистон ба заминҳои зироатии худ ба русто мебурд, то дар миёни кишоварзон унс гирифта, фарҳанги он ҷойро бишиносад ва одоби фурӯтанӣ биомӯзад. Маҳмуд бархе аз шахсиятҳои ҳикояҳои ояндаи худ ба монанди «Шайх Ҷумъа»-ро дар ҳамин муҳит ёфтааст [10, 172].

Маҳмуд Темур, пас аз хатми мактаби миёна ба Донишкадаи олии Кишоварзӣ дохил шуд, аммо дар синни 20-солагӣ ба бемории сурхча (ҳасба) гирифтор шуда, муддати се моҳ ночор дар хона монд ва баъд аз беҳбудии саломатӣ, ҳам ба сабаби хастагии ҷисмонӣ натавонист таҳсилоти худро ба поён расонад. Он гоҳ барои ҷуброни нокомӣ дар таҳсил ба мутолиаи назм дар заминаи адабиёт оғоз кард [9, 173].

Ӯ то ин замон осори романтикии Мустафо Лутфӣ ал-Манфалутӣ, асари Ҷуброн Халил Ҷуброн «ал-Аҷниҳату–л-мутакассира» («Болҳои шикаста») ва ашъори орифонаву хаёлангези арабӣ ва ғарбии муосирро хонда буд ва таҳти таъсири ин осор ба сурудани шеъри мансур пардохт [3, 195].

Дар соли 1914 бародараш Муҳаммад, пас аз се соли иқомат дар Париж ба меҳан бозгашт. Сафари ӯ барои Маҳмуд шиноҳти ҷадиде дар усул ва равишҳои санъати адабиёти достонӣ ва намоишӣ буд. Ӯ бо ақидаҳои инқилобӣ ва демократие, ки бо шеваҳои афкору одоти суннатии адабиёти арабӣ мухолиф буд, танҳо ду асари реалистиро боарзиш донист ва бародарро ба хондани онҳо ташвиқ кард, ки яке «Ҳадиси Исо ибни Ҳишом», осори Муҳаммад Мувайлиҳӣ ва дигаре «Зайнаб» таълифи Муҳаммад Ҳусейни Ҳайкал буд [3, 196]. Ин мубаллиғи пуршӯри реализм Маҳмудро бо Ги де Мопассан, нависандаи воқеъгаройи фаронсавӣ, А.П.Чехов бунёдгузори мактаби айниятгаройӣ муаррифӣ кард [3, 197]. Баъди ин Муҳаммад бо вуҷуди ошноии комил бо адабиёти араб ва муаррифии он ба Маҳмуд, таклиди кӯркурона аз ғарбиёнро намеписандид ва кӯшиш бар ин дошт, ки бо навсозӣ ва мардумӣ кардани адабиёту театри Миср, воқеиятҳои зиндагии мардуми ин кишварро ба қалам кашад. Ӯ бо ҳамин ҳадаф маҷмӯаи ҳикояи «Мо тароҳу-л-ъайн» («Он чиро чашм мебинад»)-ро бо сабки воқеъгароёна ва ба гуфтаи И.Ю.Крачковский бо ранг ва бӯйи арабӣ–мисрӣ дар соли 1917 мунташир кард [9, 173-174]. Маҳмуд Темур ҳам аз соли 1916 то соли 1919 машғули эҷоди осоре бо сабки романтикӣ ва чопи он дар маҷаллаи «ас-Суфур» буд [10, 176-177].

Дар солҳои 20-ум дар адабиёти Миср мактаби муосири дурандешонаи жанри новелла пайдо гардид. Намояндагони ин мактаб асосан ҷавононе буданд, ки дар Фаронса ва Англия маълумот гирифта, бо асарҳои нависандаҳои аврупои ғарбӣ ва рус бисёр хуб ошно буданд ва бо шавқу ҳаваси зиёд ва моҳирона адабиёти хориҷаро аз бар мекарданд. Вале, онҳо дар эҷодиёти худ кӯшиш карданд, ки анъанаи адабиёти классикии арабро бештар истифода баранд.

Дар ин солҳо Муҳаммад Темур дар байни ҳикоянависони ҷавони мисрӣ, эътибори зиёд пайдо карда буд. Махсусан, ӯ яке аз маҷмӯаҳои ҳикояи худро «Мо тароҳу-л-ъайн» («Он чиро чашм мебинад») ном гузошта буд, ки намунаи чунин ҳикояҳо ҳисоб мегардид.

Ӯ дар эҷодиёти худ инъикосгарӣ «ҳаёти мисрӣ ва рӯҳи мисрӣ, инчунин эҷод намудани адабиёти аслии мисрӣ» мебошад, ки қаҳрамонҳои онҳо бояд мисриён бо тамоми хусусиятҳои миллии худ бошанд. Ин ҳикоя барои ташаккули симои нависандагии Маҳмуд Темур таъсири амиқ расонид, зеро ӯ худро идомабахши кори

бародари калонии худ мешуморид, ки хеле барвақт фавтида буд. Маҳмуд Темур аз хурдсолӣ ба адабиёти Ғарб шинос шуда, дар давраи ибтидоии эҷодиёти худ таҳти таъсири Ги де Мопассан қарор дошт. Ҳамчунин, мо дар асарҳои ӯ беш аз пеш таъсири А.П. Чеховро эҳсос менамоем [13, 12]. Аз гуфтаҳои боло маълум аст, ки таъсири адабиёти рус ба эҷодиёти нависанда хело қавӣ буда, дар мақолае, ки дар маҷаллаи «Шарқи муосир» чоп шуда буд, мегӯяд: «Ҳангоме ки ман бо адабиёти ҷаҳонӣ шиносоӣ пайдо кардам ва барои хондан асарҳои беҳтарашро интихоб кардам, аз ҳамон лаҳза бо Чехови бузург шинос шудам. Ман ҳикояҳои ӯро дӯст доштам, ки бароям, сарчашмаи дониш ва илҳом гардиданд. Баъдҳо ман бо ҳамаи адабиёти Ғарб ошноӣ пайдо кардам, вале ба мисли пешина бо муҳаббати худ, нисбат ба ин ҳикоянависи нобиға содиқ мондам, ки бо туфайли ӯ, ман ҳамчунин нависандагони дигари бузурги русро ба монанди Л.Н. Толстой, И.С. Тургенев, Ф.М. Достоевский, М. Горкий ва дигаронро дӯст доштам. То имрӯз ман ба адабиёти рус таваҷҷуҳи зиёд дорам. Барои А.П. Чехов бошад, дар байни устодони ҳикоя ё худ новелла ҷойи махсусро ҷудо мекунам… Ман бо тамоми қалби худ эҳсос мекунам, ки кадом риштаҳои рӯҳӣ, маро бо адабиёт ва санъати рус мепайвандад. Дар бораи сабаби ин дуру дароз андеша ронда, ман сирри инро фаҳмидам, ки байни ҷону рӯҳи адабиёти рус ва Шарқ умумиятҳои зиёде ҳаст, ҳатто гуфтан метавонам, ки онҳо ба мисли дугоникҳо бо ҳам монанданд, зеро дар байни онҳо дар воситаҳои ифода, дар эҳсосот ва дар кайфиятҳо шабоҳати зиёде аст...» [12,65-66].

Дар аввали солҳои 20-ум, вақте аввалин ҳикояҳои Маҳмуд Темур аз чоп баромаданд, дар адабиёти Миср жанри очерк бартарӣ дошт. Ҳикояҳои Муҳаммад Темур ва бародарон Убайд ва Лашин бисёртар дар жанри очерк буданд. Дар онҳо таҳлили равонии амиқ дида намешуд, андешаҳо гоҳ-гоҳ дар ақибнишинии жанри публитсистика ифода мешуданд. Оммаи хонандагон, ҳанӯз барои қабули хусусиятҳои адабиёти бадеии жанри нав ва хондани новеллаҳо, ё худ ҳикояҳои кӯтоҳ тайёр набуданд, худи новелла «чизе ба мисли латифа» шуморида мешуд. Аз ин сабаб, Маҳмуд Темур дар муқаддимаи маҷмӯаҳои ҳикояҳои аввалини худ, ба хонанда фаҳмондан мехост, ки ҳикоя на фақат барои дилхушӣ эҷод карда мешавад, гарчанде саъю кӯшиши зиёде менамуд, ки ҷузъи дилхушӣ бояд дар ҳар як ҳикоя мавҷуд бошад.

Ҳанӯз дар давраи аввали эҷодиёташ Темур адибонро ба тасвири ҳаёти ҳақиқӣ даъват карда буд. Вай чунин ақида дошт, ки «чӣ қадар ҳикоя ба ҳаёт наздикӣ дошта бошад, ҳамон қадар нуфуз ва таъсири он пурқувваттар мешавад. Ҳаёлот наметавонад ба одам он қадар, ки воқеаҳои ҳаррӯзаи ҳаёт таъсир мерасонанд, таъсир гузорад. Барои ҳамин новелланавис бояд сарчашмаи осори худ, ҳамаи хубию бадӣ, ширинию талхӣ ва одилию золимиро фаҳмида гирад... Вай бояд аз ин сарчашма чизҳоеро гирад ва манзараи ҳаётеро созад, ки хонандагон дар он худро бинанд ва маъниҳои ниҳонии воқеаҳоро фаҳманд» [11, 13-14].

Аз Маҳмуд Темур ҳудуди 74 асар боқӣ мондааст, ки аз нигоҳи таснифбандии жанрҳои адабӣ, аз ин қабиланд:

1. 35-маҷмӯаи ҳикояи кӯтоҳ, ки машҳуртарини онҳо иборатанд аз:

а) «аш-Шайх Ҷумъа ва қисасун ухро» (1925). Маҳмуд Темур дар ин нахустин асари ҷиддиву реалистии худ, бештар масоили марбут ба шахсиятпардозӣ ва танзими ҳаводис машғул гардидааст.

б) «Ал-ҳоҷҷу Шалби ва қисасун ухро» (1930). Нависанда дар ин ҳикоя шеваҳои суннатиро бо равиши хаёломез, ки хеле зиёд мавриди ниёзи реализмӣ аст, баррасӣ мекунад.

в) «Бинту-ш-шайтон ва қисасун ухро» (1944), ки ҳикояи баландмазмун ва дилкаше аст, ёдоварии устураҳои кӯҳан бо рангҳои латифе аз фалсафа мебошад. Ин ҳикоя ба мо нишон медиҳад, ки хайри комил бо унсурҳои чун зебоии зиндагӣ ва камол барои табиати ачибу печидаи одамӣ матлубтар ва муносибтар аст. «Духтари шайтон» одамизоде аст, ки дар муҳити аз ҳар зиштиву талхӣ, нуқс ва шурӣ дур монда ва аз вуҷуди ҷинси мазкур ҳам комилан беиттилоъ аст. Вуруди шоҳзодаи ҷасуру зираке аз ҷаҳони одамиён ба дунёи ӯ, ҳама чизро дигаргун мекунад. Маҳмуд дар «Бинту-ш-шайтон» фазои мансуб ва сеҳромези ҳикояҳоро ба хубӣ тасвир карда, гуфтугӯҳои ширини шахсиятҳоро ҳушмандона танзим кардааст [7, 27-28].

2. Роман: Адибони муосири мисрӣ Доғир Асъад 8-роман [1, 158] ва Хаббоз Байёр 10–романи ӯро зикр кардаанд [9, 499-501].

а) «Рафаб Афандӣ» (1928). Адиби муосири Миср Абдулмуҳсини Бадр дар бораи ин роман мегӯяд: «Маҳмуд бидуни ҳамдастӣ дар ранҷҳои амиқи мардум ба ишқ ва ривоятҳои онон машғул аст ва ҳукми пизишкеро дорад, ки бидуни таъсир аз фоҷеаи марг як нест, бо ҳикояи зидди бемории уфунӣ шуда ва пӯшида дар дастакаш ба ташреҳи ҷанозаи ӯ мепардохт». Маҳмуд худ дар муқаддимаи романи «Рафаб Афандӣ», ин романро як ҳикояи имрӯзаи мисрӣ ва дар бораи аъзои табақаи миёна ва

«ҳақир»-и ҷомеа ва дар садади ифшои паҳлӯҳои пинҳони зиндагии онон муаррифӣ мекунад [4, 241-244].

б) «Нидоъ-ул-маҷҳул» (1939). Маҳмуд Темур дар ин роман, бо равиши Тавфиқ Ҳаким рӯҳи шарқиро таҷассум мекунад ва фазои шабеҳ ба фазои кӯҳани ишқҳои афлотунӣ меофарад. Ӯ дар ин роман ба таҳлили реалистии муҳит, шахсиятҳо ва эҳсосоти онон мепардозад. Унсури хаёл, воқеъгаройӣ ва танзпардозӣ дар ин роман дар канори ҳам қарор доранд [2, 267].

3. Маҳмуд Темур 16–намоишнома навиштааст [1, 156-158], ки машҳуртаринашон иборатанд аз:

а) Намоишномаҳои ҳаҷвӣ ва иҷтимоӣ, ки ду намоишномаи машҳури ин бахш иборатанд аз «ал-Махбау рақам 13». Маҳмуд ин намоишномаро як бор ба лаҳҷа ва бори дигар ба забони адабӣ навиштааст [10, 250].

б) «Ҳафлату шой» (1943). Маҳмуд Темур дар ин намоишнома, ки яке аз беҳтарин мазҳакаи ӯ мебошад, ғарбзадагии бархе аз ҳамватанони тоза ба давроне расидаи худро ба боди тамасхур мегирад, ки ҳам саҳнаҳои мазҳакӣ меофаранд ва ҳам меҳмониро барҳам мезананд.

4. Намоишномаи таърихӣ. Линду Яъқуб муътақид аст, ки Маҳмуд Темур дар нигориши намоишномаи таърихӣ, муваффақияти чандоне надорад [10, 249]. «ал-Явму хамр» (1949), яке аз ин намоишномаҳо аст. Сохтори аслии асар, баргирифта аз зиндагии Умр-ул-қайс, шоири давраи ҷоҳилияти араб аст, ки албатта, Маҳмуд бо андаке дасткорӣ дар таърих ва тарҷеҳи ривояти ғариб ва баъд саъй дар ҷаззобтар кардани он дорад.

5. Таҳқиқот доир ба адабиёт ва забони арабӣ: 13-китоб аз осори Маҳмуд Темурро метавон дар ин гурӯҳ ҷой дод, ки баъзе аз ин осор иборатанд аз:

«ал-Масариҳ-ул-арабӣ» (1923), «Фан-ул-қисас» (1947), «Мушкилот-ул-луғати-л-арабия» (1956), «ал-Адабул-ҳодиф» (1959), «Адаб ва удабо» (1968) ва «Муъҷам-ул-ҳазора» (1961), ки Маҳмуд Темур дар ин фарҳанг, луғат барои ҳар яке аз калимаҳо ва истилоҳоти воридотӣ, ки аксаран баргирифта аз тамаддуни ғарбӣ аст, муодили муносиби арабӣ пешниҳод ва дар 13 бахши мустақил тақдим кардааст.

6. Сафарномаҳо: «Абулҳул Ютир» (1947). Маҳмуд Темур пас аз марги писараш, ки таърихи дақиқи он маълум нест, ба Амрико сафар кард. Худ дар бораи ин китоб мегӯяд: «ҳис мекардам, ки онро бо хуни худ менависам …» Анвари Ҷундӣ аз ин сафарнома ба унвони як китоби ҷовидон ном бурда ва Ваҳиддини Баҳоуддин онро яке аз сафарномаҳои беҳтарини арабҳо, дар бораи Амрико донистааст [6, 38].

Китобҳои адабӣ, забоншиносӣ ва нақдии ӯ «Ал-алфоз-ал-ҳазора», «Диросот фи-л-қисса ва-л-масраҳ», «Забту-л-китобати-л-арабия», «Мушкилоту-л-луғати-л-арабия» мебошанд.

Хулоса, Маҳмуд Темур дар адабиёти муосири араб, бо вуҷуди густурдагии соҳаи фаъолияти худ бештарин муваффақият ва шуҳратро аз ҳикояи кӯтоҳ, ё новеллаҳои баландмазмун ва роман ёфта, ба қавли Тоҳо Ҳусайн ӯ дар рушду пешрафти соҳаи ҳикоянависии араб, саҳми босазое дорад. Вақте ки Темур фаъолияти эҷодии худро сар кард, новеллаи арабӣ аввалин қадамҳои ноустувори худро мегузошт. Маҳмуд он новелларо мисли кӯдак навозиш мекард ва онро солиму устувор сохт.

Маҳмуд Темур чун рӯзноманигори машҳур буда, мақолаҳои бисёре низ дар мавзӯъҳои гуногуни сиёсӣ, иҷтимоӣ дар рӯзнома ва маҷаллаҳо менавишт. Осори Маҳмуд Темур бо забонҳои форсӣ, англисӣ, олмонӣ, итолиёӣ, ибрӣ, қафқозӣ, хитоӣ ва русӣ низ тарҷума гардидаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Доғир А. Масодир ад-дироса-л-адабия / А.Доғир. - Бейрут, 1983. – С.153.
2. Шавқӣ З. Ал-адаб-ул-арабӣ ал-муосир фӣ Миср / З.Шавқӣ. - Қоҳира, 1971. – С.263.
3. Маҳмуд Т. Иттиҷоҳота-л-адаб ал-арабӣ / Т. Маҳмуд. - Мактаба-л-Одоб. - 1970. – 206 с.
4. Абдулмуҳсин Б.Т. Татаввур ар-ривоя-л-арабия ал-ҳадиса фӣ Миср / Б.Т. Абдулмуҳсин. - Қоҳира, 1963. – 241 с.
5. Муҳаммад Х.А. Қиссату-л-адаб фӣ Миср / Х.А. Муҳаммад. – Бейрут, 1992. - С.125.
6. Анвар Ҷ. Азвоъ ало ҳаёт ал-удабоъ ал-муосирин / Ҷ. Анвар. - Қоҳира, 1954. - С.38.
7. Маҳмуд Т. Нидо-ул-маҷҳул / Т. Маҳмуд. - Миср, 1995. - 172 с.
8. Хазар А. Ал-қисса-л-қасира фӣ Миср / А.Хазар. - Қоҳира, 1966. - С.247.
9. Абдулнур Ҷ. Ал-муъҷаму-л-адабӣ / Ҷ. Абдулнур. - Бейрут, 1979. - С.173.
10. Ҳаму. Эълом ва асҳобу ақлом / Ҳаму. - Қоҳира, Дору-н-наҳзати Миср. - С.250.
11. Маҳмуд Т. Шайх Ҷумъа ва қиссасун ухро / Т. Маҳмуд. – Қоҳира, 1927. - С.13-14.
12. И. Ю. Крачковский "Чехов в арабской литературе" / И.Ю. Крачковский // Избранные сочинения., - М,-Л.: Изд-во АН СССР, 1956. - Т.3. - С.65.
13. "Современный Восток". - 1958. - №9. - С.12.

ЛИТЕРАТУРНАЯ ДЯТЕЛЬНОСТЬ И ТВОРТЧЕСТВО МАХМУДА ТЕЙМУРА

После изложения биографических данных, анализируются многие произведения Махмуда Теймура. Особое внимание обращается на роль повестей и рассказов данного автора. Также рассматривается мнение многих иследователей творчества Махмуда Теймура.

Ключевые слова: Махмуд Теймура, жанр, новелла, рассказ, повесть, очерк.

LITERARY CREATIVITY AND WORKS MAHMUD TAIMUR

After the presentation of biographical data analyzes many of the works of Mahmud Taimur. Particular attention is paid to the role of novels and short stories by this author. Also considered the opinion of many researchers of creativity Mahmud Taimur.

Key words: Mahmud Taimur, genre, short story, novel, story, novella essay.

Сведения об авторе: ***Р. Додихудоев*** **-** аспирант кафедры арабской филологии Донишгоҳи Таджикского национального университета. Телефон: **(+992) 918-26-44-56. E-mail: Bestmuslim@mail.ru**

ОБРАЗ ЖЕНЩИНЫ В «ХАМСЕ» АМИРА ХОСРОВА ДЕХЛАВИ

Мехрнуш Мансурии Майманди

Институт языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им. Рудаки АН РТ

Амир Хосров Дехлави считается известным персидским поэтом и великим прозаиком, родившимся в Индии. Несмотря на отдаленность от страны персоязычных, он унаследовал на этом языке многочисленные поэтические и прозаические произведения, о которых упомянуты в источниках и первоисточниках, многочисленных книгах и статьях, выполненных исследователями и учеными-филологами. Несмотря на изобилие тем в создании различных образов, Амир Хосров Дехлави уделял большее свое внимание, прежде всего, созданию образа женщины.

Поэты, писатели, обладатели искусства описывали женщин и сочиняли про них поэтические и прозаически произведения. Не только в современной эпохе, но и на протяжении многих веков женщины играли ощутимую и определяющую роль в судьбе народов. Следует отметить, что, хотя Амир Хосров в написании «Хамсы» подражал Низами Ганджави, но в создании образа женщины он имеет свои особенности. Женщина в произведениях Амира Хосров является женщиной его времени, изображенная со всеми ее хорошими, плохими, страшными и красивыми чертами, которых мы рассмотрим в данном исследовании.

Образ женщины в «Матлаъ ал-анвар».«Матлаъ ал-анвар» является поэтическим произведением, написанном в размере «бахр-е сареъ» в ответ на «Махзан ал-асрар» Низами в размере трех тысячей трехсот двух бейтов в 698 году лунного исчисления в течение двух недель. В этой поэме, после прославления Бога, приведения трех мунадажатов и трех наътов (похвал) Пророку ислама Мухаммаду (с), возвышения султанов, приведены три хилвата и двадцать макала с рассказами. Ее тема связана с единством, назиданием и образованием, представляет собой совершенную назиру на «Махзан ал-асрар» Низами.

Амир Хосров в маснави «Матлаъ ал-анвар», вопреки установившимися обычаям того времени, напутствовал свою дочь, чем прослеживается отношение поэта к женщине. Он уподоблял свою дочь своим глазам, светом и плодом своего сердца и напоминает ей, что она для него лучше всех окружающих. Своей прекрасной притчей он выступает как садовод, которому принадлежит кедр и лилий, и которые являются одинаковыми с точки зрения отца.

Твое тело как глаза и свет моего сердца,
Наилучший плод сада моего сердца.
Хотя твои братья – добронравные,
Но ты лучше них перед моим взором.
Порой лицезрение сердцем садовода,
Делает равным кедр и лилий (С.331).

Он уподобляет дочь в жемчужину, воспитывающей сына, и без ее существования ни один сын не появиться в свет. В другом месте он пишет:

Мой отец также рождается от матери,
Моя мать также является дочерью (С.37).

Затем поэт выражает надежду, что дочь, как и ее имя – Мастура (скрытая) должна быть целомудренной и ее имя должна брать красу от ее состояния:

Судьба предзнаменовала тебя счастливой,
Назвала тебя счастливой Мастура.

Поскольку предвидела твой удел заранее,
Она предпочла скрытость твоей чеканки.
Есть у меня надежда, что кроме улыбки предзнаменования,
Твое имя берет свою красоту от твоего состояния (С.331).

Он призывает свою дочь, а на самом деле в ее лице, всех девушек, к чистоте и скрытости от чужих; девушка, которая не скрывает себя от глаз прохожих, уподобляет лакомому куску, который не прикрыт крышкой. Следовательно, такой неприкрытый не может оказаться в безопасности и безвредности. Кроме того, он сравнивает девушку с котлом и если на ночь его крышка остается открытой, то кошку и собаку из-за их агрессии нельзя винить.

К сожалению, идея, что если девушка оказывается объектом приставания мужчины, она виновата прежде чем что-либо другое, что было распространено в этих обществах. Часто наблюдается, что женщины, оказавшиеся объектом насилия в обществе, чтобы сохранить свое лицо воздерживались от жалоб в судебные инстанции и семье, что способствовало распространению этой проблемы в обществе. Человек осознав, что после этого преступления он остается безвредным, он опять предпримет повторять подобные действия:

Увидела она его из-за своей не скрытости.
Если ты не хочешь быть за занавесом от задушевных друзей.
Оставайся за занавесом от посторонних.
Кусок пищи, на которой нет крышки,
Не будет она в безопасности от мух и муравьев.
Ночью если не закрыть котел с пищей,
Нет у кошки и от собаки опасения от порицания (С.335).

Он проявляет уважение покрытым женщинам и призывает свою дочь и девушек своего общества к затворничеству, предпочитая покрывало на женщине головным уборам правителей своего времени:

Если не закроешь капкан для мухи капканом,
Твое покрывало является капканом ангела.
Чистое покрывало, закрывшее головы,
Достойнее, чем голова властителей.
Одна складка покрывала женщины в собрании,
Лучше, чем двух чалмов пьяных факихов (Там же).

Он хочет, чтобы девушка наподобие жемчужине была сокрытой в раковине, закрывала от всех свое лицо, чтобы оставаться в безопасности, так как взгляд всегда приводит к волнению сердца и его гибели:

Опускай глаза, как жемчужина в ракушке,
Чтобы ты не стала цель стрелы.
Сердце уходит, если глаз будет склонен,
Рука взгляда разорвет нити сердца (Там же.–С.339).

Поэт решительно препятствует своей дочке показывать себя и настаивает, что если она хочет оставаться в безопасности от упреков своих близких, она должна скрывать свое лицо от мужчин, находящихся дома. Если кто-то оставляет занавес скромности опозорится:

Грацией не стало то, что идол подобно ангелу,
Блестит он своим замужеством.
Грация если окажется то, что от стыда и боязни,
Под занавесом она будет знать лица.
Если ты не захочешь насмешек со стороны своих близких,
Оставайся за занавесом от тех, кто под твоим занавесом.
Будь как солнце со своими лучами,
Сделай от стыда занавес для своего лица.
От того, кто бросил маску стыд,
Отречься от него – он потерял уважение (С.335).

Он рекомендует своей дочки закрывать свое лицо перед всеми мужчинами, даже если тот мужчина оказывается его дядей, кроме ее дозволенной пары. Ей нельзя уединяться с любым мужчиной, даже если тем мужчиной будет являться его брат. Поддаваясь преувеличению, он хочет, чтобы она закрывала свое лицо от луны и солнца, чтобы тень не сопровождала ее:

Тому, кто является твоей дозволенной парой,
Не показывай свое лицо, даже если он твой дядя.
Закрывай свое лицо от луны и солнца,
Чтобы даже тень не была твоей спутницей.

Каждая должна быть в уединении со своим мужем,
Не показывай свое лицо никому, даже если он твой брат (С.336, 337).

Такой подход Амира Хосров Дехлави в трех последних бейтах, указывающие на сокрытие лица даже от своего родного брата, на самом деле свидетельствует об отсутствии доверия к мужчинам своего общества. И прежде, чем лезвие цинизма будет направлено в сторону женщины, оно исходит от мужчины, которому не следует доверять ни в коем случае. Поскольку его сестра и племянница не будут в безопасности от его циничного взгляда.

Амир Хосров призывает женщину к красоте дома, ему не нравится грубая и вредная женщина. Он считает разорившегося мужчину и жестокую женщину величайшим наказанием и мужчину, который имеет дома грубую жену, он уподобляет дикой собаке в мешке:

Но и не будь со скверным характером,
Чтобы от тебя сбежали все рабыни.
Дом, в котором нет спокойствия,
Если и раем будет он, окажется адом.
Если в кухне не оказывается дымохода,
Плача люди разбегаются от дыма.
Душа приходит в уныние в доме,
В котором есть злонравная и вредная женщина.
Домочадцы оказываются в сильном мучении,
Если мужчина в доме–нищий, а женщина–жестокой (С.337-338).

Другим критерием хорошей женщины для Амира Хосрова считается ее удовлетворенность. Женщина, муж которой является разоренным, должна довольствоваться и мириться с его бедностью. Он рассматривает удовлетворенность женщины как ее украшение:

Если муж является богатым и достаточным,
Жена в доме будет в украшениях.
Но если муж оказывается без провизии,
Жена должна быть удовлетворенной, что нет у нее украшений (Там же.–С.338).

Кроме того он советует женщине не ходить вокруг да около расчески и зеркала, не заниматься своим украшением:

Освободи свое желание от зеркала и расчески,
Твое желание от зеркала является лицо мужа и только (Там же).

Между тем, одна из серьезных потребностей женщин с психологической точки зрения не принималось во внимание. Одной из склонностей женщины является украшение себя и представления себя красивой, а Амир Хосров сдерживает женщин от удовлетворения этой своей потребности. В соответствии с исламом, он даже не поощряет женщину украшаться дома, чтобы угодить своему супруге. Наоборот, он запрещает ее от такого действия, считая, что суть ее красоты - это ее муж. На самом деле Амир Хосров в этом бейте рассматривает мир женщины, заключающемся в ее муже. Женщина описывается не в том виде, в каком находится живое существо и имеет право на свои мысли. Для плохой женщины нет никакого лекарства, кроме как смерть, поэтому девушкам он рекомендует чистоту и благочестие и напоминает им, что наилучшим хранителем являются они сами, которые должны сдерживать свои страсти. Если они сами не будут следить за собой, никто не будет за ними ухаживать. Так, если коза сама отправиться к волку, то сторожевая собака не может повлиять на это:

Вода очищает всякое запятнанное тело,
Не очищается вредная женщина, кроме как землей.
Никто не в состоянии присматривать за тобой, будь уверена,
Только ты сама можешь следить за собой.
Ты сама можешь сломить свою прихоть,
Никто, кроме тебя самой не будет твоим хранителем.
Каждый, кто развяжет свой узел,
Этот узел раскроет ее тайны.
Враг если грабить свое келье,
Кто восстановить его разрушение.
Если коза сама идет к волку,
Что делать собаке, хотя она была сторожем (Дехлави, 1975.–С.340-341).

В связи с этими наставлениями Амир Хосров приводит рассказ благочестивой женщины, на которую влюбляется шах, посылавший сообщение «чтобы она вошла в его объятие». Слуга царя приводит женщину в спальню шаха, но женщина не сдается легко:

Сказала красавица-о, властелин мира,
В чем дело богатым к нищим.
Что ты нашел ты в этом теле, что понравилось тебе,
Что ты всем своем сердцем возлюбил его (Там же.–С.343).

Шах проливая слезы говорит:

Прослезился шах от печали и сказал,
Твои глаза унесли от меня сон (Там же).

Но она идет в угол и удивительным образом вынимает своими пальцами глаза, отдает их слуге и просит, чтобы тот сказал эмиру «бери то, во что ты во мне влюбился».

Когда слуга сообщает царю о таком поступке женщины, он сильно печалится и стыдиться своего поступка:

Когда слуга уведомил шаха о том состоянии,
Голова шаха закружилась от горечи.
Сожалел он от своего деяния,
Отпустил он от своих рук чистый подол.
О, ты, которая является светом очей Хосрова,
Будь такой благочестивой и терпеливой (Там же).

Таким образом, он настаивает девушку на сохранение своего целомудрия и своей непогрешимости.

Касаясь наставления Амира Хосрова своей дочке вопреки обычаям времени, Холик Мирзозода пишет: «Двадцатый трактат относится к наставлению ребенка, которое встречается во всех дастанах Амира Хосрова. На этот раз слушателем поэта является его дочь, которой во время сочинения маснави «Матлаъ ал-анвар» было семь лет и которую звали Мастура. Интересным моментом является то, что вопреки феодальному мнению своего времени, считавшее рождение девочки поводом грусти и несчастьем, Амир Хосров рассматривает девушку равноправным с мальчиками, считает ее рождение добрым предзнаменованием и счастьем. Поэт наставляет свою дочь в зависимости от ситуации. Прежде всего, посредством этого он настаивает, чтобы девушки сохраняли скрытость, честь и благочестие самой себя, родителей и родственников, обеспечивая тем самым благочестие поколения:

Принимая во внимание нестабильное положение женщин в феодальном обществе, он настаивает мужчин обращаться с ними соответствующим образом (наподобие мельничных камней, один из которых вращается, другой нет, в результате чего перемалывается зерно, если будут вращаться оба камня, то муку невозможно получить):

Торопливый муж и медлительная женщина,
Не получится мука, если двигаются оба камня.

Женщина должна быть благочестивой, целомудренной, с красным лицом, трудолюбивой в жизни, что представляет основу красоты и благочестия женщины.

По нашему мнению, хотя Амир Хосров в начале упоминает о своей дочери, как о своих очей, светилом и плодом своего сердца и с точки зрения отца между ней и ее братом не существует никакой разницы, рассматривает женщину причиной существования мужчины, но такой положительный взгляд на женщину связан с определенными условиями.

Женщина должна быть благочестивой и скрытой от глаз. Она должна закрывать свое лицо не только от незнакомых, но и от своего дяди и брата. Амир Хосров осуждает также и женщину с грубым языком и вредными привычками, он убеждает, что женщина должна быть покорной своему мужу как ягненок. Кроме того, сдерживание себя от показа и украшения также считается из числа особенностей, оснащаясь которыми женщин может обеспечить честь и уважение своей семьи.

Таким образом, можно заметить, что с точки зрения Амира Хосрова Дехлави, изложенной в «Матлаъ ал-анвар», вопреки мнению Мирзозода, его отношение к женщине не является абсолютно положительным. По мнению Амира Хосрова Дехлави, лишь та женщина имеет право на жизнь, которая обладает указанными критериями для добронравной женщины, результатом чего является беспрекословное доминирование мужчины над ней. В противном случае она является плохой женщиной, которую может очистить только могила.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Дехлави Амир Хосров. Матлаъ ал-анвар / Амир Хосров Дехлави. – Москва: Знание, 1996. - 357 с.
2. Дехлави Амир Хосров. Диван-е ашъор / Амир Хосров Дехлави; корректировка Икбала Салахаддина. – Тегеран: Нигох, 2008. - 930 с.
3. Сафа Забихуллах. Амир Хосров Дехлави / Забихуллах Сафа. – Тегеран: (без м.п.), 1963. - 27 с.
4. Яздани Зейнаб. Женщина в персидской поэзии / Яздани Зейнаб; - 2-ое изд.,. – Тегеран: Фирдоус. 1999. - 294 с.

5. Тила Аббас. Женщина в зеркале истории / Тила Аббас; - 1-ое изд. – Тегеран: Муаллиф, 1992. - 164 с.
6. Мусульмонкулов Р. Персидско – таджикская поэтика X – XV вв / Р. Мусульмонкулов. – Москва: Наука, главная ред. вост. лит., 1989. – 240 с.
7. Амир Хусрави Деҳлавӣ. Осори мунтахаб. Ғазалиёт, қасоид, муқаттаот, рубоиёт. Дар чаҳор ҷилд / Амир Хусрави Деҳлавӣ; ба чоп тайёркунандагон М. Бақоев. Ҷ. Додалишоев. – Душанбе: Ирфон, 1975. – Ҷ.4. – 896 с.
8. Алимардонов А. Хусрави Деҳлавӣ / А. Алимардонов // Энциклопедияи адабиёт ва санъат. – Душанбе: Сарредакцияи илмии энциклопедияи миллии тоҷик, 2004. – Ҷ.3. – С.326 – 330.

ОБРАЗ ЖЕНЩИНЫ В «ХАМСЕ» АМИРА ХОСРОВА ДЕХЛАВИ

Амир Хосров Дехлави считается известным персидским поэтом и великим прозаиком, родившимся в Индии. В данной статье автором рассмотрены взгляды Хосрова Дехлави относительно женщины. По его мнению женщина должна быть благочестивой, целомудренной, с красным лицом, трудолюбивой в жизни, что представляет основу красоты и благочестия женщины. Его отношение к женщине не является абсолютно положительным. По мнению Амира Хосрова Дехлави, лишь та женщина имеет право на жизнь, которая обладает критериями для добронравной женщины, результатом чего является беспрекословное доминирование мужчины над ней. В противном случае она является плохой женщиной, которую может очистить только могила.

Ключевые слова: Амир Хосров Дехлави, образ женщины, взгляды Хосрова Дехлави, основа красоты и благочестия женщины, критерии для добронравной женщины.

THE IMAGE OF THE WOMAN IN THE KHAMSA OF AMIR KHOSROW DEHLAVI

Amir Khosrow Dehlavi considered a renowned Persian poet and a great prose writer, born in India. In this article the author considers the views of Khosrow Dehlavi relatively women. In his opinion a woman should be pious, chaste, red-faced, and hardworking in life that is the basis of beauty and piety of the woman. His attitude towards women is not completely positive. According to Amir Khosrow Dehlavi, only the woman has the right to life, which has the criteria for a good-natured women, resulting implicit dominance of men over it. Otherwise she is a bad woman can clean only the grave.

Kev words: Amir Khosrow Dehlavi, the image of the woman, looks Khosrow Dehlavi, the basis of beauty and piety women, criteria for a good-natured woman.

Сведения об авторе: ***Мехрнуш Мансурии Майманди*** – аспирантка Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им. А. Рудаки АН РТ

ЗАМИНАҲОИ ПАЙДОИШ ВА ИНТИШОРИ ШАРҲНАВИСӢ БАР АШЪОРИ ҲОФИЗ

М. Бобоева, М.Неъматова
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б.Ғафуров

Шамсуддин Ҳофизи Шерозӣ бартарии мусалламе бар ҳамаи шоирони ҳар замону ҳар забон дорад ва он ин аст, ки шеъри ӯ баёни бисёр дақиқ ва эҳсосоту афкори ниёгонест, ки онҳо пушт дар пушт андеша карда ва хубу бади ҷаҳонро санҷидаанд. Ҳофиз бо гуфтору баёни нотакрор, бо истилоҳоту тасвирҳои пурбор ва қабл аз ҳама, бо андешаву афкори хеш дар миёни шоирони форсизабон шуҳрат ёфтааст. Шеъри ӯ ҳазорон гӯшаву канор ва таъбироти хос дорад, маънии ашъораш пӯшидаву баланданд. Ба ҳамин ҷиҳат аст, ки шоҳкории ин сарояндаи форсӣ диққати аҳли маъниро ба худ ҷалб сохтааст. Дар атрофи шеъри Ҳофиз аз замони зиндагии шоир то ба ин дам баҳсҳои зиёде мавҷуданд, ки сабабҳои ин гуногунанд. Аксари шореҳон ва муфассироне, ки ба девони Ҳофиз рӯ овардаанд, сари маҳорати суханварии сухансолори Шероз андеша намуда, ба сароҳати баён, саноеъи бадеӣ, корбурди вожаву ибораҳои шоирона, нигоҳи нозуку фарох, парвардану густурдани истилоҳоти ирфонӣ, оёти Қуръон ва аҳодиси набавии шеъри Ҳофиз арҷгузорӣ намудаанд. Ба дида меояд, ки ҳар донишманд ва маънишиносе, ки ба девони ашъори Лисонулғайб назар андозад, ба қадри тавону зарфияте ки дорад, аз ашъори ин шоири баландсухан баҳрабардорӣ намудааст. Аз ин ҷиҳат, шарҳҳои зиёде дар атрофи ашъори Ҳофиз пайдо шудаанд, ки як ҷузъи муҳимми мактаби шарҳнависии форсу тоҷикро ташкил медиҳад.

Ҳофизшиносон бар ин ақидаанд, ки баррасӣ ва шарҳ, тавзеҳи абёти алоҳидаи Ҳофиз аз замони зиндагияш сар шудааст. Муосиронаш дар ҷодаи шинохти андешаву афкори ӯ баррасиҳои доманадоре ба анҷом нарасонидаанд ва ё тафсиру маънидоди абёти ҷудогонаи ӯро дар шакли хаттӣ шурӯъ накардаанд. Аммо, муносибати Шоҳ Шуҷоъ ва Амир Темур ба мазмуну мухтавои ғазалиёти Ҳофиз, ки дар бисёр сарчашмаҳо ба ин ишора шудааст, гувоҳӣ медиҳад, ки ҳанӯз замони зиндагиаш шеърҳои ӯ ба ҳар гунае тафсиру тавзеҳ меёфтанд ва дар перомуни ашъори ӯ баҳсҳо пайдо мешуданд. Аз рӯйи санадҳои дар кутуби таърих зикргардида, метавон бо занни ғолиб гуфт, ки ҳанӯз дар замони зиндагии шоир шурӯҳи шифоҳии абёти

ҷудогонаи Ҳофиз арзи вуҷуд намудааанд. Пас яқин аст, ки яке аз заминаҳои воқеъии пайдоиши шарҳҳои Ҳофизро ба давраи ҳаёти ӯ мансуб донем.

Аз рӯйи тадқиқоти доир ба шурӯҳ анҷомёфта маълум мешавад, ки «ашъори Ҳофиз аз асри XV диққати шореҳони осори адабиро ба худ ҷалб намудааст» [3, 61].

Дар замони худи Ҳофиз ва баъди фосилаи кӯтоҳе аз вафоти ӯ, байтҳои алоҳидае аз ғазалиёти шоир мавриди шарҳу таҳлил қарор ёфтаанд. Чунончи, шоири асри XV Ҷалолиддини Даввонӣ як байти маъруфи Ҳофиз:

Пири мо гуфт: Хато бар қалами сунъ нарафт,
Офарин бар назари поки хатопешаш бод.

-ро бо номи «Шарҳи байти Ҳофизи Шерозӣ» [3] дар рисолаи алоҳида шарҳ додааст. Шарҳи мазкур соли 1482, яъне баъди 93 соли вафоти шоир навишта шуда, як нусхаи он дар захираи дастнависҳои Институти Шарқшиносии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон таҳти №5600 нигаҳдорӣ мешавад. Муҳаммад Асъад ас-Сиддиқӣ (Ҷалолиддини Даввонӣ) байти Ҳофизро аз нигоҳи аҳли сӯфия тафсир намуда, бештар ба мафҳумҳои хато, савоб ва сунъ диққат дода, калиди маъниофариниро маҳз дар ҳамин истилоҳот пайдо кардааст. Ҳамин баҳсро дигар шоир ва донишманди маъруфи нимаи аввали асри XI Шайх Ҷалолиддин Алии Ҳамза ибни Алии Малики Ҳошимии Озари Тӯсии Байҳакии Исфароинии Марвазӣ, ки бо номи Шайхи Озарӣ шуҳрат дорад, дар китоби арзишманди худ «Ҷавоҳир-ул-асрор» шарҳ додааст. Шайхи Озарӣ дар қатори мушкилоти ашъори Хоқонӣ, Анварӣ, Хусрави Деҳлавӣ, Камол, Бисотӣ, Имоди Фақеҳ ва шоирони дигар дар боби чаҳоруми китоби худ «Дар баёни камоли шуаро» байти болоӣ ва боз як байти Хоҷа Ҳофиз:

Сокӣ, ҳадиси сарву гулу лола меравад,
В-ин баҳс бо салосаи ғуссола меравад.

-ро шарҳ додааст. Ба як байт таваҷҷуҳ кардани ду донишманд ва маънишиноси ҳамаср маълум менамояд, ки дар атрофи байтҳои алоҳидаи Ҳофиз дар қарни ХУ баҳсҳои тӯлонӣ сурат гирифтаанд. Ин санад гувоҳӣ медиҳад, ки шарҳу баёни ин қабил такбайтҳои мушкилфаҳм нахуст дар маҳфилҳои ҳофизхонӣ, дар шакли шифоҳӣ сурат мегирифт ва Шайх Озариву Ҷалолиддини Даввонӣ барои рафъи чунин баҳсҳо ва андешаҳои гуногун ин байтҳоро шарҳ додаанд. Байти мазкур дар асри XVI низ мушкилфаҳм ба назар мерасидааст. Судии Буснавӣ-шореҳи туркии ашъори Ҳофиз дар мавриди ин байт менависад: «Ман дар даврони таҳсили худ дар Шом аз Мулло Ҳалимии Шарвонӣ, ки соҳиби қасоиди аҷиб ва таълифоти қариб аст ва самти устодӣ нисбат ба ин ҷониб дошт, роҷеъ ба маънои ин байт суолоте кардам ва низ Мулло Муҳаммад Амин, ки хоҳарзодаи Ҳазрати Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомист ва ҳамчунин аз соҳибдевон Мавлоно Сабӯҳии Бадахшӣ, хулоса, аз ҳамаи ин завот дар бораи тафсири ин шеър назар хостам. Ҳамагӣ фармуданд, ки ин байт талмеҳест ба қиссаи Абдурраҳмони Яманӣ. Аммо, Мулло Аҳмади Қазвинӣ, ки дар Шом сукно гузида буд ва Ҳазрати Султон моҳона сад сикка барои мушоруиллайҳ вазифа муқаррар карда буд ва Мулло Муслиҳиддини Лорӣ, ки ҳам мулло ва ҳам шоир буд ва Шайх Ҳусайни Хоразмӣ, ки эшон ҳам муллову шоир буданд ва дар шаҳр омада сукно доштанд, назарашон ин буд, ки ин шеър талмеҳест ба қиссаи Ҳазрати Мӯсо пайғамбар, ки дар сураи «Каҳф» мастуру мазкур аст. Вақте ҳам дар Бағдод аз Мавлоно Афзалиддин, ки аз муховирини турбати шарифи Ҳазрати Алӣ ибни Абӯтолиб (а) буд, суол карданд, фармуданд, ман ба маънои ҳақиқии ин шеър воқиф нестам, аммо Ҷалоли Даввонӣ бо мазоқи охундӣ ин шеърро шарҳ додааст. Вале, шарҳи мушоруиллайҳ чандон сафобахш нест. Дуогӯ ҳар ду талмеҳи фавқро ба хоки пояшон арз кардам, ... он гоҳ бо баёни беназири худ ҳар ду талмеҳро тафсир ва тавзеҳ фармуданд...» [1. 680-684].

Аз қайдҳои болоии Судӣ маълум мешавад, ки аксари сухандонон ва донишмандону маънишиносон байти мавриди таваҷҷуҳро мушкилу мавқуф ба шарҳ донистаанд ва таъбири маъноро бар ду талмеҳ вобаста кардаанд. Мавлоно Афзалиддин, ҳатто шарҳи Ҷалолиддини Даввониро, ки ин байтро шарҳ карда буд, «чандон сафобахш нест» [3, 684] мегӯяд ва худ ба шарҳи он пардохтааст. Судӣ байти болоиро аз қавли Мавлоно Афзалиддин дар шарҳи худ зикр менамояд.

Ин нукта боз як бори дигар аз мавҷудияти шарҳҳои шифоҳии ашъори Ҳофиз маълумот медиҳад. Хусусияти шифоҳӣ доштани шарҳи байтҳои ҷудогонаи Ҳофиз, махсусан дар асрҳои XV-XVI дида мешавад, ки ба амал омадани ин ҳодисаи адабӣ табиӣ ба назар мерасад. Зеро, дар ҳамин давра нахустин шурӯҳи абёти ҷудогонаи Ҳофиз низ ба зуҳур омадаанд ва ба фикри мо, бунёди онҳоро баҳсу интиқоди шифоҳии донишмандону маънишиносон дар атрофи шеъри Ҳофиз ташкил намуданд. Ба эътибор гирифтани ин омил барои донистани сарчашмаҳои шурӯҳи ашъори Ҳофиз низ муҳим аст. Зеро, аксари шореҳони нахустини ашъори Ҳофиз бар фаҳмишу баҳои шифоҳии ниёзмандону маърифатгарон низ такя менамудаанд.

Агар ба ибтидои ин баҳс баргардем ва сабаби таълифи шарҳи абёти ҷудогонаи Ҳофизро аз ҷониби Шайхи Озарӣ ва Ҷалолиддини Даввонӣ боздид намоем, пай бурдан душвор нест, ки шарҳу фаҳмиши мафҳум, ифода ва ишораҳои Ҳофиз, ки дар абёти мавриди шарҳ омадаанд, дар маърифати абёт мушкилоте ба вуҷуд овардаанд ва ниёз ба шарҳу эзоҳ доштаанд. Аз ҳамин мавқеъ шореҳон ба тафсири абёти зикршуда машғул шудаанд.

Бояд арз шавад, ки нахустин шореҳон дар баробари кушодани гиреҳи маънии абёти суханвари Шероз ба мақому мартабаи шоирии Ҳофиз низ баҳои баланд додаанд. Чунончи, Шайхи Озарӣ байти зерини Ҳофизро оварда, дар тафсири вай менависад:

«Соқӣ ҳадиси сарву гулу лола меравад,
Ин баҳс бо салосаи ғуссола меравад.

Ин суханони Мавлоно Шамсуддин Муҳаммади Ҳофиз аст ва ӯро Лисонулғайб мегӯянд. Варои таври шоирӣ ӯрост, тавре дигар, чунончи ошиқи Румӣ гӯяд:

Шеър чӣ бошад бари ман, то ки занам лоф аз ӯ,
Ҳаст маро фанни дигар ғайри фунуни шуаро.

Ва Ҳофиз миёни шуаро танҳост. Ҳаргиз мисли ӯ яке набуда» [5, 363].

Хулосаи шарҳи ӯ мухтасар аст, вале баҷост: «Ҳофиз, ба истилоҳи ҳукамо, сифати нашъунамои табъ ва сифати баҳор мекунад». Дар мавриди байти зерини Ҳофиз:

Пири мо гуфт: Хато бар қалами сунъ нарафт,
Офарин бар назари поки хатопӯшаш бод.

Шайхи Озарӣ мушкилотро дар муайян намудани фоилу мафъули матлаб ва тааллуқоти замир дониста, таъкид медорад: «Ишколи ин байт бад-он рафъ мешавад, ки мисраъи сониро бидонанд, ки муқаввили қавл кист, яъне агар муқаввили қавл мурид медонанд, маъно хато аст. Аз барои ин ки гӯё хато буд, ки пири мо онро бипӯшид ва агар муқаввили қавл пир доранд, маъно савоб аст. Чӣ пир офарин бар назари поки Худованд мекунад, ки хатои бандагон мепӯшад. Пас, замир роҷеъ ба ҳазрат бошад ва маъно савоб.

Аммо, ба ҳасби маъноиҳо воқеӣ ин байт холӣ аз халале нест: Он касон, ки аз аҳли савобанд, хато пур кунанд» [5, 363].

Аз ин мисолҳо барои мо муҳим ҳамин аст, ки Шайхи Озарӣ дар «Ҷавоҳир-ул-асрор»-и худ зимни шарҳи ду байт ишколу душвориҳои абёти Ҳофизро баён намуда, таъкид менамояд, ки ишколи байти аввал дар луғат ва сонӣ дар аниқ намудани мутааллиқи ҷонишин ва соҳибу иҷрокунандаи амр аст.

Дигар аз маънишиносони асри XV Ҷалолиддини Даввонӣ дар шарҳи байти сонии зикршуда таълифоти алоҳидаи мухтасаре навиштааст. Ин шореҳ мафҳумҳои «хато» ва «савоб»-ро бо санадҳои ҷолибе аз Абӯалӣ ибни Сино, Умари Хайём ва Насриддини Тӯсӣ тавзеҳ дода, хулосаи ҳакимонае дар ин маврид баён кардааст, вале ӯ дар таъйини фоили матлаб ва мафъули он ба шарҳи Шайхи Озарӣ такя намуда, гуфтаҳои вайро дар ин маврид айнан овардааст: «Ишколи ин байт бад-он рафъ мешавад, ки бидонем муқаввили қавл кист, яъне агар муқаввили қавл мурид медоранд, маъно хатост ва агар муқаввили байт пир доранд, маъно савоб аст» [2, 363].

Шарҳи Шайхи Озарӣ ва Ҷалолиддини Даввонӣ бо баъзе вижагиҳои худ аз шурӯҳи дигари ашъори Ҳофиз фарқ мекунад. Нахуст он ки ин шореҳон асосан ба тавзеҳу ташреҳи луғоти мушкилаи абёт ва истилоҳот машғул шудаанд. Маъмулан, шореҳони дигари Ҳофиз дар баробари шарҳу тафсири калимот ба масъалаҳои дигари маърифати шеър, аз қабили муайян кардани маҳорати суханварии шоир, тавонии ӯ дар баёни маонӣ ва мазмунҳои шоирона, истифодаи саноеи шеърӣ ва монанди инҳо дахл намуда, дар охир маҳсул ва хулосаи байти мавриди назарро баён намудаанд. Чунончӣ, Судии Буснавӣ дар шарҳи ҳам байти мазкури аввал [1, 1278-1288)] ва ҳам байти мазкури сонӣ батафсил суханронӣ намудааст. Хусусан, вай дар мавриди шарҳи байти дувум аз хеле донишмандон пурсуҷӯ намуда, ба хулосае меояд, ки маъноиҳо байт бар мабнои талмеҳи Мӯсо ва Хизр нуҳуфтааст: «...дар тафсири Ҳазрати Мӯсо ва Хизр фармудаанд, ки мурод аз пир Хизр алайҳиссалом аст, бад-ин нахв, ки Хоҷа худро дар мақоми Мӯсо тасвир намуда, он гоҳ мефармояд:

Пири мо гуфт: Хато бар қалами сунъ нарафт,

яъне, қалами сунъ хато намекунад, ҳар коре, ки ман мекунам, дар дафтари қазо ва қадар навишта шуда ва корҳои ман дар лавҳи маҳфуз ҳамон аст, ки мутобиқи дафтари қазо ва қадар сабт шудааст. Ҳар коре, ки аз ман сар бизанад, қаблан дар лавҳи махсус мактуб ва дар дафтари қазо ва қадар сабт шудааст.

Пас, аъмоли ман ихтиёрӣ нест, балки бо амри Худованд аст ва ҳар коре, ки бо амри Худованд бошад, айни савоб аст.

Маҳсули мисраи сонӣ, офарин бар назари хатопӯши пир, яъне Хизр, он ки хаторо инкор мекунад, хулоса он ки муътақид аст, ки бар қалами сунъ хато хорӣ нашудааст, хатопӯш-киноя аз инкори хатост.

«Хато бар қалами сунъ нарафт» илтизоман мурод хатопӯш аст, аммо дар талмеҳи дувум мурод аз пир Шайх Санъон мебошад. Хоҷа аз қавли баъзе аз муридони Абдураззоқ мефармояд: Пири мо гуфт, қалами сунъ хато намекунад» [1, 680- 681]. Ин ҷо аз дигар шореҳон мисолҳо оварда, домани баҳсро васеъ кардан мумкин аст, вале таъкиди ин нукта кофист, ки «Шарҳнависӣ ба ашъори Ҳофиз аз тафсиру таъвили байтҳои ҷудогонаи ӯ оғоз ёфтааст ва дар онҳо бештар шарҳи луғоту ишораи мушкилоти наҳвӣ зикр шудаанд. Нахустин шурӯҳи байтҳои ҷудогонаи Ҳофиз заминае буданд. барои шарҳнигории ҷомеи девони Ҳофиз. Дар қарнҳои минбаъда шурӯҳи афзуне ба девони ашъори сухансолори Шероз ба қалам омадаанд, ки вобаста ба ниёзи замон ва маърифатгарон анҷом ёфтаанд.

Аз садаи XVI сар карда, шурӯҳи ҷомеи девони Ҳофиз пайдо шуданд, зеро як қисм вожаю таркиботи Лисонулғайб бо гузашти айём куҳна шуда, аз истеъмол берун мондаанд. Фузун бар ин оҳангҳои ирфонӣ ва истилоҳоти аҳли сӯфия, ки дар матну батни шеъри Ҳофиз ҷой гирифтаанд, сабаб ба он шудаанд, ки шарҳу тавзеҳи онҳо сурат гиранд. Ғайр аз ин, вусъати ҷуғрофии шеъри Ҳофиз ва то ба шибҳи қораи Ҳинд, Рум ва Арабу Озарбойҷон расидани ашъори ин шоири нодирагуфтор ривоҷи бемайлони шарҳнависиро дар ин манотиқ афзуд. Зеро, қисме аз ифодаҳои бадеии шоир барои маърифатгарони ғайрифорс номафҳум буда, ҷустуҷӯю шарҳи иловагиро талаб менамуданд. Ба ҳамин тариқ, аз асри ХУ1 шарҳу тафсири ҷомеи ашъори Хоҷа шурӯъ шуда, то кунун идома дорад. Ҷараёни шарҳнигорӣ ба ашъори Ҳофиз ба сифати як мактаби муташаккили сухансанҷӣ шинохта шудааст.

Ба шаҳодати профессор Абдулманнони Насриддин [4, 61] дар давоми бештар аз сесад сол, яъне асрҳои XVI-XIX (бештар аз бист шарҳ танҳо ба забони форсӣ ба девони Ҳофиз навишта шудаанд, ки аз ривоҷу густариши бемонанди ҷараёни шарҳнависӣ ба девони Ҳофиз гувоҳӣ медиҳад. Муҳаққиқи номбурда номгӯи шуруҳи маъруфи форсии Ҳофизро ба ин тариқ танзим намудааст:

1. «Кашф-ул-астору-н-вуҷеҳи мушкилоти ашъор»-и Афзали Аллоҳободӣ.
2. «Мифтоҳ-ул-кунуз ало Ҳофизу-р-румуз»-и Қутбиддини Қандаҳорӣ.
3. «Бадр-уш-шурех»-и Бадриддини Акбарободӣ.
4. «Зубдат-ул-баҳрайн» (ё «Меъроҷ-ул-баҳрайн»)-и Ҳотамӣ.
5. «Темори маонӣ»-и Зайнулобиддини Иброҳимободӣ.
6. «Шарҳи девони Ҳофиз»-и Содиқалии Лакҳнавӣ.
7. «Шарҳи девони Ҳофиз»-и Пирмуроди мутахаллис ба Мушфиқ.
8. «Шарҳи девони Ҳофиз»-и Сайфиддин Абулҳасани Абдурраҳмон мутахаллис ба Хатмӣ.
9. «Шарҳи девони Ҳофиз»-и Шавқии Табрезӣ.
10. «Равзат-уш-шуаро»-и Мир Муҳаммади Шерозӣ.
11. «Баҳр-ул-фиросат-ул-Ҳофиз фи шарҳи девони Хоҷа Ҳофиз»-и Убайдуллоҳ Хешакии Чиштӣ.
12. «Хулосат-ул-баҳри қадим ва ҷадид»-и Убайдуллоҳ Хешакии Чиштӣ.
13. «Ҷомеъ-ул-баҳрайн фи завоид-ун-наҳрайн»-и Убайдуллоҳ Хешакии Чиштӣ.
14. «Хулосат-ул-баҳр фи илтиқот-уд-дурар»-и Убайдуллоҳ Хешакии Чиштӣ.
15. «Шарҳи девони Ҳофиз»-и Шайх Муҳаммади Деҳлавӣ.
16. «Шарҳи девони Ҳофиз»-и Муҳаммад Иброҳим ибни Муҳаммад Саид.

Ҳамчунин муаллифи номбурда бештари шарҳҳои девони Ҳофизро мавриди ҷустуҷӯ ва тадқиқу таҳлил қарор дода, хулоса менамояд, ки «дар китобхонаҳои дунё чанд асари маҷҳулулмуаллиф, ки «Шарҳи девони Ҳофиз» ном дорад, ба қайд гирифта шудаанд» [4].

Дар бораи шарҳҳои гуногуни девони Ҳофиз муҳаққиқони дигар низ изҳори назар намудаанд. Аз ҷумла, Саид Нафисӣ дар муқаддимаи «Шарҳи Судӣ бар Ҳофиз» менависад, ки то кунун панҷ шарҳ ба забони форсӣ («Мифтоҳ-ул-кунуз ило Ҳофиз-ур-румуз»-и Қутбиддини Қандаҳорӣ, «Бадр-уш-шурӯҳ»-и Бадриддини Акбарободӣ, «Шарҳи мушкилоти девони Ҳофиз»-и Пирмуроди мутахаллис ба Мушфиқ, «Шарҳи девони Ҳофиз»-и Убайдуллоҳ Хешакии Чиштӣ мутахаллис ба Абдӣ) як шарҳ ба забони урду («Шарҳи Юсуфӣ»-и Юсуф Алишоҳ Чиштии Низомӣ) ва чаҳор шарҳ ба забони туркӣ (Шарҳҳои Мустафо ибни Шаъбон, мутахаллис ба Сурурӣ, Шамъӣ, Судӣ) (ду шарҳ: яке мухтасар дигаре муфассал) ба девони Ҳофиз навишта шудаанд.

Бояд гуфт, ки бо мурури замон ба шарҳи осори Ҳофиз торафт ниёз бештар мегардад. Аксари муҳаққиқони асри ХХ, ки ба ҳофизпажӯҳӣ машғул шудаанд, зимни таҳқиқи паҳлӯҳои ҷудогонаи аҳвол ва ашъори шоир ба шарҳу тавзеҳи барҳе аз абёти ӯ пардохтаанд. Дар ин гурӯҳ метавон номҳои Шиблии Нӯъмонӣ, Муҳаммадалии

Бомдод, Бино Муҳсин, Насруллоҳ Пурҷаводӣ, Раҳими Зуннур, Биҳиштии Шерозӣ, Алии Даштӣ, Муртазо Мутаҳҳарӣ, Маҳмуд Ҳуман, Холиқ Мирзозода, Абдулғанӣ Мирзоев, Аълохон Афсаҳзод ва дигаронро номбар намуд, ки дар тадқиқоти хеш абёти Ҳофизро шарҳ додаанд. Табиист, ки доираи ин гуна осоре, ки ба шарҳи байтҳои ҷудогонаи Ҳофиз навишта шудаанд, имкони фаровони сухан гуфтан нест. Зеро, чунин осор ва байтҳои ба ин навъ шарҳшударо хеле зиёд дучор шудан мумкин аст. Вале муҳим он аст, ки ин гуна абёти ташреҳёфта бо якҷоягии таҳқиқот равзанаи хуберо дар фаҳму идроки ашъори Лисонулғайб боз хоҳанд намуд.

Ба ин тариқ, шеъри Лисонулғайб дар ҳамаи давру замон ниёз ба шарҳ доштааст ва ҳар кас ба қадри завқи маърифатиаш аз он бардошт намуда, аз дидгоҳи вижаи худ парда аз рӯйи шеъри Ҳофиз бардоштааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Муҳаммад Афандӣ Судӣ Буснавӣ. Шарҳи Судӣ бар Ҳофиз / Муҳаммад Афандӣ Судӣ Буснавӣ; тарҷумаи доктор Исмат Сатторзода. - Теҳрон, 1372. - С.1474.
2. Ҷалолиддин Даввонӣ. Шарҳи байти Ҳофизи Шерозӣ / Ҷалолиддин Даввонӣ. - Нусхаи №5600. Ганҷинаи дастхатҳои ИШАУ Ҷумҳурии Ӯзбекистон. - С.83-91.
3. Насриддинов А. Шуреҳоти туркии девони Ҳофиз / А Насриддинов // Ахбороти АФ РСС Тоҷикистон. Серияи шарқшиносӣ, таърих, филология. - 1990. - №2. - С.61-68.
4. Насриддинов А. Шарҳнависӣ дар таърихи адабиёти форс-тоҷик / А Насриддинов. - Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Р. Халил, 2000. - Қ.1. – С.254.
5. Шайх Озарӣ. Хавоҳир-ул-асрор / Озарӣ Шайх. - Нусхаи № 1916-1918. Шуъбаи дастхатҳои китобхонаи миллии Тоҷикистон ба номи Фирдавсӣ.

ОСНОВЫ ПОЯВЛЕНИЯ И НАПИСАНИЯ КОММЕНТАРИЙ К ПОЭЗИИ ХАФИЗА

Шамсуддин Мухаммад Хафиз Ширази -персидский поэт и суфийский шейх, один из величайших лириков мировой литературы. В творчестве Хафиза преобладают традиционные темы вина и любви, мистического озарения, восхваления великих людей, жалобы на бренность и непознаваемость мира. В поэзии Хафиз присутствовал элемент мистики, из-за чего современники называли поэта Лиссан-Эльгаиб— языком таинственных чудес. В данной статье автор рассматривает историю написания комметариев к поэзии Хафиза Ширази.

Ключевые слова: Шамсуддин Мухаммад Хафиз Ширази, персидский поэт, творчество Хафиза, комментарии к газелям Хафиза Ширази.

THE BASIS OF THE APPEARANCE AND WRITING A COMMENTARY ON THE POETRY OF HAFIZ

Shamsuddin Muhammad Hafiz Shirazi-Persian poet and Sufi Sheikh, one of the greatest poets of world literature. In the works of Hafiz dominated by traditional themes of wine and love, mystical insight, praise great men, complaints about the frailty and the unknowable world. In the poetry of Hafiz attended an element of mysticism, because of what contemporaries called the poet Lissan-Eligib - language mysterious Wonderland. In this article the author examines the history of writing commentaries to the poetry of Hafiz Shirazi.

Key words: Shamsuddin Muhammad Hafez Shirazi, a Persian poet, the works of Hafiz, ghazals of Hafiz Shirazi.

Сведения об авторах: ***М.Бобоева*** - доцент кафедры таджикской классической литературы Худжандского государственного университета им.Б.Гафурова. **Телефон: 927-71-44-50**

М.Неъматова - доцент кафедры таджикской классической литературы Худжандского государственного университета им.Б.Гафурова.**Телефон: 927-10-16-05**

ХУСУСИЯТҲОИ МАВЗӮӢ ВА БАДЕИИ РУБОИЁТИ ИМЛОИ БУХОРОӢ

Маҳмудзода Обидҷони Бекназар

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Шоири сӯфимашраби тоҷик Мулло Муҳаммад ибни Алоуддин ибни Азиз ибни Шайх Юсуфиддин ибни Ҷорунҳоҷаи араб, ки бо тахаллуси Имло ва нисбаи Бухороӣ маълум аст, асосан шоири ғазалсарост ва теъдоди бузурги девони ӯро ғазал ташкил медиҳад. Аз лиҳози мавқеъ ва миқдор дар девони шоир рубоӣ қарор дорад, ки теъдоди он дар нусхаҳои хаттии девони ӯ, ки таҳти рақамҳои 1374, 2687, 102, 809, 668, 51, 109 дар китобхонаҳои Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва осори хаттии АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон маҳфузанд, бо тартиб ворид гардидаанд. Аз руйи нусхаҳои мавҷудаи девони шоир рубоиҳои адиб 150 ададро дар бар мегиранд. Аз ҷумла, дар дастхати № 668, ки бузургтарин нусхаи девони Имло буда, дар ин мақола ба он такя шудааст, 10106 байтро дар бар мегирад, ки аз он 153-тоашро рубоӣ ташкил медиҳад. Вале, мураттибони нусхаи мазкур ба иштибоҳ роҳ додаанд ва аз ҷумлаи 153 шеъре, ки бо номи рубоӣ овардаанд, 12-тоаш дар қолаби рубоӣ нест. Дар ин ҷо барои мисол овардани намунаи зеринро лозим медонем:

Зинҳор дар ҳимояти нафси даго марав,
Дар коми аждаҳо ба бӯйи ҳаво марав.

Зоҳид ба зуҳди хушк ба ҷое намерасӣ,
Бо ҷому бода сабӯи саддона кун гарав [1].

Таҳлили мазмун ва мундаричаи рубоиёти Имло ба натиҷае мерасонад, ки мавзӯи асосии онҳоро ишқи ирфонӣ ташкил медиҳад ва шоир дар ин навъ ашъори худ низ, чун дар ғазалҳояш аз шӯру ҷазабаи ишқ, покиву сафои дил аз тааллуқоти дунёвӣ, ҳаргиз ҷудо нашудан аз ёди маъшуқи ягона ва амсоли онҳо сухан меронад. Масалан, дар рубоии зерин:

Дар даҳр маро хаёли ҷонона бас аст,
Шӯру талабу наъраи мастона бас аст.
Аз қайди тааллуқот дар кишвари ғам,
Занҷир ба пойи дили девона бас аст [1].

Дил набастан ба дунёи гузарон, ҳамеша дар дарду ғам будан аз иштиёқи висоли ёри ҳақиқӣ ва ягона, дар масҷиду майхонаву каъбаву калисо, хулоса дар ҳама ҷо дар ҷустуҷӯйи Ӯ будан, аз хешу халқ бегона будан дар рубоии зерин низ таъкид карда мешавад:

Ҳар кас, ки зи ишқи ёр девона шавад,
Бояд, ки зи хешу халқ бегона шавад.
Имло ба суроғи рӯйи лайливаши худ,
Дар Каъбаву дар масҷиду майхона шавад [1].

Мавзӯи дигаре, ки дар рубоиёти Имло мушоҳида мешавад, мавзӯи ахлоқ ва мавъизат аст, ки дар эҷодиёти шоирони орифи гузашта низ мақоми хос дорад. Аз ҷумла, дар рубоии зерин маънии мавъизат, аз зулмпешагон умеди мурувват накардан ва аз сифлагон ифодат чашмдор нашудан ва дар ин дунё фақат аз худ иззат талабидан ифода гардидааст:

Аз қавми ҷафопеша мурувват маталаб,
Аз мардуми камъиёр ифодат маталаб.
Як нукта шунав зи ман дар ин дайри хароб,
Аз ғайри худ аз ғайри иззат маталаб [1].

Ҳамчунин, дар баъзе рубоиёти шоир оҳангҳои шиквоӣ ва ҳасби ҳол ҳам ба назар мерасанд, ки яке аз намунаҳои онҳо абёти зерин аст:

Эй, он ки туй ба давлату иззату ҷон,
Ҳастам мани хоксор дар гӯшаи чоҳ.
Ман ҳамчу гадоён ба дари хонаи ту,
Ту бар фалаки шариф нишастаӣ чун моҳ [1].

Бояд гуфт, ки аз лиҳоз шаклу сохтор, вазну қофия, истифодаи санъатҳои забон ва сабки баёни имло асосан пайрави рубоисароёни гузашта буда, тозагии ҷиддие дар ин қолаби шеъри форсу тоҷик ворид накардааст. Дар рубоиёти ӯ образи ринд ва тазоди ӯ бо зоҳид, тасвири май, харобот ва тасвири он барои баёни матлаби ирфонӣ мавқеи назаррас дора два дар аксари рубоиёти ӯ дида мешавад.

Чунончӣ, дар рубоии зерин ба зоҳид, ки ба сабҳаи саддонаи худ мағрур асту, аз шӯру ҷазабаи ишқ бегона мебошад, муроҷиат намуда мегӯяд:

То ишқ шуда мунису ҳамхона маро,
Афканд ба қайди доми парвона маро
Зоҳид самари сабҳаи саддона зи ту,
Бигзор ба тавфи дари майхона маро [1].

Дар рубоии дигар низ дар ишора ба ҳамин маънӣ мегӯяд:

Зоҳид, бирав аз гӯшаи майхонаи мо,
Бехуд шавӣ аз ҷуръаи паймонаи мо.
Азбаски шудам ба майпарастӣ машҳур,
Ҷуз маст наёяд кас ба дари хонаи мо [1].

Чунонки мебинем, дар рубоиёти Имло барои тасвири образи ринд, алфозу таъбироте аз қабили май, майхона, харобот, наъраи мастона, ҷоми саҳбо, пири муғон, муриди хаммор, ҷуръаи мастона, тири маломат, дарси ҷунун ва монанди онҳо, ки дар ашъори шоирони маслаки риндӣ дошта истифода мешавад, мушоҳида карда мешаванд.

Аз ҷиҳати истифодаи авзони рубоӣ Имло пайрави рубоисароёни гузашта аст ва аксари кулли рубоиёти ӯ дар вазнҳои дувоздаҳгонаи шаҷараи ахраби баҳри ҳазаҷ, ки равону хушоҳанг мебошанд, гуфта шудааст ва авзони дувоздаҳгонаи шаҷараи ахрам қариб ба назар намерасад. Яке аз намунаҳои камшумори рубоиёти шоир, ки танҳо мисраи якуми он дар вазни ҳазаҷи мусамани ахрами аштари макфуфи маҷбуб - - - \- v- \ v-v \ v – мафъӯлун, фоилун, мафоилу фаъул навишата шудааст, рубоии зерин мебошад:

То кай бошӣ муқим дар олами хок,
Биштоб ба саҳрои муҳаббат чолок.
Бигзор зи ҳавову ҳаваси нафс Имло,

То пой ниҳӣ ба сафҳаи нуҳ афлок [1].

Дар масъалаи истифодаи радиф низ, дар рубоиёти Имло идомаи анъанаи гузаштагонро мушоҳида менамоем. Қисмати асосии рубоиёти ӯ радифҳое доранд, ки бо бандакҷонишинҳо, феълҳои ёридиҳандаи аст, буд, шуд, исм, сифат, ҷонишин ва дигар ҳиссаҳои нутқ ифода ёфтаанд ва рубоиёте, ки дар онҳо радиф бо калима ифода наёфта бошад, камтар ба назар мерасанд. Рубоии зайл яке аз намунаҳоест, ки радиф бо калима ифода наёфтааст:

Аз ишқи ту гардид танам чун пари коҳ,
Гоҳе ба сӯйи ошиқи худ соз нигоҳ.
Чун ман бирасам ба хоки кӯят, эй шоҳ,
Ҷойи ту ба аршу ҷойи ман дар таҳи чоҳ [1].

Рубоиёте, ки дар онҳо радиф бо калима ифода ёфтааст, баръакс дар девони Имло зиёд дида мешаванд ва мо ин ҷо овардани намунаи зеринро, ки дар он радиф бо феъли амрии «мебош» ифода ёфтааст, кифоя медонем:

Дар роҳи талаб ба чашми гирён мебош,
Девонаву саргаштаву ҳайрон мебош.
Имло, ба либо скор кай ояд рост,
Бигзор зи сари қабову уриён мебош [1].

Яке аз хусусиятҳои сабки рубоиёти Имло, ки хосси ӯст ва дар рубоиҳои шоирони дигар камтар ба назар мерасад, истифодаи тахаллуси шоир дар онҳост, ки ин ҳолатро дар аксари сурудаҳои ӯ дида метавонем:

Бояд гуфт, ки тахаллуси шоир аз ҷиҳати ҷойи худ дар мисраъҳои рубоиёт, ба таври қатъӣ муайян нест. Ҳамин қадар метавон гуфт, ки дар аксари рубоиҳои ӯ тахаллус дар мисраи сеюм омадааст. Масалан, дар рубои зерин:

Як ҷо накунад қасди иқомат ошиқ,
Гардад ҳадафи тири маломат ошиқ.
Имло, нахурад ғами қиёмат ошиқ,
Бо хуни ҷигар кунад қаноат ошиқ [1].

Дар рубоии дигар тахаллуси шоир дар мисраи чаҳорум омадасст:

Зинҳор машав ба нафси гумроҳ мутеъ,
Бо душмани саркаш машав, эй шоҳ, мутеъ.
Ҳарчанд туро ба хайр роҳ бинмояд,
Имло, машав, албатта, ба ҳар роҳ мутеъ [1].

Ҳамин тавр, аз таҳлили рубоиёти Имлоӣ Бухороӣ маълум мегардад, ки ӯ дар баробари идомаи суннати гузаштагон дар рубоисароии ирфонӣ, баъзе тозагиҳо низ ба ин қолаби шеъри форсу тоҷик ворид кардааст ва дар таҳаввули рубоӣ дар адабиёти асри XVII тоҷик саҳми муайяне гузоштааст. Мутахассисон мероси адабии Имло ва аз ҷумла рубоиёти ӯро то ҳол куллан наомӯхтаанд ва мақолаи мазкур иқдоми нахустин дар ин кор ҳисоб меёбад. Омӯзиши минбаъдаи эҷодиёти Имло ва аз он ҷумла рубоиёти ӯ дар таҳқиқи таҳаввули мавзӯъ, мундарича, забон ва сабки шеъри ирфонии тоҷик дар асри XVII мусоидат хоҳад кард.

А Д А Б И Ё Т

1. Имло. Девон / Имло. - Дастнависи № 668, маҳфуз дар Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва осори хатти АИ Тоҷикистон. - С. 374, 377, 376, 379, 382, 387, 389, 390, 392, 399, 400.

СТРУКТУРА И СОДЕРЖАНИЕ ДИВАНА ИМЛО БУХАРАЙИ

Статья посвящена анализу и исследованию объема и жанрового разнообразия поэтического творчества поэта суфийского направления Имло Бухорои. На основе анализа рукописи № 668, хранящейся в отделе рукописей Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия АН Таджикистана автор статьи доказывает, что творческое наследие Имло составляют газель, рубаи и маснави.

Ключевые слова: литература, исследователь, рукопись, анализ, жанр, поэт, газель, рубаи, маснави.

STRUCTURE AND CONTENTS OF THE DIVAN OF IMLO BUKHARAYI

The article is devoted to the analysis and research of the volume and genre of various poetic creation of poet of sofii direction Imlo Bukhoroi. On the basis handwritten of No. 668 kept in the handwritten department of Institute of language, literature, orientalist, and written heritage of the Academy of Science of Tajikistan, the author of the article proves that the creation heritage of Imlo consists of ghazel, ruboi, and masnavi.

Key words: literature, researcher, handwritten, analysis, genre, poet, ghazel, ruboi, masnavi.

Сведение об авторе: ***Махмуд-заде Обиджони Бекназар*** - аспирант кафедры таджикской литературы Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни. Телефон: **(992) 917-73-55-80**, E-mail: **Obid-26@mail. ru**

СИМОИ ЗУЛАЙХО ДАР ДОСТОНИ «ЮСУФ ВА ЗУЛАЙХО»-И МАСЪУДИ ҚУМӢ

Ҳиммати Кӯҳсор
Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

Яке аз суханварони адабиёти форсӣ, ки қиссаи «Юсуф ва Зулайхо»-ро дар ҳудуди 3900 байт сурудааст, Рукниддин Масъуд Туркмани Қумӣ аст, ки байни солҳои 1429-1488 мелодӣ дар Қум ба дунё омада ва дар Ҳирот фавтидааст. Хоҷа Масъуди Қумӣ баъди дар Қум касби камол намудан роҳи Ҳирот пеш мегирад ва ба ҳалқаи маҳфилҳои Мавлоно Ҷомӣ ва Мир Алишери Навоӣ, ки бо тахаллуси «Фонӣ» девони ашъор низ дорад, дармепайвандад ва дар кӯтоҳтарин муддат дар доираи адабии Ҳирот шуҳрат меёбад. Аз ӯ осори зиёди дигаре ба мерос монда, монанди достони «Шамсу Қамар», мунозираи «Теғу Қалам» ва «Девони ашъор». Гӯянд, ки: «Таърихи манзуми вақоеи даврони Султон Ҳусайни Бойқароро бо боварӣ ва хоҳиши султони вақт дар 12000 байт ба назм кашида будааст» [1, 9].

«Юсуф ва Зулайхо»-и сурудаи Хоҷа Масъуди Қумӣ бино ба гуфтаи оқои Сайидалӣ Оли Довуд, дувумин манзумаи форсии мавҷуд дар ин замина пас аз «Юсуф ва Зулайхо»-и мансуб ба Ҳаким Фирдавсӣ аст ва савумини он ҳам «Юсуф ва Зулайхо»-и Мавлоно Ҷомӣ аст, ки чанд сол пас аз асари Хоҷа Масъуд суруда шудааст. Албатта, бино ба эътирофи шоири ношиноси «Юсуф ва Зулайхо»-и мансуб ба Ҳаким Фирдавсӣ, қабл аз ӯ низ ду тан ба назми ин достон пардохта буданд: яке Абулмуайяди Балхӣ ва дигаре шахсе ба номи Бахтиёрӣ [2, 114; 3, 97; 4].

Хоҷа Масъуди Қумӣ ин қиссаро дар панҷову чорсолагӣ ба номи Амир Алишери Навоӣ дар Ҳирот сурудааст ва тавре гуфта шуд, ҳудуди 3900 байт аст ва тибқи иттилои Сайид Оли Довуд, ки онро интишор намудааст, аз он фақат як нусхаи хаттӣ мавҷуд аст, ки дар китобхонаи Маҷлис, дар Теҳрон нигаҳдорӣ мешавад.

Мусаҳҳеҳ дар пешгуфтори ҳуд шарҳи ҳоли шоир ва осори ӯро, сипас, хулосаи достонро зикр намуда, аз достонҳои ошиқонаи адабиёти форсӣ ёд кардааст. Дигар ин ки Сайидалӣ Оли Довуд дар нашри соли 1380 ҳуд таъкид карда, ки ӯ ҳанӯз ба соли 1369 ҳичрӣ ба василаи интишороти «Офариниш» ин асарро ба чоп расонида буд [1, 25].

Маъохизи ин асари Хоҷа Масъуди Қумӣ зимни ривоёти қиссаи муҳаббати Юсуф бо Зулайхо реша дар фаҳлавиёти мардуми яҳуд дошта бошад ҳам, ки он ба адабиёти хаттӣ ва шифоҳии форсӣ интиқол ёфтааст, ҳамоно сураи «Юсуф»-и Қуръони маҷид аст. Дар достон сабки нақли ривояти рӯшан ба мушоҳида мерасад ва бобҳои он аз забони ноқилу ровӣ ҳусни оғоз мегирад. Шоир аз ҷумла гӯяд:

Гӯяндаи ин суруди дилкаш,
З-ин гуна кунад димоғи ҳуд х(в)аш.
Созандаи ин ҳадиси ҷонсӯз
З-ин сон шавад аз сухан дилафрӯз….. [1, 51]

Дар оғози боби «Шефта шудани Зулайхо-маҳбубаи Азизи Миср бар ҷамоли бокамоли Юсуф ва маровадаи бисёр дар истидъои ҳаром ва имтиноу саркашӣ намудани он покизагавҳар (а)» ин абёт ба таҳвияти андешаи фавқ аст:

Гӯяндаи базми ишқу мастӣ
К-он аст давои ҳудпарастӣ.
Созандаи арғунуни савдо
Ин нукта рақам зад аз Зулайхо…[1, 89]

Дар боби сонӣ, ки «Фунуни тадбир ва машшотаи Зулайхо дар боби таъсири мувосилат ва мушоират байнаҳуммо» исм дорад, шоир ин оғозро дорад:

Суратгари ин сафинаи роз
Ин нақш аҷаб чунин кунад соз.
Наққоши равоқи ин гулистон
Ин сурати ҳуш кашад ба дастон….[1, 94]

Ҷойи дигар омада:

Аз ровии ин ҳуҷастаоят
З-ин гуна шунидаам ривоят…[1, 124]

Достони мавриди назар дар 28 боб суруда шуда, бо пешгуфтори кӯтоҳ чун анъанаи маснависароии баъди қарни XI милодӣ, бо баёни сифати меъроҷи пайғамбар Муҳаммад (с) оғоз ёфтааст, ки ин ва ду боби охири достон, ки яке «Панди фарзанд» ва дигаре «Дар хотимаи китоб» аст, ба муҳтавои асосии китоб иртибот надоранд.

Сипас, Хоҷа Масъуди Қумӣ дар боби «Сабаби назми китоб» зарурати таҳрири асари худро баён менамояд. Дар ин ҷо ишораи мусанниф он аст, ки маъхази аввалини ӯ дар гуфтани достони «Юсуф ва Зулайхо», ҳамоно Қуръони маҷид будааст, ки он аз номи Худованд нозил шуда ва дар достон ҳар чӣ гуфта шудааст, аз гуфтаи Офаридгор берун набуда:

Бо хотири пок аз офати пок
Гуфта, ки чӣ гуфт Эзиди пок.
Ё Раб, ба камоли пуркамолат,
Ё Раб, ба ҷамолату ҷамолат,
К-аз ман бипазир зории ман,
Зорию сухангузории ман.
Дар гуфтаи ман мабин, ки ҳеҷ аст,
Ҳеҷ асту бар ӯ ҳазор печ аст!
Он бин, ки зи гуфтаи ту гуфтам,
Чандин дури бебаҳо, ки суфтам [1, 35].

Боби баъд аз «Сабаби назми китоб», ки «Оғози қиссаи Юсуфи Сиддиқ алайҳиссалом, ки дар каломи Илоҳӣ ба аҳсанулқисас иттисом ёфта, муштамил бар шарҳи ҳол ва баёни маоли модари покизагавҳараш, ки бар ҷаҳони заъф ва нотавонӣ аз ин сарочаи фонӣ берун шитофта» [1, 36] номгузорӣ шуда, ёд аз падари Юсуф, бародарони вай ва аз як модар ба дунё омадани Юсуф ва ибни Ёмин шуда бошад ҳам, дар он ишора гардида, ки барои гуфтани ин қисса Амир Алишери Навоӣ ташвиқгар, дастгир ва мухлиси ӯ будааст. Ҳамин Алишери Навоӣ буда, ки достони «Юсуф ва Зулайхо» рӯйи коғаз ба таҳрир омада. Дар ин ташвиқи Алишери Навоӣ, ки Хоҷа Масъуд қиссаи Юсуфро ба назм овард, ду хулоса пеш меояд; аввал ин ки ин қисса то Масъуди Қумӣ, ба ҷуз гуфтаи достони «Юсуф ва Зулайхо»-и шоири номаълум, ки онро ба номи Фирдавсӣ бастаанд, касе ба таври шойиста онро дар абёти форсӣ нагуфта ва сониян метавон бо боварӣ ҳадс зад, ки Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ ҳанӯз достони «Юсуф ва Зулайхо»-и худро насуруда будааст, вагарна Хоҷа Масъуди Қумӣ баъди Мавлоно Ҷомӣ майле ба гуфтани он намекард. Илова бар ин ду, Хоҷа Масъуди Қумӣ дар дарбор, дар паҳлуйи Навоӣ буд ва аз нақшаҳои эҷодии худ ӯро огоҳ менамуд, маслиҳат мепурсид. Ва дар навбати худ Навоӣ аз равиши корҳои эҷодии устодаш огоҳии тамом дошт ва агар пештар медонист, ки Мавлоно Ҷомӣ қасди гуфтани ин қиссаро дорад, пеши роҳи Хоҷа Масъудро мегирифт. Бо қасди дарпешгузошта Хоҷа Масъуд чанд байте таҳрир намуда, ба ҳузури Амир Алишер мерасонад ва Амир Алишер онро фоли нек шуморида, ӯро ба идомати достон ҳидоят менамоянд:

Фасле ду-се гуфта аз сари сӯз,
Чун фасли баҳори оламафрӯз.
Бурдам бари он баҳори олам
Он мӯҷиби ифтихори олам.
Аз ман чу шунид гуфтаи ман
В-он тоза дури насуфтаи ман,
Чун ғунча лаби табассумомез
Аз ҳам бикушоду шуд шакаррез.
Гуфт: - Ин сухан арчи дилнишин аст,
Дурҷест таҳи сухан ҳамин аст.
Он нест, ки лаззате надорад,
Аслеву ҳақиқате надорад…[1, 40].

Амир Алишери Навоӣ чун дармеёбад, ки Хоҷа Масъуди Қумӣ азми гуфтани ин достонро дорад, таъкид менамояд:

Боре чу ҳамекунӣ хаёле
Он кун ки расӣ ба хатту холе.
Гӯяндаӣ, рост кун забонро,
Он гӯй, ки рост гӯйӣ онро.
Он қиссаи Юсуф аст, бишнав,
Бишнав, чӣ такаллуф аст, бишнав.
Перояи насбу рафъи нас ӯст,
Мансуб ба аҳсанулқисас ӯст [1, 40].

Дар оғози достон таваллуд шудани Юсуф, хоб дидани ӯ ва онро ба падар арза карданаш таҳрир шудааст. Падар бо шунидани хоби писар ӯро таъкид менамояд, ки хоби дидаи худро ба бародарон нагӯяд, вале…:

В-он хоб, ки дида буд, нанҳуфт,
Якбора ба тору пуд баргуфт.
Карда суханаш бародарон гӯш,
Ӯро сухани падар фаромӯш [Қумӣ, 60].

Бародаронро дар баробари он ки падарашон Яъқуб ӯро аз ҳама беш дӯст медорад ва хоби дидаи ӯ, ки ояндаи дурахшон дар таъбири он равшан буд, рӯ ба ҷониби рашку ҳасад мебарад ва аз пайи нобуд кардани Юсуф мешаванд, дар боби «Муттафиқ гаштани бародарон бар куштани Юсуф (а) дар ҷониби саҳро ва тарафи дашт ва рухсат хостан ба ҷиҳати мувофиқати ӯ аз падар ба баҳонаи сират ва сурати гашт» [1, 64] оварда шудааст. Зорию таваллои ӯ ба бародарон, ки вайро накушанд, ба чоҳ партофтан, бо баҳонаи он ки Юсуфро гург хӯрд, пероҳани хунин пеши падар гузоштани фарзандони Яъқуб, Юсуфро аз чоҳ ёфтани Молики корвонсолор ва рӯзи дигар аз бародарони Юсуф ба фулусе чанд чун ғулом ӯро харидану ба Миср бурдани Молик ва билохира дар бозори ғуломфурӯшии Миср ба савдо гузоштани Юсуфу бо овози «ман язид» ӯро харидани Азизи Миср дар достон хеле сода ва равон оварда шудааст. То ба ин сарҳад дар достон аз Зулайхо хабаре ва бӯйе нест.

Азизи Миср Юсуфро бо қимати гарон бархарид ва чун фарзанд надошт, фарзандаш хонд:

Бо хеш ба рӯйи хон нишондаш,
Фарзанди азизи хеш хондаш.
Оре, чӣ агар ғулом низ аст,
Фарзанд чу хонияш, азиз аст [1, 94].

Ва Хоҷа Масъуди Қумӣ нақли худро идома медиҳад, ки Азизи Миср дар хона соҳиби зане буд зебо ва дар ҳусну ҷамол беҳамто:

Дар хона чунон зане накӯ дошт,
К-ӯ ҷони худ аз барои ӯ дошт.
З-ин ғамзазани карашмасозе,
Чун гул тару тоза сарвинозе.
Мӯйе чу кашида шохи сунбул,
Хандон даҳане чу ғунчаи гул.
Рӯе, ки ситуда офтобаш,
Чашме, ки надида кас ба хобаш.
Хуш симбаре, сумансурине
Парварда ба ноз нозанине…
Чун ганҷи гуҳар гаронбаҳое,
Ганҷе, ки надида аждаҳое,
Чун ғабғаби ӯ касе надида,
Себи ба лабу даҳон расида.
Дар пой фиканда зулфи танноз,
По то сари ӯ карашмаву ноз…[1, 95-96].

Шоир васфи сифатҳои зебои зани Азизи Мисрро идома дода, исми ӯро Зулайхо ёд мекунад:

Бас чобуку нозуку шакархо,
Номаш сари ҷойгон Зулайхо.
Ҳамхоби Азиз буд чанде,
Лекин накушода ҳеҷ банде [1, 96].

Ин ҷо таъкид шуда, ки Азизи Миср дар тамоми муддати бо Зулайхо зистан натавониста, ки аз Зулайхо ком гирад ва ӯро ба худ ром кунад. Тавре ишора рафт, агарчи Азизи Миср коми дил аз Зулайхо натавонист ситонад, боз ҳам дар дил меҳри фарзанд мепарварид, ки ҳар қадр гаронсанг буд, Юсуфро харид ва фарзанд хонд, ҳарчанд кораш бандагист ва занро таъкид менамояд:

Ҳарчанд, ки бандагист кораш,
Пок аст зи бандагӣ шумораш.
Ин бандагияш басандаам нест,
Фарзанди ман асту бандаам нест.
Бояд, ки азиз донӣ ӯро,
Фарзанди азиз хонӣ ӯро…
Ӯро ба ту месупорам имрӯз,
Кораш ба ту месупорам имрӯз,
Озода шумору бодиромаш,
Чун зодаи худ кун эҳтиромаш.
Ҳам рӯзе, аз ӯ накӯ бияндеш,
Нафъе бирасад ба мо каму беш [1, 96].

Баробари вориди хона шудан пеш аз ҳама ҳусну ҷамоли баркамоли Юсуф дили Зулайхоро тасхир мекунад, ки алҳақ зебандаи тоҷу тахт аст, бо муҳаббат ӯро ба тарбияи худ мегирад (Чун дид зани Азиз чеҳраш, Ӯ низ ба ҷон харид меҳраш).

Дар тасвири Хоҷа Масъуди Қумӣ чун умри Юсуф ба чаҳордаҳ мерасад, меҳри Зулайхо ғойибона бар Юсуф то ба он поя мерасад, ки шефта ва ошиқаш гардад ва

ин майли дилро аз Юсуф пинҳон надорад, ки ин дар боби дигари достон «Шефта шудани Зулайхо, маҳбубаи Азизи Миср бар ҷамоли бокамоли Юсуф ва маровардаи бисёр дар истидъои ҳаром ва имтиноу саркашӣ намудани он покизагаҳвар (а)» бо маҳорати баланди шоирона таҳрир шудааст:

Созандаи арғунуни савдо,
Ин нукта рақам зад аз Зулайхо,
К-он дам, ки зи дасти дидаву дил,
Дар оташу об кард манзил.
Чун рафта зи дасти бедилӣ маст.
Дил дод ба меҳри Юсуф аз даст….
Домони дилаш зи даст во шуд,
Пероҳани исматаш қабо шуд.
Дину дили худ варо биҳил кард,
Ошиқ шуду тарки дину дил кард….[1, 99].

Сарояндаи достон дар ин боб идома медиҳад, ки Зулайхо майли ба канор гирифтани Юсуфро мекард, аммо ӯ худро пок нигоҳ медошту дур мекашид, Зулайхо ашк мерехту Юсуфро парвое набуд. Ҳар амалиёте, ки Зулайхо барои коми дил гирифтан пеш мегирифт, Юсуф муқобилият мекард. Бешак, ин ҳама муқобилиятҳои Юсуф бар истиқболи Зулайхо ҷони ошиқро месӯхт ва ҳамин аст, ки:

Як рӯз нишаста ҳар ду бо ҳам,
Мардум ҳама давру дар фароҳам,
Он ҳурнасаб бути паричеҳр,
Рӯ кард ба Юсуф аз сари меҳр.
Гуфт:-Эй маҳу меҳр хоки поят,
Ҷон бандаи лаъли дилрабоят.
Чашми ту накӯ ба фитнаҷӯйӣ,
Абрӯйи ту тоқ дар накӯйӣ…
То чанд чунин нажанд бошӣ?
Оҳуи рамида чанд бошӣ? [1, 100].

Зулайхо гирифтори девонавори Юсуф шуда буд, бо ҳар роҳу василае мехост дили Юсуфро ба даст орад. Вале ҷавоб бар Зулайхо он буд, ки Азизи Миср ӯро бо меҳр фарзанд хонда ва парвардааст. Магар мешавад, ки ба ӯ хиёнат кард?

Ишқи Зулайхо он қадар боло мегирад, ки дигар дар ӯ тоқати бардоштани ин бори гарон намемонад ва Юсуфро мегӯяд, ки агар шарм аз Азиз дорад, пас Зулайхо худ бо ду қатра заҳр бар Азиз хӯронидан ӯро аз роҳ бардорад:

Юсуф чу яке шунид розаш,
Афрӯхта гашту гуфт бозаш.
К-ин кори бад аз ту худ наёяд,
Некӣ, зи ту кори бад наёяд…
Олуда масоз домани пок,
Дар дидаи деви нафс кун хок [1, 102]

Зулайхо боз ба афсуни Юсуф роҳ мегирад, худро меситояд ва маъшуқро дуболо аз он, ҳатто Зулайхо иброз медорад, ки ӯ ҳанӯз бокира аст ва дастнохӯрда, вале ку таъсир Юсуфро. Ин ҳама муқобилият ва канорачӯйии Юсуф боис шуда, ки ранг аз рӯйи Зулайхо бипарад ва ишқаш ба ғуломи Азиз, аввал ба доя ва пас, байни занони Миср фош гардад.

Зулайхо бо маслиҳату мушовараи доя хонаи пурнақш ва ойинабанд барои ба дом овардани Юсуф месозад. Юсуфро ба он хилватхона мехонад, вале боз тираш ба нишон намерасад. Чун дар хилватхона ҳам Юсуф саркашӣ мекунад ва Худоро пеш меорад, Зулайхо дар ҷавоб мегӯяд, ки ҳозир аст ба Худои ӯ ва бар дини ӯ имон оварад. Агар Юсуф ба ҳоли зори Зулайхо раҳм насозад, ӯ ҳозир аст ба теғ худро бикушад ва хуни ӯ бар гардани Юсуф бошад:

В-ар нашнавӣ аз фиғони зорам,
Як ғам накунӣ кам аз ҳазорам.
Худро бикушам ба ханҷари тез,
Ин гуфту равон зи зери бистар
Бардошт яке кашида ханҷар [1, 111].

Юсуф, ки дар байни обу оташ монда буд, дил нармтар мекунад ва мехоҳад бари он сарви равонро бихӯрад, вале рӯйи дастонаш хатте бо зар навишта пайдо мешаванд, ки:

Ин кор на кори аҳли дин аст,
Коре, ки наояд аз ту, ин аст.
Дигар ба Худои хеш рӯ кун,
Рӯ аз ҳама рӯй сӯйи ӯ кун[1, 111].

Зулайхо дигарбора ханҷар барои куштани худ ба даст мегирад ва бо ин роҳ дили Юсуфро дигарбора ба худ гарм месозад. Ин бор чеҳраи Яъқуб (а) писарро аз роҳи нопокӣ нигаҳ медорад ва оташи дили аз Зулайхо комҷӯйии ӯро менишонад ва то сӯйи дар роҳи гурез пеш мегирад. Дарҳои баста бо иноятi Худо як-як кушода мешавад ва Зулайхо аз дунболи Юсуф давон. Зулайхо аз пушт ба пероҳани Юсуф чанг мезанад ва пероҳан медарад. Дар ин асно Азизи Миср рӯ ба рӯ меояд. Зулайхо ба гиря гунаҳро ба гардани Юсуф ва Юсуф бошад ба гардани Зулайхо мебандад.

Зулайхо аз шавҳар хоҳиш менамояд, ки барои гуноҳ Юсуфро зиндонӣ намояд, то азоб ва корҳои ношойистаро дигар такрор нанамояд. Тифле як солу думоҳа дар он хона аз хешони наздики Азизи Миср буд, ба забон омада ҳақиқати ҳолро ба Азизи Миср иброз медорад:

Гӯянд, ки ҳам зи аҳли эшон,
В-аз ҷумлаи ақрабо ва хешон.
Як тифли чу ғунча ношукуфта,
Дар шаҳд чу ғунча буд хуфта.
Як солу ду моҳ гашта рӯзаш,
Олуда ба шир лаб ҳанӯзаш.
Чун сиву дусолае ба тамкин,
Бикшод равон лабони ширин…
В-он гаҳ ба Азиз гуфт, к-ин роз,
Ман фош кунам, ту гӯш кун боз.
Ин домани чок агарчи пок аст,
Бингар зи кадом сӯй чок аст.
Гар чок зи пеш бошад онро,
Бошад гунаҳ ин накӯ ҷавонро.
В-ар худ зи пас аст доманаш чок,
Домони вай аз гунаҳ бувад пок.
В-ин ҳол, ки бар ту шуд ҳувайдо,
Гирад ҳама домани Зулайхо…[1, 114-115].

Ишқи Зулайхо бар ғуломи Азизи Миср байни занони Миср паҳн мешавад. Ҳама ҷо дар ғайби Зулайхо сухан аз ишқи ӯ бар Юсуф мерафт. Зулайхо барои даҳони бадгӯёнро бастан бо баҳонаи зиёфат занони Мисрро ба қасри худ даъват менамояд, то ҷамоли Юсуф ва сабаби ошиқ шуданашро ба онон намойиш диҳад, то худ қазоват намоянду хулоса бар ошиқии ӯ бароранд, ки ин дар боби «Ҷамъ сохтани Зулайхо хавотини Мисрро ба расми зиёфат ва арз кардани Юсуф дар назари он гурӯҳ ва даст буридани эшон ба ҷойи норинҷ дар бехудии наззораи он ҷамоли пурофат» хеле ҷолиб омада.

Занони Миср, дар тасвири Хоҷа Масъуди Қумӣ, чун ҷамоли Юсуф мебинанд ба ҷойи норинҷ дастҳо мебурранд ва Зулайхо бар эшон мегӯяд:

-Маро ҳазор ғайбат кардед, ангуштнамойи кӯҳу бозор гардонидед, шарматон бод! Худ бо як дидан чӣ кардед? Маро беҳуда маломат намудед! Дар ҳамин саҳна симои Зулайхо, ки онро Хоҷа Масъуд кашидааст, равшан мегардад, ки дар тафсирҳои Қуръони маҷид низ дучор омада будем.

Пас, панҷ зан аз занони Миср бо Юсуф дар хилват нишаста ба ӯ панд медиҳанд, ки хостаи Зулайхоро бипазирад. Юсуф ин ҷо ҳам саркашӣ менамояд. Пас, бо исрори Зулайхо Азизи Миср Юсуфро муддате ба зиндон мефиристад, то гуноҳи Зулайхо дар байни хоссу оми Миср аз даҳонҳо барчида шавад.

Дар зиндон Юсуф бо кушодани таъбири хоби шаробдор ва хонсолори Малики Миср овоза пайдо мекунад. Шабе Малики Миср низ хобе мебинад, ки таъбиркунандагони дарбор дар таъбири он оҷизӣ мекашанд ва ба Юсуф муроҷиат менамоянд. Дар боби «Хоб дидани Малики Миср ва таъбири мувофиқ фармудани Юсуф (а) ва берун овардани Малик ӯро аз вартаи банду зиндон ба василаи ҳар навъ эъзозу икром» [1, 131-135] кушодани хоби Малик, ки аз ҳафт гови фарбеҳ ва ҳафт заъифу безӯр, чаҳордаҳ хӯша, ки ҳафт дону ҳафт пӯст иборат буд, масъала ранги дигар мегирад. Чун Юсуф дар миён ҳафт соли серҳосилӣ ва ҳафт соли хушкию қаҳтӣ дар таъбири ин хоб пеш мегузорад, Маликро бовар меояд ва ӯро аз зиндон берун карда дар баробари худ менишонад ва идомаи достони Хоҷа Масъуди Қумӣ, оид ба ишқи Зулайхо бар Юсуф, дар боби баъдина ба исми «Супурдани Малик забти хазоин ва ихтиёри Малики худ ба Юсуф ва ӯро азиз гардонидан ва Зулайхо–зани Азизро баъд аз супурдани вадиати ҳаёти ӯ ба ҳукми тазвиҷ пеши ӯ гузаронидан ва сифати қаҳту гаронӣ ва хисбу арзонии Миср ва қоидаи тарбиятии маъҳуд, ки ҳазрати Юсуф дар он муддат кор фармуд», ки худ исм баёнгари маъонии достон аст.

Бо молик шудани Юсуф хазоинро Азизи Миср аз вазифа барканор мешавад ва афтода гардида аз олам дармегузарад. Чун қиссаи ишқи Зулайхо бар гӯши

малики Миср расида буд, ба издивоҷи онҳо мусоидат мекунад ва ба Юсуф муроҷиат менамояд:

Шаҳ гуфт:-Маро ту ҳамнишинӣ,
Бар ҳар чӣ ки бошадам, аминӣ.
Ҳам мулки маро ту мулкбон бош,
Ҳам хозини махзани ниҳон бош.
Ту ҳамчу манӣ, дар ин шаке нест,
Фармони ману ту ҷуз яке нест…
Пас дод ба ӯ пас аз басе чиз,
Бас чизу зани Азизро низ.
З-он васл хуҷаста шуд Зулайхо,
Як тоза ва тар бути шакархо.
Худ пир набуд он суманбар,
В-ар буд, дигар ҷавон шуд аз сар [Қуммӣ, 137].

Дар ҳамин ҷо, бо ба васл расидани Зулайхо бар Юсуф, дар достони Хоҷа Масъуди Қумӣ, қиссаи ишқи Зулайхо ба поён ва Зулайхо ба коми дил мерасад. Достон бо ин анҷом напазируфтааст ва дар он фаъолиятҳои дигари Юсуф идома меёбад, ки ин ҷо баёни моҷароҳои минбаъдаи Юсуф бо бародарон ва дигарбора бо бародари ҳамхуни худ Ибни Ёмин ва ба дидори падар шарафёб гардидани ӯ зарур дониста нашуд.

Ҳадафи асосии мо аз муроҷиат ба достони «Юсуф ва Зулайхо» ин дарёфтани симои Зулайхо дар маснавӣ аст. Ва дида шуд, ки Зулайхо ба ишқи Юсуф он вақт дармеафтад, ки Азизи Миср аз бозори ғуломфурӯшон Юсуфро бо қимати гаронсанг харида ба хона меорад ва вай Юсуфро на ҳамчун ғулом, бал ба масобаи фарзанд ба хона ворид месозад ва тарбияи онро ба ихтиёри Зулайхо вомегузорад.

Дар достони Хоҷа Масъуди Қумӣ асли насаб, хоббинӣ ва ба умеди дарёфтани Юсуф аз кишвари падараш, ки дар тафсирҳои пешин ба мушоҳида гирифта будем, дида намешавад. Ғайр аз ин, дар достони Қумӣ танҳо омада, ки Азизи Миср Юсуфро харид. Дар он байъу талоши харидорон ва қиматафзуданҳои харидорон дида намешавад. Дар тафсирҳои пешин, ки дидем, Зулайхо бо дидани Юсуф боиси харидории Юсуф мегардад ва дар онҳо Зулайхо фаъолтар аст [5, 320]. Дар достони Қумӣ дар тамоми давра Зулайхо фаъол аст ва барои ба васли Юсуф расидан тамоми имконоти худро истифода менамояд. Вай дар ин роҳ аз маслиҳатҳои доя кор мегирад, қасри ойинабандӣ месозад, Юсуфро бо баҳонае ба он ҷо мекашад, бо забони тифли як солу думоҳа худро пеши Азизи Миср зору залил месозад, барои рафъи ҷурму гуноҳ занони Мисрро ба зиёфат даъват карда, Юсуфро ба эшон менамоёнад ва бо ин исбот месозад, ки ошиқии ӯ ба Юсуф ин доштани ҳусну ҷамоли беҳамто дар ин ҷавон аст ва….. Ба зиндон андохтани Юсуф танҳо ба хотири он аст, ки бадномии Зулайхо дар байни суккони Миср аз миён бардошта шавад.

Симои Зулайхо дар достони Хоҷа Масъуди Қумӣ хеле сода ва заминӣ ба тасвир кашида шудааст. Вай чун як инсони дилбохта ошиқ мешавад ва бо кӯшишу талош ба муроди дил мерасад ва аз нав дар оғӯши муҳаббат ҷавонӣ меёбад. Дар ин достон оҳангҳои ирфонӣ, дар алоқамандӣ бо симои Зулайхо, чандон намоён нест. Ва тасвирҳои ҳусну ҷамоли Зулайхо ҳам сояи ҳамон тасвирҳое мебошанд, ки ҳанӯз Ҳаким Низомии Ганҷавӣ ва Амир Хусрави Деҳлавӣ дар «Хамса»-ҳои худ бештару беҳтар аз он дар офаридани симоҳои Лайлӣ, Ширин, Меҳрбону ва …. сохта буданд.

Дар баробари он чи гуфта шуд, достони Хоҷа Масъуди Қумӣ бо навгониҳои зайли мусанниф пероста шудааст, ки дар тафсирҳо ва ишораҳои то ӯ ба мушоҳида нарасид, монанди:

1. Барои ба висоли Юсуф расидан нияти захр дода, Азизи Мисрро аз миён бардоштани Зулайхо, яъне куштан.
2. Теғ аз зери болин бароварда барои куштани худ ба Юсуф шиддат кардани Зулайхо дар ҳолати майли дилашро набаровардани Юсуф.
3. Юсуфро панҷ тан аз занони Миср дар хилват ба насиҳат кашидан барои висоли Зулайхо.
4. Ба зиндон фиристодани Юсуф танҳо барои рӯпӯш намудани бадномии Зулайхо.
5. Баъди малики Миср гардидани Юсуф ва бо аз даст рафтани вазифаи Азизи Миср ва ба пастӣ афтодан ва марги ӯ, аз ишқи Зулайхо бар Юсуф воқиф шудани Малики Миср ва Зулайхоро бо амволи зиёд ба Юсуф тақдим намудани фармонфармо.

Ва ин ҳама таконе дода, ки чанд соле баъдтар аз Хоҷа Масъуди Қумӣ устоди ӯ, Мавлоно Нуриддин Абдурраҳмони Ҷомӣ найқалам ба даст бигирад ва ба тавру салиқаи худ ба гуфтани достони нави «Юсуф ва Зулайхо» оғозад, ки он дар байни аҳли таҳқиқ шукуҳ ва маъруфияти хоссае дорад.

А Д А Б И Ё Т

1. Қумӣ Хоҷа Масъуд. Юсуф ва Зулайхо ва Шамсу Қамар / Қумӣ Хоҷа Масъуд; тасҳеҳ ва тадвини Сайидалӣ Оли Довуд. – Теҳрон: Офариниш, 1369.
2. Риёҳӣ Муҳаммадамин. "Юсуф ва Зулайхо" чӣ гуна ба номи Фирдавсӣ баста шуд? / Муҳаммадамин Риёҳӣ // Ҳастӣ. – Теҳрон: Зимистони 1372. - С.111–120.
3. Мирзозода Х. Луғати мухтасари истилоҳоти адабиётшиносӣ / Х. Мирзозода. - Душанбе: Маориф, 1992. - 240 с.
4. Насриддинов А.О. Оё Фирдавсӣ достони "Юсуф ва Зулайхо" дорад? / А.О. Насриддинов // Адабиёт ва санъат, - 1998. - 10 август.
5. Риёҳӣ Муҳаммадамин. Фирдавсӣ (зиндагӣ, андеша ва шеъри ӯ) / Муҳаммадамин Риёҳӣ. - Душанбе, Шуҷоиён, 2010. - 338 с.

ОБРАЗ ЗУЛЕЙХЫ В ПОЭМЕ "ЮСУФ И ЗУЛЕЙХА" МАС'УДА ТУРКМАНИ КУММИ

Поэма "Юсуф и Зулейха" Мас'уда Туркмани Кумми является второй по значению поэмой в персидско-таджикской литературе, после поэмы «Юсуф и Зулейха» Абулкасима Фирдоуси, и содержит 3900 бейтов. Главным источником поэмы является Коран и народные легенды. Образ Зулейхи в данной поэме очень активен. Для того, чтобы достигнуть цели и добиваться желаемого, она готова отравить ядом своего мужа Азиза Мисра и в случае неудовлетворения ее желаний со стороны Юсуфа, она готова покончить жизнь самоубийством.

Ключевые слова: поэма, Куми, Юсуф и Зулейха, Фирдоуси, персидско-таджикская литература, любовь, тюрьма, неземная любовь, яд, меч, женщины Мисра.

THE IMAGE OF ZULEIKHA IN THE POEM "YUSUF AND ZULAIKHA" MAS'OOD, TURKMANI COMMI

The poem "Yusuf and zulaikha" Mas'ood, Turkmani Kummi is the second poem in Persian-Tajik literature, after the poem "Yusuf and zulaikha" Abulqasim Ferdowsi, and contains 3900 bayts. The main source of the poem is the Quran and folk legends. The image of Sulavhi in this poem is very active. In order to achieve the goal and to achieve this, she is willing to poison her husband Aziz Misra and in case of dissatisfaction with her desires by Yusuf, she is ready to commit suicide.

Key words: poem, Kumi, Yusuf and zulaikha, Ferdowsi, Persian-Tajik literature, love, prison, unearthly love, poison, sword, women Misra.

Сведения об авторе: ***Х. Кухсор*** – аспирант Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им.А.Рудаки АН РТ

ТАСВИРИ РӮҲИЁТИ ХАЛҚ ДАР ДОСТОНИ «МОТАМИ САФЕД»-И ГУЛРУХСОР

У. Абдурашидова

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б.Ғафуров

Асари муҳимми Гулрухсор дар достоннависии муосири тоҷик, ки як марҳалаи тозаро дар эҷодиёти ӯ оғоз мекунад, достони «Мотами сафед» мебошад, ки аввалин бор соли 1983 дар 3 шумораи маҷаллаи «Садои Шарқ» (№7-9) ба табъ расида, дар ин маврид фикру мулоҳизаҳои мунаққидон ва адибону мутарҷимони тоҷику шӯравӣ А. Сайфуллоев, И. Денисова, Ф. Мамед, Ғ. Алиев, С. Абдулло (Садои Шарқ, 1984, №4, с. 134) ҷолиби таваҷҷуҳанд.

Достони «Мотами сафед» аз қисмҳои ҷудогонаи иборат аз хати ягонаи сужет фароҳам омадааст. Гулпарӣ ба сифати қаҳрамони асосии достон саргузашту зиндагии талхе дошта, якҷоя бо сарнавишти талхи шавҳараш Раҳмат Санои муаллим ва иштирокчии ҷанг тасвир шудааст. Гулрухсор дар достон кӯшидааст, ки қонунҳои нонавиштаи давраи ҷанг ва зиндагии мардуми ақибгоҳро дар он солҳои мудҳиш бо рангҳои мухталиф ба тасвир гирад. Тасвири лаҳзаи сурур ва драматизми пуршиддат хосси достонҳои Гулрухсор аст, ки минбаъд ӯ ин таҷрибаро дар осори насрӣ низ ба таври сареҳ ва рангин ифода кардааст. Тасвири мувозини маросими мотам ва лаҳзаҳои тӯю сур дар достон барои амиқбурди тасвири психологии қаҳрамон беасар набуд.

Дар достон диққати шоира асосан ба ташаккули таърихии характери Гулпарӣ равона шудааст. Ӯ кӯшидааст, ки дар симои Гулпарӣ хислат ва сиришти маънавии занони кӯҳистонро таҷассум намояд.

Достон аз рӯзгори ҳамзамонон Санову Гулпарӣ оғоз ёфта, ба рӯйдодҳои давраи ҷанг гиреҳ меҳӯрад. Сипас, муаллиф қиссаи кӯдакии ин ду нафарро дар меҳвари тасвирпардозии хеш ҷой медиҳад. Бо ин қисса барои бозгашти дубора аз замони ҷанг

ба замони таълифи достон заминаи мусоид фароҳам меояд ва дар маркази диққат воқеаҳои пас аз сӣ соли анҷоми ҷанг қарор мегирад. Сано, чун садҳо тан аз иштирокчиёни якпояи ҷанги ватанӣ, ба кумитаи адлия даъват мешавад ва сарбози масъул ӯро бар асари иғвои номаи беимзо ва туҳматбор мавриди пурсишҳои беҷо қарор медиҳад. Сано аз саҳнаву размҳои мудҳиши ҷанг дар фронт, ки дар деҳаи Смолевичи сарзамини Белорус сурат гирифта буд, ёдоварӣ мекунад. Дар пеши назари Сано лавҳаҳои мудҳишу ҷонсӯзи давраи ҷанг аз нав ба ҷилва меоянд. Тасвири вазъи калисои деҳа, манзараи шир ҷустани кӯдаки зору низор аз синаи хушки модари мурда, тирборон ва набарди хунин бо фашистон, ҷонбозии қаҳрамононаи Янко барои ҳифзи номуси Ватан ва хоки он, аз марги яқин нақот додани Сано аз ҷониби Янко, маҳрумӣ аз пой, муҳити сангину тоқатфарсои табобат ва аз сар гузаронидани рӯзҳои сахти ҷарроҳӣ дар қалами тасвирпардозии шоира хеле ҷолибу хонданианд.

Санои муаллим пас аз итмоми ҷанг масъулияти омӯзонидани сабақи зиндагӣ ва майдони ҷанг барои бачагони деҳаро бар дӯши худ гирифт. «Сӣ ҷуфт чашми пурсавол, Сӣ ахтари уммедбор, Дар чашму рӯйи устод? На, на! (Маро маъзур дор), Дар почаи холии ӯ, Бигрифт як лаҳза қарор», то хонандагони кунҷков ва ватандӯст аз ӯ сабақи ҷанг бардоранд. Дар муддати сӣ сол дарси Сано аз зикри пойи ӯ оғоз мешуд, ки дар тасвири шоира «ин саҳнаро безор буд, омӯзгори дилфигор, сӣ сол шуд дар синфи як, ҳар бор музтар мешавад, дарси нахустин гӯиё, аз пойи ӯ сар мешавад».

Достони «Мотами сафед» намунае аз фоҷиаи инсонҳои ҷавонмарде аст, ки дар ҷанги мудҳиш бо марг тан ба тан буданд, ҳар буду нобудашонро дар ҷанг аз даст доданд, аммо бо носипосии замон ва аҳли замона зери туҳмати наҳс қарор гирифтанд. Нуктаи дигари фоҷиавии достон ин аст, ки дар ҳамон рӯзи даъват ба кумитаи адлия номаи марги ҳамяроқаш Янко ба дасти Санои маъюб мерасад ва табиист, ки ӯ ин ду зарбаро, ду зарбаи ҷонкоҳ ба ҷони хастааш ба шумор меоварад. Ҳам туҳматномаи ҳамсояи нобакораш–Нобакор ва ҳам марги дӯсти ҷониаш–Янко сабаб мешавад, ки сактаи дил вуҷуди ӯро фаро гирад ва бар асари ин зарбаи мудҳиш ҳалок гардад.

Саное, ки Гулрухсор офаридааст, марди ҳалол, баору номус, босидқу вафо ва заҳматкаше буд, ки ӯро касифу палид, гурезаи беору бенанги ҷанг, бадкинаву муттаҳаме чун Нобакор аз зиндагӣ бурд. Сабаб ин буд, ки Гулпарӣ ба Нобакор гаҳворабахш шуда буд ва аммо вай аз ӯ рӯй гардонид. Ин боиси ҳирси ниқор дар дили Нобакор гардид ва дар навбати худ боиси номаҳои туҳматбор ва, ниҳоят, марги нобаҳангоми Сано шуд.

Ҳамин меҳр набастани Гулпарӣ ба Валии Нобакор меҳвари аслии ҳодисаву воқеоти достони Гулрухсор аст. Тақдир Гулпариро аз волидайн ҷудо мекунад ва дар ин роҳ Сано ба мадади ӯ мерасад. Гулпариву Сано таҳкурсии хонаи бахти худро мегузоранд ва соҳиби ду писар мешаванд, аммо ҷанги хонумонсӯз нақши меҳварии дигаре дар вайрон шудани ин хонумон мегузорад. Дар ҳамин лаҳазоти мураккаб Нобакор аз нав дар маркази ҳаводис қарор мегирад. Гулпарӣ барои нақоти кӯдакони гурусна ноилоҷ ва маҷбур ба Нобакор бо мақсади дарёфти нон муроҷиат мекунад, аммо ин айёри шайтонтабиат ба мададаш намерасад ва кӯдакони ӯ аз ғояти гурусҷагӣ пайи ҳам ҳалок мешаванд.

Ёди ин фарзандони гуруснамарг Гулпариро сӣ сол ранҷ медиҳад, дар ин сӣ сол ӯ ба «ивази ашк зи нӯки мижа хун» мерезад, аммо зоҳиран инро ошкор намекунад, мардум ӯро ҳамеша дар иҳотаи хандаву табассум ва дар хидмати бедареғи худ мебинанд, дар зоҳир хомӯш, аммо ботинан дар ҳасрату хурӯш, ҳар коре ва мададе, ки аз дасташ ояд, барои мардум дареғ намедошт. Хосса сурудҳои самимиаш дар роҳи зудудани ғаму ғуссаи занони деҳа муассир буданд.

Офаридани образи Гулпарӣ, ҳамчун муборизи бахти худ дар роҳи дурӣ аз зиндагӣ бо одами нопоку нобакор ва ҳифзу дифои номус, ҳатто дар зимни аз даст додани бузургтарин дороии зиндагӣ ва бақои умраш–фарзандони дилбанд, яке аз кӯшишҳои судманди Гулрухсор дар ин достон аст. Аз василаҳои гуногуни баёни фикру андеша кор гирифтани шоира, яке аз фазилатҳои асосии ин достон маҳсуб мешавад. Аз ҷумла, рамзи зерин ифодаи басо сӯзон дар роҳи бозгӯйи рӯҳияи қаҳрамон ба шумор меравад. Гулпарӣ «ҳар боре ки нон пазад, ду кулчаи гармро гӯё барои писарчаҳои гуруснамаргаш пухта, ба бачаҳои ҳамсоя медиҳад ва хумор мешиканад».

Гулрухсор дар тасвири лаҳзаи дигари сӯзнок низ қалами расо ва амиқ гузоштааст, ки асаргузор ба рӯҳу равони хонанда аст. Гулпарӣ дар рӯзи марги Сано намехоҳад, ки тӯйи ҳамсояро барҳаму дарҳам занад, доду фиғони хеш ба осмон печад, балки дари ғамхонаи худро мебандад ва ҳадаҳа ғамшарики занҳо мешавад. Ин аз ниҳояти дурандешӣ ва ҳусни расои тафаккури инсонии қаҳрамон дарак медиҳад.

Ӯ дар ниҳоят ба бехи дарахти себ табар мезанад, бо Нобакор ба набард мебарояд ва ғолиб меояд. Бо вуҷуди яккаву танҳо монданаш нерӯи зиндагиро нигоҳ медорад.

Ман зиндагонӣ мекунам!
Ин хонаро вайрона?–
На!
Қасри амонӣ мекунам!

Гулрухсор дар достони «Мотами сафед» модели зани созандаву пуртоқату шикеборо офарида, сабру тамкини ӯро бо камоли муҳаббат ситоиш мекунад. Хонанда дар ин маврид ба бузургиву ситоишбарангез будани рӯҳи ин зан комилан бовар ҳосил мекунад. Рӯҳи тавоно ва сиришти хоссаи офарандагии Гулрухсор имкон додааст, ки дар офариниши рӯҳу сохтмони сиришти Гулпарии хеш нерӯи тозае ба кор барад:

Бархост аз ҷо Гулпарӣ,
Бо қарси худ баста миён
Қулфи дилу
қулфи дараш,
Бикшод баҳри одамон.

Образе, ки аз қалами тасвири Гулрухсор берун шудааст, ба таъбири муҳаққиқони адабиёти муосир «дурахшонтарин ва нақибтарин образи занест, ки дар симои худ беҳтарин хислатҳои инсонӣ ва граждании зани тоҷикро таҷассум намудааст».

Дар зимни баёни хати сужети асар, ки зиндагиву фоҷиаи талхи Сано ва Гулпариро дар бар мегирад, ҳаёти фоҷиаомези дигарон низ ҷо-ҷо нақл шудаанд. Зиндагии Ҳилол, Суман, Гул ва сарбози ҷавон барои тасвири густурдаи воқеоти фоҷиаомез мусоидат кардаанд. Хосса шинохти фоҷиаи ҳаёти ин зумра аз инсонҳо дар дарки васеи фоҷиаи қаҳрамонони асосӣ кӯмак мекунад. Ҳилоли безабонро Нобакор бе тӯю сур бо арзиши як барраи яксола аз худ мекунад. Аммо, пас аз таҳқири зиёд ӯ худро ба дарё афканд ва нобуд кард. Сумани соҳибҷамол низ ёри дилхоҳашро аз даст дод ва ба марди зандидаи пастаке ҳамхона шуд. Гули нозанинро вақти шабдарав мӯйсафеди беимон кӯри Бақо ба доми фитна кашид…

Гулрухсор дар тасвири давраи ҷанг бештар ба он нукта ишора мекунад, ки аз он ҳеҷ зане ба ҷое нарасида ва ин ҷанги хонумонсӯз дар номаи сарнавишти ҳар кадом доғи ношустание боқӣ гузоштааст:

Эй, ғунчаи дар чанги бод,
Хушдори рӯйи ту кӣ буд?
Бахти туро ҳам ҷанг кушт,
Бо панҷаи хунбори худ.

Гулрухсор шахси сарбозро низ чун як образи меҳварӣ нишон дода, ки бе огоҳӣ ва хоҳиши худ теғе ба ҷони Сано мезанад. Дарки сарбоз аз хатои худ ва омаданаш ба Девбанд ба хотири узр пурсидан аз Сано, нӯшдоруе пас аз марг ба Сӯҳроб аз ҷониби Рустам ва ҳадяи Султон Маҳмуди Ғазнавӣ ба Фирдасвӣ дар дами марг буд. Дигар аҷали Сано ба ин кор имкон надод. Марг ӯро ба иҳотаи худ гирифта буд. Ин мӯҷиби аз хатои нобахшанда хиҷил мондани ӯ гардид.

Симои худи шоира дар достон ба сифати чеҳраи меҳварии дигар нақши муҳим дорад. Ӯ нафарест, ки ба дарди ҳамдеҳагон бетафовут наменигарад. Аз кирдори дигарон пайваста хун мехӯрад. Гуфтаи Соиби Табрезӣ дар ин маврид ҷолиби таваҷҷуҳ аст:

Ҳар кӣ по каҷ мегузорад, хуни дил мо мехӯрем,
Шишаи номуси олам дар баҳал дорем мо!

Андешаҳои иҷтимоии муаллиф дар оғоз ва анҷоми асар моро бо печидагии замонаҳо ошно месозад. Кайфият ва афкори қаҳрамони ғиноӣ дар достон бо ҷозибаҳои ҳунарӣ мунъакис ёфтаанд. Маънии фалсафии «Гунҷишк арзанро хӯрад, Калтак расад бедонаро, Бори гуноҳи Нобакор, Афтад ба дӯши зиндаҳо», бори зиёди маънавиву рӯҳӣ дорад ва аз пайомади ғамангезу риққатовар қисса мекунад:

Ҳамсояи мо буд ӯ,
Дар боғи мо сабзида буд
Дар марзи болохоки кӯҳ,
Чун доғи мо сабзида буд.

Ҳамин тавр, дар достон меҳру муҳаббати инсоне, ки дар зиндагӣ ва ҳаводиси он танҳо мондааст, хеле ҷолиб тасвир шудааст. Аз ин лиҳоз, ин бардошт аз достон, ки «дар рӯзи мотам либоси сафед пӯшидани Зан–модар рамзе аз умедворӣ бар фардои рӯшан аст», ҷолиби таваҷҷуҳ аст. Манзури достоннавис чеҳраи манфур ва оқибатҳои нохуши ҷангро нишон додан, кулли одамонро ба сулҳу салоҳ ва бунёдгариву

созандагӣ даъват кардан, инсонро ба одаму одамгарӣ ва некиву некӯкорӣ ҳидоят намудан аст.

Вазни достон–рачази мураббаи солим (мустафъилун, мустафъилун) барои ифодаи матлаби шоир муносиб аст: «Ин вазни кӯтоҳ дар баёни ҳузну андӯҳи ровӣ ва персонажҳо судманд омадааст. Пешу қафо бурдани фосилаҳои замонӣ (давраи ҷанг ва сӣ сол пас аз он) ва саҳнагардониҳо бо табдили макон (Деҳбаланд, Смолевичи Белорус), тасвири тӯй бо сурудҳои занон, ки дар вазни дигари арӯзӣ ба достон ворид шудаанд, лаҳзаҳои мотам, шабдарав, саҳнаҳои набард ва ғайра достонро шебу фароз ва густурдагӣ бахшидаанд. Бо он ки ҷо-ҷо сактаҳое дар вазн ва маънӣ ба чашму зеҳн мерасанд, муҳим он аст, ки шоир зиндагии як гӯшаи дури диёри тоҷиконро дар иртибот бо ҷанги хуношому фоҷиабор, бо фарогирии хислатҳои аҳли деҳ ба силки тасвир кашидааст. Ин ҷо қобили тазаккур аст, ки ҳамин мавзӯъ ва ҳамин диду нуқтаи назару ҳадафҳо дар шакли мансур дар романи «Занони Сабзбаҳор» такмил ёфтаанд. Он ҷо низ тақдирҳои фоҷиавии занон, шахсияти наҷиби онон, сарнавишти шуми духтари гунг, ки зиндагиашро бо худкушӣ қатъ мекунад, баёни дарду алами занон тавассути сурудҳои маҳаллӣ, расму ойинҳои миллӣ дар заминаи сужети пуршохаву боз ҳам васеътар инъикос шудаанд».

«Мотами сафед» дар қолаби чаҳорпора таълиф шуда, он аз забон ва фолклори халқ низ саршор аст. Дигар аз вижагии достон дар таркиби он моҳирона ҷой ёфтани байту суруд ва таронаву лапарҳои халқӣ мебошад. Достон дар баробари сужети муайяни эпикӣ аз унсурҳои лирикаи пурэҳсос ва дилошӯб фароҳам омадааст.

Ба арзиши достони «Мотами сафед» мунаққидону адабиётшиносон баҳои сазовор дода, вобаста ба он дар матбуоти тоҷик баҳсу мунозираи зиёде сурат гирифтааст. Хидмати арзандаи Гулрухсор дар он аст, ки аввалин бор дар назми муосири тоҷик образи мукаммали зани тоҷикро офарид, қаҳрамоне, ки дар лаҳзаҳои душвори зиндагӣ барои ҳимояи шарафу номус ва виҷдони инсонии худ ва ҳамсару рафиқи зиндагиаш мардона мубориза бурда, ғолибият ба даст овард.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуманнонов А. Нуқтаи назар: Маҷмӯаи мақолаҳо / А. Абдуманнонов. – Душанбе: Адиб, 1990.
2. Абдусаттор А. Асрори шеъри марғуб. Мақолаҳо / А. Абдусаттор. – Душанбе: Адиб, 2004.
3. Сафиева Г. Оинаи рӯз / Г. Сафиева // Достон ва шеърҳо. – Душанбе: Ирфон, 1984.
4. Сафиева Г. Рӯҳи Бохтар / Г. Сафиева // Шеърҳо ва достонҳо. – Душанбе: Адиб, 1987.

ИЗОБРАЖЕНИЕ НАРОДНОГО ДУХА В ПОЭМЕ «БЕЛЫЙ ТРАУР» ГУЛРУХСОР

Пристальное внимание многих отечественных и зарубежных ученых к творческой личности и поэзии Гулрухсор обусловило признание идейно-эстетических ценностей ее произведений. Поэмы поэтессы в истории современной таджикской эпической литературы, несмотря на немногочисленность, занимают достойное место. С созданием поэмы «Мотами сафед» (Белый траур) начинается новая веха в её творчестве. Художественная ценность данной поэмы заключается в достоверном описании исторических событий, душевного и психологического состояния героев.

Ключевые слова: таджикская поэзия, поэзия Гулрухсор, поэма «Мотами сафед» (Белый траур), описание исторических событий, душевное и психологическое состояние героев.

THE IMAGE OF THE NATIONAL SPIRIT IN THE POEM "WHITE MOURNING" GULRUKHSOR

Close attention from many domestic and foreign scientists to the creative personality and poetry Gulrukhsor led to the recognition of the ideological and aesthetic values of her works. Poem of the poetess in the history of modern Tajik epic literature, although small, take its rightful place. With the creation of the poem "Matami Safed (White mourning) begins a new milestone in her career. The artistic value of the poem lies in accurate historical facts, spiritual and psychological state of the characters.

Key words: Tajik poetry, poetry Gulrukhsor, poem "Matami Safed (White mourning), the description of historical events, mental and psychological state of the characters.

Сведения об авторе: ***У. Абдурашидова*** **-** кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры МПЯ кафедры таджикской филологии ХГУ им. Б.Гафурова. Телефон:**927-78-25-08**

ЗИНДАГИНОМАИ АБӮБАКРИ ХОРАЗМӢ

Д. Каримова

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров

Дар ҷаҳони адабиёти араб яке аз маъруфтарин адиб, шоир ва донишманди маъруфи замони хеш Абӯбакр Муҳаммад ибни Аббоси Хоразмӣ мебошад, ки соли 323ҳ. Дар Хоразм таваллуд шудааст. Бо назардошти он, ки падараш аз Хоразм ва модараш аз Табаристон буд, худро гоҳ Хоразмӣ ва гоҳе Табарӣ муаррифӣ карда,

баъзеҳо ӯро бо пайвастани ду исм бо лафзи мураккаб “Табархазмӣ” ва “Табархазӣ” мехонданд.

Ибни Қайсаронӣ зикр мекунад, ки Хоразмии Табарӣ падараш аз Омули Табаристон, модараш Хоразмӣ буда ва насабаш аз ҷамъи ду шаҳр аст, чуноне ки ин ба нисбати нави ӯ, ки бо он маъруф буд ишора мекунад, ки он Ат-Табархазмӣ аст ва баъди он Самъонӣ зикр кардааст, ки дар ҳақиқат нисбати Абӯбакр Хоразмӣ аст ва изофа мекунад, ки ӯро гӯянд, ки Табарӣ аст, барои он ки хоҳарзодаи Муҳаммад ибни Ҷарир ибни Язиди Табарист. Барои он ки Табарӣ таго ва Хоразмӣ падар ва аз ин ду исм исмеро мегирад, ки аз нисбати Абӯбакр пештар сохта шудааст ва бо гузашти замон аз Хоразмӣ ба Хоразмии Табарӣ, ба Хоразмии Табарии Табархазмӣ, баъдан Табархазӣ, чуноне ки дар сарчашмаҳои таърихӣ омада, зикраш кардаанд. Вале, агар ба рисолаи худи адиб баргардем, дармеёбем, ки ӯ худро як маротиба Абӯбакр ва маротибаи дувум Муҳаммад ибни Аббоси Табарӣ ва дафъи сеюм Абӯбакри Хоразмии Табарӣ ва маротибаи чаҳорум Абӯбакри Хоразмӣ номидааст. Ва мо нисбати Табархазӣ ё Табархазмие, ки дигарон бо ин исм васфаш кардаанд наёфтаем [1, 16].

Абӯбакри Хоразмӣ санаи 323ҳ тавлид шудааст, чуноне, ки ба он Саъолабӣ ва Суютӣ шарҳ медиҳад [1, 18].

Саъолабӣ, ки шогирди Хоразмӣ буд навишта, ки зодгоҳи вай Хоразм буда аз хонадони сарватманд маҳсуб мешуд.

Аммо, дар бораи маҳалли тавлид ва маконаш ду қавле мавҷуд аст: қавле, ки Хоразмӣ дар бораи худ дар расоилаш нақл мекунад ва қавле, ки дар сарчашмаҳо омада чун ибни Қайсаронӣ падари ӯро аз Омули Табаристон ва модарашро Хоразмӣ гуфтааст, аммо Самъонӣ зикр мекунад, ки Табарӣ таго ва Хоразмӣ падараш аст. Ва масдари аввал аз рӯйи китоби Ятимаи Саъолабӣ ҳикоят мекунад, ки макони тавлидаш ва ба воя расидаи ӯ Хоразм, бо вуҷуди он ки аслаш аз Табаристон аст. Қозӣ Нуруллоҳи Тастарӣ аз аслаш ва нисбати тавлидаш зикр мекунад, ки аслан аз Омул аст ва аз Хоразмӣ байте ривоят мекунад.

Аммо, Хоразмӣ чун дар бораи ҷойи тавлиди хеш дар “Расоил”-аш овардааст, мегӯяд:

“...Дар бегоҳие, ки дар он оҳиста мерафтам ва хонаам, ки аз вай баромадам ... ва дар ҷойи зодгоҳ оилаам ҷамъ шуданд ва хатнасурам карданд, бо ин ба Хоразм пайвастам, ки шарафаш бисёру машҳур аст ва сураташ хотирнишину бузург ва камшумор ва ҳамаи ин мадҳи шаҳрам буд, бубинед ки аз аҳли он ҳастам”[1, 24].

Дар ин ҷода гуфтори Хоразмӣ дар “Расоил”-аш бо каломи Саъолабӣ комилан мувофиқат мекунад, ки ҷойи тавлид ва ба воя расидаи ӯ Хоразм буда, аслаш аз Табаристон мебошад.

Огоҳи мо аз зиндагонии вай маҳдуд ба гузориши муфассале аст, ки шогирди вай Саъолабӣ ба сурати маҷмӯае аз ахбор ва ашъори вай дар “Ятимат-уд-даҳр” фароҳам овардааст. Ҳарчанд Абӯбакри Хоразмӣ худ низ дар “Расоил”-аш ишорати маҳдуде ба зиндагонии хеш дорад. Ёқут низ дар “Муъҷам-ул-удабо” зимни нақли ахбор ва осори Соҳиб ибни Аббод ва Бадеъуззамони Ҳамадонӣ бархе иттилооти тоза дар бораи ӯ арза мекунад. Дар дигар манобеи куҳан чун осори ибни Халлкон, Сафдӣ, ибни Шокир ва Заҳабӣ ва низ дар баррасиҳои нисбатан муфассали муосирон ҳамчун Шавқии Зайф, Ҳусейн Тоҳо ва Закии Муборак сухани тозае наёмадааст ва иттилооте, ки инон арза кардаанд, аз худи “Ятимат-уд-даҳр” дар намегузарад. Абӯбакр ба гуфтаи худ дар Хоразм, дар хонаводае, ки аз аъён ва ашроф мутаваллид шудааст [2, 225]. Вай зоҳиран аз навҷавонӣ ба донишандӯзӣ ва ба хусуси ҳифзи ашъори куҳан пардохт.

Ӯ, ки ҳофизаи қавиву нерӯманд дошт аз пайи касби илм ва мол роҳи Ироқ ва Шом шуд. Дар Бағдод аз Маҳзари Абӯалӣ Исмоил ибни Муҳаммад Саффор ва ибни Комили Санҷарӣ (ровии таърихи Табарӣ) баҳра бурд ва дар Ҳалаб ва ба дарбори Сайфуддавла Ҳамадонӣ пайваст ва бо удабо ва уламои дарбор, аз ҷумла наҳвиёни бузурге чун Ибни Холавия, Абӯтайиб Лағвӣ ва Ибни Ҷиннӣ муҷолисат ёфт. Дар

ҳамон ҷо буд, ки бо Мутанаббӣ дидор кард ва ончунон шефтаи ӯ гардид, ки чанд сол баъд, яке аз кушотарин шеъри Мутанаббӣ дар Хуросон гардид [8, 636].

Абӯбакр саранҷом бо тӯшаи гаронқадр аз адаб ва таърих, ансоб ва ахбори араб ва луғат ба шарқ бозгашт ва дар Бухоро ба мулозимати Абӯалии Балъамӣ вазири Сомониён даромад. Аммо, дӯстии миёни ду адиб чандон наёмад ва Абӯбакр дар абёте сахт газанда ва ришхандомез ӯро ҳаҷв кард [2, 205] ва ба Нишопур, ки дар он замон амир Абунаср Аҳмад ибни Алии Мийколӣ бар он ҳукумат дошт, рафт ва ба мадҳи ӯ пардохт ва силаҳои калон ситонд. Ва мавриди икром ва эҳтироми уламои Нишопур қарор гирифт ва дар сулки мусоҳибати Абул Ҳасан Қазвинӣ, Абӯмансур Бағвӣ, Абулҳасан Ҳакамӣ ва Касир ибни Аҳмад даромад. Иқомати вай дар Нишопур низ дере напойид ва дарбори Абунасрро тарк гуфт. Пас аз он ба Сиистон рафт. Ибтидо волии он сарзамин Абулҳасан Тоҳир ибни Муҳаммадро мадҳ гуфт. Аммо, чун силаи дилхоҳро дарёфт накард ба ҳиҷои ӯ даст зад. Амир низ ӯро ба ҷурми носипосӣ ба зиндон афканд. Абӯбакр дар зиндон қасидаҳое дар мадҳи Абӯнасри Мийколӣ пардохт ва зимни он аз сохтӣ ва шиканҷаи зиндон шикоят сар дод ва худро ба ҷиҳати тарки мулозимати амир ва рафтан ба Сиистон сарзаниш кард ва аз вай хост шафоат кунад, ӯро раҳоӣ бахшад [2, 208]. Пас аз раҳоӣ аз зиндон ба Табаристон рафт. Аммо, зоҳиран дар он ҷо низ ба рӯйи хуш мақбуле нашуд. Аз ин рӯ, пас аз ҳаҷви ҳокими Табаристон ба Нишопур бозгашт ва дар интизори фурсати муносиб барои рафтан ба Исфаҳон, дар он ҷо иқомат гузид.

Дар бораи нахустин дидори Хоразмӣ ва Соҳиб ибни Аббод ҳикоятҳои зиёде нақл шудааст [6, 30].

Вақте, ки Хоразмӣ қасди зиёрати Соҳиб ибни Аббодро кард ва чун ба дарбори ӯ рафт ба яке аз пардадорон гуфт: Соҳибро хабар кун, ки адибе ӯро расидааст. Пардадор дарун рафт ва Соҳибро огоҳонид. Соҳиб гуфт: ба ӯ бигӯ ман ба худ аҳд бастаам, ки адиберо ба худ роҳ надиҳам ба ҷуз он ки бист ҳазор байт аз шоирони араб ба хотир дошта бошад. Пардадор берун омад ва Абӯбакрро ин сухан гуфт. Абӯбакр гуфт бирав ба мавлои худ бигӯ, оё туро назари ин миқдор шеъри риҷол аст ё шеъри нисо. Пас, Ҳоҷиб ба назди Соҳиб рафт ончи шунида буд гуфт. Соҳиб ба фаросат дарёфт, ки бар дари ӯ Абӯбакри Хоразмӣ аст, ӯро изни дуҳул дод ва аз омаданаш анбисот ва сурур кард [6, 30].

Пас аз чанде Соҳиб ӯро бо тавсияномае ба дарбори Аздуддавлаи Дайламӣ [366 ҳ. 372 қ.] равони Шероз кард, дар онҷо Абӯбакр ба мадҳи амир пардохт ва аз силаҳои вай бархурдор шуд ва бо сарвате калон ба Нишопур баргашт. Хоразмӣ ин бор дар Нишопур ба кори баҳсу тадрис ва ривояти шеъру адаб машғул шуд ва донишпажӯҳон аз ҳар сӯ ба маҳзари вай шитофтанд. Саъолабӣ меафзояд, ки зиндагии Абӯбакр дар ин давра миёни маҷолиси дарсу маҳофил унс мегузаштааст. Гӯё Абӯбакр то ин иқомати маҷдуд дар Нишопур сафари дигаре низ ба Шероз дошта, ки ба ҳангоми муроҷиат подоши мустамар барои вай муқаррар шуд, ки ҳамасола ба Нишопур ирсол мешудааст. Бо ин ҳама Нишопур, ки дар он замон бештар таҳти нуфузи амирони Сомонӣ буд, барои Абӯбакр, ки нисбат ба Дайламиён таассуб меварзид ва кинаи Сомониёнро дар дил дошт ва гоҳ ҳаҷвашон низ мепардохт, иқоматгоҳи муносибе набуд, бахусус, ки рафтори худи ӯ низ дар таҳрики Сомониён муассир будааст. Зеро, ҳамин, ки Тош Ҳоҷиб дар Хуросон дучори шикаст шуд, ӯ забон ба сарзаниши амир ва Утбӣ вазири Сомониён кушод. Бархе дасисачиён низ ҳузури адиби донишманд ва шоири бонуфузро дар Нишопур хуш намедоштанд. Абёте, ки дар ҳаҷви Утбӣ гуфта шудааст ба вай нисбат додаанд, ки худи ӯ сурудани онҳоро такзиб кардааст[5, 173]. Ба вазир низ, ки метарсид фурсати мувофиқ буд, то ба мусодираи амволи шоир ва қатъи забони вай фармон дод. Коргузорони Утбӣ Абӯбакри Хоразмиро дастгир карданд ва ба қасди мусодираи амвол ба хонааш рафтанд, аммо шоир аз ғафлати муҳофизон истифода кард ва ба Ҷурҷон назди Соҳиб ибни Аббод гурехт ва бори дигар дар дастгоҳи вай ба мадеҳасароӣ пардохт. Дар ҳамин аҳвол Утбӣ даргузашт [371қ] ва Абулҳусейн Музанӣ, ки аз шефтагони Абӯбакри Хоразмӣ буд, бар маснади вазорат нишаст ва ӯро ба Нишопур фаро хонд ва бифармуд амволи мусодирашудаашро низ бозгардонанд. Абӯбакр дар Нишопур ба баҳсу дарс пардохт, аммо боз тӯле накашид, ки хусуматҳои ҷамъе аз уламо ва

фуқаҳои Нишопур қарор гирифт ва сипас бо вуруди Бадеъуззамони Ҳамадонӣ [4, 176] мухолифони вай ба таҳриқи адиби ҷавон пардохтанд ва саранҷом дар маҷолисе, ки дар манзили Абӯалии Зубора, аз бузургони Нишопур, тартиб дода шуда буд, Абӯбакри Хоразмиро дар муқобили Бадеъуззамон, ки танҳо “Мақолаи Искандарӣ”-аш мавриди ситоиши Абӯбакр буд, қарор доданд. Дар ин мунозира Бадеъуззамон тавонист бар Абӯбакри Хоразмӣ фойиқ ояд [4, 178]. Ин шикасти ғайримунтазира, ки овозаи он ба суръат дар ҳама ҷо печид, чунон дар Абӯбакр ногувор омад.

Хоразмӣ нависандаи бузурги асри Олӣ Буя, соли 383қ. дар Нишопур вафот кардааст.

Абӯбакр бетардид яке аз маъруфтарин чеҳраҳои адаби арабӣ ба шумор меравад. Ҳофизаи шигифтангез ва тушаи азиме, ки аз шеър ва адаби куҳан фароҳам оварда буд [3, 11], аз вай ҳам ровии забардаст ва ҳам ноқиди чирадаст ва донишманде муттабаҳр дар улуми луғат ва адаб сохт. Фазоил ва донишҳои Абӯбакри Хоразмӣ чандон мутааддид ва густурда аст, ки муъҷиб шудааст Ҷурҷии Зайдон бо навъе иғроқ ӯро бо ибни Қутайба қиёс кардааст. Ин ҳама эътиборро, албатта, барои ӯ қоил буданд ва камтар китобе дар адаб ёфт мешуд, ки ба осори ӯ истишҳод накарда бошад. Илова бар ин, анбӯҳе аз калимоти ҳакимонаи вай ба сурати масал бар забонҳо ҷорӣ мебошад.

Ончи аз ашъори Абӯбакри Хоразмӣ боқӣ монда, ғолибан устувор ва равон аст ва қолаби умумии онҳо ҳамон сохтори маъруфи қасидаи арабӣ дар садаҳои IV ва Vқ. аст. Дар мазомини ӯ сухан такрор ва таҡлид аз вижагиҳои ӯст. Ҳамин амр муъҷиб шудааст, ки ӯ анбӯҳе аз абёт ё мисраъҳои маъруфи арабро дар қасоиди худ тазмин кунад. Аз он ҷо, ки ин шева дар осори ӯ фаровон буд ва аз ӯ низ ба некӣ аз уҳдаи ин кор баромадааст. Абӯбакри Хоразмӣ асосан бо ёрии саноеи адабӣ ва маҳфузоти бисёр бар устувории ашъори хеш афзудааст ва ба ҳамин ҷиҳат, шеъри ӯ бештар ба зарофатгӯйиҳои мутасаннеъ ва нуқтапардозиҳои пуртакаллуф аст, то ба алфоз ва таъбири куҳан ва биёбонӣ. Бо ин ҳама гоҳ дар мероси ӯ эҳсос мешуд, ки шоир хостааст ҳол ва ҳавои пурвиқор ва пурфаҳомат қасоиди бузурги куҳанро таҷдид кунад.

Ҳамон ширинии шеъри Абӯбакр дар нуқтаҳои кӯтоҳи ӯст [3, 24], ки Саъолибӣ бахше аз онҳоро як ҷо гирд овардааст. Ин қитъаот, ки худ намудори шеъри марди шаҳзинишин ва фарҳетар аст. Агарчи анҷуманде ва садоқати шеъри воқеъиро надорад, боз нишон медиҳад, ки Абӯбакр дар саноъати адабӣ дасти тамом дошта ва анбӯҳи шеър ва масал ҳифз карда будааст. Қудрати ӯ дар ёфтан ва ба кор бурдани ташбеҳоти зариф муъҷиб шудааст, ки бисёре аз навесандагон ба абёт ва қитъаоти ӯ истишҳод кунад [9, 408].

Медонем, ки шоир ба сабаби зудранҷӣ ва ҳассосият, оқибат ҳамаи мамдуҳони худ, ҳатто Балъамӣ ва Соҳиб ибни Аббодро ба боди ҳиҷо гирифт. Он бепардагӣ ва ҳарзасаройӣ иллати муъҷиб шуд, ки вай аз истеъмоли алфози дурушт дар ҳаққи ин бузургон низ худдорӣ накунад, аммо ҳамаи шуҳрати Абӯбакр на ба «Расоил»-и ӯст. Вай агарчи дар муқобили насри дигар бузургон шеваи хешро тарсил мехонд ва мадҳе аст,ки ба ихтисор мегароид. Аммо, дарвоқеъ насраш мутакаллиф асту такрор ва иттиноб аз хусусияти он аст. Бархе кӯшидаанд, ки иттиноб ва такрорро тавҷеҳ карда, иллати онро ҷанбаи таълимотии он “Расоил” бидонанд. Бо ин ҳама саҷъи кӯтоҳ ва оҳангии каломашро ба назми мавзун шабеҳтар месозад. «Расоил»-и ӯ ба суръат «Ихвониёт» дар ҳамон мавзӯоти маъруфи шеър, яъне мадҳ, ҳиҷо, расо, тасаллиёт, таҳнийат ва шукру гил ва ғолибан хитоб ба амир, вазир, қозӣ, шогирд, фақеҳ нигориш ёфтааст, ки дар маҷмӯъ аз боризтарин намунаҳои насри адаби садаи IV қ. маҳсуб мешуд [7, 42]. Истифода аз саноеъи бадеӣ чун ҷинос, истиора ва ба коргирии ташбеҳоти дилнишин ва тазмини оёти Қуръонӣ ва низ ашъори қудамо чандон васеъ аст, ки ӯ худ мактуботашро таркибе аз осори гузаштагон меномид. Вай пайваста алфози фасеҳ ва устувори арабиро ҳатто дар фукоҳа ба кор бурдааст ва гӯёи мекӯшида аз вожагони ғариб ва номанавис парҳез кунад. Осори Абӯбакри Хоразмӣ илова бар эътибори адабӣ аз он ҷо, ки вай сафарҳои бисёр карда ва дар боргоҳи бисёре аз шоҳон, амирон ва вазирони хурду калони Эрон зиста, метавонад аз ҷанбаъҳои таърихӣ ва иҷтимоӣ низ судманд бошад. Васфи зулми золим ва ситамҳое, ки бар мардум шуда ва низ зикри одобу русум ва ахлоқиёти мардуми замон, ишора ба ҷашнҳои бостонии Эрон чун Меҳргон ва Наврӯз ва амсоли он мебошад.

Вай дар ҳифзи ашъор ва айём ва ахбори араб ва дар луғат ва наҳв ва шеър ва адаби арабӣ донишманди асри худ будааст. «Расоил»-и Хоразмӣ ба доштани муҳассаноти бадеъ мумтоз аст ва дар ҳамон ҳол салосат ва равонии хос аз он машҳуд мебошад ва аз ин ҷиҳат байни услуби ӯ ва услуби нависандагони арабӣ дар қарни савум шабоҳат ва қаробате вуҷуд дорад ва ин маънӣ аз маҷмӯаи «Расоил»-и Хоразмӣ ба хубӣ шаҳодат медиҳад.

Аз Хоразмӣ «Расоил» ва девони ашъор мондааст. «Расоил» маҷмӯаи мактубҳои ба ашхоси гуногун навиштаи Хоразмӣ мебошанд. Онҳо барои омӯхтани таърих ва хусусиятҳои насри бадеии асри Хм. аҳамияти калон доранд. «Расоил» дар Истанбул ва Бомбай ба табъ расидаанд. Ба қалами А. Хоразмӣ қасоид, ғазалиёт, марсияҳо, ҳаҷвияҳо ва ғайра тааллуқ доранд. Дар ашъори ҳаҷвии ӯ аҳли давлат, халифаҳои Аббосӣ, коҳилону муфтхӯрон мазаммат шудаанд. Хоразмӣ дар ашъораш мардумро ба устуворӣ ва дурӣ ҷустан аз дӯстони риёиву рафторҳои ношоиста даъват менамояд.

Ҳамчунин, Хоразмӣ бо бархе аз шуаро ва удабои Хоразм дар тамос буда ва шуморе аз ашъори ононро бозгӯ кардааст.

Аммо, дар муҳити Ироқ, ӯ назди баъзе аз уламои он диёр ба фарогирии илм пардохт ва дар он ҳол бо шуморае аз шуаро ва удабои муҳити фарҳангии Эрон иртибот дошт.

Ба назар мерасад, ки Хоразмӣ дар ду муҳити фарҳангии Ироқ ва Шом монанди мутааллиме буд, ки саъй дар рушди шахсияти илмӣ ва адабии худ дошт. Муҳити Эрон, Хуросон ва Мовароуннаҳр барои ироаи осори мансур ва манзум мусоид буд ва вай бештарин осори худро дар ин диёр арза кардааст.

Бо таҳқиқ ба ин воқеият мерасем, ки ду ангеза Хоразмиро ба сайр ва саёҳат дар билод водоштааст. Нахуст рушд ва такомули шахсияти илмӣ-адабӣ аз тариқи таълим ва ёдгирӣ, дувум дастёбӣ ба сила ва ҳадоё, ки вазъи иқтисодии нобасомон ӯро беҳбуд бахшид.

Хоразми бо эътиқод ба лузуми ҳифзи ашъори араб, вуҷуди қувваи ибдоъ ва ибтикорро дар шоир зарурӣ медонад.

Ва дар ин фасл ошкор мешавад, ки Хоразмӣ девоне дошта, ки ба тадриҷ аз байн рафтааст ва ончи дар ҳоли ҳозир дар дасти мост чизе ҷуз гузидае аз шеъри ӯ нест, ки он ҳам мутаносиб бо аҳдофи гирдоварандагони он ва мавзӯоти мавриди назари онон аст.

Дар маҷмӯъ метавон Хоразмиро бар асоси меъёрҳо ва мавозеи маконӣ ва замонии он рӯзгор шоире барҷаста пиндошт. Ӯ нависандаи дурахшоне аст, ки саъй дошт шуҳрати адабии худро бо сурудани шеър ба камол расонад. Ва метавон гуфт, ки ӯ аз бисёре аз нависандагони муосираш, ки шеър низ месуруданд дар заминаи шеър пуристеъдодтар буд.

Ва лиҳози шакли шеър гарчи ба қасоиди комиле аз ӯ даст наёфтаем, вале метавон гуфт, ки ӯ гоҳ дар як қасида чандин мақсад ва ғаразро ҷамъ кардааст. Зеро, дар қасоиди ӯ ҷамъи байни мадҳ ва ҳиҷо, мадҳ ва васф, мадҳ ва расо, ғазал ва васф ба чашм мерасад. Ӯ бештарин алфозеро, ки ба кор бурдааст осон ва бетакаллуф аст. Дар айни ҳол аз алфози рақиқ, истилоҳоти илмӣ ва фаннӣ ва виҷагони ғайри араб ва муарраб низ истифода кардааст.

Ҳамин тавр, зиндагиномаи пурбаракоти ин донишманди номвар аз он дарак медиҳад, ки дар давоми умри пурбаракоти хеш ба таълифи осори гаронмояе дар заминаи расоил ва дигар анвои адабӣ муваффақ гардида, баробари ин ҳамчун шахсияти сиёсӣ ва ходими давлатӣ дар рушди давлатдории замони хеш хадамоти шоёне аз худ ба ёдгор гузоштааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Абӯбакри Хоразмӣ. Девон / Абӯбакри Хоразмӣ. - Теҳрон: Чопи Ҳомид Сидқӣ, 1378. – Ҷ.1. - С.16-18.
2. Абдумалик Саъолабӣ. Ятимат-уд-даҳр / Абдумалик Саъолабӣ. - Бейрут: Чопи Муфид Муҳаммад Қамиҳа, 1403(1983). - Ҷ.4. - С.225.
3. Абӯбакри Хоразмӣ. Расоил / Хоразмӣ Абубакр. - Бейрут: Чопи Насиб Ваҳиба Хозинӣ, 1970. - Ҷ.1 - С.11-19.
4. Бадеъуззамони Ҳамадонӣ. “Расоил”. Кашф-ул-маъонӣ вал баён ан Расоил Бадеъуззамон / Бадеъуззамони Ҳамадонӣ. - Бейрут: Котуликия. - С.186-187.

5. Ёқути Ҳамавӣ. Муъҷамул Удабот / Ёқути Ҳамавӣ. - Бейрут, 1102. - Ҷ.2. - С.173-183.
6. Карл Броклмэн. Таъриҳи адабиёти араб / Карл Броклмэн. - Ҷ.2. - С.3.
7. Ибни Анборӣ. Начҳат-ул- албаи / Ибни Анборӣ, Абдурраҳмон ибни Муҳаммад; ба кӯшиши Иброҳими Сомирӣ. - Бағдод: Иброҳим Сомирои, 1959 м.
8.Роғиби Исфаҳонӣ. Муҳозирот-ул-удабо ва муҳоварот-уш-шуаро вал булаго / Роғиби Исфаҳонӣ. - Бейрут: Чопи Риёз Абулҳамид Мурод. – Ҷ.1. - 1427.
9. Сайид Самъонӣ. Ал- ансоб / Сайид Самъонӣ. - Ҳайдаробод: Дорул маориф, 1967. - Ҷ.2.
10. Абулҳасан Алии Байҳақӣ. Таъриҳи Байҳақӣ / Абулҳасан Алии Байҳақӣ. - Ҳайдаробод: Ҳинд, 1968. - Ҷ.1. - С.56-284.

ЖИЗНЕОПИСАНИЕ АБУБАКРА ХОРЕЗМИ

В статье анализируется жизнь и творчество устода Абубакра Мухаммеда ибн Аббаса Хорезми в разные времена его жизни. Он родился 323году хиджры в Хорезме. Имеет произведения как Расаил, Диван и Ал-амсал.

Ключевые слова: стихотворение, жизнь, поэма, обращение, поэтическое письмо, творчество.

BIOGRAPHY OF ABUBAKR KHOREZMI

This article analyzes the Life and Creative work ustoda Abubakr Muxammed ibn Abbasa Khorazmi in its different seasons of life. He wos born in 323h in Khorezm. He has many books- Rasail, Divan and al-Amsal.

Key words: poem, life, poetry, appeal, poetry writing, creative work.

Сведения об авторе: ***Д. Каримова*** – аспирантка кафедры зарубежной литературы Худжандского государственного универстета им. Б. Гафурова. Телефон: **918-97-01-72**

ЛЕВ ТОЛСТОЙ О ПОНЯТИИ ВЕРЫ И СМЫСЛЕ ЖИЗНИ

Г.Р. Рустамова
Институт энергетики Таджикистана

Не зная Толстого, нельзя считать себя знающим свою страну, нельзя считать себя культурным человеком.
М. Горький.

Ни одному из выдающихся русских писателей судьба не подарила такой долгой жизни, какую прожил Лев Николаевич Толстой. Он родился через три года после восстания декабристов, когда в России все еще царило крепостничество, а умер за семь лет до революции 1917 года. За шестьдесят лет неустанного труда Толстой создал огромное литературное наследие: романы, десятки повестей, сотни рассказов, пьес, трактат об искусстве, множество публицистических и литературно-критических статей, написал тысячи писем, тома дневников. Целая эпоха русской жизни отразилась на страницах книг Толстого. Творчество Льва Николаевича знаменует собой новый этап в развитии художественной мысли. Во времена Толстого в мире происходили глобальные изменения в жизни общества, в науке, в искусстве. Соответственно, процессы, происходившие в тех или иных сферах жизни человечества, и их воздействие на окружающий мир требовали в свою очередь осмысления. Многие научные деятели и философы того периода (19 век-середина 20 века) запечатлели мысли и рассуждения в своих работах, ставших общемировым достоянием. Произведения Толстого можно подразделить на четыре цикла: исповедальный–"Исповедь" (1879–1881), "В чем моя вера?"(1884); теоретический–"Что такое религия и в чем сущность ее?" (1884), "Царство Божие внутри вас" (1890–1893), "Закон насилия и закон любви" (1908); публицистический –"Не убий" (1900), "Не могу молчать" (1908); художественный–"Смерть Ивана Ильича" (1886), "Крейцерова соната" (1887–1879), "Воскресение" (1889–1899), "Отец Сергий" (1898).

Сознательная жизнь Толстого–если считать, что она началась с 18 лет–подразделяется на две равные половины по 32 года, из которых вторая отличается от первой как день от ночи. Речь идет об изменении, которое является одновременно духовным просветлением–о радикальной смене нравственных основ жизни. В сочинении "В чем моя вера?" Толстой пишет: "То, что прежде казалось мне хорошо, показалось дурно, и то, что прежде казалось дурно, показалось хорошо. Со мной случилось то, что случается с человеком, который вышел за делом и вдруг дорогой решил, что дело это ему совсем не нужно,–и повернул домой. И все, что было справа,–стало слева, и все, что было слева,–стало справа"[9, 5]. Первая половина жизни Льва Толстого, по всем общепринятым критериям, сложилась очень удачно, счастливо: граф по рождению, получил хорошее воспитание и богатое наследство. В жизнь он вступил как типичный представитель

высшей знати. В 1851–1854 годах служил на Кавказе, в 1854–1855 годах участвовал в обороне Севастополя. Однако его основным занятием стала писательская деятельность. Хотя повести, и рассказы приносили славу Толстому, а большие гонорары укрепляли состояние, тем не менее, его писательская вера стала подрываться. Он увидел, что писатели играют не свою собственную роль: они учат, не зная, чему учить, и непрерывно спорят между собой о том, чья, правда, выше, в труде своем они движимы корыстными мотивами в большей мере, чем обычные люди, не претендующие на роль наставников общества. Не отказавшись от писательства, он оставил писательскую среду и после полугодового заграничного путешествия (1857) занялся педагогической деятельностью среди крестьян (1858–1863). В течение года (1861–1862) служил мировым посредником в спорах между крестьянами и помещиками. Ничто не приносило Толстому полного удовлетворения. Разочарования, которые сопровождали каждую его деятельность, стали источником нарастающего внутреннего смятения, от которого ничто не могло спасти. Нараставший духовный кризис привел к резкому и необратимому перевороту в мировоззренческих взглядах Толстого. Этот переворот явился началом второй половины жизни. Он пришел к выводу, что он, как и большинство людей, жил жизнью, лишенной смысла–жил для себя. Все, что он ценил–удовольствия, славу, богатство,–подвержено тлену и забвению. "Я,–пишет Толстой,–как будто жил-жил, шел-шел и пришел к пропасти и ясно увидал, что впереди ничего нет, кроме погибели”[8, 72]. Ложными являются не те или иные шаги в жизни, а само ее направление, та вера, точнее безверие, которое лежит в ее основании. Ответ на этот вопрос Толстой нашел в учении Христа. Оно учит, что человек должен служить тому, кто послал его в этот мир–Богу и в своих простых заповедях показывает, как это делать. Толстой пробудился к новой жизни. Сердцем, умом и волей он принял программу Христа и посвятил свои силы целиком тому, чтобы следовать ей, обосновывать и проповедовать ее. Духовное обновление личности является одной из центральных тем последнего романа Толстого "Воскресение” (1899), написанного им в период, когда он вполне стал христианином и непротивленцем. Главный герой, князь Нехлюдов, оказывается присяжным по делу девушки, обвиняемой в убийстве, в которой он узнает Катюшу Маслову–соблазненную им некогда и брошенную горничную своих тетушек. Этот факт перевернул жизнь Нехлюдова. Он увидел свою личную вину в падении Катюши Масловой и вину своего класса в падении миллионов таких Катюш. Бог, живший в нем, проснулся в его сознании, и Нехлюдов обрел ту точку обзора, которая позволила по-новому взглянуть на жизнь свою и окружающих и выявить ее полную внутреннюю фальшь. Потрясённый Нехлюдов порвал со своей средой и поехал вслед за Масловой на каторгу. Также внешним толчком к духовному преображению Толстого мог послужить 50-летний рубеж жизни. Так как 50-летие–особый возраст в жизни каждого человека и Толстому оно напоминало о том же самом. Проблема смерти волновала Толстого и раньше. Толстого смерть, в особенности смерть в форме законных убийств, всегда ставила в тупик. В 1866 году он безуспешно защищал в суде солдата, ударившего командира и обреченного на смертный приговор. Особенно сильно подействовали на Толстого смертная казнь гильотиной, которую он наблюдал в Париже в 1857 году, а позже–смерть любимого старшего брата Николая в 37-летнем возрасте в 1860 году. Толстой давно стал задумываться над общим смыслом жизни, соотношении жизни и смерти. Однако раньше это была боковая тема, теперь она стала основной, теперь уже смерть воспринималась как скорый и неизбежный конец. Встав перед необходимостью выяснить личное отношение к смерти, Толстой обнаружил, что его жизнь, его ценности не выдерживают проверки смертью. "Я не мог придать никакого разумного смысла ни одному поступку, ни всей моей жизни. Меня только удивляло то, как мог я не понимать этого в самом начале. Все это так давно всем известно. Не нынче завтра придут болезни, смерть (и приходили уже) на любимых людей, на меня, и ничего не останется, кроме смрада и червей. Дела мои, какие бы они ни были, все забудутся–раньше, позднее, да и меня не будет. Так из чего же хлопотать?”[9, 49]. Эти слова Толстого из "Исповеди” раскрывают и природу, и непосредственный источник его духовного недуга, который можно было бы обозначить как панику перед смертью. Он ясно понял, что только такая жизнь может считаться осмысленной, которая способна утверждать себя перед лицом неизбежной смерти, выдержать проверку вопросом: "Из чего же хлопотать, ради чего вообще жить, если все будет поглощено смертью?”[4, 85]. Толстой поставил перед собой цель–найти то, что не подвластно смерти. По мнению Толстого, человек находится в разногласии, разладе с самим собой. В нем как бы живут два человека–внутренний и внешний, из которых первый недоволен тем, что делает второй, а второй не делает того, чего хочет первый.

Понятие веры в толстовском понимании совершенно не связано с непостижимыми тайнами, неправдоподобно чудесными превращениями и иными предрассудками. Более

того, оно вовсе не означает, будто человеческое познание имеет какой-либо иной инструментарий, помимо разума, основанного на опыте и подчиненного строгим законам логики. Характеризуя особенность знания веры, Толстой пишет: "Я не буду искать объяснения всего. Я знаю, что объяснение всего должно скрываться, как начало всего, в бесконечности. Но я хочу понять так, чтобы быть приведенным к неизбежно-необъяснимому, я хочу, чтобы все то, что необъяснимо, было таково не потому, что требования моего ума неправильны (они правильны, и вне их я ничего понять не могу), но потому, что я вижу пределы своего ума. Я хочу понять так, чтобы всякое необъяснимое положение представлялось мне как необходимость разума же, а не как обязательство поверить"[1, 74]. Толстой не признавал бездоказательного знания. Он не принимал ничего на веру, кроме самой веры. Вера как сила жизни выходит за пределы компетенции разума. В этом смысле понятие веры есть проявление честности разума, который не хочет брать на себя больше того, что может. Из такого понимания веры вытекает, что за вопросом о смысле жизни скрыты сомнение и смятение. Смысл жизни становится вопросом тогда, когда жизнь лишается смысла. "Я понял,–пишет Толстой,–что для того, чтобы понять смысл жизни, надо, прежде всего, чтобы жизнь была не бессмысленна и зла, а потом уже–разум для того, чтобы понять ее"[8, 25]. Растерянное вопрошание о том, ради чего жить,–верный признак того, что жизнь является неправильной. Из произведений, написанных Толстым, вытекает один-единственный вывод: смысл жизни не может заключаться в том, что умирает вместе со смертью человека. Это значит: он не может заключаться в жизни для себя, как и в жизни для других людей, ибо и они, умирают, как и в жизни для человечества, ибо и оно не вечно. Жизнь для себя не может иметь никакого смысла... Чтобы жить разумно, надо жить так, чтобы смерть не могла разрушить жизни.

Л.Н. Толстой в послесловии к "Крейцеровой сонате" говорит о двух способах ориентации в пути: в одном случае ориентирами правильного направления могут быть конкретные предметы, которые последовательно должны встретиться на пути, во втором случае верность пути контролируется компасом. Точно так же существуют два разных способа нравственного руководства: первый состоит в том, что дается точное описание поступков, которые человек должен делать или которых он должен избегать, второй способ заключается в том, что руководством для человека является недостижимое совершенство идеала. Подобно тому, как по компасу можно определить только степень отклонения от пути, точно так же идеал может стать лишь точкой отсчета человеческого несовершенства. Понятия Бога, свободы, добра, раскрывающие бесконечный смысл нашей конечной жизни, и есть тот самый идеал, практическое назначение которого–быть укором человеку, указывать ему на то, чем он не является.

К Толстому, как к художнику, мыслителю, педагогу, общественному деятелю, тянутся прогрессивные люди России и многих стран мира. Ясная Поляна и московский дом Толстого становятся центрами, куда бесконечным потоком идут люди разных социальных слоев, разных возрастов, разных профессий. В беседе с великим человеком они надеются разрешить мучающие их вопросы: Как надо жить? Как избавиться от тяжких сомнений? Где искать правду? Чем помочь страдающему человеку?

Кто только не побывал в доме Толстого! Среди его посетителей наряду с множеством его безвестных гостей мы встретим имена Тургенева, Чехова, Короленко, Горького, Стасова, Репина, Шаляпина и многих, многих других. Крупнейшие художники Запада—Флобер, Золя, Мопассан, Голсуорси, Шоу относились к Толстому с любовью и восхищением. Американский писатель Теодор Драйзер говорил, что именно произведения Толстого помогли ему найти свое призвание: «Как чудесно было бы стать писателем. Если бы можно было писать, как Толстой, и заставить весь мир прислушаться!» Это сказано очень точно: мир ждал каждого нового слова гениального русского писателя, как слова правды, отвечающего на самые важные вопросы современности. «Нам было слишком мало восхищаться творчеством Толстого,—говорил великий писатель Франции Ромен Роллан,—мы жили им, оно было наше. Наше, своей жгучей жизненностью, своей юностью сердца» росла известность писателя и среди новых, все более широких читательских кругов-среди трудового народа. «Мы, люди тяжелого труда и тяжелой доли, сыновья одной с Вами несчастной родной матери, шлем Вам привет, чтя в лице Вашем национального гения, великого художника, славного и неутомимого искателя истины»,—писали Толстому в день его восьмидесятилетия петербургские рабочие. К концу жизни все мучительнее становился для писателя разлад в его душе: порвав со взглядами привилегированных классов, он продолжал жить в обстановке барского дома, помещичьей усадьбы, семья его владела землей. Сам Толстой отказался от прав на имение, отказался и от собственности на свои произведения. Но сознание даже относительного благополучия среди беспросветной народной нищеты было для него нестерпимым. Придя из соседней деревни, где снова, в тысячный раз, видел он человеческое горе—до изнеможения

работающего восьмидесятилетнего старика, крестьянку, у которой замерз муж, умирает от голода ребенок, Толстой пишет: «Кричу от боли»—и просит смерти. «Запутался, завяз, ненавижу себя и свою жизнь». Не раз еще в 80-е годы Толстой порывался уйти из дому, но жалел жену и детей. 28 октября 1910 года восьмидесятидвухлетний писатель все-таки нашел в себе силы покинуть Ясную Поляну. Он надеялся пожить в естественной трудовой обстановке, обрести духовную опору и, может быть, перед концом глубже понять себя и мир. В прощальном письме Толстой обращался к жене: «Пойми и поверь, что я не мог поступить иначе. Благодарю тебя за твою честную 48-летнюю жизнь со мной и прошу простить меня во всем, чем я был виноват перед тобой». В дороге Толстой заболел воспалением легких. Пришлось остановиться на станции Астапово Рязанской железной дороги (ныне-станция «Лев Толстой»). В течение недели это глухое местечко было поистине центром духовных интересов мира. Там, в доме начальника станции, умирал Толстой. Миллионы людей свои помыслы и надежды сосредоточили на том, чтобы продлилась его жизнь. А царское правительство в это время срочно перебрасывало в Астапово жандармов и войска. Среди бюллетеней о состоянии здоровья Толстого, тревожных запросов со всех концов Земли железнодорожный телеграф передавал и такие распоряжения: «Прибыть в Астапово с оружием и патронами». 7 ноября 1910 года Толстой умер. Многотысячная толпа провожала гроб писателя в Ясную Поляну. По давно высказанному желанию Толстого, он похоронен там, где когда-то прятала свою великую тайну «зеленая палочка»—на краю оврага в яснополянском лесу Старый Заказ. «Идеал муравейных братьев, льнущих любовно друг к другу,—писал Толстой, вспоминая в конце жизни свое детство,—остался для меня тот же. И как я тогда верил, что есть та зеленая палочка, на которой написано то, что должно уничтожить все зло в людях и дать им великое благо, так я верю и теперь, что есть эта истина и что будет она открыта людям и даст им то, что она обещает». Творческое наследие Толстого-ценнейшее достояние русской и общечеловеческой культуры, необходимое каждому человеку для его духовного становления. Горький сказал о Толстом: «60 лет ходил он по России, заглядывал всюду; в деревню, в сельскую школу, в Вяземскую лавру и заграницу, в тюрьмы, этапы, в кабинеты министров, в канцелярии губернаторов, в избы, на постоялые дворы и в гостиные аристократических дам. 60 лет звучал суровый и правдивый голос, обличавший всех и все; он рассказал нам о русской жизни почти столько же, как вся остальная наша литература. Толстой глубоко национален, он с изумительной полнотой воплощает в своей душе все особенности сложной русской психики. Толстой—это целый мир. Человек глубоко правдивый, он еще потому ценен для нас, что его художественные произведения, написанные со страшной, почти чудесной силой, все его романы и повести—в корне отрицают его религиозную философию. Этот человек сделал поистине огромное дело: дал итог пережитого за целый век, и дал его с изумительной правдивостью, силой и красотой».

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Билинский Я.С. Русская классика и изучение литературы в школе / Я.С. Билинский. - М., 1986, - С.74.
2. Горький М. Толстой в русской критике / М. Горький, Л. Н. Толстой // Сборник статей. - М., 1962.
3. Громов П.П. О стиле Льва Толстого / П.П. Громов. – Л., 1977.
4. Гусейнов А.А. Великие моралисты / А.А. Гусейнов. - М., Республика, 1995, - С.85.
5. Кузьминская Т.А. Моя жизнь дома и в Ясной Поляне / Т. А. Кузьминская // Воспоминания. - М., 1986.
6. Толстой Л.Н. В воспоминаниях современников / Л. Н. Толстой. – Т.2 — М., 1960.
7. Л. Н. Толстой и его близкие. - М., 1986.
8. Ломунов К.Н. Жизнь Льва Толстого / К.Н. Ломунов. - М.,1981. - С.72.
9. Толстой Л.Н. Собрание сочинений / Л.Н.Толстой. - М.,1979. - Т.8. - С.5.
10. Шкловский В. Лев Толстой (серия «Жизнь замечательных людей») / В. Шкловский. - 2-е изд. -М., 1967.

ЛЕВ ТОЛСТОЙ О ПОНЯТИИ ВЕРЫ И СМЫСЛЕ ЖИЗНИ

Судьба Толстому подарила долгую жизнь. За эти годы он написал сотни произведений, которые до сих пор не потеряли своё значение. В данной статье рассказывается о понятии веры в толстовском понимании, которое волновало писателя до конца жизни. Толстой, как писатель и философ своего времени, начиная со среднего возраста стал задумываться над общим смыслом жизни, соотношении жизни и смерти.

Ключевые слова:Лев Толстой, понятие веры, общий смысл жизни, соотношение жизни и смерти.

LEV TOLSTOY ABOUT CONCEPT BELIEF AND SENSE OF LIFE

The destiny Tolstoy has presented long life. For these years he wrote hundreds products, which till now have not lost the meanings (importance). In given clause it is told about concept belief in Tolstoy understanding, which excited of the writer earlier and up to the end of life. Tolstoy as the writer and the philosopher of the time since middle-aged, began to reflect above general (common) sense of life, parity (ratio) of life and death.

Key words: Leo Tolstoy, the concept of faith, the General meaning of life, the relation of life and death.

Сведения об авторе: ***Г.Р. Рустамова*** – кандидат филологических наук, заведующая кафедрой «Гуманитарных дисциплин» Института энергетики Таджикистана, Телефон: **378800357**

ШЕЪРИ ҒИНОӢ БАРҶАСТАТАРИН ВАҶҲИ АДАБӢ ДАР АДАБИЁТИ АСРИ XV

Муҳаммаддовуди Мунир
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Яке аз нукоти асосие, ки имрӯза дар назарияи анвои адабии муосир матраҳ мешавад, нишон додани тамоюз миёни ду истилоҳи муҳимми адабӣ: навъи адабӣ ва ваҷҳи адабӣ аст. Барои ташхиси дақиқи гунаҳои адабӣ аз якдигар ниёз ба баррасии иҷмолии ин ду истилоҳ меравад. Ваҷҳ ё дарунмояи асари адабӣ аз заминаҳои асосии наҳваи бознамойии сухан дар каломи гӯянда ё шоир аст. Ҳол он ки навъ ё гунаи адабӣ иборат аст аз низоми иртиботӣ; барои истифодаи нависандагон ҳангоми навиштан ва барои хонандагону мунтақидон ҳини хондану тафсир кардан [21, 36]. Дар назарияи анвои адабии муосир аз истилоҳи “ваҷҳ” барои баёни ҷанбаҳои дарунмояи анвои адабӣ истифода мешавад. Ба кӯмаки истилоҳи “ваҷҳ” чароӣ ва чигунагии корбурди истилоҳоти васфӣ, ҳамчун ғиноӣ, ҳамосӣ, трагедия ва танзомез ташреҳ мешавад. Ин истилоҳот бар ҷанбаҳои мафҳумӣ ва дарунмоягии асар далолат доранд. Барои мисол, вақте гуфта мешавад, ин асар “романи ҳамосӣ” аст, ба ин маъност, ки аз ҷиҳати навъ ё гунаи адабӣ роман аст, аммо ваҷҳи маъноӣ ё дарунмояи он ҳамоса аст. Масалан, романи “Ҷанг ва сулҳ”-и Л.Н. Толстой, “Дони ором”-и М.Шолохов ба лиҳози навъ ё гунаи адабӣ роман ҳастанд, аммо ба лиҳози ваҷҳи адабӣ осори ҳамосӣ. Ҳамин тавр, достонҳои “Рустаму Сӯҳроб” ва “Рустаму Исфандиёр” ҳамосаҳои трагедӣ ҳастанд ва ғазалиёти Мавлонои Балх “ҳамосӣ”.

Истилоҳоте, ки баёнгари ваҷҳи адабианд, монанди ҳамосӣ, ғиноӣ, трагедӣ ва танзомез ба шакл ва сохтори сурати осори адабии хос вобаста нестанд, балки ҷанбаҳои дарунмояи он осори адабиро мушаххас менамоянд [21, 63].

Ба сурати куллӣ дар адаби Авупо ба се ваҷҳи муҳимму барҷастаи адабӣ ишора мешавад: лирикӣ, эпикӣ, дром. Барои рӯшан шудани ҳудуди ин се ваҷҳ табақабандии тавсифии зеринро, ки аз андешаи дар ҳавзаи назарияи анвои адабӣ матраҳ кардаи И.В.Гуте ахз шудааст, зарур мешуморем: ваҷҳи ғиноӣ, ки марбут ба баёни авотифи пуршӯр аст; ваҷҳи ҳамосӣ, ки шевае аз ривояти сода ва фориғ аз ҷиҳатгирии офаринандаи асар аст; ваҷҳи намоишӣ, ки хоси куниш ва амали шахс аст. Аммо, дар паҳлӯи ин тамоюз ӯ ба ин бовар аст, ки имкон дорад ин се ваҷҳи шоирона дар асаре ҳамроҳ бо ҳам амал кунанд ё ҷудо аз ҳам [34, 60].

Аз назари ӯ, ваҷҳи ҳамосӣ маҳмил ва абзорест барои ошкорсозии айнии ҷаҳони берунӣ. Ин ваҷҳ бо даврони кӯдакии насли инсон ҳамоҳангу мутобиқ аст. Ваҷҳи ғиноӣ муртабит аст бо ошкорсозии зеҳнияти бунёди ҷаҳони дарунии афроди хос. Ин гуна бо ҷудоӣ ва буридани “ман”-и шахсӣ аз ҷомеа иртибот дорад. Ваҷҳи намоишӣ ҳамомеза ва ҳамниҳоди ин ду аст. Яъне, айниятбахшӣ ба умури зеҳнияти бунёд дар қолаби гуфтугӯ ва куниш [21, 59].

Дар баррасиҳои адабиёти форсии дарӣ илова бар ин се ваҷҳи адабӣ ба вуҷуҳи дигаре низ ишораҳое меравад. Масалан, ваҷҳи таълимӣ ва ваҷҳи ҳикамӣ. Албатта, ваҷҳи ҳикамӣ ё фалсафӣ низ метавонад дар зерунвони ваҷҳи таълимӣ, ё ба таъбири адабиётшиносони мо, адабиёти таълимӣ қарор бигирад; чи дар мисдоқҳои онҳо ҳамон ҷанбаи илмӣ ва таълимии он барҷастатар менамояд. Дар баррасиҳои адабии анҷомшуда дар адабиётшиносии муосири форсии дарӣ вуҷуҳи мутааддидеро матраҳ намудаанд, ки иборат аст аз адабиёти ғиноӣ, адабиёти ҳамосӣ, адабиёти ирфонӣ, адабиёти таълимӣ ва гоҳо зикри адабиёти ҳикамӣ. Аз ҷумла, дуктур Тамимдорӣ дар адабиёти форсӣ чаҳор гунаи адабиро ном мегирад: адаби ҳамосӣ, адаби ғиноӣ, адаби таълимӣ ва адаби намоишӣ [6, 136-247].

Дар ин мақола баҳс сари чигунагии дастабандии адабиёт ва вуҷуҳи мухталифи он намеравад. Кофист бидонем, ки яке аз вуҷуҳи муҳим ва асосии адабиёт ҷанбаи ғиноии он аст, ки дар адабиёти форсии дарӣ ҷойгоҳи воло ва бартареро дорост ва бештарин саҳмро ба худ ихтисос додааст. Дар идома ба баррасии ин фарзия

мепардозем, ки шеъри ғиной дар адабиёти асри XV барҷастатарин ваҷҳи адабие мебошад, ки кулли шоирон ба он иноят доштаанд.

Мероси адабии асри XV ба андозае фаровон ва мутанаввеъ аст, ки ҳамаи гунаҳо ва вуҷуҳи адабиро метавон дар он мушоҳида кард. Барои баррасии дақиқи ин анвоъ ва нишон додани абъоди васеи шеъри ғиной дар ин давра ниёз меравад, то ин масъала аз абъоди гуногун мавриди баррасӣ қарор бигирад. Дар ин миён ду буъд аз шеъри классикии дарӣ аз ҳама барҷастатар менамояд: баррасии чанду чуни осори ин давра аз ҷиҳати қолабҳои адабӣ ва дигар мавзӯъҳои адабии мавриди таваҷҷуҳи шоирони ин аср. Албатта, омезиши мавзӯъҳои мутанаввеъ ва мутааддид дар як қолаб низ метавонад, яке дигар аз абъоди мавриди баррасӣ бошад, ки дар ин мақола фурсате барои пардохтани он даст намедиҳад.

Қолибҳои адабӣ дар ин давра. Дар адабиёти асри XV, бавижа дар шеъри ин давра, аксаран қолабҳои шеъриии маъмулии форсии дарӣ мавриди корбурд қарор гирифтаанд. Ваҷҳи ғолиби шеърӣ дар ин давра ваҷҳи ғиноист, ҳамон гуна, ки қолиби мусаллат дар ин давра ғазал аст. Албатта, каму беш бо шеъри ҳамосӣ ва таълимӣ низ дар ин давра мувоҷеҳ мешавем. Аз манзари дигар, дар тамоми қолабҳои шеъриии ин аср, метавон ваҷҳи ғиноиро ба дида гирифт. Бо он ки соҳибназарон бархе аз он қолабҳоро вижаи навъи хосси адабӣ ва ё ваҷҳи вижа мешумурдаанд, бо он ҳам дар аксари ин қолабҳо метавон шеъри ғиноиро ба вузуҳ мушоҳида кард. Аълохон Афсаҳзод қолабҳои ғазал, рубоӣ ва қитъаро вижаи шеъри ғиной медонад. Ӯ дар мавриди осори Мавлоно Ҷомӣ мегӯяд, ки “фаъолияти адабии худро бо сурудани ашъори лирикӣ (ғазал, рубоӣ, қитъа ва ғайра) шурӯъ кардааст” [27, 129].

Албатта, таркиби “ва ғайра” дасти моро барои назардошти дигар қолабҳои адабӣ низ боз мегузорад. Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ дар миёни қолибҳои шеърӣ ғазалро бештар бо эҳсосоту авотифи дарунии одамӣ наздик медонад. Ӯ дар муқаддимаи девони худ пас аз ҳамди Худованд ва маноқиби Пайғамбар (с) мегӯяд: “Он чи аз ин қисм (назм–М.М.) мустаъзиби табъҳои салим ва мустағраби зеҳнҳои мустаҳин аст, услуби ғазал аст, чи аксар вуқӯъи он дар баёни манозили ишқу муҳаббат ва мақомоти тавҳиду маърифат мебошад” [27, 131].

Мо дар ин ҷо тамоми қолабҳои адабиро, ки дар онҳо вуҷӯҳи мухталифи шеър ва бавижа, шеъри ғиной дида мешавад, ба тартиб меоварем, то бубинем, ки ваҷҳи ғолиби шеърӣ дар ин аср кадом аст:

**Ғазал*.* Ғазал, чунон ки қаблан арз шуд, қолиби мусаллати шеърӣ дар ин давра аст ва дар ғиной будани ин қолиб низ ҷойи ҳеҷ шакку шубҳае вуҷуд надорад, ҳарчанд ки гоҳ дар ҳамин қолиб бархе аз шуаро ба мадҳи мамдӯҳ пардохтаанд, ки албатта, хеле кам ва қобили муҳосиба намебошад. Густариши навъи ғазалро дар адабиёти ин давра ба сурати зерин нишон додан мумкин аст: Амир Шоҳии Сабзаворӣ 185 ғазал дорад; дар “Девон”-и Аҳлии Шерозӣ 1387 ғазал ба чашм меояд; Мавлоно Ҷомӣ 1804 ғазал сурудааст; дар “Девон”-и Қосими Анвор 683 ғазал ба чашм мехӯрад; “Куллиёт”-и Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ 1569 ғазалро ба намоиш мегузорад; “Девон”-и Ҳилолии Чағатой 421 ғазалро шомил аст [8, 12; 8, 15; 8, 23; 8, 99; 8, 59; 8, 139]. “Девон”-и Исмати Бухорой дорои 435 ғазал аст [4, 256-488], Осафии Ҳиравӣ гӯё 271 ғазал сурудааст [1, 1-231]. Дар “Девон”-и Мавлоно Биной 76 ғазал дидаам [5, 67-143]. “Девон”-и форсии Алишери Фонӣ 476 ғазал дорад [25, 67-316].

Мазид бар инон дигар ғазалсароёни ин давра иборатанд аз: Рустами Хуриёнӣ, Котибии Нишопурӣ, Абӯисҳоқи Атъама, Бурандақи Хуҷандӣ, Файзии Турбатӣ, Масеҳии Фушанҷӣ, Шарафиддин Алии Яздӣ, Озарии Тӯсӣ, Шоҳ Доъӣ, Мавлоно Қабулӣ, Амир Ҳумоюни Исфароинӣ, Ҳасаншоҳи Ҳаззол, Мактабии Шерозӣ, Бобофиғонии Шерозӣ, Унсӣ, Умедии Теҳронӣ, Мавлоно Ҳотифӣ, Риёзии Самарқандӣ, Бисотии Самарқандӣ, Ҳалокӣ, Давоии Сабзаворӣ, Мавлоно Орифӣ, Абдуллоҳи Тӯсӣ, Фаттоҳии Нишопурӣ, Соилӣ ва Нозилӣ [16, 211-357].

Маснавӣ*.* Пас аз ғазал маснавӣ дувумин қолибест, ки бештарини ашъори ғиноии ин давраро ба худ ихтисос додааст. Маснависароёни ин давра ва маснавиҳояшон ба қарори зайл аст: Аҳлии Шерозӣ бо ду маснавии мустақил бо

номҳои “Шамъу парвона”, “Сеҳри ҳалол” ва як маснавии кӯтоҳ дар таркиби “Девон”; Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ илова бар маснавии бузургии худ - “Ҳафт авранг” ду маснавии кӯтоҳ дар бахши “Фотиҳат-уш-шубоб” низ дорад; Қосими Анвор илова бар ду маснавии бузурги “Анис-ул-орифин” ва “Мақомот-ул-орифин” ҳашт маснавии кӯтоҳ дорад, ки дар таркиби “Девон”-аш мавҷуд аст; Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ се маснавии бузург ва ҳафтоду як маснавии кӯтоҳ дорад; Ҳилолӣ се маснавӣ бо номҳои “Шоҳу дарвеш”, “Лайливу Маҷнун” ва “Сифот-ул-ошиқин” дорад [8, 15; 8, 23; 8, 99; 8, 52; 8, 139].

Илова бар ин, маснависароёни дигари ин давра инҳоянд: Котибии Туршезӣ бо ду маснавии ғиноии “Гулшани аброр”, “Муҳибу маҳбуб” (Сӣ нома) ва маснавии таълимӣ-ахлоқии “Даҳ боб” ва маснавиҳои ирфонии “Маҷмаъ-ул-баҳрайн”, “Дилрубой”; Абӯисҳоқи Атъама як маснавии танзӣ дар васфи таом дорад; Қосими Анвор ду маснавӣ дар ирфони назарӣ дорад, бо номҳои “Анис-ул-орифин” ва “Сад мақом”; Шарафиддин Алии Яздӣ маснавии ҳамосии “Зафарнома”-ро сурудааст; Ибни Ҳисом ду маснавӣ дорад: яке “Ховароннома”, ки ҳамосаи динист ва дигаре “Баҳманнома”–ҳамосаи таърихӣ; Озарии Тӯсӣ низ ду маснавӣ дорад: яке “Аҷоиб-ул-ғароиб”–маснавии тавсифӣ, дигаре “Ҷавоҳир-ул-асрор”, ки маснавиест дар ирфони назарӣ; Шоҳ Доъӣ дорои ҳафт маснавӣ аст: чаҳор маснавии ошиқона-орифона бо номҳои “Шоҳид”, “Чор чаман”, “Чашмаи зиндагонӣ”, “Ишқнома” ва се маснавӣ дар ирфони назарӣ-“Шариат, тариқат ва ҳақиқат”, “Ганҷи равон”, “Чил сабоҳ”; Мактабии Шерозӣ дорои се маснавист, бо номҳои “Лайлию Маҷнун”, “Ишқнома” ва маснавӣ ба вазни “Махзан-ул-асрор”; Мавлоно Биноӣ ду маснавии “Беҳрӯзу Баҳром” ва “Шайбакхон”-ро суруда, ки ҳар ду ҷанбаи ҳамосӣ доранд; Унсӣ як маснавӣ ба номи “Лайлию Маҷнун” дорад; Умедии Теҳронӣ маснавӣ дар мавзӯи соқинома суруда; Мавлоно Ҳотифӣ дорои се маснавии ошиқона ба номҳои “Лайлию Маҷнун”, “Хусраву Ширин” ва “Ҳафт манзар” аст ва ҳамин тавр, ду маснавии ҳамосии “Темурнома” ва “Шоҳнома”-и Сафавӣ”; Рашиди Исфароинӣ як маснавии ирфонӣ дорад, бо номи “ал-Мисбоҳ”; Мавлоно Орифӣ ду маснавии ирфонӣ суруда, ки яке “Гӯю чавгон” ё “Ҳолнома” аст ва дигаре “Даҳнома”; Фаттоҳии Нишопурӣ дорои чаҳор маснавист: “Асрорӣ ва хуморӣ”, ки ошиқона аст, “Дастури ушшоқ” ва “Асрорнома”, ки ирфонист ва “Таъбирнома”, ки ҷанбаи ҳамосӣ дорад; Мавлоно Зоҳидӣ маснавии “Равзат-ул-ошиқин”-ро суруда, ки ирфонӣ аст; Айшии Шерозӣ маснавии “Ишратнома” дорад; ба Соимӣ як маснавӣ нисбат дода шудааст; Мисолии Кошонӣ низ як маснавӣ ба номи “Лайлию Маҷнун “ сурудааст ва Нозирӣ низ маснавии ирфонӣ-диние дорад, бо номи “Билқису Сулаймон” [16, 211-357].

Қасида. Медонем, ки қасидаро бархе аз соҳибназарон, аз ҷумла Сируси Шамисо, қолибе барои баёни шеъри ҳамосӣ медонад. Ба назари онон, қисмати аъзами қасида тавсифи ҷангҳо, диловариҳо ва размовариҳои мамдуҳ аст, ки бо иғроқу ғулӯ ҳамроҳ мешавад ва ин иғроқу ғулӯ ва шиддату ҳиддат дар он умур аз мухтасоти хосси шеъри ҳамосист. Аммо, инро ҳам набояд фаромӯш кард, ки бештарини қасоид барои тағаззулу ташбибанд, ки ваҷҳи тавсифиву тағаззулӣ доранд. Инчунин, қисмати дуоия ва талаб низ ҷанбаи ғиноӣ доранд. Аз ин гузашта, дар бисёре аз қасоиди ин аср мавзӯи панду андарзу ҳикмат ва дигар мавзӯъҳои иҷтимоӣ гунҷонида шуда, бинобар ин, наметавон қасидаро ба тамому камол қолибе барои шеъри ҳамосӣ ба ҳисоб овард, балки бештари бахшҳои қасоиди ин аср ваҷҳи ғиноӣ доранд.

Инак, ба шуарое, ки дар ин давра қасида сурудаанд, ишора меравад: “Девон”-и Аҳлии Шерозӣ дорои 74 қасида аст, ки аз ҷумла, се қасидаи маснӯъ дорад; Мавлоно Ҷомӣ 66 қасида сурудааст; дар “Куллиёт”-и Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ 38 қасида дида мешавад; Ҳилолии Чиғатоӣ дар девонаш 4 қасида дорад [8, 15; 8, 23; 8, 52; 8, 139]; ниме аз девони Исмати Бухороиро қасида ташкил медиҳад, ки шумори онҳо ба 79 мерасад [4, 12-253]; дар “Девон”-е, ки аз Мавлоно Биноӣ дар даст дорам, 13 қасида вуҷуд дорад [5, 19-66]; дар девони форсии Алишери Навоӣ танҳо як қасида дида мешавад [22, 59-62].

Илова бар инон шуарои қасидасарои дигари асри XV инҳоянд: Низомии Астарободӣ, Нозирӣ, Сойинӣ, Айшии Ҳиравӣ, Мавлоно Абдуллоҳи Аббосӣ, Мавлоно Орифӣ, Бисотии Самарқандӣ, Хиёлии Бухороӣ, Мавлоно Ҳотифӣ, Умедии Теҳронӣ, Унсӣ, Бобо Фиғонӣ, Ҳасаншоҳи Ҳиравӣ, Амир Ҳумоюни Исфароинӣ, Мавлоно Қабулӣ, Шоҳ Доъӣ, Озарии Тӯсӣ, Ибни Ҳиссом, Абӯисҳоқи Атъама, Котибии Туршезӣ, Рустами Ҳуриёнӣ ва Лутфуллоҳи Нишопурӣ [16, 211-357].

Қитъа. Қитъа аз қолабҳои дигарест, ки дар он ашъори зиёде бо ваҷҳи ғиноӣ суруда шудааст. Шуарои асри XV, ки ин қолибро мавриди таваҷҷуҳ қарор додаанд, иборатанд аз: Амиршоҳии Сабзаворӣ бо 6 қитъа; Аҳлии Шерозӣ бо 4 қитъа; Мавлоно Ҷомӣ, ки 82 қитъа дорад; Қосими Анвор бо 30 қитъа; Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ, ки 110 қитъа дар девонаш дорад; Ҳилолӣ 10 қитъа [8, 12; 8, 15; 8, 23; 8, 99; 8, 52; 8, 139]; Исмати Бухороӣ бо 5 қитъа [4, 532-534]; Осафии Ҳиравӣ бо 10 қитъа [1, 235-237]; Мавлоно Биноӣ бо 12 қитъа [5, 144-147]; Навоӣ дар “Девон”-и форсии худ бо 44 қитъа [22, 323-328].

Илова бар ин шоироне, ба монанди Рустами Ҳуриёнӣ, Котибии Туршезӣ, Қосими Анвор, Бурандаҳи Хуҷандӣ, Шарафиддин Алии Яздӣ, Озарии Тӯсӣ, Мавлоно Қабулӣ, Риёзии Самарқандӣ, Ҳалокӣ, Давоии Сабзаворӣ ва Сойинӣ низ қитъа сурудаанд [16, 211-357].

Рубоӣ. Рубоӣ аз дер боз зарфи зебо барои гунаҳои мухталифи шеърӣ, бавижа, шеъри ғиноӣ будааст. Рубоисароёни асри XV, ки ба ваҷҳи ғиноӣ иноятн зиёд доштаанд, бисёранд. Аз он миён Амир Шоҳии Сабзаворӣ бо 19 рубоӣ, Аҳлии Шерозӣ бо 827 рубоӣ, Мавлоно Ҷомӣ бо 274 рубоӣ, Қосими Анвор бо 46 рубоӣ, Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ бо 294 рубоӣ, Ҳилолӣ бо 35 рубоӣ гӯйи сабқат аз дигарон рабудаанд [8, 12; 8, 15; 8, 23; 8, 99; 8, 52; 8, 139]. Исмати Бухороӣ бо 53 рубоӣ [4, 536-546], Осафии Ҳиравӣ бо 63 рубоӣ [1, 238-246], Навоӣ бо 61 рубоии форсӣ [22, 329-337] низ дар ҳамин шумуланд.

Зиёда бар ин, рубоисароёни дигаре низ дар ин давра ҳастанд, ки номи эшонро дар ин ҷо меоварем: Лутфуллоҳи Нишопурӣ, Рустами Хуриёнӣ, Абӯисҳоқи Атъама, Файзии Турбатӣ, Масеҳии Фушанҷӣ, Озарии Тӯсӣ, Шоҳ Доъӣ, Ҳасаншоҳи Ҳиравӣ, Умедии Теҳронӣ, Бисотии Самарқандӣ, Ҳалокӣ ва Давоии Сабзаворӣ [16, 211-357].

Тарҷеъбанд. Ин қолиб низ мавриди таваҷҷуҳи шоирони асри XV қарор гирифтааст, ки дар чаҳорчӯбаи он ба сароидани мавзӯоте бо дарунмояи ғиноӣ пардохтаанд. Мавлоно Ҷомӣ 48 тарҷеъбанд дорад, Аҳлии Шерозӣ танҳо як тарҷеъбанд суруда, Қосими Анвор низ дорои як тарҷеъбанд аст ва дар “Девон”-и Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ 4 тарҷеъбанд дида мешавад [8, 23; 8, 15; 8, 99; 8, 52].

Илова бар ин, Абӯисҳоқи Атъима, Ибни Ҳиссом, Фахриддини Тӯсӣ, Шоҳ Доъӣ, Мактабии Шерозӣ ва Бобо Фиғонӣ низ тарҷеъбанд доранд [16, 211-357].

Таркиббанд. Алии Шерозӣ 5 таркиббанд дорад ва Мавлоно Ҷомӣ танҳо 4 таркиббанд [8, 15; 8, 23]. Дар “Девон”-и Исмати Бухороӣ як таркиббанд дида мешавад [4, 514-528]. Гӯё Навоӣ танҳо як таркиббанди форсӣ сурудааст [22, 319-322]. Рустами Хуриёнӣ, Озарии Тӯсӣ ва Бобо Фиғонӣ низ дорои таркиббанданд [16, 211-357].

Бештари мазомине, ки дар қолиби ин таркиббандҳо омада, ваҷҳи ғиноӣ доранд. Аммо, дар бархе аз ин таркиббандҳо, аз ҷумла, як таркиббанди Навоӣ, ки дар мадҳи Мавлоно Ҷомӣ аст, бо дарунмояи ҳамосӣ ҳамроҳанд.

Мусаммат. Мусамматсароёни ин давра иборатанд аз: Амиршоҳии Сабзаворӣ (як мусаммат), Аҳлии Шерозӣ (се мусаммати мухаммас), Абдурраҳмонӣ Ҷомӣ, ки дар “Девон”-и ӯ як мусаммати мураббаъ дида мешавад ва Ҳилолӣ як мусаммати мухаммас дорад [8, 12; 8, 15; 8, 23; 8, 139]. Исмати Бухороӣ ду мусаммати мусамман ва як мусаммати мухаммас сурудааст [4, 529-530]. Навоӣ як мусаммати мусаддас дорад [22, 317-319]. Ибни Ҳиссом, Шоҳ Доъӣ ва Давоӣ низ мусамматҳое сурудаанд.

Аҳлаби мавзӯоти матруҳа дар ин мусамматҳо дарунмояи ғиноӣ доранд.

Дубайтӣ. Дубайтӣ низ аз қолибҳои шеърист, ки бо ваҷҳи ғиноӣ ҳамроҳ мебошад. Аз шуарои асри XV, ки ба ин қолиб табъозмоӣ намудаанд, метавон аз инон

ёд кард: Аҳлии Шерозӣ, ки 50 дубайтӣ дорад, Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ, ки 190 дубайтӣ сурудааст [8, 15; 8, 52].

Инчунин, Ҳилолӣ, Котибӣ, Бисотӣ ва Давоӣ низ дубайтиҳое бо ваҷҳи ғиноӣ доранд [16, 211-357].

Фард. Дар шеъри асри XV ба абёти мунфараде низ бармехӯрем, ки мавзӯи аксарашон ғиноист. Дар "Девон"-и Амиршоҳӣ 7 фард дида мешавад, Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ 268 фард дорад [8, 12; 8, 52]. Исмати Бухороӣ 18 фард сурудааст [4, 548-550]. Осафии Ҳиравӣ дар девони кӯчаки худ 31 фард дорад [1, 248-250]. Дар "Девон"-и форсии Навоӣ 14 фард ба чашм мехӯрад [22, 341-342].

Мустазод. Дар миёни шуарои асри XV танҳо дар "Девон"-и Аҳлии Шерозӣ бо се мустазод рӯ ба рӯ шудам, ки мазмуни ҳар сеяшон ҷанбаи ғиноӣ дошт [8, 12].

Баҳри тавил. Мавлоно Ҷомӣ ва Хоҷа Исмати Бухороӣ ҳар кадом як шеърӣ дар баҳри тавил доранд, ки мавзӯи ҳар дуяшон ошиқона аст [4, 551-555].

Даҳнома. Даҳнома қолиби ҷадидест, ки дар он маҷмӯае аз номаҳо як маснавиро месозад. Аммо, бархе аз даҳномаҳо қолиби мухталати ғазал-маснавӣ доранд. Котибӣ, Зоҳидӣ, Орифӣ, Айшӣ ва Маҳмуди Бараса аз шоиронеанд, ки дар ин қолиб табъ озмудаанд [29, 51-52].

Бархе аз соҳибназарон муҳимтарин қолибҳои шеъри ғиноиро ғазал ва маснавӣ донистаанд. Ба таъбири Мансур Растагори Фасоӣ, "ғазал ва достонҳои ошиқона дар адаби мо ду ҷилваи муҳим аз шеъри ғиноӣ ҳастанд, ки яке эҳсосоти мухталифи шоирро дар баробари масоили ҷаҳон мунъакис мекунад ва дигаре дар достонҳои ошиқона, ки дар адаби мо манзумаҳои олии ғиноии достонӣ вуҷуд дорад, мисли "Вису Ромин", "Лайлӣ ва Маҷнун" ва "Хусраву Ширин", ки баланду ривоӣ ҳастанд ва достони ошиқонаро риоят мекунанд" [18, 60].

Аммо, ба баррасие, ки нигоранда анҷом додааст, дар аксари қолабҳои адабӣ метавонем шоҳиди шеъри ғиноӣ бошем. Аз ин ҷиҳат, наметавон маҳдуд намуд, ки кадом қолаб барои шеъри ғиноӣ ба кор рафта ва кадом қолаб, ки дар он шеъри ғиноӣ суруда нашудааст.

Мавзӯъҳои адабӣ. Дар мавриди мавзӯъҳои матраҳшуда дар шеъри асри XV дидгоҳи мутафовите вуҷуд дорад, ки ба чанд маврид дар ин ҷо ишора мешавад. Хусрави Фаршедвард муътақид аст, ки "анвои мутадовили шеъри ғиноӣ ва мавзӯоти он дар шеъри форсӣ иборатанд аз сӯгнома ё марсия, мадеҳа, ашъори мазҳабӣ, васфи табиат ва шеърҳои ошиқона, ки дар қолабҳои мутафовити маснавӣ, такбайт, рубоӣ, мустазод ва ғазал суруда шудааст" [17, 20].

Дуктур Тамимдорӣ муътақид аст, ки ин мавзӯоти шеърӣ ваҷҳи ғиноӣ доранд: "мадҳ, ҳаҷв, фахр, савганд, шикоят, ирфон, нигаронӣ аз зиндагӣ, шаробнома (хамрия), зиндоннома (ҳабсия), дӯстинома (ахвониёт), ашъори саргармкунанда ва тафаннунӣ, чун луғаз ва муаммо, шеъри бемаъно, моддаи таърих, мунозира, мафохира, васфи табиат, шаҳрҳо, атлолу даман, асп, шутур ва..." [6, 161].

Шамисо мегӯяд, ки "навъи дигари адаби ғиноӣ, ашъори ошиқона аст. Ашъори ошиқона дар адабиёти мо се навъ аст: ё бо маъшуқи заминӣ мувоҷеҳем, масалан, дар тағаззули қасоид, ё ғазалиёти ошиқона, мисли ғазалиёти Саъдӣ, ё ба маъшуқи осмонӣ, мисли ғазалҳои орифона ва маънавии Мавлоно ва гоҳ бо маъшуқе, ки гоҳе заминист ва гоҳе осмонӣ ва на ин аст ва на он, комилан мисли бештари ғазалҳои Ҳофиз" [15, 135].

Дар қарни VIII-IX ҳиҷрӣ мазомини ошиқонаи мадеҳа ва ирфон ривоҷ пайдо кард. Гарчи дар ин ҳангом мадҳия даврони таназзули худро тай мекунад, аммо мадоеҳе ривоҷи фаровон мегирад, ки дар қолабҳои рубоӣ, мусаммат, тарҷеъбанд ва таркиббанд арза мегарданд. Маросии аҳли байт низ дар шеъри шоироне чун Ибни Ҳисом ва Авҳадии Сабзаворӣ равнақ мегирад [15, 125-130].

Дар шеъри асри XV мавзӯъҳои мутааддиде ба мушоҳида мерасад, ки муҳимтарини онҳо иборатанд аз мадҳ, манқабат, мавъиза (панду андарз), тавсиф, муфохира, муаммо, шиква, илмӣ (нуҷумӣ, ҳикамӣ), марсия, ҳаҷв, ошиқона, орифона, ошиқона-орифона, хамрия (соқинома), луғаз (чистон), моддаи таърих ва мунозира.

Мадеҳасаройӣ. Мадҳ дар ин давра дар шеъри шоирон Аҳлии Шерозӣ, Бобофиғонӣ, Исмати Бухороӣ, Котибии Туршезӣ, Мавлоно Ҷомӣ, Лутфуллоҳ, Озарии Тӯсӣ, Шоҳ Доъӣ, Шоҳ Неъматуллоҳ, Қабулӣ, Амир Ҳумоюн, Ҳасаншоҳи Ҳиравӣ, Биноӣ, Умедӣ, Бисотӣ, Ҳилолӣ, Ҳотифӣ, Рустами Хурбонӣ, Барандақи Хуҷандӣ, Орифӣ, Навоӣ, Масеҳии Фушанҷӣ, Ибни Ҳисом, Шарафуддин Алии Яздӣ, Умедии Теҳронӣ, Амир Ҳумоюни Исфароинӣ, Ҳасаншоҳи Ҳиравӣ, Абдуллоҳи Тӯсӣ, Анисӣ, Хаёлии Бухороӣ, Ҳалокӣ, Айшии Ҳиравӣ, Сойинӣ, Нозирӣ ва Низомии Астарободӣ дида мешавад [8, 15; 4, 12-253; 16, 239-358; 33, 112-117; 33, 211-357; 33, 347-659; 25, 203-204; 16, 496; 2, 771; 16, 211-357].

Манқабатсаройӣ. Ситоиши бузургони дин дар шеъри ин шоирон ба назар мерасад: Ибни Ҳисом, Котибӣ, Аҳлӣ, Ҷомӣ, Ҳилолӣ, Бобофиғонӣ, Юсуфи Амирӣ, Орифӣ, Муҳаммади Бадахшӣ, Исмати Бухороӣ, Лутфуллоҳ, Соҳибии Балхии Шарифӣ, Озарии Тӯсӣ, Хоҷа Аҳмади Муставфӣ, Хаёлӣ, Аёнии Форсӣ, Ҳасан Салимӣ, Мавлоно Толиъӣ, Бобосавдоӣ, Барандақи Хуҷандӣ, Низомии Астарободӣ, Ибни Ҳисом, Унсӣ ва Авҳадии Сабзаворӣ [33, 659-666; 11, 492-494; 25, 205-207; 3, 423-425; 19, 8-16; 16, 186-187; 16, 211-357].

Мавъиза. Аз ин мавзӯъ шоирони зер зиёд пардохтаанд: Мавлоно Ҷомӣ, Ҳилолӣ, Аҳлӣ, Навоӣ, Лутфуллоҳи Нишопурӣ, Барандақ, Ибни Ҳисом, Котибии Туршезӣ, Озарии Тӯсӣ, Шоҳ Доъӣ, Шарафуддин Алии Яздӣ, Унсӣ, Амиршоҳӣ, Давоии Сабзаворӣ, Абдуллоҳи Тӯсӣ ва барандақи Хуҷандӣ [32, 115; 31, 223; 22, 204; 3, 412-414; 3, 431-433; 3, 445-447; 33, 662; 16, 211-357].

Тавсиф. Шуарое, ки дар қисмати насиби қасоидашон ва ё дар матни онҳо ва ё дар дигар қолабҳо ба тавсифи манозири табиат, осмон, ситорагон, айёми рӯзу фусули сол ва ғайра пардохтаанд, иборатанд аз: Бобосавдоӣ, Ҳилолӣ, Фиғонӣ, Аҳлӣ, Исмати Бухороӣ, Шаҳобӣ, Ҳотифӣ, Абӯисҳоқи Атъима, Навоӣ, Ҷомӣ, Котибӣ, Ибни Ҳисом, Озарии Тӯсӣ ва Қабулӣ [33, 347-348; 33, 633; 25, 205-208; 24, 447-450; 24, 355-362; 19, 8-24; 19, 142; 23, 85; 23, 260-369; 16, 249; 23, 142; 16, 211-357].

Муфохира. Он теъдод аз шуарои асри мавриди назар, ки дар қолибҳои мухталифи ашъорашон ба мавзӯи муфохира пардохтаанд, инҳоянд: Мавлоно Ҷомӣ, Лутфуллоҳи Нишопурӣ, Исмати Бухороӣ, Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ, Навоӣ, Ибни Ҳисом ва ғайра [7, 62; 26, 61-62; 16, 211-357].

Муаммо. Муаммо аз мавзӯъҳои дигарест, ки дар шеъри бархе аз шуарои ин давра роҳ ёфтааст. Аз ҷумла, дар “Девон”-и Ҷомӣ 30 муаммо ба чашм мехӯрад, Аҳлии Шерозӣ 81 муаммо дорад, дар “Девон”-и форсии Навоӣ 16 муаммо мавҷуд аст. Давоии Сабзаворӣ, Бисотии Самарқандӣ, Котибии Туршезӣ, Низомии Астарободӣ ва Сойинӣ низ ба ин мавзӯъ иноят доштаанд [21, 172; 30, 62-63; 28, 238; 16, 211-357].

Шиквоия. Шикваву гилоя аз зиндагию рӯзгор аз дигар мавзӯотест, ки бархе шоирони асри XV ба он пардохтаанд. Лутфуллоҳи Нишопурӣ, Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ, Ибни Ҳисом, Мавлоно Ҷомӣ, Мавлоно Зулолӣ, Аҳлии Шерозӣ аз ин ҷумлаанд [21, 172; 33, 348-663; 26, 199; 3, 516; 16, 211-357].

Илмӣ-фалсафӣ (нуҷумӣ-ҳикамӣ). Дар миёни шуарои асри XV Исмати Бухороӣ, Ҷамолии Кашкӯлӣ, Мавлоно Ҷомӣ, Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ, Осафии Ҳиравӣ, Ибни Ҳисом, Ҳилолӣ, Озарии Тӯсӣ, Унсӣ, Мавлоно Қабулӣ, Шоҳ Доъӣ ва дигарон дар қолабҳои мухталиф ба мавзӯъҳо ва мазмунҳои илмӣ, таълимӣ ва тасаввуфӣ-ирфонӣ иноят доштаанд [11, 400-403; 33, 348-654; 23, 34-35; 23, 207-208; 7, 68; 16, 211-357].

Марсия. Аз шуарои ин давра, ки марсия сурудаанд, метавон инҳоро ном бурд: Мавлоно Ҷомӣ, Аҳлии Шерозӣ, Бобофиғонӣ, Мактабии Шерозӣ, Амир Ҳумоюни Исфароинӣ. Мазид бар инон Ибни Ҳисому Авҳадии Сабзаворӣ низ марсияҳои мазҳабӣ доранд. Қосими Анвор се марсия дар қолиби ғазал дорад [3, 516; 33, 346; 15, 125-130; 8, 99; 29, 140; 16, 211-357].

Ҳаҷву ҳазл. Ҳаҷву ҳазл аз мавзӯоти дигарест, ки бархе шуарои мактаби адабии Ҳирот ба он пардохтаанд: Мавлоно Ҳасаншоҳи Ҳиравӣ, Айшии Шерозӣ, Бобосавдоӣ

ва дигарон [24, 355-362; 16, 211-357]. Дар ғазалҳои Ҷомӣ низ гоҳе ҳазлу “мазаммати аҳли ҷоҳу аҳли риё ва танқиди баъзе шахсони манфию ахлоқи разилаи онҳо дида мешавад” [16, 211-357; 29, 140].

Ошиқона. Мавзӯи ишқ аз ҳамон мавзӯотест, ки дар шеъри форсӣ, бахусус, шеъри давраи ироқию мактаби адабии Ҳирот, ҷойгоҳе вижа дорад ва ба нудрат шоире пайдо мешавад, ки ба ин мавзӯъ напардохта бошад. Аҳлии Шерозӣ, Мавлоно Ҷомӣ, Осафии Ҳиравӣ, Амир Ҳумоюни Исфароинӣ, Ҳасаншоҳи Ҳиравӣ, Исмати Бухороӣ, Навоӣ, Мактабии Шерозӣ, Биноӣ, Бобофиғонӣ, Унсӣ, Умеди Теҳронӣ, Ҳилолӣ, Мавлоно Ҳотифӣ, Риёзии Самарқандӣ, Ҳалокӣ, Давоии Сабзаворӣ, Орифии Ҳиравӣ, Мавлоно Абдуллоҳи Тӯсӣ, Рустами Хуриёнӣ, Фаттоҳии Нишопурӣ, Айшии Шерозӣ, Манолии Кошонӣ, Нозирӣ, Низомии Астарободӣ, Котибии Туршезӣ, Барандаҳи Хуҷандӣ, Файзии Турбатӣ, Масеҳии Фушанҷӣ, Шарафуддин Алии Яздӣ, Шоҳ Доъӣ ва дигарон ошиқонасароӣ намудаанд [16, 211-357].

Ошиқона-орифона. Дар адабиёти ин давра шоироне ҳастанд, ки дар ашъори ошиқонаашон маъшуқ заминӣ нест. Дар ин гуна ашъори ирфонӣ бо навъе ирфони илмӣ мувоҷеҳ ҳастем, то назарияи ирфонӣ. Бобофиғонӣ, Мавлоно Ҷомӣ, Ҳилолии Чиғатоӣ, Аҳлии Шерозӣ, Котибии Туршезӣ, Файзии Турбатӣ, Озарии Тӯсӣ, Шоҳ Доъӣ аз ҷумлаи шоиронеанд, ки дар ашъорашон шеъри ошиқона-орифона доранд [16, 211-357].

Орифона (ирфони назарӣ). Мурод аз орифонаҳо шеърест, ки дар он маъшуқ ғайри заминист, магар он шӯру ваҷди шеъри ошиқона ва ошиқона-орифонаро надорад. Шоир ба унвони як суннати шеърӣ, ки аз давраи ироқӣ ба мерос бурда, ба маъшуқи осмонӣ ишқ меварзад; бидуни ин ки ҳусну ҳолу шӯру ваҷде дар он ашъор ба мушоҳида бирасад. Навоӣ, Мавлоно Ҷомӣ, Мактабии Шерозӣ, Биноӣ, Ҳилолӣ, Фаттоҳӣ, Зоҳидӣ, Шоҳ Неъматуллоҳ, Котибӣ, Қосими Анвор, Исмати Бухороӣ дар ашъори худ аз ин навъ шеър зиёд доранд [16, 211-357].

Сӯфиёна (қаландарона). Шеърӣ сӯфиёна ё қаландарона шеърест, ки дар он ба мавзӯоти тасаввуфӣ пардохта шудааст. Ин мавзӯъ ба сурати гӯё бештар дар маснавиҳои сӯфиёна ва тамсилӣ дида мешавад. Фаттоҳии Нишопурӣ, Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ, Озарии Тӯсӣ ва Мавлоно Қабулӣ аз ин гуна шеърҳо сурудаанд.

Хамрия*. Хамрия шеърест, ки дар он ба тавсифи шароб пардохта шуда бошад ва ё аз софии шароб мутолиба шуда бошад. Аз ин ҷиҳат, ин гуна шеърро соқинома низ мегӯянд. Умедии Теҳронӣ соқинома дорад, Аҳлии Шерозӣ сад рубоӣ дар мавзӯи хамрия ё соқинома сурудааст [8, 15].

Луғз*. Луғз ё чистон бештар мавзӯи тафреҳист, ки дар шеъри бархе аз шуарои ин давра дида мешавад. Аз ҷумла, Аҳлии Шерозӣ чаҳор луғз дорад [8, 15].

Моддаи таърих*. Яке аз суннатҳои шеъриии ин давра пардохтан ба мавзӯи моддаи таърих аст, ки бештар дар қолаби қитъа, дубайтӣ ва муфрад омадааст. Аз шоирони ин давра Аҳлии Шерозӣ 50 моддаи таърих дорад, дар “Девон”-и форсии Навоӣ 10 моддаи таърих дида мешавад. Мавлоно Ҷомӣ, Биноӣ ва дигарон низ аз ин суннат пайравӣ кардаанд [16, 211-357].

Мунозара. Мунозарагӯйӣ ҳам аз суннатҳои шеъриест, ки дар шеъри шоирони асри XV ба мушоҳида мерасад. “Гӯю чавгон”-и Орифӣ, асаре ба ҳамин ном аз Толиби Ҷоҷармӣ, “Зайду Зайнаб”-и Хизршоҳ, “Хаёлу висол”-и Алии Оҳӣ, “Шамъу парвона” ва “Булбулу гул”-и Рӯҳии Бозарӣ, “Разму базм”-и Сойиниддини Турка, “Шамъу парвона”, “Ақлу ишқ” ва “Фатҳу футӯҳ”-и Амнуддини Назлободӣ аз мунозираҳои машҳури ин давра будаанд [29, 51-52].

Ҳамосӣ*. Шакке нест, ки ваҷҳи аслии қасоиди мадҳӣ ҳамоса асту дар ин давра қасоиди мадҳӣ кам нестанд ва дар боло зикраш рафт. Аммо, дар ин ҷо мурод бештар маснавиҳои ҳамосианд, ки дар асри XV суруда шудаанд, ба монандӣ: ҳамосаи таърихии Озарии Тӯсӣ, ҳамосаи мазҳабии Ибни Ҳисом, ду маснавии ҳамосии Мавлоно Ҳотифӣ. Мазид бар инон, Шарафуддин Алии Яздӣ низ ҳамосае дорад. Аълохон Афсаҳзод мегӯяд: шоирони ин давра маснавиро гоҳе дар пайравӣ аз

“Шоҳнома” сурудааанд, монанди Муҳаммади Араб, Ҳофизи Улофи Хароботӣ, Шарафуддин Алии Яздӣ, Озарӣ, Салимӣ ва Ибни Ҳисом [29, 51-52; 16, 211-357].

Шакке нест, ки мавзӯъҳои шеърӣ ба ҳамин теъдод, ки зикр шуд, хулоса намешавад, балки мавзӯъҳои мутааддиде ва мутанаввиъе дар шеъри ин давра ба мушоҳида мерасад, ки мо дар ин ҷо ба муҳимтаринҳо ишора намудем. Қобили ёдоварист, ки маснавии “Ишратнома”-и Айшии Шерозӣ, “Ҳолнома”-и Орифии Ҳиравӣ ва “Таъбирнома”-и Фаттоҳии Нишопурӣ низ қобили таваҷҷуҳанд.

Чунончи мушоҳида намудем, бештари мавзӯъҳои матруҳа дар шеъри асри XV ваҷҳи ғиноӣ доранд ва ҷанбаҳои таълимию ҳамосию ҳикамӣ ба маротиб хеле кам аст. Албатта, ки гунаҳои шеъри ғиноӣ низ метавонад бисёр фаротару бештар аз инҳо бошад. Зеро, дар шеъри ғиноӣ офаринанда аз таҷаллиёти ҷаҳони офариниш мутаассир мегардаду онро бо лутфи калому диққати назар тавсиф мекунад ва саранҷом роҳ ба олами маънову андеша мекашад [9, 68] ва ин амре нест, ки шоире ба он мувоҷеҳ нашавад.

Он чи аз мутолиаи сарчашмаҳо ва манобеи адабию пажӯҳишӣ ҳосил мешавад, дар қадами нахуст ин аст, ки истилоҳоти васфии ғиноӣ, ҳамосӣ, фоҷиавӣ ва таълимӣ ба ваҷҳ ё дарунмояи осори адабӣ итлоқ мешавад, на ба навъ ё гунаҳои онҳо. Навъи адабӣ низоми иртиботӣ барои судбарии нависанда ва хонанда ҳангоми навиштан ва хондан аст. Дигар ин ки, аз миёни вуҷӯҳ ё дарунмояҳои осори адабӣ ваҷҳи ғиноӣ дар шеър ғолибтар аст. Зеро ки шеърияти шеър вобаста ба вуҷуди эҳсосоти латиф ва авотифи рақиқи офаринандаи асар аст ва ин худ бархоста аз “ман”-и дарунии шоир ё нависанда дар матни адабӣ.

Аз маҷмӯи қолибҳои адабие, ки дар миёни шуарои асри XV мавриди корбурд қарор гирифта, аксарияти наздик ба ҳамаи онҳо ваҷҳ ё дарунмояи ғиноӣ доранд. Ғазал қолиби мусаллати ин давра, муҳтавои ғиноӣ дорад; ҳарчанд ки дар миёни ғазалиёти ин давра мо шоҳиди мавзӯот ва мазомини мутааддид низ ҳастем. Магар беш аз 95 дар сади ин мавзӯъҳо ва мазомин муҳтавои ғиноӣ доранд, ки аз авотифу эҳсосоти зеҳнӣ ва равонии офаринандаи онҳо моя мегирад. Дувумин қолиб аз назари басомади офариниш дар ин аср маснавӣ аст. Аз миёни 62 маснавии номбурдашуда дар ин мақола, 50 адади он бо мазомини ошиқона, орифона, соқинома ва ғайра дорои муҳтавои ғиноӣ ҳастанд. Сирф 9 маснавии ҳамосӣ дар ин давра дида мешавад, ки аз ин миён чандтое низ ҳамосаҳои динӣ ва мазҳабӣ ҳастанд, ки худ навъе дарунмояи ғиноӣ доранд ва бархоста аз боварҳои динию мазҳабии офаринишгарони онҳост. Албатта, 4 маснавии таълимӣ низ дар ин миён ба чашм мехӯрад, ки рақами бисёр андакест.

Дар қасида, ки севумин қолаб аз назари басомади корбурдӣ аст, низ мазомини ғиноӣ зиёд аст. Муҳтавои теъдоди зиёде аз қасоиди ин асрро ситоиши бузургони дин ва панду андарзу ҳикмат ташкил медиҳад, ки инон ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонанд ҷанбаи ҳамосӣ дошта бошанд. Аз он гузашта, дар ҳамоситарин қасоид низ боз ба мазомине ҳамчун тавсифи мазоҳири табиат, маъшуқ ва ғайра бармехӯрем ва ҳатто қисмати матни қасоид низ бо шиква аз рӯзгор, бесомонии шоир, дуои мамдуҳ ва талаби сароянда ҳамроҳ аст, ки беш аз ниме аз қасоидро ба худ ихтисос дода ва ин амр муҳтавои дарунии он қасоидро ба ваҷҳи ғиноӣ наздиктар менамояд.

Мазомини парвардашуда дар қитъа, рубоӣ, тарҷеъбанд, таркиббанд, мусамматҳо, дубайтӣ, фард ва мустазоду баҳри тавил низ аксар муҳтавои ғиноӣ доранд. Сирф дар миёни ин қолабҳо гоҳ дар даруни бархе аз тарҷеъбандҳову таркиббандҳо ба муҳтавои ҳамосӣ бармехӯрем, ки дар мадҳи мамдуҳе суруда шудааст. Ин ваҷҳи ҳамосӣ ба таносуби ваҷҳи қолиби он, ки ғиноист, дарсади андакеро ташкил медиҳад.

Аз миёни мавзӯъҳои роҳёфта дар офаридаҳои адабии ин давра ситоиши бузургони дин, мавъиза, тавсиф, муфохира, шиквоия, марсия, ҳаҷву ҳазл, ошиқона, орифона, ошиқона-орифона, хамрия ва мунозира ҳама дарунмоя ва муҳтавои ғиноӣ доранд. Мавзӯъҳои моддаи таърих, луғаз ва муаммопардозӣ аз назари нигоранда ҷанбаи тафаннунӣ ва намоиши қудрат доранд, ки шояд дарунмояи бархе аз онҳоро

битавон таълимӣ хонд. Мавзӯъҳои сӯфиёна, илмӣ-фалсафӣ, ки бештар ба зикри масоили нуҷумӣ, корбурди истилоҳоти марбут ба тасаввуф, илми калом ва фалсафаи машоъ ва соири улум аст, низ ваҷҳи таълимӣ доранд. Шояд бархе аз мазомини панду андарзу ҳикматро низ битавон дар зермаҷмӯаи ин ҷанбаи дарунмояи таълимӣ ҷой дод. Аз ин миён мавзӯи мадҳ ва маснавиҳое, ки дар робита бо масоили таърихӣ ва таърихи ҷангҳову диловариҳо ва ришодатҳои шоҳону сардорони лашкарашон суруда шуда, ваҷҳ ва дарунмояи ҳамосӣ доранд.

Ҳосили сухан ин, ки 80 дарсад аз офаринишҳои адабии ин давра бо муҳтавои ғиноӣ ҳамроҳанд. 15 дарсад аз ин осори адабӣ ваҷҳ ё дарунмояи ҳамосӣ доранд ва сирф 5 дарсад аз онҳоро метавон бо ваҷҳи таълимӣ ҷузъи адабиёти таълимӣ муҳосиба намуд.

А Д А Б И Ё Т

1. آصفی هروي، محمد. دیوان آصفي هروي. به کوشش هادي ارفع کرمانشاهي، چاپ اول، تهران: کتابخانهء طهوري، 1342.-254ص.
2. افصحزاد، اعلاخان. نقد و بررسی آثار و شرح احوال جامی.- تهران: مرکز مطالعات ایرانی. 1378.- 771 ص.
3. اهلی شیرازی، محمد. دیوان اشعار اهلی شیرازی. به اهتمام و تصحیح حامد ربانی.- تهران: انتشارات کتابخانه‌ی سنایی، چاپ دوم. 1369. - 871 ص.
4. بخارایی، خواجه عصمت. دیوان عصمت بخارایی، به کوشش احمد کرمی.- تهران: تالار کتاب، چاپ اول، 1366. - 589 ص.
5. بنایی هروی. نظام الدین. رند دراکه‌ی قصیده سرای هریوا، به کوشش اسیر هروی.-هرات: اسیرهروی،
6. 1381. - 156ص.
7. تمیم داری، احمد. کتاب ایران،(تاریخ ادب پارسی، مکتب‌ها، دوره‌ها، سبک‌ها و انواع ادبی). - تهران: انتشارات بین المللی الهدی، 1379. - 289ص.
8. جامی، عبدالرحمن. دیوان کامل جامی. با مقدمهء هاشم رضی.- تهران: پیروز، 1341. - 955 ص.
9. دُرج4، نرم افزار. کتابخانه‌ی فارسی.- تهران: مهر ارقام رایانه، 1390.-143 ش.
10. رزمجو، حسین؛ انواع ادبي.- مشهد: آستان قدس رضوي، 1374. - ص346.
11. رستگار فسايي، منصور. انواع شعر فارسي.-شيراز: نويد، 1380. - 374ص.
12. سمرقندی، دولتشاه. تذکرت الشعراء. به اهتمام ادوارد براون.- تهران: اساطیر، 1382. - 621 ص.
13. شفیعی کدکنی، محمد رضا. انواع ادبی و شعر فارسی، مجله‌ی رشد آموزش زبان و ادبیات فارسی، ش33، بهار 1372. - (4-9) 6ص.
14. شفیعی کدکنی، محمدرضا. زمینهٔ اجتماعی شعر فارسی.- تهران: اختران و زمانه، 1386. - 436ص.
15. شمیسا، سیروس. سیر غزل در شعر فارسی.- تهران: انتشارات فردوسی، چاپ ششم، 1380. - 474ص.
16. شمیسا، سیروس؛ انواع ادبي.- تهران: میترا، 1385. - ص135.
17. صفا، ذبیح الله. تاریخ ادبیات در ایران، ج4، چاپ چهارم. - تهران: فردوس، 1369. - 607 ص.
18. فرشیدورد، خسرو. درباره‌ي ادبیات و نقد ادبي.- تهران: طهوري،ج1، 1353. - 473ص.
19. فسایی، منصور رستگار. انواع شعر فارسی(مباحثی در صورت و معانی شعر کهن و نو پارسی).-شیراز: نوید شیراز، چاپ دوم، 1380. - 694 ص.
20. فغانی شیرازی، دیوان اشعار بابافغانی شیرازی، مصحح احمد سهیلی خوانساری.- تهران: شرکت نسبی اقبال و شرکا، 1353. - 447 ص.
21. قاسمی پور، قدرت. درآمدی بر نظریه‌ی گونه های ادبی. ادب پژوهی، ش 19. بهار 1391. صص: 29-56. - 8ص.
22. مؤتمن، زین العابدین. تحول شعر فارسی، چاپ سوم.- تهران: کتابخانه‌ی طهوری ، 1355. - 414 ص.
23. نوایی علیشیر، نظام الدین. دیوان امیر نظام الدین علیشیر نوایی، به اهتمام دکتر رکن الدین همایونفر.- تهران: انتشارات اساطیر، 1375. - 347ص.
24. 23. نوایی، علیشیر. مجالس النفایس. به سعی و اهتمام علی اصغر حکمت.- تهران، 1323. -578ص.
25. واصفی، زین الدین محمود. بدایع الوقایع. به تصحیح الکساندر بلدروف، چاپ دوم، ج: اول. - تهران: انتشارات بنیاد فرهنگ ایران، 1349. - 533 ص.
26. هلالي جغتايي، بدرالدين. ديوان هلالی جغتایی، به تصحیح و مقدمه‌ی سعید نفیسي.- تهران: انتشارات سنايي، 1375. - 334ص.
27. یار شاطر، احسان. شعر فارسی در عهد شاهرخ.- تهران: انتشارات دانشگاه تهران، 1334. - 250 ص.
27. Афсахзод Аълохон. Рӯзгор ва осори Ҷомӣ / Аълохон Афсахзод. - Душанбе: Дониш, 1980. - 384 с.
28. Афсахзод Аълохон. Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи дувуми асри XV / Аълохон Афсахзод. - Душанбе: Дониш, 1988. - 265 с.
29. Афсаҳзод Аълохон. Ҷомӣ-адиб ва мутафаккир / Аълохон Афсаҳзод. - Душанбе: Ирфон, 1989. - 384 с.
30. Сатторов Абдунабӣ. Афкори адабӣ ва эстетикии Абдурраҳмони Ҷомӣ / Абдунабӣ Сатторов - Душанбе: Ирфон, 1975. – 111 с.
31. Мирзоев А.М. Камал ад-Дин Бинаи / А.М. Мирзоев - Москва: Наука, 1976. - 479 с.
32. Бертельс Е.Э. Избранные труды. Навои и Джами / Е.Э Бертельс. - Москва: Наука, 1965. - 600 с.
33. Charles Frank. Persian Poetry in the Timurid Period // Frank Charles. - University of Californian, Berkley. Printed by xerographic process on Acid-Free paper. 1989. - 750 p.
34. Frow, John. Genre, Routledge, London & New York. Hirsch, E. D. (1967), Validity in Interpretation, New haven and London, Yale University Press. (2005).-pp:731.

ЛИРИЧЕСКИЙ СТИХ ОДИН ИЗ ВЫДАЮЩИХСЯ ЖАНРОВ ЛИТЕРАТУРЫ XV ВЕКА

XV век по богатству литературы, ее разноцветью и разнообразию, количеству поэтов и писателей, разбросу и распространении литературных кругов не имеет себе равных - тысячи имен литераторов, творивших в **XV** веке. Сильные центры таджикско-персидской поэзии и литературы – Самарканд, Герат, Табриз, Шираз, Фергана, Ташкент, Хорезм, Мешхед, Мерв, Испахан, Нишапур, Кирман, Баглал, Индия, Малая Азия и др. Прекрасные и плодотворные традиции и каноны персидско-таджикской литературы **XV** века нашли свое продолжение в Иране, Афганистане и Таджикистане и в наши дни. В данной статье автор рассматривает эволюцию и развитие такого жанра поэтики как лирическое стихотворение в **XV** веке.

Ключевые слова: жанр, лирический стих, поэтические сочинения, каноны персидско-таджикской литературы, лирические мипроизведения **XV** века.

LYRICAL VERSE IS ONE OF THE PROMINENT GENRES OF THE LITERATURE OF THE XV CENTURY

XV century according to the riches of literature, its multiplicity and diversity of poets and writers, the dispersion and distribution of literature circles is unmatched - thousands of names of writers who worked in the XV century. Strong centers of Tajik-Persian poetry and literature - Samarkand, Herat, Tabriz, Shiraz, Ferghana, Tashkent, Khorezm, meshed, Merv, Ispahan, Nishapur, chirman, Baghdad, India, Asia Minor, etc. Beautiful and fruitful traditions and canons of Persian-Tajik literature of the XV century have continued in Iran, Afghanistan and Tajikistan, and in our days. In this article the author examines the evolution and development of this genre of poetics as a lyrical poem, in the XV century.

Key words: genre, lyrical verse, poetical, canons of Persian-Tajik literature, lyrical works of the XV century

Сведения об авторе: ***М. Мунир*** **–** аспирант факультета таджикской филологии Таджикского национального университета

ТАЪРИХГАРОЙӢ ВА ЗАБОНДӮСТӢ-ГИРЕҲГОҲИ ФИРДАВСИИ ДИРӮЗИН ВА ФИКРИИ ИМРӮЗИН

Муҳаммадносири Раҳёб
Донишгоҳи Ҳирот, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон

Ҷомеаи забони порсии дарӣ он густураеро дар бар мегирад, ки гӯяндагон ба ин забон дар он зиндагӣ ба сар бурдааанду мебаранд. Марзҳои сиёсӣ-ҷуғрофӣ чизест, ки ҳарчанд таъсирҳое дорад, боз наметавонанд дар бахшбандӣ ва баёни вижагиҳои ин густура фарочашм бошанд. Гумон аст, ки пуштувонаи ситабри забоншиносӣ низ дорад, тоҷикӣ, дарӣ ва форсӣ се гӯйиши бузурганд, ки андаруни ҳар як шеваҳои фаровоне метавон ёфт. Агар касе аз се забон сухан мезанад, бархурди сиёсӣ ва шояд ҷудоиафканона ва боз шояд душманона ба ин ҳампайвандӣ дошта бошад. Ҳамон гуна, ки таърихи ин ҷомеаи забонӣ сухан аз ҳамбастагӣ бар лаб дорад, имрӯза низ ҳар шоиру нависанда ва мутафаккире, ки дар ин густураи забонӣ ва ба порсии дарӣ чизе менависад, чи аз Афғонистон бошад, чи аз Тоҷикистон ё Эрон, ё аз ҳар кишвари дигаре, дар фазои фарҳангие нафас кашида ва даст ба тавлид зада, ки забони порсии дарӣ яке аз пояҳои устувор ва беҳтар бигӯям, сутуни ҳастаии онро сохтааст. Он чи аз он гурез ва гузире нест.

Намехоҳам, ба зиндони забон бияфтам, магар забонро пойгоҳе мешиносам, ки вақте одамӣ ба ҷаҳон афканда мешавад, ӯро фаро мегирад ва ҷанбаҳои фаровоне аз шахсияти ӯ дар гарави ҳамин забон аст; аз ин рӯ, забон метавонад, ҷойгоҳи вижае дар сохтори фарҳангӣ-тамаддунии як ҷомеа ва як миллат дошта бошад. Фирдавсӣ ва Фикрӣ ин гапро дарёфта буданд ва медонистанд, ки чигуна ва чаро ин забони порсии дариро бояд арҷ гузорид, пос дошт ва дар нигаҳдошту барӯмандии он кӯшид, то пули миёни гузашта ва имрӯз ларзон нашавад, гусасти вайронгар пушти мардумро камонӣ накунад. Ҳарчанд, гусаст ба маънои буридан аз гузашта ба гунаи комилро боварҳои Мишел Фуку низ барнаметобанд.

Фарҳанггустарии Фирдавсӣ ва ҷойгоҳи баланди ӯ на танҳо аз он аст, ки достонҳои ниёгонамонро боз гуфтааст, балки арзишноктарин ҷилваи “Шоҳнома”, ки мондагории онро тазмин мекунад, русухи он дар зеҳни фарҳехтагони саросари таърихи пурфарозу фуруди ҷомеаи инсонӣ, бавижа, ҷомеаи забонии порсии дарӣ аст. То он ҷо, ки дар ҷаҳони муосир низ пойгоҳҳои нерӯманде барои он метавон ёфт ва ин сухани каме нест. Ибни Асир дар “ал-Масал-ул-соир” дар бораи “Шоҳнома” менависад: “Ва ҳува Қуръон-ул-қавм-ул-Аҷам”[6, 222] ва агар дар “Чаҳормақола” мехонем: “Дар Аҷам сухане бад-ин фасоҳат намебинам ва дар бисёрии сухани Араб ҳам [12, 79]”, ва ин ҳама аз нуфузи бемонанди “Шоҳнома” об мехӯрад.

Ҳузури Фирдавсӣ дар Афғонистон ва дар шеъри ин сарзамин, бавижа дар даврони муосир, таваҷҷуҳ карданист. Чунонки бо падид омадани фазои ҳамосӣ дар заминаи жанрҳои озодихоҳонаи афғону англис заминаи офаридани “Шоҳнома”-ҳо ва ҷангномаҳо фароҳам гардид: “Ҷангномаи Ғуломӣ”, “Акбарномаи Ҳамиди Кашмирӣ” ва “Зафарнома ё муҳорибаи Кобул”-и Қосималӣ аз он ҷумла буда метавонад [11, 269-

423]. Ва ин ҳузур ҳаргиз аз созандагӣ боз наистод, ҳарчанд ба шеваи дигар ва ба гунаи дигар буд.

Фикрӣ аз Ҳироти Афғонистон аст ва ин шаҳр яке аз хостгоҳҳои порсии дарӣ. Фикрӣ аз роҳи фарҳангу ҳунар бо пушторае аз огоҳиҳои ба ҳам гиреҳхӯрдаи таърихӣ ва бо чашм дӯхтан ба худовандгори Тӯс мехоҳад, як бори дигар ренесанси Шарқро зинда кунад ва ҷойгоҳу пойгоҳи барини Афғонистонро ба унвони гаҳвораи забони порсии дарӣ, барои ману шумо ва ононе, ки огоҳона, ё ноогоҳона ҷойгоҳу пойгоҳро дарк накардаанд ва ё бовар надоштаанд, бишиносонад. Магар Фирдавсӣ чизе ҷуз ин мехост? Ҳаргиз! Фирдавсӣ мехост, шукӯҳи Ориёноро бо он маданияти сохта ва пардохта ҳамрӯзгорони ӯ бишиносанд. Ин ҷост ки, Фирдавсию Фикрӣ дар як роҳи ноҳамвор гом мегузоранд ва як фарёдро ба корези гӯшҳо мерезанд, то ҳушдоре бошад ҳамаи моро.

Дурахши шукӯҳи гузашта. Фирдавсӣ сӣ соли тамом шабу рӯзро нашинохт, хонду навишт, то тавонист асаре ба азамати “Шоҳнома” падид овард. Бегумон, он чи ки “Шоҳнома”-ро ба чакодҳо расонд, ҳадафи воло ва дарди мардуми он рӯзгорон буд ва дарде, ки дарди Фикрӣ низ ҳаст. Фикрӣ дурусту рост ҳамон роҳеро меравад, ки Фирдавсӣ рафтааст.

Марҳум Қаввос-аз ҳамрӯзгорони Фикрӣ бо таваҷҷуҳ ба гӯшаҳое аз кору пайкори Фикрӣ аз ӯ ба гунае ёд мекунад, ки сазовораш будааст: “Устод Фикрӣ дар асри мо ягона муаррих, муҳаққиқ ва пажӯҳишгари заҳматкаш ва пуркоре буд, ки Ҳироти бостонро бо тамоми олимону орифонаш, бо ҳамаи санъатгарон ва ҳунармандонаш, бо ҳамаи хаттотон ва наққошонаш, бо ҳамаи обидоту нафоиси умронӣ ва таърихии он зинда сохт ва дар лобалои мақолот ва муаллифоти мабсут ва таърихномаҳои пажӯҳишии худ муаррифӣ намуд.

Устод Фикрӣ таърих навишт, китоб нигошт, шеъру суруд, хатти хуш дошт, наққош буд, тазҳиб намуд, минётур кашид, ҷилд сохт, кошӣ тарошид ва ҳунарҳои бостонро зинда сохт. Устод Фикрӣ дар тадвин ва нигориши таърихи Ҳирот Байҳақии асри худ буд: бо насри сода ва шево, бо камоли амонатдорӣ ва одоби таърихнависӣ пойбанду мавсуф буд. Асноду ривоёти хаттию шифоҳиро дар ҷавлонгоҳи ифтихороти Ҳироти бостон аз хилоли авроқи дарҳаму пароканда ва аз саҳафоти китобҳо ва ҷунгҳои камёфт ва аз ҳофизаву хотироти куҳансолон ва аз катибаҳои сангию гаҷӣ ва кошӣ гирд меовард” [4, 24-25].

Ӯ “Равзат-ул-ҷаннот”-и Исфизорӣ, “Ҳабиб-ус-сияр” ва “Хулосат-ул-ахбор”-и Хондамир, “Равзат-ус-сафо”-и Мирхонд, “Матлаъ-ус-саъдайн” ва “Маҷмаъ-ул-баҳрайн”-и Абдурразоқи Самарқандӣ, “Шарафнома”-ву “Шамс-ул-ҳусн” ва навиштаҳои таърихии Ҳофизи Абрӯро мехонд. Авроқ, китобҳо ва катибаҳои фаровонро аз назар мегузаронад ва борҳо биноҳои таърихӣ ва сангу хишти онҳоро ошиқона тамошо мекард. Ба ҳар гӯшаи Ҳирот ва дуртарин рустоҳо мерафт, ба суханони шахсони солхӯрда бо шефтагии бемонанд гӯш фаро медод ва ҳар чӣ дар ҳар ҷо медиду мешунид, ёддошт мекард, то пас аз фурӯковӣ ва баррасӣ баргҳои китоби нотамоми “Таърихи Ҳироти бостон”-и худро озин бандад. Фикрӣ худ менависад: “Соле чанд аст, андешаи ҷамъу таълифи таърихи Ҳироти бостонро дар дил мепарваронам; тайи ин муддат ба ҳар китобу рисола, ки нуктае дар бораи Ҳирот дидам, ёддошт намудам; ба гӯша ва канор аз нуқоти Ҳирот, ки маро гузар афтод, ба ҷустуҷӯи имороти куҳан шитофтам ва агар катиба ва ё навиштае дар тоқи масҷид ё равоқи хонақоҳ ва даргоҳи ҳавзе ба назар расид, нақл бардоштам; аз достонҳои маҳаллӣ ва ривоёти бумӣ низ сарфи назар нанамудам ва ҳар вақт фароғате доштам, ба тартибу танзими он навиштаҳо пардохтам” [8, Алиф].

Шояд Фикрӣ мехоста, ки бо таъкид ба ифтихороти фарҳангӣ ва илали равнақи падидаҳои моддию маънавии ҷомеаи мо дар гузаштаҳо “...ба тазъифи давлатҳо бипардозад” ва ононеро, ки “бо пайравӣ аз назми иҷтимоии ақибгаро дар пайи измиҳлоли дастовардҳои фарҳангӣ ва ҷойгузин кардани арзишҳои ибтидоӣ будаанд”, ҳамчун як равшанфикри мутааҳҳид ҳушдор бидиҳад [3, 102].

Агар Фикрӣ давраи Темуриро ба тамошо мегузорад, агар оҳи ҷонсӯзе дар набуди он шукӯҳандагиҳо аз ниҳод бармеоварад, барои ин аст, ки намуду намоди дирӯзу имрӯзи моро рақам бизанад.

Фикрӣ жарфнигарона ва мутааҳҳидона ба суроғи таърихи гузаштаи кишвар меравад; ӯ на наббош аст ва на кафандузд. Ӯ мехоҳад, ки бо чунин рӯйкардҳое ба сӯйи фарҳангсозӣ ва фарҳанггустарӣ биравад, маънавиятро пос дорад ва пиру барноро фарёд бизанад, ки бикӯшеду бикӯшед; ва гоҳ чунон ба дард андар мешавад, ки ин байти Низомӣ дар гулӯяш мепечад:

Қофила шуд, вопасии монигар,
Эй каси мо, бекасии мо нигар [13, 15].

Фикрӣ ҳиротдӯстии худро ҳама ҷо бармало месозад, магар на ба хотире, ки зодгоҳи ӯст, балки ба ин далел, ки:

Арсаи шаҳри Ҳарӣ, к-аз ҳар диёре беҳтар аст,
Мадфани устод Розӣ, мавлиди Пири Ҳирот.
Модари Беҳзоду Мирак, хонаи султон Алӣ,
Балки аз боғи Ирам, аз ҳайси нузҳат бартар аст.
Турбаи Мавлои Ҷомӣ, орифи донишвар аст,
Маншаи устод Ҷаъфар, хонақоҳи Азҳар аст [8, 106-107].

Ба сухани фарзандаш–Вафо Салҷуқӣ, “Фикрӣ бо талоши хастагинопазир бар гӯри орзуҳову мазори худовандони донишу фарҳанги кишвар шамъи таҳқиқот меафрӯхт ва бо фурӯтанӣ ва бидуни ин ки ҳеч гуна иддаое бар чизфаҳмии худ дошта бошад, донишмандону фарзандони донишҷӯйи ин хокро ташвиқ мекард, то дар зинда нигоҳ доштани осори бостонии кишвар талош намоянд ва он чиро, ки вай аз уҳдаи равшан нигоҳ доштани он барнаёмадааст, такмил намоянд” (3, 18) ва ба ростӣ чунин будааст. Ӯ худ менависад: “Акнун дасти ту, эй хонандаи азизро мегирам ва туро хона ба хона аз завоё ва хиёбони мусалло мебарам ва роҳнамоӣ мекунам ва санг-санг аз қубури ниёгони ҳунарманд ва бузургвори туро ба ту менамоям ва муаррифӣ мекунам ва таҳдоби кох-кох ва хонақоҳ-хонақоҳи хиёбонро ба ту нишон медиҳам ва месупорам туро, эй хонандаи азиз, ки агар тавонӣ ва аз дастат барояд, навоқиси ин авроқро такмил намо ва ба гӯшаву канори торики Ватан шамъи таҳқиқ барафрӯз ва он чиро, ки ман ба дурустӣ аз уҳда баромада натавонистам, ҷуброн кун:

Додем нишон зи ганҷ мақсуд туро,
Мо гар нарасидем, ту шояд бирасӣ” [7, Алиф].

Дар фароҳамоварии “Шоҳнома” “афзун бар “Худойнома”-ҳое, ки ба забони паҳлавӣ ва порсии дарӣ падид омада буданду Фирдавсӣ ба онҳо вафодорӣ нишон додааст, пири фарзонаи Тӯс наздики “пирони донишпажӯҳ” ва “ҳунармандону гӯяндагони бошукӯҳ” менишинад ва тезҳушона достонҳои гузаштагонро мешунавад ва асари хешро ба онҳо меорояд:

Яке пир буд номаш Озодсарв,
Ки бо аҳмади Саҳл будӣ ба Марв.
Диле пур зи дониш, саре пур сухан,
Забон пур зи гуфторҳои куҳан.
Куҷо номаи Хусравон доштӣ,
Тану пайкари паҳлавон доштӣ.
Ба Соми Наримон кашидӣ нажод,
Басе доштӣ размҳо Рустам ба ёд...
Бигӯям кунун он-ч аз ӯ ёфтам,
Суханро як андар дигар бофтам.
Агар монам андар сипанҷӣ сарой,
Равони хирад бошадам раҳнамой.
Сар орам ман ин номаи бостон,
Ба гетӣ бимонам яке достон [5, 758].

Ва дар ҷойи дигаре меоварад:

Яке пир буд марзбони Ҳарӣ,

Писандидаву дида аз ҳар даре.
Ҷаҳондидае номи ӯ буд Моҳ,
Сухандону бо фарру бо ёлу шох.
Бипурсидамаш, то чӣ дорӣ ба ёд,
Зи Ҳурмуз, ки биншаст бар тахти дод?
Чунин гуфт пири Хуросон, ки шоҳ
Чу биншаст бар номвар пешгоҳ... [5, 1158].

Пас, агар дар чунин ростое Фикриро мубтадӣ ва Фирдавсиро муқтадо донистаам, сухане ба газоф ҳаргиз нагуфтаам.

Маснавии "Фаридун ва Зуҳра". Фикрӣ шоир низ ҳаст. Шеъри вай ба сони китобҳо ва навиштаҳои дигари ӯ барои зиндасозии фарҳанги пурбори гузашта ва гузоштани санги бинои зиндагии имрӯзин аст. Дар ин росто аз ҳама бештар маснавии "Фаридуну Зуҳра"-и ӯ диранг карданист. Ин маснавӣ афзун бар арзишҳои фаровони дигар, нигоҳи густурда ва диди бози Фикриро дар бораи зиндагӣ ва арзишҳои он ба хубӣ нишон медиҳад, ки пас аз Даҷиқию Фирдавсӣ ин Фикрӣ аст, ки бо гузашта, бавижа, бо ойини маздоясноӣ дар сурудаҳои хеш бархурди таърихмандона мекунад, на мутаассибона. Ӯ, ки рознокона Худойро мегӯяд:

Туро ҳар қавм мехонад ба номе,
Туро ҳам ҳаст эшонро паёме.
Аҷам гӯяд туро Ҳурмузду Яздон,
Араб гӯяд туро Аллоҳу Раҳмон [9, 2].

Гӯйӣ дар паҳлӯи Қуръони карим, тафосиру аҳодиси набавӣ, ки худ ва хонадонаш бо онҳо сахт боварманд буданд, "Авасто", "Занд" ва "Позанд" низ мехонда ва хуб мехонда ва ба коми сухани хеш оби "Готҳо" ва "Яштҳо"-ро мечакондааст.

Фишурдаи достони бостонии "Фаридуну Зуҳра"-ро, ки бӯйи гуворои "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ медиҳад, меоварам:

Марзу-муайяди оташгоҳи Молон аз надоштани фарзанд ҳамвора дилтанг буд. Рӯзе даст ба домани Аҳурамаздо зад ва гуфт:

-Агар маро фарзанде ояд, рӯйи дарёи Молон пуле хоҳам баст, то мардумон битавонанд осуда ба оташгоҳи Молон биёянд.

Худованд ӯро зебописаре дод ва номашро Фаридун ниҳод. Аз доноён дар бораи ояндаи ин кӯдак пурсид. Посух доданд, ки зирак, паҳлавон ва бодониш хоҳад шуд, магар ба ишқи зебодухтаре гирифтор меояд, сар ба биёбон мегузорад, дар фарҷом гӯшанишини оташгоҳи Молон мешавад.

Шабе Фаридун, ин гурди бинишманд духтари хушсимоеро ба хоб дид, девонаи ӯ шуд. Аз ин пас, коре ҷуз гиряву зорӣ надошт. Фаридун буду сар ба сангу сахра кӯбидан ва падарро ба танӯри ҳиҷрон сӯзондан. Замонҳо гузашт, корвони падари Зуҳра, ки марде буд пурхоста, аз Нишопур ба Ҳирот расид. Ӯ барои ниёиш ба оташгоҳи Молон омада буд. Падару писар наздики меҳмонон рафтанд ва бо якдигар ошно шуданд. Дар нахустин дидор Фаридун гумшудаашро ёфт ва Зуҳра низ гаравидаи ӯ шуд. Дареғо, ҳиҷрон фаро расид.

Рӯзҳову моҳҳо гузашт, Фаридуни беқарор роҳии диёри ёр шуд, магар Зуҳра чизи дигаре шуда буд. Фаридун шиква сар доду дилдорро гуфт:

-Маро шефтаи худ сохтӣ, дар номаҳое чанд ваъдаҳои бисёре додӣ, магар имрӯз ба гунаи дигаре менамоӣ.

Посухи дилхоҳе нашунид.

Пас аз саргардониҳои фаровон гӯшанишини оташгоҳи Барзин шуд. Дар фарошуди ривояти рухдодҳои ин маснавӣ, достонҳои фаръии бисёре ҷой гирифтаанд, ки ҳама баёнгари фарҳангдӯстӣ, ишқ ба меҳан ва огоҳию шефтагии Фикрӣ ба гузаштаи таърихии сарзамини мост.

Фикрӣ дар достони "Фаридуну Зуҳра" перомуни оташгоҳи Молон, бино кардани пули Молон, бинои ҳисори Шамирон, пайдо шудани испарғам, зуҳури Монӣ ва ҳикояти Абдуллоҳи Омир–тозии фарҳангкуш ва боз фарҳангпарварии

Сомониён нуктаёбиҳое кардааст. Нуктаёбиҳое, ки бештар ба кори як пажӯҳишгари жарфнигар наздик аст, то ба нигоҳи отифӣ-тахайюлии як достонпардоз, ҳарчанд ба сони кори пешгомонаш таърих афсона мешаваду таърих афсона.

Ҳама медонанд, ки Фирдавсӣ "Худойнома"-ҳоро фарорӯй мегузорад ва бо ҳамон шамми фарҳангии болое, ки дорад, он чиро боястааст, бармегузинад ва бо амонатдории бемонанд баргҳои "Шоҳнома"-ро ба он фарозоваридаҳо озин мебандад. Равиши достонпардозии деҳгоннажод божбаргузидан аст ва парвардан ба забони некӯ ва бо забони гушода баён кардани он чи дигарон гуфтааанду навиштаанд:

Сухан ҳар чӣ гӯям, ҳама гуфтаанд,
Бари боғи дониш ҳам руфтаанд.
Агар бар дарахти барӯманд ҷой
Наёбам, ки аз бар шудан нест рой.
Касе, к-ӯ шавад зери нахли баланд,
Ҳамон соя боз дорад газанд.
Тавонам магар пояе сохтан
Бари шохи он сарви сояфикан [5, 4].

Пас, он чи Фирдавсӣ анҷом медиҳад, ороишу пироиш аст, на афзоишу коҳиши ончунонӣ ба асли матн:

Кунун з-ин сипас номаи бостон,
Бипайвандам аз гуфтаи ростон [5, 539].

Ва ё:

Чу ин нома афтод дар дасти ман,
Ба моҳӣ гароянда шуд шасти ман.
Нигаҳ кардам ин назм суст омадам,
Басе байти нотандуруст омадам.
Яке нома буд аз гаҳи бостон,
Суханҳо аз ӯ барнавишт ростон.
Чу ҷоми гуҳар буду мансур буд,
Табоиъ зи пайванди он дур буд.
Гузашта бар он солиён шаш ҳазор,
Гар эдун, ки пурсиш намояд шумор [5, 675].

Авҷи ин амонатдорӣ он ҷост, ки ҳазор байти ДаҚиқии Балхиро дар дарёи "Шоҳнома" ҷорӣ месозад:

Бад-ин нома гарчанд биштофтӣ,
Кунун ҳар чӣ ҷустӣ, ҳама ёфтӣ.
Аз ин бора ман пеш гуфтам сухун,
Суханро наёмад саросар ба бун.
Зи Гуштоспу Арҷосп байте ҳазор
Бигуфтам, сар омад маро рӯзгор.
Гар он моя назди шаҳаншаҳ расад,
Равони ман аз хок бар маҳ расад.
Кунун ман бигӯям сухан, к-ӯ бигуфт,
Манам зинда, ӯ гашт бо хок ҷуфт [5, 646].

Шеваи кори Фикрӣ низ ин буда, ки ҳар ҷо достони ҷолибе дар бораи Ҳирот меёфта, онро ба назм мекашидааст, чунон ки достони биногузории шаҳри Ҳирот ва дижи Шамиронро дар "Равзот-ул-ҷаннот" метавон ёфт [1, 55-76] ва достони пайдо шудани ангур ва нахустин ҷашни Наврӯзро дар "Наврӯзнома" [2, 65-70]. Дар чунин маворидe, пас аз баробаргузорӣ, хонанда дармеёбад, ки ӯ бо чӣ амонатдорӣ дар назм бо рӯ овардан ба таърихи ҷойҳо гом мегузорад, то он ҷо ки ҳеҷ коҳишу афзоишеро бар ривоятҳои таърихӣ раво намебинад. Хонанда низ дармеёбад, ки бо чи нигариши жарфу ҳамагире масъалаеро баррасӣ мекунад:

Куҳандижро бино Луҳросп карда,
Бинои дигараш Гуштосп карда.
Валек ин қалъаро дар аҳди Баҳман
Шамирон сохту дар вай кард маъман [9, 131-132].

Ва дар бораи зуҳури Монӣ месарояд:
Зи қавли мӯбади донову фарманд,
Чунин фармуд деҳқони хирадманд:
Ҳакиме аз диёри Қандаҳоро.
Ба Тус андар шуд аз роҳи Бухоро.
Чу мусиқору булбул хушнаво шуд,
Ба чангу уду барбат ошно шуд.
Тане чанде зи суғдиву Бухорӣ,
Ба даври он ҳаким аз роҳи ёрӣ [9, 146-147].

Дар ҳикояти “Пайдо шудани испарғам дар асри Фаридун, подшоҳи Балх” қавли дигареро, ки дар бораи пайдо шудани нозбӯ вуҷуд дошта, ба тариқи пажӯҳишгарона баён медорад:

Ба қавле, испарамро шоҳ Ҷамшед,
Ба саҳро диду бӯяшро писандид.
Гирифташ тухму овардаш ба бӯстон,
Бипошиду аз он рӯйид райҳон.
Сипарғам зинати бӯстони Ҷам шуд,
Аз он рӯй номи ӯ ҷомиспарам шуд [9, 142].

Фикрӣ дар ин достон аз Марзу ва аз ойини Маздоясноӣ ва анъанаҳои зардуштӣ ёд мекунад:

Ба шукрон ҷониби гунбад равон шуд,
Ҳаме барсам гирифту “Занд”-хон шуд.
Пас аз шукри Худованди ягона,
Зи гунбад боз омад сӯйи хона.
Ба даври хон нишаста меҳмонон,
Ҳама барсам ба дасту божхонон.
Сипоси неъмати Яздон намуданд,
Сипас оҳанги обу нон намуданд [9, 29].

Низ аз расми кастӣ бастан ё ғусли муқаддас, ки аз бунёдҳои кеши зардуштист, суханҳо бар лаб дорад:

Пас аз ғусли муқаддас шаҳ Фаридун
Ба по истод чун симина устун.
Бипӯшонид садра бар тани ӯ,
Чу шуд садра ба тан пироҳани ӯ.
Зи Ҳурмуз, Яшту пас найранги кастӣ,
Бихонду баст кастӣ аз дурустӣ [9, 38-39].

Достонеро, ки Фикрӣ бармегузинад, бегумон, ҷойи вожаҳои дарӣ ҳатто вожагони паҳлавӣ мебошад, ки бештари онҳо ё номи ҷоест, ё номи анъанае ва номи шахсе. Монанди: имшоспандон, барсам, отрибон, ҳумод ва... Фикрӣ, ки огоҳона чунин достонеро месарояд, аз ин ки вожаҳои маҳҷурро ба кор мегирад, ба ин сон ёд мекунад:

Луғоти куҳнаву матруку маҳҷур,
Ба кор ар мебарам, медор маъзур.
Ки хоҳонам ба ҷон лафзи дариро,
Яке мурғам гулистони Ҳариро.
Нахустин маҳди ман хоки Ҳарӣ буд,
Нахустин ҳарфи ман ҳарфи дарӣ буд.
Дар он соат, ки аз модар бизодам,
Ба гулзори Ҳарӣ дида гушодам.
Биболидам ба ин обу ба ин хок,
Чи обу хок, бе оҳуву бе ок.
Дарӣ гуфтам, ниюшидам дариро,
Пазируфтам забони модариро.
Чу моро зоду бум аз ориёност,
Дариро тору пуд аз ориёност.
Мазоқи ҷони ман ширин аз он аст,

Ки ин қандам ҳамеша дар даҳон аст [9, 6-7].

Дар достони “Абдуллоҳ ибни Омир” фарҳангпарварии Хуросониён ситоиш мешавад ва аз он даврони шукӯҳандае, ки хуросониён мехостанд, забони онон равони тозае пайдо кунад, чунон ҷонибдорона сухан меронад, ки хонанда бо нахустин нигоҳ шефтагии фаровони ӯро ба фарҳанг ва забони пурбори дарӣ дармеёбад:

Шунидастам, ки Абдуллоҳи Омир,
Чу андар Ориёно гашт омир.
Ба уммоли Хуросон дод фармон,
Ки то аз мӯбадон гиранд паймон.
Ки ҳар як мард аз деҳгону аҳрор,
Магар як ман китоб орад ба ночор.
Ҳамесӯзам китоби габраконро,
Ки ҳастам душман ойини муғонро.
Ҳар он, к-ӯ оҷиз аст аз нома додан,
Ҷудо созанд ӯро сар зи гардан.
...Ба зери теғ як-як ҷон супурдан,
Валек ин амрро фармон набурданд.
Гурӯҳе, к-аз назарҳо дур буданд,
Ҳама овораву маҳҷур буданд,
Забони паҳлавӣ гуфторашон буд,
Накӯ кирдору хуш пиндорашон буд.
Гурӯҳе ҳам зи озодону деҳгон,
Ба шаҳристону атрофи Хуросон,
Ба тақя кори худ осон намуданд,
Забони хешро пинҳон намуданд.
Ки то аз лутфи ҳақ фархундашоҳе,
Ҷаҳони адлро пушту паноҳе,
Ба тахт андар нишаст аз оли Сомон,
Шуд аз вай кори мулку дин ба сомон.
...Дигар раҳ тоза шуд ойини Наврӯз,
Дубора габрагон шуд чеҳраафрӯз.
...Муғу муслим ба ҳам дамсоз гаштанд,
Ба нафъи мамлакат ҳамроз гаштанд [9, 7-9].

Ин чашмдӯхтанҳои Фикрӣ ба забон ҳаргиз наметавонад пайванди ситабре бо “Шоҳнома” баргузор накунад ва тасодуфӣ бошад. Нулдкеи олмонӣ менависад: “миёни шеъри “Пай афкандам аз назм...”-и Фирдавсӣ ва шеъри Ҳурос ҳаммонандиҳои фаровонест, бе он ки мусалламан байни хуросониён ва ин намояндагони Мағрибзамин ҳеч гуна пайванде вуҷуд дошта бошад”.

Ҳурос мегӯяд: “Ман биное ба по кардаам аз ҳамаи фулузот муҳкамтар ва аз ҳайси мақоми боазамати хеш аз аҳром баландтар, ки борони сахту боди тунди Шимол ва ҳамчунин, солҳои мутамодӣ ва гардиши рӯзгор дар тахрибу инҳидоми он оҷизу нотавон аст. Ба куллӣ намемирам, бахши бузурги ман аз дасти рабб-ун-навъи марг фирор хоҳад кард ва ман зинда хоҳам буд, бо шуҳрати ҷовидонӣ. Ман шуҳрат пайдо кардаам, аз он ки суруди куҳани аюлиро бар вазни итолиёии куҳан овардам”.

Фирдавсӣ месарояд:

Ман ин номаи шаҳриёрони пеш,
Бигуфтам бад-ин нағз гуфтори хеш.
Ҷаҳон кардаам аз сухан чун биҳишт,
Аз ин пеш тухми сухан кас накишт.
Биноҳои обод гардад хароб,
Зи борону аз гардиши офтоб.
Пай афкандам аз назм кохе баланд,
Ки аз боду борон наёбад газанд.
Бад-ин нома бар солҳо бигзарад,

Бихонад ҳар он кас, ки дорад хирад.
Намирам аз ин пас, ки ман зиндаам,
Ки тухми суханро парокандаам.

Авидус дар ситоиши асари худ, чун Фирдавсию Ҳурос, доди сухан медиҳад: “Ман асаре аз худ ба ёдгор гузоштаам, ки на қаҳри Жупетр, на оташ, на оҳан ва на мурури замон қодир ба маҳви он хоҳад буд”[14, 168]

Инҳо ҳама ба ҷойи худ дуруст, магар корҳои пажӯҳишӣ ва бештарини офаринишҳои Фикрӣ, бавижа маснавии “Фаридуну Зуҳра”-и ӯ гӯёи бисёр равшане аз таъсиргирии огоҳонааш, аз нигариши Фирдавсӣ ба зинда сохтани таърихи гузашта ва арҷ гузоридан ба забони порсии дарӣ тавонад буд. Магар Фирдавсӣ чизе ҷуз орзуи ба поён овардани таърихи ниёгони хеш дар сар дошт? Ҳаргиз:

Ҳаме хоҳам аз Додгар як Худой,
Ки чандон бимонам ба гетӣ ба ҷой,
Ки ин номаи шаҳриёрони пеш,
Бипайвандам аз хубгуфтори хеш [5, 646].

Магар ӯ аз парокандани тухми сухан кори барозандатаре суроғ дошт? Ҳаргиз:

Сухан монад андар ҷаҳон ёдгор,
Сухан беҳтар аз гавҳари шоҳвор [5, 646].

Бо чунин пешина ва бардоштест, ки Фикрӣ низ мехоҳад, забон гиреҳгоҳе бошад ва ҳамаро ба ҳам пайванд занад. Аз ин ҷо, ӯ нерӯмандӣ ва посдории забони дариро хостор аст ва мехоҳад, ҳамаи донишҳо, ҳатто мутуни динӣ, ба ин забон навишта шавад. Дар чунин ростоест, ки аз тарҷумаи Қуръони карим ва хондани намоз ба порсии дарӣ дар аҳди Сомониён ба ин сон бо шӯри фаровон ёд мекунад:

Аҷамро гар намоз душвор ояд,
Намозаш порсӣ гуфтор шояд.
Мар ин дин хоси авлоди араб нест,
Мусалмонӣ муқайяд дар насаб нест.
Мусалмон гар сиёҳу гар сапед аст,
Ҳама дар як умеду як навид аст [9, 11-12].

Пайгуфтор. Паёми Фирдавсии бузург ва ҷонмояи “Шоҳнома” ҳамин сухан аст: шукӯҳи гузаштаро ба ёд оред, роҳкорҳои он ҷаҳондидагонро фарочашм бидоред, камари ҳиммат барбандед, то битавонед, озодвору сарбаланд зиндагӣ кунед.

Фикрии Салҷуқӣ низ бо пажӯҳишҳои жарфу густурда дар таъриху ҷуғрофиёи бахше аз Афғонистон–Ҳирот ин боварро намуд мебахшад, ки посдорӣ аз фарҳангу маънавият кору талошу огоҳӣ мехоҳад, дирӯзу имрӯз ҳам надорад. Гузаштаи таърихии Афғонистон нишон медиҳад, ки ин маҳди забону адаби порсии дарӣ тавоноиҳои фаровоне барои фароз рафтан бар чакоди тамаддун доштааст, ки агар он бунёдҳоро фарочанг бигирем, роҳи расидан ба таолӣ ва тараққӣ ҳамвор мешавад.

Ҳарчанд, таърихи пурдурахши гузашта, бавижа даврони Темуриён, Фикриро ба бархурдӣ эҳсосӣ-отифӣ мекашонад, магар ин отифаҳо саршоранд аз меҳандӯстӣ ва посдошти фарҳангу тамаддуни пурбори гузашта ва гузоштани санги бинои ҷомеаи мутамаддини кунунӣ. Аз ин рӯ, ҳар бориқае аз технологияи ӯро саршори шодӣ месозад ва ҳар кажандешие оромишро аз ӯ мегирад. Фикрӣ сар ба санг мекӯбад, катиба мехонад, коғазпора варақ мезанад, ҷунгҳову баёзҳоро варақгардонӣ мекунад, китобҳои бузурги хаттию чопиро мехонад, то магар чизе дар бораи зодгоҳаш–Ҳироти бостон биёбад ва ба мо арзонӣ дорад. Ӯ мехоҳад розе аз гузаштаро дарёбаду ба ману ту бигӯяд; ганҷинаҳоро фароҳам меоварад ва ҳамаро доман-доман мебахшад.

Шеъри Фикрӣ, чи маснавию қасида, чи ғазалу таркиббанду тарҷеъбанд, низ нигоҳи як таърихдони ошиқи фарҳанг аст ва нигоҳи як эҳёгари фарҳанги ғаноманди гузашта барои оростану пиростани ҷомеаи кунунӣ. Ӯ бо Фирдавсию Дақиқӣ дамсоз мешавад ва бо ҳамоҳангӣ ба андешаҳои Фаррухию Саъдӣ, Ироқию Ҳофиз мехоҳад, ки маърифату маънавиятро дар равонҳо бикораду моро ба сӯйи ободонии кишвар бикашонад. Яъне, мо, ки оташгоҳи Молоне ва Мусаллое доштем, чаро имрӯз дар

заминаи тафаккуру технология сухане барои гуфтан надошта бошем, магар ҳамин шукӯҳи гузашта ва нишастан ба хоки сиёҳи музаллат нест, ки Фирдавсиро ба сароиши “Шоҳнома” мекашонад?

Фирдавсӣ ва Фикрӣ медонистанд, ки ҷойгоҳи забони порсии дарӣ дар сохтани фарҳанг, то чи мояе бунёдӣ аст. Аз ин рӯ, забони порсии дарӣ-ин омили фарҳангу арзиши маънавии моро пос медорад ва мехоҳад ба ин бовар бирасем, ки бидуни забон аз ҳуввияти миллӣ хабаре нест.

Насли ояндаро мебояд, ки ба монанди Фикрӣ ошиқона талош биварзад, диранге аз кор бознаистад, пажӯҳиш намояд, то тозаҳое фарорӯямон сабт шавад. Бо фарзонагони озода ва меҳандӯсти таърихи пурбор ва маънавиятхези хеш, ба монанди Фирдавсӣ огоҳона пайванд барқарор бикунад, аз онҳо биомӯзад, шоистагиҳо ва боистагиҳоеро, ки имрӯза ба дардамон мехӯрад, дар ҷомеаи ниёзманди кунунӣ русух диҳад ва ҳамсадо бо пири Тӯс бигӯяд:

Ту чандон, ки гӯйӣ, сухангӯй бош,
Хирадманд бошу ҷаҳонҷӯй бош.

Абулқосими Фирдавсӣ хиргоҳ дар ҷаҳони имрӯзин мезанад, дар равонҳои касони фаровон шӯре барпо мекунад, меҳандӯстӣ ва озодагиро дар зиндагиашон ниҳодина менамояд ва настуҳоне чун Фикриро ба сӯйи таърих ва фарҳанги барӯманди гузашта мекашонад.

Фикрии Салҷуқӣ Мавлоно Ҷомии рӯзгори ману шумост: пажӯҳишгари доиратулмаорифӣ, мунтақиди иҷтимоӣ, шоири дардманд, мусиқидони номвар ва таърихнигори борикбин. Ӯ хостааст, ҳамчун Фирдавсии бузург гузаштаро фаро ёд оварад, то оянда сару сомоне пайдо кунад.

Ӯ дар рисолаҳои “Гузаргоҳ”, “Хиёбон” ва дар таълиқоте, ки бар “Рисолаи мазороти Ҳирот” ва “Дебочаи Дӯстмуҳаммади Ҳиравӣ” нигоштааст, низ мақолаҳои фаровони дигар пажӯҳишгарона гузаштаҳои пурбори сарзамини моро Фирдавсивор-он шуубии мутааҳҳид, он, ки таърихи Ориёи куҳанро хуб хондааст-ойинадорӣ мекунад. Гӯйӣ “Шоҳнома”-е ба наср навишта бошад. Фикрӣ дар маснавии “Фаридуну Зуҳра” ва дар пардохтаҳои дигараш ба сони як мардумгарои фарҳехта қомат меафрорзад ва ҷавонону пиронро дарси зиндагӣ медиҳад. Чунонки падараш дар “Шоҳнома” чунин омӯзаҳоеро ба ҳамрӯзгоронаш дода буд. Ба ин орзу то ҳиммате ба харҷ равад ва Рустамоне рустамӣ кунанд.

Фирдавсии Тӯсӣ-офаридгори “Шоҳнома” дар садаи чаҳорум–ва Фикрӣ-таърихнигор ва шоири садаи чаҳордаҳум–дар як гуфтамони вижаи дигар ҳамфикрӣ нишон медиҳанд ва як рози сар ба муҳрро дар миён мегузоранд: рози арҷ гузоридан ба забонро. Ба ин гуна Фирдавсӣ имрӯзитар аз бисёрии мо мешавад, на ин ки Фикрӣ дирӯзтар мешавад. Фикрӣ ва Фирдавсӣ дарёфта буданд, ки бидуни забон на дурахшишест ва на созу коре; то он ҷо, ки ҳама чиз, ҳатто “Шоҳнома”, бидуни посдошти забони порсии дарӣ муаллақ мемонад. Ин забон сутуни ситабрест, ки аз баракати но фарҳангу маънавияти Хуросонзамин ва маданияти шукуфони ренасанси Темурӣ устуворӣ ва шукӯҳмандагӣ ёфтаанд. Агар аз он огоҳонаю дилсӯзона ҳимоят накунем, бегумон, ҳама чизи мо бар бод меравад.

А Д А Б И Ё Т

1. اِسفزاري، معين الدين زمچي. روضات الجنات في اوصاف مدينت الهرات / اِسفزاري، معين:به تصحيح، حواشي و تعليقات سيد محمد كاظم امام. - تهران: چاپخانه‌ی دانشگاه، 1338، ج 1 و ج2. - 656 ص.
2. خيام ، عمر. نوروز نامه / خيام ، عمر:به كوشش و تصحيح مجتبی مينوی. - تهران: كتابخانه‌ی كاوه، 1380. - 176ص.
3. صديقي، جلال الدين. روش تاريخ نگاري استاد فكري سلجوقي / صديقي، جلال الدين. - هرات باستان: انتشارات اكادمی علوم افغانستان. - ش2، س5، 1363. - 13ص.
4. غواص، محمد اعلم. به ياد نگارنده ی تاريخ هرات باستان / غواص محمد - هرات باستان: انتشارات اكادمی علوم افغانستان،- ش2، س5، 1363. - 6 ص.
5. فردوسی، ابوالقاسم. شاهنامه، به كوشش سعيد حميديان/ فردوسی ابوالقاسم.- تهران: نشر قطره، چاپ هفتم، 1385. - 1378ص.
6. فروزانفر، بديع الزمان. تاريخ ادبيات ايران / فروزانفر بديع الزمان: به كوشش عنايت الله مجيدی. - تهران: انتشارات وزارت فرهنگ و ارشاد اسلامی، 1383. - 636ص.
7. فكري سلجوقي. عبدالروف. خيابان / فكري سلجوقي. - كابل: مطبعه‌ی دولتی، 1343. - 110ص.
8. فكري سلجوقي. عبدالرووف. ديوان، به كوشش فرزاد احراری / فكري سلجوقي. - هرات: انتشارات احراری، 1390. - 219ص.
9. فكری سلجوقی. عبدالرووف. مثنوی فريدون و زهره، به كوشش حسين وفا سلجوقی / فكري سلجوقي. - آلمان: كتاب سرای هامبورگ، 1388. - 230ص.
10. فكری سلجوقی. عبدالرووف. گازرگاه / فكري سلجوقي. - كابل: مطبعه‌ی دولتی، 1334. - 91ص.

11. نایل، حسین. سخن سرایانی از سده‌ی سیزدهم / نایل، حسین. - کابل: چاپ مطبعه‌ی طباعتی و صنعتی احمد، 1370. - 458ص.
12. نظامی عروضی سمرقندی، احمد بن عمرو. تعلیقات چار مقاله / نظامی عروضی سمرقندی: به تصحیح محمد قزوینی و کوشش مهدخت معین. - تهران: انتشارات صدای معاصر، 1388. - 726ص.
13. نظامی گنجه‌یی، الیاس ابن یوسف. کلیات خمسه / نظامی گنجه‌یی، الیاس ابن یوسف. - تهران: انتشارات امیر کبیر، چاپ هشتم، 1381. - 1367ص.
14. نوری علاء، اسماعیل. صور اسباب در شعر امروز ایران /

Сари болои кӯҳ аз бурдборист,
Сабақ аз кӯҳ мегир, эй дил, эй дил! [8, 345].

Рубоиёти ишқии шоир низ саршори анъанаи гузаштаи шоирони рубоисарои адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ аст. Ишқу ошиқиро шоир маҳаки асосии зиндагӣ меҳисобад ва булҳавасиро дар ин ҷода намеписандад. Ошиқу маъшуқ бояд бо меҳнати худ ифтихор кунанд. Нозу карашмаи онҳо бояд мисли хандаи табиат дилкаш ва зебо бошад:

Чашмат чу ситораи саҳар механдад,
Рӯят чу гули лолаи тар механдад.
Қурбони ҳамон чашму гули рӯй шавам,
Чун субҳ ба сӯяш ин қадар механдад! [8, 346].

Илова бар ин шоир гули баҳор, луқмаи муфт, роҳи осон тайшуда ва ҳарфи гуфташударо дар зиндагӣ намеписандад:

Он гул напарастем, ки он бехор аст,
Он луқма нахоҳем, ки он тайёр аст.
Он раҳ нашиносем, ки осон тай шуд,
Он ҳарф нагӯем, ки бас такрор аст [8, 348].

Дар ин ҷо месазад, хотиррасон кард, ки як қатор рубоӣ ва дубайтиҳои шоир аз фолклор маншаъ гирифта, дар пайравии шеъри халқ ва зарби он эҷод шудааст. Чунончи:

Ду милаи дар шона авезон дорӣ,
Ду рӯйи анору дасти печон дорӣ.
Ду қитъаи пунбаи шукуфон дорӣ,
Ҳар он чи ту дорӣ, ҳама аз он дорӣ.

***

Чун файзи саҳар ба кунҷи саҳро оӣ,
Чун байраҳи сурх дар бари саҳроӣ.
Ҳусни саҳарам ҳусни туро ҳусн диҳад,
Гар бо ҳунарат ҳусни дигар бахшоӣ [8, 349].

Ҳунари инсон дар меҳнати ӯст. Шоир аз замин то осмон, то сайри Маҳу бурҷи Каҳкашонро аз пешрафти илму техника медонад, ки офарандаи он меҳнати фикрии одамӣ аст. Барои худ дунёи шеърро дигар меҳисобад:

Ҷонам туӣ, ту, ҷону ҷаҳонам туӣ ту,
Қурси Маҳу бурҷи Каҳкашонам туӣ ту.
Ман бе ту замину осмонро чӣ кунам?
Эй шеър, замину осмонам туӣ ту! [8, 350].

Агар барои ихтироъкор ихтирои олии ӯ маҳаки зинда монданаш дар зиндагӣ бошад, шоирро шеъри ноб, ашъори оламгир ӯро дар ёдҳо нигоҳ медорад. Агар дар ҳарфаш хатое рафта бошад, он роҳи ноҳамвор ва пурпечутоби зиндагӣ аст:

Раҳ мепӯям, роҳи ман аз кӯҳсор аст,
Пастиву баландии раҳам бисёр аст.
Дар ҳарфам агар сакта бубинед шумо,
Маъзур, ки нақши роҳи ноҳамвор аст [8, 348].

Ҳамин тавр, рубоӣ ва дубайтиҳои Убайд Рачаб ба мавзуъҳои гуногуни зиндагӣ, муҳаббат ба ватан, хизмати софдилона ба халқ, ростиву накукорӣ, ҷавонмардӣ ва олиҳимматӣ, муборизa бо ҳар гуна равандҳои номатлуб бахшида шуда, ин андешаву афкори шоир бо суханони волои шоирона ва маҳорати беназири эҷодӣ, бо санъатҳои шеъриии ҷолиб ва ихчаму мувофиқ баён шудаанд.

АДАБИЁТ

1. Абдусаттор А. Асрори шеъри марғуб / А. Абдусаттор. - Душанбе: Адиб, 2004. - 110 с.
2. Акбарзода Ю. Рисолати шоир ва шеър / Ю. Акбарзода. - Душанбе: Адиб, 2009. – 376 с.
3. Аминов А. Жанр рубаи и советская лирико-философская поэзия / А. Аминов. – Душанбе: Дониш, 1988. – 128 с.
4. Амонов Р. Рубоиёти халгӣ ва рамзҳои бадеӣ / Р. Амонов. – Душанбе: Дониш, 1987. – 296 с.
5. Сатторзода А. Нуктаи пайванд / А. Сатторзода. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 240 с.
6. Сидельников В.М. Писатель и народная поэзия / В.М. Сидельников. – М.: Советская Россия, 1980. – 175 с.
7. Солеҳов Ш. Адабиёт ва шинохти он / Ш. Солеҳов. – Душанбе: Ирфон, 2009. – 240 с.
8. Убайд Рачаб. Саррез / Убайд Рачаб. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 403 с.
9. Файзуллоев Н. Шеъри атфол дар қарни бист / Н. Файзуллоев. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2005. – 234 с.
10. Шакурӣ М. Ҷусторҳо дар бораи забон, адабиёт ва фарҳанги Тоҷикистон / М. Шакурӣ. – Теҳрон: Асотир, 1382 (2003). - 199 с.
11. Шарифов Х. Сухан аз адабиёти миллӣ / Х. Шарифов. – Душанбе: Пайванд, 2009. - 482 с.
12. Шамсуддин Муҳаммади Қайси Розӣ. Ал-муъҷам… / Шамсуддин Муҳаммади Қайси Розӣ; муаллифи сарсухану тавзеҳот ва ҳозиркунандаи чоп У.Тоиров. – Душанбе, Адиб, 1991.

ПОЭТИЧЕСКИЕ ЖАНРЫ РУБАИ И ДВУСТИШИЯ В ПОЭЗИИ УБАЙДА РАДЖАБА

Статья посвящена анализу поэтических и художественных особенностей рубаи и двустишия в творчестве известного детского поэта современной таджикской литературы Убайда Раджаба в годы его творческого роста конца XX века. Также рассматриваются вопросы тематики рубаи и двустишия в творчестве поэта, которая включает социальные аспекты жизни простого народа, тему любви к родине, а также темы человеколюбия.

Ключевые слова: поэзия, рубаи, двустишия, литература, язык, художественное произведение, жанры, жанровая тематика, поэт, творчество.

POETIC GENRE QUATRAINS IN POETRY UBAID RAJAB

This article analyzes the poetic and artistic features in the poems of the famous children's poet of modern Tajik literature - Ubaid Rajab during his growth as a poet of the late twentieth century. Also discusses litrature themes in the poems, which includes social aspects of life of ordinary people, the theme of love for the motherland and the themes of humanity**.**

Key words: poetry, literature, language, poetry, quatrains, art, genres, genre themes, poet, art.

Сведения об авторе: ***Ф. Хусейнзаде*** - кандидат филологических наук, доцент, докторант Таджикского национального университета. Телефон: **927-53-87-65**

ТАҶАССУМИ МАЗОМИНИ СУРУДАҲОИ ШОИРОНИ АРАБ ДАР ОСОРИ САЪДӢ

М. Ваҳҳобова
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров

Дар таърихи адабиёти форсу тоҷик пажӯҳишоти зиёде дар заминаи таъсири адабиёти қадимаи араб ба адабиёти форсу тоҷик ва таҷассуми мазомини шуарои мазкур ба шеъри суханварони мо анҷом ёфтааст, ки бешак ин амр ба муҳимтарин ҷараёни таҳкимбахшандаи равобити адабии Арабу Аҷам мусоидат мекунад. Ҳангоми мутолиаи ашъори суханварони асрҳои миёнаи тоҷику форс ва араб байту шеърҳои алоҳидаеро дучор шудан мумкин аст, ки аз ҷиҳати ягонагии маъниву мазмун ва тарзи нигориш робитае доранд ё ба тавсифи як чеҳраву симо, ашё, воқеаву ҳодиса бахшида шудаанд.

Баъзе абёти адибони мухталиф, ки дорои як мазмунанд, новобаста ба ҳамдигар эҷод шудаанд, вале баъзеи дигараш аз тарафи шоире дар ҷавоб ё татаббӯи байтҳои шоири дигаре офарида шудааст. Донишмандони тоҷик И. Абдуллоев, Тоҷиддин Мардонӣ ва дигарон дар заминаи таҳқиқи таъсири мазомини шоирони араб ба адабиёти форсу тоҷик пажӯҳишоте анҷом додаанд, ки намунаи он дар сурудаҳои устод Рӯдакӣ, Носири Хусрав ва дигарон муҷассам аст.

Дар ин миён Шайх Саъдии Шерозӣ, дар баробари он ки аз шоирони муътабар ва беназир, муаллими ахлоқ дар адабиёти форсу тоҷик шинохта шудааст, дар таҷассум ва таҳкими маъниҳои сурудаҳои шоирони араб ва ҳам арабизабон низ назир надорад.

Шайх Саъдии Шерозӣ, ки дар ҷараёни таҳсил дар мадрасаҳои машҳури БаҒдод, ҳамчун Мустансирия ва Низомия аз осори бузурги адабиёти араб баҳраи зиёде бардоштааст, дар радифи омӯзиши илмҳои бузурги исломӣ ӯ инчунин, аз ҳикоёту ривоёти халқи араб хабардор гашта, бо эҷодиёти шоирони зиёди арабизабон аз наздик шиносоӣ пайдо кардааст ва ашъори зиёдеро аз осори эшон ҳифз кардааст. Шояд, ин сабаб гардидааст, ки вақте ба осори ӯ назар меафканем, мебинем, ки дар эҷодиёташ ҳамоҳангии зиёде бо эҷодиёти шуарои араб намудор мегардад. Вале зуҳури мазомини ашъори арабӣ дар осори Саъдӣ якранг нест ва ин амр далели он аст, ки ин суханвари мумтоз аз мақоми шоиста ва донишҳои хуби забонӣ ва бавижа, адабиёти араб бар асоси фарогирии тамаддуни исломӣ бархурдор мебошад.

Миёни осори Саъдии Шерозӣ абётеро дучор шудан мумкин аст, ки тақрибан ҳаштод дарсади мазмуни байти арабӣ мебошад. Боз айни ин осор байтҳои бисёре ба назар мерасанд, ки заминаи онҳо байтҳои арабианд. Дар ҷойи дигар, байтеро мушоҳида кардан мумкин аст, ки он ҷамъбасти порчае аз осори шоирони араб ба ҳисоб меравад.

Якчанд намунаҳоро барои исботи андешаҳои боло тазаккур хоҳем дод:

Арҷонӣ:

لو كنت اجهل ما علمت لسرني
جهلي كما قد ساءني ما اعلم
كالصعو يرتع في الرياض و انما

حبس الهزار لانه يترنم

Гар надонистам он ҳама шод будам,
Бо нодонии ҳуд аз ҳама озод будам,
Чу савъ дар боғҳо ба парвоз будам,
Аммо чу ҳазор ночор ба қафасам [4, 96].

Саъдӣ:

Эй булбули хушсухан чӣ шириннафасӣ,
Сармасти ҳавою пойбанди ҳавасӣ.
Тарсам, ки ба ёрони азизат нарасӣ,
К- аз дасту забони хештан дар қафасӣ.
Булбул андар қафас намемонад,
Солҳо ҷуз ба иллати ҳунараш.
Зоғи малъун аз он хасистар аст,
Кӣ фиристад боз бар асараш [3, 392].

Аз байтҳои мазкур зоҳир аст, ки Саъдии Шерозӣ тақрибан он маънои дар абёти Арҷонӣ омадаро овардааст. Тафовут фақат дар тарзи баён дида мешавад, ки ин аст маҳорати шоирӣ ва нотакрории эшон.

Аз ҷиҳати истифодаи саноеи адабӣ ҳар ду абёт аз ҳамдигар кам нестанд. Агар дар байти Арҷонӣ ташбеҳ ва киноя ба кор бурда бошанд, пас дар байтҳои Саъдӣ низ киноя ва истиора мавриди истифода қарор ёфтааст.

Ташбеҳ дар байти Арҷонӣ дар он зоҳир мегардад, ки ӯ ҳоли худро ба булбули хушовозе монанд кардааст, ки бо сабаби овози хуши худ дар қафас шудааст. Истифодаи киноя бошад, дар байти дуюми Арҷонӣ дида мешавад ва он далолати хушҳолии зоғ асту ғамгинии булбул.

Дар байтҳои Саъдии Шерозӣ низ ин ҳолатро мушоҳида кардан мумкин аст, ба ҷуз он ки дар ин абёт камтар аҳволи зоғ ва булбул шарҳ дода шудаанд.

Ба ҳар бобат вақте ки киноёт ва ташбеҳот кушода мешаванд, наздикии маъноҳо боз хубтар эҳсос мегарданд.

Абулфатҳи Бустӣ:

لقد هنت من طول المقام و من يقوم
طويلا يهن من بعد ما كان مكرما
و طول جمام الماء في مستقيرة
يغيرها لونا و ريحا و مطعما

Ором маист ба як ҳолат, ки хор шавӣ,
Ҳар к-ӯ, ки азиз буд, баъди он хор шудӣ.
Об, ки ба макон истод зиёд, гум кард
Он ҳама таъму рангу бӯйи лазизи худ [1, 140].

Саъдӣ:

Зи неъмат ниҳодан баландӣ маҷӯй,
Ки нохуш кунад оби истода бӯй [3, 242].

Дар назари аввал чунин вонамуд мешавад, ки дар ин ҷо Саъдӣ қисме аз маънои байти Абулфатҳи Бустиро дар байти ҳуд наовардааст, вале чун ба байти Саъдӣ хубтар назар меафканем, мебинем, ки маънои дар боло зикршударо чӣ андоза мухтасару зебо баён кардааст. Ба ибораи дигар, ҳар байти Абулфатҳи Бустиро Саъдӣ дар як сатр ғунҷонидааст. Дар ин ҷо низ барои равшан баён кардани мақсади ҳуд Абулфатҳи Бустӣ санъати ташбеҳро ба кор бурдааст ва ҳоли беҳаракатии инсонро ба ҳоли обе монанд кардааст, ки ба сабаби дар як ҷой зиёд қарор гирифтан таъму лаззати ҳудро гум ва бӯйи баде пайдо мекунад.

Мақсади Абулфатҳи Бустӣ аз сурудани ин байт даъвати мардум ба ҳимматбаландӣ ва масъулиятнокӣ мебошад ва барои ҳамаи мардум дарк кардани бадии надидани ин ду сифоти муқаддасро дар мисоли об овардааст.

Саъдии Шерозӣ низ айнан бо ҳамин қасд байти ҳудро гуфтааст ва ӯ низ дар изҳори андешаи ҳуд ба санъати ташбеҳ рӯй овардааст.

Аз ин рӯ, мо ҳуд мушоҳида мекунем, ки то чӣ андоза мазмуни абёти шоири араб дар эҷодиёти Саъдӣ инъикос ёфтаанд.

Исҳоқ ибни Иброҳим:

لا تظنن انن يغيرني
قدم العهد وطول الزمان

Гумон макун, ки он тағйир диҳад маро,
Куҳнашавии ваъдаю дарози вақт [9].

Саъдӣ:

Куҳан шавад ҳама касро ба рӯзгор иродат,
Магар маро, ки ҳамон ишқи аввал асту зиёдат [3, 318].

Дар ин мисол низ равшан ва мусаллам аст, ки маонии шеъри арабӣ дар эҷодиёти Саъдӣ такрибан пурра бедигаргунӣ омадааст. Он дигаргунӣ танҳо дар истифодаи калимот ва тарзи баён дида мешавад, ки он ҳар ду ҷамъ-ул-ҷамъ ҳамон як маънии томеро ифода мекунад, ки аз тарафи шоири арабизабон чанд вақт пештар гуфта шудааст:

Солеҳ ибни Абдулқуддус:

الظلم نار فلا تحقر صغيرته
لعل جذوة نار احترقت بلدا

Зулм чу оташ аст, эмин мабош зи камтари он,
Шаҳреро бисӯзад беамон як лаҳчаи ночизи ӯ [4, 210].

Саъдӣ:

Чароге, ки бевазане барфурӯхт,
Басе дида бошӣ, ки шаҳре бисӯхт [3, 140].

Дар ин ҷо мебинем, ки Солеҳ ибни Абдулқуддус байти худро бо ташбеҳ оғоз карда, фаҳмонданист, ки хатари зулм аз хатари оташ камтар нест. Дар сатри дуюм бо мисоле ақидаи худро далелнок кардааст.

Ҳамин тариқ, дар ду сатр санъати бадеӣ мушоҳида мешавад, ки яке санъати ташбеҳ ва дигаре санъати ҳусни баён ном дорад.

Саъдӣ дар навбати худ байте гуфтааст, ки мазмуни байти Солеҳ ибни Абдулқуддусро пурра, бо бартарие дар ҳусни баён дар худ инъикос мекунад.

Саъдӣ бо забони ширину гуворои худ дар офаридани ашъор, панду андарзҳоеро меорад, ки асоси онро ашъори ин ё он шоири арабизабон ташкил медиҳад.

Дар ин ҷо боз чанд намунае аз эҷодиёти шоирони арабро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор хоҳем дод.

Солеҳ ибни Абдулқуддус:

من يبارك بشتم عن ا
فهو الشاتم لا من شتمك
ذاك شيء لم يواجهك
انما اللوم علي من اعلمك

Ҳар к-ӯ дашноми касе орад ба ту,
Худи ӯст дон, дашномдиҳандаи ту.
Чу душман нагӯяд ба рӯят чизе,
Ба дӯсте, к-овард маломат басе [4, 226].

Саъдӣ:

Яке гуфт бо сӯфие дар сафо,
Надонӣ фалонат чӣ гуфт аз қафо.
Бигуфто:-Хамӯш, эй бародар, бихуфт,
Надониста беҳтар, ки душман чӣ гуфт.
Касоне, ки пайғоми душман баранд,
Зи душман ҳамоно, ки душмантаранд.
Касе қавли душман наёрад ба дӯст,
Ҷуз он кас, ки дар душманӣ ёри ӯст.
Наёраст душман ҷафо гуфтанам,
Чунон к-аз шунидан биларзад танам.
Ту душмантарӣ, к-оварӣ бар даҳон,
Ки душман чунин гуфт андар ниҳон.
Суханчин кунад тоза ҷанги қадим,
Ба хашм оварад некмарди салим.
Аз он ҳамнишин то тавонӣ гурез,
Ки мар фитнаи хуфтаро гуфт хез.
Сияҳ чолу мард андар ӯ бастапой,
Беҳ аз фитна аз ҷой бурдан ба ҷой.
Миёни ду тан ҷанг чун оташ аст,
Суханчини бадбахт ҳезумкаш аст [3, 253].

Равшан аст, ки Солеҳ ибни Абдулқуддус як масъалаи дардманди замонаи худро бо воситаи байтҳои худ баён карда, хостааст, ки мардумро аз ин кирдори бад боз дорад. Солеҳ ибни Абдулқуддус на танҳо аз дашном додани ҳамдигар мардумро боздоштааст, балки суханчинӣ кардану мардумро аз гуфтаҳои ҳамдигар хабардор карданро накӯҳиш кардааст, ба андозае ки пастии суханчиниро аз дашномдиҳӣ боло гузоштааст.

Саъдӣ низ мардумро аз ин рафтори зишт манъ карда, дар як вақт сабабҳои зиёди зиштии ин амалро баён кардааст.

Аз лиҳози санъати бадеӣ ин осори Солеҳ ибни Абдулқуддус қиммате надорад зеро дар он ягон санъати бадеӣ дида намешавад ва бояд гуфт, ки худи интихоби

мавзӯъ ӯро ба ин водор сохтааст.Яъне, ин байтҳои ӯ на аз ҷиҳати саноеи бадеӣ, балки аз лиҳози маъно ва мақсад арзишманд гаштаанд.

Дар ин сурудаи Саъдӣ низ санъате мушоҳида намешавад, ба он ки дар байти охир омадааст ва як ташбеҳ, ки ҷангро ба оташ ва суханчинро ба ҳезумкаш монанд кардааст, худ далели он аст, ки Саъдии Шерозӣ дар ҳақиқат, устоди сухан аст. Ин устокории ӯ дар он зоҳир мегардад, ки тавонистааст ҳатто, дар ашъоре, ки маънои таҳдиду танбеҳро доранд, санъатеро ба кор барад ва ба ин васила даҳшати ин амали бадро нишон диҳад.

Абулало ал-Маарӣ:

خفف الوطء ما اظن اديم ال
ارض الا من هذه الاجساد

Ту бар рӯйи замин оҳиста қадам мон,
Зеро ки хоки он зи ҷисмҳост, бидон [8, 506].

Саъдӣ:

Дареғо, ки бе мо басе рӯзгор
Бирӯяд гулу бишкуфад навбаҳор [3, 277].
Чӣ бандӣ дар-ин хишти заррин дилат,
Ки як рӯз хиште кунанд аз гилат [3,278].

Дар ин байт Абулало ал-Маарӣ панде дода, шунавандаи худро огоҳ карда истодааст, ки вақти рӯйи замин қадам мондан ҳушёр бошад ва худро ба даст гирифта, доим дар хотир дорад, ки бар он замин, ки ӯ ҳоло қадам мезанад, дигарон хобидаанд.

Саъдӣ байти болоро ҳамчун замима қарор дода, байте гуфтааст, ки он на танҳо ифодагари маънои он аст, балки боз чанде аз фикру ақидаи худро низ баён кардааст.

Дар эҷодиёти Саъдӣ боз абётеро дидан мумкин аст, ки онҳо ифодакунандаи мағзи ашъори арабӣ мебошанд. Барои тасдиқи фикри худ лозим донистем чанде аз абёти шоирони арабро бо байтҳои Саъдӣ мавриди муқоиса қарор диҳем.

Ал-Фараздақ:

اذا ما الدهر جر علي اناس
كلا كله اناخ باخيرينا
فقل للشامتين بنا افيقوا
سيلقي الشامتون كما لقينا

Ин олами куҳан сархам кард мардумонро,
Ба сандуқи синааш фишор кард дигаронро.
Бирав, бигӯй ба хурсандшавандаи ғами мо,
Ҳар чӣ расид моро, зуд аст, ки расад шуморо [4, 229].

Саъдӣ:

Макун шодмонӣ ба марги касе,
Ки даҳрат намонад пас аз вай басе.
Шодмонӣ макун, ки душманат мурд,
Ту ҳам аз марг ҷон находӣ бурд [3, 279].

Дар ин байт шоири араб Фараздақ аз санъати истиора истифода бурда, ба шунавандаи худ гуфтанӣ аст, ки ҳангоме ки вазниниҳои ҳаёт ба инсон фишор меоваранд, набояд рӯҳафтода шуд ва дигаронро ба он даъват мекунад, ки ғамхори ҳамдигар бошанду ба мусибати касе шодмонӣ накунанд.

Саъдии Шерозӣ чун Фараздақ сабабҳои дилгирии инсонро баён накарда, ҳамвора бевосита ба баёни мақсади худ пардохтааст, вале ӯ мақсади худро бо беҳтарин баёне нишон додааст ва мегӯяд, ки агар душмани ашадии ту агарчи бимирад, ту ба марги ӯ хушҳол машав, зеро ин ҳолат рӯзе бо ту низ воқеъ шуданист. Чунин тарзи баёни Саъдӣ, инчунин аз ақоиди фалсафии ӯ низ дарак медиҳанд.

Мутанаббӣ:

بدت قمرا و مالت خوط بان
و فاحت عنبرا و رنت غزالا

Рӯяш чу моҳу нозаш чу хубон,
Бӯяш чу анбару майлаш чу оҳувон [8, 435].

Саъдӣ:

Майлат ба чӣ монад, ба хиромидани товус,
Рамзат ба нигоҳ кардани оҳуи рамида [3, 502].

Дар ин байт аз тарафи Мутанаббӣ санъатҳои истиора, киноя, ҳусни баён корбаст шудаанд. Инчунин, дар аввали байт калимаеро кор фармудааст, ки ҳар ду сатр ба ду маънӣ омада, маънои аслии худро гум накардааст.

Саъдӣ низ дар байти худ аз ташбеҳу истиора истифода бурда, ташбеҳро дар сатри аввали байт ва истиорарро дар сатри дуюм истифода кардааст.

Саъдии Шерозӣ умуман, чӣ аз Мутанаббӣ ва чӣ аз шоирони дигари арабизабон дар сурудани ашъори ғиноӣ таъсири зиёде бардоштааст, вале бояд қайд кард, ки ашъори ғиноии Саъдӣ бештар ҷанбаи ирфонӣ дорад.

Дар таърихи адабиёт маълум аст, ки такрибан ҳамаи шоирону адибон аз назми маддоҳӣ хабар доштанд ва ҳар яки онҳо онро бо мақсадҳои гуногун ба кор мебурданд.

Дар эҷодиёти Мутанаббӣ низ ин жанри шеъриро мушоҳида кардан мумкин аст, ки асосан дар ҳаққи арбобони давлат, билхусус Сайфуддавла ибни Ҳамдон гуфта шудаанд.

Байти зер аз абёте мебошад, ки дар мадҳи Сайфуддавла гуфта шудааст:

يزور الاعادي في سماء عجاجة
اسنته في جانبها الكواكب

Равад сӯйи душман чу абр дар осмон,
Ситораҳо ба шамшери ӯст дурахшон [8, 452].

Дар ин байт ӯ чанде аз саноеи адабиро, мисли ташбеҳ, истиора, кинояро ба кор бурдааст.

Саъдӣ низ дар як байте гуфтааст, ки ба гуфтаи Мутанаббӣ хело наздик аст:

Замину осмон шуд зи гард кабуд,
Чу анҷум дар ӯ барқи шамшери худ [3, 231].

Илова бар ин, якчанд мисолҳои дигареро метавон овардан, ки дар он таъсири Мутанаббӣ ба осори Саъдӣ мушоҳида мегардад.

Дар маҷмӯъ, аз таълифоти Саъдӣ бармеояд, ки ҳарчанд ин шоири маъруф ва ҳакими донишманди адабиёти мо дар офаридани осори гаронмоя дар назму наср маъруфияти тамом дорад, аммо дар канори ин, аз маҷмӯи нигоштаҳои адибони пешин, бахусус суханварони арабизабон бархурдор аст ва ин маърифат боиси бардоштҳои шоиронаи ӯ аз адибони араб гардидааст.

Дар канори ин, Саъдӣ аз шоирони арабизабон бардошти содаву осон надорад, балки ӯ ҳамеша кӯшидааст, ки маъниҳои ашъорашонро бо беҳтарин ваҷҳ дар забони фасеҳи форсӣ такмил ва таҳаввул бахшад.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдушукури Абдусаттор. Таърихи адабиёти араб / Абдушукури Абдусаттор. - Душанбе, 2010.
2. Блошар Роҷе. Таърихи адабиёти араб / Роҷе Блошар; тарҷумаи Озартоши Озарнӯш. - Теҳрон: Муассисаи мутолиот ва таҳқиқоти фарҳангӣ, 1363 ҳ. ш. - Ҷ.1.
3. Саъдии Шерозӣ. Куллиёт / Саъдии Шерозӣ; бо эҳтимоми Муҳаммад Алии Фурӯғӣ. - Теҳрон: Муассисаи интишороти Амири Кабир, 1386ҳ.
4. Мазомини муштарак дар адаби форсӣ ва арабӣ / таълифи Муҳаммади Домодӣ. - Теҳрон: Донишгоҳи Теҳрон, 1370 ҳ.
5. Мардонӣ Т.Н. Рӯдакӣ ва адабиёти араб / Т.Н. Мардонӣ. - Душанбе: Ирфон, 2010.
6. Мардонӣ Т.Н. Саҳифаҳое аз равобити адабии арабу аҷам / Т.Н. Мардонӣ. - Душанбе: Ирфон, 2010.
7. Нуъмони Шиблӣ. Шеър ул-аҷам / Нуъмони Шиблӣ. - Теҳрон, 1370. - Ҷ.5.
8. Ҳанно ал-Фахурӣ. Таърихи адабиёти забони арабӣ аз асри ҷоҳилӣ то қарни муосир / тарҷумаи Абдулмуҳаммади Оятӣ. – Теҳрон, 1363.
9. [Захираи электронӣ] www.islamport.com

ВЫРАЖЕНИЕ СОДЕРЖАНИЯ АРАБСКОЙ ПОЭЗИИ В СОЧИНЕНИЯХ СААДИ

На разных исторических этапах национальные литературы в большей или меньшей степени постоянно взаимодействуют друг с другом и находясь в неразрывном контакте оказывают влияние друг на друга, сами испытывают это влияние, привносящее в них новые, свежие, художественные струи. Наглядным примером этого взаимодействия в мировой литературе являются тесные историко-культурные взаимоотношения арабов и народов иранского происхождения. Перу Саади принадлежит большое количество лирических стихов на персидском и арабском. Его сочинения были чрезвычайно популярны на Востоке, являя собой образец того, какой может быть эстетика жанра мудрых рассуждений как особого литературного направления, впоследствии весьма популярного в литературе. В данной статье автор рассматривает влияние арабской поэзии на поэтическую деятельность Саади.

Ключевые слова: персидский мыслитель, национальные литературы, взаимодействие в мировой литературе, тесные историко-культурные взаимоотношения арабов, Саади и арабская поэзия.

THE EXPRESSION OF THE CONTENT OF ARABIC POETRY IN THE WORKS OF SAADI

At different historical stages of national literature in more or less constantly interact with each other and being in close contact influence each other, they also experience this effect, bringing in new, fresh, artistic jets. A clear example of this interaction in the world literature are close historical and cultural relations between the Arabs and peoples of Iranian origin. Peru Saadi owns a large number of lyrical poems in Persian and Arabic. His works were extremely popular in the East, showing an example of what could be the aesthetics of the genre wise reasoning as a particular literary movement, subsequently very popular in the literature. In this article the author examines the influence of Arabic poetry on poetic activity Saadi.

Key words: Persian thinker, national literature, interaction in world literature, the close historical and cultural relations of the Arabs, Saadi and Arabic poetry.

Сведения об авторе: ***М. Ваххобова*** - аспирантка кафедры таджикского языка и литературы Худжандского государственного университета им. Б. Гафурова. Телефон: **92-978-38-31**

ЗИКРИ ШАЙХ АБУЛҲАСАНИ ХАРАҚОНӢ ДАР ОСОРИ ИРФОНӢ

М. Очилова
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров

Фарҳангу тамаддуни исломӣ ба қаламрави забони форсӣ марҳилаи муҳимми таҳаввулоти адабиёти ирфонии форсу тоҷик маҳсуб меёбад. Симои аҳли тасаввуф дар қаламрави ин адабиёт аз намунаи мумтози инсоне дарак медиҳад, ки бо аҳвол, орову андеша ва қалби салим ангуштнамои ҷомеа ва мавриди таваҷҷуҳу пайравии ҷӯяндагони роҳи ҳақ гардидаанд.

Дар аксари осори ирфонӣ ба унвони нахустин сӯфӣ шинохта шудани Паёмбари ислом (с) ва ҷустори аснод барои субути афкори ирфонӣ аз китоби муқаддаси Қуръон амри муҳим дар исботи ин назар маҳсуб мешавад. Тавре аз сарчашмаҳои адабиёти ирфонӣ бармеояд, сӯфиёни аҳди аввал танҳо ба сухан гуфтан, мавъиза ва суҳбат сару кор доштан ва навиштану ба қалам оварданро муҳим намешуморидаанд. Ба таъбири Абӯсаиди Абулхайр барои сӯфӣ нахустин қадам шикастани қалам ва даридани дафтар буд. Ин аст, ки афкор ва андешаҳои аксари сӯфиёни аҳди аввал тавассути муридону шогирдони онҳо идома ёфта ва баъдан дар заминаи ба вуҷуд омадани кутуби табақот ва тазкираҳои ирфонӣ дар осори ирфонӣ фароҳам омаданд. Ин кутуб дар роҳи шинохти аҳли ирфон ва авлиё аз манобеи дасти авал ва муҳим ба шумор меоянд.

Абдурраҳмони Ҷомӣ дар “Нафаҳот-ул-унс”дар фасли «Сухан дар бораи аснофи соҳибони вилоят» чунини фикрро ироа менамояд:

«Ва фӣ-л-китоби «Кашф-ул-маҳҷуби»: Худованд субҳона ва таоло бурҳони набавиро боқӣ гардонидааст ва авлиёро сабаби изҳори он карда, то пайваста оёти Ҳақ ва ҳуҷҷати сидқи Муҳаммад (с) зоҳир мебошад. Ва мар эшонро волиёни олам гардонида, то муҷаррад мар ҳадиси вайро гаштаанд. Ва роҳи мутобаати нафсро дарнавишта. Аз осмон борон ба баракоти иқдоми эшон ояд. Ва аз замин набот ба сафои аҳволи эшон рӯяд ва бар кофирон мусалмонон нусрат ба ҳиммати эшон ёбанд [4, 6].

Яке аз ин симоҳои намоёни тасаввуфи қарни чаҳорум ва панҷуми ҳиҷрӣ Шайх Абулҳасан Алӣ ибни Ҷаъфар ибни Салмони ХараҚонӣ (ё Алӣ ибни Аҳмад) аст, ки дар озодандешӣ ва мардумгароии ҷаҳонӣ ва вусъати назари инсонӣ ва тафаккури волои ирфонӣ мумтоз ва камназир аст. Гуфтор ва кирдори ин орифи эронӣ, ки дар нимаи дувуми қарни IV ва авоили қарни V ҳиҷрӣ дар ХараҚони ҚумиС (устони кунунии Симнон) мезистааст, дар тайи гузаштаи наздик ба ҳазор сол ҳамвора мавриди таваҷҷуҳ ва диққату мутолиа ва омӯзиши орифону шоирон ва мутафаккирону муҳаққиқон будааст.

Вай дар соли 351 ё 352 ҳиҷрӣ дар қасабаи ХараҚони ҚумиС аз тавобеи Бастом ба дунё омада ва дар рӯзи сешанбеи даҳуми муҳаррам (ошӯро) сол 425 ҳиҷрӣ дар 73-солагӣ дар ҳамон ҷо ҷаҳонро падруд гуфтааст.

Мусаллам аст, ки илова бар ҳамшаҳрии вай, яъне Боязиди Бастомӣ орифи бузургвор ва олимартабаи II ва III ҳиҷрӣ, ки Шайх ва муқтадои ҳоли ҷазаба ва тафаккури ӯ будааст, монанди орифи маъруфи муосири худ Шайх Абӯсаиди Абулхайр хирқаи иршод ва тариқат аз Шайх Абулаббос Аҳмад ибни Муҳаммад Абдулкарим Қассоби Омулӣ доштааст.

Дар манқулот ва ҳикоёт боқӣ мондааст, ки Шайх Абӯсаиди Абулхайр - орифи машҳур, Абӯалӣ Сино-файласуфи номӣ ва Носири Хусрави Қубодиёни - шоир ва мутафаккири эронӣ, ки муосири Шайх Абулҳасани ХараҚонӣ будаанд, ба ХараҚон рафта ва бо вай суҳбат дошта ва мақоми маънавии вайро сутудаанд. Низ гуфтаанд, ки Султон Маҳмуд-подшоҳи муқтадири Ғазнавӣ ба дидори Шайх Абулҳасани ХараҚонӣ рафта, аз ӯ дуо ва насиҳат хостааст [6].

Дар мавриди иртиботии маънавии Боязиди Бастомӣ-орифи қарни II-III ҳиҷрӣ бо Шайх Абулҳасани ХараҚонӣ, ки аз вафоти Боязид 234 ҳ. то таваллуди Шайх Абулҳасан (соли 351 ё 352 ҳ.) 17 ё 18 сол фосила аст, гуфтору андешаҳои зиёд дар осори нависандагон ва муҳаққиқон, бавижа орифони қарнҳои баъд омадааст, ки қобили таваҷҷуҳ ва пажӯҳиши минбаъда мебошанд.

Аз шогирдони мумтоз ва машҳури Шайх Абулҳасани ХараҚонӣ Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ-орифи қарни V-уми ҳиҷрӣ аст, ки солҳо дар ХараҚон зиста ва аз анфоси пурбаракати Шайх Абулҳасани ХараҚонӣ касби файз ва маълумот кардааст.

Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ-«Пири Ҳирот» орифи бузурги қарни V, муаллифи китоби «Табақот ус-сӯфия» ва гӯяндаи расоили мақолот, муноҷотҳои хушоҳанг ва дилнишину сӯзнок ва огандаи афкори ирфонӣ аз шогирдон ва муридони Шайх Абулҳасани Ҳарақонӣ будааст. Вай солҳо дар Ҳарақон ба сар бурда ва дар хонақоҳи Ҳарақон аз маҳзари пурбаракати Шайх Абулҳасани Ҳарақонӣ касби файз карда, то ба сарҳади камолоти маънавӣ ноил шудааст. Чунонки худ гуфтааст: «Машоихи ман дар ҳадису илм ва шариат бисёранд. Аммо, пири ман дар тасаввуф ва ҳақиқат Шайх Абулҳасани Ҳарақонӣ аст. Ва агар ӯро надидаме, куҷо ҳақиқат донистаме» [2, 125].

Муноҷотҳои Ансорӣ - ручӯи ин орифи шайдо ба Холиқи якто намунаи олии сӯзани мусаҷҷаъ буда, дар санъати худ дар хилоли осори ирфонии форсӣ камназиранд. Ба ин маънӣ метавон гуфт, ки ангезаҳои рӯҳии Шайхулислом дар муноҷотҳояш рух намудаанд. Дар яке аз ин муноҷотҳояш Ансорӣ Шайхи Ҳарақонро ба чашмаи оби зиндагонӣ ва калиди ганҷи ниҳонӣ (мурод–худи Ансорӣ) ташбеҳ медиҳад:

«Абдуллоҳ буд марди биёбонӣ, мерафт ба талаби оби зиндагонӣ, ногоҳ расид ба Шайх Абулҳасани Ҳарақонӣ, дид чашмаи оби зиндагонӣ, чандон хӯрд, ки аз худ гашт фонӣ, ки на Абдуллоҳ монд ва на Шайх Абулҳасани Ҳарақонӣ, агар чизе медонӣ ман ганҷе будам ниҳонӣ, калиди ӯ Шайх Абулҳасани Ҳарақонӣ» [3, 12].

Шайх Фаридуддини Аттори Нишопурӣ–яке аз чеҳраҳои дурахшони адабиёти форсу тоҷик, орифи бузурги қарни VI ва VII ҳиҷрӣ дар «Тазкират ул-авлиё», ки дар қаламрави ирфон асари муҳим ба шумор меояд, аҳволу ақволи Абулҳасани Ҳарақониро хеле батафсил (42 саҳифа) ба риштаи таҳрир кашидааст. Дар хусуси интисоби Шайх бо Абулҳасани Ҳарақонӣ Аттор чунин меорад:

«Нақл аст, ки Шайх Боязид ҳар сол як навбат ба зиёрати деҳистон шудӣ ба сари рег, ки он ҷо қубури шуҳадост. Чун бар Ҳарақон гузар кардӣ, биистодӣ ва нафас баркашидӣ, муридон аз вай суол карданд, ки: Шайхо, мо ҳеҷ бӯе намешунавем? Гуфт: Оре, ки аз ин деҳи дуздон бӯйи марде мешунавам, марде бувад номи ӯ Алӣ ва кунияти ӯ Абулҳасан. Ба се дараҷа аз ман пеш бувад, бори аёл кашад ва кишт кунад ва дарахт нишонад» [1, 465].

Ҳамчунин дар мавриди таваҷҷуҳ ва иртиботи мутақобили Шайх Абулҳасани Ҳарақонӣ ба Боязиди Бастомӣ, мадад ҷустан аз турбати ӯ Шайх Фариддудини Аттори Нишопурӣ менависад:

«Нақл аст, ки Шайх Абулҳасан дар ибтидо дувоздаҳ сол дар Ҳарақон намози хуфтан ба ҷамоат бикардӣ ва рӯй ба хоки Боязид ниҳодӣ ва ба Бастом омадӣ, 3 фарсанг биистодӣ ва гуфтӣ: Бор Худоё! Аз он хилъат, ки Боязидро додаӣ, Абулҳасанро бӯе деҳ. Ва он гоҳ бозгаштӣ, вақти субҳро ба Ҳарақон бозомадӣ ва намози бомдод ба ҷамоат ба Ҳарақон дарёфтӣ бар таҳорати намози хуфтан» [1, 465].

Файзи касб намудани авлиё аз иродат ва анфоси ҳамдигар дар осори сӯфия ақволи фаровоне боқист. Рӯҳонияти бузургон ҳамеша ва дар ҳама ҷо барои гароиши қалби инсон ба сӯйи офаридгори хеш ва роҳи ростин ҳидоят менамуд. Дар мавриди ин иртиботи ду орифи ошиқ - Абулҳасани Ҳарақонӣ ба Боязиди Бастомӣ нақли Шайх Аттор матлабро сареҳ бозгӯ менамоянд:

«Нақл аст, ки вақте дузде ба сар бозмешуда буд, то пайи ӯ натавонанд дидан ва натавонанд бурд. Шайх гуфта буд: Ман дар талаби ин ҳадис кам аз дузде натавонам буд. То баъд аз он аз хоки Боязид ба сар бозмешуда буд ва пушт бар хоки ӯ намекард, то ба баъд аз дувоздаҳ сол аз турбат овоз омад, ки: Эй Абулҳасан, гоҳи он омад, ки биншинӣ. Шайх гуфт: Эй Боязид, ҳиммате боздор, ки ман марде уммиям ва аз шариат чизе намедонам ва Қуръон наёмӯхтаам. Овозе омад, ки: Эй Абулҳасан, он чӣ моро додаанд, аз баракоти ту буд. Шайх гуфт: Ту ба саду сию анд сол пеш аз ман будӣ. Гуфт: Бале, валекин чун ба Ҳарақон гузар кардамӣ, нуре дидамӣ, ки аз Ҳарақон ба осмон бармешудӣ ва сӣ сол буд, то ба Худованд ба ҳоҷате дармонда будам. Ба сиррам нидо карданд, ки: Эй Боязид, ба ҳурмат он нурро ба шафеъ ор, то ҳоҷат барояд. Гуфтам: Худовандо, он нури кист? Ҳотифе овоз дод, ки: Он нури бандаи хос аст ва ӯро Абулҳасан гӯянд, он нурро шафеъ ор, то ҳоҷати ту барояд. Шайх гуфт: Чун ба Ҳарақон расидам, дар бисту чаҳорум рӯз ҷумла Қуръон биёмӯхтам ва ба ривояти дигар аст, ки Боязид гуфт: Фотиҳа оғоз кун! Чун ба Ҳарақон расидам, Қуръон хатм кардам» [6].

Шайх Абулҳасани Ҳарақонӣ аз орифони ангуштшуморе аст, ки асли ишқи илоҳиро эълом карданд ва хидмат ба башарияти ниёзмандро ҳадафи ҳастии худ медонистаанд: «Гӯянд, Шайх Абулҳасани Ҳарақонӣ бар сари дари хонақоҳи худ навишта буд: «Ҳар кас, ки дар ин сарой дарояд, нонаш диҳед ва аз имонаш мапурсед. Чи он кас, ки ба даргоҳи Бори таоло бо ҷон арзад, албатта, бар хони Абулҳасан ба нон арзад» [5, 3].

Аттор нақл менамояд, ки овозаи Шайх Харақонӣ Абӯалӣ Синоро водор намуда буд, ки ба зиёрати ӯ шавад. Ҳакими донишманд бо суолу ҷавоб ва мушоҳидаи аҳволи Шайх қоил ба каромоти авлиё гардид ва тасдиқ падид омад:

«Нақл аст, ки Бӯалӣ Сино ба овозаи Шайх азми Харақон кард. Чун ба вусоқи Шайх омад, Шайх ба ҳезум рафта буд. Пурсид: Шайх кӯҷост? Занаш гуфт: Он зиндиқи каззобро чӣ мекунӣ? Ҳамчунин ҷафо бисёр гуфт. Шайхро, ки занаш мункири ӯ будӣ, ҳолаш чӣ будӣ? Бӯалӣ азми саҳро кард, то Шайхро бинад. Шайхро дид, ки ҳамеомад ва хирворе дармана бар шере ниҳода. Бӯалӣ аз даст бирафт. Гуфт: Шайхо! Ин чӣ ҳолат аст? Гуфт: Оре, то мо бори чунон гурге накашем, яъне зан, шере чунин бори мо накашад. Пас ба вусоқ бозомад. Бӯалӣ биншаст ва сухан оғоз кард ва басе гуфт ва Шайх порае гил дар об карда буд, то деворе иморат кунад. Дилаш бигирифт. Бархост ва гуфт: Маро маъзур дор, ки ин деворро иморат мебояд кард ва бар сари девор шуд. Ногоҳ табар аз дасташ бияфтод. Бӯалӣ бархост, то он табар ба дасташ боздиҳад. Пеш аз он ки он ҷо расида буд, он табар бархост ва ба дасти Шайх бозшуд. Бӯалӣ якборагӣ ин ҷо аз даст бирафт ва тасдиқе азим бад-ин ҳадисаш падид омад….» [1, 469]. Аз ин нақл инчунин бармеояд, ки Шайх Харақонӣ мисли инсонҳои заминӣ бори зиндагӣ мекашид, зану фарзанд дошт, дар ташвишу душвориҳои рӯзгор таҳаммул дошт, «…яъне бори аёл кашад ва кишт кунад ва дарахт нишонад» [1, 465] гуфтани Боязид ишора ба аҳволу афъоли ӯст.

Файзи анфоси Абулҳасани Харақонӣ ба аҳли сӯфия ва иродати авлиёро ба Шайхи Харақон ин сухани Абӯсаиди Абулхайр ба субут мерасонад: «Ва гуфт: Ман хишти пухта будам, чун ба Харақон расидам, гавҳар бозгаштам» [1, 469].

Метавон аз ақволи Абулҳасани Харақонӣ фаровон ҳарф зад, аммо ин ҷо мурод муруре ба рӯзгори ин шайхи номвар аст, пажӯҳишу омӯзиши рӯзгору осор ва афкори ин орифи беҳамто кори дигари муҳаққиқон аст.

Суханони Шайхи Харақон васиятест барои муридон ва моро ба ҷодаи саодати ҷовидона ҳидоят менамояд:

«Равшантарини дилҳо он бувад, ки дар он халқ набувад ва беҳтарини корҳо он бувад, ки дар он андешаи махлуқ набувад ва ҳалолтарини неъматҳо он бувад, ки ба ҷаҳди ту бувад ва беҳтарини рафиқон он бувад, ки зиндагониаш бо Ҳақ бувад [4, 296].

А Д А Б И Ё Т

1. Аттори Нишопурӣ Фаридуддин. Тазкират-ул-авлиё / Аттори Нишопурӣ Фаридуддин. - Хуҷанд, 2008.
2. Ансорӣ Хоҷа Абдуллоҳ. Табақот-ус-сӯфия / Ансорӣ Хоҷа Абдуллоҳ. - Теҳрон, 1362.
3. Равон Фарҳодӣ Абдулғафур. Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ / тарҷумаи доктор Маҳдуддини Кайвонӣ. - Теҳрон: Нашри Марказ, 1385. - Чопи аввал. - 170 с.
4. Абдурраҳмони Ҷомӣ. Нафаҳот-ул-унс мин ҳазарот-ил-қудс / Абдурраҳмони Ҷомӣ. - Душанбе, 2013.
5. Харақонӣ Абулҳасан. Нур-ул-улум / Харақонӣ Абулҳасан. - Теҳрон: Нашри Беҳҷат, 1369.

ВЫСКАЗЫВАНИЕ АБУЛХАСАНА ХАРАКАНИ О СУФИЙСКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ

В данной статье исследованы сказания суфиев об Абулхасане Харакани в суфийской литературе. Слова Абулхасана Харакани были завещанием для своих учеников. Эти заветы стали для последующих исследователей темами для научных работ по истории языка и литературы того времени.

Ключевые слова: суфизм, шейх, Абулхасан Харакани, святой, суфийская литература.

STATEMENT ABULHASAN HARAKANI IN SUFI LITERATURE

This article studied the legends of the Sufis about Abolhasani Harakani in Sufi literature. Words Abulhasan Harakani were a Testament to his disciples. These covenants steel for subsequent researchers topics for research papers on the history of the language and literature of that time.

Key words: Sufism, Sheikh, Abulhasan Harakani, Saint, Sufi literature.

Сведения об авторе: ***М. Очилова*** – преподаватель кафедры современного персидского языка Худжандского государственного университета им. Б. Гафурова

ОБРАЗ ЖЕНЩИНЫ В ПОЭМЕ «МЕДЖНУН И ЛЕЙЛИ» АМИР ХОСРОВА ДЕХЛАВИ

Мехрнуш Мансурии Майманди

Институт языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им. Рудаки АН РТ

Амир Хосров Дехлави считается известным персидским поэтом и великим прозаиком, родившимся в Индии. Несмотря на отдаленность от страны персоязычных, он

унаследовал на этом языке многочисленные поэтические и прозаические произведения, о которых упомянуты в источниках и первоисточниках, многочисленных книгах и статьях.

Свою поэму «Лейли и Меджнун» Амир Хосров сочинил в подражании Низами в объеме двух тысячей шестисот шестидесяти бейтов в размере хазадж мусаддас ахраб макбус махзуф (мафъул мафаилун фаулан) в 698 г.х. По словам Резазаде Шафак: «Ему никак не удалось достичь положение своего предводителя».

Относительно «Хамсы» Амира Хосрова Заррикуб в своей книге «Бо корвоне халла» пишет: «Его «Хамса» разумеется является подражанием к "Пандж Гандж»-у Низами, но нельзя игнорировать изящество выражения и особого тона… Так в «Меджнун и Лейли» он напутствует четырехлетнего ребенка в стиле Низами. Его Меджнун подобен Меджнуну Низами и как он от любви к Лейли уходит в пустынью. Однако здесь вопреки его желанию, Меджнуна схватывают, чтобы женить его на девушку–дочь Науфаля. Страстный влюбленный, разумеется, покидает чертог этой невесты и опять уходит в пустынью. Однако сама такая весть достаточно, чтобы побудить Лейли жаловаться и упрекать, между ними обменивались письмами, полными горечи и боли.

Наконец, эту раздражительную и сердобольную женщину кидает в постель другая весть–весть о смерти Меджнуне, и убивает ее. В свою очередь, услышав о смерти Лейли, Меджнун идет к ее могиле, падает там и умирает. Несмотря на противоречия, присутствующие в рассказе, дастан Амира Хосрова не является ничем иным, кроме как подражание рассказу Низами».

Холик Мирзазаде о названии дастана пишет: «В отличие от других дастанов «Лейли ии Меджнун», здесь на первом месте находится образ Кайса. В конце своего дастана хотя Амир Хосров упоминает о передвижении вперед и назад названия героев, но он не говорит о его причине:

Ее имя из небытия было отмечено,
Меджнун Лейли к первому изображению.

Такое разделение может быть вызвано по двум причинам: одна из них–разница в названии от «Лейли и Меджнун» Низами, другая–предоставление Меджнуну первую роль. В описании поэта, Кайс был красивым, красноречивым, вежливым юношей, привлекшим внимание всех.

Нежен как вновь выросший саженец,
Деликатен, изящен и возбужден.
Сладкие слова, которых он произносит,
Уводить сладость сахара на продажу.

С самой своей молодости Кайс является беспокойным и честным влюбленным и от любви к Лейли она не питает другой надежды, кроме как любви.

Эти глаза у него светят от чистоты,
Это тоже, но с робостью»

В этой поэме рассматриваются образы Лейли, Хадиджы, матери Лейли, матери Меджнуна.

Исторический образ Лейли. Относительно реального существования Лейли каких-либо достоверных документов не существует. Неизвестно также то, что были ли реальными герои любовной истории Лейли и Меджнуна или нет.

Главный сюжет этого дастана исходит из фольклора. Некоторые историки и фольклористы считают, что герои дастана «Кайс», который позже получает прозвище Меджнуна, а также Лейли имели реальное существование. Они даже датируют год рождения Меджнуна 689 годом. Насер Хосров также подтверждает это мнение в своей книге «Сафарнома»: «Я ушел из среди родов, на пути были горы и руины, я все ходил, везде были небольшие деревни и селения, посреди руин и небольших селений я увидел дом, арабы сказали, что это дом Меджнуна и рассказали удивительную историю

Относительно истории Лейли и Меджнуна Холик Мирзозода пишет: «Некоторые арабские фольклористы подтверждают не только историческую личность Меджнуна, но и то, что он был влюбленным поэтом. Однако арабский фольклорист и историк ал-Калби опровергает эти утверждения и пишет, что поэта и приключение Меджнуна придумал один из потомков Омейядской династии и в целях сокрытия своего имени, он использовал имя Меджнуна, иначе Лейли и Меджнун не были историческими личностями. Большинство прислоняется к правдивости этого высказывания. В восьмом и девятом веках арабские филологи собрали эти материалы и были найдены множество их вариаций. Наиболее известной работой является фундаментальный труд Ибн Кутейбы (ум. 831 г.) с названием «Китаб аш-шуара ва ал-ашъар» («Книга поэтов и стихов»), в котором содержится описание жизни Кайса.

Другим трудом является книга Фарадж Исфахани (ум. 967) «Тарона» («Песня»).

С установлением Арабского халифата на Востоке, рассказы и сюжеты, написанные о Лейли и Меджнуне, стали распространяться в Иране, Азербайджане, Средней Азии.

История Лейли и Меджнуна в персидско-таджикской литературе давно известна представителям литературы. Эту мысль подтверждает следующие бейты Рудаки:

Смеется тюльпан в поле подобно лику Лейли,
Плачет облако на небе подобно лику Меджнуна.

Баба Кухи (ум. 1050 г.) подтверждает:

Какое счастье была нежность между двумя душами,
Одна душа была нежной и без боли.
У Меджнуна было влюбленное сердце,
Сердце Лейли было более влюбленным, чем он.

Однако впервые введение этого сюжета в форму романтического дастана в мировой литературе лучше и более полно (совершенно), чем арабские истории, удалось мастеру слова Низами Ганджави, а затем это вошло в традицию. В период жизни Низами Ганджави известность этой истории подтверждается следующими бейтами:

Рассказчик дастана сказал,
В то время, когда он отшлифовал эту историю.
В арабском владении живет благородный человек,
Который бывал в более лучших краях.

Традицию Низами первым продолжил Хосров Дехлави».

В книге «Пирганджа дар джустуджуи нокуджобод» («Пирганджа в поисках неизвестного благоустроенного края») пишет: «Вместе с тем, такие древние арабские литераторы и критики, как Асмаи и Ибн ал-Калби, считали эту историю искаженной, а имя Меджнуна прозвищем. От Джахиза сохранилось высказывание, что каждый раз, когда люди слышали стихи, авторами которых оставались неизвестными, и в которых воспевалось о любви к Лейли, они относили их к поэту по имени Кайс. По некоторым сведениям и преданиям, даже в племени Бени Амер, откуда происходил известный Меджнун, были много людей, называемых Меджнуном, воспевших в своих стихах Лейли. Таким образом, предания, связанные с историей Меджнуна и Лейли, не имеют единой последовательности в принципе своего источника. Они сочинили их, по сути, на основе совокупности и совмещение стихов, сочинявшихся в честь Лейли и того, что исходит от такого вида стихов арабских поэтов, посвященных любви и любовным романам.

Такая чистая любовь, называемая «хубб-е узри» («оправдательной любовью»), вдохновляла пустынных арабских поэтов сочинять стихи, посвященной одной встрече, сне или успокаивающей душу фантазии; придавала поэзии, рассказывающей о жалобе сердца ветру пустыни, диким оленям, луне и звездам, колорит дастана и полуреалистичный сюжет. Эти два возлюбленных среди других влюбленных, которых культ «оправдательной любви» вверг в неудавшуюся любовь и разлук, постепенно стали реальными представителями такой несчастной любви. Их состояние, о котором говорится, представляет собой описание жестокости и трудности бедуинской жизни. Их обоюдная любовь, смешанная с целомудрием, воспетая в их любовных рассказах и стихах среди арабских племен, сделала невозможной ее сокрытие»

Образ Лейли «Меджнун и Лейли» Амира Хосрова Дехлави. В первичном описании Лейли в «Меджнун и Лейли» Амира Хосрова Дехлави много внимания уделено ее красоте. Таким образом, что в начальном представлении Лейли для описания ее красоты Амир Хосров сочинил девятнадцать бейтов. В то время как в своей поэме «Ширин и Хосров», в дополнение к описанию красоты Ширин, Амир Хосров в объеме около двадцати бейтов описывает мужество и доблесть Ширин. На самом деле, Амир Хосров представлению Меджнуна посвящает большее количество бейтов. Следовательно, представляется, что здесь Лейли имеет меньшее присутствие по отношению к Ширину, по этой причине, в отличие от «Ширин и Хосров», в которой преобладает образ Ширин, эта поэма названа «Меджнун и Лейли»:

Гаситель лучей солнца и светил,
Вводящий в сумасшествие ангелов и людей.
Грабитель имущества жизней,
Разрушающий семейные узы.
Правитель сладкогубых горизонтов,
Разрушающий армию влюбленных

«В дастане «Меджнун и Лейли», несмотря на то, что имя Меджнуна стоит на первом месте, тем не менее, характер Лейли по сравнению с Меджнуном является более активным, Меджнун выступает большей частью наблюдателем и эти движения выполняют другие»

«В начале дастана описывается внешняя красота Лейли. Вначале читатель видит ее изображение и затем постепенно вглядывается в нее. Лейли является единственной в мире, не имеющей равной себе красавицей:

От головы до ног она полна жеманство и кокетство,
Она красива и обаятельна.
Тростник идола в светильнике буддистов.
Сожитель тюльпана ее локона,
Ее рот сладок как мед.

Внешняя изысканность Лейли, начиная со школьного возраста до достижения совершеннолетия во всех классических дастанах воспета одинковым образом» (

С точки зрения Амира Хосрова, Лейли с головы до ног полна женственностью и соблазнительностью, одно ее кокетство возбуждает тысячи интриг, только ее удивительная красота оставляет тысячи убитых в городе. Он считает, что Лейли заманивает не только сердца земных людей, но и ангелов:

От искушения глаза дива закрыты,
Молитвенные четки ангелов порваны.

Низами, в подражании которого Амир Хосров сочинил свою поэму, описывает красоту Лейли следующим образом:

Проказница, которая своим кокетством,
Стеснила не одну тысячей сердец.
С глазами олени, которая в любой миг,
Убила своим жеманством весь мир.
В каждом сердце страсть к ней,
Ее локоны как ночь, а имя Лейли

Подобное описание красоты Лейли Амиром Хосровом и Низами Ганджави, противоречит с рассказом о Лейли, которого Мавлана Джалалуддин Руми приводит в своем «Маснави», совершенным образом:

Сказал халиф, Лейли, что ты та,
Которая свела с ума Меджнуна и сделала его рассеянным.
Не выше, чем другие красноликие,
Сказал: замолчи, поскольку ты не Меджнун

Саиди Сирджани относительно любви Лейли и Меджнуна пишет:

«Любовь Лейли и Меджнуна берет свое начало от безвинного отношения двух детей, далеко от сексуальных намерений–оба ребенка учились в одной школе. В соответствии с племенной системой и этническим традициям, по-видимому, в детском возрасте эти два невинных ребенка, которые еще не достигали зрелого возраста, учились в школе племенного духовного лица, вероятно, с именем Сиях Паласи, и были одноклассниками. Постепенно совместная учеба приводит к симпатии друг к другу и невинной любви, которая была обычной между детьми одного семейного рода или одной местности». Лейли влюблена соразмерно с Меджнуном, аналогично соперничеству, которого имела Ширин в своей любви к Хосрову. В школе Меджнун не обращал никакого внимания другим девушкам–он был влюблен в Лейли. Однако у Лейли душа горюет больше, чем у него:

У них у всех страсть к Кайсу,
Но этот страстно влюблен в Лейли.
Лейли горюет душой, больше чем он,
Все тяжелее становилось дыханье

Таким образом, что когда они глядят друг на друга, их состояние становится одинаковым:

Оба при взгляде лицом к лицу,
Фантазии проникли по каждому волосу.
Губы перестали говорит как и язык,
Сердца соединились и души тоже

В огне своей любви к Меджнуну Лейли сгорает как хворост в топке, и как влюбленная не имеет терпения и спокойствия. Однако, несмотря такую любовь она сохранила скромность и благочестие:

На лице она ткала занавес от скромности,
И взяв огонь в сердце она горела

И, несмотря на изобилие скромности, которое было необходимо в поведении арабских девушек в то время, она не сумеет скрыть свою любовь, потому что:

Хотя и была бутоном нераскрытым,
Пьянела она своим запахом людей.
Она горела как хворост в топке,

Становясь дымом перед глазами людей

С точки зрения Амира Хосрова, Лейли в любви является созрелой, но, по мнению ее, матери она была еще незрелой и неготовой к любви и наставляет ее следующим образом:

У тебя простой нрав и непрочное сердце,
Ты невежественна в добре и зле времени.
Поскольку не у людей ныне верности,
Нельзя ожидать от них преданность.
Предостерегайся, не распускай узды сердца от рук,
Если упала, то спасение можно найти мало

Относительно личности Лейли Х.Мирзозода пишет: «На пути к чистой любви, Лейли всегда является сильной и воинственной. Когда мать наставляла отвернуться от любви к Кайсу, из-за уважения к родителю она не могла ничего говорить, но проливала болезненные слезы, проявляя, таким образом, свое несогласие:

Возложила голову на колено болезни,
Закрыла губы и открыла кровь в сердце.
Мать, как только узнав, что она пленена,
Поняла, что нет силы у "делай и не делай".

Когда отец Лейли запрещает посещать школу, в ответ она сохраняет молчание, поскольку не оставление без ответа на поведение отца считалось правилом для девушек того феодального периода на Востоке. Однако она не скрывала свое чувственные и горестные любовные ощущения в отношении неправильного поведения своего отца:

Она осталась в углу комнаты печальной,
Своими слезами она покрасила землю.
С каждым стоном, которого она издавала из-за любви,
Пыхала огонь из ее сердца

Мать Лейли, как и другие матеря, тревожилась от слов людей, которые говорят о ее дочери и по-матерински наставляет ее:

Не садись там, как только поставила там ногу,
Встанешь с такого места оклеветанной

Однако Лейли не только не воспринимает наставление матери, но впадает в еще печальное состояние, на самом деле, она представляет собой больную, которой насколько больше запрещают ей что либо, настолько больше она становится жадной к нему:

Больной, которому запрещаешь чего либо,
Открывает свой рот к той пище

Таким образом, в своей любви Лейли проявляет такую устойчивость, что мать понимает ее состояние и воздерживается от наставлений. Но когда она видит, что все дороги закрыты, как и любая другая женщина, она обращается к своему мужу, раскрывает тайну ее любви ее отцу. Возможно, если бы она проявила в это время некоторую дальновидность и раскрыла бы тайну любви Лейли к Меджнуну, возможно не произошло бы трагедия Лейли и Меджнун, и путем сватовства Меджнуна к Лейли влюбленный и возлюбленная воссоединились бы. Отец Лейли, как и другой фанатичный отец, после уведомления об этом постыдном процессе, считает себя униженным и все усилия, направленные на предотвращение воссоединения этих двух страстно влюбленных, заключались в предотвращении падения чести, которая находилась на грани падения. Дело в том, что согласно древним обычаям арабов, если любовная история между мужчиной и женщиной становится раскрытой, люди не выдавали свою дочь замуж тому мужчине, поскольку для семьи девушки этот инцидент становится поводом позора:

Как только отец услышал о состоянии своего дитя.
Затерялся от смущения и склонил голову

Отец распоряжается держать Лейли в затворничестве:

Приказал, чтобы ранневесенний кипарис,
Оказался заключенным за глиняным занавесом.
Чтобы она не вела разговор за пределами занавеса,
Говорила. Все что хочет за занавесом.
Луну затворили в сарае,
Сделали стены сарая высокими

В этой связи Саиди Сирджани пишет: «Лейли представляет собой воспитанницей общества, в котором сердечная привязанность и любовные чувства предполагались как начало к отклонению, последствием которого является неизбежное падение в ужасающее обвинение в проституции. На основании такого убеждения, вся сила племени тратилась на то, чтобы держать в отдельности друг от друга воду и огонь, другими словами, огонь и хлопок с тем, чтобы не возникли предпосылки свершения греха, и рожденное человеком не впало в вечное разрушение. В такой среде одна лишь детская улыбка могла

превратиться в черно пятно стыда. В таком обществе члены семьи и даже племени на рынках, в палатках и любых других местах начиная от детей школьного возраста и заканчивая пожилыми племенными старейшинами наблюдают за поведениями друг друга. Первая улыбка Лейли и Меджнун в малом возрасте имело место в ограниченном пространстве школы, которая осталась скрытой от острых глаз муллы, но не от глаз любопытных детей и их одноклассников. На этой земле, если молодая девушка и молодой юноша обменивались скромными взглядами, несмотря на то, что они являются одноклассниками и не обладают достаточным опытом, то это считалось тяжким грехом. Аплодируя и пением люди начинают стыдить их, доведя дело и инцидент до такой степени, что ревностный отец забирает свое дитя из школы и сажает его в затворничестве; а нищий Меджнун падает в потрясение из-за нападок и упреков своих сверстников и сходит с ума. Одно событие с той простотой превращается в дастан, полный волнениями, преувеличениями и рассказами, а поэты воспевали место объяснений в любви как порочности в песенной форме, распространяя их из уст в уста на улицах и рынках».

Лейли Амира Хосрова является очень болезненной и пассивной. Она не способна защищать себя и даже не может возражать своему отцу, по-видимому, признавая такой свое положение своим правом. Ее единственным оружием были плачь и горечь за свою зловещую судьбу. По сути, без какой либо реакции и сопротивления она воспринимает такое поведение в отличие от Ширин, считающаяся женщиной, способной своим сопротивлением преклонить Хосрова перед собой и противостоять своей силой перед Хосровом, намерившим разорвать платье ее благочестия. Лейли не может даже протестовать против жестокого поведения своего отца:

Она осталась в углу комнаты печальной,
Своими слезами она покрасила землю.
С каждым стоном, которого она издавала из-за любви,
Пыхала огонь из ее сердца.
Стал дом из стона полон огня,
Наполнился дымом как могила преступника

В описании Амира Хосрова Дехлави Лейли выступает настолько угнетенной, что когда Навал начинает войну против них, люди Лейли решаются убить ее, чтобы дать забвению эту интригу:

Родственники идола услышав это,
Чувством вражды выбежали наружу.
Встанем и прольем кровь Лейли,
На земле сделаем ручеек

Как только эта весть достигает Меджнуна, в безумстве ради своей возлюбленной он отрекается от своего требования и кричит:

Предостерегайся, пока не возьмешь теперь лук,
Пока не настигнет мою жизнь стрела.
Стрелу, которую ты пускаешь на меня,
Вонзает в жизнь и выходит через дверце тела

«В стране Лейли абсолютная власть основана на насилии и мужестве и зависела от рукоятки меча. Даже на такие тонкие ритуалы, как сватовство, шли с барабанами войны и стрелами, при этом, в уме такого свободного мужественного человека как Науфаль не возникнет ли такой вопрос: допустим ты одержишь на войне победу, смешаешь с грязью и кровью племя Лейли, передаешь девушку Меджнуну, в таком случае–каково будет поведение Лели в отношение мужчины, убившего ее отца, брата и родственников?

Конечно, такой вопрос не возникает ни в уме Науфаля, ни во взволнованном уме Меджнуна. Они имеют право, чтобы в таком обществе не являлись одним из предметов этой категории вопросов. Большинство наложниц в гаремах шахов и эмиров были дочерями убитых или плененных отцов. Согласно традиционному правилу, признанному всеми, имущество соперника, убитого на войне, а также его лошади, коровы, недвижимое имущество вплоть до слуг и служанок, его жены и дочерей принадлежали убийце. Все они находились в статусе мамлюков и располагались в категории одинаковых ценностей».

Состояние Лейли Амир Хосров ярко описывает в одном бейте:

Что та отшельница с закрытым лицом,
Все время находилась с разбитым сердцем

Девушка-отшельница с разбитым сердцем не в состоянии что либо сделать для успокоения своего любящего сердца и своего нетерпеливого возлюбленного, своего школьного собеседника–Меджнуна. Наоборот, Ширин, выступившая воинственной и авантюристской, не беспокоится ни о чем и ни о ком. Она даже не беспокоится о сердце своего возлюбленного. Лейли замкнута в себе и не ни с кем не общается, но Ширин Амира Хосрова имеет много друзей и для конкуренции с Хосровом каждый день

проводила с ними веселья и ходили на охоту, страхуя, таким образом, себя перед усилиями любви к Хосрову. Однако, согласно словам Амира Хосрова, Лейли:

Она не смешивалась ни с кем,
Оставалась только печалью о своем любимом

Если не существовали бы радикальные традиции, могло бы произойти так, чтобы Лейли, как и Меджнун отправилась бы в горы и пустыни. Она всегда ждала Меджнуна и расспрашивала об его состоянии у его спутников:

Днем от пекла солнца она в том же состоянии,
По ночам сонные глаза в том же состоянии.
Предает свое сердце грусти,
Кладет грусть на свое лицо

Без всякой робости она пишет письмо Меджнуну, объясняет в нем свои любовные страсти без колебания, передав его посланнику, чтобы тот довез его до Меджнуна. Казалось, что Лейли не придавала никакого значения общественному мнению своего времени и не опасалась того, что ее письмо вдруг окажется в руках ее отца. В письмах Лейли Меджнуну мы являемся свидетелями риторики и красноречия, которые кажутся далекими от арабской девушки периода джахилии, о чем в своем «Лейли и Меджнун» указывает Низами Ганджави явным образом:

Лейли, которая имела особую элегантность,
В поэзии слова была красноречивой.
Полировала жемчужину и дирхам,
Сама она сочинила девственные бейты

В своем письме к Меджнуну Лейли беспомощно требует от него, чтобы:

Если в твои объятия приходит новый друг,
Не забудь своего старого друга

С ехидным намеком она поздравляет его с таким воссоединением:

Теперь, когда ты радостно спишь воссоединением,
Поздравляю тебя с спящей с тобой

Вместе с тем, она продолжает, что она любить любящую его, и если судьба не благоприятствовала ей воссоединиться с ним и она сопутствовала ее врагу, из-за его любви к ней она возлюбила ее. «Если душевная боль Лейли по причине первой разлуки с Кайсом была сильной, то после уведомления о женитьбе Кайса эта боль удваивается, поскольку горечь и печалсь по неверности возлюбленного очень тяжкие по сравнению со всеми горестями, которых имеет влюбленный, в котором нет утешения для влюбленного…

Следовательно, услышав о женитьбе Меджнуна, Лейли впадает в бесконечные душевные страдания. Лейли для Меджнуна представляет собой олицетворение его внутренних чувств, в которых отражены духовные страдания одного из основных героев другой стороны любовных отношений. Лейли упрекает Меджнуна за оставление своей возлюбленной, в то же самое время она рассматривает такое его состояние не в качестве его наслаждения и удовольствия, а как душевную и моральную боль влюбленного, лишенного своей возлюбленной. Лейли старается не позволять разрыву нити любовных отношений не только посредством упрека и обвинения, но и путем оказания своей непосильной помощи, которая всегда была ее свойственна:

Твоя боль от меня, хотя мое состояние,
Также наполовину полно болью.

Такое состояние для Лейли считается издевательством над собой. Но она объясняет это как муки любви, которых должен терпеть влюбленный, и таким распущенным характером (терпением) она крепко держит любовные отношения. По ее убеждению, невозможно отвлечь сердца истинного влюбленного даже когда тот будет иметь стремление к другому человеку внешне красивому и привлекательному.

Такая любовь увела мое сердце,
Какая польза от чьей-то любви.

С одной стороны, путем наставления и объяснения сути истинной любви, с другой стороны, путем выражения бессилия и потребности, посредством подчеркивания широких возможностей Меджнуна в своих действиях, с помощью которых он может отдалить от себя горести, а также путем его призыва к милосердию и состраданию Лейли пытается сохранить нити любовной связи. Кроме того, путем проявления сострадания Меджнуну, выражения полного и искреннего доверия, что он не наслаждается воссоединением со своим новым другом, а также посредством призыва к тому, чтобы не забывал свою предыдущую возлюбленную и со смирением призывает его к милосердию и состраданию. Таким образом, иногда путем напоминания дружбы, периода любви, иногда посредством упрека и иногда проявлением милосердия ее мучениям посредством его поздравления с

его новой супругой, не показывая в этом состоянии свое огорчение, иногда проявлением высокого человеческого великодушия даже своему врагу Лейли демонстрировала свою верность Меджнуну и терпимость в любви. Таким образом, она пыталась воздействовать на моральные чувства Меджнуна и сдерживать его от оставления первой любви и направить на верную дорогу. Если вспомнить, что Меджнун не свыкся со своей новой супругой и оставляет ее, совсем не отвернулся от любви к Лейли, то письмо, написанное Лейли кровью сердца, представляет собой средство, изображающее ее внутренний мир. Если с одной стороны, своим смирением, бессилием и потребностью Лейли удерживает первую любовь устойчивой, с другой стороны, она продолжает приключение правдивой любви своим активным действием, отправляясь в горы и пустыни в поиске Меджнуна.

Меджнун отвечает на е письмо красивым образом:

Теперь, когда я упустил поводья,
Зачем ты упрекаешь меня, вонзая остриём.
Тебя не заменить мне никто,
Воистину, даже вместится воображение

Иногда, несмотря на хладнокровие и однородность, доминировавшие в ее поведениях и поступках, она становится храброй и сильной таким образом, что она садится на верховое животное и отправляется вслед за Меджнуном в горы и пустыни. Лейли в любви является такой преданной, что когда она направляет в опочивальню Меджнуна, животные открывают для нее дорогу:

С любовью, которая была равна преданностью,
Все животные расступились в сторону

«В условиях пленения, пребывания в затворничестве, слухов и интриг людей, странствия в горах и пустынях, окружения хищными и дикими животными отправление Лейли к Меджнуну представляют собой еще некоторый знак верности, честности, смелости и храбрости, что вызвало еще большую любовь Меджнуна. В то же время, среди этих двух влюбленных активным и принципиальным лицом была Лейли, посредством инициативы, которой два возлюбленных воссоединились друг с другом, сливаясь в одну душу»

Постепенно она привыкала к страсти и нанесла внутреннюю волну сочной газелью на поверхности воды:

Снова горечь любви пришла в голову,
Развалилось здание моего терпения.
Снова страсть охватила меня,
Не осталось у меня следа от ума

Она признает, что более ее хиджаб упала с ее лица:

Что я могу сделать сейчас, если хиджаб моего лица,
Упал с лица, полного стыда.
Тому, у кого поранено нутро,
Чем поможет занавес на двери

Осень жизни Лейли Амир Хосров изображает как осень природы, описывает этот сезон года с использованием специальных слов, подготавливая тем самым читателя для принятия горьких событий:

Пришла как осень, чтобы разграбить сад,
Села ворона вместо соловья.
Красное лицо стало полно морщинами,
Зеркало воды превратилось в железо

И до последнего момента, когда она вручает свою жизнь Создателю, она е имела ничего в своей голове, кроме тяготения к Меджнуну:

Ее душа, которая пошла между волной и кровью,
Произнеся имя Меджнуна она покинула тело

В дастане Низами, в последние моменты своей жизни Лейли поручает своей матери, чтобы дорожил Меджнуна

Я все время дорожила ей,
Как я ты тоже дорожи им

Как и другая истинно влюбленная она мечтает, чтобы:

Мы испытывали в себе агонию смерти,
Живи ты долго, так как мы покинули этот мир

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Дехлави Амир Хосров. Меджнун и Лейли / Амир Хосров Дехлави. – Москва: Знание, 1995. - 274 с.
2. Дехлави Амир Хосров. Диван-е ашъор / Амир Хосров Дехлави; корректировка Икбала Салахаддина. – Тегеран: Нигох, 2008. - 930 с.

3. Дехлави Амир Хосров. Дувалрани и Хизрхан / Амир Хосров Дехлави. – Душанбе: Дониш, 1996. - 310 с.
4. Дехни Нилуфар. Независимость и выбор женской сущности с точки зрения шариата / Дехни Нилуфар // Эътимад. - 2004. - № 28.
5. Сафа Забихуллах. Амир Хосров Дехлави / Сафа Забихуллах. – Тегеран: (без м.п.), 1963. - 27 с.
6. Крачковский И.Ю. Ранняя история повести о Межнун и Лейли в арабской литературе / И.Ю. Крачковский // Избранные сочинения. – М. – Л., 1956. - Том. 2. – С.588-632.
7. Асадуллоев С. Лайлӣ ва Маҷнун дар адабиёти форсӣ / С. Асадуллоев. – Душанбе: Дониш, 1981. – 320 с.

ОБРАЗ ЖЕНЩИНЫ В ПОЭМЕ «МЕДЖНУН И ЛЕЙЛИ» АМИР ХОСРОВА ДЕХЛАВИ

Амир Хосров Дехлави считается известным персидским поэтом и великим прозаиком, родившимся в Индии. Несмотря на отдаленность от страны персоязычных, он унаследовал на этом языке многочисленные поэтические и прозаические произведения, о которых упомянуты в источниках и первоисточниках, многочисленных книгах и статьях

Свою поэму «Лейли и Меджнун» Амир Хосров сочинил в подражании Низами в объеме двух тысячей шестисот шестидесяти бейтов в размере хазадж мусаддас ахраб макбус махзуф (мафъул мафаилун фаулан) в 698 г.х. В данной статье автор рассматривает образ женщины в поэме «Меджнун и Лейли» Амир Хосрова Дехлави.

Ключевые слова: Амир Хосров Дехлави, поэма «Лейли и Меджнун» Амир Хосрова, образ женщины, персидская классическая литература.

THE IMAGE OF WOMEN IN POMAJNUN AND POEM LAYLA OF AMIR KHOSROW DEHLAVI

Amir Khosrow Dehlavi considered a renowned Persian poet and a great prose writer, born in India. Despite the distance from the Persian-speaking countries, he inherited the language of numerous poetical and prose works, which are mentioned in the sources and primary sources, numerous books and articles.

The poem "Levli and Mainun" Amir Khosrow wrote in imitation of Nizami in the amount of two thousand six hundred sixty bayts in the amount of hazaj musaddas ahrab makbuz mahsup (mafvo matalon Poulan) in 698 G. H. In this article, the author examines the image of the woman in the poem "Majnun and Layla Amir Khosrow Dehlavi.

Key words: Amir Khosrow Dehlavi, the poem "Leyli and Majnun" Amir Khosrow, the woman of Persian classical literature.

Сведения об авторе: ***Мехрнуш Мансури Майманди*** – аспирантка Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им. Рудаки АН РТ

ИНЪИКОСИ АХЛОҚИ ОРИФОНА АЗ ДИДГОҲИ АТТОР ВА ҶОМӢ

М. Оқилова
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б.Ғафуров

Дар адабиёти классикии мо, ки саршори масоили ахлоқӣ ва маърифати инсонист, насри ирфонӣ аз ҷойгоҳи хосае бархурдор аст. Муаллифони ин навъи наср ва мутафаккирони аҳд бар ин ақидаанд, ки дар ҷаҳони пурҳаводис роҳи ростин ва расидан ба маҳалли тазкияи нафс ва сарҳади инсони комил пайравӣ аз ақоиди исломист, ки аҳли сӯфия дар ин роҳи пурмашаққат гом мебардоранд ва «Худованд субҳона ва таоло бурҳони набавиро боқӣ гардонидааст ва авлиёро сабаби изҳори он карда, то пайваста оёти Ҳақ ва ҳуҷҷати сидқи Муҳаммад (с) зоҳир мебошад. Ва мар эшонро волиёни олам гардонида, то муҷаррад мар ҳадиси вайро гаштаанд. Ва роҳи мутобаати нафсро дарнавишта. Аз осмон борон ба баракоти иқдоми эшон ояд. Ва аз замин набот ба сафои аҳволи эшон рӯяд ва бар кофирон мусалмонон нусрат ба ҳиммати эшон ёбанд» [3, 29].

Шайх Фаридуддин Аттори Нишопурӣ дар шумори суханварони номии адабиёти форсу тоҷик ва орифони соҳибмаслаки масири тасаввуфи исломӣ ба шумор рафтааст, ки баробари таълифи осори гаронмояи манзуми ирфонӣ, дар эҷоди намунаи барҷастаи насри сӯфиёна низ муваффақ гардидааст. Андешаи фавқро таҳқиқоти аксари донишмандон нисбат ба асари мансури вай «Тазкират-ул-авлиё» собит месозад.

Пажӯҳишоти анҷомёфта китоби мазкурро бештар аз назари иртибот ба фарҳанги ирфонӣ ва ҳамчун тазкираи орифон муаррифӣ кардаанд. Аммо шинохти асари ёдшуда ба ҳайси як китоби пурарзиши адабӣ ва намунаи беҳтарини насри классикӣ метавонад, ки ҷойгоҳи Атторро дар таҳаввули насри сӯфия муқаррар созад. Зеро, бо он ки «Тазкират-ул-авлиё» ҳамчун асари комили ирфонӣ ва ҷомуси орифоне, ки то замони Аттор зиндагӣ кардаанд, ба шумор меравад, як китоби пурарзиши насрӣ ҳам маҳсуб мешавад, ки аз муҳимтарин арзишҳои адабӣ бархурдор буда, аз ҳар ҷиҳат ниёз ба таҳқиқ дорад.

Аз мутолиаи муҳтавои нусхаҳои ахирин нашршудаи «Тазкират-ул-авлиё»-и Аттор бармеояд, ки он дар бораи саргузашти 96 тан аз намояндагони тасаввуф ҳикоят мекунад.

Яке аз мавзӯъҳои асосии «Тазкират-ул-авлиё» ахлоқ аст. Моҳияти равиши баёни Аттор бо шарҳи масоили ахлоқӣ ва асли афкору ҷаҳонбинии аҳли тасаввуф иртиботи амиқ дорад.

Шайх Аттор ҳангоми бозгӯйии донишу фазилати машоих баъзе гуфтори эшонро дар мавриди ташреҳи масоили мухталифи ирфонӣ корбаст мекунад. Аз тарзи баёни нависанда маълум мегардад, ки ӯ аз тасонифи урафо ва асли моҳияти ҷаҳоншиносии онҳо огоҳии комил дорад. Ба ин тартиб, бидуни зикри сарчашма ӯ ақволи машоихро ёдрас мешавад. Бо ин роҳ ӯ аз дарси мавъизаву касби воизии шахсиятҳои мавриди назараш хабар медиҳад. Ин гуна суханони машоих бо ҷумлаи «Ва гуфт» оғоз ёфта, нависанда гоҳо мухтасар ва гоҳо ба татвил назари машоихро оид ба масоили мухталифи тариқат иброз медорад. Баёни матолиби диниву мазҳабӣ ва ахлоқиву ирфонӣ бо оҳанги суолу ҷавоб ироа мешавад. Нахуст, бо овардани ҷумлаи «Ва гуфтанд», яъне пурсиданд шарҳи масъалае дархост мешавад. Дар бисёр маврид шахсияти соил норӯшан аст:

«Ва гуфт (Ҳасани Басрӣ-М.О): Се касро ғайбат нест: Соҳиби ҳаворову фосиқро ва имоми золимро» [1, 104].

Маъмулан, посухи машоих ҳукми қатъии шарҳи масъалаи мавриди назарро дошта, ин навъ суханони ҳикматомез зарурати тавзеҳу ташреҳи ҷавобро ба миён намеоранд:

«Ва гуфт (Зуннуни Мисрӣ-М.О.): Ҳикмат дар меъдае қарор нагирад, ки аз таом пур аст» [1, 198].

Аттор ҳангоми зикри фазоили машоих яке аз сифоти сутуда ё ҷавҳару мабдаи андеша ва таълимоти мазҳабии онҳоро таъйин менамояд. Масалан, Ҳабиби Аҷамӣ соҳибҳиммат, Утбат-ул-Ғулом аҳли таслиму ризо, Фузайли Аёз посдори варау маърифат, Бишри Ҳофӣ олим илми усулу фурӯъ, Боязиди Бастомӣ дар мақоми қурбу ҳайбат, Шақиқи Балхӣ соҳибтаваккул, Абӯҳанифа аҳли фаросату сиёсату киёсат ва муруввату футувват, Ҳориси Муҳосабӣ маскуни ҳоли ризо, Абӯсулаймони Дорой дар ҷуи муфрит, Ҳотами Ассам сахтгири нафс ва дақоиқи макру маърифати рууноти нафс, Маъруфи Кархӣ дар мақоми унсу шавқ, Фатҳи Мавсилӣ бо хавфеву ҳузне ғолиб, Аҳмади Ҳаворӣ мукҳтадои ривояту аҳодис, Яҳё ибни Маози Розӣ бо басте бо қабз омехта ва рачое ғолиб, Юсуф ибни Ҳусайн дар адаб ояте, Мансури Аммор воизу соҳибмавъиза буданд. Нависанда монанди ин ҳолу мақом ва донишу фазилатро, ки махсуси ҳар як аз урафост, оварда муҳимтарин паҳлӯҳои тасонифу моҳияти тафаккури эшонро ташреҳ медиҳад. Гоҳо, Шайх Аттор интисоби аносиру аркони тасаввуфро ба исми яке аз онҳо мустақиман бо нақли яке аз машоих меоварад. Аз ҷумла, дар зикри Бишри Ҳофӣ меорад:

«Нақл аст, ки Абӯабдуллоҳи Ҷило гӯяд: Зуннунро дидам, ӯро ибодат буд ва Саҳлро дидам, ӯро ишорат буд ва Бишрро дидам, ӯро вараъ буд. Маро гуфтанд: Ту ба кадом моилтарӣ? Гуфтам: Ба Бишр ибни Ҳорис, ки устоди мост» [1, 181].

Шайх Аттор гоҳо ба шеваи тунд аҳли замонаро мухотаб сохта, онҳоро накӯҳиш менамояд. Дар назари ӯ ҳусни оростаи зоҳирӣ бидуни сифоти олии башарӣ ҳеҷ аст. Муаллиф аз равзани нигоҳи Яҳё ибни Маоз дастовардҳои дунёии Қайсару Кисро, Шаддоду Одро бо неъматҳои маънавии ҳазрати Расул (с) баробар намеҳисобад: «Ва гуфт: Эй Худованди илм ва эътимод! Қасрҳотон қайсарӣ аст ва хонаҳотон кисравӣ аст ва иморатҳотон шаддодӣ аст ва кибратон одӣ аст; ин ҳамаатон ҳеҷ аҳмадӣ нест» [1, 403].

Маҳз озодагиву растагории соликон ва таваккулу ризояшон онҳоро аз дигар тавоифи мардум имтиёз мебахшад. Аз ин рӯ, намехоҳанд, ки чашми тамаъ ба хони касе дошта бошанд. Дар гуфтори зайл Шақиқи Балхӣ мусоҳиби худро ба панҷ далел аз дастгирии моддӣ нисбат ба худ бозмедорад:

«Яке Шақиқро гуфт: Мардумон маломат мекунанд туро ва мегӯянд, аз дастранҷи мардумон нон мехӯрад. Биё, то ман туро ичро кунам. Гуфт: Агар туро панҷ айб набудӣ, чунин кардаме: яке, он ки хазонаи ту кам шавад; дувум, он ки дузд бибарад; савум, он ки пушаймон шавӣ; чаҳорум, он ки дур набувад агар аз ман айбе бинӣ ва ичро аз ман бозгирӣ; панҷум, раво бувад, ки аҷал даррасад ва бе барг монам. Аммо маро Худованде ҳаст, ки аз ҳамаи айбҳо пок ва муназзаҳ аст» [1, 279].

Шайх Аттор дар «Тазкират-ул-авлиё» мабоҳиси зиёди машоихро оварда, гоҳо онҳоро ба таври мухтасар тавзеҳ медиҳад ва дар бисёр мавридҳо дарки ҳақоиқро ба хонанда ҳавола мекунад. Пурсу посухе, ки дар гуфтори зерин ба вуқӯъ мепайвандад, намунаи сареҳи мубоҳисаороии нависанда ҷиҳати ташреҳи масоили шаръиву маърифатист:

«Ва ба мазҳаби Аҳмади Ҳанбал ҳар кӣ як намоз амдан раҳо кунад, кофир шавад ва ба мазҳаби Шофеӣ нашавад: Ӯро азобе кунанд, ки куффорро накунанд. Шофеӣ Аҳмадро гуфт: Чун яке тарки намоз кунад, кофир шавад, чӣ кунад, то мусалмон шавад? Гуфт: Намоз кунад. Шофеӣ Аҳмадро гуфт: Намоз чун дуруст бувад аз кофир? Аҳмад хомӯш шуд аз ин сухан, ки асрори фиқҳ аст ва суолу ҷавоб бисёр аст, аммо ин китоб ҷойи ин сухан нест» [1, 296].

Бародариву таовун ва ҳамдигарфаҳмии аҳли тариқ аз мавзӯест, ки қариб дар шарҳи ҳоли тамоми машоих нигоранда ба он ручӯъ меорад. Роҳи бодия ва қатъи биёбон маҳаллест, ки раҳравон мушкилоту ранҷу анои пешомадаро бо муносибати шоистаи инсонӣ бартараф месозанд.

«Нақл аст, ки се тан ҳамроҳи ӯ (Иброҳими Адҳам-М.О.) шуданд. Як шаб дар масҷиди хароб ибодат мекарданд. Чун бихуфтанд, вай бар дар истод то субҳ. Ӯро гуфтанд: Чаро чунин кардӣ? Гуфт: «Ҳаво азим сард буд ва бод сард, хештанро ба ҷои дар кардам, то шуморо ранҷ камтар бувад!» [1, 167].

Донишманди эронӣ Қосими Ансорӣ дар муқаддимаи китоби Шайх Шаҳобуддини Сӯҳраварди «Авориф-ул-маориф» меорад, ки тасаввуфи замони таҳоҷуми муғул (аҳди Аттор)-ро ба ҳаракати фикрии бо дин омехта буд ва маҳз маҳофили сӯфиёнаву дарсҳои хонақоҳӣ муҷиби оромиши равонии мардуми ваҳшатзадаву мусибатдида гардид [3, 5].

Аз ин рӯ, ба такрор мебинем, ки нигорандаи «Тазкират-ул-авлиё» бо зикри ақволи машоих тариқатро забони баёни шариат меҳисобад:

«Гуфтанд: Фариза ва суннат чист? Гуфт (Боязиди Бастомӣ): Фариза суҳбати мавлоҷ аст ва суннат тарки дунё» [1, 245].

Ё дар ҷойи дигар миёни олиму зоҳид ва фақеҳу сӯфӣ пайванде барпо месозад, ки ин маънӣ далолат ба ҳамрешагии ирфону шариат дорад:

«Ва гуфт (Сӯфёни Саврӣ): Азизтарин халқон панҷанд: олиме зоҳид, фақеҳе сӯфӣ ва тавонгаре мутавозеъ ва дарвеше шокиру шарифе суннӣ» [1, 273].

Дар маворидо дигар истилоҳоти сӯфия ба таври мухтасар маънидод мешаванд:

«Ва гуфт (Зуннуни Мисрӣ): Сабр самараи яқин аст» [1, 205].

«Ва гуфт (Зуннуни Мисрӣ): Ваҷд сиррест дар дил» [1, 203].

«Ва гуфт (Саҳли Тустарӣ): Ғояти маърифат ҳайрат аст ва даҳшат» [1, 354].

«Ва гуфт (Саҳли Тустарӣ): Футувват мутобаати суннат аст» [1, 356].

«Ва гуфт (Сарии Сақатӣ): Адаб тарҷумони дил аст» [1, 374].

«Ва гуфт (Сарии Сақатӣ): Шавқ бартарин мақоми ориф аст» [1, 375].

«Ва гуфт (Аҳмади Ҳаворӣ): Рачо қуввати хоифон аст» [1, 382].

«Ва гуфт (Абӯтуроби Нахшабӣ): Қаноат гирифтани қут аст аз Худой» [1, 395].

«Ва гуфт (Ҳориси Муҳосабӣ): Сабр нишонаи тирҳои бало шудан аст» [1, 312].

«Ва гуфт (Яҳё ибни Маоз): Аломати фақр хавфи фақир аст.

«Ва гуфт (Яҳё ибни Маоз): Баландтарин парҳезгор тавозӯъ аст.

«Ва гуфт (Яҳё ибни Маоз): Тоат хазонаи Худой аст ва калиди он дуо» [1, 406].

«Ва гуфт (Робиаи Адвия): Истиғфор ба забон кори дурӯғзанон аст» [1, 137].

Дар «Тазкират-ул-авлиё» дар бисёр маврид ба тарзи баёни мармузи ҳолоти сӯфиёна дучор омадан мумкин аст. Абӯбакри Шиблӣ ачзу ниёз - ду ҳолати саъбу сахти ҳолати рӯҳии соликро чунин шоирона тавзеҳ медиҳад:

«Ва гуфт: Такягоҳи ман ачз аст.

Ва гуфт: Асокаши ман ниёз аст» [1, 644].

Андешаҳои фавқ собит месозанд, ки китоби Аттор як навъ ахбори таърихи пайдоиши тасаввуф, маслаки сӯфиён, одобу русуми орифона, ҳовии аҳволу ақвол, моҳияти осору таснифот, зиндагинома, баёнгари маъниву муҳтавои мақому маротиб, шоҳиди маҷолису маҳофили сӯфиёна, бархурду мабоҳиси бузургони мутасаввифа, ихтилофи аҳли тариқату салтанат, шореҳи нукоту истилоҳоти шаръиву ахлоқӣ ва ирфонӣ ва болотар аз ҳама, дастур оид ба парвариши инсони комил аст. Зубдаи гуфтор ва ҷавҳари ахбори нависанда ба поксозии ҷисму рӯҳ, танқеҳи афкори ҷомеа, бародариву таовун, нигаҳдошти ҳаққи дӯсти тариқ, пир, ҳамсоя, волидайн ва ҳар касе, ки имон дорад, иртибот доранд. Аттор дар мағзи ҳуруфи худ одамро ба пояи шинохти Худо ва маърифати асрори олам раҳнамун месозад.

«Нафаҳот-ул-унс мин ҳазарот-ил-қудс»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ аз комилтарин китоби ирфонӣ маҳсуб меёбад, ки нуктаҳои муҳимми тасаввуфи исломӣ дар он бо асноди қотеъ, чун Қуръону ҳадис, гуфтори авлиёи Худо ва каломи машоихи бузург тасдиқи худро ёфтааст. Ин китобро аз чанд ҷиҳат метавон дастури ахлоқии орифон номид ва сабабҳои таълифи онро муайян кард. Нахуст, Абдурраҳмони Ҷомӣ ҳадафи аслии таълифи худро чунин ёдрас мешавад, ки қабл аз ӯ Абдурраҳмони Суллами ба забони арабӣ ва Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ ба забони ҳиравии қадим китобҳое навиштаанд, ки дар аҳди худашон роиҷ буд ва он осор аз муҳимтарин китоби маноқиби сӯфиён ба шумор мераванд. Вале аз сабаби он ки то имрӯз бар асари

таҳрифу таҳрири нависандагони зиёд то замони Ҷомӣ китоби “Табақот-ус-сӯфия”-и Ансорӣ мушкилфаҳм гардида, дарки матлабҳои он барои мардум душвор аст, зарурати навиштани китоби дигар пеш омадааст. Ҷомӣ ба ин масъала худ ишорат низ дорад.

Дувум, “Табақот-ус-сӯфия” аз зикри баъзе мутақаддимон ҳатто, аз зикри худи ҳазрати Шайхулислом, муосирони вай ва мутааххирони баъди ӯ холӣ аст. Аз ин хотир, Ҷомӣ менависад, ки “борҳо дар хотири ин фақир мегашт, ки ба қадри вусъу тоқат дар тақриру таҳрири он кӯшиш намояд” [3, 2].

Савум, ин аст, ки воқеан соҳиби «Нафаҳот-ул-унс мин ҳазарот-ил-қудс» аз бузургтарин чеҳраҳои ирфон дар қарни XVI ба шумор мерафт ва аз пешравони маслаки нақшбандия буд. Табиист, ки тамоми соликони давр ӯро эҳтиром мекарданд ва дасти иродат ба домани ӯ зада буданд. Бо назардошти ин мақоми маънавӣ обрӯмандтарин шахсияти сиёсиву фарҳангии асри Ҷомӣ Низомиддин Алишери Навоӣ, ки бо вуҷуди маротиби ҷоҳу ҷалол қадами “таслиму ризо бар сулуки ҷодаи фақру фано иқбол фармуда» [3, 2] буд, аз Ҷомӣ дархост менамояд, ки вуҷуди роҳравони тариқатро аз нафаси мубораки авлиёуллоҳ ва файзи арвоҳи муқаддаси эшон хуш гардонад.

Чаҳорум, бино ба гуфтаи Ҷомӣ он чи Низомиддин Мир Алишер аз ӯ дархост, гӯё як ҷузъи ормону ҳадафҳои олии ин шоиру орифи машҳур буд, ки солҳо дар дил мепарварид. Ба ибораи дигар, ин адиби машҳур муддатҳо орзу дошт, ки чунин китоби муҳимро рӯйи коғаз биёварад.

Аз ин рӯ, мақсадҳову сабабҳои ёдшуда мучиби таълифи ин китоби бузурге гардид, ки Ҷомӣ дар он на танҳо андешаву ҷаҳоншиносӣ ва мухтасари шарҳи аҳволи машоих, балки назарияи махсуси ирфонро низ танзиму тартиб сохт.

Як бахши асосии китоб ба масъалаҳои назариву бунёдии ирфон, мисли валию вилоят, маърифату ориф, моҳияту фазилати ҷӯяндаи маърифат, шинохти сӯфӣ, сӯфитарошон, маломатиён, дараҷаҳои аҳли тасаввуф, монанди мартабаи восилону комилон (табақаи улё), мартабаи соликони тариқи камол (табақаи вусто), муқимони ваҳдати нуқсон (табақаи суфло), инчунин дар бораи тавҳиду маротиби он, гурӯҳҳои соҳибони вилоят, фарқи муъҷизаву каромат, исботи каромати авлиё, анвои каромоту корҳои берун аз одат, таърихи исми сӯфӣ ва ғайра сухан мегӯяд.

Қабл аз он ки мавзӯи аслӣ баррасӣ гардад, як далели шоистаи зикр ин аст, ки Ҷомӣ дар «Нафаҳот-ул-унс мин ҳазарот-ил-қудс» мисли «Кашф-ул-маҳҷуб»-у «Тазкират-ул-авлиё» ҳангоми зикри зиндагиномаи машоих ҷумлаву ибороти дилнишину сифоти махсус ва шеваи шоиронаи рӯшану барҷаста ба кор намебарад. Зикри машоих дар ин китоб монанди асарҳои ёдшуда тӯлониву муфассал нест. Ҳамчунин дар зимни муаррифии шахсиятҳо Ҷомӣ бо овардани суолу ҷавоб масоили марказии тариқатро таҳлилу баррасӣ менамояд ва бо гуфтори машоих чанд муаммои ирфонро ҳаллу фасл месозад. Илова бар ин, соҳиби китоб ба ғайр аз мавзӯи меҳварӣ аз ҳалқаи рафтору гуфтор, андешаву тафаккури шахсиятҳои марказии тасаввуф берун намеояд ва ба воқеаву ҳодисаҳои иҷтимоиву сиёсӣ дахолат намекунад.

Бояд ёдовар шуд, ки дар хусуси ҳар як аз мавзӯоти ин асар метавон мақолаву гузоришоти муҳим анҷом дод. Ба назари мо, мавзӯи асосии ин китоб шарҳи меъёрҳои ахлоқи ирфонӣ мебошад, ки он танзимкунандаи равиши сулуки сӯфиён аст. Ҳарчанд Ҷомӣ дар қисмати ибтидоии «Нафаҳот-ул-унс мин ҳазарот-ил-қудс» вазифаю самти асосии худро ҳамчун нигорандаи маноқиби сӯфиён равшан месозад ва тадриҷан ба исботи дурустии роҳу равиши аҳли ирфон мепардозад, ҳама ҷо як консепсияи муайяни ахлоқи орифона ба мушоҳида мерасад. Шояд ин ҷо суоле пеш ояд, ки тасаввуф то замони Ҷомӣ аллакай ба таври воқеӣ ҳамаҷониба ташаккул ёфта буд, зарурати таъйини шароиту меъёрҳои он аз ҷониби ин нависанда чӣ аҳамияте дошт? Посухи саҳеҳ он аст, ки соҳиби “Нафаҳот” бо риояи хати пайвастаи одоби ирфонӣ расми нигориши маноқиби сӯфиёнро сареҳан идома дод ва дастуроти ахлоқии пешинро тамомият бахшид. Ба андешаи Ҷомӣ нахустин қадам дар роҳи тариқат ин ягонагиву мутобиқати андешаву рафтор аст. Донишу обрӯйи зиёдро як кирдори ноҷо метавонад аз миён бубарад.

Абдурраҳмони Ҷомӣ ҳастии машоихи бузурги тасаввуфро боиси таъмини низоми солими ахлоқӣ мешуморад. Ба андешаи ӯ дарси илму ҳикмати пирони роҳ бояд чунин қимату рифъате дошта бошад, ки адабомӯз набояд лаҳзае худро аз чорчӯбаи меъёрҳои ахлоқӣ берун афканад. Аз гуфтори ин нависанда бармеояд, ки риояи адаб худ ҳурмати устод аст. Дар баробари ин, ӯ мақоми машоихро дар пояе нишон медиҳад, ки сеҳри каломи эшон як умр пандомӯзи муридону мусоҳибон ва сомеон аст: «Халифаи БаҒдод Руваймро гуфт: Эй беадаб! Вай гуфт: Ман беадаб бошам ва ним рӯз бо Ҷунайд суҳбат доштаам? Яъне ҳар кас, ки бо вай ним рӯз суҳбат дошта бошад, аз вай беадабӣ наёяд» [3, 79].

Ҷомӣ ва кулли тазкиранигорони ирфонӣ ба ин назаранд, ки нигаҳдошти адаб дар кулли умур нишоне аз тасаввуфи ростин аст. Аз ин рӯ, ӯ ҷавҳари тасаввуфро дар некиву накӯкорӣ мебинад. Ҷое ӯ аз забони Муҳаммад ибни Алии Қассоб меоварад, ки тасаввуфро чунин тавзеҳ дод: «Рафтори неке, ки дар замонаи нек миёни некон аз тарафи шахси нек содир мешавад» (тарҷумаи ҷумлаи арабӣ) [3, 81].

Дар китоби «Нафаҳот» Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ, кирдору гуфтор, таҳлилу баррасиҳову андешаварзиҳои ӯ барои Ҷомӣ як мактаби бузургест. Руҷӯъҳои зиёди ӯ ба «Табақот»-и Ансорӣ пайванди маҳками маънавиеро байни ин ду орифи бузург собит месозад. Аз ин дидгоҳ Ҷомӣ дастуроти Пири Ҳиротро ҳамеша чун аркони ахлоқи урафо арҷ мегузорад. Ӯ менависад, ки бузургтарин мақоми адаб он аст, ки Шайхулислом гуфт: «Адаб он аст, ки бо Аллоҳ таоло муомалат даргирӣ, аз сари обу хок ва руунати нафс бархезӣ, нагӯӣ, ки ману карди ман, гӯйӣ, ки Ӯ ва тавфиқ ва иноятӣ Ӯ» [3, 144].

Тифоқиву дӯстӣ дар тасаввуф шарти асосии ахлоқи орифон аст. Сӯфӣ бояд ҳамеша аз дидори сӯфии дигар хушҳол бошад ва дили худро аз гавҳари маънову маърифат лабрез созад, мисли ин ки Бундори Шерозӣ мегӯяд: «На аз адаб аст, ки аз ёри худ пурсӣ, ки аз кӯҷо мерасӣ ва дар чӣ кор?» [3, 231].

Тарбияву таҳзиби нафс аз меъёрҳои аслии тариқат ба шумор меравад. Аҳли мутасаввифа ба ин қароранд, ки агар нафси башарӣ ба амале хӯ гирад, ичрои он минбаъд барои одамӣ ба амри ногузир табдил меёбад. Аз ин хотир, бояд нафси аммораро аз ҷумлаи хоҳишҳо барҳазар дошт. Агар дар рӯзҳову марҳилаҳои аввал фурӯнишонии нафс кори душвору сангин бошад, сонитар ин тавфиқ, яъне куштани хоҳишҳои дарунӣ барои ориф мучиби фараҳу оромиш мегардад.

Маъруфи Кархӣ гуфтааст: «Сӯфӣ ин ҷо меҳмон аст. Тақозои меҳмон бар мизбон ҷафост. Меҳмон, ки баадаб бувад, мунтазир бувад, на мутақозӣ» [3, 35].

Дар ин китоб дар баробари шарҳу тавзеҳи ахлоқи орифон, инчунин дар хусуси ахлоқи иҷтимоӣ низ сухан меравад. Барои исботи ин иддао метавон аз ҳикояти саҳобаву пайғомбар ёд кард. Боре ҳамнишони ҳазрати Муҳаммад (с) аз эшон суол карданд, ки дар бораи одоби имонону бузургони пешина чизе бигӯянд. Он кас ҳикояти се мардеро гуфтанд, ки ҳангоми сафар шабона дар ғоре паноҳанда шуданд. Ногоҳ санге аз кӯҳ ғелида даҳони ғорро маҳкам сохт. Онҳо чораи раҳоиро дар он медиданд, ки ҳар кас аз амалҳои неки кардааш ёд кунад, то шояд аз лутфи Худо дари ғор боз гардад. Ҳамин гуна, касе аз марҳамату навозиши худ ба волидайн, ки охирин бизоати хешро вақфи оромишу фароғати эшон сохта буд, нақл кард. Дар ин ҳолат санг каме ҷунбид ва шикофе падид омад. Марди дигар аз парҳезу тақвояш ва савумӣ, аз амонатнигаҳдории худ ёд мекунад. Ба ин тартиб, «он санг ба як бор аз он дари ғор фаротар шуд, то ҳар се берун омаданд» [3, 18-19].

Монанди ин ҳикоёти пандомӯз дар асари Ҷомӣ зиёд ба мушоҳида расида, аз забони орифону донишмандон бо баёни хос ва таъсири амиқ зикр мешаванд.

Ҳамин тавр, ба ин натиҷа расидан мумкин аст, ки китоби муҳташами Ҷомӣ амсоли «Тазкират-ул-авлиё» дар баробари гирдоварии ахбори фаровоне дар хусуси рӯзгору таълимоти орифон, инчунин дастури мукаммали ахлоқӣ низ маҳсуб меёбад. Муаллиф барои ҳар як нафаре, ки дар роҳи муҳаббати Илоҳӣ ва маърифати зоту сифоти поки Ӯ қадам мезанад, меъёрҳои дурусту хуби ахлоқиро манзур гардонида, дили соликро аз занги рашку ҳасад, бахолату кудурат пок месозад.

А Д А Б И Ё Т

1. Аттор Фаридуддин. Тазкират-ул-авлиё / Фаридуддин Аттор; бо тасҳеҳу таҳшияи Рейнолд Николсон. Бознигарии матн, тарҷумаи муқаддимаҳо ва танзими феҳристҳо аз А. Рӯҳбахшон. – Теҳрон: Асотир, 1379. - 974 с.
2. Суҳравардӣ Шайх Шаҳобуддин. Авориф-ул-маориф / Суҳравардӣ Шайх Шаҳобуддин; тарҷумаи Абӯмансур ибни Абдулмуъмини Исфаҳонӣ (қарни ҳафтум); ба эҳтимоми Қосим Ансорӣ. - Теҳрон: 1374. - 326 с.
3. Абдурраҳмони Ҷомӣ. Нафаҳот-ул-унс мин ҳазарот-ил-қудс / Абдурраҳмони Ҷомӣ; бо муқаддимаву тасҳеҳ ва таълифоти доктор Маҳмуди Обидӣ. - Теҳрон: Интишороти Иттилоот, 1370. - 1214 с.

ОТРАЖЕНИЕ НРАВСТВЕННОСТИ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ ФАРИДАДДИНА АТТАРА И ДЖАМИ

Выдающееся место в суфийской прозе и поэзии принадлежит Фаридаддину ‘Аттару. Своими мистическими газелями и маснави он произвел в персидской литературе переворот, который был высоко оценен в следующих столетиях. Мавлана Абдуррахман Джами знаменитый персидский поэт, завершитель классического периода поэзии на персидском языке, блистательный ученый, богослов. Джами воспевал любовь к Аллаху и рассуждал о проблемах человека. Его призыв к утверждению идеалов общечеловеческой справедливости и равенства людей независимо от их сословного происхождения, нравственные требования сохранили свою актуальность по сей день. В данной статье автором рассмотрена тема отражения нравственности в сочинениях Аттара и Джами.

Ключевые слова: Фаридаддин Аттар.Абдуррахман Джами, персидский суфийский поэт, тема нравственности, отражение нравственности, проблемы человека, утверждение идеалов общечеловеческой справедливости и равенства.

REFLECTION OF MORALITY FROM THE POINT OF VIEW FARIDUDDIN ATTAR AND JAMI

Prominent place in the Sufi prose and poetry belongs Fariduddin 'Attar. Its mystical ghazals and masnavi he produced in Persian literature the coup, which was highly appreciated in the following centuries. Mawlana Abdur-Rahman Jami, the famous Persian poet, finisher of the classical period of poetry in Persian, a brilliant scientist, theologian. Jami sang of love for Allah and talked about the problems of man. His appeal to the ideals of universal justice and equality of people irrespective of their class of origin, moral requirements to remain relevant to this day. In this article, the author discussed the topic of reflection of morality in the works of Attar and Jami.

Kev words: Fariduddin Attar.Abdurrahman Jami, the Persian Sufi poet, the theme of morality, reflection, morality, issues of human rights, the ideals of universal justice and equality.

Сведения об авторе: ***М. Окилова*** - кандидат филологических наук, доцент Худжандского государственного университета им.Б.Гафурова

ҶОЙГОҲ ВА ИСТИФОДАИ АҲОДИСИ НАБАВӢ ДАР ЭҶОДИЁТИ АБДУРРАҲМОНИ ҶОМӢ

Ш.Юсупова
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б.Ғафуров

Дар асри XV илмҳои тафсиру тавзеҳ ва тартили Қуръону ташреҳи ҳадис басе интишор ёфта, дар осори илмии он замон бозгӯйи ҳаводис ва воқеоти таърихӣ, асотирӣ, динӣ, нақлу ривоёт мақоми махсус пайдо кардаанд. Дар ин навъ осор матолиби фалсафиву ҳикамӣ ба воситаи порчаҳои манзум, мақолу зарбулмасал, андарзҳову таъбирҳои халқӣ баён шудаанд.

Абдурраҳмони Ҷомӣ ба аҳодиси набавӣ ҳамчун ба яке аз сарчашмаҳои муҳим таваҷҷуҳи махсусе дошта, девонҳои ашъори «Фотиҳат-уш-шубоб», «Воситат-ул-иқд», «Хотимат-ул-ҳаёт», достонҳои «Ҳафт авранг» ва асари насрии машҳури «Баҳористон»-ро, ки мавзӯоти мухталиферо дарбар гирифтаанд, аз Қуръон ва аҳодиси набавӣ хеле зиёд истифода кардааст. Таваҷҷуҳ ба аҳодиси набавӣ боис гардид, ки Ҷомӣ дар таърихи афкори фалсафии халқи тоҷик ҳамчун муфассир ва илоҳиётшиноси маъруф шуҳрат ёфта, иншои чандин асар дар ин замина номи ӯро ҳамчун донишманди мутабаҳҳир дар риштаи илоҳиётшиносӣ маъруф гардонад.

Агар хоҳем, ки раванди куллии таъсири ҳадисро ба эҷодиёти Ҷомӣ мушаххас гардонем, имкони баҳси комили он дар рисола имкон надорад. Бинобар ин, танҳо ба бархе аз намунаҳои ин таъсирот дар ин замина иктифо меварзем.

Аз муҳтавои ашъори Ҷомӣ бармеояд, ки ӯ аҳодис ва ақволи Паёмбари Худоро (с) появу моҳияи пешрафт ва рушди тафаккури муслимин ба шумор оварда, таълим медиҳад, ки аз қавли Паёмбар (с) роз ҷустан беҳтарин василаи расидан ба мақсад аст:

Ба такрири латоиф лаб кушоянд,
Ҳазорон гавҳари маънӣ намоянд.
Гаҳе асрори Қуръон боз гӯянд,
Гаҳ аз **қавли Паёмбар** роз гӯянд [3, 373].

Мурод аз «қавли Паёмбар» дар байти охир ҳадис аст. Ҷомӣ ҷойи дигар қайд мекунад, ки «ҳақоиқи дин»-ро бо такя ба «ҳадису китоб» кашфу яқин кардан мумкин аст:

Баъди рафъи салому савқи калом,
Дар баёни камоли шавқу изом
Мекунад арза бо ҳазор ниёз
Банда Ҷомӣ дар ин ҷаридаи роз
Нуктае чанд аз ҳақоиқи дин
В-аз мавоҷиди аҳли кашфу яқин,
Ҳама мустанбит аз **ҳадису китоб**,
Ҳама санҷидаи улулалбоб [1,193].

Абдурраҳмони Ҷомӣ асрори Қуръон ва ҳадисро чун маъхази илмӣ пазируфтааст:

Он яке з-асрори Қуръон бурқаи шубҳаткушой
В-он дигар з-оинаи **суннат** заломи шакзудо [4, 59].

Ба ин тариқ, Абдурраҳмони Ҷомӣ бештар саъй кардааст, ки аҳодиси Паёмбарро ҳамчун санад ва далели гуфтаҳояш ба кор гирад.

Асари мансури Ҷомӣ-«Баҳористон» низ яке аз маъхазҳои муҳимми фарогири аҳодиси набавӣ мебошад, ки е дар он ба нақли сареҳи фармудаҳои Расули акрам (с) мепардозад:

«Нӯшервон, бо он ки аз дин бегона буд, дар адлу ростӣ ягона. Лоҷарам, сарвари коинот, алайҳи афзал-ус-салавот, тафохуркунон мегуфт: **ولدت فی زمن السلطان العادل**[4, 61].

Паямбар, ки дар аҳди Нӯшервон
Ба рух гашт чашму чароғи ҷаҳон [4, 61].

Дар абёти зерин Мавлоно Ҷомӣ перомуни муносибати пирону хурдон сухан карда, ҳадиси **«Касе, ки калонсолонамонро ҳурмат накунад ва ба хурдсолонамон раҳм накунад, аз қавми мо нест»** [12, 111] истифода кардааст:

Чу бояд бузургӣ-т пиронасар,
Ба чашми бузургӣ ба пирон нигар.
Ба хурдон ба чашми ҳақорат мабин,
Басо хурд садри бузургинишин.
Ҳаме кун ба пирони бекас касӣ,
К-аз ин шева донам, ба пирӣ расӣ.
Ба тахсис пире, ки сарвар бувад,
Ба пирӣ ба ҳам пирпарвар бувад.
Зи нодон, ки асрордони сухан
Набошад, бигардон инони сухан [5, 249-250].

Ҷомӣ аз таъсири манфии ҳамнишини бад парҳез карданро тафсир карда, маънии ҳадиси **«Инсон ҳамнишини дӯсташ аст, пас бояд дӯсташро шиносад, ки бо кӣ дӯстӣ карда истодааст»** [15, 4, 188] ба кор гирифтааст:

Макун ҳамнишинӣ ба ҳар бадсиришт,
Ки дуздад аз ӯ табъи ту хӯйи зишт.
Шавӣ аз бадӣ пур, зи некӣ тиҳӣ
В-аз он набвадат заррае огаҳӣ.
Чӣ хуш гуфт деҳқони софӣ зи ранг,
Ки ангур гирад зи ангур ранг [5, 285].

«Имон надорад касе аз шумо, то он даме, ки ба бародараш дӯст надорад, он чизе ки ба худ меписандад» [7, 1, 14].

Ҷомӣ дар байти зерин маънии ин ҳадисро чунин баён кардааст:

Ранҷе, ки ба худ намеписандам,
Чун бар дигаре расад, чӣ хандам?! [5, 191].

Шарҳи масоили ахлоқиро бошад, Ҷомӣ аз аҳодиси набавӣ ба таври фаррох истифода кардааст, ки намунаҳои боло баёнгари ин мебошанд. Дар канори ин, зимни шарҳи мавзӯоти ирфонӣ, ки ақоиди динӣ-мазҳабии шоир ва амал ба он низ баён гардидаанд, Абдурраҳмони Ҷомӣ аз аҳодиси зерин истифода кардааст:

«Фақр фахри ман аст» [14, 7, 17].
Зи хоки **фақр** дар кӯйи **иродат** сохтам кохе,
Ки камхориву камхобиву **камгӯйист** арконаш [4, 26].

Мавлоно Ҷомӣ ҳам ба ҳамин мазмун ишора дорад, яъне аз хоки фақр ва шикастагиву ниёз дар мақоми иродат кохе сохтаам, ки бунёди он камхурӣ, камхобӣ ва камгӯйист.

Ҷое дигар дар ҳадиси қудсӣ мехонем: **«…бидон, ки чӣ тавре ки кишт намой, ҳамон тавр меғундорӣ…»** [8, 61].

Мавлоно Ҷомӣ саъй кардааст, ки мазмуни ҳадисро ба забони ширини тоҷикӣ тавзеҳ диҳад.

Тухме, ки дар замин бувад, охир ҳамон дамад,
Гар арғувону лолаву гар сиру гандност [4, 42].

Масоили фалсафӣ дар аҳодиси набавӣ низ таваҷҷуҳи Ҷомиро ба худ кашидааст. Дар мутуни аҳодис масоили мубрами фалсафӣ-хилқат, офариниш, худшиносиву худошиносӣ аз нуктаҳои калидӣ маҳсуб мешаванд. Аз ҷумла, Расули акрам (с) дар ҳадиси қудсӣ аз номи Худованд ривоят кардааст, ки **«ганҷи махфие будам, пас писанд дидам, то шинохта шавам, сипас халқро барои шинохтани хеш офаридам…» [13, 3, 135].**

Ҷомӣ ин нуктаи фалсафиро чунин ишора кардааст:

Ба зери хонаи тинат туро ганҷест пинҳонӣ,
Ки пур карда зи кона **кунту канзан** фазли яздонаш [4, 28].

Нуқтаи назари фалсафии шоир дар мавриди ваҳдати азалии Худованд, ягонагии ӯ ва сонеи хилқати оламу одам будани ӯро Ҷомӣ ба ин шева арзёбӣ кардааст:

Дар он хилват, ки ҳастӣ бенишон буд,
Ба кунҷи нестӣ олам ниҳон буд,
Вуҷуде буд аз нақши дуӣ дур,

Зи гуфтугӯйи моиву туӣ дур.
Ҷамоли мутлақ аз қайди мазоҳир,
Ба нури хеш ҳам бар хеш зоҳир.
Дилоро шоҳиде дар ҳуҷлаи ғайб,
Мубарро доманаш аз туҳмати айб [6, 144].

Абёти мазкур аз ин ҳадис маншаъ гирифтааст: **«Аллоҳ буд ва чизе ҳамроҳи ӯ набуд»** [9, 14].

Ба ин тариқ, метавон хулоса кард, ки аҳодиси набавӣ василаи муҳимми шаклгирии тафаккури фалсафии Абдурраҳмони Ҷомӣ ба шумор мераванд, ки дар ғаномандии осори манзуми ӯ бо корбурди суханони Паёмбар (с) таъсири равшан гузоштаанд.

Як силсила аҳодиси набавӣ масоили мубрами иҷтимоиро дарбар гирифтаанд, ки дар перомуни он қазияи тарбияи ҷомеа ҷойгоҳи махсус дорад. Чунин навъи ривоёти набавӣ боиси ғанӣ гардидани тафаккури фалсафии адиб гашта, дар адабиёти классикии форсу тоҷик силсилаи мазмунҳои зебои ҳикамиву ахлоқиро ба вуҷуд овардаанд. Дар асл бозгӯйи матолиби иҷтимоӣ дар адабиёти форсу тоҷик ба хотири ҳаллу фасли масоили гуногуни зиндагӣ сурат гирифтааст.

Яке аз масоиле, ки андешаи сиёсиву иҷтимоии Паёмбарро (с) тафсир мекунад, ваҳдати муслимин мебошад, ки ба фирқаҳо ҷудо мешавад. Дар ин маврид ин қавли Расули акрам: **«Яҳудиҳо ба ҳафтоду як, насрониҳо ба ҳафтоду ду ва уммати ман ба зиёда аз ҳафтоду ду фирқа ҷудо мешаванд»** [11, 5, 25] бо масъулияти баланд гуфта шудааст. Ҷавҳари ин ваҳдатро Ҷомӣ низ таъкид кардааст, ки муҳтавои онро бо ҳама тақсимҳо ва ихтилофи милал ягона будани тариқат ва мазҳаб фаро мегирад:

Зи ҳафтоду ду миллат карда Ҷомӣ рӯ ба ишқи ту,
Бале, ошиқ надорад мазҳабе ҷуз тарки мазҳабҳо [4, 100].

Дар масъалаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ Ҷомӣ қиссаеро меоварад, ки аз ҳадиси Паёмбар (с) маншаъ мегирад:

Аъробие ба назди Амирулмӯъминин Алӣ (р) ворид шуда, хомӯширо ихтиёр кард. Зулли фақру фоқа бар ҷабини ӯ зоҳир буд. Амир аз вай пурсид, ки чӣ ҳоҷат дорад? Шарм дошт, ки ба забон гӯяд. Бар замин навишт, ки марде фақир аст. Вайро ду ҳулла ато дод ва ғайр аз он молики ҳеҷ чиз набуд. Аъробӣ якеро ридо сохт ва дигареро изор ва биистод ва чанд байт муносиби ҳол дар камоли фасоҳат бар бадеҳа иншо кард. Ҳазрати амирро бисёр хуш омад. Сӣ динори дигар аз ҳаққи амиралмуъминин Ҳасан ва Ҳусайн (р) пеши вай буд, ато додаш. Аъробӣ онро гирифт ва гуфт:

-Эй амиралмуъминин, маро тавонгартарин дар аҳли байтам гардонидӣ. Вай бирафт.

Ҳазрати амир гуфт:

-Шунидам аз ҳазрати рисолатпаноҳӣ… ки фармуд: **قيمة كل امرء ما يحصه**, яъне қимати ҳар кас ба қадри он чизест, ки вайро меорояд аз маҳосини афъолу бадоеи ақвол».

Қимати мард на аз симу зар аст,
Қимати мард ба қадри ҳунар аст.
Ай басо банда, ки аз касби ҳунар
Қадраш аз хоҷа басе бештар аст
В-ай басо хоҷа, ки аз беҳунарӣ,
Дар раҳи бандаи ҳуд пайсипар аст! [2, 81].

Яке аз масъалаҳои иҷтимоӣ, ки Расули акрам ба шарҳу тавзеҳи он мурур намудаанд, дар ҳадиси мазкур ифода ёфтааст: **«Мо қавме ҳастем, то гурусна намонем, намехӯрем ва агар хӯрем, сериро ҳис намекунем»** [10, 5, 75].

Ин ҳадис дар «Баҳористон» ба таври зерин баён шудааст:

«Калимаи сеюм дар муҳофизати сиҳҳати абдон, ки то гурусна нашаванд, даст ба таом наёваранд ва чун бихӯранд, пеш аз он ки сер шаванд, даст аз таом бидоранд.

Он беҳ, ки зи асбоби мараз парҳезӣ,
В-аз нанги табибони даҷал бигрезӣ.
Ногашта тиҳимеъда ба хон наншинӣ,
З-он пеш, ки меъда пур кунӣ, бархезӣ» [2, 50].

Дар ҳақиқат, ҳадис аз сарчашмаҳои муътабари эҷодиёти ин мутафаккири барҷаста маҳсуб меёфт. Тамоми аҳодиси истифодашуда бо анвои мухталиф ба кор рафта, барои таъйини усулҳои истифодаи аҳодиси набавӣ дар эҷоди Ҷомӣ заминаҳои мусоиде фароҳам меоваранд, зеро Абдурраҳмони Ҷомӣ аз донандагони бузурги илми балоғат ва санъати шоирӣ маҳсуб ёфта, ӯ дар эҷодиёти хеш аҳодиси набавиро ба анвои мухталиф дар назму наср истифода кардааст. Таҳқиқи усулҳои корбурди аҳодис дар эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ саҳифаи наверо дар шинохти илми ҳадис

ва балоғат, бахусус санъатҳои бадеиву лафзӣ хоҳад кушод. Аз ин рӯ, барои равшан кардани ин амр метавон усулҳои гуногуни корбурди аҳодис, аз ҷумла иқтибос, ишора, талмеҳ, таҳлил, рамзу рақам, шарҳи ҳадис, истифодаи аҳодиси мухталиф барои ифодаи як маънӣ, такроршавии як ҳадис барои ифодаи маонии мухталиф, зикри ровӣ дар истифодаи ҳадис ва ғайраро муқаррар намуда, ба ҳар яке аз онҳо ба таври ҷудогон таваҷҷуҳ зоҳир намуд.

А Д А Б И Ё Т

1. Афсаҳзод Аълохон. Рӯзгор ва осори Абдурраҳмони Ҷомӣ / Афсаҳзод Аълохон. - Душанбе: Дониш, 1980. - 224 с.
2. Абдурраҳмони Ҷомӣ. Баҳористон / Абдурраҳмони Ҷомӣ; матни илмӣ-интиқодӣ аз рӯйи панҷ нусхаи қадим бо тасҳеҳу муқаддимаи А. Афсаҳзод. - М.: Интишороти Дониш, 1987. – 177 с.
3. Абдурраҳмони Ҷомӣ. Субҳат-ул-аброр. Юсуф ва Зулайхо / Абдурраҳмони Ҷомӣ; мураттибон З.Аҳрорӣ, М.Мамедова. - Душанбе: Адиб, 1988. - Ҷ.4. - 384 с.
4. Абдурраҳмони Ҷомӣ. Фотиҳат-уш-шубоб / Абдурраҳмони Ҷомӣ; ба чоп ҳозиркунанда Аълохон Афсаҳзод. - Душанбе: Ирфон, 1986. - Ҷ.1. - 560 с.
5. Абдурраҳмони Ҷомӣ. Лайлӣ ва Маҷнун. Хирадномаи Искандарӣ / Абдурраҳмони Ҷомӣ. - Душанбе: Адиб, 1988. - Ҷ.5. - 384 с.
6. Абдурраҳмони Ҷомӣ. Хотимат-ул-ҳаёт. Баҳористон / Абдурраҳмони Ҷомӣ. - Душанбе: Адиб, 1989. - Ҷ.7. - 544 с.
7. البخاري، محمد بن إسماعيل. الجامع الصحيح المختصر. – بيروت: دار ابن كثير، 1407/1987.- 6 ج.
8. البخاري، محمد بن إسماعيل أبو عبدالله الجعفي. الأدب المفرد. – بيروت: دار البشائر الإسلامية، 1409/1989.
9. البخاري، محمد بن إسماعيل بن ابراهيم. خلق أفعال العباد. – الرياض: دار المعارف، 1398/1978. - 119 ص.
10. البيهقي، أبو بكر أحمد بن الحسين. شعب الإيمان. – بيروت: دار الكتب العلمية، 1410.-7 ج.
11. الترمذي، محمد بن عيسى. الجامع الصحيح سنن الترمذي. – بيروت: إحياء التراث العربي.- 5 ج.
12. السلمي، أبوعبدالرحمان محمد بن حسين. اداب الصحبة. – طنطا: الصحابة للتراث، 1410/1990. - 126 ص.
13. العيدروسي، عبد القادر بن شيخ ابن عبد الله. النور السافر عن أخبار القرن العاشر. - ص. 107.
14. المباركفوري، عبد الرحمن بن عبد الرحيم. تحفة الأحوذي بشرح جامع الترمذي. – بيروت: الكتب العلمية. 10 ج.
15. النيسابوري، محمد بن عبدالله. المستدرك على الصحيحين. – بيروت: الكتب العلمية، 1411/1990. -4 ج.

ЗНАЧЕНИЕ И ИСПОЛЬЗОВАНИЕ СВЯТЫХ ПРЕДАНИЙ В ГАЗЕЛЯХ АБДУРРАХМАНА ДЖАМИ

В данной статье исследовано употребление Абдуррахманом Джами в газелях преданий, хадисов и аятов из священной книги Коран. Абдуррахман Джами был великим поэтом своего времени. Он изучал такие науки как поэтика, риторика, грамматика арабского языка. В своих произведениях он смог использовать поэтические искусство.

Ключевые слова: Абдурахман Джами, газели, таджикско-персидская литература, хадисы, Коран, предания.

THE MEANING AND USE OF SACRED TRADITION IN THE GHAZALS OF ABDURRAHMAN JAMI

This article investigated the use of Abdurrahman Jami in the ghazals of legends, hadith and verses from the Holy book Quran. Abdurrahman Jami was a great poet of his time. He studied such Sciences as poetics, rhetoric, grammar of the Arabic language. In his works he was able to use the poetic art.

Key words: Abdurrahman Jami, gazelles, Tajik-Persian literature, hadith, Quran, tradition.

Сведения об авторе: ***Ш. Юсупова*** – аспирантка Худжандского государственного университета им. Б. Гафурова

«МАТЛАЪ-УЛ-УЛУМ ФӢ МАҶМАЪ-УЛ-ФУНУН» ВА ТАҶАССУМИ ХУСУСИЯТҲОИ ДОНИШНОМА ДАР ОН

Ш. Файзиева

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров

Дар таърихи адабиёти форсу тоҷик ба ҷуз кутуби муътабару мутадовиле дар назму наср донишномаҳо низ офарида ё мураттаб гардидаанд, ки ҳамчун дастури таълимӣ барои мутааллимон хизмат намудаанд. Аввалин намунаҳои асарҳои донишномавӣ дар китоби муқаддаси «Авесто» ва баъдан, осори дар заминаи ин китоби нахустин ба қаламомада «Динкард», «Бундаҳишн» дида мешуданд ва «Донишномаи алоӣ»-и Абӯалӣ ибни Сино аввалин донишномаи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ шинохта шудааст.

Агарчи истилоҳи «энсиклопедия» дар садаи XVI пайдо шуда буд, лекин дар замонҳои бостон осори хусусияти энсиклопедидошта низ ба мушоҳида мерасанд. Масалан, луғатномаи истилоҳотӣ, ки энсиклопедияро ба ёд меорад, ҳанӯз 2 ҳазор сол пеш аз даврони мо дар Мисри қадим таҳия гардидааст. Маҷмӯаи дониш дар Чини бостон дар садаҳои XII-X пеш аз милод нигошта шуда буданд. Энсиклопедия ё ба

истилоҳи имрӯз донишнома дар он шакле, ки имрӯз мо онро мешиносем, дар садаи XVIII ба вуҷуд омадааст.

Ду тарзи таҳияи энсиклопедия маъмул буд: алифбоӣ ва соҳавӣ. Дар энсиклопедияи алифбоӣ ахбори гуногунсоҳа, ки байни ҳам иртиботе надоранд, ба тартиби алифбо оварда мешаванд. Энсиклопедия ё донишномаҳои соҳавӣ низ тибқи алифбо сурат гирифта, мавзӯъҳои як соҳаро дар бар мегиранд. Мафҳуми энсиклопедия дар илми муосир бо истилоҳи «донишнома», «қомус», «доиратулмаориф» низ тавъам ба кор меравад ва ин пеш аз ҳама, ба равиши ягонаи таълифи ин навъ осор марбут мебошад. Аз ҷумлаи асарҳои донишномавии қадим ва маъруфи ниёгонамон «Эҳсо-ул-улум»-и Абӯнасри Форобӣ, «Мафотеҳ-ул-улум»-и Котибии Хоразмӣ, «Мифтоҳ-ул-улум»-и Саккокии Хоразмӣ, «Нафоис-ул-фунун»-и Шамсиддин Муҳаммад ибни Маҳмуди Омулӣ, «Кашф-уз-зунун»-и Ҳоҷӣ Халифа ва ғайраҳо мебошанд. Дар таърихи адаби форсӣ донишномаҳое вомехӯранд, ки бо назм навишта шудаанд. Аз ҷумла, «Донишномаи Майсарӣ»-и Майсарии Ҳаким дар боби тиб аст, ки дар охири асри X ба забони содаи тоҷикӣ навишта шудааст. Бояд афзуд, ки луғатнома ва фарҳангҳо низ ба сифати асарҳои энсиклопедӣ хизмат кардаанд.

Мусаннифи «Донишномаи адаби форсӣ дар шибҳи қора» Ҳасани Анӯша чунин меоваранд, ки доиратулмаорифнависӣ дар шибҳи қора дар асрҳои миёна ҷараёни суст доштааст. Ин фикр шояд то андозае дуруст бошад, зеро ки забону адаби форсӣ дар сарзамини Ҳинд дар асрҳои миёна сукунат намуда, акнун рушд мекард ва то ҷое, ки маълумот дорем, ягон асари донишномавӣ бо забони форсӣ то асри XV ба чашм намерасад. Дар асоси «Нафоис-ул-фунун»-и Шамсиддини Омулӣ соли 934 қамарӣ «Ҷавоҳир-ул-улуми ҳумоюнӣ»-и Муҳаммадфозил бинни Муҳаммад Мискинии Қозӣ Самарқандӣ нигошта шуд.

Ҳамин тавр, дар доиратулмаорифнависии шибҳи қора то асри XIX 35 донишномаҳо таълиф шудаанд. Аз қабили чунин асарҳо «Матлаъ-ул-улум фӣ маҷмаъ-ул-фунун» мебошад. Ин асар аз ҷониби Воҷидалии Муҷмалӣ соли 1846 дар Ҳинд иншо гаштааст. Муаллиф сабаби навишта шудани асарро чунин шарҳ медиҳад: «… ба хотирам гузашт, ки чун дастури таълими мубтадиён, ки билфеъл ба дабистонҳои форсӣ мустамар аст, рӯ ба камоли забунӣ дорад, яъне мутааллимон солҳои дароз ба хондани баъзе аз иншоҳо ва кутуби қиссаси ишқангез ва ғайра, ки мубтадиёнро аз он эҳтироз мебояд, умри азиз талафу ройгон мекунанд ва дар ҳақиқат, аз саводи улум бебаҳра мебошанд» [1, 5]. Маълум шуд, ки Муҷмалӣ ин китобро ба сифати дастури таълимӣ ҳамчун қомус эҷод намудааст. Яке аз хусусиятҳои осори энсиклопедӣ, ки иборат аз овардани номи сарчашмаҳо мебошад, дар донишномаҳои пешин маъхазҳои истифодабурда оварда нашудаанд. Лекин дар фаслҳои китоб ишораҳо рафтааст. Масалан, Ҳаким Воҷидалихони Муҷмалӣ дар шарҳи илми маонӣ ва луғат аз «Мифтоҳ-ул-улум»-и Саккокии Хоразмӣ ва «Баҳори Аҷам», «Ғиёс-ул-луғот» ва ғайра ёдрас мешавад [1].

То ҷое ки дар бораи худи муаллифи «Матлаъ-ул-улум» аз сарчашмаҳо маълумот пайдо кардем, дар аксарашон аз табиб будани Воҷидалихони Муҷмалӣ таъкид шудааст. Илова шудани ҳаким ба исми муаллиф далолат ба он мекунад, ки ӯ пеш аз ҳама табиб будааст. Доир ба китоби мазкур дар «Энсиклопедияи адабиёт ва санъат», «Донишномаи адаби форсӣ дар шибҳи қора»-и Ҳасани Анӯша, «Каломи бадеъ» ва «Назарияи адабиёт»-и Худоӣ Шарифов, «Пайдоиш ва таҳаввули анвои наср дар адабиёти форсиву тоҷикии асрҳои миёна»-и Носирҷон Салимов ва мақолаҳои хурду сомонаҳои интернетӣ аз ин китоб мустафид ва ёдоварӣ карда шудаанд. Аммо ин ҷо мавриди тазаккур аст, ки муҳаққиқи закӣ Худоӣ Шарифов дар «Каломи бадеъ» иқтибос аз ҳамин китоб оварда, ин асарро мансуб ба Муҳаммадхолиди Шоҳободӣ медонанд.

Дар таърихи адабиёт чандин асарҳое вомехӯранд, ки ҳамном ҳастанд. Ба фикри мо шояд, аз он ҷиҳат онро устод ба муаллифи мазкур мутааллиқ донистаанд, ки дар хотимаи китоби «Матлаъ-ул-улум» тақризи Мавлавӣ Муҳаммадҳомид Ҳомидалихони Шоҳободӣ, ки мусаҳҳеҳи матбааи Нувалкишур ба шумор меравад, оварда шудааст. Шояд, дар хондани матни форсӣ хато роҳ ёфта, саҳван «Матлаъ-ул-

улум» ба Муҳаммадхолиди Шоҳободӣ мансуб дониста шуда бошад, ки аслан на Муҳаммадхолид, балки Муҳаммадҳомид аст. Дар дасти мо ду нусхаи китоби мазкур қарор дорад, ки ҳар ду нусха чопи сангӣ буда, яке соли 1889 ва дигар соли 1902 дар матбааи Нувалкишур чоп гардидаанд ва дар ҳар ду нусха тақризҳо оварда шудаанд.

Бар асоси меъёри осори донишномавӣ, ки маҷмӯаи чанддонишӣ, маълумоти муҷаз, истифода аз маъхазҳои пешину донишҳои навинро дар бар мегирад, бар асоси навиштаҳои худи муаллиф метавон хулоса баровард, ки «Матлаъ-ул-улум»-и Ҳаким Воҷидалихони Муҷмалӣ доиратулмаориф барои мубтадиён маҳсуб ёфта, ӯ онро дар пайравии «Нафоис-ул-фунун»-и Шамсиддин Муҳаммад бинни Маҳмуди Омулӣ ва донишномаҳои дигар мураттаб намуда, улуму фунунро тасниф намудааст.

Дар «Нафоис» 160 илму фан баён шуда бошад, дар «Матлаъ-ул-улум» 173 улуму фунун ифода ёфтааст. Дар «Нафоис» бобҳое ба қалам омадаанд, ки матнашон пурра ба забони арабӣ таълиф шудаанд. Масалан, аз боби иншо «илми шурут, ки маърифати кайфияти кутуби суҷалот аст» (дар бораи мактубҳои ваҚфӣ).

Афзалият ва такмилаи Муҷмалӣ ба осори донишномавии гузашта иборат аз он аст, ки фанҳоро ба 4 гурӯҳ: аъло, авсат(миёна), дунӣ(паст), адно (пасттар) қисмат намуда, дараҷаи онҳоро муайян намуда, аз пешаҳои пасту пасттарин барканор буданро талқин менамояд. Дар донишномаҳои пешин аз ҳунар ва касбҳое, ки Муҷмалӣ маълумот медиҳад, дида намешаванд. Масалан, вай дар бораи ҳунари филбонӣ, оҷрангкунӣ, чаҳопасозӣ, чаҳбарбандӣ ва ғайраҳо овардааст, ки танҳо дар сарзамини Ҳинд роиҷ буда, дар китоби мазкур муфассалвуқуф намудааст. Аммо, ба фикри мо дар баъзе боб Муҷмалӣ ихтисори бемаврид намудааст. Масалан, боби шашуми дафтари аввал, ки оид ба таърих аст, фасли ёздаҳуми он «Дар баёни аҳволи баъзе аз шуарои номвар унвон дошта, оид ба Рӯдакӣ маълумоти мухтасаре оварда, аз ашъори ӯ ягон намунае наовардааст ва бо ин ҷумлаҳо иктифо варзидааст: «Ҳаким Муҳаммад Абулҳасан Рӯдакии Самарқандӣ. Муқтадии шоирон буда, фанни шоириро ба камол расонида, тарҳи қасидаву ғазал аз ӯст. Гӯянд, ки ӯ кӯри модарзод буд. Пойгоҳи зеҳни расои ӯ ба ҳадде буд, ки бо васфи нобиноӣ ба умри 20-солагӣ ҳофизу ҳакиму шоири базлгӯ шуд ва бо ин ҳама фазлу балоғат илҳони довудӣ дошт ва дар илми мусиқӣ ливои устодӣ меафрошт. Дар бидояти ҳол ба мутрибӣ афтода, ба мулозимати Назир Аҳмади Сомонӣ расид ва ба васотати фазлу камол ба маротиби баланду мадориҷи арҷманд ва давлату ҳашмат фоиз шуд, ки ҳеҷ аср мисли ӯ муяссар нашуда» [1, 94] Ё ки бо як ҷумла маълумоти мухтасаре доир ба шоири дигар дода. Боз аз ҷиҳати дигар, сохти асарҳои донишномавӣ низ гуногунанд. Ба мисол, дар «Ҷомеъ-ул-улум»-и Фахриддини Розӣ баъд аз маълумоти кофӣ аз улум суоли имтиҳон оварда шудааст.Маълум аст, ки ин китоб низ махсуси наврасон буда, мисолҳои арабии зиёд дорад.

Аз ин таваҷҷуҳи Муҷмалӣ ба масоили адабиёт ва корбурди равиши таълифи тазкираҳо метавон ба ин натиҷа расид, ки дар фарқият аз «Нафоис-ул-фунун»-и Омулӣ ин асар роҷеъ ба зиндагинома ва осори суханварони форсу тоҷик низ иттилоъ медиҳад. Бешак, ин равиши кори Муҷмалӣ дар баробари такмили кори донишноманависӣ дар адабиёти форсу тоҷик асари ӯро ба унвони сарчашмаи муҳимми адабӣ муаррифӣ мекунад. Аз рӯйи иттилои мо то ин дам тадқиқоти ҷиддие дар омӯзиши асарҳои донишномавӣ ба анҷом нарасидаанд. Ҳарчанд ки муҳаққиқони мо аз ин кутуб истифода бурдаанд, аммо ҷиддан таҳқиқоти комиле мавҷуд нест. Муаллифи «Матлаъ-ул-улум фӣ маҷмаъ-ул-фунун»-Ҳаким Воҷидалихони Муҷмалӣ китоби хешро барои мутбадиён иншо намудааст, аммо мутолиа ва таҳқиқ дар он равшан месозад, ки воқеан ин китоб намунаи беҳтарини донишнома дар қаламрави адабиёти форсу тоҷик буда, истифодаи он барои кулли муъталиҳидон ва ихлосмандони улуми мухталиф, пажӯҳишгарони таърихи соҳоти илм, инчунин адабпажӯҳону донишварон маҳдуд нест ва аз сӯйи дигар, таҷассуми хусусиятҳои барҷастаи донишнома ва улуми насри илмӣ дар ин китоб ниёз ба таҳқиқу барасии илмӣ аз манзари сабкшиносӣ ва хусусиёти таълифӣ дорад.

А Д А Б И Ё Т

1. Аз маориф то маориф. [Захираи электронӣ]. Доиратулмаорифи ҷомеи исломӣ, нависанда Алирафиӣ Ало Марвдаштӣ // сомонаи www. rasekhoon. net. 23.03.2014
2. Донишномаи адаби форсӣ. Адаби форсӣ дар Шибҳи қора / бо сарпарастии Ҳасани Анӯша. – Теҳрон, - 921 с.
3. Донишномаи забону адаби форсӣ/бо сарпарастии гурӯҳи Шибҳи қора. -Теҳрон, 1392. –Ҷ.III. –451 с.
4. Матлаъ-ул-улум фӣ маҷмаъ-ул-фунун / таълифи Воҷидалии Муҷмалӣ. – Конпур: Нувал Кишур, 1902. - 440 с.
5. Нафоис-ун-фунун фӣ ароис-ун-уюн / таълифи Шамсиддин Муҳаммад бинни Маҳмуди Омулӣ; бо тасҳеҳи оқои Ҳоҷӣ Мирзо Абулҳасани Шеъронӣ. - Теҳрон, 1381 ҳ.
6. Шарифов Худоӣ. Каломи бадеъ / Худоӣ Шарифов. - Душанбе, 1991. - 159 с.

«МАТЛА'-УЛ-УЛУМ И МАДЖМА'-УЛ-ФУНУН» ВОДЖИДАЛИИ МУДЖМАЛИ И ВЫРАЖЕНИЕ СВОЙСТВ «ДОНИШНАМЕ» В НЕМ

В данной статье автором рассмотрено влияние произведений Воджидали Муджмали на формирование научной литературы в персидско-таджикской литературе. Автор сделал попытку на основе исторического экскурса рассмотреть развитие данного литературного жанра в персидско-таджикской литературе и сделал акцент на особенности данного жанра на примере рассмотрения «Матла'-ул-улум и маджма'-ул-фунун».

Ключевые слова: донишнаме, «Матла'-ул-улум и маджма'-ул-фунун», полуостров, научная квалификация, энциклопедия, литературные знания.

"MATL'-UL-ULUM AND MAJMA'-UL-FUNUN" WAJIDALI MUJMAL AND EXPRESSION PROPERTIES DONORNAME IT

In this article the author considers the influence of the works Wajidali Adimali on the formation of the scientific literature in the Persian-Tajik literature. The author has made an attempt on the basis of historical digression to consider the development of this literary genre in Persian-Tajik literature and focused on the features of this genre by considering "matl'-ul-Ulum and Majma'-ul-funun".

Key words: donorname, "matl'-ul-Ulum and Majma'-ul-funun, the Peninsula, scientific qualification, encyclopedia, literary knowledge.

Сведения об авторе: ***Ш. Файзиева*** **–** соискатель Худжандского государственного университета им. Б. Гафурова. Телефон: **927-93-99-60**

ШОИРОНИ МОВАРОУННАҲР ДАР ТАЗКИРАИ «ШОМИ ҒАРИБОН»-И ЛАЧҲМӢ НАРОЙИН ШАФИҚ

Н. Шамсиддинова
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров

Лачҳмӣ Наройин Шафиқ шоир, нависанда, тазкиранигор ва муаррихи забардасти асри XVIII мебошад. Ӯ соли 1158/1745 дар шаҳри Аврангобод таваллуд шуда, аз худ мероси адабии гаронбаҳое боқӣ гузоштааст. Лачҳмӣ Наройин Шафиқ забони форсиро аз шайх Абдулқодири Меҳрубон ном орифу олими замони хеш дар зодгоҳаш фаро гирифта, аз синни хурдсолӣ ба сурудани ашъори форсиву урду пардохт. Тахаллуси Собитро ӯ бо тавсияи ҳамин устодаш гирифт. Баъди он ки бо Ғуломалихони Озоди Балгиромӣ ҳамсуҳбат шуду ӯро пиру муршиди хеш хонд, тахаллуси Шафиқро барои ашъори форсӣ ихтисос дод [3, 1518].

Шафиқ тақрибан соли 1223/1808 дар шаҳри Ҳайдарободи Ҳиндустон аз олам даргузашт. Осори ӯ ниҳоят серпаҳлӯ ва гуногунҷабҳа буда, қисмате аз онро тазкиранигорӣ ташкил медиҳад. Дар қатори маъруфтарин тазкираҳои Шафиқ метавон «Чаманистони шуаро», «Гули раъно» ва «Шоми ғарибон»-ро ном бурд. Ба ғайр аз тазкираҳои мазкур метавон чандин асарҳои таърихии ӯ, ба монанди «Танмиқи шигарф», «Муосири Осафӣ», «Ҳақиқатҳои Ҳиндустон», «Бисот-ул-ғаноим», «Ҳолоти Ҳайдаробод», «Хулосат-ул-Ҳинд», «Миръот-ул-Ҳинд» ва дигаронро зикр намуд, ки дар шинохту таҳқиқи Ҳиндустон арзиши баландеро соҳибанд.

Аз байни осори Шафиқ «Нахлистон», ки дар пайравии «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ навишта шудааст ва «Хирқаи садпора» (асари таълимӣ) ӯро ҳамчун нависанда ва муаллими ахлоқ муаррифӣ мекунанд. Баробари девони ашъори форсӣ ва урду доштан шоир боз чанд маснавиро низ ба ин ду забон ба қалам овардааст, ки дар шакли кутуби алоҳида ба нашр расидаанд. Маснавии «Ҷавоҳири завоҳир» (дар ҷонибдории Озоди Балгиромӣ) ва «Ақсом-ун-нисо» (ба урду)-ро ба ин шумор ворид карда метавонем. Аз байни анвои мухталифи осори Шафиқ, ки ҳама дар зоти худ мумтозанд, тазкиранависӣ аз муҳимтарин ва пурбортарин ҷиҳати он маҳсуб мешавад. Барои он ки зимни тазкиранигорӣ дониши амиқ, диди фаррох, дар

интихоби абёту пораҳои шеърӣ сарроф будан барин хислатҳои шоир ба назар мерасанд.

Дар мақолаи мазкур, ки ба тазкираи «Шоми ғарибон» ихтисос дорад, чанд нуктаеро доир ба ин тазкира матраҳ хоҳем намуд. Аввал, ин ки дар тазкираи мавриди назари мо махсус шоироне зикр шудаанд, ки аз минтақаҳои дигар ба Ҳиндустон муҳоҷират намудаанд. Дар тазкираи «Гули раъно» аҳволу осори шоироне зикр шудааст, ки дар Ҳиндустон таваллуд шудаву нашъунамо ёфтаанд. Тазкираи «Чаманистони шуаро» бошад, дар зикри шуарои урду мебошад.

Дар тазкираи «Шоми ғарибон» шарҳи аҳвол ва намунаҳои осори 486 шоир аз Одам (а) то Шоҳяқини Балхӣ омадааст. Азбаски Лачҳамии Шафиқ нисбат ба Мирғуломалӣ Озоди Балгиромӣ эҳтироми баландро қоил буд, шарҳи аҳвол ва намунаи осори ӯро дар охири китоб алоҳида ва муфассал зикр мекунад. Қобили таваҷҷуҳ аст, ки муаллиф шарҳи ҳоли худро ҳам баъди он зам карда, аз ашъори форсии хеш чанд байте пароканда ва қитъаҳои нокомил меорад. Бо вуҷуди ин маълумоти шоир ва зикри ашъори хеш қобили таҳсин аст, ки алоқамандонро бо каломи сеҳрофари муаллиф ошно месозад. Нуктаи мароқангези ин тазкира дар он аст, ки муаллиф аввалин шоири минтақаи Ҳиндро бар хилофи ҳама Одам (а) медонад. Чунончи, мефармояд: «…Чун аз воридони Ҳиндустони ҷаннатнишон аввал ҷаноби олӣ (Одам-Ш.Н.) аст ва забони муборакро ба гуфтани шеър ошно сохта, номи воло, тоҷи сари китоб ва мифтоҳи қуфли хитоб намуда шуд» [7, 16]. Сипас Шафиқ қиссаи офариниши Одам (а) ронда шудани ӯ аз ҷаннат ва Қобилу Ҳобилро бо тафсил нақл намуда ва ба ин восита иддаои худро далелнок мекунад. Аз байни 486 шоири муҳоҷири Шибҳи Ҷора 42-тояшон аз Мовароуннаҳранд. Инҳо: Озарии Исфароинӣ, Абтарии Бадахшӣ, Иброҳимбеки Бадахшӣ, Мулло Осори Бухорӣ, Бадеи Самарқандӣ, Бонии Кӯлобӣ, Хоҷа Обиди Самарқандӣ, Ҷонии Бухорӣ, Сипоҳии Андиҷонӣ, Айшии Ҳисорӣ, Ғурбатии Ҳисорӣ, Собирхоҷа Шоҳ Тирмизӣ ва чанд нафари дигар мебошанд. Шафиқ аз байни шоирони дар тазкирааш оварда тақрибан, 35 нафарро бидуни зикри мавзеи таваллуд ва баромадашон сабт намуда, ки барои аниқтару дақиқтар омӯхтани аҳволи онон мушкилие пешорӯй меорад. Чунончи, дар шарҳи ҳоли Дастур Миррафеъ гӯяд: «Дастур Миррафеъ ном дошт. Насрободӣ гӯяд: - Дар таҳсили илми ҳикмат авқот сарф намуд…» [7, 103]. Аз байни 42 шоири ҳавзаи Мовароуннаҳр 14 нафарашонро зимни шарҳи ҳол ва боқимонда суханваронро ҳамроҳи номашон аз кадом мавзеъ буданашон сабт гардидааст [7, 24; 45; 57; 66…].

Ба ғайр аз ин, зимни шарҳи ҳоли якчанд адибон муаллиф онҳоро ба Мовароуннаҳр итлоқ менамояд. Аз ҷумла, роҷеъ ба Қайдӣ чунин навиштааст: «Қайдии Мовароуннаҳрӣ дар аҳди Байрамхон-вакили мутлақи Акбарподшоҳ ба Ҳинд омад ва дар Агра ба таҳсили илм иштиғол дошт» [7, 213]. Зимни шарҳи ҳоли Баҳром ном шоир, ки Саққо тахаллус дошт, ҳамин гуна маълумот зикр шудааст (7, 124). Муаллиф мекӯшад мухтасар, вале муҳимтарин нукоти ҳаёти шоирро баён намояд, ки ин падидаро метавон аз муҳимтарин вижагиҳои тазкираи мавриди таҳқиқ ҳисобид. Масалан, дар шарҳи аҳволи Роқим ном шоире аз Бухоро чунин навиштааст: «Роқим, Хоҷа Обиди Бухорӣ дар либоси фақр ба Исфаҳон рафт ва аз он ҷо ба Ҳинд омад» [7, 115].

Аз ин маълумоти муаллифи тазкира метавон ба осонӣ чанд нуктаи муҳимми ҳаёти шоирро пай бурд. Масалан, шоир аз сабаби ривоҷ надоштани шеъру шоирӣ ба Исфаҳон омадааст ва дар он ҷо ҳам бозори шеър касоду буду ба он аз дидгоҳи мазҳабӣ баҳо дода мешуд, ба Ҳиндустон, ки аз марокизи адабпарвари он замон маҳсуб мегардид, сафар намудааст. Агар суоле ба миён ояд, ки «либоси фақр» пӯшидани шоир шояд, аз сабаби фақр буд? Ҷавоб чунин аст, ки агар ҳамин гуна мебуд, тазкиранигор сафари дубораи шоирро махсус зикр наменамуд.

Дар баробари мухтасарбаёнӣ, тазкиранигор аксар мавқеъ мекӯшад, ки ягон ҷиҳати мумтози ҳаёт, эҷодиёт, тахаллус, оила ва ғайраро бо ишороти кӯтоҳу муҷаз баён намояд. Мисол, дар шаъни Сипоҳии Андиҷонӣ нигошта: «Сипоҳӣ набераи Хоҷа Калонбеки Андиҷонӣ аст, ки мазкур хоҳад шуд. Ба иқтизои тахаллуси худ Сипоҳӣ беназир буд ва дар айни ҷавонӣ дар шаҳри Агра соли 978 гирифтори аҷал гашт» (7, 123). Ё ин ки дар шаъни Саққо гӯяд: «…аз муридони силсилаи Шайх Ҳоҷӣ Муҳаммади Хабӯшонӣ, марди фонӣ, дарвешмашраби холӣ аз ҷазба набуд. Пайваста дар кӯчаҳои Агра бо шогирде чанд об фи сабилиллоҳ ба халқ мерасонд ва дар он ҳолат забони ӯ аз ашъор обёртар будӣ» [7, 124]. Агар дар пораи иқтибоси боло муаллиф фақат доир ба ҳаёт ва ҷаҳонбинии шоир ва тариқати ӯ ҳадс зада бошад, дар бораи осору вижагиҳои осори шоири фавқуззикр чунин нигошта: «… Шеър ба забони форсиву туркӣ мегуфт, чанд девон ҷамъ карда буд. Ҳар мартаба, ки ҷазба бар ӯ ғалаба меовард, мешуст. Он чи боқӣ монда, ҳам девони захим аст» [7, 124].

Агар ду иқтибоси болоиро бо ҳам муқоиса намоем, ба чунин хулосае омадан мумкин аст, ки Лачҳмӣ Шафиқ ҳини тазкиранигорӣ бағоят эҳтиёткор буда, ягон маълумотро бидуни мақсад ва аз таваккал намеорад. Чунонки аз чанд нукоте дар мавриди шахсияти шоири мазкур зикрнамудаи муаллиф маълум шуд, он нукот дар эҷодиёти шоир бетаъсир нестанд ва аз ин рӯ, таваҷҷуҳи муаллифи тазкираро ба худ ҷалб намудаанд.

Нуктаи дигаре, ки қобили таваҷҷуҳ аст, он ки муаллифи тазкира бар шарҳи ҳоли бархе адибони минтақаи Варорӯд диққати бисёр дода, баробари саҳнаҳои ҷолиби ҳаёти онҳоро нақл кардан, нозукиҳои эҷодиёташонро низ зикр намудааст. Ба ин восита муаллифи тазкира аз мақому манзалати сухан ва суханварӣ ҳадс зада, дар ин ҷода кадом мартабаро ишғол кардани шуароро нишон медиҳад. Масалан, дар мавриди Муҳаммадқосими Коҳӣ, ки аз шоирони садаи XVI аст, шарҳи ҳоли нисбатан ҷомеъ оварда, зимни он ишора мекунад, ки мушорун илайҳи бо Абдурраҳмони Ҷомӣ ҳам вохӯрдааст [7, 220]. Дар баробари ин тазкиранигор нигоштааст, ки шоири мазбур барои сурудани як ғазал, ки бо номи «ғазали Фил» шуҳратманд мебошад, аз Акбаршоҳ сад ҳазор танга сила дарёфт намудааст [7, 220]. Ҳамчун намунаи иштиҳори Муҳаммадқосими Коҳӣ як байти ӯро, ки боиси норозигии як зумра равшанфикрону шоирону орифони замони ӯ шуда буд, оварда, қиссаи ҷолиберо ҳам роҷеъ ба баҳси он мактуб медорад, ки ба таври зайл аст: «… Мавлоно Коҳӣ вақте ки ин байт гуфт:

Аз банг шавад сирри аналҳақ зоҳир,
Чун ҳар баргаш ба сурати Аллоҳ аст.

Шайх Абдуннабӣ ӯро такфир карду халифаро бар он дошт, ки ӯро ба такриру ташҳири ин сухан ҳозир гардонанд. Чун ӯро ҳозир гардониданд, Шайх дар мақоми мунозира шуд. Мавлоно ба халифа арз кард, ки ҳазрати Шайхро пурсида шавад, ки гоҳе аз ин чашидаанд ё на? Халифа ба Шайх гуфт, ки Мавлоно чӣ мегӯяд? Шайх гуфт:-Астағфируллоҳ, сураташро надидаам, чӣ ҷойи чашидан. Мавлоно гуфт: -Ҳақ ба ҷониби Шайх аст, агар андаке аз он тановул фармоянду сирре, ки гуфтаам мункашиф нашавад, ҳар чӣ Шайх фармояд, онро сазоворам. Халифаро ин сухан бағоят афтод. Мавлоноро ба эъзозу икром рухсат фармуд» [7, 221]. Барои тасдиқи ин ҳикоят ва исботи ҳақ будани он Лачҳмӣ Шафиқ қиссаи дигареро аз номи худаш ба қиссаи фавқуззикр монандӣ дорад, меорад [7, 221]. Ҷиҳати қобили таваҷҷуҳ он аст, ки тазкиранигор дар интихоби абёти шоири фавқ ва дигар шуаро ҳиммати воло нишон додааст. Масалан, аз шоири мазкур 10 байт интихобан оварда:

Чун зи акси оразат оина барги гул шавад,
Гар дар он оина тӯтӣ бингарад, булбул шавад.

***

Ашки ман толиби он наргиси ҷоду бошад,
Ҳамчу тифле, ки давон аз пайи оҳу бошад.

***

Хоҳам, ки чарх з-обу гили ман сабӯ кунад,
Чун бишканад, сафоли саги кӯйи ӯ кунад.

Муаллиф аксар мавридҳо матлаи шоиронро ба ҳайси намунаи шеър меоварад, ки ин ҳам аз завқу салиқаи шеършиносии ӯ дарак медиҳад, зеро матлаи зебо пайомади ғазали зеборо тақозо мекунад. Дар таърихи адабиёти форсу тоҷик аксар дучор меояд, ки чанд шоир бо як тахаллус шеър гуфтаанд ва тафкике байни онҳо барои муҳаққиқон душворӣ меоварад, бахусус, агар шоирон аз як минтақа ва замон бошанд. Барои рафъи чунин мушкилот ва махлут нашудани шахсият ва ашъори шуаро Лачҳмӣ Шафиқ иқдоми хуберо пеш гирифта, ки шоистаи таҳсин аст. Ӯ дар мавриди ду шоир, ки бо тахаллуси Ҷонӣ шеър гуфтаанду аз Бухоро мебошанд, маълумот дода, якеро барои ташхиси мақому манзалат ба унвони «муқаллид» зикр намудааст. Чунончи, дар бораи Ҷонии Бухории аввал гӯяд: «Ҷонии Бухорӣ соҳиби истеъдод буд. Аз ватан баромада, дар Кобул Ҳумоюнподшоҳро мулозимат намуду дар назари султонӣ эътиборе ба ҳам расонд…» ва як ғазали пурраи ӯро ба намуна меоварад [7, 65-66].

Дар мавриди Ҷонии сонӣ бошад, чунин иттилоъ дода: «Ҷонии муқаллиди Бухорӣ муосири Ҷонии мазкур аст. Иттиҳоди тахаллус бо вуҷуди иттиҳоди ватану аср, маҳалли тааҷҷуб…» ва минбаъд ӯро то поёни шарҳи ҳолаш «муқаллид» гӯён хитоб намуда, фақат як байташро ба ҳайси намуна зикр мекунад [7, 66]. Аз ин тарзи маълумотдиҳии Шафиқ ба осонӣ метавон пай бурд, ки шоири дувум барои муқаллидӣ аз тарафи ӯ мавриди сарзаниш қарор гирифтаву номуваффақ аст.

Ҳамчунин, маълумоти Шафиқ доир ба Байрамхон [7, 46], Ҳаким Носири Хисрав [7, 71], Алӣ Шоҳ Алӣ [7, 179], Мунсиф [7, 261] ва дигар шоирони мовароуннаҳрӣ қобили зикр аст.

Муаллифи тазкираи «Шоми ғарибон» баробари пайгирона истифода кардан аз тазкираҳои пешин, ба монанди «Натоиҷ-ул-афкор», «Каламот-уш-шуаро», «Хизонаи омира», «Миръот-ул-хаёл», «Тазкираи Насрободӣ», «Оташкада» ва амсоли ин, мекӯшад, маълумотеро аз хештан зимни баёни ҷузъиёти ном, мавзеъ, тахаллус ва ғайра илова намояд. У Носири Хисрави Қубодиёниро Исфаҳонӣ сабт намудааст [7, 71], аммо ин ақида қобили дастгирӣ нест. Чун Носири Хисрави Қубодиёнӣ дар мазҳаби шиаи исмоилия буд, тахмин меравад, ки аз ҳамин сабаб тазкиранавис ба чунин ақида омада бошад. Дигар ин ки исми Зуҳурии Туршезӣ (ҳарчанд аз зумраи шоирони Мовароуннаҳр нест, аммо зикрашро аз манфиат холӣ намедонем) комилан дигар, дар шакли Мир Муҳаммадтоҳир [7, 168] сабт шуда, ҳол он ки тазкиранигорони дигар, аз қабили Озоди Балгиромӣ [4, 33; 3,313], Боқии Наҳовандӣ [1, 393], Абдуннабии Фахруззамонӣ [6, 394] ва Муҳаммади Абдулғанӣ [2, 85] номи ин шоирро Нуриддин Муҳаммад сабт кардаанд.

Хулоса, дар баробари ин ки Лачҳмӣ Наройин Шафиқ дар тазкираи «Шоми ғарибон», ки исмаш бо моҳияташ мувофиқати том дорад, маълумоти саҳеҳу дасти аввал ва баркашидаву санҷидашуда меоварад, ин тазкира аз маълумотҳои ихтилофӣ ва ғайрисаҳеҳ ҳам холӣ нест. Бо вуҷуди ин нукта, тазкираи мазкур арзиши муҳиммеро дар ҷаҳони адабпажӯҳӣ дорост, зеро заминаи ҷиддиеро барои тадвину таҳияи якчанд китобҳои илмӣ фароҳам овард, ки «Корвони Ҳинд»-и Аҳмад Гулчини Маонӣ яке аз ин кутуб мебошад. Ба ғайри он ки тазкираи мавриди назар сарчашмаи пажӯҳишҳои минбаъда ҳисобида шавад, маълумоти дар бораи шоирони Мовароуннаҳр, ки камтар мавриди таҳқиқи муҳаққиқон қарор гирифтаанд, заминаи хуберо барои таҳқиқоти пурвусъат ва ҷомеъ метавонанд фароҳам оваранд, зеро теъдоди зиёди шоирони ин минтақаи бузурги ҷуғрофӣ бо сабабҳои гуногун ба Ҳиндустон муҳоҷират кардаву дар он ҷо зистаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдулбоқӣ Ниҳовандӣ Мулло. Маосири Раҳимӣ / Абдулбоқӣ Ниҳовандӣ Мулло. - Калкутта, 1924-1931. - Ҷ.3.
2. Абдулғанӣ Муҳаммад. Тазкират-уш-шуаро / Абдулғанӣ Муҳаммад. - Алигарх, 1916. - 146 с.
3. Анӯша Ҳасан. Донишномаи адаби форсӣ дар Шибҳи Қора. (Ҳиндустон, Покистон, Банглодеш) / Анӯша Ҳасан. - Теҳрон, 1380 ҳ. - Ҷ.IV. – С.923-1749
4. Озоди Балгиромӣ Мирғуломалӣ. Сарви Озод / Озоди Балгиромӣ Мирғуломалӣ; таҳқиқу тадвин, тасҳеҳ, тартиб, муқаддима, ҳавошӣ Доктор Зарринахон. – Алигарх, 2008. - 656 с.
5. Озоди Балгиромӣ Мирғуломалӣ. Хизонаи омира / О.Б. Мирғуломалӣ. - Конпур, 1781. - 394 с.
6. Фахруззамони Қазвинӣ. Майхона / Фахруззамони Қазвинӣ, Мулло Абдуннабӣ; омодакунандаи чоп ва муаллифи муқаддимаву тавзеҳот Аҳмад Гулчини Маонӣ. - Теҳрон, 1028 ҳ. - 599 с.
7. Шафиқ Наройин Лачҳмӣ. Шоми ғарибон / Шафиқ Наройин Лачҳмӣ. - Ҳайдаробод, 1977. - 378 с.

ПОЭТЫ МАВЕРАННАХРА В АНТОЛОГИИ «ВЕЧЕР СТРАННИКОВ» ЛАЧХАМИ НАРАЙИН ШАФИК

Статья посвящена жизни и творчеству персоязычного поэта Индии Шафика и его антологии «Вечер странников». Автор статьи на основе богатого фактического материала анализирует особенности биографии писателей и поэтов персидско-таджикской литературы, которые тогда жили в Индии. Таким образом, изучая жизнь Лачхами Шафик, можно прийти к выводу, что именно дружба с Гуломалихан Озод Балгиромй, подтолкнула его к литературной деятельности.

Ключевые слова: летописец и историк XVIII века, популярные антологии Лачхами Нарайин Шафик, «Изящный цветок», «Вечер странников».

POETY TRANSOXIANA IN THE ANTHOLOGY "THE NIGHT STRANGERS" LACHEMI NARAIN SHAFIK

The article is devoted to the life and works of the Persian poet of India Shafiq and his anthology "the Night strangers". The author of the article on the basis of rich factual material analyzes features biographies of the writers and poets of Persian-Tajik literature, who then lived in India. Thus, by studying the life Lachemi Shafik, you can come to the conclusion that friendship with Glomalean Ozod Bulgheroni, pushed him to the literary activity.

Key words: chronicler and historian of the XVIII century, a popular anthology Lachemi Narain Shafik, "Beautiful flower", "the Night strangers".

Сведения об авторе: ***Н. Шамсиддинова*** **–** соискатель Худжандского государственного университета им. Б. Гафурова

МАНЗАЛАТИ ШЕЪРИ ИРФОНИИ МИРСАИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ

К. Қодиров

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Шеъри ирфонии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ шеъри муъмин аст. Дар хидмати мардум осори мардумро дар ҳар банди шеъраш бо ранге, ки сӯфия дар маҷолиси

риндҳо чашму абру, зулф ва хату холи нигорро ситоиш мекунад, посух медиҳад. Шеъре, ки ҳадафи равшан ва мақсадро дунбола мекунад, дар хидмати ормонҳои мардум аст, хати мустақим ва равшан барои расидан ба ин ормонҳо дар ҷилави махотиби худ тарсим мекунад, шеъри ирфонии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ аст:

То нагардӣ марди соҳибдард ту,
Дар сафи мардон наоӣ мард ту.
Ҳарчӣ аз гардуни гардон мерасад,
Аз туфайли ҷони мардон мерасад [1].

Шеъре, ки мардум эҳсос мекунад, шеъре, ки дар водиҳои гуногун нуқта дорад, шеъре, ки моро аз як водӣ ба водии дигар мебарад ва шеъре, ки фароз ва нишебҳои парвоз дорад, шеъри ирфонии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ аст. Шеъри ирфонии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ҳадафаш он аст, ки мардумро ба сӯйи ҳадафи хосе раҳнамоӣ мекунад, ба хаму печҳо, ба олами ормонҳо бозгӯйӣ мекунад. Ба пурсишҳо ва роҳравҳо посух медиҳад, нигарониҳоро марфуз месозад. Таронаест, ки гомҳои устувор дорад, ки ба қалб нерӯ медиҳад. Ҳадафи шеъри ӯ дараҷоти маърифати Худоро мавриди баҳс қарор додан аст:

Эй он, ки ҳудусу қидамат ӯст ҳама,
Сармояи шодиву ғамат ӯст ҳама.
Ту дида надорӣ, ки ба худ дарнигарӣ,
Варна зи сарат то қадамат ӯст ҳама [2].

Шеъри Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ зиндагии амалии мардум аст. Тарҷумони шеъраш Қуръон аст. Шоирест, ки коргоҳ ва зиндагии мардумро амали дил медонад. Шеъри ӯ роҳнамои дили мардум аст.

Нафси ноқис бахил хоҳад буд,
Дар саховат залил хоҳад буд.
Гар таваккул кунад сафо ёбад
В-арна доим алил хоҳад буд [3].

Ӯ ҳамвора дар шеъраш ба ёди Худо аст, забонаш ҳамеша ба ёди Худо тар аст, дили ӯ бо ёди Худо метабад. Шеъри Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ аз дили зикраш бархоста ва агар касеро ситоиш медиҳад, Худост, агар ба касе изҳори муҳаббат дорад, Худост, агар ба касе тамаъ ва умед дорад, Худост. Худоро меписандад, аз Худо тарс дорад, мардумро дар шеъраш ба сӯйи Худо даъват мекунад:

Эй хуфта, дӯст нигаҳбони ҷони туст,
Ту маст гаштӣ, каждуми худ посбони туст.
Хобат чӣ гуна оядат аз шавқи он карим,
К-аш раҳмату иноятӣ беш аз гумони туст? [4]

Ба тавҷеҳ ба меъёрҳое, ки Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ аз шеър дар ихтиёри мо гузоштааст ба осонӣ метавон дар мавриди шеър ва ашъори ӯ некро ба бад шиносоӣ намуд. Маҷмӯаи ғазалиёти ӯ ба номи «Гулшани асрор» бозори гарме дар харобот аст, ки дар саҳифаи он дар фарҳанги Қуръон акси соқӣ ва нигор, масту махмур, соқии ориён, пироҳани чок ва гесуи дароз ғаммозӣ мекунад. Ин навъ шеър, шеъри ориф аст, тавҷеҳи орифона дорад ва мурод аз ситоиши май, санам, майкада, ҷому нигор, соқи сафед ва хилвату бӯса чизи дигар аст:

Эй соқӣ, аз он май, ки дилу дини ман аст,
Беҳушам кун, ки мастӣ эмини ман аст.
Нафрини ту хуштар зи дуои дигарон,
Зеро, ки дуои ғайр нафрини ман аст [5].

Манзури Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ аз соқӣ, пири муғон ва санам, ёру нигор Худо ва Паёмбар (с) аст. Муроди ӯ аз май ва ҷом, хилват ва бӯса, лутф ва иноят ёри ҳақиқӣ аст. Нигорро дар оғӯш кашидан ва лабҳояшро бӯсидан, яъне ба «васл» расидан ба дидори маҳбуби ҳақиқӣ ноил шудан аст:

Дил, ки хӯ кардаи лутф аст, ба хун мегардад,
То ки буе расадаш аз гули рӯят рӯзе.
Чатри иқбол ба афлок расонад бахтам,
Гар биёбад асари майл зи рӯят рӯзе.
Ташнагони талаби бодияи ҳиҷронро
Шарбати васл расад аз лаби ҷӯят рӯзе….[6]

Ин аст услуби шеъри ирфонӣ бо истифода аз Қуръон, ҳадис ва гуфтори саҳоба, ки навъи баёни шеъри Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ аст.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ аз калимоти риндҳои харобот барои баёни муҳаббат ба Худо ва Паёмбар (с) истилоҳот меҷӯяд.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар шеъри ирфонӣ Худоро аз номҳое мехонад, ки шону азамати ӯро таъйин месозад. Ӯ бо садои нарм ва тавъам Худоро ниёиш медиҳад, яъне ниёиш дар боргоҳи шеъри Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ одоби хоси худро дорад. Истилоҳи «суруд», «ваҷд», «мастӣ», «май» аз мазоҳири шеъри ирфонии

ӯст. Дар шеъри ӯ ҳолати «мастӣ» аз шуҳуд, яъне аз олами аҳодат ва ҳузур ҳосил мешавад. Мастӣ, роҳнамои «мастӣ» дар фарҳанги Қуръон суроғ дорад, на ба солик дар роҳи «вусул». Истилоҳи «мастӣ» масти Худо будан аст ва симои динро зеботар сохтан аст:

Нақди ҳаёт хоҳӣ, ҷон кун фидои ҷонон,
К-ин аст дар раҳи ишқ ойини меҳрубонон.
Мастони ҷони шавқат бар бӯйи лутф ҳар шом,
Бар даргаҳи ҷалолаш оянд ҷонфишонон...[7]

Дар шеър ибрози ақидаи ӯ «дини Худо»-ро комил ва зеботар сохтан аст. Ба тарош ва харош ва хату хол «дини Худо»-ро такмил кардан аст. Шеъри Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ шӯру мастии шароб, навои мутриб ва чангу ғуборро эҷод мекунад, баръакс бо истифодаи истилоҳоти оёти илоҳӣ шеъри хешро меафзояд. Шеъри ӯ тиловати оёти илоҳӣ ва ҳосили ӯ аз ин тиловат «таваккал» ва эътимоди бештар ба Худо аст.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ иртиқои маънавӣ нишон дода, вазоифи роҳрав ва соликро баён карда мақом ва манзалати онро муаррифӣ намуда, сафари малакутиро тавзеҳ додааст. Дар шеър, ки ба Қуръон эмон дорад ва онро китоби илоҳӣ мехонад, дар баррасии масоили ирфонӣ ба ҷойи гуфтор ва раҳнамоиҳои Қуръон, ҷустуҷӯйи услуб ва равиши дигареро ба кор намегирад. Барои ӯ маҷолиси самоъ тиловати оёти Қуръон аст. Фақат аз тариқи роҳи вусул ба таоло ва иртиқои маънавӣ, намоз, рӯза, ҳаҷ, закот, зикри Худо, тиловати Қуръон ва тафаккур дар хилват метавон ба Худо расид ва ба иртиқои маънавӣ ноил шуд. Роҳи толиби Ҳақ ба ҷониби боргоҳи аҳадият расидан ба тақво, тавба, покизагӣ, эҳсон аст. Таваккул, зӯҳд, муроқиба зикр ва муҳаббати Худо ноил шудан ва завқи онро чашидан аст:

То ки бошад ёди ғайре дар ҳисоб,
Зикри мавло бошад аз ту дар ҳисоб.
То бувад як зарра аз ҳастӣ ба ҷой,
Куфр бошад гар ниҳӣ дар ишқ пой.
Гар ҳама олам савоби ту бувад,
То ту бошӣ он азоби ту бувад.
Гар шавӣ чун хок дар раҳ поймол,
То абад ҷонро ба даст орӣ камол.
То ту бо хешӣ адад бинӣ ҳама,
Чун шавӣ фонӣ аҳад бинӣ ҳама[8].

Он чӣ Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ шеърро ба хуруфоти рамзӣ месарояд ва ин навҳи хуруфотро ба кор мебарад, ба асрори илоҳӣ тавъам аст, барои дигарон ва имрӯз ҳам қобили фаҳм нест. Асрорро, ки ӯ бо лафзи ирфонӣ баён кардааст, ҳарфи ин каломро возеҳтар дар «Асрор-ун-нуқта» ё «Тавҳиди ирфонӣ» гуфтааст. Ӯ интиҳои ҳарфҳоро дар дил дошта, бо Қуръон олуда мекард. Ҷараёни баёни ин ҳарфҳоро бо лафзи сареҳ нидо карда, услуби ирфониро ба кор бурдааст ва бо истеъдод матолиби хешро бо Қуръон гуфтааст:

Сирри ишқ аз сирри забон дур аст,
Шарҳи ин оят аз баён дур аст.
Ҳар касе, ки расад ба авҷи камол,
Толиби ном аз ин нишон дур аст[9].

Дар «Ҳафт водӣ» Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бо таъкид гуфтааст, ки Худои раҳим, ки динро барои танзими зиндагии инсон ҳидоят кардааст, ба маънои возеҳ, бо забони мардум хуб андешидан ва дуруст фаҳмидан аст. Барои он ки дин барои ҳама қобили дастрас бошад, ӯ дарки алифбои он кардааст, ки ба ғами мардум ва фаҳми мардум маънии ҷадид дорад.

Ҳадафи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ таблиғ ва тарвиҷи сода ва фаҳми Қуръон аст. Мутафаккири фозил дар интихобу интишор ва баррасии мавҷудоти гуногуни ҷабҳаҳои масоили ирфонӣ кӯшиш ба харҷ додааст, ки Қуръонро мавриди истифода қарор диҳад:

Дар ишқи рӯйи ӯ ту ҳудусу қидам мабин,
Гар солики раҳӣ ту, вуҷуди адам мабин.
Аз партави ҷамоли ҳақиқӣ бисӯз пок,
Гум гард дар фанову дигар бешу кам мабин.
Мардона бигзар аз адаму аз абад тамом,
Сирри азал бинеҳу ту лавҳи қалам мабин.
Ҳар ҳусн як рақам зи китоби замони ӯст,
Дар дафтари ҷамол ту гум шав, рақам мабин…[10]

Ин ғазал фақат як таҷаллии Ҳақ аст, ки дар ҳусн аз ҷамоли ҳусни ӯст. Ин ишқест, ишқи илоҳӣ, ки амонати Ҳақ ҳамон аст, чизест, ки моҳияи имтиёзи инсон аст. Ба ҳар ҳол дар шеъри манзуми ирфонии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ мабодӣ ва усули

шинохти Қуръон ҷолиб зикр ёфтааст:

Куштагони теғи ишқат зиндагони ҷовидон.
Сайди шоҳини ғамат шоҳини мулки безавол.
Боданӯшони ғамат Довуду Маъруфу Ҷунайд,
Ҷонфурӯшони ғамат Нуъмону Салмону Билол…[11]

Ба ин шеър Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ услуби шеъри ирфониро илҳом додааст. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, ки ашъори ирфонии Аттору Ҷалолиддини Румӣ ва Саноиро паси пушт дошт, дар «Ҳафт водӣ» онро такмил дод. Маснавии «Ҳафт водӣ» луғзи гунаест омехта ба рамзҳои ирфонӣ дар баёни аҳволи рӯҳ ва сайри он дар маротиби носут, ки урӯҷи он ба марҳилаи олами малакут, сайри ориф дар мақоми бақо ва фаност:

Охир аз хоби амал бедор шав,
Як дам, эй масти ҳаво, ҳушёр шав.
Пас дар ин водӣ фурӯ шав мардвор,
То бубинӣ раҳравонро сад ҳазор.
Сар ба сар саргаштагон дар роҳи ӯ,
Ту чунин озод аз даргоҳи ӯ…
Ҳар ки ӯ дар кори худ комил бувад,
Оқибат мақсуди ӯ ҳосил бувад[12].

Дар «Ҳафт водӣ» Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар марҳилаи малакут ба сайри рӯҳонӣ мепардозад ва авомилу аҳволи мухталифро дар бораи зулматҳое, ки маҳдудиятҳои марбут ба ҷисми вайро ба дом маҳкум медорад, дар тайи ин сайри хеш кашфу баррасӣ мекунад. Дар шеъри ирфонии «Ҳафт водӣ» сафари рӯҳонӣ аз қаламрави нафси номия оғоз мешавад ва дар ҳоли сууд ба қаламрави нафси оқила мерасад, ки дар он ҷо мусофир дар вуҷуди як пири рӯҳонӣ ва роҳбари хеш бозмеёбад:

…Гар набиншинӣ ба танҳоӣ басе,
Роҳ натвонӣ буридан бо касе.
Пир бояд роҳро, танҳо марав,
Аз сари ашё дар ин дарё марав.
Кай ҷаҳон бе қутб бошад бо мадор?
Осиё аз қутб бошад барқарор.
…Гар намонад дар замин қутби ҷаҳон,
Кай тавонад гашт бе қутб осмон?
Пир ҳам ҳаст ин замон пинҳон шуда,
Нанги халқон дида дар халқон шуда…
Гар туро дардест пир ояд падид,
Қуфли дардатро калид ояд падид…[13]

Шеъри ирфонии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар забони рамз сафари рӯҳонии инсонро аз олами касрат ба олами ваҳдат тасвир мекунад, рамз дар каломи ӯ равшан ва мафҳум аст, бештар ба мардуми содаву орӣ ба фузалои аҳли мадраса ва ҳам хонакоҳ иртибот дорад. Яъне, шеъри ирфонӣ дар назди Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба каломи воқеӣ расид, дар калом сӯзу шӯри тозае ба даст овард. Шеъри Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ҳам аз лиҳози қолибҳои ғиноӣ-ғазалу рубоӣ ва маснавӣ дар баёни ҳикмати ирфонӣ баҳра ёфт. Чунончӣ ин абёти ӯ дар айни иштимол ба маъонии ғаноӣ танаввуҷӯйии ӯро дар тарзи баёни ирфон дар сафари руҳонӣ низ нишон медиҳад:

Ҳар кӣ дорад оҳи дарди майли роҳ,
Рӯйи ӯ бар ҳоли ӯ бошад гувоҳ.
Бар ҷабинаш бошад аз шоҳӣ нишон,
Ҳар кӣ бошад ошнои подшоҳ.
…Равшанӣ хоҳӣ, чу шамъе дил бисӯз,
Ҷонфизоӣ боядат, танро бикоҳ.
Кори мардон аст ҷон дарбохтан,
Раҳ наёбад ҳар касе ин ҷойгоҳ.
Гар надорӣ пой дар раҳ, эй салим,
Даст зан дар домани мардони роҳ[14].

Дар ҳақиқат, ба василаи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ шеъри ирфонӣ аз дунёи маҳдуди адабиёти аҳли дарбор ва аҳли мадраса берун омад, дар фарохнои зиндагии омма, мақому эҳсосоти мардум қадам ниҳод. Дар ҳақиқат, шеъри ирфонии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ буд, ки миёни табақоти поёнии ҷомеа анҷоми вазоифи илоҳӣ ва инсонӣ завқ ёфт.

Ҳамин завқи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ буд, ки шеъраш мутааддиди адабӣ аст ва аломати ошноии ӯ бо фанни шеър ва мафҳумҳои ирфонӣ мебошад [15].

Оре, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ шеъри ирфонии олӣ сурудааст:

Ба сози кибриёӣ монда андар доми Ком,
Дому дона бар дару хуррам ба ҳазрат боз шав.

…Дар маломатгоҳи ушшоқ, ки девони қазост,
Покии Юсуфи ҷонро зи Зулайхо шунаванд.
Мисри дилро чу зи фиръавн ҳаво пок кунанд,
Сидқи Мӯсо ҳадо аз яди байзо шунаванд!
…Оби ҳайвон боядат дар зулмати нобуд шав,
К-он ки чашм аз худ бипӯшад, чун хизр бино шавад[16].

А Д А Б И Ё Т

1. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Шоҳи Ҳамадон. Маснавии Ҳафт водӣ. Осори мунтахаб иборат аз чаҳор ҷилд / Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ; таҳия, тасҳеҳ, луғат ва тавзеҳоту сарсухани Моҳирхӯҷаи Султонзода. – Душанбе: Ирфон, 1995. – Ҷ.I. - С.70.
2. Ҳамон ҷо. - С.76.
3. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Шоҳи Ҳамадон. Машориб–ул-азвоқ. Осори мунтахаб иборат аз чаҳор ҷилд / Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. - Ҷ.2. - С.145.
4. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Захират-ул-мулук / Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ: муҳаррири масъул ва муаллифи сарсухан Раҷаб Асозода. - Кулоб, 1993. - С.13.
5. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Ғазалиёт / Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Дастхати Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. - №546. - Вараҳи 373.
6. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Шоҳи Ҳамадон. Машориб–ул-азвоқ. Осори мунтахаб иборат аз чаҳор ҷилд / Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. – Ҷ.2. - С.145.
7. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Захират-ул-мулук / Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ: муҳаррири масъул ва муаллифи сарсухан Раҷаб Асозода. - Кулоб, 1993. - С.13.
8. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Ғазалиёт / Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Дастхати Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. - №546. - Вараҳи 373.
9. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Шоҳи Ҳамадон. Даҳ қоидаи сӯфия. Осори мунтахаб иборат аз чаҳор ҷилд / Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. - Ҷ.2. - С.82-83.
10. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Шоҳи Ҳамадон. Машориб-ул-азвоқ. Осори мунтахаб иборат аз чаҳор ҷилд / Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. - Ҷ.2. - С.150.
11. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Захират-ул-мулук / Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ: муҳаррири масъул ва муаллифи сарсухан Раҷаб Асозода. - С.14.
12. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Захират-ул-мулук / Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ: муҳаррири масъул ва муаллифи сарсухан Раҷаб Асозода. - С.15.
13. Ҳамон ҷо: - С.18
14. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Захират-ул-мулук / Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ: муҳаррири масъул ва муаллифи сарсухан Раҷаб Асозода. - С.32.
15. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Захират-ул-мулук / Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ: муҳаррири масъул ва муаллифи сарсухан Раҷаб Асозода. - С.22-23.
16. Муҳаммад Риёз. Аҳволу осор ва ашъори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ / Муҳаммад Риёз. - Душанбе: Ирфон, 1995. - С.237.

ЗНАЧЕНИЕ МИСТИЧЕСКОЙ ПОЭЗИИ МИРСАЙИДА АЛИ ХАМАДАНИ

Мир Сайид Али Хамадани невзирая на частые и продолжительные путешествия, находил возможность написать большое количество художественных и научных трудов по историческим, философским, мистическим, культурным дисциплинам, которые и по сей день не потеряли свою ценность. Большинство его работ представляет собой небольшие трактаты, посвященные отдельным вопросам суфизма. На творчество Али Хамадани имели сильное влияние мистика и философия.В данной статье автором рассмотрено значение мистической поэзии Мирсайида Али Хамадани.

Ключевые слова: Мир Сайид Али Хамадани, художественные и научные труды, мистическая поэзия, вопросы суфизма, влияние мистики и философии.

THE VALUE OF THE MYSTICAL POETRY OF MIRSAID ALI HAMADANI

Mir Sayyid Ali hamadani in spite of frequent and lengthy travel, found the opportunity to write a large number of artistic and scientific papers on historical, philosophical, mystical, cultural disciplines, which to this day has not lost its value. Most of his works is a small treatises concerning the issues of Sufism. Creativity Ali hamadani had a strong influence of mysticism and philosophy.In this article the author discusses the importance of the mystical poetry of Mirsaid Ali hamadani.

Key words: Mir Sayyid Ali hamadani, artistic and scientific works, mystical poetry, Sufism, the influence of mysticism and philosophy.

Сведения об авторе: ***К. Ҳодиров*** - доктор педагогических наук, профессор, заведующий общеуниверситетской кафедрой педагогики Таджикского национального университета

ТАЪСИРИ ҲУЗУРИ ИМОМ РИЗО БАР ФАРҲАНГ ВА ҲУНАРИ ЭРОН

Ғуломаббоси Ориф, Исмоили Муҷалалӣ
Донишгоҳи Аллома Таботабоӣ, Донишгоҳи Сури Аҳвоз, Эрон

Алӣ бини Мӯсо (а) тайи иқомати худ дар Марв, маркази илмӣ ва идории Хуросон талоши густурдаеро барои тараққии андеша ва эътиқодоти мардуми Хуросон ба амал овард ва бо манзараҳои илмӣ бо аҳли китоб ва наҳлаҳои фикрии

гуногун муҷиботи эътидол ва тараққии маъруф ва биниши динии ин минтақаро фароҳам кард. Бо ташкили маҳфилҳои илмӣ ва каломӣ ва ҳадисе ба дифоъ аз ислом ба фарҳанги аҳли байт пардохта ва ба иродат ва шабоҳат фарқи посух медод.

Шумори мунозироти имом Ризо бо аҳли китоб ва намояндагони масеҳиён, яҳудиён, монавиён, зардуштиён, сабоин ва фарқи исломӣ фаровон аст. Аз он ҷумла рӯзии маъмунсарони адён ва мазоҳиби замонро ҷамъ кард ва имом Ризоро даъват намуд, то бо он мунозира кунанд. Нахуст, Ҷосалиқи масеҳӣ ба он ҳазрат гуфт: шумо ва ҳама мусалмонон ва тамоми мо масеҳиён нубуввати ҳазрати Исо (а) ва китоби «Инҷил»-ро қабул дорем, вале нубувати пайғамбари шумо машкук аст, зеро ӯро танҳо шумо қабул доред. Имом Ризо (р) фармуд: Мо мусалмонон ҳазрати Исо (а) ва «Инҷил»- еро қабул дорем, ки умматашро пайғамбари охируззамон башорат додааст ва ҳаворини Исо (а) ба ӯ қарор кардаанд, пас чаро мухолифати паёмбар ва китоби худ мекунӣ ва пайғамбареро, ки башорат доранд, намепазирӣ? Ин гуна мунозироти гӯёии ҳаракати амиқи илмӣ ва фарҳангии ӯ аст, мабоҳиси ин гуфтугӯҳои илмие, ки ба оромӣ ва дар ҷави самимӣ баргузор мешуд. Дар бораи офариниши ҷаҳон, тавҳид, сифоти Худованд, анбиёи илоҳӣ, исмати онон ҷабр ва ихтиёр ва имомат, тафсири оити гуногуни Қуръон, фазоили аҳли байт, (а) аҳодис, дуо ва аҳкоми дин буд.

Таъсири ҳузури имом Ризо бар фарҳанг ва ҳунари эронӣ. Пас аз шаҳодати имом Ризо дар Эрон таҳаввулоти азиме дар фарҳанг ва ҳунари эронӣ ба вуҷуд омад, ки ба шарҳи як-як хоҳем пардохт.

а)таъсир дар фарҳанги умумимазҳабӣ

б)зиёрат ва остонбӯсии мазори аҳли байт.

Ҳарчанд ки ин мавзӯъ то пеш аз ҳузури имом Ризо дар Эрон вуҷуд дошт ва зиёрати Макка ва Карбало барои ҳамагон ба навъи озод буд, вале пас аз ҳузури имом Ризо ва тадфини эшон дар Эрон, одоби зиёрат ҳол ва ҳавои дигаре пайдо намуд, роҳандозии корвонҳое, ки ба қасди зиёрати имом Ризо аз аксар нуқоти кишвар ба самти Машҳад ҳаракат мекарданд, яке аз ин тавулот аст, ки машаққатҳо ва сахтиҳои зерин, аз қабили вуҷуди роҳзанон, бозмондан аз қофила, шифо ёфтани беморон ва … ба унвони сужаҳое барои халқи осори достонӣ ва шеър ва дар фарҳанги эронӣ ба вуҷуд овард.

в) машҳадӣ. Истилоҳоте, ки дар сар то сари кишвар дар байни мардум роиҷ аст ва умуман бо ашхосе, ки тавфиқи зиёрати имом Ризоро пайдо намудаанд, итлоқ мегардад. Ҳамон гуна ки ба шахсе, ки ҳаҷ намуда истилоҳи ҳоҷӣ ва ба шахсе, ки ба Карбало сафар намуда, истилоҳи карбалоӣ ба кор мебаранд.

г) таъсир дар ойинҳои мухталиф

Ойин. Ҳар навъи имон ва эътиқод ба ғайри моддаро ойин мегӯянд. Ойин кӯшишест, барои дарки он чӣ даркшуданӣ аст ва баёни, он чизе ки ғайриқобили тақрир аст. Ойин ҳамеша дар миёни башар будааст ва ҷомеае ёфт намешавад, ки дар он ақида ба метофизик ва мовароуттабиа набошад, агарчи мункирини он ҳам дар тӯли таърих кам набудаанд».

Дар бораи пайдоиши ойинҳо бояд ба ихтисор бигӯем, ки «Ойинҳо маълули тарс ва умеди инсонҳост ва инсонҳо, аз ҳар чизе ки метарсиданд ва ё ба хайри ҳар чизе, ки умедвор мешуданд, онро мепарастиданд. Онҳо чун иллати зилзила, тӯфон, бемориҳо ва ҳаводиси дигарро намешинохтанд, ба парастиши қавонини табиат рӯй меоварданд, то аз осеби ҳаводиси махуф дар амон монанд».

«Рӯйи ҳам рафта метавон чунин изҳор кард, ки гироиши инсонҳо ба ойин аз алоқаи башаре ба пурсиши Худо ёфт шудааст ва ҳар кас дар даруни хеш кӯшише нисбат ба ситоиши Худо ва Худоҷӯйӣ эҳсос мекунад ва мусаламан ҳамин ҳолати қалбӣ боис шуда, ки дар тӯли таърих башар ба анвоъ ва ақсоми парастишҳо ва ибодат рӯй оварда, ҳар чизеро, ки Худо (ҷ) мепиндошта ё ба наҳви онро дар сарнавишти худ муассир медидааст, бипарастад [1].

а) **ойини нақоракӯбӣ.** Ин ойин дар саҳни мутаҳҳари Алӣ ибни Мӯсо ал-Ризо ичро мегардид ва акнун ба унвони яке аз гунаҳои ҳунари мусиқии эронӣ ба шумор меояд ва аз он ҷо ки созҳое, ҳамчун нақора ва карнай аз созҳои фолклории Хуросон маҳсуб мешаванд, аз баракати вуҷуди имом Ризо ранг ва рӯйи мазҳабӣ ба худ гирифтаанд.

Нақораи кӯйе, ки қабл аз тулӯъ ва баъд аз ғуруби хуршед ба унвони истиқбол ва бадрақи хуршед анҷом мешуд, баъдҳо дар маросимҳои дигар, ҳамчун нишон додани шукӯҳи подшоҳӣ, ҷашнҳо ва аъён, эъломи фатвоҳот ва омодагӣ барои набард, ки рафта-рафта бар мусиқии маҳаллӣ низ таъсири шигарф эҷод намуд [3].

б) **човишхонӣ.** Ҳангоми азимат ва бозгашти мусофирон аз Машҳад дастае аз мардум ба истиқбол ва бадрақаи Зоир мерафтанд ва то масофати бисёр кӯтоҳ Зоирро ҳамроҳӣ мекарданд, ки дар ҳангоми бозгашт Зоирро дар манзил мерасониданд. Дар ин байн шахсе ба хонадони мунқабати аҳлу байт ва гирифтани салавот аз мардум мепардохт, ки ба хешии хонӣ маъруф буд. Бе шумор дида шуда, ки ҳангоме шахсе

озими мусофирати Карбало ё Машҳад мебошад ва човишхонӣ мекунанд, дар ҳангоми ҳаракат ашхосе бо шунидани садои хуше озими сафар мешавад. Намунаҳои хушхонӣ:

Шукри Худо, ки тири дуо ба ҳадаф расид,
Рӯйи сиёҳи мо ба зиреҳи Нақаф расид (4).
Бор Илоҳо, кун насиби шииён ҳар солҳо,
Ҳам Нақаф, ҳам Карбало, ҳам Машҳади шоҳ Ризо.

Ҷилваи имом Ризо (р) нақл ва ойинҳои намоишии марбут ба он.

Наққолӣ. Аллома Деҳхудо дар робита бо вожаи наққол ин тавр мегӯяд: «Изофагӯ, қиссахон- касе, ки қисса ва ҳикоёт баён мекунад, касе, ки дар қаҳвахонаҳо ва маҷомеъ, аз қабили достонҳои ҳамосӣ ва саргузашти паҳлавонон ва айёронро ба оҳанги хос нақл мекунад».

Наққол аз ҷумлаи намоишҳои мустақил аст, ки пас аз ислом шакли густурда ва намоишӣ пайдо кард. Решаи наққолӣ ба қавли пеш аз ислом боз мегардад, меҳтарин тафовути ин ду гунаи намоишӣ марбут ба иҷрои онҳост. Қавволӣ бо соз ҳамроҳ буд, вале дар наққолӣ бидуни соз ва бо такя ба бозингарӣ, шарҳ ва баёни наққол иҷро мешуд. Нақлҳо ба чаҳор дастаи аслӣ табақабандӣ мешаванд: нақлҳои таърихӣ, устураҳо ва ҳамосаҳо;нақлҳои паҳлавонӣ;нақлҳои ғаноӣ;нақлҳои мазҳабӣ ва динӣ.

Қобили таваҷҷуҳ аст, ки нақлҳои мавриди истифода дар навоҳии Эрон аз мазмуни динӣ ва мазҳабӣ бархурдор аст. Ин гурӯҳ аз нақлҳо ба ашколи мухталиф масоили эътиқодиро мавриди таваҷҷуҳ қарор дода ва бозпарварии онҳо мепардозанд. Бо таваҷҷуҳ ба мавзӯи мавриди баҳс он даста аз нақлҳое бо меҳварияти имом Ризо дар ойинҳои намоишӣ ҷилвагар шуданд,ки мавриди баррасӣ қарор гирифта, аз баёни дигар нақлҳои мазҳабӣ сарфи назар шудааст. Баъзе аз нақлҳои мазҳабӣ мустақиман теъдоде аз аҳодиси қуръонӣ ё ривоёти динӣ ва мазҳабиро ба унвони ҷавҳари аслии худ баргузидаанд. Нақли саргузашти ҳазрати Юсуф (а), нақли Мӯсо паёмбар (а), нақли дар оташ шудани ҳазрати Иброҳим (а), нақли муъҷизоти ҳазрати имом Ризо (а) муҳимтарини ин гуна нақлҳо аст, ки дар наврӯзхонӣ низ мавриди истифода қарор мегирифт. Ба таври мисол, дар нақлҳои марбут ба имом Ризо донистани сафари эшон аз Мадина ба Тӯс мавриди таваҷҷуҳ қарор мегирифт. Муҳимтарин вижагии ин нақл афзудани шох ва баргҳои омиёна ба асли достон ва овардани муъҷизот ва каромот мувофиқи табъи имом Ризо аст.

Гурӯҳи дигаре аз ин нақлҳо мустақиман дар робита ба маънавиёти хос ва ё каромоти анбиё, авлиё ва имомони шиа аст. Нақли замонини оҳу аз ҷумлаи ин нақлҳо аст. Донистани ин нақл ҳикояти замонати имом Ризо назди сайёд ҷиҳати озодсозии оҳуе аст, ки ширхорааш дар интизори ӯст.

Ҳунари намоиш. Намоиши Эронеро, ки бояд бо ҳунари азими шабеҳхонӣ шинохт, бар асоси ҳузури имом Ризо (а) таҳти таъсир қарор гирифт ва матнҳои намоишии бисёреро бар асоси зиндагии имом Ризо дар ҳунар таъзияи хулқ шуд. Ҳарчанд ки таъзия бар мабнои воқеаи ошуро шакл гирифт, вале рафта-рафта бар асоси зиндагии соири аима низ маҷолиси таъзия суруда ва иҷро мегарданд, ки аз миёни имомони маъсум баъд аз имом Ҳусейн (а) имом Ризо (а) бештарин достонҳои таъзияро ба худ ихтисос дода, ки бар асоси зиндагии ин бузургвор ва ҳамчунин воқеоти марбут ба пас аз шаҳодати эшон ба сурати матнҳо намоиши таъзия дар ихтиёри алоқамандон қарор гирифт.

Таъзия шакли такомулёфтаи маросим ва сугвороиҳои мазҳабӣ аст, ки аз қарнҳои аввалияи исломӣ дар Эрон ривоҷ ёфтаанд, ки худ ин маросим низ решае дар ойинҳои қабл аз ислом доштанд. Аз замони Изодудавлаи Дайламӣ дар қарни чаҳоруми ҳиҷрӣ ба роҳ андохтани дастаҳои азодарӣ ривоҷ ёфт. Бар пояи дастаҳои сугворӣ дар суги Сиёвуш, қабл аз ислом оғоз шуда буд. Ин дастаҳои шеърҳоест,ки дар зикри масоиби шуҳадои Карбало мехонанд. Ин ашъоре, ки гоҳ ба сурати савол ва ҷавоб хонда мешуд, баъдҳо дар шаклгирии гуфтугӯйи намоишҳои динӣ нақши умдае доштанд.

Ин маросим ва тазоҳуроти мазҳабии давраи сафавӣ шаклу ҳайбати муназзам ва созмониёфтае пайдо кард ва ба тадриҷ бо навишта шудани ҳамосаҳои мазҳабӣ ва китобҳое дар мадҳ ва мунқабати хонадони Пайғамбар (с) ва низ зуҳури падидаҳо ва аносири фарҳангӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ маросимҳои дигаре, чун равзаи хонӣ, воқеагӯйӣ, наққолӣ, муноқибхонӣ, ҳамлахонӣ дар авохири давраи Сафавия ба шакл ва сурат даромаданд. Албатта, таъзия ва таъзияи ҷавонӣ дар тамоми маноқиби Эрон дар як замон ва ба як шакл ривоҷ наёфт ва аз назари кайфият ва шеваи иҷроӣ яксон набуд, ки бо таваҷҷуҳ ба хориҷ аз баҳс будани ин мавзӯъ аз канори он мегузарем.

Ҷойгоҳи шахсияти имом Ризо дар таъзияҳо ба ду сурат шакл мегирад:

1. Таъзияҳое, ки моҷарои он марбут ба даврони ҳаёти имом мебошад ва ҳузури физикии имомро ба вузӯҳ метавон дарк намуд. Монанди маҷлиси таъзияи шаҳодати имом Ризо, имоми козим ва…

Сохтори маҷлиси таъзияи шаҳодати имом Ризо (а) бад-ин гуна аст, ки имом аз Мадина ба Тӯс дар ҳоли ҳаракат мебошад ва иттифоқоте барои эшон дар тӯли масир рух медиҳад ва пас аз ҳузур дар Тӯс иттифоқи дигаре барои имом ба вуҷуд меояд ва дар ниҳоят, бо шаҳодати имом таъзия ба поён мерасад.

Хатти аслии достони ин маҷлис сафари имом ба Эрон ва шаҳодати ӯ аст, аммо дар ин байн ин иттифоқот ба ҷаззобият ва кашмакаши достони аслӣ кӯмак мекунад.

Иттифоқот ва достонҳои масири ҳаракати имом аз Мадина ба Тӯс иборатанд аз: **шифо додани кӯр, дидор бо марди мусалмон ва мулоқоти ӯ ҳангоми марг; хушк шудани боғ бо нафрини имом ва замонати оҳу ва шармсории сайёд; макри пиразан барои зарба задан ба шахсияти имом ва расво шудани ӯ бо марги писар**.

Ин достонҳо алорағми иртибот бо якдигар сохтмон ва қиссаи мустақил доранд ва ҳар як дорои оғоз, миёна ва поён ҳастанд. Дар маҷлиси шаҳодати имом Ризо достонҳои фурӯғе дар бистари достони аслӣ қарор гирифтаанд, ба тавре ки ҳеҷ гоҳ парокандагӣ дар хатти достон эҳсос намешавад. Ин техникаи достонпардозӣ ба зебоӣ тавониста бидуни инқитои зеҳнии мухотаб аз достони аслӣ, таваҷҷуҳи ӯро ба хурддостонҳои намоиш низ ҷалб кунад.

2. Марбут ба моҷароҳои даврони ҳаёти имом Ризо (а) аст, вале ҳузури имом ба сурати айнӣ дар ин маҷолис дида намешавад. Монанди, маҷолис таъзияи азимати имомзодагони ҷалиюлқадр аз Мадина барои дидори имом Ризо (а), ки дар роҳ кушта мешаванд ва омори ин болиғ бар панҷаи маҷлис мебошад. Монанди маҷлиси таъзияи Шоҳчароғ, ки дар мавриди ҳузури Шоҳчароғ, бародари имом Ризо (а) дар Эрон ва чигунагии шаҳодати эшон мебошад ва ҳамчунин, таъзияҳои марбут ба имомзодаҳои мадфун дар Эрон, ки дар ҳама ин шабеҳи номаҳо имомзодагон барои дидор бо имом Ризо вориди Эрон мешаванд ва дар акси нуқоти кишвари Эрон тавассути ҳокимини билод кушта мешаванд. Моҷароҳои марбут ба пас аз ҳаёти имом Ризо (а), ки ин навъ бо фарҳанги эронӣ сунхияти бештаре дорад ва ҳузури имом Ризо (а)-ро ба сурати имоми ғайбӣ мушоҳида мекунем. Моҷароҳои ин маҷолис бештар марбут ба зиёрати мазори ҳаштум ва иттифоқоте аст, ки барои зоирин рух медиҳад. Дар ин маҷолис фарҳангҳои мухталифе, ҳамчун човиши хонӣ ва қофилаи завор вуҷуд дорад, ки ба сурати кулли намоёнгари фарҳанги асили эронӣ мебошанд.

Маҷолисе ҳамчун: **Завори туркман**. Моҷарои хонаводае, ки барои зиёрати имом Ризо азми Хуросон мешаванд ва дар роҳ дучори роҳзанон мегарданд ва тавассути имом Ризо (а) наҷот меёбанд.

Таъзияи Ҳурмузи чорёр. Моҷарои марди тоҷир, ки барои тиҷорат вориди Машҳад мешавад ва ба атрофиён месупорад, муроқиби он бошанд, ки писараш ба зиёрати имом Ризо наравад, ки албатта, чунин амале аз сӯйи писар анҷом мешавад ва он писар дар ҳарами имом Ризо бо марди дарвеши ошно мешавад.

Таъзияи зазвори ғариб. Моҷарои азимати Зоире аст, ки барои зиёрати Карбало ҳамроҳи корвоне ба роҳ меафтад ва дар роҳ аз қофила ақиб мемонад ва ба сурати нохоста ба қофилаи Машҳад мепайвандад ва…

Таъсири ҳузури имом Ризо бар наққоши эронӣ. Пардахонон, ки бо насаби пардаҳои қаҳвахонаӣ ба шарҳи моҷарои Карбало мепардозанд. Дар бахше аз ин парда наққоши қаҳвахонае моҷароҳои марбут ба зиндагии имом Ризо ва каромати эшон наққошӣ шудааст. Иттифоқоте, аз қабили шифои бемор тавассути имом, оташ гирифтани боғ ва боғбон душмани имом ва .. аз дигар маворидиро марбут ба таъсири имом Ризо бар наққошии эронӣ хулқи минатураҳое дар мавзӯи имом Ризо тавассути ҳунармандон.

Пардахонӣ. Дар Эрон дар бархе маросим наққол достони худро аз рӯйи тасвире, ки рӯйи парда кашида шудааст, шарҳ медиҳад. Мавзӯи тасвири пардахонӣ ду бахш аст: бахши аввал, достонҳои куҳани Эрон ва ҳамосаҳои миллӣ. Бахши дувум, ҳамосаҳои достонҳое аз зиндагии имомони маъсум ва масоиби шаҳодати имом Ҳусейн ва ёронаш. Дар ин пардахониҳои мазҳабӣ метавон ба пардаи суфраи имом Ризо (а) ва шарҳи муъҷизоти вай, аз ҷумла шифо додани кӯр, замонати оҳу ва достони наҷоти Зоири ғариб ишора кард.

Таъсири имом Ризо (р) бар ҳунари аккосӣ. Дар ҳар хона ва кошонаи аккосии ёдгорӣ аз ҳалли хона дар деворҳои манозил ҷой боз намуда, ки дар ҳарами Разавӣ гирифта шудааст. Ин аксҳо бо пешзамина наққошӣ шуда, аз ҳарами Разавӣ ва моҷароҳои марбут ба имом Ризо таҳия шудаанд, ки зоирин бо пӯшидани либосҳои арабӣ, дарвешӣ ва … дар канори макетҳое аз ҳайвоноте ҳамчун оҳу, шер ва … акси зиёратӣ таҳия мекунанд. Аккоси Зиёратӣ фақат махсуси Машҳад мебошад ва дар ҳеҷ шаҳри зиёратии дигаре чунин мавзӯъ вуҷуд надорад [5]. Аккоси зиёратӣ ва зоири ҳарду талош мекунанд, фазои рӯҳонӣ дар тасвир ба вуҷуд оваранд, то ба ёдгор сабт шавад ва ҳузури зеҳнӣ ва мазҳабии онҳоро бо ҳам ҳамроҳ кунад. Ин таомуле аст байни фарҳанг ва эътиқодоти мазҳабии мардум ва технологияи сабти тасвир бо дурбини аккосӣ. Албатта, ин навъ аккосӣ баста бо шароити таърихӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ

дастхуши тағйироти фаровон шуда, зеро бофти ичтимоие, ки дар матни аккос ба вучуд меояд, маънои фарҳангии бисёр мутафовите ба акс медиҳад.

Пардаҳои аккосии зиёратӣ. Дар аккосии зиёратӣ муҳимтарин масъала ва меҳвари аслӣ, пасзамина аст. Пешинаи истифода аз парда, ба ановин, пасзамина дар аккосӣ ба ҳамон ибтидои шурӯи аккосӣ бармегардад. Аз илале, ки барои истифода аз парда гуфта шудааст, яке илҳом гирифтан аз наққоши пуртаҷриба ва сипас, роҳе барои ҷудозоии мавзӯъ аз фазои атрофи он ва ҷалби тамоми таваҷҷуҳ ба сужаи мавриди назар будааст, аммо дар аккосии зиёратӣ парда василае барои баёни зебоӣ ва бозсозии дунёи хаёл аст. Пардаҳои зиёратӣ хаёлангезанд, фазоҳои зеҳнӣ ва тахайюлоти мазҳабӣ бо ҳам ҳамроҳ мешаванд, то заминае, ки зоир дар он қарор мегирад, то аз ӯ аксе ба ёдгор боқӣ бимонад, ба рамзгони фарҳангӣ ва мазҳабии ӯ наздик бошад. Гӯё, ӯ аккос дар олами хаёл ва рӯъё гирифтааст. Зоти акс ҳузури воқеиро гӯшзад мекунад ва пардаи дунёи хаёлӣ ва мовароиро дар ҳақиқат, вориди дунёи воқеӣ мекунад. Рангомезии аксҳои сиёҳ ва сафед дар аксхонаҳои ҳарам боргоҳи бисёр роиҷ буд. Маъмулан, пасзаминаи пардаҳоро рангомезӣ мекарданд, то ба воқеияти фазо наздиктар шаванд. Бо вуруди филмҳои ранга ва сабти рангҳо дар аккосӣ дигар ниёзе ба рангомезии аксҳо набуд ва филми ранга дар аксхонаҳои ҳарам-боргоҳ мавриди истиқболи фаровон қарор гирифт. Албатта, дар худи ҳарам тавассути аккосони сайёр ин санъат идома дошт ва баъзе аз аккосон, ки мавқеияте дар Остони Қудси Разавӣ доштанд ва метавонистанд наздикони худро канори гунбад ё манораҳо бубаранд, дар ҳоли зиёрат аз онҳо акс бигиранд. Албатта, баъд аз баогузории мунофиқон дар ҳарами имом Ризо дар соли 1371 аккосӣ дар худи ҳарам комилан мамнӯъ шуд, ба тавре ки бо аккосон бархӯрд мешуд.

Жостҳо, пӯшишҳо ва саҳнаоройӣ дар аккосии зиёратӣ. Ба ҷуз парда аз муҳимтарин обзори аккосии зиёратӣ, саҳнаороиҳо ва либосҳои мазҳабӣ ва жостҳои муштариён аст. Зоирон мехоҳанд, дар тасовир, холисонатарин лаҳзаи зиёратии худро бо жостҳои мазҳабӣ ва ҳолате аз ниёиш ба тасвир кашанд, бо дастаҳои бар рӯйи сина ва ё бо нигоҳи мутавассилона ба боргоҳи ҳазрат ҳарчи пештар худро дар баробари имом Ризо (р) сабт кунанд ва бо доштани ин акс дигаронро дар робитаи рӯҳонии худ шарик кунанд.

Пӯшишҳо ва саҳнаороиҳо ба таҷассуми ҳарчи бештар ба воқеияти зеҳнии мардум кӯмак мекунанд. Либосҳои арабӣ ё либосҳои дарвешон ба ҳамроҳи кашкул ва табарзин ҳама нишонаҳое аст, ки зоирро аз асри худ ҷудо мекунад ва ба гузашта ва зиндагии гузаштагон иртибот медиҳанд, зеро мехоҳад аз ҳайси «Шоҳнома»-и зоҳирӣ низ ба Эрон имом Ризо (р) наздик шавад.

Аз муҷассамаҳое чун оҳу ва шутур барои саҳнаороии аксҳо истифода мекунанд. Шутур аз он ҷиҳат, ки ҳамчун афрод ҳама аср дар рикоби ҳазрат бошад ва оҳу боварӣ аст. Мазҳаби мабнӣ бар он ки имом Ризо зомини оҳуе шавад, ки ба ӯ паноҳ меоварад. Аккос ва муштариён ҳама талош мекунанд зеҳнро ба хидмати устурасозӣ дароваранд. Бо ин акс мехоҳад дигаронро мутмаин созад, ки бо ин сафари зиёратӣ сафаре ба олами дигар кардааст ва ин таҷассуми зеҳниро бо сабти дурбин нишон медиҳад.

Шароити фарҳангӣ ва тағйироти сиёсӣ низ бар ин навъ аккосӣ таъсир гузошт: намунаҳое аз аксҳои авоили инқилоби исломӣ мавҷуд аст, ки ҳарами имом Ризо (р) ҳамроҳи аксе аз имом Ҳумайнӣ ва Оятуллоҳӣ гулпоягоне танзим шудааст. Баъд аз ривоҷи дурбини диҷитол ва истифода аз нармафзори фотошоп ва шакл гирифтани акс дар фазои маҷозӣ нигоҳи мутафовите дар корҳо эҷод шудааст. Пардаҳое, ки пур аз рамзгон ва нишонаҳои зиёратӣ буд, акнун камтар истифода мешавад, пардаҳои зиёратӣ фақат нишонае аз гузаштаи аккосии ҳарами боргоҳҳо дар аккосхона ҳастанд ва бештари мардум хоҳони онанд, ки аксашон бо аккосҳои мавҷуд дар ҳарам, саҳн ва боргоҳ мантажи кампиютерӣ шавад, то онҳо дар фазои воқеитар қарор гиранд.

Сабати воқеият ва ҳузури модии муҳимтар аз фазоҳои зеҳни зоир аст. Дар ин аксҳо нишонаҳо ва жостҳои мазҳабӣ хеле ба нудрат дида мешавад. Акси шахсро ба ҳамроҳи аксҳои мухталифе, ки аз ҳарам мавҷуд аст, тавре мантажи кампютерӣ мекунанд, ки фард канори ҳавз ё соқихона бинишинанд ё канори зареҳ биистанд. Пешрафт ва тағйири фановарӣ ва шакл гирифтани акс дар фазои маҷозӣ ҳол ва ҳавои ин навъ аккосиро тағйир додааст, аммо акси зиёратӣ ҳамчунон дар фарҳанги омма ба фаъолияти худ идома медиҳад.

АДАБИЁТ

1. Ғуломризо Маъсумӣ. Муқаддимае барои асотир ва ойинҳои бостонии ҷаҳон / Ғуломризо Маъсумӣ. - Теҳрон: Сураи меҳр, 1386.
2. Баҳроми Байёзӣ. Намоиш дар Эрон / Баҳроми Байёзӣ. - Теҳрон: Интишороти мутолиоти занон, 1379.
3. Муҳаммадтақии Масъудӣ. Созаҳои Эрон / Муҳаммадтақии Масъудӣ. – Теҳрон: Заорин ва симин, 1389.

4. Насрин Таробӣ. Аккосхонаи айём / Насрин Таробӣ. - Теҳрон: Кулҳар, 1390.
5. Ҷобири Аносирӣ. Султони Карбало / Ҷобири Аносирӣ. - Теҳрон: Заррин ва Симин, 1290.
6. Шайх Муфид. Айвони ахбор-ур-ризо / Шайх Муфид. - Теҳрон, 1390.
7. Рӯйини Покбоз. Наққошии эронӣ / Рӯйини Покбоз. - Теҳрон: Заррин ва симин, 1389.
8. Насрин Таробӣ. Гузорише аз аккосии зиёратӣ дар Машҳад / Насрин Таробӣ // Акс. - 1384.

ВЛИЯНИЕ ЛИЧНОСТИ ИМАМА РЕЗЫ НА КУЛЬТУРУ И ИСКУССТВО ИРАНА

Али Реза - восьмой Имам непорочного семейства Пророка. Время, в котором он жил, было особенным с точки зрения культуры, взглядов и убеждений. В обществе функционировали разные философские школы. Слава о мудрости и обширных знаниях Имама Резы распространилась на большие территории, так что даже немусульманские ученые в разных точках мира жаждали принять участие в собраниях, где проводились научные и религиозные полемики имама, и извлечь из них пользу. В данной статье автор рассматривает влияние личности Имама Резы на культуру и искусство Ирана в современный период.

Ключевые слова: Имам Реза, личность, обширные знания Имама Резы, культура и искусство Ирана.

THE INFLUENCE OF THE PERSONALITY OF IMAM REZA AT THE CULTURE AND ART OF IRAN

Ali Reza - eighth Imam of the pure family of the Prophet. The time in which he lived, was special from the point of view of culture, attitudes and beliefs. In society functioned different philosophical schools. The fame of wisdom and extensive knowledge of Imam Reza spread over a large area, so that even non-Muslim scholars around the world were eager to participate in meetings where held scientific and religious debate of the Imam, and to benefit from them. In this article the author examines the influence of the personality of Imam Reza at the art and culture of Iran in the modern period.

Key words: Imam Reza, personality, extensive knowledge of Imam Reza, culture and art of Iran.

Сведения об авторах: ***Гуломаббос Ориф*** – преподаватель персидского языка и литературы школы города Арок, Иран
Исмоили Муджалали – преподаватель Унтиверситета Аллома Таботабои, Иран

СУННАТИ ҚАСИДАСАРОЙӢ ДАР АШЪОРИ ШОИРОНИ БАДАХШОН

Л. Давлатбеков
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Қасида аз қадимтарин жанри лирикии китобии адабиёти форсии тоҷикӣ маҳсуб шуда, дар робита бо вазъи сиёсиву таърихии даврони мухталиф гоҳо рушду нумӯъ ва гоҳо ба таназзул мувоҷеҳ гардидааст. Ин жанри муҳташами лирикӣ дар эҷоди суханварони нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и Бадахшон вижагии шаклӣ ва мазмуну мавзӯии хосро дорост, ки назири он дар таснифи суханварони манотиқи дигари форсизабонон камтар мушоҳида мешавад.

Қобили қайд аст, ки дар эҷоди жанри мазкур аз тарафи шоирони ин минтақа майли пайравӣ намуданро ба равияи пешгирифтаи қасидасароии ҳаким Носири Хусрави Қубодиёнӣ мушоҳида мекунем. Мусаллам аст, ки қасоиди Носири Хусрав аз дидгоҳи шеършиносӣ ва таркибу устухонбандӣ ду навъ: қасидаҳои комил ва маҳдуд иборатанд ва аз ҷиҳати ҳунари шоирӣ бо камоли устодӣ эҷод шудаанд.

Суннати адабии қасидасароӣ дар фаъолиятҳои эҷодии шоирони нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и Бадахшон–Муборакӣ Вахонӣ, Ҷаъфар, Мулло Лочин, Шоҳфутур, Адими Шуғнонӣ ва ғайраҳо идома меёбад, ки аксари ин қасоид аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа мадҳӣ, вале дар онҳо ниёз ба тааллуқоти моддӣ, ҳирсу тамаъ ва талаби подош, инъому атоҳо аз мамдӯҳ ба назар намерасад.

Муҳтавои марказии ин қасоидро ба монанди як гурӯҳи ғазалиёти ин шоирон муноҷот ба Ҳақтаоллоҳ, тавсифи хонадони Пайғамбари ислом (с) ва аимаи атҳор ташкил мекунад, вале ҳунари шоирӣ дар ин гуна қасида камтар буруз намудааст ва аз ҷиҳати таркиби худ маҳдуд ва қонунияти қофибандӣ низ дар баъзе ҳолатҳо он қадар риоя намешавад:

Гунаҳкорам, гунаҳкорам, Худовандо, ту медонӣ,
Гуноҳи беадад дорам, Худовандо, ту медонӣ.
Зи аввал дар адам будам, ба дунё кард мавҷудам,
Шудам маҒмур, осудам, Худовандо,ту медонӣ.
Дар ин дунёи пурмеҳнат шудам дар хоб, дар ғафлат,
Накардам як замон тоат, Худовандо, ту медонӣ.
Назар кардам ба гӯристон, надидам рӯйи ҳамҷинсон,
Ба хобанд ҷумлагӣ яксон, Худовандо, ту медонӣ [6, 34а].

Ин навъи қасидаҳо аз ҷиҳати теъдоди абёти хеш аз понздаҳ то бисту ду ва гоҳо аз он каму зиёд ҳам шуда метавонанд, ки ба ин гурӯҳ қасидаҳои Шоҳфутур мансубанд, вале қасоиди Мулло Лочин гоҳо аз даҳ мисраъ низ камтаранд.

Дар қасоиди шоирони ин минтақа гоҳо умумияти зуҳури андешаву ҷавлони фикр ва якрангии қолаби гуфтор, инчунин шабоҳати истифодаи таркиботу иборот мушоҳида мешавад. Масалан, қасидаи даҳбайтаи Мулло Лочин, ки дар вазни мисраи дуюми байти савум сакта дорад, аз қасидаи дар боло овардаи Шоҳфутур кам тафовут дорад:

Аз бадтарини халқи ҷаҳонем, ё Худо,
Бадфеълу бадқиёфату гумроҳу русиё(х).
Аз раҳматат умедаму аз феъли худ хароб,
Ё подшоҳи роҳаму раҳман ва раҳнамо.
Умрам бирафт, ҳеҷ надидам з-ин ҷаҳон
Ғайр аз надомату афсӯсу моҷаро.
Ҳамчун сароб буд, бирафтем ташналаб,
Афсӯсу сад дареғ, надидем муддао… [2, 3].

Дар ин навъи қасидаҳо шоирони зикршуда аз гузаштаи бефоидаи рӯзгору дар ғафлату нодонӣ гузаронидани умр, нашинохтани Худованд, умеди лутф аз Худо, пайваста асири нафси аммора будан, тавсифи имомони давр изҳори андеша намудаанд. Зикри имомони давр дар шеъри форсии тоҷикӣ суннати деринаи адабист ва он аз замони фаъолияти адабии Носири Хусрав оғоз мешавад. Муаллифони китоби «Ҳакими суханвар» хусусияти қасоиди ҳакимро арзёбӣ намуда, қайд намудаанд: «аҳёнан якчанд қасидаро дар девони шоир мувоҷеҳ мегардем, ки дар мадҳи Мустансири Биллоҳ-халифаи фотимии Миср ё аҳли байти пайғамбари ислом гуфта шудаанд» [1, 70].

Дуруст аст, ки дар баъзе қасидаҳо ҳаким Носири Хусрав номи имоми даврашро айнан наоварда бошад ҳам, аз андешарониҳояш роҷеъ ба масъалаи бузургдошти ҳикмат, илму тоат, таодул байни олами фониву олами боқӣ, офариниши замону макон ва амсоли инҳо, ки меҳвари асосии нуқтаи назари фалсафию мазҳабияшро ташкил менамоянд, иршодкунандаи муъминонро дар ҳамаи давру замон имом медонад. Дар қасидае, ки бо матлаи

Ба чашми ниҳон бин ниҳони ҷаҳонро,
Ки чашми аёнбин набинад чаҳонро[4, 43].

оғоз мешавад, имомро хозине медонад, ки ин хазина Қуръон аст ва он пур аз маонист ва Паямбар (с) шубонии умматро бад-ӯ супоридааст:

Макону замон ҳар ду аз баҳри сунъ аст,
Аз ин нест ҳадде замину замонро.
Агар гӯйӣ «ин дар Қуръон нест», гӯям
Ҳамоно накӯ менадонӣ Қуръонро.
Қуръонро яке хозине ҳаст, к-Эзид
Ҳавола бад-ӯ кард мар инсу ҷонро.
Паямбар шубонӣ бад-ӯ дод аз уммат,
Ба амри Худой ин рамаи бекаронро [4, 43].

Дар мавриди шоирии Ҳаким Носири Хусрави Қубодиёнӣ донишманди тоҷик Худоӣ Шарифов андешаронӣ намуда, қайд мекунад, ки Хусрав худашро дар шеъраш шоир мешиносад ва аз ҳунараш ифтихор ҳам дорад, вале мақсади шоирии ӯ аз ҳамзамононаш фарқ дорад. Агар шоирони дигар аз шеъраашон фахр мекарда бошанд, ӯ ифтихор ба дин дорад. Ба таъбири дигар, барои ӯ шеър ҳамчун воситаи изҳори матолиби мазҳабӣ ба кор рафтааст, асли мақсад ва мояи ифтихор дин аст[7, 296].

Албатта, шеъриятии шоирони ин минтақа дар баробари шеъри Носири Хусрав қобили қиёс нест, вале муддаои онҳо низ аз шеър ҳамон мақсади ҳаким Носири Хусрав мебошад. Дар як қасидаи Мулло Лочин омадааст:

Сад ҷони ман фидои сагони имоми вақт,
Гар афтадаш қабул, ҳамин аст муддао.
Чун гарди пойи хоки сагонаш ба чашми ман
Кӯҳлалҷавоҳир аст ба монанди тӯтиё.
Лочин асири нафси палид аст назди ту,
Шояд, ба лутфи хеш бубахшӣ ба рӯсиё(х) [2, 3].

Бояд гуфт, ки мавзӯи аксари қасидаҳои шоирони охири асри XIX ва нимаи аввали асри XX-и Бадахшон тавсифи имоми вақт–Мавлоно Султон Муҳаммадшоҳ-Оғохони III мебошад ва аз лиҳози равиши баёни андеша бо ҳам шабоҳат доранд. Ин гуна умумият, ҳатто, бо ашъори шоирони мазҳабии форсизабони Покистони шимолӣ, ки дар мавзӯи мавриди назари мо эҷод гардидааст, ба чашм мерасад.

Яке аз чунин шоирон Насируддини Насири Ҳунзоӣ буда, дар мавзӯи мазкур ашъори зиёде таълиф намудааст, фақат ҳунари шоирӣ дар қасидаи ӯ баландтар ва таркибу ибороти суханаш қавитар аст:

Шоҳ Султон мазҳари нури Худост,
Дар ҳақиқат, мустафою муртазост.

Дар сахову дар каромоту улум
Мисли шоҳи ман дар ин олам куҷост?
…Ҳазрати Султон Муҳаммад шуд имом,
Рӯйи ту оинаи эзиднамост.
Шамъи ҷони ошиқони босафо,
Боғи улфатро гулу зиннатфазост.
Ҷон фидо кун, ай Насири бенаво,
Ҷони ҷони ту амири ду сарост [3, 9].

Агар аз мавқеи муқоиса ин қасидаи Насируддини Ҳунзоиро бо порае аз қасидаи Мулло Лочин ва шоирони дигари Бадахшон қиёс намоем, зоҳиран аз лиҳози баёни матлаб шабеҳи ҳамдигаранд, зеро дар қасидаи Насири Ҳунзоӣ низ имоми давр «мазҳари нури Худо», «дар ҳақиқат, мустафою муртазост», «файзбахш», «соликони дини Ҳақро раҳнамост», «матлаи анвори раҳмат», «он ки нурашро дар ин олам бақост», «ганҷи махфӣ», «нури зоти кибриёст», «рӯй… оинаи Эзиднамост» ва амсоли инҳо номида шудааст, вале тафовут дар ҳунари шоирӣ то андозае вуҷуд дорад, зеро ин қасида аз ҷиҳати истифодаи таркиботу иборот, вожаҳои хос ва умуман, ҳунари шоирӣ баландтар аст. Дар қасоиди шоирони Бадахшон, ки аслан адабиёти музофотиро ташкил медиҳад, бо сабабҳои айнию зеҳнӣ ҷанбаи ҳунарӣ аз мавзӯю мундарича мавқеи дуюмдараҷа дорад. Барои намуна чанд байти қасидаи Мулло Лочин:

Нест дар олам яқин сирри Худо,
Ғайри Султони Муҳаммадшоҳ расо.
Дар азал ӯ буду бошад то абад,
Аввалу охир ҳамин аст моҷаро.
Ғайри ӯ ҳаргиз намедонам касе,
Гар бувад безорам аз вай, ё Худо! [2, 4].

Аз байни шоирони ҳавзаи адабии Бадахшон Адими Шуғнонӣ, ки давраи ҷавонияш то солҳои сиюми асри ХХ дар хоки Бадахшони шӯравӣ ва боқимондаи умри ӯ дар Бадахшони Афғонистон гузаштааст, бо қасоиди худ, ки теъдоди муайянанд, тафовут дорад. Аксари ин қасидаҳо низ дар пайравии қасоиди ҳаким Носири Хусрав эҷод гардидаанд, вале ҳакими суханвар агар аз вазнҳои сангин истифода бурда бошад, Адим бештар вазнҳои матбӯъро ба кор бурдааст, ки бо мусиқии суннатии мардуми кӯҳистон ҳамоҳангӣ доранд.

Мураттиби китоб ва муаллифи сарсухани «Ашки ҳасрат»-и Адими Шуғнонӣ доктор Хушназари Помирзод роҷеъ ба шеъри Адим андешарониҳо намуда, менависад: «Шеъри ин давраи Адим комилан зери таъсири қасоиди ҳаким Носири Хусрав қарор гирифтааст. Ӯ чун салафи рӯҳонияш бо ҷаҳлу нодонӣ дар ситез буда ва қотеона дар муқобили он истодагӣ кардааст. Уқдаҳои қалбашро дар қолаби шеър рехта, аз даҳру фалаки дун нолидаву дар фарҷом шеърашро ба илтиҷову умедворӣ аз Холиқи лоязол расонидааст:

Шудам ҳайрат зи даҳри сифлапарвар,
На ранг аз меҳру на бӯ аз рифое.
Ҳаменолидам аз чархи фусунсоз,
Зи худ кардам суол ин моҷарое.
…Дуруди шаҳсавори қоби қавсин.
Ҳаме бояд пас аз ҳамду саное.
Зи нури ламъаи хуршеди ваҳдат,
Ба мушти хок бахшидӣ зиёе [5, 23].

Дар бисёре аз қасоид Адим айни вазну қофияи Ҳакимро интихоб намудааст. Чунончи, қасидае аз ҳаким Носири Хусрав ба ин матлаъ сурудааст:

Озурда кард каждуми ғурбат ҷигар маро,
Гӯйӣ, забун наёфт зи гетӣ магар маро.

Адим ба айни вазну қофия қасидае иншо намуда, ки матлаи он ин аст:

Набвад ба ғайри кулбаи эҳзон гузар маро,
Ҷуз дарду оху нола намонда асар маро» [5, []23].

Дар қасидаи зери Адим, ки ба назари инҷониб аз ҳикмати шинохти ҳазрати Пайғамбару (с) имоми вақт сухан меравад, дар баъзе абёт тавассути ҳисоби абҷад матлаб баён гардидааст:

Зи нахуст, ҳамд гӯям ба сифоти кибриёӣ,
Ки ягонаи ҷаҳонро насазад ба ҷуз саноӣ.
Зи ҷалоли алҷамолаш натавон маҷоли дам зад.
Нарасида ҳеҷ фикрат ба маротиби ниҳоӣ.
Зи тариқаҳои дигар нарасад касе ба манзил,
Магар он, ки рафта бошад ба тариқи мустафоӣ…
Ба туфайли туст, шоҳо, ҳама коинот бар по,

Ба ту хатми офариниш, ки ту муҳри интиҳоӣ.
Аҳаде ба ақли ҷузвӣ натавон шудан шиновар,
Ки ба жарфбаҳри маънӣ гуҳари гаронбаҳоӣ…[5, 31]

Агарчи анвои дигари қасида аз қабили қасидаҳои хазонияю баҳория, хамрия, фахрия, ҳабсия ва амсоли инҳо дар адабиёти охири асри XIX ва ибтидои асри XX камтар мавқеъ дошта бошанд ҳам, бо вуҷуди ин метавон хулоса намуд, ки дар ин минтақаи тоҷикнишин жанри зикргардида бо назари ақидатию мазҳабии сокинони он идома доштааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Маниёзов А. Ҳакими суханвар / А. Маниёзов, Х. Шарифов. - Душанбе, 2002.
2. Мулло Лочин. Муноҷот ва дигар гуфторҳо / Мулло Лочин. - Покистон, Қарочӣ, 1383.
3. Насириддини Насири Ҳунзоӣ. Ҷавоҳири маърифат / Насириддини Насири Ҳунзоӣ. – Қарочӣ.
4. Носири Х. Девони ашъор / Носири Х. – Душанбе, 2009. - Ҷ.I.
5. Саид Замонуддини Адими Шуғнонӣ. Ашки ҳасрат / Сайид Замонуддини Адими Шуғнонӣ – Ровлпандии Покистон, 1380. - С.23
6. Фотокопияи баёзи Шоҳфутур дар фонди Институти илмҳои гуманитарии АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳ дошта мешавад.
7. Шарифов Х. Рози ҷаҳон / Х. Шарифов. – Душанбе: Нодир, 2004.

ТРАДИЦИЯ СОЧИНЕНИЯ КАСЫДИ В ТАДЖИКСКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ БАДАХШАНА

Таджикская литература имеет давную историю в жизни мултиязычного населения Горного Бадахшана. Эта литература и принималась и создавалась в литературных кружках данного региона. Период второй половины XIX века и первой половины XX века считается самым плодотворным периодом Бадахшанской таджикской литературы. Постредством анализа примеров поэзии данного периода, автор статьи показывает продолжение классических литературных традиций с эстетичесой точки зрения и верования авторов этой поэзии.

Ключевые слова: литература, вид, жанр, стиль, художественный стиль, классическая литература, таджикская литература Бадахшана, художетвенная традиция, композиция.

QASIDA WRITING TRADITION IN THE TAJIK LITERATURE OF BADAKHSHAN

The Tajik literature has deep roots and history in the life of the Multilanguage habitants of Mountainous Region of Badakhshan. This literature well received by the literary societies of this region as well as created by themselves. The second half of XIX and first half of XX centuries are recognized as the most fruitful time of the Tajik Badkhashan literature. Through the analysis of poetical examples of this period the author of the Article shows continuation of the Tajik Literature traditions in the poems of this period from the esthetical points of view and beliefs of their creators.

Key words: literature, form, genre, style, art style, classical literature, Tajik literature of Badakhshan, art tradition, composition.

Сведения об авторе: ***Л. Давлатбеков*** - кандидат филологических наук, доцент, докторант Таджикского национального университета. Телефон: **937-95-49-99, 240-04-50**

НИГОҲИ ТАРАҚҚИХОҲОНА ДАР НАСРИ УРДУ

Ҷовид Холов

Донишкадаи давлатии омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент

Пас аз ҷанги якуми ҷаҳон дар сиёсат, илм, фарҳанг ва дар ҳама соҳоти ҷамъиятӣ таҳаввулоти назаррас падид омад. Ва ин таҳаввулот тасаввуроти насли навро тағйир дода, тахайюлоти онҳоро ба сӯи худ кашид. Мутаносибан нависандагон низ чунин вазъиятро эҳсос намуда, тарзи тасвири тозаро пайгирӣ намуданд.

Маълум аст, ки пас аз соли 1935 дар Ҳиндустон ҳаракатҳои гуногуне амал мекарданд. Ин ҳаракатҳо дар натиҷаи оҳангҳои озодихоҳона ва таъсири воқеаҳои глобалии ҷаҳонӣ ба адибони тараққипарвар рӯ ба тарвиҷ ниҳода буданд. Инкишофи илмӣ, фарҳангӣ ва адабии мағрибиён ва ҷунбишҳои ҷудогонаи фарангиён ба аҳли Ҳинд бетаъсир буда наметавонист. Соли 1932 дар Париж конфронси коргарон баргузор гардид, ки дар он аҳли ҷомеаи тараққипарвар ширкат варзиданд. Баъдан моҳи июни соли 1935 конфронси байналмилалии адибон ба хотири ҳифзи фарҳангу адабиёт доир гашт, ки дар он М. Горкий, А.М.Фостер, А. Малро, Р. Роллан ва намояндагони осиёӣ иштирок доштанд. Саҷҷод Зоҳир ва Мулк Рач Ананд ба ҳайси нозир ба ин конфронс омада буданд.

Пас аз ин конфронс С. Зоҳир ва М.Р. Ананд маҳфили донишҷӯёни ҳиндиро дар Лондон таъсис доданд, ки дар зери таъсири ғояҳои сотсиалистӣ ва инқилоби Рус манифести хешро қабул карданд. Ҳамин анҷуман ба паҳншавӣ ва ҷоришавии идеяҳои тараққихоҳона дар саросари Ҳинд бунёд гузошт. Ба маънии дигар, заминаҳои ҳаракати тараққипарварона ба Ҳиндустон аз мамолики Аврупо нозил гардид. Суҳайли Бухорӣ менависад, ки «Ҳанӯз аз Саҷҷод Зоҳир пештар Ниёзи

Фатҳпурӣ, Қозӣ Абдулғаффор ва Ҷӯши Малеҳободӣ бар зидди мутаассибон ва мазҳабгароён баромада, мавзӯъҳои ахлоқиро дар таълифоташон қайд карда, дар шуур ва зеҳни инсонҳо мавҷҳои нав, ақидаҳои инсонпарварӣ ва тараққихоҳонаро ҷой дода буданд. Саҷҷод Зоҳир, Аҳмад Алӣ, Рашид Ҷаҳон ва Маҳмуд Зафар аз ақидаҳо ва равияи Ҷ. Лоуренс ва Ҷ. Ҷойс мутаассир гашта буданд, ки ин майлонҳо онҳоро аз тасаввуроти мазҳабӣ ва фарҳангии маъмулиашон фарсаҳҳо дур кашида буд. Ба ифодаи дигар, барои пайдоиши ҳаракати тараққипарварон хеле пештар заминаҳои мустаҳкам гузошта шуда буд» [2, 148-49].

Нахустин ҷаласаи тараққипарварон моҳи апрели соли 1936 дар Лакҳнав баргузор гардид, ки дар натиҷа Созмони адибони тараққипарвари Ҳиндустон (САТҲ) таъсис дода шуд. Ин ҷаласа бо сарварии адиби номдори Ҳиндустон Премчанд ва иштироки беҳтарин адибону донишмандони кишвар доир гардид. Ҳадаф аз баргузории ин ҷаласа танҳо ба талаботи замон ва шароити мавҷудаи сиёсиву иқтисодии кишвар мутобиқ намудани таваҷҷуҳи нависандагону шоирон набуд, балки ривоҷ додани илм ва ба назар гирифтани фикру ақидаи ақалият дар ҷомеа ва муттаҳид намудани ашхоси дорои афкор ва маънавиёти баланд, тарвиҷи ақоиди инсонпарварона ва муҳофизат аз нерӯҳои аҳриманӣ дар зери парчами САТҲ низ буд.

Вақте ки ҳаракати тараққипарварон таъсис дода шуд, дар афкори аксар адибони ба ин ҳаракатҳо мансубиятдошта, хоҳу нохоҳ тағйири назар пайдо шуд. Ва ақидаи то ин дам маъмули «адабиёт барои адабиёт» бо шиори «адабиёт барои зиндагӣ» иваз шуда, дар назди адибон вазифаҳои наву пурмасъулият пеш гузошта шуд.

Бояд таъйид кард, ки ҳаракати тараққипарварона дар адабиёти урду бевосита дар зери таъсири ғояҳои марксистӣ нашъунамо меёфт. Ва яқин аст, ки тибқи таълимоти марксистӣ аҳамияти аввалиндараҷа ба инсон ва дунёи модии он дода мешуд. Ва ин таълимот пас аз ғалабаи инқилоби Рус дар Ҳинд мавқеъ ва мақоми хешро боз ҳам мустаҳкамтар намуд. Ин инқилоб барои мардуми бечораву камбағал ва муфлис ба як пояи умед ва орзуву омоли рангин табдил ёфта буд. Зеро, дар таърихи башарият бори нахуст ба инсонҳои хору зор ва коргару деҳқони маҳрум аз ҳуқуқҳои одитарин озодии комил, баробарӣ ва муҳимтар аз ҳама озодии куллии иқтисодӣ дода шуд.

Адабиёт акнун ба ҷойи дарҷ намудани афкори назариявӣ рӯ ба ҷониби тасвир ва таҳияи ҳақиқати зиндагӣ ниҳод. Ин равия дар як муддати кӯтоҳ тақрибан дар аксар адабиётҳои дунё ҷонибдорони худро пайдо намуд. М. Ҳасан менависад, ки: «Ҳаракати тараққипарварона бори нахуст кушоду равшан адабиётро ба ҷойи тасвири афкори подарҳаво ба инъикос намудан ва дарки масъалаҳои ҷамъиятӣ ва дарёфти воситаҳову роҳҳои ҳалли он даъват намуд. Ин гуна роҳнамойӣ ва даъват аз адибон ниқобро аз рӯйи адибони хаёлпараст ва романтик бардошт. Акнун ба ҷойи суханбозиву афкори утопиявӣ адибон ба мазмун ва ҳадафҳои заминии асари бадеӣ рӯ меовардагӣ шуданд» [3, 95].

Пеш аз ҳаракати тараққипарварон дар Ҳинд ҳаракату ҷараёнҳои зиёде арзи вуҷуд доштанд, ки ақидаву мақсадҳои худро дар миёни омма тарғиб менамуданд. Яке аз чунин ҳаракатҳо дар адабиёти урду ҳаракати романтикӣ (романтизм) буд, ки ибтидои пайдоиши ин ҷараён ба охири асри нуздаҳ рост меояд, лекин романтизм ба таври васеъ баъди хотимаи ҷанги якуми ҷаҳонӣ рӯ ба инкишоф намудааст. Ин ҷанг давлатҳои абарқудратро заифу нотавон кард. Аз ҷумла, таъсири хориҷии Англия низ суст шуд. Дар саросари олам мавҷи озодӣ доман паҳн кард. Дар ҷомеа миёни ҳиндуҳову мусулмонон фазои якдигарфаҳмӣ пайдо шуд. Ҳамин фазо дар миёни адибони тараққипарвар низ ба вуҷуд омад. Адибон барои ифодаи афкори идеалӣ ва орзуву омоли мардум рӯ ба ҷараёни романтизм оварданд. Тарҷумаҳои Робиндранатҳ Тҳакур эҳсосоти латифу нозукеро миёни мардум парвариш намуд. Маҳз дар ҳамин давра таълифи афкор тавассути ҷумлаҳои болохонадор ва насри мусаҷҷаъ ба миён омад. Агар Муҳаммад Ҳусейн Озод, Носир Алӣ Деҳлавӣ, Абдулҳалим Шарор субҳи ҳаракати романтикӣ бошанд, ба қавли Анвар Садид «Иқбол ва Абулкалом ба ӯ таҷаллии субҳи содиқро ато фармуданд ва дар давраи Ялдарам, Саҷҷод Ансорӣ, Меҳдӣ Афодӣ, Ҳафиз Ҷаландҳарӣ, Ахтар Шеронӣ ва Ниёз Фатҳпурӣ ин ҳаракат ба арши аъло расид» [1, 431].

Дар байни адибони номбурда Ялдарам тавонист дар романтизми адабиёти урду тарҳи наве дарандозад. «Романтизм ҳам дар шахсияти Ялдарам дида мешавад ва ҳам дар услуби нигориши ӯ» (1, 223, 431)–фикрашро идома медиҳад адабиётшинос Анвар Садид. Ҳанӯз аз айёми ҷавонӣ дар шарёни Ялдарам ақидаҳои романтикӣ ҷорӣ буданд ва оҳиста-оҳиста тахайюли ӯро куллан олами ормоншаҳр фаро гирифт. Ялдарам аз муҳити атрофи хеш норозӣ буд ва ин тарзи зиндагӣ ӯро нороҳат мекард. Бинобар ин, ҳамчун шахс Ялдарам барои хеш олами мувофиқ бо фаҳмиш ва

орзуҳояшро бино кардан мехост. Дар таълифоташ Ялдарам мехоҳад муҳити зери пардамондаи Ҳиндро бо қаҳрамонҳои пурдарду аламаш раҳоӣ бахшад ва ӯ дар ин ҷода маҳз кушоиши ҳақиқатеро мунъакис накардааст, балки муошираті ҷомеавиро ба як маҷрои нав партофтааст. Ва ҳамин тариқ, ахлоқи романтикиро фурӯғи тозае ато кард, ки дар гузаштаи наздик ба аҳли Машриқ қобили қабул набуд. Дар тасвирҳои Ялдарам ҷилваи ҳусн ва қабои ҳусн ба зовияи хосса намудор мегардад. Ялдарам ҳуснро ҳаммаънои хайр ва хайрро ҳаммаънои доди худовандӣ мепиндорад ва аз даруни ӯ наззораи ҳусн бо як валвалаи маънохезе ҷӯшзанон берун меояд.

Дар оғози садаи бистум, дар навиштаҳои Ялдарам ҳамин падида ончунон нодир ва дилкаш буд, ки ҳамзамононаш ва насли баъдина аз он сахт мутаассир гаштаанд. Ҳамин сабаб аст, ки Ялдарамро аз аввалин саромадони давраи инкишофи романтизм дар адабиёти урду мегӯянд.

Намояндаи дигари ҷараёни романтикӣ Ниёзи Фатҳпурӣ дар ҳамин давра садои пуршӯри худро баланд карда, барои шикастани анъанаҳои пешинаи насрнигорӣ дар Ҳинд аввалин кӯшишҳо кардааст. Таълифоти романтикии адиб бевосита бо назари ҳассоси худи ӯ ва то дараҷае бо «Гитанҷалӣ»-и Робиндрантҳ Тҳакур алоқамандӣ дорад. Масалан, дар услуби нигориши нависанда аз лиҳози тасвири кайфияти руҳии чун абр гузарон, партави лутфу карами адабии Тҳакур ба чашм мерасад.

Дар ин давра, албатта, адибони ҷавони соҳибзавқе буданд, вале дар ин равия, дар тарвиҷи ғояҳои адабӣ чандон муваффақ нагаштаанд. Адибон Иноятуллоҳ Деҳлавӣ, Ҷалил Қидвоӣ, Хоҷа Манзур Ҳусейн, Зафар Қурейшӣ, Шоҳид Аҳмад Деҳлавӣ, Файзулҳақ Қурейшӣ, Ҳомид Алихон, Содиқ Хайрӣ, Мансур Аҳмад ва дигарон аз забони англисӣ таълифоти адибони мағрибиро ба урду тарҷума кардаанд. Ҳамаи адибони номбурда дар зери таъсири манзараоро̄ӣ, хобу хаёли романтикӣ қалам мекашиданд. Аз ин хотир, интихоби асарҳои мағрибиён низ аз ин доира берун набуд.

Дар баробари ин адибоне низ буданд, ки дар зери таъсири романтизм асарҳои хубе офаридаанд. Ин ҷо метавон Аҳмад Акбарободӣ, Хон Аҳмад Ҳусейнхон, Ҳаким Аҳмад Шуҷоъ, Обидалӣ Обид, Мисиз Абдулқодир ва Азимбег Чиғатоиро ном бурд. Дар эҷодиёти Аҳмад Акбарободӣ, Хон Аҳмад Ҳусейнхон, Ҳаким Аҳмад Шуҷоъ, Обидалӣ Обид мавзӯи асосӣ ишқу муҳаббати романтикист, ки ҳусну зебоӣ, ҷамоли фитрӣ, тасвири манзараҳои дилрабо фарогири онанд.

Созмонёбии ҷараёни тараққихоҳона ба решаҳои ҷараёни романтикӣ табар зад ва минбаъд адибон аз афкори романтикӣ ба тафаккури воқеӣ рӯ меовардагӣ шуданд. Зеро, адибон дарк карда буданд, ки инқилоби Рус дар такомули ақоиди ҳақиқатзамина ва рӯнамоии зиндагии ҳақиқатбунёд аҳамияти бағоят бузург дошт. Дар зиндагӣ ва таровишҳои он зовияҳои навин арзи вуҷуд карданд, ки ба дарди ҳазорон-ҳазор мардуми табақоти поёнӣ марҳамвор даво мешуданд. Вазифаи адабиёт дар ҷаҳони мавҷуда инъикоси ҳақиқати воқеии аҳди худ мебошад. Адабиёте метавонад ба тафаккури хонанда таъсир расонад, ки дар он шуур ва манзараи ҳамон аҳд ҷилвагарӣ кунад. А.Ҳ. Райпурӣ ба хотири расонидани пайғоми вахдати ҳақиқӣ ва инсонӣ адабиётро пояи асил қабул дошта, мегӯяд: «меъёри дурусти адабиёт он аст, ки тасвири мақсад ва мароми зиндагии инсоният хонандаро мутаассир созад. Барои ба ин ҳадаф расидан, муаллиф бояд сидқан дар дил нияти ба халқ хизмат карданро дошта бошад. Вазифаи ҳар адиби боимон ва инсонпарвар ин аст, ки монеаҳо, хурофотҳо ва аносири шахшудаи қавму миллатро бартараф намуда, ягонагии раванди зиндагӣ ва вахдати миёни мардумро дар осораш таҷассум намояд. Барои нависанда наслу нажод, қавму миллат, ранг, дину ойин аҳамияте набояд дошта бошад ва ӯ бояд аз мухолифини ин унсурҳо ҳимоятгарӣ кунад» [5, 24].

Бояд тазаккур дод, ки намунаҳо ва заминаи ҳақиқатнигорӣ дар адабиёти урду бештар бо номи Сер Сайид Аҳмадхон ва ҷараёни (ҳаракати) Алигарҳ алоқамандӣ дорад. Зеро, Сайид Аҳмадхон бо ҷараёни Алигарҳ дар Ҳиндустон ба ислоҳот ва навгонӣ дар умури мавҷудаи сохтори сиёсӣ ва мазҳабӣ пардохт. Ӯ, махсусан, мусулмононро ба он даъват намуд, ки аз ҳамагуна унсурҳои мазҳабие, ки ба пешрафти ҷомеа халал мерасонанд ва воқеан аз доираи ислом берунанд, даст кашанд ва рӯ ба ҳастии воқеӣ ва ҳақиқат оваранд. Пас аз ин, адибони доираи Анҷумани Панҷоб ба тасвири мавзӯоти рӯзмарраи ҷамъиятӣ, фарҳангӣ, ахлоқӣ, илмӣ ва адабӣ оғоз намуданд.

Чи хеле ки қайд карда шуд, пеш аз авҷи ҷараёни тараққипарвар романи урду чандин марҳилаҳоро тай намуда, ба як жанри мустақил ва ҷолиби таваҷҷуҳи адибону хонандагон табдил ёфта буд. Ва Премчанд ба ин жанр қабои нав, нигоҳи нав ва такони наве ато кард, ки дар он ҳавову навои мувофиқ ба аҳди нависанда ҷойгузин шудааст. Яъне, то таъсиси ҷараёни тараққипарвар дар романи адабиёти урду ҷанбаи ҳақиқатнигорӣ арзи вуҷуд дошт. Адибони тараққипарвар саъй намуданд, ки ба он обуранги тоза ва сайқали мазбут диҳанд. Ва ин маъноро Саҷҷод Зоҳир ба сурати

зайл иброз доштааст: «Мо мехоҳем, ки дар Ҳиндустон адабиёти навин масъалаҳои асосӣ ва дардноки моро мавзӯи аслии тасвир қарор диҳад, ки гуруснагӣ, ифлосии сиёсӣ, пастии ҷамъиятӣ ва ғуломии инсонҳо аз асоситарини онҳоянд. Мо алайҳи ҳамагуна таълифотем, ки ҷомеаро ба сӯйи бечорагӣ, инқироз ва сарватпарастӣ мекашанд. Дар ин ҷода, мо аз тамоми воситаҳои танқидӣ, ки қаламамон ба истифодаи он имкон дорад ва боиси ислоҳи ҷомеа ва пешрафти он мегардад, даст нахоҳем кашид» [4, 16].

САТҲ ба тезӣ дар саросари кишвар ҳамовозии гарму ҷӯшон пайдо кард. Адибони зиёде ӯро хайрамақдам гуфтанд: Премчанд, Ҷӯши Малеҳободӣ, Доктор Абдулҳақ, Обид Ҳусайн, Фироқ Горакҳпурӣ, Алӣ Аббос Ҳусайн, Кришан Чандар ва даҳҳо дигарон. Иқбол низ кӯшиши Саҷҷод Зоҳирро қобили таҳсин донист. Созмони адибони тараққипарварро нависандагони дигар забонҳои Ҳиндустон хуш пазируфтанд. Ҳар адиб мекӯшид, ки дар пешрафту нумӯи ҷараёни нав саҳм гузорад. Аз ҷумла, Маҷнуни Горакҳпурӣ камбудиҳои адибони тараққипарварро бо мақолаҳои танқидиаш ошкор мекард. Фироқи Горакҳпурӣ тавассути ашъораш онро ҳифз мекард. Бояд қайд кард, ки дар ин ҷода адибони ҷавон низ ҳиссаи босазо гузоштанд. Аз ҷумла, Кришан Чандар, Маҷози Лакҳнавӣ, Ҷоннисор Ахтар, Упендранатҳ Ашк, Аҳмад Аббос, Саодат Манто, Исмат Чиғатоӣ , Рачендра Сингҳ Бедӣ, Саид Эҳтишом Ҳусейн, Ҳаётуллоҳ Ансорӣ ва чанде дигарон. Он замон Саҷҷод Зоҳир, Рашид Ҷамол, Файз Аҳмад, Доктор Таъсир, Алим Аҳмад Алӣ, Ахтар Ансорӣ таълимро ба итмом расонида буданд. Онҳо тахайюлоти романтикии холис надоштанд, балки вазифаи хешро дар назди кишвар, мардуми он, ояндаи он ба хубӣ дарк мекарданд. Бо вуҷуди ҳамаи ин, дар тарзи ифодаи афкор дар миёнашон тафовуте ҷой дошт. Тибқи навиштаҳои Сардори Ҷаъфарӣ «Чанде тарафдори аҳимса[††] буданд (Ҳаётуллоҳ Ансорӣ), чанде Неҳруро қаҳрамони худ қарор дода буданд (Аҳмад Аббос), чанди дигар ҷонибдори ҳизби коммунист буданд (Саҷҷод Зоҳир), чанде бо сиёсати мамлакат муносибате надоштанд (Манто)» [4, 185]. Лекин ҳамаашон мақсади ягона доштанд, халосӣ аз тарзи фарсудаи зиндагӣ.

Ба Созмони адибони тараққипарвари Ҳиндустон, махсусан, ду-се соли аввал аз ҳар тараф фишор оварда мешуд. Қувваҳои иртиҷоӣ баҳри он мекӯшиданд, ки бо туҳмату бухтонҳо мавқеи созмонро дар байни омма паст намоянд. Ҳатто, яке аз рӯзномаҳои англисзабони ҳиндустонӣ «Стейтмен» ташкилкунандагони анҷуманро бо он айбдор кард, ки гӯё онҳо зери афкори сотсиалистӣ монда, дар зери парда афкори болшевиконро тарғиб мекунанд.

Солҳо сипарӣ шуданд. Аксарияти ҷавонони тараққипарвар адибони баркамол гаштанд. Баъзеҳо чун Доктор Таъсир, Аҳмад Алӣ созмони адибони тараққипарварро тарк гуфтанд, вале қатъӣ назар аз ин, пайваста мавқеи созмони адибони тараққипарвар мустаҳкам гашта, тарафдоронаш бештар мешуданд. Адибон асарҳои дорои рӯҳияи нав меофариданд. «Шабе дар Лондон»-и Саҷҷод Зоҳир, «Тилисми хаёл»-и Кришан Чандар, «Мусибати ҳайратовар»-и Ҳаётуллоҳ Ансорӣ ва ғайраҳо. Баробари таълифи асарҳои тоза адибон ба кори тарҷума низ пардохта, осори рӯҳбахшу барои ҷомеа муҳимро ба забони урду мегардониданд.

Соли 1938 дар Калкутта ҷаласаи дувуми Созмони адибони тараққипарвари Ҳиндустон баргузор гардид. Ҷаласаро бо суханони муқаддимавӣ Робиндранатҳ Тҳакур кушод. Нотиқон зимни гузоришҳои хеш камбудиву пешрафтҳои созмонро тазаккур дода, роҳҳои бартараф сохтан ва ҳамчунин вазифаҳои минбаъдаи адибонро муайян намуданд.

Адибони тараққипарвар мардуми Ҳиндро ба озодӣ даъват менамуданд. Зиндагии бадбахтонаву қашшоқонаи халқ дар ин адабиёт чун ойина инъикос ёфта, сабаби аҳволи бади рӯзгори мардум нишон дода мешуд. Мавҷи озодӣ чун мадду ҷазр хурӯш дошт. Дар ин давра, яъне солҳои 1941-42 ба адабиёти урду адибони нав ба мисли Аҳмад Надим Қосимӣ, Азиз Аҳмад, Кайфи Азимӣ, Вомиқ Ҷонпурӣ, Ибодат Барелвӣ, Зоҳир Кашмирӣ, Маҷрӯҳ Султонпурӣ, Маҳендранатҳ, Ҳансраҷ Раҳбар, Одил Рашид, Мумтоз Ҳусейн, Ҳадича Мастур, Балвант Сингҳ, Шоҳид Сиддиқӣ, Пракаш Пандит ва даҳҳо дигарон қадам ниҳоданд.

Мухтасар метавон гуфт, ки фазои тағйирпазири сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар аз бисёр ҷиҳатҳо ба романнигорон таъсир расонид. Ҳақиқати ҳол, воқеияти зиндагиро ба маърази хонандаи асар расонидан аз ҳадафҳои аввалиндараҷаи адибони ин давр буд.

Ба шарофати ҷараёни тараққипарвар печидагиҳои ҷомеа, кашмакашҳои иҷтимоӣ ва бесарусомониҳои онро адибон ба риштаи қалам кашиданд. Пас аз он, дар ин давра зовияҳои бешумори техникаи романнигорӣ аз адабиёти ғарб ба романи

[††] Ҷараёнест, ки ҳама гуна зӯриву кушторро маҳкум менамояд

урду, таъсири худро расонид. Мисоли равшани онро мо дар романи «Шабе дар Лондон»-Саҷҷод Зоҳир мебинем.

А Д А Б И Ё Т

1. Anvar Sadid. Urdu adab ki mukhtasar tarikh / Anvar Sadid. - Islamabad: Muqtadira qaumi zaban, 1991. – 287 с.
2. Bukhari Suheil. Urdu navalnigari / Bukhari Suheil. - Lahor: Maktabai jamia, 1960. – 243 с.
3. Hasan Muhammad. Adabi tanqid / Hasan Muhammad. - Lucknau, 1973. – 142 с.
4. Jafri Ali Sardar. Taraqipasand adab / Jafri Ali Sardar. – Aligarh: Taraqi Urdue Hind, 1957. – 231 с.
5. Raipuri Akhtar. Adab aur inqilab / Raipuri Akhtar. – Bambay: National House, 1977. – 263 с.

ПРОГРЕССИВНЫЕ ВЗГЛЯДЫ В ПРОЗЕ УРДУ

Целью данной статьи является изучение сложной и противоречивой обстановки 30-х годов прошлого века и ее отражение в произведениях литераторов урду. Развитие литературы урду шло в двух направлениях: модернизм и прогрессивное течение. В статье рассматривается возникновение и становление прогресивного течения в литературе урду, основателем которой является Саджад Захир и его соратники.

Ключевые слова: прогрессивное течение, создание АППИ, новый взгляд, развитие прогрессивной прозы, новый жанр, независимость Индии, борьба за свободу.

PROGRESSIVE THOUGHTS IN URDU PROSE

To this article is to examine the complex and contradictory environment 30-ies of the last century and its reflection in the works of writers of Urdu. Development of Urdu literature was going in two directions: modernism and progressive movements. The article describes the emergence and development of progressive movement for the Urdu literature, founded by Sajjad Zahir and his supporters.

Key words: progressive movement, creating an Assosiation of Indian Progressive Witers, new thought, development of progressyive prose, a new genre, the independence of India, the fight for freedom.

Сведения об авторе: ***Дж.Ш. Холов*** – кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикской филологии Таджикского педагогического института в городе Пенджикент.Телефон: **(+992) 920-97-88-08, 927-59-54-74.**E-mail: **javeed@bk.ru**

Ж У Р Н А Л И С Т И К А

НИГОҲЕ БА МОҲИЯТ ВА ВАЗИФАҲОИ МАТБУОТИ СОҲАВӢ

Илҳомҷон Ҳамидов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Матбуоти соҳавӣ беш аз сад сол аст, ки вуҷуд дорад, вале танҳо дар даҳсолаи охир барои воситаҳои ахбори омма воқеан падидаи назаррас шуд.

Муҳаққиқони амрикоӣ қайд мекунанд, ки дар солҳои охир обрӯю нуфузи матбуоти соҳавӣ то ҳадде шудааст, ки аллакай матбуоти «классикӣ» ё худ «анъанавӣ» аз реклама ва теъдоди нашр зарар мебинанд ва ба як қатор мушкилиҳо рӯ ба рӯ мешаванд.

Чунин инкишоф наметавонад бидуни дастгирӣ бошад. Акнун бозори ниҳоят пурқувват ва калони нашриётӣ ташаккул ёфта истодааст ва ҳадафи он маҳз хизматгузорӣ ба чунин намуди матбуот мебошад [1, 6].

Нумӯи шиддатноки нашрияҳои соҳавиро муҳаққиқони амрикоӣ бевосита бо дастовардҳои охирини соҳаи маркетинг алоқаманд медонанд, аз ҷумла бо инкишофи технологияи CRM (customer relationship management–идоракунии муносибатҳо бо ҳамкорону ҳамкасбон).

Ин чунин маъно дорад, ки алоқаҳои телефонӣ ва электронии доиман аз иттилои мизоҷ пурбудаи «бозпас» имкон медиҳанд, то нуқтаи охирин перомуни хислати истеъмолбарандагони мол ва одатҳои дар вақти харид содиркардаи онҳо дақиқ матраҳ гардад. Ин, дар навбати худ, барои рушди стратегияи самараноки коммуникатсионӣ замина мегузорад.

Стратегияи аниқе, ки бо истифода аз технологияи CRM дастрас шудааст, ба каналҳои коммуникатсионии дигар эҳтиёҷ дорад. Ширкат иттилооти муҳим ва бэкграунди иттилоотии заруриро тавсия карда, ин маълумотро ба нафарони муайяншуда мефиристад ва натиҷаи мусбатро интизор мешавад.

Татбиқи стратегияи коммуникатсионӣ бо истифода аз майдончаҳои рекламавӣ ва эфири ВАО-и «анъанавӣ», метавонад натиҷаи хуб ва дилхоҳ диҳад, вале новобаста ба ин, мутобиқи тадқиқоти сотсиологҳо, яъне муайян кардани аудиторияи ҳар як нашрия, нашри иттилооти рекламавӣ дар ВАО-и «анъанавӣ» ҳамеша боиси нигаронии якчанд омилҳо мешавад:

1. Дар сурати ҷой додани реклама дар ВАО-и «анъанавӣ» барои ширкат нигоҳ доштани жарфияти худ душвор мегардад, зеро дар саҳифаҳои маҷалла ва газетаҳо рекламаи хеле зиёд дарҷ мегардад ва дар натиҷа, маълумоти нашркардаи ширкат барои аудиторияи зарурӣ ноаён мемонад.

2. Чун қоида, аудиторияи ВАО-и «анъанавӣ» нисбат ба нафароне, ки иттилооти дар ин ё он маҷалла нашршуда барояшон нигаронида шудааст, васеътар мебошад. Аз ин ҷост, ки маблағи барои реклама масрафкардаи ширкат таъсири дилхоҳ намедиҳад.

3. Дар сурати ҷо кардани реклама дар ВАО-и «анъанавӣ» ширкат имкон надорад, ки ба рубрикаҳо ва маводҳои дар ҳамсоягии рекламааш қарордошта таъсир расонад, яъне бэкграунди иттилоотиро ташкил карда наметавонад.

4. Дар сурати ҷо кардани реклама дар ВАО-и «анъанавӣ» ширкат имкон надорад, ки доираи паҳншавии иттилоъро назорат барад. Барои баланд бардоштани натиҷаи стратегияи коммуникатсионии татбиққунандаи ширкат ташкили ВАО-и соҳавӣ метавонад мусоидат намояд.

Ташкили чунин нашрия ба корхона ҳақиқати комилро кафолат медиҳад ва ҷиҳати паҳн кардани маълумоти рекламавӣ бэкграунди манфиатбори иттилоотиро муҳайё мекунад.

«Сабаби истифодаи ВАО-и соҳавӣ–ин ташкили гуфтугӯйи ошкоро бо мизоҷон, таъмини саҳеҳияти иттилооти паҳншуда, кам кардани хароҷот барои чорабиниҳои рекламавӣ, набудани рақибон дар бозор, ҳамоҳанг сохтани мақсаду мароми худ бо мақсаду мароми ҷомеаи тиҷоратӣ» [2, 386].

Ассотсиатсияи амрикоии оҷонсиҳои нашриявӣ (APA, Association of Publishing Agencies) соли 2007-ум бо мақсади омӯзиши таъсири маҷаллаҳои соҳавии барои мизоҷон пешбинишуда ва муайян кардани фаъолияти истеъмолӣ таҳқиқоти махсус гузаронид. Дар баробари баррасии муносибати истеъмолгарон ба фаъолияти корхона, таҳқиқот муайян кард, ки нашри маҷаллаи соҳавӣ, масалан, дар савдои чакана, ба 15% афзоиши даромад ва аз ҷиҳати маркетологӣ ба пешбурди брэнди ширкат кӯмак мерасонад [3, 1].

Ҷиҳати нашри ВАО-и соҳавӣ имрӯз дар Амрико 24%-и маблағҳои буҷетии корхонаҳо, ки барои фаъолияти маркетологӣ ва рекламавӣ пешбинӣ шудаанд, масраф мегардад. Дар ҳамин ҳолат, 39%-и ширкатҳо минбаъд низ ҳаҷми муайяни хароҷотро барои нашри ҷаридаи соҳавӣ дар назар доранд [4, 1].

Дар муддати 15 соли охир дар Тоҷикистон як зумра тағйироту дигаргуниҳо ба амал омаданд, аз ҷумла, дар соҳаи ВАО, дар қатори матбуоти давлативу шахсӣ як зумра нашрияҳои нав ба майдон омаданд. Профессор М.В. Шкондин қайд мекунад: «Ҷиҳати инкишофи демократии воситаҳои ахбори омма нақши асосиро сохтори рушдкунандаи муътадил мебозад, ки ба гурӯҳи аудиторияи гуногун нигаронида шудааст. Ин унсур ба ҳама тааллуқ дорад: ҳам ба гурӯҳҳои истеҳсолӣ-касбӣ, ҳам ба аудиторияи занонаю мардона, ҳам ба имтиёзҳои гуногун ва ҳам ба гурӯҳҳои дигари маълумотӣ» [5, 104].

Дар ин миён метавон ВАО-и соҳавиро ҷудо намуд, ки яке аз рукнҳои асосии ба танзим даровардани коммуникатсияи дохилии корхона маҳсуб мешавад. Пайдоиши онҳо бошад, бевосита марбут аст ба падид омадани дигаргуниҳои иқтисодӣ дар ҳаёти ин ё он кишвар ва ҷудо кардани (шудани) як қатор принсипҳои нав барои инкишофи тиҷорат (бизнес). Ин тағйироту принсипҳо зери мафҳуми «фарҳанги соҳавӣ» ва «этикаи соҳавӣ» фаҳмида мешаванд.

Яке аз омилҳои дигаре, ки ҷиҳати рушди матбуоти соҳавӣ мусоидат кардааст, ин ба қисмҳои хосса ҷудо кардани ҷараёни иттилоотӣ мебошад. Дар кишварҳои ғарб перомуни ин бобат фаҳмиши дигаре ҳам вуҷуд дорад–матбуоти корӣ (деловая пресса). Инкишофи матбуоти соҳавӣ низ қисми ҷудонопазири инкишофи матбуоти корӣ аст. Матбуоти корӣ худ натиҷаи рушди бизнес-коммуникатсияҳо ва бозор маҳсуб мешавад. Ҳар қадар сатҳи иттилои махсусгардонидашуда боло (баланд) бошад, ҳамон қадар арзиши бозории он афзун мегардад [6, 57].

«Медиаҳои корпоративӣ–механизми нимфунксионалие ҳастанд, ки вазифаи асосиашон аз мусоидат кардан, ҷиҳати коркарди қоидаҳои барои кулли кормандон якнавохт ва фалсафаи соҳавӣ иборат аст. Кормандони қаторӣ боянд перомуни ҳадафҳои дар пеш истодаи корхонаи худ маълумоте дошта бошанд. Ин як қисми фарҳанги дохилии соҳавӣ аз як ҷониб ва роҳи пешбурди чорабиниҳои тарғиботӣ (рекламавӣ) аз ҷониби дигар мебошад» [7].

Дар Аврупо имрӯз якчанд намуд ва типҳои матбуоти соҳавӣ мавҷуд аст. Масалан, дар Фаронса истилоҳи «la presse de l'entreprise» («матбуоти ширкат, корхона») васеъ истифода бурда мешавад, ки зери ин мафҳум пеш, аз ҳама, нашрияи дохиликорхонавӣ фаҳмида мешавад. Дар коммуникатсияҳои амрикоӣ номҳои «company newspaper» (айнан «газетаи корхона»), «employee magazine» («маҷалла барои кормандон»), «industrial publication» ва дигарон васеъ корбаст мешаванд ва ин номҳоро бе ягон ҷиҳатҳои фарққунанда истифода мебаранд [7].

«Бо мақсади таъсир гузоштан ба қарорҳои ҳокимият корпоратсияҳо шабакаҳои миллӣ, соҳавӣ ва вилоятии ассотсиатсияҳоро ташкил мекунанд, то манфиатҷӯйӣ характери ҳарчи амиқу равшан ва ҳамфикриро доро бошад. Ба ғайр аз ин, ширкатҳо коммуникатсияҳоро ба танзим медароранд, зеро онҳо мехоҳанд оммафаҳм ва кушод бошанд. Онҳо воситаҳои ахбори оммаи соҳавиро ташкил мекунанд, ки ба ҳайати кормандон, сармоягузорон, саҳҳомон ва муштариёни худ таъсир расонанд. Дар ин миён сиёсати фаҳмондадиҳии вазифаҳо ва қадамҳои фаъолияти корхона роли аввалиндараҷа мегирад» [8, 25].

Дар анъанаи Британия кабир зери ҳар як мафҳум ягон навъи нашрия фаҳмида мешавад: «house journal» (номи умумӣ ва бештар паҳнгардида аст, ки нашрияро ба сифати матбааи чопӣ ва ё корхона муаррифӣ мекунад), «work magazine» (нашрияи дохиликорхонавӣ) ва «house organ» (нашрия барои ҷамъияти беруна). Ҳамин гуна гурӯҳбандии амиқ низ, дар таҷрибаи коммуникатсияҳои олмонӣ ба назар мерасад. Дар ин ҷо мафҳумҳои «Werkzeitschriften», «Hauszeitschriften», «Kundenzeitschriften» мавриди истифода қарор гирифтаанд.

«Соли 1958 Конференсияи президентҳои ассотсиатсияҳои миллии муҳаррирони матбуоти соҳавӣ, аъзоёни FEIEA (Federation of European Industrial Editors Associations) мафҳуми «house organ»-ро расман барои ифодаи матбуоте қабул кард, ки ба доираи истеъмолгарони дохилии корхона нигаронида шудааст» [8, 31].

Дар ҳамин ҳол, ҳангоми перомуни ВАО-и соҳавӣ ҳамчун ҷараёни нашриётӣ сухан рондан, дар забони англисӣ зуд-зуд мафҳумҳои «custom publishing» ё «bespoke publishing» корбаст мешавад. Ин мафҳумҳои бештар машҳуре ҳастанд, ки мавҷудияти ВАО-и соҳавиро маънидод мекунад.

Қайд кардан зарур аст, ки мафҳуми «corporate media» бо шарҳи боло ҳеҷ қаробате надорад. Мафҳуми мазкур дар муқобили «public interest media» истифода шуда, маънои системаи фаъолияткунандаро дар бозори медиакорпоратсияҳои калон медиҳад. Манфиати ин бозор бошад, пеш аз ҳама, ба афзун намудани даромаднокии

сармоягузорон ва саҳҳомон ниҳон аст, на дар ичрои роли гӯё марбут ба ВАО-будаи «ҳокимияти чаҳорум» [9].

Дар натичаи таҳқиқот олимони соҳа вазифаи аввалиндарачаи ВАО-и соҳавиро дар унсурҳои зерин дидаанд:

1. Дар бораи кори ширкат ба кормандон пайваста маълумот дода, роҳҳои минбаъдаи барои рушд нигаронидашударо фаҳмонидан. Ба сохтори маълумотдиҳӣ баррасии амиқи вазифаҳо ва стратегияи пешгирифтаи корхона ҳам шомил мешавад.

2. Перомуни навигариҳои ба фаъолияти корхона воридшуда сари вақт иттилоъ расонидан.

3. Фаъолияти фаҳмондадиҳиро ба роҳ мондан ва ба ин восита, мусоидат кардан ба афзоиши меҳру садоқат ба касбу кор, мустаҳкамкунии мафҳуми «оила»-и ягона ва ҳамкорӣ. ВАО-и соҳавӣ бояд барои идораи захираҳои ақлонӣ ва ҷалби кормандони зарурӣ, барои менеҷменти ширкат кӯмак расонанд.

4. ВАО-и соҳавӣ таҷрибаи пешрафтаи истеҳсолотро омӯхта, манфиату зарурати воридоти онро ба фаъолияти корхона нишон медиҳад ва барои қабули он ҳамаи чораҳои фаҳмондадиҳиро пурсамар ба роҳ мемонад.

5. ВАО-и соҳавӣ барои касбикунонии кормандон кӯмак мерасонад: ҳайат бояд меъёри қабулшудаи ичтимоиву фарҳангиро дар корхона риоя намояд, бо мурури вақт ба қаринаи муносибатҳои соҳавӣ ворид гардад ва фарҳанги таҷрибавиро омӯзад.

6. Дар ВАО-и соҳавӣ алоқаи дурусти додугирифт ба роҳ монда шудааст.

7. ВАО-и соҳавӣ ҳайати кормандонро оид ба чорабиниҳои ичтимоии корхона, барномаҳои грантӣ, хайриявӣ, сармоягузорӣ ва дигар фаъолият хабардор мекунад.

8. ВАО-и соҳавӣ яке аз омилҳои бунёди доираи оптималии коммуникатсионии фаъолияти PR аст: мизоҷон, саҳҳомон, ҳайати шахсии кормандон, аудиторияи дигар.

9. ВАО-и соҳавӣ ҳамеша дастрасанд [10, 211].

Ба андешаи инҷониб, рӯйхати вазифаҳоро бояд ҳарчи бештар васеъ намуд. Ташкили ВАО-и соҳавӣ яке аз роҳҳои асосии тарғиб ва фурӯши маҳсулоти истеҳсолкардаи корхона аст. Ин вазифа новобаста ба шакли нашрия (дохилӣ, берунӣ) амал мекунад.

Ба ғайр аз ин, як маълумот боиси таъкид ва омӯзиш аст, ки дар шароити муосири буҳрони молиявии ҷаҳонӣ (дар ҳоле ки аз сафи кормандони ширкатҳои калон ҳазорҳо нафар ихтисор мешаванд), корпоратсияҳо мекӯшанд, то захираи иттилоотии соҳавиашонро дар мисоли ВАО нигоҳ доранд. Ин далел боиси он аст, ки дар шароити кунунии буҳронӣ роли ВАО-и соҳавӣ ҳамчун олоти коммуникатсионии рӯйирост (ошкоро) зиёд мешавад ва вазифаи нашрияҳои соҳавӣ ба сифати ба танзиморандаи чорабиниҳои зиддибуҳронӣ, аз ҷониби корхонаҳо баҳои арзанда гирифта истодааст.

Имрӯз барои дуруст дарк кардани вазифаҳои воситаҳои ахбори омма дар Тоҷикистон телевизион, радио, матбуот ва интернетро ба гурӯҳҳои хосса ҷудо мекунанд. Дар баробари мавҷудияти воситаҳои ахбори оммаи давлатӣ, ҳамчунин, воситаҳои мухобиротии ҳизбӣ, ҷамъиятӣ, соҳавӣ, гурӯҳӣ ва шахсӣ ба чашм мерасанд.

Дар ин миён зарур аст, ки махсусан таваҷҷуҳро ба ВАО-и соҳавӣ мутаваҷҷеҳ созем. Ин гунаи васоити ахбор аз доираи қолабҳои дилбазан ва шахшудаи шӯравӣ берун омада, суханаш нерӯ ва вазифаҳои навро бар дӯш мегирад, ки ин ҳама боиси нигаронии аҳли ҷомеа гардидааст.

Воситаҳои ахбори оммаи соҳавӣ бо забону жанрҳо ва вазифаю кадрҳои худ хеле тез рушд мекунад. Имрӯз дар тамоми ҷаҳон, аз ҷумла дар Тоҷикистон, журналисти ВАО-и соҳавӣ будан барои нигоранда аз бисёр ҷиҳат манфиатовар аст, яъне ӯ (журналист) ба ҷуз аз ҳунару маҳорати журналистиаш, боз донишҳои иловагӣ мегирад, аз ҷиҳатҳои мусбату манфии соҳаи фаъолиятдоштааш бештар бархӯрдор мегардад, ба истилоҳи имрӯза журналисти ҳаматарафа ва оҷилӣ мешавад. Ва аз ин ҷост, ки аз уҳдаи ичро намудани ҳадафҳое мебарояд, ки имрӯз бар дӯши ВАО-и соҳавӣ вогузор гардидаанд–пиёда кардани сиёсати таблиғотӣ ва ё PR-и корхона.

Агар оид ба нуфузи воситаҳои ахбори оммаи соҳавӣ сухан кунем, бояд гуфт, ки имрӯз ин шохаи ВАО пеш аз ҳама ду ҳадафро бар дӯши худ мегирад:

1. Ба шакли муайян даровардан ва ташаккул додани фарҳанги соҳавӣ;
2. Ба роҳ мондани функсияи дохилии PR-и корхона.
3. Ин вазифаҳо дар бештарини маврид он гоҳ назаррасанд, ки агар якчанд корхонаи калон тобеи як ширкати дигар бошад. Дар ин маврид, ВАО-и ширкати асосӣ ҳангоми баррасии ягон масъала дар яке аз корхонаҳои тобеъ кормандони дигари корхонаҳоро низ, ба ҳаллу фасли масоил ҷалб месозад. Ҳамин тариқ, фарҳанги соҳавӣ дар ширкат мавриди ичроиш қарор мегирад.

Бо истифода аз воситаҳои ахбори оммаи соҳавӣ ба корчӯёни нав моҳияти кор, талаботи роҳбарият ба коргар, сиёсати пешгирифтаи корхона ва баъзе ҷиҳатҳои дигари ахлоқиву маънавии қабулшударо зуд метавон омӯзониду фаҳмонид.

Дар сурати дуруст ва нишонрас ба роҳ мондани кори ВАО-и соҳавӣ ширкати муассис метавонад ҳамаи дастаҳои фишанги идоракуниро ҳам дар дохил ва ҳам берун аз он дар дасти худ дошта бошад, яъне корхона метавонад ба ҳамаи каналҳои мухобиротӣ, аз ҷумла овозаҳои дохилӣ, таъсири амиқе расонида бошад ва онҳоро назорат барад.

Масалан, вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1997 ҳафтаномаи «Нақлиёт»-ро таъсис дода, муассиси он шуд. Бо истифода аз нигоштаҳои танқидиву таҳлилӣ кормандони ҳавопаймою қатораҳое, ки дар хатсайрҳои байналхалқӣ ҳаракат мекунанд, нисбат ба дигар ҳамкорони худ ба куллӣ тағйир ёфтанд. Ҳам пиндор ва ҳам гуфтору рафтор дар байни кадрҳои хатсайрҳои байналмилалӣ акнун хеле фарқ мекунад. Ин ҳам маънои ба нишон расидани тири ҳафтаномаи соҳавӣ аст.

Ва ниҳоят, бо ёрии воситаҳои ахбори оммаи соҳавӣ имкон дорад, ки корро дар муассиса боз ҳам ҷонноктар гардонида, ҳамкоронро ҳавасманд намуд, яъне «зудтар, баландтар, қавитар». Дар урфият мегӯянд, ки ҳама чизро метавон харид, вале обрӯро не. Аз ин рӯ, барои корманди ширкати калон (соҳиби ягон гуна ВАО) дидани тасвиру мусоҳибаи худ дар саҳифаи рӯзнома, шунидани садояш дар радио ва ё тамошои чеҳрааш дар экрани телевизор муҳимтар аст аз миқдори муайяни подошпулӣ. Вақте ки як ҳамкор акси (садо, чеҳраи) рафиқи худро дар ВАО-и соҳавӣ мебинаду мешунавад, ӯ низ ҳаракат мекунад, ки соҳиби чунин обрӯ бошад. Обрӯе, ки ҳам аҳли дӯстону рафиқон ва ҳам аҳли оила аз ӯ ифтихоре дошта бошанд.

Воситаҳои ахбори оммаи соҳавӣ–яке аз омилҳои ба тартибоварандаи муносибатҳои дурусти корхона бо ВАО-и «беруна» ва журналистони дар онҳо фаъолиятдошта мебошад. Иттилооте, ки барои истифодаи дохилӣ паҳн гардидааст, бештар ба ҳақиқат монанд аст ва ба он метавон зуд бовар кард [11, 34]. Дар ҷаҳони муосир як зумра мисолҳое ҳастанд, ки бо ёрии паҳн кардани иттилоот дар ВАО-и соҳавӣ, ширкат масъалаҳоеро ҳал ва мушкилотҳоеро рафъ намудааст, ки бартараф намудани онҳо бо истифода аз рекламаҳои берунӣ ва харҷи маблағҳои калон ҳам ғайриимкон менамуд.

Яке аз вазифаҳои дигари воситаҳои ахбори оммаи соҳавӣ–муаррифии ширкат дар ҳар гуна чорабиниҳои беруна аст. Масалан, дар намоишгоҳи байналхалқии корхонаҳои иқтисодӣ, ки соли 2007 дар шаҳри Душанбе баргузор гардид, Ориёнбонкро дар баробари шуъбаву идораҳои дахлдораш ҳафтанома ва маҷаллаи «Ориёно»-аш муаррифӣ намуданд.

ВАО-и соҳавиро ҳамчунин сафири ҳадафҳои нек ва доимии корхона меноманд ва дар ин ҷо ягон ҷиҳати норӯшан нест. Дарвоқеъ, агар умуман назар кунем, шаҳрванд аксар вақт (на ҳамеша) аз воситаҳои ахбори оммаи одӣ чӣ мегирад? Маълумот дар бораи харобиҳо, обхезиву тӯфонҳо, ҷангу куштор, костагиҳо, ҳолатҳои фавқулодда, таҷовуз, ғорат, дуздӣ ва ҳоказо.

Вале, дар воситаҳои ахбори оммаи соҳавӣ ӯ чиро мебинад? Мақсадҳое, ки ба ҳадаф расидаанд; вазифаҳое, ки амалӣ шудаанд; марраҳое, ки аллакай гузаштаанд; фатҳи баландиҳое, ки пештар сурат гирифтаанд ва ниҳоят–эътимод ба оянда.

Шаҳрванд дарк мекунад, ки оқибати на ҳама кор ноилоҷӣ будааст. Акнун ӯ мефаҳмад: одамоне ҳастанд, ки ба пеш қадам мезананду барои беҳтар кардани зиндагӣ чора меандешанд. Ин одамҳо на танҳо аз саҳифаҳои газетаву экрани телевизор табассум мекунанд, балки бо ӯ дар кӯча, ошхона, утоқи дигар… рӯ ба рӯ меоянд. Дар ин вақт шаҳрванд худро қисми ҷудонопазири кори умумӣ медонад, мавқеи худро дар ин ҷаҳони калону пурҳайрат дарёфт мекунад. Ин аллакай вазифаи ҷамъиятикунонии ВАО-и соҳавӣ ва ҳатто бештар аз он–равонӣ ва таъсиркунӣ мебошад.

Имрӯз садоҳое ба гӯш мерасанд, ки воситаҳои ахбори оммаи соҳавӣ метавонанд ВАО-и шаҳриву ҷумҳуриявиро иваз намоянд ва ин шӯҳӣ ҳам нест. Аллакай, мо мебинем, ки аксарияти корхонаҳои калони муассис дар миқёси шаҳру ҷумҳурӣ барои ба фурӯш гузоштани нашрияҳои соҳавии худ тадбир меандешанд. Аз сабаби он ки муҳтавою таъсири чунин нашрияҳо имрӯз беҳадаф нест, онҳо бо дигар ВАО пурра рақобат мекунанд. Мисоли равшани гуфтаҳои боло ҳафтаномаҳои «Адабиёт ва санъат», «Омӯзгор», «Нақлиёт», «Боҷу хироҷ» ва ғайра аст.

Аз ин ҷост, ки воситаҳои ахбори оммаи соҳавӣ боз як манбаи дигари даромадро пайдо мекунанд, ки он қаблан танҳо ба ВАО-и беруна дастрас буд–реклама. Имрӯз оҷонсиҳои рекламавӣ ба ширкатҳои соҳиби ВАО-и соҳавӣ пешниҳод мекунанд, ки миқдори муайяни ҷойро барои рекламаи беруна ҷудо намоянд. Шояд ин оғози роҳе бошад, ки дар интиҳояш боз як намуди ВАО–воситаҳои ахбори оммаи соҳавӣ ҳамчун тиҷорат (бизнес) пайдо шавад [11, 59].

Аз гуфтаҳои боло метавон хулоса кард, ки шароити имрӯзаи иҷтимоиву иқтисодӣ барои рушду инкишофи матбуоти соҳавӣ ҳамаҷониба мусоидат менамояд. Навъи зерини матбуот вазифаҳои гуногунро, ки рӯйхаташ пайваста пурра мегардад, иҷро мекунад, зеро дар сурати омили ниҳоят муҳимми ширкат будани матбуоти соҳавӣ, он ба иҷрои вазифаҳои гуногунҳаҷм, масалан танзимкунандаи чорабиниҳои зиддибуҳронӣ, қодир аст.

Дар зер барои маълумоти мукаммал бо истифода аз сарчашмаҳои дастраси иттилоотӣ ва интернетӣ ин нақшаро меорем:



А Д А Б И Ё Т

1. Custom Publishing: Opportunities Abound For B2B Publishers. The Publishing & Media Group, 2003.
2. Друкер Питер Ф. Практика менеджмента / Друкер Питер Ф. – Киев, 2002.
3. APA Advantage Study (сентябри 2007 с.)
4. Custom media 07: Special Advertising Section of Advertising Age. Association of Publishing Agencies, 2007.
5. Шкондин М. Система средств массовой информации как фактор общественного диалога / М. Шкондин. – Москва, 2002.
6. Мурзин Д. Феномен корпоративной прессы / Д. Мурзин – Москва, 2005.
7. Дегтяренко Д. Корпоративные издания в России. Виды, функции, задачи / Д. Дегтяренко // Среда. 2002. - № 8, 9.
8. Горчева А. Корпоративная журналистика / А. Горчева. – Москва, 2008.
9. Кривоносов А. Корпоративная пресса на Западе: история и типология / А. Кривоносов // PRдиалог. 2002. - № 5, 6.
10. Mc Chesney Robert. Rich Media, Poor Democracy / Mc Chesney Robert. - University of Illinois Press, 1999.
11. Хамидов И. Корпоративные СМИ: гипотезы, парадигмы и взгляд в современность / И. Хамидов – Душанбе, 2012.

ВЗГЛЯД НА СУЩНОСТЬ И ФУНКЦИИ ОТРАСЛЕВОЙ ПЕЧАТИ

В статье анализируются функции и перспективы развития отраслевых СМИ. На мировом примере автор констатирует факт, что отраслевые средства массовой информации имеют исторические корни и являются инструментом не только управления (менеджмента), но и маркетинга.

Анализу подвергаются и некоторые республиканские издания, которые смогли за короткий срок найти не только своего читателя, но и укрепить свой авторитет в качестве «деловых» газет.

Ключевые слова: отраслевая печать, Таджикистан, корпорация, PR, менеджмент, маркетинг.

VIEW OF ESSENCE AND FUNCTION OF THE BRANCH PRESS

In article it is analyzed functions and prospects of development of branch mass media. On a world example the author establishes the fact that branch mass media have historical roots and are the tool not only managements (management), but also marketing.

Also some republican editions which could find for short term not only the reader are exposed to the analysis, but also strengthen the authority on quality of "business" newspapers.

Key words: branch press, Tajikistan, corporation,PR, management, marketing.

Сведение об авторе: ***И. Хамидов*** – кандидат филологических наук, доцент кафедры ТВ и радиовещания факультета журналистики Таджикского национального университета. Телефон: **(+992) 919-70-81-70**

МАВҚЕИ ЖАНРИ ОЧЕРК ДАР ТЕЛЕВИЗИОН

З. Муъминҷонов
Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода

Очерк ба гурӯҳи жанрҳои публитсистикаи бадеӣ дохил шуда, дар телевизион ба таври васеъ истифода бурда мешавад. Агар дар жанри лавҳа як лаҳзаи ҳаёти инсон ва ё табиат инъикос гардад, дар жанри очерк барои кушодани симои қаҳрамон лаҳзаҳои зиёди хотирмони ҳаёти инсон бо тарзи табиӣ ва бо бадеият нишон дода мешаванд. Агарчи дар матбуот ва радио низ жанри очерк бисёр истифода шавад ҳам, вале ин жанр бештар ба табиати телевизион мувофиқ аст. Дар матбуот ва радио муаллиф лаҳзаҳои ҳаёти қаҳрамонро бо бадеият тасвир менамояд, дар телевизион бошад, бо навори табиӣ, матни кӯтоҳи бадеӣ ва истифодаи интершуму мусиқии мувофиқ пешниҳоди бинанда мегардад.

Дар байни олимони соҳаи журналистика ва адабиёт то ба имрӯз баҳси жанри очерк меравад. Адабиётшиносон исбот карданӣ мешаванд, ки очерк жанри адабиёт аст. Дар асл бошад, жанри очерк ба жанри ҳикоя наздикӣ дорад, вале жанри адабиёт нест. Ҳарчанд нависандагон аз ин жанр васеъ истифода мебаранд, услуби очеркнависиро васеъ истифода мекунанд. Фарқияти жанрҳои публитсистика ва адабиётро бо чунин хусусиятҳо муайян намудан мумкин аст. Дар очерк воқеа ва факту рақами ҳаётӣ бо ҷои аниқ, вақти муайяни содиршавӣ ва одамони ҳақиқӣ бо номи ҳақиқӣ ба таври бадеӣ инъикос мегардад. Дар адабиёт шояд воқеа ва факту рақам ҳақиқӣ ва ҳаётӣ бошад, вале ҷой, вақт ва номи қаҳрамон аз тарафи нависанда иваз карда шуда, мувофиқ ба тахайюли муаллиф лаҳзаҳои нав илова карда мешаванд. Тахайюлу бофтаҳои нависанда барои барҷаста баромадани асар васеъ истифода бурда мешаванд.

Қаҳрамони жанрҳои адабиёт образи бадеӣ буда, тавассути тахайюлоти муаллиф офарида мешавад. Агар прототипе дошта бошад ҳам, вай аксаран бо ному фамилияи худ номбар намешавад. Баръакс, қаҳрамон ва воқеаҳои дар жанрҳои публитсистӣ инъикосшаванда шахси аниқ ва воқеаи ҳақиқӣ бояд бошад. Бадеият танҳо ҳамчун ҷузъи пуркунанда барои ҷолиб ва диққатҷалбкунанда баромадани мавод хизмат мекунад. Тамоми тахайюлоти муаллиф такя ба факту рақам ва воқеаҳои мушаххаси ҳаётӣ сохта мешаванд ва набояд сохтакорӣ истифода шавад, вагарна талаботи жанрӣ вайрон мегардад. Агар нависанда дар эҷоди тахайюл пурра озод бошад, баръакс журналист басо маҳдуд аст.

Очерк ба жанри лавҳа монанд аст, ҳар дуи ин жанр бештар дар бораи ҳаёти инсон мебошад, вале аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Агар дар лавҳа тариқи як ё ду лаҳза характери қаҳрамон кушода шавад, дар очерк лаҳзаҳои зиёди ҳаёти қаҳрамон истифода мегардад. Таърихи ташаккули характери қаҳрамон маҳз дар очерк сурат мегирад.

Дар очерк воқеа ва лаҳзаҳои истифодашаванда бояд ба касби асосии қаҳрамон дахл дошта бошанд. Вале, дар лавҳа лаҳза ва ё воқеае, ки тасвир мегардад, ҳатмӣ нест, ки ба касби асосии каҳрамон дахл дошта бошад. Очеркро бидуни проблема тасаввур кардан душвор аст, аммо дар лавҳа ин муҳим нест ва бе проблема низ таҳияи лавҳа мумкин аст.

«Баъзан дар саҳифаҳои матбуот материалҳое пайдо мешаванд, ки дар онҳо роҷеъ ба ҳаёти ин ё он шахс нақл карда мешавад. Мухбир кӯшиш мекунад, ки ҳар он чизеро дар хусуси ӯ медонад, хоҳ ба давраи кӯдакиаш рост ояд, хоҳ ба давраи ҷавониаш, нависад. Мутаассифона, ба чунин материалҳо ҳам рубрикаи «очерк» мегузоранд, ки ин албатта, ноҷо аст. Ё баръакс, муҳаққиқоне ҳам ҳастанд, ки маводҳои бе адресу бе қаҳрамони ҳаётиро ба сифати очерк номбар мекунанд, ки ин низ қобили қабул нест» [1]. Асоси очеркро факти ҳаётӣ ташкил медиҳад. Муаллиф бо иловаи бадеияти ҳаётӣ ба он обу ранг ва зебоӣ мебахшад. Аз ин рӯ, барои таҳияи очерки телевизионӣ маҳорати баланди эҷодӣ ва касбияти журналистӣ зарур мебошад.

Агар репортаж асоси публитсистикаи иттилоотиро ташкил диҳад, очерк асоси публитсистикаи бадеиро. Дар очерк на натиҷаи фаъолияти инсон, балки ҷараёни фаъолият ва инсон ҳамчун субъекти фаъолият хеле муҳим мебошад. Ҳатто, дар ҳолати ягон воқеа асоси очерк будан ҳам, тасвир ва пешниҳоди навор аз тарафи муаллиф бо мақсади дар фони ин воқеа кушодани хислату характери инсон меравад. «Агар репортаж ин таърихи воқеа бошад, пас очерк таърихи характер аст» [2].

Хусусияти муҳимми жанри очерк дар он зоҳир мешавад, ки дар он бобати шахсони аниқ, бо факту рақамҳои мушаххас, василаи воқеоти аниқи рухдода бо лаҳзаҳои ҳаётиро ба тарзи бадеӣ на нақл, балки тасвир карда, ҷаҳони ботинии

қаҳрамон кушода дода мешавад. Тасвири бадеӣ, ки бо обу ранг ва зебо пешниҳод мегардад, диққати хонандаи матбуот, шунавандаи радио ва бинандаи телевизионро ба худ ҷалб мекунад. Дар ин мавзӯъ профессор Асадулло Саъдуллоев чунин мегӯяд: « публитсистика ин сухани эҷодии муаллифӣ буда, маҳз ба хонанда (сомеъону бинандагон) равона шудааст (зеро иттилои иҷтимоӣ дорад). Агар нутқ фасеҳ, пурмазмун ва бо асноди ҷадид саршор бошад, воситаҳои тасвирро барои ҷолибсозии сухан кор фармояд, бешубҳа дар иҷтимо бетаъсир нахоҳад монд» [3].

Яъне, инсон ҳамеша аз сухани хушку холӣ ва расмӣ дида, ба сухани бообуранг, сухани зебо, сухани лутфомез таваҷҷуҳ мекунад. Матни бо сабки бадеӣ иншошуда дар матбуот, сухани бобадеият қироатшуда аз радио ва матни бадеии бо мусиқӣ мувофиқ дар телевизион ҳамеша хонанда, шунаванда ва бинандаи худро меёбад. Дар жанри очерк публитсистика бо бадеият омехта гашта, рангу бӯйи зебо мегирад, диққати ҳамагонро ба худ мекашад. Муаллифи очерк ҳаёти ҳақиқиро чунон бо бадеият даромезад, ки аз ҳадди тавозунӣ нагузарад. Ҳақиқат ба тахайюли муаллиф мубаддал нагардад.

«Очеркнавис метавонад ва бояд лаҳзаҳои ҳаёти қаҳрамонро ба таври худ такмил диҳад, пурқувват кунад, зеро очерк нусхабардории рӯякии ҳаёт нест, яъне очерк сурат не, расм аст, лекин барои он ки лаҳзаҳо сохта нанамоянд, ба ҷараёни ҳаёти қаҳрамон зич пайваст шаванд, нависанда бояд қаҳрамонашро нагз донад, омӯзад» [4].

Дар очерк ҷараёни шаклгирии характеру хислати инсон инъикос мешавад. Муаллифи очеркро зарур аст, ки қаҳрамони худро тавассути лаҳзаҳои ҳаётӣ, бо факту рақам шаклгирии характерашро нишон диҳад, на ин, ки гӯяд. Бадеият дар очерк бояд мавқеи муайян дошта бошад. Лозиму нолозим истифодаи он сифати очеркро поён мефарорад. Истифодаи монолог, муколама, интершум, матни бадеӣ, лаҳзаҳои навории табиӣ, мусиқии мантиқан ба матн ва лаҳзаҳо мувофиқ хусусиятҳои хоси фарққунандаи очерк аз дигар жанрҳои гурӯҳи публитсистикаи бадеӣ ба шумор мераванд.

Дар аксарияти очеркҳо ба калимаҳои «ман» ва ё «мо» дучор омадан мумкин аст, ки ин унсури пуркунандаи очерк мебошад. Ин иштироки муаллифро дар воқеаҳо таъкид намуда, таъсирнокӣ ва ҳаққонияти фактро нишон медиҳад.

Очерки телевизионӣ ба се намуд ҷудо мешавад: очерки портретӣ (симоӣ), очерки проблемавӣ ва очерки сафарӣ. Агар дар очерки портретӣ ба ҷои аввал симои шахс барояд, дар очерки проблемавӣ проблема ва ё мушкилии рӯзмарра меистад. Дар очерки сафарӣ бошад, хулосаи муаллиф ба ҷои асосӣ мебарояд.

Хусусияти хосси очерки портретӣ дар он зоҳир мешавад, ки шаклгирии характери қаҳрамон тавассути лаҳзаҳои ҳаётии табиӣ бо усулҳои гуногун: мусоҳиба ва ё суҳбати портретӣ, истифодаи видеокамераи пинҳонӣ, маводи бойгонӣ, бо наворгирии табиии дурударози лаҳзаҳои муҳимми ҳаёти қаҳрамон ба даст оварда мешаванд.

Хусусияти хосси очерки проблемавӣ бошад дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф иштирокчии бевоситаи мавзӯи муҳокимашаванда буда, ба рафти ҳалли он таъсир мерасонад. Хусусияти таҳқиқии ин жанр бештар дар ҳамин намуди очерк–очерки проблемавӣ ба назар мерасад.

Хусусияти асосии очерки сафарӣ ин мавзӯи он мебошад. Муаллиф он чиро, ки дидааст, вобаста ба ягон мавзӯъ ва ё ягон проблема асосиашро ҷудо намуда, бо мақсади муайян онро истифода мебарад. Бо ҳамин хусусият очерки сафарӣ аз сафарномаҳо фарқ мекунад. Дар сафарнома бошад муаллиф ҳар он чизеро, ки дар сафар дидааст ва ё шунидааст, бо хурдтарин ҷузъиёташ нақл мекунад.

Хулоса, очерки телевизионӣ жанрест, ки аз имкониятҳои публитсистика ва бадеият васеъ истифода мебарад. Асоси очеркро образи инсони ҳақиқӣ ташкил медиҳад, ки ному нишонии ҳаққонӣ дорад. Бадеият ва тахайюлот дар очерк то андозае истифода мегардад, ки факту рақам ва воқеоти ҳаётӣ вайрон нагардад. Бадеият ва истифода аз ҷузъҳои алоҳидаи гурӯҳҳои жанрҳои иттилоотӣ, таҳлилӣ ва ҳам публитсистикаи бадеӣ дар доираи муайян боиси рангоранг, зебо, дилнишин, таъсирбахш баромадани очеркҳои телевизионӣ мегарданд. Агар муаллиф хусусиятҳои хоси ин жанрро хуб донад ва бо касбият очерки телевизионӣ таҳия намояд, инсонҳоро ба роҳи созандагӣ, ташаббускорӣ ва ҳаётдӯстӣ талқин хоҳад кард.

А Д А Б И Ё Т

1. Усмонов И. К. Жанрҳои публитсистика / И.К. Усмонов. – Душанбе, 2009. – 95-96 с.
2. Кузнецов Г. В. Телевизионная журналистика / Г. В Кузнецов [и. др.]. – М.: МГУ, 2002. – 202 с.
3. Саъдуллоев А. Жанри маърифатомӯз / А. Саъдуллоев. – Душанбе, 2008. – 33 с.
4. Усмонов И. К. Жанрҳои публитсистика / И.К. Усмонов. – Душанбе, 2009. – 100 с.

МЕСТО ЖАНРА «ОЧЕРК» НА ТЕЛЕВИДЕНИИ

В данной статье рассматривается анализ жанра телеочерка. Автор на основе научных трудов в области тележурналистики доказывает особенности этого жанра на телевидении.

Ключевые слово: портрет, эпизод, человек, герой, художественность, фантазия, автор, жизнь, красота, творчество.

THE PLACE OF THE GENRE OF THE ESSAY ON TV

This article covers the analysis of the genre documentaries. The author on the basis of scientific works in the field of TV journalism proves features of this genre on the TV.

Key words: portrait, episode, person, the hero, artistry, fantasy, author, life, beauty, creativity.

Сведения об авторе: ***З. Муминджонов*** - кандидат филологических наук доцент кафедры журналистики телевидения ТГИИ им. М.Турсунзаде, докторант кафедры истории и теории журналистики и электронных СМИ РТСУ, первый заместитель директора Государственного учреждения «Телевизиони пойтахт».
Телефон: **93-505-14-63. zulfiddin.m @ mail. Ru**

ПРОБЛЕМАҲОИ ЖУРНАЛИСТИКАИ МУОСИРИ ТОҶИКИСТОН

М. Муқимов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Журналистикаи муосири Тоҷикистон дар иртибот ба рушди ҷомеа мувоҷеҳи мушкилоти гуногун мебошад, ки аз ҳалли онҳо бунёди ҷомеаи демократӣ вобаста аст.

Проблемаи аввал, ин вобастагии иқтисодии ВАО аз маблағгузорӣ мебошад. Мушкилоти мазкур имрӯз аксари ВАО-ро домангир буда, ба муҳтавони он таъсири амиқ гузоштааст. Яъне ҳар он касе, гурӯҳе, ки ВАО-ро маблағгузорӣ мекунад, ба мавзӯъ ва мундариҷаи он дахолат мекунад ва муҳтавои нашрия аз иродаи сармоягузор вобастагӣ дорад. Сарпарастон лаҷоми идораи ВАО-ро дар даст дошта, фаъолияти онро вобаста ба манфиати худ равона мекунанд.

Всеволод Богданов, раиси Иттифоқи журналистони Русия дар Рӯзи матбуот- 13 январи соли 2012 аз мушкилоти мазкур изҳори нигаронӣ карда, ба ОИ «Интерфакс» гуфтааст, ки «Воқеан ҳам, чунин фишороварӣ вуҷуд дорад ва он аз ҷониби политтехнологҳо, сохторҳои иртибот бо ҷомеа тавассути маблағгузорӣ аз ҷониби соҳибони ин ВАО сурат мегирад. Мутаассифона, ин амали нангин бештар маврид истифода мешавад» [1]. Ҳамин аст, як гурӯҳи ВАО аз рӯи супориши сармоягузорон фаъолият карда, ба муштариён ҳамон иттилоъро пешниҳод мекунанд, ки ба манфиати фармоишгарон аст. Мутаассифона, ин амал дар Тоҷикистон низ ба назар мерасад.

Бояд гуфт, ки ВАО-и давлатӣ аз муассисони худ вобастагии зиёд дошта, аз хати маши онҳо берун намеравад. Ба қавли сармуҳаррири рӯзномаи «Московский комсомолетс» Павел Гусев ВАО-и минтақавӣ аз ҳукумати маҳаллӣ вобастагии зиёд дорад. Ин гуфтаҳоро метавон ба ВАО-и Тоҷикистон низ нисбат дод. Воқеан, он ВАО ки дар маҳалҳо фаъолият доранд, новобаста аз шакли моликияташон ҳеҷ гоҳ бар зидди ҳукуматдорони маҳаллӣ намебароянд ва ҳамеша бо онҳо муросо мекунанд. Зеро демократия аксаран дар марказ-пойтахт аст, дар маҳалҳо бошад, «хӯҷаин»-ҳо дигару тавонотаранд.

Қобили зикр аст, ки феълан матбуоти хусусӣ аксаран инҳисор гардида, ба ягон соҳибкор тааллуқ доранд ва фаъолияти онҳо аз муассис вобаста аст.

Ба ақидаи журналисти америкоӣ, муассис ва сармуҳаррири рӯзномаи «The eXile» (то июни соли 2008 дар Маскав чоп мешуд) Марк Эймс, бозори ВАО дар наздиктарин фурсат аз ҷониби сохторҳои маҳаллии олигархӣ таҳти назорат гирифта мешавад ва рисолати асосии онҳо тарғибот мегардад.

Проблемаи дуюме, ки ВАО гирифтор аст, ин афзоиши маводи тарғиботии ғайриқонунӣ мебошад. Имрӯз дар барномаҳои телевизион ва дар саҳифаҳои матбуоти Тоҷикистон ва дигар кишварҳои пасошӯравӣ маводи рекламавӣ ва тарғиботии ғайриқонунӣ зиёд нашр мешаванд. Муассис, журналист ё корманди шӯъбаи реклама бо муштариён аксаран шартномаи даҳонӣ баста, маводи тарғиботиро пулакӣ чоп

мекунанд. Дар ҳамин ҳол нашрия намегӯяд, ки ин мавод хусусияти рекламавӣ дорад ва албатта, аз даромади мазкур молиёт пардохта намешавад. Мутахассиси соҳа албатта, маводи фармоишии тарғиботии ғайриқонуниро пай мебарад, вале аксари муштариён тарғиботи мазкурро намефаҳманд ва ба он бовар мекунанд. Ҳол он ки мувофиқи моддаи 5-уми Қонуни ҶТ «Дар бораи реклама» (2003) «реклама бояд бе донишҳои махсус ё бе татбиқи воситаҳои техникӣ, бевосита дар лаҳзаи пешниҳоди он сарфи назар аз шакл ё воситаҳои истифодашавандаи паҳнкунӣ, маҳз ҳамчун реклама шинохташаванда бошад» [2].

Чунин амали ғайриқонунӣ қариб дар ҳамаи расонаҳо ба назар мерасад. Масалан, саҳифаи 16-уми ҳафтаномаи «Омӯзгор» аз 24 феврали соли 2012 қариб пурра аз эълону реклама иборат аст, вале дар маводе, ки ба доруҳо бахшида шудаанд, реклама қайд нашудааст. Ҳол он ки дар ин мавод хусусияти шифобахшии доруҳо ва суроғаи дастрас кардани онҳо гуфта шудааст.

Раиси Иттифоқи журналистони Русия Всеволод Богданов дар бораи тарғиботи ғайриқонунии расонаҳо мегӯяд, ки «Дар аксари кишварҳои рушдкарда реклама аз соҳаи журналистика ҷудо аст ва инро масалан, дар Олмон ҳеҷ тасаввур кардан мумкин нест». Воқеан ҳам, дар Аврупои Ғарбӣ ва ИМА шуъбаи реклама аз бахши журналистии редаксия ҷудо аст ва барои тарғиботи ғайриқонунӣ муҷозот муқаррар шудааст. Ҳаргиз ягон журналист фикри онро намекунад, ки ягон маводи тарғиботии ғайриқонунӣ навишта, пул гирад. Мутаассифона, вақтҳои охир ин амали ноҷо дар журналистикаи тоҷик ба як кори муқаррарӣ табдил ёфта истодааст. Барои чоп ё пахши мавод ҳатман маблағе ситонида мешавад. Гумон накунед, ки мактубҳои саркушода, ё таҳқиқоти журналистӣ ройгон нашр мешаванд. Имрӯз бе манфиат дар ВАО қариб чизе ба нашр намерасад. Тибқи қонун бошад, рекламаи пинҳонӣ манъ аст. Аз ҷумла, мувофиқи моддаи 5-уми Қонуни ҶТ «Дар бораи реклама» «Ба воситаҳои ахбори омма барои ҷойгиронии реклама ҳамчун маводи иттилоотӣ, таҳрирӣ ё таълифӣ гирифтани маблағ манъ аст» [2].

Проблемаи сеюми ВАО-и муосир, ин паст шудани сатҳи маводи журналистӣ ва афзоиши «жожгӯӣ» дар пардаи телевизиону мавҷи радио ва саҳифаҳои матбуот аст. Имрӯз дар телевизиону радио барномаҳое пахш мешаванд, ки аз нигоҳи касбӣ хеле суст таҳия шудаанд. Баъзан онҳо аз такрору пургӯиҳо иборат буда, гапфурӯшие беш нестанд. Агар матни ин барномаҳоро ба ягон нашрия пешниход бикунӣ, албатта, бе таҳрир ба табъ намерасонад ва ё умуман аз чопи он даст мекашад. Чунин маводи пастсифат дар матбуоти хусусии оммавӣ низ зиёданд. Сол то сол барномаҳои пастсифату камарзиш аз қабили шоу ва мусоҳибаҳо, барномаҳои таърифии тарғиботии ғайриқонунӣ дар телевизионҳо зиёд шуда истодаанд. Ҳамзамон нашрияҳои «зард»-и оммавӣ бозори матбуотро инҳисор карда истодаанд. Ҳамин аст, ки дар телевизион барномаҳои маърифатӣ кам шудан дорад. Тиражи газетаҳои иттилоотиву таҳлилӣ низ коҳиш ёфта истодааст. Сабаби паст шудани сатҳи маводи журналистӣ ва афзоиши «жожгӯӣ» ба афзоиши теъдоди ВАО ва дараҷаи пасти касбияти журналистон иртибот мегирад. Солҳои охир бо афзоиши теъдоди ВАО ниёз ба журналистон зиёд шуда, онҳое сари кор омаданд, ки таҷрибаи амалию малакаи зарурӣ надоштанд. Ин навжурналистон, ки як қисмашон мактаби журналистиро нагузаштаанд, қобилияти таҳияи барномаи комилу диданиро дар телевизиону радио надоранд, дар матбуот бошад, ин тоифа маводи пурмуҳтавою хондани навишта наметавонанд.

Ҳамчунин паст будани маоши журналистон низ яке аз сабабҳои камарзиш будани маводи ВАО мебошад. Журналистони пуртаҷриба ба маоши кам, ки ба таъмини рӯзгорашон намерасад, кор намекунанд. Дар ҳамин ҳол на ҳамаи редаксияҳо имконияти пардохти маоши арзандаро доранд. Ҳамин аст, ки ҳайати эҷодии расонаҳоро кормандони камтаҷриба ва донишҷӯён ташкил медиҳанд, ки омодаанд ба маоши ночиз ҳам кор кунанд.

Проблемаи чорум, ин паст будани сатҳи касбии журналистон аст. Дар боло оид ба паст будани сатҳи маводи журналистӣ ва иртиботи он ба кадрҳои рӯзноманигорӣ

ҳарф зада будем. Феълан кадрҳои журналистӣ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии Хуҷанд, Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа, Донишгоҳи давлатии Хоруғ, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб, Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ва Коллеҷи ҷумҳуриявии фарҳанги ба номи П. Буйдоқов омода карда мешаванд. Мутаассифона, аксари ин макотиби олӣ базаи таълимии зарурӣ ва устодони соҳибкасб надоранд, ки ин албатта, ба ҷараёни таҳсил таъсири манфӣ мерасонад.

Ҳар вақте ки маро сармуҳаррири ягон нашрия бинад, ҳатман аз он шикоят мекунад, ки дараҷаи омодагии касбии хатмкардаҳои шуъбаву факултаҳои журналистика паст аст. Ман ҳам ба онҳо розӣ мешавам, зеро воқеан, танҳо 20-25 фоизи хатмкардаҳои макотиби олӣ чун журналист кор карда метавонанд. Агар ин нишондиҳандаро бо солҳои охири даврони шӯравӣ муқоиса кунем, он баръакс хоҳад шуд. Албатта, ин ҳолат дар ҳамаи ихтисосҳои макотиби олии Тоҷикистон ба назар мерасад, ки ин дарди ҷомеа аст. Сабаби ин, пеш аз ҳама дар он аст, ки ба донишкадаҳо бо ҳар роҳу восита онҳое қабул мешаванд, ки саводи казоӣ надоранд. Аз ҷониби дигар, ин тоифа худ хоҳиши журналистшавӣ надоранд ва барои ин кӯшиш ҳам намекунанд.

Ана, ҳамин аст, ки ба ВАО нафарони камтаҷриба ё тасодуфӣ роҳ меёбанд. Шоири Халқии Тоҷикистон, Камол Насрулло дар мусоҳибааш ба ҳафтаномаи «Тоҷикистон» (23 феврали соли 2012)) дар бораи забони матбуот гуфтааст, ки «…теъдоди рӯзномаву маҷаллаҳо хеле зиёд аст, вале теъдоди рӯзноманигорони босавод камтар…». Камол Насрулло пешниҳод мекунад, ки «Дар ҳар нашрия ҳатман бояд як-ду нафар мутахассиси босавод, муҳаррири хуб дар сари кори таҳрир бошад».

Проблемаи панҷуми ВАО, ин амнияти журналистон аст. Солҳои охир рӯзноманигорӣ ба касби хатарнок табдил ёфтааст. Ба маълумоти СҶ Press Emblem Campaign (PEC) Соли 2011 дар ҷаҳон 106 журналист кушта шудааст, ки ин нисбати соли пешин 1 нафар зиёд аст. Соли 2009 бошад, дар ҷаҳон 122 журналист кушта шуда буд, ки нишондиҳандаи баландарин тӯли 5 соли охир аст.

Ба иттилои СБҶ «Хабарнигорони бидуни марз» (Reporters Without Borders) соли 2011 1044 корманди ВАО боздошт шуданд, 1959 нафари дигар мавриди ҳамлаву таъқиб қарор гирифтанд [3].

Ба иттилои Кумитаи ҳифзи журналистон (Ню–Йорк) соли 2013 дар дунё 70 нафар журналистон дар иртибот ба фаъолияти касбӣ кушта шуданд. Ин рақам нисбати соли 2012 (74 нафар) камтар аст. Аз ин теъдод аз ҳама зиёд-29 нафар дар Сурия кушта шуданд. Вале ба иттилои Федератсияи байналхалқии журналистон дар соли 2013 108 нафар ҳангоми иҷрои вазифаи касбӣ кушта шудаанд [4].

Ба иттилои созмони Press Emblem Campaign дар нимсолаи авали соли 2014 дар ҷаҳон 110 журналистон ҳалок гаштанд. Аз ҷумла танҳо дар Сурия 32 нафар журналист кушта шудаанд.

Дар Тоҷикистон низ ба журналистон таъқибу фишор сурат мегирад. Аз ҷумла, моҳи феврали соли 2011 сармуҳаррири ҳафтаномаи «Наҷот» Ҳикматулло Сайфуллозода аз ҷониби ашхоси номаълум дар назди хонааш мавриди лату кӯб қарор гирифт. 7 майи соли 2012 бошад, хабарнигори ТВ «Сафина» Далер Шариповро дар ш. Душанбе ашхоси номаълум лату кӯб карданд. То ҳанӯз ҷиноятқорон ошкор карда нашудаанд. Ин амал албатта, метавонад ҷиноятқоронро шерак кунад ва онҳо аз журналистони номақбулашон қасос бигиранд. Яъне ба ҷони журналистон дар Тоҷикистон ҳам хатар таҳдид мекунад.

Проблемаи шашуми ВАО–сонсур ва худсонсурӣ аст. Тибқи моддаи 30-юми Сарқонуни Тоҷикистон дар кишвар сонсури ВАО манъ аст [5]. Вале дар ҷомеа омилҳое ҳастастанд, ки ба худсонсурӣ меоранд. Масалан, 137-уми Кодекси ҷиноятии Тоҷикистон, ки таҳқири оммавии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ё туҳмат кардан ба ӯро баррасӣ мекунанд, журналистон ва сармуҳарирони расонаҳоро ба эҳтиёткорӣ ва худсонсурӣ водор менамоянд. Масалан, тибқи моддаи мазкур барои таҳқири оммавии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ё тӯҳмат кардан ба ӯ:

–бо ҷарима ба андозаи аз сад то панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё ба корҳои ислоҳӣ ба муҳлати то як сол ҷазо дода мешавад;

Агар ҳамин кирдор бо истифодаи матбуот дар воситаҳои ахбори омма ё дар шабакаи Интернет содир шуда бошад;

–бо корҳои ислоҳӣ ба муҳлати то ду сол ё бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз ду то панҷ сол ҷазо дода мешавад [6].

Албатта, дар додгоҳ бегуноҳии худро собит кардан хеле мушкил аст. Инро қазияҳои судӣ нисбати мухбири Радиои Би-Би-Си Урунбой Усмонов ва хабарнигори газетаи «Нури зиндагӣ» Маҳмадюсуф Исмоилов дар соли 2011 собит мекунанд. М. Исмоилов беш аз 10 моҳ дар зиндон буд ва ӯро 14 октябри соли 2011 Додгоҳи шаҳри Табошар бо се моддаи КҶТ-135 (туҳмат), 136 (таҳқир - моддаҳои 135 ва 136 3 июли соли 2012 аз ҚҶТ хориҷ карда шуд.) ва 189 (барангехтани низои миллӣ, нажодӣ, этникӣ ё динӣ) гунаҳкор дониста, тибқи Қонуни авф аз адои ҷазо озод кард. Ҳамон рӯз Додгоҳи шаҳри Хуҷанд Урунбой Усмоновро барои ҳамкорӣ бо Ҳизб-ут-таҳрир гунаҳкор дониста, ба муҳлати се сол аз озодӣ маҳрум кард. Вале бо истифодаи Қонуни авф ӯ низ аз адои ҷазо озод карда шуд. Вале моҳи октябри соли 2013 М. Исмоилов бо қазияи нав ба муҳлати 11 сол аз озодӣ маҳрум карда шуд [7].

Бояд гуфт, ки солҳои охир ба додгоҳ кашидани журналисту нашрияҳо зиёд шудааст. Мисоли рӯшани ин гуфтаҳо дар додгоҳҳо баррасӣ шудани қазияхо нисбати нашрияҳои «Миллат», «Asia Plus», «Фараж», «Озодагон», «Чархи гардун» ва ғайра мебошанд. Ҳамаи ин албатта, ба афзоиши худсонсурӣ мусоидат мекунанд.

Набояд фаромӯш кард, ҷомеа чӣ гуна бошад, матбуоту сонсур ҳам, ҳамон гуна мешавад. Дар ҷомеаи яккатоз ҳеҷ вақт ВАО-и озоду демократиро наметавон интизор шуд. Бояд ба назар гирифт, ки сонсури асосӣ ин дар мағзи мо нуҳуфтааст ва мо вобаста ба фаҳмиши худ муайян мекунем, ки чиро гӯёму чиро не.

Проблемаи ҳафтум, ин афзоиши плагиат ё ин ки асардуздӣ аст. Тибқи моддаи 156-уми КҶТ барои вайрон кардани ҳуқуқҳои муаллифӣ, ҳуқуқи муҷовир ва ҳуқуқи дорандагони патент бо ҷарима ба андозаи аз дусад то як ҳазору панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё корҳои ислоҳи меҳнатӣ ба муҳлати то ду сол, ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз ду то панҷ сол ҷазо дода мешавад.

Мутаассифона, ин нуктаи қонун дар Тоҷикистон на ҳамеша риоя мешавад. Қариб ҳамарӯза дар телевизион барномаҳое пахш мешаванд, ки аз расонаҳои хориҷӣ гирифта шуда, барои ин иҷоза надоранд. Кор то ҷое расидааст, ки филму барномаҳои алоҳидаро бе ягон иҷозаи расмӣ тарҷума мекунанд ва албатта, дар ин ҳол ба муаллиф маблағе пардохта намешавад.

Асардуздӣ дар матбуот хам ривоҷ дорад. Маводи расонаҳои хориҷӣ бе иҷозати муаллифон бознашр мешаванд. Дар матбуоти кӯчагӣ бошад, баъзан қиссаҳоро аз нашрияҳои русӣ гирифта, ному маконро тоҷикӣ мекунанд ва ин маводро аз номи худ ба табъ мерасонанд.

Проблемаи ҳаштум, ин обуна ва паҳнкунии нашрияҳо аст. Бояд гуфт, ки то ба ҳанӯз дар Тоҷикистони соҳибистиқлол шабакаи густурдаи обунаву паҳнкунии нашрияҳо ташаккул наёфтааст. Ҳамин аст, ки дар деҳоти кишвар, ба вижа манотиқи дурдаст, муштариён ба матбуот дастрасӣ надоранд. Агар матбуот ба мардуми деҳот дастрас шавад ҳам, он хеле дер расида, моҳияти оҷилии худро гум мекунад.

Обуна ва паҳн кардани нашрияҳо асосан аз ҷониби Муассисаи давлатии «Почтаи Тоҷикистон» сурат мегирад. Муассисаи мазкур дар замони феълӣ бинобар афзоиши хароҷоти интиқол имконияти оҷилан расонидани нашрияҳоро ба муштариён надорад ва паҳнкунии рӯзномаҳо ҳафтае як маротиба сурат мегирад. Барои ҳалли ин масъала 17 сентябри соли 2010 аз ҷониби роҳбарони 13 нашрия, ки қариб 40 рӯзномаро чоп мекунанд, Кооперативи паҳнкунандагон «Матбуот-пресса» таъсис дода шуд. Фаъолияти кооперативи мазкур аз ҷониби САҲА ва Сафорати ИМА дар Тоҷикистон маблағгузорӣ мешавад. Ҳадаф аз таъсиси муассисаи алтернативӣ, ин бо нархи якхелаи арзон пешниҳод кардани нашрияҳо ба муштариён

ва дастрасии бештари аҳолӣ ба матбуот буд. Мутаассифона, то ба ҳанӯз фаъолияти кооператив тавсеа наёфтааст ва ҳадафҳои гузошта шуда амалӣ нагардидаанд.

Қобили тазаккур аст, ки ин ҳашт проблемаи журналистика танҳо хосси Тоҷикистон набуда, дар аксари кишварҳои пасошӯравӣ ба мушоҳида мерасанд. Проблемаҳои мазкур пеш аз хама ба сатҳи касбии журналистика таъсири манфӣ расонида, дастрасии мардумро ба иттилои воқеиву беғараз ва саривақтӣ маҳдуд мекунанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Глава Союза журналистов недоволен давлением на журналистов «через собственников СМИ»: // gazeta.ru. 2012.13.01. [Электронный ресурс]. http://www.gazeta.ru/news/lenta/2012/01/13/n_2164297.shtml (Дата обращения: 15.09.2014).
2. Национальный центр законодательства при Президенте РТ: - Душанбе, 2009-2014. [Электронный ресурс]. http://mmk.tj/legislation/base/2003/ (Дата обращения: 10. 09.2014).
3. Репортеры без границ: Рейтинг самых опасных точек мира для журналистов в 2011 году: // Центр гуманитарных технологий 2011.23.12 [Электронный ресурс] http://gtmarket.ru/news/state/2011/12/23/3777 (Дата обращения: 15.09.2014).
4. 2013 год стал одним из самых гибельных для журналистов: // news.ru. 2014.01.01. [Электронный ресурс] http://www.newsru.com/arch/world/01jan2014/deadliest.html (Дата обращения: 15.09.2014).
5. Национальный центр законодательства при Президенте РТ: - Душанбе, 2009-2014. [Электронный ресурс]. http://mmk.tj/legislation/base/constitution/ (Дата обращения: 10. 09.2014).
6. Национальный центр законодательства при Президенте РТ: Душанбе, 2009-2014. [Электронный ресурс]. http://mmk.tj/legislation/base/codecs/ (Дата обращения: 10. 09.2014).
7. Журналистон 11 сол ҳукми М. Исмоиловро "бераҳмона" меноманд:// ozodi.org. 2013. 28.10. [Электронный ресурс]. www.ozodi.org/content/tajik-journalist-sentensed-for-11-years/25150095.html (Дата обращения: 15.09.2014).

ПРОБЛЕМЫ СОВРЕМЕННОЙ ЖУРНАЛИСТИКИ ТАДЖИКИСТАНА

В статье на примерах СМИ анализируются проблемы современной журналистики Таджикистана. Автор подчеркивает 8 основных проблем современной журналистики Республики Таджикистан: экономическая зависимость СМИ от инвестирования, увеличение пропагандистских материалов и скрытого рекламного характера в СМИ, уменьшение качества материалов СМИ, низкий уровень профессиональной квалификации журналистов, безопасность журналистов, цензура и самоцензура СМИ, увеличение плагиата в СМИ, подписка и распространение газет и журналов. Автор приходит к выводу, что многие из этих проблем специфичны для журналистики стран Среднеазиатского региона.

Ключевые слова: Журналистика, газета, «Asia-Plus», «Фараж», «Миллат», проблема.

PROBLEMS OF MODERN JOURNALISM IN TAJIKISTAN

The article analyzes the problems of media examples of modern journalism in Tajikistan. The author emphasizes the 8 main problems of modern journalism Republic of Tajikistan: the economic dependence of the media on investment, increase promotional materials and hidden advertising in the media, reducing the quality of media materials, a low level of professional skills of journalists, the safety of journalists, censorship and self-censorship of the media, the increase in plagiarism in the media, subscription and distribution of newspapers and magazines. The author comes to the conclusion that many of these problems are specific to the journalism of the Central Asian region.

Key words: journalism, newspaper, «Asia-Plus», «Faraj", "Millat", problem.

Сведения об авторе: ***М. Мукимов*** - профессор кафедры международной журналистики Таджикского национального университета.E–mail: **jovidm@mail.ru**

БАРНОМАИ «СУФРАИ ШОМ»-И ТЕЛЕВИЗИОНИ ТОҶИКИСТОН ВА МУҲТАВОИ ЖАНРИЮ МАВЗӮИИ ОН

С. Авезова

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Аз фаъолияти телевизиони тоҷик 55 сол пур мешавад. Агар солҳои аввали фаъолияти телевизионро пеши назар орему ба имрӯза муқоиса кунем, шояд нафароне пайдо шаванд, ки дар ҳайрат афтанд. Яъне, бо пешрафти замон телевизион низ аз ҷиҳати техника ва технология, инъикоси барнома, банду баст ва суханпардозиву оҷилият ба куллӣ тафовут дорад. Яке аз муваффақиятҳои он пайваст будан дар моҳвора мебошад, яъне имрӯз ҳар як шаҳрванде, ки берун аз манотиқи кишвар қарор дорад, метавонад тариқи моҳвора шабакаҳои телевизиони ҷумҳуриро бе ягон монеа тамошо кунад. Таҳлилҳои оморӣ нишон доданд, ки имрӯз сокинон барои иттилоъ пайдо кардан оиди ин ё он масъала, аз васоити ахбори омма бештар истифода мебаранд. Аз ҷумла, аз васоити электронии ахбор, ки бо оҷилияту возеҳият ба куллӣ фарқ дорад. Ба андешаи муҳаққиқи журналистика профессор Асадулло Саъдуллоев “Ҷомеаи имрӯзаро бе телевизион тасаввур кардан наметавон”[7, 3].

Дар ҷойи дигар муҳаққиқ Асадулло Саъдуллоев андешаашро таҳвият бахшида, қайд менамояд, ки “Шакли ҳастии телевизион барнома (намоиш) аст”[7, 3]. Агар ҳастии телевизионро барнома ташкил диҳад, пас метавон гуфт, ки шакли банду баст ва тарзи пешниҳоди он мувофиқ ба завқи бинанда бояд бошад ва он аудиторияро ҷамъ оварад. Илова бар ин, дар ҷойи дигар метавон гуфт, ки “Албатта, барои журналист ташкили маводи хубу ҷолиб ҳадафи асосӣ ба ҳисоб меравад”[4, 154]. Зеро, маҳз диққати тамошобинро на танҳо худи барнома ва ё барандаи он, инчунин матни он низ ҷалб мекунад. Яъне, бинандаи закӣ ҳангоми тамошои барномаҳо бештар ба матни он аҳамияти хос зоҳир мекунад ва мақсади аксари онҳо низ дар ҳамин мебошад. Ба матни журналист мавзӯи барнома, тарзи пешниҳод ва умуман муҳтавои барнома шомил мегардад, ки инро на ҳар як журналисти касбӣ дарк карда метавонад.

Барномаҳои фарҳангии шабакаи якуми телевизиони Тоҷикистон ҳарчанд ба тарзҳои гуногун омода ва пахш карда шаванд ҳам, вале мақсад як аст, ба бинанда фароғат бахшидан. Ба ақидаи муҳаққиқ Ҷумъа Қуддус: «Барномаҳои фарҳангӣ - симоҳои ҳунарӣ, мубоҳисаҳо бо истифодаи маводи ҳунарӣ-намоишномаву филм ва осори дигар намудҳои ҳунари бадеӣ, лавҳаю очеркҳои ҳунарӣ аз дунёи рангину гуногунпаҳлӯи барномаҳои мураккаби телевизионии сюжетнок, театру синамо, адабиёти муосиру классикӣ ва аз дигар намудҳои ҳунар бинандаро огоҳ мекунад» [6, 15]. Аз ин рӯ, тарғибу ташвиқи ин мероси пурғановати халқи тоҷикро аз барномаҳои фарҳангӣ-фароғатии шабакаи якуми телевизиони Тоҷикистон метавон дид ва он таъсири амиқи руҳӣ, фарҳангӣ ва фароғатӣ мебахшад.

Имрӯз ба барномаҳои фарҳангӣ–фароғатӣ, ки завқи маънавии мардуми моро баланд мебардоранд, таваҷҷуҳ бештар гардидааст. Аз ин хусус, кормандони идора барномаҳои гуногуни фароғатиро омода менамоянд. Вале, мутаассифона, ҳамаи он барномаҳои фароғатие, ки пешкаши бинандагон мегардиданд ба талаботи замони муосир он қадар мувофиқ набуданд, зеро онҳо каму костагии зиёд доштанд. Бештар дар жанри мусоҳиба таҳия мешуданд. Дар ин бобат Ҷумъа Қуддус қайд мекунад, ки: «Ҳар як барномаи телевизион новобаста ба мавзӯъ ва жанри он одамонро ба фарҳанг, маънавиёт мепайвандад» [6, 4]. Аз ин лиҳоз, бояд ҳадафи ҳар як барномаи фарҳангӣ (махсусан суруду саҳнаҳои маънавибахш) маънавиёт бахшидан ба тамошобин бошад.

Дарвоқеъ, жанри суҳбат дар намоишномаҳои васоити ахбори электронӣ, бахусус телевизион серистеъмолтарин жанр ба ҳисоб меравад. Масалан, барномаи «Шоми муҳаббат»-и Саодат Одинаева, «Адиб ва ҷомеа»-и Саодат Азораева, «Сайди маънӣ»-и Давлати Раҳмониён, «Чашмандоз»-и Ғайратшоҳи Аҳмадзод ва «Дар ниҳояти рӯз»-и Моҳсафари Яҳёзод.

Аз ин лиҳоз, сармуҳаррири идораи барномаҳои фарҳангию фароғатии Шабакаи якуми телевизиони Тоҷикистон кӯшиш кардааст, ки аз рӯйи хоҳиш ва талаботи замон барномае омода намояд, ки бахшҳои гуногуну ҷолибро дар бар гираду дар баробари фароғат бахшидан ба тамошобинон ғизои маънавӣ низ диҳад. Ба гуфтаи муҳаққиқ Саидмуроди Хоҷазод: «Барномаҳои наву тоза рӯҳияи замонро ифода мекунанд» [10, 19]. Воқеан ҳам чунин аст, зеро аксари мардум нисбат ба барномаҳои телевизионӣ назари махсус доранд ва интизори он низ ҳастанд, ки барномаи навбатии таҳиягардида, ба онҳо ғизои маънавӣ мебахшад.

Таъкид бояд кард, ки бо пешрафти замон талаботи бинандагон ба барномаҳои наву тозаэҷод бештар гардидааст. Чунин барномаҳои фароғатӣ имрӯзҳо дар телевизиони Шабакаи якум бештар таҳия ва ба тамошобин пешкаш мегардад.

Яке аз чунин барномаҳои фароғатӣ, ин барномаи «Суфраи шом»-и Абдуваҳҳоб Бобоев буда, ҳадафу мақсадаш фароғат бахшидан ба тамошобин аст. «Суфраи шом» -яке аз барномаҳои фарҳангию фароғатии Шабакаи якуми телевизиони Тоҷикистон мебошад ва мақсаду ҳадафи барномаи «Суфраи шом» такмил додани истеъдоди ҷавонон, боло бурдани савия, дониш ва фароғату истироҳат бахшидан ба бинандагон мебошад.

Яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи барнома дар он аст, ки дар панҷ дақиқа журналист ё муаллиф ба ҳамсуҳбати худ 20 савол пешниҳод намуда, ҷавобҳои мушаххасро мегирад. Муаллиф, кӯшиш намудааст, ки дар барнома бахшҳои гуногуну ҷолибро бо шаклҳои кӯтоҳ пешниҳод намояд, то ки бинандаро ба барнома ҷалб созад. Мақсади асосии барнома ҳарчи бештар ҷалб намудани бинанда ва ё аудитория мебошад. Пӯшида нест, ки ҳар як барнома дар доираи жанрҳои журналистика омода карда мешаванд. Дар барномаи «Суфраи шом» бошад, омехташавии жанрҳои журналистика ба назар мерасад, ки ин ба сайқал додани жанрҳои журналистӣ мусоидат хоҳад кард. Ин ҷо барои боз ҳам рӯшанӣ андохтан, мо рӯй меоварем ба таҳлил ва махсусияти яке аз, раванди пахши барномаи мазкур «Суфраи шом», ки маъноясш, яъне гирди як дастурхон ҷамъ омадан буда, бори аввал

ҳаштуми феврали соли 2014 омода карда шуда, манзури тамошобинон гардид ва то имрӯз ҳашт барнома тариқи шабакаи якуми телевизиони Тоҷикистон пахш шудааст. Бояд қайд намуд, ки барандагони барнома Гулноз Ҷобирова ва Сафаралии Мирзо ҳастанд, ки вазифаи асосии онҳо иборат аз оғоз ва ба анҷом расонидани барнома аст. Чизи дигар ин ки барномаи «Суфраи шом» ҳар ҳафта рӯзи шанбе соати 21-10 то 22-10 пешкаши мухлисон мегардад. Ҳаҷми барномаи мазкур аз 45 дақиқа то 1 соатро дар бар мегирад. «Суфраи шом» аз 15 бахш иборат аст, ки инҳо: «Эҳё», «Беҳтарин суруди ҳафта», «Хонаи мо», «Ҳаҷв», «Маслиҳат», «Шифохонаи табиат», «Сарфакори», «Синамо», «Бешарҳ», «Ханда», «Хабарҳои фарҳангӣ», «Асрори зебоӣ» ва «Соҳибистеъдод», ифодагари мазмуну муҳтавои ин барномаи тозаэҷод мебошанд. Ҳар як сужа аз 30 сония то 5 дақиқаро дар бар мегирад. Яке аз бахшҳои барнома, ки бинандаи бештар дорад, бахши «Як суруд» мебошад, яъне дар он се сароянда тариқи барнома муаррифӣ карда мешаванд ва тариқи SMS мухлисон сарояндаи писандидаи худро интихоб мекунанд, дар охири ҳафта, ғолиби барнома ба барнома даъват карда мешавад. Ҳамчунин, қайд кардан ба маврид аст, ки барнома инъикосгар ва фарогири мавзӯҳои гуногун буда, ҳар як бахши он дар худ мавзӯҳои рангорангро баррасӣ менамояд. Масалан, дар маҷмӯъ агар гирем, аз ҳар як бахши он бинанда метавонад ба худ ва рӯзгори худ бисёр чизҳоро гирад. Масалан, ороишу нигоҳубини пӯсти рӯй, тозаю озода намудани асбобу анҷоми хона, омода намудани хӯрокҳои гуногуни серғизо, аз латапораҳо дӯхтани ҳар гуна ашёҳои барои рӯзгор лозима, маслиҳатҳои муфид барои солимии бадан, барои болида намудани рӯҳи инсон ҳаҷву ханда дар барнома инъикос мегардад. Барнома аз нигоҳи муҳтаво, банду баст, мазмуну мундарича, шаклу пешниҳод хеле ҷолиб бошад ҳам, вале аз нигоҳи мо аз камбудиву норасоиҳо орӣ нест. Яъне, ҳам тарафи мусбати барнома ва ҳам ҷанбаи манфии он мавриди баррасӣ қарор гирад. Бинобар ин, ҳангоми тамошои барномаи мазкур мушоҳида гардид, ки услуби баёни барандагони барнома ҳангоми сухан кардан айён мешуд ба мушоҳида расид ва дар ин маврид дар китоби маҷмӯаи мақолаҳо "Боли сухан", ки А. Азимов омода кардааст дар мақолаи "Доир ба забони барномаҳои фарҳангиву фароғатии ТВТ"-и дотсент Қ. Мухторӣ чунин омадааст: "Дар барномаҳои фарҳангиву фароғатии ТВТ низ чи меъёри талаффузӣ, чи луғавӣ ва чи грамматикӣ гоҳо вайрон карда мешавад" [2, 78]. Воқеан мо дар барнома чунин ғалатбаёниро мушоҳида намудем. Ҳангоми пахши барнома яке аз барандагон, ки нисбати дигаре каме сусттару лакнат дошата буд, ҳангоми талаффуз кардани баъзе аз калимаву ибораҳо дар мемонд, ки ин ҳолат зуд ба бинанда аён мегардид ва ҳусни барнома коста мегардид. Масалан дар яке аз бахшхои барнома бо унвони "Шифохонаи табиат" ровӣ Сафаралии Мирзо чунин мегӯяд: "Дар таркиби ангур қанд, туршӣ, витаминхои А, С, В, *моддаҳои* пектинӣ, намакхои минералии калий, калсий, магний, фосфор, охан ва ғайра мавҷуд аст"[11]. Ин ҷо ғалати талаффуз ба мушоҳида мерасад, ки ин калимаи (модда) аст. Аммо, барандаи барнома бошад, онро тарзе талаффуз кард, ки ба гӯш маънии ҳамон калима аён намешуд. Тавре талаффуз мекард, ки гӯйё ҷинси инсонро дар назар дошта бошад ва бо ин талаффуз матн маънои аслиашро ҷариб, ки гум кард. Дар ин ҷо муаллиф ҳангоми навишт хато накарда буд, балки хато ҳангоми талаффуз кардани барандагон ошкор гардид. Ҳангоми мутолиаи пурраи сенарияи барнома мушоҳида шуд, ки чунин ғалатҳо аз ҷониби муаллифи барнома низ ба назар мерасид. Яке аз ин ғалатҳоро мо ин ҷо ба таври мисол меоварем: "Базлагӯйӣ ва ё хушгӯйӣ дар байни шахсони *солору умрдида* дар гирди хони шомгоҳӣ...."[11]. Ин ҷо ғалат дар пайиҳам овардани ду калимаи ба ҳам муродиф дида мешавад, ки яке солор ва дигаре умрдида аст. Ба ақидаи мо, шакли дурусти истифода бурдани ин калима он аст, ки аз ин ҳарду якеро бояд истифода мебурд. Зеро, ҳар ду як маъноро ифода мекунанд, аз ин рӯ ҳоҷат ба истифода бурдани ин ду калима нест.

Хулоса, тавлиди чунин барномаҳои рангин ба баланд гардидани маънавиёти тамошобинон мусоидат хоҳад кард. Барномаи фарҳангию фароғатии «Суфраи шом» дар маънавиёт бахшидани бинанда, рушди камолоти фарҳангӣ ва заковати инсонӣ таъсиргузор аст ва маҳз бо ҳамин хусусияташ ба дили тамошобинон роҳ ёфтааст.

Аз ин хотир, аз натиҷаи таҳлил бармеояд, ки мақоми чунин барномаҳо дар ҷойгоҳи завқи бинандагон ва дигаргунии тафаккури омма мухталиф буда, аз нигоҳи касбият аз рӯйи жанрҳои мухталифи журналистӣ суҳбат, репортаж, ҳаҷв, мусиқӣ, нигориш, очеркҳои кӯтоҳметраж, мусоҳиба, лавҳа ва ғайра омода гашта, ҷойгоҳи худро дар қолаби барномаҳои фарҳангӣ-фароғатӣ доро аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Азимов А. Маҳорати журналистии таҳлилгари телевизион / А. Азимов - Душанбе: Шарқи озод. 2013. - 88 с.
2. Боли сухан. (Маҷмӯи мақолаҳо). – Душанбе: Сино, 2004. - 78 с.
3. Г. Умарова. Телевизион ва воқеияти Тоҷикистон / Умарова Г. - Душанбе: Шуҷоиён, 2011. - 168 с.

4. Давронов Д. Ҷаҳони муосир: мавқеи симо ва садо / Д. Давронов, Ҷ Раҳмонов. – Душанбе: 2012. – 154 с.
4. Қодиров А. Таҳқиқоти журналистӣ дар Тоҷикистон: қадамҳои нахустин / А. Қодиров. – Душанбе: Кайҳон, 2013. - 104 с.
5. Қуддус Ҷ. Асосҳои журналистикаи телевизион / Ҷ. Қуддус. – Душанбе: Студент, 2008. - 82 с.
6. Саъдуллоев А. Асосҳои журналистикаи телевизион / А Саъдуллоев, М Шоев. - Душанбе: Эҷод, 2005. - 96 с.
7. Умарова Гавҳар Ток-шоу дар телевизиони Тоҷикистон / Гавҳар Умарова, Х. Бекзод. - Душанбе: Деваштич, 2009. - 250 с.
8. Усмонов И.К. Жанрҳои публитсистика / И.К. Усмонов. – Душнбе, 2009. - 140 с.
9. Хоҷазод С. Махсусияти жанрҳои радиои Тоҷикистон / С. Хоҷазод. - Душанбе: Шуҷоиён, 2010. - 152 с.
10. Шабакаи якуми телевизиони Тоҷикистон Барномаи «Суфраи шом» соли 2014, моҳи март.

ПЕРЕДАЧА ТАДЖИКСКОГО ТЕЛЕВИДЕНИЯ «СУФРАИ ШОМ» («ЗА ДАСТАРХАНОМ») И ЕЁ ТЕМАТИЧЕСКОЕ И ЖАНРОВОЕ СОДЕРЖАНИЕ

В статье рассмотрены цели, задачи и особенности данной культурно–развлекательной передачи, которая пользуется большой популярностью среди телезрителей. Яркая и красочная программа, вещание которой осуществляется в вечернее время, направлена на духовное и нравственное воспитание людей самых разных возрастов. В статье проанализированы рубрики, из которых состоит передача, а также жанровые особенности телевизионной журналистики. Материал статьи изложен с соблюдением внутренней логики.

Автором выявлены и обоснованы недостатки, которые встречаются в передаче. В частности, ошибки допущены ведущими передачи, как в плане произношения, так и нарушения стиля ведения передачи.

Ключевые слова: рубрика, передача, жанры, культурно–развлекательная, ведущие, духовность, нравственность.

THE TAJIK TELEVISION OF 'SUFRAI SHOM" PROGRAM (AT THE TABLE)BOTH THEMATIC AND GENRE CONTENTS"

Which were consider their purposes, tasks and features of this cultures an entertainment event which enjoys wide popularity among TV viewers. The bright and colorful program, which the broadcasting in the evening time, aimed at the spiritual and moral education of people of different ages. In the article analyzed the heading from that is the TV program and also genre features of TV journalism. The material of the article is set out compliance with the internal logic. Author identified and substantiated disadvantages that are found in the TV program. In particular, the mistakes made by the leading of the TV program, both in terms of pronunciation, the violations of style of conduct by the leading of TV program.

Keywords: heading, TV program, genres, cultural-entertaining, lead of TV program, spirituality and morality.

Сведения об авторе: ***С.С. Авезова*** - аспирантка кафедры телевидения и радиовещания Таджикского национального университета. Телефон: **93-433-17-33.**E-mail: **sarvinoz1989@list.ru**

ҶАНБАИ ПУБЛИТСИСТИИИ ЯК РОМАН

Абдулмумин Қутбиддинов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Тавлиди романи сегонаи адиби шинохта Шодон Ҳаниф бо номи «Дар паноҳи ҳиндукуш» падидаи тозаву нави адабиёти даврони истиқлоли кишварамон ба шумор рафта метавонад. Дар остонаи истиқлол имкони рӯйи чоп омадани асарҳои фарохдомани бадеӣ нисбатан кам гардид. Ба майдон омадани ин гуна асарҳо бешак ба зинда гаштани завқи костаи хонандагон мусоидат намуда метавонад. Аз оне ки як бахши азими китоб дар асоси санаду ҳуҷҷат бунёд гардидаву пойбанди воқеияти рӯз аст, дар маҷмӯъ асари мазкур хосияти амиқи публитсистӣ дорад. «Дар паноҳи ҳиндукуш» ин саҳнаҳои пурфоҷиаву хунини Афғонистони азиятдида мебошад, ки тӯли чанд даҳсолаи охир дар оташи ҷанги дохилӣ месӯзад. Хати кашидаи асарро мавзӯъҳои ишқу муҳаббат, кинаю адоват, меҳру муҳаббати ватандорӣ, нотавонбинию кӯрдилии «меҳмонҳои нохонда» ва хиёнату вафодорӣ ташкил медиҳанд. Инъикоси баъзе анъанаҳои миллии халқи афғон дар асар мавқеи хос дошта, ҳамзамон далели диди фарохи муаллиф ва нишондиҳандаи дарҷаву доираи меҳру муҳаббати ватандории афғонҳо мебошад. Маҳз ҳамин унсур-меҳру муҳаббати ватандорӣ пояи асосии асарро ташкил медиҳад. Нависанда тавонистааст бо истифодаи ҷузъиёти гуногун лаҳзаҳои риққатоварро барои хонанда боз ҳам муассиртар ба ҷилва орад ва ӯро ба олами андешаҳои тору парешоне барад. Чунончи Гулподшоҳи қотил аз зани танҳову нотавоне чун Гулшан метарсад. На аз Гулшан, балки аз муроҷиати ӯ ба «Ҷиргаи ришсафедҳо» ҳарос дорад. «Ҷиргаи ришсафедҳо» ҳамагӣ маҷлиси муйсафедони деҳа мебошад, ки дар ихтиёри худ ягон неру ва қуввае надорад, то муҷриминро бозҳошт ва муҷозот намояд. Қудрати ин ҷирга нанг, номус ва ғайрату ҷуръат аст. Салобати Гулподшоҳ туфангу тиркашхои миёнаш мебошад, ки дар як лаҳза метавонад Гулшанро аз байн бубарад. Аммо, Гулподшоҳу

«гулподшоҳҳо» дар таҷаммуъ эҳтироми зиёд ба ҷиргаҳои худ доранд. Анъанаҳои гузаштаи аҷдодиро зери по намесозанд. «Ситонидани хунбаҳо» аз анъанаҳои муҳимму муқаддаси афғонҳо ба шумор мерафтааст, ки аз ибтидо то интиҳои китобро ҳамчун пайроҳаи ҳадафноке фаро мегирад. «Духтари Гулподшоҳ», «шаст ҳазор афғонӣ», «зораю таваллои арбоб» ва маслиҳату машварати атрофиён ба ивазу арзиши хунбаҳо баробар нест. Ҳаёт чандин сол «ташнаи хуни арбоби арвоҳзада» аст. Модари афғон ҳам, чун марди афғон аз роҳи нанг дур нест. Таъкиди модар бо вуҷуди машаққату хориҳо, ғурбату оворагиҳо ва хушкомиҳову рӯзҳои нек ба писар он аст, ки хунбаҳоро фаромӯш насозад. Ҳамчун «фарзанди беномусу тарсӯ» модар намехоҳад, ки Ҳаёт таънасори қавм бошад. «Ҷиргаи қавмро ғӯл задан»- и арбоб-Гулподшоҳ қасосу алами Ҳаётро бештар мегардонад. Ӯ баъд аз бозгашт аз Англия ва баъди таҳсил дар ИҶШС соҳиби ҷаҳонбиниву донишу фаҳмишҳои нав аст. Дар ҷомеаи афғон чун инсони нав дар ҳаракат аст. Мехоҳад арбобро авф намояд, аммо «хиёнат ба ҷирга» монеае дар ин самт мебошад, ки онро убур карда наметавонад. Ин аст, ки бо заҳрханд ба арбоб «туро ба дарёи Кобул барои ғусл мефиристам» мегӯяд. Арбоб дар охирин нафасҳо мехоҳад нангу номуси Ҳаётро ба таври худ бедор созад ва ӯро бо Коко Қуддус «муздурон ва номусфурӯшони Маскав» меномад. Ин таън ё айб низ барои марди афғон хеле сахт аст, вале палидиву беимонии арбоб бадтар аз ҳама хиёнатҳост. Ба ин ҷиҳат Ҳаётро «беномус» номид. Қарзи хунбаҳо Ҳаётро водор сохт, ки дар ҳамон «замини селроҳа», ки уммеди зиндагии оилаашон аст, кори арбобро тамом намояд. Афғони муҷоҳид «шаҳодатро мукофоти олам» медонад. Сарфи назар аз ҳама омӯзишу ҷаҳонбиниҳо Ҳаёт ба анъанаву русуми қавму миллаташ бетафовут намебошад. Ба арбоб имкон намедиҳад, ки пеш аз марг ду раъкат намоз гузорад. Зеро, арбоб ин имкониятро ба падари Ҳаёт надода буд. Иҷрои расму анъаноти динӣ барои афғонҳо яке аз муқаддасоти асосӣ ба шумор меравад. Хондани фотиҳа, ба масҷид рафтан, фарзи ҳаҷро ба ҷо овардан ва амсоли ин рукнҳои асосии динӣ мебошад, ки ба онҳо афғонҳо муносибати ҷиддӣ доранд. Фарҳангу тамаддуни аврупоӣ ба Ҳаёт таъсири ҷиддӣ мерасонад. Ҳатто дар Англия зери таъсири идеологияи дини насронӣ қарор мегирад. Вале, ҳар бори ба деҳа омаданаш хондани фотиҳаро дар мазори диёраш фаромӯш наменамояд. «Шодии арвоҳи падар» гуфта бо рағбати тамом сӯйи қабристон роҳ пеш мегирад ва авроқи гузаштаро ба боди фаромӯшӣ медиҳад. Додани оши худоӣ низ дар байни қавми афғон хос мебошад, ки муаллиф онро нисбат ба анъаноти миллӣ худ бо қиёси пӯшидае тасвир менамояд. Дар «оши худоӣ» ашхоси зиёд ширкат меварзанд. Аз ҳар шодкомиву мусибат шукронаи Худоро баҷо оварда «дегро болои оташдон» мегузоранд. Бо тайёр кардани хӯроки болаззат ҳамсояҳоро хабар карда ғайбати рӯзгорро менамоянд. Ин анъанаҳоро Ҳаёт ҳамеша зинда нигоҳ доштан мехоҳад. Ҳарчанд ки дар Аврупо буду «шӯрапушт» аст ва ба «духтарони таннози русу англис» ҳавасу майл дорад. Баъзан рафтори ин қаҳрамони марказӣ хилофи расму оинҳои динии афғонҳост. Хостгорӣ ва ба даст овардани зан барои барпо намудани оила барои ҷавони афғон саҳлу сода нест. Падари духтар нишонеро ба ҳадаф мегузорад. Тирро ба ҳадаф расонидани домодшаванда омили ягонаи хушбахтшавии ӯст. Аз «панҷ тир» ақаллан якеро бояд ба ҳадаф расонад. Иброҳим дар ин имтиҳон ноком аст, ки муҷиби дуздида бурдани Гулшан мегардад. Дуздида бурдани духтар дар байни афғон «шараф»-е дониста мешавад, ки роҳи он ба водии марг хеле наздик аст. Дуздида бурдани духтар аз байни қавми ҳиндуи афғоншуда аз ҷониби ҷавони мусалмон «сахтарин фоҷиа» мебошад. «Сагбача таваллуд кардан»-ро дар ин ҳолат зани ҳинду авлотар аз ин гуна духтар медонад. Духтараш бо хоҳиши худаш дуздида бурда мешавад ва зинда мебошад, аммо модараш «духтари ман мурдааст» гуфта эълон медораду ҷор мезанад. Ҳамаро ба «азобу мотам» даъват менамояд. Асири мусалмон Зитаи ҳиндуро медуздад. «Зита ба арвоҳи гузаштагон иснод овард» гуфта гурӯҳи ҳиндувони мусаллаҳ бо хоҳиши падару модар дар пайи қатли ӯ мешаванд.

Анъана ё расму оини манфури дигар, ки дар Афғонистон дар тасвири нависанда хеле қабоҳатангез аст, ки зиндагии чандсолаи «бачаҳои раққос» дар «хилватхонаҳо» мебошад. Бачаҳои наврасу дунёбехабар «сайди шикор»-и гурӯҳи айёше мебошанд, ки онҳоро аз хонаҳояшон медузданд. Пас аз «адои хизмат» ба онҳо мегӯянд: «… ту падарраҳмат чанд сол вақти моро хуш кардӣ ва акнун ришат ҳам сабзидаасту туро бурда дар хонаву зодгоҳат мегузорем». Наҳиб яке аз он писарбачагоне мебошад, ки ба ин гуна хоҷагони пастфитраташ одат кардааст. Ӯ ба онҳо эътимоду садоқат дорад ва ҳатто аз муборизаи барои озодии ҳаёти худ даст кашидан мехоҳад. Адиб бо пеш овардани баъзе саҳнаҳо талош мекунад, ки ба ин саҳифаи тор равшанӣ бахшад. Зеро, ин тамоюли қабеҳу нафратовар то ҳанӯз барои тамоми ҷаҳониён нисбат ба Афғонистоне, ки кишвари исломист, чун муаммои сарбаста боқӣ мемонад. Муаллифе, ки чанд муддат дар ин кишвар иқомат дошт, шояд ин масъалаи баҳснокро амиқу фарох омӯхтааст. Дар навбати дигар дар ин самт тасвиру

саҳнасозиҳо як андоза тахайюлангез низ ба назар мерасанд. Ин тасвиру гуфтори муаллиф нафрати хонандаро нисбат ба бисёр омилҳои манфии ба он тавъам бедор менамояд.

Хӯрокҳои миллии афғонӣ ва тарзи тайёр кардани онҳо то ҳанӯз аз рӯйи анъанаҳои куҳан сурат мегиранд. Дар тасвири адиб кадом як ҷомеаи феодалии асри понздаҳро мебинед, ки то ҳанӯз қадимпарастанд. Палав чун дар кишвари адиб яке аз хӯрокҳои лазизи афғонӣ ба шумор меравад, ки дар рӯзҳои пурнишасту тӯй ва дигар хурсандиҳо пухта мешавад. Чаппотипазии таббохони бозорҳои Кобул ончунон моҳирона мебошад, ки ҳатто боҳунармандтарин бонувон низ дар тайёр кардани он оҷиз мебошанд. Нависанда хеле амиқ ба зиндагии мардуми афғон шинос аст ва ҳама ҷузъиётро бо дидаи таҳқиқ менигарад. Аз хӯроки онҳо тановул намудааст ва лаззати онро фаромӯш кардан намехоҳад. Махсусан, хӯрокпазии кӯчиҳо хеле аҷиб аст, ки онро ҳам шӯравиҳо ва ҳам англисҳо меписанданд. Воқеан кӯчиҳо аз фаъолтарину серҳаракаттарин мардуми афғонанд. Аз шимол ба ҷануб ва аз шарқ ба ғарб онҳо ҳамеша дар гардишанд. «Рӯйи ҷомаи хор таваллуд шудан»-и онҳо беҳикмат нест. Онҳо мардумони дилсофу заҳматкашанд. Чун дигар афғонҳо «васвасаю ғурури беҳуда» надоранд. Зиндагии онҳо «зиндагии ҳамарӯза қурбонӣ» мебошад ва ҳамагуна «воҷиботу ҳайрат»-ро медонанду иҷро менамоянд. «Мардони кӯчӣ инсонҳои боғуруру пуррашканд», гуфтани нависанда низ далелу асоси худро дорад. Онҳо соҳиби хона нестанд, ҳамсоя надоранд, бо одамони дигар кам иртибот менамоянд. Кинапарвар ҳам нестанду зулмро намеписанданд.

Чунин натиҷа гирифтан мумкин аст, ки нависанда зиндагии ин мардуми ҳаммарзро хеле амиқ мушоҳида намудаву омӯхтааст. Ин натиҷаи буду бош ва мушоҳидаҳои бевоситаи муаллиф мебошанд, ки пояи воқеӣ доранд. Нависанда бо маҳорати хос воқеияту бадеиятро омезиш медиҳад ва хонандаро ба мулки Афғонистон бо худ ҳамсафар менамояд. Ҳар як расму таомули миллии онҳоро ба саҳна ё воқеаи чашмрасу аҷибе иртибот мебахшад. Бештар аз ҳама, ин ифшои тинати мардуми афғон мебошад. «Мо афғонҳо хунгарм ҳастем»-гуфтани Размҷӯ муҷиби нооромиҳои Афғонистонро муайян сохтани муаллифи асар мебошад. «Шарафи сиёҳсари афғон»-далели қатъии пурғазабу моҷароҷӯ будани афғони кулфатзада мебошад. Ҳамаи ин торҳои нафису нозукро нависанда ба риштаи таҳқиқи бадеӣ кашида, муваффақ ба он гаштааст, ки зиндагӣ ва аҳволи чанд даҳсолаи охири халқи ин сарзамини ҷафокашидаро бозгӯ намояд. Мо танҳо назаре ба як паҳлӯи нисбатан маҳдуди асари сегонаи «Дар паноҳи Ҳиндукуш» доштем. Садҳо роҳу пайроҳаи дигари ин китоб андешазост. Доманаи фарохро пайдо намудани асар дари бисёр саволҳоро барои хонанда мекушояд, ки ин бешак аз комёбии муаллиф дарак медиҳад.

А Д А Б И Ё Т

1. Гулмуродзода П. Публицистика и время / П. Гулмуродзода. - Душанбе: Сино, 2002.
2. Саъдуллоев А. Хосияти адабиёт / А. Саъдуллоев. – Душанбе, 2001.
3. Саъдуллоев А. Рангҳои зиндагӣ / А. Саъдуллоев. - Душанбе: 2007
4. Усмонов И.К. Назарияи публитсистика / И.К Усмонов. - Душанбе, 1999
5. Ученова В.В. У истоков публицистики / В.В. Ученова. – М., 1989
6. Прохоров Е.П. Искусство публицистики / Е.П. Прохоров. - М., 1984
7. Шодон Ҳаниф. Дар паноҳи Ҳиндукуш / Шодон Ҳаниф. - Душанбе, 2004

ПУБЛИЦИСТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ОДНОГО РОМАНА

В данной статье рассмотрены проблемы сочетания художественности с действительностью в романе «Дар панохи Хиндукуш» («Пристанище - Гималай») Шодона Ханифа, как одного из главных особенностей публицистики. Автор представляет для читателей много сведений о национальных особенностях и традициях афганского народа. На фоне действительности, изложенного писателем, читатель понимает что означают понятия честь, совесть для афганского народа. Главный герой романа афганский юноша–Хаёт борется со своими врагами, с теми кто убили его отца. Писателю удалось мастерски отображать в лице афганского юноши мстительный, мужественный характер афганского народа. Продолжительная гражданская война, тревоженность, долгое кровопролитие и другие опасности давно стали для афганского народа обычной жизнью.

Ключевые слова: художественность, правда, достоинство, общественное мнение, идеология, пропаганда, мир, характер, явления, традиция, автор.

MEDIA HYPE ASPECTS OF ONE NOVEL

The author focuses on the problems of work of art and actuality of one novel as the main public relations' peculiarities. Article is dedicated to a comprehensive study of novels "At the Shelter of Himolai. Дар паноҳи Ҳиндукуш" by Shodon Hanif. The author gives much about national and traditional peculiarities of Afghan people.

Key words: work of art, true, desirable quality, public opinion, ideology, character, tradition and author.

Сведения об авторе: ***А. Кутбиддинов*** – кандидат филологических наук, доцент кафедры международной журналистики Таджикского национального университета

КВОТАИ ПРЕЗИДЕНТӢ: ДАСТОВАРД ВА МУШКИЛОТ

Сангинмурод Қурчиев
Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи М.Турсунзода

Рушди маориф яке аз мақсадҳои асосии сиёсати давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, зеро тараққиёти ҳар давлату сарфарозии ҳар миллат пеш аз ҳама ба мутахассисони донишманд ва дастбакор вобастагии зич дорад. Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон низ ин нуктаро ҳамеша таъкид намуда, аҳамияти онро дар тарбияи худшиносиву худогоҳии насли навраси замони соҳибистиқлолӣ муҳим арзёбӣ мекунад: «*Дар замони Истиқлолият илму маориф ва фарҳанг ба як рукни муҳимми иҷтимоӣ табдил ёфта, ҳамчун ҷавҳари ҳастии миллат эътироф гардидааанд. Зеро ин падидаҳои бузурги башарӣ дар ташаккули маънавии ҷомеа хизмат намуда, дар тарбияи насли наврас, шинохти рисолати таърихӣ, густариши эҳсоси ватандорӣ ва худшиносиву худогоҳии миллӣ таъсири амиқ мегузоранд*» [1]. Бинобар ин, ҳукумати кишвар баҳри пешрафту инкишофи он аз тамоми шароиту имкониятҳо истифода бурда, сол аз сол маблағгузории соҳаи мазкурро зиёд мекунад. Барои муқоиса ин рақамро метавон овард, ки агар соли 2000 аз буҷети давлатӣ ба соҳаи маориф 41 миллион сомонӣ ҷудо шуда бошад, пас дар соли 2011 ҳаҷми маблағгузории соҳа ба 1,5 миллиард сомонӣ баробар шуд, ки аз ин ҳисоб маоши омӯзгорон чанд маротиба зиёд шуда, 1200 мактаби наву замонавӣ сохта, бо технологияи ҳозиразамони таълим таъмин гардид. Миқдори мактабҳои олӣ ба 30 адад ва шумораи донишҷӯён ба 160 ҳазор нафар расид, шавқу рағбати ҷавонон ба забондонӣ ва омӯзиши илмҳои замонавӣ афзуд [1]. Хобгоҳҳои донишгоҳу донишкадаҳо таъмир шуда, барои буду боши донишҷӯёни ноҳияҳои дурдаст шароити мусоид фароҳам оварда шуд.

Нуқтаи олии тақвият бахшидани соҳаи маориф ин бунёди мактаби байналмилалии президентӣ дар шаҳри Душанбе буд, ки соли 2012 ба фаъолият оғоз кард. Ин мактаб бо харҷи қариб 80 миллион сомонӣ сохта шуда, дорои 1038 ҷойи нишаст, ду бинои хобгоҳ, 84 синфхона, ду китобхона, синфхонаҳои компютерию лингофонӣ, озмоишгоҳҳои фаннӣ ва толорҳои варзишӣ мебошад [2].

Ин иқдоми ҳукумати кишвар агарчи имрӯз бо душвориҳои зиёди молӣ амалӣ шаванд ҳам, самараи он дар оянда неку пурфоида хоҳад буд, зеро «меваи сабр ширин аст».

Ҷорӣ гардидани қабули донишҷӯён аз ҳисоби духтарону писарони болаёқат тариқи квотаи президентӣ боз як қадами устувори ҳукумати кишвар дар роҳи соҳибмаълумот кардани ҷавонони навоҳии дурдасту кӯҳистон мебошад.

Тавре медонем, даргириҳои дохилӣ барои мардуми Тоҷикистон мушкилиҳои зиёд эҷод кард; *аввалан,* берун аз ҷумҳурӣ рафтани мутахассисони соҳибтаҷриба, *дуюм*, фалаҷ шудани соҳаи маориф. Дар давраи баъдиҷангӣ то ба имрӯз садҳо наврасон аз хондану донишомӯзӣ маҳрум монданд, ки албатта пайомадҳои нохуби онро мо имрӯз эҳсос мекунем. Дар ин давра, хусусан аз таҳсил бозмондан ва бо сабабҳои гуногун ноболиғ ба шавҳар додани духтарон падидаи нохубе буд барои ҷомеаи тозаистиқлоли Тоҷикистон. Агар як қисми духтарон аз таҳсили мактаби миёнаи умумӣ дар канор монда бошанд, қисми дигар шароити дар мактабҳои олӣ таҳсил карданро надоштанд. Дар натиҷа, нарасидани мутахассисони тиббӣ ва омӯзгорӣ дар деҳот ва кам шудани шумораи олимону кормандони идораҳо аз ҳисоби занон баръало эҳсос шуда, боиси нигаронии ҳукумат ва ҷомеа гашт.

Ҳаминро ба назар гирифта, ниҳоят соли 1997 Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар Анҷумани сеюми иттиҳодияҳои занон ва созмонҳои ғайриҳукуматии ҷумҳурӣ масъалаи тайёр намудани мутахассисон аз ҳисоби духтарони маҳаллӣ ва ҷалби бештари онҳо ба ҳаёти сиёсиву ҷамъиятӣ ва мансабҳои давлатиро ба миён гузошт.

Пас аз пешниҳоди ин масъала Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабули донишҷӯён тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» [3] ба тасвиб расид ва худи ҳамон сол барои ба мактабҳои олӣ пазируфтани 594 нафар ҷавонон, аз ҷумла 352 нафар духтарон, квота ҷорӣ гардид [4], ки минбаъд он ба худ номи «квотаи президентӣ»-ро гирифт.

Ҳамин тариқ, дар давоми солҳои 1997–2010 ба муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар тибқи квотаи президентӣ 10340 довталаб, аз ҷумла 7501 духтар ва 2842 писар дохил шуда, соҳиби номи донишҷӯ шуданд. Дар соли хониши 2011–2012 мувофиқи нишондодҳо ба донишгоҳу донишкадаҳои кишвар 1146, аз ҷумла барои духтарон 591 квота ҷудо гардида буд [5].

Агар шароити зисту зиндагонии сокинони ҷумҳуриро дар ин давра ба назар гирем, дохил шудани ин миқдор довталабон ба мактабҳои олӣ кӯмаки хеле назарраси

ҳукумат ба табақаи камбизоати ноҳияҳои дурдаст ва қадами устувор дар роҳи омода намудани мутахассисони ҷавон барои ояндаи кишвар аст, ки албатта ба сифати як навгонии даврони соҳибистиқлолӣ инъикоси худро дар матбуоти даврӣ ёфтааст. Ҳангоми мутолиаи рӯзномаву маҷаллаҳои даврии солҳои гуногун маълум мегардад, ки дар матбуот паҳлӯҳои гуногуни ин масъала баррасӣ шуда, доир ба комёбиву мушкилоти он нуқтаи назарҳо зиёданд. Дар навбати аввал комёбиву дастовардҳои ин қазияро мавриди пажӯҳиш қарор медиҳем. Чи дар рӯзномаҳои давлатӣ ва чи дар рӯзномаҳои мустақил муаллифон ҳолати қабул ва шароити таҳсилу истиқомати донишҷӯёни тибқи квота дохилшударо таҳлил намуда, аксаран натиҷаи онро мусбат арзёбӣ кардаанд.

Ҳафтаномаи «Ҷавонони Тоҷикистон», ки инъикосгари ҳаёти ҷавонон аст, доир ба мактабу маориф силсиламақолаҳо ба нашр расонда, таҳлилу баррасиҳои амиқ дорад ва хонандаро аз комёбию мушкилоти ин соҳа огоҳ месозад. Барои мисол, мақолаи муаллифон Маҳмадшарифи Рустам ва Зебунисои Рустам **«Даҳсолагии духтарони президент» [6]** аст, ки дар бораи шароити истиқомат дар хобгоҳи духтарони квотадор сухан меронад ва аз даҳсолаи таъсиси квотаи президентӣ натиҷагирӣ мекунад. Муаллифон бо чанд тан аз донишҷӯдухтароне, ки дар ин хобгоҳ истиқомат доранд, ҳамсуҳбат шуда, аз таҳсилашон пурсон шудаанд. Тавре худи духтарон қайд кардаанд, аксари духтарони квотадор дар донишгоҳҳо, аз ҷумла дар донишгоҳи тиббӣ, аълохону соҳибобрӯ ва гирандагони идрорпулианд. Шоиста Муҳаммадиева, хатмкунандаи Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. Осимӣ, ки яке аз квотадорон буд, бо маводи дорувории ихтироъкардаи худ дар озмуни олимони ҷавон соҳиби ҷоиза ва маблағи калон гашт, ки ин дастоварди назаррас аст.

Бино ба қавли муаллифон, аз 566 нафар донишҷӯёни тибқи квота ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ дохилшуда 21 нафар, Донишгоҳи аграрӣ аз 123 нафар 32 нафар ва Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода аз 53 нафар 10 нафар як нимсолаи соли таҳсили 2007-ро бо баҳои аъло ҷамъбаст намудаанд [6]. Агар ба назар гирем, ки чанд фоизи дигар бо баҳои хубу аъло нимсоларо ҷамъбаст намудаанд, пас метавон гуфт, ки умуман таҳсили квотадорон бад нест ва он масъулияте, ки онҳо дар назди халқу ватан доранд, ҳис мекунанд.

Дар навиштаи **«Квота намебуд, донишҷӯ намешудам?»** [7] чунин як суҳбат бо духтарони квотадор хеле ҷолиб аст. Баргигул Латифова, як нафар донишҷӯйи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон аз ноҳияи Мастчоҳ, ки дар ин суҳбат иштирок доштааст, ба суоли «агар квота намебуд, донишҷӯй шуда метавонист ё не?» мегӯяд:

«-Не, наметавонистам ва миннатдории хешро ба Президенти кишвар баён менамоям, ки чунин шароитро барои мо ҷавонон муҳайё намудааст. Рафти дарсҳо хуб аст, кӯшиш менамоям намуна бошам».

Мавзуна Нурова аз ноҳияи Зафаробод, ки муҳассили Донишкадаи забонҳо будааст, боварӣ дорад, ки дар ноҳия ҷойи кор ёфта, донишу малакаи омӯхтаи худро баҳри ободии ватан сарф хоҳад кард:

«-Бале, ҷойи кор ҳаст ва ман мехоҳам дар ноҳияамон аз фанни забони англисӣ ва компютер дарс диҳам, чунки мутахассисони ин соҳа каманд».

Ҳамин тариқ, ҳар яке аз ҳамсуҳбатон қаноатмандии худро аз соҳиб шудан ба квотаи Президентӣ изҳор карда, ба дигар духтарон мегӯянд, ки агар ният неку камари ҳиммат баста бошанд, албатта, ба мақсад хоҳанд расид.

Рӯзномаи «Омӯзгор», ки рӯзномаи асосӣ ва оинаи Вазорати маорифу омӯзгорони кишвар аст, доир ба ин мавзӯъ пайваста мақолаҳо чоп намуда, бо таҳлилҳои худ мушкилот ва дурнамои квотаи президентиро баррасӣ мекунад. Хусусан омӯзгорони ноҳияҳои кӯҳистон, ки аксаран худ шоҳиди бевоситаи квота гирифтани шогирдонашон мегарданд, дар навиштани мақолаву номаҳо ба идораи рӯзнома хеле фаъоланд.

Чунин як гузориш дар ҳафтаномаи «Омӯзгор» бо номи **«Ҳиссае чун кӯҳи Помир»** [4] пешкаши хонандагон гардидааст, ки он аз Конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тайёр намудани мутахассисони замони нав дар асоси квота» омода карда шудааст.

Дар ин гузориш муаллиф Ғулом Ҳайдар аз рафти баргузории конфронс ба тафсил нақл карда, фаъолнокии донишҷӯёни квотадорро дар ин конфронс ва таҳсилашон дар макотиби олӣ васф намуда, эҳсоси масъулиятшиносии онҳоро мусбат арзёбӣ мекунад:

«…аксарияти ҷавонони тибқи квотаи президентӣ таҳсилкунанда бо баҳои хубу аъло мехонанд, дар ҳаёти ҷамъиятии донишгоҳу донишкадаашон ва маҳалли зисташон фаъоланд, аз пайи навоварию эҷодкорӣ мебошанд. Масалан, дар факултетҳои Донишгоҳи техникии Тоҷикистон сарварони гурӯҳҳо, раисони иттифоқҳои касабаи донишҷӯён асосан аз ҳисоби донишҷӯёни тибқи квотаи

президентӣ таҳсилкунанда интихобу таъин карда мешаванд. Дар Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон бошад, дар ҳамагуна чорабиниҳои ташкилӣ, фарҳангӣ, илмӣ–амалӣ даставвал донишҷӯёни тибқи квота таҳсилкунандаро ҷалб менамоянд».

Муаллиф, ба ҳамин минвол, самараи квотаи президентиро номбар намуда, аз кори конфронс чунин натиҷагирӣ мекунад:

«Қариб дар ҳамаи маъруҳаҳои илмию амалӣ як хатти марказӣ–дар мисоли фарзанди фарзонаи миллат, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон, хизмат кардан ба ин марзу бум, адо намудани қарзи фарзандӣ пеши халқи азиз, ҳамсадою ҳамнаво будан ба ҷаҳони имрӯз аст».

Албатта, ҳеҷ коре бе мушкилӣ ва пурра мувофиқи мақсад иҷро намешавад ва ҳар амале душвориву мушкилоти ба худ хосро дорад, ки квотаи президентӣ низ аз ин истисно нест. Ва ҳамон тавре, ки ҳаст, ин мушкилот бо ҳама паҳлуҳои худ рӯйи саҳифаҳои рӯзномаву маҷаллаҳои даврӣ рехтаанд. Зеро, ба қавли яке аз муаллифон аз ноҳияи Файзобод А. Давлатов, ки дар мақолааш «**Квотаи президентӣ барои кист?**» овардааст:

«Танҳо аниқ он буд, ки ҳама аз квота ба ҳар роҳу восита истифода бурдан мехостанд. Ҳам пулдору ҳам бепул, ҳам шаҳрнишину ҳам деҳнишини дурдаст, ҳам донишдору ҳам бедониш» 8]. Ва ана ҳамин хостанҳо аст, ки мушкилиҳо эҷод карда, боиси ноадолатиҳои иҷтимоии ҷомеа мегарданд.

Мувофиқи «Низомномаи қабули писарону духтарон тибқи квотаи Президентӣ» маъмурияти мактабҳо вазифадоранд, ки ҳанӯз аз синфи ҳашт хонандагони болаёқатро зери назорат гирифта, дар синфи нуҳум, аллакай, дар кадом самт лаёқат доштану дорои кадом истеъдод будани онҳоро донанд. Вале мутаассифона, шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо ва мактабҳо танҳо пас аз гирифтани миқдори ҷойҳо ба такопӯ афтода, аксар вақт шахсони тасодуфию камсаводро пешниҳод мекунанд. Ҳолатҳое низ ба назар мерасанд, ки аз як синф ё ду-се мактаби маркази ноҳия ба як ҷой то 5-6 нафар пешниҳод гашта, мактабҳои деҳоти дурдаст аз мадди назар дур мемонанд, ки ин ҳолат, албатта, боиси ноумедии хонандагони болаёқати деҳот шуда, бовории онҳоро ба одилона будани кори комиссияҳои қабули квота аз байн мебарад. Ҳол он ки маркази ноҳияҳо аз нарасидани мутахассисон камтар танқисӣ доранду асосан дар деҳот омӯзгорону табибони соҳибкасб намерасанд.

Дар ин бора боз руҷӯъ мекунем ба рӯзномаҳои даврӣ, ки ин мушкилотро ҳаматарафа инъикос намудаанд.

Дар шумораи №51 ҳафтаномаи «Омӯзгор» муаллифон Сайфиддин Давлатов–сармутахассиси раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломии ВМҶТ ва Эҳсони Хушбахт–мухбири рӯзнома матлаберо зери унвони **«Қабули довталабон: мушкилот ҳал мешаванд?»** [5] ба нашр расонида, мушкилоти қабули довталабон тибқи квотаи президентиро хеле дурусту муҷаз таҳлил намудаанд.

Назар ба қавли муаллифон, дар натиҷаи як санҷиши гурӯҳи кории Вазорати маориф дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ маълум шуд, ки аксари шуъбаҳои маориф ба ин маъракаи муҳим омодагии пешакӣ надида, бе гузаронидани даври мактабӣ довталабонро якбора ба даври ноҳиявӣ меоранд, ки ин бемасъулиятӣ боиси аз озмун нагузаштани онҳо ва холӣ мондани ҷойҳои ҷудошуда мегардад. Ҳолате низ ошкор шудааст, ки масъулини ноҳияи Кӯҳистони Масчоҳ на танҳо даври мактабӣ, ҳатто даври ноҳиявиро нагузаронида, довталабонро ба даври ҷумҳуриявӣ тавсия намудаанд. Дар даври ҷумҳуриявӣ маълум мешавад, ки шахсони пешниҳодгардида, дониши казоӣ надошта, ҳуҷҷатҳои зарурирро (набудани қарори Шӯрои омӯзгории мактаб, тавсияи шуъбаи маориф, роҳхати мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳия, маълумотномаи тиббӣ, табели пешрафти хонанда ва ғ.) низ надоштаанд. Чунин бемасъулиятӣ, ба ақидаи инҷониб, натиҷаи бепарвоӣ ва аз мардуми одӣ дур будани соҳибмансабони идораҳои гуногун аст, ки муҳиммияти омода намудани кадрҳои ихтисосмандро барои имрӯзу ояндаи кишвар дарк накарда, танҳо дар фикри имрӯзи худанд. Ин ашхос андеша намекунанд, ки миёни садҳо ҷавонони болаёқати ноумедшуда шояд олимону ихтироъкорон ва сиёсатмадорони бонангу оре ҳастанд, ки фардо номбардору парчамдорони Тоҷикистони соҳибистиқлол мегарданд.

Натиҷаи ана ҳамин дурбин набудану ояндаро дида натавонистани соҳибмансабон аст, ки макотибу донишгоҳҳои имрӯзаи кишвар панҷоҳ то шаст фоиз муҳоҷир тайёр мекунанд. Ҳамасола 5-6 ҳазор кадрҳои омӯзгорӣ ва шояд ҳамин миқдор табибон донишгоҳҳоро хатм мекунанд, вале ҳанӯз ҳам садҳо муаллимон намерасанду дар деҳоти дурдаст набудани табибони соҳибкасб мушкили асосист.

Пас аз хондани мақолаи **«Кӯҳистон: тиббу маориф ниёзи мост»** [9] дар маҷаллаи «Бонувони Тоҷикистон» мушкилии зиндагӣ ва дарду ғами мардуми мавзеи Даштиҷум беҳистарин хонандаро ҳам бетараф гузошта наметавонад.

Назар ба қавли муаллифон, «Бунгоҳи тиббӣ барои ин мардум дар масофаи 15 км ҷойгир буда, ҳамагӣ ду корманди он бо маълумоти миёна ба 6 деҳаи дигар ҳам «хизмат» мерасонад. Рачабалӣ Зарифов, ба қавли ин мардум, ягона духтурашон ба ниёзмандони деҳоти Шоҳони Таг, Шоҳони Тор, Сангунел, Ёждара, Нимдара ва Миёнатук, ки ҳар кадоме аз 30 то 100 хоҷагӣ дорад, бояд ёрии тиббӣ расонад».

Бо хондани ин сатрҳо касро андешаҳои бесару нӯг фаро гирифта, суолҳои гуногун дар сар чарх мезананд: Куҷостанд он хатмкардаҳои донишгоҳу коллеҷу омӯзишгоҳҳои тиббӣ?

Дар чунин шароит ба кадом андеша ва далел нархи макотиби олӣ сол аз сол болотару болотар меравад, ки барои фарзанди кӯҳистон пардохти он аз имкон берун аст? Куҷост масъулиятшиносии ҳукуматҳои маҳаллӣ, ки саломативу ҳаёти ин миқдор аҳолиро ба ду корманди тиббии бо маълумоти миёна вогузор мекунанд? Чунин деҳаҳои дурдасти кӯҳистон дар ҷумҳурӣ хеле зиёданд, ки ҳамин мушкилиро доранд.

Ҳамчунин, аз вазъи мактабу маорифи ин минтақа ҳарф зада, муаллифон мегӯянд: «Ку омӯзгоре, ки бо чунин шароити сангин… ба кор мераваду хоҳиши ба шогирдон сабақ гуфтан мекунад? Пас дар даҳсолаи баъдӣ низ, мутахассисе аз ин деҳот бояд омода нашавад?

Талабагони синфи ибтидоиро хатмкардаи ин деҳот бояд тақрибан 6-7 километр роҳи кӯҳиеро, ки зимистони сангин яхбандиҳояш калонсолонро метарсонад, тай карда, барои таҳсил дар мактаби 9 сола ба деҳаи Ёждара бираванд. Оё дар шароити кӯҳистоне, ки дар ду-се километр бо як нафари зинда вохӯрдан ё нахӯрдани кас гумон аст, метавон духтарчаи 12-14 солаи худро бе тарсу ҳарос ба саводомӯзӣ фиристод? … Ва ё барои кӯҳистониён доштани маълумоти ибтидоӣ кифоя аст?» [9].

Акнун худ қазоват кунед, ки бо чунин аҳвол хонандае пайдо мешавад, ки бо дониши худ соҳиби квотаи Президентӣ гардад ва оё саҳлангории масъулини ноҳияҳо дар бобати гирифтани квота барои хонандагони кӯҳистон бахшиданӣ аст? Албатта, не!

Чун аз ҳукумати ноҳияҳо ёдовар шудем, бояд бигӯем, ки вазифаи ҳукумати ноҳияҳо танҳо бо соҳиби квота гардидани ҷавонон тамом намешавад. Мувофиқи супориши ҳукумати ҷумҳурӣ мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ муваззафанд, ки аз рафти таҳсил ва аҳволи донишҷӯёни тибқи квота ба донишгоҳҳо дохил шуда, бохабар бошанд ва то қадри имкон кӯмак расонанд. Тавре гуфтем, аз бепарвой ва бемасъулиятии баъзе ҳукуматҳои маҳаллӣ дар масъалаи тарбияи кадрҳо ин вазифа ҳам пурра иҷро намегардад.

Хушбахтона, ҳастанд ҳукуматҳои ноҳияҳое, ки ба ин масъала ҷиддӣ муносибат карда, ақаллан соле як-ду бор аз ҳоли донишҷӯёни худ бохабар мешаванд, ки боиси дастгирист. Масалан, чунин як вохӯриро дар санаи 2 майи соли равон масъулини ҳукумати вилояти Хатлон бо кулли донишҷӯёни соҳибквотаи дар мактабҳои олии пойтахт таҳсилкунандаи вилоят дар толори Филармонияи давлатӣ баргузор намуд, ки дар он намояндагони Вазорати маориф ва ҳукумати кишвар низ ширкат варзиданд. Тавре қайд гардид, айни замон, аз вилояти Хатлон дар донишгоҳу донишкадаҳои олии кишвар 1865 нафар донишҷӯйи квотадор таҳсил мекунанд, ки аксарашон аълохону хубхон буда, бо хобгоҳ таъминанд [10]. Албатта, кӯмаки яквақтаи молие, ки ҳукумати ноҳияҳо дар чунин рӯзҳо ба ин донишҷӯён мерасонанд, шояд барои хӯроки якҳафтаина нарасад, аммо ин ҷо муҳим аз мадди назар дур намондану фаромӯш накардан аст, ки аз хотири донишҷӯ ҳеҷ гоҳ фаромӯш нахоҳад шуд. Ва шояд бо таъсири чунин вохӯриҳо ҷавонон бештар дилгарм шуда, бо эҳсоси масъулият фаъолияташонро дар деҳоти дурдасти ноҳияи худ давом диҳанд.

Вале чи битвон кард, ки баъзе ҳукумати ноҳияҳо ин супориши ҳукумати кишварро ба хубӣ анҷом намедиҳанд. Тавре дар боло гуфтем, масъулини чунин ноҳияҳо бо фиристодани донишҷӯёни соҳиби квота гашта ба мактабҳои олӣ вазифаи худро иҷрошуда ҳисобида, умуман хабар гирифтан аз ҳолу аҳволи онҳоро ба гӯшаи хотир ҳам намеоранд ё оранд ҳам ба вақти дигар гузошта, бо ҳамин фаромӯш мекунанд, ки мақолаи **«Масъулини маҳал аз донишҷӯдухтарон хабар мегиранд?»** [11] дар ин бора нақл мекунад. Дар рафти суҳбат ба муаллиф донишҷӯдухтаре бо номи Саида Ёқубҷонова аз шаҳри Хуҷанд чунин гила кардааст: «Соли чорум аст, ки дар Душанбе таҳсил мекунам, аммо касе аз ҷамоати Деҳмой ба хабаргирии мо наомадааст. Мо низ ба онҳо ниёз надорем, пас аз хатми донишгоҳ чигуна, ки шартномаро имзо намудаам, бояд ба ноҳия баргардам ва саҳми худро дар ободии диёрам мегузорам».

Хуб аст, ки бо ин ҳама бемасъулиятии масъулон боз ҳам ҷавонон дар фикри ояндаи ободии зодгоҳу ин ватананд, зеро медонанд, ки ин хоку бум ба ҳунару дониши онҳо ниёз дорад.

Ҳафтаномаи «Нақот» аз Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон низ гоҳе мушкилоти мактабу маорифро ба риштаи таҳлил мекашад, ки яке аз онҳо мақолаи

мухбири рӯзнома аз минтақаи Кӯлоб–М. Мустақим бо номи **«Квота барои кист?»** [12] мебошад. Он дар бораи вазъи таҳсилу зисти донишҷӯёни квотадори донишгоҳу донишкадаҳои вилояти Хатлон ба хонанда чунин қисса мекунад: «Ҳамин бепарвоии ҳукуматҳои ноҳияҳо сабаби тарк кардан ва ё мушкилоти иқтисодии духтаракони бо тарзи квота хонанда мегардад. Эшон, ки барои давом додани таҳсили худ маблаге намеёбанд, маҷбур мешаванд ба мардикорӣ раванд». Тавре, ки директори ТҒД «Шаҳрванд»-Д. Сайдалиев ба муаллиф иброз доштааст:«-Дар вақти сафари хизматӣ дар шаҳри Маскави Федератсияи Русия будам, бо духтарони муҳоҷири тоҷик муяссарам шуд, рӯ ба рӯ шуда, сухбат намоям. Дар байнашон духтаракони донишҷӯе, ки бо тариқи квота дар донишгоҳҳои кишвар таҳсил мекарданд, низ буданд. Сабабашро пурсон шудам, гуфтанд, ки ба тариқи квота дохил шуда, имрӯз он кӯмак ва дастгириеро, ки ҳукуматҳои маҳаллӣ барои мо бояд сари вақт расонанд, намебинем, аз ин рӯ аз оилаҳои камбизоат ҳастем, маҷбур шудем, барои идома додани таҳсил ба муҳоҷират рӯ биёрем, то ки маблаге ёбему рафта, таҳсилро идома диҳем. Бе пул хонда нашавад, бе пул як роҳ аст, ин ҳам тарки таҳсил». Агарчӣ муҳоҷират дигар барои мо падидаи манфӣ набошад ҳам, вале кӣ кафолат дода метавонад, ки донишҷӯдухтари тоҷик дар чанд моҳи муҳоҷират маблаги лозимиро пайдо карда, бо вақти хуш ба ватан бармегардад? Кӣ гуфта метавонад, ки ин духтарони дунёнадида дар ҳолати маҷбурӣ ба роҳи хато намераванд? Ё худу сиҳатиашонро худ ҳифозат карда метавонанд? Ҳазорон суолест беҷавоб.

Дар тӯли 10-15 соли охир дар мавзӯи муҳоҷират дар ВАО зиёд гуфтанду паҳлӯҳои гуногуни онро мавриди баррасӣ қарор доданд, ки такрор кардани он дар ин ҷо мувофиқи матлаб нест. Ҳукумати кишвар ҳам кӯшиш дорад, ки бо роҳҳои қонунӣ будубоши муҳоҷирони кории тоҷикро дар мамлакатҳои хориҷ сабуктару осонтар кунад, аммо бояд донист ва фаромӯш набояд кард, ки сол то сол муҳоҷират дар Тоҷикистон ба қавли таҳлилгарон «чеҳраи занона мегирад» ва шумораи занону модарони муҳоҷири тоҷик рӯ ба афзоиш буда, нодида гирифтани он пайомадҳои нохуше дошта метавонад.

Дар охири мақолаи мазкур муаллиф аз забони ноиби ректори донишгоҳи давлатии Кӯлоб оид ба тарбия Иброҳим Гурезов чунин меорад:

«-Охирҳои моҳи май, ҳукумати ноҳияи Мӯъминобод занг зада, аз мо хоҳиш карданд, ки рӯзи шанбе донишҷӯёни тариқи квота таҳсилкунандаи ноҳияи моро омода созед, мо ба донишгоҳ ташриф оварда, бо онҳо вохӯрӣ мегузаронем ва кӯмаки моддии худро ба онҳо мерасонем. Мо донишҷӯёни тариқи квота таҳсилкунандаи ноҳияи Мӯъминободро аз саҳар ҷамъ намуда, то нимаи дуюми рӯз интизор шудем, вале аз намояндагони ҳукумати ноҳияи Мӯъминобод ҳеҷ дараке нашуд ва донишҷӯёни интизор ноумед пароканда шуда рафтанд ва то ҳанӯз аз онҳо дараке нест. Чунин муносибати хунукназаронаи ҳукумати ноҳияҳо ба рафти таҳсили донишҷӯёни тариқи квота таҳсилкунанда таъсири сахт мерасонад. Рафту шароити оилавӣ вазнинӣ кунад, қисме маҷбур мешаванд, муваққатан тарки таҳсил кунанд ва ё пурра, барои ҳамин ҳукуматҳои ноҳияҳоро андешае мебояд» [12].

Ин сатрҳоро хонда, ҳамон мақоли халқӣ «Сер кай парвои гурусна дорад» ба ёд меояд, ки бозгӯйи ҳамин ҳолат аст. Дар давоми ду даҳсолаи соҳибистиқлолӣ чунин бепарвоию беандешагии раисону вазирон ва кормандони идораҳо ҳазорҳо меваи талх ба самар овардаанд, ки таъми заҳри онро танҳо мардуми одӣ эҳсос мекунаду сабурона тоқат мекунад.

Хулоса, зимни пажӯҳиши вазъ ва самараи қабули ҷавонписарону ҷавондухтарон ба мактабҳои олӣ тариқи квотаи президентӣ, ҳам натиҷаҳои мусбат ва ҳам натиҷаҳои манфии он ба мушоҳида мерасад. Ҷиҳати мусбаташ аз он иборат аст, ки:

1. Аз соли 1997 ба ин сӯ садҳо ҷавонон, хусусан духтарони камбизоати деҳоти дурдасти кишвар тибқи квота мактабҳои олиро хатм карданд ва ба шаҳру ноҳияи худ баргашта, дар идораву ташкилот ва ҳукуматҳои маҳаллӣ мувофиқи ихтисоси худ соҳиби ҷойи кор гаштанд, ки ба ин восита мушкилоти норасоии кадрҳои баландихтисос дар манотиқи дурдаст ба андозае роҳи ҳалли худро ёфт;
2. Дар миёни чунин ҷавондухтарон, аллакай, нафароне ҳастанд, ки ба вазифаҳои пурмасъулият, ба монанди ҷонишини раиси ноҳия, раиси ҷамоат, роҳбари мактаб, сардухтури беморхонаҳои ноҳиявӣ ва ҷамоавӣ, сардорони шуъба дар ҳукуматҳои маҳаллӣ ва ғ. таъин гашта, ба халқу ватан содиқона хизмат намуда истодаанд, ки ин ҳолат мақоми занро дар ҷомеаи Тоҷикистон боз ҳам баландтар мебардорад;
3. Аз нафароне, ки дар пойтахт фаъолият дошта, рӯ ба соҳаҳои гуногуни илм овардаанд, дар оянда олимони хубе омода гашта, баҳри пешрафти илми муосири тоҷик саъю талош хоҳанд кард;

4. Ва ниҳоят, модари босавод ҷомеаи босавод аст. Умед аст, ки дар оянда ин духтарони таҳсилкарда фарзандони босаводу номбардори миллатро ба воя хоҳанд расонид!

Дар баробари ин, зимни тадқиқот ҷиҳатҳои манфии квота низ ошкор гардид. Ин ҳолат пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки:

1. Аз бепарвоӣ ва бемасъулиятии шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо ва роҳбарони мактабҳо ҳолатҳое рӯй медиҳанд, ки хонандагони болаёқат дуруст интихоб нашуда, баъзан хонандагони бесаводу тасодуфӣ соҳиби квота мегарданд;
2. Бо ҳар роҳу восита - шиносбозию ришвадиҳӣ фарзандони оилаҳои доро ва хешу табори раисону роҳбарон квотаро соҳиб шуда, аз бемасъулиятӣ ва бесаводии худ ба зудӣ донишгоҳу донишкадаро тарк карда, ба хонаашон бармегарданд;
3. Ин ҳолат боварии мардумро нисбат ба кори комиссияҳои қабули квота гум карда, боиси пайдо шудани ақидаҳои нодуруст ва ноумедии хонандагони болаёқат мегардад;
4. Он масъулияте, ки мувофиқи он бояд ҳукуматҳои маҳал аз ҳоли ҷавонони тибқи квота таҳсилкунанда огоҳ шуда ба онҳо кӯмак расонанд, на ҳамеша иҷро мешавад, ки гоҳо боиси таҳсилро маҷбуран тарк кардани ҷавонон мегардад;
5. Ниҳоят, ҳоло ҳам қонунгузории соҳаи маорифи ҷумҳурӣ пурраю мукаммал набуда, дар баъзан ҳолат вазъиятро ба танзим дароварда наметавонанд.

Новобаста ба камбудиҳои ҷойдошта метавон гуфт, ки ҷорӣ гардидани квотаи президентӣ беҳтарин амал ва қадами устувори ҳукумати ҷумҳурӣ баҳри тайёр намудани мутахассисон ва дар рӯҳияи солим тарбия намудани онҳо аст. Ин аст, ки нисбат ба чанд соли пеш бедории фикрии мардум зиёдтар мушоҳида мешавад ва ҷидду ҷаҳди масъулини соҳаи маориф дар роҳи саводнок кардани насли наврас низ назаррас аст, зеро ҳамагон дарк намудаанд, ки соҳибкасбу соҳибҳунар ҳамеша бологузар асту бесавод аробакаши бозор!

А Д А Б И Ё Т

1. Истиқлолат поянда ва ҷовидон бод, Тоҷикистон! Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати 20-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 8 сентябри соли 2011//Омӯзгор. - Душанбе, 2011-16-09.
2. Рушди маориф дар марҳилаи ҷаҳонишавӣ. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба Рӯзи дониш (Мактаби байналмиллалии президентӣ, шаҳри Душанбе, 1.09.2012) // Маърифати омӯзгор. – Душанбе, 2012. - №9. - С.5-12.
3. Самараи квотаи президентӣ ва зарари хотирбинӣ // Ҷумҳурият. – Душанбе, 2013-23-02. - №25-26.
4. Ҳиссае чун кӯҳи Помир // Омӯзгор. – Душанбе, 2011-22-04.
5. Қабули довталабон: мушкилот ҳал мешаванд? // Омӯзгор. - Душанбе, 2011-16-12.
6. Даҳсолагии духтарони президент // Ҷавонони Тоҷикистон. - Душанбе, 2007-16-05.
7. Квота намебуд, донишҷӯ намешудам // Ҷавонони Тоҷикистон. - Душанбе, 2009-12-12.
8. Квотаи президентӣ барои кист? // Омӯзгор. - Душанбе, 2011-22-04.
9. Шарифзода Р. Кӯҳистон: Мактабу маориф ниёзи мост / Р.Шарифзода, Б.Юсуфова // БонувониТоҷикистон. - Душанбе, 2012. – С.26-28
10. Шабакаи аввали Телевизиони Тоҷикистон. Ахбор. - Душанбе, 2013-02-05.
11. Беронова Р. «Масъулини маҳал аз донишҷӯдухтарон хабар мегиранд? / Р. Беронова // Миллат». - Душанбе, 2010-29-12.
12. Квота барои кист? // Нақот. - Душанбе, 2007-20-06.

ПРЕЗИДЕНТСКАЯ КВОТА: ДОСТИЖЕНИЯ И ТРУДНОСТИ

В данной статье приведены издержки автора относящиеся к проблемам и достижениям относительно президентской квоты и подготовки молодых специалистов. Автор рассмотрев данную задачу с положительной и отрицательной стороны сделал логические выводы. Также научно обоснован прогресс в сфере образования.

Ключевые слова: квота, просвещение, образование, высшее учебное заведение, специалист, воспитание, обучение, молодёжь, газета и журналы, местные власти.

PRESIDENTIAL QUOTA: ACHIEVEMENTS AND CHALLENGES

This article describes the costs of the author related to the problems and achievements regarding the presidential quota and training of young professionals. The author considered this task with positive and negative sides made logical conclusions. Also scientifically based progress in the field of education.

Key words: quota, education, education, institution of higher education, specialist education, training, youth, newspaper and magazines, local authorities.

Сведения об авторе: ***С. Курчиев*** – соискатель ТГИИ им. М. Турсунзаде. Телефон: **907-98-05-58.**
E-mail: **samak-1981.tj@mail.ru**

БАЪЗЕ УСУЛҲОИ ТАҲИЯИ ХАБАР ДАР ОҶОНСИҲОИ «ОЗОДӢ» ВА «ТОҶНЮС»

Б.К. Нуралиев
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳамарӯза рӯйдодҳои бешуморе дар ҷаҳон рӯй медиҳанд, ки аглаби онҳо мавриди таваҷҷуҳи рӯзноманигорон қарор мегиранд. Рӯзноманигорон мувофиқи таъйиноти касбӣ аз миёни анбуҳи иттилоот хабарҳоеро интихоб ва мавриди инъикос қарор медиҳанд, ки дар айни замон огоҳонидани мардум аз ин ҳаводис нисбатан муҳим ва аҳамиятнок аст. Ба таъбири дигар, дар ин марҳила рӯзноманигорон аз рӯйдодҳои ғайрихабарӣ воқеаи хабариро моҳирона ҷудо карда метавонанд. Ба ин мазмун, дар кори хабарнигорӣ қадами нахустин шинохти воқеаи хабарӣ ва интихоби он аст.

Муҳаққиқони соҳаи рӯзноманигорӣ дар шинохти моҳияти хабар ва хусусияти он андешаҳои гуногунро ироа намудаанд. Аз ҷумла, Лейл Спенсер «хабар»-ро «натиҷаи ҳар амал ва андеша, воқеае, ки барои иддаи бисёре аз хонандагон ҷолиб бошад, муаррифӣ мекунад» [4, 76].

В.Ҷ. Боллир яке аз рӯзноманигорони америкоӣ «хабар»-ро ҳар мавзӯи ҷории рӯз медонад, ки ба сабаби ҷолиб ва мавриди таваҷҷуҳи хонандагон будан, дар матбуот нашр мешавад [1, 13].

Ба назари С. Мейлӣ хабар, нақл, воқеаи рӯйдодаи муҳим мебошад, ки дар рӯзномаҳо чоп мешавад ва мавриди таваҷҷуҳи хонанда қарор мегирад [7,53].

Ба таъбири Мичл Вий Чорнали «хабар гузориши муносиб, хулоса ва дақиқи яке рӯйдод аст ва на худ рӯйдод» [6, 108]. Ин андешаи Чорналӣ ба назари Арик Си Ҳупвуд то андозае монанд аст. Ӯ «хабар»-ро «нахустин гузориш, ҳодиса, бо маъние, ки мавриди таваҷҷуҳи омма аст», маънидод мекунад [6, 108]. Ружа Клус «хабар»-ро «нақли сода, хулосаи воқеаву рӯйдод» таъриф кардааст [6, 53]. Бино ба навиштаи Фернандо: «Хабар иборат аз нашри мунтазами воқеа, огоҳӣ ва донишҳои инсонӣ, нақли ақидаҳо ва афкори умум аст». Ӯ ҳамчунин меафзояд, ки: «хабар гузориш аз воқеаҳост». Баъзе муҳаққиқон таъкид мекунанд, ки «хабар ҳамзамон рӯйдоди ҷорӣ нест, балки рӯйдодҳои ояндаро дар бар мегирад». Барҳи дигар бар он ақидаанд, ки «хабар рӯйдодҳои гузаштаро низ фаро мегирад». Гурӯҳи дигар хабарҳои матбуотӣ, телевизионӣ, радиоиро аз ҳам ҷудо намуда, хусусиятҳои умумӣ ва фарқи онҳоро нишон додаанд.

Мавриди зикр аст, ки воқеаҳои иҷтимоии ҳар давру замон аз рӯйи моҳият ва муассирӣ фараҳбахш ва зеҳнфишор мешаванд. Дастрасӣ ва пахши воқеаҳои фараҳбахш нисбатан осон ва қулай аст. Аммо, дастрасии воқеаҳои зеҳнфишор ва мудҳиш нисбатан душвортар мебошад, зеро баъзан ҳолат дар дастрасии чунин иттилоот муносибати субъективӣ ба мушоҳида мерасад.

Аз баррасии муҷмали назариёти фавқуззикр ва амсоли ин метавон чунин натиҷа ҳосил намуд:

1. Хабар гузорише аз воқеаҳост, аммо на ҳамаи воқеаҳо предмети хабар шуда метавонанд;

Мисол: баргузории тӯйи хонадоршавӣ, боридани борон ё барф.

2. Хабар на танҳо ифодакунандаи воқеаҳои гузашта ва ё ҷорӣ, балки воқеаҳое низ мебошад, ки ҳанӯз рух надодаанд.

Аз расонаҳои хабарӣ, аз ҷумла агентиҳои мавриди назари мо типи дуюми хабарҳо истифода мешаванд:

-«Эмомалӣ Раҳмон фардо ба Украина сафар хоҳад кард» (АИ «Тоҷнюс», 2013. 2 август).

-«Имрӯз хати интиқоли барқи Сангтӯда-Пули Хумрӣ боз мешавад» («Озодӣ», 2011. 27 октябр).

Ин гуна намунаи хабарҳоро, ки аз воқеаҳои ҷорӣ иттилоъ медиҳанд, аз расонаҳои мавриди назар метавон зиёд ба даст овард.

Аглаби муҳаққиқон бар он назаранд, ки «хабар нақли матолибе аст, ки барои иддаи зиёди мардум ҷолиб бошад», аммо ин маъноеро надорад, ки рӯзноманигор воқеаҳои шунида ва баъзан санҷиданашударо бо шеваи валвала дар расонаҳои хабарӣ инъикос намояд. Ин гуна матолиб, ҳарчанд зоҳиран ҷолиб ва ҷаззобанд, аммо хабар буда наметавонанд. Зеро, дар онҳо факти мушаххас вуҷуд надорад, воқеаҳо ҳаматарафа санҷида нашудаанд.

Аз ин баррасиҳо метавон хулоса баровард, ки тақрибан ҳамаи муҳаққиқони соҳаи журналистика ба наву ҷолиб, воқеӣ ва саҳеҳ будани рӯйдод, ки ба хабар хос аст, муътақиданд.

Аз ҷумла, дар шинохти хабар Иброҳим Усмонов бар он назар аст, ки «хабар маълумоти тоза аст. Агар ҳамин аслро ба назар гирем, хабар гуфта факт ва воқеаеро мешиносем, ки нав ба вуқӯъ омадааст ё акнун ба амал омаданаш мумкин аст» [8, 13].

Муҳаққиқ Ҷовид Муқим низ дар пайравӣ бо донишмандони дигар, аз ҷумла Ю. А. Летунов, В. Миронченко, Ю. Д. Бараневич, А. Саъдуллоев, С. Гулов ва дигарон, ба он фикр аст, ки хабар маълумоти кӯтоҳест, ки аз ҷузъиёти нав саршор аст ва моҳиятан барои ҳама ё қисми муайяни ҷомеа ҷолиб мебошад. Вай воқеаро, ки аҳамияти сиёсию иҷтимоӣ, илмию фарҳангӣ ва ғайра дорад, возеҳ месозад. Хабар бояд ба саволҳои чӣ рӯй дод, кай, дар куҷо, ба кадом сабаб, дар кадом шароит ба амал омад ва чӣ натиҷа дод, посух гӯяд [7, 11].

Табиист, ки хабар дирӯз ва имрӯз низ воқеаи навро инъикос менамояд. Аммо, бо рушди илму техника аз ҷумла, инкишофи технологии воситаҳои ахбори омма рисолати воқеанигориро то андозае дигаргун намуд. Аммо ин дигаргунӣ ба нав будани воқеаи хабар халал ворид насохт, балки сареҳияти онро таҳвият бахшид.

Хабар ҳамчун шакли сареъ ва фаврии воқеаву рӯйдоди тоза, сохтор ва функсияи худро дорад. Воқеа, албатта, дар шакли матн пешниҳод мегардад. Матни хабар низ, хусусияти хос дорад. Пеш аз он ки доир ба ин ҷиҳати хабар ҳарф занем, мехоҳем баъзе рукнҳои жанри хабарро бозгӯ намоем. Яке аз рукни хабар лид аст, ки пеш аз матни хабар меояд. Он қисми ҳабар, ки баъд аз лид ё муқаддима меояд, матни асосии хабар номида мешавад, ки нигориши он дар сабкҳои гуногун сурат мегирад. Масалан, дар сабки ҳарами вожгуна хабар дар асоси аҳамияти матолиб навишта мешавад. Аммо, дар сабки таърихӣ ва сабки таърихӣ ҳамроҳ бо лид, қисматҳои гуногуни рӯйдод на дар асоси аҳамияти матолиб, балки бо тартиби замону воқеаи рӯйдодҳо қарор мегиранд. Дар ҳар сурат, матни хабар, бино ба зарурат мумкин аст аз як ё ду ҷумла ва беш аз даҳ ҷумла иборат бошад. Аммо, он чи ки матни хабарро ҷаззоб мекунад, иртибот ва ҳамоҳангии байни ҷумлаҳо ва сарҳатҳои он мебошад. Ҳар қадар ин иртибот қавитар, ҷумлаҳо пурмаъно ва кӯтоҳ бошанд, хондан ё шунидани хабар барои аудитория роҳаттар мегардад.

Ин ҳамоҳангиро метавон бо «**такрори бамавқеи мавзӯъ ё меҳвари аслии хабар** (гаронӣ, тазоҳурот, боридани бошиддати борон..)», «**калима ва ибораҳои рабтдиҳанда** (вай мегӯяд, ӯ афзуд, президент қарор имзо кард, Вазири маориф таъкид кард, аммо, ба ин тартиб, илова бар ин, ҳамчунин, лозим ба ёдоварист, ки…, бо вуҷуди ин, дар айни ҳол…)» ва «**истифодаи бамавқеъ аз номи маконҳои мухталиф**» (Бразилия, Лубнон, Сурия…) таъмин кард. Ин ҳамоҳангиҳоро бо мисолҳо нишон медиҳем:

а) ҳамоҳангӣ бо такрори мавзӯъ ё меҳвари аслӣ. Беш аз як миллиону сездаҳ ҳазор довталаб барои ширкат дар **озмуни саросарии** донишгоҳҳо ва муассисаҳои омӯзишии олӣ номнавис шудаанд. Ба гуфтаи ректори Донишгоҳи Воронеж санҷиши озмуни кишвар, **ин озмун панҷшанбе** ва ҷумъаи ҳафтаи оянда дар як марҳилаи ҳассос баргузор мегардад.

Профессор Сергей Багданов афзуд: «Теъдоди аз пурсишҳои озмуни сартосарии имсолаи донишгоҳҳо ва муассисаҳои омӯзишии олӣ барои довталабон ду низоми омӯзиш тавассути муштарак ва теъдоде ғайримуштарак аст ва довталабони ҳарду низоми омӯзиш бар хилофи озмунҳои ду сол қабл шуда, барои ворид ба донишгоҳҳо дар шароити якхела рақобат мекунанд».

Вай ҳамчунин гуфт: «Саҳми ҷудогонаи довталабони низоми наву куҳна иштирок дар **озмуни саросарии имсолаи** донишгоҳҳо ва муассисаҳо нимаи соли дуюми оянда баргузор хаҳад шуд [«Озодӣ», 2011. 24 сентябр].

Чунончи дидем, калимаи **«Озмун»** ҳамчун омили асосии хабарсоз дар ҳама сарҳатҳо такрор мешавад, ки бамаврид аст.

б) ҳамоҳангии ҷумлаҳо ва ибораҳои ҳабарӣ бо такрори бамавқеи маконҳо. Мардуми Сурия, Испания, Фаронса, Лубнон ва бархе кишварҳои дигар имрӯз бо ширкат дар тазоҳуроти зиддиисроилӣ, куштори занон ва кӯдакони бегуноҳи Фаластинро дар сарзаминҳои ишғолнамудаашон маҳкум карданд.

Дар Сурия тазоҳуроткунандагон бо ҷамъшавӣ дар маркази истеҳком, ба ҳимояти Амрико аз исроилиён эътироз карданд. Дар Испания эътирозгарон аз кишварҳои аъзои Иттиҳодияи Аврупо хостанд исроилиёнро таҳрим кунанд. Ва кишвари Фаластинро ба расмият бишносанд.

Дар шаҳри Руни Фаронса низ даҳҳо ҳазор нафар аз мардум дар муқобили консулгарии Амрико таҳрими колоҳои исроилӣ ва бекор кардани қарордодҳои тиҷоратӣ миёни Аврупо ва Исроилро талаб карданд.

Ҳамчунин имрӯз 150 ҳазор нафар аз тарафдорони муборизони фаластинӣ дар баробари манзили нахуствазири Фаронса тазоҳурот карданд. Ин тазоҳурот бо даргирӣ полисҳо анҷомид ва полис теъдоде аз иштирокчиёнро боздошт кард.

Дар шаҳри Лубнон ҳам садҳо нафар бо ташкили як занҷираи инсонии якуним километрӣ бо миллати Фаластин эъломи ҳамбастагӣ карданд [«Озодӣ», 2011.17 октябр].

Тавре дар намунаи мазкур мушоҳида мешавад, бо такрори бамавқеи маконҳои мухталифи хабарӣ, метавон байни ҷумлаҳо ва ибораҳо ҳамоҳангии хабарӣ ба вуҷуд овард.

Возеҳ ва равшании факт низ аз ҷумлаи махсусияти хабарнависӣ аст, ки дар таҳияи хабар бояд ба он эътибор дод. Матни хабарро бояд тавре таҳия кард, ки на танҳо барои табақаи зиёии ҷомеа, балки ба шахсони оддӣ фаҳмо бошад. Мутаассифона, баъзан расонаҳо матни хабарҳоро тавре ба шакл медароранд, ки на танҳо хонандаи одӣ, балки афроди тахассусӣ бо мушкилӣ дарк мекунанд.

Мисол: Транспаренси Интернешнл фасоди афзун дар Тоҷикистонро ба кундии раванди иҷрои қавонин марбут донист. Тоҷикистон дар гузориши нави Транспаренси Интернешнл ду зина боло рафта, дар ҷойи 152 аст. Transparency International мустақил набудани додгоҳҳо, ба иҷро нарасидан ё кундии раванди иҷрои қавонин ва дар дасти як гурӯҳ қарор доштани қудратро аз омилҳои аслии густариши фасод дар Тоҷикистон хондааст. [«Озодӣ», 2011.01 декабр].

Нуктаи дигаре, ки бояд дар таҳияи хабарӣ ба назар гирифта шавад, «ҷамъияти хабар» аст, яъне дар таҳияи ин жанр хабарнигор, сармуҳаррир ва ҳамкорон метавонанд саҳми баробар гузоранд. Ба ибораи дигар, рӯзноманигор пеш аз таҳияи хабар бояд дурустии онро санҷад.

Рукни дигаре, ки дар таҳияи хабар муҳим аст, манбаъ мебошад, ки дар хусуси он низ андешаҳо гуногун аст. Манбаи хабарро ба мафҳуми оммавӣ ва содаи он, хостагоҳ ва риштаи хабар меноманд. Ба ибораи дигар, фарди ҳақиқӣ ё ҳуқуқӣ, ки сарчашмаи хабар аст, манбаи хабар низ маҳсуб меёбад.

Бинобар ин, манбаи хабар метавонад инсони ҳақиқӣ (Президенти мамлакат, вазир, ректори Донишгоҳ, вакили парлумон ва ғайра) ё ҳуқуқӣ (ниҳоди раёсати ҷумҳурӣ, Маҷлиси Олӣ, Донишгоҳ, идора ва монанди ин) бошад.

Мисол: ***Раиси ҲНИТ*** зимни як нишасти хабарӣ мавқеи ҳизби худро дар мавриди зиндонии ду халабон ва фишорҳо болои муҳоҷирони тоҷик дар Русия муайян кард.

Ҷаноби Кабирӣ нахуст муносибати Душанбеву Москваро нигароникунанда арзёбӣ кард ва баъдан гуфт: «То кунун мо сиёсати кадрии Президентро танқид намекардем. Мегуфтем, ки Президент командаашро худаш интихоб мекунад. Ҳоло мебинем, ки ин масъала дигар ба шахсияти Президент ва командаи ӯ рабт надорад». Кабирӣ дар идома гуфт, парлумонро мебояд дар ҷаласаи навбатии худ ба ин масъала ҷиддӣ дахл кард [«Озодӣ», 2011.14 декабр].

Манбаи ин хабар шахси ҳақиқӣ мебошад. Ҳамон тавре ки гуфта шуд, манбаи хабар метавонад шахси ҳуқуқӣ шуда тавонад: ***Сухангӯйи сафорати Амрико*** дар Афғонистон мегӯяд: «Ҳилларӣ Клинтон сафари кӯтоҳе ба Кобул намуда ва қарор аст бо Ҳомид Карзай мулоқот намояд».

Ҳадафи сафари Вазири умури хориҷаи ИМА ба Кобул дар паҳлуи мулоқот бо Карзай, дидор бо ҷомеаи маданӣ низ будааст. Бино ба хабарҳо қарор аст вазири хориҷаи Амрико имрӯз (20-уми октябр) вориди Душанбе шавад. Интизор меравад, роҳҳои расидан ба сулҳу оштӣ дар Афғонистон ва вазъи равобити Тоҷикистону Амрико аз мавзӯъҳои асосии музокироти ӯ ба роҳбарони Тоҷикистон дар Душанбе бошад [«Озодӣ», 2011. 20 октябр]. Дар ин хабар манбаъ хусусияти ҳуқуқӣ дорад.

Хабари дигареро дар поён меорем, ки аз расонаи дигар гирифта шудааст ва онро манбаи расонаӣ метавон гуфт: Вазири умури хориҷаи Русия бо интиқод аз тасмими НАТО барои куштани Муаммар Қаззофӣ, ҳокими собиқи Либия эълом кард, корвони Қаззофӣ, ҳангоме, ки ҳамлаи НАТО қарор гирифт, касеро таҳдид намекард. Бинобар ин, кушта шудани вай машкук аст.

Ба гузориши хабаргузории Фаронса, Сергей Лавров, вазири умури хориҷаи Русия дар гуфтугӯ бо радиои ин кишвар афзудааст: «Марги Қаззофӣ, собиқ роҳбари Либия дар Маскав суолеро барангехтааст». Лавров, ҳамчунин гуфтааст: «Тасмими ҷомеаи байналмилал ин буд, ки ӯ машрияти худро аз даст додаст ва бояд барканор шавад. Шеваи марги ӯ суолбарангез шудааст» [«Тоҷнюс», 2011. 20 октябр].

Албатта, на ҳамаи манбаъ барои таҳлили хабар иттилоъ дода метавонанд. Бинобар ин, дар ин ҷараён талаботи дигар зарурат ва интихоби манбаъ ба миён меояд. Донистани манбаи хабар ниёзи табии аудитория маҳсуб меёбад, то аз ин тариқ битавонад таваҷҷуҳ ба сарчашмаи хабар ва иттилооти дурусту сареҳ дошта бошад. Бавижа, бо фановарии иртибот ва теъдоди расонаҳо, ёфтани манбаи муътабар аз ғайримуътабар мушкил шудааст, аммо ба тарзи умумӣ бояд гуфт, ки истифода аз манбаи хабар дар мавриди зерин зарурат дорад:

1. **Мустанад кардани хабар**-ҳамон тавр ки дар боло ишора шуд, бархе воқеаҳо ва овардани манбаи хабар дар ҷавоб ба талаботи рӯзмарраи аудитория сурат

мегирад ва вокуниш мешавад, то аудитория бидонад маншаъ ва сарчашмаи хабар кучост (бештар дар телевезионҳо).

2.**Эътибор додан**-баъзе воқеаҳо мумкин аст дорои манбаъ, аммо эътибори он мавриди шубҳа бошад. Мустанад будани хабар ё бо эътибор будани он фарқкунанда аст. Дақиқан ба ҳамин далел зарур аст, барои бартараф кардани ҳар гуна шакку шубҳа дар хусуси саҳеҳияти хабар ва ҳамчунин фароҳам кардани арзёбӣ барои аудитория, номи манбаи хабар, ки дорои ҳусни баён аст, оварда шавад.

3. Масъулият-дар кори расонаҳо баъзе воқеа ва хабарҳои муҳимме бо нақл аз баъзе манбаи гузориш мешавад, ки дурустӣ ва саҳеҳияташон мавриди шубҳа мебошад. «Аз тарафи дигар, суръати кори хабаррасонӣ ва рақобати фишурдае, ки байни расонаҳо мавҷуданд, иҷозат намедиҳад пахши хабареро, ки дурустии факту далелҳои воқеа исбот нашуда бошад» [9, 37]. Дар ин ҳолат барои адои вазифаи иттилорасонӣ ва ҳамчунин қафо намондан аз расонаҳои рақиб, ахборро бо зикри манбаи хабар нашр кардан лозим аст. Вакте хабар саҳеҳ ва саривақтӣ аст, эътибори ауидитория ба расонаи хабарӣ қавитар мегардад. Мисол: Ҳамасола аз Русия ба Тоҷикистон садҳо муҳоҷирони тоҷик оварда мешаванд, ки як гурӯҳи онҳо дар пайи ҳамлаи миллатгароёни рус кушта шудаанд. Агарчӣ мақомот бовар доранд, бештари муҳоҷирон ба сабаби беморӣ ва ё ҳангоми кор дар сохтмонҳо ба ҳалокат расидаанд, ки дақиқ нест.

Натиҷаҳои таҳқиқи **Маркази иттилоотию таҳлилии «СОВА»** низ нишон медиҳад, ки танҳо дар ҳашт моҳи гузаштаи соли 2011 ҳудуди 30 нафар аз дасти нажодпарастон дар Русия кушта, 85 нафар захмӣ ва 54 нафар таҳдиди марг шудаанд [«Озодӣ», 2011. 16 октябр].

Дар ин хабар манбаъ мушаххасан зикр гардида, воқеа саривақт мунъакис шудааст.

Рукни дигари хабарнависӣ усули пахши он аст. Тавре дар боло ишора шуд, дар расонаҳои хабарии ҷаҳонӣ аз усулҳои гуногуни хабарнависӣ истифода мебаранд, аммо ду усул ё сабк нисбатан маъмултар аст.

а) шеваи таърихӣ-танзими хабар, осонтарин усули хабарнависӣ маҳсуб меёбад. Дар ин сабк қисматҳои гуногуни рӯйдод дақиқан бо вақти бавҷудомада, яъне ҳамон тавре ки ҳодиса рух додааст, таҳия мешавад: Маҷлиси Шӯрои исломии Эрон соати 7-у 30 дақиқаи субҳи имрӯз бо оқои Аҳмади Нажод доир гардид. Дар ибтидои ин маҷлис оқои Аҳмади Нажод аз муваффақиятҳои Эрону Покистон барои гуфтугӯи то ҳол комил ибрози назар намуд. Агар Амрико хостории иртибот бо Эронро дошта бошад, пас, киштиҳоро озод намояд. Пас аз суханони оқои Аҳмади Нажод намояндагони Сурия ва Лаҳистон, қабл аз дастур, ба унвони суханрон масъалаи мушкилоти ҳавзаи интихобшудаи худро матраҳ карданд. Дар хотимаи ҷаласаи аъзои Шӯрои маҷлис соати 12:00 эълон кард, ки маҷлиси оянда пасфардо ташкил карда шавад [«Озодӣ», 2011.03 октябр].

Ҳамон тавре ки дар намунаи овардашуда мушоҳида мешавад, матолиби хабарӣ дар сабки таърихӣ дақиқ ва ботартиб қарор гирифтааст. Ҳоло мумкин аст, муҳимтарин қисмати хабар дар ояндаи хабар бошад ё дар ибтидо ва интиҳои хабар қарор гирад. Сабки таърихӣ дар танзими рӯйдодҳои илмӣ, маҷлиси расмӣ ва бартарии қисматҳои гуногун ва тартиби ҷобаҷогузории он тағйир намеёбад.

Ин сабк баръакси сабки аҳроми вожгуна навишта мешавад. Дар он воқеа тавре иттифоқ афтода бошад, ҳамон тавр шакл мегирад ва ба арзишҳои хабарӣ чандон аҳамият дода намешавад.

Бояд гуфт, ки аксари хабарҳои матбуоти даврии тоҷик бо ин сабк таҳия мешаванд. Тафовути сабки таърихӣ аз аҳроми вожгуна дар он аст, ки матлаби муҳим дар поёни хабар меояд ва нақшаи онро мо дар боло тасвир кардем. Мисол: Имрӯз дар пажӯҳишгоҳи шарқшиносии Академияи Илмҳои Тоҷикистон, дар Душанбе бахшида ба ифтихори асосгузори назми форсӣ Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ конфронс доир шуд. Дар конфронс шоирон нависандагон, олимон ва пажӯҳишгарони Тоҷикистон иштирок намуда, бо маърӯзаҳои худ ба паҳлӯҳои гуногуни эҷодиёти Рӯдакӣ равшанӣ андохтанд. Дар ин чорабинӣ Раиси иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Меҳмон Бахтӣ баромад намуда, мақоми баланд доштани Рӯдакиро дар миёни шоирони форсизабон махсус таъкид кард [«Тоҷнюс», 2011. 01 октябр].

Хабари танзимшуда ва сабки таърихиро метавон аз рӯйи муҳтавои он ба хубӣ муқоиса кард. Бо вуҷуди ин, хабарнигорон намунае дар шинохти он бо мушкилӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Яке аз роҳи ташхиси сабки таърихӣ ин аст, ки дар ин сабк маъмулан аз ибораҳое, ки ҳамаи матолибро нишон медиҳанд *(*амсоли: **дар саршавӣ, дар оянда, он гоҳ, сипас, пеш аз он, дар идомаи, дар хотима ва дар поён***)* истифода мешавад. Албатта, дар сабки таърихӣ ҳамроҳ бо лид (ҷумлаи авали хабар) метавон ин гуна ибораҳоро мушоҳида кард, аммо дар ин сабк лид ҳам оварда мешавад. Баёни матолиб ва рӯйдодҳои хабарӣ, кори назари хабарнигорон дар ҳадаф, изофа ё

барҷаста кардани матлаб аз муҳимтарин қисмати сабки таърихӣ аст. Ба иллати ин ки дар ин сабк хабарҳо бо тартиби замон навишта мешаванд, хонанда барои дастрас ва дарёфти муҳимтарин қисмати хабар вақти зиёдеро сарф мекунад. Шояд майлу рағбати хондан ва ҷустуҷӯ кардан кам гардад, зеро таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки одамон танҳо ним соат вақти худро барои хондан сарф мекунанд. Яке аз камбудиҳои ин сабк дар он аст, ки кори титр задан ва саҳифаороиӣ дар рӯзномаҳо ва маҷаллаҳо, хабарҳои радио ва телевизионро мушкил мекунад.

б) аҳроми вожгуна сабкест, ки имрӯз дар аглаби хабаргузориҳои ҷаҳон истифода мешавад. Дар ин сабк ҷузъиёти воқеа на аз рӯйи тартиб, балки мувофиқи ҷолибият, аҳамиятноки ва муассирӣ ҷой дода мешавад. Қисмати муҳимми воқеа дар сархат ва қисмати камарзиш дар поёни матни хабар ҷой дода мешавад: Донишомӯзон аз соли оянда бидуни ширкат дар конкурс вориди Донишгоҳҳо ва марказҳои омӯзиши илмӣ мешаванд.

Дар асоси лоиҳае, ки субҳи имрӯз ба тасвиби намояндагони маҷлиси Шӯрои исломӣ расид, донишҷӯён баъди хатм вуруд ба Донишгоҳҳо муодили камтар аз 51 касб кунанд. Вақти хориҷ шудан бояд 200 ҳазор риол ҷарима пардохт намоянд [«Озодӣ», 2011.04 октябр].

Ҳамин тавр, интихоб, коркард ва пахши иттилоот шеваи хоси худро доранд. Ҳар яке аз ин оҷонсиҳо аз усулҳои маъмули таҳияи хабар истифода баранд ҳам, шаклу шеваи инъикоси воқеа дар онҳо нисбатан гуногун аст. Оҷонсии «Озодӣ» асосан, аз сабки ҳарами вожгуна истифода мекунад. Дар ин оҷонсӣ хабарҳо бо зикри сарлавҳа, истифодаи лид, зикри манбаъ инъикос мегардад. Баръакси ин дар «Тоҷнюс» бештар аз сабки таърихӣ истифода шуда, матнҳои хабарӣ як навъ шакли тағйирхӯрдаи сарлавҳа мебошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Боллир В. Ҷ. Рӯзноманависӣ / В.Ҷ. Боллир. – М., 1998. - 150 с.
2. Лейл Спенсер. Хабарнависӣ / Лейл Спенсер. – Суруш присс,1337.
3. Мейлӣ С. Хабарёбӣ / С. Мейлӣ. - Теҳрон, 1998.
4. Муқим Ҷ. Мақоми жанрҳо дар Радиои «Озодӣ» / Ҷ. Муқим. - Душанбе, 2000.
5. Усмонов И.К. Жанрҳои публитсистика / И.К. Усмонов. - Душанбе, 1999. - 138 с.
6. Чорналӣ В.М. Хабарнигорӣ / В.М. Чорналӣ. - М., 1986.
7. Bowman W. The ABC of shot story writing / W. Bowman. - London, 1976.
8. [Захираи электронӣ] www.ozodi.org
9. [Захираи электронӣ] www.tojnews.org

НЕКОТОРЫЕ СПОСОБЫ ОФОРМЛЕНИЯ НОВОСТЕЙ НА МАТЕРИАЛАХ АГЕНТСТВ «ОЗОДИ» И «ТОДЖНЮС»

В статье речь идет о вопросах классификации разновидностей новостей, вестей и сообщений в журналистике. Рассматриваются вопросы документации данной категории известий и качества подбора и оформления важной и нужной информации. Проводится анализ и интерпретация данного вопроса с точки зренийя различный ученых и представителей данной области на основе достоверных научных концепций и фактологических материалов на примерах статей из страниц средств массовой информации, а именно агентств «Озоди» и «Тоджнюс».

Ключевые слова: известие, источник, агенства, стиль, метод, информация, средства массовой информации, анализ, журналистика.

SOME WAYS TO DESIGN MATERIALS ON NEWS AGENCIES «OZODI» AND «TOJNEWS»

The artikle focuses on the classification of varieties of news, and news posts in journalism. The questions in this category news documentation and quality selection of important and necessary registration information. The analysis and interpretation of this issue from the point of vitw of different scholars and art based on sound scientific concepts and factual material in the examples section of the pages of the media, namely agencies «Ozodi» and «Tojnews».

Key words: news, source, agencies, style, mehod, information, mass media, analysis, journalism.

Сведения об авторе: ***Б.К. Нуралиев*** – аспирант кафедры печати факультета журналистики Таджикского национального университета.Телефон: **935-02-82-72. E-mail: bahtibek@mail.ru**

МАҚОМИ АҲМАДИ ДОНИШ ДАР ГУСТАРИШИ ТАЪЛИФОТИ ПУБЛИТСИСТИИ ФОРСУ ТОҶИК

С.О. Каримова

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров

Дар таърихи адабиёти форсу тоҷик ҳарчанд Аҳмади Дониш ба унвони асосгузори ҷараёни маорифпарварӣ эътироф гардидааст, аммо таҷассуми ҳамин тафаккури воқеъгароёна ва афкори маорифпарварӣ дар насри ӯ заминаҳои муҳками ташаккули публитсистикаи тоҷикро таъмин намудааст.

Дар «Намунаи адабиёти тоҷик» Садриддин Айнӣ бори нахуст дар бораи осори маорифпарвар Аҳмади Дониш маълумот додааст. Минбаъд оид ба ҷараёни зиндагии ӯ, мероси илмиву адабӣ ва афкори сиёсиву иҷтимоӣ, фалсафиаш чанд асару маҷмӯаҳои илмӣ ба чоп расиданд. Баъд аз таълифи «Ёддошт»-ҳои Садриддин Айнӣ тадқиқоти илмии мукаммал дар хусуси ҳаёт ва эҷодиёти Аҳмади Дониш шурӯъ гардида, саҳифаҳои тозаеро кушод. Тадқиқот ва ҷустуҷӯҳо асарҳои тозаи Аҳмадмахдум, махсусан нусхаҳои тозаи «Рисолаи таърихӣ» ва «Наводир-ул-вақоеъ»-ро ба даст овард. Дар натиҷа, заминаи илмии осори Аҳмади Дониш ба вуҷуд омад. Афкори иҷтимоӣ-сиёсӣ ва фалсафии Аҳмади Дониш, мақом ва таъсири осори адабии вай ба адабиёти давр дар ибтидои асри XX, пас аз асари номбурдаи С.Айнӣ дар асарҳои таҳқиқии А.Баҳоваддинов, З.Ш.Раҷабов, Б.Ғафуров, И.Муъминов, Мирзоев А, Мирзозода Х, Ҳодизода Р, Улуғзода С, Абибов А, М.Орифӣ, Қамарзода то ба дараҷае мавриди омӯзиш ва тадқиқ қарор гирифтанд. Аз таҳқиқоти зикршуда бармеояд, ки дар «Рисолаи таърихӣ» бештар аҳволи адабиву маданӣ ва сиёсиву иҷтимоии мардум дар давраи салтанати сулолаи манғитиён ҳамаҷониба инъикос ёфтааст. Ҳарчанд, забон ва тарзи ифода дар «Рисолаи таърихӣ ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони Манғития» як андоза душворфаҳм навишта шудааст. Ду асари Аҳмади Дониш «Рисолаи таърихӣ» ва «Наводир-ул-вақоеъ» беҳтарин намунаи осори публитсистӣ аст, зеро ҷанбаҳои публитсистӣ дар ин асар муҷаз ифода ёфтааст. Мавсуф ҳамчун сарвари ҳаракати маорифпарварӣ дар Осиёи Миёна аввалин шахсе буд, ки дар осори худ ақидаҳои тараққипарварро ҷой дод, ин натиҷаи шиносоии ӯ бо тарзи зиндагӣ ва фарҳанги рус буд. Маорифпарварӣ ин афкори иҷтимоӣ (идеология), яъне ҷунбиши фикриест, ки дар давраи эҳё дар Аврупои ғарбӣ ба вуҷуд омад. Маорифпарварӣ дар арсаи пайдоиш бо зуҳури воқеаҳои сиёсиву иҷтимоӣ боиси ба вуҷуд омадани синфи нави бурҷуазӣ гардид. Дар мамлакатҳои шарқ низ аввалҳои асри XIX бедории фикрии иҷтимоие ба вуҷуд омад, ки асосан ба муқобили сохти феодалӣ ва ҳукмронии динӣ равона гардида буд. Дар тадқиқотҳои илмӣ ин бедории фикрӣ ва ҳаракати иҷтимоиро афкори маорифпарварӣ меноманд. Маорифпарварони рус асосан ба муқобили сохти крепостноӣ мубориза мебурданд. Онҳо илму маърифат, озодӣ ва мустақилиятро талқин намуда, дар Русия ҷорӣ намудани тарзи зиндагии аврупоиро талаб мекарданд. Дар баробари ин манфиати деҳқононро ҳимоя мекарданд, боварӣ доштанд, ки аз сохти крепостноӣ озод сохтани деҳқонони рус, асосан, боиси беҳбудии зиндагии умум мегардад. Аҳмади Дониш дар Русия тарзи нави давлатдориро дид, ки дорои тартиби муайян аст, аз вазъияти давлатҳои Аврупо хабардор шуд, ки дар он мамлакатҳо ҳокимияти подшоҳӣ аз байн бардошта шуда ҳуқуқи подшоҳ ба воситаи парлумон маҳдуд карда шудааст. Ӯ дар баробари тарзи вазоратдорӣ, ташкил намудани созмони машваратиро ба миён мегузорад, ки тамоми корҳои давлатдорӣ дар ҳамин ташкилот ҳал карда шавад ва баъди тасдиқи умум ба иҷро расад. «Султон бояд, албатта, аз ҳар табақа намояндае дошта бошад, ки дар корҳои машварат иштирок кунад. Хонаи машварат тайин кунад ва бар он Раисе мансуб гардонад ва ба он Раис моҳона муқаррар намояд, то ҳар рӯз дар он ҷо намояндаҳои табақаҳои мардум ҷамъ оянд, дар бораи корҳои мамлакат ва иқтисоди он ва ободии вилоят мушовара кунанд, манфиату зарари ҳар масъаларо мешумуранд, ки ба як фикр иттифоқ кунанд». Дар Петербург А. Дониш аз тараққиёти илму техникаи рус огоҳӣ меёбад ва ба хулоса меояд, ки ҳамаи ин комёбиҳо аз равнақи илму дониш аст. Бинобар ин, усули таълим дар мадрасаҳои Бухороро сахт танқид карда, талаб мекунад, ки омӯзиши забони русӣ ва забонҳои мамолики мутараққӣ зарур аст. Аҳмадмахдум театр ва консертҳои бошукӯҳи Петербург, тарзи қабул ва меҳмондории мардуми русро бо камоли муҳаббат дар «Наводир-ул-вақоеъ» тасвир намуда, мехоҳад дар зиндагии ҳаррӯзаи мардум, дар урфу одат ва фарҳангу одоби мардуми Бухоро тағйироте ворид кунад.

Аз замони таълифи «Наводир-ул-вақоеъ» то навишта шудани «Рисолаи таърихӣ» беш аз даҳ сол мегузарад. Аҳмади Дониш дар ин муҳлат муҳити иҷтимоии замон ва воқеаҳои даврашро саҳеҳтар омӯхта, доир ба бисёр масъалаҳо ақидааш тағйир ёфт. Агар дар «Наводир-ул-вақоеъ» ӯ ақидаи бо роҳи ислоҳот дигаргун кардани сохти аморатро дошта бошад, дар «Рисолаи таърихӣ» ба хулоса меояд, ки сохти аморатро бояд тамоман аз решааш несту нобуд кард, зеро он аз решааш пӯсидааст ва ин салтанат фанопазир гаштааст. Дониш бо ин суханон инқилобро пешгуйӣ мекард, афкори фалсафии ӯ дар қисмати муқаддима хеле равшан баён шудааст: «Дунё ва ҷамъияти инсонӣ аз аввали офариниш ба ду қувваи муқобил қарор дорад, вуҷуди ҷамъияти инсонӣ низ бо муборизаи ҳамин ду қувва вобаста аст.

Ҷамъияти инсонӣ ҳамеша ба тариқи тараққӣ ва таназзул ҷараён дорад». Аҳмади Дониш ҳамчун воқеанигор кӯшидааст, ки ҳақиқати замони худро тасвир кунад. Норасоиҳои замонашро ба таври ошкоро баён карда, ҷомеаро баҳри ислоҳи ин камбудиҳо даъват мекард.Чуноне, ки зикр кардем, Дониш одамонро ба омӯхтану

донистани забонҳое, ки дар шароити Бухоро зарур аст, бахусус омӯзиши забони русӣ даъват намуда таъкид мекунад, ки дар донишгоҳи Петербург ҳамаи забонҳоро меомӯзанд. Вай донистани истилоҳи ҳар тоифаро зарур мешуморад. Дар асари «Наводир-ул-вақоеъ» изҳори таассуф мекунад, ки ба пурра омӯхтани забони русӣ имконият надошт. «Наводир-ул-вақоеъ» дар муҳити иҷтимоию мадании он давр як шӯр ва таконе ба вуҷуд овард. Фикрҳои пешқадами нависанда чашми бисёр шахсони тараққипарварро кушод. Дар ҷиҳати танқид ва фош сохтани сирати ашхоси олимақом ва сохти иҷтимоӣ вай ҳаҷвро моҳирона истифода мебарад. «Рисолаи таърихӣ»-и ӯ бешак асарест, ки ба жанри памфлет тааллуқ дорад. Дар рисола сохти пӯсидаи аморати Бухоро сахт ҳаҷву танқид карда шудааст, ки ин хусусият хосси жанри публитсистӣ бадеӣ-памфлет мебошад. Аҳмади Дониш аз таърихи салтанати амирони манғит ҳарф зада, бо таҳлилҳои амиқ асоси ҳукмронии хонадони манғитияро зулму ситам медонад. Барои исбот ва таҳвияти фикри худ ӯ далел ва бурҳонҳои аз илми нуҷум гирифтаи худро истифода бурда, яъне мисол оварда, ба хулоса меояд, ки ин салтанат ҳатман аз байн меравад. Дар хотимаи рисола ӯ менависад, ки: «Дар оянда касоне, ки зиндааанду хоҳанд дид, ки ҳарчӣ давлату моле дар хазонаи омира бад-ин гуна зулму заҷр ҷамъ гардидааст, тӯшаи куффору ғанимати фуҷҷор гардида, саркардагон охир сари худҳоро ба дор хоҳанд супорид. Назар ба қирони кавокиб давоми салтанат низ дар Мовароуннаҳр ба дасти ин тоифа пойдор намонад ва мукотилаи азиме ва тағайюроти аҷибе зуҳур кунад». Аз омӯзиши ин ду асар бармеояд, ки Аҳмадмахдум аз беҳтарин воқеанигор, публитсистони замони худ буд. «Рисолаи таърихӣ» асарест, ки Аҳмади Дониш онро нотамом гузоштааст, аммо ба ақидаи мухаққиқони осораш дар ҳамин шакл ҳам ин асар мустақил ва дорои шаклу мундариҷаи комил аст. Азбаски асар нопурра асту мавсуф ба он ном нагузоштааст, дар байни аҳли илм бо чанд ном машҳур аст. «Тарҷумаи ҳоли амирони Манғития», «Таърихча», «Рисола ё худ мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони Манғития» ва амсоли ин.

То соли 1936 аҳли илму адаб аз вуҷуд доштани ин асар бехабар буданд. Э. Бертелс дар мақолааш «Нусхаҳои осори Аҳмади Калла» дар баробари «Наводир-ул-вақоеъ» шарҳи мухтасари ин асари пурарзишро ба аҳли илм хабар додааст. Соли 1960 А. Мирзоев нусхаҳои хаттии онро бо ҳурофоти арабӣ ба табъ расонид. Сипас, ин рисола бо ихтисорот дар маҷмӯаи «Асарҳои мунтахаб»-и Аҳмади Дониш дарҷ гардид. Муқаддимаи рисоларо дар масъалаи тараққӣ ва таназзули ҷамъияти инсонӣ ба қалам дода, ба тахт омадани амир Шоҳмуродро давраи нави тараққии иҷтимоӣ медонад. Дар бораи мавзӯи оянда ва сохти рисолааш чунин ишора мекунад: «Ва мо аз замони салтанати ӯ то қурби санаи сесад, он чи аз тараққиву таназзул, ки дар умури миллату давлат сонеҳ шудааст, ба тариқи эъҷозу ихтисор баён мекунем… назми аморатро чунончи писанди замону макон аст, таҳрир медиҳем… онро мизони адолат ва нусфат (инсоф) гардонанд, то дину дунёи хеш обод карда бошанд ва бад-он ободии охирати хеш ёфта…».

Ин асар дар таърихи афкори иҷтимоию сиёсӣ тамоман як асари нав аст. Он на асари анъанавии таърихӣ, на тасвири сафару саёҳат ба шакли сафарномаҳо, на рисолаи сирф фалсафию сиёсӣ ва на аз ҷумлаи таълифоти ахлоқиву иҷтимоӣ мебошад. Аз ҷиҳати жанр рисола ба жанри памфлет ва сабку услуби он ба публитсистикаи сиёсиву адабӣ наздик аст… Дониш ин асари худро дар ду қисмат тарбид додан мехостааст. Дар қисмати аввали рисола оид ба тараққиёт ва таназзулоти дар зарфи сад соли ҳукмронии сулолаи Манғитиён дар корҳои давлатӣ ба амал омадааст, мавриди назар қарор диҳад, то дастурамале барои ба сари ҳокимият нишастагон бошад. Аҳмадмахдум дар қисмати дуюми рисола тарзи идораи давлатро мувофиқи замону макон ҳамчун назария дар шакли қоидаву қонунҳои расмӣ баён кардан мехост. Муаллиф ба ҷои охирсухан чунин овардааст: «Ҳайф, афсӯс, ки дар ин аср гӯши шунаванда ва дидаи нигаранда нест, ҷуз ин ки ҳар чӣ маъмули хеш гардид, ба саҳифае нақш кардан ва худ хондану гиристан дигар илоҷе надорад…Ва аз вопасмондагон ки, агар дидаи ҳақбин мар эшонрост, аз ғайри ҷонибдорӣ бар он тасвид намуда, ба ҳақиқати сухани фақир иттилоъ баранд, ҳаққи раҳматхоҳист».

Дар оғози асар Аҳмади Дониш афкори фалсафие баён намудааст. Е иброз медорад, ки «Дунё ва ҷамъияти инсонӣ аз аввали офариниш ба ду қувваи муқобил қарор дорад, вуҷуди ҷамъияти инсонӣ ҳам бо муборизаи ҳамин ду қувва вобаста аст. Ҷамъияти инсонӣ ҳамеша ба тариқи тараққӣ ва таназзул ҷараён дорад». Муаллиф ҷамъиятро ҳамеша дар тараққиву таназзул мебинад. Ин ақидаи худро дар мисоли давлатдории амирони манғит исбот карда мегӯяд, ки чунин тағйирот чандин бор ба вуқӯъ пайвастааст. Аз ҷумла, ӯ давраи ҳукмронии амир Шоҳмуродро давраи инкишофу рушди ҷомеа меҳисобад. Давраҳои ҳукмронии амирони дигар Музаффар ва Абдулаҳадро давраи таназзули давлатдории манғитиён медонад. Дар ин маврид

менависад, ки «…баъд аз он, ки амир Музаффар бар сари давлат мутамаккин шуд, димор аз ниҳоди онон, ки аз ҷониби васоё рафта буданд, баровард. Алалфавр умарою аъён ва вузаро бирафканду амволашонро ба мусодира бардошт ва давлатхоҳону ходимони худро бар сари мулк баровард. Аз ин ҷиҳат сипоҳу раъия аз ӯ озурда шуда».

Ба гуфти Дониш онҳое, ки аз ҳақиқати ҳол огаҳӣ доштанд, даст ба гиребон гирифта, паноҳ ва илтиҷо аз худо мекарданд. Дар «Рисолаи таърихӣ» чунин омадааст: «Дигар коре, ки амир дар бақои давлату ривоқи салтанат дахлдор мепиндошт, дуою салот ва шамшеру тозиёна буд». Дар замони амир Музаффар дар тафовути фоҳиш дар ободии Бухоро воқеъ шуд, ки рӯй ба таназзул ниҳод.

Замони салтанат ва давлатдории амир Насруллоҳро дар рисола Аҳмадмахдум чунин ба қалам додааст: «Ва билҷумла амир Насруллоҳ ба тахти Бухоро рӯзи панҷшанбе, салхи рамазон санаи 1242 ба вуқӯъ пайваст. Боз ҷаҳон ранги тоза гирифт ва ин амир подшоҳе буд ботамкин ва қавидил ва муҳибу мудаббир. Дар айёми ҳукумати худ касонеро, ки дар фитнаи элу улус машҳур шуда буданд, ҳамаро қаҳру қатъ кард ва давлатхонаи нек истимолот дод. Ва дар ҳамаи вилоятҳо, ки бо падари ӯ мухолифат медоштанд, мухолифонро гӯшмоли ба воҷибе дод». Давраи ҳукмронии амир Насруллоҳ ба давраи пешравиву тараққӣ мувофиқ меояд. Писараш Музаффар бошад, баръакси ӯ таназзули ҷомеаро пеша мекунад. Ба гуфти муаллиф «амир Насруллоҳ аз аҳволи умаро ва уламо хабардор буда, мартабаи ҳоли ҳар касро фарохӯри он нигоҳ медошт, бе иллати қавӣ халқро ба маърази беобрӯӣ намекашид ва дар асри худ ҳамаи фуқаро ва раъия ва сипоҳ дар маҳди амну амон осуда, доим фарохиву арзонӣ буд вуфури неъмату ободонӣ. Амир Насруллоҳ сию панҷ сол ҳукм ронд ва умраш панҷоҳу шаш сол буд, ки дар санаи 1277 ҷаҳони фониро падруд гуфт». «Рисолаи таърихӣ» барои ифодаи афкори ичтимоӣ дар таърих чӣ қадар қимату аҳамият дошта бошад, дар таърихи забон ва публитсистикаи тоҷик низ ҳамон дараҷа қимату нуфуз дорад. Аҳмади Дониш ба қавли устод Садриддин Айнӣ чун «доҳии модарзод» аз ғайри талқини касе ва китобе маҳз «аз тадаббуру тафаккури худ», яъне бо нубуғи фунуни хеш воқеан инқилобе дар забони насри форсӣ-тоҷикӣ ба вуҷуд овард. Як нуқтаи ҷолиб он аст, ки ҷанбаҳои назарӣ ва ҷилваҳои ҳунарии ин нависандаи равшанзамир маҳз дар насри ӯ ифода ёфтааст. Дар маънӣ ва мафҳуми унвони «Наводир-ул-вақоеъ», ки худи муаллиф онро номгузорӣ кардааст, низ ба амиқтарин ҷиҳати услуби нигориш ва хатти ҳунарии асар ишораи дақиқ рафтааст. Дар таркиби ибораи «Наводир-ул-вақоеъ» калимаи «вақоеъ» ба маънои воқеа, ҳодиса, рухдод, яъне ба мафҳуми воқеияти реалӣ омадааст. Калимаи «наводир» ба маънои камназир, нотакрор, аҷиб, шигифт ва амсоли ин истифода шуда, ба ҷанбаи ҳунарӣ ва эстетикӣ офаридаҳои мусанниф далолат мекунад. Дар ин маврид муаллиф дар таълифоташ аз воқеанигор дида бештар ба воқеанигар, шабоҳат дорад. Ба ин маънӣ ӯ аз сатҳ ба умқ рафта моҳияти воқеаҳо ва зуҳури ҳар як умури зеҳнию айниро бо чашми ақл мебинад. Нодирию аҷобат ва шигифтию шигарфии ҳодисаву воқеаҳо дар осори насрии мавсуф ва «нигоҳи мутафовит» ва ё «монанд набудан ба дигарон»-ро дар шахсияти муаллиф равшан нишон медиҳад. Аз ин нигоҳ камназирии ҷилваҳои ҳунарии Аҳмадмахдум дар таснифоташ аз муносибати комилан нави ба мардум аз худ зоҳир кардаи ӯ вобастагӣ дошт. Вай дар ин бора чунин мегӯяд: «Ман ба халқ ба либосе баромада будам, ки ба ҳеҷ кадом аз олиму ҷоҳил мувофиқат надошт: на дастору шона, ки сару ришро ороям, дар қатори уламо бошам ва на корду фута, ки аз зумраи ҷуҳало бароям».

Воқеан, вазъи Аҳмади Дониш чун «одами аҷиб» дар ҷараёни тасниф ва таълифоташ ғайриодатӣ ва басо нодир буда, ба вижагии ҷилваҳои ҳунарии ӯ, яъне наводириаш мусоидат намудааст. Устод Айнӣ таснифи ин таълифотро чунин ба қалам медиҳад. «-Шиносоии ман ба «Наводир-ул-вақоеъ» дар ман танҳо инқилоби фикриро бедор карда намонд балки, ба сарам савдои насрнавис шуданро ҳам андохт. Дар ҳамон вақтҳо ман орзу мекардам, ки бояд кас насрнавис шавад ва агар ин мақсад ба даст дарояд, монанди Аҳмади Дониш насрнавис шавад».

Дар маҷмӯъ, аз ин баррасӣ равшан мегардад, ки мақоми Аҳмади Дониш дар таҷассуми сабки публитсистӣ дар асарҳои хеш, аз ҷумла «Наводир-ул-вақоеъ» хеле бузург аст, чун ин асар дар навбати аввал ба воқеоти сиёсиву ичтимоии давр ихтисос дошта, таваҷҷуҳ ба чунин масоил метавонад бештар тамоюли адибро ба аносири сабки публитсистӣ равона месозад.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ С. Намунаи адабиёти тоҷик / С. Айнӣ. – Маскав: Чопхонаи нашриёти марказии халқи Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сусиёлистӣ, 1926. – 626 с.
2. Дониш А. Наводир-ул-вақоеъ. Матни илмию интиқодӣ / А. Дониш. - Душанбе: Дониш, 1989. - К.2. – 344 с.

МЕСТО АХМАДА ДОНИША В РАЗВИТИИ ЖАНРА ПЕРСИДСКО ТАДЖИКСКОЙ ПУБЛИЦИСТИКИ

В статье рассматриваются проблемы отражения публицистического стиля в произведениях Ахмада Дониша. Автор во время исследования данной темы постарался уточнить приёмы публицистического стиля в книге Ахмада Дониша «Наводир ул –вакоеъ». Автор приходит к выводу о том, что книга «Наводир ул вакоеъ» и другие произведения Ахмада Дониша посвящены политическим и социологическим темам, публицистический стиль изложения в этих произведениях имеет преимущество.

Ключевые слова: Ахмади Дониш, таджикская публицистика, «Наводир ул-вакоеъ», рисола, бухарской эмират.

PLACE AHMAD DANISH TO THE WORLD IN THE DEVELOPMENT OF THE GENRE OF PERSIAN TAJIK JOURNALISM

In the article the problems of reflection of the publicistic style in the works of Ahmad Danish to the world. The author during the study of this topic have tried to clarify the techniques of journalistic style in the book of Ahmad Danish to the world "Nawadir ul –wakey". The author comes to the conclusion that the book "Nawadir ul wakey" and other works of Ahmad Danish to the world on political and sociological subjects, journalistic style of presentation in these works has the advantage.

Key words: Ahmadi Donish, Tajik journalism, "Nawadir ul-waley", Risala, the Emirate of Bukhara.

Сведение об авторе: ***С.О. Каримова*** **-** кандидат филологических наук, доцент кафедры журналистики и теории перевода Худжандского государственного университета им.Б.Гафурова. Телефон: **927-40-54-00**

МАҲОРАТИ СУХАНВАРИИ РӮЗНОМАНИГОРОНИ РАДИОҲОИ ҶУМҲУРӢ

У. Начмиддинова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ба андешаи муаллифи китоби «Санъати сухан» Т. Зеҳнӣ «бадеият яке аз хусусиятҳои асосии осори адабист [1, 11]. Муҳаққиқ ба дили хонанда ҷой гирифтани ашъори бузургтарин намояндагони адабиёти классикӣ ва шоирони даврони шӯравиямонро дар он мебинад, ки дар онҳо маъниҳои олӣ ва бикр дар ниҳояти дилкашӣ ифода гардида, бо пирояи бадеият ороиш ёфтаанд. Ва ин бешак аз он дарак медиҳад, ки дар ашъори шоирони адабиёти классикӣ ғояҳои баланд, маъниҳои барҷаста ва мазмуни нозуку латиф дар шакли зебое бо калима ва таркибҳои суфтаю ҳамвор бо роҳи тасвироти санъатҳои бадеӣ ифода ёфтааст.

Арзиши оламшумул ва таваҷҷуҳи хоссу омро ба худ ҷалб намудани ашъори классикони адабиёти форсу тоҷик ҳам маҳз дар он аст, ки кӯшидаанд мавзӯҳои муҳимму арзиши баланди эстетикӣ, адабӣ ва тарбиявӣ доштаро дар шеъри худ ҷой диҳанд. Зеро, намояндагони адабиёти пургановатамон аз илми шеър ва санъатҳои бадеӣ пурра бархӯрдор буданд. Санъатҳои бадеиро дар шеър имрӯз ба ду қисм тақсим мекунанд. Албатта, тасвири воқеа, рӯйдод ё олами тасаввур дар асари бадеӣ, хоҳ дар назм бошад ва хоҳ дар наср, бе бофтаҳои бадеӣ бемаънӣ хоҳад буд. Ин аст, ки адибон мекӯшанд то дар офаридаҳои худ аз бадеияти тасвир истифода намоянд. Бадеият намаки калом аст ва он бояд содда, равон ва фаҳмо бошад. Унсурулмаолии Кайковус дар «Қобуснома» овардааст, ки « Бо санооту ҳаракот бояд буд, андар шеър ва андар захма ва андар савт, то мардумро хуш ояд» [2, 72]. Истифодаи санъатҳои зиёди шеърӣ дар матнҳои барномаҳои радиои «Тоҷикистон» ба чашм зиёд вомехӯрад. Санъатҳои бадеӣ он калимаю ибораҳое мебошанд, ки барои дар шакли нав гуфтани матлаб истифода шудаанд. Моҳияти корбурд аз санъатҳои бадеӣ барҷаста нишон додани фикр мебошад. Дарвоқеъ санъатҳои бадеӣ, нафосату салосати шеърро боло намуда, арзиши онро назди хонанда ва шунаванда баланд менамоянд. Махсусан, санъатҳои маънавӣ монанди ташбеҳу истиора, таззоду муқобала, муболиғаю киноя ва санъатҳои лафзӣ чун таҷнису тарсеъ, иштиқоқу такриру тафсир дар тасвиру маъниофариҳои шоирона нақши назаррас доранд. Тазаккур бояд дод, ки воситаҳои тасвир метавонанд ифодакунандаи ҳолатҳои гуногуни инсонӣ бошанд, зеро ба ақидаи муҳаққиқ Н.Н. Ким «воситаҳои бадеии тасвир натанҳо барои тасвири беруна, балки барои тасвири ҳолати ботинии инсон заруранд» [3. 245]. Азбаски журналистика шакли синтетикии ҳаёт аст, вай бояд саҳнаҳои зиндагиро дар якҷоягӣ нишон диҳад, яъне масъалаҳои маишат, маданият, иқтисодиёт, иҷтимоиёт ва фалсафа ба ҳам созгор бошанд. Маҳз дар пайвастагии узвии ин масъалаҳо анъанаҳо падид меоянд. Журналист бояд ба масъалаҳои иҷтимоӣ воқеъбинона назар кунад ва баҳо диҳад. Камолоти сухан, баён ва овардани мисолҳо аз ҳолату воқеа ва гуфтаҳои бузургон, идрок ва эҳсоси маъниофаринӣ ба ҷаҳонбинии рӯзноманигор вобастагӣ дорад. Дар воситаҳои ахбори омма, хусусан дар радио каломи мутаваҷҷеҳсозанда, аниқтараш тарзу услуби гуфтор ва равандҳои ҷолибсозӣ мақоми махсус дорад. Табиист, ки ҳар як мавод нақши иттилоотӣ, таҳлилӣ, таблиғӣ,

ҷалбу ҷазбсозӣ дорад, ки ба аҷзои эстетикӣ ҳамроҳ мешавад. Муҳаққиқ А.Саъдуллоев дар як мақолааш қайд кардааст, ки «агар нутқ фасеҳ, пурмазмун ва аз асноди ҷадид саршор бошад, воситаҳои тасвирро барои ҷолибсозии сухан кор фармояд, бешубҳа дар иҷтимоъ бетаъсир нахоҳад монд» [4, 33]. Ба маврид аст қайд кунем, ки дар раванди инъикоси олами воқеӣ натанҳо баҳогузории ин ё он падидаҳои воқеият, балки идроки ҳиссӣ муҳим аст. Ҳадафи рӯзноманигор ҳамчун суханвар ва эҷодкор ба қалбу руҳияи шунаванда таъсир расонидан ва тарғиб кардани ҷомеа ба сӯйи амали нек аст. Рӯзноманигорӣ сабк, услуб ва воситаҳои офариниши гуногун дорад, аммо онҳо бояд ба ифодаи мақсади асосӣ нигаронида шаванд. Ба андешаи М/ Стюфляева тарзи эстетикии сухан ва моҳияти он дар шуури инсон муҳим аст ва «қобилияти маънавии инсон дар баҳогузории зебоишиносӣ ва ашёву падидаҳо, ташаккул додани муносибати зебоишиносӣ ва муҳокима рондан роҷеъ ба арзиши зебоиҳо, барои эҷодкор зарур аст» [5, 60]. Яъне. шуур ягонагии воқеият ва муносибат ба онро ташкил медиҳад.

Суханвар бояд аз рӯҳияи шунаванда огоҳ бошад, то битавонад ба умқи дили онҳо таъсир расонида бошад. Мақсад аз сухани рӯзноманигор бояд табодули назар, дарки воқеият, огоҳӣ аз диди сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ташвиқи марому мавқеҳои гуногун бошад. Ба андешаи В.В. Учёнова «сиришти ифоданокии бадеӣ асосан дар ташаккули (феномен), ҷалби шунаванда ва дар маҷмӯъ дарки эстетикӣ амалӣ карда мешавад» [6, 161].

Ҳама шаб дар ин умедам, ки насими субҳгоҳӣ,
Ба паёми ошноӣ бинавозад ошноро.

Муҳаққиқи рус И. Якубинский қайд кардааст, ки «Шеър вазифаи ахбориро иҷро мекунад» [7, 16]. ва барҳақ ин андеша вобаста ба мавзӯҳои рӯзмарраи ҳаёт ахборро ба мо мерасонад. Дамидани субҳ, гузашти рӯз, ки дарвоқеъ дидашавандаанд, ҳамчун қонуни диалектикӣ ба афкор ва ҷаҳонбинии мо сахт алоқаманд аст. Мо метавонем инро бинем, ҳис кунем ва тавассути андеша баён намоем, ки ин ҳам моҳияти ахбориро ба худ касб мекунад: Ба андешаи И. Якобсон «Вазифаи назм бештар дар иртиботӣ будани он аст, зеро ки назм ҳам ба забони амалӣ ва ҳам ба забони ҳиссиёт хос аст» [8, 10-11]. Бояд қайд кунем, ки назм ба қонунҳои ба истилоҳ ҳамшабеҳ идора карда мешавад.Чун дар мавриди зебоиҳои сухан дар ВАО меравад, месазад қайд кунем, ки баъзе журналистони радиои хусусӣ ва радиои давлатӣ аз мактаби хосси журналистика нагузаштаанд, зеро вобаста ба эҳёи радиоҳои ҷумҳурӣ ва талаботи шунавандагон аз соҳаҳои мухталифи ҷомеа муҳаррирони гуфтор вориди журналистика мешаванд. Ва як сабаби ба масъалаҳои одоби гуфтор риоя накардани журналистон маҳз дар ҳамин замина аст. Имрӯз дар ВАО, бахусус радиоҳо, баёни ақидаву ҷустуҷӯ, усулҳои гуногуни тарғибу ташвиқ пайдо шуда истодаанд, ки радиои «Ватан» яке аз мактабҳои ин ҷараён маҳсуб меёбад. Ровии барномаи «Субҳи ватан» тариқи ҳазлу шӯхӣ баъзан аз ахлоқи журналистӣ берун меравад ва аудиторияи ӯ, ки аз як ё ду маҳал иборат аст, инро хоҳ-нохоҳ қабул мекунад. Шояд як паҳлуи ин масъала дар он аст, ки шунавандаи барномаҳои радиои «Ватан» ҷавонон ҳастанд ва чунин шоу-барномаҳо ба завқи онҳо наздик аст. Гуфтан бамаврид аст, ки ҳар радио бо диду сабки хеш, мувофиқи талаботи давру замон барномаҳо пахш мекунад, аммо ин маънои онро надорад, ки мо ба паҳлуҳои эстетикии сухан таваҷҷуҳ нанамоем. Радиои «Ватан» пайваста талош меварзад, ки миёни радиоҳои дигари ҷомеа рақобати солими худро дошта бошад ва байни аудиторияи хеш мавқеи баландро пайдо кунад. Вале имрӯзҳо чунин ба назар марасад, ки радиои мазкур нисбат ба радиоҳои «Имрӯз» ва «Азия-плюс» ба таври возеҳу равшан ба хабарҳои доманадори мубрами рӯз кам сарукор дошта, танҳо бо хусусияти фарҳангиву фароғатии худ маҳдуд шудааст. Ҳол он ки вазифаи радио танҳо аз пахши мусиқиҳои дархостии шунавандагон иборат набуда, балки бояд ҳамвора кӯшиш намояд, ки вазифаҳои иттилоотиву маърифатбахширо яке аз вазифаҳои асосии худ қарор диҳад. Муаллифи китоби «Бадоеъ-ус-саноеъ» Атоулло Ҳусайнӣ, ки дар роҳи ҷамъбасти афкор ва ақоиди адабиётшиносӣ ва эстетикии форсу тоҷик саҳм гузоштааст, тобеияти суханро ба мазмун таъкид мекунад. Ӯ қайд мекунад, ки «Калом ба ваҷҳе адо ёбад, ки дар фаҳми маънӣ ва латофати он, дар аҳкоми таркиб ва салосати он халал ворид нашавад» [9, 135]. Яъне, ғайр аз ҳусну зиннатҳои сухан, бояд ба маънии он таваҷҷуҳ кунем. Ҳангоми гуфтор бояд муҳаррирони барномаҳои радиоӣ ба паҳлуҳои эстетикии сухан аҳамият диҳанд. Яке аз паҳлуҳои асосии рангу бори бадеии барномаҳои радиоӣ, ин бо мусиқӣ оро ёфтани бахшҳои барнома мебошад. Дар радио мусиқӣ натанҳо воситаи ороиш аст, балки мусиқии мувофиқ бар мавзӯи барнома барои пурра гардондани композитсия ва матраҳ сохтани мавзӯъ роли муҳим мебозад. Мусиқии ба мавзӯи барнома номувофиқ ин натанҳо дур

кардани таваҷҷуҳи аудитория аз моҳияти масъала, балки аз беҳунарии муаллифи барнома дарак медиҳад.

Васоити ахбори омма дар мисоли тарғиби барномаҳо маъмулан тамоми паҳлуҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии кишварро баррасӣ менамояд. Хусусан, радиоҳои миллӣ дар ташвиқу тарғиби масъалаҳои кунунии замон аз радиоҳои хусусӣ тафовут дошта, дар ҳалли масъалаҳо ва барассии мушкилиҳо бештар таваҷҷуҳ менамоянд. Вазифа ва масъулияти радиои миллӣ дар арсаи байналмилалӣ низ ифодакунандаи ҳамин меъёр аст. Дар маҷмӯъ метавон гуфт, ки барномаҳои радиои Тоҷикистон» нисбат ба радиои ғайридавлатии «Ватан» хусусияти барҷастаи бадеӣ дошта, дорои тасвир ва маъниҳои тозаю шоирона ва фарогири манзараҳои зебои ватан, фарҳангу адабиёти он аст.

Хусусияти фарқкунандаи тамоми гуфторҳои радиои Тоҷикистон аз дигар радиоҳои ватанӣ бештар дар он аст, ки тарғиби фарҳангу тамаддуни ниёгон ва дар ин раванд инъикоси паҳлуҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва адабии тамоми давру замон эҳсос мешавад. Журналистони радиои мазкур пайваста ба паҳлуҳои муҳимми ҳаёти муосир эътибор медиҳанд. Барои журналист қобилияти зеҳнӣ асоситаринаст. Имрӯз ба рӯзноманигорони мо қобилият ва истеъдоди баланд зарур аст. Воқеан, муносибат бо аудитория, дар ҳама воситаҳо, радио ва телевизион, маҳз тавассути санъати сухан таъсиргузор аст. Ҷузъиёти асосӣ дар касби рӯзноманигорӣ, аз қабили забони муошират бо мусоҳибон, услуб, маҳорати баёни андеша на дар ҳамаи муҳаррирони гуфторҳои радиоӣ дида мешавад. Дар шароити имрӯз, ки забони васоити ахбори омма ниҳоят пурнуқсон аст, бояд рӯзноманигорон андешаи солим дошта бошанд, то дар ҳалли мавзӯъҳои мубрами ҷомеа мулоҳизаҳои олии хешро, ки қобилияти асосӣ дар касбияти онҳост, баён намоянд. Аксарияти талаботи пахши мустақим ҳангоми тайёр кардани барномаи радио бо сабт дар плёнка ё ягон ноқили дигари иттилоот монанд аст. Масалан, бодиққат таҳия намудани мавод, муайян кардани задаҳои маъноӣ ва ҳисси дуруст интихоб намудани назму сурати нақл дар ин ҷо низ чун ҳангоми кор дар эфири мустақим зарур аст. Дар бораи зарурати дар радио нигоҳ доштани рағбат ба нутқи садодиҳанда, аз ҷумлаи аввал то ҷумлаи охири онро ба назар гирифтан лозим аст. Зеро, мувофиқи маълумоти равоншиносон баъди бештар аз ду дақиқа оғоз ёфтани барнома таваҷҷуҳи шунаванда аксар вақт камтар мегардад. Бинобар ин, маводро барои сабт тайёр намуда, мавҷҳои рағбатро дар. тӯли тамоми барнома бояд муайян кард. Барои ин усулҳои гуногун вуҷуд доранд. Пахши сабтҳои мусиқии шавқовар, сурудҳо, шӯҳиҳо, манзараи акустикие, ки дар вақти лозим садо диҳад. Маълум аст, ки овоз нибат ба тасвир ба тахайюлоти одам бештар таъсир мекунад. Ҳамин аст, ки истифодаи фактҳои овоз дар гузориш муассирии онро барои шунаванда меафзояд. Дар ҷамъият ҳар як фарде, ки соҳиби касбу ҳунар аст, бояд ба маҳорату малакаи хеш дунёи маънавии инсонҳоро омӯзад, баҳо диҳад ва аз нозукиҳои касби худ воқиф бошад. Имрӯзҳо заҳмату меҳнати журналист, бахусус натиҷаҳои он диққати дигаронро ба худ ҷалб кардааст. Интихоби мавзӯъ, ҷустуҷӯи суроға, муайян намудани мақсади мардум, интихоби факту рақамҳо ва инчунин баҳодиҳии ахлоқи қаҳрамони интихобшуда, ки ба маънавиёти касбии инсон сарукор дорад. Ахлоқи касбӣ рафтори журналистро дар ҷараёни иҷро кардани амалҳояш муайян мекунад. 10-20 сол қабл дар бораи этикаи журналист дар Руссия дар доираи танг баҳс мекарданд [10, 3-5]. Ҳоло бошад нақши журналистро дар ҳама ҷо мебинанд. Риояи меъёрҳои одоби касбӣ бошад, яке аз талаботи муҳимми фаъолияти журналистон мебошад. Бахусус, дар шароити муосир, ки нақши ВАО дар инъикос ва ҳалли масъалаҳои мубрами байналхалқӣ ба маротиб боло рафтааст. Журналист на танҳо чун расонандаи ахбор амал мекунад, балки ҳамчунин дар ташаккули афкори омма саҳмгузор аст. Аз ин рӯ, шароити имрӯза аз журналист масъулияти баланди ахлоқиро тақозо менамояд. Мутаассифона, меъёрҳои одоби касбӣ на ҳамеша дар ВАО-и Тоҷикистон риоя мешаванд. Баъзе коршиносон сабаби риоя нашудани этикаи касбиро аз тарафи журналистони тоҷик дар набудани Кодекси касбии журналистон мебинанд. Воқеан ҳам Тоҷикистон аз ҷумлаи беҳтарин давлатҳоест, ки чунин кодексро надорад. Риояи меъёрҳои одоби касб ба маълумоту маҳорати касбӣ ва маърифати ҳар як журналист вобаста аст. Одоби журналистӣ маҷмӯи хислатҳое мебошад, ки аз як тараф он касби журналистиро ташкил медиҳад, аз тарафи дигар онҳо бо хусусиятҳои хосси ҳар шахс пурра шуда, комплески симои эҷодии барандаро ба вуҷуд меоранд. Шунаванда, ки фарди асосӣ ба шумор меравад, бояд худро барои шунидани матлаби суханвар омода созад. Дар охир ба хулосае омадем, ки барномаҳои ҳарду радио дорои хусусияти хос буда, сухани образнок, ки дар онҳо ҳамчун воситаи тасвир мавқеи муҳим доранд, вуҷуд дорад. Ҳарчанд образи публитсистӣ аз махсусияти журналистика, хосса радио, бояд бошад, аммо дар ҳар ду расона аз сухани образнок бештар истифода мебаранд. Заминаи сухани образнок худ образи публитсистӣ аст. Ба андешаи мо кам истифода шудани образи публитсистӣ

дар радио аз имконияти васеи истифода бурдани сухани образнок бармеояд. Ҳарчанд сухани образнок бо истифода аз санъатҳои маънавию лафзӣ моҳияти масъаларо равшан созад ҳам, аммо истифодаи он дар радио аз суханбозӣ беш нест. Бинобар ҳамин, он бештар хосси адабиёт мебошад. Хосси журналистика бошад образи публитсистӣ аст. Ҳулласи калом, дар радиои давлатӣ ва хусусии Тоҷикистон барои фаҳмо, бурро, форам, дилчӯ, ҳадафманд шудани сухани шифоҳӣ имконияти беҳбуд мавҷуд аст. Созандагони барнома, сабткунандагони овоз, ровиёни матн ҳамеша кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки дар барнома мақсадҳои аслии радио, сарҷамъию муттаҳидсозии мардумро бошарафона иҷро намуда, бо суханҳои образноку пуртаъсири худ ба шунавандагон рӯҳу илҳом бубахшанд. Бо ин мақсад дар барномаҳои радио тамоми имкониятҳо ҳам санъатҳои нафиса, ҳам обуранги сухан, ҳам санъатҳои бадеию лафзию маънавӣ, ки адабиёту ҳунари суханварии мо аз он басо ҷолибу ғанию бой аст, истифода бурда мешавад. Ифодаҳои образнок ва бо сухан оростани кушку манораҳои чашмрас низ, ҳунари адибону воизон аст, ки басо ҳунармандона истифода мешаванд. Радиои ҷумҳурӣ вазифаи дар наздаш гузоштаро ҳамеша бо шавқу илҳом ба ҷо оварда, бо барномаҳою суханороии худ дар баҳам сохтани авзои мардум, васеъ тарғиб кардани ғояҳои худшиносию худогоҳӣ, парастишу ҳифзи ватани обод, афзун гардидани неъматҳои моддию маънавӣ, ҷоннисорона заҳмат мекашад. Барномаҳои суханбозӣ, ҳаррофӣ, суҳбатҳои бемақсаду бесарунуг, вайрон кардани одоби журналистӣ низ, дар радиоҳо баъзан ҳам дар радиоҳои хусусӣ ва давлатӣ мегузарад, ки ҳарчӣ раҳо ёфтан аз ин муроди суханбозӣ ба манфиати кор аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Зеҳнӣ Т. Санъати сухан / Т. Зеҳнӣ. – Душанбе, 1992. – 328 с.
2. Унсурулмаолии Кайковус. Қобуснома / Унсурулмаолии Кайковус. – Душанбе: Маориф, 1979. – 199 с.
3. Ким Н.Н. Методология профессионалного творчества / Н.Н. Ким.
4. Саъдуллоев А. Хосияти адабиёт / А. Саъдуллоев. – Душанбе, 2000. – 250 с.
5. Стюфляева М.И. Человек в публисистики. / М.И. Стюфляева. – Воронеж, 1989. – 156 с.
6. Учёнова В.В. Гносиологичекий проблеми публисистики / В.В. Учёнова. – М.: МГУ, 1991. - 126 с.
7. Якубинский Л.П. Сборники по теории поэтического языка. / Л.П. Якубинский. – П-г, 1916. - Вып.1
8. Якобсон Р.О. Новейшая русская поэзия / Р.О. Якобсон. – Прага, 1921.
9. Атоулло Ҳусайнӣ. Бадоеъ-ус-саноеъ / Атоулло Ҳусайнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1974. - 222 с.
10. Авраамов Д. Профессональная этика журналиста / Д. Авраамов. – М.: МГУ, 1999. – 224 с.

ИСКУССТВО КРАСНОРЕЧИЯ ЖУРНАЛИСТОВ ТАДЖИКСКОГО РАДИОВЕЩАНИЯ

В данной статье автором рассмотрено ораторское искусство журналистов таджикских радиовещательных компаний, в задачу которых входит привлечение большего числа людей на свою сторону.Слушатели хотят получить заряд энергии, которая поддержит их на жизненном пути. Поэтому оратор должен не жалеть энергию, а делиться ею с окружающими. Вступление должно включать в себя содержание той идеи, правильность, которой будет доказана. Существуют различные виды вступления. И его выбор зависит от сверхзадачи и аудитории, для которой он выступает.

Ключевые слова: выступление, правильность идеи, информационное доказательство, фактический и справочный материал, ключевые мысли речи, публичное выступление, вид деятельности.

THE ART OF ELOQUENCE TAJIK JOURNALISTS BROADCASTING

In this article the author considers oratory Tajik journalists broadcasters, who are tasked with attracting more people to their side.Listeners want to get a boost of energy that will support them on their life journey. He therefore must spend more energy, and share it with others. The entry should include the content of the idea, the correctness of which is proved. There are different types of membership. And his choice depends on the end purpose and audience for which it stands.

Key words: performance, correctness ideas, information, evidence, factual and background material, key ideas of the speech, public appearance, type of activity.

Сведения об авторе: ***У. Наджмиддинова*** – кандидат филологических наук, преподаватель факультета журналистики Таджикского национального университета. Телефон: **938-73-74-66**

СУХАН БАРОИ ДИГАРОН ГӮЯНД

М. Муқимов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Публитсистика гуфта, як намуди асарҳоро меноманд, ки ба проблемаҳои муҳим ва ҳодисаҳои ҳаёти рӯзмарраи ҷомеа бахшида шудаанд. Публитсистика ҳамчун воситаи баёни гуногунандешии ақидаи ҷомеа оид ба проблемаҳои доғи рӯз нақши муҳими сиёсӣ ва идеологӣ дорад. Ҳадафи публитсистика тавассути ВАО, филмҳои ҳуҷҷатӣ, маводи чопӣ ва суханварӣ таъсир расонидан ба ҷомеа аст. Таъсири мазкур на танҳо ба тафаккур, балки ба эҳсосоти аудитория низ равона шудааст. Маводи публитсистӣ тавассути ин таъсиррасонӣ ва боваркунонӣ мавқеи аудиторияро ташаккул медиҳад, онро ба таҳрики ягон амал меорад ва барои ҷалби таваҷҷуҳ ба ягон масъалаи муҳим иттилоъ мерасонад. Бинобар ин публитсистика проблемаҳои доғи рӯзро, ки ҳалли онҳо барои ҷомеа муҳиманд, фаро мегирад.

Публитсистикаи бадеӣ-ин гурӯҳи жанрҳоест, ки дар он унсурҳои адабӣ ва воқеияти зиндагӣ ба ҳам омадаанд. Яъне, дар ин гуна асарҳо тахайюлоти бадеӣ аз доираи воқеияти зиндагӣ берун намераванд.

Ба гурӯҳи жанрҳои публитсистӣ-бадеӣ дар матбуот лавҳа, эссе, очерк ва жанрҳои ҳаҷвии фелетон, памфлет, луқма, латифа, тамсил, шарҳи ҳаҷвӣ, пародия, шарж, карикатура ва эпиграмма дохил мешаванд.

Аз рӯйи гурӯҳбандии мазкур мо маводи дар соли 2013 чопкардаи ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат»-ро мавриди баррасӣ қарор додем. Мо сараввал ба маводе таваҷҷуҳ кардем, ки зери рубрикаи «публитсистика» ба табъ расидаанд. Бояд гуфт, ки дар журналистика бо номи публитсистика жанри алоҳидае вуҷуд надорад ва ҳар маводе, ки дар қолаби жанрҳои дигар эҷод мешавад ва аҳамияти зиёде барои ҷомеа дорад, метавонад чун маводи публитсистӣ номгузорӣ шавад.

Ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» қариб дар ҳар шумораи худ зери рубрикаи «публитсистика» мавод чоп мекунад. Масалан, 9-уми майи соли 2013 дар ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» ба ифтихори Рӯзи ғалаба зери рубрикаи «публитсистика» маводи Саидмурод Искандарӣ «Фарзанди ҷоннисори Ватан» ба табъ расидааст, ки аз ҳаёти иштирокчии ҶБВ, сокини деҳаи Обидараи Чунгаки шаҳри Ваҳдат Юнус Юсуфов нақл мекунад. Дар маводи мазкур аслан корнамоиҳои ҷангии сарбоз ва ҳаёти минбаъдаи ӯ ба қалам дода шудааст. Юнус Юсуфов баъди ҶБВ мактаби миёна ва Донишкадаи омӯзгории Душанберо хатм карда, 40 сол директори мактаб буд.

Бояд зикр кард, ки баъзан дар чунин мавод пургӯйӣ ба назар мерасад. Масалан, дар маводи зикршуда вақте сухан дар бораи оилаи Ю. Юсуфов меравад, муаллиф чунин мегӯяд: «Амаки Юнус дар зиндагонии якҷоя бо апаи Бӯригул (рӯҳаш шод бод) соҳиби 10 нафар фарзанд шуданд: Раъно, Сулаймон, Неъматулло, Ҷамшед, Анвар, Марям, Ҳуснигул, Нағзигул, Гулнигор, Қумригул. Ҳар кадоми эшон дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ заҳмат мекашанд. Сулаймон–номзади илми математика, айни замон мудири кафедраи Донишгоҳи тиҷорати Тоҷикистон, буда, даҳҳо мақолаҳо ва рисолаҳои илмӣ нашр кардааст». Ба назари ин ҷониб, дар бораи он ки Сулаймон номзади илм асту мақолаву рисолаҳои илмӣ дорад, навиштан ҳоҷат нест. Агар муаллиф дар бораи фарзандони Ю. Юсуфов маълумот доданӣ бошад, пас мантиқан бояд дар бораи ҳамаи онҳо сухан мегуфт. Аслан, ки сухан дар бораи корнамоии ҷангии сарбоз меравад, чунин маълумот зиёдатист. Агар маводи мазкур очерки портретӣ мебуд, он вақт барои кушодани симои қаҳрамон маълумоти бештар додан зарур мешуд.

Афзоиши муҳоҷирати меҳнатӣ, бе тарбияи волидон мондани фарзандон аз проблемаҳои доғи ҷомеа маҳсуб мешаванд. Дар шумораи 31 январи соли 2013 андешаҳои рӯзноманигор Ҳамроҳи Авлиёпур оид ба тарбияи кӯдак бо унвони «Оинаи ростнаморо каҷ нагардонем!» ба табъ расидааст. Муаллиф ба мавзӯи хеле доғи ҷомеа дахл карда, масъалагузорӣ мекунад, ки бояд волидон нигоҳашонро ба

тарбияи фарзандон дигар кунанд. Барои он ки фарзанди боодобу доно тарбия кунем, моро тафаккури тоза ва нигоҳи эҷодкорона мебояд, мегӯяд муаллиф.

Дар шумораи 14-уми марти соли 2013 маводи Рачаб Мардон бо номи «Математики унвонҷӯй номзади илми биология» таҳти рубрикаи «публитсистика» ба табъ расидааст. Муаллиф дар маводи мазкур аз фаъолияти илмии дастпарвари факултаи математикаи ДМТ Сироҷиддин Бақоев, ки дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ ба шаҳри Ростови лаби Дони Федератсияи Русия кӯч баста, дар Донишгоҳи аграрии Ростов ба кор даромад, нақл мекунад. Ӯ дар мавзӯи «Устувории қабатҳои ҳосилхези заминҳои Дони Поён ба заҳролудшавии металлҳои вазнин» рисолаи номзадӣ дифоъ карда, номзади илмҳои биология шудааст.

Рачаби Мардон яке аз очеркнависони чирадасти муосир буда, навиштаҳояш табиӣ ва хонданианд. Агар муаллиф аз маводи мазкур очерки портретӣ ва ё проблемавӣ месохт, таъсирнокии он ба чандон меафзуд, зеро имрӯз проблемаи Тоҷикистонро тарк кардани кадрҳои болаёқат ҳаст. Аз ҷониби дигар, тоҷикони муҳоҷир танҳо аробакашу ҳаммол набуда, дар байни онҳо ҳастанд нафароне, ки бо талошу заҳмати худ дар ҷомеаҳои Русия обрӯву мартабаи баландро соҳиб шудаанд.

20-уми июни соли 2013 дар ҳафтанома зери рубрикаи «публитсистика» маводи Рачабалӣ Аҳмад бо номи «Сайри диёри бостонӣ» бахшида ба 3000-солагии Ҳисор чоп шудааст. Дар ин мавод муаллиф дар бораи ҳаёти халифаи шаҳид–Халифа Холмуҳаммад нақл мекунад. Бояд гуфт, ки 12 феврали соли 2014 дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» маводи Амир Сайид Мункӣ бо номи «Мавлоно Холмуҳаммади Хатлонӣ» зери рубрикаи «Ба истиқболи 3000-солагии Ҳисор» чоп шудааст. Ин ҳар ду мавод дар бораи як нафар навишта шуда бошад ҳам, Рачабалӣ Аҳмад кушта шудани Халифа Холмуҳаммадро бо тафсил ба қалам додааст. Рачабалӣ Аҳмад аз очеркнависони соҳибзавқ аст. Агар ӯ дар бораи Халифа Холмуҳаммад очерки портретӣ менавишт, гумон мекунам, як асари пуарзиши хонданӣ ба вуҷуд меомад.

11-уми июли соли 2013 ҳафтанома маводи Ваҳҳоб Набиев, Аюб Усмонов ва Зафарҷон Қобиловро бо номи «Фарҳангпарвар» зери рубрикаи «публитсистика» ба табъ расонид, ки ба 100-солагии собиқ котиби аввали Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон Ҷаббор Расулов бахшида шудааст. Дар маводи мазкур аз хизмати Ҷ. Расулов дар рушди фарҳанги миллӣ сухан меравад. Дар маркази очерки портретӣ шахсияти инсон, ҳаёти ӯ, талоши ӯ ба зиндагӣ ва ғаму нишоти ӯ меистад. Хонанда аз очеркҳои портретӣ бо чеҳраи шахсиятҳо шинос шуда, аз зиндагии ибратомӯзи онҳо беҳтарин хислатҳоро меомӯзад.

24-уми октябри соли 2013 ҳафтанома чанд порае аз очерки «Сарбози суханвар»-и Алӣ Бобоҷонро бо номи «Ҳафт маслиҳати Ҳоҷӣ Содиқ» дар ду саҳифа чоп кардааст. Аз ин чанд пораи очерки портретӣ симои начиби нависандаи ҳаҷвнигор Ҳоҷӣ Содиқ барои хонанда ҳувайдо мегардад. Қиссаи вохӯрии Ҳоҷӣ Содиқ бо кормандони рӯзномаи «Садои Конибодом» Музаффар Зулфиқоров ва Мақсуд Ҷӯра тобистони соли 1987-ум ва бо мототсикли дучарха ба Хоҷагии «Ленинград» сафар кардани ӯ аз самимият ва хоксориву фурутании нависанда нақл мекунад.

Дар очерк тахайюлот ба мисли дигар жанрҳои бадеӣ нақши камтаре дорад. Инъикоси воқеият асоси очерк буда, андешаронӣ дар асоси таҳлил ба вуҷуд омада, хулоса интиҳои мантиқии он аст.

Маводи рӯзноманигор Диловари Мирзо «Роҳи дуруст», ки дар шумораи 22-юми августи соли 2013 таҳти рубрикаи «публитсистика» чоп шудааст, аз ҳаёту фаъолияти ходими давлатӣ, собиқ раиси Комитети иҷроияи вилояти Ғарм Ғуломи Наим ва ҷияни ӯ Муҳаммаднаим нақл мекунад. Зиндагии Ғуломи Наим дар даврони шӯравӣ паси сар шудааст. Муҳаммаднаим бошад, имрӯз хоҷагии деҳқонӣ таъсис додааст ва барои ободии диёраш заҳмат мекашад. Навиштаи мазкур очерки портретӣ буда, ҳаёти амаку ҷиян дар ду давраи таърихӣ ба ҳам муқоиса шудаанд.

Дар очеркҳои сафарӣ нақши муаллиф хеле барҷаста буда, ӯ ноқили суҳбат аст. Хонанда аз дидгоҳи ӯ ба воқеаҳои тасвиршуда ошно мешавад. Агар нависанда воқеаро ҷолиб тасвир карда тавонад, навиштаи ӯ хонданӣ хоҳад буд. Тавре ки

журналист ва нависанда Ҳоҷӣ Содиқ дар вохӯрӣ бо иштирокчиёни Курс-конференсияи адибони навқалам тирамоҳи соли 1975-ум гуфтааст: «…То сухани нависанда аз дил набарояд, ба дил роҳ намеёбад».

12-уми декабри соли 2013 дар ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» очерки сафарии рӯзноманигор Сироншоҳи Диловар бо унвони «Мурғоб он қадар дур нест» чоп шудааст. Муаллиф дар маводи мазкур таассуроташро аз сафар ба ноҳияи Мурғоб ба қалам додааст. Дар матлаби мазкур баъзан иштибоҳ ба назар мерасад. Масалан, муаллиф менависад, ки «Дар чойхона-ошхонаҳои сарироҳӣ аз Аличур сар карда, то Қарокӯлу гузаргоҳи Қулма ронандагону мусофирон, сайёҳони хориҷиро дар баробари гӯшти гӯсфанду қутос бо моҳӣ низ зиёфат мекунанд». Албатта, зиёфат бепул аст, вале дар ошхонаҳо ғизо ройгон нест.

Яке аз усулҳои самараноки сохтори очерк тарзи баёни муаллиф аст, ки ба таври андеша сурат мегирад. Ӯ дар бораи проблемаи мавриди баррасии очерк андешаҳои худро дар асоси факту далел иброз медорад.

Дар очерки «Мурғоб он қадар дур нест» муқоисаҳои нодуруст зиёд аст. Аз ҷумла, муаллиф мегӯяд: «Дар ин рӯзҳое, ки қимати гӯшт дар бозорҳои дигари кишвар аз 28 то 35 сомонӣ мебошад, дар бозори «Сари кол» нархи гӯшти қутос 19-21 сомонӣ ва бузу гӯсфанд 22 сомониро ташкил медиҳад». Дар ҳамин ҳол муаллиф аз меваю сабзавот ном бурда намегӯяд, ки нархи ин мавод ин ҷо чӣ қимат дорад? Албатта, дар Мурғоб меваю сабзавот ва дигар анвои хӯрданӣ аз нархи бозорҳои дигар минтақаҳои кишвар гаронтаранд.

Бояд гуфт, ки маводи мазкур аз очерки сафарӣ дида, ба мақолаи таблиғотӣ бештар шабоҳат дорад. Қобили зикр аст, ки дар очеркҳои чопкардаи ҳафтанома проблемагузорӣ кам ба назар мерасад, мубоҳисаи қаҳрамонон ва конфликт вуҷуд надорад. Ҳол он ки проблема бо қаҳрамонони очеркҳо вобастагии мустақим дорад. Агар дар очеркҳо ҳалли проблема бевосита аз ҷониби қаҳрамонон сурат гирад, онҳо муассиру хонданбоб мешаванд.

Ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» зери рубрикаи «сафарнома» низ маводи публитсистиро ба табъ мерасонад.

Дар шумораи 10-уми январи соли 2013-уми «Адабиёт ва санъат» сафарномаи Шералӣ Мӯсо «Нури ишқ» оид ба ифтитоҳи ағбаи «Шаҳристон» чоп шудааст. Муаллиф дар сафарнома эҳсосоти худро аз ин маърака, ки дар он Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон иштирок кардааст, баён намудааст.

Сафарномаи омӯзгор Хайруллоҳи Раҳим бо номи «Зиёрати қадамҷои Пушкин» 14-уми феврали соли 2013 ба табъ расидааст. Хайруллоҳи Раҳим ба Русия ба хонаи писараш сафар карда, мефаҳмад, ки қадамҷои шоири шаҳири рус–ноҳияи Пушкиногорски вилояти Псков дар наздикиҳо ҷойгир аст. Ӯ 110 километр роҳро тай карда, ба мамнӯъгоҳи Михайловск меояд ва дар дайри Святогорск мазори шоирро зиёрат мекунад. Дар сафарномаи мазкур маълумоти зиёди пуарзиш оид ба хешовандони А.С. Пушкин, деҳаи бобоиаш Михайловск, ки дар Псков ҷойгир аст, оварда шудааст. Сафарномаи мазкур ҷолибу хонданӣ аст.

30-юми майи соли 2013, баъди беш аз се моҳ идомаи сафарномаи Хайруллоҳи Раҳим бо номи «Зиёрати қадамҷои А. С. Пушкин» чоп шудааст. Дар зерсарлавҳа таъкид мешавад, ки ин охири матлаб аст ва аввалаш дар шумораи №7-и «Адабиёт ва санъат», 14. 02. 2013 ба табъ расидааст. Бояд гуфт, ки дар шумораи 14 феврал мавод бо номи «Зиёрати қадамҷои Пушкин» ва зери рубрикаи «раҳоварди сафар» чоп шудааст. Аз чӣ бошад, ки идомаи мавод бо иловаи ҳарфи аввали номи шоир ва номи падари ӯ, яъне «Зиёрати қадамҷои А.С. Пушкин» ва рубрикаи «сафарнома» чоп шудааст. Матлаби мазкур дар арафаи Рӯзи назми Пушкин (2 июн) чоп шуда, дар бораи сафари муаллиф ба осорхонаи Пушкин нақл мекунад.

Сафарномаи рӯзноманигор Шералӣ Мустафоқулов «Лаҳзаҳои фаромӯшношуданӣ» (14 ноябри соли 2013) аз нахустин сафари кории Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба ноҳияи Мурғоб дар моҳи июни соли 1995 нақл мекунад. Муаллиф лаҳзаҳои сафари президентро ба ноҳияи мазкур, ба вижа таваққуфи иҷбории чархбол дар деҳаи Аличур ва аз он ҷо тавассути «Нива»-и куҳна

ва оинашикаста ба маркази ноҳия равон шудани Эмомалӣ Раҳмонро ба қалам додааст. Махсусан, лаҳзаи гаҳвораи кӯдаки соҳиби хонаро дар деҳаи Аличур ҷунбондани Президент хеле самимӣ аст. Дар сафарномаи мазкур симои Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон хоксору одӣ ва инсондӯст тасвир ёфтааст. Муаллиф дар ин матлаб бе ягон тамаллуқ ва пургӯй симои сардори давлатро дар сафар ба қалам додааст.

Воқеан ҳам, дар сафарномаҳо муаллифон бояд чизи ҷолибу навро нависанд, то ки он барои хонанда мароқовар бошад. Мутаассифона, имрӯз дар сафарномаҳо пургӯйӣ ва қисса кардани ҳодисаҳое, ки дар бораи онҳо хонанда аллакай иттилоъ дорад, зиёд ба назар мерасад.

Эссе жанрест, ки аз як тараф ба очерк ва аз ҷониби дигар ба мақола наздикӣ дорад. Вай ҳаҷман чун очерк калон набуда, аз рӯи композитсияи озод навишта мешавад. Дар эссе бештар таассуроту андешаҳои муаллиф инъикос гардида, он ҳадафи баррасии пурраи мавзӯъро надорад.

Соли 2013 дар ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» зери рубрикаи «эссе» ҳамагӣ як мавод ба табъ расидааст, ки он ҳам ба қалами нависанда Додохони Эгамзод тааллуқ дорад. Эссеи «Шод бошу дер зӣ, эй дӯст» (28-уми ноябри соли 2013) аз ҳаёт ва фаъолияти сарвари бахши суғдии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Аҳмадҷони Раҳматҷон нақл мекунад.

Ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» зери рубрикаҳои «ёднома», «зикри хайр» ва «ҷашнома» низ баъзан маводи публитсистӣ ба табъ мерасонад.

Дар шумораи якуми соли 2013-и ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» (3 январи 2013) таҳти рубрикаи «зикри хайр» ёдномаи Эҳсон Субҳон бо унвони «Бақои умр» оид ба ҳаёту фаъолияти шоири шодравон Сармад (Гадобой Ӯзбеков) ба табъ расидааст. Муаллиф, ки Сармадро аз давраи донишҷӯиаш дар Омӯзишгоҳи омӯзгории Панҷакент мешиносад ва баъдан дар рӯзномаи «Маориф ва маданият» онҳо ҳамкор буданд, дар бораи шоир хеле самимӣ ҳарф мезанад ва симои ӯро барои хонанда муаррифӣ мекунад. «Солҳои ҳафтодуму ҳаштодуми қарни гузашта ҷавонҳои ҳушёр домони “мушкилосонкунон”-ро сахт медоштанду ба ҳеҷ ваҷҳ сар намедоданд. Китобҳояшонро чоп мекарданду узви Иттифоқи нависандагон мешуданд ва унвону мукофот мегирифтанд. Сармад ин рафторро пастӣ мешумурд»,-мегӯяд Эҳсони Субҳон.

Дар шумораи 4–уми апрели соли 2013 ёдномаи Абдухолиқи Набавӣ бахшида ба 90-солагии нависанда Ҳилолиён Аскар чоп шудааст. Муаллиф дар ин мавод аз ҳаёт ва фаъолияти нависандаи муҳоҷир, ки аз Эрон ба Тоҷикистон омада, муқими шаҳри Хуҷанд шудааст, нақл мекунад. 18 июли соли 2013 дар ҳафтанома ёдномаи Кароматуллоҳи Мирзо «Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ: «Ҳастем, ҳоло ҳам ҳастем» чоп шудааст, ки хеле табиӣ ва хондани аст. Муаллиф хотираҳои худро дар бораи шодравон Муҳаммадҷон Шакурӣ ва хотираҳои ҷолиби ӯро ба қалам кашидааст. Махсусан, қиссаи шиносоии М. Шакурӣ бо ронандаи троллейбус Ашӯралӣ, ки боиси пайдоиши ибораи «Ҳоло ҳам ҳастем» шудааст, мароқангез аст. Устод Шакурӣ дар ҷавонӣ бо ронандаи троллейбус, ки бо он ҳар рӯз ба Донишкадаи омӯзгории Душанбе ба кор рафта, меомаданд, шинос мешаванд. Бо гузашти айём, манзили зист ва ҷои кори М. Шакурӣ дигар мешавад ва он кас чандин сол Ашӯралиро намебинанд. Рӯзе тасодуфан М. Шакурӣ ронанда Ашӯралиро сари чамбараки троллейбус мебинанд ва онҳо якдигарро мешиносанд:-Шумо ҳоло ҳам ҳастед?-ронанда даст дароз мекунад.

Хотираи Абдулҳамиди Самад «Чеҳраи дурахшон», ки таҳти рубрикаи «зикри хайр» 25-уми июли соли 2013 дар ҳафтанома чоп шудааст, низ хеле самимӣ аст. Муаллиф хотироти худро аз лаҳзаҳои ҷолиби вохӯриаш бо нависанда Ҳоҷӣ Содиқ ба хонанда нақл мекунад. Махсусан, хотираи оши ҳарифона хӯрдани журналистон ва аёдати Ҳоҷӣ Содиқ дар Хуҷанд ва сафар ба Конибодом хеле ҷолиб аст.

Бояд зикр кард, ки қариб дар ҳар шумораи ҳафтанома ёднома чоп мешавад. Вале дар ҳамин ҳол дар онҳо баъзан пургӯйӣ ба назар мерасад ва на ҳар чизе, ки муаллифон менависанд, барои хонандаҳо ҷолиб аст.

Ногуфта намонад, ки баъзан дар навиштаҳои муаллифони ғайриштатӣ иштибоҳ ба назар мерасад, ки ҳусни маводро коҳиш медиҳад. Масалан, дар ёдномаи Искандар Мирзоев «Сарвари мушфиқу ғамхор» (9 майи соли 2013), ки аз фаъолияти собиқ раиси Кумитаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба телевизион ва радиошунавонӣ (1977-1988) Ғоиб Қаландаров нақл мекунад, омадааст, ки ӯ «…нахустмуҳаррири рӯзномаи «Сталинобод» (имрӯз «Паёми Душанбе» мебошад». Ин гуфта иштибоҳи маҳз аст, зеро рӯзномаи «Паёми Душанбе» соли 1989 таъсис ёфта, аз якуми январи соли 1990 чоп мешавад ва он идомаи нашрияи «Сталинобод» нест. Ҳамчунин муҳаррири нахустини рӯзномаи «Паёми Душанбе» Додохон Эгамов буд.

Фелетон ва памфлет аз жанрҳои асосӣ ва муборизи ҳаҷви публитсистӣ-бадеӣ маҳсуб мешаванд ва адибони мо дар давраи шӯравӣ ба ин жанрҳо таваҷҷуҳи хоса доштанд. Мутаассифона, солҳои охир ин жанр дар ВАО ва адабиёт фаромӯш шуда истодааст. Масалан, дар соли 2013 ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» ягон фелетон ва памфлет чоп накардааст.

Ҳамчунин соли гузашта дар ҳафтанома ягон луқма ва тамсил ба табъ нарасидааст. Дар ҳафтанома пародия, шарж ва эпиграмма низ хеле кам чоп мешаванд. Дар ҳамин ҳол, латифа ва карикатура аз жанрҳои серистеъмоли ҳаҷвии публитсистӣ-бадеӣ дар ҳафтанома мебошанд.

Аз баррасии маводи публитсистии боло ба чунин хулоса омадем, ки дар ҳафтанома маводи хонданбоби пурарзиш, ба вижа очерк хеле кам чоп мешавад.

Қобили зикр аст, ки нашрия ба мавзӯъҳои иҷтимоиву иқтисодӣ кам таваҷҷуҳ мекунад. Ҳол он ки адибон наметавонанд аз ин масоили мубрами ҷомеа дар канор бошанд. Аз ҷониби дигар, бо чопи мавод дар масоили иҷтимоиву иқтисодӣ теъдоди хонандаҳои ғайриҳирфаӣ зиёд мешавад.

Ногуфта намонад, ки нақши маводи публитсистӣ дар ташаккули афкори ҷомеа хеле зиёд аст. Бинобар ин, барои минбаъд зиёд шудани публитсистикаи бадеӣ дар нашрия чунин пешниҳодҳо дорам:

1. Баланд бардоштани ҳаққи қалам;
2. Мусоидат ба очеркнависон барои сафари хидматӣ ва чопи маводи онҳо дар ҳафтанома;
3. Ба назари мо, барои чопи маводи гуногуни публитсистӣ саҳифаҳои ҳафтанома камӣ мекунад. Бинобар ин, пешниҳод дорам, ки теъдоди саҳифаҳои нашрияи «Адабиёт ва санъат» аз 16 саҳифа ба 24 саҳифа ва баъдан ба 32 саҳифа расонида шавад. Гумон мекунам, ки маводи чоп пайдо мешавад. Штати кормандонро низ зиёд кардан лозим аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Лазутина Г.В. Основы творческой деятельности журналиста: учебник для вузов / Г.В. Лазутина. - М.: «Аспект Пресс», 2001. – 240 с.
2. Тепляшина А. Н. Сатирические жанры современной публицистики: учебное пособие / А. Н. Тепляшина. - СПб.: Изд-во Санкт-Петербургского ун-та, 2000. - 95 с.
3. Тертычный А. А. Жанры периодической печати: учеб. пособие / А. А. Тертычный.– М.: Аспект Пресс, 2011. – 4-е изд., испр. и доп. - 320 с.

СЛОВО ПИШЕТСЯ ДЛЯ ЧИТАТЕЛЕЙ

В статье анализируются публицистические материалы газеты «Адабиёт ва санъат» (Литература и искусство) органа Союза писателей Республики Таджикистан, изданные в 2013 году. Автор пишет, что в каждом номере газеты под рубрикой «Публицистика» печатаются материалы, но не все соответствуют рубрике и интересен читателям. В газете из видов очерка в основном печатаются путевые очерки. Автор приходит к выводу, что в газете «Адабиёт ва санъат» очень мало печатается сатирических художественно-публицистических жанров журналистики. В том числе в 2013 году не было ни одного памфлета и фельетона. Автор для увеличения публицистических материалов предлагает увеличить объем страниц газеты, и также повысить гонорар за художественно-публицистические жанры.

Ключевые слова: Журналистика, очерк, сатирические жанры, фельетон, памфлет, газета, «Адабиёт ва санъат».

WORD IS WRITTEN FOR READERS

The article analyzes the journalistic materials of the newspaper "Adabiyot va Sanat" (Literature and Art) of the Union of Writers of the Republic of Tajikistan, published in 2013. The author writes that in each issue of the newspaper under the heading "Publicistika" printed materials, but not all of them correspond to the category and interesting to readers. The newspaper of the types of essays mostly printed travel essays. The author concludes that in the newspaper "Adabiyot va Sanat" very little printed satirical journalistic genres of journalism. Including in 2013, there was no pamphlet and feuilleton. Author for larger nonfiction materials proposes to increase the amount of pages of the newspaper, and also to increase the fee for the journalistic genres.

Key words: Journalism, sketch, satirical genres, feuilleton, pamphlet, newspaper, "Adabiyot va Sanat."

Сведения об авторе: ***М. Мукимов*** - доктор филологических наук, профессор кафедры международной журналистики Таджикского национального университета

НАМОИШҲОИ СИНАМОӢ ВА ИСТИФОДАИ ҲУҶҶАТ ВА БАДЕИЯТ

Д.Х. Бобоев
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар чунин намоишоти синамоӣ ҳуҷҷатият муттасил асоси таркиб ва шакли нумӯи афъоли ин намоиши аз рӯйи ҳудуд васеъро доро мегардад.

Дигар аз воситаҳои байёнкунандаи чунин ҳолатҳо аз тарафи санъаткорони моҳир, вақте ки онҳо ба кӯча ва саҳна бо асосҳои дорои сатирикидошта баромад мекарданд, истифода бурда мешуд. Дар ин ҷо шаклҳои саҳнавии эстрадии ҳозира бо симоҳои сатирикӣ ва бандҳои шеърии сиёсӣ, интермедияҳои (парда ё намоиши иловагии хурдакаки байни пардаи драма ё опера, ки бештар мазмуни хаҷвӣ дорад) кӯтоҳи дорои табиати тарғиботидошта ба вуҷуд омаданд. Бадеият ҳамчун мақоми фалсафии (ҷаҳонбинии) ин намуди намоишҳо дар рузмаррагӣ ва дақиқии тафаккурӣ ва равонии мавзӯии матнҳои ҳаҷвӣ, тақлидҳо, куплетҳо, ки бо таассуби ичроии нуфузёфта вобастагӣ дорад ва ба тарзи аниқу дақиқ дар он дарҷ мегардад. Илова бар ин, намоишҳои умумии синамоишуда ва ҳаҷвияҳои кӯтоҳи ба танқиди рӯз навишташуда-ҳамаи ин кофтукови синамои тарғиботӣ ба ҳисоб мерафт.

А.В. Луначарский ҳақ буд, вақте ки дар бораи қадамҳои аввалини театри шӯравӣ навишта буд, ки: шумо нисбати маъюбӣ эҳтиромоти решаканнашуданиеро дохил менамоед, ки дар бисёре аз мавридҳо дар ҳоли ҳозир ҳамчун “кори бе дарди миёне” мегӯянд, аммо азамати бузурги ин субҳҳои инқилобии театри танқидӣ аст”[1], вориди синамо низ гашт ва ин андеша то ба имрӯз дар ин навъи санъат давом дорад.

Боз як намуди сатҳи воситаҳои ташвиқотӣ ва тарғиботии синамоӣ дар солҳои ҷанги дохилӣ, ҳангоме ки ҳамаи ҳиссиёти рӯҳии мардум барои мутамарказӣ, барои муборизa бо душманони сохтори нав равонагардида буд, боло рафт. Синамои мустанад корҳои худро барои тарғибот ва ташвиқот равона карда, ба ҳодисаҳои ҳаётан муҳим ва ҳақиқат рӯ овард. Ба тарзи дигар, мумкин ҳам набуд, чунки он ҳодисае, ки имрӯз муҳим буд, дар саҳифаҳои рӯзномаҳои нав дарҷ мешуд, ки метавонист тарғиби фаъоли таъсиррасони зинда шавад.

Мавзӯи марказии ҳамаи филмҳои тарғиботӣ дар солҳои ҷанги дохил, манзур ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон ин қаҳрамонии мудофеони сохтор ва ба тарзи ҳаҷвӣ нишон додани ҳарифони созандагони сохтори нави ҷумҳурӣ буд.

Синамои тоҷик, бахусус филми мустанади телевизонӣ қувват гирифта, дар баробари ин ба тарзи ичтиҳод дар кофтукови ҳунарии худ шаклҳои аввалини намояндаҳои тарғибу-ташвиқиро истифода мебурд. Сатҳи малакаи касбии коргарони он боло мерафт. Агар мавзӯи равонагардидаи бисёре аз намоишҳо якранг ҳам буд, аз рӯйи гузориши он дар саҳнаи синамо онҳо аз ҳамдигар фарқият доштанд.

Дар ҳамин раванд, мо метавонем театрҳо ва намоишҳои аввалини шӯравиро ба синамои ҳуҷҷатӣ муқоиса намоем ва ин назарро пешкаш намоем, ки ба синамои ҳуҷҷатии имрӯзаи мо созгор меояд. Аз ин рӯ, беасос нест, ки вобаста ба нақши осори бадеӣ ва фаолияти сиёсии театри ҳаҷвии инқилобӣ (1922 с.-Театри Инқилоб) барои соли 1921 навишта шуда буд: “аз гуногунӣ нисбати тарзи осори бадеӣ ва сабкҳои бадеӣ-: драма, комедия, водевиль, оперетта, обозрение, частушки, лубки ҳаросе

накунед, зеро ҳамааш раво аст, чунки инҳо жанрҳои ташвиқотӣ ҳастанд...”[2] дар синамои рӯз, махсусан синамои телевизонии тоҷик пас аз воқеаҳои сиёсии пас аз соли 1992 ин назар аз нав рӯйи кор омад.

Пешравии синамои ташвиқотӣ дар якчанд ҷараён пешравӣ мекард, аммо дар ин гуногуниҳо ду ҷараён яке ба тарғиби нишонаҳо ва дигаре тарғибу ташвиқи ҳақиқат дар мадди аввал буд. Ҷараёни аввалӣ ба овезаҳои саҳнавӣ ба тарзи шартӣ, инъикосгари романтизми шаҳрвандӣ буд ва ҷараёни дувумӣ ба монанди пешина ҳамон қадар шартӣ, ки гуфтан мумкин аст, инқилобӣ-хроникӣ бошад. Сустии ин ва он ҷараён дар он аст, ки қисман “умимият ба ҳақиқат ба асосе такя наменамояд ва аз ҳақиқат умумият бароварда намешавад. Дар намоишҳои беҳтарини дорои тарғиботи сиёсидошта, ки аз тарафи коргардонон тавассути телевизон нишон дода мешуд, ин ду ҷанбаъ одатан, ба ҳам ягонагиро бо як ҳосили романтикӣ ва саҳнавӣ дода метавонист. Шояд ҳамин назар буд, ки дар бораи ин андеша ёдовар шуда, таърихшинос ва мунаққиди театр А.Матскин навишта буд, ки кӯшиши истифодабарии “таъсири маълумот” дар режиссураи В.Мейерхолд баътар низ дида мешавад ва мо инро дар филмҳои телевизонии тоҷик пас аз истиқлолият ҳис мекунем ва пас аз боздиди фиттаҳои зиёди филми ҳуҷҷатии телевизони тоҷик чунин ба назар мерасад, ки А.Матскин дар ҳақиқат дуруст гуфтааст, ки чунин таассуроти бинанда такрорӣ нест, балки дар ҷараёни намоиш хабаррасон дигар намуди пасгардии маълумотро иҷро мекард.

Ин зуҳурот табиӣ аст, чунки гуногунии баҳодиҳӣ, ки ҷиҳатан нобаробарии ҳақиқатҳои рӯзмаррагӣ мебошад, дар филмҳои ҳуҷҷатӣ вуҷуд дорад. Масалан, «Бозгашт» филми мустанади хеле аҷиб буда, ҳамагӣ даҳ дақиқа давом дошта, дар он бозгашти фирориёни Ватан дар давраи хеле ҳассоси пас аз ҷанги шаҳрвандӣ рӯйи навор оварда шудааст. Дар филм мушкилоти зиндагии рӯзмарраи ононе, ки ватанро тарк карда, пас аз сулҳ ба хонаҳои худ баргаштаанд ва хонаҳои худро ҳаробшуда дарёфтанд, аммо бо ин ҳама шукр менамоянд, ки ба меҳан баргаштанд, тайёр астанд аз нав қувва ва зӯрии худро барои сохтани хонаҳои нав бисанҷанд ва ба ин амал тайёр низ ҳастанд, нишон дода мешавад. Дар баробари ин як нобоварӣ дар ин кор ононро ҳамроҳӣ менамояд, чунки онон буданд, ки замоне ин биёбонро, ки «Вахш» ном дошт, бо қувваи бозу, бо ақли расо ба гулистон табдил дода буданд, дар як лаҳза ба нестӣ расид ва аз хонаҳои онон танҳо хокистар боқӣ монд.

Асоси филми мустанад созанда будани мардуми тоҷик аст ва асоси ҷанги шаҳрвандиро аз нигоҳи қаҳрамонони филм дар берун аз марзҳои кишвари Тоҷикистон меҷӯяд ва мақсади сенарияи коргардони филми мустанад В. Максименков низ ҳамин гуфтааст, ки худ дар байни мардуми тоҷик бузург гашта, ҷузъи зиндагии тоҷикон мебошад ва чун як коргардони инсондӯст худро муаррифӣ менамояд ва пеш аз ҳама, санъаткори тоҷик будани худро дар ин филм фаромӯш намекунад.

Наворбардорон Г. Дзалов, З. Исроилов низ аз нигоҳе аз андешаҳои коргардон огоҳ ҳастанд ва наворҳои бардоштаи он андешаи коргардонро ифода карда метавонад ва андешаи коргардон ва қаҳрамон дар филми мустанад ба ҳам омада, бинандаро низ ба худ тобеъ менамоянд, ки на ҳама филми мустанад дорои ин назар буда метавонад.

Илова бар ин, худи сохтори филм ва ҳаяҷони болоравии мантиқии синамо гӯё дарбаргирии воқеаҳои зарурӣ ва рӯзмарраро ба назар мегирад. Дигар ҳам, ки таассуроти бинандаро ба худ на ҳамчун ҷавобгари тамоми ҷараёни рафти намоишро дар умум нишон медиҳад, балки фақат ҳамчун тасвири дарҷи саҳнавӣ бинандаро ҷалб мекунад.

Синамои ташвиқотӣ бошиддат тарзи сохтори нави санъатро ҷустуҷӯ мекунад. Бештар дар доираҳои саҳнавӣ печдарпечии намоёне аз сабкҳои гуногун ва тарзҳои намоишгузорӣ ба вуқӯъ меояд, вале филми телевизонии ташвиқотӣ дар ин ҷустуҷӯйи ба худ хос он роҳҳои нави, бадеӣ ва инқилобии асилеро, ки дар солҳои қаблӣ дар муддати чандин солҳо дар синамои шӯравӣ боқӣ монд, ба худ гирифта буд.

Дар ҳақиқат, ҳатто баъзе аз заминаҳои назариявӣ, ки дахлпазири тарзи иҷроиши қаҳрамонӣ дар синамои тарғибу-ташвиқотии аввалҳои соҳои 1992-юманд, ҳоло ҳам мавриди баҳси назариячиёни санъати мустанадсозии қаҳрамонӣ-дар бораи иштирокчии филми публитсистӣ мебошанд, ки актёр нест, аммо нақши худро меофарад. Чунончи, дар бораи равиши иҷроишӣ навишта шуда буд: “қаҳрамонҳои

саҳнавӣ намунаи публитсистианд ва вобаста ба ин таҚозои куллан гуногуни ба худ хосеро барои ба амал овардани хеш хоҳонанд. Намоиши онҳо дар услуби реалистии театри пешина оварда, онро ба раддияи асоси ҳамаи плакатҳои тарғиботии таъйинкунандаи саҳнавӣ мерасонад. Дар ҳоли ҳозир истифодаи актёр дар синамои мустанад низ расм гаштааст.

Бисёре аз ин ҳолатҳо барои филми мустанади муосири тоҷик, алалхусус қисмати ҷудонашавандаи асосии дохилшавии актёр дар моҳияти нақши саҳнавӣ доранд, бегона мебошад. Лекин новобаста ба ин, фикр дар бораи бо маънавиёти ғайримуқаррарии мавриди баҳодиҳӣ дар ҷараёни ташреҳи нақшбуда, ҳангоме ки актёр бо ҷаҳонбинии шахсӣ ва бо мавқеи шавқмандии шахсии худ табиати қаҳрамони тасаввурии иҷрокардаистодаашро ифшо менамояд, метавон ба синамои публитсистии муосир ворид кард. Аммо имрӯзҳо баҳодиҳии қаҳрамон ҷудонопазир аз моҳияти он, аз ифшои рӯҳии тинати қаҳрамон аст. Ин кори комили таҷассумияти актёр дар синамои тарғиботӣ одатан, ба сатҳӣ будани нақшҳо оварда мерасонад, ки хушбахтона, ин назар дар синамои мустанади тоҷик он қадар зиёд ворид нагаштааст, аммо дар филмҳои мустанади солҳои охир офаридаи синамогарон, ҳуҷҷатнигорони собиқ ҳамватанон, мисли Украина, Қазоқистон, Гурҷистон ва Русия ин тарзи кор то ба дараҷаи иҷроқ расонида шудааст, ки сохтори синамои мустанад онро писанд надорад.

А Д А Б И Ё Т

1. Луначарский А.В. О театре и драматургии / А.В. Луначарский. – М., - Т.1. - 581.
2. Булгаков А. С. Государственный агитационный театр в Ленинграде. 1918-1930 / А.С. Булгаков, С.С. Данилов. - М.-Л., - 1931.
3. Советский театр. 1917-1967 // Документы и материалы. - Л, 1968. - С.184.
4. Луначарский А.В. О театре и драматургии. Избраные статьи в 2-х / А.В. Луначарский. -М., 1958. -Т.1.
5. Муратов С.А. Документальный телефильм. Незаконченная биография / С.А. Муратов. - М.: ВК, 2009.
6. Клер Р. Размышления о киноисскустве / Р. Клер. - М., 1958.
7. Искусство кино. – Душанбе. 1966. - №8.
8. Межов К. А существует ли телефильм? / К. Межов // Искусство кино. – Душанбе. 1966. - №12.
9. Безклубенко С.Д. Телевизионное кино / С.Д Безклубенко // Очерк теории. - Киев, 1975.
10. Фурцева С. Кино и ТВ: эффект присутствия / С. Фурцева / Музы ХХ века. - М., 1978.
11. Андронников И. Рассказ на экране / И Андронников // Лит.газ. – Душанбе. - 1959.

КИНО И ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ДОКУМЕНТОВ И ХУДОЖЕСТВЕННОСТЬ В КИНОИСКУССТВЕ

В статье речь идет о создании таджикской кинематографии, особенно таджикской кинопублицистики, о качественном изменении данной отрасли за последние годы независимости Республики Таджикистан. Документальность и художественность как два полюса кинопублицистики рассматриваются в качестве атрибутивных особенностей в современном контексте таджикского кино. Наряду с этим рассматриваются вопросы тесного взаимопроникновения театрального искусства и драматургии в кинопублицистике, в чем заключается оригинальность данного жанра.

Ключевые слова: кино, публицистика, сценарий, кинематография, документальность, художественность, театр, драматургия.

CINEMA AND THE USE OF DOCUMENTS AND ARTISTRY IN CINEMA

In the article we are talking about the creation of the Tajik cinematography, especially the Tajik kinopublitsistiki, about a qualitative change in the industry over the past years of independence of the Republic of Tajikistan. The documentary and art as the two poles kinopublitsistiki considered as an attribute of features in the modern context of Tajik cinema. It also considers the issues close interpenetration of theatre arts and drama in a name, what is the originality of this genre.

Key words: cinema, journalism, script, film, documentary, art, theatre, drama.

Сведения об авторе: ***Д.Х. Бобоев*** – доцент кафедры телевидения и радиовещания Таджикского национального университета.Телефон**: (+992 37) 237-25-19**

МАСЪАЛАИ ШАРҚ ВА ҲУВВИЯТИ МИЛЛӢ ДАР ПУБЛИТСИСТИКАИ С.АЙНӢ

Э.А. Хушвахтов

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муқоисаи Ҳукумати Шӯравӣ бо давлатҳои дигар, тасвири мадади халқу Давлати Шӯравӣ ба кишварҳои хориҷ ва махсусан, Шарқи хориҷ дар марҳилаи аввали публитсистикаи устод Айнӣ мавқеи хосса дорад. Дар «Масъалаи Шарқ», «Аҳволи Эрон», «Ҳукумати Шӯроии Туркистон ва масъалаи Шарқ», «Бархез, Шарқи

мазлум, ки урдуи Шарқ расид», «Инқилоби байналмилал, мамлакатҳои Туркия, Ҳиндустон ва Афғонистон», «Аскари сурх ва сиёсати Шарқ», «Ғалабаи инқилоб дар Шарқ» ва «Инқилоби Уктабр ва олами Шарқ» барин даҳҳо мақолаҳои роҷеъ ба вазъи байналхалқӣ навиштааш устод ҳамчун башардӯсти собитқадам, ҳомии озодӣ ва сулху осоиши ранҷбарони тамоми олам сухан меронад.

Дар байни мақолаҳои публитсистии индавраинаи устод силсилаи мақолаҳои доир ба халқи тоҷик, таъриху тамаддуни он, адабиёт ва забони тоҷикӣ навиштааш мавқеи басо ҷозибе доранд. Дар онҳо устод Садриддин Айнӣ таърихи бойи халқи худро тавсиф карда, анъанаҳои ҳазорсолаи адабиёти тоҷикро собит мекунад. Зиёда аз он, ба муқобили панэрониён ва туркпарастон бо бурҳонҳои илмии раднопазир муборизе бурда, забони мустақил будани забони тоҷикиро аз забони форсӣ нишон медиҳад. Устод Айнӣ донандаи бузурги таъриху тамаддуни халқ буд ва ин дониши мукаммалаш имконият фароҳам овардааст, ки ӯ ҳар як факту рақам, ҳар як ҳодисаро бо муқоиса равшан ва таъсирнок намояд.

Устод Айнӣ махсусан, ба вазъияти Шарқ таваҷҷуҳи зиёде намудааст. Ӯ дар як қатор мақолаҳояш сабабҳои асосии аз тарафи мустамликадорони мағрибӣ истило шудани мамлакатҳои Осиёро баён намуда, макру фиреб ва ҳиллаву найрангҳои «империалистон»-ро, ки худро «ободкунандагон»-и кишварҳои Шарқ, «паҳнкунандагон»-и илму маданият ва «мураббиён»-и аҳолии ин сарзамин ба қалам дода, бо ваъдаҳои бардурӯғ ва мунофиқона онҳоро ба худ мутеъ месохтанд, фош мекунад. Дар ин бобат алалхусус, мақолае, ки бо унвони «Масъалаи Шарқ» навишта шудааст, хеле диққатангез мебошад. Нависанда дар ин мақола аввал, роҷеъ ба Шарқ ва Ғарб маълумоти мухтасари ҷуғрофӣ дода, хонандагонро бо асоси маишати халқҳои ин ду қитъаи олам шинос менамояд. Пас аз ин, ӯ риштаи суханро бар болои чӣ тавр ва бо кадом мақсад ба зери даст намудани Шарқ камар бастани сарватдорони ғарбӣ кашида, чунин менависад:

«Чун аҳли Ғарб, яъне фарҳангиён аз ҷиҳати илм, ҳунар ва санъат тараққӣ карданд, конҳоро кофтанд, кӯҳҳоро шикофтанд ва аз ҳар гуна қувваи табиӣ… истифода карданд. Фарангистон аз олоту адовати навэҷод, аз ақмиша ва амтиаи ранг ба ранги тозабаромад пур шуд. Барои фурӯхтани ин матоъ ва қумошҳо ва барои харидани ашёи хом ҷиҳати омода кардани матоъҳои дигар бозор лозим шуд. Ин бозор набуд магар «машриқзамин», зеро аҳли машриқ дер боз ба бистари осоиш ғунуда, ба хоки васеи ҳосилхез ба осудагӣ рӯз гузаронда, аз саноеъ ба ҳамон санъатҳои бобоӣ иктифо карда, аз фавоиди табиӣ ба мавоиди табиӣ, яъне ба мева ва ғаллаҳои худодод қаноат намуда, ба таъсири ин ҳолат як одами танбалу танпарвар шуда монда буд.

Фарангиён дар ин бозор мисли чорбозоргарди шаҳрӣ, ки ба қарияву қишлоқҳо дар миёни ӯзбак ва қазоқҳо медавад, гурӯҳ-гурӯҳ шуда давиданд. Чунон ки чорбозоргардон ҳар қадар ширинзабонӣ кунанд ва худро манфиатрасони аҳли қишлоқ ба қалам диҳанд, мақсади аслиашон буду нобуди аҳли қишлоқро ба ҷайби худ кашидан ва ба бадали насяҳои сӯхта, замину боғу ҳавлиҳои қарздоронро ба номи худ васиқа карда гирифтан ва агар қарздор амлок надошта бошад, аз забонаш хат гирифта, мудомулҳаёт ғуломвораш кор фармудан аст, инчунин сарватдорони Фаранг ҳам, ҳар қадар ки дар зоҳир «мо машриқзаминро обод мекунем, дар машриқ илму маданият нашр менамоем ва аҳли Шарқро тарбият мекунем ва амсолаш…» гӯянд ҳам, мақсадашон буду нобуди машриқзаминро ба яғмо бурдан ва аҳли Шарқро ғуломосо, бал ҳайвонвор ба манфиати худ кор фармудан аст» [1].

Муаллиф, инчунин, қайд мекунад, ки сарватдорони Ғарб дар ғорати сарвати Шарқ зоҳиран бо ҳам муттафиқ бошанд ҳам, вале дар асл, байни онҳо ихтилоф ва рақобати тунду тезе вуҷуд дорад, зеро ҳар яке кӯшиш менамояд, ки нисбат ба дигаре зиёдтар манфиат барад. Онҳо аз ин ҷиҳат ҳам айнан ба савдогарони чорбозоргард, ки аз иттиҳод ва иттифоқ дам зананд ҳам, «лекин ғаразашон гӯл задани якдигар ва хок пошидан ба чашми ҳамдигар буда, бисёртар ба худ харидор ҷалб кардан ва аз рафиқи худ зиёдтар манфиат ёфтан аст» [1], монанд мебошад. Чунон ки мебинем, нависанда ба чорбозоргардон монанд кардани мустамликачиёни Ғарб хислатҳои асосии империалистонро бо як тарзи оммафаҳме ошкор нишон медиҳад.

Дар зимни ҳамин мақола мо боз як ташбеҳи мувофиқеро мебинем. Нависанда акнун Шарқро ба беморе ва мустамликадоронро ба ворисони беинсофу чашмгурусна шабоҳат дода, мунофиқат ва риёкории шахсони сарватпарастро боз ҳам равшантар тасвир мекунад.«Аҳли Шарқ,-менависад ӯ,-дар ин солҳои охир беморе монанд буд, ки бистари мараз ба ҳолати эҳтизор дар атрофаш ворисони чашмгурусна ҷамъ шуда, мунтазири баромадани ҷони бемор ва дар фикри бисёртар ҳисса рабудан аз моли мерос бошанд» [1].

Ҳамин тавр, нависанда, ки ниқобро аз рӯйи империалистони ғосиб ва торочгар барканда, сирати манфури онҳоро дар пеши назари хонанда возеҳу равшан нишон медиҳад, дар шароити имрӯза ҳам аҳамияти худро гум накардаанд.

Садриддин Айнӣ дар як силсила мақолаҳояш, ки ба тафсири авзои байналхалқӣ бахшида шудаанд, дар вазъияти сиёсӣ-иҷтимоии кишварҳои Шарқ ва таърихи муборизаҳои озодихоҳии халқҳои он таваққуф карда, таъсири Инқилоби Октябрро ба олами Шарқ ва вусъати ҳаракатҳои инқилобии онро хотиррасон менамояд.

Нависанда доир ба равияи Ҳукумати Шуравӣ нисбат ба масъалаи Шарқ менависад, ки давлати Шӯравӣ бар хилофи давлатҳои империалистӣ озод гардидани Шарқро мехоҳад ва дар ин роҳ ба аҳолии Шарқ, ки баҳри озодӣ бархостаанд, ёрӣ ва пуштибонӣ хоҳад кард. Бинобар ин, «халосгарони Шарқро лозим аст, ки аз ин фурсат истифода карда, ба Ҳукумати Шӯрои робита пайдо кунанд. Аз ин ҷо таълимот гирифта, ба ҳар тарафи машриқзамин ташкилотҳо, ҷамъиятҳо барпо намоянд, чӣ будани сарватдорони фарангиёнро ба аҳолии Шарқ фаҳмонанд, то аз маҳв шудан пештар душмани худро маҳв кунад» [1].

Мо дар зер аз мақолаи номбурда порчаеро низ меорем, ки дар он нависанда оид ба тарзи муборизa ва роҳҳои халосии Шарқ фикру мулоҳизаҳои худро баён карда, ҳатман ба озод шудани мардумони Осиё боварии комил дорад. Вай шароити таърихии замона ва ҳамон воқеаҳоеро, ки дар арсаи байналхалқӣ рӯй медоданд, дар пеши назар оварда, ба чунин хулосае меояд:

«Дар ин кашмакаши бузург масъалаи Шарқ хоҳад ҳал шуд, аҳли Шарқи мазлум бо ранҷбари Русия ва ғарбиён даст ба дасти якдигар дода, аз асорат… озод хоҳанд шуд. Ҳамон рӯз аст рӯзи озодӣ, ҳамон рӯз аст рӯзи халосӣ, ҳамон рӯз аст рӯзи суруру шодӣ, ки подшоҳони сарватдори Фарангистон бо тоҷу тахти худ бо ҷаҳаннам шитобанд. Иншооллоҳ, ҳамон рӯз наздик аст!

Эй маҳди маданият! Эй манбаи илму маърифат! Эй маҳалли ростию диёнот! Эй парваришгоҳи инсоният! Эй мабдаи одамият! Эй валинеъмати рӯйи ҷаҳон! Эй Шарқ!!! Бархез, ки ҷаҳон барои истихлоси ту бархост! Эй аҳли Шарқ, ҳозир бош, ки масъалаи Шарқ ба нафъи ту ҳал хоҳад шуд» [1].

Муаллиф дар ин қабил мақолаҳояш бештар аз рӯйи хабарҳои матбуот ва агентиҳои телеграфӣ равиши амалиёт ва муҳорибаҳои зиддиимпериалистии аҳолии Шарқро тасвир намуда, роҷеъ ба ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳии халқҳои Туркия, Афғонистон, Эрон, Ҳиндустон, Хитой, Арабистон ва дигар кишварҳои Осиё муфассал маълумот медиҳад. Нависанда алалхусус, дар бораи ҳамон давлатҳои Шарқ, ки дар муборизаҳо суботкорӣ ва азми қатъӣ нишон дода, ба ҳуқуқи миллии худ соҳиб мешуданд, бо таваҷҷуҳи махсусе сухан меронад. Чунончӣ, ӯ амалиёти халқи Афғонистонро, ки дар натиҷаи ҷонфишониҳо юғи асорати мустамликадорони англисро дур партофта, ба истиқлолият ва соҳибихтиёрӣ ноил гардидааст, тақдир намуда, менависад:

«Дар вақте ки давлати шашҳазорсолаи Эрон ба усули нақораи Англис бозӣ мекард, хони Хева ва амири Бухоро хаёли Николаи матруди мақтулро медиданд ва ба ҷойи ҳукумати Николай ҳимояти давлати Англисро худ хоста, орзуи дӯғро ба моҳтоб мешикастанд, ё ки ҳанӯз аз борон халос нашуда ба ихтиёри худ дар новадон мехостанд бияндозанд», давлати Афғонистон дар аҳди «амир Амонуллохон ба як иқдоми ғаюронаи инқилобҷӯёна эълони истиқлол карда, ба зарби шамшери обдор аз хасми саркаш муддаои худро тасдиқ кунонд, ҳам ба давлати ҷумҳурияи Русия, ки бо аҳли Шарқ муттафиқи табиист, дасти дӯстӣ дароз кард» [1].

Ҳамин тариқ, устод Айнӣ ҳар як иқдоми давлатҳои Шарқро, ки барои барқарор намудани алоқаи дӯстона бо Россия карда мешуд, «табрик» намуда, онро яке аз шартҳои асосӣ дар роҳи озодӣ ва беҳбудии Шарқ мешуморид. Дар ин маврид аҳамияти муносибатҳои неки ҳамсоягӣ ва робитаҳои дӯстонаи Афғонистон ва Ҳиндустонро бо Давлати Шӯравӣ махсус қайд намудааст.

Публитсистикаи сиёсии С. Айнӣ дар масъалаи Шарқ, тавре муҳаққиқон гуфтаанд ва мо низ дар таҳлили чанд мақолаи муаллиф дарёфтем, чунин масъалаҳоро дарбар мегирад:

-Шарқ бедор мешавад;

-Шарқи бедор аз пайи Россияи Шӯравӣ меравад;

-Байни Шарқу Ғарб ҳамеша талош мавҷуд буд ва Ғарб мехост, Шарқро чун ғулом истифода намояд;

-мустамликадорон дар сиёсати худ нисбат ба Шарқи мазлум, ҳам зӯрӣ ва ҳам фиреб истифода мебурданд.

Навиштаҳои устод С. Айнӣ дар масъалаи Шарқ асосан, дар жанрҳои мақола ва нигориш буда, бо манбаъҳои матбуоти туркӣ ва форсии берун аз Осиёи Миёна такя мекарданд. Масъалаи дигаре, ки дар мақолаҳои вобаста ба Шарқ бахшидашудаи устод ба чашм мерасад, ин мустаҳкам гардидани дӯстӣ ва иттиҳодияҳои ҳалқҳо

мебошад. Бояд гуфт, ки С. Айнӣ мустаҳкам гардидани дӯстӣ ва иттиҳодияи халқҳоро яке аз шартҳои асосии аз зулму истисмор наҷот ёфтани оммаи меҳнаткаши дунё донистааст. Ба ақидаи ӯ, агар тамоми мардумони тараққипарвар дар муборизаи умумӣ бар зидди ҷабру ситам, ҷанг ва истилогарӣ бо ҳам муттафиқ шаванд, дар тамоми замин озодӣ ва адолат ҳукмфармо хоҳад шуд. Вай дар мақолаи дигари худ «Ҳукумати Шӯрои-Туркистон ва масъали Шарқ» менависад, ки «баъд аз Инқилоби Ӯктобир дар Туркистон низ Ҳукумати Шӯрои барпо шуд, фирқаҳо ва ҷамъиятҳо ба номи иштирокиюн ва ранҷбарон ташкил ёфт. Лекин он «бародароне», ки аз номи ранҷбарон ва аз номи фирқаи иштирокиюн бар сари кор омада буданд, аксаран ба программаи иштирокиюн амал намекарданд. Бинобар ин, мусодираҳои бемавқеъ, ҳаҷазҳои бемаврид ва амсолаш бисёр воқеъ шуд». Дар ин порча душманони Ҳукумати Шӯроиро, ки бо ҳар васила ба сохторҳои давлатӣ сар дароварда, бар хилофи нишондодҳои Ҳизби коммунистӣ амал менамуданд ва дар байни халқҳо оташи нифоқ афрӯхта, ба манфиати мардуми меҳнаткаш зарарҳо мерасониданд, устод Айнӣ фош ва маҳкум менамояд.

С. Айнӣ махсусан, аҳамияти калон доштани робитаи халқҳои Шарқ ва Ғарбро дар муборизаи муқобили империализм таъкид менамояд. Вай халқҳои Шарқ ва Ғарбро даъват мекунад, ки ба якдигар ёрӣ ва ҳамкорӣ намуда, муттаффиқона барои ҳуқуқ ва озодии худ, бар зидди зулму асорат бархезанд. Ҳамчунин, устод дар мақолае, ки бо унвони «Ба ҳам пайвандед, ранҷбарони Шарқу Ғарб!» навиштааст, чунин изҳори ақида менамояд:

«Дар ҳангоме ки давлатҳои ҷаҳонгир бо олами Шарқ дар ҳолати муҳориба ва қатъи муносибат ҳастанд, агар ранҷбарони зери дасти эшон ба як ҳаракати шерона ба майдон дароянд, зеру забар шудани ҷаҳони куҳна бисёр фурсат намехоҳад.

Хулосаи калом, барои таъмини инқилоб ва озодии ҷаҳон ба ҳам пайвандед, ранҷбарони Шарқу Ғарб!» [1].

Аз натиҷаи таҳлилҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки тарғиби дӯстӣ ва иттиҳоди халқҳои ҷаҳон дар муборизаи умумӣ барои озодӣ ва саодати инсоният дар мақолаҳои ба масоили Шарқ бахшидаи С.Айнӣ мавқеи муҳимме ишғол карда, яке аз асосҳои идеявии публитсистикаи ӯро фароҳам овардааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ С. Осори баргузида / С. Айнӣ. - Душанбе: Ирфон, 1958. - Ҷ.1. - С.110, 111, 113, 115, 117, 118, 120.

ПРОБЛЕМЫ ВОСТОКА И НАЦИОНАЛЬНОЕ САМОПОЗНАНИЕ В ПУБЛИЦИСТИКЕ САДРИДДИНА АЙНИ

В данной статье автором рассмотрена тема национального самосознания в творчестве Садриддина Айни. Идея национального самосознания таджиков является одной из основных в публицистике Садриддина Айни, в творчестве которого наиболее ярко нашла свое отражение сложившаяся в тот исторический отрезок своеобразная и противоречивая идейно-политическая обстановка. С. Айни считался самым плодотворным и известным публицистом своего времени и был верным защитником таджикских национальных интересов первой половины XX века.

Ключевые слова: Садриддин Айни, национальное самосознание, активизация национального самосознания, издательское дело, пробуждение национального самосознания, таджики.

THE PROBLEMS OF THE EAST AND NATIONAL SELF-KNOWLEDGE IN JOURNALISM SADRIDDIN AINI

In this article, the author discussed the topic of national identity in the works of Sadriddin Aini. The idea of the national identity of the Tajiks is a major in journalism Sadriddin Avni, in the works which most clearly reflected prevailing in the historical period peculiar and contradictory ideological-political environment. Aini was considered the most fruitful and famous writer of his time and was a loyal defender of the Tajik national interests first half of the twentieth century.

Key words: Sadriddin Avni, national identity and to foster national identity, publishing, the awakening of national consciousness, the Tajiks.

Сведения об авторе: ***Э.А. Хушвахтов*** - аспирант кафедры международной журналистики Таджикского национального университета.Телефон: **938-53-79-79**

МУНДАРИҶА -СОДЕРЖАНИЕ

ЗАБОНШИНОСӢ

ИСТИФОДАИ СИЛСИЛАИ МУРОДИФОТ ДАР МАТНИ АСАРҲОИ БАДЕИИ С. АЙНӢ
М. М. Мирзоева..... 3

ТАСНИФОТИ МАЪНОИИ ҶУМЛАҲОИ СОДА ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ
Х.М. Камолов..... 6

ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИЕ ЕДИНИЦЫ С НАЗВАНИЯМИ ДОМАШНИХ ЖИВОТНЫХ В ТАДЖИКСКОМ, НЕМЕЦКОМ И РУССКОМ ЯЗЫКАХ
К.Т.Гафарова..... 13

ВОҲИДҲОИ ГРАММАТИКИИ ХОССИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ВА ХУСУСИЯТИ ТАРҶУМАИ ОНҲО БА ЗАБОНИ ТОҶИКӢ
Ф.М. Турсунов..... 17

ТАҲЛИЛИ БАЪЗЕ АНТРОПОНИМҲОИ «ҚАСАС-УЛ-АНБИЁ»
Э.Давлатов..... 21

ПЕШВАНДИ КАЛИМАСОЗИ БЕ- ДАР «ЁДДОШТҲО»-И С. АЙНӢ
С.Ф. Низомова..... 24

ТАҲАВВУЛ ВА КОРБУРДИ ФЕЪЛИ «БУДАН» ДАР ГӮЙИШИ ФОРСӢ ВА ТОҶИКӢ
Ҳ. Маликзода..... 28

ГЛАГОЛЫ В ФОРМЕ ПРЕДПОЛОЖИТЕЛЬНОГО НАКЛОНЕНИЯ В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ И СПОСОБЫ ИХ ПЕРЕДАЧИ НА РУССКИЙ ЯЗЫК
Ф.Х. Сангимадов..... 32

КАЛИМАҲОИ АВРУПОӢ ДАР ТАРКИБИ ИСТИЛОҲОТИ ФАННИИ ЗАБОНҲОИ ФОРСӢ, ТОҶИКӢ ВА ДАРӢ
А.Сияров..... 35

ГРАММАТИЧЕСКИЕ СВОЙСТВА ЛИЧНЫХ МЕСТОИМЕНИЙ В ВАХАНСКОМ ЯЗЫКЕ
Б.М. Неъматова..... 43

ВОҲИДҲОИ ОККАЗИОНАЛӢ (МАВРИДӢ) ВА ВИЖАГИҲОИ АМАЛКАРДИ ОНҲО
М.О. Музофиршоев..... 47

ҶУЗЪҲОИ ШАКЛСОЗИ ДАСТУРӢ ДАР ФЕЪЛ (ДАР АСОСИ МАВОДИ “ТАЪРИХИ БУХОРО”-И НАРШАХӢ)
Б.Н. Раҳмонов..... 49

ОСОБЕННОСТИ ПЕРЕВОДОВ ЗАКОНОДАТЕЛЬНЫХ ТЕКСТОВ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА
Р.М.Султанова..... 57

КАЛИМАҲОИ АРАБИАСЛИ ИФОДАГАРИ ВАЗНУ ЧЕНАК ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ
М.А. Ҳасанова..... 61

«КАШФ-УЛ-ЛУҒОТ ВАЛ ИСТИЛОҲОТ», АЗ ҶУМЛАИ КИТОБҲОИ НОДИРИ ЛУҒАТ
Насрини Қосимӣ Тахта Чӯб..... 64

ДАВРАБАНДИИ ЗАБОНҲОИ ЭРОНӢ АЗ НИГОҲИ ПАРВИЗ НОТИЛИ ХОНЛАРӢ
О. Исмоилов..... 67

ФАРҲАНГИ «ДОНИШНОМАИ ҚАДАРХОН» ВА ХУСУСИЯТҲОИ УМДАИ ОН
Р.А. Низомиддинова..... 73

КАТЕГОРИЯИ ГРАММАТИКИИ ҲОЛАТ ДАР ИСМИ ЗАБОНИ АРАБӢ ВА ВОСИТАҲОИ ИФОДАИ ОН ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ
Н.М. Қӯзиева..... 76

ПАСВАНДҲОИ ЗАРФСОЗ ДАР «ТУҲФАТ-УЛ-ХОНӢ»-И МУҲАММАДВАФОИ КАРМИНАГӢ
Б.П. Ашрапов..... 80

ДОДАҲОИ ГӮЙИШИИ ДӮЗАНДАГӢ ВА ПӮШИДАНИҲО
Ҳ. Маликзода..... 84

ВОЖАҲОИ АНТОНИМӢ ВА НАҚШИ ОНҲО ДАР ЭҶОДИ ЧИСТОНҲОИ МАРДУМИ БАДАХШОН
М. Мирзоҳасанова..... 88

КОРБУРДИ ВОЖАҲОИ ХУШБӮЙӢ ВА НАКҲАТ ДАР «ШОҲНОМА»- И АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ
М. Бобомуродова..... 92

«ХЛЕБ» В ПОЛЬСКОЙ АКСИОЛОГИЧЕСКОЙ КАРТИНЕ МИРА (НА МАТЕРИАЛЕ ПОСЛОВИЦ О ХЛЕБЕ)
З.А. Гулова..... 96

НОМҲОИ МАФОҲИМИ НУҶУМӢ ДАР ҚАСОИДИ НОСИРИ ХУСРАВ
С. Холиқназарова..... 100

ОСОБЕННОСТИ АНТОНИМИЧЕСКОГО ПЕРЕВОДА И ЕГО КЛАССИФИКАЦИЯ В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ
Исмоилзода Эрадж..... 105

САЙРИ ТАЪРИХИИ БАЪЗЕ НОМҲОИ ЭРОНИАСЛ Ё ХУД НОМҲОИ ЭРОНИАСЛИ БА ҚОНУНИЯТИ ТАЛАФФУЗИ ЗАБОНИ ҒАЙР МУТОБИҚШУДА
М.Б. Аюбова..... 108

СУФФИКСАЛЬНОЕ СЛОВООБРАЗОВАНИЕ ПРИЛАГАТЕЛЬНЫХ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ
Н.С. Нурматова..... 111

ВАЗЪИ КУНУНИИ ЗАБОНИ САРИКӮЛӢ ВА ТАҚДИРИ МИНБАЪДАИ ОН
Х.Ш. Кабиров..... 113

ТОБИШҲОИ МАЪНОИИ ВОЖАҲОИ ИФОДАГАРИ МАФҲУМИ «ГУЛ» ДАР ҒАЗАЛИЁТИ САЪДИИ ШЕРОЗӢ
Меҳрубон Назаров..... 117

А Д А Б И Ё Т Ш И Н О С Ӣ

РОМАНИ «ВОСЕЪ»-И СОТИМ УЛУҒЗОДА ВА ВОҚЕИЯТИ ТАЪРИХӢ
Сироҷиддини Эмомалӣ..... 123

ИДЕЙНО-ХУДОЖЕСТВЕННЫЕ ОСОБЕННОСТИ НАРОДНОГО РОМАНА «ИСКАНДАР-НАМЕ»
Р.К. Восиева..... 129

ХУСУСИЯТҲОИ РОМАНИ РУСТОӢ ДАР АДАБИЁТИ МУОСИРИ ҲИНДӢ
М.А. Нурова..... 132

НАСРИ УРДУ ДАР ҶАНУБИ ҲИНД
Ҷ. Холов..... 136

АНВОИ ИСТИОРОТ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ СОИБИ ТАБРЕЗӢ АЗ НИГОҲИ СОХТОР
О.Ш. Саидҷаъфаров..... 139

МАВЗӮИ ВАТАНДӮСТӢ ДАР ЭҶОДИЁТИ ҲАФИЗИ ҶОЛАНДҲАРӢ ВА МИРЗО ТУРСУНЗОДА
Ҳ.Қурбонов..... 144

МАОХИЗИ «БӮСТОН»-И САЪДӢ
Сайид Абдуллоҳи Ҳусайнӣ..... 147

САБКИ ШЕЪРИ ШОИРОНИ АҲДИ РӮДАКӢ АЗ НИГОҲИ ЗЕБОИШИНОХТӢ
Ш.Э. Боев..... 153

ВАЗЪИЯТИ ИҶТИМОӢ-СИЁСӢ ВА ФАРҲАНГИИ АФҒОНИСТОН ВА ҲАВЗАИ БАЛХ ДАР АСРИ XIX
Сайид Муҳаммад Олими Лабиб..... 156

ДАЛЕЛҲОИ ҶОВИДОНАГИИ ОСОРИ МАВЛОНО ВА БУЗУРГОНЕ МОНАНДИ Ӯ
Кубро Раҳбари Ҷиранда..... 164

ФАЪОЛИЯТИ АДАБӢ ВА ОСОРИ МАҲМУД ТЕМУР
Р. Додихудоев..... 169

ОБРАЗ ЖЕНЩИНЫ В «ХАМСЕ» АМИРА ХОСРОВА ДЕХЛАВИ
Мехрнуш Мансурии Майманди..... 173

ЗАМИНАҲОИ ПАЙДОИШ ВА ИНТИШОРИ ШАРҲНАВИСӢ БАР АШЪОРИ ҲОФИЗ
М. Бобоева, М.Неъматова..... 177

ХУСУСИЯТҲОИ МАВЗӮӢ ВА БАДЕИИ РУБОИЁТИ ИМЛОИ БУХОРОӢ
Маҳмудзода Обидҷони Бекназар..... 181

СИМОИ ЗУЛАЙХО ДАР ДОСТОНИ «ЮСУФ ВА ЗУЛАЙХО»-И МАСЪУДИ ҚУМӢ
Ҳиммати Кӯҳсор..... 184

ТАСВИРИ РӮҲИЁТИ ХАЛҚ ДАР ДОСТОНИ «МОТАМИ САФЕД»-И ГУЛРУХСОР
У. Абдурашидова..... 190

ЗИНДАГИНОМАИ АБӮБАКРИ ХОРАЗМӢ
Д. Каримова..... 193

ЛЕВ ТОЛСТОЙ О ПОНЯТИИ ВЕРЫ И СМЫСЛЕ ЖИЗНИ
Г.Р. Рустамова..... 198

ШЕЪРИ ҒИНОӢ БАРҶАСТАТАРИН ВАҶҲИ АДАБӢ ДАР АДАБИЁТИ АСРИ XV
Муҳаммаддовуди Мунир..... 202

ТАЪРИХГАРОЙӢ ВА ЗАБОНДӮСТӢ-ГИРЕҲГОҲИ ФИРДАВСИИ ДИРӮЗИН ВА ФИКРИИ ИМРӮЗИН
Муҳаммадносири Раҳёб..... 211

ЖАНРИ РУБОӢ ВА ДУБАЙТӢ ДАР АШЪОРИ УБАЙДИ РАҶАБ
Ф.Ҳусейзода..... 220

ТАҶАССУМИ МАЗОМИНИ СУРУДАҲОИ ШОИРОНИ АРАБ ДАР ОСОРИ САЪДӢ
М. Ваҳҳобова..... 222

ЗИКРИ ШАЙХ АБУЛҲАСАНИ ХАРАҚОНӢ ДАР ОСОРИ ИРФОНӢ
М. Очилова..... 227

ОБРАЗ ЖЕНЩИНЫ В ПОЭМЕ «МЕДЖНУН И ЛЕЙЛИ» АМИР ХОСРОВА ДЕХЛАВИ
Мехрнуш Мансурии Майманди..... 229

ИНЪИКОСИ АХЛОҚИ ОРИФОНА АЗ ДИДГОҲИ АТТОР ВА ҶОМӢ
М. Оқилова..... 237

ҶОЙГОҲ ВА ИСТИФОДАИ АҲОДИСИ НАБАВӢ ДАР ЭҶОДИЁТИ АБДУРРАҲМОНИ ҶОМӢ
Ш.Юсупова..... 242

«МАТЛАЪ-УЛ-УЛУМ ФӢ МАҶМАЪ-УЛ-ФУНУН» ВА ТАҶАССУМИ ХУСУСИЯТҲОИ ДОНИШНОМА ДАР ОН
Ш. Файзиева..... 245

ШОИРОНИ МОВАРОУННАҲР ДАР ТАЗКИРАИ «ШОМИ ҒАРИБОН»-И ЛАЧҲМӢ НАРОЙИН ШАФИҚ
Н. Шамсиддинова..... 248

МАНЗАЛАТИ ШЕЪРИ ИРФОНИИ МИРСАИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ
К. Қодиров..... 251

ТАЪСИРИ ҲУЗУРИ ИМОМ РИЗО БАР ФАРҲАНГ ВА ҲУНАРИ ЭРОН
Ғуломаббоси Ориф, Исмоили Муҷалалӣ..... 255

СУННАТИ ҚАСИДАСАРОЙӢ ДАР АШЪОРИ ШОИРОНИ БАДАХШОН
Л. Давлатбеков..... 260

НИГОҲИ ТАРАҚҚИХОҲОНА ДАР НАСРИ УРДУ
Ҷовид Холов..... 263

Ж У Р Н А Л И С Т И К А

НИГОҲЕ БА МОҲИЯТ ВА ВАЗИФАҲОИ МАТБУОТИ СОҲАВӢ
Илҳомҷон Ҳамидов..... 268

МАВҚЕИ ЖАНРИ ОЧЕРК ДАР ТЕЛЕВИЗИОН
З. Муъминҷонов..... 273

ПРОБЛЕМАҲОИ ЖУРНАЛИСТИКАИ МУОСИРИ ТОҶИКИСТОН
М. Муқим..... 275

БАРНОМАИ «СУФРАИ ШОМ»-И ТЕЛЕВИЗИОНИ ТОҶИКИСТОН ВА МУҲТАВОИ ЖАНРИЮ МАВЗӮИИ ОН
С. Авезова..... 279

ҶАНБАИ ПУБЛИТСИСТИИИ ЯК РОМАН
Абдулмумин Қутбиддинов..... 282

КВОТАИ ПРЕЗИДЕНТӢ: ДАСТОВАРД ВА МУШКИЛОТ
Сангинмурод Курчиев*……..... *285

БАЪЗЕ УСУЛҲОИ ТАҲИЯИ ХАБАР ДАР ОҶОНСИҲОИ «ОЗОДӢ» ВА «ТОҶНЮС»
Б.К. Нуралиев*…… *291

МАҚОМИ АҲМАДИ ДОНИШ ДАР ГУСТАРИШИ ТАЪЛИФОТИ ПУБЛИТСИСТИИ ФОРСУ ТОҶИК
С.О. Каримова*……... *295

МАҲОРАТИ СУХАНВАРИИ РӮЗНОМАНИГОРОНИ РАДИОҲОИ ҶУМҲУРӢ
У. Начмиддинова*……..... *299

СУХАН БАРОИ ДИГАРОН ГӮЯНД
М. Муқим*……..... *303

НАМОИШҲОИ СИНАМОӢ ВА ИСТИФОДАИ ҲУҶҶАТ ВА БАДЕИЯТ
Д.Х. Бобоев*…… *308

МАСЪАЛАИ ШАРҚ ВА ҲУВВИЯТИ МИЛЛӢ ДАР ПУБЛИТСИСТИКАИ С.АЙНӢ
Э.А. Хушвахтов*…… *310

ПОРЯДОК РЕЦЕНЗИРОВАНИЯ НАУЧНЫХ СТАТЕЙ, ПРЕДСТАВЛЯЕМЫХ В ЖУРНАЛ «ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА»

Статьи, поступающие в редакцию, проходят предварительную экспертизу (проводятся членами редколлегии – специалистами по соответствующей отрасли науки) и принимаются в установленном порядке. Требования к оформлению оригинала статей приводятся в в каждом номере журнала.

Если рукопись принята, то редакция сообщает автору замечания по содержанию и оформлению статьи, которые необходимо устранить до передачи текста на рецензирование.

Затем статьи рецензируются в обязательном порядке членами редколлегии журнала или экспертами соответствующей специальности (кандидатами и докторами наук).

Рецензия должна содержать обоснованное перечисление качеств статьи, в том числе научную новизну проблемы, её актуальность, фактологическую и историческую ценность, точность цитирования, стиль изложения, использование современных источников, а также мотивированное перечисление её недостатков. В заключении дается общая оценка статьи и рекомендации для редколлегии – опубликовать статью, опубликовать её после доработки, направить на дополнительную рецензию специалисту по определенной тематике или отклонить. Объем рецензии - не менее одной страницы текста.

Статья, принятая к публикации, но нуждающаяся в доработке, направляется авторам с замечаниями рецензента и редактора. Авторы должны внести все необходимые исправления в окончательный вариант рукописи и вернуть в редакцию исправленный текст, а также его идентичный электронный вариант вместе с первоначальным вариантом рукописи. После доработки статья повторно рецензируется, и редколлегия принимает решение о ее публикации.

Статья считается принятой к публикации при наличии положительной рецензии и если её поддержали члены редколлегии. Порядок и очередность публикации статьи определяется в зависимости от даты поступления ее окончательного варианта.

Рецензирование рукописи осуществляется конфиденциально. Разглашение конфиденциальных деталей рецензирования рукописи нарушает права автора. Рецензентам не разрешается снимать копии статей для своих нужд.

Рецензенты, а также члены редколлегии не имеют права использовать в собственных интересах информацию, содержащуюся в рукописи, до её опубликования.

Муҳаррири масъул: **М. Ибодова**
Масъули бахши филологӣ: **М.Набиева**
Муҳаррирон: **Ш. Абдуллоева**, **Н.Расулова**

Ответственный редактор: **М. Ибодова**
Редактор серии филологических наук: **М.Набиева**
Редакторы: **Ш. Абдуллоева, Н.Расулова**

ДМТ, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17, бинои асосӣ, утоқи 61
ТНУ, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17, главный корпус, каб. 61
Телефон: 227-74-41 **E-mail: vestnik-tnu@mail.ru**
Сайт ТНУ: tnu.tj